КАРОМАТУЛЛОҲИ МИРЗО

МАРГИ БЕГУНОҲ

Душанбе
«Адиб»
2012

ББК 84 Тоҷик 7-4
М-83

Муҳаррир *Одина Мирак*

Рассом *Абдусалом Абдуллоев*

М-83 **Карорматуллоҳи Мирзо. Марги бегуноҳ** (қиссаҳо, ёднома ва публисисика). – Душанбе, «Адиб», 2012, 528 саҳ.

Карорматуллоҳи Мирзо яке аз нависандагони серхонанда аст. Навиштаҳояшро мечӯянд, меписанданд. Аз рӯи қиссаҳои машҳураш «Дарди ишқ», «Нишони зиндагӣ» силсилафилмҳо офаридаанд. Романи бисёрҷилдаи «Дар орзуи падар» ва силсилафилми «Дар орзуи падар» ба нависанда шӯҳрати беандоза овардаанд. Ҳамин рӯзҳо аз мазмуни ҳикояи «Меҳри модар» дар Шабакаи аввали Телевизиони ҷумҳурӣ ба наворгирии филми нав анҷом ёфтааст.

Дар ин китоб романи нави Нависандаи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Карорматуллоҳи Мирзо «Марги бегуноҳ», чанд ҳикояи тоза ва қиссаи ҳуҷҷатии «Ду қаҳрамон аз як хонадон» дохиланд.

ISBN 978-99947-2-216-7

© Карорматуллоҳи Мирзо, 2012

МАРГИ БЕГУНОҲ

(Роман)

Ба пеши пойҳояш қариб ҳамаи тирҳои автоматро холӣ кард, ба ҳаво, аз болои сараш тир андохт, зери мушту лагад кашид ӯро. Ба ҳамин дараҷа аз дасти қотил озор дид ва ҳис кард, ки ҳамин лаҳзаҳо ӯ вайро мепаронад, вале ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, аз ӯ гӯё намеранҷид ва ҳатто ба ҷонибаш назари норозиёна намеафканд, баръакс, дар ҳолате, ки сараш чарх мезаду қариб аз ҳуш мерафт, бо азоб, бо душворӣ ба по меистод, ба ӯ рӯ оварда мегуфт:

– Ман аз шумо гиламанд нестам.

– Гиламанд нестӣ аз ман? – дар ҷавоб боз қундоқи автомат хӯрд, аз сару рӯ, болои чашму абрӯвонаш хун шорид, вале ӯ давом медод:

– Шумо маро намешиносед, аз ҳамдигар хафа, малол набудем, ҷанҷол надоштем.

– «Шумо» нагӯй, «ту» гӯй, ҳақорат кун, мекушамат, мефаҳмӣ, ман аҷалат, қотилат, маргат, кушандаат…

– Медонам, маро мекушед, аммо дар қиёмат аз шумо домангир намешавам, маро Хидиралӣ мекушад, вай қотили ман, Хидиралӣ қотили ман!

– Аҳмақ, – мили автоматро ӯ ҷонибаш гардонд, – сафсата нагӯй, ман туя мекушам, ман, Барзу, Хидиралӣ не! Номи ман Барзу!!

– Хидиралӣ шуморо ба ин роҳ андохт, вай ба мақсад мерасад, вай шод мешавад, вай орзу мекард: ба чашмаш натобам, набинадам, фарзандам бепадар, хонаҳоям вайрон шаванд, вай зану духтаронашро ба савдо монд, вай ҷони саги сиёҳ канд. Вай! Вай!! Лек на...

– Чӣ на? Мебинӣ-ку, ман туро мепаронам, ман, ман, ман! Калима арза кун.

– Хуб, додар, калима мегардонам, алҳамдулиллоҳ, мусулмонам, лекин тавба мегӯям, Худо мегӯям, ки касе мисли ман асири душмани номард нашавад. Шумо вайро намедонед, вай ба ҳама бадӣ кардааст, сиёҳдил, тӯҳматчӣ, бахил, кӯрнамак аст. Маликии муаллим падараш барин одам буд, «фарзандам» мегуфт ӯро, аммо Хидиралӣ Маликиро бо тӯҳмат кушонд. Шумо намедонед, ҳикояташ дароз аст, хонаҳои хешашон Ҳоҷисаидро алов зад, ба зану духтарони мардум чашми бад дорад. Илтиҷо дорам, баъде ки мана мекушед, ҳамаи инро аз мардум пурсед. Пурсед, ки Хидиралӣ чӣ гуна одам? Ба шумо мегӯянд. Ҳамин хоҳиши маро аз ёд набароред, албатта, пурсед. Вай душмани бадгир, бадкин. Худо аз ин қабил душманон паноҳ диҳад.

– Бас, бас! Сафсатагӯӣ бас! Медонӣ, дар куҷоӣ? Ҷои марг аст ин ҷо, Дараи Марг, нигоҳ кун, бин, – назари ӯ қад-қади дара болою поён давид: дарахтзор, хорзор, об ҷорист аз баландиҳо, аз таҳи сангҳо, да-

руни об ҷасадҳо, баъзеи онҳо зери қум, ба болояшон сангрезаҳо партофтаанд, вале ҷасади мурдаҳо панаҳ нагашта, пойҳо ё сару рӯйҳо намоён. Ду-се қадам поёнтар аз ӯ ҷасади як зан, як духтар. Лаби курта, лаби рӯймолчаҳо ба сари хор дармонда, рӯймолчаи тагаш сабзи гулдор. Онро дар сари муаллима Малика дида буд. Ҳа, рост, дурӯғ не, ҳамин рӯймолчаро дар сари ӯ дида буд. Ана, ба куҷо овардаанд ӯро. Мардум ҷасади Малика мекофтанд.

Чунин ҳолатҳо рӯй додаанд. Азизон нишони ҷигарбандҳоро, ки кадом як гурӯҳҳо бурдаанд, намеёбанд. Солҳои сол мечӯянд, кӯҳ ба кӯҳу дара ба дара мегарданд, «бачамой, баламой!» мегӯянд модарон, пурсуҷӯ мекунанд, пай мегиранд, ба рӯзномаҳо суратҳояшонро додаанд, фолбинҳои номӣ кофтаанд. Ба гуфтае, дар ҷустуҷӯи ҷигарбанд асоҳо сӯзан, чоруқҳо ғалбер гашта. Лек шояд ин фарзандҳо ҳам ба мисли Мустафо ба кадом як дара, калфҳои санг, ғорҳо оварда шудаю ҷасадашон даруни обканда, чуқурӣ ё таги сангу хоку кулӯх хобида, бекафан, бечаноза, тӯъмаи зоғу заған, ҳазор гуна ҷонзоду ҳашарот шудаанд, лек чашмҳо ба роҳи онҳо, дилҳо ба умеди дидор метапанду месӯзанд.

Аз лаҳзае, ки силоҳбадастони Барзу дастгираш карданду пешандозашон шуд, ҳамин хаёлҳо дар сараш: агар кушандаш, коре шавад, ки мурдаашро ёбанд. Бо ҳамин фикр, вақте бо чашмони баста аз кӯчаҳои деҳаи таги кӯҳ, пешандоз, калтаккӯбаш карда, ба ин ҷо, ба Дараи Марг меоварданд, чанд бор бо оҳу нола наъра зада гуфт, ки «Ман Мустафо ҳастам, Мустафои писари Абдусалими лолазорӣ». Дар ҷавоб ба сараш зарбаҳо омад, ғалтид, боз ӯро хезонданд. Ба хаёлаш ба ҳар ҳол хуб шуд, бандаҳои мӯъмин, албатта, гуфтаҳои вайро ба гӯш мегиранд, ворисон суроғ карда оянд, шунидаҳояшонро мегӯянд, ки Мустафоро ба кадом тараф бурданд. Охир мардум раҳм доранд, боинсофанд, дилашон месӯзад.

Агар касе гумон мебурд, ки Маликаро ба ин ҷониб овардаанд, албатта, овоза мешуд, ҷасадашро меёфтанд, кушта гаштани Малика ҳам як тафсилоте.

* * *

Пешайвони хонаҳояшон рӯ ба сангоб. Сутунҳои пешайвон кандакорӣ, болору вассаҳо чун деворҳо ранг андохта шудаанд, ранги зардчатоб гирифтаанд, зебо ва назаррабо.

Дар баҳорон сангоби поёни ҳавлиашон сероб мешавад, сел меояд. Оби гилолуд, хокистариранг, сиёҳчатоб, дамиш мехӯрад, сел бероҳа мешавад, боғу токзорон, гову молҳои сари роҳро ба ком мекашад, ваҳму даҳшат меандозад. Садояшро намегӯед, дар шаби хоб одамонро нороҳат мекунад, ба по мехезонад. Дар он сӯи сангоб, дар якбарагӣ,

боғу токзорони сарсабз, хонаю ҳавлиҳои аҳли деҳаи ҳамсоя. Аз ҳамон сӯ пагоҳиҳо офтоб чеҳра мекушояд, рух менамояд, нурҳои заросои он пеш аз ҳама ба лаби боми хонаҳои эшони Саидҷалолхон меафтад, баъд ба пешайвон ва девору дару тирезаҳои хонаҳо роҳ меёбад… Аҳли хона аксар пагоҳӣ рӯи кати чӯбине, ки дар як гӯшаи пешайвон тана ба панҷараҳои он гузошта шудаанд, менишинанд, чой менӯшанд. Ва он пагоҳӣ ҳам эшони Саидҷалолхон, завҷааш ва хоҳарарӯсаш болои кат дастархон густурда буданд. Эшон аз чи буд, ки вақти чойу нонхӯрӣ ҳам саллаашро аз сар намегирифт. Саллаи калони сафеди ҳамранги ришаш ба чеҳраи банури ӯ мезебид. Дар наздаш рӯи болишти гулдӯзӣ китоби калоне. Эшон гоҳе пиёлаи чойро рӯи дастархон монда, айнак дар чашмҳо китобро мекушод, нигоҳаш ба китоб, чойнӯшӣ аз ёдаш мерафт, ки завҷааш пиёлаи чойро гирифта:

– Дадаш, чой хунук шуд, – гуфта ба ӯ медод.

Ва ҳоло ҳам пиёлаи чойро гирифта пурсид:

– Малика наомадааст?

– Ҳоло барвақт, нав рафта буданд.

– Ҳамроҳи Содирхон рафта буд?

– Ҳа, бо ҳам буданд.

– Нағз, бо Малика гапзанон кардӣ? Нагуфтӣ, ки бегона нестанд, гӯшту нохунанд, Содирхон бачаи холааш.

– Гуфтам, дадаш, ҳазор бор гуфтам.

– Чӣ мегӯяд?

– Дам намезанад.

– Сукут аломати ризо будагист.

– Кӣ медонад? Ман, модараш, вайро фаҳмида наметавонам. Метарсам, имрӯз номаи камолашро мегирад…

– Ту модарӣ, розиаш кун, ба вай имрӯз гап зан, холааш ҳам гап занад, – эшони Саидҷалолхон айнакро аз чашм гирифта суоломез ба рӯи хоҳарарӯсаш, модари Содирхон, назар андохт.

– Язнаҷон, чӣ гӯям? Малика ба гапи ман гӯш намекунад. «Хола, ман як шарт дорам», – мегӯяд.

– Чӣ шарт доштааст? Напурсидед?

– Ба ман ҳам ҳамин хел мегӯяд, – тасдиқ намуд сухани хоҳарашро модари Малика. Ҳамин дам як табақаи дарвоза кушода шуду Малика сумкачаи чармини сиёҳ дар китф ба ҳавлӣ даромад, сараш урён, мӯйҳои майдабофташ то хами зонувон афтода.

– Язна, мегӯм, Маликая ҷанг накардетон, нафаҳмондетон.

– Чӣ гап шудааст?

– Сараш урён, убол аст, ба шӯ шудааст.

– Гап мезанам, хоҳар, гӯш намекунад. – Модари Малика ба гап ҳамроҳ шуд.

– Ҳамаи духтарҳо ин хел нестанд, басатру боҳаёанд.

– Ин масъалаҳо ҷои гап не, бибӣ Зарафо.

– Ба номи шумо, язнаҷон, айб. Духтари эшони Саидҷалолхон мегӯянд.

– Медонам, агар шарташро гӯяд, иҷро кунем, розӣ мешавад? – пурсид аз завҷааш эшони Саидҷалолхон.

– Намедонам, ана омад, аз худаш пурсед.

– Ба номи Худо, агар гӯяд, ки ба тӯй шудан бо Содирхон розӣ мешавам, чӣ шарте дошта бошад, ба ҷо меорам. Ба ман ризоияташ лозим.

– Шарташро гӯям? – бо ханда давом намуд модар: – Ҷанг намекунед, гӯям?

– Гӯй.

– «Ба хондан меравам», мегӯяд.

– Канӣ, аз забони худаш шунавам.

– Розӣ мешавад.

– Биё, духтарам, – гуфт падар ба Малика, ки аз поғундаҳои зинаи пешайвон боло шуда буд.

– Ассалом, – Малика дастҳо аз болои камзӯлчаи симдӯзӣ дар миён рӯ ба падару модар ва холааш меистод.

– Мактаб тамом шуд? – эшони Саидҷалолхон, ки бо такя ба болишт, рӯи курпача дароз кашида буд, аз ҷой хеста нишаст.

– Ҳа, дада.

– Нағз, муборак шавад.

– Ташаккур, дада.

– Содирхон куҷо шуд?

– Ҳозир меояд, справкагирӣ ба идораи ҷамоат рафт.

– Чӣ мекунад справкаро?

– Хондан меравад.

– Нағз, духтарам. Ин ҷо бегона нест, ман, модарат, холаат. Акнун ба тӯй розӣ мешавӣ? Содирхон фарзанди худамон…

Аз шарм буд, ки ранги рӯи Малика суп – сурх шуд, сараш хам гашт, ақиб рафт, ба хона даромад.

– Сукут аломати ризо – а? Дидед? – ба завҷа ва хоҳарарӯсаш муроҷиат кард.

– Гуфтам-ку, вай бо ҳамон шарташ розӣ мешавад. Хондан мехоҳад, розӣ мешавед?

– Ман розӣ, – гуфт эшони Саидҷалолхон ва афзуд: – Ҳамроҳи Содирхон ба хондан раванд, хуб мешавад .

Содирхон ва Малика маслиҳат карда будаанд. Малика бо маслиҳати падар ба Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Душанбе дохил шуд. Солҳои анҷоми таҳсили ӯ ба рӯзҳое рост омаданд, ки ҷумҳуриро

нооромӣ фаро гирифт. Дар деҳаи онҳо низ силоҳдорон пайдо шуда буданд. Қумандонашон писари амаки Абдукарим – як шахсияти боброй, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, дорандаи бисёр ордену медалҳо буд, ки дар мактаби Маликаино борҳо бо вай вохӯриҳо мегузаронданд. Ҳамаро насиҳат мекард, ки ба роҳи бад наравад, фарзандони некном, барӯманд шаванд, вале бинед, ки фарзанди худаш чи роҳе пеш гирифт, ӯ силоҳдор, дилозор, бадгуҳар, бадрафтор, одамкуш…

Ба Малика муаллимаш устод Абдусаттор Раҳимзода, ки дар Душанбе панҷ сол дар хонаи онҳо зиста буд, инчунин ба муллою эшонҳо эътиқодманд, будааст, борҳо бо падари ӯ вохӯрда меҳмони хонадонашон шудааст, маслиҳат медод, ки то беҳ гаштани вазъият ба деҳаашон наравад, дар донишгоҳ монад, ба вай кор меёбанд. Вале Малика хоҳиши устодро напазируфт, наҳаросид. Ба деҳаашон омад. Вайро дар мактаби худашон муовини мудир оид ба корҳои тарбия таъйин карданд. Бетаҷриба буд, лекин бовар карда ӯро ба вазифа лоиқ диданд. Ӯ аз ҳисоби духтарони деҳа аввалин бонуи маълумоти олидор. Таъкидаш карданд, ки хуб кор кунад, намуна шавад. Ба вай бовар доштаанд.

Фаъолияташ дар мактаб шурӯъ шуд. Мактаб барояш ошно, ҳамон синфхонаҳо, партаю тахтаҳои синф, мизу курсиҳо, посбон ҳамон бобои Муллоназири ланг, фаррошҳо холаҳои худи ӯ, муаллимон устодони пешинааш. Кору фаъолият барояш осон. Бояд дар либоспӯшӣ, гашту гузор, муомилаю муносибат, ҳатто дар роҳгардию қадаммонӣ, чунон бошад, ки духтарон аз ӯ омӯзанд, чашмашон ба дунёи нав кушодатар гардад, худро бишносанд, эҳтиёт шаванд. Китоб мехонд, шогирдонро ташвиқ мекард ба китоб рӯ ованд. Ҳамроҳашон рӯзномаҳои деворӣ мебаровард, маҳфили шеъру суруд меорост. Садои мусиқӣ дар мактаб танинандоз. Тӯю маъракаҳои деҳаро духтарони ӯ бо суруду рақсҳои зебояшон гарм мекарданд. Бо омадани Малика дар фаъолияти духтарони мактаб дигаргунӣ, ҷӯшу хурӯше падид омад. Албатта, ин ҳол на ба ҳамаи падару модарон ва аҳли деҳа маъқул меафтод. Хусусан, аз тарзи либоспӯшӣ, ороиши рӯю мӯи худи ӯ гап шуда дар деҳа. Гап ба гӯши силоҳдорон ва қумандон Барзу расида. Онҳо мухолифи бо рӯи кушод гаштану, мӯйҳоро намоён кардани духтарон буданд.

Як рӯз Малика аз мактаб баргашта дар ҳавлиашон силоҳдорон ва Барзуро дид. Барзу ва чанд нафар ҳамраҳонаш рӯи кати болои пешайвон ҳамроҳи падари Малика нишаста буданд.

– Бобои домулло, хеле гап задем – а? Фаҳмидагистед, пеши роҳи духтаратонро гиред, ба хубӣ мегӯем, аз пешатон мегузарем. Агар не, чи кор карданамонро бо ин бевақо худамон медонем: чордарон меку-

нем. Нагӯед, ки нагуфтем, – Барзу Маликаро дида, гӯшона ба вай бо овози баланд ва қаҳру ғазаб бо эшони Саидҷалолхон ҳарф мезад, дӯғу пӯписа мекард. Ва бо эшон худоҳофизӣ накарда аз ҷой бархост, автоматро, ки намоишкорона болои кӯрпача монда буд, гирифт, ба китф овехт, аз назди Малика гузашта қадаме ақиб монд.

– Ҳама гап дар сари ту, Малика. Духтарони деҳаро бероҳа накун, худат ҳам мусулмон шав, ба отат ҳама гапро гуфтам. Аз ҳамин рӯз ба баъд бо сари пӯшида мактаб меравӣ, бандҳои дасту почаҳоятро мепӯшонӣ, эзор, куртаи остиндароз мепӯшӣ… Фаҳмидӣ? Вагарна, мекушамат.

Ба роҳ даромад Барзу, ҳамраҳонаш ҳам аз паси ӯ шуданд. Ҳавлиро сукути ҳузнангезе фаро гирифт.

– Замона нобоб шуд, духтарам, – вақти бо дидагони ашкбор дохили хона шудан Малика мешунид, ки падар боз мегуфт: – аз пагоҳ тағйири либос кун, рӯймол банд, бо инҳо ҳеҷ кор карда намешавад… Ҳама номусулмонанд, аз дину шариат бехабаранд.

Малика рӯзи дигар бо амри падар куртаи остиндароз пӯшид, ба сар рӯймол баст, ҳамон рӯймолчаи тагаш сабзтобе, ки ҳоло Мустафо дар Дараи Марг сари буттаи хор медид, дар лаҳзаҳое, ки мили автомати Барзу ба синааш мехалид.

Малика дар толори бузург дарс мегуфт, шогирдон гӯё дар рӯи Малика гул дида, ки аз ӯ чашм намеканданд. Хусусан духтарон дар ҳайрат, ки муаллима куртаи остиндароз ба бар карда ва рӯймол ба сар дорад… Малика бо димоғи сӯхта, чеҳраи ғамолуд рӯ ба шогирдон вазифаи хонагӣ пурсидан мехост.

Ҳар ду табақаи дар бошаст шараққосанон боз гашт. Гурс-гурс қадам зада Барзу пеш-пеши нигаҳбонҳояш вориди синфхона шуд. Маликаро, ки журнали синфро болои миз паҳн карда буд, як тараф тела дод.

– Гум бишав аз ин ҷо ту, – гуфт ва автоматро аз китф болои миз партофт. Ба аҳли синф, ки паси партаҳо бо сарҳои хам чун гунҷишкакони тарсхӯрда лап зада, пушти ҳамдигар панаҳ бурдан мехостанду нафас намебаровардand, дида дӯхт. Нигоҳаш ба як духтари дар партаи охир нишаста дармонд. Аниқтараш рӯи зебо, пайкари нозук, чашмони хумори ӯ ҳуши вайро рабуда буд.

– Канӣ, ту бихез, – гуфт Барзу ба он духтар. – Туро мегӯям! – бо дасташ ишора кард ба ӯ. Духтар аз ҳарос, бо тани ларзон аз паси парта баланд шуд.

– Чӣ ном дорӣ?

– Ҳабиба.

– Нағз, ту духтари кӣ мешӣ?

– Духтари Усто Тағоймурод.

– Усто Тағоймуроди заргар?

– Ҳа.

– Бишин.

Баъд Барзу назар ба Малика андохт.

– Пеш биё, муаллима. Чӣ гуфта будам ба ту? Куртаи остиндароз, эзор пӯшидӣ? Рӯймол бастӣ? Ғами ҷонта хӯр. Гуфтам-ку ғами ҷонта хӯр. Духтари кӣ буданат бароям фарқ надорад. Мулло бошад падарат, ба худаш мулло аст. Бин, шогирдонат дар чӣ ҳоланд? Чува ин духтарҳо бо сару банди пою дастҳои луч шиштаанд?

– Дар дарс бояд ҳамин хел бишинанд.

– Гап нагардон, сарум гарм шуда истодай, зунукта гир! – фарёд зад Барзу… Хомӯш монд, аз сари қаҳру ғазаб худро гардондан мехост, ки хело дам истод. Баъд ҳамаи духтаронро «ту, ту» гӯён ба ҳар яке ишора карда, ҳамаашонро ба ақидаи худаш «чухт» мононд.

– Гӯш букуне, мочахирсҳо, гӯш куне, ки ман чи мегӯм. Аз пагоҳ ягонтаатон дар синф бо сари луч намешине, рӯймол мебанде, куртаҳотон ҳам дигар шавад, куртаҳои очаҳотон барин шавад… Хабар мегирум, – Барзу автоматашро аз болои миз бардошта, аз тиреза чанд тир ба ҳаво андохт. Ҳамаи талабаҳо, муаллима талхакаф, дар ҷойҳояшон шах шуда буданд. Хун аз рӯяшон парида. Ба худ намеомаданд хонандагон ва муаллима.

* * *

Деҳа гоҳ ба ихтиёри гурӯҳҳои силоҳбадаст мегузашт ва гоҳ ба қувваҳои ҳукуматӣ, ки онҳоро «ҳукуматиҳо» ҳам мегуфтанд. Ба дасти кадоми онҳо, ки мефуромад деҳа, мардум дар азоб мемонданд. Аз уштур пурсидаанд: ба кӯтал баромадан осон, ё фуромадан? Ҷавоб гуфта: « Ба хок рӯи ҳар ду». Дар ҳамон рӯзҳо миёни аҳли деҳ ҳикояти латифамонанде сабзида буд: ҳар гуна гурӯҳе ба деҳа меомад, аввал ба масҷид медаромад. Онҳоро дар ин ҷо муаззини масҷид Сӯфигадо пешвоз мегирифт. Агар ҳукуматиҳо буданд, аз ӯ мепурсидаанд:

– Мо хубем ё гурӯҳҳои силоҳдор? Ва гурӯҳҳои силоҳбадаст низ ба ӯ ҳамин суолро медоданд. Сӯфигадо аввалҳо лаб фурӯ баста ҷавоб намедод. Аммо баъдҳо ба сарони гурӯҳҳои силоҳдору ҳукуматиҳо мегуфт:

– Бачаҳом, ҳам шумоҳо хубен, ҳам ҳукуматиҳо. Мо бадем, мо падарлаънатем, ки таги суму сапали шумоҳо хор шудем, азоб мебинем, ҷои гурез намеёбем.

Ҳамон рӯзҳо қувваҳои ҳукуматӣ ҳукмдори деҳа шуда буданд. Силоҳдорони Барзу аз деҳа рафтанд. Миёни ҳукуматиҳо ҳам на ҳама одамони неку хайрхоҳ буданд. Ба ҳар ҳол мисли силоҳдорони Барзу

набуданд. Аҳли деҳ андаке нафаси озод кашида, мегуфтанд, ки ҳукумат ҳукумат аст. Қонун мегӯӣ, тартибот мехоҳӣ, талаб ҳам мекунӣ, забонатро намебанданд. Хусусан муаллимону талабагони мактаб осудагӣ ҳис карданд. Малика аз ҳамон рӯз сар карда рӯймолчаи сар, куртаи остиндарозро аз тан бадар кард. Духтарон ҳам дар дарс акнун рӯймол ба сар намегирифтанд, бо фармоиши муаллимаашон-Малика мисли пешина паси парта бо рӯи кушоду сари урён менишастанд. Ҳама гӯё озод, шод гашта буданд. Аммо танҳо ҳамсинфи онҳо духтари Усто Тағоймурод кайҳо боз бо дугонаҳояш набуд, ба мактаб намеомад. Ҳабибаи кони ҳусн, хушрӯйтарин духтари деҳаро ба норизоӣ ва якравию нолаю фиғонаш нигоҳ накарда, шаб аз назди падару модар силоҳдорони Барзу бурда буданд.

– Хуб шуд, духтарам, ҳукуматиҳо омаданд, дар бало монда будем, – падар изҳори қаноатмандӣ дошт.

– Қумандонашон Мавлонназар одами хуб, ӯ ҳам муаллим будааст. Дар мактаб маҷлис гузаронда гуфт, ки ба онҳо мадад кунем, рост мегуфт, – Малика ҳам андешаҳои падарро тақвият дод ва афзуд, ки қумандони мегуфтагиаш марди солхӯрда, боандеша, фаҳмиши хуб дошта, ки гӯш дод ба вай. Аз ҷониби Барзу таҳқир шудани худ ва падарро ба ӯ ҳикоят кард. Ва баъд Малика изҳор дошт, ки аз дасташ ояд, ба онҳо кӯмак мерасонад.

Қумандони ҳукуматиҳо рӯзи дигар ба зиёрати эшони Саидҷалолхон омадааст. Ба эшон низ вай писанд афтода, ӯро фарзандам гуфтааст. Қумандон назди падар Маликаро хоҳари қиёматӣ хонда. Эшони Саидҷалолхон гӯсфанд куштааст, ба ҳукуматиҳо ошу нон додааст.

Боз рӯзе омада, ки ҳукуматиҳо аз деҳа рафтаанд. Дар Поёноб, ки поёнтар аз сангоб ҷойгир аст, дар Қасри фарҳанг қароргоҳашон шуда. Қумандон ба Малика таъкид намуда, ки зарурате пеш ояд, ба ӯ муроҷиат намояд. Ва агар имконаш шавад, аз бозгашти силоҳдорони Барзу хабар диҳад.

Ҳамин тавр дар дили бисёриҳои аҳли деҳа, дар дили эшони Саидҷалолхон ва Малика ваҳму ҳарос боз соя андохт. Мардум аз оқибати саломуалайк, хайрхоҳияшон бо одамони ҳукумат меҳаросиданд. Ба қавли онҳо дар миёни аҳли деҳ «бузҳо»-хабаркашҳо буданд. Яки онҳо ба ҳама маълум: боз ҳамон Хидиралӣ, ки алҳол бо иғвои ӯ муаллим Мустафо дар Дараи Марг дар дами ҳалокат қарор дошт. Барзу ӯро рӯ ба рӯ рост гузошта, дам ба дам ангушт ба куроки автомат мебурд.

Дар ҳақиқат ҳамин тавр шуда буд. Он рӯзҳое ки ҳукуматиҳо дар деҳа буданд, муаллим Хидиралӣ яке аз хушомадгӯёнашон буд. Намедонист бо кадом забон ҳарф зада, хешро ба онҳо маъқул кунонда,

баъд ба хонумони одамони ба дилаш намеғунҷида оташ андозад. Ӯро силоҳдорон намефаҳмиданд, ба вай гӯш дода дари ин ё он кулбаро мекӯфтанд…

Ва баъзеҳо дидаанд, ки баъди аз деҳа баромадани ҳукуматиҳо муаллим бо тӯшаи зиёд – бо халтаҳои пур аз хабар дар торикӣ роҳи деҳаи ҳамсоя – қароргоҳи силоҳдорони Барзуро пеш гирифта.

Рӯзҳои охири фасли тирамоҳ, мавсими ҳузнангез, баргҳои дарахтон, токҳо рехтаанд, рӯи роҳу роҳрав, дами дару дарвозаҳо пур аз хазон. Дар ҳавлии эшони Саидҷалолхон ҳам рӯ-рӯи хазон мерафтанд. Ба дилҳо сиёҳӣ ва ҳузну навмедӣ. Ба замми ин, дар он бегоҳирӯзӣ боди сарде аз ҷониби кӯҳ мевазид, ҳаво тахти абр, осмон сиёҳ дуд карда. Шамоли сард ба сару рӯ мезад, бӯи барф меомад. Фасли сармо, бӯи зимистон. Эшони Саидҷалолхон офтобаи обро, ки таҳорат карда буд, болои суфаи пешайвон гузошта қомат рост кард. Панҷа ба риши сапсафедаш, ки болои сандуқи синааш хам хӯрда буд, зада, қатраҳои обро аз торҳои ришаш таровонд. Ҳавои барфолуду тира ба дилаш ғубор оварда буд. Ягон пешомаде ҳис намуда, ки табъаш нохуштар гашта, ба хона медаромаду мебаромад, рӯ ба ҷониби сангоб ба худ меандешид: «Худоё, Худовандо, чи рӯзҳое ба сари бандагон омада, ки одамони дасти росташонро аз чап намедониста, радди маърака, имрӯз пешдарою пешгузар».

Аз сангоб он сӯ то дуриҳо ба назар нонамоён, ғубор гирифта ҳама ҷоро, барф шиддат ёфта. Ҳамин қадар ӯ умр дидаю ин зайл ҳеҷ гоҳ дилаш нозеҳу хиҷил нагашта. Ҳама ҷо ба хаёлаш нозебу дилгиркунанда. Чаро? Ба чи ваҷҳе дилаш аз кадом як пешомади нохуше гувоҳӣ медиҳад… Олам ноором шуда, силоҳ ба дасти одамон афтода, ба дасти онҳое ҳам, ки девонаавзоанд. Қатли одамон дар ихтиёрашон, гӯё Худо ба онҳо чунин ҳаққу ҳуқуқ дода. Намегӯянд, ки назди Парвардигор фардо чӣ ҷавоб мегӯянд, ба ҷазо гирифтор мешаванд. Аммо ба кадом забон ба Барзу мефаҳмонӣ, ки ӯ ин қадар одам кушт… Дидаю рӯ надорад, чи ба вай гап занӣ, чи ба дару девор… Имрӯз дар намози аср ба эшони Саидҷалолхон Сӯфигадо аз рӯи дилсӯзӣ гуфт:

– Ҳазрат, кори нохуб кардед.

– Чӣ кори нохуб, Сӯфигадо?

– Ба ҳукуматиҳо нон додед, зиёфат кардед.

– Кори убол нашудааст.

– Мефаҳмам, ҳазрати домулло, лекин ба вай худозадаи Барзу фаҳмонда намешавад-ку. Дина сари роҳаш гову гӯсолаҳоро тирборон кардааст.

– Вай худоношинос аст, вайро Худо мезанад, падар аз вай рӯ гардондааст.

– Мефаҳмам, ҳазрати домулло, медонам, лекин ба шумо хуб намешавад. Мегӯянд, ки муаллим хабар додааст.

– Хидиралӣ?

– Ҳа.

– Охир, вай ҳамин вақтҳо наздам омада сабақ мегирад, зеҳнаш тез.

– Ба Барзу гуфтааст, ки эшони Саидҷалолхон ҳукуматиҳоро ба хонааш овардааст, гӯсфанд куштааст. Боз дар хусуси Малика ҳам чанд гап гуфтааст.

– Худозада.

– Мекушам эшонро гуфтааст, қасам хӯрдааст, девонагӣ кардааст.

Эшони Саидҷалолхон аз дуродури ғуборолуд, аз ҷониби сангоб назар биканд…

– Дар бухорӣ алов кардед, Малика? – бо дили пурандӯҳ рӯ ба дари хона гашт.

– Ҳа, дада, чой дам кардем, биёед, дароед, хона гарм… – наздики тиреза, дар болои кӯрпача ҷой нишон дод Малика ба падар.

Қарибиҳои ними шаб ё аз шаб чанд пос гузашта буд, ки дари ҳавлии эшони Саидҷалолхонро бо қундоқи автомат чунон сахт – сахт кӯфтанд, ки ҳамсояҳо ҳам бо ваҳму ҳарос аз хоб бедор шуданд. Худи эшон ҳам ҷома болои китф партофта, миёни хона рост шуд ва ҷон ҳавли ҷон завҷа ва духтарашро аз ҷои хоб хезонд.

– Равед, пас – паси девор ба хонаи ҳамсоя гузаред, аз он ҷо ба чанд хонаю ҳавлии дур равед. Зуд, фурсат намонд, зуд. – Эшон онҳоро ба «нею мо намеравем», гуфтанашон нигоҳ накарда аз дар берун бароварда. Садои тақ – тақи дарвоза баланд ва боз ҳам баландтар шуд…

– Ҳозир, ман ҳозир, – эшон фурсати салла ба сар ниҳодан наёфта, таги тоқии шабпӯшаки сафед, дар бар ҳамон ҷомаи сиёҳ сӯи дарвоза давид, як табақаи онро боз кард. Силоҳбадастони беҳисобе гирду пеши ҳавлӣ метофтанд. Барзуро дид, рӯ ба рӯ меистод.

– Чӣ гап? Бахайр, Барзу?

– Ба сарат омадем.

– Ба сари ман?

– Ҳа, ба сари ту, одами ҳукуматиҳо! Пешкаш кардӣ вай қанчиқатро ба ҳукуматиҳо? Гӯсфанд куштӣ, тӯй додӣ, моро фурӯхтӣ?!

– Астағфируллоҳ гӯй, Барзу… Тӯҳмат назан, гапи ноҳақ нагӯй, дину шариатро аз хотир набарор.

– Ту ба мо боз панд мегӯӣ? Аз гӯру қиёмат ёд мекунӣ? Амри маъруф мехонӣ? Ту кофирӣ, эмонта фурӯхта, аз мо, аз халқ ҷудо шудӣ. Ҳукми ту акнун дар ихтиёри ман! Туро мекушам, вай қанчиқатро чордарон мекунам. Духтаратро ҷеғ зан, занатро ҷеғ зан! Ман ба онҳо дар пеши назарат чӣ карданамро худам медонам. Дух-

таратро бароварда мебарам, ту, ту занат қати ҳамин ҷо қатл мешавӣ. Фаҳмидӣ, домулло, чӣ гуфтам, намешунавӣ… Ҳабиб, Рашид! – чанди дигар ҳамроҳонашро ҷеғ зад. – Дароед, зану духтарашро бароварда биёред, хонаашро тала кунед, то мехҳои танаи деворҳояшро канед! Аз пайи иҷрои фармон шавед, гузаред! – дод мезад дар дами дарвоза Барзу, талотум андохта, ба ақидаи худаш замину замонро меларзонд… Автоматро ба синаи домулло, марди мӯйсафед, рост кард. – Шунидӣ, пирхар, чӣ гуфтам? Ту бо одамаш бозӣ кардӣ, хато кардӣ. Мекушам, – гуфт ва бо кундоқи автомат ба синаи ӯ зад. Мӯйсафед як ба ақиб рафт, қариб меафтод ва боз ба по истод:

– Ту оқипадарӣ, Барзу. Падар аз ту рӯй гардонд. Имрӯз вай пеши ман омада буд, оҳу нолааш аз барои ту ба осмон, боз ман вайро насиҳат кардам. Лекин ту ба насиҳат намеарзӣ. Ту сагвор мемурӣ. Ба номи Худо, кӯру кӯҳрӣ, радди маърака мешавӣ. Одамон, рафиқонаш, фаҳмед, аз хотир набароред, ки ин одам чӣ хел мемурад, чӣ рӯзе ба сараш меояд…

Садои тир танин андохт дар ҳавлии эшони Саидҷалолхон, Барзу дигар тобу тоқати шунидани суханҳои эшон накарда, ба сина, ба сар то пои вай аз автомат тир андохт. Пайкари эшони Саидҷалолхон рӯи барф мехобид, риштаи умраш аз дасти Барзуи оқипадар канда гашта.

Малика ва модараш аз паси девори ҳамсоя ин фоҷиаи даҳшатоварро дида, ба ақиб рафтанд.

– Оча, ман рафтам, – гуфт.

– Куҷо?

– Қасос мегирам, оча, қасос. Шумо аз ин ҷо равед, дур равед, паноҳ шавед, – таъкид кард ва пас-паси дарахтону буттаҳо аз баландиҳо гузашт, ба даруни сангоб афканд худро, тану бадан, дасту пойҳояш ба сангҳо хӯрда, бисёр озор диданд, вале ҳеҷ зарберо ҳис кардан намехост. «Қасос, қасос мегирам!» мегуфт ва дарун-даруни сангоб ба пеш медавид, меҳаросид, ки аз пасаш наоянд, меҳаросид, ки ба мақсад нарасида монад. Медавид, аз деҳаи Сафедорон ҳам, ки канори сангоб дар баландӣ ҷойгир буд, гузашт. Ҳаво софу барф аз боридан монда буд. Бар хилофи орзуи ӯ, ки торикуториктар будани шабро мехост, мехост дар дили сиёҳиҳо ба чашм наафтад, вале маҳтоб баромада олами пурбарфро равшан карда буд, равшанӣ дар ин шаб ба духтар намефорид, медавиду медавид… ҳарос дар дил надошт. Сари роҳ аз дур чанд суроб тофт. Чӣ буданд он суробҳо, суроби одам ё боз силоҳдоре? Роҳи дигаре надошт, дар оқиб Барзу, силоҳдорони вай, ӯро меҷӯянд. Модараш чӣ навъ пинҳон шуда бошад? Ӯро ба ақиб роҳ набуд, нобуд шавад, кушандаш ҳам бояд пеш равад, бояд онҳоро ёбад, бояд ба ситод расад. Суробҳои сиёҳ калонтар, боз калонтар ба чашмаш мехӯрданд. Кистанд онҳо? Ё чистанд?

Намеҷунбиданд. Бо тарсу ҳарос наздикашон шуд. Дид, говҳо, чор ё панҷто, говҳои калон-калон, дар дилаш ҳарос омад. «Инҳо гованд, ё дар суроби гов бало?» Шунидааст сой бало дорад, ҳамин тавр мегуфтанд, шояд он чи ки ҳоло ӯ медид, гов на, балоянд дар сурати гов. Сураҳои медонистаашро зери лаб мехонд, сураҳои чорқулро, ки падар мегуфтанд, касе чор сура, сураҳои Қулҳуваллоҳ, Қулаузу бирабилфалақ, Қулаузу бирабиннос, қулёро, ки ин чорро чорқул гӯянд, хонад, Худованд аз ҷамъи балоҳо эминаш дорад. Ҳоло ӯ ин сураҳоро хонда ба гирду пеши худ суфу куф мекард. Аз назди говҳо гузашт, онҳо бини афшонданд, ҳуммос заданд, як қад парид, дар ҳаросе, ки тарафаш надаванд, медавид, ба пасаш нигоҳ накарда медавид. Говҳо дур монданд, аз афташ, говҳои кадом як аҳли деҳаи Сафедорон буданд, ки хонаи соҳибашон нарафта.

Аз назди хумдони канори сангоб гузашт. Онро ҳам таърихе, медонист. Дар вақташ ин ҷо барои ороиш ва сафед кардани танаи девори биноҳои аввали шаҳри Душанбе оҳак мепухтаанд. Ва ҳикояте алоқаманд ба подабони деҳаашон – бобои Раҳим. Ӯ марди заҳматкаш ва содае буда, забонаш андаке лакнат дошта. Ана ҳамин бобои Раҳим дар солҳои сиюми асри гузашта подабони ферма будааст. Ҳамин ҷо, атрофи хумдон, подаи говҳоро мечарондааст. Ҷасади кассири колхозро, ки аз ноҳия пули рӯзҳои меҳнати колхозчиёнро меовардааст, аз ҳамин хумдон ёфтаанд. Гумонбарҳо ба суд кашида шудаанд, яке аз шоҳидон ҳамин бобои Раҳим ҳисоб ёфтааст. Аммо вақте аз ӯ пурсидаанд, вай гуфта: «На ҳум дидам, на ҳумдон». Ва ин суханони ӯро баъдҳо дар ҳозирии бобои Раҳим ба забон оварда аҳли маърака механдиданд…

Роҳи Малика давом гирифт…Ӯ таги як куртаи атласи сурху сафед, фурсат наёфт, ки либоси гармтаре бипӯшад ва ба сараш омадани ин ҳолро ҳам чашмдор набуд. Аз хунукӣ тани нозукаш чун барги бед меларзид, мӯйҳояш, ки аз рӯи одат дубофт карда ба пас партофта буд, ях баста, пойҳояш аз сардӣ карахт шуда, рӯ-рӯи яхпора ва барфҳо роҳ мерафт. Сараш мекалавид, пешпо хӯрда меафтод. Барфҳоро ханҷол зада бо азоб рост мешуд, осмон ситоразор, моҳтоб замину замонро нур меандохт. Ҳама ҷо сап-сафед, оламро барф гирифта, духтарак аз боди сарди сангоб чун як ниҳолаке гоҳ-гоҳ хам мехӯрд ва гоҳе қомат рост мекард.

Чароғҳои деҳаи Поёноб ба чашм расиданд, чароғҳои баркӣ… Поёноб дар шаб чун як дастагуле, кулбаҳояш ҳама чароғон буд. Қасри фарҳанги болои деҳа ҳам пеши назар наздик шуд. Аммо Маликаро имконе намонда, ки пой пеш монад, ҳангу мадораш канда. Лек оташаке дар қалб шӯъларез, оташи кина, ғазаб. Барзу падарашро паронд. Ӯ ба ҳукуматиҳо, ба муаллим Мавлонназар хабар медиҳад. Қасоси

падар меситонад. Бояд боз андаке роҳ гирад, бояд наафтад, дар нимароҳ намонад.

Гирдогирди бинои қаср мошинҳои зиреҳпӯш, танкҳо, аскарон. Малика ба чашмашон афтод.

– Кист? Овоз деҳ, гап зан, – нидои аскаронро шунид, ки наздикашон шуда буд.

– Ман, ман, аз Лолазор!! – гуфта бо тамоми овоз фарёд заданашро медонист. Сагҳо аз кадом як ҳавлие аккосзанон тарафаш давиданд, дод мегуфт ӯ. Аскарон саросема шуда «Духтар, ба Худо духтар аст», мегуфтанд байни ҳамдигар. Бо чи роҳе зудтар аз сагҳо халос кардани ӯро надониста медавиданд ва аз болои сар ба ҳаво тир холӣ мекарданд… Ҳамроҳи аскарон муаллим Мавлонназар ҳам буд, ки овози Маликаро шинохта ҷонибаш давид.

* * *

Танку БТР, мошинҳои зиреҳпӯш ва аскарони беҳисоб оҷилан тарафи Лолазор дар ҳаракат шуданд. Малика дар қароргоҳи аскарон, назди духтурон монд. Ҳама ғамхору меҳрубонаш, болои кати гарму нарм дароз кашида, чашм ба дару деворҳои хона медавонд. Ӯ ба қумандон Мавлонназар ҳамаи гапро гуфта буд, мақсадаш иҷро шуд.

Қарибиҳои нимарӯз қувваҳои ҳукуматӣ аз Лолазор баргаштанд. Малика ҳамроҳи ҳамшираҳои шафқат, рӯ ба офтоб, ки ба олам нуру зиё, гармию нармӣ ҳадя намуда, барфҳоро об мекард, дар пешайвон, болои хараке нишаста, ашки шашқатори дидагонро манъ карда наметавонист. Дар назараш ҳамон манзарае, ки Барзу ба синаи падар аз автомат тир мекушод. Рӯи барфҳо рангин гашта аз хун… Ӯ ҳоло ин ҷо, дар Поёноб, аз хона дур, чи қиёмате он ҷо ба по. Он ҷо ҷаноза, ҷанозаи падар, рафта наметавонад… Модар дар чӣ ҳол? Хок бар сари Малика, дод, вой дод, сад дод! Овоз равшан накарда дарун-дарун месӯхт ва мегирист.

Аз пеши назари Малика панҷ-шаш нафареро гузаронданд, ки дастҳояшон ба пушт баста, аз дастаи Барзу. Шинохташон, яки онҳо рӯ ба Малика истод, Шарифи Ҷарпар, барои он ӯ ин лақабро гирифта, ки аз ҳад зиёд ба Барзу содиқ буд. Фармояд, аз ҷар мепарид.

– Ана гап дар куҷо? Хабар додӣ? Ту? Ту?! Мекушемат! Чордарон! Чордарон!! – фарёд зад Шарифи Ҷарпар Маликаро дида. Суханаш дар забон монд, қундоқи автомат ба сараш расид, афтод, хезондандаш. Аз нигоҳи оташбори ӯ ва ҳамроҳони вай Малика наҳаросид. Аз дидани ин манзара, чи хеле мегӯянд, як гӯшаи дилаш кушода гашт, хуб кард, ки омад, хабар дод.

Ҳамон рӯз дар гӯристони деҳаи Лолазор дар баробари мадфани эшони Саидҷалолхон дах гӯри тоза-гӯрҳои силоҳбадастон пайдо шуд.

Дар гӯристони деҳаи Сангрези Барзу ҳам аз ин зиёд гӯр канда буданд. Худи ӯ гурехта дар тарқиши кадом як санг, обкандае панаҳ ёфтааст. Малика дар ивази марги падар ба онҳо бештар талафот оварда. Ва аз худ гаштаю баргашта мепурсида, ки чаро ва боз чаро худи Барзу нобуд нашуда?! Тани мор маҷақ шудаю сари он монда. Ӯ зиёдтар хашмин ва заҳрогин гашта, ин мор ба Малика хундор.

Аз шунид ва гуфти аскарони дар он бархӯрди шабина бо дастаи Барзу иштирокдошта, чанд аз ҳукуматиҳо ҳам кушта шудаанд. Тобутҳо дар пешгоҳи бинои Қасри фарҳанг. Ва он рӯз рӯзи ҷанозаи қиблагоҳи Малика буда, мардуми беҳисобе ҷамъ омада. Тобути эшон ба ҳаво, даст ба даст мерафта. Дар ҳамин солҳои наздик дар ин маҳалҳо чунин ҷанозаи серодам ва пурсӯзу гудоз нашуда. Ва афсӯс маслиҳат шуда, ки Малика ба ин наздикиҳо ба деҳа наравад. Ба ноомади зиндагии минбаъдаи вай Шарифи Ҷарпар аз асирӣ раҳо хӯрда, гурехта.

Малика баъди ҳамон рӯзи дар қароргоҳи аскарон будан дигар дар ин ҷо истодан нахост. Медид, ки миёни силоҳбадастони ҳукуматӣ низ на ҳама мисли қумандонашон буданд. Чашмҳо бечо, гапу ҳарфҳо хунук, ба мисле ки силоҳдорони Барзуро ӯ медида. Хуб гуфтаанд, силоҳбадастҳо ҳама қарибе аз як хок, автомат дар китф ки шуданд, на худ ва на Худоро мешиносанд. Аз қумандон-акахондаш, ки ба ӯ бародарвор меҳрубон буд, иҷоза хоста. Ҷои зисташ дар Душанбе, боз хонаи ҳамон устоди азизу меҳрубон Абдусаттор Раҳимзода. Аз вазъи деҳ ва ҳоли модар хабардор шуда меистод. Дар деҳа аскарони ҳукуматӣ набошанд ҳам чандин ҳафтаю рӯзҳо аз силоҳбадастони Барзу дарак набуда, дар кӯҳ будаанд. Инчунин, мешунид, ки модараш бемор, вале таъйини бартаъйин мекард, ки Малика ба деҳ наояд, наояд. Аммо дили Маликаро ба гуфтае гургҳо тала мекарданд. «Ин чӣ гап? Ин чӣ бедодӣ?», ки ба ҷанозаи падар рафта натавонист, чӣ бедодӣ, ки модарашро намебинад, дар ҳоли вазнинаш даст ба сари ӯ гузошта, ба вай об дода наметавонад, Худо накунад, ки боз бо модар ҳам рӯи нодид шавад. Худоё, Худовандо, чӣ рӯзе бар сари ӯ омада? Ба худ менолид, месӯхт. Ва ҳар рӯз чашмаш ба роҳ, муштоқе, ки дар Душанбе як ҳамсоя, ҳамдеҳаро бубинад. Дар ҷустуҷӯ мешуд онҳоро, гоҳе пайдо мекард. Аз вазъи бад шудани ҳоли модар хабар ёфт. Ва ниҳоят хабар оварданд, ки модараш аз олам гузашта, дар дами марг Маликаро суроғ карда, «Канӣ духтарам, канӣ Малика?» гуфта. Ва бахуду бехудона гапҳое гуфта, ки дилҳо об, ҷигарҳо реш гашта. Маликаро дигар ҷои андеша, истиҳола намонда. Аз чӣ ҳаросад? Аз ҷон?!

Дигар чӣ лозим зиндагӣ ба ӯ? Аз модар монд, падар надорад. Ӯро ҳам кушанд, кушанд. Ноинсофӣ, кофирию бедиёнатӣ ба ҳадде расида,

ҳадди охир… Ҳамин хел рӯзу рӯзгор омада, як Барзу чӣ, ки бихоҳад, ҳамон бикунад дар ҳаққи одамон! Ӯ ба муаллим Абдусаттор ва зану фарзандони вай ҳарфе нагуфта аз дар баромад. Ба сар рӯймолча баст, ҳамон рӯймолчаи тагсабзи гулдор.

Муаллим ва аҳли хонаводаи ӯ бубахшанд Маликаро. Дигар насиҳат шунидан, «ба деҳа нарав» гуфта ӯро аз роҳ заданашон ба вай намефорад, ҳамеша гап зада-гап зада вайро моил мекунонанд, ки аз раъйаш гардад, хаёли деҳ рафтан накунад. Аммо имрӯз қатъиян онҳоро шунидан намехоҳад. Намехоҳад, ба ӯ гӯшдарояк шаванд. Имрӯз ҷанозаи модар… Ба мошини бачаи Сӯфигадо, ки барои бурданаш омада буд, нишаст.

Ӯ аз дарвоза чӣ навъ фиғоне андохта, додувойгӯён вориди ҳавлии падар шуданашро намедонист, гоҳо «вой, додоҷон!», гоҳ «очаҷон!» гуфта бому дари хонаро ба сар мебардошт. Гӯяндагӣ мекард, ба дилу ҷигари мардум алам меандохт, сангу чӯб гӯё ба гиря омада. Дар ин рӯзи мотами модар мадори дилаш-Содирхон ҳам набуд. Ӯ низ аз тарси Барзу гурехта ба Русия рафта. Малика танҳо мегирист, як ӯ танҳо мотамдор, вале бо гиряю нола мурдаи модарро пурсӯзу гудоз, обод карда. Чӣ хеле гӯянд, об дар сари одамон намонда. Ҳамаро мегирёнд. Нолида-нолида гоҳ беҳол мешуд, месӯхт, хокистар мешуд. Ҳангоме тобути модарро аз ҳавлӣ бароваданд, овозаш гирифт, нолида натавонист. Аз пой афтод, бардоштандаш, аз китфонаш гирифтанд. Болои кати рӯи пешайвон, ки пагоҳиҳо он ҷо ҳамроҳи падару модар дастархон густурда чой менӯшиданд, ношто мекарданд, ӯро хобонданд, ба рӯяш панҷа – панҷа об заданд, то ба худ омада, чашм кушодан…

Ҳавлӣ пас аз оне, ки модари Маликаро дар гӯристон паҳлӯи шавҳар, эшони Саидҷалолхон ба хок супурданд ва мардум аз қабристон баргашта дуою фотиҳа хонда рафтанд, камодам шуд. Садои оби шаршара, ки аз обмӯрии баланд ба рӯи сангҳо зада, аз миёни ҳавлӣ, аз таги дарахтони сафедор мегузашт, акнун ба гӯшаш меомад, он ҳам ба хаёли Малика, ки даст дар шохи як сафедори лаби ҷӯй, такя ба танаи он меистод, мисли мусиқии мотам буд. Дарахтони рӯи ҳавлӣ ҳам мотамдор, ягон-ягон баргҳои зардшудаи сари шохаҳои баланди сафедор канда шуда, ба замин, пеши пойҳояш мерехтанд. Ӯ куртаи махмали сиёҳ ба бар дошт, дар сар ҳамон рӯймолчаи тагаш сабзи гулдор, ранги рухсораҳояш канда, заъфаронӣ метофтанд, беҳолу бемадор, мӯйҳои сиёҳ болои чашму абрӯвонаш хамида… Аз падар, аз модар монда. Як Малика мондаю ҳавлии калони сердолу дарахт ва хонаю дари боҳашамат. Бекас монда ӯ, яккаю танҳо, ваҳмзада шуда.

Назараш ба болои боми баландашон рафт, шиферпӯш, офтоб ба

паси бом гашта, рӯи ҳавлӣ соя андохта, хаёлаш ошуфтатар шуда. Занҳои ҳамсоя, шиносу дугонаҳои модараш дар пешайвон рӯ ба Малика меистоданд, аз афташ, дар ғами вай буданд. Кадом якеашон ба ҳоли ӯ ашк мерехт, ғами танҳо мондани Маликаро мехӯрд. Рӯзаш сахт, ҳа, ӯ танҳо.

Телефони ҳамроҳаш дуру дароз садо дод, дили бедилон даст ба ҷайби камзӯлчааш бурд, камзӯлча ҳам аз махмали сиёҳ, ба мисли дилаш сиёҳ. Телефонро гирифт.

– Малика, – овози Содирхонро шунид. Аз пагоҳӣ ӯ чандин бор аст занг мезанад. Вай дар Ленинград аз Малика пештар аз марги холааш хабар ёфта. Ӯ ба хотири Малика ҳамроҳи вай ба хондан меравам гуфта буд. Дар асл нақшаҳояш дигар буданд. Муаллимӣ не, ягон касб омӯхта, баъди соҳибмаълумот шудани Малика бо ӯ оила барпо карданӣ буд. Дар омӯзишгоҳи тиббӣ хонд. Баъд ба ҳамин Барзу некӣ мекунам гуфта, қарибе аз даст рафта буд. Ҳамааш аз барои Барзу.

Содирхон дар идораи ҷамоат кор мекард. Котиби шӯрои ҷамоа. Ба ӯ фармоиш шуда буд, ки хона ба хона гашта андоз ғун биорад. Рӯзҳо ноором, пурхатар. Роҳу рӯ пур аз силоҳдорон. Ҷон ба ӯ ҳам азиз. Вале ғун овардани андоз зарур. Хазинаи ҷамоа холӣ. Нафақахӯрон, духтурҳо, модарони серфарзанд моҳона намегирифтанд. Содирхон дафтаре зери бағал аз субҳдам дар ба дари хонаҳо мегашт, варақаи андоз медод, пул мегирифт. Ва ҳангоме аз назди мағоза мегузашт, мошини сабукрави тамғааш хориҷие пайдо шуд, рангаш сиёҳ, шишаҳояш сиёҳ, салобат, воҳимае дошт. Чанд нафар одамоне, ки дар роҳ буданд, онро дида, ба паси дару деворҳо ва дарахтон гузаштанд. Мошин дуртар аз Содирхон истод. Дарҳояш боз гаштанд, роҳгузареро, ки ба назарашон тофта буд, ҷонибашон хонданд. Мард саросема шуд, рӯ ба гурез ниҳод.

– Ист, ҳой, мардак, ба ту мегӯем, ист, ин тараф биё! – фарёд заданд силоҳбадастон. Наистод.

Аз пасаш садои тир баланд гашт, мард афтод, тир хӯрда буд.

– Ин тараф биё! – Содирхонро, ки аз ҳарос дар ҷояш шах шуда буд, ҷеғ заданд. Пояш намекашид, лек ноилоҷ буд, агар итоат намекард, паронда мешуд. Рафт...

– Даро, – аз дасташ дошта ба даруни мошин кашидандаш ва баъд то ба ҷояш нишаст, ки чор-панҷ кундоқи автомат ба сандуқи сина ва сараш заданд. – Хонаи Барзуро ба мо нишон те, – талаб карданд аз ӯ.

Ана чунин хоҳишҳоро мардум дар деҳа ба ҳеҷ вақҳ бояд ба ҷо намеоварданд, зеро ҳамон шабу рӯз касе хонаи касеро нишон дод ба силоҳбадасту одамони ноошно ба сари он хонавода бало омад. Хонаи Барзуро боз одамоне мепурсиданд, ҳама мусаллаҳ, дар рӯй ниқоб доштанд. Барзу ба онҳо чӣ лозим шуда? Аз Содирхон мепурсанд ӯро.

Аз ҳароси ҷон ба сари хешовандон бало мебарад? Наход омада-омада ӯ ин вазифаро ба ҷо орад? Чаро Содирхон ба назари онҳо хурд? Модараш дар ҳақиқат одами пухта, зиндагидида. Мегуфт, ки Содирхон камтар дар роҳу рӯ тобад. Ана натиҷааш, ба сари модар, ба сари ҳама бало шуда ӯ. Мегӯянд, ки пои шишта гул ораду пои рафта бало. Боз дар ин рӯзҳо гӯянд, ки хушию нохушии одамон ба он вобаста, ки сари роҳ ба чӣ одамоне дучор меоӣ. Ҳамин тавр шуда рӯзгори онҳо. Ҳа, ҳамин тавр – одамон хатари ҷони ҳамдигар, одам ба одам гург, аз гургу ҳайвонҳои ваҳшӣ ҳам ваҳшитар. Ана ҳоло вай ба чанголи ҳамҷинсҳои одамхӯраш афтода.

– Шунидӣ, падарлаънат, чӣ гуфтем?

– Шунидам, лекин ман хонаи Барзуро намедонам, вай аз Сангрез аст.

– Чикорай? Муаллимӣ? – дафтарро аз дасташ гирифтанд.

– Не.

Рӯи дафтарро хонданд, варақ заданд.

– Дар идораи ҷамоат кор мекунию хонаи Барзуро намедонӣ? Шояд мегӯӣ, ки вайро намешиносӣ? Дурӯғ мегӯӣ, фиреб медиҳӣ?! – дасти яке ба паси гарданаш ҳалқа хурд.

– Намедонам мегӯӣ? – дами корд пеши назараш дурахшид, даме нагузашта «воҳ!» гуфта фиғон андохт. Хуни гарм ба бари рӯ, ба дарун гиребони куртааш шорид. – Дидӣ? – гӯши буридаашро пеши чашмонаш оварданд ва: – Ана, – гуфта, онро аз мошин ба берун ҳаво доданду, ба бехи гӯши дигараш милли тапончаро гузоштанд.

– Моро ба хонаи Барзу бар, ё намедонӣ? – овози пурдаҳшати силоҳдор баланд гашт.

– Медонам, – гуфт ва ба роҳи пушти масҷид ишора кард. Мошин аз кӯчаҳои каҷу килеб мегузашт. Силоҳдорон бетоқат шуда буданд, ҳар дам «расидем?» гуфта мепурсиданд. Баъди тай шудани роҳи дуру дароз назди тутзоре расиданд.

– Омадем, – гуфт Содирхон ва қасри навбунёди миёни боғро нишон дод.

– Дурӯғ намегӯӣ?

– Не, – Содирхон рост мегуфт. Ӯ силоҳбадастонро ба манзили Барзу оварда буд, ба қасри мӯҳташаме, ки онро ӯ дар ҳамин рӯзҳои наздик бунёд карда буд. Дару дарвозаҳояш ҳазор ранг андохта шуда, тирезаҳо зарҳалкорӣ, ҳамааш аз пулу моли мардум, ки ғорат карда. Аммо ҳанӯз ба ин ҷо накӯчида буданд, ҳавлиашон дуртар аз боғ, дар миёни деҳа. Аҳли оила он ҷо. Лекин бадии кор дар он буд, ки Барзу баъзан ҳамин ҷо меомад, бо ҳамроҳон сӯхта-пӯхта машқ, даводав мекард. Содирхон аз он дар ҳарос буд, ки шояд Барзу ҳамин ҷо бошад. Ӯ ин ҷо, душманони ҷони Барзу фарзандони Саидхони чӯпонро оварда

буд. Ба Барзу ҳам қасду нияти онҳо маълум. Аммо Содирхон илочи дигар надошт, кушандаҳои Барзуро вай ба сари ӯ овард, боз бобои Абдукарим хеши наздики вай, амакшавандааш.

– Нафаро, то омадани мо ист! Фаҳмидӣ? – таҳдид карданд ӯро.

– Ҳа, фаҳмидам.

– Агар гурезӣ, зинда намемонӣ, таги замин ҳам даронӣ, меёбем, – дашном доданд ӯро ва ба пайроҳаи қади ҷӯ қадам монданд.

Паси деворҳои баланд гузаштанд, паноҳ шуданд аз назар. Ва Содирхон ҳамин лаҳзаро интизор буд, зуд аз мошин берун омад. Ба паси он гузашт, тир барин давид, аз сари девор ба ҳавлие даромад. Ҷониби хонаи Барзушон мешитофт, дар пеш монеаҳои зиёде, ҳавлиҳо, хонаҳо, ҷӯякҳои ток, ангурзорҳо, аз таги баргҳои зардшудаи ток хӯшаҳои ангури тоифӣ тиллогун – сурхчатоб метофтанд, навдаҳои ток ба пойҳояш мепечиданд, дармемонд, меафтод, бо азоб аз ҷой мехест, деворҳои баландро мебаромад, боз дар пеш девор, роҳаш дарундаруни хонаю ҳавлиҳо.

Ба деворҳои бисёр баланди ҳавлии Барзушон наздик омад, аз сари девор худро ба даруни ҳавлӣ нишеб кард, дастонаш аз сархораи девор раҳо хӯрданд, афтод. Либосҳояш дарида, пури хору хас. Барзуро дид, дар миёни ҳавлӣ буд. Оҳи сабуке кашид, беҳолу бемадор шуда буд, дигар аз ҷояш хеста, ба тарафи Барзу қадам монда наметавонист.

– Барзу, ба ту мегӯм, Барзу, – беҳолона овоз баланд кард.

– Чӣ гап шуд ба ту, Содирхон? Аз чӣ сару рӯят пури хун? – Барзу дар ҳайрат монда буд.

– Бин, ана бин, ба ман чӣ карданд, – бо ангушт ба гӯшаш, ки ғарқи хун буд, ишора кард.

– Гӯшатро буриданд?!

– Ҳа, аз барои ту, хонаи Барзуро нишон те гуфтанд.

– Кӣ? Киҳо?!

– Бачаҳои Саидхон, хунхӯрҳо, хунмастҳо! Гурез, туро мекобанд, меоянд, зуд бош, чалфас нашав, гурез!

– Фаҳмидам, Содирхон, фаҳмидам.

Барзу боз чӣ гуфт, намешунид, рӯ ба девори ҳавлии ҳамсоя овард, девори баландро боло хез зад. Ҳавлии ҳамсоя дар лаби ҷарӣ, сердарахт, сербуттаю серхор, аз паси буттаҳои хор роҳ ёфта тарафи ҷари баланд медавид. Акнун Содирхон худаш дар орзуе, ки ӯро набинанд, ба даст наафтад. Аз ин кори кардааш оби деҳа барояш заҳр шуд, он ҷо рафта наметавонист. Рӯ ба шаҳр, ба Душанбе шуд. Аз тақдири модар бехабар, дар Русия ба азоби мусофирӣ дучор гашт. Ҳоло аз Ленинград бо маҳбубааш, ки дар орзуи дидори ӯ дар дуриҳои дур аз вай рӯз мегузаронд, бо телефон гап мезад. Ӯ ҳамон рӯз аз модар ҳам монда буд.

* * *

Дар он пагоҳии рӯзи фасли тобистон хабари ваҳмангезе дар сар то сари деҳа паҳн гашт: силоҳдорон омадаанд. Ҳама талхакаф, сар ба куҷо заданашонро намедонистанд. «Кӯр шаванд», одамон дар хонаҳояшон паст-паст гап мезаданд, пичир-пичир, гӯшакӣ мекарданд. «Мошини сиёҳпӯшҳо», мегуфтанд. «Барзуро меҷустаанд, ӯро мепурсидаанд, Содирхони котиби ҷамоаро ба мошинашон андохта бурдаанд, холаи Зарафо нафаҳмад, кампир як бача дорад, нафаҳмад»…

Пичир-пичирҳо ба гӯши холаи Зарафо расид.

– Чӣ гап аст, бачаҳом? – аз духтарони ҳамсоя, ки аз сари девор ба ҳоли ӯ наззора доштанд, пурсид холаи Зарафо ва боз мегуфт: – Бачама сиёҳпӯшҳо қапида ба мошиншон андохта бурданд, мегӯед? Хонам сӯхт, аз бачаам мондам, гӯед? – ба ҷисму ҷони модар ларза афтод, Воҳ, бачаҳакаме, бачаҳаки бесоҳиби беакаю додараме, гуфта модар бо сару пои бараҳна аз хона берун давид, ба сари роҳи калон расид, дар кӯчаю паскӯчаҳо ҷонзоде ба чашм намехӯрд. Дар рӯзи равшан кӯчаҳои деҳа ба мисли шаби тор беодам, ваҳмовар. Аммо модар ба хаёли фарзанд, ҷигарбанд роҳ мерафт. Мошини сиёҳро, ки як бор омада Содирхонро бурда будаасту боз баргашта дар кӯчаҳо одам шикор мекардааст, меҷуст. Парешонҳолона банди фикру хаёлҳои худ буд: наход омада-омада бачаи ӯ ба бало афтод? Ӯ ба неку бади олам кор надорад, гӯсфанди кар, аз гапу ҳарфи модар берун нест. Фақат дар забонаш номи духтари холааш, «кай тӯй мекуне, оча,» мегӯяд. Сад кас ҳасади холаи Зарафоро мехӯрад, таҳсину офарин мехонанд. Бачаашро ба роҳ дароварда тавонистааст мегӯянд. Вагарна дар деҳа қариб ҳамаи ҳамсолони Содирхон ба як шӯру шанге ҳамроҳ ҳастанд. Яке худро ҷонибдори ҳукуматиҳо мегӯяду дигаре ихлосманди кадом як дастаи силоҳдор. Онҳо ҳама аҳли як деҳа, ҳамсоя, бо ҳам хешу табор, бародару хоҳар, нону намакхӯр, лек бо ҳам ноошно, мухолиф. Холаи Зарафо, ки ҳамеша дар ғами ягона ҷигарбандаш аст, нагузошт, ки Содирхон ба тарафе майл бикунад. Хешовандашон Барзу худашро хӯрд, ҷон канд, ки вайро ба дастааш бигирад, ҳар соату замон ба хонаашон меояд.

– Хола, не нагӯед, монед, Содирхон бо ман ҳамроҳ шавад. Бисёриҳо акаю додар, хешовандошон қатӣ силоҳдор шудаанд, бақувватанд, ҷон дар ғами ҳамдигаранд. Аммо ман танҳо, одами худӣ надорам, Содирхон додарам, гӯшту нохун ҳастем, бонигари худам шавад мегӯям. Худи Содирхон розӣ аст.

– Номаъқул кардааст, – модар оташин шуд.

– Чаро намегузоред, хола?

– То зиндаам, намемонам, ки силоҳ бигирад, одам кушад. Бачам,

не, бачам, безорам. Ту, бачам, намедонӣ, ки ин бозиҳо ба сари одам чӣ балоҳо мебиёранд. Таноби ҳукумат дароз аст, вақташ меояду танобро мекашад, меёбад. Худат ҳам, Барзу, гапи мана гирӣ, аз пайи кори бечорагиат шав, ба гапи падарат гӯш кун, вай ба ту бадӣ намехоҳад.

– Аз хушиям силоҳдор нашудаам, хола. Ё намедонед? Майлаш, хола, Содирхонро нагузоред, лекин мана насиҳат надиҳед, – Барзу ранҷид, баъд чанд рӯз ба хонаи онҳо наомад. Ҳамин хел ҳолатҳо рух доду Содирхонро модар силоҳдор шудан намонд. Боз ба ӯ фаҳмонд, ки ин амалҳо оқибати нек надорад. Холаи Зарафо медонистааст ва дар давоми умри кӯтоҳаш дида будааст. Касе касеро кушт, иғво андохт ё саъй кард, бародареро ба қатл расонад, худ ба хуни худаш олуда гашт. Мардум одамони хабаркаш, дурӯяю иғвогарро нағз намебинанд. Аз ночорӣ ба онҳо саломалайканд, дар ботин нафрат мехонанд. Рӯзаш ояд, ба саломашон алайк намегӯянд, ҷое шуда, ки дар маърака табақи ошро аз пешашон гирифтаанд, ҷанозаашон беодам, ё камодам мегузарад, ҷанозаашонро намехонанд.

Модар Содирхонро ба роҳи нек даровард, бо дили худаш тарбият кард. Вале ҳоло ноинсофҳо гунаҳгорҳоро монда ҳамин бачаи вайро дастгир кардаанд, нафаҳмидаанд, ки гунаҳгор кисту бегуноҳ кӣ. Модар ҳамин гапҳоро ба онҳо мегӯяд, забон дорад, гунг нест. Чаро худи Содирхон ба сиёҳпӯшҳои худозада нафаҳмондааст? Вай ҳамин хел кундрӯ, ҳаққи худашро соҳиб не, дамаш дарун, беақл. То кай модар аз тани вай гап мезанад. Бачаи беақл, намегӯйӣ, ки ман коргари ҳукумат ҳастам, идоранишинам, дар шӯрои ҷамоат кор мекунам. Ҳама, раиси колхоз ҳам аз тарс корро партофта гурехт, рафт. Ман ҳамроҳи мардум истодам, гунаҳгор ки нестам, нагурехтам, ғами мардум, ғами одамони бечораро хӯрдам. Маро заданд, таги тепангӯи асп кашиданд, лат хӯрдам, лекин одамони бегуноҳро ҷонибдорӣ кардам, ба сиёҳпӯшу сафедпӯшаш ҳам фаҳмонда тавонистам. Мактаб, духтурхона, халқ гуфтам. Агар ту одами ҳукуматӣ, фаҳм, ба ман раҳмат гӯй.

Не, бачаи холаи Зарафо ин гапҳоро намегӯяд… Модар ба сару пои бараҳна медавид, бо Содирхонаш хаёлан дар хархаша, дар манша. Мошини сиёҳ, одамони сиёҳпӯшро мечуст, монда шуда буд. Офтоб болои сар омада, рӯз гарм шуда буд, рӯяш арақшор, нафасаш мегашт, рухсораҳояш суп-сурх тобиш меовард. Наход аз ҷону ҷигар, аз Содирхонаш мемонад? Наход сиёҳпӯшҳои худозадаро намеёбад? Дидааст ва шунидааст холаи Зарафо, ки касеро бурданд, наомад, гумном шуд, баъд кофтандашону кофтанд, наёфтанд. Чӣ кор кунад? Сарашро ба кучо занаду додашро ба кӣ гӯяд? Чаро одамон нестанд? Чаро касеро намебинад? Маслиҳат мехоҳад, чӣ тадбир ҷӯяд? Кӯтали паси масҷидро нишеб шуд, дар истгоҳи пеши мағоза ҳам касе наменамуд. Истгоҳ ба номаш монда. Кайҳост, ки автобуси байни шаҳру деҳа гум,

мошин намегардад. Ҳамааш аз касофати нооромӣ, ноосудагӣ. Чаро бачаи ӯро гирифтанд? Ё ягон кас маълумот додаст? Иғво андохтаст? Ин хел хабаркашҳои бачамурда дар деҳа ҳастанд, якеаш муаллими Хиридалии худозада.

Садои ғурроси мошине ба гӯшаш омад. Ҳуши холаи Зарафо ба садо шуд, ба пеш, ба миёни роҳ давид, ба ҷониби боғчаи амаки Рақабалӣ, ба дарахтон назар андохт, мошин ҳанӯз аз паси чинорҳои баланд намоён намешуд. Шояд ҳамон мошини сиёҳ аст? Вале гумонаш ғалат будааст. «Жигули»-и сафеде дид. Наздик шуд он, холаи Зарафо соҳиби мошинро шинохт. Хидиралӣ буд.

– Хидиралӣ, бачам, ист! Ба ман гӯш кун, бачама бурданд, хонам сӯхт, Хидиралӣ! – нидо кард ба ӯ модар. Аммо Хидиралӣ мошинро нигоҳ надошт, ба холаи Зарафо эътибор надода аз наздаш гузашта рафт. Дили модар сиёҳ шуд, ба замин зад. «Чаро Хидиралӣ мошинашро нигоҳ надошт, ба доди модари зор нарасид, аз ӯ рӯй гардонд? Чаро?» Аз ҳамин одам дилаш раг мезанад. Ягон гап ҳаст, бе гап нест. Худозада аст ин одам. Як шӯрангези хабаркаш, худашро гоҳ тарафи ҳукуматиҳо мегираду гоҳ тарафи силоҳбадастони гурӯҳи дигар. Забон ёфтааст, Худо додаст ин мундуқи касофатро! «Ман» мегӯяд, ба сари ҳама медавад. Обро лой карда моҳӣ медорад. Кадом дастаи силоҳдоре ба деҳа даромад, ӯ роҳнамо. Дар вақташ аз вай мардум меҳаросиданд, ки хабаркаши ҳукумат – КГБ аст. Гӯши хар ҷунбид, хабар мебурд. Хонаи муллою эшонҳоро сӯхта буд. Одами берӯзаю намоз, арақхӯр, занбоз. Ҳоло ҷониби муллою эшонҳо гаштааст. Ба ҳамин муллоҳо ҳам ҳайрон аст, ки ба ин шайтон бовар мекунанд. Ё шояд аз зӯромад бо вай созомад шудаанд. Албатта ҳамин хел будагист, аз ночорӣ. Худи холаи Зарафо ҳам пеши вай дуқаду сеқад мешавад, золию қолӣ мекунад, аз тарси ҷони худаш не, аз тарси бачааш. Ғами Содирхонро мехӯрад, ки ин сиёҳдил дар ҳаққаш гап наёбад, аз пасаш нашавад. Мардум фаҳмиданд, аз оина равшан, ки ба касе ғузна дошт, дар ҳаққашон гап ёфт, хабар бурду овард, гап гирифт, оқибат сарашонро хӯрд. Онҳо одамони боэътибор буданд. Ҳоло мехоҳад худаш обрӯманд шавад, мардум ба вай хушомад зананд. Орзуҳояш дар дилу дилаш таги хок. Ҳоло гап дар сари он ки ҳамин Хиридалии ҷигаррехта Содирхони вайро фурӯхтагист. Лекин Содирхони вай чӣ гуноҳ карда? Аз пайи кори бечорагии худаш аст. Ҳамин пагоҳ ҳам дафтарашро гирифту аз хона баромад, кори ҳукумат намонад гуфт. «Ҳукумат» мегӯяд, «беваю бечора» мегӯяд. Вале ана бинед, ки сиёҳпӯшҳо омада-омада Содирхони ӯро гирифтанд. Арзана гунҷишк хӯраду шаллоқа будана. Аз қадим ҳамин хел буда.

Модар боз дар миёни роҳ монд, тоқаю танҳо. Мошини

сиёҳпӯшҳо наменамуд. Куҷо шуд? Ба замин даромад? Содирхони модарро куҷо бурданд? Ба вай чӣ кор карданд? Бе бачааш холаи Зарафо як лаҳза зиндагӣ намехоҳад. Ягон одам пайдо намешавад, ки пурсад, маслиҳат хоҳад. Маълум, ки мошин аз деҳа нарафтааст, агар мерафт, одамон дар хонаҳояшон мух намезаданд, кӯча мебаромаданд. Сари модар гаранг, ғарқи фикру хаёлҳо. Ғурроси мошин ба гӯшаш расид. Аз кӯчаи паси мағоза меомад мошин. Пештар давид. Мошин наздик омад, ҳамон мошини ваҳмовари сиёҳ, Содирхон дар даруни он будагист. Бачаи холаи Зарафоро мебаранд. Хайрият, модар дучор омад ба мошин, хайрият ба вай хабар доданд, бехабар намонд. Сӯхта-пӯхта рӯ ба мошин давид, хуб кард. Мошин тез меомад, суръаташ баланд. Чарҳҳои мошин сангу сангрезаҳои рӯи роҳро лесиданд, дуд баровардand. Модар қариб таги чархи мошин монд, мошин истод.

– Ҷинӣ шудӣ, беваи падарлаънат?! – яке аз сиёҳпӯшҳо аз мошин фуромада модарро ба тарафи ҷӯи канори роҳ кашола кард.

– Бачама куҷо мебаре? Бачама сар тие, вай гуноҳ надорад, ба ҳурмати Худо рост мегӯм, агар бовар накунед, аз одамон пурсед, ҳама шоҳиданд.

– Канӣ бачат, бева.

– Содирхон.

– Содирхон бачаи худат аст? – силоҳдорон хурсанд буданд, ки корашон барор гирифт. Онҳо дуюмбора ба деҳа барои кофтани ӯ омада буданд. Ина бинед, ки модараш ба пои худ омад.

– Содирхон бачаи худат аст?

– Ҳа, бачам. Илоҳо баракат ёбӣ, ту бачаи мана мешиносӣ?

– Мо ҳамаамон вайро мешиносем.

– Дар забонатон мурам, гуфтанд шумоҳо вайро бурдед, ба хайр аст, ман бачама мекобам.

– Намедонӣ, вай дар куҷост?

– Не, бачам, ман вайро мекобам.

– Бачат, бева, гурехт.

– Гурехт? Сиҳат аст? Дар забонат холаат бимирад, – бо шунидани хабари зинда будани Содирхон, гурехтани вай дили кампир шод шуд, хотираш болида гашт. – Э хуб шудааст, Худованд рӯямро сурх кардааст, – холаи Зарафои аз гапу ҳарф бехабар сиёҳпӯшҳоро дуои нек мекард, аз шодӣ рақсидан мехост.

– Ростӣ, ки бева, намедонӣ бачат дар куҷост? – сиёҳпӯшҳо бо як овоз аз модар мепурсиданд.

– Ба Худо, бачаҳакои азизам, аз мурдани худам хабар дораму аз гурехтани бачам хабар надорам. Хуб кардааст, гурехтааст, мардӣ кардааст.

– Кани бева, бо пои худат ба мошин даро, то бачата ба мо ёфта натей, туро сар наметием, мекушемта, мепаронемта…

– Майлаш маро паронед, бачаҳом, кушед, аммо ба бачаам кордор нашавед, вай якта аст, соҳиби мурдаю зиндаам аст… Модар ба ақидаи сиёҳпӯшҳо ҳарза мегуфт. Вайро лагадкӯб карда ба даруни мошин даровардаид, то бачаашро ба онҳо ёфта надиҳад, то худи Содирхон «модарам» гуфта пеши онҳо наояд, холаи Зарафо зинда намемондааст. Аммо холаи Зарафо хурсанд буд, ки Содирхонаш зинда, гурехтааст. Ҷонаш фидои ӯ, хуб кардааст бачаи ҷони ӯ, ақлаш расидааст. Девона нашуда модар, ки бар ивази ҷони худ Содирхонро ба инҳо ба таслим биорад. Ҳаргиз, ҳеҷ гоҳ, ҷони модар фидои бачааш. Бо умеди дастгир кардани Содирхон, ки вай Барзуро гурезонда буд, сиёҳпӯшҳо модарашро мебурданд. Аммо ноумед шуданд. Ҳамон рӯз Содирхон ба Душанбе расида, барои бо тайёра Ленинград рафтан чипта пайдо кард. Бехабар аз марги модар, ки сиёҳпӯшон аз забони ӯ гап гирифта натавониста, бо ҳазор азобу шиканҷа ба қатлаш расонда буданд.

Ҳоло Малика ҳамон рӯймолчаи гулдор дар сар, рӯймолчае, ки нигоҳи Мустафо дар Дараи Марг ба он дармонда буд ва овози бадхашмонаи Барзуро мешунид, ки «мепаронам, калимаатро арза кун, мепаронам», мегуфт, бо телефон бо Содирхон ҳарф мезад. Ҳаво хунук шуда, нурҳои офтоб кайҳо аз лаби бом парида, замину замон ба назар тира мешуд. Вале Малика хунукиро ҳис накарда бо алам ба Содирхонаш дарди дил ифшо мекард, бехабар аз он ки ҳамин лаҳзаҳо қиёмат ба сараш қоим мешавад, бехабар аз марг, марги гӯшношунид, даҳшатбор. Ӯ банди изҳори муҳаббат ва дарду алам бо Содирхон буд, ки ачал ба сараш омад. Мошине паси дарвозаашон қарор гирифт, дарвоза шарақосзанон кушода шуд. Барзу бо шаст дохили ҳавлӣ гашт, танҳо не, бо силоҳдорони беше. Ба сари Малика омада буданд, медонист, худро ба паси як табақаи дарвоза кашид.

– Содирхон, хайр, ту охирин суханҳои маро мешунавӣ, маро дар ёд дор, гоҳе Малика гӯй, ҳа, ҳамин тавр. Содирхонҷон, номурод шудам… – бо телефон охирин суханҳояшро мегуфт.

– Чаро? Барои чӣ ин хел гап мезанӣ?

– Омад.

– Кӣ?

– Барзу, аз дар даромаданд.

– Барзу, ман сим мезанам, бо телефони дигарам, гӯш кун ман ба вай чӣ мегӯям, халос мекунам, не гӯяд, бовар кун, худам вайро мекушам, бовар кун!

– Баъди сари ман? Хайр. Хайр, Содирхон, маро дар ёд дор, дар зиндагӣ ин хел умед надоштам…

Барзу дарун ба даруни хонаҳояшон Маликаро мекофт.

– Кани вай мочахар, каниш, ба ман ёфта тиед, вагарна, ба ҳурмати Худо, ҳамаатонро мепаронам, – ба сари занҳое, ки дар пешайвон паси ҳамдигар панаҳ мебурданд, фарёд мезад.

Телефонаш занг зад.

– Барзу, ба ман гӯш кун, Барзу, – овози Содирхон ба гӯшаш мерасид. – ман Содирхон.

– Шунидам, Содирхонӣ, чӣ мехоҳӣ, чӣ мегӯӣ?

– Модарам аз туфайли ту мурд, худам гурезаам, бесарпаноҳ, бехона мондам, аз ман боз чӣ мехоҳӣ?

– Гап зан, худат чӣ мехоҳӣ? Ҳушма бечо накун, вақтма нагир. Ман ҳоло вай мочахар, Маликаи туро мекобам.

– Ба вай чақа нашав, даст нарасон, хап истодани ман ҳам ҳад дошгагист!

– Чӣ мекунӣ?Метарсонӣ?

– Туро зинда наменомам. Агар ба Малика даст расонӣ, ба номи Худованд, ҳамин ҳозир ба роҳ мебароям, худам туро мекушам, бар падари падарат лаънат мегӯям. Ба Малика даст нарасон…

Суханони Содирхон дар забонаш монданд, аз автомат чанд тир холӣ кард, хунмаст, девона шуда Барзу. Вақти намози аср ки буд, мӯйсафедон ба масҷид меомаданд, хабари пурдаҳшати ба хонаи эшони Саидҷалолхон омадани Барзуро шунида, тарафи ҳавлии ӯ гаштанд.

– Айб аст, Барзу, – муаззини масҷид, марди харобаи лоғар Сӯфигадо, ба Барзу насиҳат додан мехост. – Ҳазрати домулло, эшони Саидҷалолхонро куштӣ, боз имрӯз ба сари духтари вай даст мебардорӣ?

– Ҳа, Сӯфигадо рост мегӯяд, сарта ба сари занака намон, кори мардон ин нест, – мӯйсафедони ҳамроҳи ӯ бо як овоз гап мезаданд.

– Шумоҳо, намозатонро монда ба сари ман омадетон? Вай домулло чӣ корҳо кард дар ҳаққи мо, намедонед? Чиба ба вай нагуфтед, ки кори убол кард, одамони ғайридина меҳмон кард, ошу нон дод, гӯсфанд кушт. Оё ҳамин домуллои шумо ҳамин хел кор накарда буд? – оташи қаҳру ғазаби Барзу аланга мегирифт.

– Астағфируллоҳ гӯй, бачам, ба худ биё, гардани шайтона шикан, номбад мешавӣ, одамон аз хотир намебароранд.

– Барои тарсондани ман омадед, панд мехонед? Дер шуд. Намедонед, дар ҳаққи мо духтари вай чӣ кор кард? Худша кашида дар ҳамон шабӣ ба сари ҳукуматиҳо рафт, онҳоро ба сари мо овард. Як мазори деҳаи моро мурда гирифт, қатор-қатор гӯр пайдо шуд. Як ҷавонҳое нобуд шуданд, ки ба дунё меарзиданд. Оё шумоҳо инро намедонед? Кӯру кар шудед? Ман вайро мебарам, худам бо дасти худам зинда-зинда чок мекунам. Чӣ кор ба вай мекунем, худам медонам, дилма

хунук мекунам. Кани вай? Куҷо шудааст? Намегӯед? – назараш дар паси дарвоза ба Малика афтод – Ана вай, ана вай дар куҷо! – гӯё ӯро Худо дода буд, тарафаш шитофт.

– Мана ман! Ту номард, ту хунхор, мекушта бошӣ, куш, ана ман! – Малика ба миёни ҳавлӣ давид. – Рӯзе меояд, ту пеши пои мардум меғалтӣ, кӯҳрӣ, радди маърака, расвои олам мешавӣ. Ба Худо, ҳамин хел мешавӣ, туро дуои бади падарам мегирад, дуои шаҳидон мегирад. Мардум, шумо мебинед, гапи маро мешунавед, – ба одамони дар рӯи ҳавлӣ буда рӯ овард. – Номард аст ин одам. Деҳаро холӣ дидааст, ҳукуматиҳо боз меоянд, меоянд! Мебинед, ки баъд ҳоли ин марди майдон чи мешавад, мебинед. – Малика дигар фурсати гап задан наёфт, силоҳбадастон ба сари духтар давиданд.

– Боғочи мошинро кушоед, ба кӣ гуфтам, зудтар, – фармоиш дод Барзу ба силоҳдорон ва онҳо ба Малика дарафтоданд, хоҳиши Барзу ба ҷо омад. Гӯё душмани азимашонро мағлуб карда буданд, ки Барзу намоишкорона автоматро дар даст бозӣ медоронд ва ба ҳозирон ботантана ҳарф мегуфт:

– Мардум, ба чашмони худатон бинед, ки мо бо душманон, бо хабаркашу гап мебурдаву гап меовардагиҳо чӣ мекунем. Ҳукуматӣ пукуматиҳо ба чагараи мо қадам монда наметавонанд, сабақ гиред аз ин бевадухтар, сабақ! – бо доду мағал ба паси фармони мошини сиёҳи напа-нави хориҷиаш, ки Маликаро ба бордони он партофта буданд, гузашт.

Мошин аз назди мардум, одамоне, ки дар ҳавлии эшони Саидҷалолхон ҷамъ омада буданд ва ин воқеаи даҳшатбор дар рӯзи равшан, пеши назарҳо, рух медод, дур мешуд.

Дар назди мағозаи деҳа ҳам одамони зиёде буданд. Барзу ба касе чи гапе дошт, ки мошинаш истод. Малика аз боғоҷ худро ба берун андохт, рӯи роҳ ғел хӯрд, хест, таг-таги чинорҳои баланд тирвор гурехт, ба пахтазор даромад, меафтод, мехест, медавид, силоҳбадастону Барзу аз пасаш «ист, мепаронем, ист, мепаронем!» – фарёд мезаданд. Ба вай наздик шуда наметавонистанд. Барзу автоматро ҷонибаш гардонд, тир кушод. Аз пой афтод Малика, тир ба ҷои ҷонаш расид, зинда ба дасти ваҳшиҳо наафтод.

Нигоҳи Мустафо дар Дараи Марг ба рӯймолчаи тагсабзи гулдори сари буттахор буд.

– Шинохтӣ? Аз рӯймолча-а? – Барзу аз назари дардолуди Мустафо рамуз гирифта пурсид ва давом намуд: – Ин гӯри кӣ?

– Гӯри Малика.

– Фаҳмидӣ, мо бо душманҳоямон чӣ кор мекунем? Ин ҷо садҳо нафаранд, ба қатл расидаанд. Кӣ мегӯяд, ки мо ғолиб намебиёем? Ба ту ҳоло ман пеш аз маргат хеле гап мезанам, огоҳ шав, фаҳм, – Барзу

як теппачаи сангу шағалро ба Мустафо нишон дода пурсид: – Медонӣ вай гӯрӣ кӣ?

– Не, додар.

– Додар нагӯй, лаънатӣ, вай гӯри падари худат, падарҷонат!

Мӯйсафеди Абдусалими кохучӣ мегуфтанд падари Мустафоро. Аз деҳаи Кохуи Ромит омада. Дар Лолазор соҳибгап буд, як марди чорпаҳлӯи қадбаланд, хушсухан, дорою будаманд, оқсақоли деҳа, тӯю маъракаҳоро ӯ обод мекард. Ҳурмату эҳтироми зиёд дошт назди ҳама. Ба хурду калон некӣ мекард, дил ба даст меовард, «бобо» мегуфтанд ӯро, «бобои Абдусалим». «Ҳой, бача, аспи фалониро гир, ту, фалон, бисмадон корро кун», гуфта овоз баланд карданаш кофӣ буд, ки маъракаба тартиб ояд, фармудаҳояш ба ҷо оварда шаванд. Дар кӯчаҳои деҳа хурдтарин кӯдакҳоро ҳам, ки медид, фурсаташ танг намебуд, бо меҳрубонӣ гап меандохт. Аспҳои бузии номӣ дошт, човандоз ҳам буд, маъракаҳои бузкаширо сару сардор. Дар тан чакмани сафед, ки бо риши кӯтоҳаш ҳамранг буд, салла дар сар, савори асп бо овози баланди марғӯладораш фарёд мезад: «Бача, буза барор, тоқа кун, ба пайкаҷо парто, як фалону бисмадон айнос, нагӯед нафаҳидем», айносҳоро такрор ба такрор ном мебурд.

Ана ҳамин одам, вақте давраи нооромию митингнишиниҳо сар шуда буд, осудагӣ надошт, зиқ, хафа, ғамгин, оҳаш ба фалак. «Эҳ, Худо, чӣ рӯзе ба сарамон омада, ин хел нашуда буде, ҳама ҷо тинҷу оромӣ буде. Касеро ба касе коре набуде, замони Шӯравӣ чӣ хубе буде. Қадри он замонро донеде, агане аз ҳама чӣ мемонеде», – дар ҳама ҷо мардумро ҳушдор медод. Ягон-ягон силоҳдорон пайдо шуда буданд. Бобои Абдусалимро дидори онҳо хуш намеомад. «Мардум, ҳуш доре, чӣ кор мешаваде, бачаҳотона аз ин роҳ гардоне, соҳиб шаве. Ман худам бачаҳои деҳаи худамона силоҳ гирифтан наменомам, ба Абдукарим ҳам мегӯм, ки бачаша аз раҳ гардона, Барзуи вай ғамдарсар, бечо рӯидааст, ба бачаҳои мо ҳам чақа шудестай, «силоҳ гире мегӯя». Ба Худо ман худам вайро аз раҳ мегардонам». Дар ҳаққи Барзу суханҳои қабеҳ мегуфт мӯйсафед, хона ба хона гашта падару модаронро огоҳ мекард, ки фарзандонро аз роҳи бад гардонанд, силоҳ нагиранд, ки оқибаташ бад мешудааст. Муаллим Хидиралӣ, ки душмани хонадони бобои Абдусалим шуда буд, гапҳои ӯро нарезондаю начаконда ба Барзу мерасонд.

Лекин бобои Абдусалим ба ӯ бадӣ не, некӣ карда буд. Хидиралӣ аз хурдӣ ятим монда буд, хоҳару додараконаш зиёд. Хӯрондану пӯшондани онҳо дар он рӯзҳои сахти баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба модар осон набуд. Гуруснагӣ мекашиданд, белибосӣ. Бобои Абдусалим «савоб мешавад» гуфта, даст ба сари Хидиралӣ мебурд, дар қатори фарзандаш, ки ӯ ҳамсинфи вай буд, ба ӯ ҳам либос мехарид,

пул медод, аксар онҳо ҳамроҳ, якҷоя мактаб мерафтанд. Баъзан шабҳо Хидиралӣ дар хонаи Мустафошон мехуфт.

Мактабро ҳамроҳ тамом карданд. Мустафо аз пайи таҳсил шуд. Аммо Хидиралӣ хонда натавонист. Шароиту имкон надошт. Дар як деҳаи дури дури Ромит, ки омӯзгор намерасидааст, муаллим шуд. Дар ин мобайн Мустафо донишгоҳи омӯзгориро хатм намуда ба мактабашон ба кор омада буд, мудири мактаб.

Бегоҳирӯзие Хидиралӣ бо оби дидаи шашқатор аз дари ҳавлии бобои Абдусалим даромад.

– Бахайр, бачам? – бобо хавотир шуд.

Аз гуфти Хидиралӣ дар деҳае, ки муаллим будааст, як кампир аз баҳри Худо ба ӯ сарпаноҳ дода. Аммо баъд тӯҳмат задааст, ки вай ба духтари қадраси ӯ дастдарозӣ карда.

– Ҳамааш дурӯғ, бобо, тӯҳмат ва боз тӯҳмат, аз душманӣ, – гуфта қасам рӯи қасам мехӯрд.

– Аз кампири модари духтар узр хоҳ, бегуноҳиатро ба ӯ фаҳмон, кӯҳистониҳо одамони хубанд. Ё ман ҳамроҳат равам? – дили бобои Абдусалим ба Хидиралӣ сӯхт.

– Наметавонам, дигар он ҷо рафта наметавонам ба Худо, бобо.

– Муаллимиат чӣ мешавад?

– Барои ҳамин омадам, бобо, Мустафо мудири мактаб шудааст, дар ҳамин деҳаи худамон муаллим шавам мегӯям. Охир ман ҳам ҳаминҷоӣ – ку, – суханҳои таҳдор гуфт Хидиралӣ. Вале бобои Абдусалим аз Мустафо хост, ки Хидиралӣ дар мактабашон муаллим шавад. Падару писар Хиридалиро дастгирӣ карданд. Ҳарчанд баъдтар маълум шуд, ки ба Хидиралӣ тӯҳмат накарда будаанд. Вай нон хӯрда, дар намакдон туф кардааст.

Мустафо дар донишгоҳ низ дӯстони зиёд пайдо карда буд, муаллимон гоҳ-гоҳе меҳмони ӯ мешуданд. Бобои Абдусалим муаллимони фарзандашро хурсанд мекард, ҳар сол аз ангуру меваҳои хушлаззати боғу майдонҳояшон онҳоро ширинком менамуд. Падару писар як чиним чи одамгарӣ карда, Хиридалиро ғоибона ба донишгоҳ дохил кунонданд.

Акнун дар мактаби деҳа ду маълумоти олидор – Мустафо ва Хидиралӣ. Ана баъд ин мактаб ноором гашта. Хидиралӣ ҷӯраашро бесавод эълон кард. «Маълумоташ қалбакӣ, пул дода бобои Абдусалим ба бачааш диплом харидааст», – мегуфт. Дар мактаб навис-навис, номаҳои беимзо, бо имзои одамони будаю набуда.

Дар рӯзҳое ки Мустафо дар беморхона буду ҳолаш вазнин, Хидиралӣ ба мактаб комиссияҳо, аз кадом як газет мухбир оварда, дурӯғи бардурӯғ дар ҳаққи Мустафо мақола чоп кунонд, дупушта доира зада, як дарди ҷӯрааш ва бобои Абдусалимро сад дард ку-

нонд. Бобо сари калонашро ба хотири фарзанди бемор хурд карда рӯ ба хонаи Хидиралӣ овард. Бо вай дар гуфтугӯ шуд. Гуфт, ки ба хотир орад, ки ӯ кӣ буду кӣ шуд ва дар чи ҳоле аз ӯ ва фарзандаш некӣ дид. Таъкид кард, ки онҳо бародар буданд, Хидиралӣ бо нону намаки бобо ба ҷое расида. Ӯ онҳоро шиносад, боз мисли пешина Мустафоро бародар гӯяд. Вале куҷо гӯши карро шунидан? Бобо оҳ аз дили пурдард кашида аз нази Хидиралӣ хест, ӯ ҳатто ба гуселаш набаромад. Дар ҳамон рӯзи ҷарроҳии Мустафо хабар паҳн шуд, ки Хидиралӣ оқибат ба мақсад расида. Вай ба Барзу боз ва боз маълумот расонда, ки бобои Абдусалим душман, вай дар ҳар хестану нишастан бар падари Барзу лаънат мехонда, дашномҳои қабеҳ медода, ҳатто бо ҳукуматиҳо дар муқобилаш забон як карда. Ба ҳамаи ин Хидиралӣ шоҳид, ба хонаи ҳалолу зан ва фарзандон қасам хӯрда, коре карда ӯ, ки вай аловию оташӣ шуда, ба сари бобои Абдусалим давидааст, дар миёни мардум як одами боэбрӯ, ба гуфтае сутуни мамлакатро зада-зада, таҳқир карда, бо ҳамроҳон ба даруни мошин мекашад.

Ҳоло назари Мустафо бо дидагони ашкбор ба теппаи сангу шағал, ки қиблагоҳаш он ҷо мадфан ёфта буд, дӯхта шуда.

– Ин кори Хидиралӣ. Дод аз дасти Хидиралӣ, ки мо ӯро парваридем, одам кардем, – гуфт.

– Ту бошӣ, ибрат нагирифтӣ, ба кӯр ин амалҳои мо асо нашуд, – ғур-ғур кард Барзу ва сар бардошт. Нурҳои сарди офтоби тирамоҳ болои қуллаи якторае кӯҳ, ки аз барф кафан ба сар кашида буд, афтода, хабар аз адои рӯз медод.

– Ба ман нигар, офтоба бин, офтоб дар куҷо?

– Дар сари қулла.

– Офтоб ба паси қулла, ки фуромад, тамом, умри ту ба охир меояд. Тезтар, чуқуртар кан қабратро… Ҳоло ман ба ту

боз чанд гап мегӯям. Ин гапҳои маро ба гӯр мебарӣ, сарта бардор, – фармоиш дод. – Теппачаи болотар аз қабри падаратро дидӣ?

– Ҳа, дидам.

– Генерала ҳамин ҷо оварда будам…

Аз деҳаҳои бармабари онҳо ӯ як одами боэбрӯ буд, дар ҳукумат кор мекард, марди овозаю дарвозадор. Дар интихоботе, ки соли гузашта барпо гашта буд, ӯ ҳам номзадиашро дар муқобили раиси ноҳия гузошт. Чӣ мегӯӣ, ки ҳамин одам як шаб аз хонааш ба берун даъват шудаю бе ному нишон гашта. Падару модар кӯҳ ба кӯҳу дара ба дара бача кофтанд, нишоне аз ӯ наёфтанд.

– Медонӣ, мо ин генералро чӣ тавр ин ҷо овардем? Медонӣ, вай пеши пои мо афтоду чӣ нолаҳои зор кард?

– Не.

– Гӯш кун, – Барзу баъд тафсилот дод. Хеле кӯтоҳ ва мухтасар.

Шаб, қарори пои мардум, ба хонааш рафта будаанд, ҷеғаш задаанд. Зан фирефта шуда ӯро бедор карда. Дар шаби сард, ки барф меборида, генерал оҷилан таги як куртаи сафед, дар пой пояфзоли хонапӯшӣ ба пешвози аҷал давидааст, Барзу ва силоҳдорони ӯ пешандозаш кардаанд.

– Илтимос, аз шумоҳо як хоҳиш, бачаҳо, ҷомаамро гиред, пойпӯшӣ надорам, роҳ гашта наметавонам, – ба марг тан додааст генерал.

– Хоҳишашро ба ҷо овардем, ба хонааш даромада ҷомаю тоқӣ ва рӯймоли миёни раисро пурсидем. Баъд ба генерал ҷома пӯшондем, ба сараш тоқӣ монда, миёнашро бо рӯймоли гулдӯзиаш бастем. – Шаҳ шудӣ, генерал, назди арӯс мебаремат,-гуфта хандидем.

– Вай гуноҳ надошт, – гуфт Мустафо.

– Медонем, ба мо ҳамин хел супориш шуда буд. Мегӯй, ки мо дар даруни одамони ҳукумат одам надорем, – хомӯш монд Барзу ва боз гуфт: – Боз як гапи дигар. Исрофил Маҳмадёровро медонӣ-а?

– Медонам.

– Ҳамдеҳаи худат, як одами боътимоди ҳукумат буд, аз минбарҳо вазъ мегуфт, бисёр гап мезад, безор шуда буданд ҳама аз ӯ. Моҳоро ҳамин одам ташвиқ карда буд, ки силоҳ гирем, натарсем. Лекин чун ҳукуматиҳо омаданд, иҳота шудем, мададгорамон нашуд, суроғамон накард. Ба ҷустуҷӯяш рафтем, пинҳон шуд, аз хонааш набаромад. Ҳо, ана, як пои берун аз хокро мебинӣ? – ба канори хорзор ишора кард. – Ин ҷасади ҳамон номард, ҳамон лаънатии ҳамдиёрамон. Хаёл мекунӣ, ки мо аз ҳама чӣ бехабарем? Ба Худо мор дар таги замин ҷунбад, медонем, хабар меёбем.

– Хабаркашҳо – а? Хидиралӣ.

– Ту ба вай часпида гирифтӣ. Намедонӣ, аз ҳамин як деҳаи хурдаки шумо чи қадар кас аз болои якдигар хабаркашӣ карданд, лекин мо аҳамият надодем. Агар мекуштем, дар деҳаи шумо одам намемонд, иғвогарҳо аз деҳаи шумо бисёр, ягон деҳаи дигар ин хел нест.

Барзу беҳуда намегуфт, рост мегуфт, одамони деҳаи онҳо якдигарбадбинанд. Хешу анда, ҳама аз як кундаю реша. Вале дилсиёҳ, бахил. Якеаш чор пула ёфт, дигарашро дарди сӯзмол мегирад, инаш гӯри ваяш, ваяш гӯри инаша мекобад, ҳамдигарро ганда мекунанд, мефурӯшанд. Пеши зану кӯдакашон мебиёранд силоҳдорҳоро, пул медиҳанд, баъд зорию тавалло, ки фалонӣ ё бисмадониро кушанд.

Якеаш, аз ҳама аёну намоёнаш, боз ҳамин Хидиралӣ. Ҳеҷ илоҷи куштани Мустафоро наёфта, сӯхта – пӯхта гашта, ноумед шуда, дар ин роҳ ба коре даст зад, ки ҳафт пушти одамон ба худ раво намедиданд. Занашро ба онҳо нишон дод. «Не, муаллим, янга намешавад, вай

ба худат насиб кунад», – гуфта, як силоҳдори номии одамкуш нӯлпокизакунӣ кард. Чашмаш ба духтарони қадраси ӯ шуд, ки рӯи ҳавлӣ бо тӯб бозӣ карда синаҳоро ҷунбонда-ҷунбонда медавиданд.

– Кадомаша шумо мехоҳед? – гуфта ӯ ба силоҳдор, ки дар синну сол қарибе баробари худи муаллим буд ва риши сиёҳаш тор-тор сафедӣ гирифта.

– Рости гапро гӯям, муаллим?

– Бугӯед, дилатон мехостагиша гӯед.

– Харобаки қаддарозаш.

– Аз ҷои ҷон қапидед. Вай ҳамин сол синфи нӯҳумро тамом кард, талабгораш зиёд. Аммо вай «худум мехостагима мегирум», гуфта қайсарӣ дорад.

– Агар маро не гӯяд?

– Мекушам, духтарони ман аз гапам сар печида наметавонанд, мекушам.

– Офарин, муаллим, лаҷоми фарзанд дар дасти падар бояд бошад.

– Хоҳишатонро ба ҷо мебиёрам. Зебиро ҳамин шаб дар коса об монда, никоҳ карда, ба шумо медиҳам, соҳиб шаведша.

– Оҳ, муаллимҷон, шумо бароям ба ҷои падар, кошки ҳамин хел кунед…

– Ҳамин хел мекунам, додар, лекин аз шумо як хоҳиш дорам. Маро аз як бало халос мекунед.

– Ба ҷону дил, аз осмон ситора кан гӯед, меканам, шумо аз гапатон нагардед шуд. Ҳамин шаб, иҷоб шавем. Чӣ хизмат кунам?

– Ҳамин ҳамсояам.

– Кадом ҳамсояатон?

– Шумо вайро мешиносед, мудири мактаб Мустафо.

– Ҳабибуллоев?

– Ҳа.

– Чӣ кор кунам?

– Паронед, ба дили ман ҳамин як корро кунед.

Бо шунидани номи Мустафо силоҳдор чанд лаҳза хомӯш монд ва баъд ба хулосае омад, ки гуфт:

– Бачаи бобои Абдусалимро мегӯед?

– Ҳа, вай мӯйсафед душмани шумоҳо буд, Барзу вайро кушт, аҷаб кори хубе кард.

– Фаҳмидам, муаллим, куштани вай ба ман як лаҳзаина амал.

– Кай ҳамин кора мекунед?

– Пагоҳ, аз хонааш набаромада мепаронам.

– Чи хабари хуше! Баъд худам ба ҷои вай мудири мактаб мешавам.

– Ин корро ҳам мекунам. Аз гапатон нагардед, шаб мебиёям.

– Биёед, духтарам Зебӣ садқаи саратон. Вайро ба бағалатон меандозам, соҳиб шавед, фақат ҳамин ки ҳамин саҳар…

– Мепаронам.

Шаб, ба ақидаи худаш, дар хонаи Хидиралӣ тӯй шуд. Духтар ба ҳеҷ ваҷҳ розӣ набуд, ки ба ихтиёри силоҳдор шавад. Модари ӯ ҳам дар ҳамин ақида, дуои сангу борон ба сари шавҳар мерехт. Зебӣ дасту по мезад. «Намехоҳам, дадаҷон, намехоҳам!» овозаш хонаҳои ҳамсояҳоро мегирифт. Вале падари бераҳм бо орзуи паронда шудани рақибаш Мустафо дастони духтарро бандпеч кард, ӯро ҳамон шаб ба бағали силоҳдор афканд.

Саҳар шуд, Хидиралӣ шаби дароз дар орзуи паронда шудани Мустафо бедорхобӣ кашид, ба дил қошуқ метарошид, ноумед гашт. Садои тир аз хонаи Мустафо баланд нашуд. Силоҳдор мардона рафтор карда. Гуфтааст, ки девона нашуда барои як шаб ҷогаҳхобӣ одам кушад, боз як марди боорбрӯ, миёни маърака, Мустафои бачаи бобои Абдусалимро.

Рост мегуфт Барзу, деҳаи онҳо дар маълумотбозӣ овоза дорад. Дар замони шӯравӣ аз се якеашон, чи хеле мегӯянд, «буз» – хабаркаши милисаю дигар идораҳо буданд. Дар рӯзҳои ноосудагӣ ҳисоби бузҳо афзуда.

* * *

Дар деҳа ба бобои Абдурасул Худованд тӯй лоиқ дид. Тӯйи суннатии ду набераи ширрӯяки бачагиаш. Орзу дошт, ки ба ин рӯз расад. Мегуфт, ки тӯй мекунам, орзу мешиканам. Ҳамин хел рӯз омад, буду нобудашро ба харҷ дод, тӯй кард. Артист оварда, чавку монд. Гӯштин, баъд буз доданӣ буд. «Кирми чашмам мурад», мегуфт.

Дар дегҳо ош монд, бобои Сафар кафгир дар даст гирди дегҳо мегашт, оши ӯ пухтаро даҳон мебоист, ки хӯрӣ, ошпази номӣ, дар тӯи набераҳои бобои Адбурасул ӯ дар хизмат…

Дар миёни ҳавлӣ пиру ҷавони деҳ, занону духтарон, то кампирҳои «имрӯз – пагоҳ мемурам» мегуфта ҷамъ. «Ҳай ҷонуме, садқат бушаме, аката куштӣ», – гӯён ҳар кадоме ба рақс омада, лоиқ ба фаҳму фаросаташ овоз мебароварда, ҳамаро як ҳаяҷону дилхушие. Лаҳзаҳои гарм ва боз гармтар гаштани маърака.

Ҳамин ҳангом овоза паҳн шуд, ки «силоҳбадастон омаданд, дар қаҳру ғазабанд». Одамон ба тарсу ҳарос афтода пас-паси ҳам аз ҷое ба ҷое мекебиданд, ба паси дару девор, дарахтон мерафтанд.

Болои оташи шавқу ҳавас, ғалоғула, нидоҳои пурҳаяҷони тамошобинон ва садои мусиқӣ гӯё оби сард рехт. Ҳама хапу дам шуданд, хомӯшии нохуш, ваҳмангезе. Силоҳдорон дар ҳавлӣ ҷавлон доштанд.

Дар китфҳо автомат, дар даст теғ ё тапонча. Ду нафар гирди дегҳои ош рафтанд, яке паканаю дигар ришдори рӯяш чутур.

– Бобои Сафар, ош пухт? – пурсид пакана.

– Ҳа, ҳозир дам партофтам.

– Сергӯшт аст?

– Ҳа.

– Бобои Абдурасул канӣ? – соҳиби тӯйро суроғ карданд. «Бобои Абдурасул, ҳой бобои Абдурасул!» – фарёд заданд ҳар ду силоҳдор. Бобои Абдурасул яктаҳи дарози сафед дар бар ва саллаи сабзтоб дар сар, асозанон аз кадом хонаи бармабар берун омад. – Ин ҷо биё, бобо, зуд бош, биё, гап дорем, – силоҳдорон сари дег наздашон хонданд боборо.

– Хуш омадед, бачаҳом, биёед, – бобои Абдурасул аз ҳарос худро гум карда буд, дасту панҷаҳояш меларзиданд. – Биёед, бачаҳом, биёетон, – ғайри ҳамин чанд ҳарф сухане дигар ба забонаш намеомад.

– Биё нагӯӣ ҳам, омадем, туро ба ихтиёрат монем, «биё» намегӯӣ. Хабар накардӣ? Чӣ мо, одамхӯрем? Бо пойҳоямон ош мехӯрем?

– Не, не, бачаҳом, ҳаргиз ин хел нагӯед.

– Бачат канӣ? Ҷеғ зан.

– Саидбурҳон дар шаҳр аст.

– Бо бачаат назди Барзу ҷавоб мегӯӣ. Ду шабу ду рӯз тӯю нақоранавозию моҳо бехабар. Хабар накардӣ, корсонҳоро пеш мон, бобои Сафар, кафгира ин тараф те! – фармоиш дод пакана ба ошпаз. Корсонҳоро пеш кашид ва худаш бо кафгир аввал гӯшти ҳар ду дегро ҷудо кард, дар ду корсони дигар оши дегҳоро бардошт. Силоҳбадасти хароби қадбаланд ба бобои Абдурасул, ки асо аз дасташ афтода, такя ба танаи дарахт меистод, рӯй овард: – Кулчаю қанду мавиз гир дар як рӯймол, – суханони силоҳбадаст ба гӯши бобои Абдурасул намедаромаданд – нигоҳаш ба дегҳои ош. Холӣ шуда буданд. Мардум ош нахӯрдаанд. Дигар имкони аз нав ош мондан надоранд, биринҷу гӯшт намондааст. Чӣ кор кунад? Шарманда мешавад, тӯй кунию ба қавм ош надиҳӣ.

– Бобои Абдурасул, дар чӣ фикр ғалтидӣ? Гӯш кун, ба ҳар яки мо ҷома мепӯшонӣ, пул мепартоӣ, пул. Ош беараҷу газак намешавад, гӯшти хом те, – силоҳбадастон ҷони бобои Абдурасулро ба нӯки бинӣ оварда буданд.

Дар миёни ҳавлӣ ҳам як шӯру мағал, ҷангу ҷанҷоле. Силоҳбадастон маъаракаро вайрон карда буданд. Ҳофизону ҳунармандони ба тарсу ҳарос афтода, дар кучо панаҳ бурданашонро намедонистанд. Духтараке, ки чанд лаҳза пеш, чи хеле мегӯянд, рӯи як танга бозӣ мекард, ҳоло худро ба танаи шавҳараш, ҳофизи шири-

надо Холмӯъмин ҷафс карда нафас намебаровард. Як ҷавони хароби миҷморук автомат дар даст назди онҳо омад.

– Чӣ хомӯш шудӣ? Ҳофизӣ намекунӣ? Моро одам намеҳисобӣ? Ба ту мегӯм, ҳофиз! Тора гир. Сар кунетон, – ба навозандагон ҳам амр дод. – Ту духтараки нағз, ин тараф биё, – аз дасти раққоса гирифта миёни маъарака кашид. – Ҳа, суруд, ҳа, мусиқӣ! – фарёд зад. – Ҳай бале-а, ҳа, ҷонума… – гуфта худаш ба рақс даромад, садои дилу бедилони ҳофиз аз маҷбурӣ баланд шуд, навозандагон ноилоҷ монда буданд. Раққоса бо тарсу ҳарос даст меҷунбонд. Силоҳбадастон ҳама ӯро гирд карда, бенизому бетартибона пой мекӯфтанд, сар меҷунбонданд, рақс мекарданд. Ҳаёҳуяшон ба фалак, ҳар яке раққосаро пешгир мекард. Бешармона «ҳай, ҷонуме, ҷонум, ҷонуме!» гуфта духтарро ба канор мекашид. Духтар тоб наоварда дар ҷояш нишаст. Шавҳараш торро ба як тараф партофта хест, навозандагон аз асбобҳои мусиқӣ даст кашиданд.

– Бобои Абдурасул, бобои Абдурасул! – ҳофиз сӯхта-пухта, сухан дар гулӯяш дармонда соҳиби тӯйро ҷеғ мезад. – Ту, бобо, моро куҷо овардӣ? Чаро нагуфтӣ, ки деҳаатон тинҷ нест? Дурӯғ гуфтӣ, моро шарманда кардӣ, хонаамро сӯхтӣ, биё, биё. Моро халос кун. Шумо, одамони қишлоқ, чиба пеши инҳоро намегиред…

Дар ҷавоби ҳамаи ин зорию нолаҳо, завҷаашро пеши назари ҳофиз бетарҳу бесатр мекарданд, сару рӯи ӯро муштборон карданд, лати бисёре хӯрд, аз ҳуш рафт, афтод. Ҳамсари ӯ-раққосаро аз дасту пойҳояш гирифта бурданд. Илтиҷою зориҳои ӯ ба гӯше намедаромад. Дар хонаи тӯйдор ғирев хест, тӯйхона мотамкада шуд. Ҳама рафтанд, ягон-ягон мӯйсафед, кампири барҷомонда «чӣ замонаҳо шуде, чи рӯзи сиёҳе, тавба-тавба» гуфта гиребон гирифта асояшонро меҷустанд. Дусе мӯйсафед овозаи омад-омади устои чукбур Абдумалики болообиро шунида, тарафи кати лаби ҳавз мерафтанд.

Усто Абдумалик танҳо не, бо писари қумандонаш омада буд. Ана ҳамин кори усто хуб набуда. Рӯзҳо пурхавфу хатар, Барзу ба болообиҳо ғузнадор. Худо бошад, ки ӯ нафаҳмад. Бобои Абдурасул бо мӯи баданаш меларзид. Агар як гап шавад, ӯ дар ду дунё рӯсиёҳ мемонад. Духтараки раққосаро бурдани силоҳбадастон бас набуд? Сабақ нашуда? Ана боз устои чукбур бо писараш омада. Аз ҳама бадаш ғамдарсари муаллими Хидиралӣ аз пагоҳӣ аз хонааш намеравад, гӯши хар дар ҳавлии ӯ ҷунбад, бо телефон, аз афташ, хабар додан дорад. Чорзону зада болои катро иҷора гирифтааст, аз хӯрдан серӣ надорад. «Бобои Абдурасул, зихнагӣ накун. Худо ба ту тӯй лоиқ дидааст, дилта кушод гир, чизе, ки дорӣ, барор, садқаи сари набераҳот, ҳар рӯз дар хонаи ту тӯй намешавад, ки чалпак хӯрем, гир табақа!», – табақи чӯбини калонеро, ки дар

он шӯрбо оварда буданд, аз рӯи дастархон бардошта, ба бобои Абдурасул дода афзуд: – Кабоба кашанд гӯй, баъд шиша холӣ шудааст, – шишаи аракро дар назар дошт. Муаллим сархуш шуда буд.

Ҳамин тариқ, вақте бобои Абдурасулу чанд пешхизмати дигар усто Абдумаликро пешвоз гирифта, ба рӯи кат ҷой нишон доданд, муаллими Хиридалиро Худо дод.

– Э, биёед усто, биёед, – оғӯш кушода бо ӯ вохӯрдӣ намуда, «Омин, қадам расид, бало нарасад, муборакбодии тӯй,» гӯён муаллим даст ба дуо бардошт. Ҳама омин гуфтанд. Баъд пурсупоси ҳамдигар сар шуд.

– Хайр, усто, дар ин рӯзҳои сахтӣ, дар ин рӯзҳои нооромӣ, дилгир нашуда гаштед? – пурсупоси муаллим давом меёфт: – Чӣ аҳвол доред? Саломатиҳотон чӣ хел?

– Шукр, ҳазор бор шукр, муаллим, – ӯ Хиридалиро мешинохт.

– Медонам, усто, ором нестед, ором нестед, рӯзи шумо ҳам мисли рӯзи мо, – ва Хидиралӣ давом намуд: – Ҳамин чанд лаҳза пеш дар ин ҳавлӣ қиёмате буд гӯям, бовар кунед. Тӯй калет шуд, силоҳдорҳо омада буданд. Артистҳоро ҳай карда бурданд, оши дегҳоро гирифтанд, мондагиашро ба замин чапа карданд, парон – парон.

– Наход ҳамин хел шуд?

– Ҳа, усто, аз дасти ин силоҳбадастони худозада рӯз надорем. Хун меандозанд, туфамон дар гулӯямон қоқ.

– Наход ҳамин хел? Наход ба тӯю тӯйдор кордор шаванд? Наход наменонанд, ки мардум тӯю хурсандӣ кунанд? Хонаашонро Худо сӯзонаде!

– Чӣ, силоҳдорони деҳаи шумо ин хел нестанд?

– Нее, бачам. Ана якеаш ҳамин ҷо, писари худам. Бовар накунӣ аз худаш пурс. Якта не, чор бачаам силоҳдоранд. Инаш Ғафурҷон, қумандон аст.

– Медонам, Ғафурҷона. Шунида будам, бачаҳо гап мезананд.

– Бачаҳома лаҷомашон дар дасти худам. Наменонам, ки «силоҳ дорам» гуфта, ягон каса ранҷонанд. Инҳо мисли Барзуи шумо оқипадари худозада нестанд

– Хайр, амаки Абдумалик, гӯед, ки барои чӣ инҳо силоҳ гирифтанд, барои ба мардум хубӣ кардан?

– Бачаҳои Болооби мо барои муҳофизати аҳли деҳа силоҳ гирифтаанд, бо душман ҷанг мекунанд.

– Душман? Душмани шумоҳо кӣ?

– Намедонӣ, муаллим?

– Не, намедонам.

– Худата ба нодонӣ наандоз, душмани гандаи мо аз ҳама аввал

сангрезиҳо, душмани мо Барзуи худоношинос, – ва боз илова намуд: – Оқипадар.

– Барзу одами хуб аст.

– Хуб аст? Ҳамин ҳозир чӣ гуфтӣ, муаллим? Гапта ду накун, корҳое Барзуи шумо мекунад, ягон бандаи мусулмон намекунад. Як-як мисол биорам?

– Агар донед, гӯед.

– Мегӯям, ту гӯш кун, – даҳони усто Абдумалик гарм шуда буд. – Дар роҳи рост чанд гову гӯсола аз пеши мошинаш баромадааст, «бош, бош» гуфтааст, говҳо дум ҷунбондааанду гӯш, аз миёни роҳ нарафтаанд. Баъд шунидӣ, ки ин одам чи кор кардааст. Автоматро гирифта ҳамаи говҳоро бо гусолаҳошон тирборон кардааст.

Амаки Абдумалик дурӯғ намегуфт, аз бедодиҳои вай ҳамон мисолеро овард, ки лолазориҳо ҳама медонистанд. Вай аз муаллим суол кард:

– Нашунидӣ, ҳаждаҳ нафар ҷавонони болообиро асир гирифта, чӣ кор кард?

Аз ин ҳодисаи гӯшношунид ҳама огоҳ буданд. Онҳоро дар даруни кадом як гӯри танг қава карда ҳар рӯз ду – се нафарашро мебароварда. Дар пойҳо кишан, дар дастҳо занҷир, ба ишкам гурусна, ба лаб ташна, дар ҳасрати об, ранги рӯйҳо парида, мисли дока сап-сафед, ришҳо расида, беҳол, бемадор. Онҳоро худаш зада-зада, доду фарёдашонро бароварда назди қатори наваскаронаш меовард. Ба дасти онҳо як-як камон дода мефармуд, ки паронанд. Лек ку ҷуръате бачаҳоро, ки одам паронанд. Ба замми ин аксари онҳо шиносҳояшон, ҳояш омада, ки бо ҳам даводавӣ, бозӣ мекарданд. Намехостанд, ки рӯ ба он бачаҳо тир кушоянд, онҳоро паронанд.

Баъд худи Барзу автоматро мегирифт, ба тарафи бачаҳо рост мекард.

– Очағарҳо, ана нигоҳ кунед, ки чи хел душманро мепаронанд! Бинед, ибрат гиред, чашматон пухта шавад, пагоҳ ҷанг рафтед, мисли ман шавед, бераҳм шавед. Раҳм дар ҷанг душмани худи кас, – Барзу боз ба ҳама фармоиш медод, ки рӯ ба бачаҳо истанд, нигоҳ кунанд, вале онҳо чашм мепӯшиданд, ягон-ягонашон медиданд, ки Барзу сари яке аз бачаҳои асирро нишон мегирифт, кулангро пахш мекард. Садои тир Дараи Маргро фаро мегирифт, аз дара акси садо меомад, боз садои тир ва боз садо…

Дараи Марг ҷои одамкушии Барзу буд, ки ҳоло болои сари Мустафо истода наззора дошт. Ӯ ғарқи обу арақ баҳри худ гӯр меканд.

– Ё муаллим, ман дурӯғ мегӯям? Вай ҳамаи бачаҳои моро ҳамин тавр накушт?

– Шояд, усто, ҳамин тавр шуда бошад. Лекин бачаҳои болообӣ ҳама малойикаанд? Силоҳро барои меҳрубонӣ гирифтаанд? – Хидиралӣ Барзуро ҷонибдорӣ кардан мехост.

– Агар кушта бошанд ҳам аз шумоҳо ёд гирифтагистанд, – амаки Абдумалик медонист, ки муаллим яке аз наздикони Барзу аст.

– Барои чӣ ин хел мегӯед? Мо аз Сангрез нестем-ку, – эътироз кард Хидиралӣ.

– Як гапат, муаллим, дуруст аст. Дар ҳақиқат силоҳро барои меҳрубонӣ кардан ба одамон намегиранд. Қурбонат шавам, рост мегӯй. Агар мара пурсӣ, муаллим, ягон силоҳдор ба ман намефорад.

– Бачаҳои худатон ҳам? Гуфтед-ку, чор бачаатон силоҳ гирифтаанд.

– Бачаҳои худам ҳам намефорама. Силоҳдорҳо ҳеҷ кадомашон хуб нестанд.

– Силоҳдорони ҳукумат ҳам? – муаллим усторо ба каҷроҳаҳо кашиданӣ буд ва ақидаашро дар ин масъала фаҳмидан мехост.

Амаки Абдумалик латифаи машҳури суол ба уштурро ба ёд оварда, мухтасар гуфт:

– Ба ҳар сеяш лаънат! – Уштур ғайри кӯталро баромадану фаромадан боз лояшро ҳам дар назар дошт. Ҳукуматиҳояшро ҳам рӯяш дар гӯр, силоҳбадастони дигарро ҳам, рӯяшон дар гӯр. Худоё, ягонтаашонро набинем, ҳамаашон кал додари кӯр, ҳамаашон ҷанг мекунанд, одам мекушанд…

– Ҳукуматиҳоро ҳам гуфтед? – боз ба сари мақсад омад муаллим.

– Ҳа, куштору ғоратгарии онҳоро ҳам дидем. Ё дурӯғ мегӯям, муаллим?

– Намедонам.

– Медонӣ, муаллим, лекин балоӣ, – ва усто Абдумалик давом намуд: – Як чӣ мегӯям, муаллим, агар хоҳӣ, хабар бар!

– Ба кӣ?

– Ба Барзу.

– Ин хел нагӯед, усто.

– Мегӯям, мегӯям, ки ба ҳар ҳол ҳукуматиҳо дигаранд, ҷилави онҳо дар дасти ҳукумат, қонун, одамони бадаш рӯи рост ҳар кор карда наметавонанд. Калонҳояшон одамони мефаҳмидагианд. Аммо муаллим, бигӯ, ки ҷилави Барзуро кӣ мекашад, кӣ пишакашро пишт гуфта метавонад? Як одами якраҳа. Сари худу мулки Худо. Падараш вайро ба роҳ дароварда натавонист. Баъде, ки бачааш эшони Саидҷалолхон ва духтари ӯро кушт, дигар ба масҷид омада, қатори одамон намоз намехонад, аз маҷлису маъракаҳо рӯрам шуд. Аз рӯи бачааш дар хиҷолат аст, ба маргаш розӣ, дарун-дарун силу зардоб аст мардак.

– Бачаҳои шумо, одам намекушанд? – муаллим беш аз пеш аз ӯ гап гирифтан мехост.

– Намедонам, агар ин хел кунанд, дар қиёмат рӯсиёҳ мехезанд. Лекин муаллим, боз як чи мегӯям, ки бачаҳои болообӣ аз зӯромад, ночорӣ силоҳ гирифтаанд, чи хеле, ки Барзу ба сари мардум рӯзи сиёҳ овардааст. Чи хеле, ҳозир худат гуфтӣ, ин хел нестанд. Деҳаи мо соҳиб дорад, силоҳдорҳо ба раиси маҳалла, муаллимон, имомхатиб гӯш медиҳанд, ба ҳеҷ вақҳ ихтиёрдори маърака намешаванд, бо ҳукуматиҳо ҳам ҳаргиз ҷанг кардан намехоҳанд. Вазифаашон аҳли деҳаро аз ғоратгарон, аз Барзу, аз бачаҳои Саидхони чӯпон, боз аз кадом як дастаи силоҳдори дигар ҳимоят кардан. Худат медонӣ, муаллим, силоҳдорҳо ба мисли телпаки морак дар ҳама ҷо рӯидаанд, пур шудаанд. Як одамҳое силоҳ гирифтанд, як одамҳое, ки пеш қатиашон нон намехӯрданд, ба қатори одам набуданд. Ҳоло онҳо бологузар, соҳиби гапу ҳарф, соҳиби деҳа. Ҳазрату боз чи номҳои болохонадоре ба онҳо нагузоштаанд, Ҳазрат-а? Пеш як бузург, авлиё, анбиё, пайғамбаронро ҳазрат мегуфтанд. Ҳозир бачаҳои Саидхони чӯпон ҳама ҳазрат, дар сарҳо рӯймол, дар китфо автомат, дар чашмҳо айнак, мӯи сару ришҳо як дарза, – усто Абдумалик гуфта-гуфта дилашро холӣ карда натавониста, боз ҳарфу суханро ба сари Барзу меовард. – Яктааш ана ҳамин Барзуи худатон. Худро дар ин музофотҳо ҳоким хондааст. Ба номи Худо ин хел одами бераҳму хунхор дар ҳеҷ давру замон нагузаштааст.

– Саҳв мекунед, усто. Аз Барзуи мо ҳазор лой гандатарош ҳаст. Шумо дурро намебинед, пеши назаратон фақат ҳамин Барзу. Бадбинии одам ба одам ҳам ҳад доштагист. Аз омаданатон Барзу, Барзу мегӯед, менолед, – муаллим ҷонибдори Барзу буданашро изҳор кард.

– Дардатон кард, муаллим, оташин шудед? Шумо муаллими мактаб, тарбиятгари фарзандон, ки одамкушҳоро хуб гӯед, парастед, тарафашонро гиред, мадҳашон намоед, ситоиш кунед, дигар чӣ гӯям? Аз кӣ гиламанд шавем? Хуб мекунед, муаллими азиз. Шогирдонатонро дар ҳамин роҳи одамкушӣ тарбият кунед, балегӯй шавед, – усто Абдумалик аз ҷой бархост, фарзандаш ҳам дар паҳлуи падар рост шуд. Ранҷида буд, ки аз болои кат поён омад.

– Усто, ба хайр? Чӣ мекунед? – соҳиби тӯй бобои Абдурасул пеши роҳи ӯро гирифт ва гуфт: – Куҷо?

– Аз шаб хеле гузашт, шаҳбачаро биёред, ё ба хона медароем? Дер шуд, бисёр пӯкида мондем.

– Наберача хоб аст, аз ҷониби дигар, хешу таборҳо ҳама рафтанд. Баъд, гуфтам-ку, падари бача наомад. Саҳар, баъди намози бомдод дасташро ҳалол кунем, мегӯям.

– Не, бародар, рафтанамон лозим.

– Ҳа, амакҷон, моро иҷозати рафтан диҳед, – фарзанди усто низ талаб дошт.

– Малол мешавам, додарам, Абдумалик. Бароҳат хоб кунед, ҷой кушод, дил кушод, як шаб ҳазор шаб не, – бобои Абдурасул пеши роҳи меҳмонҳояшро гирифта намегузошт, ки раванд.

– Ҳа, усто, амакҷон, – Хидиралӣ низ ба миён даромада якраҳагӣ мекард: – Усто, ҷон устоҷон, садқаатон мешам, пеши поҳотон мирам, наравед. Агар аз гапҳои ман ранҷида бошед, тавба мекунам, бахшиш мехоҳам. Нафаҳмида хело лақидам. Шумо хоб равед, аз роҳатон гардед, ҷон устоҷон, – муаллим то ҷоне дошт, золӣ қолӣ карда усто Абдумаликро аз роҳ гардондан мехост. Як ӯ не, ҳатто модари шаҳбача, келини бобои Абдурасул ҳам аз хона баромада буд. Як одама одами бисёр, ки хоҳиш мекардааст, ба гапи онҳо моил мешудааст. Усто ноилоҷ монд.

– Бачам, Ғафурҷон, – ба писараш мурочиат кард усто ва давом намуд: – Ту рав, бачам, паноҳат ба Худо, пагоҳ ҳам набиё. Худашон ягон мошин меёфтагистанд.

– Мошин? Мошин пур. Мошини худам, худам пагоҳи катӣ омада шуморо мебарам ва афзуд: – агар писар ҳам хоб мекарданд, хуб мешуд. Рафтани фарзанди усторо низ муаллим намехост.

– Чӣ мегӯӣ, бачам? Агар хоҳӣ, ту рав, – фарзандашро ҷавоб додан хост, вале ӯ розӣ нашуд:

– Не, додо, ман шуморо ин ҷо монда намеравам, ба ҳеҷ ваҷҳ, – гуфт ва давом дод: – ба фикри ман, додоҷон, мерафтем беҳтар буд.

Соҳибони тӯй ва муаллим Хидиралӣ гапашонро гузаронданд.

Э, кош, ҳамин тавр намешуд.

Дар Дараи Марг ҳанӯз Барзу бо Мустафо дар гуфтугӯ, дар манша буд ва ӯ барои худ гӯр меканд, то ба сари қуллаи кӯҳ расидани офтоб андаке роҳ ва ба умри вай низ камтар аз дақиқаҳо мондааст, сипас ӯ аз олами равшан чашм мепӯшад, хайр мегӯяд бо азизон, бо модар, бо фарзандон не, бо офтоб, бо рӯзи равшан. Дар ин лаҳзаҳои охирёбии умри Мустафо Барзу ба ӯ гап заданӣ, дар дил гап дорад, гапҳое, ки дар ин олам ба касе намегӯяд. Ҳоло ба шахсе мегӯяду мегӯяд ва андаке сабукӣ ҳис мекунад, ки аз дасташ кушта мегардад. Гапҳои вай дар дили Мустафо мемонанду дили ӯ дар зери хок.

– Ба ман нигоҳ кун, саратро бардор, – овози даҳшатноки қотил ба сари Мустафо баланд шуд.

– Лаббай.

– Ба он ду теппачаи таги тут нигар, дидӣ?

– Ҳа, дидам.

– Инҳо гӯри усто Абдумалику бачаи силоҳдораш, онҳоро ҳам ҳамон шаби тӯйи бобои Абдурасул ҳамин ҷо оварда будам.

– Худатон?

– Ҳа, ба ту сад бор гуфта будам, ки касе ғайри ман ҳақ надорад аз силоҳдоронам, ки ин ҷо – дар Дараи Марг одам паронад. Худам ин ҷо меорам, худам. Ин ҷо қабристони душманони ман, яктоаш ту, хам шав, тез бош, гӯратро кан мегӯям.

– Хидиралӣ хабар дода буд, усто Абдумалику бачаашро? – Мустафо аз таърихи қатли онҳо огоҳ буд.

– Ҳа, ҳа, Хидиралӣ, бо далелҳо. Ҳақоратҳояшро дар телефон сабт карда наздам овард. Ман бе далелу бурҳон одам намекушам, гуноҳи мардака аввал ба гарданаш дайн мекунам. Ҳақоратҳояшро ба гӯши худаш, бачааш шунавондам. Мардак лол монд, дар ҷояш шишт. Ту ҳам, муаллим, фаҳм, ки бегуноҳ нестӣ, туро ҳам бегуноҳ намекушам, ту хонаамро сӯхтӣ, ба дилам ханҷар задӣ, алам мондӣ, нангу номусамро барбод додӣ, кан, тезтар кан гӯратро, офтобро бин дар кучо! – доду фарёди Барзу аз кину ғазаб баландтар гашт.

Мустафо боз пайи кандани гӯр шуд. Хок мебароварда, бо бел хокро ба дуртар мепартофту ба офтоби умраш дам ба дам дида медӯхт, гӯраш омода шавад ё нашавад, рӯзашро анҷом омадааст. Соя болои шохаҳои дарахтон мехамид.

Барзу чанд қадам аз Мустафо он сӯ теппачаеро бо нӯки пояш зад.

– Дидӣ?

– Ҳа.

– Ин гӯри кӣ?

– Намедонам.

– Ба ёд биёр, Сафаралии чилчанориро мо кушта будем. Вай ҳам дар маъракаҳо овоз бароварда, Барзуро ганда мекард. Аҷали саг, ки расида будааст, ба девори масҷид шоша кард. Бар падари Барзу лаънат гуфт, андеша накард, ба хаёлаш ин ҳақорати вай ба гӯши Барзу намерасад. Хато кард, гапашро нарезондаю ночаконда ҳарф ба ҳарф оварданд. Дар рӯи хонааш вайро паронданд, духтараш гиря карда маро дуои бад кардааст. «Хонаи Барзу сӯзад, рӯз набинад, бар падараш лаки андар лак лаънат» гуфтааст, боз бисёр, бисёр лақидааст. Беваро шаб аз бағали шаҳвараш бароварда овардам, – тепачаро боз чанд лагад зад. Он гӯри ҳамон зан будааст, ки дар рӯзи мурдаи падараш нолида-нолида, аз сӯзиши дил Барзуро дуои бад кардааст. Рост мегуфт: дар Чилчанор ҳамин хел воқеа рух дода буд. Мардум, зану мард, ба Барзу нафрат мехонданд, ки мушти пар – зани аламзадаро «ту ин гуфтию он гуфтӣ», гӯён ба вай кордор шудааст, вайро парондааст. «Бедодӣ, чӣ бедодие!» мардум ба шӯру ғазаб омада буданд.

Барзу боз ба сари Мустафо омад.

– Дидӣ, офтоб аз сари қулла мегузарад. Акнун ба ман гӯш деҳ, гуноҳҳоятро мегӯям. Ту аз ҳамаи онҳое, ки дар Дараи Марг куштам,

гунаҳгортарӣ. Ба хотир гир. Ба ту ман дандон дорам, дандонгаз кунамат, дилам хунук намешавад, – чанд лаҳза хомӯш гашт, хомӯшии даҳшатангезе, чик-чики гунҷишкон ё хониши ягон парандае дар ин дараи сердолу дарахт ба гӯш намеомад. Парандагон ҳама аз ин ҷо кӯч баста буданд, об аз кӯҳ мешорид ва ба хаёли Мустафо садояш гум.

– Ту, директори мактаби Болообро ба мактаб баҳри чӣ даъват кардӣ? Маслиҳат доштетон? – Ба сухан омад бо қаҳру ғазаб Барзу.

– Хидиралӣ дар гапу ҳарфҳоямон ҳозир буд, гуфтагист.

– Гуфт. Ҳар ду аз дасти Барзу нолидед. Гуфтед, ки муаллимон муттаҳид шаванд, миёни халқ раванд, фаҳмонанд бедодиҳоро, онҳоро ба муқобили силоҳдорон хезонанд, ба шӯр оранд, пеши роҳашонро гиранд. Халқ қувваи бузург, вазифаи мо сиёҳу сафедро фаҳмондан. Хидиралӣ дурӯғ гуфт?

– Рост, – Мустафо ҳис кард, ки ҳазори андар ҳазор агар ба ин ҷоҳил гап фаҳмонад, беҳуда, хоҳ-нохоҳ ҳаёту зиндагӣ барои ӯ ба охир омада. Намеҳаросад, як ҷон бошад, рафт, ки рафт, мардона мурдан бояд.

– Қоил шудӣ?

– Ҳа.

– Ҳамон бегоҳӣ хонаи мо омадӣ?

– Бале.

– Чӣ кор доштӣ?

– Рӯзи Ғалаба бар фашизм буд, падаратро ба мактаб даъват кардам.

– Пурсидӣ, ки Барзу дар куҷо, кай меояд?

– Пурсидам.

– Чӣ гуфтанд?

– Гуфтанд, ки дар хона нестӣ, шаб ҳам намеоӣ, – Барзуро дигар шумо намегуфт Мустафо.

– Нағз, нағз, ки ба ту-ту гузаштӣ? Ҳа, хуб кардӣ, мардак шав, гӯй, ки ба ман чӣ кор доштӣ? Чаро «шаб меояд ё не», гуфта пурсидӣ? Мақсадат чӣ буд?

– Мехостам, ту ҳам ҳамроҳи падарат ба мактаб биёӣ.

– Баъд чӣ?

– Ба падарат боз як бори дигар гӯш диҳӣ, ки вай дар ҷанг чӣ қаҳрамониҳо нишон додаст. Ордену медалҳои ӯро боз медидиву, мефаҳмидӣ, ки падари ту чи касе асту ту худат чӣ одамӣ?

– Нағз, забон баровардӣ, фаҳмидам, дар дили ту чӣ гап аст. Медонистам, душмани манӣ. Хидиралӣ беҳуда дар ҳаққи ту сӯхта-пӯхта гап намезад, рости гапро мегуфтааст. Ё дурӯғ?

– Рост.

– Рости гапро гуфтан гир. Ҳамон рӯз бо бачаҳои Саидхони чӯпон вохӯрдӣ.

– Ҳа, онҳоро дар мағозаи деҳа дидам. Салом карданд, салом гуфтам.

– Пичир-пичир маслиҳатҳо кардӣ?

– Одамон шоҳид, ки онҳо ба ман ҳамгап нашудаанд.

– Хидиралӣ дурӯғ мегӯяд?

– Вай кай дурӯғ гуфта буд? Ҳамаи гапҳояш ростанд.

– Хонаи маро кӣ оташ зад, кӣ завҷаи маро кори бад кард? Дигар гап зада наметавонам, ба нангу номусам иснод омад, аз Осиямоҳ мондам, аз олам мондам. Баъди ин аз мӯи сарам зиёд одам кушам ҳам, дилам хунук намешавад. Яктоаш туӣ. Гӯй, ҳамон шаб худат ҳам дар хонаи ман будӣ? Гӯй, ном ба ном гӯй, онҳо киҳо буданд?

– Тӯҳмат мекунӣ.

– Аз тарси ҷон?

– Осиямоҳ ҳайф шуд.

– Ҳаминро медонӣ?

– Аз барои ту вай нобуд шуд, аз барои ту вай зинда намонд.

– Вай бовафо буд.

– Духтари Тағоймуроди заргар ҳам хушрӯ буд – ку?

– Ду рӯз бо вай зиста натавонистам. Медонӣ-ку, пеш кардам. Мисли Осиямоҳ дигар хона намеёбам. – Осиямоҳи ҳамсараш ба ёди Барзу расида, ашк дар чашмонаш ҳалқа хӯрд, аз кисааш рӯймолча баровард. Гӯё дар куҷо будан, чи кор карданашро аз хотир баровард. Дар хаёли ӯ рӯзҳои бо Осиямоҳ шинос гаштанаш аз нав ба ҷилва омаданд.

* * *

Барзу дар истгоҳи мошинҳо нигарони автобус буд. Омад автобус, то роҳ ба он ёфт, ки пур шуда буд, як ҷой дар бари духтаре, ӯ хушлибос, дар бар куртаи атласи шона-шона, сабзу гулобӣ, мӯйҳои сиёҳ гирди гардани сап-сафеди ӯ афтода. Дар ду бари рӯи гандумгунаш зулфонаш ҳалқа зада, вайро зеб дода, зеботар гардонда, мегӯӣ аз ӯ чашм наканӣ. Барзу бо як даст раваки болои сарашро дошта рӯ ба духтар истод. Автобус такон хурда роҳ гирифт. Барзу мувозинат гум кард, қарибе афтода боз рост истод.

– Шинед, – духтар нимхез шуда ҷой дод ба ӯ.

– Ташаккур, – таклифи духтар ба вай хуш омад, ба паҳлӯяш нишаст. Роҳи автобус давом мегирифт, кӯчаҳои шаҳр, ки аз ду тараф дарахтони чинор болояшон соя андохта буданд, ақиб мемонд. Баъд автобус тарафи дасти чап гашта аз роҳи шаҳр берун шуд, рӯ ба деҳаҳои бари кӯҳ мерафт. Деҳаҳо аз дур гилемҳои сабзи хурду калонро мемонданд, ки ҷо-ҷо дар якбарагӣ густурда шуда, зери нурҳои офтоби бегоҳирӯзӣ назаррабо буданд, сари қуллаҳои кӯҳ барф, сап-сафед метофтанд. Автобус ба сӯи ҳамин манзараҳои зебо мешитофт,

мусофиронаш ҳама ҳаминҷоӣ. Дар ҳамин деҳаҳо чашм ба олам кушода, рӯз мегузаронданд. Ва ҳоло ҷониби хонаю ҳавлиҳояшон равонанд, назарҳо ба пеш, ба деҳаҳо, ғарқи тамошоанд. Гӯё деҳаҳояшонро бори аввал медиданд. Аммо нигоҳи Барзу ба духтари зебои дар бараш буда. Дастони ӯ то ба оринҷ урён, фарбеҳакак, сафед, каме офтобхӯрда, кафшҳояш қубадори зардӯзӣ, лозимии шерозадор, шерозаи гулдор, аз банди пойҳояш каме болотар лағжида. Ҳавас меояд, чашм мерабояд. Бо нигоҳҳояш Барзу гӯё духтарро хӯрдан мехост. Вай нороҳат гашта, худро аз паҳлӯи ӯ дур мекашид, ба танаи мошин мерасид пайкари нозукаш. «Чӣ, аз ман хушрӯтаре надидӣ?» – дар дил аз зебоияш ифтихор мекард ва ҳам «беҳаё» мегуфт. Ва медид, ки Барзу ҷавони хушандом, ситорагарм. Ӯ бо нияти шиносоӣ лаҳза ба лаҳза ба вай гап меандохт.

– Шумо аз куҷо? Аз ҳамин деҳаҳои худамон? Мехонед? Дар куҷо?

Духтар рӯй турш карда пурсишҳоро бечавоб мемонд. Дар дил ӯро «одами бад» ҳам мегуфт. Автобус ба чордевориҳое, ки як вақте оғилхонаҳои колхоз буданд, наздик шуд. Ногаҳон ҳама садои тир шуниданд, аз наздик, аз паси деворҳо. Ҳанӯз аз ҳарос ба худ наомада буданд, ки силоҳдоре миёни роҳро гирифт. Автоматро ба тарафи автобус гардонд, чанд тир ба ҳаво паронд, автобусро нигоҳ дошт. Вориди автобус гашт силоҳдор. Дар хаёли ронанда, ки ӯ ҳам як мусофире, мошинро ба роҳ андохтанӣ шуд.

– Ист, ҳай накун, дарҳоятро пӯш, – овози пурдаҳшаташ баланд шуд. Ронанда дар итоати вай монд. Силоҳдор дар бар либосҳои сиёҳ, ба рӯ ниқоби сиёҳ кашида буд. Чашмони оташбор ва бурутҳои сиёҳи болои лабон хамидааш аз паси ниқоб намоён. Аз пеши дар кадам бардошт. Мили автомат ба ҷониби одамон наздики Барзу ва духтар истод. Ду нафар ки ҷой надоштанд, дар миёнҷои автобус даст дар равакҳои болои сар рост меистоданд.

– Ба ҳар дуят мегӯюм, ку ҷо ёфта бишине, – фармоиш дод ба онҳо. Итоат карданд, як-як ба паҳлӯи нишастагон тана заданд.

– Бушнаве, ҳамаат бушнаве. якта-якта пешум омада кисаҳоро бутаконе, як сӯм намонда. Таъкид мекунум, огоҳ мекунум, агар ҷон бофора ҳамин хел букуне, як тин дар тан намоне. Агар не, мепаронум, фаҳмиде, падарлаънатҳо, занғарҳо! Аз ақиб пеш омадан гире, таъкид мекунум яктат, ки омаде, баъд дигарат бухезе. Ҳа, ҳамин тавр букуне. Зуд боше, лаънатиҳо! – саросема буд ӯ, бо ишорааш пиру ҷавон, занону кӯдакон наздаш меомаданд, як сӯм намонда пулҳояшонро пеши пойҳои вай мепартофтанд. Нафаре, ки ҷавони харобаи қадбаланде буд, кисаҳояшро кофта-кофта дертар пеши ӯ омад. Силоҳдор гумонбар шуда наъра зад: – Ҳамаи пулҳоятро партофтӣ? Кобам? Пеш биё, лаънатӣ!

– Ака, не, ака, ҳозир, ҳозир, – гуфт ҷавон забонаш гирифта-

гирифта. Аз афташ чанд пуле пинҳон дошта будааст, ки бо дасту панҷаҳои ларзон кисаҳояшро мекофт.

– Пулҳоятро пинҳон кардӣ? Дилат нашуд? Акнун пулатро очаи зорат аз кисаҳоят мегирад, бачамой, мегӯяд. Фаҳмидӣ чӣ гуфтам? Дигар намефаҳмӣ, – тир кушод аз автомат. Ҷасади бечони ҷавон миёни роҳрави автобус мехобид, хун аз баданаш ҷорӣ. Ба дигарон ибрат шуда ҳама як пайса намонда пулҳоро пеши силоҳдор меовардand. Дар охир назараш ба Барзу хӯрд. Ӯ ҳам пулҳояшро баровард, духтар саросема сумкачаашро кофт.

– Ту пул наметеӣ, пул наков, худат ба ман лозимӣ, туя мебарем, арӯс мешавӣ. Чуҷанулӣ намекунӣ, агар бинг бугӯӣ сагвор мемурӣ, бухе, бухе! – духтар аз талхакафӣ худро гум карда буд. – Намехезӣ? – аз банди дасти ӯ гирифт, Барзу халалдораш буд, ки: – Очағар, ту як тараф ист аз пешум, бухе, – гуфта ба қундоқи автомат ба синааш фаровард. Барзу хест, силоҳдор пеш омада духтарро тарафи дар кашид. Аз афташ ақлу ҳушаш ба ӯ рафта буд. – Биё, биё, занҷони ман, биё, – гӯён ба ғазалхонӣ даромад. Машғули кашокаши духтар буд, ки Барзу тирвор худро ба тарафи ӯ зад, ба сараш муште фаровард, ки дар ҷояш чанд печ тоб хӯрд, автоматаш аз дасташ парид, ба дасти Барзу омад он, тир холӣ шуд ба сари силоҳдор. Аз автобус ба берун кашид ҷасади ӯро Барзу, пеш-пеши по карда, ба даруни ҷӯи канори роҳ телааш дод. Ҳама ба ҳодисае, ки дар чанд лаҳза пеши назарҳо рух медод, сарфаҳм намерафтанд.

– Офарин, сад аҳсан ба бачаи бобои Абдукарими сангрезӣ, ҳазорҳо раҳмат бо фарзанди тарбияткарда, ба воя расондааш.

– Вай паҳлавон аст, дар гӯштин ҳамаро мезанад, гӯштинашро дидем, – сифатҳои неки вайро ба забон меовардand. Гӯё ба туфайли Барзу қиёмате, ки ба сари онҳо омада буд, барҳам хӯрд, шаби сиёҳашон ба рӯз расид. Ҳама ба рӯи мурдаи силоҳдор бо нафрати зиёд сангу кулӯх мепартофтанд, ба рӯяш туф мекарданд, дилашон хунук нашуда, сари мурда истода чи дашному суханҳои қабеҳе ба забон меовардand. Оқибат мусофирон як-як дохили автобус мешуданд. Ҷасади ҷавонеро, ки ҳанӯз дар миёнҷои роҳрав мехобид, боэҳтиёт ва сӯзу гудоз бардошта болои нишастгоҳҳо хобонданд.

– Писари Олимхони сафедобӣ аст, ҷавони боодоб, беозор буд, ба касе кор надошт, ҳайф шуд, сад ҳайф, – ва боз мегуфтанд, – ана бинед, лаҳзае нагузашта Худованд ба сари одамкуш чи балое оварد. Мавқуф ба охират нагузошт, худаш кушта шуд, силоҳаш бесоҳиб монд.

Автобус рӯ ба деҳаҳои таги кӯҳ мерафт. Ҳар кадоми мусофиронро ҳолате, мурда мебурданд, мурдаи дигаре дар даруни ҷӯй, пулҳои мардум аз сараш монд, автомату пулҳо дар дасти Барзу. Мардум пулҳояшонро аз дасти вай бояд бигиранд.

Мӯйсафеде, ки салааш болои абрувон хамида буд, аз нишастгоҳ бархост,

– Барзу, бачам, – боз такрор намуд ва афзуд: – Аҷаб коре кардӣ, ҳамаамона аз марг раҳондӣ, зӯр будаӣ, Худо ба ту қувват диҳад, ҳар чи пулакомона аз бағалаш гирифтӣ, насибаш накард, барака ёбӣ, бачам, пуломона те, дар ҳаққат дуо мекунем, ҳа, бачам, пуломона те, – боз такрор кард мӯйсафед.

– Чӣ хел пул, амакӣ? – чеҳраи Барзу ғазаболуд гашт.

– Пулҳои худамона.

– Ҳеҷ гуна пул мул нест. Шукр гӯед, ки зинда мондед.

– Бачам, шӯхӣ накун.

– Ман аз кадоми шумоҳо пул гирифтам? – ҷавоби Барзу ҳамаро дар ҳайрат гузошт. Наход ин одам пулҳои онҳоро намедиҳад? Дар автобус ғалоғула хест, чанд нафар аз ҷой бархостанд:

– Барзу, шӯхӣ накун, те пуламона.

– Намедиҳам.

– Медиҳӣ, – мусофирон ба сараш хестанд, тарафаш омаданд. Аз гиребонаш гирифтанӣ буданд, Барзу автомат дар даст аз ҷой бархост:

– Ба Худо агар пеш биёед, мепаронам. Шумо зӯрҳои майдонғариб, чӣ ҳол доштед, дар ҷойҳотон тар карда шишта будед. Ман вайро задам, ман вайро куштам, пулҳоро аз вай гирифтам, аз шумоҳо не. Як тин намедиҳам, ман ҳам паронда метавонам, – ба сари ҳама доду фарёд бардошт, дашном дод онҳоро. Онҳое, ки ба сараш меомаданд, ақиб рафтанд. Ҳама хомӯш, сукут доштанд, аз теғи нигоҳи ғазаболуди Барзу, чи хеле, ки аз он силоҳбадаст тарсида буданд, меҳаросиданд. Ҳис карданд, ки фарзанди бобои Абдукарими сангрезӣ, ки андаке пеш дуои ҷонашро карда буданд, шӯхӣ намекунад, вай низ аз он силоҳбадаст фарқе надошта. Ҳама хомӯшона, ба тақдир тан доданд.

– Тарсидӣ? – пурсон шуд Барзу аз духтар, ки дар рӯяш хун намонда, ҳанӯз аз тарс банди дилаш меларзид.

– Раҳмат ба шумо, маро халос кардед, ба ман умри дубора додед, шуморо ака мехонам.

– Ин тавр нагӯед, асло ин хел нагӯед. Ман шуморо дӯст доштам, ба маргам бозӣ кардам, барои шумо вая куштам, барои шумо!

– Медонам, ака, ҳазор раҳмат, ака.

– Гуфтам-ку, ака нагӯед, малол мешавам, қаҳрам меояд. Ман аз шумо дигар чи мехоҳам, шумо акнун аз они худам, ҳа, ҳамин тавр… Ба ёд биоред, дар деҳаи худатон духтари магазинчӣ дар об ғарқ шуда буд, ҷавони ношиносе ҷонашро ба хатар монда, вайро аз дарё бароварда, халос кард. Баъд дидед-ку падару модараш поку пиҳил духтарашонро ба ӯ бахшиданд, дар коса об монда ба вай никоҳ карда доданд. Магар ҳамин тавр нашуда буд?

– Ҳамин тавр шуда буд.

– Ба падару модаратон гӯед, ё худам пеши онҳо равам?

– Ҳоло, ака, ман ҳичи гуфта наметавонам, бовар кунед, ба худ нестам.

– Боз ака гуфтед? Гуфтам – ку нагӯед, ака нагӯед, – қаҳри Барзу омада буд.

– Хуб шудааст, дигар ака намегӯям. Шуморо малол намекунам, ака намегӯям, – такрор кард духтар.

– Ана акнун ба дили худам гап задед, хурд нестед. Ҳама чиро медонед. Чӣ ном доред?

– Осиямоҳ.

– Номи нағз, чандсола шудед?

– Ба бист даромадам, таваллудам соли 1973.

– Дар куҷо мехонед?

– Дар донишгоҳи омӯзгорӣ.

– Муаллима мешавед?

– Худо хоҳад.

– Нағз, Осиямоҳи ҷон, имрӯз 25-уми моҳи сентябри соли 1992, рӯзи таърихӣ, рӯзи кушоиши бахти мо, рӯзи шум ҳам буд, фаромӯшношуданӣ.

– Аз куҷо имрӯз аз хотири ман фаромӯш мешавад? Як умр агар ба хотир биёрам, аз тарс ҷон аз танам мебарояд, хайрият шумо будед.

– Барои ҳамин ҳам ман шуморо талабгор ҳастам, дар курси чандум мехонед?

– Дар курси сеюм.

– Иҷозат медиҳам, хонед.

– Ана деҳаи шумо наздик шуд, хайр гӯям майлаш?

– Ман намефуроям.

– Барои чӣ?

– Ман шуморо то деҳаатон гусел мекунам, бонӣ мекунам.

Барзу дар айни талош ва гуфтугӯ бо Осиямоҳ буд, ки мошин кӯталро аҷиб монда ба роҳи як деҳаи рӯ ба рӯ даромаду баногоҳ муҳаррикаш аз ҳаракат бозмонд. Ронанда ҳар қадаре калидро тоб медод, натиҷа намедод.

– Чӣ гап, бародар, мошин вайрон шуд? – мусофирон аз ронанда беист мепурсиданд.

– Намедонам, техника аст, ягон гап шуд. – Ронанда аз пурсишу талабҳо ранҷида, аз автобус поён шуд, сарпӯши болои моторро бардошт. Мусофирон бетоқат шуда ба сари роҳ баромаданд. Чанд мошини сабукрав дар роҳ пайдо шуд, ба деҳаи Болооб мерафтаанд, мошинҳои шиносу ошно, наздикони мусофирон.

Дар даруни автобус се – чор нафар мӯйсафедон монданд, ки болои

сари ҷавони шаҳид меистоданд. Ва Барзую Осиямоҳ ҳанӯз паҳлӯи ҳам дар гуфтугӯ буданд. Ҳарчанд Осиямоҳ ҳамроҳи ҳамдеҳагон рафтанӣ буд, вале Барзу намегузошт. Таъмири мошин қариб як-ду соат давом ёфт. Ниҳоят онро ронанда ба роҳ даровард. Вақте аз миёни деҳаи Барзушон мошин мегузашт, Осиямоҳ ба хотираш овард, ки бояд ӯ фурояд.

– Не, Осиямоҳи ҷон, ман намефуроям, шуморо то хонаатон мебарам, соқу саломат ба падару модаратон месупорам, баъд хоҳиш мекунам, ки духтарашонро ба ман бахшанд, охир ман ба вай ҷони дубора додам, одам куштам, вай аз они худам.

– Ин тавр нагӯед, – шилқинии Барзу ба дили Осиямоҳ сиёҳӣ оварда буд. Ба гуфтае аз борон гурехта, ба таги новадон монд. Гапҳои нофорами ӯро рад карда натавонист. Ҷонашро ба хатар монд, Осиямоҳ гуфт. Рост, ки одам кушт. Осиямоҳро аз чанголи он деви одамхӯр раҳонд. Дар ҷавоби ин ҷонфидоии Барзу ӯ чи гуфтану чи гуна хизмат ба ҷо оварданашро намедонист, наздаш лол монда буд. Чи рӯзе ба сари вай омада. Зиндагиаш ширину осуда буд, бо орзуҳо мезист.

– Беҳтараш шумо ба хонаи мо наравед, ҳамаашро худам ба падару модарам мегӯям. Онҳо маро ба як хешовандашон доданианд, худам ба онҳо мефаҳмонам.

– Барои шумо, Осиямоҳ, хун мерезонам. Шумо акнун аз они худам ҳастед. Ё нодуруст мегӯям?

Осиямоҳ ҷавоб нагардонд. Дар умраш дар масъалаҳои хонадорӣ ба ин тариқ бо касе дар гуфтугӯ нашуда буд, фикр ҳам намекард, ки ба шавҳар мебарояд ё на. Аммо ҳоло ин одам аз ӯ талаб дорад, «туро мегирам», мегӯяд, хонданаш лозим, «маълумотнок мешавам» гуфта, аз хонаашон баромада буд.

Автобус ба деҳаи Болооб расид, дар истгоҳи назди мағоза истод. Барзу ба бағали ронанда як қабза пул партофт, гуфт, ки интизор шавад.

Роҳи Барзу ва Осиямоҳ аз миёни боғу ангурзор, таг-таги дарахтон ба ҷониби хонаи онҳо шуда буд. Ҳар ду хомӯшона пай мечиданд. Осиямоҳро хаёли гап задан набуд, боз дар ҳамон андеша, ки чи рӯзи нохуше барояш пеш омад, фалокат аз таги по хест. Ин одам ӯро гирифтанӣ, бе ишқу муҳаббат ва бе ягон гуфтугӯ. «Бар ивази некиам туро мегирам», мегӯяд. Одамсавдо. Пул гӯяд, мошин гӯяд, садқаи сараш, доранд, падараш медиҳад. Қарздор намемонад. Баростӣ ки ин қадар одами хуб набудааст. Агар хуб мебуд, пули одамонро гирифта, ба сарашон силоҳ намебардошт. Бо вай ӯ чӣ гуна мезиҳад? Номашро чӣ гуфт? Барзу? Номи ӯро шунидааст. Дар як тӯй, дар деҳаашон дар гӯштин қариб ҳамаи бачаҳои болообиро ғалтонда будааст, духтарон дар мактаб таърифаш карданд, инчунин гуфтанд, ки ҷавони зебо. Ана

ҳамон ҷавон дар назди ӯ, берӯ, беодоб, Осиямоҳро мегирам гуфта аз пасаш кашола. Гирумаш ҳамроҳаш, хонаашон равон аст. Ин хел нашуда буд, ҳаргиз, ҳаргиз. Аз канори девори гаштаи боғ, ки аз паси он оби ҷӯйча шилдиросзанон ҷорӣ буд, гузаштанд, ба роҳи хонаи Осиямоҳшон, ки аз ҳамаи хонаҳои аҳли деҳ баланд, гаҷкорӣ ва хело боҳашамат аст, даромаданд. Ба Худо шукргузор буд, ки падараш одами дорою бадавлати деҳа, як анбори пур аз меваҳои хушк, гандуму ҷав, биринҷу равған, боз ҳазор гуна маҳсулоти дигар дар ихтиёраш. Ҳама хушу осуда зиндагӣ доранд, падарро умеди зиёд аз фарзандон, аз Осиямоҳ, духтараш донишгоҳро тамом карда мактаби деҳаро ихтиёрдор мешавад. Агар ӯ зинда бошад, ба ин орзуяш мерасад.

Наздиктари дарвозаи дутабақаи калони кандакорӣ мерафтанд. Ҳар ду табақаи он ба пушт кушода, қандилҳои сақфи дарвозахона то дуриҳо равшанӣ медоданд, равшанӣ ба пеши роҳ, ба чашму рӯи Осиямоҳу Барзу афтода. Падар дар тан ҷома ва амакҳояш ҳам ҳамин ҷо, онҳо чашм ба роҳи Осиямоҳ.

– Осиямоҳ? – овози падар баланд шуд.

– Лаббай, дада, – бо садои гиряолуд ҷавоб гардонд.

– Омадӣ? Духтари додош, омадӣ?

– Ҳа, дада, – Осиямоҳ баландтар гирист.

Модараш ҳам дар сар ҳамон рӯймоли пашмини сиёҳи гулдор, ки онро гирди фук печонда буд: – Осиямоҳ, ҷон духтаракам, Осия, чӣ бало бар сари ту омад, духтарам!? Боз рӯям ба рӯи ту мезадааст, ман ба ту бимирам, духтарам, – модар навҳакунон пеш омад. Осиямоҳ фиғон кашида худро ба канори модар партофт.

– Оча, ҷон очаҷон, – аламҳояш тоза шуда мегирист.

Ба падару модар, ба кулли аҳли деҳа хабари нохуш кайҳо расида. Волидайни Осиямоҳ огоҳ гашта. Модару духтар гириста-гириста андаке дилҳоро холӣ карда аз оғӯши ҳамдигар ҷудо шуданд. Модар сар боло кард, Барзуро дид, ки автомат дар китф назар ба онҳо дошт.

– Ин кас кӣ, Осиямоҳ?

– Барзу, барои ман қарибе нобуд шуданд.

– Барзу ҳамин кас? Одамон гуфтанд, – модар овозаашро шунида будааст.

– Биё, бачам, бар падарат ҳазор раҳмат, ту духтарамро аз дасти вай раҳондӣ. Додои Осиямоҳ! – шавҳрашро нидо кард.

– Чӣ мегӯӣ, очаш?

– Барзуро дидӣ? Ана вай, чаро наздаш намеоӣ? Ҳамин ҳоло дар суроғаш будӣ, «аспи бозину афзол, мошин медиҳам» гуфта будӣ. Биё, пешаш биё, салом кун, фарзандам гӯй, – модар таъкид дошт падари Осиямоҳро.

– Бачам, Барзу, ҷавонмардӣ нишон додӣ, мардум гуфтанд. Вай

лаънатиро медонем, мардумро ба ҷонашон расондааст. Вай якта нест, акаю додарош бисёранд, ҳамаашон бачаҳои Саидхони чӯпон. – падари Осиямоҳ даст ба китфи Барзу гузошт. – Аҷаб хизмате кардӣ, бачам, – гуфта давом менамуд падари Осиямоҳ ба суханаш. – Саркардаи бачаҳоша куштӣ, як мо не, тамоми мардум туро дуои хайр мекунанд, – падари Осиямоҳ аз дасти Барзу дошта, вайро назди як мошини сиёҳи напа нави «Крайслер» оварда, дари онро кушод. – Ба Худо, бачам, ҳамин ҳафта аз магазин харидам, ҳоли савор нашудаам. – Занак, ҳой занак, очаи Осиямоҳ, – завҷаашро ҷеғ зад ва афзуд: – Калиди мошинро биёр! – Лаҳзае нагузашта очаи Осиямоҳ хурсандона калидро оварда,

– Ана, мардак, гиред. Хуб мекунед, ҳоло ҳам ин кам, як умр дуои неки ҷони Барзуро мекунем, – гуфта шодона калидро ба шавҳар дод.

– Марҳамат, – падари Осиямоҳ, калидро, ки дар равшании чароғ ҷило медод, ба Барзу дароз кард.

– Раҳмат, амак, ҳазор раҳмат, лекин ман мошин намегирам, – даст ба тарафи калид набурд Барзу.

– Мошина намегирӣ? О ин пули камутум нест, ҳисобашро дар назди мардум намегӯям, – падари Осиямоҳ ҳадяашро кам пиндошта, як бастаи доллярро аз ҷайб баровард. – Хело пул аст, бачам, ба болои мошин. Розӣ шав, – гуфт.

– Мошину пул намегирам, аз шумо, амак.

– Чӣ мехоҳӣ, бачам? Ту хизмат кардӣ, фарзандмона аз марг раҳондӣ, Осиямоҳи мо ҷони дубора ёфт. Не нагӯй, бачам, ҳаққатро гир. Мо боз дар хизмат мешавем. Падаратро медонам, наздаш меравам, гӯсфанд мебарам, раҳмат мегӯям.

– Ман, амак, пулу мол намегирам, – такрор намуд Барзу.

– Чӣ мегирӣ, бачам? Гуфтам-ку, кам хизмат накардӣ, чашмат сер аст аз афташ, ҳазорҳо раҳмат бар падарат, ба ҳамин фарзанди тарбият кардааш, – ва ӯ боз мегуфт: – Гир, бачам, шарм надор, гир.

– Ман, амак, як чӣ мегӯям.

– Гӯй, бачам.

– Осиямоҳро мегирам, – ин хабар мисли оби сарде аз сар то қадами падару модари Осиямоҳ шорид, ҳолашон намонд. Латаашон ба об зад. «Ана ин одам чӣ мехостааст? Осиямоҳро мехостааст. Гапи беҳуда. На, на, Осиямоҳ соҳиб дорад, амакҳояш ҳастанд, хешовандон нангу номус доранд, ақлашонро нахӯрдаанд, гапи намешуданӣ. Одамони деҳаи Болооб кай ба сангрезиҳо духтар додаю духтар гирифта? Душманиашон куҳна, дар ягон аср қудою андагӣ накардаанд. Омада-омада ин рӯз аҳли оилаи онҳо ин таомулро вайрон кунад? Аз деҳа ронда, кӯҳрии паси маърака мешаванд. Об намеёбанд, ки рӯй шӯянд. Ин деҳаҳо аз омадшуди дунё носозанд»

* * *

Болооб дар майдони васеъи таги кӯҳ ҷойгир, сабзаю себаргазор, дарахтзор. Аз миёни ҳар ҳавлӣ чӯйчаҳои оби софу широсо ҷорӣ. Чашмаю шаршараҳо беҳисоб, оби онҳо аз танаи кӯҳ шорида ба деҳа меояд. Ҳама соҳиби ҳавлиҳои калон, майдонҳои кишт, токзорони серҳосил, ҳамааш аз туфайли оби фаровон. Об барояшон азиз, қимат, ҷонашону об, намегузоранд ба деҳаи Сангрез ҷорӣ шавад, пеши обро чимбандӣ мекунанд. «Об аз они мо, обро ба мо Худо додааст, соҳиби об моем», мегӯянд ва аз он ки Худо ба эшон оби фаровон лоиқ дидааст ва манзилашон дар чунин ҷои серобу хушбоду ҳаво ҷой ёфтааст, ифтихор доранд ва аз падару бобоён, аз пушт ба пушти гузаштагон миннатдоранд, ки дар вақташ, дар кадом аср чунин мавзеъро ҷои зист қарор додаанд. Дар ҳаққи арвоҳони гузашта дар масҷиду намозгузориҳояшон фотиҳа мехонанд, бо некӣ ёдовар мешаванд онҳоро. Боз ва боз «об аз они мо» мегӯянд. Ба сангрезиҳо об намедиҳанд, ба ҷанг мехезанд, гиребонгирӣ мекунанд, бо онҳо хундор шудаанд. Кадом давре сангрезиҳо оби нӯшиданӣ ҳам наёфтаанд. Якҷоя белу каланд гирифта, ба сари об омадаанд. Ҳама беибо, рӯинатан. Дар сари об касе аз болообиҳоро дидаанд, задаанд, чанд нафарро маҷрӯҳу мубтало кардаанд, куштаанд.

Ана аз ҳамон замон, баъди ҳамон воқеа, болообиҳо ба мардуми Сангрез хундор. Ба болои ин дар ҳамин солҳои наздик воқеаи дигаре сар зада. Ду бачаи мактабхони деҳаи Болооб шабона ба боғоти сангрезиҳо ангурдуздӣ даромада. Чанд сар ангур канда ё наканда, ки соҳиби боғ хабардор шудааст. Бачаҳо роҳгум зада, тарафи ҷари баланд давидаанд. Кӣ медонад ҳамин хел шуда ё нашуда, вале мурдаи ҳар ду бачаро пагоҳӣ дар таги ҷар ёфтаанд. Баъди ин ҳодиса одамон аз деҳаҳои якдигар гузашта наметавонистаанд. Касе набуда, ки онҳоро насиҳат кунад, ба сулҳу салоҳ биорад ва насиҳат ҳам ба гӯшҳо намедаромада.

Имомхатиби масҷиди деҳаи Болооб боре ҳамин кӯшишро карда. Аммо аз дасти қавмҳояш саломат намонда, ӯро задаанд, дигар аз пушташ намоз нагузоштаанд. Ҳамин хел воқеа дар рӯзҳои нооромии Тоҷикистон, ҷанҷолҳои байниҳамдигарӣ ба сари раиси маҳаллаи деҳаи Сангрез низ омада. «Хоин, одами дурӯя» гуфта, ӯро аз як маърака рондаанд.

Бо ҳамин фикру хаёлҳо дилу ботини падари Осиямоҳ оташ гирифта, пас аз хомӯшии зиёд боз ба Барзу фаҳмондан хост.

– Бачам, муносибатҳои байни мардуми Болообу Сангрезро намедонӣ? – боз давом намуд падари Осиямоҳ: – Кай байни деҳаҳои мо духтар додаанду духтар гирифтанд? Бачаҳои Болооб одамкушӣ

мекунанд, гандаанд. Ба худат ҷанҷол нахар. Гуфтам – ку ба ту пул медиҳам, мошин медиҳам.

– Пулу мошинатон лозим не, амак, намегирам баъд маро аз бачаҳои Болооб натарсонед. Онҳо кианд? Аз мо гурехта мегарданд, як худам ҳамаашонро борам. – Барзу роҳакӣ шуд.

– Нарав, нарав, бачам, хуб намешавад, диламон сиёҳ мешавад, – падару модари Осиямоҳ бар ивази некии Барзу қарздор мондан намехостанд.

– Ман меравам, – Барзу аз онҳо дуртар мешуд.

– Осиямоҳ, духтарам, худат чӣ мегӯӣ? – пурсон шуданд волидайн аз духтарашон. – Гап зан.

Дар ин лаҳзаҳо Осиямоҳ худро дар автобус тасаввур менамуд. Он силоҳдори одамхӯр ба сари ӯ омада. Чашми умед ба кӣ бандад? Намедонист, ҳама, пиру ҷавон, дар ҳарос, ноилоҷ, нотавон. Деви одамхӯр бо чашмони оташбор, автомат дар даст болои сари ӯ истода. Ку марде, ки аз ҷонаш гузараду ба Осиямоҳ ёрӣ диҳад? Ку одаме, ки сарпанҷаи ӯ равад? Овози пурдаҳшат ба сари Осиямоҳи ба тарсу ҳаросафтода баланд. Аз дасташ кашид, аз ҷояш ӯро хезонд, вақаб, боз вақабе монда, ки ӯро аз дари автобус барорад. Ҳамин ҳангом ба мисле ки олам дар як они воҳид пеши назараш тагурӯ гашт. Барзу аз ҷой хест, силоҳдор аз пой афтод ва садои тир…

– Ба хотири ту, Осиямоҳ, одам куштам, – гуфт Барзу.

Ана ҳамин ҳолат рух додаю Барзу ҳоло аз хонаи онҳо ду даст дар бинӣ, малол шуда меравад. На, ин хел намешавад. Падару модар ҳоли Осиямоҳро дар он лаҳзаҳои пурдаҳшати ба сараш омада тасаввур карда наметавонанд. Агар Барзу намешуд, ҳоло Осиямоҳ дар хонаашон, дар назди падару модар намебуд.

– Мепурсед, дада, ки ман чӣ мегӯям? Гапи шуморо намегӯям, Барзуро наранҷонед, Барзу! Барзу!! – Осиямоҳ аз паси Барзу, ки дар дуриҳо сояш менамуд, давид. – Барзу, Барзу! Барзу!! – овози Осиямоҳ, аз паси ӯ боз ва боз баландтар мешуд, аз паси Барзу медавид, моҳи тамом миёни осмон омада, замину замонро равшан карда буд…

* * *

Ними шаб буд, ки гурӯҳи силоҳдорон ба ҳавлӣ даромаданд. Доду фиғони модари Барзу ва Осиямоҳ ба фалак печид. Ҳамсояҳо шуниданд. Вале ку ҷуръате, ки дар он лаҳзаҳо касе ба кӯмак биояд. Силоҳдорон чун гургон аз як хона ба хонаи дигар медавиданд, саросема, ҳаросон буданд. Чизеро ки медиданду ба назарашон ширин метофт, мебардоштанд, сандуқу сандуқчаҳоро кушода ки наметавонистанд, зада мешикастанд. Хонаҳоро талаву тороҷ мекарданд, то

мехҳои танаи деворҳоро канданд. Гилему палос, қолину чойнику пиёлаҳоро ба мошин бор мекарданд, як даводаву тоз-тозе. Осиямоҳу модари Барзу розӣ буданд, ки дар бисоташон чизе нагузоранд, баранд ва танҳо ба Осиямоҳ, арӯси Барзу кордор нашаванд, номбад накунанд. Ҳатто ин духтар бо гиряву нола, бо илтиҷо ангуштарин, гӯшвораҳои тиллои аз хонаи падар овардаашро пеши ғоратгарон гузошт.

– Ту зани Барзуӣ? – бо як овоз ҳамаашон аз ӯ мепурсиданд.

– Ҳа, акаҳо.

– Осиямоҳ? – пурсид ниқобпӯше. Барои Осиямоҳ овоз шинос тофт, ба хаёлаш, ки ӯ аз Болооб буд.

Ба Осиямоҳ раҳм накарданд. Осиямоҳро аз назди хушдоман ба даруни хона кашиданд. Хушдоманаш фиғон кашид, пеши пои силоҳдорон афтод, нолид, гирист, илтиҷо дошт, ки ба келини ӯ, нангу номуси Барзуи вай, даст нарасонанд, ҳаёт, зиндагии ӯро насӯзанд, раҳм, инсоф кунанд, инсоф. Лек ба додаш нарасиданд.

– Ту модари Барзуӣ?

– Ҳа, бачам, ман модари Барзу.

Дар ҷавоб бо қундоқи автомат ба сараш заданд, бераҳмона ӯро мезаданд. Ғарқоби хун шуд, аз ҳуш рафт, баъд нафаҳмид, ки чи воқеаҳо рух дод. Ва танҳо ҳангоме ҳушаш ба сар зад, чашм кушод, ба гирду атроф нигарист, ки дар ҳавлӣ касе намонда, силоҳдорон гуму гӯр шуда. Модар мурдаашро ба ҷониби хонаи келин кашид, дарро кушод.

Дар ҳоле дид ӯро, ки чашми бинанда набинад. Худо нишон надиҳад, луб-лучи модарзод буд Осиямоҳ. Тану бадан сиёҳу кабуд, либосҳояш пора-пора рӯи хона партофта шуда. Сараш урён, рӯймолаш таги по, мӯйҳои шабгун чун бахти сиёҳаш, пеши рӯ парешон, сарашро аз миёни зонувон бардошта наметавонист. Гиристагириста хун аз дида мекард.

– Келин, келинҷон! – бо меҳрубонӣ гап андохт пиразан.

Ҷавоб нашунид.

– Келин, – боз ҳамгап шудан хост пиразан бо Осиямоҳ.

– Хола, дигар маро келин нагӯед, – шунид овози духтарро ӯ. – Бароед, равед, хола, – сар набардошта талаб кард аз модаршӯяш Осиямоҳ. Пиразан ноилоҷ монд. Осиямоҳ аз ҷой бархоста, дарро аз паси ӯ ба рӯяш баст, қулф андохт.

Офтоб баромад. Осиямоҳ аз хона берун намеомад. Баъд тирезаҳои хонаро дуд гирифт, аз сӯрохиҳои дару деворҳо дуд мебаромад. Ҳамсояҳо, ки ҳанӯз тарсу ҳароси шабона аз дилашон нарафта буд, барои аҳволпурсӣ меомаданд. Онҳо дару тирезаҳоро шикастанд. Осиямоҳ кӯрпаҳоро дар карасин тар карда, чодари арӯсиашро ба рӯ кашида, худро оташ зада будааст.

* * *

Роҳи бо силоҳдорон пайвастани Барзу аз ҳамон рӯзе сар шуд, ки дар автобус бо Осиямоҳ вохӯрд, фарзанди калони Саидхони чӯпонро кушт, соҳиби пул ва автомат гашт. Бисёр хурсанд буд, ки Худо ғами ӯро хӯрд. Пулдор шуд, автоматдор шуд. Аз пул ҳам барояш автомат азиз, ҷону дилаш он, дар орзуяш буд, шабҳо хоб медид. Акнун он дури барояш ноёб дар дасташ, ба дидагонаш мемолид, бо он гап мезад. Яқин, ки акнун соҳиби ҳама чи мешавад. Вай як одами ба қарзу қавола ғӯтидагӣ, аз сагу мурғ қарздор. Падараш ғурбат мекунад, ки Барзу танашро ба кор намедиҳад. Ғалат аст фикри ӯ, кор мекунад, маош мегирад. Вале барои худаш либос намегирад, бо шиками гурусна мегардаду пулҳояшро сарфи дигар ҷо мекунад. Худаш медонад ҷои хароҷот шудани пулҳояшро. Намерасонад, доим чашмаш ба пул чор, роҳ мечӯяд, ки пул ёбад, пул гирад, ҳолаш қарз гирифтан. Шукри шиносу ошноҳои падар. Беҳисобанд, назди кадоми онҳо, ки раваду аз номи ӯ қарз хоҳад, медиҳанд. Баъд он тарафаш кори падарашу қарзхоҳон, сари роҳи ӯро мегиранд, нафақаи мегирифтаи падар баҳри қарзҳои Барзу. Силу зардоб шудааст, ба касал задааст. Аз ёру ҷӯра, чашмдидагиҳои худаш, ҳатто аз холаи кампири Зарафо, ки мурғҳояшро фурӯхта буд, Барзу қарздор аст.

Ҳамон бегоҳие, ки автомат дар китф, ба ҳавлиашон даромад, аз ҳама аввал бо падар вохӯрд.

– Дада, салом! – Аз хурсандӣ ба рақс омадан мехост.

– Ҳа, чӣ гап? – хурсандии Барзу ва автомати сари китфи вайро дида падар дар тааҷҷуб монд.

– Пул ёфтам, автомат ёфтам, – гуфт.

– Фаҳмидам, одам куштӣ, пулҳои одамонро гирифтӣ. Дар масҷид гуфтанд, пеши мардум ба маргам розӣ шудам, сар бардошта натавонистам.

– Парво накунед, дада, дигар ман шуморо ғам намедиҳам, пул намепурсам. Соҳиби ҳама чӣ мешавем. Дигар қарзхоҳҳо дари хонаамонро намегиранд, шуморо ҳам ғам наметеянд, касе, ки қарз гуфта биёяд, мепаронам.

– Оҳ, бачам, оҳ, Худо занад туя, бачам. Наход ҳамин хел фарзанд тарбият кардам, Худованд ҳамин туя ҳам ба ман лоиқ намедид, сари бефарзандам мегуфтам, номбадӣ… Ту мана гӯӣ ин хел накун, пулҳои одамоя бурда те, ин автоматро ҳам гуму гӯр кун. Гапма гир.

– Наметавонам, дада, агар аз силоҳ монам, бачаҳои Саидхони чӯпон маро мекушанд, ба сарам меоянд, ғамамро хӯрданам лозим, план дорам. Ман ҳам акнун ба майдон медароям, чору панҷа ҷамъ карда гурӯҳ мешавем. Худаму шумоя, деҳая соҳиб мешавам, фарзанди бобои Абдукарим буданамро нишон медиҳам.

– Хонаатро месӯзам гӯй…

– Ин хел нагӯед, дада. Ҳоло ҳамин хел замон шудааст, бинед силоҳдорҳо чӣ корҳо карда истодаанд…Мардум таҳти фармонашон, қасру кушкҳо доранд, зиндагиашон шоҳона.

– Ин хел кор накун ту. Ту бачаи манӣ, ё не?

– Бачаи шумо ҳастам, дада, – дигар бо падар гап назада Барзу модарашро ҷуст… Баъд ӯ бо пулҳояш силоҳ харид, назди подабонҳои фермаи колхоз, ки гову молҳо ғорат шуда, бекор монда буданд, рафт, гурӯҳ ташкил кард. Бо як-ду силоҳи доштаашон хона – ба хона шуданд. Одамони якчӣ-нимчӣ доштаро медонистанд. Пулҳояшон афзуд, боз силоҳ гирифтанд, тақсим карданд. Силоҳдорҳояш акнун беҳисобанд. Ҳамин тариқ кушоиши кор ҳамон як автомати ба даст овардааш шуд. Ҳама чи ёфтанд, бақувват, тавоно шуданд. Барзу қумандон, овозадор. Аз сиёсаташ ҳама дар ҳарос, номашро шунидагӣ одам дар ҷояш шах мешавад. Силоҳбадастонаш ба вай вафодор, баҳри ӯ аз мурдан намегаштагӣ. Вале ба ҷуз як нафар – оне, ки як қумандони боobрӯяш аст. Ӯ махсуми Ҷонмаҳмад. Агар мардона иқрор шавад, аз вай ба Барзу фоида зиёд шуда. Аз рӯзе ӯро ба паҳлӯяш гирифт, вазъ дигар шуд. Пешравӣ, фатҳу нусрат насибаш гаштан гирифт. Чи хеле гӯянд, Барзуро ҳамин одам Барзу кард. Таҷрибаи ҷангӣ дорад. Дар Афғонистон хизмат кардааст, рутбааш полковник, дар илми ҷанг як бало. Ба кадом роҳу равише ӯ нишон дод, фоида овард. Даста-даста силоҳдорони душман дар ғафлат монданд. Баъд Ҷонмаҳмадро гуфта бештари мардум ба ихтиёри Барзу шуда, дар паҳлӯи ӯ истода. Ҳамин хелу ин одам вақтҳои охир ақлашро хӯрда. Дар ҷанг одами раҳмдил, дилсӯз чӣ лозим? Зарар мешавад аз ӯ.

Ба Барзу аз чандин амалҳои беақлонаи махсуми Ҷонмаҳмад хабар расонданд.

Аз роҳи деҳаи Ёсуман гузашта борҳо дидааст, ки пиразане косача дар даст аз миёни киштзорон мушунг мечидааст, мошинашро дошта назди ӯ меравад.

– Оча, – бо меҳрубонӣ вайро садо мекунад.

– Лаббай, ҷони оча, – пирзан силоҳдорро дида косаи мушунг аз дасташ меафтад.

Махсуми Ҷонмаҳмад косаро аз рӯи алафҳо мегирад.

– Шумо чӣ кор мекунед, оча? – пурсон мешавад ӯ.

– Аз рӯзи ногузаро мушунг мечинам, бачам, – баъд ӯ мефаҳмонад, ки силоҳбадастон шавҳар ва бачаи яккаю ягонаашро бурдаанд. Ӯ давом мекунад, дар хона гарди орде надошта, ки рӯи об занад. Ӯ боз таъкид кардааст, ки аз рӯзи ногузаро мушунг мечидааст.

Махсуми Ҷонмаҳмад мушунги косаро рӯи алафҳо рехта «бо ман биёед», мегӯяд ба пиразан.

– Чӣ мекунӣ, бачам? Мегӯӣ, ки мушунг начинам? – пиразан мақсади силоҳбадастро нафаҳмида бо ҳарос афзуда: – Биё мегӯӣ мана, куҷо мебарӣ мана?

– Дар мошин шинед, – силоҳбадаст дари мошини бадвоҳимаи сиёҳро кушод.

– Маро набар, бачам, ман ба Худо, гуноҳ надорам. Забонам сӯзад, ки шумоҳоро дуои бад накардаам, аз тақдир дидаам. Касе ба шумоҳо хабар дода бошад, дурӯғ гуфтааст, тӯҳмат задааст.

– Оча, ба мошин дароед, – пиразанро, ки ба тарсу ҳарос афтода будааст, ба мошин хондааст. Аз мағоза ду халта орд гирифта, ӯро ба хонааш, ба деҳаи Ёсуман бурдааст. Халтаҳои ордро дар кулбаи кампир ҷо ба ҷо карда аз ӯ дуо хостааст.

Барзу боз як «беақлию содагӣ»-и махсуми Ҷонмаҳмадро шоҳид шуда.

Дар беморхонаи Сарой баъзе беморон солҳои сол дард мекашиданд. Силкасал, умед ба зинда мондан намонда, рӯзи башумур ҳисоб мекарданд. Онҳоеро, ки ворисҳояшон дигар суроғ намекарда, як ҳоле, мӯҳтоҷ, афтода, чашм ба роҳи касоне буданд, ки баъзан аз барои Худо як чи-ним чи хайр мекардаанд. Махсуми Ҷонмаҳмад ба ҳамсараш фармуда, ки дар як дег гӯшт бирён кунад, нону кулчаю мавиз гирад. Ӯ бо тӯшаю талқон роҳи бемористони Саройро пеш мегирад. Ба беморон тӯшаҳоро тақсим мекунад, ба баъзе мӯйсафеду занҳои муҳтоҷ пул медиҳад. Ва аз кадом як ҳуҷраи беморон садои най ба гӯшаш меояд, садои дилнишин, пуралам. Хеле гӯш медиҳад ба садои най. Баъд дар ҷустуҷӯи найнавоз меафтад. Мегӯянд, ки ӯ як писарак аст, шаш сол боз дар беморхона, аз ҷумлаи бекасу бесоҳибон. Касе суроғаш намекарда. Писарак аз қамиш най сохта ҳар рӯз аз пагоҳӣ дами тиреза нишаста рӯ ба офтобу осмони софу беғубор, ки парандагон пеши назараш бол мекашидаанд, най менавохтааст. Алами дил ба най мегуфтаааст. Махсуми Ҷонмаҳмад писараки найнавозро мебинад, харобаки рангаш заҳир. Дар сараш тоқиҳаки гулдор, он аз модараш нишона, тоқиро модар бо сад орзу баҳри Холмирзоҳакаш дӯхтаю худ сар ба болини марг ниҳода. Падараш низ дар ин ҷангҳои бемаънӣ кушта шуда. Ҳамин тариқ писараки хурдсол бесоҳибу бекас монда. Нола аз дили пуралам мекашидааст, алам ба забони най медодааст.

Ҳамон рӯз махсуми Ҷонмаҳмад дарду алами писаракро аз забони худи ӯ шунида, дилаш сӯхтаю ӯро ба хонааш бурдааст. Чанд ҳафта нигоҳубинаш кардааст ва баъд ба вай сару либоси нав харида, боз ба беморхона овардааст. Минбаъд гоҳ-гоҳе ба хабаргириаш мерафтааст. Барзу дидааст, ки дар бағали Махсуми Ҷонмаҳмад доим дар як халтача қанд. Ба ҳар деҳае равад, кӯдакон тарафаш медавиданд, гирдаш ҷамъ меомаданд. Баъд ӯ аз бағал халтачаашро бароварда ба онҳо қанд

медод. Як ғалоғулае, дасти кӯдакон тарафаш дароз, инаш ки «амакҷон, ба ман» ваяш ки «ба ман! Қанд, қанд» – фарёду фазаҳ. Махсуми Ҷонмаҳмад хандида – хандида қанд тақсим мекард. Чун медид, ки сару рӯи кӯдаке чиркин, биниаш пок накарда, аз дасташ гирифта лаби оби ҷӯй мебурд, сару рӯяшро мешуст, биниашро бо рӯймолча тоза мекард.

– Ана, ҷӯра, гап ин-да, минбаъд дасту рӯятро худат шӯй, шакалод медиҳам, агар бинам, ки рӯта нашустаӣ, қанд намедиҳам, – писарак аз меҳрубонии амаки силоҳдор шод мешуд ва амакаш ба вай боз қанд медод. Барои ҳамин ҳам хурдсолон дар куҷое вайро бинанд, баръакси силоҳдорони дигар, ки ҳама аз онҳо мегурехтанд, тарафаш медавиданд, «бобо, бобоҷон» гуфта, ба лаби доманаш мечаспиданд, ҳамел мешуданд.

* * *

Хабари фоҷиаи ба сари Осиямоҳ омада даҳон ба даҳон, деҳа ба деҳа мерафт. Хабар ба Барзу расид. Ӯ ҳамроҳи гурӯҳи силоҳдоронаш баъди ба ғорат бурдани молу мулки чандин хонавода, ба қатл расондани соҳибони онҳо аз як шаҳраки дур бармегашт. Аз мошин пиёда шуд, миёни роҳ истод, саршро бо кафҳо дошта, бехудона ин сӯ-он сӯ қадам мезад. Силоҳбадастонаш ҳама гирди ӯ ҷамъ, сар боло намекарданд, ба Барзу изҳори тасаллият ҳам карда наметавонистанд, ҳама интизор, ки худи ӯ чи мегӯяд. Ниҳоят ӯ сар боло кард.

– Медонам, ин кори кӣ? – ва боз таъкид кард: – Медонам, кори бачаҳои Сайидхони чӯпон, кори бачаҳои Болооб. Шумоҳо ҳам медонед, бачаҳо? – ба силоҳбадастонаш назар андохт. Ба ҷуз махсуми Ҷонмаҳмад ҳама бо ифодаи тасдиқи суханони қумандони бузургашон сар ҷунбонданд ва гуфтанд:

– Ҳа, медонем, ин кори душман, кори болообиҳо, кори бачаҳои Сайидхони чӯпон.

– Бале, кори онҳо. Шумоҳо чӣ мегӯед?

– Ҳамаашонро қир мекунем, – бо як овоз садо баромад.

– Бо ҳам мешавем, қасам ёд мекунем, кадоме болообию сангисиёҳӣ вохӯрад, мекушем, хоҳ зан бошад, хоҳ мард, хоҳ кӯдак, хоҳ пиракӣ. Мекушем! – фарёд зад бехудона.

– Мекушем, – садоҳои тобеъони ӯ дар миёни дарае, ки аз он мегузаштанд, ғулғула афканд.

– Бачаҳо, як дам, як дам ба ман ҳам гӯш диҳед, – махсуми Ҷонмаҳмад аз қатори силоҳдорон пеш баромад ва давом намуд:

– Мо ин хел намекунем, кӯдаку чудакҳо чӣ гуноҳ доранд, ки онҳоро кушем. Не, ин тавр накунед. Ҳаргиз! Гунаҳкорро ёфтан лозим, гунаҳкорро, – таъкид кард ӯ.

Аз шунидани ин суханони махсуми Ҷонмаҳмад ҳама гӯё шах шуданд, ҳарфу садое шунида намешуд, дар хаёле, ки ҳамин ҳоло таркише пеши назарҳо сар мезанад, ин суханонро касе мегуфт, ки дар назди кулли силоҳдорон камтар аз Барзу обрӯ ва эътибору ҳурмат надошт. Ҳарду ду кӯҳ, мисле ки ҳоло сар ба сар мезаданд. Нигоҳҳо ба Барзу буд. Дар хаёле ки ӯ чи мегӯяд, боз дар ҳоле ки ба сари Барзу қиёмате омада. Даст ба ҷон, ҷону ҷигари вай, ба нангу номуси ӯ задаанд душманон. Дар ҳоли асабоният, дар ҳоли худро гум кардан аст.

– Махсум, махсум, аз ҳад гузарондӣ, дигар нафас набарор, забон накушо, ки тоқатам тоқ шуд, бас кун, дам шав! – Барзу аз ҷаҳл, оташинӣ ба худ меларзид. Махсуми Ҷонмаҳмад ҳам фаҳмид, худдорӣ кард.

Барзу калиди мошинро ба Шарифи Ҷарпар дод. Худаш мошин ҳай карда наметавонист. Таркиш дар миёни силоҳдорон ба амал наомад. Ҳарду ҳам ҷонибдор доштанд. Барзую махсуми Ҷонмаҳмад забон таги дандон монданд.

Мошинҳо паси ҳам аз паси мошини Барзу ба ҳаракат даромаданд. Барзу як худаш дар мошин буду Шарифи Ҷарпар. Хаёли Барзу ба завҷааш, ба Осиямоҳ, ки ба хаёлаш дар ин дунё буду набудаш ҳамин дилдодааш буд. Осиямоҳе, ки як деҳаи калонро бо худ ва хонаводааш душман карду Барзу гуфт. Ба якравию дӯғу пӯписаи болообиҳо, хусусан ҷавонони деҳа нигоҳ накарда, думи Барзуро гирифт. Имрӯз ин олиҳаи дар роҳи садоқат ба вай вафодор худро нобуд сохт. Пок буд, тоқати нопокӣ накарда. «Барзу» гуфту роҳии як роҳ шуд, роҳи аз ин олам чашм пӯшидан.

Ҳоло яке аз онҳое, ки аз ӯ гумонбар аст, дар наздаш. Гӯри худро мекобад, ӯ ҳамин мудири мактаб Мустафост. Офтоб ба паси қуллаи кафанпӯши кӯҳ мегашт, назари Мустафо ҳам ба офтоб, лаҳзаҳои башумори умраш монда.

– Ту, оҳой, аз ту, ҳаромӣ, мепурсам, қоил шав, ҳамон рӯз баҳри чӣ хонаи мо омадӣ, чаро пурсидӣ, ки Барзу шаб меояд ё не? Чаро? Барои чӣ? Ҷавоб деҳ, гуноҳатро ба гардан гир, фаҳм, ки туро бегуноҳ намекушам. Ҳа, гап зан, забон нахой, дер мешавад.

– Ба ҳурмати он Худое, ки маро ҳаст кардааст, бехабарам. Онҳо кианд? Намедонам.

– Бо бачаи Сайидхони чӯпон пичир-пичир кардӣ-ку, – боз ба хотир овард Барзу. – Вай кӣ буд ба ту? Ҷаҳманди занҷонат.

– Зан нагӯ.

– Мегӯй, Хидиралӣ дурӯғ мегӯяд? Вайро намешиносӣ?

– Намешиносам, як пиёла чой бо вай ҳамроҳ нахӯрдаам. Салом дод, саломи бандаи мӯъминро алайк гирифтам.

– Росташро гӯй, мекушам.

– Куш, лекин аз хотир набарор, рӯзе бо ҳамин бел қабри худатро худат меканӣ, дар ҳамин ҷо, дар Дараи Марг, – Мустафо белро бо мақсади ба Барзу нишон додан баланд бардошт. Барзу ақиб рафт.

– Куш, аз ёд набарор, туро хун мегирад. Хуни ман, хуни бегуноҳоне, ки онҳоро ту ин ҷо куштӣ. Домангират мешаванд, осуда намегузорандат, девона, ҷиннӣ мешавӣ, ба Худо ҳамин хел мешавӣ.

Милли автоматро ба синаи Мустафо рост карда Барзу пеш омад.

– Гапҳоятро гуфта шудӣ? Боз гуфтание дорӣ? Бигӯ, боз бигӯ!

– Парон, лаънатӣ…натарсон, парон… – суханони Мустафо дар забон монданд. Садои тирҳо ба дара ғулғулаафкан шуд. Ягон-ягон гунҷишкакони дар кадом як шохи дарахт буда парвоз карданд…

Боз риштаи ҷони яке аз дасти нохалаф дар Дараи Марг канда гашт. Оби равон, ки аз паҳлуи гӯри Мустафо мегузашт, хунолуд шуд. Барзу саросема ба болои Мустафо хок партофт ва белро боз ба ҷояш ба танаи як санги калон рост гузошту дуо кард, то чунин рӯз ба сари худаш наояд. Худо нигаҳ дорад.

Барзу Дараи Маргро нишеб шуд. Ҳар боре ӯ баҳри қатл ин ҷо одам меовард, силоҳбадастонаш дар поён то ба дуриҳо қатор мешуданд, нигаҳбониаш мекарданд. Вале ҳоло чун ӯ дарароро фуромад, танҳо Шарифи Ҷарпар ва чанд нафари дигарро дид, ба тааҷҷуб афтод. Чаро силоҳбадастонаш нестанд? Чӣ гап шуда?

– Бачаҳо куҷоанд? Канишанд?! – аз Шарифи Ҷарпар фаҳмидан хост Барзу.

– Ҳамаро махсуми Ҷонмаҳмад бурд, – гуфт ӯ.

– Куҷо бурд? Чӣ гуфта бурд? Чӣ ҳақ дорад як кас, ки бе иҷозати ман пояшро аз ин ҷо ба он ҷо гузорад? Ҳаминро магар намедонед?

– Медонем, ака, аммо онҳо намедонанд. Ба гапи махсуми Ҷонмаҳмад медароянд, вай худашро аз шумо калон метарошад.

– Дам шав, лаънатӣ, ман аз ту мепурсам, ки вай лаънатӣ чи гуфта бачаҳоро бурд? Магар ҳаминро нагуфт? Ту ҳаминро нафаҳмида г… мехӯрӣ? – Барзу чи тавр баён сохтани оташи қаҳру ғазабашро намедонист, пой ба замин, сар бар санг задан мехост.

– Нафаҳмидӣ ту? Чӣ гуфта бачаҳоро бурд? – Аз ту мепурсам лаънатӣ, гап зан.

– Як амалиёт ҳаст, гуфт.

– Чӣ хел амалиёт, ки бе маслиҳати ман мегузарондаанд? Гап зан, ман девона мешавам.

– Медонед – ку, ака, вай ҳеҷ гоҳ чи гап будану ба чи кор машғул шуданашро намегӯяд. Бачаҳоро ба ҷанг мебараду баъд пай мебаранд, ки махсуми Ҷонмаҳмад онҳоро ба куҷо оварда. Вай, ака, мисли ману шумо содагӣ намекунад.

– Бас кун, фалокат, бас кун! Ман онаи зори ҳамаро барои худсарӣ

дар чашмаш нишон медиҳам, разбор мешавад, мепаронам, – доду фарёди Барзу баландтар шуд.

Шарифи Ҷарпар, чанд нафар силоҳдори дигар бори аввал мединданд, ки Барзу ба чи ҳоле афтода. Сарашро бо ду даст дошта ба ҷояш нишаст, нурҳои офтобро, ки аз пеши рӯ парида ба паси кӯҳ мефуромад, намедид, садои шаршара, ки як-ду қадам дуртар аз ӯ аз танаи кӯҳ ҷорӣ буд, ба гӯшаш намеомад.

Чӣ гап шуда? Силоҳдоронаш аз баҳри Барзу баромада, зери фармони Ҷонмаҳмади лаин даромадаанд? Аз ӯ напурсидаанд, писанд накардаанд. На, ин масъаларо ин тавр намегузорад, ҳамаашонро ҷамъ меорад, чанд нафар ва фалокати Ҷонмаҳмадро сари тир мекунад, ба ҳама сабақ мешавад. Ба замми ин ҳодисаи нохуш, худсарӣ, нописандии силоҳдорони тобеаш шӯру мағали дигаре вайро домангир шуда. Ин ғалоғула дар сараш аз лаҳзае ҷойгир гашт, ки Мустафоро паронду як – ду қадам ниҳод. Вай рост мегуфтааст, ки «рӯҳи ман туро осуда намегузорад, аз ман халос намешавӣ. Ба ин дара нигар, аз дарахтони беҳисоб зиёд мурдаҳо, ҳамаи онҳоро ту куштӣ, онҳо ба забон меоянд, рӯҳҳо ба ту дармеафтанд, пеши назарат меоянд. Бо амри Худованд ҳамин тавр мешавад, бовар кун, ҳамин ҳоло, баъде ки маро мепаронӣ…» Суханҳои Мустафо ба гӯшаш меомаданд. Рост мегуфтаааст.

Ӯ дар сараш ғалоғула андохта: «Ман гуноҳ надорам, онҳоеро, ки хонаатро ғорат карда, даст ба нангу номӯсат задаанд, намедонам. Қасам мехӯрам, Қуръон мебардорам, хунам ба гарданат, кӯр мешавӣ, ҷиннӣ мешавӣ,» гуфтагиаш гуфтагӣ. Эшони Сайидҷалолхон, духтараш Малика, усто Абдумалику фарзандаш, духтари бобои Раҷаб… Ҳама, ҳама аз пеши назараш дур намераванд. Вай арӯси таги чодар, номашро намедонад. Воқеа чунин буд. Бо силоҳдоронаш ба деҳаи Чилмазор расид. Тӯй будааст, тӯи арӯсию домодӣ. Маст буд, беақлӣ кард, ба тӯйхона расида, аз миёни ҳавлӣ ба осмон тир кушод аз автомат. Дигар ҳамаи ҳамроҳони ӯ низ нӯки автоматҳоро ба осмон карданд. Парон-парон. Тӯякиҳо аз тарсу ҳарос ба кадом тарқиш руст шуданашонро намедонистанд. Ларза дар дили арӯсу домод афтод. Ӯ худро ба арӯсхона зад, чодарро, ки аз матои кимхои сурхи ҷигариранг буд, аз девор канд. Аз ҳад зиёд маст, аз худ бехабар буд. Домодро паронд, чи кори нохубе кард. Дар ин мобайн арӯс аз хона гурехта будааст, Барзу аз пайи ӯ шуд, бечора духтарак ҷонҳавли ҷон аз миёни ҷӯякҳои ток мегурехт. Барзу ҳаш-пашкунон аз пасаш. Лаҳзаҳои ба ӯ расам-нарасам расида, даст меандохт, як бор дасташ ба мӯйҳои ӯ, бори дигар ба куртаи атласи вай расид, мисли гурги гурусна буд, дар дил ҳазор орзуе. Ӯ дар орзуе, ки ин арӯсаки таги чодарро ба бағал бигирад, бибӯсаду бибӯсадаш, сахт ба оғӯш кашад, баъд ҷое барад, ки

Барзу бошаду ин гули тозаи очааш набӯсида. Давиданду давиданд, духтарак аз давидан сӯхт, бефара, пошиканак шуд, аммо вай ҳаш-пашкунон «ист-ист, мепаронам», гуфта аз паси ӯ медавид. Илоҷи он бечора намонд, ҳис кард, ки аз ҳол рафтааст, дигар давида наметавонад, ҳамин ҳоло кораш тамом, ба дасти силоҳдор меафтад, аз афташ ба қароре омада, ки худро нобуд созаду дастгираш накунанд. Роҳашро дигар кард, тарафи ҷарии лаби сангоб, ки чанд қадам аз боғ ва аз ӯ дур буд, рӯ ниҳод ва лаҳзае пас на духтар менамуду на суроби ӯ. Худро аз ҷарии бетаг ба поён афканда буд. Баъд, вақте Барзу ба худ омад, ҳушёр шуд, афсӯс хӯрд, ки чи коре кард, аз ӯ хатое гузашт, як шаҳу арӯси ҷавонро ноумед сохт, ҳардуро кушт.

Ҳоло лаҳзаҳое, ки дуртар аз шаршара нишаста, дар ҳоли ногуворе буд, ана ҳамин, арӯси таги чодар, тӯйхона пеши назари ӯ буд, ғавғои куштагонаш ӯро дар сар. Мустафо, оҳ ин Мустафо, аз афташ ӯ вайро рӯз намедиҳад. Рост мегуфтааст, домангираш шудааст, кучо равад? Чӣ кор кунад, ки аз вай халосӣ ёбад. «Бегуноҳам ман, бовар кун, гуноҳ надорам, хунам ба гарданат мешавад, хуни дигар бегуноҳон ҳам, мо туро осуда намегузорем, девона мешавӣ, ҳа, девона мешавӣ», ин садоҳо дар сараш шӯр меангезанд. Чӣ роҳ ёбад, чӣ роҳи халосие, ӯро аз ин рӯҳҳо. Дафъ шаванд, раванд. Беихтиёр муште ба сари худаш фуровард, боз муште.

– Ака, ҷон ака, чаро ин қадар зиқу хафа шудед? Ба номи Худо, худам ин махсумакро саришта мекунам. Як ишора аз шумо шавад, мо ҳисоби ҳамаашонро меравем, мекушем, – Шарифи Ҷарпар хаёл дошт, ки Барзу аз кардаи махсуми Ҷонмаҳмад ин қадар асабӣ, хафаю бедимоғ шудааст.

– Худам мекушам инхелҳоро, худам, кам набуданд, се – чор нафар буданд. Аз ёдат баромад, вай муллобача, вай артист, вай ҳофиз… Ҳамашонро куштам, надида будӣ, Ҷарпар, аз ёдат рафтааст?

– Не, ака, дар ёдам ҳастанд.

– Инаш ҳам пайи онҳо.

Оре, он шахсиятҳои ба дунё меарзида, обрӯманд, худододро худи Барзу кушта буд. Дар ин лаҳзаҳо ба хотираш меомаданд онҳо. Ва Барзу, ки зери оби равони софу нуқратоб сангрезаҳо ҷило медоданд, моҳичаҳо болою поин медавиданд ва ӯ ин зебоиҳои оламро намедид, аз лаби ҷӯй хеста, болои санге нишаст. Автомат дар пеши рӯ, сар ба танаи он дар фикр буд.

Эшони Саидраҳмони сариҷӯӣ муллои овозадор. Ҳама ӯро мешиносанд, риши хурмоиранги зебо дорад, саллашро ҳамеша ба тарзе мебандад, ки дигарон ҳасад мебаранд. Одами банур. Мардумро насиҳат медиҳад, ки ба роҳи бад нараванд, нек бошанд, силоҳ нагиранд, ба гапи Барзу надароянд, баъд ӯ боз мегуфт, ки давру даврони Барзу бо-

тил ва худи ӯ хоки роҳ мешавад. Душманоии рӯирост, аз душманони силоҳдор ҳам ӯ хавфнок, зараррасон фикр мекард, ки бо вай чӣ кунад, кушадаш? Ба манфиат намешавад. Мухлисону муътақидонаш беҳисоб, ба сари Барзу бало меояд, пеши даҳони кадом яки мардуми бисёрро гирифтан мумкин мешавад. Ба ақидаи худаш, роҳи ҳалли ин мушкилӣ, роҳи бастани пеши даҳони ӯро ёфт.

Ба деҳаи Сариҷӯ рафт. Домулло дар масҷид будааст. Ӯро дар алоҳидагӣ ба сӯҳбат кашид. Ҳар ду лаб-лаби ҷӯ таг-таги дарахтон қадам мезаданд, ниҳоят Барзу ба сари мақсад омад.

– Ҳазрати домулло, – гуфт ӯ. – Мо назди шумо барои як кор омадем, бовар дорем, не, намегӯед. Охир медонед-ку, мо ҳама баҳри ҳифзи дини мубини Ислом хестаем, барои шариат, мусулмонӣ. Мешунавед – а, бобои домулло, – боз ба эшони Саидраҳмон муроҷиат кард. – Шумо як пешвои ҳама дар роҳи шариат, ё дурӯғ мегӯм?

– Фарз кардем ҳамин тавр.

– Дар роҳи Ислом мададатонро дареғ намедоред – а?

– То ҳадде аз дастам ояд.

– Мо ҳам ҳамин тавр фикр доштем, бобои домулло, хато накардем. Бо як мақсад назди шумо омадем.

– Чӣ мақсад?

– Махсуми Собирҷонро ба ихтиёри мо месупоред. Мо ҳама фарзандони мусулмон, аз он дунё умед дорем. Ҳамаамон намоз мегузорем, рӯза мегирем. Махсуми қорӣ Собирҷонро аз шумо металбем. Намозҳоямонро хонда диҳанд, мегӯем.

– Дар деҳаатон масҷид ҳаст-ку, мулло Барзу. Имомхатиб доред, намози боҷамоа мегузоред, – аз ин хабари ба қатори силоҳдорон гирифта шудани фарзандаш эшони Саидраҳмон ба ташвиш афтод. Эшон махсуми қорӣ Собирҷонашро ба ҷон дӯст медошт. Аз байни фарзандон ҳамин бачааш бо роҳи падар рафт, дар назди ӯ, дар мадраса хонд, қории Қуръон шуд, овози хуш дорад, бисёр мутолиа мекунад, серфаҳм. Ҷои ӯ бо падар масҷид, қаноти ӯ. Муаззин аст дар масҷид, азони панҷ вақт намозро ӯ мегӯяд. Дар овозаш садқа, ҷону дили эшони Саидраҳмон. Чи хел мешудааст, дар рӯзҳое ки мардум аз дидори силоҳдорон безоранд, нафрат мехонанд, ҷои гурез меҷӯянд аз онҳо, падар махсуми қорӣ Собирҷонро ба ихтиёри дастаи ғоратгари Барзу супорад, силоҳ гирад, одам кушад. Мардум чӣ мегӯянд? Мегӯянд, ки дирӯз домулло онҳоро кофир мегуфту имрӯз фарзандашро силоҳдор кардааст, дар китфаш ба ҷои Қуръон автомат. Э не-е, намехоҳад.

– Чӣ гуфтед, домулло? – боз гап андохт Барзу.

– Бачаи маро ба ҳолаш гузоред, мулло Барзу, ман розӣ намешавам.

– Розӣ намешавед? Гапи моро намегиред, домулло?

– Ҳа, ҳамин тавр.

– Домулло, медонед-ку, ин қаламравҳо дар ихтиёри мо. Қонун ҳам худамон, қоида ҳам, як бор ба эҳтироматон аз назди шумо гузаштем. Медонед-ку аз ҳар хонадон якта ё дую се қурбон шудаанд. Ҳар рӯз то се-чор ҷаноза мехонед. Аз хонадони шумо ягон кас талаф шудааст? Ба ҷони қорӣ Собирҷон ҷабр мекунед.

– Ин хел нагӯед, қумандон. Кори нохуб мекунед, пагоҳ саволу ҷавоби ин амалҳо мешавад, аз азоби охират тарсед.

– Моро натарсонед, охират дар ихтиёри шумо нест, охират дур, имрӯзро гӯед.

– Астағфируллоҳ гӯед.

Эшони Саидраҳмон мегуфту Барзу. Масъала ҳал нашуд, дар охир Барзу ба сари эшон сиёсати зиёд карда, суханҳои қабеҳ ба забон оварда, бо ҳамроҳон ба табъи хираю оташинӣ аз масҷид берун шуд.

Эшони Саидраҳмон монду саҳни васеъи сабзазори масҷид. Замину осмон ва чинорҳои баланди канори ҷӯи пуроб ба сараш гирдгардон. Балои ногаҳонӣ ба сараш омад. Аз он раҳоӣ номумкин. Чӣ кор кунад? Ё қорӣ Собирҷонашро гираду ба ягон мулки дигар равад, гуреза шавад? Аҳли оила, фарзандон, набераю абераҳо ҳама барояш баробари қорӣ Собирҷон азизанд, бо худ гирифта наметавонад онҳоро.

Овози азон аз долони масҷид ба фазо печид, махсуми қорӣ Собирҷон азони намози шомро мегуфт, рӯз торик мешуд.

Ҳамон шабро бо фикру андешаи фарзанд, бо тарсу ҳарос ба саҳар овард эшони Саидраҳмон.

– Қиблагоҳ, чаро шаб нахуфтед, чаро парешону хастаҳол шудед?

– Аз боиси ту, бачам, – гуфт падар ва баъд ҳамаи гапро ба фарзанд гуфту оби дида сари рухсораҳояш фуромад.

Пагоҳии дигар вақти офтоббаро махсуми қорӣ Сабирҷон аз хона баромаду то намози шом аз вай дарак нашуд. Ӯро силоҳдорони Барзу бурда будаанд.

Ба нохоҳамии махсуми қорӣ Собирҷон нигоҳ накарда ба китфи фарзанди домулло автомат бор карданд, ҳамранги либоси худашон ба вай либос пӯшонда, силоҳдорон деҳ ба деҳ ҳамроҳашон гардонданд. Ку ваъдае, ки силоҳдорони Барзу намоз гузоранду вай пеш гузарад, намози онҳоро хонда диҳад. Ба худи ӯ ҳатто иҷозат намешуд, ки намоз гузорад. Барзу мегуфт, ки ҷангиёнро майдони ҷанг ҷои намоз не.

– Қумандон, қарзи бандагиро ба ҷо оварданам лозим, – хоҳиш мекард аз Барзу.

– Ту парво накун, дар он дунё ҳам аз ман мепурсанд, – хилофи дину шариат ҷавоб мегуфт.

Ҳангоме ба гуфтаи силоҳбадастон ба ягон амалиёте мерафтанд, амалиёташон ғорат кардани хонадоне ё коргоҳу муассисае буда, махсуми қорӣ Собирҷон худро ақиб мекашид. «Одамкушӣ убол, гуноҳи

қабеҳ аст, хуни одам ба гардан мешавад» мегуфт ва ба ягон-ягон силоҳдор ин афкорашро фаҳмонда метавонист. Вақте касеро пеши назараш мепаронданд, чашм мепӯшид, тавба-тавба гуфта гиребон мегирифт ва пинҳон-пинҳон намоз гузошта, ба бадали гуноҳҳо тавба карда, ба даргоҳи Худованд менолид. Ҳатто баланд-баланд изҳор мекард, ки Худо ба дили Барзу раҳм андозад, ӯ ба роҳи нек ҳидоят шавад. Ва Барзу аз ин хислатҳои муллобача ба ғазаб меомад. Ба хаёлаш, ки бачаҳоро ин одам аз роҳ мебарорад. Барзу ба онҳо бераҳмӣ меомӯзад, дар наздашон одам мепаронад, чашмашонро пухта кардан мехоҳад, ҷон меканад. Лек аз тарафи дигар таълимоти баръакс аз ҷониби ин домуллоча. Илоҷашро ёфтан лозим, коре шавад, ки вай ҳам одам кушад, қотили бераҳм шавад, қиблагоҳаш аз забон монад, дигар нагӯяд, ки силоҳбадастон кофиранд, Барзу кофир аст.

Боре ба ҳамин хотир аз рӯи одаташ чанд ҷавонро, ки аз куҷое оварда буд, қатор монду ба дасти махсуми қорӣ Собирҷон автомат дод. Фармуд, ки яки онҳоро паронад. Нигоҳи ҷавонон ҷониби ӯ шуда, аммо махсуми қорӣ Собирҷон ба онҳо нигоҳ карда наметавонист.

– Махсум, парон! – бо ғазаб фармоиш дод ба ӯ Барзу, аммо вай сар боло карда наметавонист.

– Ман ин корро намекунам, одам намекушам, гуноҳи азим аст одам куштан. Рӯзи қиёмат ҷавоб гуфтан лозим.

– Ин хел нагӯй, қорибача, нагӯй, қиёмат-пиёмат нагӯй, бачаҳоро аз роҳ назан, таълим надеҳ. Парон, парон, ки худатро мепаронам, ба шири модарам қасам, мепаронам. Парон, ман ба ту мегӯям, парон!! – овози пурдаҳшати Барзу то ба дуриҳо мерафт, девона шуда буд, ки силоҳбадасташ гапи ӯро намегирифт, дар назди садҳо силоҳдоронаш обрӯи вайро як пул карданӣ. – Парон! Як-ду-се мегӯям, напаронӣ, худатро мепаронам. Дурӯғ намегӯям, парон! – қаҳру ғазаби Барзу аз ҳад гузашта буд, пой ба замин мекӯфт.

– Намепаронам, одам намекушам, ман мусулмонам, аз имон маҳрум намешавам. Шумоҳо, – махсуми қорӣ Собирҷон рӯ ба силоҳдорони ба хаёлаш бешумор овард, – шумоҳо ҳам, бародарони азиз, аз Худо тарсед, одам накушед. Ҳаргиз накушед! – овози махсуми қорӣ Собирҷонро садои тирҳои пайиҳами автомат пахш кард. Аз дасти ӯ автомат як сӯ афтод, ӯ рӯ ба замин шуд…

Лаҳзае гӯиё оламро хомӯшӣ фаро гирифт. Ҳозирин ҳама аз ҳодисаи дар пешашон рухдода шах шуда буданд. Худи Барзу ҳам хомӯш. Танҳо овозе шунида шуд: махсуми Ҷонмаҳмад буд, ки мегуфт:

– Барзу, кори нохуб кардӣ, қорӣ ҳайф шуд, нағз накардӣ.

– Махсум, ту як чиро фаҳм, баъд гап зан. Ҳамаи муллоҳои моро ҳамин хел парондан лозим. Мулло муллои болообиҳо, онҳо бо

силоҳдоронашон ҳамроҳанд. Муллоҳои мо чӣ? Ба мо душман, тарафамон намешаванд. Боз мегӯям, ки душман ҳам бошанд, таҳсин ба муллоҳои онҳо, – баъд воқеаи чанд рӯз пеш рухдодаро боз ба хотир овард. – Гӯш кун, махсум, – гуфт Барзу. – Ба хотир биёр, – таъкид кард.

Як мошин ҷавононро силоҳбадастони болообӣ аз куҷое оварда будаанд. Домуллоимоми деҳа ҳам ҳангоми қатли онҳо ҳозиру нозир. Ҷавонони ба талвосаи ҷон афтода бо умед ба домулло, ки дар сар саллаи сафед тасбеҳ мегардонд, зикри Аллоҳ мегуфт, рӯ овардаанд:

– Ҳазрати домулло, бовар кунед, мо гуноҳ надорем. Ба инҳо гӯед раҳм кунанд, моро накушанд, хоки поятон мешавем, худатон моёнро халос кунед, ҷон домуллоҷон, мадад расонед, – ҳамаи ҷавонон якҷоя пеши пои домулло афтодаанд, зорӣ кардаанд, мадад хостаанд, чашми умед ба вай бастаанд.

– Чӣ мегӯед, ба ин набераҳоятон? Чӣ мефармоед? Гап занед, – силоҳбадастон бо заҳрханд ба домуллоимом муроҷиат кардаанд.

– Ҳазрати домулло, – боз овози имдодхоҳонаи ҷавонон баланд шуд.

– Ман чӣ мегӯям, бачаҳом? – овози ҷавонони дар лаҳзаи марг афтодаро гӯё нашунида, ба сарвари силоҳбадастон назар андохтааст.

– Гап занед, ҳазрати домулло, гап занед, – боз таъкид кард қумандон.

– Ман чӣ мегуфтам, бачаҳом. Инҳо ҳама воҷибулқатланд, – фатво дод домулло.

Ин ҳолатро Барзу назди ҳамсилоҳон, назди махсуми Ҷонмаҳмад аз нав ба хотир овард.

– Лаънатӣ, вай домулло номусулмон, бераҳм, ҷоҳил, худоношинос аст. Агар ба дастам ғалтад, Худо якаю ягона аст, худам он харришро мепаронам, – боз овози махсуми Ҷонмаҳмад баланд шуд.

* * *

Ҳунарпешаи машҳур буд Сайидризо. Сарвари Қасри фарҳанги ҷамоа. Дар Театри академӣ-драмавии ба номи А. Лоҳутӣ дар бисёр асарҳои саҳнавӣ нақшҳо офарида, овозадор, обрӯманд, дар маъракаҳо ӯро аз Барзу болотар менишонданд, вале Барзуро чунин эҳтиром набуда. Назари ин артист ҳам ба ӯ нописандона аст. Шояд аз ҳамин ҷиҳатҳо буда, ки ба Барзу ӯ намефорид. Фикр мекард, ки ҳамин Сайидризоро ҳам ба дастааш бикашад, зердасташ шавад. Ба ӯ мегӯяд, ки нақшҳояшро дар саҳнаи зиндагӣ бозад, автомат дар китф назди мардум равад, тир андозад, одам кушад.

Бо ҳамин ниятҳо шабе бо чанд нафар ба хонаи ӯ рафт. Аз назди за-

ну фарзандон пешандоз карда вайро аз ҳавлӣ бароварда. Артист ба воҳима афтод, хун дар рӯяш намонд, аз ҳарос худро гум кард.

– Пагоҳ ба штаб биё, бо мо ҳамроҳ мешавӣ, – гапро кӯтоҳ кард Барзу.

– Раҳм кун, Барзуҷон, ту фарзанди худамон, солам ба ҷое расидааст, мардум чӣ мегӯянд? Хандасор мешавам. Маро ба ҳолам гузор.

– Ман ба ту чӣ гуфтам? Такрор кун, – ба ғазаб омад Барзу.

– «Пагоҳ ба штаб», биё гуфтед.

– Барвақтар биё, агар набиёӣ, бачаҳо ба сарат меоянд.

Ҳунарпеша дар вазъияти ногувор монд. Шабро бо фикру хаёлҳо ба саҳар овард. Ноилоҷ буд, фармоиши Барзуро ба ҷо наоварда наметавонист, вале ба ҳеҷ ваҷҳ силоҳ ҳам гирифтан намехост. Роҳ меҷуст, чи коре фармояд Барзу, ба ҷо овардан мехост ӯ, ба ҷуз силоҳ гирифтан. Пагоҳӣ дар ситод ҳозир шуд. Ҳанӯз худи Барзу наомада буд. Офтоб болои бому дарҳо афтода буд, ки Барзу омад.

– Омадӣ, артист?

– Ҳа, қумандон, амри шумо барои мо воҷиб.

– Хуб фикр кардӣ?

– Ҳа, Барзуҷон, лекин аз шумо як хоҳиш дорам, чи коре фармоед, ба ҷо меорам, хокистар парто гӯед, мепартоям, гирду пешро рӯб гӯед, мерӯбам, хидмат мекунам. Вале силоҳ намегирам, агар кушед ҳам, ихтиёратон.

– Майлаш, дар штаб ист. Хонаҳоро мерӯбӣ, тоза мекунӣ, барои бачаҳо чой дам мекунӣ, хӯрок мепазӣ.

– Хуб шудааст, – Сайидризо аз ҷой бархоста таъзим ба ҷо овард.

Бо ҳамин ҳунарпешаи машҳури ҷумҳурӣ дар қароргоҳи силоҳдорон хизматгор шуд.

– Артист, чой дам кун, аз чашма об биёр, пайтобаҳои моро шӯй, патинкаҳоро ҷобаҷо гузор! – ба ӯ фармоиш медоданд.

Ба ҷуз иҷрои амрҳои онҳо илоҷи дигаре надошт Саидризо. Гоҳо баъди ду-се рӯз Барзую ҳамроҳонаш аз амалиёт бармегаштанд, дасти холӣ не, бо мошинҳои пури бори талаю тороҷ кардаашон. Гурӯҳ-гурӯҳ одамонеро ҳам меоварданд, ки дасту пойҳо баста, сару рӯй пури хун. Онҳо асир будаанд. Маҳбасӣ мешуданд. Маҳбас хоначаҳои хурд-хурди девору фаршҳояшон пурнам, сақфи хонаҳо ҷо-ҷо сӯрох, дастакҳо пусида, бӯи зах, бӯи рутубат. Асирон чанд шабу рӯз беобу нон ҳам мемонданд, аз хотир фаромӯш мешуданд, рӯзҳои рӯз «об, як қатра об» гуфта менолиданд. Сайидризо ҳоли онҳоро тасаввур мекард, дилаш месӯхт, ба онҳо як нон-ним нон ва об медод. Мавридҳое шуда, ки вай илоҷе ёфта ягон-ягон маҳбусро ба берун хонда роҳи гурез нишон медод, ин амалҳои ӯ овоза ҳам мешуд. Хидиралӣ ин овозаҳоро ба гӯши Барзу мерасонд.

– Артист, ман надидам-ку, лек гап шудааст, ҳушта ба сар гир, сари тир мешавӣ, ғами ҷони худатро хӯр, – сиёсат кард боре Барзу ӯро.

Рӯзе силоҳдорон бо як доду валвала, бо як фарёду фазаҳ ва шодмоние касеро зада-зада ба қароргоҳ оварданд. Барзуро суроғ карданд, вай куҷое рафта будааст.

– Командирро ёбед, гӯед, ки як бачаи Сайидхони чӯпон ба даст ғалтид, тӯҳфа, шодиёна диҳад, – чанд силоҳбадаст гӯё барояшон оламе насиб гашта, ки аз шодию хурсандӣ ҷои нишаст намеёфтанд. Сайдашонро дар байн гирифта мезаданд, яке бо анбур чанд ангушти ӯро шикаст, ба пойҳояш ишкел андохтанд, пешлагад карданд… Аз ҳуш рафт, пеши қотилон рӯи замин афтод.

– Бачаҳо, шумо чӣ кор мекунед? Мекушед ӯро? Вай бояд зинда ба дасти Барзу ғалтад, зинда! Худаш бо ин ҳаромӣ гап мезанад, худаш, худаш орзу мекард, ки як нафари ин зот ба дасташ хӯрад. Аламдор аст, акам, аламдор, – бо фармоиши Шарифи Ҷарпар аз пою дасти он ҷавон, ки ҳанӯз ба ҳуш наомада буд, бардошта вайро ба хоначае бурда, аз дар ба дарун партофтанд. Баъд ҷавон ба ҳуш омад, ки оҳу нолааш баланд шуд, нолаҳои ҷигарсӯз, об мехост, «об, як қулт об», илтиҷо мекард. Давоми суханону нолаи он ҷавонро шунида наметавонист ҳунарпеша. Чӣ рӯзҳое ба сари ӯ омада. Фақат нолаю зории одамон ба гӯшаш. Шоҳиди марги даҳшатноки онҳо. Ба ҳоли ҳар якашон месӯзад, шабҳо хобида наметавонад, нолаи одамони гирифтори шиканҷа. Ана яки онҳо. Ӯ дар азоб. Пеши назар дид, ки нохунҳояшро бо анбур кашиданд, ангуштонашро шикастанд. Дар умраш ӯ ин ҳолро надида, шоҳид нагашта. Аз ҷои хоб бархост, берун баромад. Ҳама хоб, «оча, очаҷон!» нолаи ҷавонро бараълотар мешунид. Назараш ба осмони дур, ба ситораҳо. Ӯ дар рӯи замин, бале, чӣ одамоне дар рӯи ин заминанд. Инсон ба инсон чӣ азобҳое раво медидаю заррае ба дилаш раҳм намеомада. Инсонҳо аз ҳайвонҳои ваҳшӣ ҳам ваҳшитар. Ҳайвонҳои ҳамҷинс ба ҳамдигар чунин рафтору кирдор раво намедида, зоғ чашми зоғро накофта, аммо ҳунарпеша дид, ки ҳамҷинс ба синаи ҳамҷинс корд халонд, бо анбур нохунҳояшро кашид, ангуштонашро шикаст, беҳуш шуд ҷавон, аммо дилҳо хунук нашуда, ба сару рӯяш ба лагад мезаданд… Фардо шавад, Барзу ояд, ана баъд рӯзи сиёҳи ин ҷавон дар пеш. Субҳи рӯзи нав лаҳзаҳои охири зиндагии ӯ. Чӣ мешавад, ӯ ба ҳамин одам ҷон бахшад, ӯро раҳо созад. Баъд худи ӯро чӣ рӯзе пеш меояд? Гуреза мешавад, чапғалат меандозад, адиру пуштаҳо роҳаш мешаванд, ба шаҳр, ки расид ӯ озод. Тарафи хонае, ки ба дари оҳанинаш чанд қулф андохта буданд, рафт. Калидҳо дар дасташ, қулфҳоро кушод, ҷавон бо ҳарос аз ҷояш бархост.

– Гурез, ман туро раҳо кардам, гурез, – гуфт сухани дигаре ба

забон наовард, худро ба даруни обкандае гирифт, пеш давиду пеш давид, ба обраҳаи таги теппа расид, боз як теппаро боло шуд. Як инсон аз тарси ҳамҷинси худ даргурез. Мӯи баданаш меларзад, пеши роҳаш торик, меафтаду мехезад, рӯ ба дуриҳо медавад, ҳалқаш хушк шуда, забон дар комаш часпида, қатрае об мехоҳад. Аммо дар он дашту теппаҳои беканор, ку об? Ку ҷои овозрас? Миёни он дашту теппаҳо ҷонзоди дигаре не, як ҷон, як инсон. Медаваду меафтад, мехезад, дод аз дасти ҳамҷинси хеш. Аз он дар ҳарос, аз он даргурез, шод аст, ки шаб торик, аз балою ҷину аҷина, аз гургу ҳайвонҳои даранда ӯро парвое не, тарсаш фақат аз инсон, Худо мегӯяд, ки ба ягон нафараш вонахӯрад, мехоҳад шаб равшан нашавад, шаб ба рӯз нарасад. Ӯ бо ҳамин хаёлҳо боз як теппаро боло шуд, ки пеши назараш чароғҳо намудор гаштанд, беҳисоб буданд. Чароғҳои шаҳр, шаҳри ситоразор, оҳи сабуке кашид, дастонаш дар миёну чашмаш ба чароғҳо, ба осмони софу беғубори нуқрагун, ба ситораҳо, ки кам монда буданд, ба равшание ба равшании субҳи рӯзи нав.

* * *

Баъде ки дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ нооромӣ, ноосудагӣ сар зад, Муҳаммадвалии ҳофиз бо аҳли оилааш аз Душанбе ба деҳаашон кӯч баст. Ҳатто аз масъулони телевизион ва радиои ҷумҳурӣ хоҳиш кард, ки минбаъд овози ӯро нашунавонанд. Дилаш тоб намеовардааст. Аз омадани ҳофиз дар деҳаҳои ҷамоаташон хурсанд шуданд. Охир овозаи ин фарзанди накӯномашон ба олам. Вақте овози ширини ӯ аз радио ё телевизион баланд мешуд, «Муҳаммадвалӣ мехонад, хап шавед, Муҳаммадвалӣ мехонад», гуфта ҳамдеҳагон бо як олам ифтихору қадрдонӣ кӯдаку чӯдакҳоро хомӯш карда гӯш ба ӯ медоданд, лаззат мебурданд, ифтихорманд буданд, ки ҳамин хел як овозхони нотакрори ҷумҳурӣ аз маҳалли онҳост. Нағз шуд, ки ӯ омада. Обод мекунад тӯю маъракаҳояшонро, дар рӯзҳои нохушӣ ғамбарорашон мешавад. Вале ин тавр нашуд. Аз хона намебаромад ҳофиз, даъват ҳам, ки кунанд, ба ҳеҷ куҷо намерафт.

– Чаро суруд намехонӣ, ба тӯю маъракаҳо намеоӣ, мо ҳама шефтаю шайдои овози ту ҳастем, дӯстат медорем, Муҳаммадвалӣ, – мегуфтанд ҳамдеҳагон.

– Медонам, мефаҳмам, садқаатон мешавам. Лекин наметавонам. Вақти дилхушиву суруд гузашт. Чӣ хел суруд мехонӣ, ки…

Муҳаммадвалӣ баъд давом менамуд, ҳодисаю нохушиҳои дар ҳамин деҳаи худашон гузаштаро ба хотир меовард.

Ҳамсояшон Нуруллои магазинчӣ бо ду духтари пайи қинғола ва завҷааш дар мошини худаш аз шаҳр меомадааст. Силоҳдорон ба онҳо

чӣ карданд? Мардум намедонанд? Мошинашро аз роҳ гардонда ӯро ба лаби дарё бурдаанд, пеши назараш ба завҷаи ӯ, ба ҳар ду духтараш дастдарозӣ кардаанд, баъд ҷасади ҳамаашонро ба дарё партофтаанд. Боз ҳофиз шунида, ки дар деҳаи Гандумпоя як силоҳдор аз даре даромада мебинад, ки духтари зебои қоматбаланде ҳавлӣ мерӯбад. Ҳушу хаёлаш банди ӯ мешавад, ба дил ширин мекунад духтарро, ҳавасаш ба вай меравад, шавқаш баланд мегардад, наздики пешайвони баланд мешавад. Мӯйсафед ва пиразанеро мебинад, ки болои манҷа рӯ ба офтоб нишаста чой менӯшанд.

– Бобӣ, оҳой, бобӣ, – силоҳдор пештари дар меояд. Мӯйсафед камондорро дида бо тарсу ҳарос аз ҷой бармехезад. Силоҳдор давом мекунад: – Ман ҳамин духтаратона мебарам.

– Чӣ мегӣ, бачам, кучо мебарӣ духтарма?

– Наҳаросе, як тӯй мебарам, вай рақс мекуна, баъд мебиёрам.

– Не, бачам, ба ҳеҷ ваҷҳ ин хел кор намекунӣ, вай духтари мо рақс карда наметавонад.

– Ҳа, бачам, додош рост мегӯва, ин духтари мо як ҳайвонай, аз дасташ ҳеҷ кор намеояд, дарози камақлай. Садқат мешам, пеши пойҳот мемурем, мо ғайри ҳамин духтармон касе надорем, бебачаем, моро ғам нате, – модар ба гиряву нола медарояд.

Духтар сар набардошта ба поёнтари ҳавлӣ, зери дарахтони зардолу меравад ва рӯфту рӯбашро давом медиҳад, хазонрезаҳоро мерӯбад. Силоҳдор аз дарвоза хориҷ шуда, ба паси девор мегузарад, духтарро аз поёни ҳавлӣ мерабояд. Падару модари духтар – пиру кампир сар ба дару девор зада духтар мекобанд.

Ин рӯйдоду ҳодисаҳои мудҳишро аз нав ва аз нав назди ҳамдеҳагон ба забон оварда, баъд ҳофиз мегуфт:

– Мардум хун мегирянду ман суруд хонам? Ҳамин тавр мегӯед? На, на, ҳаргиз, олам торикистон шудааст, олам дар гирифтааст. Ман суруд хонда наметавонам. Дилам бардошт надорад, – ӯ мегирист, пеши назараш ҳаво тираю тор, пурабр, боду борон, борони баҳор мисли оби дидаи мардумон.

Як рӯз ба сараш бало омад. Силоҳдорони Барзу ба масҷиди деҳа даромада, дар саҳни сабзазори он базму бозӣ оростанд. Ҳама масту аласт, нашъаманд, беҳурматӣ ба оромгоҳу мазор ва мақбараи бузургон. Ҳатто чанд зану духтар оварда буданд. Аз Худованд, аз бандагонаш, аз арвоҳ, аз мазор, ибо накарда, занону духтаронро ба рақс даровардаа бетарҳию бесатрӣ мекарданд. Ҳайҳуяшон ба осмон. Дар ҳамин лаҳзаҳо ба ёдашон Муҳаммадвалии ҳофиз расида.

– Канӣ вай ҳофиз, дар кучо вай? Гӯед, биёяд, ҳангоҳунг кунад, мо чорта дами беғам занем, ёбед ӯро, аз номи ман гап занед, – Барзу бо фарёду фазаҳ фармоиш дод. Ба ноомади кор Муҳаммадвалӣ ҳамон

лаҳзаҳо дар хонааш буд. Лаби ҷӯи миёни ҳавлӣ нишаста, чашм ба оби равон навое менавохт, алами дил мегуфт.

– Хез, ҳофиз, пеш даро! – силоҳдорон ба ӯ наздик нашуда фармоиш доданд.

– Куҷо? Чӣ гап, бачаҳо? – Муҳаммадвалӣ тор дар даст аз ҷой бархост.

– Баъд мефаҳмӣ.

– Бачаҳо, агар маро ба ягон маърака бурданӣ бошед, намеравам, ман хонда наметавонам.

– Медонем, кайҳо боз овозат намебарояд, ба марги ҳамдеҳаҳоят мотам гирифтай. Лекин имрӯз нахонда наметавонӣ.

– Намехонам, бачаҳо, наметавонам.

– Мехонӣ, булбул мешавӣ, гапа кам кун, ба роҳ даро.

Силоҳдорон ҳофизро гоҳе тела дода, гоҳе аз гиребонаш кашида, базӯрӣ назди Барзу оварданд.

Барзу наздиктари ҳофиз омад.

– Ассалом, қумандон.

– Чӣ аҳвол дорӣ? Мегӯянд, ин вақтҳо дамат ба дарун задааст, мотамдор шудай? Бачаҳот дар пешат ҳастанд? – писарони ӯро, ки ҳарду пайрави падар, дар Донишкадаи санъат таҳсил доштанд, ба хотири ҳофиз овард Барзу ва афзуд: – Онҳоро наовардӣ? Бин, мо ин ҷо базм дорем. Худат хон, бачаҳота ҷеғ зан. Ҳа, тора гир!

– Барзуҷон, бовар кун, кайҳо боз ман дигар намехонам, хонда наметавонам.

– Шунидем, мегӯянд, бачаҳои мо ба ту маъқул нестанд.

– Ин хел нагӯй, Барзуҷон, падари туро ман медонам.

– Гапа ҳар тараф набар, кадом сурудата мехонӣ? Ба мо ҳамон сурудҳои «Ай дараи Камаров анор овардам», «Чорзарб», ё ҳамон шеъри «Ай, сорбон» маъқуланд, ҳе, ба Худо ҳамаи оҳангҳои ту фораманд, ту ҳофизи зӯрӣ.

– Барзуҷон, бовар кун, наметавонам, – торро ҳофиз аз даст ба рӯи сабзаҳо гузошт.

– Хон, сарам гарм шуд, ягон бало аз сар мешавад, хон.

– Барзуҷон, маро куш, дар назди ана ҳамин одамон куш, ба марг розиам, зиндагӣ ба дилам задааст, аз ту норизо намешавам.

Онҳое, ки аз сари дару деворҳои масҷид, аз болои бому дарахтон назар доштанд, сокит монданд, дам ба дарун шуданд. Ҳама дар хаёле, ки Барзу чӣ мегуфта бошад. Лек вай дам ба дарун ин сӯ он сӯ қадам мезад. Фикр мекард, ҳофизро паронад, ба базму бозӣ омин гӯяду равад. Вай ҳофизи халқии ҷумҳурӣ, баъд сурудҳои вай ба худи Барзу писанданд. Гоҳе танҳо монад худ ба худ «Ай дараи Камаров»… «Эй сорбон»-ро замзама мекунад.

Сурудаш ҳофизро аз дасти қотил раҳонд.

– Марг мехоҳам, ба маргам розӣ ҳастам, гуфтӣ? – ниҳоят рӯ ба ҳофиз истод Барзу.

– Барзуҷон, фикр накун, ки барои ту ва ҳамроҳонат шуда суруд намехонадагӣ шудам. Дар Душанбе хабарҳои нохушро шунида, зиста натавонистам. Оҳанги суруду мусиқӣ дигар ба гӯшам нафорид. Ба куҷо рафтанамро надонистам, деҳа омадам.

– Дигар намехонӣ? Қасам хӯр.

– Ҳамин рӯзҳо дилам хун аст.

– Дафъ бушав, аз назарам! Буфаҳм, ки ту гапи мана нагирифтӣ. Аз хотир набарор, агар шунавем, ки дар ягон ҷо овозта баланд кардӣ, аз даҳонат мепаронам, – ва бисёр суханҳои қабеҳ гуфт, чанд лагад ҳам зад ҳофизро Барзу.

* * *

Ҳукуматиҳо яке паси дигар ба деҳаҳои таги кӯҳ медаромаданд. Дар ихтиёрашон мешуд деҳаҳо. Силоҳдорони Барзу дар гурез шуда буданд, аз тарс дар кадом тарқиши сангу калфи кӯҳ пинҳон шуданашонро намедонистанд. Тарс балои ҷон. Дар сари кадом як теғаи кӯҳ, ки бузҳои кӯҳӣ баромада наметавонистанд, ҷой ёфтанд, дар баландиҳои яктора, ки аз он ҷо деҳаҳо, одамон, бому дар, то мурғҳои рӯи ҳавлиҳо пеши назарашон намоён. Нишонгирҳо агар мехостанд, одамонро чут гирифта қир мекарданд. Яке аз он нишонгирҳо худи Барзу буд, ки ҳамроҳон ба ин ҳунари вай қоил буданд, яки дигар бачаи муаллимаи забони русӣ Славик. Баъди нооромиҳо вай ҳам ба дастаи Барзу ҳамроҳ шуд, Барзуро ака мегуфт. Вафодор. Хизмат кардааст. Ба ҳамин Славик чор зан доданд, ҳамаашон зебою хушрӯ, якеаш духтари имомхатиби деҳа, бибиотун. Бо зарби силоҳ Барзу онҳоро аз ихтиёри волидайн рабуда. Аз тарс онҳо бо Славик зиндагӣ доранд, аз тарси бародар, падару модарон, ки онҳоро напаронанд, накушанд.

Хеле хуб буда, ки Барзуино дар ҳамаи деҳаҳо одамони худӣ дошта, ҳатто дар миёни аскарони ҳукуматӣ ҳам, ҳар гапу ҳарфро хабар медиҳанд, одамони тарафи ҳукуматиҳо шударо ҳам. Кадоме ба онҳо салом диҳад, хуш пазироӣ кунад, гарм истиқболашон намояд, бо бачу качаш кушта мегардад. Охир ҳукуматиҳо ҳар яки ин одамонро ҳамеша бонӣ карда наметавонанд. Боз деҳа ба ихтиёри бачаҳои Барзу мегузарад, рӯйхати хиёнаткорҳо дар дасти бузҳо, бузҳои Барзу… Яки ин бузҳо муаллим Хидиралӣ. Ин муаллим дар бузӣ як бало, мислаш нест. Бузи маълумоти олидор, муаллим, зуд бо ҳукуматиҳо забон меёбад. Охир ба муаллим бовар накарда, ба кӣ бовар кунанд онҳо? Ҳунаре, ки ӯ дорад, шайтон надорад, ба таги пӯсти одам медарояд, фоидааш ба Барзу зиёд. Номаъқул кардааст Мустафо, ки вай ба Барзу

ҳам хиёнат мекарда, тӯҳмат. Хаёли Барзуро бузҳояш рабуда буд, ки телефонаш садо дод.

– Ало, ало, додар, ало…

– Ҳа, ман гӯш мекунам, ман Барзу.

– Медонед-а, ҳазрат?

– Чиро медонам?

– Ҳукуматиҳо Хасдараро ҳам гирифтанд.

– Дида истодаам.

– Дар боло ҳастед?

– Гапатро гӯй.

– Ҳамаро ҳукуматиҳо дар майдони таги чашма ҷамъ карданд. Дар ин ҷо як базму бозии мардуми Хасдара. Хасдарагиҳо тарзе ҳукуматиҳоро пешвоз гирифтанд, ки дар дигар ҷойҳо ин хел нашуда. Мебинед онҳоро?

– Ҳа, мебинам.

– Дар ёдатон ҳаст?

– Чӣ?

– Муҳаммадвалии ҳофиз.

– Ҳа.

– Гапи шуморо нагирифта буд.

– Ҳа, ҳа.

– Агар дида тавонед, як ба майдон нигоҳ кунед. Эҳа, ҳамин ҳофиз корҳое карда, ки…«Мо озод шудем!», – гуфта ба чор тараф ҷор андохт, ба ҳукуматиҳо гулу гулдаста тақдим кард, дар хонааш пеши пои онҳо пойандоз андохт. Ҳоло дар лаби чашма барои онҳо базм оростааст. Халқ ҷамъ. Ҳар ду бачааш дар паҳлӯи ӯ. Ана овозу мана овоз. Ҳама дар ҳайрат, ки чаро дар назди шумо нахонду назди ҳукуматиҳо бубул, ҳатто дар ҳофизиаш шуморо масхара карда истодааст.

– Бас, бас, бовар намекунам! Аз ҳад гузаронда, муаллим, дурӯғ мегӯй.

– Дурӯғ гӯям, ҳазрат, занам се талоқ.

– Бас, бас, ҳозир худам мебинам.

– Бинед, одамони Хасдараро бинед, ана баъд худатон бовар мекунед.

Барзу ва ҳамроҳонаш пас-паси сангҳо ростою гаваккашон рӯ ба деҳаи Хасдара шуданд, бо дурбин назар карданд. Дар деҳа як ташвишу таҳлукае. Хурду калон сӯи майдони назди чашма, ки ҷои хушманзара, сабзазору ангурзорест, мерафтанд, баъзеҳо медавиданд, селаи одамон дар майдон ҷамъ. Гирду атроф пур аз ҳукуматиҳо. Гӯё замин кафидаю онҳо баромада. Дар ҳама ҷо мошинҳои зиреҳпӯш, танк. Аз нигоҳ ба ин манзара ба дили бачаҳои Барзу тарсу ҳарос афтода. Вале назари Барзу ҳанӯз ба тӯдаи одамон. Ҳама гирд омадаю дар пешгоҳ

ҳофиз Муҳаммадвалӣ. Дар даст тор, дар дасти ҳар ду бачааш, ки дар паҳлуяш буданд, доира. Доира мезаданд, падар суруд мехонд, мехонду дар майдон рақс мекард. Оҳ, чӣ хурсандӣ ва шодмоние дошт ӯ. Гӯё дар қафас будаю озод шуда. Рақсида-рақсида, суруд хонда назди силоҳдорон ва яки онҳо, ки дар пештар меистод, аз афташ қумандонашон буд, омада, ба вай таъзим карда, қомат хам карда боз рост мешуд. Муҳаммадвалии ҳофизе, ки дирӯз назди Барзу ва одамони вай муши мурда буд, мурду забон накушод, «Наметавонам, дилам намебардорад» гуфт, ҳоло дар пеши душманони Барзу рақсону ғазалхон. Барзу чаро ӯро накушт? Напаронд? Раҳмдилӣ кард. Бори нахуст хато кард. Ана раҳмдилию андеша дар ҷанг ҷанговарро ба чӣ ҳол меовардааст… Дар ин масъала бачаҳо баъзан ба ӯ «маслиҳат» медиҳанд.

– Славик.

– Лаббай.

– Мебинӣ? Мебинӣ, ки Муҳаммадвалӣ он рӯз гапи маро нагирифту имрӯз чи рақсу бозӣ дорад7

– Мебинам, ака, – дар чашм дурбин гап мезад Славик. – Чӣ мефармоед? Нишон гирам?

– Худам вайро мепаронам. Ту бачаашро, баробар тир мекушоем, баробар. Ҳа, биё, – ҳангоме ки Муҳамадвалӣ боз назди қумандони ҳукуматиҳо омада, тор дар даст рӯ ба ӯ суруд мехонд, Барзу адли пешонаашро нишон гирифт. Дурбин ҳофизи аз марг бехабарро пештари вай меовард, – Славик, – тайёр ҳастӣ?

– Ҳа, ака.

– Буҷуқ курока…Муҳаммадвалии ҳофиз ва писараш Саидбек аз пой афтоданд. Дар як дам ба болои маъракa гӯё оби сард рехт. Ҳама дар гурезогурез, дар ғами ҷон. Майдон монду ду ҷасад, ҷасади ҳофиз ва фарзанди ӯ.

* * *

Аз ҷой бархост Барзу. Автоматро ба китф гирифт. Шарифи Ҷарпар ва чанд нафар нигаҳбонҳои ӯ, ки аз наздаш дур нашуда, сари роҳи калон қадам мезаданд, пештараш омаданд. Роҳи калон мисле ки об зада, рӯфта шуда. Ҷонзоде аз он намегузашт, аз ду тараф, то ба дуриҳо силоҳдорон онро банд карда буданд. Мошинҳои беҳисоб аз ду ҷониб ва одамон ҷамъ омада. Мешуниданд, ки Барзу роҳро банд карда. Ку касеро чуръат, ки ба роҳ қадам монад ё мошине ба ҳаракат дарояд. Гӯё Барзу бо силоҳдоронаш машқ мегузарондааст. Ҳатто ҳангоми дар роҳ будани мошини Барзу, ки ранги ба ранг буданд, ҳеҷ мошини дигаре ҳақ надошт аз вай гузарад. Баъзан дидаю дониста ӯ мошинашро оҳиста, хеле оҳиста ҳай мекард. Мошинҳо аз паси мошини вай ҳамел.

Аз вай пеш гузаштан номумкин. Одамон шоҳид шуда буданд, каси аз мошини Барзу гузашта ба чӣ рӯзе гирифтор шуда. Як ҷавони солҳои сол дар муҳоҷират, дар Русия буда, аз вазъият ноогоҳ аз мошини Барзу гузашта ҷазояшро дидааст. Бо автомат мошини ӯро тирборон кардааст, гӯши ҷавонро буридааст, ҷарима андохтааст, мошинашро гирифтааст, худашро паронданӣ шудааст, ки Шарифи Ҷарпар ба миён даромадааст, ба вай ҳамдеҳа буда ӯ.

Ё воқеъаи дигаре. Имомхатиби деҳаи Барзу-мулло Мурод ва чанд шогирдаш қарибе аз намози иди Қурбон мемондаанд, дертар ба роҳ баромада будаанд. Худи мулло Мурод паси чанбараи фармон. Мошинҳо дар пеш қатор, оҳиста ва хеле оҳиста мерафтанд, дар пеш Барзу. Домулло, ки як меҳрубони Барзу буда, ӯро «бутам» мегуфта, барои аз намоз дер намондан бо дили пур мошинро тезтар ҳай карда аз Барзу гузаштааст. Гузаштаасту ба бало мондааст. Барзу мошини домуллоро манъ кардааст, аз гиребони ӯ гирифта аз мошин берун кашидааст, рӯ-рӯи роҳ кашола кардааст, ӯро рост гузоштааст, қайчӣ гирифта ба оҳу нола, зорию илтиҷои мӯйсафед эътибор надода, ними ришашро аз бех буридааст, қабзаи риши барфосои ӯро ба дасташ додааст.

Ана ҳамин хел корҳо карда Барзу. Баъди ин ҳама ҷазоҳои гӯшношунид, ку одамеро ҷуръат, ки аз ӯ натарасду чашмаш аз вай хам нахӯрад. Не, ин қабил одамон дар ҳамон обравҳо набудаанд.

Барзу хастаю монда шуда буд. Сараш пурғавғо, ғавғои Мустафо, аз пеши назараш ин симо дур намешуд, ғавғои рӯҳи онҳое, ки дар Дараи Марг як-як паронда буд. Ҷои раҳоӣ аз рӯҳҳо намеёфт, ба замми ҳамаи ин дод аз дасти махсуми Ҷонмаҳмад, дод аз нописандиҳои вай. Силоҳдорони вайро бепурсиш гирифтаасту бурдааст, амалиёт доштааст. Ваҳ, чӣ нописандие! Бояд роҳ ёбад, аз ӯ халос хӯрад, бигӯяд ба зердастонаш: «Ман Барзу», алови чашми онҳоро ҳам мегирад, аз вафодорӣ ҳар кадом қасам бихӯранд, лаҳзаҳои қасамёдкунӣ меорояд. Ҳангоме ки дилаш чун пушти дег сиёҳ буду офтоб ким-кайҳо ғуруб карда домани кӯҳ бо пардаи торикӣ печонида мешуд, ба назараш ҳама ҷо тира ва дилгир тофт, тарафи мошинаш қадам монд.

* * *

Пас аз чанд рӯзи дар ҳар кучо ва қароргоҳ хуфтану хестан ва пас аз нохушиҳои имрӯз аз сар гузарондааш дилаш кашоли хонаашон шуд. Дар ҳавлӣ ҳам кӣ монда? Ҳавлию хонаҳое, ки бо Осиямоҳ, бо падар, бо омадурафти хешовандон пур буд, имрӯз мисли мазористон. Падараш ҳам хело вақтҳост, ки сарашро гирифта рафта. Шиносҳою наздикон ва ҳатто ҳамсояҳо қадам намегузоранд. Як модари сарсахташ монда. Ба гуфти худаш, аз ғаму алам, озорҳои аз дасти фарзанд ба са-

раш омада мӯйҳои сараш сап-сафед шуда, чашмонаш чукида, қоматаш чун дол гашта. Ҳанӯз ба пирӣ нарасида асобадаст шудааст. Бале, ҳоло дилаш майли хона кардааст.

Қариби ними шаб буд, шаби торик, ки кас пеши пояшро намедид, осмон пурабр, шима-шима борон меомад, Барзу бо дастаи посбонон ва қатори мошинҳои сиёҳшишаю гуногунтамғаи хориҷӣ ба деҳа ва баъд ба кӯчаи худашон даромад. Кӯчае, ки сангу сангрезаҳои зери по, ду-се дарахти беду сафедори қадимаи дар лаби ҷӯйҳои ду канори роҳ монда шоҳиди даврaҳои хурдсолӣ, мактабхонӣ ва даву този ӯ бо бачаҳои ҳамсоя буданд. Имрӯз аз ҳар қадами ҳамон тифл бало хезад, ӯ одамкуш, як фарди ваҳшӣ, аз вай ҳама дар ҳарос, дар гурез.

Барзу аз мошин фуромада, дар ҳоле, ки гурӯҳи силоҳдорон бо сарҳои хам ӯро бо ҳурмату эҳтироми беандоза нигаҳбонӣ мекарданд, пеш-пеши онҳо гурс-гурс қадам зада дар паси дарвозаи рангисабзхурдаи оҳанин истод. Онро тела дод, чун ҳамеша дар аз дарун руст, қуфл. Баъди, он ки чанд бор силоҳдорони номаълум ба ҳавлӣ даромаданд ва, хусусан, баъде, ки хонаашон сӯхту аз Осиямоҳ монданд, модар дар набудани Барзу эҳтиёт мешавад, рӯзҳо ҳам дарвозаро руст мекунад, қуфл меандозад. Ҳарчанд ки силоҳдорони Барзу гирду атрофи деҳаро посбонанд, дидбонгоҳҳо ҳастанд, вале дили модар дар ҳарос, тарс хӯрдааст.

Бо овоз равшан кардани Барзу модар дарвозаро кушод.

– Омадӣ? – чанд рӯз боз бемор, ки буд модар, бо азоб рост меистод.

– Ҳа, очаҷон.

– Очаҷон нагӯй, ту чӣ фарзанде шудӣ барои ман ва падар? Дод, сад дод аз дасти ту. Ҳама аз ту нолон, домангир, ҳамосяҳо бо ман гап намезананд. Бачаҳояшонро бурдӣ, нобуд шуданд, хонаи эшони Саидҷалолхон чулмарг шуд, духтарашро ҳам куштӣ. Пири мо буданд падару бобоҳои онҳо, пири падарат буданд онҳо.

– Оча, ҷон, очаҷон, нагӯй ин гапҳоро, нагӯй!

– Имрӯз чӣ кор кардӣ? Муаллим Мустафоро куҷо бурдӣ? Модари зораш саркану покан наздам омад, «дугона, дугонаҷон, бачам, Мустафо» гуфт. Ҳеҷ чиз гуфта натавонистам, падарат дар ба дар, ҷои хоб мекобад. Ҳамин азобаш бас набуд, ки вайро қапиданд. Войи мардакам, мардакҷони хору зоршудаам, вой, вой.

– Чӣ гап шудааст, оча? – ҳавоси Барзу парешон шуд.

– Падаратро бурданд.

– Оча, ту ҳуш дорӣ, чӣ мегӯӣ?

– Ҳа, ҳуши ман дар ҷояш, ту бало шудӣ ба сари падар, ба сари модар, ба сари раҳматии Осиямоҳ.

– Гап зан, оча! – ба такрор мепурсид Барзу. – Киҳо бурданд отама, куҷо бурданд? Сафсата нагӯй, гап зан!

– Сиёҳдарагиҳо.

– Дар деҳа ҳеҷ гап нест – ку.

– Ба Лолазор рафта буд.

– Кӣ гуфт? Аз куҷо фаҳмидӣ ин гапа?

– Муаллим Хидиралӣ омада, хабар оварда.

– Барои чӣ ба худам телефон накардааст?

– Гуфт, ки аз додарам метарсам. Боз гуфт, ки то рафтани бачаҳои Сиёҳдара ба Лолазор наравӣ. Вай ғами туро мехӯрад, «додарам», мегӯяд.

– Фаҳмидам, оча – Барзу низ аз муаллим розӣ буд.

Барзу аз пайи батафсил фаҳмидани ҳодисаи ба падараш рухдода афтод. Чанд нафарро ба Лолазор фиристод.

* * *

Бобои Абдукарим зӯъмӣ карда, аз ҷои нишасташ, аз болои хараки назди мағоза нахест. Мӯйсафедҳои дигар, ҳамроҳони ӯ, аз бало ҳазар гуфта ҷонашонро каҷ карданӣ буданд.

– Абдукарим, намехезӣ? – пурсиданд аз вай.

– Не, ба ҳеҷ кас бадӣ накардаам, ба ягон тараф ҳамроҳ набудам. Ё мисли шумоҳо майдоннишинӣ кардам? Пурсанд, ҳамин хел мегӯям.

– Ба кӣ ин гапҳоро мегӯӣ?

– Ба ҳукуматиҳо.

– Ту, Абдукарим, ба Худо девона шудаӣ… Гуфтему сад бор мегӯем, ки инҳо ҳукуматиҳо нестанд, ки майдону пайдон, ё комунистам гӯӣ. Комунистам гӯӣ, аз даҳонат мепаронанд. Инҳо бачаҳои Сиёҳдараанд. Нашунидӣ магар, Сиёҳдара, овозаашон ба олам рафтагӣ. Ҳама чи доранд, аз ҳукуматиҳо зиёдтар танку тиру тӯп доранд.

– Аз куҷо ёфтаанд?

– Худта босавод мегирӣ, комунистум, иштирокчии ҷангум мегӯӣ. Балоя намефаҳмӣ. Ба онҳо як ҷумҳурии ҳамсоя ҳама чиро додааст, аскар ҳам додааст.

– Ҳамин хел мегӯянд.

– Бин, нигоҳ кун, омаданд. – ба роҳи поёни деҳа ишора карданд. Танкҳо, мошинҳои зиреҳпӯш, боз чи балоҳои дигар, силоҳдорони бешумор…

– Қавму халқҳои Сиёҳдара ҳам одаманд, ба хонаҳошон рафтуомад доштам. Иштирокчии ҷангам, як марди пирам. – падари Барзу ба фикру хаёлҳои худ банд буд. Бовар намекард, ки ба сари як марди кӯҳансоле мисли ӯ касе мушт мебардорад. – Мо ҳам ҷангро дидаем, –

афзуд ӯ орденҳояшро ба сари синааш зада буд, дилаш пур. Ба бачаҳои ҷанговар гуфтанӣ буд, ки вай ҳам ҷанг кардааст, дар дараҳои Ромиту Сиёҳдара, соҳили Кофарниҳону водии Вахш, Раштонзамину Хатлон не, балки дар кишварҳои дур аз Ватан, аз Русия ҳам берун, дар Полшаю Чехословакия ва Германия, дар мамлакатҳои бегона, Ватан гуфта бобои Абдукарим ҷангид ва аз ёдаш намеравад воқеае.

Тир хӯрд. Чанд шабу рӯз дар майдони ҷанг, дар қатори мурдаҳо хобид. Бегонаҳо ӯро кашолаю пуштора карда ба беморхона бурданд, табобат дид. Аҳсан, офарин хонданд ба ӯ. Вай аз худ бехабар, танҳо дар майдони ҷанг корнома нишон дода будааст, беҳуш будаасту тир мекушодааст, гранатаҳо ҳаво медодааст ба ҷониби танкҳои душман. Чанд танкро таркондааст. Ба вай мукофот – орден доданд, ана он дар пеши бараш. Ҳамонро ба бачаҳо – ба ҷанговаронe, ки ба деҳа медароянд, нишон медиҳад. Ба онҳо мегӯяд, ки вай Ватан гуфта бар зидди истилогарони фашистӣ ҷангид, сина сипар кард, хун рехт. Аммо дар Тоҷикистон, байни тоҷикон чи ҷанге меравад? Киро душман мегӯянд? Тоҷиканд ҳама, магар хуб аст, ки тоҷик тоҷикро кушад? Тоҷикон якдигарро кушта, магар қаҳрамон мешаванд? Кӣ ба онҳо офарин, таҳсин мегӯяд? Кӣ мукофот медиҳад?

Саҳни мағоза, кӯчаҳо аз одам холӣ шуд, касе намонд. Мошинҳои зиреҳпӯш баландиро мебаромаданд, замину замон гӯё зери чархҳои онҳо меларзид. Аз танаи деворҳои кӯҳнаи кафидаю ҷо-ҷо сӯрохшудаи мағоза пора-пора кулӯх, коҳгил, андова ҷудо шуда ба замин, ба болои сари бобои Абдукарим, ки такя ба девор менишаст, меафтод. Аз танку мошинҳо саҳни мағоза пур шуд. Силоҳдорон берун меомаданд аз онҳо. Ба деҳаи Лолазор не, гӯё ба ягон мамлакати бегона, дур аз Тоҷикистон даромада, онро фатҳ карда буданд, ки аз ваҷоҳати эшон ҳавобаландӣ, мағрурӣ, нописандӣ, ҷаҳлу асабоният эҳсос мешуд. Аз автомат ва силоҳҳое, ки доштанд, ба осмон, бар болои деҳа тир меандохтанд, мушак мепаронданд. Ҳамааш гӯё ба шарафи ғалаба! Тирҳо, гулӯлаҳои оташ болои бому ҳезумхонаҳо афтода, ҷо-ҷои деҳа забонаи оташ баланд мегашт, сӯхтор, дуд. Деҳаи Лолазор, масҷид месӯхт. «Фотеҳон» замину замонро ларзондан, мардумро тарсондан мехостанд. Аз назар афкандан ба онҳо, аз сиёсати эшон дилҳо об мешуд. Мардум аз шунидани хабари омад-омадашон тарсида кайҳо хонаю ҳавлиҳо, молу амволашонро гузошта аз деҳа мерафтанд, ба кӯҳҳо, ҷарию теппаҳо рӯ оварда буданд. Дашту саҳро, боғу майдонҳо аз одам пур, аз дур одамон ба мисли муру малах метофтанд, гирду атрофи деҳаро гӯё сиёҳӣ гирифта. Баъзеҳо кӯдакҳо дар бағал, борхалтаҳо дар пушт, беморон ҳамроҳашон, ба улавҳо савор карда мебурданд онҳоро, ё худашон базӯр роҳ мепаймуданд. Занҳои пояшон вазнин баъди ҳар панҷ-даҳ қадам монда шуда дар ҷойҳояшон менишастанд, рӯ ба Лола-

зори дар оғӯши оташу дуд мондаашон оварда пичир-пичир дуо мехонданд, «тавба-тавба» – гӯён гиребонашонро медоштанд. Ҳамаро як нохушӣ, рӯзи сиёҳе фаро гирифта буд. Албатта, ба деҳаи онҳо қавми дигаре ҳамла наоварда, ё ба мисли асрҳои пеш ба сарашон муғулҳои оламаловмон, қарохитоиҳою ғазнавиён, манғитҳо натохта, истилогаре ба хоки онҳо надаромада. Ба онҳо ҳар чӣ рӯзи сахте оварда, ҳамон ошно, хешованд, ҳамзабон. Киҳо буданду набуданд, ки душманон тавонистанд, байнашон низоъ ангезанд, бардор доданд, ҷанг хезонданд, силоҳдор карданд, пулу молро дареғ надоштанд, дӯстон, ҷигарбандҳоро ба ҳам душман сохта тавонистанд. Ҳоло ба онҳо кӣ душман? Кӣ душмани ҷону нангу номусашон? Сиёҳдарагиҳо, болообиҳо, деҳаҳои гирду атрофашон, ки байни ҳамдигар хешию таборӣ доранд, обшарику хокшариканд. Ҳоло хурду резаи Лолазор «дод аз дасти ҳамзабону нонхӯру намакхӯрҳо» гуфта, аз тарси ҷон мегурехтанд. Хонаҳо, ҳавлиҳо холӣ шуда, дар саҳни мағоза ғайри бобои Абдукарим касе намонда. Қиёмате пеши рӯи ӯ сар зада. Мошинҳои зиреҳпӯш, силоҳдорон рӯ ба болои деҳа, рӯ ба осмон тир мепаронданд, давутоз, «ҳай бигиру ҳай бидор, будав, бузан!» – суханҳо мешунид ӯ.

– Кистӣ ту, мӯйсафед? – се-чор нафар силоҳдор гирдаш карданд.

– Бобои Абдукарим ном дорум, – гӯён дар ҷавоб бо лаҳҷаи онҳо ба гап даромад. – Иштирокчии ҷангум.

– Мӯйсафед, ай гапзаниҳот нотарс, милашах метовӣ.

– Ай Худо метарсум, бачаҳом. Шумоҳо ҳам ай Худо бутарсе.

– …

– Ҳа, бобо, гап зан! Худут ҳам ай ҳами деҳа мешӣ? Ай Лолазорӣ?

– Не, бачам, ма ай Сангрезум.

– Сенгрезуш дар куҷояй?

– Сангрез ай ин ҷо дурай.

– Дар Лолазор чӣ мекунӣ?

– Пеш дар ҳамӣ Лолазор будем, баъд кӯчидем. Хуни нофум ҳамин ҷо рехтай.

– Дурӯғ намегӣ, мӯйсафед.

– Дурӯғ гӯюм, забонум сӯза.

– Лолазориҳоя ҳамашона медонӣ?

– Чӣ дурӯғ гуюм, бачам, ҳамашона медонум.

– Чува ту нагурехтӣ?

– Гуфтум-ку, ма ай Худо метарсум. Вақтуш буд, то Берлин рафтум, дар ҷанг будум, намурдум.

– Акнун мемурӣ.

– Ту тоҷики худум, ки мана кушӣ, букуш.

– Як тараф ист, гапа кам кун, – силоҳдори калонсолтаре пеши роҳи

ҷавони бадхашми қадпастро, ки ба тарафи бобои Абдукарим қадам монда буд, гирифт.

– Бобо, ин тараф биё, – силоҳдори калонсол, ки пеши бараш пур аз тирдону силоҳҳо буд, вайро ба каноре хонд ва аз ҷайбаш чанд варақ баровард ва боз ба бобои Абдукарим муроҷиат кард: – Бобо.

– Лаббай, бачам.

– Ҳамаи лолазориҳоя медонум гуфтӣ – а?

– Ҳа, бачам, хурду калонша медонум, чӣ дурӯғ гӯм?

– Муллоӣ?

– Э не, бачам, дар вақтуш хонда натавонистум.

– Ҳамия буфаҳм, бобо, ки ай дасти мо ту дига халос намехӯрӣ. Пеш даро, – фармоиш дод.

– Ба куҷо?

– Напурс, роҳ гард, – ҷониби як БТР қадам монд силоҳдори калонсол.

– Чӣ гуноҳ дорум, бачам? Падарут вори одамум. Вақте ту ба дунё наомада будӣ, ки дар ҷанг будум, Ватана ҳимоя кардум. Ордену медалҳома бин, кинишкаҳома ҳам бин. Хизмате, ки ма кардагиюм барои Ватан ҳеҷ кӣ накардай.

– Сафсата нахон, бузриш! Агар як бори дига даҳон кушоӣ, ба Худо, мепаронумут, – силоҳбадаст аз пас бо қундоқи автомат ба китфи мӯйсафед фуровард, рӯ ба замин афтод бобои Абдукарим ва дарк кард, ки беҳуда «як марди пирум, гуноҳ надорум» гуфта аз паси ҳамроҳонаш нарафт. Нагурехт, зуъмӣ карда дар ҷояш нишаст. Баъд хаёл дошт, ки бачаҳои ҷавон ба сари одаме мисли падарашон намедаванд, беҳурматӣ намекунанд. Вале боз ва боз фаҳмид, ки саҳв кард.

Вайро аз дари БТР ба дарун тела доданд, ба дарозии қад пеши пои чанд нафар ғелид, сипас бо азоб хесту ба ҷои нишондодаи онҳо нишаст. Ҳамон марди калонсоли харобаи қадбаланди сар то по силоҳдор, ба мисле ҷавшанпӯш ҳам буд, коғазҳои дасташро варақ гардонд, рӯйхате дошт, рӯйхати номи одамон.

– Бобо, – муроҷиат кард ӯ ба вай. – Мо як маслиҳат дорем, – овозаш нарм шуд. – Гап байни худамон мемонад, аз ту баъзе гапҳоро мепурсем, лекин рута сиёҳ карда дурӯғ намегӯӣ. Номҳоро мехонем, ту хонаҳошона нишон медиҳӣ.

Аз ин хоҳиши силоҳдор вазъи бобои Абдукарим тағйир ёфт, ба тарсу ҳарос афтод.

– Натарс, бобо, ба сарут халта мекашем, туя намебинанд, намешиносанд.

– Наметавонум, наход дар охири умрум мани ному нишондор ҳамин хел кор кунум.

– Ба хубӣ мегӯюм, зинда мемонӣ, – мусоҳибаш давом намуд: – Туя бобои Абдукарим мегӯянд?

«Силоҳдор аз куҷо донист номи ӯро?» дар ҳайрат монд. Ва ба хаёлаш расид, як назар муаллим Хиридалиро дида буд, бо силоҳдорон аз БТР фуромада, бобои Абдукаримро дидан замон чапасар ақиб гашт.

– Ҳа, мана бобои Абдукарим мегӯян, номам ҳамин. Аммо гӯе, ки номи мана ба шумо кӣ гуфт? Муаллим гуфт?

– Кӣ гуфт, нагуфт, кори ту набоша… Ба ту боз як кори дига ҳам дорем. Ин кори моя ту буд карда метавонӣ, фақат ту, ба мо гуфтанд.

– Чӣ кор, кӣ гуфт?

– Баъд мегӯем чӣ кор! Ин гапи алоҳида. Ҳоло ба мо бигӯ, ки одамони бадавлати деҳа киҳоянд? Худамон медонем, рӯйхат дорем, лекин боз аз ту ҳам мепурсем, месанҷем. Ҳавлии имомхатиби масҷида нишон медиҳӣ.

– Намедонум, нишон дода наметонум. Мардум чӣ меган? Меган, ки бобои Абдукарим пош ба лаби гӯр расидаю бузӣ мекуна. Ман ин нома бардошта наметонум.

– Мӯйсафед, ба худ биё, ҳушта ба сар гир, «намедонум», нагӯ, ҷонта маст мекунем, ай пот ба пушти мошин мебандем, падарлаънат, зувонта мебурем.

Бобои Абдукарим сар боло карданӣ буд, ки қундоқи автомат ба рӯ, ба парраҳои сараш омад. Зарбаҳои сахт, ба хаёлаш ягон дандонаш намонд, аз даҳону биниаш хун шорид, чашмонаш ҳеҷ ҷойро намедиданд, мадҳуш гашт, афтод.

Ба ҳуш омад бобои Абдукарим, чашм кушод ва ба гирду атроф назар давонд, рӯи замини қоқ мехобид. Кулбаи нимвайронае, дохили он одамони зиёде. Пойҳои аз хунукӣ карахту беҳаракат шудаашро ғундошта дар ҷояш нишаст. Торҳои риши сафедаш хунолуд, хун хушк шуда дар ришҳо, дар гиребони куртаю гирди лабу лунҷҳояш.

– Бобои Абдукарим, – шунид овози амакбачааш мулло Саидро.

– Шумо мулло Сайиде?

– Ҳа, бобо, аз деҳа бисёрем, – мӯйсафеди Самиу Ҷонони шофир ҳам овоз баровардand.

– Шумоҳо дар куҷо ба даст ғалтиде?

– Аз хонаҳомон қапидан.

– Нагуфтанд барои чӣ?

– Хонаҳои Рачаббою Ҳамиди пучуқа пурсиданд.

– Чӣ гуфте?

– Чӣ мегуфтем? Намедонем, гуфтем.

– Хуб кардед. Намедонед, ки дар куҷоем?

– Ранге, ки дар Ситамдараем.

– Саҳар шудааст?

– Ҳа, кайҳо, тайамум карда намозомона хондем.

– Усто Асалро паронданд, – бо ҳасрат номи ӯро ба забон оварданд.

– Худо раҳматуш куна, одами хуб буд, – гуфт Ҷонони ронанда.

– Ҳамамона мепаронанд, – боз ба гап ҳамроҳ шуд бобои Абдукарим.

– Чӣ мекунем, тақдир ҳамин будааст.

Пешопеши се нафар силоҳдор ҳамон марди калонсоли ба бобои Абдукарим шинос, ки аз зарбаҳои автомати ӯ акнун ба ҳуш омада чашм кушода буд, ба кулба даромад.

– Аз ҷоят хез, – шиноси бобои Абдукарим ба Ҷонони ронанда амр намуд. Ӯро як силоҳдор пешандоз карда аз дар баровард.

– Шумоҳо мӯйсафедҳои беимон, зинда мондан мехоҳед? – мулло Сайиду амаки Самиро аз ҷой хезонданд силоҳдорон.

– Бачаҳом, мо гуноҳ надорем. Худо нигаҳбонатон шавад, аз куштани мо чӣ муроде ҳосил? Зомин нашавед ба хуни мо, пеши пои бачаҳотон мемурем, накушед, дуои неки моро гиред, – мулло Сайид илтиҷо кард.

– Як шарт дорем, Алиризои раисро медонед?

– Вай аз деҳаи мо нест.

– Медонем, аз Ширинбутта аст, раис аст, одами дорою бадавлат аст. Ҳаминро медонед – а?

– Ҳа, медонем.

– Духтараш дар Лолазор шӯ дора – а?

– Ҳа, зани Ҳошими ҷияни ман аст, – мулло Сайид ба пурсишҳо ҷавоби рост мегардонд.

– Бале, домулло, рост мегӯӣ, ба фоидаи худат. Хуб будааст, ки духтари ин бойбобо ба дасти ҷияни ту будааст. Нағз. Акнун ба шарти мо гӯш кун. Ба хонааш меравӣ, мегӯӣ, ки духтараш қазо кардааст, ҷанозахабаркунум мегӯӣ.

– Ло ҳавла ва ло қуввата иллобиллоҳил азим. Чӣ хел мешудааст, ки ман духтари вайро мурдааст мегӯям.

– Мегӯӣ, фармоиши моро ба ҷо мебиёрӣ, мо вайро дар сари роҳ интизор мешавем. Вайро меқапем. Баъд ту халос, озод.

– Ин хел кор карда наметавонам. Баъд оқибаташ чӣ мешавад?

– Зинда мемонӣ.

Мулло Сайид дудила шуда буд, ё дар фикр афтода буд, ки ҷавоб намегардонд.

– Намехоҳӣ – а? Аз дар баро, бо рафиқот дидор ба қиёмат гӯй, – ба тарафи дар ӯро тела доданд, пешандози як силоҳбадаст шуд. Мулло ба ҳарос афтода аз тарси ҷон сар то қадамаш меларзид, ба хулосае омада буд, ки ақиб гашт.

– Ба шарти мо розӣ шудӣ?

– Ноилоҷ мондам, бачаҳом.

– Берун баро, ба ту боз гапзанон мекунем, баъд меравӣ, – гуфт ҳамон силоҳдори калонсол.

Дар кулба бобои Абдукарим монда буду силоҳдор ва мӯйсафеди Абдусамеъ. Силоҳдор бобои Абдукаримро гӯё намедид, ки ба вай эътибор надода аз наздаш гузашт.

– Ку, ту рост шав, – фармоиш дод ба Абдусамеъи куҳансол ва давом намуд: – Ба ту ҳам ҷон азиз – а, пирхар?

– Таҳқир накун, ту набераи ман мешавӣ.

– Забондарозӣ мекунӣ?

– Забона ба ман Худо додааст.

– Мегум, мӯйсафеди пургӯ метовӣ. Майлаш, бало ба пасут. Ба ту раҳмум омадай. Ба ту як вазифаи осонак мефармом. Ҳамӣ гапҳои мана мегӯию баромада меравӣ.

– Чӣ вазифа мефармоӣ?

– Мулло имоми деҳаатон меган пиртай, ҳамӣ гап ростай?

– Ҳа, рост, ман ин одама ҳурмат мекунам. Пушт ба пушташон эшонзодаанд.

– Гуфтам-ку, ба ту як вазифа. Зану духтари ҳами пирта ном мегирӣ, пушт ба пуштша лаънат мехонӣ, халос.

– Ман ин кора намекунам.

– Сар кун ҳақората мегӯм! Аз ту чӣ мерава? Як ду-се бор даҳон мекушоӣ, дашном медиҳӣ, баъд ҷонут халос, меравӣ, озод.

– Чӣ гуфтӣ?

– Нашунидӣ чӣ гуфтам?

– Ман ҳазрати домулло, пирамро дашном намедиҳам. Пом ба лаби гӯр расидааст, аз он дунё умед дорам, сутуни дӯзах шудан намехоҳам.

– Мегӯӣ букушумут, паронум.

– Ихтиёрат.

– Рута ба девор гардон. – садои пайиҳами тир аз кулбаи нимвайрона ба дуриҳо ғулғула андохт. Пайкари мӯйсафеди Абдусамеъ паси пардаи дуд ва чангу хок монд, дами бобои Абдукарим ба дарун зад. Вай пеши назар кушта шудани одамро дид. Ба воҳима афтод. Дил дар синааш ноором гашт, дар такопӯ, талотум, навбати ӯ расида. Дар ҷӯши ҷанги ҷаҳон намурду омада-омада дар ҳамин деҳаҳои худашон аз дасти ҳамзабонаш паронда мешавад. Агар ягон шарт гузоранд? Шавад, ки аз дами марг раҳад, аз ин ҷо барояд… Баъд ягон фикр мекунад. Агар напурсанду ӯро паронанд чӣ? Худо нигаҳ дорад. Чашмони лаънатиро хун гирифтааст. Одам паронд, ана, боз ҳамон автоматаш, ки аз мили он ҳанӯз дуд мебаромад, дар даст, аҷалаш назди бобои Абдукарим омад.

– Ба чанд даромадӣ?

– Солум харгӯшай.
– Аз ту мепурсум, пирхар, ба чанд даромадӣ?
– Ҳамин баҳор ба ҳаштод медароюм.
– Ба ҳаштод намедароӣ.
– Раҳм кун, бачам.
– Гапма нагирифтӣ-ку.
– Гапта мегирум, бачам.
– Дидӣ – а дар пеши чашмот одам куштум.
– Ҳа, дидум.
– Ба ту як кор мефармоем, ҳазрати Абутолиб фармуд.
– Ҳазрати Абутолиб кӣ аст?
– Қумандон. Мирзомуроди банкир ҷиянут меша?
– Ҳа, вай ҷиянмай.
– Мо ҳам медонем, бачаи хоҳартай, рости гапа гуфтӣ.
– Ман дурӯғ намегум, бачам.
– Вайро зинда гирифтанамон лозим.
– Чико мекунеша?
– Ҷои пулу молша мегӯя, набоша куштани вай ду карат ду. Мурда-ашро ба сарамон мезанем. Пулош лозим, пулош. Агар не, ту ба мо чӣ даркорӣ, мепаронемта. Чӣ гуфтӣ? Ҷон мефората? – Чӣ хап шудӣ, пирхар? Гапи мана намегирӣ? То се ҳисоб мекунум. Як…
– Ман чӣ кор кунум?
– Телефон карда метавонӣ.
– Телефонум дар хона мондай.
– Сару фукта ҳамвор кун, дасту рута шӯ, орденота барои ҳамин аз пеши барут нагирифтем. Ҳамин короя мекунӣ. Хонаш медароӣ, туро бина дар гӯр ҳам боша, мебароя. Баъд ба мо телефон мекунӣ.
– Баъд чӣ?
– Ин тарафаш кори мо.

* * *

Аз рӯи маслиҳатҳое, ки дар гӯшаш чанд соат хонданд, бобои Абдукарим амал менамуд. Телефон дода буданд ба вай, барои боварӣ ҳосил шудан пеши назарашон ба телефонҳои онҳо дар гуфтугӯ шуд. Амалу ҳаракатҳои ӯ писандашон омад.

– Дар ҷанг ба разведка рафта будӣ? – аз бобои Абдукарим пурсиданд.

– Ҳа, борҳо забон оварда будем.

– Ҳоло ту киро меёбӣ?

– Мирзомуроди банкира.

– Бале, аз хотир набарор, ки супориши мо аз супоришҳои давраи ҷанги ҷаҳон зӯрай. Мисли ҷанг аз тарафи душман не, аз дасти мо

кушта мешӣ. Фикр кун, мӯйсафед, бо мо бозӣ карда наметонӣ, дар поини деҳа, аз мошин мефарой. Баъд худуту ихтиёрут, саруту равғанут. Дар сарут боз ягон фикр набиёя. Дунёя бедушман хаёл карда гурезум нагӯй. Мо зану бачата медонем.

Аз рӯи маслиҳат роҳ мерафт, бо шиносҳое, ки дучор меомаданд, ҳамгап намешуд. Роҳу роҳравҳои деҳа пур аз силоҳдорони Сиёҳдара. Ҳанӯз хонаю ҳавлиҳо беодам. Силоҳдорон медонистанд, ки хонаи Мирзомурод даромадан бефоида, худи банкир ба онҳо лозим. Маълумашон набуда, ки ӯ дар куҷо.

Бобои Абдукарим паси дарвозаи боҳашамати оҳанини гуландозишуда меистод. Қираи чашмаш ба силоҳдоре афтод, ки дуртар аз вай наззорааш дошт. Бобо ангушт болои занги бурҷи дар монд, пахш кард ва боз пахш кард. «Ман, ман бобои Абдукарим!» баланд ва боз баландтар овоз бароварда. Шарфаи по шунид, касе меомад.

– Ман, бобои Абдукариматон, – такрор кард. Даричаи одамдарои дарвоза боз гашт.

– Шумоед, бобо?

– Ҳа, ман, келин.

– Дароед, тезтар, – завҷаи Мирзомурод саросема ақиб рафт. Дар як ҳавлии калони бесару бебар, як худи ӯ танҳо.

– Бачаҳо дар куҷоанд? – бобо фарзандони ӯро дар назар дошт.

– Паноҳ шудаанд.

– Мирзомурод ҳамин ҷо аст?

– Ҳа.

– Келин, худатон ҳам дар ҳавлӣ наистед, ҳозир медароянд.

– Ба хонаи мо намедаромаданд-ку.

– Ҳамин тавр шуд, келин, баъд гап мезанам.

Завҷаи Мирзомурод аз ваҷоҳати бобои Абдукарим тарсу ҳарос, безобитагии ӯро ҳис мекард, ӯ ҳам дар ғами ҷони худ.

– Биёед, – пеш-пеш даромад ӯ. Дари оғилро кушод, пури гову мол, чанд рӯз боз нарӯфта будаанд, ҳама ҷо пури тапии гов, чанд тахтаро аз таги пои говҳо бардошт завҷаи Мирзомурод. Бобои Абдукарим роҳи рафтанашро медонист.

Мирзомуроди банкир баъди нооромиҳою пайи ғорати молу мулки мардум афтодани силоҳдорон ғамашро хӯрда буд. Таҳҳонаи мӯҳташами зеризаминӣ сохт. Аз даруни оғили гову мол зина ба зина ба он роҳ. Болои сар чандин қабат оҳану бетон. Баъд як-ду хонача, ҷои хобу дегу дегдон…Аз як тараф то ба хонаи ҳамсоя тагтаги замин роҳ. Барқ ҳам овардаанд. Шароитҳо муҳайё. Ҷои дилпур, бехавф, бехатар. Борҳо дуздону ғоратгарон пайи дастгир кардани Мирзомурод, ки ӯро халтаи пул ҳам мегуфтаанд, афтодаанд, кофтаанд, пайт ҷустаанд. Вале тирашон хок хӯрда. «Ӯ ба замин даромада ё ба осмон

рафта?» гуфта ноумед мегаштаанд. Ҳоло сиёҳдарагиҳо дар ҷустуҷӯи ӯ. Бобои Абдукаримро ҳам гум кардаанд. Ӯ ҳодисаи ба сараш омадаро ба Мирзомуроди ҷиянаш ҳикоят кард. Вай парешон гашт. Хомӯш монд. Баъд бо ранги рӯи канда ба тағояш гуфт, ки кори хуб карда, ки ин ҷо омада. Ҳатто таскину тасаллиаш дод, ки дилаш пур бошад, онҳоро намеёбанд.

– Ба ҷонам, ба номи Худо, Мирзомурод, амон бахшидӣ. Ноилоҷ будам, роҳи дигар надоштам. Агар ҳамин фикр, ҳамин паноҳгоҳи ту, ба хаёлам намеомад, ҷиян, мекуштанд, мепаронданд, мурдаамро сагҳо мехӯрд, – дар чашмони бобои Абдукарим қатраҳои об чарх заданд. Вай давом намуд: – Маро бубахш, Мирзомурод, ғами ҷони худамро хӯрда, ҳамин корро кардам, хуб накардам. Лекин гуфтам-ку, бачам, – аз меҳрубонӣ «бачам» гуфт ӯро. Дар хиҷолат монда буд барои кори кардааш бобои Абдукарим. Вале Мирзомурод тағояшро боз ва боз таскину тасаллӣ дода, гаштаю баргашта таъкид мекард, ки кори хуб кардааст.

Бобои Абдукарим чанд рӯз дар паноҳгоҳи ҷиянаш зист ва баъде ки ӯ аз назари сиёҳдарагиҳо ғайб зад ба онҳо сим назад, чӣ тохтутозе карданд дар ҳавлии Мирзомурод, намедонист, ба ӯ маълум набуд. Ва баъд фаҳмид, ки сиёҳдарагиҳо хабари омад-омади ҳукуматиҳоро шунида аз деҳа рафтаанд, гурехтаанд.

* * *

Дар дидагони Барзу хоб намеомад, чашм мепӯшиду пеши назараш Мустафо менамуд. Ӯ бо вай дар хархаша, дар мағал, боз ҳамон гапҳояшро мегуфт: «Парон, парон, лекин ҳамина дон, ки одамони аз дасти ту ин ҷо кушташуда, домангират мешаванд, раҳоӣ намеёбӣ. Якеаш худи ман, аз Худо умед дорам, дар пеши рӯт пайдо мешавам, оромидан наметавонӣ, девона, ҷиннӣ мешавӣ, ба Худо ҳамин хел мешавӣ. Аз хотир набарор, дар ёд дор, дар ёд дор!»

Беҳуда набуда гапҳои ӯ, аз даме вайро паронду роҳ гирифт, ҳолаш ҳамин. Дар сараш ғалоғула, эшони Саидҷалолхон, духтараш Малика, арӯси таги чодару шаҳбача, ҳофиз, бачаҳои Болооб… Кадом яки онҳоро ном бурда метавонад? Наметавонад, беҳисобанд, ҳама домангир, даъвогар, нолаю ғирев, зорию илтиҷо, зӯрию сиёсат. Зӯраш ҳамон генерал, ки то мурдан милааш хам нахӯрд, тан надод, туву ман кард. Мустафо белро бардошта ба ӯ мегӯяд: «Дар хотир дор, ҳамин гапи мана фаромӯш накун: Ана бо ҳамин бел гӯри худатро меканӣ, дар ҳамин ҷо, дар Дараи Марг!» Наход ҳамин хел шавад, гапашро аз даҳонаш шамол барад. Тарсид дуои бади Мустафоро ба хотир оварда, сахт тарсид. Маргашро тасаввур карда наметавонист.

Се рӯз боз аз хона намебарояд, «телехҳояш» дар рӯи ҳавлӣ, дар

дами дарвоза, Шарифи Ҷарпар дар паси дар. Гоҳе модар ба сари болини ӯ меояд, як бор не, даҳҳо бор. Ҳазор ҷанг кунад, носазо гӯяд ҳам, модар модар аст, дилаш месӯзад, «дили модар ба бачаю дили бача ба кӯча».

– Чӣ гап шудааст ба ту? Хоб намеравӣ, дар хобат гап мезанӣ, аз ҷоят парида мехезӣ? – мепурсад аз ӯ вай.

Вале Барзу ба модар гапи рост гуфта наметавонад. Чи хел забонаш гардад, ки гӯяд: одам куштааст, динаҳак Мустафоро кушт, одамони куштааш домангираш шудаанд, пеши назараш меоянд.

– Хобам намебарад, оча! – ин чанд ҳарфро ба забон меорад.

– Дар тоқагиҳо мегардӣ, бачам. Мегӯм шабҳо ҳам тоқай?

– Не, оча, – аз паси дар овози Шарифи Ҷарпар шунида мешавад ва ӯ боз мегӯяд: – Акама ман танҳо намемонам.

– Ҳамин хел кун, бачам, садқат мешам, – модар аз Шарифи Ҷарпар ризоят дошт.

– Ё, бачам, аз ягон ҷо тарсидӣ? Аз пеши хокистартӯдаҳо, аз таги дарахтҳои сабз мегузарӣ, пеши қабристонҳо қатӣ мебиёӣ. Хаёл мекунӣ, ки ҷину аҷинаҳо нестанд, пуранд. Мани кампир аз онҳо метарсаму… – Модар ба Барзу муроҷиат кард: – Мегӯм, як дуохонӣ кунемта, устухони ту бо дуохонӣ шах шудааст. Сарат дард мекарду мулло Мурода меовардем.

Барзу чанд лаҳзае хомӯш буд. Хоҳиши модар беҷо набуд. Вале ӯ коре кард, ки аз домулло Мурод ҳам монд. Фуки домулло аз вай тоб хӯрдааст. Дар роҳу рӯ Барзуро бинад, салому алайк намекунад. Модар намедонад, дар ин ду-се шаб барои хобаш бурдан аз чанги Мустафо ва рӯҳҳои бисёр халос шудан чи корҳое накард. Рафиқонаш гуфтанд, ки арақ хӯрад, як шиша не, се-чор шиша холӣ кард, нафъ наовард. Аз он сахттаракош – героин истеъмол кард. Ба худ наомад. Шарифи Ҷарпар вайро пеши холаи аловгардон бурд. Соҳиба-хола якта намонда, як қабза нӯкчаи аловдорро гирди сараш гардонд, аловпарак ва алас кард, лек Мустафо боз пеши назараш. «Ман туро осуда намемонам, гуфта будам-ку, бовар накардӣ. То мурданат ҳамроҳат ҳастам, дар он дунё ҳам домангират мешавам», – мешунавад овози вайро.

Бале, модар рост мегӯяд, ҳамин дуохонӣ мондааст, шояд нафъ меорад, шояд аз Мустафо, аз рӯҳҳо, аз онҳое, ки пеши пойҳояш афтода зорию илтиҷо мекарданд, ки накушадашон, халос мешавад.

– Чӣ гуфтӣ, оча? – ниҳоят Барзу аз фикру хаёлҳо ба худ омад.

– Мегӯм, дуохонӣ кунемта, бачам.

– Ихтиёратон.

– Канӣ мулло? Муллоя аз куҷо меёбем?

– Мулло Мурод намурдаст-ку.

– Боз мулло Мурод мегӯӣ? Ту ба вай чӣ кардӣ? Аз хотират баромад? Мардака шармандаи ин дунёю охират кардӣ?

– Чӣ кардам?

– Ришашро канда ба дасташ додӣ? То рӯзе ҳаст, вай туро намебахшад. Мардак миёни мардум шарманда шуд. Ҳама, хурду калони деҳа туро дуои бад мекунанд.

– Рав, оча, гӯй, ки бачам, Барзу туя ҷеғ мезанад. Дуохониаш мекунӣ гӯй.

– Ман намеравам, вай гапи мана намегирад. Чанд маърака кардем, наомад. Дар иду арафаҳо ҳам дигар хонаи мо намеояд

– Мебиёя, як мебиёя, ки…Ҷарпар! – Шарифро садо кард Барзу.

– Лаббай, чӣ меге, ака?

– Мулло Мурода биёр, бугӯ, ки срочно ҳозир шава.

– Хуб, ака, ба чашм, ака. Ҳамин лаҳза мебиёрумша.

– Агар не-пе гӯя, бупаронша.

Мулло Муродро бо зӯри силоҳ оварданд. Ришашро тарошида будааст, акнун гирди лабону манаҳаш риш дамида. Табъаш хира, аз қошу қавоқаш барфу борон мерехт.

– Домуллобобо, дуо хон.

– Чӣ гап шудааст?

– Одамони парондагиам рӯз наметиян, хоб рафтан намемонан, тарсида-тарсида бедор мешавам.

– Ҳамин хел мешавад, дар қиёмат ҳам ҷавоб мегӯӣ.

– Домуллобобо, ин гапҳоя мону ҷину аҷина, рӯҳ пӯҳҳоро аз тани ман дур кун.

– Аз дасти ман намебиёяд. Худованд медонад.

– Гапа кам кун, домулло, дуота хон, аз таҳти дил хон, набошад медонӣ-а? – Барзу сиёсат кард.

Мулло Мурод аз ночорӣ бо дили чун пушти дег сиёҳ сари болини Барзу нишаста ӯро дуо мехонд ва, аз афташ, бо ҳар куфу суф гуфтан зери лаб «Худоё, Худовандо, ҳолат аз ин бадтар шавад, омин», мегуфт.

* * *

Чӣ рӯзҳое ба сари Барзу омада. Ҳамааш аз ҳамон рӯзе ки Мустафоро паронд. Айби худаш, лоч шуд, сергапӣ кард, даҳони ӯро кофт, ба тую манаш гӯш дод. Вай гап зада-гап зада ба мағзи сараш даромад. Пеш ба ҳеҷ одамони мекуштааш гӯш намедод, гап дар даҳонашон мемонд. Аммо бо Мустафо лақиду лақид. Гапҳояшро ӯ дар сари Мустафо ҷой кунонд. Дигар аз ӯ халосӣ намеёбад, хобаш ҳаром шудааст, сараш гирд мегардад, дилаш беҷо мешавад, ҳисобаш гум, ғавғо. Бар замми ин байни силоҳдоронаш носозӣ. Махсуми Ҷонмаҳмад иғво хе-

зондааст. Дар се-чор рӯзи аз хона берун нашуданаш ин одам як бор хабаргириаш наомад. Ҳамаро барои кадом як амалиёт бурдааст… Падарашро куҷо бурданд, чӣ рӯз дорад? Ӯ бехабар. Хидиралӣ ҳам телефон намекунад, гуму гӯр шудааст.

Ӯ интизори хабаре аз Лолазор, аз падар.

Субҳгоҳон шунид, ки сиёҳдарагиҳо аз деҳа рафтаанд. Ба тани Барзу ҷон даромад, силоҳбадастонашро даъват кард. Дар баробари ҷустуҷӯи падар мақсади дигар ҳам буд ӯро.

* * *

Дар даромадгоҳи мактаби деҳаи Лолазор ба муаллими куҳансоле вохӯрд, риши сафеди паҳну парешонаш аз болои ҷомаи навпахтаи сиёҳ ба сандуқи синааш фаромада, дар сараш тоқии чоргули маҳаллидӯхт, муаллимро як сару либос ва афту андоме. Дар замони Шӯравӣ ин хелҳоро дар дари мактаб роҳ намедоданд.

– Муаллим, – ӯро нидо кард Барзу.

– Лаббай, қумандон, – пешаш омад муаллим.

– Ҷӯраи мо ҳамин ҷо ҳаст?

– Кӣ?

– Директори мактаб, Хидиралӣ.

– Вай ҷӯраи шумо не, душмани шумо.

– Чиба ин хел мегӯй? Девона-ку нашуда бошӣ, муаллим. Рав Хиридалиро ҷеғ зан.

– Хидиралӣ нест, вайро бурданд.

– Кӣ бурд? Ту муаллим, ҳуш дорӣ, чиҳо мегӯй?

– Ман рости гапро мегӯям, – баъд давом намуд муаллим. – Бачаҳои Саидхони чӯпон ба деҳа даромада буданд. Бисёрӣ, беҳисоб буданд. Аз ҳама аввал ба мактаб омада «ту одами Барзу, ту хабаркаши вай» гуфта, Хиридалиро гирифтанд, пешандоз карданд. Вай пеши пойҳои онҳо афтод, хоки қадамҳояшонро ба дидагон молид, гирист, ба сари фарзандон, ба Қуръони Карим қасам хӯрд, занам се талоқ гуфт. Гуфт, ки агар аз баҳри як қошуқ хунаш гузаранд, ба онҳо хизмат мекунад.

– Баъд чӣ? Баъд чӣ? – Барзу бетоқат шуда буд.

– Ҷои падари Барзуро медонам, ҳозир ман шумоҳоро мебарам, баъд агар маро накушед, худи Барзуро ҳам барои шумо меёбам, – гуфт.

Хидиралӣ баъд пеш-пеши бачаҳои Саидхони чӯпон ба роҳ даромад.

– Оҳ, лаънатие, лаине, – ҳанӯз Барзу бовар намекард, ки Хидиралӣ ҳамин хел одам буда, ки нашинохташ, шинохта натавонист, нафаҳмид, море буда дар бағали Барзу, ки имрӯз заҳр зад.

– Ҳоло ӯ дар куҷо? Мардум, гап занед, куҷост вай?!

Паси дарвозаи мактаб пури одам, ҳама лолазориҳо. Ба хаёлаш, ки ба ҳоли вай механдиданд, сазоаш медоданд.

– Бачаҳо, мардум, гап занед! Вай дар куҷо? Куҷост вай? – девонавор дод мезад.

Барзу, дар ҳоле ки худро гум карда, аз чашмонаш оташи кину ғазаб мерехт, рӯ ба роҳи хонаи «ошно» мерафт, роҳе, ки беш равуо дошт.

Паси дарвозааш ки расид, ба осмон аз автомат тирҳо холӣ кард, ҳамроҳон пайрави Барзу буданд, нӯги автоматҳо ба осмон тир меандохтанд, қатори ӯ пой бар замин мекӯфтанд, Шарифи Ҷарпар пешпеш. Хонае намонда, ошхонаю оғил намонда, ки ӯ сар нахалонда.

– Муаллим, занта фалон, муаллим, дар куҷой, баро! Ба ҳурмати он Худое, ки ҳастам кардаст, то кӯдаку чудакот, гову молот якта намонда мепаронам. Куҷое бошӣ, баро! Баро мегӯям, баро!

Барзу ҳарчи зудтар дидори «ошно»-ро дидан мехост. Ӯ ташнаи хун, ташнаи хуни Хидиралӣ. Чашмонаш аз сар баромада, девона шуда ӯ. Вале Хидиралӣ пайдо набуд. Дарҳои хонаҳояш ба пушт кушода, нишоне аз аҳли хонавода намонда. Паяшон канда, ҳамаашон гум. Хидиралӣ ким-кайҳо ғамашро хӯрда. Як ҳавлии калону силоҳбадастони беҳисоб. Ҳама ҳайрону маҳву мот, ки онҳо куҷо шуда. Барзу бори аввал чунин зарба хӯрд, зарбае, ки ҷисму ҷонашро мегудохт. Зарба аз дасти Хидиралӣ, ки Мустафо ҳазор бор гуфт, вай бовар накард. Ана, боз сазояш медиҳад: «Фаҳмидӣ акнун, ки Хидиралӣ кист? Бо дасти ту вай маро, падарам ва бисёр бегуноҳонро кушт, баъди падарат навбат ба худат мешавад, бовар кун, вай ин корро мекунад, нафаҳмида мемонӣ, ки хоната месӯзад». Суханони Мустафо мисли мору каждумҳо мағзи сари Барзуро мехӯрданд, ӯро бедавою аз худ бехабартар мекарданд.

– Ака, – Шарифи Ҷарпар Барзуро ба худ овард. – Ин ҷо истоданамон фоида надорад. Таги замин ҳам даромада бошад, ин лаънатии Хиридалиро меёбам, зану кӯдаконашро ҳам меёбам. Лекин ҳоло мо бояд аз пайи халосии амакам шавем, дер не, ҳамин лаҳза ба ҷанг мебароем, кам нестем, метавонем, якта намонда ҳамаашонро мекушем.

«Қасос! Қасос!» – гуфта фарёд мезад Шарифи Ҷарпар. Қариб ҳама ҳамин ҳарфҳо дар забон фарёд мезаданд. Худи Барзу «қасос! қасос!»-гӯён наъра мекашид, ба худ омада буд ӯ.

– Рафтем, бо ман биёед, рафтем, – ғазаби Барзу афзуда рӯ ба роҳи мактаб гардонд. Силоҳдорони беҳисоб мисли мӯру малах аз кӯчаҳои деҳа мерафтанд, медавиданд. «Қасос!» – мешуниданд овозҳоро мардум.

Барзу ҳамаро ба толори калону боҳашамати мактаб хонд. «Биёетон, ҷамъ оетон! Агар яктоатон худро ақиб мекашед, мепаронам, мекушам! Раҳмдилӣ, андешаю хотир дидан бас!» – Баъде, ки

силоҳдорон нафаре намонда дохили толор шуданд, ба касе ҷой шуд, ба курсиҳои қатор нишаст, ба касе ҷой намонд, рост истод. Толори калон ҷум-ҷуми одам мезад.

Барзу дар минбар, рӯ ба ҳозирин мегуфт:

– Бачаҳо, ба шумоҳо мегӯм, бачаҳо, гӯш куне, ки чӣ мегӯм! Ҷудоиандоз душман, душмани қаттоли ману шумо, туғаш аз осмон амада бошад ҳам вайро зери по мекунем. Наметарсем, мо якҷояем, мо бо ҳамем.

– Бо ҳамем! Бо ҳамем! – баланд шуда фарёдҳо дар толор, тарафдор ёфта Барзу, рӯҳу мадор гирифта Барзу, риштаи сухан ба даст гирифта, гӯшона ба махсуми Ҷонмаҳмад аррос мезад. – Ҷудоиандоз дар байни мо маълум, сафамон тоза мешавад, пагоҳ не, ҳамин рӯз, – боз ҳамон ҳарфу сухан дар забонаш: – Мо ҳама якҷояем, бо ҳамем, падари ман падари шумо.

– Падари шумо падари мо, ака, – овози Шарифи Ҷарпар дар алоҳидагӣ ҷарангос мезад.

– Ҷанг мекунем, ҷанг!

– Барои чӣ? Барои кӣ? – махсуми Ҷонмаҳмад аз ҷой бархост.

– Барои падарамон! – Шарифи Ҷарпар рост шуд.

– Падарамон кӣ?

– Намедонед, ака, – эҳтироми махсуми Ҷонмаҳмадро шикаста наметавонист ӯ. – Падари акаи Барзу падари мо ҳам ҳаст. Падарро мо бояд халос кунем.

– Бо ҷанг? Бисёр бачаҳо ҳайф мешаванд, ҷанг намекунем, ягон роҳи дигар меёбем.

– Чӣ роҳ? Ба ман гӯй, махсум, – Барзу пурбардорӣ кардан хост.

– Фикр мекунем, роҳашро меёбем, – гуфт махсуми Ҷонмаҳмад.

Барзу низ дар фикри роҳи силоҳдоронашро ба як ақида, ба ягонагӣ, боҳамӣ, дар фикри ҳамаро ба ҷониби худ муттаҳид намудан буд. Ба хулосае омад, ки:

– Шариф, – номи Шарифи Ҷарпарро ба забон гирифт. – Ин тараф биё, – ба наздаш, ба саҳна хонд. Шарифи Ҷарпар дар паҳлуи Барзу истод.

– Чӣ мефармоед, ака? – рӯ ба ӯ шуд.

– Аз ту сар карда дар вафодорӣ ҳамаро қасам медиҳам.

Пешакӣ байни ӯ ва қумандон маслиҳат шуда будааст, ки Шарифи Ҷарпар аз бағал шамъ баровард.

– Қасам хӯр, бо вафодориат исбот намо, ки ту маро мепарастӣ, аз баҳри ҷонат мегузарӣ. Ҳамин ҳозир, дар ҳамин ҷо, дар пеши назари ҳама.

Шарифи Ҷарпар шамъро оташ дод, шӯълааш баланд шуд. Дар як даст шамъи фурӯзон кафи дасти дигар рӯи оташи сӯзон бурд, кафи

дасташ месӯхт, қатра-қатра равғани одамӣ рӯи оташ мерехт, дуд мебаромад аз кафи даст, бӯи пӯсту гӯшт. Шарифи Ҷарпар тоқат мекард ва рӯ ба ҳозирин мегуфт:

– Акаи Барзу, ба номи Худованд қасам, ба Қуръони Карим қасам, ба гӯшту пӯстам қасам, аз баҳри ҷисму ҷонам гузаштам, дар хизмати шумо мешавам, аз фармонатон намебароям, сарам фидои роҳи шумо, мур гӯед мемурам, зӣ гӯед, мезиям. Қасам. Қасам! Қасам!

Дасти Шарифи Ҷарпар месӯхт, оташ ба устухонаш мерасид, тоб меовард. «Қасам! Қасам!» овозаш баланд ва боз баландтар мегашт. Ҳама дар ҳайрат, ҳама маҳву мот, ки чӣ ҳодисае рух медиҳад, чӣ даҳшат, чӣ ҷабре ба ҷони одамӣ, ки на ҳар инсон тоб меорад, на ҳар силоҳдор ба худ ин ҷаброро раво мебинад, на, на, наметавонанд, ин хел қасам набояд хӯрд, ба ҷон ин хел ҷабр набояд кард. Наметавонанд. «На, на, ба номи Худо ин хел қасам хӯрда наметавонанд, чунин қасам намехӯранд».

– Бас! Бас!! Бародар, Шариф, ман аз ту миннатдор, ту ҷони ман, ҷигари ман, исбот кардӣ вафодориатро ба ман, исбот! – шамъи фурӯзонро аз дасти Шарифи Ҷарпар гирифт ва рӯ ба аҳли толор, ки ҳама ҳайратзада буданд, боз ба сухан сар кард Барзу: – Дидед-а? Шунидед? Ана ҳамин хел ҳама қасам ёд мекунед, дар итоати ман мешаведа. Агар не, аз ҳамин толор берун намебароед. Қасам аз вафодорӣ, аз муттаҳидӣ, аз якҷоягӣ, аз ваҳдату ягонагӣ. Касе сар мепечад, бо ман намешавад, ҳамин ҷо кушта мешавад, рӯи ҳамин толорро мурда мегирад. Аҷали шумо дар ихтиёри ман. Худо ҳам, ки гӯед, лекин ман, ман қотили шумо, марги шумо, ба гӯш гиред, фаҳмед… – гап зада-гап зада аз ғояти ҷаҳл, оташинӣ аз худ бехабартар мешуд ӯ.

– Чӣ гуфтӣ, Барзу? – махсуми Ҷонмаҳмад барқосо аз ҷой парида хест ва боз суол кард: – Чӣ гуфтӣ? Такрор бикун гуфтаҳоятро, Барзу, боз як бори дигар ба забон биёр.

– Натарсон, махсум! Гуфтам, сад бори дигар мегӯям, ба ҳар ду гӯшат шунав, ки чӣ мегӯям! Наметарсам, мегӯям: Аҷали шумо дар ихтиёри ман ва баъд дар ихтиёри Худо! Аҷали ту ҳам, махсум, дар дасти худам! Наметарсам, сабру таҳаммул бароям бас, бардоштам намонд. Ту кистӣ, ки ба ту гӯш диҳам, гапатро гирам? Худи ту агар аз гапам бароӣ, қасам нахӯрӣ, аҷалат дар дасти худам мешавад.

– Мардум, – аз қаҳру ғазаб, оташинӣ чӣ гуна ба аҳли толор муроҷиат карданашро намедонист, гоҳе ҳозиринро «мардум», гоҳе «бачаҳо!» гуфта боз мегуфт махсуми Ҷонмаҳмад:

– Бародарҳо, хешон, фарзандон, бовар кунед ба ман, гӯш диҳед, ки чӣ мегӯям, аз мусулмонӣ, аз гӯру қиёмат, аз дину шариат, огоҳам, кам нахондаам, дар роҳи Худою Расул устуворам. Гӯш диҳед, ки чӣ мегӯям. Мову шумо худро муҷоҳид меҳисобем, ҳимоятгари дину ша-

риат мегӯем, қумандони мо чӣ гуфт? Шунидед-а ? Худро Худо хонд. Тавба, сад тавба. Шумоҳо ҳам даст ба гиребон баред, тавба кунед, наузанбиллоҳ гӯед. Барзу кофир шуд. Ман дигар рӯи ин одамро дидан намехоҳам. Агар, бародарони азиз, – боз ба кулли ҳозирин мурочиат кард махсуми Ҷонмаҳмад: – Агар аз Худо натарсед, баъди аз Худованд рӯ гардонданаш ҳам бо ин одам ҳамроҳ мондан хоҳед, ихтиёр шумоҳоро, лекин ман меравам, ман аз Худо намонам. Мегӯям, ман аз Худо метарсам! – махсуми Ҷонмаҳмад автоматаш дар даст рӯ ба дари толор қадам монд. Назари оташбори Барзу сӯи Шарифи Ҷарпар рафт. Ӯ аз ҷой бархост, бархосту даст ба автомат бурд.

– Бале, фаҳмидӣ, – Барзу калла ҷунбонда ишора ба дар кард, ки махсуми Ҷонмаҳмад берун шуда буд.

– Паронам?

– Ҳа, албатта.

– Итоат, – Шарифи Ҷарпар саросема дарро кушоданӣ буд, ки аз миёни фарзандони махсуми Ҷонмаҳмад, онҳо се нафар паҳлӯи ҳам менишастанд, писари хурдӣ – Зиёдулло силоҳашро бардошт. Садои пайиҳами тир, боз ва боз. Зиёдулло Шарифи Ҷарпар ва Барзу Зиёдуллоро паронд. Дар ду тараф ду мурда, мурдаи Шарифи Ҷарпар дар рӯи замин, ҷасади Зиёдулло болои дасти бародарон.

Махсуми Ҷонмаҳмад, ки ҳанӯз чанд қадам аз толор дур нарафта буд, тирпарониро шунида аз роҳ гашт. Силоҳбадасте аз пасаш меомад.

– Ака, – нидое шунид ӯ, овози шинос. Ба ақиб нигарист Содирхон, Содирхоне, ки баъди марги Малика аз Русия баргашта дар қасди ҷони Барзу буд. Ба ӯ хундор, кайҳо боз либоси мисли либосҳои силоҳбадастони ӯ дар бар, автомат дар китф аз паяш мегашт. Вай паспаси махсуми Ҷонмаҳмад аз дари толор худро ба дарун кашид. Қиёмате ин ҷо қоим. Кӣ киро мепаронд, намедонист. Тирҳо ба сақфу саҳнаи толор мерехтанд. Ҷигарбандони махсуми Ҷонмаҳмад ҳадаф мечустанд. Аммо ӯ нопайдо. Барзу паси сутуни саҳна рӯ ба фарш хобида сар намебардошт. Ба назари Содирхон афтид ӯ. Тана ба танаи девор рафт, наздик шуд ва мили автоматро ба сараш гузошт.

– Ман Содирхон! – овози шиносро шунид Барзу.

– Содирхон!!

– Ҳа, гуфта будам, вомехӯрем.

– Ту маро аз марг халос карда будӣ, боз халос кун, хешу таборем.

– Маликаро куштӣ, падарашро куштӣ, модарам аз дасти ту кушта шуд. Рӯзи ҳисобии ман бо ту омад. Мекушам, худам туро мекушам! Худам!! – Содирхон дастони Барзуро ба пушт тоб дод, силоҳашро гирифт, ҷунбидан намонд. Ҳамаи ин амал дар чанд лаҳза ба вуқӯъ омад. Дар лаҳзаҳое, ки махсуми Ҷонмаҳмад болои саҳна омада рӯ ба

толор меистод. Ҳама хомӯш шуда. Гӯё алангаи оташе, ки дар толор сар зада буд, чун шамъе бо як пуфи ӯ хомӯш гашта. Ҳамин гуна ӯро дар миёни силоҳдорон як обрӯ ва эҳтироме. Аз фармони Барзу баъзеҳо сар мепечиданду аз гапи вай намебаромаданд. Мепарастидандаш. Ҳоло назарҳо ба ӯ, нигоҳи падар ба ҷасади ҷигарбанд, ки болои курсиҳо хобондаанд. Фарзанде, ки падар гуфта, дар ҳимояти ӯ ҷон дода. Ӯро Барзу паронда, сад доғ ба дили махсуми Ҷонмаҳмад нишонда. Ӯ сар боло кард, бо дидагони ашкбор гуфт:

– Худованд дангал катӣ намезанад. Худоро одам ба ақл шинохта. Лаҳзае пеш ин одам чӣ гуфту чӣ рӯзе ба сараш омад ва чӣ қиёмате гардон гашт, аз касофатии ӯ, аз касофатӣ… – дигар гап зада натавонист.

Содирхон ва бародарони Зиёдуллои шаҳид Барзуро, ки дастонашро ба пушт баста буданд, пешандоз карда аз толор баровардand.

Дар саҳни мактаб муаллимон, Хидиралӣ ҳам он ҷо. Бо махсуми Ҷонмаҳмад ва фарзандону наздикони вай ҳамроҳ шуда ӯ нола дошт бо онҳо. Ва нигоҳаш ба Барзу ҳам шуда, ба ҳолаш механдид.

Барзу ӯро медид, нолаашро мешунид. Лаҳзаҳои дилгиркунанда, лаҳзаҳое, ки рӯз ба мисли умри ӯ ба анҷом омада, соя афтода, офтоб ба паси қуллаи кӯҳ, қуллаи кафанпеч хамида. Қуллаи барои Барзу ошно, ҳамин ҳангом Мустафоро паронд. Ҳоло ҳамин рӯз дар ҳамон маврид ба сари худаш омада, ҳамон бел ба назараш мехӯрд, ки Мустафо мегуфт: «Бо ҳамин бел худат барои худат гӯр меканӣ. Аз хотир набарор, ҳамин хел мешавад». Белро худаш ба танаи санг рост монда буд. Содирхон ва фарзандони махсуми Ҷонмаҳмад Барзуро ба Дараи Марг мебурданд.

ДУ ҚАҲРАМОН АЗ ЯК ХОНАДОН

(Қиссаи ҳуҷҷатӣ)

1. СОҲИБОНИ СИТОРАҲОИ ТИЛЛО

Муҷассамаи барқади ӯ дар боғи сарсабзу хуррам, пургул ва сабзаю себаргазори шаҳр, ки аз канори он дарёи шӯх ва пурталотуми Кофарниҳон ҷорист, гузошта шудааст. Таҳқурсии муҷассама аз мармари сиёҳ ва пайкара биринчӣ аст. Костюми оддӣ, назарногире дар бар дорад. Ҳамон костюме, ки дар тани ин марди хоксору ба хурду калон меҳрубон ҳамсолон, ҳамзамонон медиданд. Дар сари ӯ тӯппӣ ва дар пеши бар ду ситораи тиллои қаҳрамонӣ. Онҳое, ки дар замони шӯравӣ ба ин бахти баланд, яъне ба номи ду карат Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ шарафманд гаштаанд, дар ҷумҳурӣ се нафар буданд. Саидхӯча Ӯрунхоҷаев, Абдуғаффор Самадов, аз вилояти онрӯзаи Ленинобод, ҳоло Суғд ва як нафари дигар дар ҷумҳурӣ ҳамин Карим Исмоилов аз ноҳияи онвақтаи Орҷоникидзеобод ҳоло шаҳри Ваҳдат.

Ин се марди дар Тоҷикистон ва он вақт дар Иттиҳоди Шӯравӣ овозадор бо ҳам ошно, дӯст, мисли бародар буданд. Фарзанди калони Карим Исмоилов Сафо шиносоӣ, дӯстию бародарии падарашро бо Саидхӯҷа Ӯрунхоҷаев ва Абдуғаффор Самадов ба ёд меорад.

Ба хаёли Сафо ҳангоме падараш бо ситораи дуюми тилло – унвони олии ду карат Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ сарфароз гардид, замину замон, деҳаи хурдаки онҳо Ҷарбошӣ ва Тоҷикистон ҳусну намуди дигар пайдо карда буд. Офтоб ба рӯи падар, ба рӯи аҳли хонадони онҳо механдид. Садои дарёи пуртуғёни Кофарниҳон ҳам, ки андаке дуртар, аз паси ҳавлии онҳо ҷорист, форам, ба мисли мусиқии дилошӯб ба гӯш меомад. Ҳур – ҳури шамоли Элоқ, ки аксар ҳавои сард меовард ва мардум хунук мехӯрданд, дар он лаҳзаҳо ба сари аҳли хонадони онҳо гӯё нашъаи хушию хурсандӣ мебехт. Бародари Карим, амаки Сафо Раҷаб ҳам ҳамон рӯзҳо соҳиби ситораи тилло – қаҳрамонӣ гашта буд. Аз як хонадон ду нафар – акаю додар қаҳрамон. Назираш набуда. Дар Тоҷикистон ку хонадоне, ки аз он ду бародар ҳамроҳ қаҳрамон шуда. Шояд набудаанд ин хелҳо.

Карим ва Раҷаб, ҳарду бародар, ҳарду раис. Карим раиси колхози «Москва», Раҷаб раиси колхози ба номи Ленин, ҳудуди колхозҳо ба ҳамдигар наздик, қариб якҷоя. Ба мисли дили бародарон, ки аз рӯи

меҳр боҳаманд, бо ҷон пайванданд, барои ҳосили баланди пахта бо ҳам, якҷоя, бо маслиҳат заҳмат кашида ба номи қаҳрамонӣ шарафёб гаштаанд. Ҳосили «тиллои сафед» ба осонӣ ба даст наомада.

Он бегоҳ, он шаби сарди зимистон, ки пас аз чанд шабу рӯзи барф боридан акнун ҳаво софу беғубор гашта буд, осмони деҳаи Ҷарбошӣ ситоразор, аҳли хонадони бародарон Карим ва Рачаб тӯй – хурсандӣ доштанд. Саидхӯҷа Ӯрунхоҷаев ва Абдуғаффор Самадов меҳмонашон… Онҳо аз Ленинобод ба табрики Карим ва додари ӯ омадаанд. Меҳмонхонаи калону барҳаво, пурнақшунигори бародарон аз кудуми меҳмонони иззатманд ҳусну намуди нав ёфта. Бародарон хурсанд, хурсандӣ дар ҳавлии падарӣ, қадамгоҳи падар барояшон азиз. Карим ва Рачаб дар ҳамин ҳавлӣ ба дунё омадаанд. Дар ин як гӯшаи замини меросӣ имрӯз фарзанди Карим – Сафо ҳамроҳи аҳли хонадонаш мезияд. Ва он шаби зимистони соли 1957, ки Саидхӯҷа Ӯрунхоҷаев ва Абдуғаффор Самадов меҳмони онҳо буданд, аз хотири ӯ намеравад.

Дар он лаҳзаҳои шодмонии бародарон Карим ва Рачаб риштаи хаёлот аз меҳмонхонаи зебою барҳаво, боҳашамат, аз он шаби зимистони соли 1957 ба дуриҳо, ба солҳои дар қайди ҳаёт будани падару модари онҳо кашида мешуд. Зиндагии дигар – зиндагии пуразобе дар ин ҳавлӣ пеши назар ҷилва меёфт.

Дар ҳамин гӯшаи замин – ҷойи меҳмонхона, ки аз он садои мусиқӣ, суруд ба осмон мепечид, меҳмонон базм, шодмонӣ доштанд, кулбаи нимвайронае воқеъ буд. Шолчае дар даромадгоҳи он овезон. Ин шолча вазифаи дари хонаро ба ҷо меовард. Падару модари қаҳрамонони имрӯза – Карим ва Рачаб дар ҳамин кулба мезистанд. Марди лоғарандоми қадбаланд ҷомаи пурямоқи сиёҳ дар тан ва зани хушсимои солхӯрда куртаи нимдаридаи карбосӣ дар бар, докаи нимдошт дар сар ба кулба даробаро доранд. Инҳо яке падари Кариму Рачаб-Исмоил ва дигаре модарашон холаи Қаҳқаҳа… Ин кулба – хонаашон баҳри онҳо тамоми умр ғамхона. Зану шавҳар ҳарду хизматгори дари хонаи Хӯҷабой ва Мирзобой. Худованд баҳри онҳо гӯё якумр рӯзи нек насиб нагардонда.

Якумр дасткӯтоҳ, бебизоат, камбағал. Зану шавҳар – Исмоилу холаи Қаҳқаҳа шаш ҷигарбанд-фарзандонашонро аз ҳамин кулба ба хок супурдаанд. Баъд ба онҳо Худованд ду тифл – Карим ва Рачабро насиб гардонида. Ду тифли харидаю талбида. Карим соли 1907 ва Рачаб се сол баъди ӯ, соли 1910 ба дунё омада. Падару модар, падару модари ба нохуни фарзанд зор ба ҳар тори мӯи ин ду тифлашон меларзиданд, меҳаросиданд, ки ба сари онҳо боз осебе наояд.

Карим акнун ба синни ҳафтсолагӣ расида буд, ки падараш аз олам гузашт. Тифлҳои талбидаю харида дар домони модар монданд.

Пас аз марги шавҳараш Қаҳқаҳа натанҳо азоби танҳоӣ мекашид,

балки азоби гуруснагӣ, нодорӣ низ ӯро пеш омада буд. Ӯ дар рӯзҳои азодориаш ҳам аз кору бори хонаи бой лаҳзае фориғ набуд. Аз сари субҳ, ки ҳанӯз ягон-ягон ситораҳо дар осмон ба назар метофтанд, дасти писаракаш Карим дар даст ба хонаи бой мешитофт. Дар ин ҷо говҳои бойро медӯшид, хокистари дегдонҳоро мегирифт, алови нон сар медод дар дегдон, нон мепухт, аҳли хонадон аз хоб бедор нашуда барояшон нони гарм тайёр мешуд. Баъд ҳавлии даруну берунро об зада меруфту ба ёрии тифлаш Карим, ки руфтурӯби оғилҳо ба ӯҳдаи ӯ буд, медавид. Ҳамин тариқ аз субҳ то нимаҳои шаб бо тифлакаш дар хонаи бой мечунбид, хастаю кӯфта, шалпар шуда бо ҳам ба хона бармегаштанд. Пой ба дари хона ки мемонданд, Карим аз бефарагӣ кутумут меафтод, ба хоб мерафт. Вале бар ивази ҳамин қадар заҳмат, хизмат бой ба онҳо ҳаққи муносиб намедод. Чанд пора нони медодаи ӯ барои рӯзӣ кифоят намекард. Лабашон ба нони серӣ намерасид. Албатта вақти дар қайди ҳаёт будани марди хона – бобои Исмоил, ки ӯ низ хизматгори хонаи Хоҷабой буд, ҳолу аҳволашон ба ин дараҷа бад набуд. Ӯ ҳаққи хизмати ҳаррӯзаашро ба хона меовард, нону хӯрокашон кофӣ буд, ҳолашон беҳӣ меёфт. Вале баъди марги ӯ камбуду норасоии рӯзгор бештар гашт.

Холаи Қаҳқаҳа ноилоҷ монд, фикр мекард, роҳу тадбир меҷуст, ки чи тавр нону хӯроки серӣ дарёбанд, чи кор кунанд, ки ҳолашон андаке беҳтар гардад.

2. ДОМИ ФИРЕБ

Гӯё аз ҳамин вазъу дарду алами холаи Қаҳқаҳа бойи дигари деҳа Мирзобой огаҳӣ ёфт, ё пайт ҷӯста буд, ки бегоҳие ба хонаи онҳо омад. Холаи Қаҳқаҳаро аз кулбааш ба берун хонд. Сӯҳбати тӯлоние байнашон ба амал омад. Мирзобой аз модар хоста буд, ки писараш Каримро ба ихтиёри ӯ гузорад. Карим, писараки чолоку ҳушёр, ба ӯ маъқул будааст. Ӯро ба даҳмардааш Ҳамроҳхон ёрдамчӣ гирифтан мехостааст. Мирзобой ҳамон бегоҳ бо ваъдаи зиёд домони холаи Қаҳқаҳаро бо чормағзи пуч пур кард. Ваъда дод, ки дар баробари ҳар бегоҳ ду нони тобагӣ ва як коса дами гарм ба Карим ду баррача ҳам медиҳад, аз они худаш, онҳоро парвор кунад, дар рама нигоҳ дорад, зиёд мешудаанд. Карим аз хабари ба ӯ ду баррача бахшидани бой беҳад шод гашта, рӯзи дигар субҳ надамида, аз чӯби бодоми боғи ҳамсоя ба худаш як асочаи зебои чӯпонӣ тарошида, ба думболи гӯсфандони бой, ки дар адир мечариданд, шитофт. Дар тан ҷомачаи кӯҳна, дар даст асо назди чӯпони Мирзобой – Ҳамроҳхон ҳозир шуд.

– Омадӣ, Каримҷон? – Ҳамроҳхон аз чӯпон шудани Карим огоҳ будааст.

– Ҳа, амак, гуфтанд, ки ҳамроҳи шумо гӯсфанд бонӣ мекунам.

– Кӣ гуфт?

– Бойбобо.

– Розӣ шудӣ?

– Ҳа, амакҷон, бойбобо ба ман ду баррача медиҳанд, аз они худам, худашон гуфтанд, онҳоро шумо ба ман нишон диҳед, гӯед, канӣ баррачаҳои ман?

– Баррачаҳоро худи бойбобо ба ту нишон медиҳанд, – аз гуфтаҳои Карим хандаи Ҳамроххон омада буд.

Мирзобой бо фиреб Каримро ба гӯсфандбонӣ оварда буд. Бегоҳии он рӯз, вақте бой дид, ки ӯ ниҳоят хастаю кӯфта, беҳолу бемадор шудааст ва вай шояд рӯзи дигар ба гӯсфандбонӣ намеомад, дилашро боз бо ваъдаҳои дурӯғ гарм кардан хост. Ду баррачаи ширмастро, ки гирди очаашон давида бозӣ доштанд, ба Карим нишон дод ва гуфт, ки ана ҳамон баррачаҳо аз они ӯ ва таъкид кард, ки онҳоро ба Карим бахшидааст. Карим хурсанд шуд. Он ду баррачаи зебоякро ба дил ширин карда, «аз они худам» гуфта шодмонӣ дошт.

Ба модар ва Рачаб гуфт, ки бойбобо ба ӯ ду баррача додааст, дурӯғ намегуфтааст, «аз они худат, поку пиҳил бахшидамат», гуфтааст. Яки он сип-сиёҳак, дигарӣ сиёҳу ҷо-ҷо донача-донача сафед. Шаклу намуди баррачаҳо пеши назар Карим шаб нахобид, субҳ надамида аз ҷойгаҳ бархест, як пора нонро ба лаби рӯймол печонда, онро аз болои ҷома ба миён баст, асочаашро гирифт.

– Кучо меравӣ?-пурсид модар.

– Думболи рама.

– Ҳоло барвақт нест?

– Не, оча.

– Натарасӣ мегум.

– Наметарсам, оча, хайр,-гуфт Карим.

Дар рама Карим баррачаҳояшро алоҳида нигоҳубин мекард, алоҳида мечаронд.

Чанд пора нонеро, ки аз хонаи бой ба ӯ медоданд, худ нахӯрда ба даҳони онҳо мегузошт. Баррачаҳо ба ӯ омӯхт шуда буданд, аз пасаш мерафтанд, сари талу теппаҳо давида – давида ба гӯшаҳои дури чарогоҳ мерасиданд, боз наздаш омада мехобиданд.

Баррачаҳои ба Карим бахшидаи бой калон шуданд, тӯл медоданд. Ҳисоби гӯсфандони Карим ба акидаи худаш дар рамаи бой меафзуд. Вай гӯсфанддор. Дилаш шод, хотираш болида. Шабҳо ба Рачаб ва модараш бо ҳавас аз афзудани саршумори гӯсфандонаш ҳарф мезад, орзу мепарварид. Вале модар суханони ӯро об намедод, намегуфт, ки беҳуда шодию хурсандӣ дорад, бой дурӯғ мегӯяд, вайро фиреб медиҳад. Карим дар хаёле афтода буд, мехост чанд баррачаашро ба

хонаашон биоварад, ба ҷӯраҳо, ҳамсояҳо нишон диҳад. Гӯяд, ки баррачаҳо аз они худаш аст. Баъд онҳоро дар ҳавлӣ ба ихтиёри Рачаб гузоштанӣ буд. Бекор аст ӯ, баррачаҳоро бонӣ кунад, фарбеҳ шаванд.

Вай фикри минбаъда дар хонаашон нигоҳубин кардани гӯсфандҳояшро ба бой гуфт. Баъдҳо назди бой дар ин бобат зиёд ҳарф мезад, талаб ба миён мегузошт. Мирзобой гӯё ҳушёр шуд, ба дилаш оташ афтод. Карим акнун хурдсол набуд. Бачаи зирак, гапҳояш тагдор. Бой имрӯз – пагоҳ гуфта, вайро дергоҳ бо фireб дар банд нигоҳ дошта наметавонист. Ба фикр афтода буд, роҳи макру фireб мечуст.

Гоҳе Карим рамаи гӯсфандони бойро аз қӯтан ба дуриҳо – ба умқи дара мебурд. Ҳамон рӯз ҳам гӯсфандонро қад – қади дара ба дуриҳои хеле дур бурда буд. Дараи сералаф, пургулу гиёҳ, сари ҳар қадам чашмае, оби чашмаҳо софу нукрагун. Офтоб болои сар нур мепошид, замину замонро гарм мекард. Гӯсфандон чарида – чарида то ба сари талу теппаҳо мерафтанд, пароканда мешуданд. Аз паси рама Карим танҳо. Амаки Ҳамроҳхон аз ӯ ҷавоб хоста, деҳа рафта буд. Дер баргашт ба қӯтан. Вақте гӯсфандонро ҷамъ оварда бо Ҳамроҳхон ҳисоб кард, даҳ сар гӯсфанд набуд. Боз ҳама гӯсфандони яккачин, фарбеҳ, чорию шишак.

Хабар ба Мирзобой расид. Ҳамроҳхон бегуноҳ ҳисоб шуд, ӯ он рӯз дар паси рама набуд. Гуноҳ ба гардани Карим фуромад. Ӯ ҷавобгӯй… Бой гӯсфандони ба Карим бахшидаашро ҳисоб карда, бар ивази гӯсфандони гумшудааш гирифт. Карим боз қарздор шуд. Дар ҳисоби бой қарзи ӯ боз чор сар гӯсфанд, гӯсфандҳои шишак. Бар ивази он чор гӯсфанд Мирзобой ва оқсаққолу муллои деҳа Каримро маҷбур сохтанд, ки чор сол гӯсфандони бойро ройгон бонӣ кунад, даҳмарда шавад. Баъд ба Карим маълум гашт, ки гӯсфандҳоро худи бой бо Ҳамроҳхон аз рама рабуда будааст. Худаш он гӯсфандонро дар ҳавлии бой дид. Лек бо Мирзобой ҳеҷ кор карда наметавонист, дамаш ба дарун, ба арзи ӯ дар ҳеҷ куҷо намерасиданд, гӯш намедоданд. Бо тӯҳмат бебанд Каримро бой ба хизмати дари хонааш баста буд.

3. ҲУКУМАТИ КАМБАҒАЛОН

Карим, бародари ӯ Рачаб ва холаи Қаҳқаҳа вақте аз хизмати дари бойҳо раҳо ёфтанд, ки дар осмони кӯҳистони тоҷик офтоби ҳаёти нав рух намуд, дар кишвар сохти давлатдории Ҳокимияти Шӯро падид омад. Карим озод шуд. Мирзобой дигар ба ӯ гуфта натавонист, ки бар ивази гӯсфандҳои гумшуда боз чанд сол хизмати вайро ба ҷо биёрад. Замину оби бойҳо аз они камбағалон эълон гашт. Камбағалон муттаҳид мешуданд. Иттифоқ ва шӯроҳои камбағалон таъсис меёфт. Кариму Рачаб ба Шӯрои камбағалон аъзо шуданд.

Дар миёни аъзои Шӯрои камбағалон Карим ба назар далеру ҷасур менамуд, суханҳояш бурро, баҷо. «Молу мулки бойҳо аз они мост», мегуфт. Баъдтар Каримро ба Шӯрои камбағалон раис интихоб карданд. Ба камбағалон тақсим карда додани замину оби Мирзобою Хӯҷабой ва таъсис додани хоҷагиҳои дастаҷамъӣ зери назорати бевоситаи Карим сурат мегирифт. Ва бойҳо ба осонӣ аз баҳри молу мулкашон намегузаштанд, мубориза мебурданд, иғво меандохтанд. Дастаҳои босмачиён ташкил мешуданд. Карим яке аз онҳое буд, ки аз Мирзобой беш хиёнат, ҷабру зулм дида. Талхиҳои беҳисоб аз хони ӯ чашида. Намояндагони ҳукумати шӯроҳо ба тарбияти Карим эътибор медоданд, дар шахсияти ӯ дар оянда як фарди бомаърифат, роҳбари тавоно, ӯҳдабароро медиданд. Шӯрои камбағалон Каримро барои таҳсил ба Сталинобод фиристод. Баъди анҷоми таҳсил Карим боз ба деҳа баргашт. Ӯро ба аввалин хоҷагии дастаҷамъӣ, ки бо номи «Иттифоқ» дар Янгибозор ташкил шуда буд, раис интихоб карданд.

Собиқ хизматгори Мирзобой соҳиби гап, раиси як хоҷагии калон, мардуми зиёд дар ихтиёри ӯ. Аз ин воқеа Мирзобой ба ғам ва тарсу ҳарос афтода буд. Ҷои орамидан, осудан намёфт. Ҳушу ёд, хобу хаёлашро хизматгораш Карим рабуда буд. Медид, ҳис мекард, ки тақдири бойҳое ба мисли Мирзобой дар ихтиёри ӯ. Медид, ки вай бойҳоро сиёҳу сафед мекард, ба маҳкама мекашид, ҳамаи кору гап қарибе дар ихтиёри ҳамин одам, бачае, ки дар гузашта ба як луқма нони вай зор буд. Мирзобой дар сари ӯ чормағз мешикаст. Вале имрӯз… Аз куҷо медонист, ки омада – омада риштаи тақдири вай ба дасти ҳамин хизматгораш мехӯрад. Намедонист. Одамӣ шири хомхӯрда… Чӣ кор кунад? Чӣ чора андешад?!

Шояд бо хубӣ, бо хушомад ба дили Карими раис роҳ меёбад… Агар бо хубӣ нашавад чӣ? Чораи дигаре наменомад, ба ҷуз роҳи аз ӯ халос шудан, яъне куштани вай. Меҷунбад, ҷон мекоҳонад, даст болои даст монда наменишинад, интизор намешавад, ки ба сари ӯ ҳам биоянду аз хона бароварда пешандозаш кунанд, баъд фармоянд, ки гӯрашро худаш кобад, баъд садои тир… Не, ҳаргиз не. Девонаи ба кори худ ҳушёр бояд буд. Душманони ин ҳукумат кам нестанд, лак – лаканд, дар ҳамин Янгибозори худашон Азиммарқа бо босмачиёнаш аҳволи ҳукуматро ба танг овардааст. Тарафдорони онро як-як сар мезанад, ваҳшиёна мекушад. Ана ҳамин одам алҳол даснигари Мирзобой. Қарори пойи мардум, ки шуд, ҳар шаб ба хонаи ӯ меояд. Сири дил мегӯяд, аз киро куштану нокуштанаш гап мекушояд, сӯҳбаташон гармӣ меёбад, бо ҳам мепазанд, аз рӯзгори пешинаашон ҳасрат мекунанд. Баъд Азиммарқа барин як саркардаи босмачиҳо аз каму кости зиндагӣ менолад, шикоят мекунад, ёрдам мепурсад. Шукр ӯ аз асп фуромада бошад ҳам, аз узангу нафуромадааст. Дороиҳояш дар их-

тиёраш, рамаҳои гӯсфандаш дар чаро, аспҳояш дар гала, замину об дорад. Чи хеле мегӯянд, мехӯрдагиаш дар пеш, намехӯрдагиаш дар пас. Ёрдам кунад, кам намешавад. Корди доранда ҳамеша болои равған.

– Ҳазрат, чӣ ёрдам расонем?–Бо дили кушод аз Азиммарқа мепурсад.

– Барои хонаи худам ҳам камтар гандум, биринҷ, барои навкарон (босмачиёнашро дар назар дошт) ва пас аз лаҳзае хомӯшӣ боз мегӯяд: – Гов, гӯсфанд, асп, равған, чи ки аз дил бароред.

– Садқаи саратон, ҳазрат, мо бо шумо зиндаем. Ҳаст, ҳозир нагирифтаанд, ҳама чиам ба шумоҳо насиб кунад. – Баъд Азиммарқа шод шуда гап меандозад:

– Ғам медодагиҳо ҳастанд?

Як бор якеашонро назди ӯ ном бурда буд Мирзобой.

– Ҳамин холаи Зарафо, – аз забонаш баромад.

– Ҳамуне, ки пешдарои занҳо шудааст? Ташвиқотчӣ-а?

– Ҳамин занака, ҳазрат, хизматгор, ба нони сӯхтагиам зор буд, пору мепартофт, хокистар мегирифт, оғил мерӯфт, зорию илтиҷо мекард: Мабодо ӯро аз як луқма нонаш мононам. «Раҳм кунед, ин кора накунед, хоки поятон мешавам», гуфта пойҳоямро мебӯсид… Ана ҳамин гадои дирӯзаи дари хонаам ба ман душман, аз ман ҳақҳоҳ, дар ҳар куҷо дуои бад карда гаштааст, дина келинатонро дар як маъракаизо додаст. «Ҷои ту пойгаҳи дар, даврат гузашт, ман ба шумоҳо, ба пирхари шӯят, ба ун хунимардумхӯр кордор ҳастам», гуфта сиёсат кардааст.

– Рост мегӯед, бойбобо, вай дар ҳисоби мо ҳаст. Дар маъракаи фаранҷипартоӣ фаъол шудагӣ ҳамин занака, – ва боз таъкид кардааст: – Занҳоро бероҳа мекардагӣ ҳам ҳамин касофат.

Баъди ин гуфтугӯ холаи Зарафо як шаб пас кушта гашт.

Як ҷонибдори дигари ҳукумат Қундузой, аҳли оила – шавҳару фарзандонашро ба ин роҳ бурдааст. Аз занҳо авалин аъзои ЦИК. Бачааш Дӯстмат командири аскарони сурх. Бо Азиммарқа ҷанги рӯирост эълон кард. Ду даста бо ҳам заданд. Агар рости гапро гӯяд Мирзобой, Азиммарқа дар ҷанги тан ба тан ба Дӯстмат баробар шуда наметавонад. Аспсавориивай афсона шудааст, сари дави асп ба таги шиками вай сад печ тоб мехӯрад. Дар ҷанг бо Азиммарқа қариб як дастаи босмачиҳоро нобуд кард, лек худаш тир хӯрд. (ҳоло дар шаҳри Ваҳдат ба хотираи Дӯстмат кӯчае ба номаш гузоштаанд. Муборизаи ӯро бар зидди душманони сохти нав модар, падар ва пайвандони дигар давом доданд).

Мирзобой ҳамин хел имкон дорад, ки бо як ишорааш аз ҷониби Азиммарқа Карим кушта шавад. Вале алҳол аз ин роҳ худдорӣ меку-

над, ба хунаш зомин намешавад. Бо хубӣ ба дили ӯ роҳ ёфтан беҳтар, як одами ҳукуматро ба ҷонибаш мекашад.

Барои бадиҳои дар ҳаққи ин одам раво дида, барои хиёнаташ, ки бачаи хурдсолро фиреб дод, ба гарданаш қарз андохт, аз ӯ узр мепурсад. Баъд як гӯсфандашро даҳто карда ба вай бармегардонад. Мегӯянд – ку, то аз баҳри як чиз нагузарӣ, соҳиби чизи дигар нашавӣ. Пора санги хораро об карда. Карим соҳибвазифа аст, ҳукуматдор шуда бошад ҳам, ҳанӯз қатори ҳамон мардуми пойлуч аст, кафангадост, ҳанӯз модараш – холаи Қаҳқаҳа ба як лаб нони зағора зор, аз таги кӯлиаш як панҷа орд намеёбад, ки ба рӯи об занад. Магар ба ҳамин гуна зот, ба холаи Қаҳқаҳа намефорад, ки дасташ ба гиребони орзу бирасад. Намефорадаш, ки хонааш пури гову мол, пури гӯсфанд шавад, мефорадаш, як мефорад, ки…

* * *

Дари ҳавлиро ба рӯи Мирзобой, ки савори ҳамон аспи сафеди ҷавмасташ буд ва бо дастаи қамчин оҳиста – оҳиста бо эҳтиёт дарвозаро тиқ – тиқ мезад, худи холаи Қаҳқаҳа кушод.

– Ассалом, бойбобо, – Мирзобойро дар паси дарвоза дида ба ҳайрат афтод ӯ. Қомати баландаш андаке хам хӯрд, – Шамолҳои куҷо паронд, бойбобо? – суол кард ӯ.

– Холаҷон, ба худи шумо гап доштам, – Мирзобой, ки дар вақташ ба «шумо» гуфтани хизматгор забонаш намегашт, ҳоло аз рӯи эҳтиром «шумо» гуфта ба вай муроҷиат мекард: – Бубахшед, холаҷон, ки дар вақташ қадри шумоҳоро надонистам, пушаймонам, омадам, ки узр хоҳам, – гуфт Мирзобой ва ба кӯчаи калон рӯ оварда гӯсфандони беҳисобро, ки садои баъ – баъи онҳо ба фазо мепечид ва «ҳей! ҳей!!» гуфта даҳмарда асояшро болои сари онҳо ҷавлон медод, ба ӯ нишон дод ва биафзуд:

– Холаи Қаҳқаҳа…

– Лаббай.

– Дарвозаро калон кушоед, – ва ҳанӯз холаи Қаҳқаҳа чи кардану чи гуфтанашро намедонист, ки гӯсфандон аз дарвоза дохили ҳавлӣ шуданд, ҳавлии калон пур аз гӯсфанд шуд.

– Инҳо ҳамааш ҳаққи ҳалоли худатон аст, ҳамон гӯсфандҳои Карим, дар вақташ нафаҳмидам. Ҳоло онҳоро овардам, гиред, насиб кунад, айби худам шуда буд, гиред, – гуфт Мирзобой.

– Аз они мо?!

– Ҳа, хола, аз они худатон, – такрор намуд бой.

– Раис хабар дорад?

– Раис бачаи худатон. Гӯед, ки бойбобо оварданд, гиранд, пагоҳ боз чанд гови дӯшоӣ мебиёрам. Агар ҳа гӯянд, рӯзу рӯзгори раиса ба гардан мегирам.

– Карим розӣ намешавад, ҷанг мекунад, беҳтараш, бойбово, гӯсфандҳоро ҳай карда баред, гапи бисёр мешавад, намехоҳам. Ақаллан бачаҳом Кариму Раҷаб ин ҷо мебуданд… Худашон қатӣ гап мезадед.

– Куҷое бошанд, ҳамин ҳозир меоянд. Баъд Ҳамроҳхон ҳамин ҷо меистад, раис, ки омад, мефаҳмонад, гапҳои дили маро ба раис мегӯяд. Ҳамин тавр не, Ҳамроҳхон? – Мирзобой аз Ҳамроҳхон, ки такя ба асои дасташ рӯ ба холаи Қаҳқаҳа меистод, суол кард: – Чӣ гуфтӣ, Ҳамроҳхон? Ё намешунавӣ, ки чӣ мегӯям, кар шудӣ? – ғазаби Мирзобой рӯ зад.

– Меистам, бойбово, гапатон рост аст, аз рӯзи сари вазифа шудаанаш Каримҷонро надидаам. Мебинамша, фаромӯш накардагист, маро медонад. Ҳамроҳ будем, нону намак мехӯрдем, азоб мекашидем. Баъд ман аз куҷо медонистам, ки вай соҳиби дову дастгаҳ, раис мешавад.

– Дунёи буқаламунаш ҳамин, – Мирзобой нафраташро пинҳон дошта натавонист.

– Дар насибаш будааст, бойбово, дар пешониаш навишта шудагӣ, назаркарда аст ин бача, медонистам.

– Сафсата нахон, Ҳамроҳхон, ба ту чӣ гуфта будам, фаромӯш кардӣ? Ба хотир биёр, ҳамаи гапҳоямро ба вай гӯй, фаҳмон, гап гир, баъд хона биё, хабар те, – гуфт Мирзобой ва лаҷоми аспро ба ҷониби кӯчаи калон гардонд, баъд аз лаҳзае аз назар ғоиб шуд. Торикии шаб Мирзобойро гӯё ба комаш фурӯ бурд, ғайб зад.

Шабториктар шуда, ситораҳо дар осмони софу беғубор пурҷилотар ба назар мерасиданд. Мардум ба хоб мерафтанд, дар деҳа хомӯшӣ, сукут сар зад, садои ғаҷар – ғуҷури гунҷишкакон аз шохаҳои дарахтон ба гӯш намеомад. Гӯсфандон ва баррачаҳо дар рӯи ҳавлӣ гирди якдигар печида фӯк ба фӯк гӯё пичир – пичир доштанд.

Ҳамроҳхон дарвозаро аз дарун занҷир андохт. Як нӯки асои дарози даҳмардагиашро аз таги риши ғӯллии мошубиринҷаш ба зери манаҳ монда, гӯш ба қимор роҳи Карим ва бародари ӯ Раҷабро мепоид. Ӯ дар тамоми солҳои чӯпониаш одат кардааст, ки хоб ба мижааш наояд, фазилати хуби даҳмардагӣ ҳам дар ҳамин аст. Даҳмарда бояд хоб рафта дар ғафлат намонад. Агар ӯ чунин мебуд, кайҳо аз гӯсфандбонии бой маҳрум мемонд.

Ҳамроҳхон чашм ба роҳи Кариму Раҷаб ба садои шавшуви дарёи Кофарниҳон, ки дуртар аз ӯ ба роҳи дуродураш равон буд, гӯш медод. Садои форам. Ҳамроҳхон аз шунидани он роҳат медид, хастагиаш рафъу олами хаёлоташ тоза ва рангин мешуд. Шаби тирамоҳ салқин ва садои оби дарё барояш гуворо ва дилнавозтар мегашт.

Ва ниҳоят дар баробари шавшуви оби дарё ба гӯшаш садои суми аспҳо расид, наъли аспҳо дар роҳ ба санг бармехӯрд.

Бародарон Карим ва Рачаб ба кулбаашон бармегаштанд. Ҳамроҳхон ҳарду табақаи дарвозаро ба пушт боз намуд. Сaвораҳо вориди ҳавлӣ шуда аз дидани гӯсфандони беҳисоб дар ҳайрат афтоданд.

– Оча, – Карим лаҷоми аспро кашида овоз бароварда, паси ҳам «оча, оча!» гуфта модарро садо кард.

– Ассалом, Карим, – Ҳамроҳхон аз паси табақаи дарвоза худро берун кашида, овоз равшан кард.

Лаҳни шинос, лекин Карим кӣ будани соҳиби овозро муайян карда натавонист.

– Манам, Карим, ман, Ҳамроҳхон, – худашро шиносонд.

– Ҳамроҳхон?

– Ҳа, ман ҳастам, Карим.

– Ин ҷо чӣ кор мекунӣ?

– Гӯсфанд овардам.

– Инҳоро худат овардӣ? – гӯсфандони рӯи ҳавлиро дар назар дошт Карим.

– Ҳа, гӯсфандҳои худатон аст, бойбово қатӣ овардам.

– Мирзобой қатӣ?

– Ҳа, худашон омада буданд.

Карим чанд лаҳза рӯ ба осмони нилгун ва ситораҳо хомӯш монд. Дар фикр афтода буд. Ниҳоят ӯ ба мусоҳибаш гап андохт:

– Хуб кардӣ, омадӣ, Ҳамроҳхон, ба ман лозим будӣ, худам туро мекофтам.

– Айби ман ҳам шуда буд, – ҳамон воқеаи гум шудани гӯсфандони бой аз хаёли Ҳамроҳхон нарафта будааст.

– Бас кун, Ҳамроҳхон, коҳи кӯҳнаро бод надеҳ.

– Хоҳ бовар кунед, хоҳ не, раис, ба номи Худо, ба рӯятон нигоҳ карда наметавонам, забонкӯтоҳам, бойбово ҳам дар хиҷолат мондаанд, узр мехоҳанд, тавбаю надомат доранд. Бойбоворо ҳам бахшед, аз гуноҳашон гузаред, пагоҳ боз бист гови бо гӯсола мебиёранд, ба холаи Қаҳқаҳа ҳам гуфтанд.

– Ҳамроҳхон, гуфтам – ку, ба ту гап дорам, хуб шуд, ки худат омадӣ, биё, хона даро, – Карим гӯё арзи дили Ҳамроҳхонро намешунид. Ӯ сари фикру хаёлҳои худ буд.

– Бойбово маро интизоранд.

– Гапа кам кун, биё, – Карим тарафи пешайвон гашт, модараш аз хона мебаромад.

– Салом, оча.

– Салом.

– Чӣ ҳол дорӣ, оча?

– Гӯсфандҳоро дидӣ? – рӯ ба гӯсфандҳои рӯи ҳавлӣ истод модар.

– Дидам, оча, кори нохуб кардӣ, бояд намемондӣ.

– Ҳамроҳхон гапма нагирифт.

– Ӯро ҷазо медиҳам, оча, ҷазои сахт медиҳам.

– Ҷанг накунша, бачам, ман намехоҳам.

– Ман мехоҳам, – бо ханда дари хонаро кушод Карим. Ҳамроҳхон ва бародарон пасопеш дохили хона шуданд.

Холаи Қаҳқаҳа назди Ҳамроҳхону фарзандонаш дастархон густурд. Хӯрок пухта будааст, дар як табақи калони чӯбин ош кашид…

Сӯҳбати Кариму Раҷаб ва Ҳамроҳхон давом ёфт. Ниҳоят гапи мегуфтааш ба хаёли Карим омад, ки пиёлаи чойро рӯи дастархон монд ва «Ҳамроҳхон», гӯён ба ӯ муроҷиат намуд.

– Ҳамроҳхон, – боз номи ӯро ба забон овард ва афзуд: – Медонӣ ба ту чӣ гуфтаниам?

– Намедонам,-Ҳамроҳхон бо ханда лаби саллаашро, ки пеши рӯй фуромада буд, ба пас партофт.

– Рамаи гӯсфандон, гову моли колхозро ба ихтиёри ту супурданием. Мудир мешавӣ, мудири ферма, – таъкид кард Карим.

– Мани бесавод мудир? Ҳисоби кӯдаконамро намедонаму шумори гову молҳоро аз куҷо сарфаҳм меравам.

– Ёд мегирӣ, ту камбағалӣ, хизматгор ҳастӣ, ҳукумат ҳукумати камбағалҳо.

– Баъд, охир, мегӯм, раис, колхоз як пул надорад, қашшоқ аст. Гову гӯсфандонаш дар куҷо, ки ман мудир шавам?

– Рамаи гӯсфандҳо, подаи говумол, ҳамаи боғу роғи бойбобоат моли халқ мешавад. Пагоҳ худат рамаи гӯсфандҳояшро ҳай карда ферма мебиёрӣ.

– Ин кора накунед, раис, убол аст, пагоҳ дар рӯзи қиёмат чӣ ҷавоб мегӯед.

– Ҳамин хел супориш аст. Гуфтам – ку, худат рамаро ҳай карда мебиёрӣ…

– Не, раис, мо нонхӯру намакхӯр ҳастем, одами сахтгап, ганда ҳам бошад, Мирзобой ба ман некӣ кардааст. Маргу мурдаи раҳматии очам, отаамро ҳамин одам соҳибӣ кард, як даҳон нони мехӯрдаамон ҳоло ҳам аз дастархони ҳамин одам. Чӣ хел мешудааст, ки гову молҳояшро ман аз хонааш бароварда ба колхоз оварда месупурдаам?

– Молу мулки Мирзобой аз они халқ аст.

– Не, не, раис, падару бобоҳояшон одамони будаманд, бою бадавлат гузаштагӣ… Ҳама чиз ба Мирзобой мерос мондааст… Баъд агар рӯи Худоро гӯем, худаш ҳам меҷунбад, ҷонканак аст, бачаҳош қатӣ дар танаи адир боғ кард, об бароварад.

– Ҳамроҳхон, гапа кам кун, дар ҳама ҷо молу амволи бойҳо моли байн мешавад, супориш додем, ту ба ҷо мебиёрӣ.

– Не, Каримҷон, кушед ҳам ман ин гапатонро намегирам. Ман чи хел ба рӯи бойбово, зану фарзандони вай нигоҳ мекунам.

Карим ҳис намуд, ки гапаш ба Ҳамроҳҳон намегузарад. Ҳамон солҳои чӯпони Мирзобой будани Карим ҳам Ҳамроҳҳону бойбобо бо ҳам меҳрубон буданд, ӯ аз гапи хӯҷаин намебаромад, имрӯз ҳам Ҳамроҳҳон ҳамон Ҳамроҳҳон.

– Ихтиёрат, Ҳамроҳҳон, лекин мо қарори ҳукумат, қарори Шӯрои қамбағалонро ба ҷо меорем, дер не, пагоҳ, пагоҳи дигар… Зинда бошӣ, мебинӣ…

– Ихтиёратон, раис, – Ҳамроҳҳон аз ҷой бархост.

– Меравӣ?

– Ҳа, бойбово интизор ҳастанд.

– Гӯсфандони бойро ҳай карда бар.

– Ба куҷо?

– Ба хонаи бой.

– Ин корро накунед, раис, онҳо аз они худатон.

– Намегирам.

Вақте Ҳамроҳҳон ноилоҷ гӯсфандонро аз ҳавлӣ берун ҳай мекард, холаи Қаҳқаҳа ба гӯши Карим пичир – пичир ким – чи гуфт…

Аз афташ модар хоҳиш дошт, ки писараш ақаллан як – ду сар гӯсфандро нигоҳ дорад, аммо овози Карим шунида мешуд, ки мегуфт:

– Не, не, очаҷон! Ягонтоашро намемонам, ҳамаашро ҳай карда барад.

Шаби дигар дар деҳаи Ҷарбошӣ маҷлиси Шӯрои камбағалон то дер давом ёфт. Ба қарор омаданд, ки аз рӯзи дигар ҳамаи молу амвол, боғу роғ, замин ва чорвои Мирзобой моли байн эълон шавад ва қарор ҳатман иҷро гардад.

Хонаю ҳавлии Мирзобой аз молу амвол, чорвоҳояш батамом холӣ шуд. Мирзобой шаби дароз миёни ҳавлӣ қадам мезад, рӯ ба осмон даст ба дуо бардошта менолид. Мардум пагоҳи ҳамон рӯз дару дарвозаҳои боҳашамати Мирзобойро кушода дарёфтанд, дарҳои хонаҳояш ба пушт боз. Касе, ҷонзоде, дар ҳавлию хонаҳои бой ва дар хонаҳои Ҳамроҳҳон ҳам намонда, онҳо ҷон дар каф рӯ ба гурез – рӯ ба кишвари Афғонистон оварда будаанд.

4. ИШҚИ ДУХТАРИ ЧАРЧИНФУРӮШ

Дар деҳаи Чорбоғ тӯй шуда буд, тӯи калон. Тӯйдор гӯштин ва буз дода… Дар чанд рӯзи тӯй раиси хоҷагии «Иттифоқ» Карим сару сарвари маърака, оқсақол. Ва худаш ҳам дар майдон чанд даст гӯштин гирифт. Ҳар боре дастболо мешуд, «Раис, ҳа, бале, раис!», мегуфтанд, овозҳо баланд мешуданд. Ҷавони ситорагарм, ҷомаи беқасаби тахта –

тахта сурху сафеди нав, ки аз тӯйхона пӯшонида будандаш, ба вай мезебид, ӯ миёнақад, он қадар ботануманд ҳам не, вале паҳлавон, тавоно.

Духтарони деҳа, ки ба тамошо омада буданд, назарашон ба ин ҷавони паҳлавон, ба Карим ва нигоҳи як духтараки харобаи қоматбаланд ҳам. Ӯ Каримро ба дугонаҳояш нишон медод, ким-чӣ мегуфт, механдид, гӯё зиндагӣ, бахти ояндаашро дар шахсияти ӯ ёфта буд.

Рӯзи дигар ҳам дар деҳаи Чорбоғ тӯй давом ёфт. Имрӯз тӯйдор буз дода буд. Дар ин рӯз ҳам ҷавони ҷомаи беқасаби тахта – тахта сурху сафед дар бар, савори аспи ҷавмаст дар майдон. Аспашро чанд даст тозонд, чанд бор бузро аз миёни қура бароварда, тоқа карда ба пойгаҳҷо бурда партофт. Мардум, тамошобинҳо «Ҳалол! Ҳалол!!» – гуфта фарёд мезаданду ба ӯ таҳсину офарин мехонданд. Яки онҳо, ки ду рӯз боз хаёлашро ҳамин ҷавон рабуда буд, боз ҳамон духтараки харобаи қоматбаланд. Ин ду рӯзи тӯй ба хаёлаш рӯзҳои хушии умри ӯ дар ҳаёташ буданд, рӯзҳое ки бахташро аз ин ҷо дарёфт, зиндагиашро якумр ширин ва гуворо сохт.

Баъди анҷоми бузкашӣ Карим ва ҳамроҳонаш, човандозҳо, ки бо ҳам аз Ҷарбошӣ омада буданд, сари аспҳояшонро ҷониби чашмаи таги теппа гардонданд… Духтарон аз чашма об мегирифтанд, ҳамон духтар ҳам, ки Каримро ба дил ширин карда буд, ҳамин ҷо, ҳамроҳи дугонаҳояш. Куртааш зебо, аз матои шоҳикарбос, дар сар рӯймоли ширчоиранги қадима. Чашмони ҳалқа – ҳалқааш пури сурма, абрӯвонаш усмаолуд. Ба ҳуснаш ҳусн афзуда. Шаб то саҳар хаёлаш ба Карим буд, «Карими худам», мегуфт дар дил. Ва алҳол ӯро миёни савораҳо дида гӯё бол бароварда. Савораҳо об мехостанд. Духтар кӯзаи об дар даст тарафи Карим давид, кӯзаи обро баланд бардошт.

– Марҳамат, об, – овози ширини духтари зебо ба гӯши Карим меомад. Кӯзаи обро Карим аз дасти ӯ гирифт. Ӯ об менӯшиду духтар рӯ ба вай бо чеҳраи пуртабассум рост меистод.

– Боз об биорам? – духтар кӯзаро аз дасти Карим гирифта аз наздаш дур рафтан намехост.

– Ташаккур, духтари зебо, – Карим аз чеҳраи бахти ояндааш чашм намеканд.

– Ман зебо? – қаҳқаҳаи хандаи духтар ба гӯши ҳозирон расид.

– Ман туро меёбам, – гуфт Карим ба духтар.

– Намеёбед.

– Номат чӣ?

– Аввал шумо маро ёбед, баъд мегӯям, – ханда аз лабони дилҷӯи духтар дур намешуд. Механдиду гап мезад. Ӯро дар дил шавқе, ҳавасе тӯғён ёфта.

Ин хандаҳо, ин лаҳзаҳои аввали дидорбинӣ ин ду ҷавон – Карим ва он духтарро якумрӣ бо ҳам бипайвастанд.

Карим аз ҳамон лаҳзаи дидор дар ҷустуҷӯи он духтар, ба ақидаи худаш, он моҳи камёфт афтод.

Ӯ духтари Саиди чарчинфурӯш будааст, ӯро дар Янгибозор ҳама медонистаанд. Духтараш моил, хоҳони Карим. Вале барои ба висоли ҳамдигар расидани онҳо монеаҳои беҳисоб пеш омада. Дар деҳаи худашон талабгорони вай зиёд будаанд. Онҳо наздикон, хешовандон. Вале Карим барои падару модари ӯ бегона, аз кадом як деҳаи дур. Зоту заманд, падару модари ӯ кистанд, аз кадом авлоданд, намедонистаанд. Ба замми ин аз гуфти баъзе муллоҳо ва Хӯҷабою бойҳои дигар Карим ҷонибдори аҳли куфр, ҳамроҳу ҳамақидаи урусҳо. Онҳо ӯро пешдаро карда будаанд, ба ӯ вазифа додаанд. Ӯ одами урусҳо, кофирҳо. Оянда надоштааст, Хӯҷабой, босмачиён, албатта, вайро нобуд месохтаанд.

Рӯзе набуда, ки душманони Карим ба хонаи Саиди чарчинфурӯш наоянд ва бо ӯ вохӯрда таъкид накунанд, ки духтарашро ба Карим надиҳад, бахти ӯро сиёҳ накунад. Саиди чарчинфурӯш, ба гуфтае роҳашро гум карда, чи кор карданашро надониста, дар фикри духтарашро ба Карим диҳам ё надиҳам афтода.

5. ХИЛОФИ ТАОМУЛ

Дили холаи Қаҳқаҳа ором намегашт. Ҳанӯз ҳам мехост, фарзандашро аз роҳ гардонад, фаҳмонад, ки ба хостгорӣ ба хонаи арӯс рафтани худи домод аз рӯи таомул нест, айб мешавад, мардум чӣ мегӯянд? Меҳанданд, гап мекунанд… Вале ба Карим гап фаҳмонда натавонист модар. Гап гапи худаш, худаш рафта масъаларо ҳал карда меомадааст, ба хостгорҳо бовар надоштааст, дилаш пур набудааст.

Ва вақте Кариму Рақаб савора аз ҳавлӣ берун шуданд ва лақоми аспҳояшонро кашида аз модар дуо хостанд, холаи Қаҳқаҳа боз ба Карим гуфт:

– Кори хуб намекунӣ, бачам, худат нарав.

– Меравам, оча, келинатонро мебинам, гапзанон мекунам, аз шумо ба вай салом мерасонам, – Карим хоҳиши модарро ба инобат нагирифта механдид, завқ мебурд.

– Чӣ мекунӣ?

– Вайро мебинам.

– Э бас куне, бачам, шармандагӣ мешавад. Кадом домод худаш хостгорӣ хонаи арӯс рафтааст? Ҳеҷ кас ин корро накардааст.

– Келинатон «Хоҳед, нахоҳед ман Каримро мегирам», гуфтааст ба падараш. Вай шарм накардааст-ку, оча?!

– Вай духтари берӯ будааст, бачам.

– Берӯ не, вай духтари ҷасур, мисли ман ба гапи очаш гӯш карда намешинад. Меравам, оча, хонаашон рафта медароям, гапзанон мекунам бо вай, бо ҳам обод мешавем.

– Ин хел накун.

– Меравам, – боз бо қатъият ҷавоб гардонд ба модар ва лаҷоми аспро тарангтар кашида аз модар дуо хост.

– Майлат, бачам, – модар ноилоҷ даст ба дуо бардошта, «Соқ рафта саломат баргардед», – гуфт.

– Аз номи очаи Раҷаб ба келин салом гӯям? – Карим хандида – хандида ба сағрии асп оҳиста қамчин андохт. Рӯ ба роҳ афтоданд сабораҳо. Аспҳо йурға мекарданд, паҳлӯи ҳам метохтанд, аз ҳамдигар ақиб мондан намехостанд. Аз ҷои тунукоб дарёи Кофарниҳонро гузаштанд. Қад – қади дарё роҳи тӯлонии дараи Ромит сар шуда буд. Чанд деҳаи сари роҳ ақиб монд. Аз пайроҳае сабораҳо ба дасти чап, рӯ ба адиру теппаҳои баланд гаштанд. Акнун офтоб аз сари теғаҳои баланди кӯҳ чашм мекушод, мижаҳои заросояш болои дарахтони ғарқи гул, ки дар танаи кӯҳ чун арӯсакон аз шарм худро таги чодирҳои рангин кашида буданд, медавиданд, ба чашми сабораҳо мехӯрданд. Сабораҳо теппаҳоро болою поин мешуданд. Дар пояи кӯҳдоман деҳаи Чорбоғ намудор гашт. Он дар чор боғ не, дар боғу майдонҳои беҳисоб доман густурда. Деҳае, ки Карим омаду рафт дошт, боғу майдон, роҳу роҳравҳои он барояш ошно. Вале имрӯз Чорбоғ дар назари ӯ намуди дигар гирифта, зебо ва боз ҳам зеботар метофт. Маҳбубаи вай ин ҷо, бо хаёли Карим мезиҳад. «Каримро мегирам», гуфта ӯ. Чи ҳарфу нидои ширине. Дар ин деҳа дар дили духтари хушрӯйтарине хаёли ӯ, ёди ӯ. Духтарони Чорбоғро дидааст, лекин ин духтар дигар, як табассуми ширин, як хандааш ба дунё арзанда.

Роҳи сабораҳо ба деҳа расид. Гирди чинорҳои баланди лаби ҷӯйро тоб хӯрданд. Аз паси чанд кулбаи бомҳояшон бо хас пӯшида гузаштанд. Рӯ ба рӯ ду садаи калон, онсӯтар аз садаҳо бинои масҷиди деҳа. Паси дарвозаи масҷид мӯйсафедон сӯҳбат доштанд. Поёнтар аз бинои масҷид аз шаршараи танаи сангҳо об мебардоштанд бачаҳо ва занону духтарон. Кариму Раҷаб ба мӯйсафедон салом дода ба тангкӯчае даромаданд. Чанд писарак паси дари як ҳавлӣ бозӣ доштанд. Хонаи Саиди чарчинфурӯшро пурсиданд аз онҳо. Кариму Раҷабро раҳнамо шуд як писарак. Бо ишораи ӯ Карим паси дарвозаи яктабақае таваққуф намуд. Дил дар синааш беқарор гашт, берабт метапид. Ин ҷо ҳавлии ёр, он духтаре, ки Карим талабгораш аст, ҳоло ӯро мебинад. Дарвозаро тела дод, ба дарун кушода шуд. Овоз баровард: «амаки Саид, ҳой амаки Саид», гуфт ва бо дастаи қамчин ба танаи дар тиқ – тиқ

зад. Духтар таги ҳамон рӯймоли ширчойиранги зебо, ки Карим дар лаби чашма онро дар сари ӯ дида буд, ҳозир шуд.

– Раис?! – ҳушу ҷонаш гӯё тоза шуда буд, ба чашмонаш бовар намекард. – Омадед, раис? – дар ҳоле, ки маҳву мот монда буд, такрор намуд суолашро духтар.

– Ҳа, ман, омадам. Гуфта будам-ку туро меёбам. Номатро пурсида будам. Ба ёдат ҳаст, чӣ гуфта будӣ? Ана ман туро ёфтам. – Карим боз афзуд: – Акнун номатро мегӯӣ? Дар аҳдат ҳастӣ?.

– Номам Бӯригул.

– Бӯригул, ҳой Бӯригул? – аз хона овози зане баланд шуд.

– Модарам!

– Он ҷо чӣ мекунӣ? Бо кӣ гап зада истодаӣ? – овози модар баландтар гашт.

– Раис омадаанд, оча, раис, худашон!

Модари Бӯригул аз ошхона бо хавоси парешон берун омад.

– Раис? Кадом раис? – модар таги гапи духтарашро намефаҳмид.

– Маро мебаранд, ҳамроҳашон меравам, – садои хандаҳои Бӯригулро дар ҳавлӣ ҳама мешуниданд.

– Дам шав, дам ист, аз рӯи ту рӯз надорам, ба ғами талх задам, шарманда шудам, боз ту механдӣ, – модари Бӯригул бо ҷангу ҷанҷол, бо доду валвала назди саворон омад.

– Раис худат ҳастӣ? – ӯ ба саворае, ки бо Бӯригул гап мезад, наздиктар шуд.

– Ҳа, холаҷон, ман Карим, ман омадам, – Карим назди модари Бӯригул аз асп пиёда шуд ва бо сари хам хомӯш монд.

– Бачам, духтарма бероҳа кардӣ, дар хонамон шӯр хезондӣ, рӯзамон сиёҳ шуд, аз шавҳарам мондам, вайро бурданд, қава карданд. Ана дидӣ, ту дар ҳаққи мо чӣ корҳо кардӣ? Чӣ хел одамӣ? Айба намедонӣ, ки боз хонаамон омадӣ?

Баъд модари Бӯригул ба Карим фаҳмонд, ки ба духтари вай аз ҳамин қишлоқи худашон талабгор аз мӯи сар зиёд. Якеаш писари додари худаш, дигарӣ аз хешовандони падараш, сеюмаш бойбово ҳам барои бачааш пой пеш мондааст… Аммо ҳамаи талабгорҳояшро Бӯригул нахоста, «Карими раисро мегирам», гуфта рӯ баровардааст.

Ба хаёли модари Бӯригул аз ҳамаи харидорҳои духтар илоҷи якеи онҳоро ёфта наметавонистаанд. Ӯ ҳам ҳамон бойбобои ҳамсояашон, ҳамсояи девордармиён, бачааш гируми чалти (рӯирост) Бӯригул. «Гапам якто, Худоям якто, Бӯригулро мегирам», гуфтагиаш гуфтагӣ будааст… Аммо Бӯригул хости Бойбобо, бачаи вайро рад карда, падари камбағалашро ба бало гирифтор кардааст. Кадом вақте Саиди чарчинфурӯш аз ӯ қарз гирифта будааст. Бойбобо шарт гузоштааст, ки Саиди чарчинфурӯш агар духтарашро ба бачаи ӯ надиҳад, қарзи ӯро

баргардонад… Ба ҳукумат маълумот додааст, тӯҳмат задааст, аз рӯи даъвои бойбобо дина аз район милисаҳо омада падари Бӯригулро бурдаанд.

– Амакам аз бойбобо чанд пул қарздоранд? – ба оромӣ пурсид Карим.

– Чӣ кор мекунӣ, бачам? – модари Бӯригул аз сари ҷаҳл фуромада бо умед ба Карим нигарист.

– Намедонам, ҳисобаш чанд аст, худашон ва бойбобо медонанд, бачам, – овози модар нармтар шуда буд.

– Хонаи бойбоборо ба ман нишон медиҳед? – Карим қоматашро рост намуд.

– Ман ба шумо нишон медиҳам, – Бӯригул аз дарвоза берун шуда бо дасташ хавлии Бойбоборо нишон дод.

– Номи бойбобо чӣ?

– Бойбобо, – гуфт Бӯригул.

– Ман амакамро халос мекунам, шумо, холамоҳ, ту ҳам, Бӯригул, ба хонаатон дароед, – гуфт Карим ба онҳо ва фармуд, ки дарвозаашонро бипӯшанд. Ва худ савори аспаш бо Рағаб ба паси дарвозаи боҳашамате омад. Худи Бойбобо онро боз кард. Каримро дид. Ӯро мешинохт, медонист, ки сиёҳу сафед шудани бойҳо аз як ҷиҳат дар ихтиёри ҳамин одам. Вай раиси колхоз, яке аз гапрасони ҳукумат, аз дасташ ҳар кор меояд. Ва ӯ дар фикр буд, ки чаро ин одам ӯро кофта омадааст? Чаро? Ё ӯ ҳам дар назди ҳукумат сиёҳ шудааст Карим ба сараш омадааст?

– Ассалом, раис, – дастҳо болои шиками дамида баромадааш Каримро «хуш омадед» гуфта, Бойбобо ҳарду табақаи дарвозаро ба пушт боз намуд ва акаю додарро ба хонааш хонд. Аммо Карим ба хонаи Бойбобо даромаданӣ набуд, сари мақсад омад:

– Бойбобо, аз шумо як чизро пурсиданиам, – гуфт Карим.

– Пурсед, раис, мо дар хизмат ҳастем, чӣ мефармоед?

– Бойбобо чи гуфтану чи гуна пазироӣ намудани Каримро намедонист.

– Ҳамсояатон, амаки Саид, аз шумо қарздор аст? – пурсид Карим.

– Нее… Ҳаа… – забон хоид Бойбобо ва афзуд: – Чӣ гап шудаст?

– Гап занед, чанд пул ӯ қарздор.

– Як ҳисоби андак, – гуфт бо азоб ва як маблағеро базӯр ба забон оварда бойбобо.

– Рағаб, киссаҳоятро коб, – гуфт Карим ва худаш ҳам даст ба ҷайб бурд. Маблағи муайяне аз бародарон рӯид. Ба нею нестони Бойбобо нигоҳ накарда пулро Карим ба ӯ дод. Бойбобо аз гирифтани пул ҳаросид ё дар ҳиҷолат монд, ки ба рӯи Карим дигар назар карда натавониста, ранги рӯи пургӯшташ суп – сурх гашт.

– Қарзатон ҳисобӣ шуд, Бойбобо?

– Ҳа, раис, лекин лозим набуд, раис, кори нохуб кардед, раис.

– Акнун, Бойбобо, ҳамроҳи мо меравед!

– Ба куҷо, раис?

– Ба идораи милиса меравем! Шумо дар назди онҳо аз даъво мегузаред, «қарзамро гирифтам», мегӯед. Ҳамин тавр, Бойбобо, зуд бошед, дер мешавад, ҳа, зуд…

– Ман наравам – чӣ, раис, – забони Бойбобо лакнат хӯрда ба тарс афтода буд.

– Меравем, бо ҳамсоя созомад шавед, ҷанҷол нахезонед, ба писаратон ҳам фаҳмонед, ҳушашро ба сар гирад, он даврaҳо гузаштанд, рафтанд, – Карим бо суханҳои тагдор табъи Бойбоборо хира гардонд. Ва ӯ аз мақсаду нияти Карим огаҳ гашт, аспашро савор шуда аз паси бародарон Кариму Рақаб меомад.

Дар шӯъбаи милисаи район раиси колхози «Иттифоқ» Карим Исмоиловро мешинохтанд. Бойбоборо бо Саиди чарчинфурӯш ҳамгап кунонданд. Бойбобо аз даъвояш гузашт, ба Саиди чарчинфурӯш гуфт, ки ба Карим раҳмат бигӯяд, аз ӯ миннатдор шавад, раис қарзи вайро баргардондааст.

– Наход? Ба чӣ вақҳ? – Сабаби ғамхории Каримро Саиди чарчинфурӯш сарфаҳм намерафт.

– Сабабашро аз духтарат пурс, – гуфт бо зарда ба ӯ. Саиди чарчинфурӯш озод шуда буд.

6. СОЛИ СИЁҲ ВА ДИЛҲОИ СИЁҲ

Кулбаи бобоии Карим ободӣ, равшаноӣ меёфт. Бародарон хоначаҳои нав сохтанд ва меҳмонхонаи зебои пурнақшу нигор ҳам. Атрофи ҳавлиашонро девор гирифтанд. Аз ду-се кулба чароғҳо фурӯзон, дегашон аксар болои дегдон. Хурсанд буданд аҳли хонадон, аз ҳама беш холаи Қаҳқаҳа аз бахташ меболид. Ду шоҳтир – Кариму Рақаб қувваю мадори дили ӯ. Ҳамон рӯзҳо ӯ боз аз он бисёр шод буд, ки Худованд ба ӯ насиб гардонд, тӯй карда ба хона келин биёрад. Каримро хонадор кард. Воқеае рух дод, ки бачаю духтар ҳамдигарро дӯст дошта, бо маслиҳат ҳамхона шуданд. Келин бо пою қадам будааст, файзу баракат омад ба кулбаашон. Аз ҳама муҳиммаш ӯ сабз шуд. Худи холаи Қаҳқаҳа ҷигарсӯхта. Фарзандонаш нопешрав шуданд. Аз ин рӯ, ба ҳар тори мӯи тифли навзоди Бӯригул меларзид. Ба набераи аввалаш «сараш аз санг шавад, ба муроду мақсадамон бирасем», гуфта Сангинмурод ном монд. Келин боз духтар таваллуд кард. Ин дафъа ҳам бо хоҳиши хушдоман Бӯригул ба тифл номгузорӣ намуд: «Тоҷиниссо номи зебо», гуфт ба келин холаи Қаҳқаҳа.

Рӯзҳои хушу зиндагии оилавӣ ба Карим ҳам рӯҳу тавоноӣ мебахшиданд. Ҳосили зироатҳои хоҷагии «Иттифоқ» меафзуд. Ба рӯзи меҳнати деҳқонон бештар гандум, ҷав, шолӣ, наску нахуд ва мева тақсим мекарданд. Ҳатто тапаку гӯшту пӯсти чорво тақсим мешуд. Рӯзгори камбағалон беҳӣ меёфт. Хоҷагии «Иттифоқ» дар район аз ҷиҳати ба даст овардани ҳосили зироатҳо дар ҷои аввал буд, раис Карим Исмоилов таъриф мешунид. Мардум ризо, ҳама хушу осуда. Вале ба ин зиндагии андаке беҳгаштаи камбағалони дар гузашта озордида, ки акнун лабашон ба нон мерасид, гӯё чашм расид. Дар осмони софу беғубори Ватан абрҳои сиёҳ падид омаданд. Сиёҳӣ ба дилҳо ғалтида, рӯзи равшан тира ва хира гашта.

Соли 1937 омада. Соли фоҷиа, маргбор, соле, ки дар садсолаи гузашта монда. Вале имрӯз ҳам аз ёдоварӣ шудани соли сиюҳафт, миёни мардум ҳамин хел ном ёфтааст, дил ба воҳима меафтад, дар бадан мурғак медамад, мӯи бадан аз даҳшат рост мешавад. Шабҳо мардум осуда хуфта наметавонистанд, дару дарвозаҳо дар дили шаб кӯфта мешуданд, аз сари дару девор ба ҳавлию хонаҳо медаромаданд. Дар рӯй онҳоро ниқоб, силоҳдор. Соҳиби хона пешандоз мешуд, мебурданд, бо ҳамин баъзеҳо гумном мегаштанд. Гуноҳ маълум: бой, кулак, душмани халқ, хоини Ватан, ҷосус, хешу табор ё думи кадом як шахси сиёҳшуда… Коммунистонро ҳам мебурданд, муаллим, роҳбарони ҳукумат... ҳама гунаҳгор. Ҳукумати камбағалон мегуфтанд. Лекин ҳамон батрак, ғулому хизматгори дари бойҳо низ дар соли 1937 гунаҳкор, гуноҳаш нобахшиданӣ. Одамон якдигарро маълумот медоданд, якдигарро мефурӯхтанд, то худро аз дами марг нигаҳ доранд. Оҳ, чи махлуқи бадгуҳаре мешудаанд одамон дар ҳолати рӯзи сиёҳи ҳамдигар.

Атрофи хизматгори дирӯзаи дари бойҳо, раиси Шӯрои камбағалон ва имрӯз раиси колхози «Иттифоқ» Карим Исмоилов ҳам ҳавои номусоиде мевазид, мишмишҳо, гапу ҳарфҳое, ки дар тарозуи ақл намеғунҷиданд. Тортанакҳои одамшакл гирди ӯ тор метаниданд, ба торҳояшон ӯро печондан мехостанд. Тӯҳмат болои тӯҳмат: раиси колхози «Иттифоқ» духтари Саиди чарчинфурӯшро бо зӯрӣ ба никоҳаш андохтааст, аз душмани сохти Шӯравӣ Бойбобои чорбоғӣ пул ситонида вайро ҳимоят кардааст, бо сардори дастаи босмачиён Азиммарқа ҳамнишинӣ, ҳамфикрӣ доштааст, бо Мирзобой ва босмачиён, ки аз хоки Афғонистон ба ҳукумат ҳуҷум оварданианд, алоқамандӣ доштааст Карим, хизматгори Мирзобой-Ҳамроҳхон пинҳон-пинҳон ба хонаи раиси колхози «Иттифоқ» омада мерафтааст, гап мегирифтаанд аз ӯ, гап мебурдаанд. Карим душмани ҳукумат, душман дар дохили онҳою душман мекофтаанд. Дар кадом як газета ҳам мақола чоп шуда айбу гуноҳи беҳисобе ба гарданаш бор карда буданд. Аз ин гапу ҳарфҳо дар ҳаққи писараш модар-холаи Қаҳқаҳа

бохабар гашта буд. Бӯригул ҳам медонист. Келину хушдоман аз пагоҳ то бегоҳ байни ҳамдигар аз ин чиҳат ҳасрат мекарданд, месӯхтанд, ғамбемор шуда буданд. Модар ба Карим маслиҳат медод, ки ақаллан шабҳо ҷои хобашро дигар кунад. Вале Карим ба гапи модар намедаромад, ба бегуноҳияш бовар дошт. «Тӯҳмат аст, очаҷон, ҳамааш тӯҳмат,» мегуфт. Лекин вай беҳуда дар андеша буд, ки бегуноҳ аст. Як шаби сарди зимистони қаҳратун, ки барф аз боридан намемонд, чунон беҳарфу садо ӯро одамони сиёҳпӯши ниқобдор аз меҳмонхона бароварда бурданд, ки модар ва Бӯригул хабардор шуда натавонистанд. Дар маҳбаси НКВД, дар шаҳри Сталинобод мехобид. Хабари сар шудани Ҷанги Бузурги Ватаниро дар маҳбас шунид. Дар қатори чанд нафар Каримро ҳам ҷавоб доданд.

Баъди аз маҳбас баромадан чанд шабу рӯз ҳамроҳи модари азиз ва Бӯригули меҳрубон дар ҳавлиашон рӯз гузаронд, намедонад. Ба ҳимояти Ватан ба ҷанг рафт. Ӯ ба он «дӯстон» ва «ошноҳояш», ки аз болояш шоҳидии бардурӯғ доданд, вайро душмани халқ ҳисобиданд, исбот карданӣ буд, ки душмани халқу Ватан нест, як фидоии Ҳукумати Шӯроҳо аст. Ӯ барои ҳимояти Ватан бо душман ҷангид, дар ин роҳ ҷон фидо кардан мехост, «Ватан», мегуфт. Баъди анҷоми ҷанг, баъди ғалабаи халқи советӣ бар фашизм, ки ӯ низ як тан аз ҷоннисорон буд, ба зодгоҳаш баргашт. Карим ба душманонаш боз ҳам гуфтанӣ буд: Ман душман не, Ватанро ҳимоя кардам.

Баъд Карим Исмоилов дар колхози «Иттифоқ», ки раиси он буд, колхозчӣ шуд, колхозчии одӣ. Аз саҳар то шаб қатори ҳамдеҳагон меҷунбид, бо каланд бехи ниҳолҳои пахтаро нарм мекард, пахта об медод, пахта мечид, гандум, ҷав медаравид, шолӣ мекӯфт. Ӯро сардори звено, бригадир ва боз раиси колхози «Иттифоқ» интихоб карданд. Дар район вайро мешинохтанд, аз воқеаҳои тӯҳматангези соли 1937 огоҳ буданд. Бегуноҳ будани Карим низ маълум буд. Аммо дар он солҳо касе одами сиёҳшударо ҳимоя карда наметавонист, агар ҳарфу сухани нек дар ҳаққи ин хел одамон ба забон меоварданд, худ душмани халқ эълон мегаштанд. Карим Исмоиловро ба вазифаи баландтар, сардори Раёсати хоҷагии қишлоқи район таъйин карданд.

7. ҚАҲРАМОН ВА БОЗ НОМИ ҚАҲРАМОНӢ

Акнун ғами пахтаи ҳамаи колхозҳои район дар дили ӯ. Он солҳо баъзан чандин шабу рӯз ба хона намеомад. Дар колхозҳо хоб мерафт, «ҳосили баланди пахта рӯёнем», гуфта аҳли колхозро ба саҳро мебароварад. Наметавонд, ки пахта бенигоҳубин, беоб монад. Ҳамон сол тамоми колхозҳои райони Орҷоникидзеобод дар ҷумҳурӣ ҳосили баландтарини

пахта рӯёнданд. Ва Карим бори нахуст ба унвони Олӣ – Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ мушарраф гашт. Ӯ Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ. Боз исбот намуд, ки ҳеҷ гоҳ душмани ҳизб, ҳукумат ва Ватан набуд.

Солҳои муттаҳидшавии колхозҳо ба миён омад. Колхозҳои ба номи Энгелс, Крупскаяро ба колхози «Москва» ҳамроҳ намуданд. Котиби аввали кумитаи ҳизби коммунисти район Р. Абдулин ва раиси комиҷроия Аҳмад Очилов маслиҳат карданд ва ба колхозҳои муттаҳидшуда – хоҷагии «Москва», Карим Исмоилов раис интихоб шуд. Вазнин ва душвор буд роҳбарӣ ба чунин хоҷагии серсоҳа ва калон, душвор буд бо мардумони зиёде забон ёфтан ва онҳоро ба корҳои хоҷагӣ сафарбар намудан. Дар ҳоле, ки аҳли ин хоҷагиҳои бо ҳам муттаҳидгашта ба якдигар созомадӣ надоштанд. Онҳое, ки раис ва роҳбарони собиқи ин хоҷагиҳо буданд, аз амали якҷоя шудани колхозҳо норозӣ буданд. Ва душвории дигар дар он буд, ки мардум камбизоат, гурусна. Тақсимоти маводи ғизоӣ ба рӯзи меҳнаташон ночиз буд. Карим Исмоилов ҳамаи инро медонист. Беш заҳмат кашида, дар дили мардум роҳ ёфтанаш лозим буд. Такягоҳи ӯ халқ. Агар онҳо ӯро фаҳманд, ба гапаш дароянд, эҳтиром пайдо намояд, бори роҳбарӣ-раисиро кашида метавонист. Ба маъракаю тӯйҳои мардум мерафт, дар маргу мурдаашон бо онҳо, ба ғаму шодии ҳар хонадон шарик. Ва шабу рӯз бо онҳо дар саҳро… Тамоми аҳолии як хоҷагии аз 20 – 25 порча қишлоқ иборатбударо ном ба ном медонист.

Солҳо гузаштанд. Колхози «Москва» аз ҳар ҷиҳат дар район пешқадам ва обод мешуд. Биноҳои хонаи маданият, чойхона, китобхонаҳо, кӯдакистон, кинотеатр ва бисёр мағозаҳо ҳамон солҳо бунёд гаштанд. Хишти аввали ин биноҳоро, ки имрӯз зеби деҳаҳо гаштаанд, дар он рӯзҳо раис Карим Исмоилов гузошта буд.

14 сол ӯ раиси колхози «Москва» буд. Соли 1956 дар майдони 740 га. пахта кориданд. Аз ҳар гектар ба ҳисоби миёна аз 40 сентнерӣ зиёд ҳосил рӯёнда шуд, ки дар миёни колхозҳои пахтакории водии Ҳисор ҳосили баланд ҳисоб меёфт. Дар пахтакорӣ, дар роҳи ба даст овардани ҳосили баланд Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Карим Исмоилов боз ғалаба ба даст овард. Дар қатори Қара Дӯстов, Хоҷа Зиёбеков, Бозорбой Бурунов, Раҷаб Исмоилов (бародари Карим Исмоилов) ва Абдулло Абдулвосиев Карим Исмоилов боз соҳиби унвони Олӣ-Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ гашт. Акнун ӯ ду карат Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ. Моҳи январи соли 1957 ба ӯ ситораи дуюми қаҳрамониро Раиси Шӯрои Вазирони СССР Н. А. Булганин супурд. Дар Тоҷикистон акнун соҳиби унвони ду карат Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ се нафар-Саидхӯҷа Урӯнхоҷаев, Абдуғаффор Самадов ва Карим Исмоилов буданд.

Бӯригул ин шахсиятҳои бузурги ҷумҳуриро мешинохт… Онҳо борҳо меҳмони хонадонашон шудаанд. Ба Карим Исмоилов мисли бародар муҳибу меҳрубон буданд.

8. БӮСТОНСАРОИ ҚАРА ДӮСТ

Бӯстонсарои колхози «Съезди XXII партия» ба номи раиси он Қара Дӯст машҳур буд. Чанд қадам аз бӯстонсаро он сӯ дарёи пуртӯғёни Кофарниҳон ҷорӣ. Оби дарё ба сангҳо бархӯрда зарраҳои он ҷониби бӯстонсаро пош мехӯрд. Атроф гулу гулзор, садбаргҳои сурх, ҷигарӣ, сафеду зард ва гулобӣ чашм мерабуданд… Қад-қади роҳравҳои сангфарш, ки то таги суфа ва чанорҳои баланд – баланди сершоху барг кашида шуда буданд, низ пургулу гиёҳ. Болои суфаҳо қолинҳои хушранг паҳн карда буданд, кӯрпачаҳои махмали зард рӯи қолинҳо гул барин ҷило медоданд. Соҳиби бӯстонсаро ва чанд нафар ҳампешагони ӯ бетоқатона омад-омади меҳмонҳоро интизор. Раисони ҳамаи хоҷагиҳо, сардорони бригадаҳои пешқадами пахтакорӣ ба ин ҷо даъват шудаанд. Ҳама омаданд.. Акнун нигоҳҳо ба роҳи меҳмони олиқадр – муншии аввали ҳизби комунисти ҷумҳурӣ Турсун Ӯлҷабоев буд. Ӯро ҳозирин бо як ҳисси эҳтироми беандоза, дар ҳоле ки сарҳо хам, дастҳо пеши бар таъзим ба ҷо меоварданд, пешвоз гирифтанд. Карим Исмоилов низ ин ҷо ҳозир буд. Ӯ дар қатори пешвозгирандагон пештар, дар паҳлӯи муншии аввали ҳизби район меистод.

Бо иҷозати Турсун Ӯлҷабоев ҳама аз нав ба ҷойҳояшон нишастанд. Мавзӯи сӯҳбат маълум. Ҳама бояд як гапро мегуфтанд: Мӯҳтарам Турсун Ӯлҷабоевро дар масъалаи изофанависӣ ба ҳар гектари пахта тарафдор ҳастанд. Вай барои обрӯи ҷумҳурӣ ҷон мекоҳондааст. Муншии аввали ҳизби район аз ҷой бархоста Турсун Ӯлҷабоевро бовар кунонд, ки ба хоҳишаш ҳама розианд.

– Гап намешавад? – пурсид боз меҳмони олиқадр.

– Ин ҷо ҳама худианд, ба гапи мо гӯш медиҳанд, ҳамин тавр маслиҳат кардем, якгапа ҳастем, – ҷавоб дод муншии аввали ҳизби район.

Назари имдодхоҳонаи Турсун Ӯлҷабоев ба раиси колхози «Москва», ба Карим Исмоилов шуд, ки дар пеши бараш аз тобиши офтоби пагоҳ ҳар ду ситораи тиллои қаҳрамонӣ медурахшиданд.

– Шумо чӣ мегӯед, медонед-а? Ҳамин хел сиёсат, мо бояд бо ҳар роҳе, ки бошад истеҳсоли пахтаро афзун намоем, аз ҷумҳуриҳои ҳамсоя ақиб намонем, рӯйсурх шавем, Ватан гӯем, Тоҷикистон гӯем,- Турсун Ӯлҷабоев сарбаста сухан мегуфт. Аз Карим Исмоилов, аз шахсияти соҳибэҳтироми ҷумҳурӣ, аз ду карат Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ мадад мехост, мехост ӯ вайро дастгирӣ намояд, тарафдор шавад.

Оре Карим Исмоилов вазъи онрӯзаи мамлакатро медонист. Медонист, ки дар ҳама ҷо мусобиқа, мусобиқа баҳри ҳар чи зиёд истеҳсол кардани шир, тухм, гӯшт, пашм ва аз ҷумла пахта. Аз рӯи талаботи сарвари давлати Шуравӣ Н.С.Хурушев бояд аз Амрико пеш гузаранд. Барои ҳамин ҳам якро ду, дуро се-чор гуфтан лозим, изофа нависанд.

Вале ҳисси виҷдон, ҳақпарастӣ намегузошташ ӯ ҳам ба ин роҳҳо равад, ба хаёлаш ин роҳҳо роҳи ҷиноят, нопокӣ буд. Ӯ дар давоми умр борҳо дар шир сӯхтаю дӯғро хаёли шир карда, ӯ хоҳиши Турсун Ӯлҷабоевро ба ҷо оварда наметавонист.

Муншии аввали ҳизби ҷумҳурӣ аз хамӯш мондани Карим Исмоилов дар тааҷҷуб шуда боз ба вай мурочиат кард:

– Гап занед, ба мардум фаҳмонед.

– Ман чӣ гап занам, мӯҳтарам Турсун Ӯлҷабоевич, ва ғайри чашмдошти ҳозирин биафзуд: – Ман розӣ нестам, дигаронро ихтиёр.

– Розӣ нестед? Ин чӣ гапи гуфтаатон? – Турсун Ӯлҷабоев ба шӯр омад ва ба ҷониби муншии ҳизби район теғи назар андохт ва биафзуд: – Рафиқ Мавлонов, гуфтед, ки ҳама розӣ, гуфтед, ки ба ҳама фаҳмондам…

– Ин одам ба мо гӯш намедиҳад, пеш аз ин ҳам аз ин ҷиҳат бо шумо гуфтугӯ карда будам.

– Ҷои шумо қатори мо нест, рафиқ қаҳрамон, – оташи ғазаби Турсун Ӯлҷабоев паст намегашт.

Карим Исмоилов дар ҷавоби суханҳои пурмурчу қаламфури ҳар ду сарвари ҳизбӣ дигар ҳарфе нагуфта аз суфа поён шуду ба ҷониби мошини хизматиаш рафт.

Баъдҳо дар масъалаи изофанависӣ дар ноҳияи Орҷоникидзеобод муншии аввали ҳизб ва бисёр сарварони хоҷагиҳои пахтакор гунаҳкор ҳисобида шуданд. Фармоиш шуд, ки дар ҳузури намояндаи Маскав бо иштироки Турсун Ӯлҷабоев дар хоҷагии «Москва» ин масъала муҳокима шавад. Ана ин пешниҳод, шахсан, ба Турсун Ӯлҷабоев нафорид. Зеро роҳбари хоҷагӣ ҳамон Карим Исмоилов буд. Ба ақидаи ӯ Карим Исмоилов ба вай дандон дошт. Ӯ ҷои баргузории маҷлиси муҳокимавиро дигар карда натавонист. Маҷлис дар хоҷагии Карим Исмоилов баргузор шуд. Аммо ин марди тавоно ҳамон рӯз аз таъқибу таҳқир шуданаш аз тарафи Турсун Ӯлҷабоев дар бӯстонсаро ҳарфе ба забон наовард. Ва Турсун Ӯлҷабоев пас аз маҷлис назди Карим Исмоилов омада, оғӯш кушод ва бо ӯ аз нав вохӯрӣ намуд.

9. НОМИ БАЛАНД – ДУШМАНИ ЗИЁД

Баъди бо номи олии ду карат Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ ноил гаштани Карим Исмоилов бадхоҳони ӯ зиёд шуданд. Дар куми-

таи ҳизбии район низ ба ӯ ҳасад мебурданд, ӯро бад медиданд… Ягон ҷурм, гуноҳеро ба гарданаш бор кардан мехостанд… Худи котиби аввали ҳизби район аз вай талаб менамуд, ҳисоби гектари пахтаро кам нишон дода, ҳосилнокиро баланд нависад. Вале Карим Исмоиловро виҷдон ва имон роҳ намедод, ки дурӯғ гӯяд, дурӯғ нависад.

Соли 1961 дар маҷлиси ҳисоботии колхоз котиби аввали ҳизби ноҳия иштирок намуд. Нишондиҳандаҳо дар тамоми соҳаҳо дар давоми сол баланд буданд. Вале котиб аз дастовардҳо шод набуд, гуноҳ, камбуд меҷуст. Ба норизоии кулли аҳли колхоз нигоҳ накарда бо талаби ӯ Карим Исмоилов аз вазифаи раисӣ озод карда шуд. Ба ҷои ӯ котиб як нафар дӯст ва наздики худашро раис эълон намуд. Аммо колхозчиён напазируфтанд. Раиси нав кор карда натавонист. Мардум ба ӯ гӯш намедоданд, супоришҳояшро ба ҷо намеоварданд. Ӯ роҳи рафтанашро гӯё гум карда буд. Кишт ақиб монд… Колхозчиён ба саҳро намебаромаданд. Котиби аввали ҳизб ночор, ноилоҷ монд, раиси ба ҷои Карим Исмоилов овардаашро аз вазифа озод намуд… Барои он ки колхозчиён боз Карим Исмоиловро ба вазифа наоранд, котиб колхози «Москва»-ро бо колхози ба номи Ленин ҳамроҳ намуда додари Карим Исмоилов Раҷаб Исмоиловро ба вазифаи раисӣ гузошт.

Дӯстони Карим Исмоилов, аҳли колхози «Москва» боз ба муқобили ин тадбири андешидаи котиб баромаданд. Пеши сели мардумро гирифтан наметавонанд. Душманони Карим Исмоилов раъйи халқро шикаста натавонистанд, аҳли колхози «Москва» ғалаба карданд. Колхози «Москва» аз колхози ба номи Ленин ҷудо карда шуд. Ду карат Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Карим Исмоиловро аз нав ба колхоз раис интихоб намуданд.

Муборизаҳои ошкору ниҳон ба Карим Исмоилови қаҳрамон беасар наемонд. Мисле ки бармаҳал пир шуда ӯ. Гирифтори бемории фишори хун, аз гуфти духтурҳо боз бисёр дардҳои дигар дар вуҷуди ӯ хона карда. Мегӯянд, раис дам гирад, камтар кор кунад, асабҳояшро эҳтиёт намояд. Рост мегуфтанд, ноосуда аст раис, озори беш дидааст. Аз тақдири фарзанди бузургаш Исроил ҳам ҳамеша дар ташвиш. Соҳиби ҳафт фарзанданд. Хайринисо, Сафо, Саврӣ, Баҳринисо, Искандар, Исроил ва Вафо. Онҳо аз Карим ва Бӯригул дар ин олам нишона. Аммо дар миёни фарзандон падару модар ба Исроил меҳри алоҳида доранд. Ба эҳтироми бобояш ба Исроил номи ӯро гузоштанӣ буданд. Маслиҳат карданд ва дар фикр афтоданд, андеша доштанд, оқибат ба хулосае омаданд, ки шояд нисбат ба бобои раҳматӣ беэҳтиромӣ мешавад, шояд фарзандашон ба ин ном сазовор шуда наметавонад. Аз ин рӯ, ба тифл Исмоил нею Исроил ном доданд. Исроил ба раҳматии бобояш монанд. Каллаи кандаи ӯ. Аз ин рӯ, падар Исроилро бештар дӯст медорад. Бар хилофи андешаҳо ӯ тифле рӯида, ки

ба номи аҳли авлод муносиб, бофаҳм, доно, хушзеҳн, бисёр китоб мехонад, ҳатто баъзан ба падар маслиҳат медиҳад.

Соҳиби маълумоти олӣ шуд. Дар кумитаи комсомолии район ӯро ба кор гирифтанд. Сабзид, ба вазифаи котиби аввали кумитаи комсомол интихобаш карданд, мисли оташаке, сухандон, ӯҳдабаро. Шахсияташ намоёнтар гашт, аз комсомол ӯро ба кумитаи иҷроияи район ба кор хонданд. Вазифааш баладтар мешуд. Сардори Раёсати хоҷагии қишлоқи район таъйин гашт. Забони русиро хуб медонист, гӯё аз русҳо хубтар ҳарф мезадааст. Вайро «кадри» ояндадор ҳисобиданд. Ба ақидаи падар, ки афтодану хестан, душманигариҳо ӯро пухта карда буданд, ҳамон рӯзҳо дар ҳаққи Исроил гапи норавое паҳн мегашт, «Исроил котиби аввали кумитаи ҳизби комунисти район мешавад, арзанда аст» мегуфтанд. Кӣ медонад, мансабдорон шояд аз ин овозаҳо дар ҳарос меафтанд, бо Исроил душманоӣ сар мешавад. Мисли падар рӯзаш нек намешавад. Худо нигаҳ дорад.

10. ХАБАРИ НОХУШ

Карим бемор буд, назди Бӯригул мехобид. Завҷаи меҳрубон ба хоби ӯ халал расондан намехост. Дилаш ба ҳоли вай месӯхт. Баҳраш дами гарм фармуд. Хайринисо дар ошхона барои падар шираи борайҳон мепухт.

Ҳамин дам дарвоза боз шуда ронандаи мошини раис Ҳабибулло ба ҳавлӣ даромад. Хаёлаш парешон, хун дар рӯяш намонда.

– Чӣ гап, Ҳабибулло? Тинҷӣ? – оҳиста овоз бароварда Бӯригул.

– Бобои раис хобанд?

– Ҳа, ҳозирак ғанабашон бурд.

– Бедор намекунед?

– Барои чӣ?

– Не, не, янга, – Ҳабибулло аз фикраш гашт ва давом намуд: – Янга, худатон ин тараф биёед. – Акаам Исроил дар беморхона, шуморо мебарам. – Ин чанд суханро бо азоб ба забон оварда.

– Бачам сиҳат буд-ку? Ҳамин пагоҳ хона омада буд.

– Савор шавед, – Ҳабибулло паси чанбараки фармон нишаст.

Модар бо шунидани хабари дар беморхона будани Исроил ақлу ҳушашро гум кард. Ҳарфе ба забон оварда натавониста, савори мошин шуд.

– Худатонро ба даст гиред, янга, насиб будааст, шукр гӯед, янга, – Ҳабибулло боз чи суханҳое мегуфт, ба гӯши Бӯригул намедаромаданд. Ҳамон рӯз рӯзи пурдаҳшате буд дар ҳаёти Бӯригул. То чӣ андоза ҷонгудоз будани он лаҳзаҳоро худаш медонисту Худо. Худованд он рӯзро ба сари ягон модари олам наорад. Оламу одам ба чашмаш

наметофт. Ҳеҷ ҷойро намедид. Ҷисми беҷони Исроилро аз духтурхона бароварда пешопеши модар, пешопеши мошини Ҳабибулло мебурданд.

Ҳавлиашон лаболаби одам. Як қиёмате. Шавҳараш ба чи ҳоле аз хоби ғафлат бедор шуда ва ӯ дар он лаҳзаҳо куҷо буд? Бӯригул намедонист. Бо худ набуд. Чӣ гуна аз ҳавлӣ баровардани тобути Исроилҷонро ҳам надид. Пас аз гузаштани рӯзҳо, баъд тафсилоти марги ҷигарбандашро ба ӯ нақл карданд.

Ҳамон пагоҳӣ, ки Исроил ба хона омад, сафар доштааст. Шояд худаш медонистааст, ба модар нагуфт. Падараш шаб хоб дида буд. Хоб дидааст, ки Исроил ба куҷое равону падар ба гуселаш рӯ ба қибла истода… сафараш ба дуриҳо, ба осмонҳо. Даст ба дуо бардошта падар, кори нохуб карда, ки «Хайр, бачам», гуфта дуо дода. Хобашро тарсидаю ларзида ба Бӯригул гуфт. Дили модар таҳ хӯрд, хиҷил шуд. Ба ақидаи модар шавҳараш хоби бад дида буд. Ана оқибаташ. Тобути Исроилро аз хона баровардand…

Исроил ба деҳаи Откулоқ, ки ҳама дар ҳасрати об будаанд, аз кадом як чашмаи дури таги кӯҳ об оварданӣ будааст. Ҳамон рӯз Исроил, котиби аввали кумитаи ҳизби район В.Е. Захватов ва котиби кумитаи ҳизби колхози «Москва» Э. Сафаркулов барои дидани манбаи об, муайян сохтани хароҷот аспакӣ ба ҷониби талу теппаҳои баланд роҳ гирифтаанд. Аспе, ки Исроилро ба он савор шавад, гуфтаанд, тундрав, раманда, чарс, навсавор. Ба савор тан намедодааст. Дар як пайроҳаи душворгузар, пурхавфу хатаре ҳангоми аз канори харсангҳои азим гузаштан асп мерамад, ба бероҳаҳо рӯ меорад, Исроил аз болои зин меафтад, пояш дар рикоб дармемонад… ба ҳалокат мерасад.

Исроил дар роҳи орзуҳояш, ки ба деҳаи Откулоқ об оварданӣ буд, ҷони ҷавонашро фидо намуд. Аз рӯи нақшаи ӯ ба деҳа об омад. Деҳае, ки дар ҳавлиҳои мардум аз беобӣ сӯзанак сабз намешуд, ҳоло ба боғу бӯстон мубаддал гаштааст. Имрӯз аз миёни ҳар ҳавлӣ оби широсо ҷорӣ. Мардум кабудикорӣ мекунанд, боғу майдонҳо бунёд намудаанд. Ва Исроили ҷавонро аҳли деҳа фаромӯш накардаанд, деҳаашонро «Исроилобод» ном гузоштаанд.

Марги Исроил чун кӯҳи ғаму андӯҳ болои сари падару модар ва завҷаи меҳрубони ӯ Тамара якумрӣ соя андохт. Сояи шум. Аз Исроил фарзанд монд, боз Тамараи меҳрубон умедвор буд. Баъди сари Исроил тифл ба дунё омад. Ваҳҳоб ва Шоира давоми зиндагӣ ва умри падари ҷавонмарганд. Баъди сари Исроил Тамара боз ва боз Исроил гуфта, умри ҷавонашро сарфи муҳаббати пок, сарфи ёди Исроил сохт. Фарзандонашро тарбият кард, меҳр ба фарзанд дод. Ваҳҳоб ва Шоира ҳам фарзанддор шуданд.

Тамара серрешаю сергӯша. Ҷигаргӯшаҳояш қуввату мадори дили

вай. Онҳо набераю абераҳои ду карат Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, абераҳои шахсе, ки навхонадорон ба ёдаш ба пояи муҷассамаи ӯ гул мегузоранд… Ваҳҳобу Шоира ҳам рӯзи арӯсию домодӣ ба зиёрати бобо омада буданд. Гул оварданд. Дар он рӯзи офтобии баҳор чанд лаҳза рӯ ба бобо истоданд.

Аз рӯзе ки падару модар Исмоилу Бӯригул Исроилро ба хок супурданд, дигар ба худ наомаданд. Марги ҷигарбанд қомати падари қаҳрамонро шикаст, лаб ба оби сарди Кофарниҳон мегузошт, мехост оби дарёро даркашад. То хунук гаштани қалби сӯхта яхоб мехӯрд. Бехабар аз он ки болои қалби сӯзон оби сард нарезанд. Беморию дил хурӯҷ мекард, фишор баланд, сар аз худ не. Ба гуфтае халтаҳои дору дар бағал кор рафта меомад. Бо хоҳиши худаш ӯ акнун ба вазифаи дигар гузашта буд. Ӯро раиси ҷамоат интихоб карданд. Ягона дилсӯзу меҳрубон, ғамхори ӯ боз ҳамон Бӯригул… Бӯригуле, ки дар зиндагӣ дарду алам, ғами дилро бо ҳам медиданд, мӯйҳои сиёҳи ҳарду дар як болин ба сафедӣ расида. Ба баҳори умрашон хазон меомад. Бӯригулу Карим асои ҳамдигар. Онҳо аз ҷавонӣ бо ҳам ба пирӣ расида.

Духтари дӯстдоштаашон Хайринисо ҳамон рӯзҳо Университети давлатии Тоҷикистон ба номи Ленинро хатм менамуд, писарашон Сафо ҳам дар мактаби олӣ мехонд. Хайринисо, Сафо, Саврӣ, Искандар, Баҳринисо, Вафо-фарзандон, қуввату мадори дили падару модар. Шукр, ба даргоҳи Худованди бузургу ғамхори бандагонаш, ҳазор шукр. Лек чӣ кунанд, ки ҷои Исроил холӣ. Завҷааш Тамара оҳ мекашад, «Исроил» мегӯяд, чашмони зебояш ҳамеша ҳавзи об. Ваҳҳобу Шоира «ота» мегӯянд. Бӯригул ва Карим хомӯш, ноилоҷ, чи ҷавоб гуфтанашонро намедонанд.

Зиндагӣ давом меёфт. Хайринисо дирӯз ба модар сирри дил кушод. Ба ҳамкурсаш – ҳамон ҷавоне, ки гоҳе ба хонаашон меояд, ӯро падару модараш ҳам дидаанд, маслиҳат кардаанд: ҳамхона шуданӣ, аҳду паймон бастаанд. Хайринисо аз модар илтимос карда, ки аз мақсади онҳо падарашро огоҳ созад. Розигии падар лозим. Хабари хуш, хабари тӯй. Падар ба ҳамхона – тӯй шудани ҷавонон розигӣ дод… Рӯзи тӯй ҳам муайян гашт. Пас аз ду рӯз тӯйи арӯсии Хайринисо, ҳама дар тараддуди тӯй.

Ҳавлии калону зебо аз пагоҳ пуродам. Ҳамсояҳо, хешовандон, дугонаҳои Хайринисо омадаанд. Ҳама машғули кору бор, порчабурон, пахтарезон, кампирҳо кӯрпаю болиштҳои тӯйиро пахта меандохтанд…

Дар як канори ҳавлӣ духтарон доира менавохтанд, суруд мехонданд, рақс мекарданд. Дар ҳавлие, ки андаке пештар мотамкада буд, имрӯз садои ханда, садои доира, садои суруду мусиқӣ. Дар лаби хурду калон ханда, тӯйи арӯсии Хайринисо пеш омада.

Вале аз чӣ сабаб буд, ки модари арӯс Бӯригул аз пагоҳӣ хиҷил, ха-

фаю маъюс. Пагоҳӣ қатӣ шавҳараш гуфт, ки хоб дидааст. Ҳамин хоббиниҳои ӯ ба Бӯригул намефорад. Қариб ҳамаи пешомадҳои нек ё бадро дар хоб мебинад… Чаро ҳамин хел? Шояд бандаи неки Худост ӯ? Ягон дараҷае дорад? Мисли ин ки ҳамин тавр ҳам ҳаст, дар замоне, ки намозгузории роҳбарон, кормандони ҳукумат мумкин несту барои ин ҷазо ҳам медиҳанд, панҷ вақт намозро ӯ тарк намекунад. Пинҳонӣ намоз мегузорад, шабҳо, қарори пои мардум, ҷои ӯ болои ҷойнамоз, ба даргоҳи Худованд менолад. Тинаташ пок, ҳаққи мардумро намехӯрад, хиёнат намекунад, ба хаёли Бӯригул сидқаш назди Парвардигор соф. Дар вақташ хизматгор буд, рӯзҳои сахт дидааст, ҳамеша ғами камбағалон, беваю бечораҳоро мехӯрад, хайру худоӣ мекунад. Мазор, гӯристонҳоро обод нигоҳ медорад… Шояд аз ҳамин чиҳатҳо назди Худованд як дараҷае ёфтааст, пешомадҳо ба ӯ маълум мешаванд, хоб мебинад. Исроилро ҳам хоб дида буд. Деру дур нагузашт, ҳамон пагоҳӣ фоҷиа рух дод.

Аммо ин пагоҳ, шавҳараш раҳматии падарашро хоб дидааст. Падар ӯро бо худ бурдаанд… «Биё, бачам, ҳамроҳам биё, бачам, ба сари худат омадам, меравем, мебарумут, рафтем», гуфтаанд… Каримро ҳамроҳ гирифтаанд.

«Худо гирад хоббиниатро», – Бӯригул шавҳарашро барои хобҳои бадаш дуои бад кард.

11. ҲАЛОКАТИ ҚАҲРАМОН

Ҳамон рӯз ҳама банди ташвишҳои тӯйи Хайринисо буданд. Хаёли Бӯригул ба шавҳар… Меҳаросид, ки ба ӯ ягон гап нашавад…

Офтоб баланд баромада нурҳои зарринтоби он рӯи ҳавлӣ мавҷ мезаданд. Атроф зеб меёфт, гарм мешуд, базми духтарон гармтар гашта буд, ҳамдигарро ба рақс мехонданд, аз модари арӯс Бӯригул ҳам хоҳиш доштанд, ки рақс кунад. Шодию хурсандӣ дилҳоро тасхир менамуд. Ҳамин дам дарвоза боз гашт. Ронандаи мошини хизматии раис Ҳабибулло аз дар даромад, ҳолаш мисли ҳамон рӯзе, ки аз Исроил хабари нохуш оварда буд..

– Ҳабибулло! – … Бӯригул тарафи ӯ давид: – Раис канӣ?

– Янга…

Ҳабибулло гирист, баланд нола кард.

– Гуфта будам, як гап мешавад, – Бӯригул пешомади нохушро ҳис карда буд.

Чанд рӯз боз ҳоли шавҳараш хуб набуд. Ҳамон шаб-ку то рӯз хуфта натавонист, даруни ҷойгаҳ паҳлӯ мезад, нафасгириаш душвор мешуд… Бӯригул бо ҳарос хеста рӯи ҷойгаҳ менишаст.

– Отаи Исроил, отаи Исроил, – шавҳарашро садо мекард. – Нағз

ҳастед? Маро натарсонед, ба худ биоед, гап занед, – мегуфт. Дар ҷавоб шавҳараш «Нағз, натарс», гуфта кӯтоҳ ҷавоб медод… Ва баъд саҳар хоби ноҳушашро гуфт. Хоб дида, ки падар ӯро бурдаанд.

Ана оқибаташ. Ҳабибулло хабари марги шавҳарашро овардааст. Аз гуфтаи ӯ раис пагоҳӣ дер ба кор рафтааст. Аз дари ҳуҷрааш даромада аз котиба хоҳиш кардааст, ки як пиёла оби ҷӯш барои ӯ биёрад, дору истеъмол мекардааст. Баъд аз ҳуҷраи пазиропӣ ба утоқи кори худаш гузаштааст. Котиба чой дам кардааст, дар даст пиёлаи оби чӯш назди раис даромадааст. «Бобои раис, бобои раис!», гуфта фарёд задааст. Вале ӯ такя ба курсӣ хомӯш, садое намедодааст… Ҳамин тариқ Карим Исмоилов аз олам гузашта.

Ин қадар ғаме дар зиндагӣ ба сари Бӯригул омад… Шавҳарашро ба хок супурд. Ҳамон рӯзе, ки дар деҳаи Ҷарбошӣ, наздики ҳавлии раис одамони беҳисобе барои видоъ бо қаҳрамон Карим Исмоилов ҷамъ омада буданд, рӯзи 30-уми июни соли 1968 буд… Ҳамон рӯз ҳам офтобӣ буду ҳаво соф, вале Бӯригул ҳеҷ ҷойро намедид, рӯзи равшан барояш шаби тор буд.

Аз он рӯз беш аз чил сол сипарӣ гаштааст. Завҷаи муҳибу меҳрубони Карим Исмоилов Бӯригул ҳам кайҳо аз олам гузаштааст. Фарзанди бузурги хонадон Сафо, ки дар рӯзи фавти падар ба синни 20 қадам мемонд, акнун марди кӯҳансол аст. Фарзандони Карим Исмоилов ҳар кадом ба номи падар сазовор, арзандаанд. Сафо кори падарро давом медиҳад, 25 сол боз ба ҷои падар раиси колхози ба номи Ленин. Дар ҳамон ҳавлие бо аҳли оила, фарзандон мезияд, ки қадамгоҳи бобои Исмоил, холаи Қаҳқаҳа, Бӯригул, Исроил, бародарон Рачаб ва Карим Исмоилов, ки ҳарду ҳам қаҳрамонанд. Шахсиятҳои машҳури ҷумҳурӣ, ки имрӯз ифтихори миллатанд, Саидхоҷа Урӯнхоҷаев ва Абдуғаффор Самадов борҳо дар ин ҳавлӣ меҳмон буданд… Дар ин ҳавлӣ Хайринисо тӯй шуда. Ҷумлаи фарзандони Бӯригулу Карим Исмоилов дар ҳамин ҳавлӣ ба дунё омада, баъд мисли чӯҷаҳои уқоб ба ҳар каноре дар парвоз шудаанд.

12. СӮҲБАТ БО ХАЙРИНИСО

Холаи Хайринисо ғам доштааст, «Панҷ сол боз хоб надорам, алами фарзанд, Худо ин рӯз ба сари ҳеҷ модар наояд», бо гиря ин суханонро ба забон оварда ва ашк гулӯгираш шуд. Ҳолашро мефаҳмидам, марги фарзанд, алами ҷонгудоз.

Фарзанди хурдиаш Фаридун дар наздамон буд.

Баъди хатми факултаи муносибатҳои байналхалқии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар «Амонатбонк» кор мекунад.

Ӯ рӯзи марги бародари бузургаш Ҷаъфарро ёд овард.

Пагоҳии 2 – юми сентиябри соли 2005. Ба кор меомад. Дар мошин ҳамроҳаш боз чанд нафари дигар. Телефони дар бараш буда садо дод.

– Фаридун, – овози корманди амният Аҳтамшоҳ, ки ҳамроҳи Ҷаъфар дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз пайи адои вазифа буданд, шунид.

– Ҳа, ака, ман Фаридун.

– Дар куҷо ҳастӣ?

– Дар даруни мошин.

– Мошинро нигоҳ дор.

– Барои чӣ, ака?

– Гап ҳаст.

– Чӣ гап? Гӯед, ака.

– Мошинро нигоҳ доштӣ?

– Ҳа, ака.

– Аз мошин фаро.

Фаридун дар ҳолате, ки ба ҳайрат афтода буд, аз мошин берун шуд.

– Фаромадӣ, Фаридун? – боз пурсид аз ӯ Аҳтамшоҳ.

– Ҳа, ака.

– Ба пайраҳа гузар. Гузаштӣ?

– Ҳа, ака, ба канори роҳ омадам, – тааҷҷуби Фаридун афзун мегашт.

– Акнун гӯш кун, додар, ман ин гапро ба модарат, ба акаат Ҷамшед гуфта наметавонам, ба ту мегӯям.

– Чӣ гап, ака? – ба дили Фаридун оташ афтод.

– Худатро ба даст гир, Фаридун, мард бош, миёнта маҳкам банд. Мо Ҷаъфарро мебарем, хонаҳоя соз кун, бо модар, ба падарат, ба Ҷамшед як бало карда фаҳмон, саросема нашав, ба онҳо гӯй, – боз чӣ гуфт Аҳтамшоҳ Фаридун намешунид.

– Ҷаъфар, воҳ, Ҷаъфар, акаҷон! – Фарёд зад, рӯйи роҳ оҳу нолакунон нишаст. Дигар ӯ офтоб, замину замонро намедид, олам ба назараш торикистон, осмон болои сар гирдгардон. Ҳамроҳонаш аз мошин берун омаданд.

– Чӣ гап, Фаридун? Чӣ гап шудааст? – аз ӯ мепурсиданд.

– Ҷаъфар, акаам Ҷаъфар, – мегуфт…

Аз Фаридун хоҳиш шуда буд, марги Ҷаъфарро ба модар, падараш ва Ҷамшеди акааш фаҳмонад, мард бошад, худашро ба даст гирад. Ҳоло онҳо аз ин хабари шум огоҳ нестанд. Ҳама дар фикру хаёлҳои худ. Хуш ҳастанд, ҳафтаи оянд рӯзи тӯи писари Ҷаъфар Акобир.

Ҷаъфару ҳамсараш Шарифгул дар Дарвоз. Онҳо ҳам имрӯз – пагоҳ омаданӣ. Бо ҳам тӯй мегузаронанд. Аммо Ҷаъфарро меоранд.

Ҷамшед дар ҷои кор буд. Хабари марги Ҷаъфарро Фариддун аввал

ба ӯ расонданист. Паси дари ҳуҷрааш омад. Аммо дасташ пеш намерафт ба дар. Онро кушода наметавонист. Ҷамшед дар чи фикру хаёлу фалак бар сари ӯ чӣ рӯзи сахте оварда… огоҳ нест.

Бо лаҳзаи ба наздаш даромадани Фаридун хабари марги Ҷаъфарро мешунавад. Алҳол ин хабар дар даҳони ӯ. Чӣ кор бикунад? Паси дар истодан гирад? То кай? Ӯ дарро боз мекунад. Бояд худро ба даст гирад, мард бошад. Даст ба дастаи дар бурд, кушод.

– Биё, Фаридун, – Ҷамшед бехабар аз гапу ҳарф аз паси миз бо лабони пурханда нимхез шуд.

– Ака, ҷон акаҷон, рӯзамон сиёҳ шуд, Ҷаъфар, акаам… – овоз андохт.

– Ҷаъфар?! Чӣ шудааст?!

– Вайро мебиёранд, ака, Ҷаъфар! – акаю додар даст дар гардани ҳамдигар овоз андохтанд. «Ҷаъфар, воҳ, Ҷаъфар», гуфта менолиданд.

Бо дидани бародар дили Фаридун андаке мадор ёфт, ҳис кард, ки ӯ танҳо нест, мотами ӯ мотами Ҷамшед, мотами падару модар. Ҳама мотамдор, хонаашон мотамкада.

Фаридун ҳамроҳи Ҷамшед қадам мебардошт, офтоб баландтар шуда нурҳояш болои шаҳр, роҳу роҳрав, ҳама ҷоро зарҳалин карда буд. Барои аҳли хонадони Фаридуншон рӯзи сиёҳ, рӯзи мотами Ҷаъфар, бародарон бехудона ҷониби хона, ки онҷо модар, модари аз ҳоли фарзандаш Ҷаъфар ноогаҳ. Наздики ҳавлӣ шуданд Ҷамшеду Фаридун. Модарро диданд, дар хараки зери дарахтон қатори занҳои ҳамсоя менишаст. Мегуфту механдид, завқ мебурд, қаҳоси хандааш ба гӯш меомад. Аз афташ аз тӯй, сухан мегуфт, бехабар аз он, ки онҳоро ба ҷои тӯй ба ҷаноза хабар карданаш лозим меояд, дер не, ҳамин лаҳзаҳо. Оҳ, Худовандо бо ризоияти худат чи рӯзҳое ба сари бандагонат меояд, аз он ҷои гурез не! Бояд ба модар хабари марги Ҷаъфар расад, илоҷи дигар нест.

Фаридуну Ҷамшед аз дур хушию хурсандии модарро хело назора карда, натавонистанд, ки дилашро бишкананд, рӯзашро сиёҳ гардонанд, баъд ку гапу ҳарфе, ки ба ӯ тасалият бахшад. Бародарон ақиб гаштанд, хостанд аввал падар хабардор шавад, аз ӯ маслиҳат пурсанд, шояд падар марги фарзандашонро ба модар мегӯяд.

Ба падар ҳам хабари марги ҷигарбандро шунидан осон не. Боз ӯ бояд хабари ин фоҷиаро ба ҳамсараш ҳам расонад. Бо кадом забон? Марди куҳансол аст, синнаш ба 65 расида, бемор, бемори қалб, фишораш баланд.

Роҳи ҳавлиашон, шаҳри Ваҳдат тай мешуд. Падар низ дар ҷойи кор, ҷойи кораш шӯъбаи маорифи шаҳр. Ҷамшеду Фаридун ғами падарро хӯрда доруҳои қалб ва фишори хун гирифта буданд. Ба ӯ хабар расондан низ ба ӯҳдаи Фаридун омад. Дили Ҷамшед намебардошта-

аст, ки падарро дар вазъи ногувор, дар лаҳзаҳои ба сараш омадани рӯзи сиёҳ бубинад. Корманди кумитаи бехатарӣ, бародар Аҳтамшоҳ рӯҳшинос буда, ки ин бори гаронро ба дӯши Фаридун гузошта…

Ҷамшеду падар, ки мӯйсафедро ҳолаташ намонда ва дам ба дам бо дидаи ашкбор мегуфт, «хоб дида будам, хоби бачама дида будам», рӯ ба модар, ба ҷониби Душанбе шуданд. Ба дӯши Фаридун боз бори гаронтар: Ҷаъфарро пешвоз мегирад, ӯро меоранд, лаҳзаҳои пурдаҳшат, қиёмат, қиёмате бар сар гардон. Даруну беруни ҳавлиро об мезад, курсиҳо меоварданд, ҷо ба ҷо мекарданд, ҳамааш баҳри пешвозгирии Ҷаъфар. Ӯро меоранд, маъракааш, хешовандон, ошноҳо, шиносҳо, ҳаммаҳаллаҳо меоянд, ба тӯйи фарзандаш не, ба ҷанозаи худаш.

Ҷаъфар соли 1982 мактаби миёнаи рақами №2, ба номи Ленини шаҳри Ваҳдатро хатм намуд, ҳуҷатҳояшро бо маслиҳати модар ба Донишгоҳи олии кишоварзии ш. Душанбе супурд, соҳиби маълумоти олӣ гашт. Баъд бо Шарифгул, ки ҳамдигарро дӯст медоштанд, ҳамхона шуд. Баъдтар ӯро барои адои хизмат ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон фиристоданд. Дар хизмати Ватан буд. Завҷааш ҳам бонуи соҳибмаълумот, маълумоташ олии тиббӣ. Ҳамроҳи шавҳар рафта буд. Дар ноҳияи Дарвоз кор мекард. Ҷаъфарро ҳамин рӯз ӯ пагоҳии бармаҳал, ки ҳанӯз ситораҳо болои қуллаҳои баланди кӯҳҳо, ки атрофи Дарвозро печонидаанд, аз хона гусел кард, Ҷаъфар бояд ба Хоруғ ҳозир мешуд. Ба роҳ баромада мошин меҷуст. Мошини ёрии таъҷилие пеш омад. Дар мошин шиносҳо, як ҷой дар дами дар будааст. Ҳарчанд ӯ нахост, хоҳиши шиносҳоро рад кард, фикр дошт, дар мошини дигаре бароҳаттар меравад, вале ба нею нестонаш нагузоштанд… Аҷал инҷо нигарони ӯ буда, аҷал хонд ӯро ба мошин, вале ку хабаре худи ӯро аз аҷал. Ана ҳамин тавр бо пои худ Ҷаъфар ба ҷониби аҷал рӯ ниҳод. Мошин дар роҳ ба фалокат дучор омад, оне, ки дар ин фалокат ҷон ба ҷонофарин супурд, ҳамин Ҷаъфар буд.

Тасодуфе баҳри хонадони Карим Исмоиловҳо. Фарзанди Кариму Бӯригул Исроилро ҳам дар даври вазифадорӣ, дар синни 25 риштаи ҳаёташ бо фоҷиа печид, ба гумон афтоданд падару модар. Имрӯз чароғи умри набераи Карим Ҷаъфар низ ҳамон тавр бо фоҷиа хомӯш гашт. Синнаш ба 34 нарасида, доғи дили модар Хайриниссо ва падараш Саидалӣ. Ва ба дили Хайриниссо ҳам гумон афтода, гумон аз вазифадорӣ…

Аз Исроил ҳам дар ин дунё фарзандон монда, нишона, онҳоро Шоираю Ваҳоб ном. Завҷааш Тамара бонуи аз падари қаҳрамон Очилов тарбият дида, бонуи бофазлу зиндагидида ва дар айни ҷавонӣ бесарбон монда, умри ҷавониро гузаронида, фарзанд гуфта, онҳоро тарбият карда, соҳибкасбу соҳибмаълумот гардонда. Шоира муалима ва Ваҳҳоб соҳибкор.

Ҳоло рӯзи Тамара ба сари завҷаи Ҷаъфар Шарифгули духтур омада, ҷавон асту дари бахт бармаҳал ба рӯяш пушида гашта. Акнун рӯзу рӯзгор, тарбияи тифлакон ба ӯҳдааш. Онҳоро низ рӯзу рӯзгори нек дар пеш, мисле, ки Тамара фарзандонро ба камол расонида, имрӯз аз нишонаҳои Исроил роҳат мебинад. Тифлакони Шарифгул Зайнура, Акобир ва Мунира ҳам ба воя мерасанд, онҳо нишона аз шавҳари меҳрубон, аз Ҷаъфар.

Бале, дарди дили холаи Хайриниссоро фарзандаш Фаридун баён намуд. Ӯ бемор, бо дили пурдарду алам аз банда изҳори миннатдорӣ мекард, ки саргузашти онҳоро ба қалам додам.

Ӯ модари одӣ не, зани рӯзгордида, таҷрибаандӯхта, ҷигарсӯхта, соҳибмаълумот ва хизматкарда. Соли 1968 факултаи таъриху филологияи Университети давлатии Тоҷикистон, ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм кардааст. Як умр омӯзгор – муаллима буд. 4 фарзанд тарбия кард, мекӯшид ҳама номбардори бобо Карим Исмоилов ва амакашон Раҷаб Исмоилов шаванд, ки унвонҳои Олии мамлакатро бо меҳнати ҳалол, ранҷу заҳмат ва дар роҳи хизмат ба Ватан ба даст оварда буданд.

ХОТИМА

Шукргузорам, ки қиссаи «Ду қаҳрамон аз як хонадон» ба анҷом омад. Ва пеш аз чоп аз фарзандон, наздикони, қаҳрамонони асар Карим Исмоилов ва Раҷаб Исмоилов хоҳиш намудам. Онро бихонанд, фикрҳояшонро бигӯянд, агар иловае хоҳанд, ихтиёрдор ҳастанд.

Бо ҳамин ният аввал бо духтари калони Карим Исмоилов Хайринисо ҳамсӯҳбат шудам. Як бонӯи бофазл, ҳалиму хоксор. Аз ҷониби худашон ва хусусан фарзандашон Фаридун хуш пазироӣ шудам. Бо як меҳру муҳаббати беинтиҳое, ки ба волидайн доштаанд, қиссаро хонданд, намедонистанд, чи тавр изҳори миннатдорӣ намоянд, ташаккур мегуфтанд, аз банда хурсанд гашта буданд.

Вале таассуф, ки чунин муносибатро на аз ҳамаи фарзандону наберагони Карим Исмоилов ҳис намудам. Қисса чанд вақт дар ихтиёри пайвандони эшон мондаю онҳо имкон намеёфтаанд, ки хонанд, корҳои заруртар доштаанд. Аз ин рӯ маводи бештаре пайдо нашуд, ки қиссаро такмил ё давом диҳам.

Бояд таъкид намоям, ки қиссаи «Ду қаҳрамон аз як хонадон» бо амри дил таълиф гаштааст, на бо хоҳишу дархост ё фармоише.

Айёми мактабхонӣ буд, муаллимон номи фарзандони диёрамон Карим Исмоилов ва Раҷаб Исмоиловро беш ба забон меоварданд, мегуфтанд, ки онҳо қаҳрамонанд, ду қаҳрамон аз як хонадон, таърифу тавсифашонро мешунидам. Боз мегуфтанд, ки моён низ мисли онҳо

одамони соҳибэҳтирому некном шавем. Баъди хатми мактаби олӣ, рӯзҳои аввали кор дар рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» ҳоло «Анбоз» боз хаёлам ба ин бародарони қаҳрамон шуда буд. Мехостам чизе нависам. Бо ҳамин ният бо худи ду карат Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Карим Исмоилов вохӯрдан насибам гашт. Раиси ҷамоати деҳоти Қарасӯ будааст. Бо шахсе, ки аз хурдсолӣ номашро мешунидам, сӯҳбат мекардам. Марди миёнақади зардинарӯ. Дар бар нимтанаи зардчатоб, дар сар токӣ ва дар пеши бараш ду ситораи тиллои қаҳрамонӣ. Хоксор, ҳалимона сухан мегуфт. Аз ҳаёти талхе, ки дар замони пеш аз сар гузаронда будааст, қисса мекард, аз қисмати худ, қисмати бисёр ҳамсолону наздиконаш ҳикоятҳо мегуфт. Баъд ӯро фаромӯш карда натавонистам. Пас аз маргаш ҳам шунидаҳоям аз забони худи ӯ дар ёдам монданд. Барои рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» ва рӯзномаҳои дигар лавҳаю мақола навиштам, телевизиони Тоҷикистон низ як намоиши калонтарамро бо ширкати фарзандону пайвандонаш манзури тамошобинон гардонд.

Боз бо ҳамсолон, дӯстон, собиқ ҳамкорони Карим Исмоилов вомехӯрдам, маводҳои аз ҳаёту зиндагиаш ба нашр омадаро ҷуста ёфта мехондам, китобҳои таърихи ҳамон солҳоро варақ мезадам, мавод ғун меовардам. Ва инак, навиштаҳоям дар шакли қисса иншо шуда. Онро «Ду қаҳрамон аз як хонадон» ном ниҳодам, қисса пешниҳоди хонандаи азизу гиромӣ мегардад.

СИТОРАҲОИ ПАСИ АБР

(Қисса)

Он солҳо дур аз деҳа, дар шаҳр мезистем. Кулбаамон дар бинои баланд, дар ошёнаи панҷум ҷойгир буд. Ва чун субҳгоҳон аз хоб бармехтстам, аз тиреза ба офтоббаро, ба ҷониби деҳа рӯ меовардам. Теппаҳои баланди атрофаш намоён. Вале чандест, деҳа рафта наметавонам. Он ҷо ноором, ҷангҳои байниҳамдигарии хешовандон, ҳамзабонон. Гурӯҳҳои силоҳдор ҳаёту зиндагии мардумро ноосуда гардондаанд. Хаёлам ба деҳа, ба ҳамдеҳагон. Деҳаамон Нилкон ном дорад, миёни деҳаҳои ҷамоаи Роҳатӣ ба назарам аз ҳама зебо ва дилкушо менамояд. Аз ҷониби офтоббарои деҳа оби сангоб ҷорист. Он аз бағали дараҳо ва оброҳаҳои кӯҳҳои Мағмуруду Қандӣ меояд, баъд роҳаш давомнок шуда, то ба дарёи шӯху тезоби Кофарниҳон меравад. Сангоб ба мисли сарҳаде байни деҳаҳое, ки дар ду канори он ҷойгиранд. Мағмуруд, Қандӣ, Теппаи Самарқанд, Навобод, Дуобаи боло, Дуобаи поён, Роҳатӣ, Нилкон, Оқчакман, Моинкаҷ ном доранд деҳаҳо. Оби сангоб дар рӯзҳои гармо, айёми тобистону тирамоҳ қарибе хушк мешавад, сангҳо метасфанд, аз ҷониби сангоб боди гарм мевазад, то дуриҳо – то боғоту ҳавлиҳои деҳаҳои Нилкону Роҳатӣ паҳн мешавад, сангоб мисли хате кашида шуда байни ин деҳаҳо. Як ҳиссаи боғҳо, ангурзорҳо, ҳавлиҳои аҳли деҳаи Нилкон дар ҷониби дигари сангоб, дар ҷониби Роҳатӣ ҷойгиранд. Онҳо ба хонаю ҳавлиҳои сокинони деҳаи Роҳатӣ якҷоя, деворбадеворанд. Лекин мардум худро нилконӣ мегӯянд. Ва ҳам дар рӯйхатҳо, ҳисобгирии идораи ҷамоа нишонаашонро ба номи ин деҳа менависанд. Дар тӯю маъракаҳояшон ҳам аҳли деҳаи Нилкон хабар мешаванд ва манзили абадӣ – гӯристонашон ҳам гӯристони деҳаи Нилкон. Боғоту ангурзорони дар он сӯи сангоб будаи нилкониҳо то андаке пеш, солҳои дар мактаби миёнаи деҳаи Роҳатӣ хондани мо бо номи соҳибонашон – боғи эшони Мавлон, боғи эшони Солиҳ, боғи эшони Мулло Сайиднеъматуллоҳ, замини Моҳи Мулло зикр меёфтанд. Дар наздикиҳо хона ё ҳавлие ба чашм намеафтод. Хонаҳои сокинони деҳаи Нилкону Роҳатӣ аз ҳам дур буданд. Мо бачаҳо аз миёни боғҳо, аз таги чинорҳою лаби ҷӯй ва аз канори заминҳо гузашта мактаб рафта меомадем. Баъдҳо бо чӣ сабабе гурӯҳ-гурӯҳ мардумони деҳаҳои дараи Ромит кӯчида ба Роҳатӣ меомаданд. Аксарашон дар ҳамин заминҳои даруни сангоб хонаю ҳавлӣ бунёд карданд. Ва имрӯз ба туфайли манзил ёфтани онҳо деҳаҳои Роҳатӣ ва Нилкон қарибе бо ҳам якҷоя шудаанд. Вале чи тарзе таъкид намудем, мардумони дар он сӯи сангоб мондаи деҳаи мо ҳанӯз худро нилконӣ мегӯянд, манзил – хокдонашон ҳам дар ҷониби мо – дар Нилкон.

Бале, сол аз сол ҳисоби аҳли деҳаҳо афзун мешаванд, хонаю дар месозанд. Миёни баъзе деҳаҳо, аз ҷумла Тепаи Самарқанд, Фермаи Нилкон, Оқчакман, Дуобаи боло, Меҳтарӣ, Роҳатӣ ва Нилкон қарибе ҳудуд намонда. Заминҳои деҳаи Нилкон, ки дар замонҳои подшоҳӣ мардумонаш заминдор ҳисоб меёфтанд, бо баъзеи ин деҳаҳо якҷоя шуда азони сокинони он гашта.

Дар баҳорон оби сангоб байни Нилкону Роҳатӣ зиёд гашта сел меояд. Мардум баъзан аз сангоб гузашта наметавонанд, равуояшон барҳам мехурад. Чандест болои сангоб кӯпруки ларзонаке пайдо шудааст. Онро кӯпруки эшони Аъзамхон мегӯянд. Ин марди саховатманд, савобҷӯйро ҳамаи мо медонем. Бадавлат ҳам нест, солҳои баъди ҷанги дуюми ҷаҳон дар Бухоро таҳсил карда, илми таҷвиз, қироъатро бисёр хуб аз худ намуда. Овози хуше дорад, вале ӯ аз ин пеша нон нахӯрда, устои чӯбкор аст. Марди боҳунар. Ана ҳамин эшони Аъзамхон бо меҳнати ҳалолаш каму беш маблағ ёфта, масолеҳи кӯпрук, ҳар гуна оҳанҳо харида, барои равуои мардум аз болои сангоб кӯпрук сохта. Алҳол пояҳои кӯпруки эшони Аъзамхонро обхезиҳои айёми баҳорон бебақо кардаанд. Об ба ҷониби деҳаи Роҳатӣ, ба тарафи баъзе ҳавлиҳо гаштааст, саҳни чанд ҳавлиро об шуста бурдааст. Хавфи ба коми сел рафтани кулбаҳои соки-нони ин ҳавлиҳо ба вуҷуд омадааст. Ба ҳар ҳол кӯпруки эшони Аъзамхон мавҷуд аст, онро баъзе одамони савобҷӯ аз нав месозанд, ба ҳар гунае насозанд, минбаъда кӯпрук бо номи эшони Аъзамхон. Номи одамони саховатпеша баъди сарашон ҳам зинда мемонад.

Акнун чанд сухан аз хусуси маънии номи деҳаи Нилкон. Ривоятҳо мавҷуданд. Некон ҳам мегӯянд деҳаи моро. Аммо номи Нилкон маъмултар. Дар ҳамаи мавридҳо Нилкон мегӯянд. Ва ҳамин тавр менависанд. Чӣ маъние дошта Нилкон ё Некон? Ба чӣ муносибате чунин номҳо ёфта деҳаи мо?

Тахминҳо ҳар гунаанд. Мегӯянд дар гузашта, дар ким-кадом замоне дар ин маҳал нил ҳосил мекардаанд, нил бисёр буда дар ин макон, кони нил. Ва ба ҳамин муносибат деҳаро Нилкон – кони нил мегуфтаанд. Аммо ба ин тахмин асоси боэътимод пайдо нашудааст. Боз мегӯянд, замоне дар ин ҷо ҳама аҳли ҳунар мезистаанд, матоъ мебофтаанд, ба матоъҳо ранг медодаанд. Ва дар зери қалъае, ки дар поёни деҳа мавҷуд аст, дар соҳили сангоб бозор будааст. Дар танаи қалъа изи хумҳо ба назар метобад, хумҳое, ки аз қади одам баланд. Хумҳоро кандаанд, сафолпораҳо мондаанд. Дар он хумҳо ранг будааст, хумҳои пур аз нил. Ва он барои ранг додани матоъҳои бофандагон истифода мешуда. Ва агар ин ривоятҳо бесабаб пайдо нашуда бошанд, пайдоиши номи деҳа бо рангҳо, ба кони нил алоқаманд. Ва шояд мардум ба ҳамин хотир ба маҳалли мо кони нил – Нилкон ном мондаанд.

Ва гуфтем, ки деҳаи моро Некон ҳам мегӯянд. Ва бо ин ном ҳам зикр шудани деҳа сабаб дорад. Қадима аст.

Мегӯянд, ки замоне ба ин гӯшаи хушманзар гузори гурӯҳи одамоне соҳибилм, бофазл, соҳибмартаба афтодааст. Дар он айёми баҳорон, дар ин гӯшаи афсонавии сердолударахт, пургулугиёҳ, дар канори сангоб, ки обаш ширину нуқраосо буда, чанд гоҳе рӯз гузарондаанд. Маъқулашон шуда ин мавзеъ. Дигар аз ин ҷо нарафта зиндагӣ ихтиёр кардаанд. Муқимнишин шудаанд. Ба шарофати онҳо ин ҷо обод ва серодам гашта. Ҷои рафтуомад, муридону муқаррабонашон. Деҳа ба вуҷуд омада. Ва ба ҳурмати эшон, ки аз ҷигарбандони Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ будаанд, барои деҳа ном пайдо мешавад, Некон меноманд онро, деҳаи Некон. Аҳли деҳа ҳама сайидзода, эшонҳо. Сокинони деҳа имрӯз давоми он ҷигарбандон–давоми хонадони Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонианд, шаҷараномаашон аз он зоти пок давом ёфта. Ва яке аз он ҷигарбандони Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ки деҳаи Некон аз шарофаташон бунёд ёфтааст, Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф будаанд, ки мазорашон аз он рӯзҳо, аз охирҳои асри XIV монда. Мазори Ҳазрат дар саҳни зебою барҳавои масҷид, дар ҷониби офтоббаро болотар аз сангоб ҷой ёфтаанд. Дар рӯ ба рӯи мазор ду оромгоҳи дигар. Аз рӯи нақлу ривоятҳо яки он мадфани бародар ва дигаре хокдони хоҳари Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф Асмоҳ буда. Баъд як мадфани нав, он манзили абадии қиблагоҳи банда эшони домулло Мирзо, ки ҳамдеҳагон охири моҳи июни соли 1950 он касро ҳамин ҷо ба хок супурдаанд ва масҷиди ҷомеъи деҳа имрӯз ба номашон.

Гирдогирди мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф бо хишт девор бардошта шуда буд, бо хишти пухта. Бо гузашти солҳо ҷо-ҷои деворҳо вайрон шуда, хиштҳо афтода, шикаста, таги хок монда буданд ва мазор намуди вайронае пайдо намуда. Мардуми деҳа деворҳои гаштаи мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатифро аз нав бунёд карданӣ шуданд. Хело сол ҳамин хел орзу доштанд, дар маъракаҳо ва дар масҷид, дар ҳузури намозгузорон дар ин масъала гап мекушоданд, маслиҳат мекарданд.

Соли 1989 ба масҷид имомхатиби нав омад. Ӯро бо хоҳиши аҳли деҳа аз ҷониби Идораи қозиёти ҷумҳурӣ фиристода буданд. Шахси фозил, воиз, шӯҳратманд. Номи эшон ҳоҷӣ Саъдиддин. Мухлису эътиқодмандонашон зиёд, суханҳояшон ба ҳама хуш меомад. «Амри маъруфи ҳоҷӣ Саъдиддинро шунавем» гуфта аз деҳаҳои ҳамсоя, аз шаҳри Душанбе ба масҷиди деҳаи мо намозхонҳо меомаданд. Дар давраи имомхатибии ҳоҷӣ Саъдиддин масҷид обод ва серодам мегашт. Дар рӯзҳои Иди моҳи шарифи рамазон ва қурбон дар саҳни масҷид ҷойи иди намемонд, ки намоз гузоранд. Саҳни васею озодаи масҷид, кӯчаҳою боғоти деҳа пур-пури одам мешуд. Аз панду

насиҳатҳои ин инсони мӯътабар ҳама баҳравар. Сухану амалашон мувофиқ, бетамаъ. Мисли баъзе муллою имом-хатибҳо аз паи ғун овардани молу амвол, бунёди хонаю дари боҳашамат, мошингирию пулёбӣ набуданд. Хаёлашон ба тоату ибодат, ба мутолиа. Кам мехуфтанд, тоатӣ, дар забонашон зикри Аллоҳ. Ранҷ мекашиданд, чеҳраашон заъфаронӣ, лоғарандом. Дӯсташон медоштанд ҳамнишинону ҳамнафасон. Ободии масҷид, ободии деҳа буданд.

Бо саъйи ана ҳамин шахсияти нексиришт – ҳочӣ Саъдиддин дар деҳа паи азнавсозии мазори ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф афтоданд. Амали хайр шурӯъ гашт. Аз ҳар хонадон ба дараҷаи имконашон пул ғун оварданд, баъзе одамони будаманди деҳаро, ки дар шаҳри Душанбе мезистанд, ба нанг андохтанӣ шуданд. Як-ду нафари онҳо гӯё миён бастаанд. Гуфтаанд, ки мазорро худашон месозанд. Дар ин миён нафаре аз аҳли деҳа изҳор карда, ки масъалаи аз нав бунёд кардани мазорро ба ӯҳдаи ӯ гузоранд. Дар дил ӯ орзуҳо парварида, ҳатто ба кор шурӯъ намуд. Рӯзе дидем, ки он ҳамдеҳаамон булдозер оварда деворҳои мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатифро мегардонд. Чанги хок ба осмон. Хиштҳои мазор, ки ҳар яке аз гузашта нишоне, ёдгорие буданд, зери чархҳои мошини пурдаҳшати афсонавӣ монда қасарқусур мешикастанд, пора мегаштанд, гӯё булдозер хиштҳоро ба комаш фурӯ мебурд, як-як нобуд месохт. Ба ақли кас нағунҷида, ки ба ёдгориҳои аз гузашта боқимонда чунин муносибат намоянд. Ёдгориҳо барои ҳар халқу миллат азизу нишонаҳо аз гузашта, нишонаҳои авлодонамонанд. Агар лозим биояд мо бояд чангу ғубори болои хиштҳои ин ёдгориҳоро бо дидагонамон бардорем. Аммо ҳамдеҳагони ман аз нофаҳмӣ чи коре карданд? Бале, медонистем, ки ин амали ба ҷо омада, саҳван сар зада, аз кутоҳандешӣ, саҳлангорӣ. Вагарна ба мисли аввалааш аз нав бунёд сохтани мазор осон набуд, хароҷоти зиёд, маблағи беҳисобе лозим. Меъморон, идораҳои масъул, олимон бояд тарҳи аз нав ба вуҷуд овардани мазорро рӯи коғаз меоварданд.

Мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф вайрон ва аз рӯи замин нопадид гашта буд. Хиштҳои сиҳатмонда ва нимши-кастаро ҷо-ҷо рӯи ҳам чиданд, ҷои мазор ғарамҳои хишт ба назар меафтод. Чӣ коре шуда? Хурду калони деҳа хиҷил. Чун аз дари масҷид медаромаданд, ба саҳни он назар меандохтанд, ҳамон чинорҳо, чинорҳои сершоху навдаи баланд-баланд, кундаҳояшон чунон ғафс, ки гирдогирдашон арғамчинҳо наме-расанд. Онҳо гӯё сар ба бағали ҳамдигар ниҳода, қад-қади ҷӯй ба кабудии осмон баланд шудаанд, оби ҷӯй соф, нукрасо, сангчаҳои зери он чун садафпораҳо намоён. Шилдирроси оби ҷӯй ба гӯш мерасад. Садо ба мисле ғамангез, дилгир. Оре, боз ҳамон чинорҳо, ҳамаашон ҷобаҷо. Аз ҷӯи зери чинорҳо мисли пешина об ҷорӣ. Вале бо вуҷуди ҳамаи ин саҳни масҷид мисли пешина наме-

намояд. Бо гардонда шудани мазор ҳусни он коста гашта. Масҷид ва саҳни он ба назар холӣ. Шаҳомати пеши-нааш намонда. Акнун мо мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабду-латифро хаёлан пеши назар меовардем. Нақлу ривоятҳо аз хусуси мазор ба ёдамон монда. Гӯё хотира шуда бароямон мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф.

Аз паси деворҳои саҳни масҷид, аз канори мазор роҳ, роҳи калони байни деҳаи мо ва Роҳатӣ, роҳи бисёр деҳаҳои дигар ва маҳаллаҳои дур, роҳи шаҳр, шаҳри Душанбе. Пеш, дар замонҳои подшоҳӣ ҳама харакию аспакӣ бо ҳамин роҳ ба бозор–ба Душанбе мерафтанд, ангур, себ мебурданд мардум ба бозор. Шабҳо ҳам улавакиҳо бо ин роҳ мегузаштанд. Аз деҳаи Роҳатӣ кӯҳталро нишеб мешуданд ва аз сангоб, ки мегузаштанд, боз кӯҳтал, кӯҳтали деҳаи Нилкон пеш меомад. Дар сари кӯҳтал мазор, мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф, аз паси мазор ба деҳа роҳ оғоз ёфта. Баъд кӯчаҳо, ҳавлиҳо, кулбаҳою боғу майдонҳои мардумони деҳа ва роҳ ба масҷиду дохили мазор. Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф нигаҳбони аҳли деҳа, нигаҳбони давоми ҷигарбандон, давоми фарзандонашон, асрҳо боз рӯҳашон онҳоро бонӣ мекунанд, аз балоҳо, аз офатҳо ҳифз менамоянд.

Дар рӯзҳои низоъҳо, ҷангҳои байниҳамдигарии тоҷикон аз кимкуҷое ба ҷониби деҳаи Нилкон аз тӯпҳо тирҳо холӣ шудаанд, тирҳо ба девор, (дар он рӯзҳо мазор аз нав бунёд мешуд), ба сутунҳои пешайвони мазор омада, ба замин – ба пешгоҳи он афтода. Лек ягонтои он ба болои деҳа, ба сари одамон ва ҷонвариёту ҷонзотҳо нағалтида, сари хасе аз кулбаҳои аҳолӣ бечо нагашта. Мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф тирҳоро ба худ гирифта. Рӯҳашон фарзандон–мардумони деҳаро ҳифз намуда, болои сарашон сипар шудаанд.

Мардум бо чашмонашон дида ва шунидаанд, ки рӯҳи Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф аз носипосӣ, беҳурматии одамон ранҷидаанд. Ранҷишашон боиси беморию ранҷурии якумрии баъзеҳо шуда. Рӯи ин гуна касон кач, ба паси сар чапа гашта. Шахсони пургуноҳ, нопок аз назди мазор роҳ ёфта натавонистаанд, тавбаю надомат мекардаанд, даст ба гиребонашон мешуданд.

Боре корвонакиҳо аз Хитой бармегаштаанд, чандин шабу рӯз буда, ки онҳо дар роҳ. Зану марди бисёре. Роҳ ба роҳ чи дилхушӣ, чи беадабиҳо накарда. Он рӯз аз кӯҳтали деҳаи Роҳатӣ нишеб шудани ин корвонакиҳоро одамон аз деҳаи Нилкон мушоҳида намуда. Тамошои аҷоибе. Аз улавҳошон корвонакиҳо пиёда шуда таги дарахтони канори роҳ ғун омада суруд мехонданд, даф менавохтанд, занону духтаронашонро оғӯш мекашиданд, онҳоро ба даруни боғу дарахтзорон кашола мекарданд. Аз афташ май нӯшида, ҳама маст, сархуш, аз худ бехабар. Садои ҳаёҳуй, қаҳ-қаҳи хандаашон ба фалак. Баъзеашон рӯи роҳ афтода боз бо мадади ҳамдигарӣ аз ҷой бармехостаанд. Бо ҳамин

минвол, ба гуфтае бо ҳангоҳунг сангобро гузашта, кӯҳтали мазорро баромаданд. Аз назди мазор, аз масҷид дур нашуда ҳамаашонро дарди ҷонкоҳе гиребонгир мешавад. Улавҳошон аз роҳравӣ бозмеистанд, дигар пеш намераванд. Ҳар қадар бар сари онҳо қамчин андозанд, бефоида. Улавҳо ноҷунбон, гӯё аз пойҳояшон ба замин мехкӯб шуда. Аз дарди ишкам корвонакиҳо ба худ мепечиданд, наъра мекашиданд, нола доштанд. Ишкам ба қоши зин мегузоштанд, тоқат карда наметавонистанд. Корвонакиҳои беҳисоб дар кӯчаҳои деҳа аз роҳ бозмонда. Мардуми деҳа, куҳансолон, мӯйсафедон атрофи онҳо ҷамъ омада.

– Чӣ гап шуда ба мо, бародарон, чӣ илоҷ ёбем, чӣ маслиҳат медиҳед? Ёрдам расонед, як бало кунед, мемирем, – корвонакиҳо аз мардум мадад мехостанд ва хурду калон ҳама аз дард мӯи ба оташ расида барин ба худ мепечиданд, тадбир мепурсиданд, «мадад расонед, бародарон, мемурем», мегуфтанд.

Куҳансолони деҳа, онҳое, ки бо беҳурматӣ, носипосона аз назди мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф гузаштани корво-накиҳоро шоҳид гашта буданд, ба онҳо сабаби ба дарди бедаво гирифтор гаштанашонро гуфтаанд, гуфтаанд, ки рӯҳи эшон аз онҳо ранҷида. Корвонакиҳо, ки мусулмон, аз бародарони қалмиқҳо будаанд, амалҳои ношоистаашон ба хотирашон омада, аз роҳашон баргаштаанд, аз улавҳо пиёда шудаанд, футаҳо дар гардан, дастҳо пеши бар бо илтиҷою тазаррӯъ ба масҷид даромадаанд, назди оромгоҳи Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф тавбаю тазаррӯъ карда омурзиш хостаанд.

Корвонакиҳо чанд гову гӯсфанд хун карда, дар дегҳо хӯрок пухта худоӣ кардаанд, ба номи Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф хатми Қуръон фармудаанд. Сиҳат ёфта аз мардум – аз пайвандони Ҳазрат дуо хостаанд ва як ҳамроҳашон – занеро минбаъда баҳри тозаю озода нигоҳ доштани мазор гузоштаанд. Зан ҷорӯбкаши мазору масҷид. Рӯзҳо то бегоҳ ӯ ҳамин вази-фаро адо намуда, шабҳо дар кулбаҳои мардуми деҳа мехуф-тааст. Баъд ӯ дар деҳа хонадор–шавҳардор шуда, то охири умр дар мазор ва масҷид хизмат карда. Аз зан фарзандон ба дунё омада, фарзандон аз модари қалмиқ, аз қалмиқзан ва насле аз ӯ ба дунё омада дар деҳа.

* * *

Аз кӯҳтали паси деворҳои масҷиди деҳа дар давоми асрҳо чӣ қадар одамони ошною ноошно қадам монда. Корвонакиҳои қалмиқҳо ҳам гузашта. Нишонаашон монда дар деҳа ва банда ҳам айёми хурдсолию ҷавонӣ хело аз ин кӯҳтал равуо доштам. Дар деҳаи Нилкон он солҳо мактаб чорсола буд. Баъд барои давоми таҳсил ба деҳаи Роҳатӣ мерафтем. Аз дигар деҳаҳо, аз ноҳияи Кофарниҳон ҳам хонандагон ба ин мактаб меомаданд. Шоир Нӯъмон Розиқ аз деҳаи Симуганҷ, ки аз

Роҳатӣ хело дур аст, дар ҳамин мактаб мехонд. Яке аз мактабҳои аввали замони Ҳукумати Шӯравӣ, мактаби маълуму машҳури маҳаллаҳои гирду атроф. Банда баъди хатми синфи чоруми мактаби деҳа дар мактаби деҳаи Роҳатӣ шаш сол хондам. Соли 1958 соҳиби маълумоти миёна гаштам. Муаллимони азизам Носиров, Ҳамроев, Ҳайдаров, Сергей Сухоян (ҳоло яке аз шоирони маълуму машҳур), Қобилова, Р.Муҳаммадиев, А.Холов, О.Азизов, Р.Муҳаммадшоев, ки аз шаҳрҳои Бухоро Самарқанд, аз шаҳру музофотҳои гуногуни ҷумҳурӣ буданд ва муаллимон И.Ҳусайнӣ, Т.Солиев, С.Азизов, Н.Гулонов ва ҳамсинфонам бо меҳрубониҳояшон дар ёдам мондаанд. Баъд ҳамон сол ба факултаи таъриху филологияи Донишгоҳи омӯзгории ба номи Т.Г.Шевченко, ҳоло Донишгоҳи Омӯзгории ба номи Садриддин Айнӣ дохил шудам. Роҳам боз аз даруни сангоб, аз кӯчаҳои деҳаи Роҳатӣ. Аз ҳамин ҷо мошин савор мешудем, мардум аз ҳамин ҷо ба шаҳр – ба Душанбе рафта меомаданд. Панҷсол хондам.

Имрӯзҳо, агар гоҳе ба масҷид дароям, мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф ва мадфани падарамро зиёрат карда, баъд рӯ ба гӯристони паҳлӯи мазор меорам. Ин гӯристонро дар деҳа Мазори Поён мегӯянд. Мардумони деҳаи ҳамсоя–деҳаи Оқчакманро ҳам пеш ин ҷо дафн мекардаанд. Мазори Поён дар миёни деҳа, дар канори масҷид, дар паси девори мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф ҷойгир аст. Хело солҳост, ки гӯристони Мазори Поён пур шудааст. Гӯристони болои деҳа хокдони мардум шуда. Онро Мазори Боло мегӯянд. Мазори Болою Мазори Поён аз ҳам дур нестанд. Лекин усули ба хок мондани майитҳо дар ин хокдонҳо аз ҳам фарқ мекунад. Дар гӯристони Мазори Поён бо тарзи дӯконӣ ва дар гӯристони Мазори Боло бо усули шомӣ гӯр мекананд.

Аз канори гӯристон, аз паси деворҳои масҷид ва мазор рӯ-рӯи хору алафҳои хушкида қадам монда ба сари кӯҳтал меоем. Аз баландии сари кӯҳтал ба поён, ба сангоб ва боз ба роҳ, ки таг-таги дарахтони олучаю зардолу ва чормағзҳои сар ба фалак, то деҳаи Роҳатӣ расидааст, назар меандозам. Хаёлам ба роҳ, ба дӯстонеам банд гашта, ки замоне ҳамроҳашон аз он гузар мекардем.

Шоир Изатулло Ҳусайнӣ аз деҳаи Роҳатианд. Муаллим, роҳбари синфамон. Баъд дар идораи рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» ҳамкорам буданд. Муаллим, баъд яке аз дӯстони наздикам дар зиндагӣ. Ба хонаи мо – ба деҳаи Нилкон меомаданд. Аксаран то нимаҳои шаб бо ҳам сӯҳбат мекардем. Шеър мехонданд, аз мазмуни ҳикояҳои навам нақл мекардам. Ба гуселашон мебаромадам. Аз кӯчаҳои деҳа, аз роҳи паси деворҳои масҷид, аз назди мазор гузашта, кӯҳталро мефаромадем. Ба лаби сангоб меомадем. Ҳамин ҷо бо ҳам хайрухуш мегуфтем. Муаллим кӯҳтали деҳаи Роҳатиро боло мешу-

данд, банда кӯҳтали деҳаи Нилконро. Ба сари кӯҳтал, назди мазор расида, рӯ ба роҳи омадаам, ба ҷониби деҳаи Роҳатӣ меовар-дам. Баъзан шабҳо маҳтоб болои сангоб меомад. Ҳама ҷо равшан, шир барин. Дар равшании маҳтоб медидам, ки муаллим Изатулло Ҳусайнӣ ҳанӯз дар роҳ, ҳанӯз оҳиста-оҳиста кӯҳтал мебароянд.

5-уми ноябри соли 1989 хабари марги Изатулло Ҳусайниро шунидам. Шаб дар назарам тиратар гашт. Ситораҳо гӯё паси абрҳо монда, чарх мегашт гирди сарам олам. Наход инсони бароям ин қадар азизу гиромӣ аз олам гузашта, вафот карда? Ду ҳафта пеш зери капаи миёни боғашон ҳамроҳ нишаста будем. Хабари бемориашонро шунида ба ҳолпурсиашон рафта будам. Он рӯзҳо устод бемории сактаи дилро аз сар гузаронда буданд.

– Сиҳат шудам, ҳамааш гузашт, – маро бовар мекунонданд муаллим. Аммо он бегоҳирӯзӣ аз олам гузаштаанд. Онҳое, ки хабари маргашонро оварда буданд, ҳамроҳам дар паси дарвозаи ҳавлиамон меистоданд. Хаёли эшонро «ба хона дароед, марҳамат», гуфтан аз сарам рафта. Карахту беҳаракат, аз худ бехабарам карда буд хабари марги муаллим, дӯст, бародарам. Изатулло Ҳусайнии азиз дигар ба хонаи мо, деҳаи Нилкон, ба хабаргирии банда ва фарзандонам намеомаданд, дигар ҳамроҳашон кӯҳтали сари мазорро фаромада, то лаби сангоб гуселашон намекардам. Ҳамаи бо ҳам дар ин дунёи равшан гаштанҳоямон бо муаллим як давре, хобу хаёле буда.

Муаллимонам Солиев Теша, Нори Гулон ва муаллим, дӯсти азизам Саидов Давлат, ки акнун дар қайди ҳаёт нестанд, бо ҳамин роҳ – бо роҳи сангоб ба хонаи мо – ба Нилкон омада мерафтанд.

* * *

Дар ёдам монда, дар деҳаи Роҳатӣ бо устодам нависанда Ҳабибулло Назаров аз мошин фаромадем. Аз кӯчаҳои танг-танги пурпечутоби деҳа мегузаштем. Кӯҳтали деҳаи Роҳатиро ҷониби сангоб нишеб мешудем. Дар ду тарафи роҳ ҳавлию боғҳо. Шоху навдаҳои дарахтони чормағзу олуча ва зардолуҳо болои бому деворҳо хамидаанд. Аз сангоб гузаштем, роҳи мо боз рӯ ба баландӣ, ба кӯҳтали деҳаи Нилкон. Кӯҳтал мебаромадем.

– Офарин ба ту, Кароматуллоҳ, – қомати баланду пайкари паҳлавононаи муаллим андаке ба пеш хам гашт. Ба хаёлам монда шуда буданд. Давом намуданд: – аз ҳамин ҷо ҳар рӯз шаҳр рафта меоӣ? Кор меравӣ?

– Ҳа, устод.

– Роҳи дур.

Кӯҳталро боло шудем. Дар рӯ ба рӯ мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф, деворҳои атрофи саҳни масҷид сар шуда.

– Камтар истем, – аз афташ муаллим дам гирифтан мехос-танд. Рӯ ба роҳи омадаамон овардем. Дар поёни кӯҳтал сангоб. Ҳамроҳи муаллим рӯ-рӯи сангҳо сангобро гузашта будем. Шабона садои об баланд, аз сари кӯҳтал низ шав-шуви об ба гӯш меомад. Ҳамон шаб ҳам моҳи пурра болои сангоб омада буд. Боғу майдон, адиру пуштаҳо аз шуои он равшан. Рав-шании дилкушо ва фараҳафзо, осмон софу беғубор. Бӯи гул, бӯи сабзаю гиёҳҳои навруста меомад. Аз шохсорони чинорҳои баланди масҷид парандагон ҳанӯз ғаҷар-ғуҷур мекарданд.

– Кай шинондани ин чинорҳоро мардум ёд дошта бошанд? – Пурсиданд муаллим.

– Не, мӯйсафедон ҳам ба хотир оварда наметавонанд, – ҷавоб додам.

– Дунё зебо, дунё афсона, кӯҳна, – гуфтанд муаллим, нигоҳашон ба моҳу ситораҳо буд. Аз нурҳои ширгуни моҳ қаъри сангоб ҳам равшан гашта. – Дунё зебо аст, – ғарқи хаёл такрор намуданд муаллим, – вале умри одамон киро̄ не, бисёр кӯтоҳ, ночиз, ана ин чинорҳои қишлоқи шумо аз чандин насли одамӣ зиёдтар умр доранд. Вале одамон дар давоми ҳамин умри кӯтоҳашон бо ҳамдигар соз намегиранд, ҳамдигарро бад мебинанд, гӯё дар ин дунёи кушод бо ҳам зиста наметавонанд, намеғунҷанд, хаёли марг, мурдан ба сарашон намеояд.

Мо ба роҳ баромадем.

* * *

Мегӯянд, ки масҷиди деҳа ҳам солҳое бунёд шуда, ки фарзандон – ҷигарбандҳои Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба ин макон омада будаанд. Аз ҳамон рӯзҳо дар ҳамин ҷои масҷиди ҳозира намоз мегузоштанд. Масҷидашон шуда ин гӯшаи хушманзараи деҳа. Хурдакак буда аввал бинои масҷид. Кулбаи хасине. Бо афзудани ҳисоби намозхонҳо аз нав ва аз нав сохта ва васеъ карда мешудааст. Ибтидои солҳои 1800-ум сохтмони масҷиди имрӯза шурӯъ гашта. Масҷиде, ки ҳоло намоз мегузоранд ва дар ҷумҳурӣ аз ҷиҳати меъморӣ яке аз ёдгориҳои нодир ба ҳисоб гирифта шудааст. Устоҳои соҳиб-ҳунар, дар замонашон номдор баҳри бунёди масҷид аз шаҳрҳои гуногун даъват шудаанд, солҳо заҳмат кашидаанд. Аз чӯби чинорҳои азим барои долону пешайвонҳо сутун ва аз сангҳои хоро баҳри ҳар яки онҳо зерсутун тарошидаанд ва ба сангҳо гул андохтаанд. Ҳикоя мекунанд, ки ҳангоми ҷобаҷо сохтани бошаҳои болои сутунҳо устое, ки бунёди масҷид таҳти назари ӯ сурат меёфтааст, афтодааст, пояш шикастааст, лат хӯрдааст. Худо ба ӯ боз ҷони дубора ато намудааст, беш аз ду моҳ рӯи ҷой хобидааст, мардум бо навбат ӯро дар масҷид нигоҳубин кардаанд. Умуман баҳри бунёди масҷид тамоми аҳли деҳа, хурду калон, зану мард ҷоннисор будаанд. Масҷид бо заҳмати мардумони онрӯзаи

деҳа бино гашта. Таҳдевори бинои масҷид, сӯфаи баланди пешайвонҳо ҳама аз санг, сангчин шуда. Тамоми санги сангобро гӯё мардум ба масҷид кашидаанд. Пирони барҷомонда, беморон ҳам аз кори хайр, аз савоб дар канор намонем, гуфта аз сангоб як ё ду санг меовардаанд. Занҳо, арӯсони таги чодар шабҳо аз сангоб санг кашидаанд. Ҳар кадоми онҳо он рӯзҳо ҳазорҳо бор кӯҳтали деҳаро баромада фаромадаанд. Мардумони онрӯзаи деҳа ҳар яке орзуманд буда, ки заррае ҳам бошад, баҳри бунёди масҷид – хонаи Худо аз худ нақш, осоре бимонанд. Масҷиди боҳашамати деҳа ба мисли кохи ёдгорие аз онҳо монда. То рӯзҳои аз нав таъмир гаштани масҷид, аз нав андова кардани деворҳои баланди он нақши ангуштон, панҷаҳо намоён буданд. Бунёдгузорони онрӯзаи масҷид гӯё ба ин васила баҳри ояндагон – ба мо нома навиштаанд. Онҳо киҳо буданд? Хок шудаанд ҳама. Аз онҳо масҷиди боҳашамати деҳа нишона.

Таърихи бунёди масҷидро бо хатти зебои арабӣ дар сутун ва болорҳо сабт карда будаанд, бо сиёҳии баланд, ҳарфҳои гӯё. Мегӯянд, ки сармашқҳо бо қалами яке аз мардони маълуму машҳури ҳамон рӯзҳои деҳа Ҳоҷимаҳмуд тааллуқ дошта. Вале хатти зебои хаттот имрӯз нохоно шуда. Лекин мардум соҳиби хатро аз хотир набаровардаанд. Андоваи як гӯшаи девори долони масҷид панҷакаш шуда. Он ҳам нақши панҷаҳои Ҳоҷимаҳмуд буда.

ҲОҶИМАҲМУД

Аз ҷасорат, тавоноӣ ва соҳиби нангу номуси баланд будани ин марди афсонавӣ, паҳлавон ҳикоятҳо мондаанд.

Модари ӯро Моҳи Мулло мегуфтаанд. Мактабдор. Ба занону духтарони деҳа дар замони подшоҳӣ сабақ меомӯхтаанд. Занҳои синну солашон ба ҷое расидаи деҳа мегуфтанд: «забони кӯҷи моро Моҳи Мулло рост карданд. Ҳар чизе медонем, аз он кас ёд гирифтаем. Моҳи Мулло устодамон. Фарзандонашон, набераю абера, пушт ба пушташон устодзода, як умр мо назди онҳо қарздор, хизмат мекунем».

Ҳоҷимаҳмуд аввалин марде буда дар деҳа, ки дунёдида, оламу одамдида. Ба нияти сафари Маккаю Мадина беш аз чордаҳ сол беному нишон шуда аз хаёлу аз хотирҳо рафтааст. Ӯ дар ин муддат ба бисёр мамлакатҳои араб сафар карда. Ба зиёрати хонаи Каъба шарафманд гашта. Ҳоҷӣ шуда. Солҳои зиёд дар кишварҳои Русия ҳам буда ӯ. Дар шаҳрҳои Маскав, Петербург зиста. Вақте вай ба деҳа баргашта, ки ҳамдеҳагон қарибе ӯро нашинохтаанд. Ба тарзи аврупоиён либос ба бар карда, палто мепӯшидааст. Силоҳдор, шамшеру шоф, тапонча ва милтиқ доштааст. Ҳангоми савори аспи саманди зебояш ба сафар баромадан мусаллаҳ мешудааст. Қаторвазна, шофу шамшер дар миён,

камон дар китф, таппонча дар бағал. Аз кӯчаҳои деҳа ҳам ҳамин хел савора мегузаштааст. Худ ба худ бо забонҳои баҳри ҳамдеҳагон номаҳфум ҳарф мезадааст, аввалин шахсе, ки дар деҳа забони русиро медонистааст. Ҳама аз ӯ дар ҳазар, ҳам меҳаросидаанд аз ӯ, ҳам эҳтиром доштаанд ба вай, соҳиби дараҷаи ҳоҷигӣ. «Ҳоҷимаҳмуд» мегуфтанд ӯро. Ба деҳа примус оварда будааст. Аҳли онрӯзаи деҳа назди Ҳоҷимаҳмуд дар ҳайрат. Гапу ҳарфи деҳа дар даҳони ӯ. Ӯ сару сарвари деҳа. Дар аҳди зиндагии Ҳоҷимаҳмуд дар деҳа эшони Судур, эшони Авлиё, мирохуру юзбошиҳо, амалдорони амиру мири Ҳисор, эшону муллоҳои забардаст мезистаанд. Лек ҳама сари итоат назди Ҳоҷимаҳмуд фуруд оварда. Аз ӯ ҳазар доштанд, Ҳоҷи-маҳмуд марди ҷаҳондида, соҳиби илм, паҳлавон, батанутӯш. Аҳли деҳа аз туфайли ному шаҳомати ин марди наҷиб осуда, деҳа ором. Ба сар задани ҷанҷолу низоъҳо дар байни ҳамдеҳагон роҳ намедодааст. Аз гапаш баромада наметавонистаанд. Дуздон, одамони якраҳаю бадкирдорро ҳад мезанондааст.

Замоне дар деҳа ва дар деҳаҳои ҳамсоя аспдуздӣ сар шуда. Аспҳои бузии зӯр, аспҳои номиро мебурдаанд, мардум аз дасти аспдуздҳо ба дод омада. Ҳоҷимаҳмуд чандин шаб хоб нарафта аз паи дастгир кардани дуздон меафтад. Ниҳоят сардори аспдуздҳоро, ки Намоз ном дошта, аз номаш ҳама дар ҳарос будаанд, дастгир мекунад ӯ. Рӯяш пури пашм, торҳои ришаш бо ҳам печида. Чашмони танг-тангаш хунбор, симои нозеб ва ваҳмоваре. Ана бо ҳамин гуна як марди бадафт, ки хело пурзӯр ҳам будааст, Ҳоҷимаҳмуд дар он шаби тираю тор танҳо ба танҳо даст ба гиребон шуда, ниҳоят ӯро мағлуб месозад ва баъд дастонашро ба пушт баста, пешандоз карда ба ҳавлии худаш меорад, вайро дар танаи сутуни пешайвонаш мебандад, пагоҳӣ вақти намози саҳар дар масҷид эълон доштааст, ки мардум агар ҳавас дошта бошанд, ба хонаи ӯ биоянду дузди Намозро бубинанд.

* * *

Аз шаб посе гузашта, мардуми деҳа ҳама хоб. Аҳли хонаводаи Ҳоҷимаҳмуд ҳам. Ана дар ҳамон лаҳзаҳои ҳама хоб будан дарвозаи ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд бо дастаи қамчин сахт ва хело сахт кӯфта шуд. Аз ҳама аввал хизматгорҳо тарсида аз хоб бедор шуда, тарафи дарвоза давиданд. Дар паси дарвоза эшони Абдулвоҳиди чормағзакиро диданд. Ҳазрати эшон ба онҳо ошно. Яке аз меҳмонони иззатманди хонадони Ҳоҷимаҳмуд, гоҳ-гоҳе ба даргоҳи вай ташриф меовард. Ҳоло эшони Абдулвоҳид бетаклиф, дар бевақтии шаб омада.

– Марҳамат, ҳазрати эшон, марҳамат, биёед, хуш омаданд, – хизматгорҳои Ҳоҷимаҳмуд ҳар ду табақаи дарвозаи калонро боз намуданд.

– Ҳоҷӣ дар хона ҳастанд? – эшони Абдулвоҳид аз афташ аспро хело давонда буданд, ки он зери обу арақ шитта гашта буд ва дар ҷои исташ бетоқатона сумак мезад.

– Бале, ҳазрати эшон, хӯҷаин дар хонаанд, хобанд, марҳамат дароед, – меҳмонро ба ҳавлӣ хонданд хизматгорон.

– Зудтар Ҳоҷиро бедор кунед, гӯед, ки эшони Абдулвоҳид омадааст, кори зарур ҳаст, хезад гӯед, зуд! – эшони Абдулвоҳид дар ҳарос буд, хаёлаш парешон.

Хизматгорон аз ҷилави аспи эшон дошта рӯ ба даруни ҳавлӣ оварданд. Дар ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд аллакай аҳли хона-вода бедор шуда буданд. Бо хоҳиши Ҳоҷимаҳмуд эшон аз асп пиёда шуда. Вале эшони Абдулвоҳид ба меҳмонхона нада-ромада, сабаби дар он ғоти шаб ташриф оварданашро баён намуд.

Эшони Абдулвоҳид хоб дида будаааст, ки гови харобе пайдо шуда гови фарбеҳро хӯрда.

– Таъбири хобатон, пирам? – Ҳоҷимаҳмуд дастҳо пеши бар бо сари хам назди эшони Абдулвоҳид меистод.

– Амир бетахт шудагист.

– Шояд, – Ҳоҷимаҳмуд гӯё фикри эшони Абдулвоҳидро тасдиқ мекард.

– Худо нигаҳ дорад, Ҳоҷӣ, мамлакат кофаристон мешавад, Ҳоҷӣ, худатон медонед, аз Бухорои Шариф ҳар хел хабарҳо меоянд. Баъд мири Ҳисор ҳам бебақо мешавад.

– Мамлакат ба дасти урус мегузарад, пирам.

– То он рӯз омадан Худо амонатиашро гирад, Худованд рӯи уруса надида мурем. Шумо ҳама чия мефаҳмед, Ҳоҷӣ, шумо ҷаҳондида, медонед.

– Камубеш.

– Хобам рост аст, Ҳоҷӣ, худи ҳамин шаб ягон гап шуд, дилам гувоҳӣ медиҳад, ягон гап шуд, – эшони Абдулвоҳид гаштаву баргашта таъкид мекард, парешон ва бетоқаттар мегашт. Эшон ба Ҳоҷимаҳмуд мурочиат кард: то пештар равед, маълум мешавад, хабар биоред.

– Меҳмонхона дароед, пирам, монда шудед.

– Меравед?

– Чӣ мефармоед, пирам? – Ҳоҷимаҳмуд иқрор дошт, ки ба хизмат омода аст.

– Равед, балам, баргаштанатонро интизор мешавам.

– Сунатулло! – овози Ҳоҷимаҳмуд баланд гашт.

– Лаббай, хӯҷаин, – хизматгоре пеш омад.

– Самандро аз ахтахона барор, зин зан, зуд бош!

– Хуб шудааст, хӯҷаин.

Ҳоҷимаҳмуд ба ҳавлии дарун гузашт. Занҳояш паи ба сафар омода намудани вай шуданд. Палтояшро, ки гоҳе онро ба ҷои чакман ба бар мекард, оварданд. Ба ҷои салла ба сар телпак монд, телпаки пӯсти баррагини сип-сиёҳ. Шамшеру қаторвазна дар миён. Дудама дар соқи мӯза, камонро ба китф овехта пой бар узангу ниҳод. Савори асп аз ҳазрати эшони Абдулвоҳид – аз пираш дуо ва иҷозаи аз дарвоза бурун рафтан хост. Эшони Абдулвоҳид рӯ ба мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф, ки ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд қарибе ба масҷиду мазор девор ба девор ҷойгир аст, даст ба дуо бардошта дуру дароз рӯҳу арвоҳҳоро ёд овард, дар сафари роҳи дур ба Ҳоҷимаҳмуд аз даргоҳи Худованд мадад хост, омин гуфт. Баъд садои суми аспи Ҳоҷимаҳмуд дар он шаби тираю тор ба гӯш меомад. Ҳоҷимаҳмуд аз кӯчаҳои тангу пурпечутоби деҳа рӯ ба роҳи дур асп медавонд.

Шаби дигар, ҳангоме ки дар деҳаи Нилкон субҳ медамид, боз садои тақ-тақи дарвозаи ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд баланд гашт. Эшони Абдулвоҳид, ки ҳанӯз болои ҷойнамоз хаёлаш ба воқеаҳои нохуш – ба ҳодисаи бетахт шудани амири Бухоро буд ва ба даргоҳи Худованд менолид, садои суми асп, тақ-тақ зада шудани дарвозаро шунид. Аз ҷой бархост «Ҳоҷӣ баргашт, хайрият, чӣ хабар оварда ӯ?» бетоқат гашта буд. Табақаҳои калон-калони дарвозаро хизматгорон кушоданд. Ҳоҷимаҳмуд савора вориди ҳавлӣ гашт. Наздики эшони Абдулвоҳид аспашро нигоҳ дошт ва пой аз узангу канд.

Эшони Абдулвоҳид бесабаб хоб надида будааст, хоб бо таъбири эшон мувофиқ буда. Бухоро аз ҷониби русҳо ишғол шуда, амир рӯ ба ҳичрат, ба ҷониби Ҳисор оварда. Ин хабарро ба Бухоро нарасида дар Дарбанд шунида Ҳоҷимаҳмуд ва баъд ба ақиб, ба деҳа баргашта ӯ.

Ҳазрати эшони Абдулвоҳид ва Ҳоҷимаҳмуд дами дарвоза меистоданд. Ҳар ду хомӯш. Замину замон гирди сари эшони Абдулвоҳид гирдгардон. Хабари нохуш ва яъсовари сарнагун гаштани ҳукумати аморати Бухороро боди субҳгоҳӣ гӯё ба дуриҳои дур – ба гӯши ҳама мерасонд. Эшони Абдулвоҳид ва Ҳоҷимаҳмуд сар боло карда наметавонистанд, афсӯс ва таассуф мехӯрданд. Онҳоро овози азони муаззин, ки аз масҷид баланд гашта буд, ба худ овард. Мавриде буд он лаҳзаҳо, ки субҳ медамид, вақти намози бомдод.

– Чӣ илоҷ? – ниҳоят эшони Абдулвоҳид пас аз тавақкуфи зиёд ба сухан омад.

– Ноилоҷ ҳастем, пирам, ноилоҷ.

Ҳолатҳое ба амал меоянд, ки бандагони Худо чашмдор наянд. Муждаҳои ногаҳонӣ, ҳамин тавр аст тартиби зиндагонӣ. Баъзан бо омадани рӯзи нав хабари нохуш, гӯшношуниде мешунавӣ. Ҳамон субҳгоҳӣ мардуми деҳаи Нилкон ҳангоми намози саҳар аз забони Ҳоҷимаҳмуд ва меҳмони ӯ эшони Абдулвоҳид хабари шуми аз тахт

бетахт гаштани амири Бухороро шунида буданд. Хабари барҳам зада шудани сояи Худо дар сарзамини аҷдодон.

Амир Олимхон ба мулки Ҳисор омад. Дар Ҳисори Шодмон дар Душанбе рӯзҳои аввали аз ҳукумат маҳрум гаштанаш мегузашт. Дар деҳаи Нилкон шуниданд, ки амир Олимхон меҳмони онҳо мешуда. Дурӯғ набуда ин хабар. Чанд нафар аз сипоҳиёну муқаррабони ӯ дар ин мобайн ба деҳа омада рафтанд. Бо одамони номдор, гапрасҳои деҳа, сӯҳбат доштанд. Бо вуҷуди ин ҳам баъзеҳо ҳанӯз бовар намекарданд, ки амир Олимхон ба деҳаи онҳо меомада бошад. Дар ҳайрат буданд. Солҳои сол номи ӯро мешуниданд аҳли деҳа. Аз ному аз шаҳо-маташ ҳама дар ҳарос.

Андоз ғун меоварданд, мегуфтанд, ки андоз барои хазинаи амир. Мухолифи гуфтаҳо, талабҳои бою амалдорон ҳарфе ба забон овардан наметавонистанд. Аз номи амир пуписа мешуниданд. Канахонаю зиндонҳои Бухороро ёд меоварданд. Бо ҳукми амир одамонро сар мезаданд. Сангсор мекарданд, ба дор меовехтанд. Ҷаллодони амир зиёд буданд, зинда ба зинда аз тани одамон пӯст меканданд. Ҳама зери фармони амир Олимхон. Ҷаллод интизор, ки баҳри қатли одамон ишорае бикунад. Амир Олимхон қасрҳо, кӯшкҳо, ҳарамхонаҳо дошта.

Аз қишлоқпораҳои онҳо ҳам духтарони паризодро пайдо намуда ба Бухоро, ба ҳузури амир Олимхон фиристода буданд. Оре, дар деҳа ҳама номи амир Олимхонро мешуниданд. Аммо ҳоло худи ӯ ба деҳаи онҳо меомада, меҳмонашон мегаштааст. Аз наздик. Дар рӯ ба рӯ амир Олимхонро мебинанд.

Албатта дар водии Ҳисор ҳазорҳо деҳаҳо мавҷуд аст. Чаро амир маҳз ба деҳаи Нилкон меомадааст? Сабабаш маълум. Сокинони деҳаи Нилконро дар Бухоро, ҳатто худи амир Олимхон ҳам медонанд. Ҳама аз авлоди Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, сайидзода, эшонанд. Шаҷара доранд. Дар деҳа мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф. Амир Олимхон аз шахсияти бузургвор, аз фазилатҳои эшон огоҳ буда, медонистааст, нияти карда, ки мазорашонро зиёрат мекунад. Ва ана бо ҳамин мақсад, бо мақсади зиёрати мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф меомада.

Баҳри пешвоз гирифтани амир Олимхон дар деҳа тайёрӣ медиданд, ҳама интизори меҳмони олиқадр, хурду калон дар ташвишу таҳлука. Ҳоҷимаҳмуд мисли соҳибхона буда дар деҳа. Бо маслиҳати ӯ баҳри истиқболи меҳмон омода мегаштанд. Бо фармони ӯ аз тамоми хонаҳои деҳа лаълиҳои зебои биринҷӣ ва нуқрагин ҷамъ оварда шуда. Барои иваз ва гум нашудани онҳо худи Ҳоҷимаҳмуд бо хати зебояш паси ҳар лаълӣ ному насаби соҳиби онро сабт менамуд. Чанде аз он лаълиҳо мисли шоҳиди он рӯзи ба деҳаи мо ташриф овардани амир Олимхон ҳанӯз дар баъзе хонаҳо мавҷуданд. Лаълиҳои аз он рӯз мон-

да шоҳиди дар ин олам будани охирин подшоҳи сулолаи манғитиҳо амир Олимхон. Шоҳиди зинда будани соҳиби хати паси онҳо Ҳоҷимаҳмуд. Шоҳиди зиндагии ҳамдеҳагони онрӯзаи мо. Дар хонаи мо низ аз он лаълиҳо нишонае мавҷуд монда. Лаълии зарди зебои биринҷие. Паси он бо ҳусни хати зебои Ҳоҷимаҳмуд номи падарам – эшони домулло Мирзо навишта шуда.

Амир Олимхон бо аҳли рикобаш ба деҳаи Нилкон омадааст. Савори аспи сафед буда амир. Аспи сафеди зебое. Мардум он хел аспи фарбеҳи калони хушнамудро гӯё ҳаргиз надида будаанд. Масҷиди деҳа мисли рӯзҳои мо чунин дарвозаи дутабақаи боҳашамат надошта, ки он соли гузашта – соли 2003 бо ҳидояти сафири кабири Ҷумҳурии Исломии Эрон ҷаноби оқои Носир Сармади Порсо бо маблағи зиёде сохта шудааст. Панҷараи чӯбине буда пеш ҷои дарвоза. Он баланд набуда. Одамон аз болояш гузашта вориди масҷид мешуданд ё аз он берун мерафтанд. Дар ёдам монда, ки он панҷараи чӯбинро чӯббандии масҷид ҳам мегуфтанд. Беруни чӯббандӣ, кӯчаю паскӯча, роҳу роҳравҳои деҳа пур-пури одам, аробаю маркаб, улавҳои аҳли рикоби амир. Ёд надоштаанд мардум, ки онрӯза барин деҳаи мо ягон вақте ин қадар сермеҳмону серодам шуда. Воқеаи муҳими таърихӣ рӯй дода. Амир Олимхон меҳмо-нашон. Хурду калон, пиру ҷавон, зану мард дар ташвишу дар таҳлука. Ҳама меҳмондор. Ҳоҷимаҳмуд – пешвои аҳли деҳа. Ӯ меҳмонгузор, хизматфармо, дар бар ҷомаи шоҳии абр, дар сар саллаи пешоварии хело зебо басташуда, марди тануманде қоматбаланд, қавипайкар. Рӯи сабзаю себаргаҳои тару тоза, зери чинорҳои баланди чандинасра меҳмонҳо ҷой ёфта. Манза-раи дилнишину дилкушое. Дар рӯ ба рӯ мақбара – мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф. Хиштҳои деворҳо чун оташпораҳо суп-сурх. Онҳо аз асрҳои гузашта, аз қисмати хушу нохуши мардумон гӯё ҳикоят мегӯянд, қисса мекунанд. Ҳар хишт шоҳиди он рӯз, шоҳиди меҳмонии амир Олимхон, аҳли рикоби беҳисоби ӯ. Хиштҳо ҳоло ҳикоятгӯи он рӯзи тирамоҳи соли 1921. Амир Олимхон рӯ ба рӯи мақбара истода, бо ҳамроҳон даст ба дуо кушода.

Лек мардум то имрӯз як амали номуносиберо, ки он рӯз ба ақидаи онҳо аз ҷониби амири мамлакат зуҳур гашта будааст, аз хотир намебароранд, дар он айём мавриди гап, норизоии бисёриҳо гашта.

Амир Олимхон ба чӯббандии масҷид расида, пиёда нашуда, ба сағрии асп қамчин меандозад, асп аз болои чӯббандӣ меҷаҳад, амир вориди саҳни масҷид мешавад. Аз ҷӯйбори саҳни масҷид савора мегузарад, назди мазор, рӯ ба рӯи мақбараи Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф пой аз узангу меканад, қамчини дастааш пурнақшунигори тиллокорӣ дар даст аз асп пиёда мешавад. Ин амали амир нисбат ба рӯҳи бузургвор беҳурматӣ ҳисоб меёфт. Дар дилҳо аз ӯ сардӣ омада.

Мегӯянд, ки аз ҷониби амир Олимхон нисбати рӯҳи поки Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатифи авлиё беҳурматӣ, беодобӣ зуҳур шуда. Устод Садриддин Айнӣ дар романи машҳурашон «Дохунда» овардаанд, ки Саъдулло кӯкнории роҳатичиро дар болои деҳаи Мавлоно дастаи босмачиёни Иброҳимбек буз кашидаанд. Ҷасадашро Абдурашидбӣ аз майдон бурун оварда соҳиби зани ӯ гашта. Дар ҳақиқат чунин воқеаи мудҳиш ба амал омада будааст. Ин ҳодиса ба сафари амир ба деҳаи Нилкон алоқаманд буда.

Ҳамон рӯзи ба деҳаи Нилкон омадани амир Олимхон Саъдулло кукнорӣ ҳам аспакӣ вориди масҷид гаштани амирро дидааст. Хомӯш наистодааст, дар ҳаққи ӯ суханҳои носазо ба забон овардааст. Гуфтаааст, ки амир Олимхон ба номи шоҳаншоҳӣ иснод овардааст, шариати исломро хор кардааст. Ӯ арвоҳзада шуда. Хабарчинҳои амир шунидаанд, аз хотир набаровардаанд, баъдтар тавассути Иброҳимбек дар ҳаққаш ҷазо раво дидаанд.

Аз тақдири минбаъдаи завҷаи Саъдулло кукнорӣ, ки Абдурашидбӣ дар бузкашӣ соҳиби вай гашта буд, огоҳӣ ёфтам. Дар Кӯктош – ҳозира шаҳраки Сомониёни ноҳияи Рӯдакӣ мезистааст. Мегуфтанд, ки духтаре аз ӯ монда.

Баъди сафари бебозгашти амир Олимхон ба Афғонистон зиндагии аҳли деҳаи мо, ба мисли кулли собиқ қаламрави ӯ ноором, ноосуда, пурфоҷиа шуда.

Дар деҳа хабари урусомад паҳн шуда, хабарҳои нохуш, ваҳмовар. Одамоне пайдо шуда, ки деҳа ба деҳа гашта, «во дино! во шариато!!!» гӯён фиғон меандохтаанд, фарёд мезада-анд. Мегуфтаанд, ки урусҳо дину шариатро барҳам зада, фарзандони мусулмонро аз тифли гаҳвора то пирони барҷомонда мекуштаанд, аз синаҳои занҳо сим мегузарондаанд, чашму даҳони одамонро медӯхтаанд. Ва урусҳо аҷоиб махлуқе буда, шох доштаанд, чашми баъзеашон дар пешона. Мардум аз онҳо мегурехтаанд. Русҳо ба деҳаҳо даромада ҷинси одамиро намеёфтаанд. Деҳаҳо холӣ, мардум молу амволашонро гузошта ҷонашонро гирифта мегурехтаанд. Душанберо гирифта будаанд. Аҳли деҳаи Нилкон ҳам омад-омади урусҳоро аз забони одамони иғвомеандохта шунида рӯ ба гурез овардаанд. Ҳама ба ҷониби кӯҳҳои Мағмуруду Қандӣ рафтаанд. Беморони рӯи ҷойро ҳам бардошта ба кӯҳ мебаромадаанд. Бесарусомонӣ, парешонӣ ва рӯзи қиёмате. Дод аз дасти урус мегуфтаанд.

Мутаассифона, ҳамин хел ҳолат гурезогурез дар рӯзҳои мо дар солҳои баъди навадуми асри ХХ аз нав дар деҳа такрор ёфт. Боз мардуми деҳа – хурду калон, пиру ҷавон аз деҳа рӯ ба гурез оварда буданд, боз дар кӯҳҳои Мағмуруду Қандӣ панаҳ мебурданд. Аммо ин дафъа мисли падару бобоёнашон аз ҳароси омад-омади русҳо намегу-

рехтанд. Ин дафъа онҳоро ҳамзабонони худашон таъқиб мекарданд, тоҷик аз тарси тоҷик – ҳамзабонаш мегурехт. Дар давоми солҳои ҳамроҳи русҳо будан тоҷикон бо онҳо дӯст, бародар гашта. Дар рӯзҳои сахт, дар рӯзҳои ҷанги бародаркушӣ тоҷикон ба кишварҳои рус мерафтанд, русҳо ба онҳо мададгор, русҳо ба тоҷикон паноҳгоҳ медоданд.

Замоне дар деҳаи Нилкон танҳо як нафар забони русиро медонист, ҳамон Ҳоҷимаҳмуди номдор, дунёдида. Ӯ дар вақташ ба чанд нафар амалдорони замони подшоҳӣ ба ақидаи худаш боз амал-унвонҳо дода буд. Мирохурро «Х..й Мирохур», тӯқсаборо «П..да Тӯқсабо» мегуфт. Соҳибони унвони мирохур ва тӯқсабо аз унвони нави ба онҳо додаи Ҳоҷимаҳмуд бениҳоят шод мегаштанд, «Ҳоҷӣ ба мо чунин амалҳо додаанд» гӯён ифтихор мекарданд. Дар деҳа мазмуни ин калимаҳои носазоро танҳо худи Ҳоҷимаҳмуд медонист. Замоне мардуми деҳа аз маънии ин калимаҳо бохабар гаштанд, ки на мирохур монда буду на туқсабо.

Ҳоҷимаҳмуд ва падарам эшони домулло Мирзо хешовандони наздик – холабача буданд. Қиблагоҳи падарамро эшони Амирҳайдар мегуфтаанд. Заминдор, гову моли зиёде доштаанд. Серфарзанд. Мехостаанд, ки ҳамаи фарзандонашон аҳли меҳнат бошанд, гову гӯсфандонро бонӣ кунанд, ба киштукор, ба боғдорӣ, ба заминдорӣ машғул шаванд. Аммо дар дили падари банда Худованд аз хурдӣ меҳри хонданро ҷой кунонда. Аввал дар деҳа, дар мактаби Моҳи Мулло хондаанд. Баъд баҳри таҳсил ба Файзобод рафтаанд, зеҳни тез доштаанд, назди кадом муллое, ки мехонданд, сабақ мегирифтанд, устод аз эшон розӣ, дӯсташон медоштаанд.

«... вақти тӯлгирӣ аст, бачаҳо, ҳушёр бошед, эҳтиёт шавед, баррaҳо талаф наёбанд... ана бинед, баҳор омада, мо кай ба кишт сар мекунем?.. гандум ба дарав омада, нони даҳонамон аст гандум... ангур дар боғ ночинда монд, айни майиззанӣ, ширинӣ мепазед, ширинӣ. Ширинӣ мазаи даҳон, дар хунукӣ дорӯ... дар зимистон гову молҳо бенигоҳубин намонанд» Аз рӯи гуфтаҳои падар дар хонадон ҳар лаҳза вақти бекорӣ намеёфтанд. Падар сарвари хонадон, сарвари молу ҳол, сарвари ҳама. Ҳамеша кор мефармуданду кор мегуфтанд. Гоҳе падарам ҷуръат пайдо карда аз қиблагоҳашон мепурсиданд:

– Вақти хондан кай мешавад?

– Хонда кӣ шудан мехоҳӣ, бачам? Мулло? Замин одама мехӯронад, бачам, замин, аз замин ҳама чӣ меёбӣ, аз замин. Муллои бечора чӣ дорад? Ба насиҳати худам гӯш кун, хор намешавӣ, соҳиби ҳама чӣ мешавӣ. – Падар аз рӯи андешаҳои худ зиндагӣ мекарданд.

Дар сари ҷуфт, алафу гандумдаравӣ, ангурчинию чигинакашӣ ҳам дар бағали падарам китоб, лаҳзае фурсат, ки пайдо мешуд, чашм ба

китоб медӯхтанд. Гоҳе ҳангоми ба кор рафтан ҳамаи китобҳояшонро бо худ мегирифтанд, ба баға-лашон як-ду нон меандохтанд. Ба мисле сафаракӣ, ба кучое равона буданд, ки як даст дар муштаи испору чашм ба роҳ, ба дуриҳо, бо ҳамин ҳол чуфт меронданд.

Рӯзе падарам аз сари чуфт ба хона барнагаштаанд. Говҳоро пешандози хизматгорҳо кардаанду дигар чизе нагуфтаанд.

Шаб, шаби дигар ва баъд боз шабу рӯзҳо омадаю дигар аз он кас хабаре шунида нашуд. Дар хона модарашон, аҳли хонадон, бародару хоҳарон алахон. Ва баъзан модарро фарзандон тасаллӣ медодаанд. Шояд бародарашон кучое ба хондан рафтаанд. Зеро ягон китобашон дар хона намонда буд, вале кучо ба хондан рафта он кас? Ба Ҳисор ё боз ба Файзобод? Падар дар чустучӯи он кас афтода. Ба ҳамаи манзилу маконҳое, ки гумон доштаанд, рафтаанд, пурсучӯ кардаанд. Вале аз он кас нишону хабаре наёфтаанд. Бобоям акнун фарзандашонро на баҳри он мечустанд, ки ба дарави ғалла ба сари хирман биба-ранд. Пазмон, дар орзуи дидор шуда буданд. Дар фироқашон мегиристанд. Шабҳо ҳам дар хаёли фарзанди толибилмашон, дилашон барои он кас гум мезад. «Бовар кунед, бачам Мирзоҷонро аз ҳамаи фарзандонам зиёдтар дӯст медорам, ба Худо вай алоҳида аст, бафаҳм, боакл аст», рӯзе бо дидаи ашкбор назди зану фарзандон иқрор гаштаанд бобоям.

Дар кучо будани падарамро дар деҳа танҳо як кас – эшони Ӯзбакхоҷа, холабачаи бобоям медонистаанд, сир пинҳон медоштаанд. Лекин мебинанд, ки рӯз аз рӯз ҳоли писархола-ашон дар фироқи фарзандашон бад гашта, ҳатто ба беморӣ зада, дигар аз ҳавлӣ ба берун намебаромадагӣ, ҳатто ба масҷид ҳам намерафтагӣ шудаанд, ноилоҷ мемонанд. Эшони Ӯзбак-хоҷа ба ҳавлии холабачаашон меоянд. Мебинанд, ки он кас дар ҳақиқат бемор, сар аз болин бардошта наметавонанд, аз эшони Амирҳайдар мепурсанд:

– Мехоҳӣ ҷои писаратро гӯям?

– Барастӣ ту медонӣ, ки ӯ дар кучо аст?

– Ҳа.

– Намебинӣ, ки ба чӣ ҳол афтодаам? Намегӯӣ, тамошобин шудаӣ, гиряю нола, ғиреви аҳли хонаро намешунавӣ? Раҳм надорӣ?

– Чаро вайро хондан намемонӣ?

– Гап зан, Ӯзбакхоҷа, Мирзо кучост? Сиҳату саломат аст, бачам?

– Натарс, Амирҳайдар, Мирзо сиҳату саломат.

– Дар кучо аст? Дар кучо?

– Шарт дорам, ба шартам розӣ шавӣ, мегӯям, худи ҳозир мегӯям. – Мирзо ҳамин хел шарт мондааст. – Агар розӣ нашавӣ ба шартам, вайро дигар намебинӣ, аз дидораш маҳрум мешавӣ.

– Чӣ хел шарт? Аввал ҷои вайро ба ман гӯй, ғам нате, дилам мекафад, бовар кун, шабҳо хоб нестам, модараш ҳам ба ғам задааст,

ҷояшро гӯй, ба Худо севанчӣ медиҳам, асп медиҳам, як аспи бо зину афзол медиҳам.

– Ба ман ҳеҷ чизат лозим нест, Амирҳайдар, мон вай хонад, аз зоти худамон як аҳли илми зӯр мерӯяд, вай худодод аст, ҳама мегӯянд.

– Ба Худо, ки монеъ намешавам. Хона биояд, хонад, ба устодаш пулу мол медиҳам, мадад мерасонам.

– Вай рафтанӣ аст.

– Куҷо?

– Бухоро.

– Бухоро?!

– Мегузорӣ?

– Ӯзбакхоҷа, Бухоро дур, ман вайро дӯст медорам. Боз модараш касал, наход раҳм надорад. Ту ҳам вайро насиҳат кун, бегона нестӣ, худиӣ.

– Гуфтам-ку ту ҳеҷ вақт ба хондани вай розӣ намешавӣ. Медонистам, Мирзо ҳам медонад. Ба ту боғу роғ, гову мол, дороиат азиз, ҷамъ кун, пагоҳ ҳамаи онҳо ба гӯрат медароянд, дар охират дастгират мешаванд… – Эшони Ӯзбакхоҷа дигар ба писарҳолааш ҳарфе назада аз ҳавлӣ берун меравад. Эшони Амирҳайдар ва модари падарамро тобу тавон наменомонад. Онҳо дар куҷо будани фарзандашонро донистан мехостанд, ба дидорашон пазмон шуда будаанд. Дар куҷо будани он кас танҳо ба эшони Ӯзбакхоҷа маълум. Аммо ӯ намегуфт. Ноилоҷ монда эшони Мирҳайдар. Ба шартҳои писарҳолаашон розӣ шуда, қасам хӯрдаанд, ки ба таҳсили фарзандашон монеъ намешаванд.

Рӯзи дигар аз рӯи гуфтаҳои эшони Ӯзбакхоҷа бобоям адиру теппаҳои баланди дараи Ойтуғдиро гузашта ба деҳаи Лойоб меравад, қириби нимрӯз ба лаби чашмаи канори деҳа мерасанд. Ҳамин ҷо аз асп фаромада онро ба паси сангҳои хонамонанд мекашанд ва худашон ҳам панаҳ мешаванд. Чашм ба роҳ, ба чашма. Ниҳоят аз рӯи гуфтаи эшони Ӯзбакхоҷа писарашон намоён мешаванд. Аз чашма ба кӯзаҳо об мегиранд. Дигар барои падар ҷои истиҳола ва сабру таҳаммул намонда буд. Мавриде, ки сари писарашон хам ба кӯзаҳо об мегирифтанд, наздашон ҳозир мешаванд.

– Мирзо? – овози падар баланд мегардад.

– Бова[1] ?!

– Барои ту мемирам, бачам, ҷони ширинам, – падар фарзандашонро ба оғӯш мегиранд, сару рӯяшонро мебӯянд, мебӯсанд, – туро ёд кардам, бачам, – мегирянд.

Падар дар назди домулло Абдуманнони ҳамдеҳаашон, ки дар масҷиди деҳаи Лойоб вазифаи эмомиро ба ҷо меоварданд, мехондаанд

[1] Бова – падар.

ва ҳар рӯз айни нимрӯз ба лаби чашма омада баҳри устод дар кӯзаҳо об мебурдаанд.

Бобоям Амирҳайдар бо дидагони ашкбор назди фарзан-дашон ваъда додаанд, ки ба ӯ мадад мерасонанд, илм омӯзад, ба Бухоро баҳри хондан равад. Масъалаи Бухоро ба хондан рафтани падарам дар лаби чашма ҳал шуда буд. Падар ба хондани он кас розӣ. Писар худро ба оғӯши падар фиканда. Падару писар дар лаби чашма аз хурсандӣ ашк мерехтанд. Ашки шодӣ.

Рӯзи дигар модар ва падарашон, хоҳару бародарон, эшони Ӯзбакхоҷа, ҷумлаи хешовандон... падарам эшони Мирзои ҷавонро ба хондан ба Бухоро гуселондаанд. Падарам халтаи кулчаю кумочҳои пухтаи модар дар пушт аз канори боғҳои ангур, аз зери дарахтони пургул, ки дар он айёми баҳор ҳама ғарқи гул гашта буданд, мегузаштанд. Дар халта нон, дар бағал китоб, рӯ ба роҳи Бухорои Шариф оварда буданд, аз шодӣ гӯё парвоз доштанд.

– Мирзоҷон, дидорҳо ба қиёмат... – гуфт модари бемор ба фарзанд.

Аламовар буданд он лаҳзаҳо. Пас аз ҳафт сол, вақте ки заминларзаи Қаратоғ ба амал омада, мулки Ҳисор хароб гашт, одамони зиёде фавтиданд, эшони Мирзо ба деҳа, ба Нилкон баргаштанд. Дидори модар дар ҳақиқат ба қиёмат монда. Он кас аз олам гузашта. Падар – эшони Амирҳайдар пир шуда.

Аммо эшони Мирзо пас аз дидорбинӣ бо падар, хоҳару бародарон боз ба хондан, ба Бухоро баргаштанд. Ин дафъа ҳангоми гуселашон падари пир фарзандро оғӯш гирифта ашк рехтанд ва суханони модарро такрор намуданд. «Хайр, бачам, агар набинам, дидорҳо ба қиёмат» гуфтанд. Писар ғамгин гашта буданд, медонистанд, ки падар офтоби сари кӯҳ шуда. Лек рӯ ба роҳи махзани илм – ба Бухоро мерафтанд.

Ин дафъа сенздаҳ соли умри азизи эшони домулло Мирзо боз аз паи илмомӯзӣ, дар Бухоро гузашт. Ба гуфтаи худашон илмро хатм намуда, чанде дар мадрасаҳои Бухоро дарс гуфтаанд.

Падарам дар вақташ бо чанд китобе дар бағал ба Бухоро рафта буданд, пас аз 20 сол аз Бухоро дар бағал бо муҳри мударрисӣ ва дар чанд уштур бори китоб ба зодгоҳашон – ба Нилкон баргаштаанд. Ҳангоми баргаштани падарам ба Ватан дӯстонашон, уламои Бухоро мегуфтанд: «эшони домулло Мирзо илмро ба Ҳисор мебаранд».

* * *

Синни падарам аз 40 гузашта буд. Холабачаашон эшони Ҳоҷимаҳмуд аз он кас калонсолтар. Дар рӯзҳои зиндагии онҳо рӯзгори мардум ноором, ноосуда гашта. Замони гурезогурези мардум, аз тахт бетахт гаштани амир, замони урусомад, замони босмачигарӣ.

Аз чӣ сабаб буд, ки дар рӯзҳои ташкил ёфтани Ҳукумати Шӯравӣ

деҳаи Нилкон нисбати деҳаҳои дигар нооромтар гашт. Аз ҳама бештар гурӯҳҳои гуногун ба ном озодихоҳ, зидди ҳукумат ба деҳа омада мерафтанд. Намояндагони дастаҳои босмачиёни Иброҳимбек ҳам меомаданду ҷонибдорон, силоҳ-бадастони Раҳмондодхоҳ ҳам. Дар дастаи Раҳмондодхоҳ асосан тоҷикон муттаҳид гашта буданд. Аъзоёни яке аз дастаҳои хело бераҳм, ки сарварашон бо номи Носирхитой машҳур буд, қарибе рӯз дар миён ба Нилкон омада мерафтанд. Баъзан рӯзҳою шабҳо кӯчаҳои деҳа пур аз силоҳдорони ӯ – пур аз босмачиён. Аз онҳо ҳама дар ҳарос ва одамоне ҳам буданд дар деҳа, ки онҳоро «бачаҳои худамон» мегуфтанд ва ин «бачаҳои худашон» ба сари ҳама рӯзҳои сиёҳ оварданд. Носирхитой дар деҳа шиносу ошноҳо дошт. Маҳз тавассути ҳамин одамони наздикашон босмачиёни дастаи Носирхитой ба деҳа роҳ ёфта буданд. Шиносҳояшон онҳоро ба хонаҳояшон, пеши зану фарзандон мехонданд, илтиҷо мекарданд, ки фалону бисмадон ҳамдеҳашонро бикушанд. Ҳамин ҳол дар рӯзҳои мо дар рӯзҳои ҷанги беақлонаи байни тоҷикон боз рух дода буд.

Дар замони Ҳоҷимаҳмуд душманони номардаш аз паи нобуд кардани ӯ афтода буданд. Бо дасти Носирхитою аъзоёни дастаи ӯ Ҳоҷимаҳмудро кушондан мехостанд. Бо ҳамин мақсад назди босмачиён тор метаниданд, роҳу воситаҳои нобуд сохтани Ҳоҷимаҳмудро меҷустанд.

* * *

Бобои модариам эшони Ҳалим дар шаҳри Душанбе мезистаанд. Ҳамроҳи Ҳоҷӣ Яъқуббой, ки масҷиди калонтарини ҷомеи шаҳри Душанбе аз он кас мондааст, дар шаҳр дӯконҳо, дар мавзеъҳои бозори Баракат ва дар ҷои ҳозираи чойхонаи Роҳат боғу майдонҳо доштанд. Чун хабари омад-омади аска-рони Ҳукумати Шӯравӣ, русҳоро мешунаванд, ҷоҳу манзилҳояшонро гузошта рӯ ба муҳоҷират меоранд. Ҳоҷӣ Яъқуббой ба Афғонистон мусофират намуда, дигар ба сари мулку манзилҳояш барнамегардад, эшони Ҳалим ба зодгоҳашон, ба деҳаи Нилкон кӯч мебанданд. Ва аз даргоҳи Худованд мурод металабанд, ки рӯи аҳли куфорро набинанд. Дар ҳамон рӯзҳои ноором, дар рӯзҳои «урусомад» аз олам мегузаранд. Аз эшони Ҳалим се духтар, якеаш Маҳкамбибӣ – модари банда, Муслима, Сайидпошо ва аз завҷаи душанбегиашон, ки зани бисёр зебо буданд, ду писар – Эшону Азимхон монда. Баъдтар соли 1941 Эшону Азимхон ба ҷанг мераванд ва аз онҳо ба номи модари сиёҳбахт хатти сиёҳ меояд.

Баъди фавти эшони Ҳалим нигоҳубини фарзандон ва завҷаашон бонуи душанбегӣ ба ӯҳдаи Ҳоҷимаҳмуд афтода буд. Ҳоҷимаҳмуд сарбон, ворисдараки онҳо буд. Душманони Ҳоҷӣ зани душанбегии эшони Ҳалимро назди Носирхитой васф кардаанд. Сайибаи зебо,

баҳусн гуфтаанд. Саъй кардаанд, ки ҳушу хаёли Носирхитойро моили ӯ гардонанд. Ҳатто вайро ба ӯ нишон додаанд. Носирхитой шайдои ҳусну ҷамоли зани раҳматии эшони Ҳалим мешавад. Мавриде омада, ки душманони Ҳоҷимаҳмуд ба мақсади нопокашон бирасанд. Қарибе шер дар ҷелашон дармонда, ботинан аз ин роҳи ёфтаашон шодмон буданд.

– Ҳамин шаб иҷоб мекунем, аз ҳамин шаб дер намемонем. – Носирхитой ҳар чи зудтар ба висоли зани эшони Ҳалим расидан мехост.

– Як мамониат ҳаст, ҳазрати қумандон, мамониати сахт. Ин ҷонибаш ба худатон ҳавола. Худатон ҳал кунед, аз дасти мо намеояд, – барои душманони Ҳоҷимаҳмуд гӯё акнун ҷои арзи ҳолу гапу ҳарф омада буд.

– Чӣ мушкилӣ будааст? Ё дар ҳамин Нилкон одаме ёфт мешавад, ки пеши роҳи маро гирифта тавонад. Намедонанд? Наметарсанд эшонҳо? Ҷонашон чандто? Мо ҳарчи хоҳем мекунем! – Димоғи Носирхитой сӯхта буд, оташин гашт.

– Ҳамин хел одам ҳаст, вайро медонед, – ду марди номард, сари дастурхони хеш бозори қатли Ҳоҷимаҳмудро тез мекарданд. Он ду нафар яке дузд буд, ки солҳои сол молу амволи аҳли деҳаро ба ғорат мебурд, касе ҳад надошт, ки дар деҳа вайро дузд бигӯяд, ё ба рӯяш назар андозад, роҳат дошт, чи хеле гӯянд, худаш шоҳу табъаш вазир. Агар мехост гову гӯсфандони ҳамсояҳоро ҳай карда ба ҳавлиаш медаровард ва баъд канӣ касе, ки моли мо ҳамин ҷо бошад гуфта дари ҳавлӣ ё дари оғали вайро кушояд. На, ин хел мард дар деҳа нарӯида буд, тамоми мардуми Нилкон дар ғайбаш гап мезаданд, аз ҷабру ҷафои ӯ менолиданд, ба қадаш садҳо дангал мебуриданд, дашном медоданд, мегуфтанд, ки ради маърака карда шавад, лекин чун ӯро мединданд, ба таърифу тавсифаш мепардохтанд, дуқату сеқат шуда наздаш таъзим мекарданд. Оре, он дузд ҳамин хел давру давроне дошт, аммо бо пайдо шудани Ҳоҷимаҳмуд дар деҳа, айшаш талх шуд.

Ҳоҷимаҳмуд ӯро вақти гови ҳамсояро дуздидан дастгир кард.

Вай ба Ҳоҷимаҳмуд аз ҳамон рӯз ғузнадор аст. Ҳоло ҷояш омада, Худо хоҳад, тавассути Носирхитои бизан ва йигитҳои ӯ аз Ҳоҷимаҳмуд ниқор меситонад, вайро мекушонад, ба дилаш мешавад, шод мегардад.

Марди дуюмӣ як ҳамсояи деворбадевораш, ӯ бо Ҳоҷимаҳмуд ким – кайҳо боз носоз, чашми дидан надорад, лек дар муқобили вай ноилоҷ, оҷиз.

– Кӣ будааст вай? Забон нахоед, номашро гӯед. – Тоқати Носирхитой намонда буд.

– Ҳоҷимаҳмуд, – аз ҳарос овози дузд пасттар гашт.

– Ҳоҷимаҳмуд?

– Ҳа.

– Ҳозир ҷеғ занед, гӯед наздам биояд, ё ҳамроҳатон йигитҳоро фиристам?

– Ин тавр накунед, вайро хонаи ман наоред, шумо мераведу ман ба бало мемонам. Хонаамонро месӯзад, ҳамаа-монро мекушад, метавонад, – ба ҳарос афтид ҳамсояаш.

– Ҳамин қадар аз вай метарсед?

– Ҷоҳил аст, ваҳшӣ, камон дорад, мепаронад.

– Воҳима накунед, вай маро мешиносад, баъд Ҳоҷимаҳмуд ба ин зан чӣ муносибат дорад?

– Эшони Ҳалим хешаш, ин занак янгааш, гапу ҳарфи вай дар даҳони Ҳоҷимаҳмуд.

Носирхитой лаҳзае хомӯш монд. Ба хаёли душманони Ҳоҷимаҳмуд, ки ӯ ҳам номи вайро шунида ба андеша афтода. Аз обрӯ, эътибори Ҳоҷимаҳмуд дар миёни мардум ва аз зӯрию тавоноии ин марди нексиришт Носирхитой огоҳ аст. Дузди Намозро маҳз Ҳоҷимаҳмуд дошт, чи хеле мегӯянд, адабашро дод, ба тавбааш равонд. Ҳоҷимаҳмудро Иброҳимбеку Раҳмондодхоҳ ҳам мешиносанд.

– Ба фикр ғалтидед, ака? Ба хаёли мо шумо илоҷи вайро меёбед, бачаҳоятон бисёранд, ба Худо аз шумо дар деҳаи мо ҳама меҳаросад, – ҳамсояи Ҳоҷимаҳмуд маккорона ба оташи ғазаби Носирхитой равған пошидан мехост. – Вай, Ҳоҷимаҳмуд дар ҳаққи шумо ҳам дар маъракаҳо нописандона ҳар хел гапҳо мегӯяд, мо ака, худамон шунидем, вай ҳеҷ касро писанд намекунад.

– Худам бо Ҳоҷимаҳмуд гапзанон мекунам. Хоҳад нахо-ҳад, ин занака мегирам, вай азони худам, моли худам мешавад, вайро агар Ҳоҷимаҳмуд гӯянд, мана Носирхитой мегӯянд. – Камонашро Носирхитой аз сари мех гирифта ба китф овехт, аз назди ҳозирон берун шуд.

– Худатон танҳо мераведӣ? Бачаҳо (силоҳдорони зердасташро дар назар доштанд) қатӣ намераведӣ? – Яке пурсид аз Носирхитой.

– Танҳо ба танҳо бо вай гап мезанам, мард бо мард, мебинем. – Носирхитойро ҳамроҳонаш ва душманони Ҳоҷимаҳмуд то дами дарвоза гусел карданд.

Ҳар ду табақаи дарвозаи калони ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд он бегоҳирӯзӣ кушода буд. Гову молҳоро хизматгорон аз сари пода гардонда ба ҳавлӣ ҳай мекарданд. Чанд нафар наздикони хонаводаи Ҳоҷимаҳмуд миёни ҳавлӣ меистоданд, андаке пеш аъзоёни кадом як дастаи босмачиёнро, ки бо Ҳоҷимаҳмуд сӯҳбат доштанд, гуселонда буданд.

Дар ин лаҳзаҳо худи Ҳоҷимаҳмуд рӯи меҳмонхонаи калони ёздаҳболорааш, ки дар боломанзар, дар ошёнаи дуюм ҷойгир буд, қадам мемонд. Даричаи меҳмонхонаро, ки ба ҷониби саҳни масҷид

кушода мегашт, боз намуд. Ба хона ҳавои салқин медаромад, чанд қадам онсӯтар аз меҳмонхонаи Ҳоҷимаҳмуд бинои баланд ва боҳашамати масҷид. Аз паси чинорҳои баланди саҳни масҷид мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф намоён. Аз миён лаҳзаҳо мегузашту назари Ҳоҷимаҳмуд аз даричаи меҳмонхона ба масҷид, ба саҳни он.

Хаёлаш ба меҳмононаш. Силоҳдорони дастаи Раҳмондодхоҷ аз наздаш рафтанд. Замони нооромӣ шуда. Ҳама, қариб ҳама ба азоб мондаанд, таҳқир мешаванд. Ҳайфи рӯзҳои оромӣ, осудагӣ, ки дар замони подшоҳӣ зиндагӣ доштанд.

– Меҳмон омадааст, шуморо диданӣ будааст, – як хизматгор ба Ҳоҷимаҳмуд хабар расонд.

– Кӣ аст меҳмон?

– Носирхитой.

– Носирхитой? – Лаҳзае хомӯш монд Ҳоҷимаҳмуд ва баъд биафзуд: – гӯй дарояд.

– Мехоҳад шумо наздаш бароед, вай дар берун, дар таги дарвозахона.

– Гӯй дарояд, – такрор намуд Ҳоҷимаҳмуд.– Ҳамин тавр гӯй?! – Ҳоҷимаҳмуд нигоҳашро аз шохсо-рони чинорҳои баланд, ки нурҳои офтоби бегоҳирӯзӣ болои онҳо ҳанӯз ҳамоил буданд, намеканд.

Хизматгор назди марди силоҳдор – Носирхитой баргашта гуфт, ки Ҳоҷимаҳмуд вайро интизор.

– Наомад? – Димоғи Носирхитой сӯхта буд. Аз мусоҳибаш ҷавоб нашунид, аз баёни суханҳои Ҳоҷимаҳмуд дар назди Носирхитой истиҳола намуд хизматгор. «Аз рости фитнаангез, дурӯғи сулҳомез беҳ, ё хомӯш мондан», панду насиҳатҳои шунидааш ба ёдаш меомад. Хизматгор назди Носирхитой сукут ихтиёр карда буд.

Носирхитой ба хаёл афтода буд. Ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд надаромада баргардад? Ба ҳамроҳонаш чӣ мегӯяд? Гӯяд, ки Ҳоҷимаҳмуд наздаш набаромад? Писанд накард? Шояд бипурсандаш: хайр баъд Носирхитой дар ҷавоби нописандии Ҳоҷимаҳмуд чӣ амале раво дид? Носирхитой дар ҳоли ногувор ва ноҳинҷоре монда буд. Илоҷе намонда.

– Пеш даро, роҳ нишон те, – Носирхитой бо оташинӣ аз паси хизматгор қадам монд. Гӯё ниқорашро аз замин меситонд, ки гурс-гурс қадам мемонд. Бо ҳамин ҳол Носирхитой ба боломанзар баромад. Мӯзаҳояшро накашида вориди меҳмонхона гашт. Ҳоҷимаҳмуд ҳанӯз аз назди дарича дур нарафта рӯ ба боми масҷид меистод.

– Ҳоҷӣ, салом, – Носирхитой бо ситеза дарро бо мушт мезад.

– Салом, – ҷониби меҳмонаш омад Ҳоҷимаҳмуд.

– Маслиҳат доштам ба худат, Ҳоҷӣ.

– Марҳамат шин. Ё аввал масҷид рафта намоз гузорем, баъд хона

биоем, аср қазо мешавад, – Ҳоҷимаҳмуд меҳмонро ҷазман ба нишастан таклиф накарда ба масҷид равон шуданӣ буд.

– Фурсат надорам, – Носирхитой мӯзаҳояшро накашида болои кӯрпача гузашт, ба хоҳиши соҳиби хона эътибор надода нишаст. – Болои дӯконат омадем. Саломамонро алейк гир, – нописандона пойҳояшро дароз кард.

Ҳоҷимаҳмуд ноилоҷ монда буд, меҳмонашро гузошта аз меҳмонхона берун шуда наметавонист. Аз роҳаш баргашт, болотар аз меҳмон, дар муқобили ӯ, рӯ ба рӯяш аз тарафи дигари хона болои кӯрпача чорзону зад.

– Хайр агар корат зарур, таъҷилӣ бошад, мешинем. Аҳволат чӣ хел? Хело вақт боз наменамудӣ, ягон ҷо рафта будӣ? – Ҳоҷимаҳмуд бо «меҳмонаш» дар сӯҳбат шуд.

– Мо фидоӣ, фидоии роҳи ислом, кофирон, носипосонро сар мебурем, мекушем, онҳоро қир мекунем, – Носирхитой чашми Ҳоҷимаҳмудро тарсонданӣ буд.

– Чӣ гап доштӣ? – Ҳоҷимаҳмуд ба гуфтаҳои Носирхитой эътибор надода аз ӯ суол кард.

– Зан гирифтаниам.

– Ба ман чаро ин гапро мегӯӣ?

– Вай занак хешовандони худат, пешдаро шав мегӯям.

– Хеши ман? Кӣ будааст вай занак?

– Зани амакат, зани эшони Ҳалим.

– Кадом занашон?

– Аёли душанбегии эшонро мегӯям. Хело хушрӯ, соз будааст.

– Дидӣ?

– Нишон доданд.

– Кӣ?

– Инашро ба ту намегӯям.

– Носирхитой, агар бо ҳамин ният омада бошӣ, ки ба зангирии ту миёнрав мешавам, аз Нилкон барои ту зан гирифта медиҳам, хато мекунӣ. Ту маро кӣ хаёл кардӣ?

– Зани амакатро ба ман тӯй карда медиҳӣ.

– Гап аз як зани амаки ман намеравад, Носирхитой. То ҳине, ки ман зинда бошам, аз қишлоқи Нилкон ту зан гирифта наметавонӣ. Зан барои мо нангу номусамон аст. Барои нангу номус мо ҳама мемирем. Лозим биояд, корду камон мегирем.

– Муҳобот мекунӣ, Ҳоҷимаҳмуд. Аз номи тамоми аҳли қишлоқат гап назан. Бисёрии онҳо хоки пои моро мелесанд, ҷониби моанд. Моро «бачаҳои худамон» мегӯянд.

– Шумо ҳеҷ гоҳ барои мо худӣ намешавед. Гуфтам-ку ман ҳоло зиндаам. Нангу номус дорем. То зиндаам қишлоқро ҳимоят карда ме-

тавонам. Як ту намешиносӣ маро. Худи ҳазрати Мир – Иброҳимбек медонанд маро. Ҳамин ҳозиракак ҳазрати Раҳмондодхоҳ аз хонаам рафта буданд. Ту дигар ба деҳаи мо намедаровӣ.

Носирхитой ва Ҳоҷимаҳмуд аз рӯ ба рӯи ҳам аз ҷой бархостанд. Аз масҷид овози муаззин ба гӯш меомад, азон мегуфт, мардумро ба намоз мехонд. Вақти намоз мегузашт. Вале акнун ба хаёли Ҳоҷимаҳмуд намоз намерасид. Носир-хитой пеши пайкари паҳлавононаи Ҳоҷимаҳмуд нокироӣ менамуд. Қадаш аз ӯ хело паст. Носирхитой таҳқир шуда буд. Ҳоҷимаҳмуд гапашро нагирифт, писанд накард. Айби худи ӯ. Бо ин марди дағалу қайсар, бо як паҳлавони ман мегуфтагӣ бо забони ширину нарм ба гап даромад. Носирхитой қадри худашро надонист. Вагарна Ҳоҷимаҳмуд кию Носирхитой кӣ? Ҳоҷимаҳмуд ҳазор зӯру ҷаҳондида, номдор ҳам ки бошад, як нафар. Дар ихтиёри Носирхитой як дастаи тавонои йигитҳои яккачин. Ҳама камондор, ҳама мусаллаҳ. Ҳар рӯз хонаҳо, деҳаҳоро ғорат мекунанд. Одам мекушанд, аз ҳамаи гурӯҳҳои босмачиёни Иброҳимбек йигитҳои Носирхитой бераҳманд, барои аз ҳад зиёд беинсофу хунхор буданашон ба охири номи Носир калимаи хитойро ҳамроҳ кардаанд. Шояд калимаи хитой дар ақидаи мардум бераҳмии гӯшношунидро ифодагар аст.

– Ҳоҷӣ, ба худ биё, аз ҳад нагузарон, алафатро паст чар, – Носирхитой кӣ будани худашро гӯё акнун сарфаҳм мерафт.

– Чӣ мекунӣ?

– Пеш даро, – Носирхитой милли туфангашро ба ҷониби Ҳоҷимаҳмуд рост кард. – Роҳ гард!

– Кучо меравем? – Ҳоҷимаҳмуд бепарвоёна бо Носирхитой гап мезад.

– Пеши ҳамқишлоқиҳоят меравем, ҳамонҳое, ки ту онҳоро ба ҷонашон расонда будай. Дунё ҳамин хел, акнун навбати онҳо.

– Онҳо бо ман чӣ мекунанд?

– Мекушанд.

– Ба Худо онҳо маро кушта наметавонанд. Ғайрат надоранд.

– Худам туро мекушам, баъд тӯй мекунам, зани амакатро мегирам.

– Ба Худо наметавонӣ. Ман, ман ҳамон Ҳоҷимаҳмуд ҳастам... – дар як они воҳид Ҳоҷимаҳмуд, чӣ гуна ба Носирхитой дарафтод, чи гуна камони ӯро аз дасташ рабуд, Носирхитой сарфаҳм нарафт. Хоб буд ӯ ё бедор? Намедонист. Ҳоҷимаҳмуд камонро ба як сӯ ҳаво дода дастони Носирхи-тойро ба пушт тоб дод, ба хаёлаш, ки дастонаш шикастанд, устухонҳояш орд шуданд. Ҳоҷимаҳмуд мисли бало вайро зери дасту панҷаҳояш кашида буд. Дастони Носирхитойро ӯ бо чилбур маҳкам баст. Вайро аз дари меҳмонхона ба берун тела кард. Носирхитой акнун пешандози Ҳоҷимаҳмуд шуда буд. Чанд лаҳза пеш Носирхитой ба сари Ҳоҷимаҳмуд фармон-фармоӣ ва дар дил чи орзуҳое

дошт. Аммо вазъият дар байни чанд лаҳза тағйир ёфта. Дунё ҳамин хел. Ҳоло дасти Ҳоҷимаҳмуд боло. Дар берун, дар рӯи ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд хидматгорҳо, хешовандон, зану фарзандонаш. Мардум баъди намози аср аз масҷид мебаромаданд. Ҳоло Ҳоҷимаҳмуд сардори як дастаи тавонои йигитҳои Иброҳимбек – Носирхитойро аз назди онҳо, аз кӯчаҳои деҳа мегузаронад. Камони Носирхитой дар дасти Ҳоҷимаҳмуд, дастони ӯ ба пушт баста шудаанд. Йигитҳояш, душманони Ҳоҷимаҳмуд ҳам мебинанд ин ҳолро.

Носирхитой бо Ҳоҷимаҳмуд саломуалейк буд, аз тавоноӣ, ҷасорати вай ҳикояҳо шунидааст. Рост мегуфтаанд мардум, паҳлавони бемисл, беҳамто будааст ин мард. Носирхитой ба дасти вай ғалтид, мутеаш гашт. Оқибат чӣ мешуда бошад? Боз чанд лаҳзаи дигар мегузараду бисёр балоҳо ба сари Носирхитой меоянд. Барои ӯ дигар ҷои рафт ва ҷои зист наемонад. Баъди он Ҳоҷимаҳмудро кушаду накушад ҳам, суде намеорад, ба дардаш даво намеёбад. Кош ба хонаи ӯ намеомад, кош ба гапи душманони нотавону пастфитрати Ҳоҷимаҳмуд намедаромад. Онҳо беҳуда ба вай суол надода будаанд, ки худаш танҳо ба хонаи Ҳоҷимаҳмуд меравад. Медонистаанд. Вай аз рӯи нангу номус йигитҳояшро ҳамроҳ нагирифт. Нафаҳмида худро ба ин доми марг – ба хонаи Ҳоҷимаҳмуд зад. Ба беобрӯю шарманда шудани ӯ лаҳзаҳо монда. Ҳамин ҳоло пешандози Ҳоҷимаҳмуд мешавад. Баъд худованд ҷонашро ситонад ҳам, халос намеёбад. Чӣ тадбир андешад? Чӣ кунад?

Носирхитой аз остонаи дари меҳмонхона худро ба ақиб, ба дарун кашид, рӯ ба замин, рӯ ба пеши пойҳои Ҳоҷимаҳмуд фиканд худро. Пойҳои ӯро оғӯш кард. Ягона илоҷе буда ӯро ин ҳол.

– Ҳоҷӣ, акаи ҷон, маро бахш, аз гуноҳам гузар, маро шарманда накун, бо ин ҳол маро аз назди одамон нагузарон, раҳм кун, аз гуноҳам гузар. Маро бубахш, хизмататро ба ҷо меорам, агар хоҳӣ сари душманҳоятро аз тан ҷудо мекунам, ҳамин ҳоло ҳамин корро ба ҷо меорам, сарашонро оварда пеши пойҳоят мепартоям, чи ки гӯӣ, гуфтаҳоятро ба ҷо мебиёрам, Ҳоҷимаҳмуд, маро озод кун Ҳоҷимаҳмуд, – Носирхитой хоки пойҳои Ҳоҷимаҳмудро ба дидагон молида нола мекард, зорию илтиҷо дошт.

– Хез, Носирхитой, ман туро ҳеҷ кор намекунам, туро мебахшам, – гуфт Ҳоҷимаҳмуд.

Ҳоҷимаҳмуд дастони Носирхитойро кушод. Камонашро ба ӯ баргардонд.

– Рав, – фармон дод ба вай, то беруни дарвоза гуселаш карда аз ӯ қатъиян талаб кард, ки бо йигитҳояш аз деҳа равад, дигар аз Нилкон зан мегирам, гуфтанӣ гапро ба ёд набиёрад.

Хабари муноқиша, низои байни Ҳоҷимаҳмуд ва Носир-хитой дар

деҳа бо ҳазор гуна обу ранг ва ҳар навъе ҳикоят карда мешуд. Мегуфтанд, ки Ҳоҷимаҳмуд дастҳои Носирхи-тойро бастааст, қасам додааст, ки дигар ба деҳаи Нилкон қадам нагузорад, корду камонашро гирифтааст, ба гарданаш пулу моли зиёд, халтаҳои тангаю тилло бор кардааст, Носир-хитой талхакаф шудааст, дигар ёди Нилкон намекардааст. Ва боз баъзеҳои дигар аз рӯи дӯстӣ ин амали Ҳоҷимаҳмудро нораво ҳисоб кардаанд, «Ҳоҷимаҳмуд беақлӣ кардааст», мегуфтанд. Ҷабр ба ҷони худаш. Носирхитой гӯё гуфта будааст: «Бо Ҳоҷӣ боз вомехурам, ҳамин хел рӯз мебиёяд, мекушам, агар сарашро аз тан ҷудо накунам, агар ҳамин хел накунам, номам Носирхитой не, зиндагӣ бароям ҳаром, ҷавонмард набошам...» қасам хӯрдааст.

Ин гапу ҳарфҳо ба гӯши худи Ҳоҷимаҳмуд ҳам расидааст.

Он рӯз баъди намози бомдод Ҳоҷимаҳмуд аз имомхатиби масҷиди деҳа эшони домулло Мирзо хоҳиш кард, ки намоз-хонҳоро нигоҳ доранд.

Эшони домулло аз низои байни Носирхитой ва Ҳоҷимаҳмуд огоҳ. Ба эшони домулло Мирзо ҳам маълум, ки Носирхитой як марди худобехабар, хунхор, чи хеле гуфтаанд, на дар пушташ думу на дар пешаш ёл. Худо инсонро ба ин хел зотҳо гирифтор накунад. Аз ин ҷиҳат дили эшони домулло барои хешовандашон меларзид, аз тақдири минбаъдаи вай дар ташвиш буданд. Ва ҳоло бо мардуми деҳа – бо намозхонҳо чи гуфтани Ҳоҷимаҳмудро медонистанд. Аз ин рӯ баъди сокит мондани намозхонҳо худи эшони домулло Мирзо ба гап сар карданд.

– Қавмо, мою шумо ҳама хешу табор, гӯшту нохун, обшарику хокшарик. Пагоҳ мурдаи якдигарамонро худамон соҳиб мешавем, каси дигар, бегонаҳо не, худамон.

– Бале, ҳазрати домулло, рост мегӯянд, ҳамин тавр аст, – овозҳо баланд шуд.

– Ҳамин тавр ки бошад, мо бояд ҳамдигарамонро нафурӯшем, бегонаҳоро ба сари ҳамдигарамон набиёрем. Носирхитой кӣ? – эшони домулло Мирзо суол карданд.

Ҳама хомӯш буданд, аз ҳарос касе ҷуръати дар ин масъала забон кушодан надошт.

– Ҳамаамон кӣ будани ин одамро медонем, – эшони домулло Мирзо боз ба гап даромаданд.

Баъд эшони домулло Мирзо аз хусуси Носирхитой, йигитҳои вай хело гап заданд. Гуфтанд, ки Носирхитой як одами авом, муштамзӯр, ӯ худашро сарлашкари аҳли ислом хондааст, аммо аз ислом, аз дину аз шариат бехабар. Хонаҳои бандаҳои мусулмонро тороҷ мекунад, чашмаш ба зану духтарҳои мардум. Агар давраш мебуд, – давом намуданд домулло Мирзо, – ӯро ҳад мезаданд, сангсор мекарданд. Ва

баъзеи мо айбу уболро намедонем. Носирхитою йигитҳои вайро «бачаҳои худамон» мегӯем, болои зану фарзандонамон мебиёрем. Беҳ-беҳ мекунем. Баъд мегӯем, ки фалон касро куш, хонаашро ғорат кун. Ҳамон фалону бисмадон кас кӣ? Одамони қишлоқи худамон, хешу табори худамон. Мо ҳамин хел бераҳму беандеша ҳастем.

Эшони домулло Мирзо ин гапҳоро гӯшона ба душманони Ҳоҷимаҳмуд мегуфтанд. Якеаш ҳамон дузди номии деҳа ва дигараш ҳамон ҳамсояаш нимча-мулло, ки вайро домулло Мирзо нимчамулло мегуфтанд. Нимчамулло ҳам аз Ҳоҷимаҳмуд ранҷида. Ғузнадор буд ба ӯ. Ва он ду душмани Ҳоҷимаҳмуд он лаҳзаҳо дар масҷид дар намози саҳар ҳозир буданд, аммо аз ғазаби халқ, аз Ҳоҷимаҳмуд меҳаросиданд. Лаб зери дандон ба гуфтаҳои домулло тоб меоварданд, ҷавоб гардонда наметавонистанд.

Ҳоҷимаҳмуд ба пешгоҳи аҳли намоз баромада ба онҳо рӯ оварда.

– Қавмо, бо шумоҳо гап дорам, дар хотир доред, – ӯ канда-канда ба суханаш афзуд: – имрӯзҳои нотинҷии мою шумо мегузарад. Агар намирем, боз мою шумо мемонем. Ҷои сӯхта сабза медамад. Ба Худо, ҳамин хел мешавад. Зану духтарони деҳа нангу номуси ҳамаамонанд, онҳо занҳои мо, модарҳо, хоҳаронамон. Лекин як-ду беномус занҳои деҳаро ба бегонаҳо, ба одамони ғайр савдо доранд. Онҳо ба Носирхитой зан доданӣ. Мо беномус нестем, якҷоя мешавем, намемонем, аз Нилкон зан ёбанд, зан гиранд, дигаронро намедонам, лекин хуни ман намебардорад, намегузорам. Барои ҳамин бо Носирхитой ҷанг шудам. Боз мегӯям, қавмо, биёед, тифоқ шавем, қишлоқ гӯем, зану фарзанд гӯем, – Ҳоҷимаҳмуд гӯё ҳамаи гапи дилашро гуфта буд, ки хомӯш гашт, намозхонҳо ҳанӯз аз ҷойҳояшон наҷунбида, гӯш ба гуфтаҳои ӯ буданд. Вай рӯ ба ҷониби дар оварда, аз масҷид берун шуд. Лаби сӯфаи масҷид рӯ ба офтоббаро ба ҷониби мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф истод. Ба мазор дуо мекард, аз мазор, аз арвоҳҳо дар роҳи ҳалли мушкилиҳо мадад мехост, ба даргоҳи Худованд илтиҷо дошт. Аз ҷониби мазор офтоб тулӯъ мекард, офтоби пагоҳ...

Суханони таҳдори домулло Мирзо ва Ҳоҷимаҳмуд ба нимчамулло бештар асар карда буд. Таҳқир шуда ӯ. Вайро пастфитрат, лагандбардори Носирхитой гуфтанд. Холабачаҳо – эшони домулло Мирзо, Ҳоҷимаҳмуд мулкро бе душман дида Носирхитой барин лашкаркаши овозадор, тавонои аз дасташ ҳар кор меомадаро дар назди мардум дашном доданд, вайро ҷоҳил, дасти росташро аз чапаш фарқ намекардагӣ гуфтанд ва кофир ҳукм карданд. Худо одама, ки зад, ба ғазаби Худо гирифтор, ки шавад, ҳамин тавр ақлаш пӯшида мегардад. Носирхитойро ҳам мисли нимчамуллои мегуфтагиашон, мисли ҳамқишлоқиҳои худошон пиндоштаанд. Намедонанд, ки Носирхитой имрӯзҳо чи қадар одамонро аз дами теғ мегуза-ронад. Аз пояшон ба

дарахтҳо меовезад, чи коре хоҳад, мекунад. Бале, инҳо Носирхитойро намедонанд, ҳоло шаттаашро нахӯрдаанд. Баъд аз афташ хаёл доранд, ки гапҳои онҳо ба гӯши Носирхитой намерасад, намедонанд, ки нимчамулло дӯсти наздики Носирхитой, дур не, дар бехи биниашон. Худо хоҳад, ин одам нимчамуллоро ба мартабаҳо мерасонад.

Носирхитой ҳамон шаби бо Ҳоҷимаҳмуд ҷанг хурда аз Нилкон баромада рафтанаш бо нимчамулло хело сӯҳбат кард. Гуфт, ки оянда дар Нилкон, одами бовариаш, гӯши вай нимчамулло. Гап чинад, чи гапе дар ҳаққи Носирхитой мешунавад, ба ӯ расонад. Чашму ақлу ҳуши вай шавад ва боз таъкид кард, ки имрӯз ҳам ки набошад, фардо албатта Носирхитой ба Нилкон бармегардад, Ҳоҷимаҳмудро саришта мекунад, ваъдаи ба нимчамулло додаашро фаромӯш намекунад ва ҳатман имомхатиби масҷид мешавад.

Нимчамулло бо димоғи сӯхта бо хаёлоти зиёд ҷониби кулбааш мешитофт. Ӯ Носирхитойро пайдо намуда ҳамаи гапу ҳарфҳои шунидаашро ба вай мерасонад, огоҳаш мекунад, ки холабачаҳо мардуми қишлоқи Нилконро муқобили ӯ ба по хезонданианд, маслиҳат карданд. Қаҳру ғазаби нимчамулло зиёдтар мешуд. Домулло Мирзо гӯё ҷои гапгӯй, ҷои сиёҳ кардани вайро ёфта. Ҳамаи гапҳояш гӯшона ба вай. Носирхитой гӯё хар буда, ки ӯ вайро беҳ-беҳ карда ба деҳа меовардааст, зан медодааст, зан мекофтааст. Таҳқиру дашном дар ҳаққи одам аз ин зиёда намешавад. Мулло Тошбойро, ки нимчамулло ном додаанд, беобрӯ карданианд. Пеши роҳи имомхатиб шудани ӯро гирифтанианд. Мулло Тошбой кӯдак не, мефаҳмад, лекин корро ин тавр ҳам наменомад, бо дилу ҷигари сӯхта, бо алами зиёд роҳ мерафт. Пиёда мерафт. Камбизоат аст, соҳиби як маркаби исқотӣ ҳам нашуда ӯ. Як бало карда ба деҳаи Муғулон расад, аз он ҷо кема қатӣ аз дарё гузарад. Он ҷо мардуми марқа, ҳама муридонаш. Хонаи Ортиқхоли ҷӯрааш медарояд, ягон улав мепурсад. Хонаи Носирхитой хело дур, пиёда қариб дурӯза роҳ. Ба Кӯктош, ки расид, боз хело роҳ, боз чанд талу теппаҳо, кӯҳталҳои баландро баромадан лозим. Аз ҳама вазнинаш баромадани кӯҳтали мазори Хӯҷазаррин. Худо бошад, ки бо ин қадар саргардонӣ, роҳро ба рӯ карданҳо Носирхитойи бародархондашро дар хонааш ёбад. Кушоиш омад ба корҳои мулло Тошбой. Дӯсти наздик-муридаш Ортиқхоли марқаро дар хонааш пайдо намуд. Ба аспи ҷавмасти худаш савор кард домуллоро. Таъкид намуд, ки эшони Тошбой эҳтиёт шаванд, асп андак чарс. Бодпо будааст аспи Ортиқхол. Дар роҳ мисли шамол. Ҷонвар ба дили мулло Тошбой роҳ мегашт, ба дили вай медавид. Вақте мулло Тошбой кӯҳтали мазори Хӯҷазарринро баромада ба деҳаи Носирхитой расид, ки шаб ним шуда буд. Дар ҳамон шабӣ аз йигитҳои Носирхитой хоҳиш кард, ки аз омадани мулло Тошбой ӯро бохабар кунанд. Носирхитой аз хоб хест,

ба гуфтаҳои мулло Тошбой бо диққат гӯш дод. Мулло Тошбой суханҳои дар роҳи дароз пухта кардаашро ба ӯ гуфт. Қаҳру ғазаби Носирхитойро ба аҳли деҳаи Нилкон, ба Ҳоҷимаҳмуду эшони домулло Мирзо афзун намуд. Ба гуфтаҳояш дурӯғи беше илова намуд. Гӯё Ҳоҷимаҳмуд дар назди ҳама зану фарзандҳои Носирхитойро ҳам дашном дода.

– Эшони домулло дигар гап назанед, фаҳмидам, шуд. Ҳоҷимаҳмудро мекушам, сарашро аз тан ҷудо мекунам. – Носирхитой ба шунидани давоми суханони эшони Тошбой тоб наоварда аз ҷой бархост, рӯ ба қибла овард ва қасам ёд кард ва баъд ҷомаашро болои китфонаш партофт. Аз назди мулло берун рафт. Дар берун ҳаво торик, осмон пурабр, шаб, шаби сиёҳ, сиёҳию тирагие мисли дили эшони Тошбой ва Носирхитой. Вале аз «Ҳоҷимаҳмудро мекушам» гуфта, қасам ёд кардани Носирхитой дили эшони Тошбой равшан гашта ва ӯ мадор гирифта, тавоноӣ ёфт, шукр гуфт ба даргоҳи Худованд, ки Носирхитой барин чунин як шахси соҳибшӯҳрат, тавоно, муттако, пушту паноҳаш шуда. Душманонаш, алалхусус эшони домулло Мирзо кӣ будани вайро бояд дарк бикунанд.

* * *

Байни намози асру шом хабаре ба деҳа, ба кулли хурду калони Нилкон паҳн гашт: «Носирхитой омадааст, йигитҳояш беҳисоб, ҳамаашон дар масҷид, масҷид пури босмачӣ. Ва талаб кардааст, ки аҳли деҳа ҳама зуд ба масҷид ҷамъ биоянд, бо мардум гап доштааст». Мардум ҳама дар ҳарос, сабаби бо йигитҳои беҳисобаш ба Нилкон ташриф овардани ӯро медонистанд. Аз хотирашон набаромада, ҳамин пагоҳ вақти намоз Ҳоҷимаҳмуду эшони домулло Мирзо гапи ӯро гуфта буданд, дар ҳаққаш суханҳои ноҷо ба забон оварданд, эшони Тошбой нарезондаю начаконда ҳамаи гапҳоро хабар бурдааст ва пешдаро шуда ӯро ба деҳа, ба сари мардум, ба сари Ҳоҷимаҳмуду эшони домулло Мирзо овардааст, кори нохуб кардааст. Одами хуб набудааст эшони Тошбой. Дӯстону наздикон ғами Ҳоҷимаҳмуд ва эшони домулло Мирзоро мехӯрданд. Чанд нафар кебида – кебида, пинҳон шуда таг-таги деворҳо хонаи Ҳоҷимаҳмуд рафтанд. Гӯё ӯро хабардор кардан мехостанд. Аммо ӯ кайҳо аз омадани Носирхитой, аз нияти ӯ огоҳ будааст. Бо вуҷуди ин дӯстон аз вай хоҳиш доштанд, ки ба масҷид наравад. Бо Носирхитой рӯ ба рӯ наояд, ғами ҷони худашро хӯрад, илоҷ ёбад аз деҳа равад.

– Гурезам?! – Ҳоҷимаҳмуд аз панду насиҳатгӯиҳои дӯстон ранҷида буд. – Меравам, албатта меравам, – гуфт.

Ҳоҷимаҳмуд маҳтали азони шом наистода, нисбат ба ҳаррӯза бармаҳалтар аз дари масҷид даромад. Дар масҷид гӯё маъракае буд.

Хело ва хело серодам. Йигитҳои Носирхитой дар саҳни масҷид. Тагтаги деворҳо, аз назди чӯббандии масҷид қадам мезаданд. Худи Носирхитой дар пешайвон. Дар сар салла, дар китф камон, дастҳо дар миён ин сӯ – он сӯ қадам мезад. Нописандона ба ҷониби мардум назар меандохт. Ҳамаи ин худнамоиҳои ӯ аз барои ду-се нафар. Ҳоҷи-маҳмуд ва эшони домулло Мирзоро душман ҳисобида ӯ. Назди онҳо худнамоӣ дошт, фукаш ба осмон.

Баъди намози шомро хондан Носирхитой ба чанд нафар наздиконаш, ки паҳлӯи ӯ саф гирифта буданд, фармоиш дод, ки дарҳои масҷидро бубанданд. Намозхонҳоро нигоҳ дошт ӯ.

– Пирам, эшони домулло Мирзо, – Носирхитой ба имомхатиб муроҷиат кард: – ба шумо гап дорам.

– Марҳамат, гап занед, – овози домулло Мирзоро шунид Носирхитой.

– Аҷаб не, банда сураҳои намозамро намедонам, – суханҳои дар намози пагоҳ ба забон овардаи эшони домулло Мирзоро айнан такрор кард ва бо овози баландтар давом намуд: – Лекин фармоиш медиҳам шумо ҳазрати эшон ва ҳамаи мардуми Нилкон ба ман гӯш медиҳед, илоҷ надоред. Ман калтаю кӯтоҳи гапро мегӯям, гӯш диҳед эшонҳо, ман Носирхитой, ман ҳамин хел одам, касе ба гапам гӯш надиҳад, овоз барорад, мекушам. Шумо эшони домулло Мирзо, – боз ба имомхатиб муроҷиат кард, – ба гапам гӯш диҳед. – Шумо ҳарчанд ба олам машҳур ҳастед, шуморо дар тамоми мамлакат медонанд, лекин ман ба шумо мегӯям. Шумо дигар имомхатиб намешавед, аз ин вазифа озод мешавед. Албатта бо ҳамин аз имомхатибӣ озод шудан, шумо халос намеёбед, боз гап мезанем, шояд ба масҷид дигар қадам наемонед, садқаи илматон шавам. Шумо ҳоло Носирхитойро намедонед, ҳоло ҳам боз омӯзед, боз илм омӯзед. Ҳазрати домулло, – Носирхитой домулло Мирзоро мазаммат мекард. Баъд Носирхитой эшони Тошбойи пирашро наздаш даъват кард.

– Мешиносед эшони Тошбойро ё намешиносед? – Ба ҳозирон муроҷиат кард Носирхитой. Вале касе чизе намегуфт, сари ҳама хам, гӯё ҳама ба муроқаба рафта буданд.

– Шунидед ман чӣ гуфтам? – Такрор намуд Носирхитой ва даст ба китфи эшони Тошбой гузошта бо қатъият гуфт: – Аз пагоҳ эшони Тошбой пешвои шумо, имомхатиби масҷид, пагоҳ ҳамаатон ҳамин ҷо ҷамъ мешавед. Фаҳмидед, аз пагоҳ имомхатиб кӣ? – Боз аз ҳозирон суол кард Носирхитой. – Ё ҳастанд касоне, ки не, имоматии эшони Тошбойро намехоҳем, гӯянд. – мепурсид ӯ ва гӯё гап мекофт. Вале боз ҳама хомӯш, касеро ҷуръати сухангӯӣ набуд, аз ҳарос забон кушода наметавонистанд. Дар масҷид вақти намози шом вазъи нохуш, вазъи тарсу ҳароси аз ҳад зиёд ба амал омада буд. Йигитҳои Носирхи-

той назди дарҳои масҷид истода буданд. Милли камонҳояшон ба сӯи намозхонҳо, маҳтали ишораи Носирхитой, бо амри ӯ онҳо бояд тир кушоянд. Дарҳои масҷид руст. Дари хонаи Худоро ба рӯи бандагон баста буданд. Онҳоро гӯё туфангдорон тирборон мекарданд.

Носирхитой ба ҷои эшони домулло Мирзо эшони Тошбойро эмомхатиб гузошта, баъд аз паи Ҳоҷимаҳмуд афтоданӣ буд.

Ҳоҷимаҳмуд аз миёни намозхонҳо аз ҳама аввал аз дари масҷид берун шуд, ба Носирхитой ҳарфе нагуфта саросема ба хонааш баргашт, ба хизматгорҳо фармуд, аспи зоти арабии сиёҳмушкинашро аз зери собот ба берун оранд, зину абзол зананд. Худаш, ба гуфтае ки либосҳои ҷангиашро ба бар карда шамшеру камон гирифт, чи хеле мегӯянд, чорафзол шуду пой ба ӯзангуи асп монд, лаҷомро кашида рӯ ба масҷид – рӯ ба мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф оят хонд, кушоиши кор орзу намуд ва баъд ба сағрии асп ҷамчин андохт. Вай банди андешаҳои ба хаёлаш бесарунӯк аз деҳа мебаромад. Вай боз садди роҳи Носирхитой шуданӣ.

Носирхитой он шаб, баъди гуфтугузораш бо намозхонҳо, мардуми деҳаи Нилкон, ба хонаи эшони Тошбой омад. Ба хонаи пираш дасти холӣ наомада, гӯсфанд ва як ҷувол биринҷу равған оварда буд. Гӯсфандро кушта дар як деги маъракагӣ ош пухтанд. Хонаҳои эшон ва рӯи ҳавлиаш пури меҳмон. Ҳаёҳӯй доштанд. Овозашон баланд, инчунин миёни ҳавлӣ гулхан афрӯхта буданд. Ҷавононе, ки саллаҳои калон-калон дар сар доштанд, гирди гулхан мераҳсиданд.

Носирхитой дар хонаи пираш шабашро саҳар карда, пагоҳӣ дар масҷид аз пасаш намоз хонда, чашми душманонро мош барин аз сарашон бароварда, андаке таскин ёфта, баъд ба хонаи Ҳоҷимаҳмуд омада, дастонашро ба пушт баста ӯро аз хонааш, аз назди зану фарзандонаш бароварда, баъд ба сараш об рехтанӣ буд.

Вақти зиёфат, андаке дам гирифта осудан ба хаёли Носирхитой душманаш Ҳоҷимаҳмуд омад. Табъаш хира гашт.

– Ош хӯред, ҳазрати мир, – эшони Тошбой ба номи Носирхитой амали мирӣ илова намуда вайро шод гардонда давом намуд.

– Ё оша нағз напухтааст янгаатон? Писандатон наафтод?

– Не, пирам, оши хуб пухтаанд, дилам намекашад, – ва пас аз чанд лаҳза илова намуд: – Ҳоҷимаҳмуд саросема буд, тез аз масҷид баромад.

– Эшони домулло Мирзо хафа шуд, – гуфт мулло Тошбой.

– Даҳон мекушоду рӯзаша медид.

– Фаҳмид, тарсид.

– Дигар аз гулӯям ҳеҷ чиз намегузарад, – ва илова намуд Носирхитой. – Ҳоҷиро ҳозир, ҳамин ҳозир овардан лозим, – Носирхитой дасту панҷаҳои равғанолудашро бо сачоқ пок мекард.

– Ҳамин ҷо, ба ҳавлии мо мебиёред? – Эшони Тошбой бо ҳарос пурсон гашт.

– Бердиқул, оҳой Бердиқул, – Носирхитой як сардори дастаашро ҷеғ зад.

– Лаббай, – гӯён марди миёнсоли серрише, ки сари рухсораҳояш аз мӯй наметофтанд, дастҳо пеши бар аз дар даромад.

– Хонаи Ҳоҷимаҳмуд рав, бачаҳоят қатӣ, ҳамаатон. Хонаи Ҳоҷиро медонетон, ба ту нишон дода будам. Ё аз хотират баромад?

– Не, ака, медонам.

– Дастҳояшро ба пушт баста, пешандоз карда биёретон.

– Хуб шудааст, ака, – Бердиқул назди Носирхитой таъзим карда паи адои фармони ӯ ақибнокӣ аз дар баромад.

– Ҳазрати мир, – хушомадгӯёна боз давом намуд эшони Тошбой, – додари ҷонам, шумо чӣ гуфтед?

– Ҳоҷимаҳмуди ҷӯраатонро ҳамин ҷо, ба хонаи шумо биоранд гуфтам.

– Мекушед?

– Худо хоҳад.

– Ҳамин ҷо, дар болои дӯкони банда?

– Агар аҷалаш расида бошад, ҳамин хел мекунем.

– Не, не, додарам, ин хел накунед, вайро хонаи мо набиёред.

– Метарсед? – Носирхитой пас аз лаҳзае хомӯш истодан хотири эшони Тошбойро осуда намудан хост: – ҷои тарс намемонад, мо вайро мекушем. Дигар ба шумо ҳеҷ кас кордор шуда наметавонад. Аз мурдааш ҳам меҳаросед?

– Медонам, ҳазрати мири музаффар, вайро шумо мекушед, лекин баъд ман дар бало мемонам, хундор мешавам. Ин халқи Нилкон ҳамааш ба сарам мехезанд. Дигар зиндагӣ кардан наметавонанд. Ҳамин рӯз пагоҳӣ дар намози бомдод ҳама ба сарам хестанд. «Кӯҳрии паси маърака мешавӣ» гуфтанд. Баъд вай эшони домулло Мирзо ҳамаро ба сарам мехезонад, қиёмат мешавад. Аз Ҳоҷимаҳмуд дида эшони домулло Мирзо хавфнок, мардум ба гапи вай медароянд. Аввал гӯед ҳамин одамро кушанд.

– Ин хел нагӯед, пирам. Эшони домулло Мирзоро ҳеҷ кас кушта наметавонад. Магар шумо намедонед?

– Ҳоҷимаҳмуд зӯр аст.

– Эшони домулло Мирзоро ба Ҳоҷимаҳмуд баробар накунед. Эшони домулло Мирзо олим, шайх, ин одам авлиёст, ба авлиёҳо кӣ сарбасар мешавад? Мо мардуми авом метарсем. Дар ҳама ҷо муридонаш, вай пири ҳама. Қавми лақаю марқая сари кӯдакашон дард кунад, эшони домулло мегӯянд. Ба Худо сари як мӯяш кам шавад, ҳамаашон мехезанд. Ман медонам, ман аз қавми онҳо. Хосса обрӯю эътиборе, ки

эшони домулло Мирзо дорад, дар водии Ҳисор дар ҳамин шабу рӯз касе надорад. Вайро лақаё кӯчонда бурданианд, эшони домулло Мирзо гуфта барои ин одам мемуранд, ҷон медиҳанд. Ман бо ин одам аз гап задан метарсам.

– Барои ҳамин ин одам шуморо писанд накард, барои ҳамин саҳар дар ҳаққи шумо ҳар гап гуфт, – эшони Тошбой байни эшони домулло Мирзо ва Носирхитой иғво андохтанӣ буд.

Дар хона ду нафар – эшони Тошбой монда буду Носирхитой. Ҳар ду хомӯш гаштанд.

– Чи шавад-нашавад, шуморо ба ҷои домулло Мирзо имомхатиб мегузорам. Пагоҳ ин корро мекунем, аз қавлам намегардам.

Он шаб фиристодаҳои Носирхитой се бор хонаи Ҳоҷимаҳмуд рафта баргаштанд. Ҳоҷимаҳмудро наёфтанд.

– Куҷо гум шудааст? Нафаҳмидед, ки куҷо рафтааст? – Носирхитой такроран аз фиристодаҳояш мепурсид.

– Гурехтагист, – як йигиташ ҷавоб гардонд.

– Ту мегурезӣ, вай намегурезад. – Ба ғазаб омада буд Носирхитой.

– Дар хонааш нест, кофтем, пурсидем. – Боз ҷавоб гардонд ҳамон йигити Носирхитой.

– Равед, боз равед, ёбед, – фармоиш дод Носирхитой.

Йигитҳои Носирхитой ҳамон шаб гӯё дар роҳи хонаи Ҳоҷимаҳмуд ва эшони Тошбой тор метаниданд, мерафтанд Ҳоҷимаҳмудро наёфта боз бармегаштанд. Аҳли хонаводаи Ҳоҷимаҳмуд, модари бузургвораш Моҳи Мулло ҳам ҳамон шаб лаҳзае хуфта натавонистанд. Дар он бегоҳирӯзӣ куҷо рафтани Ҳоҷимаҳмудро намедонистанд. Модари бузургвораш, занону фарзандон ҳама аз Худованд илтиҷо доштанд, ки Ҳоҷимаҳмуд ба хонааш наояд.

Саҳар мешуд, эшони Тошбой ҳамон шаб мижа таҳ карда натавонист. Вай дар хаёле, ки зудтар саҳар ояду ҳамроҳи Носирхитой, босмачиёни беҳисоби ӯ ба масҷид оянд. Баъд эълон шавад, ки эшони Тошбой имомхатиби масҷид, баъд ӯ ба минбар барояд, ба муаззин фармояд, ки такбир бигӯяд, баъд меҳробро соҳиб шавад ва мардум аз пасаш намоз гузоранд. Имомхатиби масҷид шудан орзӯи деринаи эшони Тошбой буд. Бо ҳамин орзу Бухоро рафт, бо ҳамин орзу бисёр солҳо хонд. Лек ба ҷое нарасид, мегӯянд, ки камсавод аст, зеҳнаш кунд. Дар деҳа ҳам ҳама вайро мазаммат мекарданд, лекин ҳоло рӯзҳое омада, ки дигар ин тавр гуфта наметавонанд, Носирхитой мурдаш, ба сари рақибони вай корду камон мекашад, ҷон ба ҳама ширин, метарсанд. Аз пагоҳ сар карда баъди ҳар намоз дар ҳаққи Носирхитой, ҳамроҳони вай дуои нек хондан мегирад, дар ситоишашон ваъз мегӯяд. Ин амал барояш душвор не, гӯр сӯзаду дег ҷӯшад.

Субҳ медамад, аввалин субҳе, ки эшони Тошбой бо шодмонии

беинтиҳо пешвоз мегирифт. Ниҳоят овози азон аз масҷид баланд гашт. Мардуми деҳа ба сӯи масҷид мешито-биданд. Эшони Тошбою Носирхитой аз ҳама аввал аз чӯббан-дии масҷид дарун шуданд. Саҳни масҷид ҳанӯз равшан нашуда, аз паси пардаи торикӣ баъзе чинорҳои қатори лаби ҷӯй ба назар намеғалтиданд. Вале аз шохсорони онҳо ғаҷар-ғуҷури гунҷишкакон ва паррандаҳои дигар ба гӯш мерасид. Садои уҳу-уҳу, садои сулфаи намозхонҳо, аз обхона, ташнобҳо ба гӯш меомад, ки таҳорат мекарданд.

Дар он субҳгоҳ воқеае рух дод, ки Носирхитой чашмдор набуд.

Ҳоҷимаҳмуд дар саҳни масҷид пайдо шуд. Танҳо набуд. Ҳамроҳ дошт. Аз назди Носирхитой бовиқор, бо сари баланд гузашт. Дар дами дари даромадгоҳи масҷид истод, ба онҳое, ки вориди масҷид шуданӣ буданд, рӯй овард.

– Қавмо, – овозаш баланд гашт, – ҳоло ҳамаатон ҳамин ҷо ҷамъ шавед. Ба масҷид надароетон, гап дорам, ба ҳамаатон гап дорам, – фармоиш медод ӯ ба ҳама.

Нигоҳи эшони Тошбой ба Носирхитой шуд. Ӯ ба дӯсташ гуфтанӣ буд: шунидед ин одам чӣ мегӯяд? Дари масҷидро гирифтааст-а? Носирхитойро писанд намекунад. Ё ӯ Ҳоҷимаҳмудро намебинад? Аз шаб боз бо йигитҳояш меҷуст, дасту пойҳояшро бастанӣ буд. Ана ҳоло ҳамон Ҳоҷимаҳмуди ҷуста мегаштааш дар рӯ ба рӯ. Чӣ истодан дорад?

– Ҳамаи намозхонҳо омаданд? Ҳеҷ кас намонд? – Ҳоҷимаҳмуд боз ба гап даромад. – Эшони домулло Мирзо пеш биоед, – фармуд ба хешаш ва ба ҳозирон муроҷиат кард: – Медонед имомхатибатон кӣ?

Чанд лаҳза суоли Ҳоҷимаҳмуд бечавоб монд. Қариб ҳама аз ҷавоб гуфтан ба ин суол меҳаросиданд. Бегоҳ Носирхитой эшони Тошбойро имомхатиб эълон карда буд, Ҳоло бошад Ҳоҷимаҳмуд эшони домулло Мирзоро наздаш даъват дорад, ҳатто дари масҷидро руст кардааст. Ҳоло ягон воқеа рух медиҳад. Носирхитой танҳо нест, гирду атроф, саҳни масҷид пури одамони ӯ. Агар як ишора намояд, як Ҳоҷимаҳмуд чи ки, ҳамаи намозхонҳоро дар як дам саришта мекунанд. Деҳаро оташ мезананд, хунхоранд. Нангу номус, шараф мегӯяд Ҳоҷимаҳмуд. Худи ӯ, дар ҳақиқат, ба нангу номус аст. Лекин оқибати ҳамаи ин сар нафаровардanҳои ӯ нохушӣ меорад. Ягон гап мешавад. Таркиши азиме дар пеш. Худо нигоҳ дорад. Дар ҳоле ки мардум аз ҳарос сар боло карда наметавонистанд ва Носирхитой дуртар аз онҳо ҳодисаҳои пеши назараш ба амал меомадаро муоина дошт, Ҳоҷимаҳмуд боз ба гап даромад. – Фаромӯш кардетон, ки имомхатиби масҷидамон кӣ буданд? – бо овози баландтар боз давом намуд: – эшони домулло Мирзо! – Ҳоҷимаҳмуд аз ҷайбаш коғазеро бурун овард, – ана ин фармони мир, фармони мири музаффар Иброҳимбек, мӯҳру васиқа қати ба но-

ми эшони домулло Мирзо. Худи мир фармон доданд, ки эшони домулло Мирзо имомхатиб бошанд, ба номашон нома ирсол карданд, тӯҳфа фиристоданд ва бастаеро, ки наздаш гузошта буд, кушод, ҷомаи кори[1] бирешимии зебое, ҷомаро ба китфи он кас партофт ва баъд боз ба ҳозирон рӯ оварда: – ҷомаро худи Иброҳимбек ба номи эшони домулло Мирзо фиристоданд. Салом гуфтанд, акнун эшони домулло Мирзо имоми якумрӣ мешаванд. Муборак бошад, эшони домулло Мирзо. Ҳеҷ кас дигар ҳад надорад фармоиши мири фотеҳ, соҳибназар Иброҳимбекро рад кунад. Ё мегӯед бошад ҳамин хел одам? Не, ба хаёлам ҳеҷ кас аз ҷонаш сер нашудааст, мамлакат соҳиб дорад, – Ҳоҷимаҳмуд суханҳои охирашро гӯшона ба Носирхитой мегуфт. Ва баъд Ҳоҷимаҳмуд марди қоматбаланди дар паҳлӯяш бударо, ки дар бар яктаҳи сабзи дарозе дошт, ҳамроҳи Ҳоҷимаҳмуд омада буд ва аз миёни ҳозирон кӣ будани вайро танҳо Носирхитой медонист ва барои ҳамин ҳам аз ноилоҷӣ лаб зери дандон хомӯширо ихтиёр карда буд, ба ҳозирон нишон дода давом намуд: – Ана ин кас, ин меҳмони азизу иззатманди мо фиристода, намояндаи худи ҳазрати мир ҳастанд. Ҷойнишин, вазири дасти росташон. Ҳазрати мир ҷойнишини худашонро ба ҳурмати эшони домулло Мирзо фиристоданд, барои он фиристодаанд, ки мардум ҳадди худашонро донанд, – бо таъкид Ҳоҷимаҳмуд ин суханҳои таҳдорро ба забон меовард, ки Носирхитойю эшони Тошбой бишнаванд. Баъд ӯ фармони Иброҳимбекро боз ба мардум нишон дода, ба абрӯвонаш молида бӯсид ва ба эшони домулло Мирзо супурд: – гиред, эшони домулло, шукр гӯед, ки адлу адолат, инсоф ҳаст, шукр, ки ҳазрати мири музаффар Иброҳимбек ҳастанд ва боз ба мардум рӯй оварда: – ҳамин хел қавмо, шунавед, дониста бошед, ки Нилкон соҳиб дорад, ҳоло Ҳоҷимаҳмуд зинда, намурдааст. То зинда аст, барои нангу номуси қишлоқ, барои мардум, талош мекунад... – Ҳоҷимаҳмуд ҳар ду табақаи дари кандакории масҷидро боз намуд. – Эшони домулло Мирзо, марҳамат, пеш гузаред, боз як бори дигар фармони мири музаффар Иброҳимбекро бароятон муборак мегӯем, – гуфта боз ба мардум муроҷиат кард: – Ҳамин тавр не, қавмо?!

– Ҳамин тавр, Ҳоҷӣ.

– Муборак шавад!

– Муборак, – гуфта ҳозирон ҷуръат пайдо карда ин сухан-ҳоро ба забон меоварданд ва бо сарбаландӣ вориди масҷид мегаштанд.

Ҳама ба масҷид даромаданд ба ҷуз эшони Тошбой, Носирхитой ва йигитҳои силоҳбадасташ. Ба Носирхитой маълум гашт, ки Ҳоҷимаҳмуд шаб назди Иброҳимбек рафта будааст. Ӯ бори дигар Носирхитойро дар ҳоли ногувор, дар хиҷолат мононда. Вай бо

[1] кор – матое, ки дар замони пеш мебофтанд.

йигитҳояш аз масҷид берун шуд, бо эшони Тошбой хайрухуш ҳам нагуфта аз Нилкон рафт. Дилаш пуркин, пурандӯҳ, пурғазаб. Аз Нилкон мерафту боз қасам ёд мекард, қасами Ҳоҷимаҳмудро мехӯрд, ки ӯро ба қатл мерасонад. Худаш ӯро мекушад, худаш.

* * *

Айни гули лола, айёми баҳор буд. Табиат новобаста ба шоду ношод будани одамон тағйир меёбад, фасли хазон мерасаду зимистон меояд, баҳор мерасад, гулҳо мешукуфанд. Ҳамон сол ҳам баҳор омада дашту даман, боғу майдонҳо гулпӯш гашта. Олам зебу оро ёфта, лек одамон шод набуданд. Низою ҷанҷоли байни одамон хурӯҷ карда буд. Якдигарбадбинӣ, одамкушӣ. Рӯи роҳу хоку қум, сабзазорон, оби ҷӯйҳо ба хуни инсон олуда. Одамон аз ғам гӯё зебоии дунё, ҳусни баҳор, сабзазорону гулу гиёҳҳои талу теппаҳоро намедиданд. Ҳамин тариқ баҳор меомаду мегузашт, вале одамон дили шоде надоштанд, ки хам шаванду аз замин гул бичинанд, гулҳои зебои сияҳгӯш, наврӯзӣ, бойчечак, лола ба назарҳо намена-муданд, гулҳо зери по, хазон, олам хазонзада. Зебоӣ, гулу сабзазоронро ҳам одамон айёми хушнуду хурсанд будан мебинанд... Ба чи вақҳ шод бошӣ, ки аз ҳар деҳа ҷавонон, навхонадорон, арӯси ба баҳор нарасида кушта гашта. Модарон, хоҳарон, бародарон, волидайни хунҷигар... Баҳор омадаю айёми ноором, дар баҳор ба хонадони Ҳоҷимаҳмуд ғам омада.

Носирхитой баҳри қатли Ҳоҷимаҳмуд, аз ӯ ниқор ситонидан пайт меҷуст. Мисли гурги гурусна паи куштанаш хунҷигар гашта ӯ. Ҳоҷимаҳмуд албатта мисли Носирхитой дастаи камонбадастон надошт, ӯ як марди танҳо, як худаш. Вале тавоно, боирода, далер, нотарс буд. Шахси маълуму машҳур. Қариб ҳамаи сарварони дастаҳои босмачиён ӯро мешиносанд. Раҳмондодхоҳи тоҷик яке аз дӯстони наздикаш. Ҳатто русҳо ҳам ҳангоми ба деҳаҳои ҷамоаи Роҳатӣ ворид гаштан аз ӯ, ки забони русиро медонист, мадад мехостанд. Ҳоҷимаҳмуд бо намояддагони давлати Шӯроҳо – бо русҳо ҳамгап. Аз ҳама муҳимаш Ҳоҷимаҳмудро худи Иброҳимбек мешинохт. Ҳамон шабе, ки ба хотири эшони домулло Мирзо ба сароғи Иброҳимбек рафта буд, аз ҷанҷоли байни Ҳоҷимаҳмуд ва Носирхитой огоҳӣ ёфт. Носирхитой бо Иброҳимбек хеш ҳам бошад, ба ҳар ҳол эҳтироми Ҳоҷимаҳмуд дар назди вай зиёд. Дар масъалаи Ҳоҷимаҳмуд бо Носирхитой сӯҳбат намуд, фаҳмид, ки Носирхитой ба Ҳоҷимаҳмуд кинавар шуда. Феълу атвор ва марди бефарҳангу ҷоҳил ва беандеша будани Носирхитойро медонист, ӯ кӯтоҳандеш. Ба гуфте, ки феъли саг ба соҳибаш маълум. Барои ҳамин ҳам таъкид кард, ки ба Ҳоҷимаҳмуд кордор нашавад, дар акси ҳол агар ба вай осебе ояд, ба пояш хоре халад, худи Иброҳимбек ба Носирхитой кордор мешудааст, ҷазо медо-

дааст. Обрӯ ва эҳтироми эшони домулло Мирзо ку дар назди Иброҳимбек аз ҳама баланд. Иброҳимбек ба Носирхитой ҳамаи инро гаштаю баргашта мефаҳмонд. Ӯ дар масъалаи ин ду душманаш гӯё ба ҷеле дармонда буд. Чи карданашро намедонист, эшони Тошбой бошад ҳар гоҳ вақту бевақт меҳмони Носирхитой шуда хабар мебурд, халтаи хабар шуда эшони Тошбой, ба хабарҳои нохушаш табъи вайро ҳамеша нохуш ва хотирашро ноосуда мекард. Ғазабаш меомад, ваъдаашро дар назди эшони Тошбой ба ҷо оварда наметавонист. Агар ба ҷои ин ду душмани ҷонаш Ҳоҷи-маҳмуду эшони мулло Мирзо касони дигар мебуданд, Носир-хитой кайҳо онҳоро саришта мекард, натанҳо худашон, балки аҳлу авлодашон нест мешуданд, устухонҳояшон кимкайҳо дар таги хок мепӯсид, рӯи қабрашон як ваҷаб сабза медамид.

Аммо бо як Ҳоҷимаҳмуд, ки вай аллакай ба дили Носир-хитой даҳҳо ханҷар задааст, шармандаю шармсораш гардон-дааст, ҳеҷ кор карда наметавонад.

Дар ин миён боз як ноосудагие дар ҳаёту зиндагии Носирхитой ва ҷумлаи босмачиёни Иброҳимбек ба амал омад. Дастаҳои аскарони сурх дар ҳама ҷо онҳоро таъқиб мекарданд, ҷои осудан, бехавфу хатар барояшон наемонд. Йигитҳои онҳо, қумандонҳои обрӯмандашон кушта мегаштанд. Дар деҳаҳо, зодгоҳи худашон душманҳояшон беш гашта. Ҷои хоб, ҷои пинҳон гаштаи онҳоро ба аскарони сурх хабар медоданд, ба дараҷае, ки дар ватанашон барои босмачиёни Иброҳимбек, барои Носирхитой ҷои зист намонда. Маҷбур гашта буданд, ки пас аз амир Олимхон онҳо низ ба хоки Афғонистон гузаранд. Носирхитой низ бо йигитҳояш ҳамроҳи Иброҳимбек аз дарё гузаштанд, дар Афғонистон панаҳ бурданд. Дарёи пуртуғёни Панҷро дар айни баҳор, дар рӯзҳое, ки борон меборид, сел меомад, ҷон ба каф гирифта гузаштанд. Ба мулки бегона рӯ ниҳодан аз ҳама беш баҳри Носирхитой аламовар буд. Дар он сӯи дарё ватан, зану фарзандон. Дилу ҷигараш монда. Аламовар буда барои Носирхитой, ки ба душманаш Ҳоҷимаҳ-муд ҳеҷ коре карда натавонист, дар масҷид, дар назди мардуми деҳаи Нилкон, дар ҳозирии эшони Тошбой рӯ ба қибла қасам ёд карда буд. Ҳоҷӣ аз ӯ дур, дар ватан монд. Шояд рӯзе худи Носирхитой кушта мешаваду душманаш зинда мемонад. Агар ҳамин тавр шавад, вай номурод. Не, вай ба муродаш мерасад. Аз як ҷиҳат, баҳри кушта гаштани Ҳоҷимаҳмуд ва ҳатто эшони домулло Мирзо акнун имкони муносиб омада. Иброҳимбек аз ватан дур, дар мулки Афғонистон. Агар Носирхитой роҳ ёбаду боз як бори дигар ба ватан баргардад, даҳҳо ва ҳатто садҳо касро ҳам ки сар бизанад, ба вай касе чизе гуфта наметавонад. Ҳоҷимаҳмуд ё авлодони вай Иброҳимбекро аз куҷо пайдо карда ба вай арз мекунанд? Худо хоҳад, Носирхитой бо йигитҳояш, албатта, боз аз дарё мегузарад. Дина худи мир Иброҳим-

бек дар ин масъала ҳарф ба миён овард. Номи одамони бисёреро зикр намуд. Онҳоро ном ба ном нависонд. Онҳо душман, хоин, хабаркаш, ҷосус... Онҳоро куштан лозим буда. Ба ҳазрати мир мефаҳмонад, ки ин вазифаро ӯ бо йигитҳояш ба ҷо меорад. Ана бо ҳамин баҳона боз ба Нилкон меравад, Ҳоҷимаҳмудро меёбад, агар сад ҷон дошта бошад ҳам, як ҷонаш намераҳад. Хунашро мелесад, мехӯрад, баъд дилаш таскин меёбад, ба орзуяш мерасад.

Аз ҷониби Иброҳимбек барои ба ватан баргаштани Носирхитой ва гурӯҳи зиёди йигитҳояш фармоиш ба миён омад. Ба ӯ инчунин худи Иброҳимбек чанд варақ коғаз дод. Коғазҳое, ки оддӣ набуданд. Тақдири инсонҳо, ҳукми қатли онҳо дар онҳо бо хату мӯҳр тасдиқ ёфта, ба ҳукми қонун даромада. Ба назари Носирхитой он коғазҳо аз тамоми молу амволи дунё пурқимматтар менамуд. Бо чи ваҳшияте қатли маҳкумшударо ба ҷо меорад, ихтиёраш. Молу амволашонро ҳам тороҷ карда ба аспҳояшон бор мекунанд. Шояд ӯ аз болои аспаш нафаромада ба йигитҳояш фармон медиҳад. Онҳо қодиранд, тавоноанд, ҳарчи ки Носирхитой бихоҳад, ба ҷо меоранд. Молу амволи ба ғанимат омада ба ҳавлии Носирхитой бурда мешаванд. Албатта номи Ҳоҷимаҳмуд дар рӯйхате, ки Носирхитой дар даст дорад, навишта нашудааст. Лекин вай аз ҳама аввал ҳамин одамро мекушад, бале, аз ҳама аввал. Ва баъд бо дили шоду рӯҳбаландии зиёд аз паи адои супориши Иброҳимбек меафтад. Молу амволи Ҳоҷимаҳмуд беҳисоб, худи Носирхитой дидааст. Хонаҳои дарун ба даруни қолинпечи ӯ хуб зебу оро ёфта... Ҳамаи онҳоро худаш ба аспҳо бор мекунад, Худо хоҳад, то мехҳои танаи деворҳои хонаҳои ӯро чида мегирад. Ба ҳамин хел хаёлу орзуҳо Носирхитой чанд шабу чанд рӯз буд, ки аз сарҳади давлати Афғонистон гузашта рӯ ба деҳаи Нилкон асп меронд. Боз мегӯем, ки албатта худаш танҳо не, ҳамроҳи йигитҳояш. Дар ҳамин чанд шабу чанд рӯзе ки Носирхитой бо аҳли рикобаш дар роҳ буд, борон меборид. Ҳаво асло соф нашуд, офтоб намебаромад. Гӯё осмон аз мақсади нопоки Носирхитой огоҳ гашта мегирист, ҳар қадаре ба Нилкон наздиктар мешуд, борон шиддат мегирифт, аз осмон гӯё бо сатилҳо ба замин об мепошиданд. Аспҳо, сараҳо ҳама хастаю монда ва шалпар шуда буданд. Вале Носирхитой дар роҳ, имкони дам гирифтан надошт, намехост, ки фурсат аз даст равад. Вай зудтар ба Нилкон расиданӣ буд. Дар ҳоле Худо хоҳад, ӯ акнун бо Ҳоҷимаҳмуд рӯ ба рӯ меояд, ки аз дасти вай дигар ҳеҷ чи намеояд. Дар ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд, дар деҳаи вай қиёмат меандозад. Дасту пои Ҳоҷимаҳмудро мебанданд, пешан-доз мекунанд, Носирхитой савора, душманаш дар ҳоли забун пиёда, пеши пои вай афтода... Ана ҳамин ҳолро дидан мехоҳад. Бо ҳамин орзуҳо ба сағрии аспаш Носирхитой қамчин меандохт, асп медавид.

Ниҳоят, Носирхитой ба деҳаи Нилкон даромад ҳамроҳи сараҳояш. Роҳу роҳрав, боғу майдонҳои деҳа ваҷаб ба ваҷаб барояш ошно. Ин ҷо дӯстонаш мезиҳанд, эшони Тошбойи пираш... Онҳо бо ҳам вомехӯранд.

– Омадам, пирам, ана омадам, – мегӯяд ба ӯ Носирхитой ва боз меафзояд: – пирам, худатон мегӯед-ку ҳар кор вақту соат дорад, то Худо розӣ нашавад, намешавад. Ана имрӯз, мо кори мехостаамонро мекунем, – Носирхитой хаёлан гӯё бо эшони Тошбой гап мезад. Вай аз назди бинои масҷид гузашт. Ба ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд наздик меомад. Ана ҳамон дару дарвозаи дутабақаи ҳавлии ӯ. Манзиле, ки борҳо ӯ ин ҷо омада, як табақаи дарвоза кушода. Ба он даробаро доштанд, хизматгорҳо, занҳо, одамоне, ки Носирхитой онҳоро намешиносад. Хонаи Ҳоҷимаҳмуд ҳамеша ҳамин хел ҷои даробаро, сермеҳмон, одамони дастархондор. Дар деҳа ӯ барин одами сермеҳмону обрӯманд нест. Лаҳзае лаҷоми аспашро кашид. Ҳамроҳи йигитҳояш ба ҳавлии ӯ даромада, ба сари Ҳоҷимаҳ-муд ҳуҷум оварданӣ шуд. Сараҳояш зиёд, ҳавлии Ҳоҷимаҳ-муд лаболаби савора мешавад, мисле ҷои бузкашӣ, дар китфи ҳама боз камон. Дар миёни ҳар кадом шамшер. Ба Худо, ҳамаи аҳли хонавода талхакаф мешаванд, худи Ҳоҷимаҳмуд ба ҳарос меафтад. Ҳамин тавр мекунанд, ҳоло рӯз барвақт, то торик шудан чандин касро кушта нобуд сохтан мумкин, метавонанд, баъди аз ҳавлиаш бароварда куштани вай боз фурсат мемонад, ки баргашта ҳавлиашро талаю тороҷ кунанд. Баъд ба ҷониби Кӯктош, ба деҳааш роҳ мегирад ва баъд боз аз паи корҳояш меафтад, даст ба бағалаш, ба коғази ҳазрати мир бурд. Аллакай хело лаҳзаҳо буд, ки вай болои асп сукут дошт, фикр мекард, аспаш бетоқатона сумак мезад, гарданак зада лаҷомро мекашид. Сараҳо, ҳам роҳакиҳо, ҳам ҳама аз роҳ бозистода назар ба вай доштанд. Фармонашро ҳама интизор. Носирхитой риши дарози паҳну парешонашро, ки чанд вақт боз фурсати ба он қайчӣ задан надошт ва мисли ботинаш шаби тор барин сип-сиёҳ буд, қабза карда ғарқи фикру хаёлҳо буд. Хаёлаш ба Ҳоҷимаҳмуд, дар хаёле ки чӣ кунад, ба кор шурӯъ намояд ё андаке баъдтар?

– Чӣ кор мекунем? – мепурсиданд чанд нафар ҳамроҳони ӯ.

– Намедонам, – ҷавоб гардонд.

– Тар шудем, – шикоят кард дигаре.

– Ҳеҷ бало намезанад, намемурӣ. – Ба сухани ӯ эътибор надода, ҳанӯз хаёлаш ба Ҳоҷимаҳмуд буд. Фикр мекард, ки Ҳоҷимаҳмуд, агар якбора ба ҳавлиаш даромадани сараҳои беҳисоб ва шахсан худи Носирхитойро бинад, ором намеши-над, сар намефарорад, ба тақдир тан намедиҳад, силоҳ дорад, мепарронад, то ба даст меғалтад, ки чандин касро нобуд месозад, ё шояд рост ба сари худи Носирхитой ҳамлавар мешавад, ҳамин тавр мекунад. то кушта гаштанаш чанд кас-

ро мекушад. Ҳамаашон ошкор мешаванд, фалокат аз таги по мехезад. Фармони Иброҳимбекро бояд ба ҷо биорад, агар шунавад, ки ба ҷои ба ҷо овардани фармони вай ба хонаи Ҳоҷимаҳмуд даромадааст, йигитҳояш кушта гаштаанд, ба сараш бало меояд. Роҳ ҷустан, роҳи куштани Ҳоҷиро ёфтан лозим. Вай ҳоло бояд аввал ба хонаи пираш эшони Тошбой равад, гап гирад, фаҳмад, ки дар деҳа чи гапу ҳарф. Худо хоҳад, баъд аз паи кор меафтад...

Носирхитой лаҷоми аспашро сар дод, ба биқини асп бо неши мӯзаҳояш маҳмез зад, саворaҳо ҳама роҳакӣ шуданд. Аз паси дарвозаи Ҳоҷимаҳмуд гузаштанд, ба тангкӯчаи хонаи эшони Тошбой даромаданд. Аз тангкӯча ба-зӯр як асп роҳ меёфт. Имрӯз ҳам ин тангкӯча ба ҳамин ҳол боқӣ мондааст, гардиши танг, мисли ҳамон рӯзҳо. Носирхитой пеш-пеши саворaҳо буд.

Носирхитой боз дар ҳамон ҳавлии барояш ошно, дар меҳмонхонаи эшони Тошбой. Эшони Тошбой, як марди харобаи қадпаст, Носирхитойро дида аз шодмонӣ намедонист ӯро дар куҷои меҳмонхонааш нишонад, мехост дӯсти ба дил наздикашро агар илоҷ ёбад, дар ҷои ҷонаш ҷой кунонад. Носирхитой дар меҳмонхонаи эшони Тошбой бо чанд нафар наздиконаш ҷойгир шуд.

Аз шаб хело мегузашт. Дар ин мобайн фиристодаҳои Носирхитой, ки онҳо ҳама аҳли деҳаи худи Ҳоҷимаҳмуд буданд, ба хонаи ӯ рафта омаданд, ба Носирхитой хабар оварданд, гуфтанд, ки Ҳоҷӣ дар ҳавлиаш, меҳмон доштааст. Меҳмононаш йигитҳои боз кадом як дастаи босмачиён. Онҳоро гусел карда дар боломанзараш нишаста будаааст, мошина мегардондааст, либосҳои фармудаи дастаи босмачиёни Раҳмондодхоҳро медӯхтааст. Аз рӯи маслиҳати эшони Тошбой ҳамон шаб қотилони Ҳоҷимаҳмуд – Носирхитою чанд нафар ҳамроҳон – мукаррабони наздикаш пинҳонӣ ба ҳавлии як ҳамсояи девор дар миёнаш, ки ӯ низ дар масъалаи қатли Ҳоҷимаҳмуд кайҳо бо онҳо забон як карда буд, омадаанд. Дар боломанзари чӯбкории ӯ, ки ба боми хонаҳои Ҳоҷимаҳмуд, нигас ба нигас часпида буд, маскан гирифтаанд. Қарор доданд, маслиҳат карданд, ки шаб ё қариби саҳар Ҳоҷимаҳмудро дар ғафлат мононда ба ҷои хобаш зада медароянд. Бо ҳамин мақсад Носирхитой ва ҳамроҳонаш тамоми шаб нахуфта аз боломанзари ҳамсояи Ҳоҷимаҳмуд берун нашуда, чун гурбаҳо ба сӯи хонаи Ҳоҷимаҳмуд гӯш медоданд. Қарор доданд, ки амали дастгир кардани Ҳоҷимаҳмудро айни субҳ, пеш аз азони намози бомдод ба ҷо меоранд. Аз ин нақшаашон ҳамаи йигитҳои Носирхитой хабардор карда шуданд. Бо наздик омадани мавриди муайяншуда, йигитҳо аз қушхонаҳо баромаданд. Шаб торик буд. Ҳанӯз ба мисле ки аз осмон бо сатилҳо об мепошида бошанд, борон меборид. Шаб мисли дили сиёҳи «меҳмонон»-и нохондаи оншабаи деҳаи Нилкон тира ва

ваҳмовартар гашта. Бо вуҷуди торик будани шаб босмачиёни Носирхитой дар кӯчаю паскӯчаҳои ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд пас–паси деворҳо, поида-поида роҳ мерафтанд. Мисли калтакеласҳои танаи девор худро ба кулуху коҳгилҳои деворҳо ҷафс намуда, вақаб ба вақаб ба пеш мехазиданд. Паси дару девор чуқурию обкандае намонда буд, ки қотилон камин нагирифта бошанд. Ташвишу таҳлука ва ҷонканиҳои ин қадар одами беҳисоб аз баҳри дастгир намудани як мард, ҳама фармон гирифта. Худи ӯ аз торҳои танидаи душман бехабар, бепарво. Он шаб саҳар мешуду Ҳоҷимаҳмуд ҳам мижа таҳ накарда. Аз меҳмонхона берун нашуд. Ӯ дар чи хаёлу андешаҳою душманаш дар чи фикрҳои зиште. Ҳоҷимаҳмуд ният дошт, то саҳар ҳамаи либосҳое, ки барояш фармуда буданд, дӯхта тайёр кунад. Шаби сиёҳ гӯё ба саҳар меомаду Ҳоҷимаҳмуд паи либосдӯзӣ буд. Либосҳои пора кардаашро медӯхт, як дарзашро дӯхта шуда, боз дарзи дигареро зери сӯзан мемонд. Вай мошина мегардонду паси дару деворҳои меҳмонхона қотилонаш ғун меомаданд. Аз боломанзари ҳамсоя роҳ гирифта буданд онҳо ба кулбаи Ҳоҷимаҳмуд, рӯ-рӯи бом сина бо хок ниҳода ба пеш сӯи меҳмонхонаи Ҳоҷимаҳмуд мехазиданд. Болору дастакҳо, танаи деворҳоро дошта болои бом мебаромаданд. Ба гӯши Ҳоҷимаҳмуд танҳо садои гардиши мошинааш меомад, садои дигаре намешунид. Қотилонаш вақаб ба вақаб ба сари ӯ наздик мешуданд. Инак пеши назарашон дари даромади меҳмонхона. Он ҳам муддаои дили қотилон боз. Ҳоҷимаҳмуд бо умеди аз ҳавои баҳор хуб баҳравар гаштан ҳар ду табақаи дари онро ба пушт кушода монда... Ва Носирхитой пеш-пеш, даҳ нафари дигар дар як мижа задан рӯ ба даруни хона давиданд. Ҳаёҳуй бардошта буданд ҳама. Бо забони тоҷикию ӯзбакӣ «гир, дор, ушла» мегуфтанд. Дар дасти қариб ҳар кадоме банд, чилбури пашмин. Дастони Ҳоҷимаҳмудро, ки ӯ ҳанӯз сарфаҳм намерафт, чи ҳодиса рух медиҳад ва фурсати ба атроф назар андохтан ҳам намеёфт, ба пушт тоб доданд.

– Хез, пеш даро! – фарёд задани Носирхитой Ҳоҷимаҳмудро ба худ оварда. Ҳоҷимаҳмуд, ки дар ғафлат монда буд, барояш дигар илоҷе намонда. Марг ба сари ӯ омада. Номардона амал намуда Носирхитой. Марди номард, аз сояи Ҳоҷимаҳмуд тарсида мегаштагӣ одам.

– Ҳоҷимаҳмуд, – рӯ ба рӯи ӯ меистод Носирхитой. Дастҳои кӯтоҳ-кӯтоҳаш паси пушт мағрурона давом менамуд: – Гуфта будам, ки мебиёям, вомехӯрем, – боз таъкид намуд: – Ана дидӣ, ҷӯра, омадам. Ба берун кашед, занед! – Ба йигитҳояш фармон дод. – Чӣ хомӯшед? Нашунидед чӣ гуфтам, занед!!

Ҳоҷимаҳмудро ба пеш тела доданд, одамони бисёр, миёни онҳо монда буд Ҳоҷимаҳмуд. Ба сараш бо мушт мезаданд, бо лағат мезаданд ӯро. Носирхитой дигар куҷо будани душма-нашро муайян карда

наметавонист. Ӯ ҳанӯз фурсати аз меҳмонхона берун шудан наёфта буд, ки овози доду фарёд, дашномдиҳии йигитҳояш аз рӯи ҳавлӣ ба гӯшаш меомад. Ҳоҷимаҳмудро аз боломанзар ба поён фароварда бурданд. Қиёмате дар он субҳгоҳӣ дар рӯи ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд. Хизматгорҳо, занҳо, фарзандон, хешовандон, модари бузургвори ӯ Моҳи Мулло ҳама гирёну нолон.

– Чӣ мекунед хонасӯхтаҳо бачама? Ҳоҷимаҳмуд, балам, Ҳоҷӣ, – модар тарафи фарзандаш медавид.

Ҳоҷимаҳмудро аз дарвозааш ба берун баровардаанд. Йигитҳои пиёдаи Носирхитой пой ба узангӯи аспҳояшон монданд. Дастони Ҳоҷимаҳмудро бо чилбурҳои пашмӣ ба пеш бастанд. Аз ду тараф савораҳо нӯки чилбурҳоро ба қоши зин баста «чӯ, ҷонвар, ҳа, чӯ», гӯён онҳоро рӯ ба роҳ гардонданд. Бо баланд гаштани овози азон аллакай дар он пагоҳирӯзии бармаҳал кӯча ва гирду атрофи масҷид пури одам шуда буд. Ҳама ҳодисаи гӯшношуниду рӯзи сиёҳи ба сари Ҳоҷимаҳмуд овардаи Носирхитойи ваҳширо пеши назар медиданд, медиданд, ки худи ӯ савори ҳамон аспи номии сафедаш. Гоҳ пешпеши савораҳояш асп медавонд, гоҳе лаҷоми аспашро кашида рӯ ба Ҳоҷимаҳмуд меовард, гӯё ӯро сазо медод. Одамон гирёну нолон аз пасаш меомаданд, ҳисобашон лаҳза ба лаҳза зиёд мегашт. Дашном медод баъзеи онҳоро Носирхитой, мезад, қамчин мебардошт ба сарашон, онҳоро парешон менамуд, болои сарашон аз камон тир холӣ мекард, мардумро метарсонд. Аз чашмони ҳозирон ҳисси норизоӣ, кину ғазаб ҳувайдо буда, мардум ба шӯр, ба қиём меомадагӣ барин. Шояд баҳри Ҳоҷимаҳмуд харҳаша ба миён меомад. Носирхитойро онҳо гӯё намешинохтанд, салом намедоданд, дар даст таёқу дангал, шоха доштанд. Носирхитой ба сарашон давид, пеши роҳро бо чанд нафар банд намуд, мардумро аз роҳ гардонд, қасам ёд кард, ки агар боз по пеш монанд, якояк тирборон мешаванд. Пеши камондорон, пеши савораҳои хунмасти чашмонашон аз косахонаи сар бурун шуда одамони пойбараҳна, камбағалони бебизоат, бесилоҳ чӣ ҳам гуфта метавонистанд, ноумед, як-як ақиб мегаштанд, мерафтанд.

Аз масҷид андаке дур рафта, аз назди мазори Шоҳтут гузаштанд. Шоҳтутҳои болои мазорро дар ким – кадом замоне шинондаанд, чаро ин ҷои муқаддасро мазори Шоҳтут мегӯянд, имрӯз ҳам баҳри мо номаълум. Кӣ медонад дар кадом асре чи шахси бузург, авлиё, хизматкарда, соҳибназаре ин ҷо хок шудааст. Шояд аз туфайли дарахтони шоҳтут, ки баъзешон хушк ҳам шуданд, ин ҷои муқаддасро мазори Шоҳтут номида-анд. Дар айёми хурдсолиамон мо болои онҳо мебаромадем. Шоҳтутҳои сип-сиёҳ, ширин, асалин. Ҳоло атрофи мазорро девор бардоштаанд, он ба ҳавлие ҳамроҳ шуда. Вале ҳанӯз, ҳам ин ҷои муқаддасро мазори Шоҳтут мегӯянд, аз назди мазор чун гузори

касе афтад, албатта аз роҳ бозмеистад, ба рӯҳи бузургвор фотиҳа мехонад.

Ва он рӯзи баҳор, ки абрҳои сиёҳ болои осмони деҳаро пӯшида, борон меборид, аҳли деҳа, аксар марду зан аз паси Ҳоҷимаҳмуд то ана ҳамин ҷо, то мазори Шоҳтут омаданду баъд аз ҳарос ҳама ақиб гаштанд. Аммо танҳо як нафар, марди қоматбаланде, ки дар сар салла, дар тан чакмани пашмини сафеди дароз доштанд, паҳлу ба паҳлуи Ҳоҷимаҳмуд қадам мемонданд. Ҳоҷимаҳмуд сар ба қатори аспҳо медавид, монда шуда, гӯё забон аз ҳалқаш берун гашта. Ба сараш борон мерехт, сар то қадам, либосҳояш шип-шилтаи об, ҳанӯз ба худ, ки буд роҳ мерафт, пешпо хӯрда меафтод. Об нӯшидан мехост, дилу ҷигараш бирён. Аммо ку об, обе, ки хуб бинӯшаду бинӯшад, ташнагиаш бишканад. Марди қоматбаланди ҳамро-ҳаш буда ҳам бо ӯ дар азоб, бо афтодани ӯ гӯё эшон ҳам меафтоданд, пешпо мехӯрданд, қамчинҳои сараҳо, ки гоҳи пешпо хӯрда афтодани Ҳоҷимаҳмуд ба сараш мефаромад, ба сари он кас низ меомад, «ӯҳ, оҳ» мегуфтанд бо ҳар зарбаи қамчине, ки ба сари Ҳоҷимаҳмуд меомад... Аз назди мазори Ҳазрати Хӯҷарӯшноӣ, ки дар даромадгоҳи қабристони болои деҳа ҷойгир шудааст, гузаштанд. Барои он асрҳо боз манзили ашхоси бузургворро мардум мазори Ҳазрати Хӯҷарӯшноӣ мегуфтаанд, ки шабҳои ҷумъа болои хокдони эшон нӯкча сӯхта рӯшноӣ медодааст. Ва баъд Ҳоҷимаҳмудро ҳам ҳамон рӯзҳо ҳамин ҷо дар дохили мазори Ҳазрати Хӯҷарӯшноӣ ба хок супурдаанд.

Саворон, Носирхитойи бераҳму ҷоҳил Ҳоҷимаҳмудро, ки аз пой афтода буд, рӯ-рӯи замин кашола карда аз назди мазори Ҳазрати Хӯҷарӯшноӣ ва баъд аз подаҷо, ки он вақт подаи аҳли деҳа ҳамин ҷо дар болои деҳа ҷамъ мешуд ва бегоҳиҳо мардум гову молҳояшонро аз ҳамин ҷо аз сари пода гардонда хона-ҳояшон мебурданд, гузаронда, аз деҳа берун шуданд. Марди қоматбаланд, ки дар сар саллаи сафед доштанд, ҳанӯз бо Ҳоҷимаҳмуд ҳамроҳ. Ба ҷуз эшон дигар касе аз мардуми деҳа ҳамроҳи Ҳоҷимаҳмуд намонда. Носирхитой гоҳе лаҷоми аспашро назди он кас кашида тамасхуромез бо мард ҳамгап мешуд.

– Дар умрам нав одамеро мебинам, ки худаш сӯи маргаш, барои кушта гаштанаш медавад, ҷабр ба ҷони худаш мекунад, – ва бо ҳайрат аз мард боз суол мекард: – Ё дурӯғ мегӯям?

– Рост мегӯед, бандаро ҳам кушед. Ҳамроҳи Ҳоҷимаҳмуд. Якҷоя бо вай мемирам, шумоҳо бераҳм, беинсоф, номусулмон, – овози эшон баланд мегашт.

– Эшони домулло Мирзо, ба худ биоед, тоқатамонро тоқ кардед. Аз ҳад нагузаронед, медонам, ҳамаи инҳо, – ба саворонаш ишора кард, – шуморо ҳурмат мекунанд, «пирам» мегӯянд. Лекин ман худам

шуморо мекушам, Худо занад, мекушам, – қасам ёд намуд ва боз аз сари ҷаҳлаш гашта биафзуд: – Аз роҳатон гардед, равед. Агар намераведд, ҳамин ҷо шуморо мепаронам, калимаатонро арза кунед, – Носирхитой камонро аз китфаш гирифт, ҳамаи сараҳо аспҳояшонро нигоҳ доштанд. Ҳоҷимаҳмуд ҳам ба по шуда буд, рост меистод. – Эшони домулло, ба шумо гап дорам, – гуфт ва эшони домулло Мирзо наздики ӯ шуданд. – Ҳар гуноҳе карда бошам, маро бахшед, салом гӯед ба ҳама, ба модарам, – оҳиста ба гӯши писарҳолааш боз пичиррос зад. – аз таги ахтахона бохабар шаветон, ризқи фарзандонам, аҳли аёлам, васиятам ҳамин, равед, аз марги шумо чӣ суд? Аз якҷоя мурданамон нафъе намешавад, равед, равед... – суханони охири Ҳоҷимаҳмуд дар гӯши эшони домулло Мирзо садо медоданд, фармоишашро бояд ба ҷо меоварданд. Ноилоҷ буданд. Носирхитой ба гапу ҳарфи эшони домулло Мирзо ва Ҳоҷимаҳмуд гӯш медод, таъкиди Ҳоҷимаҳмуд дар гӯшаш монда, ки мегуфт: «аз таги ахтахона бохабар шавед».

Эшони домулло Мирзо бо дидаи ашкбор, дилу ҷигари бирён ақиб, рӯ ба ҷониби деҳа оварданд. Сараҳо Ҳоҷимаҳ-мудро аз сари кӯҳтал рӯ ба нишеб мебурданд. Ҳаво тираю тор, рӯзи равшан гӯё шаб шуда, борон меборид, гӯё ба ҳоли Ҳоҷимаҳмуд табиат мегирист, замину замон торикистон мегашт, садои тундар, чироғак, олам, осмон дар ларза, рӯзи марги Ҳоҷимаҳмуд буда он рӯз, рӯзи тираю тори баҳори соли 1925.

Эшони домулло Мирзо аз кӯчаҳои деҳа гузашта ба хонаи Ҳоҷимаҳмуд мешитофтанд. Назди масҷид расида дудила шуданд. Ба масҷид дароянд ё ба кулбаи худашон баргарданд. Ба хонаи Ҳоҷимаҳмуд даромадан барояшон душвор менамуд. Он ҷо ҳама нолон, ҳама дар ғами ҷони Ҳоҷимаҳмуд. Ба аҳли хонавода, ба модари Ҳоҷимаҳмуд – Моҳи Мулло чӣ ҷавоб мегӯянд?

Бо сари хам, бо дидагони ашкбор беихтиёр ба ҷониби хонаи Ҳоҷимаҳмуд қадам монданд. Аз дарвоза дохили ҳавлӣ шуданд, ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд мотамкада. Хонаҳо, пешайвонҳо пур-пури одам. Гӯё кулли занҳои деҳа ба ин ҷо баҳри аҳвол-пурсӣ омада буданд, хизматгорон дар рӯи ҳавлӣ зери борон қадам мезаданд.

– Бачам канӣ, эшони домулло? Ҳоҷимаҳмудама, бачама куҷо бурданд? Ҳамроҳ будед, канӣ Ҳоҷӣ? – Моҳи Мулло рӯймоли калони сиёҳ ба сар партофта гӯё аллакай дар ғами ҷигарбандашон менолиданд, «баламой» мегуфтанд ва гашта баргашта аз эшони домулло Мирзо мепурсиданд, «бачама куҷо бурданд, эшони домулло, ҳамроҳ будетон-ку», гап занед.

Аммо эшони домулло Мирзо назди модар хомӯш буданд, сухане намеёфтанд, ки ба он кас бигӯянд, таскину тасаллиашон бидиҳанд. Васияту ҳасрати Ҳоҷимаҳмуд дар хаёл сӯи ахтахона назар андохтанд.

Аз афташ он ҷо тиллою тангаҳои Ҳоҷимаҳ-муд, «аз таги ахтахона бохабар шавед» гуфтани ӯ ба ҳамин маънӣ будагист. Ҳавлӣ пури одам, назди одамони беҳисоб, дар рӯзи равшан белу каланд гирифта замин кананд, мардум мебинанд. Шаб мекананд, шаби торик, касе набинад, ҳа, ҳамин тавр мекунанд, ҳоло ғами ҷони Ҳоҷимаҳмудро бояд хӯранд, «Ҳоҷимаҳмуд» гӯянд.

Ҳанӯз мардум, аҳли деҳа аз ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд берун нашуда, ҳанӯз эшони домулло Мирзо ба модари Ҳоҷимаҳмуд чи гуфтану чи сухан ба забон оварданашонро намедонистанд, пеши назарашон фоҷиа, фоҷиаи ба сари писарҳолаашон омада дар ҷилва буд, ки боз ба гӯшҳо садои суми аспҳо, садои ҳаёҳӯи сараҳо.

– Омаданд! – Касе аз дарвоза даромада хабар расонд.

– Омаданд?!

– Эшони домулло, паноҳ шавед, ба ҳавлии ҳамсоя гузаред тез, зуд, – боз таъкид мешуниданд. Вале эшони домулло Мирзо аз ҷои истошон намеҷунбиданд, баъди аз сар рафтани Ҳоҷимаҳмуд барояшон ҳаёт, зиндагӣ дигар гӯё маънӣ надошт.

– Эшони домулло, панаҳ шавед, – модари Ҳоҷимаҳмуд талаб доштанд аз он кас.

– Панаҳ шавам? Боз чӣ кор кунам? – Эшони домулло Мирзо заҳрханда доштанд.

Ҳар ду табақаи дарвоза шараққосзанон боз гашт. Сараҳо мисли сел-сели пурдаҳшат аз дарвоза ба даруни ҳавлӣ меомаданд, ҳама човандоз, бузакиҳо барин, ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд гӯё пайкаҷо. Ҳама ҳайёҳӯй доштанд. Пеш-пешашон боз ҳамон марди хунхор. Чашмони чун пилишки сӯзан танг-тангаш суп-сурх, пурхун, ҳозирон ба либосҳои вай назар дӯхта, ба тааҷҷуб афтода. Дар сари ӯ саллаи пешоварии хуб, моҳирона бастаи Ҳоҷимаҳмуд, дар танаш ҳамон ҷомаи шоҳии абри тахта-тахта сурху сафеди вай. Либосҳои Ҳоҷимаҳмудро дар тани Носирхитойи хунхор дида дили эшони домулло Мирзо ба замин зад. «Ҳайфи Ҳоҷимаҳмуд, сад ҳайф», пичиррос заданд беихтиёр. Маълум, хунмастон, аллакай хуни ин марди ҷасурро рехта, вайро даррандавор ба қатл расонида, ба мақсади нопокашон ноил гашта боз ба рӯи дӯкони ӯ, назди аҳли айёл, назди модари зораш баргашта буданд.

Носирхитой аз асп пиёда шуда, банди дастаи қамчинро ба банди дасташ андохта бо нӯки қамчин ба соқи мӯзааш топ-топ зада ҷониби модари Ҳоҷимаҳмуд, ки бо дидагони ашкбор аз қотили фарзандаш дида намеканд, қадам мемонд. Назари модар ба Носирхитой, ба саллаи сар, ба ҷомаи тани вай, ҷомае, ки модар худаш ба тани Ҳоҷимаҳмуд пора карда ва дӯхта буд. Чашмонаш сиёҳӣ заданд. Ба хаёлаш ки фарзандаш баргашта, ҳа, ана худи худаш, дар сараш ҳамон

саллааш ва дар тан ҳамон ҷомааш, фарзанди модар сиҳат саломат баргашта. Дигар аз ин рӯзи хуш ва шодиовартаре баҳри модар насиб мешавад? На, шукр, ана фарзандаш – Ҳоҷимаҳмудаш боз дар хона, ҷонибаш меояд, сиҳат аст. Хомӯшона бо сари хам қадам мемонд, модар фидои ӯ мешавад, фидои фарзанди номдор, фидои Ҳоҷимаҳмуд.

– Ҳоҷимаҳмуд, омадӣ? Тарсидам, талхакаф шудам, ман бе ту рӯз набинам, биё, бачам, Ҳоҷимаҳмуд, бачам, – модар беҳушона сар ба сандуқи синаи қотили фарзандаш ниҳод, ҷомаи тани ӯро бӯид, бӯи фарзанд, бӯи Ҳоҷимаҳмуд, ҷомаи ҷигарбандаш дар тани қотили вай.

– Ҳоҷимаҳмуд, ҷонакам Ҳоҷимаҳмуд! Талхакаф шудам, ба Худо, ҷон аз танам баромад, – модар сар аз оғӯши қотили фарзанд набардошта, беҳушона ба қаду басти ӯ мемурду мезист, – Ҳоҷимаҳмуд, гап зан, чаро хомӯшӣ?

Ниҳоят модар аз қотили фарзанд ҷавоб шунид. Ба сараш тозиёна паси тозиёна омад.

– Кампири беақл, гум шав, ман бачаи ту не, бачата куштам! – Фарёд зад. Модар афтод, беҳуш, беёд, сараш болои пойҳои қотили фарзанд. Баъд касе пеши роҳи Носирхитой дучор меомад, қамчин мехӯрд, аз миёни ҳавлӣ аз камон ба осмон паи ҳам тир холӣ мекард Носирхитой. Носирхитой бо йигитҳояш хонаи Ҳоҷимаҳмудро талаю тороҷ кард. Бору бун, чизу чора, кулли молу мулки вайро аз хонаҳои дарун ба берун бароварда ба аспҳо бор карданд. Ва Носирхитой «аз таги ахтахона бохабар шавед» гуфта ба домулло Мирзо таъин кардани вайро шунида будааст. Бо фармоишаш даҳҳо нафар белу каланд дар даст замини ахтахона, охурҳои аспҳоро канданд. Дороии васият кардаи Ҳоҷимаҳмуд пайдо гашт. Аз таги замин чанд кӯза ёфтанд, кӯзаҳои тангаю тилло. Тангаю тиллоҳои Ҳоҷимаҳмудро бурданд.

Носирхитой, сараҳои ҳамроҳи ӯ, дар он рӯзи ҳавои пурабр, ки ҳанӯз борон меборид, бо бору буни зиёд, бо тангаю тилло аз хонаи Ҳоҷимаҳмуд, аз деҳаи Нилкон бурун рафтанд.

Лек мегӯянд, ки баъд воқеае рух дода. Носирхитой ба аҳли рикобаш аз деҳаи Ҳазрати Мавлоно баромада рӯ ба дарё мерафтаанд, дар пеш дарёи Кофарниҳон, дарёро бояд мегузаш-таанд. Аммо натавонистаанд. Ҳамаро дарде гирифта. Носир-хитой қомат рост карда натавонистааст, дардаш ҷонгудоз, дарди шикам, дард ба шикамаш чанг андохта. Пахш мекарда-аст шикамашро ба қоши зин. Вале миёнаш рост намешуда. Мефаҳмад, дарк менамояд, ки рӯҳи Ҳоҷимаҳмуд аз ӯ ранҷида, пушт ба пушти вай эшону эшонзода. Дард лаҳза бар лаҳза зиёд гашта бедавотар мешуд Носирхитой.

«Тавба кардам, Ҳоҷимаҳмуд, маро бубахш, Ҳоҷимаҳмуд», аз зӯри дарди ҷонгудоз доду фарёд мезадааст он хунхор. Бо умеди раҳо ёфтан аз дард ақиб мегардад. Лаҷоми аспро аз нав ба ҷониби деҳаи Нилкон

мегардонад, меояд ба ҷое, ки Ҳоҷимаҳмудро ба қатл расонида буд. Сари мурдаи ӯ аз асп пиёда мешавад, фӯтааш дар гардан, замин мебӯсад, тавба мекунад. Лек ба ҳеҷ гуна чораю тадбир Носирхитой дигар аз дард ба худ намеояд. Ба хонааш расида наметавонад. Хешовандон пас аз чанд рӯз мурдаи ӯро пайдо мекунанд.

* * *

Рӯз бегоҳ шудаву чашми рӯз кушода нагашта, борон аз боридан намонда, шаб шуда. Модари Ҳоҷимаҳмуд мижа таҳ намекард. Аз болои ҷойнамоз намехест, намоз мехонд, ба даргоҳи Худованд барои рӯзи сахти ба сараш омада шукр мегуфт, тавба мекард, гоҳе аз хона берун шуда ба осмон назар меандохт. Ва ниҳоят абрҳои сияҳ аз осмон парешон гаштанд. Ҳаво соф шуд, ситораҳо дар осмони нилгун мавҷ мехӯрданд. Ва рӯз шуд, саҳар омад, офтоб рух намуд. Ҳаво софу беғубор. Ба гуфтае ҳавои бад нек мешаваду одами бад нек намешавад. Ҳама, хешовандон, аҳли деҳа маҳтали саҳар буданд, маҳтали софу беғубор гаштани осмон, маҳтали рух намудани офтоб. Ҳама ба ҷустуҷӯи Ҳоҷимаҳмуд баромаданд. Медонистанд, ки қотилон фурсати ӯро ба дуриҳои дур бурдан наёфтаанд. Эшони домулло Мирзо ҳамроҳаш то сари кӯҳтал омада. Аммо баъд ба кадом гӯшаи замин бурдандаш? Намедонистанд. Бисёриҳо бо эшони домулло Мирзо сари кӯҳтал, рӯ ба қибла, ба ҷонибе меистоданд, ки Ҳоҷимаҳмудро ҳамон сӯ мебурданд. Пеши назар дашту биёбон, талу теппа, дар дуртар дараи Ойтуғдӣ, баъд сангоби Лойоб. Аз афташ он рӯз охирҳои моҳи май буда. Модари Ҳоҷимаҳмуд Моҳи Мулло дар ҳаққи фарзанд сӯхта-сӯхта шеърҳо гуфтаанд. Як байт аз он рӯзҳо монда, онро аз забони писарholаам эшони Акрамхон, ки синашон қарибе ба навад расида-аст, шунидам.

Ҳоҷиро бурданд сар-сари гули гандум,
Шаҳидуш кардан(д) дар заминҳои мардум.

Аз рӯи гуфтаҳо хардума сар кашида, алаф то ба миён расида, дар баъзе ҷойҳо қарибе одамро панаҳ мекарда. Ҷасади Ҳоҷимаҳмудро аз миёни ҳамин гуна алафзорон меҷустанд, ваҷаб ба ваҷаб пеш мерафтанд аз миёни алафҳо, қатор шуда то лаби сангоби Меҳтарӣ рафта меомаданд. Нишоне аз Ҳоҷимаҳмуд пайдо намешуд, ӯро қотилон дар ин ҷойҳо накушта гӯё ҳамроҳ бо худашон бурда буданд. Не, ин андешаҳо ғалат. Саллаю ҷомаашро дар тани Носирхитой дида будандку.

Рӯзи баҳор бегоҳ шуда аз масҷид овози азони намози аср баланд гашт. Мардум хастаю ноумед шуда намозхонӣ ба деҳа бармегаштанд.

Баъди намози шом ба деҳа хабар омад, ки ҷасади Ҳоҷимаҳмудро ёфтаанд. Подабони деҳа бобои Комил пайдо намуда. Қотилон вайро ба ҷои дур набурда будаанд. Андаке дуртар аз деҳа, дар болои кӯҳтал, миёни замин дар таги дарахти тут паронда будаанд. Тути ягона дар миёни замин, кӣ ва кай онро шинонда? Кӣ заҳмат кашида, об дода, онро сабзонда? Касе ёд надошта. Аз рӯи тахминҳо агар Ҳоҷимаҳмудро охири баҳори соли 1925 дар зери ин тут кушта бошанд, аз он рӯзҳо беш аз 80 сол мегузарад. Дар давоми ин ҳаштод сол ва пеш аз он чи рӯзҳое ба сари ин тути ягонаи миёни дашт наомада.

Баҳору тобистон, зимистонҳои қаҳратун, фаслҳои беҳисоби солро аз сар гузаронда. Паррандаҳо дар шохаҳои он лона гузошта, ҷои осудан ёфта. Гунҷишкаконе, ки аз ҷойҳои дур рӯ ба деҳа парвоз мекарданд, албатта сари шохаҳои тут нишаста, осуда, дам гирифта, чириккириккунон дар ҳаққи касе, ки ин тутро шинонда дуои нек карда. Инсонҳо дар зери ин дарахти ягонаи миёни дашт чи амалҳо ба ҷо наоварда. Кош он ба забон меомаду аз кирдори онҳо ҳикоят мегуфт, аз ҷумла аз рӯзи бороние, ки Ҳоҷимаҳмудро дар зери он куштанд. Хуни гарми ӯ рӯи алафҳо, бехи решаҳои тут ҷорӣ гашта. Баъд дар баҳорон дар ҷое, ки хуни Ҳоҷимаҳмуд рехта буд, ҳар сол гиёҳе мерӯид, гиёҳи сурх, онро қиёқи сурх ҳам мегуфтанд. Гиёҳ аз хуни Ҳоҷимаҳмуд сурхӣ ёфта. Хуни шаҳид, мардум ин ҷойро зиёрат мекарданд. «Ҳоҷимаҳмуд марди назаркарда, дараҷадор», мегуфтанд.

Дар замони Ҳукумати Шӯравӣ, дар солҳои колхозӣ пастию баландӣ, решаҳои сари заминҳоро ҳамвор мекарданд, ҷои қатли Ҳоҷимаҳмуд, теппачаи зери тут ҳам бо мақсади васеъ шудани замини кишт, ҳамвор карда шуд. Гиёҳҳое, ки аз хуни Ҳоҷимаҳмуд ранг гирифта буданд, бо решаҳояшон аз рӯи замин сутурда гаштанд. Солҳои охир ба сари ҳамин тути ягонаи миёни дашт ҳам чандин балоҳо омада. Дар солҳои нооромӣ, низоъҳои байниҳамдигарии тоҷикон он тирборон ҳам шуда. Оташи барӣ ба бехи кундааш афтода, қариб то ними танаи тут сӯхтааст, вале ҳанӯз шохаҳои тут сабз, дар баҳорон он ғарқи барг мешавад.

Соли 1990 асри гузашта чанд қадам поёнтар аз ҳамин дарахти тут, ки онро тутак ҳам мегӯянд, барои нашриёти «Адиб» қариб як гектар замин гирифта будем. Хоҷагии ёрирасони аҳли нашриёт. Дар он картошка, помидор ё гандум мекоридем, боғи ангур ва себзорон бунёд гашт. Аммо баъде, ки колхоз дар ихтиёри силоҳдорон монд, бо фармони қумандони онҳо Бобои Раҳмон – Раҳмон Гитлер замини нашриёт ба аҳли деҳа тақсим карда шуд. Дар гирду атрофи замини тутак хона, боғу майдонҳо пайдо шуданд. Замини тутак, ки як вақте дар баҳорон, дар зери он фарзанди боору номус, далеру тавонои деҳа Ҳоҷимаҳмуд кушта шуда буд, ба деҳа ҳамроҳ гашт. Бобои Раҳмон –

Раҳмон Гитлер замини тутакро барои бунёди масҷид ҷудо намуд. Аз рӯи гафтааш ин дарахти ҷабрдида – тутак бояд миёни саҳни масҷид ҷой меёфт. Вале баъд мардум ин пораи заминро ҳам азони худ карданд. Дарахти тути дар гузашта дар миёни дашт ягона – тутак миёни дарахтон ба назар нонамоён гаштааст, як вақте мазор будани он фаромӯш шуда. Шояд онро бурида аловӣ ҳам мекунанд. Одамон ҳамин хеланд, носипос, беандеша, худхоҳ, нишонаҳо, ёдгориҳои гузаштаро ҳам барҳам медиҳанд.

Он рӯзи баҳор ҷасади ба хун оғуштаи Ҳоҷимаҳмудро аз зери ҳамин дарахти тут ба деҳа бурданд. Ва аҳли деҳа Ҳоҷимаҳмуди шаҳидро дар дохили мазори Ҳазрати Хӯҷарӯшноӣ ба хок супурданд.

Имрӯз аз Ҳоҷимаҳмуд фарзанд ҳам намонда, як фарзанди ӯ, ки Эмом ном дошта, яке аз муаллимҳои аввали ҷамоаи Роҳатӣ будааст, ихтиёран ба ҷанг рафта дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳалок гаштааст. Мардум гоҳе гап дар масъалаи шараф, нангу номуси аҳли деҳа равад, номи Ҳоҷимаҳмудро ба забон меоранд. Дар ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд, чи хеле гуфта будем, дар паси девори масҷид ҷойгир аст, аввал яке аз хешовандони наздики ӯ, набераи Моҳи Мулло муаллим Саъдуллои Ислом мезист. Баъд ӯ бо аҳли оилааш аз деҳа рафт. Алҳол дар деҳаи Мачитон мезиҳад. Синну солаш қарибе ба сад расида. Фарзандони баркамол дорад. Якеи онҳо Шумсулло, фарди ба аҳли илм маълум, олими намоён. Ӯ дар шӯъбаи маориф ва илми Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон адои вазифа дорад. Дар ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд имрӯз бобои Яҳё зиндагӣ мекунад. Марди фақирҳол, соҳибэҳтиром, соҳиби хонаю дари обод ва фарзандони солеҳ. Эҳтиромашон ба гузашта зиёд, ҳавлиаш ба назар ӯ ҷои муқаддас менамояд, ба назари завҷааш ва фарзандонаш ҳам. Ҳоҷимаҳмуд модари ӯ Моҳи Муллоро бо дуо, бо фотиҳа ёд мекунам.

* * *

Русҳо дар пешона чашм надоштаанд, одамхур ҳам набудаанд. Гуфтаҳои беҳуда дар ҳаққи онҳо ғалат. Камбағалпарвар буданд, ба мардум меҳрубон. Бою муллоҳо душманашон. Онҳоро меҷустанд, аҳли деҳаи Нилкон аксар муллою эшон, одамони аҳли савод, аҳли тақво. Баъзеи ин зумра одамон аз деҳа ба ҷойҳои ба хаёлашон орому осуда, бехавфтар кӯч мебас-танд. Деҳаҳо ва маҳаллаҳои ӯзбекнишин барояшон аз ҷумлаи ҷойҳои бехавфтар ҳисоб мешуданд. Ба замми ин қавми лақай, ки аксар дар ҳудуди ноҳияи ҳозираи Рӯдакӣ мезистанд, ба эшону муллоҳо эътиқод ва эҳтиром доштанд, аҳли дин, эшону муллоҳоро «пирам» мегуфтанд, мепарастиданд, ба онҳо паноҳгоҳ медоданд.

Ҳамон сол беш аз даҳ оила аз деҳа кӯчида ба деҳаҳои лақайҳо раф-

танд. Аксарашон ҳамроҳи қавми лақай монданд, дигар ба деҳаи Нилкон барнагаштанд.

Ду нафар шоирони ӯзбекзабон Зикруллохон ва Неъматҷон Иброҳим, ки дар рӯзномаи «Совет Тоҷикистони» кор мекарданд ва китобҳояшон нашр шудаанд, ва адиби Ӯзбекзабон эшони Тавакалхон аз ҷумлаи фарзандони аҳли деҳаи Нилконанд, ҳамон солҳои ноором волидайнашон кӯчида ба деҳаҳои қавмҳои лақай рафта буданд.

* * *

Эшони домулло Мирзоро душмани ҳукумат ҳисобида буданд. Гуноҳашон вазнин, дар Бухоро хондаанд, мударрис. Шогирдҳо доштаанд, аз дину аз шариат дарс мегуфтаанд, мардум бероҳа мешудаанд. Он касро ба ҳабс гирифтанӣ буданд. Аммо наметавонистанд, мекофтанд. Шогирдонашон аввал эшони домулло Мирзоро ба деҳаи ҳамсоя ба Теппаи Самарқандӣ, баъд андаке дуртар, ба деҳаи Оқтоқ бурданд. Дар миёни деҳаи Оқтоқ ва Нилкон, чанд теппа ва заминҳои дараи Ойтуғдию сангоби Лойоб. Барои аз ҷониби офтоббаро, аз сангоби Лойоб гузашта ба деҳаи Оқтоқ даромадан кӯҳтали баландеро баромада, баъд онро нишеб шудан лозим буд. Дар поёни кӯҳтал деҳа. Дар ду тарафаш теппаҳо ва дар фарози баландиҳо хонаю ҳавлиҳо. Дар миёни деҳа масҷид. Дар паси девори масҷид, наздики дари даромади он чашмаҳои оби мусаффо, чашмаҳое, ки тамоми аҳли деҳа аз ҳамин ҷо об мебурданд, гову молҳояшон низ аз ҳамин ҷо об мехурданд. Беоб буд деҳа, деҳаи камаҳолӣ. Деҳаи Оқтокро Деҳқонхона ҳам мегуфтанд. Мардум бештар ба ғаллакорӣ машғул буданд. Дар канори теппаҳо боғҳояшон, боғҳои ангур, палаккорӣ ҳам пешаашон, тарбузу харбузаҳои лалмӣ қанд барин ширин мешудаанд. Аҳли деҳа хурсанд буданд, ки эшони домулло Мирзо барин як уламои машҳур Оқтокро ҷои истиқомат ихтиёр кардаанд. Эшон панҷ вақт намози онҳоро хонда медоданд, имомхатибашон. Эшони домулло Мирзо саъй доштанд, ки ба деҳаи Оқтоқ омаданашон овоза нашавад, вале наметавонистанд. Овоза ба бисёр деҳаҳои дур ҳам расида буд. Пурсида – пурсида мардум ба ин ҷо меомаданд. «Ҳазрати домуллоро зиёрат кунем», мегуфтанд. Боз дар наздашон шогирдон, сабақ меомӯзонданд ба онҳо. «Аз мусофирати эшони домулло фоида бурданамон лозим», гӯён мардуми деҳаи Оқтоқ низ аз илму фазилаташон баҳраманд шудан мехостанд, ба гуфтае ҳазрати домулло забони каҷи бисёриҳоро рост мекарданд. Одате доштаанд эшон, ки дар ҳар шароите бошад ба мардум, ба шогирдон илм омӯзондан мехостанд. Мардуми Оқтоқ аҳли оила, фарзандони домулло Мирзоро ҳам кӯчонда ба деҳаашон оварда буданд. Лек хаёли он кас доимо ба Нилкон, ба деҳа, ба масҷид, ба мазорҳои деҳа. Деҳае, ки дар он бисёр зотҳои пок хок шудаанд. Мазори Ҳазрати

Сайид Шоҳабдулатиф ва боз чанд нафар ҷигаргӯшаҳои дигари Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, дар саҳни масҷид, Чилламазор, мазори Шоҳтут, мазори Хуҷарӯшноӣ. Эшони домулло гоҳо бо хаёли зодгоҳашон ва мазорҳои он пеш аз намози бомдод ё баъди намоз кӯҳтали деҳаро боло шуда, сари кӯҳтал баромада рӯ ба ҷониби офтоббаро, рӯ ба Нилкон меоварданд. Аз деҳа, аз ҷониби офтоббарои осмони софу беғубори нилгун дида намеканданд, тулӯи офтобро тамошо мекарданд. Пеш аз рух тофтани офтоб осмон сурхчатоб, зарди пурҷило, ба мисли аловдаста ранг пайдо мекард. Баъд нурҳои офтоб падид омада, пардаҳои рангин пора мегардиданд, нопадид мегаштанд. Офтоб мебаромад, олам аз нурҳояш зебо мегашт, ибтидои рӯзи нав, тавлиди боз як рӯзи нави умри инсонҳо. Болои Нилкон ҳам нурҳои офтоб парешон гашта, он ҷо манзил, ҳавлӣ, хонаҳои эшон. Дари хонаҳо қуфл, дарвозаи ҳавлиашон ҳам. Аз ҳарос аҳли хонадон ҳама аз ҳавлӣ баромадаанд. Касе дигар дарҳои хонаҳоро намекушояд. Гову молҳо беалаф, беоб мемонанд, гоҳе хешовандон ҳамсояҳо ба онҳо шояд нигоҳубин мекунанд. Вафодории сагҳо маълум. Саги пирашон Бахмал ва Сиёҳак гӯё хонабон. Баъзан бехӯрок, беобу нон ҳам ки монанд, аз ҳавлӣ берун намераванд. Болои боми ошхона мебароянд, он ҷо ҳалқа мезананд, хоб мераванд, посбонҳои бовафои ҳавлӣ. Ин ҷонварҳо аз рӯзи сиёҳи ба сари соҳибонашон омада огоҳ. Сагҳо дар азоб, ҳайф. Соли дуюм мегузарад, ки дар азобанд. Саги пир хароб, пашми баданаш қарибе ба замин расида, дароз шуда. Нилкон наздик, вале он ҷо рафта намешавад. Силоҳдорон гирди деҳаҳо мегарданд, сари роҳи одамонро мегиранд. Муллою эшонҳоро мечӯянд. Нилкон наздик, сари роҳаш гӯё мор, душман хоб рафта.

Ҳоли масҷид ва мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатифро тасаввур мекарданд эшони домулло Мирзо. Кайҳо боз аз масҷид дигар овози азон баланд намешавад. Муаззини масҷид амаки Эшонча гоҳе аз ҷонаш гузар карда аз баҳри савоб азон мегуфт. Ӯро ҳам бурда хубс кардаанд. Саҳни васеи сабзазори масҷид камодам, ба зиёрати мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф, ки пеш, хусусан рӯзҳои чоршанбе аз деҳаҳои дуру наздик одамони бисёре меомаданд, акнун касе намеояд. Рӯзҳое ки дари масҷидро намекушоянд, намоз хондан дар масҷид, азон гуфтан, мазорро зиёрат кардан гуноҳи азим. Ин сиёсати ҳукумати Шӯроҳо дар рӯзҳои мо низ нисбат ба масҷиду намозгузорон давом меёфт. Соли 1958 мардуми деҳа пул ғун оварда ҷои деворҳои гашта ба замин яксон шудаи атрофи саҳни масҷидро бо хишт девор бардоштанӣ шуданд. Ба кор шурӯъ намуданд. Роҳбарони колхози «Роҳатӣ», кормандони шӯрои ҷамоа аз ин амали мардуми деҳаи Нилкон бохабар шуда ба воҳима афтоданд. Аз тарси он ки дар ноҳия хабар ёфта барои ин амали мардуми деҳаи Нилкон ба ҷазо гирифтор

нашаванд, ба масҷид булдозеру трактор оварданд. Деворҳои гирди масҷидро бо булдозер, бо ин мошини азими афсонавӣ ба хок яксон карданд. Хиштҳо зери чархҳои булдозер орд-орд шуданд. Ва боз гӯё фармоиш буда, ки масҷидро ҳам гардонанд. Мардум, ки дар он пагоҳирӯзӣ дар саҳро паи чобуқи пахта буданд, ин хабарро шунида, ҳама белу каландҳо дар китф ба деҳа шитофтанд. Пирамард эшони Искандархон худро пеши бели булдозер партофтааст. Халқ дар ғазаб, ҳама ба шӯру ошуб омада. Ҳама рӯ ба Душанбе оварданд, пушти дари Кумитаи Марказии ҳизби коммунисти ҷумҳуриро гирифтанд. Мисли корпартоӣ – митинг. Аз Кумитаи Марказии ҳизб ҳамон лаҳза роҳбарон, намояндагон, ҳамроҳи милисаҳо, аскарон ба деҳаи Нилкон омаданд. Бо як азоби алиме мардуми ба шӯр омадаро ором кунонданд. Аз Кумитаи Марказии ҳизб Набиев ном шахс роҳбари намояндагони ҳукумат ва ҳизб будааст. Имрӯз ҳам мӯйсафедон номи ӯро ба забон меоранд.

* * *

Аҳли деҳаҳои ҳамсоя ва деҳаҳои дури дур ҳам ба деҳаи Оқтоқ ба хабаргирии эшони домулло Мирзо меомаданд. «Ҳазрати домуллоро бинем, зиёрат кунем», мегуфтанд. Муридон дар атрофашон ғун омада даме он касро танҳо намегузоштанд. Ҳавлии Боймуҳаммади Оқтоқӣ аз пою қудуми эшони домулло Мирзо серодам ва сермеҳмон. Мардум «ҳазрати домулло мусофир шудаанд», гӯён муҳибу меҳрубон тарашон гашта буданд.

Он рӯзи гармои тобистон хонаҳои Оқтоқиён тагу рӯ карда мешуд. «Эшони Мирзо, домулло канӣ?» истинтоқ мешуданд баъзеҳо. Аҳли деҳа ноором, ноосуда, дар азоб... Албатта дар он лаҳзаҳое, ки одамони ҳукумат ба деҳа даромада, кӯча ба кӯча, хона ба хона он касро мепурсиданд, эшон ҷой дигар накарда ҳамин ҷо, дар Оқтоқ буданд. Ҳама медонистанд. Аммо ҷои пинҳоншудаи эшони домуллоро намегуфтанд, намехостанд, ки аз деҳаи онҳо домулло Мирзо дастгир шаванд. Ҳазрати домулло моро гуфта ба Оқтоқ омадаанд, боз коре нашавад, ки ягон кас ҷояшонро гӯяд. Эҳтиёт мешавем, эҳтиёт, ба ҳамдигар мардум таъкид мекарданд.

Аммо нафаре буд аз аҳли деҳа, ки паи ошкор сохтани ҷои пинҳоншудаи домулло афтода. Ӯ марди маибе, чулоқ. Чулоқи Зубайдулло мегуфтанд вайро. Дар миёни мардуми деҳа ягона одаме, ки ба гапи одамони ҳукумат даромада, мехост ҷои пинҳоншудаи домуллоро аниқ намуда хабар диҳад. Ба вай пул, инъомҳои зиёде ваъда карда будаанд. Чулоқи Зубайдулло аз паи иҷрои супориш афтода буд. Бо як азобе дар ҳамон лаҳзаҳои гармои рӯз худашро кашида сари кӯҳтал, ба ҷои баландие баромад. Паси хору буттаҳои янтоқ дароз кашид,

пинҳон шуда рӯ ба дару девор, ба хонаҳои аҳли деҳа овард, ки аз ҷои панаҳбурдааш кулли ҳавлию хонаҳои аҳли деҳа чун дар рӯи каф намоён буд. Кӣ рӯи ҳавлӣ мегашт, кӣ дари кулбаашро мекушод ва ё тори бому болои болохонааш мебаромад, ҳамаро чулоқи Зубайдулло медид. Вай куҷо будани домулло Мирзоро муоина дошт. Инак ана ӯ он касро дар ҳавлии Боймуҳаммад дид. Дид, ки эшони домулло аз дари кулбае берун шуданд, зинаро аз назди дари оғил гирифта тана ба девори болохона гузоштанд. Ва баъд бо як азобе худро ба даруни алафхона кашиданд. Ин манзараро дида ба вай гӯё Худо дод. Саросема рӯ ба қишлоқ овард, кӯҳтали баландро нишеб шуд, гоҳе пои маибашро ба замин монда натавониста яклинга роҳ мерафт, аз як кӯча ба кӯчаи дигар гузашта, дастаи аскарон, онҳоеро, ки ҳама ҳавлӣ ба ҳавлӣ, хона ба хона сар халонда эшони домулло Мирзоро меҷустанд, мекофт, куҷо будани онҳоро мепурсид, кӯҳрии аз роҳ кордча ёфтагӣ барин аз дидани ҷои панаҳбурдаи домулло Мирзо ниҳоят шод буд. Зудтар хабар расонда, мукофотро соҳиб гаштан мехост. Ниҳоят онҳоро ёфт, хело пичир-пичир кард, наздиктари дарвозаи Боймуҳаммад рафт, болохонаеро, ки эшони домулло панаҳ шуда буданд, нишон дод.

Аз рӯи нишондоди чулоқи Зубайдулло се нафар бо зинапоя ба болохона баромаданд, дарзаҳои алафро аз рӯи эшони домулло Мирзо гирифта он касро аз болохона ба поён фаровардand. Рӯи ҳавлии Боймуҳаммад аллакай пури аҳли деҳа шуда буд. «Домуллоро ёфтанд, дастгир карданд, кори нохуб шуд, барои мо ҳама аҳли деҳа айб», мегуфтанд одамон ва гӯё барои рух додани ин ҳодиса худро гунаҳкор меҳисобиданд. Эшони домулло Мирзо назди он се нафар марди либоси ҳарбипӯш, ки эшонро аз болохона пешандоз карда ба рӯи ҳавлӣ оварда буданд, бо сари хам меистоданд. Ҳоли раҳмоваре. Сару рӯй, ришу бурутҳои мошубиринҷашон пури хас, ба лабҳои яктаҳи дарози сабзи танашон низ хасу хорҳо часпида. Ба марди руси харобаи қоматбаланде, ки ӯ калони аскарони аз шаҳри Душанбе омада буд, раиси колхоз Карими Баъдӣ ва муовини ӯ Шарифи Бердӣ дар масъалаи эшони домулло Мирзо ким-чӣ мегуфтанд, ба ӯ мефаҳмонданд, ки гунаҳгор нестанд. Одами обрӯманд. Соҳибилм, қувваи ҳофизаашон қавӣ, зеҳнашон тез, Қуръони Каримро сар то охир аз ёд медонистаанд. Китобҳои бисёре хондаанд. Мислашон дар водии Ҳисор набуда.

Раиси колхоз ва тамоми аҳли деҳаи Оқтоқ аз марди рус хоҳиш карданд, ки эшони домулло Мирзоро ҷавоб бидиҳад. Лек ӯ ин хоҳиши онҳоро ба ҷо оварда наметавонист. Вай ҳам аз ҷони худаш метарсид. Эшони домулло Мирзо дар назди ҳукумат одами сиёҳшуда, душмани ҳукумат ҳисоб меёфтанд, гуноҳҳои бисёре ба сарашон бор. Ба ҳар ҳол марди рус бо хоҳиши мардум дар ҳаққи эшони домулло Мирзо некӣ

кард. Ҳамон рӯз, он касро пешандоз карда ба Душанбе – ба ҳабсхона набурд. Ба ҷои он кас раиси колхоз Карими Баъдӣ ва боз ду нафар фаъолони колхоз кафолат доданд, ҳамроҳи одамони ҳукумат ба Душанбе – ба ҳабсхона роҳ гирифта як шаб ба ҷои эшони домулло дар маҳбас хуфтанд, то лаҳзаҳое, ки рӯзи дигар эшони домулло Мирзо худашон вориди ҳабсхона шуданд. Ва баъд Карими Баъдӣ ва дигар Оқтоқиёнеро, ки ба ҷои он кас кафил шуда буданд, ҷавоб доданд.

* * *

Дар ёдам монда, ки падарам маро ҳам гоҳ-гоҳе ҳамроҳашон Душанбе мебурданд, Душанбе, ки имрӯз ҷои кор ва ҷои зисти фарзандон ва аҳли хонаводаамон аст. Савора ба шаҳр мерафтем, аспакӣ, банда дар қанҷиғаи падарам. Он солҳо аз деҳаи мо то шаҳри Душанбе мошин намегашт ва роҳи ҳамвору мошингард ҳам набуд. Аксаран, аспакию харакӣ роҳ мегирифтанд ба шаҳр мардум. Роҳе, ки имрӯз бо мошин дар бадали 10-15 дақиқа тай мешавад. Он вақт хело дароз ва тӯлонӣ менамуд ба назарам. Баъди аз миёни деҳаи Теппаи Самарқандӣ ва сангоби Меҳтарӣ гузаштан се кӯҳтали паи ҳам, ки онҳоро қулча ҳам мегуфтанд, пеш меомад, роҳи пурчангу хок, хок то ба зону. Улавҳо боазоб роҳ мерафтанд, онҳое, ки харакӣ буданд, азобашон зиёд. Хар хоки гармро дида гӯё ҳавасаш меомад, фукашро ба замин бурда хокро бӯй мекашиду бӯй ва баъд хоб мекард. Бори хар агар ангур мебуд, ҳама хирбич мегашт. Сабати ангур таги шиками хар монда умеду орзуи соҳиби онро бар бод медод. Ӯ бо ғазаб бо халачӯб ба сару гардани хар мезад, аммо бефоида, хар аз ҷояш наме-ҷунбид, гӯш меҷунбонду сар. Илоҷ, ки наемонд, роҳакиҳо чандкаса бори харро фароварда, баъд боазоб онро аз ҷояш мехезонданд. Ҳамин тавр роҳи онрӯзаи мо ба Душанбе дар тобистон пурхок, дар баҳору зимистон лой, пуразоб буд. Аммо дар баҳорон лой ҳам ки мешуд, ба ин роҳ рӯ овардан барои ҳама, алалхусус баҳри банда хуш меомад. Қад-қади роҳ, дар саҳроҳо, заминҳои то ба таги теппаҳо доман паҳнкардаи ду канори роҳ, ки то шаҳри Душанбе расида буданд, сабза ва майсаи гандум дамида, гулҳои лола ва гулҳои ранги баранги бисёре шукуфта. Осмони болои дашт софу беғубор, нилгун, офтоб баромада, гӯё болои гулу гиёҳҳо рангрезӣ мекард, селаи парандагон аз болои дашт дар парвоз… Банда то ба баландиҳои теппа баромада, гул мечидам, нигоҳам ба гулу сабзазорон, ба дуриҳои дур, ба осмони софу беғубор. Аз дур дар миёни дашт дарахте намудор мегашт, дарахти ягона дар миёни дашт. Онро мардум садаи Маликшоҳ мегуфтанд. Дар кадом солҳое он садаро дар ин дашти беобу бедолу дарахт Маликшоҳ ном шахсе шинонда, нигоҳубин карда, дар рӯзҳои гармои тобистон об кашонда, ба он об дода, садаашро сабзон-дааст. Баъд он мард куҷо шу-

да, фавтида, албатта, фарзандонаш низ дар олам намонда, лек аз ӯ ҳамин сада монда, сада ба номаш, садаи Маликшоҳ.

Мо-бачаҳои хурдсоли он рӯзҳо дар баҳорон бо ин роҳ барои тамошои Иди Май ба Душанбе рӯ меовардем. Либосҳои идона ба бар мекардем, ҷомаи нав – ҷомаи беқасаб мепӯшидем, аз болои ҷома рӯмол мебастем, токии гулдӯзӣ ба сар мениҳодем. Ҳама хурсанд ба тамошои Иди Май мешитофтем. Ҳам ҳангоми ба шаҳр рафтан ва ҳам дар бозгашт аз шаҳр ҷои дамгириамон зери сада буд. Рӯзҳои гармои офтобӣ саъй мекардем, ки як бало карда худро ба сояи сада расонем. Он вақт ду нафар бародарон аз деҳаи Мағмуруд як амали савобро ба ӯҳда доштанд. Бо навбат дар машкҳо аз Мағмуруд об меовардаанд ва ба роҳгузарҳое, ки дар айни гармои рӯз ба миёни дашти ба назар беохир, ба зери садаи Маликшоҳ расида, дар сояи он менишастанд ва ташна ҳам буданд, бародарон коса-коса оби сард медоданд, дуои хайр мешуниданд. Имрӯз, албатта он бародарони савобҷӯй дар қайди ҳаёт нестанд. Лекин мардум онҳоро бо некӣ ёд меоранд.

Садаи Маликшоҳ дар миёни дашт ҷои осудан ва «дамгирӣ»-и ҷуку ҷонварҳо ҳам буд. Шохсорони сада қариб ҳамеша ҷои гунҷишкакон, аз шохе ба шохе парида чирик-чирик мекарданд. Бозори парандагон, садои дилкаше. Роҳгузарҳо ба он садоҳо гӯш медоданд. Ва парандагон низ гӯё ба рӯҳи Маликшоҳ дуои хайр мегуфтанд.

Ҳикояте шунидаам. Дар деҳа бобои Комил ном шахсе буд. Умраш ба подабонӣ гузашта, подабони колхоз. Дар замони пеш аз Ҳукумати Шӯравӣ – хизматгори дари бое будааст. Боре бой дар айни бегоҳирӯзӣ, ки барф меборидааст ва айни чилаи зимистон будааст, ба Комил мефармояд, ки Душанбе равад, номаеро ба як хешованди ӯ расонад. Комил илоҷе надоштааст, пиёда ба роҳ мебарояд. Боридани барф шиддат ёфта, шамол барфҳоро ба чашму рӯяш мезад. Комил аз миёни дашти пурбарф роҳ мерафт, ӯ қариби намози хуфтан ба назди садаи Маликшоҳ расида, ба селаи гургон дучор меояд. Гургон сӯяш медаванд, Комил ба танаи сада мечаспад, ба болои он мебарояд, то рӯз аз сада фаромада наметавонад, гургҳо гирди сада ғун омада, чашм ба тӯъмаашон, ба Комил. Ҳамин тариқ саҳар меояд. Бозоракиҳо аспакию харакӣ дар роҳ пайдо мешаванд. Гургҳо рӯ ба гурез меоранд. Бобои Комил ба туфайли садаи Маликшоҳ аз марг мераҳад, Маликшоҳ гӯё ба ӯ ҷон мебахшад. Як умр ҳамин қиссаи аз марг халос хурданашро бобои Комил ба ҳама мегуфт. Ва ӯ низ тамоми умр дар дашту биёбонҳо дарахт мешинонд. Бобои Комил кайҳо бо ин олам падруд гуфтааст. Лек дар роҳҳо, миёни дашту канори ҷӯйҳо дарахтони шинондаи ӯ мондаанд. Чинорҳою садаҳояш калон шудаанд. Ҳисоби чинорҳояш хело зиёданд, ҳамаи онҳоро сада ё чинорҳои бобои Комил мегӯянд.

Дар замони Ҳукумати Шӯравӣ канали калоне канда, аз дарёи Кофарниҳон об оварданд. Канали Роҳатӣ мегӯянд онро. Оби канал то ба шаҳри Душанбе ҷорӣ гашта. Акнун дар роҳи деҳаҳои мо ва Душанбе, дар миёни дашт садаи Маликшоҳ дарахти ягона нест. Дар атрофи садаи Маликшоҳ садҳо дарахтон сабзидаанд. Ҳама ҷо дарахтзор. Дар ин ҷо деҳаи сераҳолие пайдо шудааст, деҳаи навбунёд Сада номидаанд. Лек чарои деҳаи Маликшоҳ не? Хуб мебуд, ки деҳа ба номи ҳамин марди савобҷӯ гузошта мешуд. Деҳаи Маликшоҳ.

Дар ёдам монда, ки ҳамроҳи падарам гоҳе аз роҳи онрӯзаи садаи Маликшоҳ гузашта аспакӣ ба Душанбе мерасидем. Аз кӯчаҳои шаҳр мегузаштем. Падарам бо дастаи қамчин ба гулгаштҳо, ба иморатҳои баланд ва ҳавлиҳо ишора карда, аз чи маҳалу биноҳо будани онҳо ба банда ҳикоят мегуфтанд. Ва баъд лаҷоми аспро кашида зери лаб ояте аз Қуръони Маҷид тиловат мекарданд. Баъд даст ба дуо бурда омин мегуфтанд ва банда ҳам бо ҳайрат ба падарам пайравӣ намуда «омин» мегуфтам. Барои он тааҷҷуб мекардам, ки падарам ба мисле ки аз назди мазор, гӯристоне мегузаштанд, ки рӯ ба биноҳои баланду гулгаштҳо оят мехонданд ва ба замми ин дар он лаҳзаҳо чеҳраашон ғамгин мегашт, аламашон меомад. Оҳи ба дард мекашиданд.

Сабабашро баъд гуфтанд, ба ёд оварданд ҳамон рӯзҳоеро ки он касро аз деҳаи Оқтоқ Душанбе – ба ҳабсхона оварда буданд.

Пеш аз омаданашон ба маҳбас аллакай кулли маҳбусон огоҳ шуда буданд, ки эшони домулло Мирзоро меоранд, ҳама ба истиқболашон баромаданд ва шӯре хеста. «Наход эшони домулло Мирзо ҳам дастгир шуданд. Мардум он касро пинҳон карда натавонистанд?» тааҷҷуб мекарданд ва ба худ ҳарф мезаданд. Дар маҳбас ҳама аз паси эшони домулло Мирзо намоз мегузоштанд, рӯзҳои ҷумъа ё Иди рамазону қурбон ҳазорҳо нафар ғун меомаданд. Эшони домулло Мирзо пешво, имомашон. Русҳо аз он ки маҳбуси нав овардаашон миёни мардум ин қадар обрӯю эҳтиром доштааст, ба ҳайрат афтоданд, медиданд, ки бо «Аллоҳу акбар» гуфта хам шудани он кас ҳазорҳо нафар хам мешуданду сар ба сағда бурда боз сар мебардоштанд, рост мешуданд. Ва ҳамон марди русе, ки ҳангоми дар деҳаи Оқтоқ дастгир шуданашон дилсӯзона хору хаси ришу рӯяшонро чида, аз соҳибилм ва соҳибмартаба буданашон ҳикоятҳо шунида буд, он касро дар маҳбас «болшой командир» ном дода буд. Падарам гулро дӯст медоштанд, гулпарвар буданд. Дар ҳавлиамон гулҳои садбарги гуногунранг шинонда, худашон онҳоро нигоҳубин мекарданд. Ва ҳоло ҳам дар ҳавлиамон ва дар баъзе ҳавлиҳои аҳли деҳа нишонае аз гулҳои он кас мондаанд. Рӯзҳои дар маҳбас буданашон падарамро ҳамон марди руси шиносашон ба гулпарварӣ, нигоҳубини гулҳои назди маҳбас вобаста кардааст. Забони гулро медонистанд, ҳисоби онҳоро зиёд карда кано-

ри роҳу роҳравҳо гул шинондаанд, бехи онҳоро бо белу каланд нарм карда, об медоданд, шохаҳои гулҳоро бурида, қаламча карда, онҳоро шинонда, аз пагоҳ то бегоҳ бехи буттаҳои гул меҷунбиданд. Дар роҳу роҳравҳои маҳбас гулҳои ранги ба ранги зиёде сабзондаанд.

Марди руси шиносашон ҳам гулро дӯст медоштааст.

Боре дар рӯзҳои дар маҳбас будани эшони домулло Мирзо ҳодисае рух медиҳад, ки баъди он марди рус он касро беш аз пеш эҳтиром мекардагӣ шудааст.

Дар наздикиҳои маҳбас мезистааст, ҳавлӣ доштааст ӯ. Рӯзҳои баҳор будааст. Тифли хурдсолаш бо ҷӯраҳояш миёни алафҳо бозӣ, давутоз мекардааст. Ана дар ҳамин ҳангом ӯро мор газидааст. Модари писарак дасту похӯрда шуда, чӣ карданашро намедонистааст. Духтури маҳбас ҳам куҷое рафта, набудааст, ӯро ҷустаанд, наёфтаанд. Ҳоли писарак ба танг меомадааст. Касе гуфтааст, ки эшони домулло Мирзо табиб ҳам ҳастанд, дуо хонда заҳри морро аз тани тифл берун карда метавонанд, ба он кас муроҷиат кунанд, фурсатро аз даст надиҳанд. Ноилоҷ монда будаанд. Он кас хоҳиши онҳоро рад карда натавонистаанд, эшони домулло мефармоянд, дар хонаи хоби тифл ба ғайр аз бурёе дигар чизе нагузоранд. Бурёро миёни хона густурда моргазидаро рӯи он хоб кунондаанд баъд ба дуохонӣ шурӯъ намудаанд, дам нагирифта бо як зарб дуои дам мехондаанд. Аз ҷой наҷунбида, нахеста чи қадар болои сари писараки рус дуои дам хондаанд, намедонистанд. Ва ниҳоят вақте расида, ки море ки писаракро заҳр зада будааст, пайдо шуда ҳалқа зада сип-сиёҳ гашта афтода аст. Писарак аз марг наҷот меёбад.

Имрӯз ҳам мардум аз деҳаи Нилкон номи эшони Султон, аз деҳаи Рангон номи набераи эшони Калон ва аз деҳаҳои Тангаӣ ва Оқтоқ боз чандин номҳоро зикр менамоянд, ки онҳоро мор газида будаасту бо даму дуои падарам шифо ёфтаанд ва мор бо афсун наздашон пайдо мешуда. Мор ҳам афсун дошта.

Падарам дар он лаҳзаҳое, ки лаҷоми аспро кашида рӯ ба биноҳою гулгаштҳо фотиҳа мехонданд, мегуфтанд, дар вақташ ҳар шаб садҳо одамонро ба ин ҷойҳо оварда мефармудаанд, ки баҳри худ гӯр кобанд ва баъд паронда мешудаанд. Онҳоро якҷоя, рӯи ҳам гӯр мекардаанд.

Ёд меоварданд, ки ҳар шаб, баъди қарори пои мардум маҳбусонро дар саҳни маҳбас қатор мекарданд, як-як номҳояшонро хонда аз дарвоза мебаровардаанд ё ба аробаҳои рӯйпушида савор мекарданд, эшони домулло Мирзо ҳам дар қатори одамон ҳозир, вале чун номашон зикр намеёфтааст, дар ҷои исташон мемондаанд, боз ба кулбаҷойхобашон бармегаштаанд. Ба гуфтае ҳар шаб дар қатор истода ҳазор бор аз ҳаёт дасту дил мешустаанду боз ба танашон ҷон омада, зинда мемондаанд.

Як шаби торик, ки ҳаво пурабр буд, борон меборид, номи эшони домулло Мирзо низ хонда мешавад. «Мирзои Мирҳайдар» ном мебаранд, «ман», мегӯянд, вале ба пеш қадам монда наметавонанд. Пошиканак мешаванд, забонашон баста. Пеш меоянд ду нафар, тела додатела дода эшони домулло Мирзоро ба ароба бор мекунанд. Дар ҳамон шаби борон, онҳоро ба ҳамин ҷое, ки ҳоло рӯ ба бинои баланд, даст ба дуою фотиҳа кушода буданд, меоранд. Пой ба пой баста мешаванд қатори ба назар беохири одамон. Ва дар ҳамин ҳол ба дасти ҳар кадоме бел медиҳанд, мефармоянд, ки барои худ гӯр кобанд. Онҳо ҳама гӯр канданд. Баъд садои баланд гаштани тир, як-як одамон паронда мешуданд. Эшони домулло Мирзо ҳам лаби гӯр, дар лаби чуқурии баҳри худашон канда бо як азобе ба по меистоданд, калима арза мекарданд, калимаи шаҳодат дар забон навбат мепоиданд. Ана дар ҳамин ҳангом диданд, ки ду-се нафар пайдо шуданд, давида омада буданд, ки сахт-сахт нафас мекашиданд. «Эшони домулло Мирзо, Мирзои Мирҳайдар» мешуниданд номашонро. Якеи онҳо ҳамон марди руси қоматбаланди шиносашон, ҳамоне, ки тифлашро дуои дам хонда буданд. Ӯ коғазе дар даст дошт, коғази сафед. Бандро аз пойҳои эшони домулло Мирзо кушоданд, аз лаби хандақ ба наздаш овард он касро марди рус. Коғази дасти ӯ коғази сафед-фармони аз маҳбас ҷавоб шудани эшони домулло Мирзо. Он коғаз дар даст ба маҳбас, назди ҳамроҳон баргаштанд. Дилашон майле дошт, ки то саҳар ҳамроҳи маҳбусон – дӯстон бимонанд ва дар он шаби тор, ки борон ба барф бадал гашта буд, барф меборид, ба куҷо рафтанашонро ҳам намедонистанд. Аммо ҳамроҳон ба эшони домулло Мирзо таъкид дошта анд, ки ягон нафас таъхир накунанд, ҷавоб ки шудаанд, ҳар чи зудтар аз маҳбас бароянд, раванд. Касе бо забони нимтоҷикию нимрусӣ мегуфт: «Эшони домулло, зуд бошед, ҷавоб, ки доданд, равед, давлат приказ дорад, боз отказ дорад, равед».

Эшони домулло Мирзо дар он нимашабии қаҳратуни зимистон, ки барф замину замонро сафед карда буд ва боди сахт мевазид, бо дӯстон хайрухӯш карданд, дӯсташон марди руси қоматбаландро ба оғӯш кашиданд ва аз ӯ изҳори миннатдорӣ намуда, аз дари маҳбас берун шуданд.

* * *

Дар он пагоҳирӯзии чилаи зимистон, ки ҳаво соф шуда, хунукӣ дараҷа ба дараҷа боло гирифта, ба гуфтае сангҳоро мекафонд, кураро дар батни модар ях мебандонд, фарде пиёда рӯ ба деҳа оварда. Аҷаб тамошое дошт дар назари он шахс деҳа. Дашту саҳро, майдонҳо ҳама ҷо сап-сафед, болои бому дарҳо бо барф пӯшида шуда. Ҳанӯз дар осмони софу беғубори нилгун ягон-ягон ситораҳо мавҷ мезаданд.

Ситораҳо дар он лаҳзаҳои хунуки қаҳратун гӯё яхпораҳои рангин, нурбор, пурчило буданд, ки аз боми осмон овезон шуда. Ситораҳо мисли қатраҳои оби тилло ба замин чакида, дар осмон кам монда. Осмони дуру гуҳарбор. Бому дарҳои пасту баланди деҳа, дарахтон пардаи ҳарири сафед ба бар карда. Барф зеби бомҳо, дашту даман, кӯҳу барзан, зебоии олам. Вале хунук. Мард – эшони домулло Мирзо, як фарзанд – як дилбанди деҳа, Нилкон деҳа – зодгоҳашон.

Чанд гоҳе аз он дур буданд. Замоне дар Оқтоқ зистанд, баъд бандӣ – дар маҳбас рӯз гузаронданд. Имрӯз озоданд, варақи сафеди озодӣ дар ҷайбашон. Ҳарчи тезтар ба деҳа, назди қавму ҷамъ ҳозир шуданианд. Чи хуш мебуд агар ба мисли солҳои пеш дари масҷид боз мебуд, аввал ба масҷид медаромаданд, мардумро дар намози саҳар дармеёфтанд, вомехӯрданд.

Дар масҷид канори саҳни базебу ҳамвор ва васеи он мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф. Дари мазор ҳам баста. Қуфл. Нигоҳубин карда намешаванд. Масҷид, мазори ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф бӯи вайрона гирифта.

Агар ҳоло Худо насиб бинаду эшони домулло Мирзо ба деҳа дароянд, аввало ба масҷид даромада, мазори валии замонро зиёрат мекунанд, муроду орзуяшон буд. Дар дил орзу мепарваранд, ки Худо банда бигирадашон, дар поёни қадамҳои Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф хокдон ёбанд. Солҳои дур аз деҳа, дар Бухоро хондан ва чанд соле зиндагӣ ихтиёр намудаю дар мадраса дарс гуфтан, ранҷу риёзат бурданҳо ҳамин хаёли ширин дар дилашон. Намози аҳли деҳаро ҳамроҳашон мехонданд, имомхатиб – пешвояшон буданд ва чун баъди адои ҳар намозе аз дари масҷид рӯ ба офтоббаро ба мазори ҳазрат берун мешуданд, даст ба рӯ мебурданд, дуо мехонданд, мурод металабиданд. Ҳоло ҳам рӯҳи поки Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф ёрашон шуда, он кас аз дами марг – аз маҳбас раҳо ёфта боз рӯ ба деҳа равонанд.

Аз зери чинори Ака гузаштанд, чинори ягонае, ки садсолаҳо дар даромадгоҳи деҳа мавҷуд аст, чинори сершохубарги сар ба осмон. Чаро онро чинори Ака мегӯянд? Шояд мардум аз ин ҷиҳат фикр намекунанд, эътибор намедиҳанд. Шояд замоне онро шахсе шинонда, об додаю парвариш карда, ки Ака ё эшони Ака ном дошт. Аз ин рӯ баъди сараш чинораш бо номи ӯ зикр мешавад. Аз хок шудани эшони Ака кӣ медонад чанд садсола гузаштаю аз ӯ ном монда.

Эшони домулло Мирзо хело ба чинори сари роҳ, ба чинори Ака, ки сар то охир шоху навдаҳояш таги барф монда буд, назар андохтанд, истоданд ва боз роҳакӣ шуданд. Дар ду канори роҳашон боғ, боғи эшони Қорисӯфӣ, боғи эшони Теша ва баъд зардолузор, боғчаи Қаҳҳор ва баъд хонаҳои аҳли деҳа, кӯчаҳои качу килеб, роҳравҳо, рӯи

бому дар, ҳама бо барф пӯшида шуда. Олам сап-сафед, офтоби пагоҳ аз осмони софу мусаффо рух намуда, оламро зебоие фаро гирифта, зебоӣ баъди барф ва дами парешон гаштани нурҳои заросои офтоб. Эшони домулло Мирзо деҳа, боғу майдон, одамони онро пазмон шудаанд. Имрӯз Худо насибашон карда, ки ба деҳаашон биоянд. Озоданд. Дигар касе хабар намедиҳад, гунаҳгор гуфта эшонро намеҷӯянд. «Гуноҳҳояшон»-ро шустанд. Сафед шуданд, коғази сафед дар ҷайбашон. Ҳазорҳо раҳмат ба як марди рус, ки ғами он касро хурд, бародарвор меҳрубонашон шуд. Дар дами марг сӯяшон давид, хизмат кард. Аз шунидашон ӯ ҳам фарзанди кадом асилзодаи рус будаю аз зӯромад, ба ҳукумат хизмат мекард. Худовандо ҳар куҷо бошад, бо зану фарзандонаш зинда бошад.

Он рӯзҳои зимистон, рӯзҳои хунуки қаҳратун эшони Мирзо баъди аз ҳабс озод шуданашон дар ҳавлии падарӣ, дар деҳа мезистанд, зану фарзандон аз хонаҳои хешовандон ба ҳавлиашон баргаштанд. Чароғҳои солҳо боз хомӯш шудаи хонаҳои ҳавлии дарун ба дарунашон аз нав фурӯзон шуданд, равшанӣ, овози гапзанӣ пайдо шуда дар кулбаҳои солҳо беодам мондаашон.

Шогирдони эшон аз деҳаҳои Роҳатӣ, Дуоба, Оқчакман, Оқтоқ, Меҳтарӣ, аз Ҳисору Ғозималик ва аз бисёр шаҳру деҳоти дур боз ба наздашон омада, дарс мехонданд… Корафтодагон, ранҷурон, дуоталабон ба суроғи эшони домулло Мирзо меомаданд. Ҳавлии даруну берун серодам, сермеҳмон. Дарвозаашон кушода, даробаро, меҳмонбиёию меҳмонгузорӣ. Эшони домулло Мирзо боз шӯҳраташонро пинҳон дошта наметавонистанд. «Эшони домулло Мирзо аз ҳабс озод шудаанд», гӯён мардум ба зиёраташон меомаданд. Думи меҳмон канда намешуд, деҳаи Нилкон аз туфайли эшон ба мисли зиёратгоҳ шуда буд. Аз ин ҳол «фаъолони» деҳа, ҷамоа боз ба ташвиш афтода буданд. Ба идораи ҳизби коммунисти ноҳия хабар расид, ки эшони домулло Мирзо аз ҳабс озод шуда, боз ҳавлиашон ҷои рафтуомади мардумони беҳисоб, эшон боз мактаб кушодаанд, боз дарс мегуфтаанд, боз дарди сар шуда эшони домулло Мирзо, боз ташвишу таҳлука. Ба ақидаи худашон бо ҳазор азоб эшонро дастгир карда ба ҳабсхона супурда буданд, то аз дасташон омадан сиёҳ карданд, хаёл доштанд, ки аз он кас халос мешаванд, бояд паронда мешуданд. Лек чи мегӯед, ки кадом як марди рус – сардори маҳбас ба эшони домулло Мирзо дӯсту бародар, эътиқодманд, «муридашон», кафил шудааст, шаҳодат додааст, сафед кардааст, ҷавоб додааст. Агар ҳамин тавр онҳо душманони ҳукуматро дастгир карда супоранду аз «боло» ҷавоб диҳанд, обрӯяшон наметмонад, назди мардум беобрӯю забонкӯтоҳ мешаванд. Эшони домулло Мирзо барин бузургтарин уламо, пешвои дини Исломро монда, аз паи дастгир кардани нимчамуллоҳо шуда

наметавонанд. Онҳо чӣ мегӯянд? «Ҳақиқат ҳаст ё нест?» гӯён ба по мехезанд. Аллакай чанде аз ҳамдеҳагони худи эшон норизоӣ карданд, ариза навишта ба идораҳои суду милисаи ноҳия даромадаанд. Дар ҳаққи эшони домулло Мирзо боз ҳамон гапҳо: домуллои зӯр, мардумро бар зидди ҳукумат мехезонад, душман. Дар идораи кумитаи ҳизби ноҳия боз аз паи ба ҳабс гирифтани эшони домулло Мирзо афтоданд, ба суд, прокурор ва милисаҳо дар ин масъала фармоиш доданд, ин фармон дар давоми як-ду рӯз бояд ба ҷо оварда мешуд. Дар миёни аъзоёни ҳизб, кормандони идораҳои давлат одамони ҷонибдори эшони домулло Мирзо буданд. Якеи онҳо узви ҳизби коммунист Азизи Бой ном дошт, маҳз ӯ рӯзу соати аз нав ба ҳабс гирифта шудани он касро фаҳмида, шабона аз ноҳия ба деҳа шитофт. Эшони домулло Мирзоро пайдо намуд. Хабар расонд, таъкид кард, ки зуд бошанд, панаҳ шаванд.

Ҳамон шаби фасли баҳор эшони домулло Мирзо савори аспи самандашон боз аз ҳавлӣ баромаданд, боз рӯ ба мусо-фират оварданд. Дар миёни қавми лақай обрӯ, эҳтиромашон зиёд. «Эшони домулло Мирзо пирамон», мегуфтанд.

Эшони домулло Мирзо дар чанд деҳаи лақайнишин рӯз гузаронданд. Аҳли ин деҳаҳо аксарашон боз назди он кас ҷамъ омада аз эшон сабақ меомӯхтанд, аз дунболашон намоз мегузоштанд, эшони домулло Мирзо пирашону онҳо муридони содиқ. Солҳои сол эшон ҳамроҳашон рӯз гузаронданд. Ҳоло аксари он деҳаҳо мавҷуд намондаанд, барҳам хурда, мардум кайҳо аз онҳо кӯч баста ба шаҳрҳо, ба мавзеъҳое, ки обёрӣ шудаанд, рӯ овардаанд, ҷои манзилҳои пешина, қадамгоҳҳояшон ҳоло чарогоҳ, чордевориҳо, як вақте одамнишин буда ҷои ин чарогоҳҳою чордевориҳо, номи он деҳаҳо аз қабили Кабку, Бедак, Рангон дар хаёли куҳансолон монда.

Дар деҳаи Бедак 25-30 буна зиндагӣ доштанд. Деҳае, ки дур аз ободиҳо дар миёни кӯҳ. Гирду атрофаш ҳама санг, сангҳои азими хонамонанд, сангҳо сурхчатоб, ҷигарӣ, тана ба танаи ҳам ё аз ҳам ҷудо ё наздиктар. Бомҳои аҳли деҳа ба лой андова шуда ё бо хору хасу қамиш пӯшида шуда. Дар яке аз ҳамин кулбаҳои паҳлуи сангҳои хонамонанд, эшони домулло Мирзо бо аҳли байташон мезистанд, кулбае, ки аҳли деҳа барои он кас ҷудо намуда. Аҳли деҳа ҳама қавми лақай, худоҷӯ, мехостанд нияти намозу рӯзаашонро бесаҳву хато омӯзанд, аз баду нек огоҳ бошанд, бо ҳамин ният ҳар рӯз ба кулбаи фақиронаи эшони домулло Мирзо меомаданд. Онҳо ташнаи маслиҳат, панд ва насиҳатҳои эшони домулло Мирзо, ташнаи омӯзиши дини мубини Ислом. Эшони Иброҳимхон, фарзанди бузургашон Азизхон, эшони Саъдуллохон, эшони Холхӯҷа, Эшонхон, эшони Зиёдуллохон, Толибхон, халифа Равшан як муаллими самарқандӣ аз деҳаи Кабку аз

ҷумлаи толибилмон – шогирдони навашон. Онҳо пеш аз домуллоҳои дигар илм омӯхта, ҳоло баҳри давоми таҳсил назди эшони домулло Мирзо омада.

Деҳаи Бедак, чи тарзе зикр намудем, дар миёни кӯҳҳои баланд, дур аз ободиҳо ҷойгир буд. Лекин дар ҳамин ҷо ҳам эшони домулло Мирзо аз дасти сафеду сиёҳкунандаҳои ҳукумат халос наёфтанд. Қариб ҳар рӯз ба деҳа хабари атратомад (аъзоёни дастаҳо, гурӯҳҳо – отрядҳои сурхро «атрат» мегуфтанд) паҳн мегашт.

Аз ду ҷониб ду роҳ дошт деҳаи Бедак. Яке аз болои деҳа, аз ҷониби кӯҳ рӯ ба нишеб, ба дара – ба деҳа, дигаре аз поёни деҳа – аз сангоб, ба мисли хати качу килеб ба дохили Бедак кашида шуда. Ҳар дуи роҳ ҳам аз дуриҳо пеши назари мардуми деҳа намоён. Аз ин рӯ аз кадом роҳе одамони ба хаёли худашон шубҳанок пайдо мешуданд, эшони домулло Мирзо огоҳ мегаштанд. Дар ин мавридҳо аз ҳар хонае мардум сӯи кулбаи домулло мешитофтанд, «омаданд, эшони домулло, панаҳ шавед, зуд бошед», хабар мерасонданд.

Баъзан атратҳо тамоми хонаҳои аҳли деҳаро кофтуков мекарданд, «эшони домулло Мирзо куҷо?» мепурсиданд, вале он касро намеёфтанд. Баъзе аъзоёни отряд – атратҳо аз қавми лақай буданд. Онҳо шогирдон, муридони эшони домулло Мирзо, эътиқодмандонашон.

Якеи онҳо Қувондиқ ном дошт. Дар ҳамон давр шахсияти машҳур, командири шуҷои атратҳо. Дар қаламрави маҳаллаҳои ба ном Лақай – Тоҷик шӯҳрат ёфта буд. Ана ҳамон одами машҳур, қумандони баобрӯи ҳукумат ба эшони домулло Мирзо мурид, яке аз дӯстони наздикашон.

Ҳодисаи нохуше дар зиндагии Қувондиқ рух дода буд. Шиносоии эшони домулло Мирзо бо қумандони атратҳо бо ҳамин сабаб пайдо гашт.

Дар аксари деҳаҳо аз амалҳои ношоистаи Қувондиқ норизо буданд. Ба сари мардум «ту душмани ҳукумат, ту бой, ту муллою эшон» гуфта рӯзҳои сиёҳ меовард. Молу амволи мардумро ғорат мекард, пулу мол, сарват ғун меовард, бегуноҳу бесабаб одамонро ба маҳкамаҳо мекашид. Онҳоро мезад, истинтоқ мекард. Дар муқобили ӯ одамон ҳеҷ коре карда наметавонистанд, ҳаволааш ба Худо мегуфтанд, дуои бад мекарданд. Мегӯянд, ки ҳеҷ кирдори баде назди Худованд пинҳон намонда. Одамон барои кирдорҳои бадашон, албатта ҷазо мебинанд. Шояд аз ҳамин ҷиҳатҳо буда, ки ҳамон шабу рӯз ба сари Қувондиқ Худованд рӯзи сиёҳ овард. Худо рӯзи ӯро ба сари бандаҳояш набиёрад.

Қувондиқ рӯзе ба бозори шаҳраки Куктош роҳӣ шудааст. Ягона фарзанди азиз – писарашро ҳам ҳамроҳ гирифтааст. Падару писар савори асп роҳ мерафтанд, писар дар қанҷиғаи падар.

Мераванд, мераванд, асп ва савораҳо монда мешаванд. Қувондиқ аспро нигоҳ медорад, пой аз узангу меканад, писарашро ҳам мефарорад. Ақлашро Худо гирифтагӣ барин банди аспро ба гирди миёни писаракаш печонда, гиреҳ андохта худаш паи даст ба хок кардан ба паси дарахте мегузарад. Аспи ҷавмаст як ҷо наистода фахос мезанад, шиҳа мекашад, беқарорӣ мекунад. Дар ҳамин ҳангом аз паси буттае харгӯше меҷаҳад, тирвор аз назди писарак гузашта аспро метуронад. Асп тарс хурда рӯ ба гурез меорад. Бандаш, ки миёни писарак баста шуда буд, ӯро ба осмон мебардорад ба замин мезанад, рӯ-рӯи сангу кулӯх, хору хорбуттаҳо мекашад, аспи ҷавмасти командир тарс хӯрдаю тӯр бардошта медавад, Қувондиқ писараки ягона, ҷону ҷигарашро дар он ҳол дида аз паси асп ва писаракаш медавад, меафтад, мехезад, пешпо мехурад, фарёд мезанад, дод мегӯяд. Лек бефоида. Асп ба ӯ гӯш намедиҳад, боз ва боз тезтар медавад, дар дашти ба назар беохир касе ба имдодаш намерасад, Худо занад аспашро, бар падараш лаънат, дашном медиҳад, суханони қабеҳ ба забонаш меояд. Хам шуда аз замин санг меҷӯяд, бо санг ба сари асп задан мехоҳад, кому ҳалқаш хушк мешавад. Писаракаш, азизакаш, шояд ӯ тамом шуда, мурда. Вале чаро асп намеистад? Дилаш хунук намешавад. Аспро куштан лозим, вайро бояд ӯ кушад, мекушад. Камонаш ба хотир омад, аз китфаш гирифт онро. Мили камонро ба сари ин ҷонвари лаънатӣ, ба сари аспи бачакуш рост кард. Чӯт гирифт сари аспро. Садои тир, садои раъду барқмонанд даштро фаро гирифт. Асп чанд газ ба осмон рост шуду шиҳа кашид, баъд аз пой афтод, дигар наҷунбид.

Бо тарзи даҳшатвор ба ҳалокат расидани тифли маъсуми қумандони номдор Қувондиқ дар кулли деҳаҳои ноҳияи Лақай-Тоҷик овоза шуд. Ин фоҷиаи гӯшношунидро ба ҳар тарзу бо ҳар гуна мақсадҳо шарҳ медоданд. Мегуфтанд, ки аз касофатии Қувондиқ ин рӯзи сиёҳ ба сари ӯ омадааст, мегуфтанд, ки дар ҷавоби бадиҳои зиёди дар ҳаққи одамони бегуноҳ раво дидааш Худованд ба ӯ ҷазо дода. Хешовандон низ аз ӯ дилмонда шуда буданд. Ба ҷанозаи тифлаш ҳам одамон наомадаанд ва як мулло гӯё гуфта, ки ҷанозаи бачаи Қувондиқро нахонанд, тифли бегуноҳ беҷаноза монда. Ин хабарро эшони домулло Мирзо мешунаванд.

Мегӯянд убол аст, ки аз ҷаҳл ҷанозаи тифли бегуноҳро нахонанд, ҳамроҳи эътиқодмандон, муридон, шогирдон, одамони бисёре, ба деҳае, ки Қувондиқ он ҷо мезист, меоянд. Ҷанозаи он тифли номуродро мехонанд, худашон вайро ба гӯр мегузоранд.

Ҳамон рӯзҳо дар як деҳаи дигар низ ба ҳамин монанд воқеае рух медиҳад. Зане бешавҳар кудак таваллуд мекунад, тифл якуним-дусола шуда фавтидааст. Муллои деҳа ӯро ҳаромӣ ҳукм карда ба ҷаноза карданаш иҷозат намедиҳад. Ҳукм мекунад, ки он тифлро ба хок насупо-

ранд. Дар порутӯда ӯро зери пору мекунанд. Эшони домулло Мирзо бар хилофи он мулло, тифлро бегуноҳ меҳисобанд, мурдаро аз зери пору берун оварда шустушӯ намуда, бо ҷамоат бо намозу ҷанозаи ӯро дар гӯристони мӯъминон дафн менамоянд.

Эшони домулло Мирзо бо ин амалҳои некашон дар деҳаҳои ӯзбекнишин бештар шӯҳрат ва обрӯ меёбанд. Хусусан қумандони атратҳо Қувондиқ, баъди аз эшони домулло Мирзо дар лаҳзаҳои душвор ва пуразияти зиндагӣ мадад диданаш дар ҷавоб намедонад чи гуна хизмати эшонро ба ҷо биорад. Худро мурид, эътиқодманди эшони домулло Мирзо меҳисобид. Фарзандон, аҳли хонадонаш эҳтироми он касро ба ҷо меоварданд.

Дар идораҳои махфии ноҳия маслиҳат шуда буд, ки шабона, эшони домулло Мирзо дастгир карда шаванд. Ба Қувондиқ супориш шуд, ки бо отрядаш ин вазифаро ба ҷо орад, пинҳонӣ, сирри махфӣ. Кадом шаб Қувондиқ ин вазифаашро ба ҷо биорад? Ба вай маълум накарда буданд.

Қувондиқ бо фаҳмидани ин супориш ба воҳима афтод. Наход ӯ эшони домулло Мирзоро дастгир карда ба ихтиёри ҳукумат месупорад? Қавми лақай чӣ мегӯянд? Бе ин ҳам бадном шудааст, радди маъракаро мешавад, дар хонадони худаш, зану фарзандонаш ӯро барои ин намебахшанд.

Ӯ ҳамон шаб, ҳамон лаҳзаҳои ин супоришро шунидан рӯ ба деҳаи Бедак – ба манзили эшони домулло Мирзо овард. Он касро пайдо намуд. Аз нақшаи ҳукумат эшонро огоҳ сохт, ба он кас маслиҳат дод ва баъд дар дили шаб аз назар нопадид гашт.

Вале кадом шаб ӯ баҳри дастгир кардани эшони домулло Мирзо ба деҳаи Бедак – ба миёни кӯҳҳои баланд меомад, худаш ҳам намедонист. Аз ин рӯ баъди шунидани ин хабар шабҳо ба саҳар меомаду эшони домулло Мирзо мижа таҳ намекарданд, китоб медиданд, китоб мехонданд, варақ мегардонданд. Рӯи ҷойнамоз ба саҷдаю суҷуд машғул мешуданд, тасбиҳ мегардонданд, ба даргоҳи Худованд меолиданд, гӯш ба садо, садои тири Қувондиқ медоданд.

Қувондиқ гуфта буд, кадом вақте агар баҳри дастгир кардани эшони домулло оянд, албатта, бо роҳи сари кӯҳ ба деҳа медароянд. Ва чун ба сари қулла мерасидаанд, Қувондиқ бо баҳонае ба осмон ё ба ҷонибе тир мекушодааст. Садои рамзӣ, эшони домулло Мирзо бояд бишнаванд, тайёр бошанд, рӯ ба гурез оранд.

Қариб як ҳафта мегузашт, эшони домулло Мирзо мижа пеш намекарданд. Нахуфта шабҳои дарози зимистонро ба саҳар меоварданд. Саҳар боз ҳамроҳи мардум, бо муридон, шогирдон. Дарс мегуфтанд, шабу рӯзҳои зимистон хунук, барф аз боридан наmemонд. Шабҳо ҳолашон бедорӣ кашидан. Завҷаашон, фарзанди бузургашон – баро-

дарам Меликхоҷа хоҳиш мекардаанд аз он кас, ки лаҳзае ба ғанаб раванд, хоб кунанд, онҳо бедор меистодаанд, ваъда медоданд. Лек падар ҳавф мекашидаанд, мабодо фарзандон садои тирро нашунаванд, мабодо дар ғафлат монанд.

Эшони домулло Мирзо инчунин баҳри рӯ ба гурез овардан омода ва тайёр ҳам меистоданд. Дар пойҳо маҳсӣ, дар тан ҷома, чакман, салларо ҳатто аз сар намегирифтанд. Кафш-ҳояшон дар пеш. Омода ва ҳозир буда, ки бо шунидани садои тир, «ё ҳу» бигӯянду аз ҷой бархезанд. Вале шаб мегузашту садои тир ба гӯшашон наомада дамидани субҳи рӯзи нав, равшан гаштани оламро медиданд, медиданд, ки ҳамсояҳо, аҳли деҳа баҳри аз паси эшони домулло Мирзо намоз гузоштан аллакай дар рӯи ҳавлӣ ҳозир омада.

Ниҳоят шабе, ки ҳанӯз барф меборид ва субҳдам наздик меомад, эшони домулло Мирзо, ки болои ҷойнамоз зикри Худоро доштанд, садои тир шуниданд, садое, ки даъват баҳри рӯ ба гурез ниҳоданашон, зуд, ҳар чи зудтар. Фарзандон, Меликхоҷа ҳам масти хоб. Танҳо завҷаашон ҳанӯз ҳамроҳашон бедор, он кас ҳам садои тирро шунида.

– Меравед, домулло? – завҷаашон ҳам аллакай бо эшон дами дар истода буданд.

Эшони домулло Мирзо ба завҷаашон ба тарзи ношунаво, хело паст-паст ҳарф мегуфтанд, саросема ва дар ҳарос буданд, бо ҳамин ҳол аз дари кулба берун рафтанд, ба паси сангҳо, ба оғӯши торикиҳо қадам монданд. Шаби тираю тор, шаби зимистони қаҳратун. Барф меборид, шамол. Эшони домулло Мирзо бо ҷорӯби дарозе изи пойҳояшонро аз болои барф рӯфта-рӯфта роҳ мерафтанд. Завҷаашон Маҳкамбибӣ дигар он касро намедиданд, садои поймониашонро ҳам намешуниданд. Нигоҳашон ба ҷонибе, ки шавҳарашон рафта буданд, рӯймоли сарашон аз барф сафед шуда, хунук хӯрданд. Дилашон ба ҳоли «эшони домулло», ки аксар шавҳарашонро ҳамин тавр ном мебурданд, месӯхт. «Домулло» дар дили шаб нопадид шуданд. Тани танҳо куҷо рафтанд? Дар шаби зимистон рӯ ба ҳазор балою сиёҳиҳо? Рӯ ба даруни кӯҳ, ба дараҳо? Кӯҳу дараҳо пур аз гургу хирс, ҳайвонҳои одамхур. Аз эшони домулло чи гуноҳе гузашта, ки дучори ин қадар азиятҳо гаштаанд? Завҷаи домулло ақиб гаштанду ба хонаи гарм даромада дарро оҳиста аз пасашон бастанд.

Пагоҳӣ фарзандон аз хоб хестанд. Падари меҳрубонашон набуданд. Онҳо бехабар, ки шаб дар хонаашон чи гапу ҳоди-саҳо рух дода. Нафаҳмиданд. Нафаҳмиданд, ки шаб хонаашон «атратҳо» омада ҳамроҳи қумандон Қувондиқ ҳама ҷо то даруни оғилу коҳдон, алафхона ва ҳатто мурғхонаҳоро кофта, эшони домуллоро наёфта баромада рафтанд. Ҳама ҷойро кофтанд. Лекин ба молу ашё, чизу чораҳои хонаҳо, ба тифлакони хоб кордор нашуданд.

Ҳодисаҳои одамонро кофта ба хонаҳо даромадани силоҳдорон дар замони шӯравӣ ба сари падару модаронамон омада буд. Ин амалро одамоне ба ҷо меоварданд, ки ба забони ғайр, бо русӣ ҳарф мезаданд. Аксар гунаҳгоронро меҷустанд, лек ба дигарон кордор намешуданд. Ҳамин ҳодисаи ба хонаҳо даромада одамонро ҷустани силоҳдорон дар рӯзҳои мо низ ба амал омада буд. Аз ёдамон нарафтааст. Аз миён чор–панҷ сол ҳам нагузаштааст. Замони ҷанги байни тоҷикон – байни ҳамза-бонон буд. Худо нишон надиҳад, агар силоҳдорон касе ё «гунаҳгоре»-ро ҷуста ба хонадоне медаромаданд, чи рӯзҳои нохуш ва гушношунидеро ба сари мардум меоварданд. Гӯё бегуноҳу гунаҳгор, кӯдакону пирони барҷомонда, занону духтаронро аз ҳам фарқ намекарданд, мепаронданд, мекуштанд. Даруни сандуқ, чойнак, миёни кӯрпа, таҳлиҳоро мекофтанд. Молу амволи хонаҳоро талаю тороҷ мекарданд, оташ мезаданд, ҳарчанд ба қавли худашон гунаҳгорро намеёфтанд.

Он пагоҳ модар ба фарзандон аз хусуси ҳодисаи шаб дар хонаашон ба амал омада ҳикоят карданд. Ва таъйини падарро ба фарзанди калон Меликхоҷа расонданд. Ҳаво ҳоло соф шуда, осмон чун гунбазе нилгун, тоза, беолоиш, беғубор чун булур. Офтоб рух намуда. Хунук, олам ях баста, аз хунукӣ сангҳо гӯё дар кӯҳ пора мешуданд, мекафиданд. Дар ҳамин хунукӣ эшони домулло Мирзо аз шаб дар кадом як паси санг, дар кӯҳ.

Меликхоҷа аз рӯи тавсияҳои падар, ки ба модар фармуда будаанд, чойники мисини пури чой дар даст, дар бағал нон ва дар дасти дигар табар аз хона берун шуда. Ба ногоҳ агар дар роҳ ба касе дучор ояд, аз ӯ суол шавад, ки куҷо равон аст, ӯ ҷавоб мегӯяд: Баҳри ҳезум, магар намебинанд, табар дорад, нон ва чой ҳам гирифтааст.

Ӯ аз деҳа дур шуд. Рӯ ба даруни кӯҳ, ба ҷониби дараи чашмаи Оби Шӯр мерафт. Падар аз гуфти модар дар ҳамин дара будаанд. Аммо дар паси кадом шаху даруни кадом ғор ва калфи санге? Намедонист. Бояд аз пайраҳаи танаи кӯҳ рӯ ба даруни он рафтан гирад, то куҷое, ки ӯро роҳ бибарад, пеш равад, худи падар Меликхоҷаро меёфтаанд.

Сари сангҳои баланд, болои теғаҳои кӯҳ нурҳои заросои офтоб афтода ҳама ҷо сап-сафед, кӯҳи баланди Бедак, теғаҳои сар ба осмон рафтаи он зери кӯрпаи барф монда. Шохаҳои дарахтони танаи кӯҳ, даруни дара аз барф хам зада, аз тобиши нурҳои офтоб ранги заҳалӣ ёфта.

Меликхоҷа бо азоб, бо эҳтиёт аз пайроҳаи танаи кӯҳ пай мечид, пеш мерафт. Дар поён ғори ба назар бетаг, ваҳмовар. Андаке қадам бечо ниҳад, дигар худро нигоҳ дошта натаво-ниста якнима нишеб мешуд. Дасту дил аз дунё мешуст, сарна-гун ба ғор, ба чуқурии бетаги он мерафт.

Писар бо ҳоли пуразоб, бо дили пурҳарос ба хаёли падар роҳ мерафт. Аз куҷо он кас пайдо мешуда бошанд? Дар шабӣ чӣ тавр ба ин ҷойҳо роҳ ёфта омадаанд?

Роҳ мерафт Меликхоҷа. Ниҳоят овози пурмеҳри падар ба гӯшаш омад. Ба болои баландӣ, ба тарафи сангҳои азими калон-калон назар бурд.

– Меликхоҷа, бачам, – шунид нидои падарро.

Паҳлӯи санги якнимашудае меистоданд. Дар сар саллаи сафед, либосҳояшон аз барф ҳам сафедтар. Рӯ ба Меликхоҷа, рӯ ба офтоб буданд. Нурҳои офтоб ба чашму рӯяшон афтода. Меликхоҷа афтодаю хеста, буттаҳо, сангҳоро дошт, ҷониби падар, ба баландӣ мебаромад. Дар паси санг – даруни кӯҳ ковокие, калфи азим. Ба мисли хона кушод, васеъ. Аз афташ пеш ҳам ин ҷо одамон омада ва зиста будаанд. Сангпораҳо болои ҳам чида шуда, дегдон буда. Сангҳо сиёҳ шуда, дудхӯрда, дудзада. Дар як канор ҳезум – шохаҳои хушк ғарам. Падар алов дар гиронда, дасту панҷаҳояшонро гарм мекарданд. Ба Меликхоҷа ҳам дар лаби гулхан, дар паҳлуяшон ҷой доданд.

– Насибамон ҳамин будааст, бачам, гурезогурез, азоб. – Ҳарчанд падар пеши фарзанд алами дил изҳор кардан набуданд, лек ин ҳарфҳо ба забонашон омад ва ба даруни калфи санг, ба сангпораҳо назар андохтанд.

– Хона намеравед?

– Ҳама ҷоро кофтанд?

– Модарам гуфтанд, ки кофтанд, мо хоб будем.

– Бедор нашудед?

– Не.

– Модарат дигар ҳеҷ чиз нагуфтанд! Ягон таъйин накарданд? – Падарам дар деҳа ягона нафаре буданд, ки завҷаашонро аз рӯи эҳтиром шумо мегуфтанд.

– Гуфтанд, ки шуморо кобем, шуморо ёбем.

– Дигар намеомадаанд?

– Намедонам.

Рӯз қариб бегоҳ шуд. Офтоби рӯзи зимистон кайҳо ба паси кӯҳ гашта ба ҳама ҷо соя афтода буд. Меликхоҷа назди падар, ҳамроҳашон менишаст. Дили падарро миёни кӯҳсорон танҳо гузошта ба хона баргаштан надошт.

Аз рӯи маслиҳати қумандони атратҳо Қувондиқ минбаъда рӯзу шабҳои эшони домулло Мирзо даруни калфи санг, дар кӯҳ мегузашт. Наздашон шогирдон меомаданд. Даруни калфи санг ба мисле хона, мактаб. Гилемҳои пашмини тахта – тахта сиёҳу сафеди ӯзбекибофт густурдашуда. Болои кӯрпача ва болиштҳо китоб, рангдон, коғаз. Дегдон, табақ, пиёла, чойник. Хӯрок мепухтанд, чой дам мекарданд, ота-

ши дегдон ҳамеша фурӯзон. Нафаре бо табар ҳезум мешикаст, шохаҳои хушки писта, арча, чӯбпораҳоро дами оташдон рӯи ҳам мечид. Назди эшони домулло китобҳо рӯи ҳам чида шуда. Китоби Қуръони Карим. Китоб мекушоданд, ба шогирдон сабақ медоданд. Қариб ҳар рӯз ба Меликхоҷа мефармуданд, ки фалону бисмадон китобро биорад. Ба хаёли ӯ қариб ҳамаи китобҳои хонаро ба ҳузури падар оварда. Ҳушу хаёли падар ба китобҳо, бо китобҳо дар гуфтор, дар сӯҳбат. Дур аз хона мезистанд. Аммо аҳли байташон осуда, ором, бехавфу ҳарос набуданд, атрадҳо қариб ҳар рӯз ба хона меомаданд, эшони домулло Мирзоро мекофтанд, хонаҳои аҳли деҳ медаромаданд, таҳковӣ мекарданд, гап мегирифтанд, дар куҷо будани домулло Мирзоро мепурсиданд. Мардум, хурду калон, албатта ҷои пинҳон шудаи эшони домулло Мирзоро медонистанд, бохабар буданд. Лекин қавми лақайро одати неке буда: ҳама якгапа, якдаҳон, яксухан. Хиёнат намекарданд, эшони домулло Мирзоро пинҳон медоштанд, шабу рӯз нигаҳбонашон буданд.

Одамони ҳукумат ҳарчанд, ки борҳо ба ҷустуҷӯи эшони домулло Мирзо ба деҳаи Бедак омада, он касро наёфта бармегаштанд, лекин аз дастгир шуданашон умедашонро намеканданд, ҳис намуда буданд, ки домулло дар ҳамин ҷоҳоянд. Шабу ними шаб меомаданд, мекофтанд, «домуллоро ёбед, ҷояшро гӯед, пинҳон надоред», сиёсат, пӯписа мекарданд ҳамаро. Аҳли деҳа, хурду калон ба туфайли он кас дар азоб. Худи домулло, аҳли хонадонашон ҳам дар азоб. Қувондиқ ҳам гӯё дигар ба эшони домулло Мирзо ёрӣ расонда наметавонист.

Як шогирдашон, муаллим – муаллими мактаби деҳаи Кабку, дигар дӯсти меҳрубонашон аз ҳамин деҳа раиси колхоз Тӯрақул минбаъда пинҳон кардани эшони домулло Мирзоро ба ӯҳдаи худ гирифтанд. Гуфтанд, ки домуллоро ба деҳаи худашон – ба Кабку мекӯчонанд. Албатта дар он шабу рӯзи хунуки зимистон аз як ҷо ба ҷои дигар кӯч кашондан осон набуд. Касе дар фасли зимистон ҷои гарми худро хунук намекунад. Лекин аҳли оилаи эшони домулло Мирзо ноилоҷ монда буданд, аз туфайли падар ба сари тифлакони хурдсол ҳам рӯзи сахт омада. Падаршон «гунаҳгор», ҳама хурду калон дар рӯзҳое ки барф аз боридан наемонд, дар рӯзҳое ки ба гуфтае сагро занӣ, аз хонааш намебаромад, ҳавлӣ, хонаҳои гармашонро холӣ карданд. Аз рӯи маслиҳат шаб, ки барф акнун аз боридан монда, осмон софу беолоиш, ситоразор гашта буд, моҳи пурра олами бо барф пӯшидашударо равшан мекард, ҳусн медод, аҳли оила пиёдаю савора рӯ ба роҳи деҳаи Кабку оварданд. Роҳашон дар он шаби маҳтоб қад-қади сангоби Рангон, аз миёни дараҳою канори теппаҳои баланд мегузашт. Онҳо тамоми шаб роҳ паймуда, айни субҳдам ба деҳаи Кабку, ба манзили навашон, ба кулбаи лоини бомаш хаспӯш, ки баҳри онҳо ҷудо шуда буд, расиданд.

Деҳа ба назари эшони домулло Мирзо дилкушо. Кулбаҳои аҳли он, ки бомҳояш ҳама хаспӯш буданд, дар ҳамворӣ ҷойгир. Кулбаҳо ба назар кам, ба ҳисоб, 15 ё 20 хонавода. Аз канори шарқии деҳа оби сангоби Рангон ҷорӣ, аз ҷониби офтобшин дарае деҳаро аз теппаҳо ҷудо менамуд. Дар баҳорон теппаҳои атрофи Кабку сабзу хуррам, гулпӯш мегаштанд.

Аҳли деҳа аз он, ки эшони домулло Мирзо барин як шахсияти номдор, баландмартаба, олим ҳамроҳашон зистан ихтиёр кардаанд, шод буданд. Ба ҳамдеҳаи навашон, ба аҳли оила, фарзандони эшон ҳама меҳрубон. Ба гуфтае, ки мардуми деҳа об гарм мекарданд, ҳазрати домуллоро аз хотир намеба-ровардаанд, як коса ордоб ва як луқма нонро бо ҳам медиданд. Дар хаёлашон деҳаи хурдакаки камаҳолии онҳо аз туфайли эшони домулло Мирзо равшанӣ, нуру намуд пайдо карда. Ин равшанӣ ба мағз – мағзи ҷону дилҳо ҷой ёфта. Бо ҳидояти эшони домулло Мирзо мардум бо ҳам намоз мегузоштанд, бо ҳам шабҳо то дергоҳ менишастанд. Домулло бо онҳо аз гӯру қиёмат сӯҳбат мекарданд, китоб медиданд, китоб мехонданд. Мардум аз баду нек огоҳ мегаштанд. Муаллими деҳа ва раис ба эшони домулло Мирзо аз ҳама бештар меҳрубон. Онҳо ҳам мисли он кас мусофир. Муаллим аз Самарқанд, раис бухороӣ. Завҷаи раис зани босавод. Дилдодаи осори Мирзо Абдулқодири Бедил, Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ. Бо лаҳни хуш ва овози ширин китоб мехонд, шеърҳо қироъат мекард.

Пас аз чанд рӯзи ба деҳаи Кабку кӯчида омадани эшони домулло Мирзо ба сари шогирди азиз, дӯсти меҳрубонашон, муаллими деҳа нохушӣ омад…

Муаллим дар яке аз ҳуҷраҳои мактаб, ки ӯ он ҷо дарс мегуфт, мезист. Хонааш дар паҳлӯи синфхонаҳо. Аз дари хона, аз назди завҷа ва тифлаки хурдсолаш берун мешуду ба синфхона назди шогирдон ворид мегашт. Рӯзҳои зимистони ҳамонсола то рафт хунуктар мешуд, хунукии қаҳратун.

Муаллим ҳезум надошт, ки хонаашонро гарм созад. Чанд сари чӯб, тапак ва шохаҳои хушк, ки шогирдон оварда буданд, алов шуданд. Як-ду рӯзнома ва варақҳои даридаро ҳам болои алов монд, ба қавле онҳо як ҳур гуфта, оташ гирифтанду хомӯш гаштанд. Хона ба мисли яхдон, аз зери равакҳо, аз сурохиҳои деворҳои андованашуда ба хона шамол медаромад. Тифли бемори муаллим забон дар даҳон нагирифта гиря мекард, мегиристу мегирист. Завҷааш ва муаллим чи тавр гарм кардани ӯро намедонистанд. Кӯрпачаҳоро болои гаҳвора партофтанд, лекин хона, ки гармӣ намеёфт, даруни гаҳвора сард, яхдон барин.

Ба ногоҳ ба хотири муаллим чанд пора тахта, тахтаҳои шикаста омад. Онҳо дар кунҷи як синфхона рӯи ҳам партофта шуда. Муаллим ноилоҷ монда буд. Бо дили пурҳарос ҳамон шаб муаллим ду тахтаи

партаҳои шикастаро гирифта, бо теша майда кард. Дар дегдони миёни хона гулхан афрӯхт, хона гарм шуд, тифл ором гашт, ба хоб рафт. Аммо аз ин ҳодиса як-ду рӯз нагузашта, аз ноҳия одамони ҳукумат омаданд, онҳо хабар ёфта, ки муаллими сурх, чашми ҳукумат дар деҳаи Кабку мухолифи таълим ва тарбия баромада партаҳои мактабро шикаста, алов кардааст. Гуноҳи азим, вазнин, нобахшиданӣ, муаллим душмани илму дониш, душмани ҳукумат.

Муаллимро аз синф, аз назди шогирдон ва завҷааш бароварда, пешандоз карда бурданд, завҷаи муаллим дур аз хешовандон, дур аз зодгоҳ, дур аз Самарқанд, бесоҳиб, бесаро-бон монд. Дидори шогирди азиз, дӯсти меҳрубон, муаллими деҳа, ки маҳз ӯ хело беш талқин карда, ки устод аз деҳаи Бедак ба Кабку кӯчанд, дигар ба эшони домулло Мирзо насиб нагашт.

Ба эшони домулло Мирзо лозим омад, чанд соли дигар дар Кабку бизиҳанд, то рӯзҳое ки Ҷанги Бузурги Ватанӣ анҷом ёфта, мардумони зиёде аз деҳаашон, аз Нилкон бо улавҳо бо сардории раиси ҳамонвақтаи колхоз эшони Абдуқодир баҳри кӯчониданашон омада буданд. Мардуми деҳаи Кабку, ки солҳо эшони домулло Мирзо ҳамроҳи онҳо мезистанд ва эшон барояшон азизу гиромӣ гашта буданд, дар рӯзи кӯчиданашон, ҳама ношод, нохуш, хафаю маъюс шуданд. Баъзеҳо ашк мерехтанд. «Наравед, ҳазрати домулло, шумо пири мо, раҳнамои мо. Наравед, накӯчед», – илтиҷо доштанд. Эшони домулло Мирзо бо сари хам рӯ ба мардум, рӯ ба офтоб, ки аз паси теппаҳои канори сангоби Рангон рух менамуд, меистоданд. Қомати баландашон баҳри тавозӯъ, сипосгузорӣ гӯё хам гашта. Саллаи сафед дар сар, дастҳо пеши бар, аз аҳли деҳа чи навъ изҳори миннатдорӣ карданашонро намедонистанд. Қавми лақай дар рӯзҳои сиёҳ, дар рӯзҳои сахт мададгорашон буданд, гоҳе дар хонаҳо – дар ҷои ҷонашон пинҳонашон мекарданд. Ноилоҷ монда буданд. Улавҳои беҳисоб, ки кӯчи эшони домулло Мирзо ба онҳо бор карда шуда буд, дар он пагоҳи-рӯзии баҳори соли 1947 ба роҳ баромаданд. Эшони домулло Мирзо ба ақиб, ба Кабку, ба аҳли он назар андохта наметавонистанд. Аммо нигоҳи аҳли деҳаи Кабку, қавми лақай ба онҳо, ба улавҳо буд.

* * *

Баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ андаке оромӣ ба амал омад, гӯё дигар ту эшону мулло гуфта одамонро намечӯстанд. Мардум боз дар орзуе, ки дар масҷид ҷамъ оянд, намози бо ҷамоа гузоранд. Бо ҳамин мақсад эшони домулло Мирзоро ба деҳа кӯчонда оварданд. Одамон боз, ягон-ягон бо дили пурҳарос ба масҷид меомаданд, меҳаросиданд, ки барои намози бо ҷамоа гузоштанашон гунаҳгор ҳисобида нашаванд. Чашма-

шон аз ҳукумат тарс хурда буд. Лангари ҳукумат дароз, як рӯз не як рӯз «гунаҳгорон»-ро ҷазо медиҳад. Ин хел ҳодисаҳо бисёр рӯй додаанд, мардум медонанд. Бо хаёли ноосуда одамон масҷид меомаданд. Атрофи мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатифро об зада, рӯфта, тоза мекарданд, сабзаю себаргаҳои саҳни масҷидро об медоданд. Шабҳо чароғҳои масҷид фурӯзон, масҷиди деҳа аз нав обод мегашт. Эшони домулло Мирзо ҳамон асои суп-сурхи чӯби бодомии белчадорашон, ки аз Бухоро оварда буданд, дар даст аз минбар назди намозхонҳо амри маъруф мекарданд, рӯзҳои ид, намози ҷумъа хутба мехонданд.

Мухлисону муридон, эътиқодмандони эшони домулло Мирзо ба Нилкон омаданашонро шунида, аз дуру наздик боз ба зиёраташон меомаданд. Аз амри маъруфи эшон баҳравар гашта, дар масҷид аз пасашон намоз мегузоштанд, «эшони домулло Мирзо» гуфта мо ба масҷиди Нилкон мебиёем, ба хотири ҳазрати домулло», мегуфтанд. Ҳисоби намозгузорон меафзуд, ҳисоби шогирдонашон ҳам. Ҳарчанд медонистанд, ки таълими дину шариати Ислом гуноҳ ҳисоб меёфт, барои ин «гуноҳашон» гирифтори маҳбас гашта буданд. Дар Бухоро хизмати пирашонро ба ҷо меоварданд. Заҳмат кашиданд. Дуо хостанд аз он кас. Вазифадор шуданд, ки умрашонро сарфи роҳи дину шариати Ислом мекунанд. Дар дунё аҳли илм зиҳад, ки аз ӯ шогирд монад, шогирд давоми илм, давоми умр, давоми зиндагӣ. Ҳамон рӯзҳо эшони Абдулмӯъмин, эшони Сайиднеъматулло, эшони Мӯъминхон, эшони Абдуқодир, Эшонҷон, эшони Занбӯр, эшони Аҳмадхон, эшони Аъзамхон, эшони Муллохӯҷа аз деҳаи Нилкон, эшони Санг, мулло Шариф аз Дуоба, мулло Салим аз Меҳтарӣ, мулло Мингитӯра ва мулло Қайнари турк аз Ҳисор, махсуми мулло Зубайдулло, мулло Бобохон аз Оқчагман, мулло Солиҳ аз Роҳатӣ, мулло Абдусалом аз деҳаи Оқтоқ аз зумраи шогирдони онрӯзаи эшони домулло Мирзо буданд. Шогирдонашон дар ҳавлии худи эшони домулло Мирзо, дар ҳуҷраҳои масҷид мезистанд. Он рӯзҳо ба беш аз 150 нафар муллобачаҳо дарс мегуфтанд. Инчунин устод аз шогирдон талаб мекарданд, ки ба корҳои колхоз мадад расонанд. Худашон ҳамроҳи аҳли хонадон – зану фарзандон ҳамеша бо колхозчиён кор мекарданд. Он солҳо дар деҳаҳои ҷамоаи Роҳатӣ пахта намекориданд, об набуд. Баъдтар канал канда аз дарёи Кофарниҳон ба ин ҷо об оварданд. Мардум дар айёми пахтачинӣ осуда набуданд. Хурду калони деҳаҳои ҷамоаи Роҳатиро барои пахтачинӣ ба колхози ҳамсоя – ба колхози ба номи Ленин мебурданд. Дар давоми ду-се моҳ мардум хонаҳояшонро намедиданд. Шабу рӯзашон дар даруни ҷӯякҳои пахта мегузашт, аз субҳ то шаб пахта мечиданд. Эшони домулло Мирзо ҳам бо аҳли хонадон – бо зану фарзандон ҳамроҳи ҳамдеҳагон пахта мечиданд, ба онҳо ёрӣ мерасонданд. Аз ин ҷиҳат аз эшони домулло Мирзо роҳбарони колхоз,

фаъолони ноҳия розӣ, қаноатманд буданду он касро эҳтиром мекарданд. Баъд дар он солҳои баъди ҷанг фармоиш шуда, ки эшони домулло Мирзо вазифаи имомхатибии масҷиди ҷомеи ҳазрати Мавлоно Яъқуби Чархиро ба ҷо оранд. Роҳашон дур, аз деҳаи Нилкон ба масҷиди Мавлоно Яъқуби Чархӣ рафта меомаданд. Солҳо мегузаштанд, шогирдонашон ҳамроҳашон.

Аввалҳои баҳори соли 1950 бемор шуданд, бемориашон давом меёфт. Шогирдонашон, аз ҷумла эшони Мулло Сайид-неъматулло, эшони Занбӯр, эшони Абдулмӯъмин, эшони Санг, мулло Шариф, мулло Абдусалом ва домоди калониашон эшони Миён Абду Борӣ ҳамроҳашон, чи хеле мегӯянд, он касро бардорумон мекарданд. Домодашон Миён Абду Борӣ аз рӯи нишондоди духтурҳо аз дорухонаҳои Душанбе барояшон доруворихо меовард. Доруҳоро бо маслиҳати домодашон истеъмол мекарданд. Вале нишонаҳои сиҳатёбӣ ҳис намешуд.

Ба замми ҳамаи дарду заҳмат, дар рӯзҳое, ки бемориашон вазнинтар мегашт, аз ноҳияи онвақтаи Роҳатӣ, ки ҷамоаи Роҳатӣ ба ҳудуди он ҳамроҳ буд, хабар омад, ки боз аз паи дастгир кардани эшони домулло Мирзо афтодаанд. Ҳамон рӯзҳо аҳли деҳаи Роҳатӣ чун пагоҳие аз хоб хестанд, диданд, ки дарвоза, дару дарбачаҳои хонаи Абдураҳимбой ба пушт кушодаю аз аҳли хонадон ному нишон намонда. Онҳоро ба Сибир бадарға карда будаанд.

Хабар омада, ки эшони домулло Мирзо низ ба Сибир бадарға мешудаанд.

Лозим омад дар рӯзҳои охири умр боз рӯ ба гурез оранд.

Ҳамон сол эшони Насриддин аз деҳа берун, дар наздикии боғҳои ангур замин гирифта, хонаю ҳавлӣ бунёд мекард. Деворҳои хонаҳояш ду-се похсагӣ баланд шуда буданд. Даруни хонаҳо алафзор, алаф баланд. Шаб, ҳангоме, ки ҳама ба хоб рафта буданд, шогирдон ва фарзандон беморро миёни гилем бардошта аз деҳа берун ба ҳамин хонаҳои нимкорабунёди эшони Насриддин оварданд. Болои кулӯхтӯда, алафҳои баланд барояшон ҷойхоб густурданд. Дард азияташон медод, нафасашон кӯтоҳӣ мекард. Дарун-дарун сӯхта сиёҳу кабуд мегаштанд, лек баланд нолиш карда наметавонистанд, тоб меоварданд. Ситораҳо болои сар дурахшон, нурафшон, осмони софу беғубор. Вале ҳамаи ин манзараҳо ба назари бемор ва фарзандонашон наменамуданд. Мору калтакалосҳои дашт ба ёд намеомад. Аз одамони ҳукумат дар ҳарос буданд. Лаҳзае, ки андаке аз дард фориғ мегаштанд, чашм мекушоданд, чашмашон ба ҷойхоб, ба тифлаконашон меафтод. Онҳо низ ҳама гӯё бедор, баробари падар дард мекашиданд, ҳама дар ҳарос. Шогирдон ҳам саргардон, дар ташвиш. Як умр рӯзи орому осудагӣ надидаанд. Ҷояшон ҳабсхонаҳо, даруни коҳу алаф, даруни калфи сангҳо. Ҳолашон гурезогурез. Дар рӯзҳои сарашон ба бо-

лин омадан низ гуреза шудаанд. «Гунаҳгор» будаанд, гуноҳашон рӯзаю намозашон, гуноҳашон шогирдонашон…

Боз гуноҳашон дар он буда, ки тавассути амалу рафтору кирдори нек овозадор шудаанд, пурбардошт, хоксор, бекина буданд. Имрӯз низ ҳикоят мекунанд:

Айни намози аср будааст, масҷид мерафтаанд, сари роҳ мебинанд, ки ду нафар бо ҳам дарафтода, бо ҳам дар хархаша, ҷанг. Яки онҳо бародари худашон эшони Маллаҳхон ва дигаре як ҳамдеҳаашон эшони Раҳим. Эшони Раҳим Маллаҳхонро мезадаанд, сару рӯи бародари падарам пури хун. Эшони Раҳим ба халосгарҳо тан намедодаанд, ба сари бародари падарам медавидаанд. Падарам тоқат накарда, ба миён медароянд, эшони Раҳимро як шаппотӣ мезананд. Аммо баъд пушаймон мешаванд, дар азоби рӯҳӣ мемонанд, фикр мекунанд, ки кори нохуб карданд. То намози шомро хондан тоқаташон намонда, хонаи эшони Раҳим мешитобанд, аз он кас бахшиш мехоҳанд, узр мепурсанд. То имрӯз мардум ин амали эшони домулло Мирзоро ба хотир меоранд.

Соҳибкаромот ҳам будаанд эшони домулло Мирзо.

Дар деҳа Бӯрибой ном шахсе мезиста. Фарзандонаш имрӯз дар қайди ҳайётанд. Бӯрибойро ҳамин хел ном вале фақирона мезиста. Боре вақти намози шом ӯ дар тани эшони домулло Мирзо хилъати зебое мебинад, ҳавасаш меравад, аз дил мегузаронанд, ки кош ҳамин гуна хилъат медошт.

Рӯзи дигар эшони домулло Мирзо баъди адои намози бомдод, Бӯрибойро наздашон хондаанд, меҳрумонона пурсупос карданд ва баъд хилъаташонро аз тан бароварда ба ӯ пӯшондаанд.

– Чаро? Барои чӣ, эшони домулло? – Бӯрибой дар ҳайрат шуда.

– Пӯшед, Бӯрибой, насиб кунад.

– Ба Худо, эшони домулло, ман бегоҳ аз дил гузаронда будам, хуб накардам, ин хел накунед, – дар чашмони ӯ ашк ҳалқа мехӯрад.

Муҳаммадэргаш имрӯзҳо дар ҷамоати деҳоти Роҳатӣ ягона устои чукбур аст. Фарзанди мулло Зубайдуллои Оқчакманӣ, шогирди падарам. Ӯ мегӯяд:

Ҳамон шабе, ки вай ба дунё омада, барф меборид. Субҳгоҳ дарвозаашон куфта мешавад. Мулло Зубайдулло дарвозаро кушода, устодаш эшони домулло Мирзоро мебинад. Савора, сару либосашон, пешотанаи асп пури барф. Чӣ сабаб шуда, ки эшони домулло пагоҳӣ қатӣ омадаанд. Вай ҳанӯз аз олами ҳайрат берун наомада, ки устод ба сухан омадаанд:

– Мулло Зубайдулло, муборак шавад, – ва ӯро бештар дар ҳайрат мононда афзудаанд: – писар муборак.

Эшони домулло чӣ мегӯянд? Табрик мегӯянд? Барои соҳиби тифл

шуданашон? Аз куҷо донистаанд? Боз писар буданашро ҳам медонанд? «Тавба, тавба», гуфта гиребон гирифта мулло Зубайдулло. Устодро ба хона мехонад. Домулло дуою фотиҳа хондаанд, умри тифл дароз шавад гуфта ва баъд пурсидаанд, ки ба писар чӣ ном гузоштаниand.

– Эргаш, – ҷавоб гуфта мулло Зубайдулло.

– Эргаши холӣ? – ва афзуданд: – Муҳаммадэргаш гӯед.

Имрӯз Муҳаммадэргаш марди солхӯрда.

Эшони домулло Мирзо меҳаросиданд, ки бадарға, мусофирхок нашаванд. «Ба Сибир мебурдаанд», ин ҳарфро шунидаанд, фарзандон, аҳли байташонро ҳам мебурдаанд. Ҳама раҳрезу рӯрез, ҳамаи азобҳо аз туфайли эшони домулло Мирзо. Ҳамеша пои ботаҳорат буданд, даст ба дуо мебардоштанд, рӯ ба осмонҳо ба даргоҳи Худованд меолиданд, мурод металабиданд, мехостанд дар деҳаи азизашон хокдон ёбанд, мехостанд ҷанозаи боҷамоат бубинанд, орзу мекарданд, ки одамони ҳукумат бо чашмони худашон бинанд, ки эшони домулло Мирзо аз олам гузаштаанд, мехостанд бубинанд, ки он касро ба хок гузоштаанд, мехостанд умедашон баъди ин канда шаваду аҳли хонадони эшонро ба ҳоли худашон гузоранд.

Рӯзу шабҳо мегузаштанд, ҷои эшони домулло Мирзои бемор ҳанӯз дар беруни деҳа, даруни ҳамон чордеворӣ, хонаҳои нопӯшонида, нимсохти эшони Насриддин. Аз рӯи эҳтиёт рӯз равшан, ки мешуд, даробарои хурду калон ба он чордевориҳо қат меёфт. Ҳама ҷо ҷимҷит, хомӯшӣ.

Шабҳо шогирдон боз ҳамон эшони мулло Сайиднеъматулло, эшони Абдулмӯъмин, эшони Занбӯр, мулло Шарифи дуобачӣ, мулло Абдусаломи оқтоқӣ ҳамеша ҳамроҳашон. Ҳама баумед, дуо мекарданд, ки эшони домулло Мирзо сиҳат ёбанд. Ва аз рӯи гуфтаи духтурон, табибон, корафтодагон табобат мекарданд. Лек ягон тадбиру амалҳояшон манфиат намеовард. Ҳолашон беҳ намегашт.

Рӯз аз ним мегузашт, офтоби моҳи аввали тобистон ҷониби ғарб майл менамуд, вазъи бемор ноҷо, ба кори худ мешуданд, ҳама парешон.

– Эшони домулло, эшони домулло, устод, – гӯё бо фарёд, бо овози баланд беморро ба худ овардан мехостанд, чи кор карданашонро намедонистанд хешовандон, наздикон, фарзандон, шогирдон. Ашк гулӯгирашон. «Пирам, эшони домулло, устод, чӣ мекунед, худатонро ба даст гиред», боз баланд мегашт овози шогирдон.

– Лаббай, – чашм кушоданд, ба ҳуш омаданд. – Маро баред, аз ин ҷо баред, хона баред, – талаб доштанд.

Эшони домулло Мирзо беҳуда, бесабаб, ин хел талаб ба миён нагузошта буданд, ҳолашон ба худашон маълум. Лаҳзаҳои ба ҳисоб монда

аз умрашон, паймонаашон пур шуда. Дигар ҷои андеша ва ҳарос намонда. Одамони ҳукумат акнун ба он кас дар дами марг чӣ ҳам мекарданд.

Аллакай он бегоҳирӯзии охири моҳи июни соли 1950 ҳавлии эшони домулло Мирзо серодам гашта буд. Миёни хонае, ки ҷои ибодат, тиловаташон буд, рахти хоб густурдаанд. Охунди мулло Сайиднеъматулло ва шогирдони дигарашон болои сари устод. Мулло Абдусалом, эшони Санг ва мулло Шарифи дуобачӣ бонавбат ҳазрати Ёсин мехонданд, лаҳзаҳое буд он дам, ки эшони домулло Мирзо ба худ набуданд, бехудона ҳарф мезаданд.

– Ана ҳавзи Оби Кавсар, дар дами мавт об мехоҳад кас, об – об мегуфтанд. Ва боз гоҳе назарашон аз тиреза ба берун, ба рӯи ҳавлӣ, ба ҷониби боми меҳмонхона мегашт. Ва бехудона боз ба сухан меомаданд:

– Ана бинед, мулло Сайиднеъматулло, – ба шогирдон муроҷиат карда меафзуданд, – мебинед-а?

– Ҳа, устод, мебинем, – суханҳои бехудона ба забон овардаи устодашонро тасдиқ менамуданд, – мебинем, устод, мебинем, – такрор мекарданд шогирдон.

– Дидед-а?

– Ҳа, устод.

– Фариштаҳо аз осмон мефароянд, саф гирифтаанд, намоз мегузоранд, маро даъват доранд, пеш гузаред, эшони домулло Мирзо мегӯянд, онҳо ҳама маҳтали мананд, маро бардоред, ёрдам расонед, дастамро гиред… Бардоред… Меравам…

Он рӯзи моҳи аввали тобистони соли 1950, вақти зардолупаз пагоҳӣ қатӣ роҳу роҳрав, кӯчаҳо, даруну беруни масҷиди деҳа пури одам шуд. Ҳама гӯё аз тамоми Тоҷикистон ба ҷанозаи эшони домулло Мирзо омада буданд. Ҳазорҳо нафар ҷанозахонҳо, онҳое ки забони каҷашон назди эшони домулло рост шуда. Ҳамномашон мулло Мирзои ҳофиз дар саҳни масҷид миёни одамон нола дошт, суруди мотам мехонд. Бо ҳар як фароварди суруди ӯ мардум ҳамовозаш мешуданд, оҳу нола, фиғон ба осмон. Намояндагони ҳукумат ҳам, ки аз ноҳияи Роҳатӣ омада буданд, дар маъракаи дафни эшони домулло Мирзо ҳозир. Аз афташ, кори онҳо сабук гашта, ки дигар аз паи ба Сибир бадарға кардани он кас намешуданд, умедашон канда. Ба идораҳои махсус бо тантана ҳисобот медоданд, ки эшони домулло Мирзо аз олам гузаштанд. Раиси колхоз Кенҷа Юнус, фаъолон, одамони гапраси деҳа Нарзуллои Мелик, эшони Аҳмадхон, эшони Маллахон, Абдуллои Мӯъмин, Саъдуллои Ислом, аз деҳаи Роҳатӣ Боймуҳаммад раис, Холи Уроқ, Бӯрии Тоҳир, гӯё ҳама соҳиби мурдаи эшони домулло Мирзо буданд. Меҳмонон, одамони аз дуру наздик омадаро

пазироӣ мекарданд. «Ҳо бача, аспи фалончаро соҳиб шав, фалонча, чой биёр, якчо наист, пеш гузар», гуфта ба ҳама фармоишҳо медоданд. Ҳанӯз ҳангоми дар қайди ҳаёт буданашон эшони домулло Мирзо аз ҳамдеҳагон барои манзили абадиашон аз паҳлӯи мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф се газ замин хоста буданд. Аз ҷавонӣ, аз солҳои дар Бухоро таҳсил доштанашон орзуяшон буд, мурод металабиданд.Аз рӯи васияташон шогирдашон эшони мулло Сайиднеъматуллоҳ ва эшони Араб, эшони Умар миён баста ба обу арақ ғутавар шуда бо белу каланд баҳри устод манзил меканданд.

Он рӯз дар саҳни масҷиди деҳа, ки як умр эшони домулло Мирзо ин ҷо, бо аҳли деҳа намоз мегузоштанд, хизмат мекарданд, тобуташонро гузошта буданд. Ҳазорон нафар дар саҳни масҷид намози ҷанозаи эшони домулло Мирзоро хонданд ва баъд он касро дар ҳамин ҷо, дар канори мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф ба хок супурданд. Имрӯз мадфанашон обод, зиёратгоҳи аҳли деҳа шуда. Масҷиди ҷомеъи деҳа ба номашон:

Масҷиди ҷомеъи ба номи
эшони домулло Мирзо.
(1876–1950)

ДАРДИ ИШҚ
(Қисса)

* * *

Ӯ аз автобус аз ҳама охир фуромад. Аз паи одамон чанд қадам монд. Ҷӯйчаи канори роҳро гузашта бероҳа шуду таги як дарахти олуча, ки аз гул фуромада, сарсабзу пур аз барг гашта буд, истод. Рӯ ба рӯяш майдони васее. Мумфарш. Гирдогирди майдон биноҳои як ё дуошёна. Деворҳояшон сафед. Якеи он бинои сартарошхона, дар паҳлӯяш устохонаи дарбеҳи пойафзол. Баъд магазини хӯрокворӣ, магазинҳои ашёҳои рӯзгор, газвор, атриёт... «Шаҳр барин–ку!» гуфт ба худ.

– Ин деҳа Гулоб ном дорад? – пурсид аз ҷавоне, ки чанд қаламу дафтар дар даст аз магазини китоб берун омада буд. Ҷавон ба вай нигоҳе карду «ҳа, бобо, ин деҳа Гулоб» гуфт ва ба роҳаш рафт. Пирамард дониста пурсид. Ҳо, ана ҳамон чинори Ака. Дар саргаҳи деҳа, калон, сершоху навда шудааст. Наздикаш расид. Бачаҳои бисёре дар таги он дар даву тоз буданд. Баъзеи онҳо ба шохаҳои баланди чинор – ба майнаю гунҷишкакон, ки ғаҷар–ғучур, чирик–чирик доштанд, назар медавонданд, ду–сеи дигар камонҳо дар даст онҳоро нишон мегирифтанд. Як чӯҷаи майна аз кадом навдае фир–фир бол зада, ба замин афтод. Бачаҳо ба сараш давида рафтанд. Майнаҳо безобита гашта, барои халос кардани бачаашон қиғғос мезаданд, ғалоғула. Бачаҳои Гулоб… замоне ӯ ҳам ба монанди ҳаминҳо буд. Таги чинор меомаданд, бисёрӣ буданд. Парвона ҳам ҳамроҳашон. Онҳо ҳатто ба кундаи чинор часпида, ба навдаҳои баланди якторааи он мебаромаданд. Садои хандаҳои давраҳои кӯдакиашон ба гӯшаш омад. Хандаи ширини Парвонаро шунид. Чашмони зебои хандон, лабони пуртабассуми дилҷӯи ӯ пеши назараш буд. Рӯзҳои беғамӣ, хурсандии ӯ буданд он замонҳо. Ку Парвона, ку рафиқони айёми хурдсолӣ ва беғамии ӯ.

Оҳиста, якта–якта қадам мегузошт. Ба ҳар бому дар, боғу майдон, навиҳолон, дарахтони сари роҳ назар меандохт. Аз онҳо нишон мечуст, нишони рӯзҳои пеш, рӯзҳои рафта. Ҳамсолон, рафиқон, чашмдидагиҳояш ба хотир меомаданд. Куҷоянд онҳо? Наменамоянд, нестанд... Одамони имрӯзаи деҳа бошанд, вайро намешиносанд. Касе намегӯяд: ана бубинед, Рустам омад, ҳа, худаш аст. Танҳо, бе модараш. Пир шудааст, мӯйҳояш сап–сафед, барф барин... Афсӯс, афсӯс... Шиносҳо, ҳамдеҳагон, Парвона гуфта, вай дар дами пирӣ азми деҳа кард, онҳоро гуфта омад. Ё одамони ондавраи деҳа намондаанд? Не, зиндаанд, зинда… Охир худи ӯ дар қайди ҳаёт, намурдааст–ку!

Одамони имрӯзаи деҳа ӯро нашиносанд, биё нагӯянд ҳам, боке не. Гулоб зодгоҳаш. Бегона нест, як фарзанди он аст. Оби онро нӯшида,

ба хоку лойаш ҷӯлида калон шудааст. Ҳавои софу беғуборашро шамидааст. Падару модар, бобою бобокалонҳояш аз Гулобанд, Гулоб зодгоҳи Парвона, зодгоҳи худи ӯ, кӯчаю боғҳо, долу дарахтонашон шоҳиди бо ҳам буданҳои онҳо, шоҳиди лаҳзаҳои ширини умрашон… Гулоб хокдони гузаштагонаш аст. Рустамро ҳам хоки он кашидааст... Аз зану фарзанд, хонаю дари обод дур шуда, хоки Гулоб шавам, гуфта омад. Хоку оби Гулоб барояш азиз аст, фидои он мешавад, дар оғӯшаш ҷон медиҳад, беормон, осуда...

Бобои Рустам лаҳзае биистод. Рӯ ба роҳи омадааш гардонд. Офтоб дар дами ғуруб, дар он дуриҳо, тарафи офтобшин хона, зану фарзандонаш мондаанд. Он ҷо шаҳр аст. Дар назари зану фарзандонаш Гулоб чӣ? Ҷои вайрона, аз ободиҳо дур. «Деҳа чӣ ҷое, ки равию зиҳӣ», мегӯянд. Ҳушу ёди онҳо дар шаҳр, шаҳри пурғавғо. Онҳо онҷоианд, дар шаҳр ба дунё омада, хуни нофашон он ҷо рехтааст. Шояд аз ҳамин ҷиҳат ба шаҳр меҳр доранд ва шояд Гулоб ҳам барои ҳамин ба вай азиз аст. Шояд, шояд... Вале Рустам дар тамоми умраш ба шаҳр дил баста натавонист. Осмонаш асло аз ғубор холӣ не. Дуди мошин, дуди заводу корхонаҳо. Аз кӯчаҳо тарақо–туруқ трамвайҳо мегузаранд, мошинҳо садои гӯшхарош медиҳанд, ҳама ҷо мағал, ғавғо. Ба гуфтае саг соҳибашро намеёбад. Мӯяш ба сафедӣ заду вай ба ҳамаи ин одат накард. Дар пирӣ-ку тоқаташ намонд, сарашро гирифта ба деҳа гурехт. Инак деҳа. Чӣ ҷое – ҳавояш рӯҳафзо, ҷаннат, роҳат мебинад. Бегоҳирӯзӣ, ки шудааст, гунҷишкакон, ҳамаи парандагон ба шохсорони дарахтон, пеши лонаҳояшон ғун омада чирик-чирик, қий-чу – бозор доранд. Садои гунҷишкаконро ёд кардааст, пазмон шудааст. Ба гӯшаш форам мерасад. Агар ба сари онҳо рӯзи сиёҳ намеомад, магар аз деҳа дил меканданд, аз оғӯшаш мерафтанд? Не, осон набуд, деҳа, ҳамдеҳагон рӯҳи равон, ҷону ҷигари ӯ буданд.

Дар пеш чор–панҷ тана чормағзи калон–калон намоён шуданд, сари онҳо дар кабудии осмон. Навниҳол набуданд. Пир, чанд умри одамиро дар ёд доранд... Воқеан, ӯ ҳоло ба куҷои деҳа расидааст? Дар ин наздикиҳо, аз он чинори танаи теппа поёнтар ҳавлии раҳматии Эшонҷон ҷойгир буд. Бобои Фақир, Саидризо бо онҳо ҳамсояҳои дар ба дида буданд. Пеши ҳавлияшон боғ, себу зардолуҳо буд. Аз он боғу майдонҳо ҳам нишоне намеёфт. Дар ҷояшон биноҳои ду-сеошёна, деворҳои ин биноҳо сафед, наванд. Дар онҳо оё соҳибони ҳамондавраинаи ҳавлиҳо мезиҳанд? Бобои Фақир, Саидризо зиндаанд? Ҳа, ба хотираш омад. Ин чормағзҳо аз они раҳматии Исмоилхонанд. Онҳо дар боғи ӯ буданд. Вақти чормағзчинӣ бо шунидани садои ходаи чормағзшапон ба он ҷо медавиданд, аз рахна, аз ҷойҳои гаштаи деворҳо ба боғ медаромаданд. Гӯё дар таги чормағзҳо аз осмон сағиру кабир мерехт. Аммо онҳоро ҷанг намекарданд. Зани

раҳматии Исмоилхон ба ҳама меҳрубон буд, аз забонаш қанду асал мерехт. Сухани бад, ҷангу ҷанҷолро намедонист. Гапи сахташ «аз саратон намонад, бачаҳом» буд.

– Биёед, биёед, бачаҳо, хуб кардед омадед, ёрӣ мерасонед. Чормағз чинед, касе ду сатил чинад, ду тоқии пур–пур азони худаш, гирад, ҳалолаш шавад, – мегуфт ӯ ба онҳо.

Рустам ҳамон рӯз дар як они воҳид ду сатил чормағз чида, соҳиби ду токӣ кавсан шуд. Ӯ чормағзҳояшро гирифта, тарафи рахнаи боғ давид. Он ҷо Парвона рӯ ба онҳо истода буд. Лабонаш пури ханда, дандонҳои базебаш аз сафедӣ дурахшон. Ҳеҷ гоҳ ширинии он табассуми вайро аз хотир бароварда наметавонад, ширин буд он хандаи Парвона, қанду асал буд. Рустам чормағзҳояшро ба рӯмоли Парвона рехт. «Гир, не нагӯй, гир» гуфт ба вай…

Ин хабарро аз ӯ пеш ба хонаашон бурданд. Аз дарвоза даромадан замон модараш аз ӯ пурсид:

– Чормағзҳоят канӣ?

– Кадом чормағзҳо? – Худашро ба нодонӣ андохт вай.

– Ту дар чормағзчинии боғи Исмоилхон набудӣ? – пурсид модар.

– Будам, – бо дили нохоҳам ҷавоб дод.

– Будию чормағзҳоятро ба кӣ додӣ? Ба рӯймоли Парвона бастӣ?

– Ҳа, – гунаҳкорона сар хам кард Рустам.

– Вай духтар ба ту кӣ мешавад? Айб аст, шарм дор. Майда нестӣ, зан дошта бошӣ, соҳиби бача мешавӣ. Вай Парвона ҳам айни шӯкуниаш. Баъд... намедонӣ, ки ин духтар побаст шудагӣ, дар фотиҳа аст, гаҳворабахш дорад. Фаҳманд, чӣ мегӯянд? Дар бало мемонем, ба сӯхтан пок намешавем. Эҳтиёт шав, бачам. Гуноҳ кофта гаштааст вай, ба сари моҳо бало мебиёрад. Падаратро зад–ку! Ин ҳоло ҳеҷ гап не, аз нӯги хамир фатир. Осуда наметавонад вай, метавонад вай, аз дасташ меояд... – модар бо алам, бо сӯзу гудоз гап мезад.

Падараш назди яккамехи миёни ҳавлӣ, ки ба он ҳангии сиёҳашон баста шуда буд, омад. Рангу рӯяш канда, сараш бо дока баста... Ба назди ҳангӣ як даста алафи сабз партофт. Дастонашро ба миён гузошт. Ӯ аз гапҳои модари Рустам мадор гирифта буд.

– Очат рост мегӯяд, бачам, ғами туро мехӯрад. Даври ҳамин ҷанахс омад. Дигар ба вай хандида намешавад... – гуфт.

Дар хонадони онҳо ба калтаи Мансур механдиданд. Ӯ дар вақташ ошиқи модари Рустам будааст, ошиқи шайдо, девонаи Маҷнун... Ба хонаи онҳо хостгорҳо монда, мегуфтааст, ки Ҷамила агар ба никоҳашон сар фурорад, ҳа гӯяд, хоки қадамҳояшро ба дидагон мегирифтааст, хизматашро мекардааст, намегузоштааст, ки дастонашро ба оби хунук занад. Ҷамила маликаи вай мешудааст.

Вале Ҷамила «Ман аз ҳафт маҳаллаи бадсурат безораме, наход ман

ҳавайро гирам, монед, гапи вайро нагӯед!» гуфта, шӯру мағал меандохтааст. Ӯ ба падари Рустам тӯй шуда, хонаи вай меояд. Ҳамсояи овозраси Калтаи Мансур мешавад. Дар миён як девор. Ханданд, ё сулфанд, мешунаванд. Хуллас, ки маъшуқа дар таги бинии ошиқ манзил мегирад. «Болои сӯхта намакоб–ку! Чӣ кор карданд онҳо? Бар қасди ман?! Сӯхта бирён шав, мегӯянд?..» Ба сари Калта дарди бедавое меояд. Вале замин сахту осмон баланд, чорае намеёбад. Охир вай як одами нимтана, ба падари Рустам барин ҷавонмарди «ман» мегуфта, чӣ карда метавонист? Кирои як мушти ӯ надошт. Калта ба худаш муносиб зан меёбад, чӣ хеле мегӯянд, соҳиби рӯзу рӯшноӣ мешавад. Лекин алами нокомӣ аз дилаш намеравад. Душмани ҷони падари Рустам, ба вай кинавар. Дар роҳу рӯ дучор оянд, дасту пои Калтаро ларза мегирад, рангу рӯяш меканад, сиёҳ мешавад, фукаш кашол, қавоққояш овезон… Ба худ ғурунгос мезад. Чӣ мегуфт? Касе фаҳмида наметавонист, сар меҷунбонд, аз худ бехабар... «Ҳа, Мансур, аҳвол чӣ хел? Биё оштӣ кунем, қаҳрӣ шуда гаштан убол», падари Рустам бо ханда ҷониби ӯ равад ҳам, вай бо ҳамон ҳол аз вай дур мерафт.

– Агар ба ҳамин хушдори ту, – гоҳе падараш ба модари ӯ шӯхӣ карда мегуфт, – Худо даста диҳад, соҳиби ягон кору гап шавад, ба Худо бо ман чӣ карданашро намедонад. Гӯштамро дар сих кашида дар алов дорад ҳам, дилаш таскин намеёбад...

– Нагӯед, додош, як одамро хушдори ман мегӯед, ки... масхара мекунед, – сари дастархон нишаста бошанд, модараш ранҷида лаби онро қат карда, аз ҷой бармехост...

Ниҳоят рӯзҳое омаданд, ки ба ҳамин Калтаи Мансур – душмани хонадони онҳо даста расид. Ҷанг сар шуда буд. Мардҳои Гулоб ба ҳимояи Ватан мерафтанд, раиси колхоз амаки Нарзулло ҳам рафт. Масъалаи ба ҷои ӯ раис интихоб кардан пеш омад. Хеле фикр карданд, андешиданд. «Калтаи Мансур раис шавад», гуфтанд. Аз чанд ҷиҳат дар ноҳия ба ин хулоса омада буданд: Осмон ба замин омада расад, ду дунё як дунё шавад ҳам, Калтаи Мансурро ба ҷанг намебурданд, одами ранҷур, узраш маълум. Аз ҷиҳати дигар дар Гулоб аз вай босаводтар касе не. Дар Сталинобод, дар кадом як мактаб хонда будааст. Дар илми ҳисоб чи хеле мегӯянд, як офат, ба ҷои ҳамаи ҳисобдорҳои колхоз кор бурда метавонист... Ана аз ҳамин сабабу ҷиҳатҳо вай, ба қавли худаш, одами калон, соҳиби дову дастгаҳ – раиси колхози «Гулоб» шуд.

– Хушдорат ба ҷои амаки Нарзулло раис шуд–ку! – ҳамон рӯз аз кӯча ба модари Рустам хабар овард падар. Албатта, ба ин гуфтаи ӯ бовар накард модараш, як гапҳое, ки ба бел монӣ намеистад. Калта куҷову, раисӣ куҷо? Гапи вайро ҳатто занаш намегираду... Падари Рустам аз шӯхиҳои безебаш намонд, ки намонд ва ҳамин Калтаи май-

мун намурд, ки Ҷамила халос шавад. Хайр, ин шакли шум ба вай дил дода бошад, айби ӯ чӣ? Саг–дия ҷакиду гузашт...

– Шӯхӣ намекунам, занак, ҳозир маҷлис шуд, аз ноҳия калонҳо омада буданд, – падараш акнун бешӯхӣ ҳарф мезад, табассум, ханда аз лабонаш дур буд. Аз ҳамон рӯз дар хонадони онҳо аз ваҷҳи Калтаи Мансур дигар шӯхӣ намекарданд. Номаш ҳам аз забони падари ӯ афтод. Рустам пай мебурд, ки аз раис шудани «рақибаш» навруқи[1] падараш дигар шуда... андешаманд, зиқ, хафа... Хабаре мешунид, парешонтар мешуд... Баръакси ақидаи модари Рустам, ки «Калтаи шумшаклро чию раисӣ чӣ? Гапи вайро занаш намегирад...» вай корашро бо зарбаю зовита сар кард. Кадоме гӯё ба ӯ гуфта будааст, ки аввал чашми одамонро тарсонад, халқ зулмпарвар аст, то зулм накунад, гапаш ба ҳаво меравад, нописанд мешаванд, сиёсаташро шинонад, сиёсаташро... Ин маслиҳатро айни муддао ҳисобидааст. Ғайр аз ин ба ақидаи гулобиҳо, гандагӣ дар хуну пӯсти худаш ҳам ниҳон будааст... Ҳамин хел рӯз – рӯзи сиёҳи халқро интизор будааст. Аспашу майдон... Муддаои дилаш. Аз рӯзҳои аввали раисиаш бо доду мағал аз ҳавлиаш берун мешуд. Ҷангу сиёсатро аз хона сар карда... Занашро ҳар рӯз як бор таги қамчин кашида, оҳу вояшро мебароварад. Ҳикояти афсонанамое паҳн гашт. Ҳамон рӯзҳои раис интихоб гаштанаш шабе Калтаи Мансур аз занаш суол кардааст:

– Медонӣ, ман кӣ, занак?

Занаш аввал дар ҳайрат афтода, забон мехояд, чӣ ҷавоб гуфтанашро намедонад.

– Ҳой, занак, аз ту пурсидам, ман кӣ? – Аз ҷои нишасташ мехезад Калтаи Мансур.

– Шумо?

– Ҳа, ман!

– О, шумо додои Фозилҷон.

– Номаъқул кардӣ, ҳафтафаҳм, як бори дигар маро додои Фозилҷону позилҷон гӯй, забонатро аз ҳалқат кашида мегирам, – гуфта, сару рӯи занашро муштборон мекунад. – Боз додои Фозилҷон мегӯй?! – Калта наъра мекашад ва ба ҷои занаш худ ҷавоб мегӯяд: – Ман дигар додои Фозилҷон позилҷон не, ман раис, «раис», гӯй маро, раис!

Зани Калтаи Мансур кайҳо боз додои Фозилҷон гуфта, ном бурдани шавҳарашро фаромӯш карда будааст, раис мегуфтааст ӯро.

Баъди як ҳафтаи раисии Калтаи Мансур муаллим Фирдавсиро ба аскарӣ даъват карданд. Рӯзи гусели ӯ хурду калони деҳа аз пасаш то сари кӯтали баланди деҳа рафтанд. Зани ҷавонаш Малика «хонаи

[1] Навруқ – кайфият, авзо.

ҷангҷӯ сӯзад» мегуфту фиғон меандохт. Модари Фирдавсӣ мегирист, падараш ҳам. Гӯё рӯзи қиёмат буд. Дилҳои хурду калони деҳа ҳам аз алам пур шуда, сар ба қатори онҳо оби дида мекарданд. Дӯстону наздикони муаллим бисёр буданд. Ҳама паи гуселаш омаданд, ба ҷуз Калтаи Мансур, ӯ дар деҳа гап паҳн карда буд, бо одамони даҳанкалон, ба қавле, ки ба сутунҳои Гулоб кордор мешудааст. Якеи ин сутунҳои деҳа, одами боорбрӯю гапраси он ҳамин муаллим Фирдавсӣ ҳисоб меёфт. Маслиҳатгари ҳама буд ӯ, маъракаҳои деҳа бе ӯ намегузаштанд.

– Ана ҳамин Фирдавсиро ман ба ҷанг роҳӣ кардам, ба ҷӯши ҷанг! – бо овози баланд ҷор андохт рӯзи гусели муаллим. Ин гап рост буд ё дӯрӯғ? Ба ҳар ҳол ба баъзеҳо беасар намонд. Барои он бовар ҳам мекарданд, ки то он рӯз аз муаллимони Гулоб ягон нафар ба ҷанг даъват нашуда буд. Ва боз барои он ҳам гапи вайро беҳуда намегуфтанд, ки ду–се рӯз пеш Калтаи Мансур бо муаллим Фирдавсӣ шӯр хӯрда будааст. Боиси ҷанҷоли онҳо як аризаи барои кампири Роҳила навиштаи муаллим шудааст. Кампири Роҳила ба ариза назди Калтаи Мансур даромадааст, гуфтааст, ки аҳволаш бад, писараш дар ҷанг, дар хонааш як гард орд нест, ки рӯи об занад. Худаш, келинаш, набераҳояш гурусна, колхоз ба онҳо ягон пуд орд диҳад, раҳмашонро хӯрад.

– Инро ба ту кӣ навишт? – Аризаро хонда пурсидааст Калтаи Мансур.

– Муаллим Фирдавсӣ, илоҳӣ барака ёбад, – ҷавоб гуфтааст кампир.

Ана аз ҳамин сабаб ба сари муаллим ҷанҷол бардоштааст Калтаи Мансур.

– Муаллим, хабарат ҳамин, дигар аризанависӣ накун, мардум бероҳа мешаванд, оқибаташ нағз не, – таъкид кардааст Калта. Муаллим Фирдавсӣ хандидааст, хандидаасту гуфтааст, ки Калта номаъқул кардааст.

Пас аз муаллим Фирдавсӣ ба номи боз се–чор нафар ҷавонмардони деҳа даъватнома омад. Аз чӣ буд, ки даъватномаҳоро худи Калтаи Мансур ба хонаҳо мебурд. Мардум маъюс, ҳама ҷо ғамкада буд. Вале Калтаи раис ба ғаму аламҳо шарик намегашт. Вай гӯё аз осмон афтода, ба касе пайванд набуд. Хурсанд мегашт, аз ханда даҳонаш то бехи гӯшҳо. Байни мардум овоза буд. Ба касе, ки хоҳад, раис даъватномаи ҳарбӣ менависад, худаш гуфтааст... Баъзе кампирҳою мӯйсафедон зорию тавалло карда, ба дари хонаи Калтаи Мансур меомаданд. «Раис, садқаат бушам, ҳамин бачаҳаки маро аз ҷанг гардон, гӯ ба вай повиска нанависанд, вайро набаранд. Барака ёбӣ, Мансурхон. Хока гирӣ, зар гардад, умри чӯчаҳакот дароз шавад...» Хонаи Калтаи Мансур гӯё бозор буд. Аз пагоҳ то ду–се ҳиссаи шаб дарвозаи ду табақаи калони ҳавлиаш ғиж–ғиж кушодаю пӯшида мешуд, даробаро,

ҳама корафтода, эҳтиёҷманд…

– Ман хоҳам ҳар кор мекунам, аз бинии мардак зардоб мегирам. Дигар канӣ кӣ ҳад дорад, ки наздам «вов» гӯяд, гузаштанд он рӯзҳо, рафтанд. Ҳамаро ба ҷанг мефиристам, як кас намонда. Давр–даври худам! – назди ким–киҳо мушт ба сина зада, худашро баланд бардоштааст, ба хаёли алови чашми мардумро гирифтан, тарсондан, сиккаашро шинондан афтида.

Саидбек яке аз одамони овозадор, қайсар, гарданшахи Гулоб буд. Аз гапаш намегаштагӣ. Саидбеки паҳлавон мегуфтанд ӯро ҳама. Бӯзбалаи батанутӯш, чорпаҳлӯ, китфвасеъ. Аз зӯриаш меболид. Рафту бо касе гапаш гурезад, то бо вай даст ба гиребон нашавад, ба гуфти худаш, аз чаккаҳои сари ӯ хун нагирад, думашро сар намедод. Бо шаттоҳӣ бурдааст, мегуфтанд дар ҳаққи ӯ. Як рӯз ба кори колхоз барояд, чор рӯзи дигар ба ихтиёри худ... Ба бригадиру калонҳои колхоз тан намедод. Ҷаллобу чорбозоргард буд. Байни Сталинободу Янгибозор тор метанид. Аз якеаш гову мол гирифта, ба бозори дигар бурда, обу лой мекард. Аз ҳамин ҳисоб дастархонаш кушода, хонааш сермеҳмон. Чи хеле мегӯянд, мардак пуффас мезад.

Як рӯз Калтаи Мансур савори аспи гулибодоми ҷавмасташ дари хонаи ҳамин Саидбекро гирифт. Вайро аз хонааш ҷеғ зада бароварда.

Саидбек дар паси дарвозааш Калтаи Мансурро дида, аз мақсади ӯ бехабар, бо маънии «Хӯш хизмат?» рӯ ба рӯяш истод.

– Саидбек, ман чиба туро ҷеғ задам, медонӣ? – Калтаи Мансур лаҷоми аспашро кашида пойҳояшро, ки ба рикоб қариб намерасиданд, ба танаи асп ҷафс кард.

– Не ку, хайр ку бигӯ, чӣ мехоҳӣ? – нописандона хандид Саидбек.

– Бозоргардӣ акнун бас, ҷӯра, дигар аз кор акиб наметмонӣ. Пагоҳ достатро гиру ба дарав рав, барвақт, офтоб набаромада. Ман худам сари даравгарҳо меравам. Агар бинам, ки нестӣ, дилат сиёҳ мешавад, хафа мекунам, – гуфт Калта.

Саидбек дар аввал моту мабҳут гашт, гӯшҳояш бовар намекард, ки Калтаи Мансур ҷуръат карда, ба вай гап мезанад, ба кор баро, мегӯяд... Баъд хандааш омад, даст ба сари дилаш монд, қоҳ–қоҳ хандид.

– Ту худат кистӣ? Ба худо, ки намешиносам, – Саидбек кафи дасташро ба пешониаш лапар карда, аз наздиктар ба рӯи Калтаи Мансур зеҳн монд. – Эъ, ту ҳамон Калтаи Мансурӣ–ку! Ё чашмони ман намебинанд, хира шудаанд? Фанд хӯрдам? Не, ту Калтаи Мансурӣ, худи худат. Лекин гапзаниҳоят дигар... – баландтар хандид.

– Масхарабозӣ накун, Саидбек, бо ин роҳҳо халос намеёбӣ, агар дар ҳақиқат чашмонатро сиёҳӣ гирифта бошад, маро намешиносӣ, ман Мансур Ҳотамов, раиси колхози «Гулоб», шунидӣ, аз пагоҳ дер намонда, ба кор мебарой.

Саидбек боз хандид, вале аз ханда ин дафъа дарҳол худро нигоҳ дошт.

– Ту раис шудам мегӯӣ? Маро «кор баро, нонатро ҳалол карда хӯр» мегӯӣ?! Дӯғ мезанӣ?! Як бори дигар ту аз модар таваллуд шав, ин хел не, одамсурат ба дунё биё, ана ҳамон вақт аҷаб не, ман ба ту гӯш диҳам. Аммо ҳозир узр, ҳозир ту ба одам монанд нестӣ, гапзании ту чию алафхӯрии саг чӣ, – рухсораҳои Саидбек аз ғазаб сурхи алвонӣ шуданд.

– Таъна назан! Пушаймон мешавӣ, пеши пойҳоям меафтӣ, зорӣ мекунӣ, дер не, ҳамин ҳозир ба зорӣ медароӣ... – Калтаи Мансур аспро ба болои Саидбек тунд карда, паи ҳам ба сағрии он чанд қамчин андохт. Саидбек худро ба танаи девор кашид. Аз ҳарос чашмонаш нимпӯш шуданд. Вай ба ҳамин ҳол оҳиста–оҳиста ақиб рафту ҷаҳида, рӯи санги калоне баромад. Акнун ҷои муносиб ки ёфта буд, даст боло кард, дастаи қамчин миёни панҷаҳояш омад, онро бо як силтав аз дасти Калтаи Мансур бурда, ба сари худи вай давид. Нӯки дастаи қамчин ба чаккаи Калтаи Мансур бархӯрд, болои чашмонаш хун нишеб шуд. Вале Калта ақиб намегашт, бо доду мағал деҳаро ба сар бардошта буд, болои Саидбек асп мемонд. Замин кафида, гӯё одам баромад. Паси дарвозаи Саидбек пур аз мардум, ҳама тамошобину ҳангомаҷӯй, Калтаи Мансур чун лухтак сари рикоб истода мегуфт: «Пилтаи хомро аз гӯшат бардор, ман барои ту амаки Нарзулло нестам. Номи ман Мансур, ман аз хоки дигар, ман ҷони одама маст мекунам, коре созам, ки авлод ба авлодат ба хотир биёрад. Ба хотир оварда, мӯи баданашон шиғ шавад, дар баданашон мурғак дамад, молу мулк, чизу чораатро байни колхозу худатро ба ҷанг қаратаёқ[2] мекунам. Агар ҳамин пагоҳ ҳамин корро накунам, хонаам ба ман ҳаром, аз камари падарам нашуда бошам, чашмонатро мош барин мебарорам». Болои зин Калтаи Мансур халта барин менамуд, халтае, ки аз он овоз меомад, овози пурдаҳшат, пурғалоғула, гӯшхарош. «Ин кист? Калта аст? О вай муши мурда буд–ку. Худи говзанбӯр барин бингос мезад, овозашро намешунидем. Раис шуда, ҳамин хел овоз баровардааст? Тавбае! Бедастая дастаю калбуза шох нате» гуфтани одамон рост будааст. Ҳозирон аз тааҷҷуб гиребон мегирифтанд. Мардум бо азоб ба ҷанҷоли байни Калтаи Мансуру Саидбек файсал дода, хона ба хона шуданд.

Вале Калтаи Мансур думи Саидбекро сар надод. Пагоҳи рӯзи дигар ҳамроҳи як намояндаи комиссариати ҳарбии ноҳия ба дари ҳавлии вай омад. Ӯ савори ҳамон аспи ҷавмасти гулибодомаш буд.

– Саидбек! Саидбек!! – ба паси дарвозаи ӯ бо дастаи қамчин тарақ–тарақ зад вай. Саидбек шитобон аз хонааш берун шуд. Абрувони

[2] Қаратаёқ – ба маънои пеш кардан, пешандоз кардан.

ғафс–ғафси Калтаи Мансур болои чашмони обравшудааш фуромада. Вай бе ҳарфу сухан, вале маълум буд аз ғазаб худро нигоҳ дошта наметавонист, дастонаш меларзиданд, таҳти рӯяш сиёҳчатоб гашта буд, аз кисаи пеши бари пичакаш коғазеро гирифт, онро ба Саидбек дароз кард.

– Ана гир, – гуфт. Чӣ вараке буд, Саидбек дар аввал нафаҳмид.

– Ин чӣ? – бо ҳарос ва бо овози гирифта пурсид Саидбек.

– Хон, агар чашмот нагузаранд, худам хонда медиҳам. – Калтаи Мансур пас аз лаҳзае давом намуд: – Ин даъватнома аст, ба ҷанг меравӣ, – раис мағрурона лаҷоми аспро тарангтар кашид. Ҷонвар безобита шуда, гарданашро дам ба дам пеш меёзонд ва дасти Калта паиҳам силтав мехӯрд, аспро нигоҳ дошта наметавонист, ҷонвари безабон рост–рост мехест, бозӣ мекард.

– Медонистам, ки аз дасти ту ин кор меояд. Нағз кардӣ, ҷанг рафтан барои мо – мардҳо қарз аст. Зинда монем, боз мебиёем, бо ту вомехӯрем, ҷои гурез намеёбӣ... – Саидбек ба ҳавлиаш даромада, бо қаҳр дарвозаро аз пасаш сахт пӯшид.

Дар деҳа гапи нав пайдо шуд: Саидбек шаб дили раисро сиёҳ карду пагоҳӣ рӯзашро дид, деру дур нагузашт. Худо гӯед, ки гапатон бо ин ҷанаҳси Калта нагурезад, набошад вай ба сари ҳама офат мебиёрад, метавонад... Ҳамаро ба ҷанг мефиристодааст, занҳоро ҳам... Худаш гуфтааст. Лекин ба гӯши баъзеҳо гапи дигар ҳам хӯрд: ба номи Саидбек даъватномаи ҳарбӣ пештар омада будааст. Калтаи Мансур онро нигоҳ доштааст, барои худнамоӣ, алови чашмҳоро гирифтан бо Саидбек роҳи ҷанг ҷустааст. Боз «ман, ман» гуфтанӣ будааст…

Аз зарбаю зобитаи Калтаи Мансур воқеаи дигаре ҳам дар хаёли мардум мондааст.

Ӯ савора сари подаҷо меояд. Подабони куҳансол Аввалмурод таёқаш дар сари китф пайдо мешавад.

– Аз куҷо омадӣ? – пирамардро аз роҳ мегардонад раис.

– Аз сари пода.

– Пода дар куҷо?

– Дар лаби ҷари Кафтаргузар, духтаронам бонӣ мекунанд.

– Подаро ин тараф, – бо дастаи қамчин сӯи теппаҳо ишора мекунад ӯ. – Ба Пистадара ҳай кун!

– Он ҷо алаф нест–ку. Ду рӯз пеш пода дар Пистадара мечарид.

– Алаф дорад–надорад кори ту набошад, мӯйсафед, гапи раис гап будагист. Ҳозир подаро аз ҳамин ҷо – аз пеши ман гузаронида, ба Пистадара мебарӣ.

– Мо бекор нестем, ки қатии ту маймунбозӣ карда шинем. Дӯғу дангалашро бинед–а... боз аз наздашон подаро ҳай карда гузаронам будааст. Номаъқул кардӣ, Калтаи маслуқ! – Ғазаби пирамард меояд.

– Чӣ гуфтӣ? Канӣ, аз нав такрор кун, – аспашро маҳмез мезанад Калтаи Мансур.

– Пеш набиё, маслуқ, ки фарқи саратро хун мегиронам, беақал мемурӣ. – Аввалмурод асои заранги дарозашро миёни ангуштони шахшӯлаш мефишорад. Чашми Калтаи Мансур аз ӯ наметарсад. «Сол саг омаду ту раис шудӣ, гуфтӣ?» Бо доду валвала ба болои пирамард Аввалмурод асп мемонад.

– Э дафъ шаве, сурати бадат дар гӯре... Хуб одами бозӣ мекардаатро ёфтию, ман туро мекушаме, хунатро мерезонам. Ана! – асои дарозашро гирди сар гардонда, ба адли миёни Калта мефурорад. Калтаи Мансур кулӯлабанд шуда, аз рӯи зин ба замин меғелад. Дод мегӯяд, аҷириққоро мегазад, баъд чирросзанон назди намояндаи ноҳия, ки ҳамон рӯз бо чанд милиса ба коре ба колхоз омада будааст, медавад... Сару рӯяш пури хоку лой... ғазаби намоянда омада, ҳамон лаҳза фармоиш медиҳад: хурду калони деҳа ҷамъ шаванд. Маҷлис мегузаронад. Таъкид мекунад, ки агар касе ба гапи Калтаи Мансур надарояд, супоришҳояшро ба ҷо наорад, ё ба вай даст расонад, ҷазо мебинад, ҳабс мешавад. Калта одами давлат, ҳарфи ӯ барои ҳама қонун, қонунро вайрон кунанд, рӯзашонро мебинанд... Баъд милисаҳо пирамард Аввалмуродро дошта меоранд, ба аҳли маҷлис нишон медиҳанду пешандоз карда мебаранд. Чанд вақт ӯ паси панҷара мешинад, ба деҳа баргашта мегӯяд, ки дигар аз гапи раис намебарояд. Ба ақидаи ҳамдеҳагонаш ороишҳои ӯро гирифта буданд, мум барин мулоим шудааст.

Баъди ин воқеаҳо, ба ҷанг гусел шудани аксари мардҳои деҳа, ба ғаму алам гирифтор гаштани мардум қариб дигар касе ёфт намешуд, ки ба Калтаи Мансур сар ба сар ояд. Дар деҳа гӯё одами пишакашро пишту сагашро тур мегуфтагӣ намонда буд. Худи Калта шоҳу табъаш вазир. Ба майнӯшӣ, ишрат, пардохт. Вақти ангурпаз дар ҳар бригада ду–се нафарӣ занҳои зебо ба ихтиёри раис ҷудо шуда, дар боғҳо аз пагоҳ то бегоҳ барои вай меҷунбиданд. Дарун ба даруни ҷӯякҳои боғ, тирак ба тирак гашта, токҳои сиёҳангур, ҳусайнӣ, кишмиш, соҳибӣ меҷустанд. Аз ангурҳои хушлаззат навъ ба навъ, кӯза–кӯза май мехобонданд. Тобистони соли аввали ҷанг Калтаи Мансур дар як гӯшаи ҳавлиаш меҳмонхонаи дуошёнаи оинакорие созонд. Он ҳамеша сермеҳмон. Аз ноҳия кадом як рафиқаш меомад, аз деҳаҳои ҳамсоя ҳам ёру шиносҳояш пайдо мешуданд.

Як ҳофизу ширинкоре доим дар меҳмониаш. Худи Калта маст шуда, табақчаеро ба даст мегирифт, сурудҳои классикиро паст–паст замзама менамуд. Дар меҳмонхонаи раис базм мешуд. Аҳли базм ҳама сархуш шуда, аз меҳмонхона берун мебаромаданд. Миёни ҳавлӣ чавкӣ мезаданд, базмашон гармтар мегашт... Дар хонаи Калтаи Мансур шодию нишот ҳукмрон буд. Ягона хонае, ки аз дарду доғи аҳли

деҳа фориғ. Гиряи модарон, ки дар фироқи фарзандони шаҳидашон хун аз дидаҳо мерехтанд, нолаи занони бешавҳармонда, фиғони тифлон, пирон, духтарон ба гӯши ҳозирони ин хонадон гӯё намедаромад, ин ҷо базмгоҳ, ҷои хурсандию шодӣ... Ҳама ба ғаму алами худ саргардону чашми Калтаи Мансур ба занону духтарони хушрӯ. Онҳо яке паи дигар ба Калтаи Мансур номбад мешуданд.

– Худо додааст, мо як хурӯс–дия! – гоҳо аз шодӣ даҳонаш то бехи гӯшҳояш расида, бо ғурур мегуфт Калтаи Мансур ба улфатҳояш. – Деҳа пури зану духтар, ҳама зебо, хушрӯ, мана ман мегуфтагӣ, кадомашро, ки хоҳам, илоҷ надорад, розӣ мешавад, рисқ, – ӯ занони аскарон, ҷавонзанҳои бевамондаро дар назар дошт...

Сиёсати Калтаи Мансур оҳиста–оҳиста ба дилҳо мегузашт, аз ӯ ҳатто кӯдакҳои гаҳвора ҳам меҳаросиданд. Вақти ғаши кӯдакаш модаре «хап, дам ист, раис омад!» мегуфт, ӯ аз гиря мемонд...

... Падараш ҳанӯз ҳам дар назди ҳангии сиёҳашон буду модараш дуртар аз онҳо. Вай аз он ки Рустам чормағзҳояшро ба Парвона додааст ва ӯ бо ин духтар – келиншавандаи Калтаи Мансур ҳамроҳ мегаштааст, ғамгин буд.

– Бачам, очат рост мегӯяд, – боз сухани модари Рустамро ба хотир оварда падараш, – ҳоло даври ҳамин як Калта барин одам омад. Ҳама ғамдор, парешон, рӯзҳои ҷанг. Агар имрӯз–пагоҳ маро баранд, ҳоли шумоҳо бад мешавад: ин Калта ба шумоҳо ҳар кор мекунад: Ғами ҷонатро хӯр. Вай ҳатто маро зад. Ҳоло ҳам сарам аз худам нест...

Зоғҳо аз шоххои баланд–баланди чормағзҳои раҳматии Исмоилхон қоғ–қоғ зада парвоз карданд. Онҳо аз болои деҳа, хонаҳо, боғу майдонҳо коҳилона бол мекашиданд. Гузаштаҳои дур аз лавҳи хотири бобои Рустам рафтанд. Вай боз ба Гулоб омада буд. Сабукрави осмонранги зебое ба ду–се нафар бачаҳо, ки рӯи роҳ бозӣ доштанд, ошарф дода, пеши магазинро тоб хӯрд. Се духтари куртаи атласпӯш, ки тӯпиҳои якхелаи зардӯзӣ дар сар доштанд, пасопеш аз зинаҳои бинои сафеду озодаи дуошёна, ки хонаи зардӯзон буд, поён шуданд...

Бобои Рустам Гулоби Поёнро гузашт. Рӯ ба Гулоби Боло мерафт. Дар пеш дара. Онро нишеб мешуд. Айёми хурдсолиаш дар ин дара сайр мекард. Имрӯз ҳам он сердарахт, сабзу хуррам, имрӯз ҳам Гулоби Болою Гулоби Поёнро аз ҳам ҷудо менамуд ин дара.

... Рустам пай мебурд, ки падару модараш аз Калтаи Мансур меҳаросанд. Номи вай, гапу ҳарфаш чун абри сиёҳ болои хонадони онҳо соя андохта. Бале, падараш аз Калтаи Мансур тарсида буд. Ба воҳима афтода, ҳаросашро, ҳатто дар назди занаш, назди Рустам пинҳон намекард. «Калта ганда, ҷоҳилу касофат аст» мегуфт. Рустам дар ҳайрат буд, ки падараш барин як бӯзбалаи ҳузарб чаро аз Калта тарсидааст. Калта ҳам шахсе, ки аз ӯ тарсӣ? Вай охир одам не, ними

одам. Қадаш чунон паст, ки даруни алафзори баланд дарояд, гум мешавад. Кобиаш намеёбӣ. Ана аз ҳамин шакл падари вай дар ҳарос, шабҳо ӯро ба хотир оварда, аз ҷои хобаш парида мехезад. Аз ин ҷиҳат ба падар ихлосаш ҳам намондааст. Хайр, агар ҷудо аз вай дилгазон шуда бошад, ихтиёрашро ба Рустам гузорад. Ӯ Калтаро кафмол мекунад, таги по карда мекушадаш. Ё чашми падараш аз ҳамон хеши ӯ Салими дароз, ки пас аз раис шуданаш подабониро бас карда, ҳамроҳи вай мегашт, бонигараш буд, ҳарос хӯрда. Хоҳад, Салими дарозро ҳам зада маҷақ карда мепартояд. Охир, дар бисёр гӯштинҳо дидааст, ки барои бо падари ӯ зӯрозмудан талабгор ёфт намешуд, як паҳлавони номӣ. О хайр, ӯ чаро аз Калта метарсад? Сабабе будагист, беҳуда нест. Вай боре ҳамин андешаҳояшро ба падар баён намуд.

– Аз ҳамин Калтаи Мансур метарсед? – пурсид.

– Ту бачам, ҳолӣ ёшӣ, – гуфт падар.

– Чаро?

– Бепадар мемонӣ, бачам.

– Чиба?

– Ба касе, ки гапи Калта гурезад, вайро ба ҷанг равон мекунад, ба ҷӯши марг, – падараш шарм надошта, ҳароси дилашро гуфт, ана барои чи назди Калтаи Мансур забони падараш мегирифтааст, ӯро дида гунгу кар шуда мемондааст. Ғами ҷони худашро мехӯрдааст падар.

Падари Рустам аз тарси он ки бо Калтаи Мансур ҳамгапу лаб ба лаб нашавад, асло аз кор наметмонад. Субҳдам досу бандашро гирифта, ҳангии сиёҳашонро ҷул задаву онро пешандоз карда, аз дарвоза берун мешуд. Шабҳо вақти торикӣ фаромадан хастаю шалпар шуда, ба хона меомад, бо димоғи сӯхта хоб мерафт. Гӯё ягон лаҳза Калтаи Мансур аз хаёлаш дур набуд.

Бо хубию нағзӣ, бо дами дарун гаштанҳои падараш ҳам нашуд. Калта ӯро, модари Рустамро аз хотир набароварда будааст. Инро падараш ҳикоят кард.

Чанд рӯзи охир Калтаи Мансур бо вай баҳонаи ҷанг мекофтааст, манша карда, гап меандохтааст. Аз падари Рустам ҳеҷ садо, ки намебаромадааст, дашном медодааст. Вале Абдусалом гӯшҳояшро ба карӣ андохта, дашномҳои қабеҳи Калтаи Мансурро фурӯ мебурд, тоб меовард. Аммо нашудааст. Мегӯянд–ку, ҳазор рост гардӣ, ба душман гап ёфт мешавад, ҳеҷ ки нашуд, ӯ гуфтааст: думи сагат кач. Барои ҷанҷол Калтаи Мансур баҳона меёбад.

Аспи Калтаи Мансур, ки дар як гӯшаи хирман, сари охури ҷав бастагӣ будааст, аз гулмехаш раҳо хӯрда, сари чоши ҷав медавад. Фукашро ба чош лағат карда, кумур–кумур ҷав хӯрдан мегирад. Асп гоҳ–гоҳе ҳалос зада, чоши ҷавро бо пойҳои пешаш ба ҳар тараф тит мекунад, ҷав ба даруни хору хас, ба рӯи хоктӯдаҳо пош мехӯрад.

Абдусалом, ки аз як тарафи чош ба ҷуволҳо ҷав мебардоштааст, химчаеро бардошта, ба сари асп давидааст, «чу, сабилмонда» гуфта, аспро як химча задааст. Асп тӯр бардошта гурехтааст. Ҳамин ҳолро Калтаи Мансур нигарон будааст, ки аз таги капаи хирманкӯбҳо парида аз ҷояш хестааст говронаеро аз пеши пояш бардоштааст.

– Сабилмонда мегӯй? Аспи раиса ту сабил мегӯй? Забон баровардӣ?.. – Калтаи Мансур говрона дар даст, гирди Абдусалом, гирди чоши ҷав печ хӯрдааст. Говронаро ба замин задаю ба осмон бардошта, девона барин шудааст. Аммо падари Рустам дар ҷавоби ҳамаи ин бодигариҳои Калтаи Мансур ҳарфе нагуфтааст. – Аз забон мондӣ? Гап зан, санг нестӣ–ку, одамӣ, ҷон дорӣ. Ё нангу номус нест? Аз тарс лап зада мондӣ? Дар замонаш маро одам ҳисоб намекардӣ, механдидӣ... Аз хотират рафтанд он рӯзҳо? Лекин корҳои кардагии ту аз ёди ман намераванд. Имрӯз акнун навбати мо, кори дунё ҳамин хел – бо навбат...

Доғҳои аз Абдусалом ба дил гирифтааш ба сӯзиш меоянд, тоқаташ наменонад ва бо говрона ба сари Абдусалом мефурорад, боз ва боз... Болои чашму абрувони Абдусалом хун мешорад. Сараш аз худаш не, гӯё кафида, пора–пора шуда. Салими дароз ҳам, ки табақлеси раис шуда, аз ӯ лаҳзае ҷудоӣ намегирифт, ба сӯи Абдусалом мешитобад ва сару рӯи пурхуни ӯро дида, ҳаво мегирад.

– Ту раисро бесоҳиб гумон кардӣ? Бекас аст? Не, то ман зинда бошам, намегузорам, ки ба пои вай хоре халад. Ту барин кӯҳнадушманҳои раисро саришта мекунам, мезанам, мекушам!! – ӯ ба Абдусалом дарафтода, гиребонашро сар надода, вайро дӯғ мезанаду дӯғ. – Канӣ, худи ҳозир, ба пеши пои раис зону зан, хоки пояшро бӯс! Ҳа, агар ҳамин тавр накунӣ, саратро аз оқибат мегузаронам. Ҳа, канӣ хам шав! – Вай Абдусаломро рӯ ба замин мекашид, таҳдид мекард, лекин зӯраш намерасид.

Калтаи Мансур ва Салими дароз ӯро боз чанд мушту лағат заданд.

... Падари Рустам оҳ кашид.

– Бачам, хаёл накунӣ, ки зӯри падарат ба ҳамин Калтаи маймун, баъд... ба вай хардумаи сари ёла (Салими дарозро дар назар дошт) намерасад? Не бачам, ман агар даст қатӣ кунам, мардака рӯдаашро канда мепартоям. Ин Калта чӣ? Ваяш кӣ?! Боз се–чори дигарашон ҳам, ки ҳамроҳ шаванд, мезанам, гардан намедиҳам. Лекин, бачам, андеша мекунам. Мегӯянд–ку, рӯямро сиёҳ кардааст ду бута ришам. Ғами тую очаат дар дилам. Агар ман ба ҷанг равам, ҳоли шумоҳо чӣ мешавад? Шумоҳоро гуфта, зарбу латро ба худам гирифтам, забон таги дандон мондам.

Боз ҳамон гап: Ба ҷанг наравам, мегӯяд падараш, меҳаросад. Ӯ ба ҷанг равад, ба Рустаму модараш, албатта, ҳеҷ гап намешавад. Падари

ҳамаи бачаҳо дар ҷанг, ба онҳо ҳеҷ воқеа рӯй надодааст–ку! Калтаи Мансур он бачаҳои бепадарро, модарони онҳоро нахӯрдааст. Не, падараш дар ғами ҷони худ. Ҳа, ҳамин тавр, аз тарс...

– Нағз накардед, дада, – гуфт Рустам.

– Чиба?

– Тарсидед.

– Аз ҳамонҳо?

– Не.

– Аз кӣ?

– Аз ҷанг...

Ба рӯи падар Рустам гӯё беибо шаппотие фаровард. Ин хел... ба рӯи вай асло надавида буд. «Метарсед, аз ҷанг метарсед» гуфт. Ба падар ин зарби лати ӯ чӣ асаре монд? Ҷисму ҷонаш ба дард омад. Чӣ ҷавоб мегӯяд? Ниҳоят падараш ба Рустам гуфт:

– Ҷанг, бачам, Гулоби худамон не, ки ба ҳар ҳол осуда гардӣ. Он ҷо одамро ба нишон мегиранд, мепаронанд, мекушанд! Аз саршавии ҷанг ду моҳ нагузаштаасту аз қишлоқамон бист кас рафт. Ягонтаашон омаданд? Хабари марги бисёрашонро роҳӣ карданд, дигаронашон ҳам, эҳтимол мурданд, дар мусофириҳо ҷон доданд. Муаллим Фирдавсӣ канӣ? Фиғони зану кӯдаконаш дар осмон... Ман ҳам агар равам, сари ягон тир мешавам, хабари маргам меояд, оби дидаи очат дар параи рӯяш мешавад... Ту бо модарат танҳо мемонӣ... Ана ҳамин хел, бачам. Ман як ғами худамро не, ғами шуморо ҳам мехӯрам...

Суханҳои падар ба дили Рустам кора карданд. Дар ҷанг одамонро нишон мегиранд, мепаронанд, мекушанд... Дер не, зуд...

– Бачам, то ту як чизро мефаҳмӣ, ки ҳоло хеле гап... Шукр гӯй, ки падарат дар болои сарат соқу саломатанд, хор намешавӣ... – Модар ҳам ӯро сарзаниш кард...

– Рост мегӯяд очаат, ҳар гул дар буттаи худаш бӯй дорад. Худо гӯй, ки аз чор чашми ҳаёт намонӣ, сағира нашавӣ. Сағирагӣ рӯзи сиёҳ аст, талх аст, бачам. – Падар боз ба насиҳат пардохт: – Ту бо вай келиншавандаи Калтаи Мансур дигар гап наандоз. Халқи Худо медонад, ки вай духтарро додари раис гирум, ба наздикӣ тӯй мешаванд... Масъалаи зан ганда, нанги одам аст зан... Қаҳраш меояд, ғами ҷонатро хӯр, бачам, агар не, ҳайф мешавӣ, – падараш лаби докаи сарашро, ки болои абрувонаш омада буд, боло, ба таги гиреҳ руст кард ва дасташ паси пушт якто–якто тарафи пешайвон қадам партофт.

Ҳанӯз Калтаи Мансур аз хаёли онҳо нарафта, гапаш аз забонҳо наафтида, ҳар ду табақаи дарвоза шараққосанон кушода шуду худи ӯ савора ба ҳавлӣ даромад. Ба миёни ҳавлӣ расида, сари аспашро ба ақиб, ба ҷониби пешайвон тофт. Модари Рустам дар таги пешайвон лаби рӯймоли ҳарири сафеди сарашро, ки ба рухсораҳои гулобитоб ва

чашмони дилчӯяш мезебид, миёни дандонҳояш газида, ҳайрон монд. Рустам паҳлӯи ӯ. Дар ҳавлӣ сукуте сар зад. «Калта ба келини ӯ ду токӣ чормағз додани Рустамро шунидааст, ана чашмони калон–калони баднамудаш ғазаболуданд...» фикр мекард ӯ.

Нигоҳи Калтаи Мансур ба рӯи Рустам давид. «Ҳа, барои ӯ омадааст. Салими дароз ҳам дар ҳамин наздикиҳо, аз паси вай будагист. Ҳамин ҳоло даромада меояд...»

– Ҷамила, – гуфт Калтаи Мансур, рӯ ба модари Рустам истода, – аз пагоҳ ту ҳам ба кор мебароӣ, хонашинӣ бас! Достатро гир, гандумдаравӣ рав, аз гапи ман набаро. Шунидӣ–а, ба дарав рав, гуфтам, – таъкид кард ӯ. – Ё ба ту дарав маъқул не, миёнат дард мекунад? – Хандааш омад, – душвор аст? Ихтиёрат... – овози ӯ нармтар гашт.

Вале модари Рустам даҳон намекушод, сокит буд.

– Гап зан, Ҷамила, хап истодан фоида надорад. Ё барои ту ягон кори сабуктар ёбам? Меёбам. Лекин бекор гашта намешавад, қонуну қоидаҳо ганда, замони ҷанг. Агар ман хоҳам, ба сари ин хел одамҳо бало мебиёрам, рӯзи одамро шаби тор мекунам. Чӣ гуфтӣ? Ё, наметавонам, мегӯӣ?

Модараш борҳо гуфта буд: дар тамоми умр, ҳатто дар рӯзҳое, ки Калта аз пасаш сӯхта–пухта медавид, ҳарфе ба ӯ эб надида, назаре ба рӯяш наафкандааст. Ҳоло Калтаи Мансур дар рӯ ба рӯяш истода, аз вай гап мепурсад. Сари Ҷамила хам... Калтаи Мансур нафаскашии ӯро мешунид, нафаскашии дилбурдааш. Дилаш гуму гиреҳ мезад. Осуда набуд, худашро гум кард, сухан дар нӯки забонаш монд, гап намеёфт. Вале, аз афташ, вазифа – раиси колхоз будани худро ба хотир оварду боз мағрур шуд. Бо суханҳои пурдабдаба аз давлату савлат, аз карру фар, обрӯ, эътибораш ҳарф гуфта, ба дили дӯстдоштааш, ки ҳоло наздаш меистод, роҳ мечуст.

– Ҷамила, ҳамин вақтҳо хонаи мо сермеҳмон, – ӯ нӯки гапи дилашро бароварда. – Аз ноҳия, ҳатто аз Сталинобод меоянд, шиносу чӯраҳо аз ҳад зиёд. Дегҳо болои дегдон, қариб ҳар рӯз як гов ё гӯсфанд мекушанд. Хона бозор барин, даробаро... бо як худи Зарифа (занашро дар назар дошт) душвор, ба по рост мондааст, хонаи мо биё, тавонӣ, ба вай ёрӣ расон, ё хоҳӣ, – бо ханда суханашро давом дод Калта, – вайро кор фармо, фармон деҳ, чӣ ки хоҳӣ, гир, хӯр, хонаат биёр, дур нагард. Аз ҷиҳати дигар кори хонаи мо ҳам кори колхоз ҳисоб мешавад, хизмати намояндаҳои давлатро мекунӣ, рӯзи меҳнат медиҳам. Пагоҳ, албатта, хона биё, Ҷамила, охир ту бегона нестӣ–ку! Ба хотир биёр, ё намебиёӣ?

Ҷамила ҳамчунон ба пеши пойҳояш чашм медӯхт. Суханҳои Калтаи Мансур оё ба гӯши ӯ медаромаданд? Вай чӣ хаёл дошт? Рустам бехабар. Вале дилаш дар сина бирён, месӯхт. Калтаи Мансур дар на-

зди Рустам бо модари вай шӯхию бозӣ кардан мехоҳад, изҳори ишқ дорад, «ба хонаи ман биё, ту бегона нестӣ» мегӯяд. Ҳа, модари Рустам дар назди Калта хору забун, ночор мондааст. Илоҷ намеёбад. Аммо писари калонаш пеши даҳони бефаровези як маслукро гирифта наметавонад. Айб аст, мурдани писар беҳ, бенестиаш бод! Падар чӣ? Вай Калтаи Мансурро дидан замон ба хона даромад, панаҳ шуд. Аз тарс, ки қаҳри Калта наояду ба ҷанг нафиристад... Мард ин хел намешавад, мард мурад ҳам бояд зану номусашро ҳифз кунад, мардона бимирад. Вале падари ӯ... Албатта, ҳоло гӯшаш ба суханҳои Калта будагист, мешунавад, мешунавад, ки як нокас ба зани ӯ гап мепартояд, дар рӯи ҳавлии худаш. Боз вай чӣ марде, як шакле, суммоте, аҷоиботе... Ё худи Рустам бархезаду аз каштали Калта гирифта, ӯро аз пушти асп ба замин афканад? Баъд, чӣ хеле мегӯянд, як ном дар ҷаҳон гуфта, хуб ӯро лат кунад, то мурда афтоданаш занад?..

– Биё, албатта, хона биё, – аз сухани Калта ба худ омад Рустам. Ӯ ба модараш боз як бор нигариста, аспашро маҳмез зад, аз ҳавлии онҳо берун рафт.

* * *

... Бобои Рустам дарараро поён шуд. Бори фикру хаёлот ба дӯшаш оҳиста–оҳиста ба пеш қадам меандохт. Аз оғӯши дара ҳавои сарду рӯҳбахш мевазид, бӯи хуши гулҳо, гиёҳҳо, меомад, нашъае, ки айёми хурдсолӣ аз он баҳравар мешуд. Бӯи гулу гиёҳҳо, бӯи хоку лойи деҳа пирамардро боз ба ҳамон кӯчаю пайраҳаҳои дар даврaҳои хурдсолӣ тайнамудааш мебурданд. Дарахтон ҳама назар ба он солҳо калон–калон менамуданд. Бехи аксари онҳо навниҳолон сабзидаанд. Дара сабзу хуррам. Пеш харакӣ ё аспакӣ аз ин дара мегузаштанд, баъзан сангҳо танаи шаҳҳоро дошта–дошта, роҳ мерафтанд, меафтиданду мехестанд, боло, боз болотар мешуданд. Вале ҳоло роҳи мумфарш чун ҳошияи зебои нилфом ба танаи шаху баландиҳо печида–печида, боло, рӯ ба сӯи абрҳои сари теғаҳои кӯҳ афтодааст. Сабукраве аз наздаш виззӣ садо дода гузашт. Дар он айёми баҳорони дур сабзазорони таги дарахтони дара ҷои бозиашон буд. Алалхусус, дар ин фасли арӯси сол бачаҳою духтарони деҳа бештар ба ин ҷо меомаданд. Дарахтон ғарқи гул, дар болои гулҳо анвори офтоб... Занбӯрҳои асал виззосзанон аз гуле ба рӯи гуле пар мезаданд. Нигоҳи бобои Рустам аз санге ба санги дигаре мелағжид. Ниҳоят сангеро ёфт, ки бо Парвона боре ҳамроҳ болояш нишаста буд. Санги хорои теғадори калоне. Ҳа, ҳамон санг, пирамард онро ёфт, бечо нашуда буд. Аз онҳо баланд буд ин санг. Вале акнун он ба қади вай баробар набуд. Қариб ду баробар қади бобои Рустам аз санг баланд, риши сафедаш ба сандуқи сина афтода. Агар Парвона ҳам зинда мебуд, ин санг пеши қаду қомати ниҳоли вай

пастакак метофт. Ӯ духтараки борикмиёни гандумгун ва қоматбаланде буд... Бобои Рустам инчунин он дарахти зардолуи пиреро ҷӯё шуд, ки он рӯзҳо навдаҳои пургулаш рӯи санг хамбида буданд. Он дарахти зардолу набуд дар ҷояш, дар ҷои он олучаи навниҳоле рӯида. Баргҳои олуча каб–кабуд, ботароват. Парвонаю Рустам рӯи ҳамин тахтасанг нишаста буданд. Бобои Рустам ба танаи санг даст бурд. Пас аз чилу чор сол дасти ӯ боз ба он санг мерасид. Бо кафаш хокҳои болои сангро тоза карда, пойкашол рӯи он нишаст. Аз санг гӯё ҳикояти он рӯзро шуниданӣ буд. Лекин кай одами аз санги сард ҳарфу сухане шунида?.. Аз дур, аз камари кӯҳ, аз қаъри дара ба гӯшаш шарфаи об меомад. Он садоҳои хуш ҳоло ҳам ба самъи бобои Рустам мерасид. Парвона бастаи китобҳояшро рӯи зонувонаш монда буд. Занбӯрҳои асал дар он рӯзи офтоб болои ғуҷум–ғуҷум гулҳои гулобии зардолу нишаста мехестанд.

– Занбӯрҳо шираи гулҳоро мемаканд–а, Рустам? – аз занбӯрҳо ва гулҳо чашм наканда пурсида буд Парвона.

– Ҳа.

– Бибиам гуфтанд, ки бачаҳо ҳам ҳамин занбӯрҳои асал баринанд, як духтари хушрӯйро монда, ба духтари хушрӯйтари дигар мачаспанд, ҳушашон кашол мешавад. – Аз хандаи зебо рухсораҳои Парвона гул барин ранг заданд. Рустам ӯро ҳеҷ гоҳ он тавр зебо надида буд.

– Бибиат рост мегӯянд, Парвона, ҳамин хел бачаҳо ҳастанд, лекин кам будагистанд, бисёр не.

– Ту худат аз кадом хели онҳо?

– Ман ошиқи як гул, як гулро дӯст медорам, танҳо як гулро...

– Ҳамон гулат куҷост? Ба ман намегӯӣ? Нишон намедиҳӣ?

– Ту вайро надидаӣ?

– Не.

– Он гули ман ҳамин ҷо, дар ҳамин наздикакам, дар паҳлӯям...

– Канӣ нишон те, вай гули туя бинам.

– Чашмонатро пӯш.

– Ана, пӯшидам, – чашмони Парвона нимпӯш шуда, тарҳи рӯи ӯ кушодатар мегашт.

– Не, ин тавр не, маҳкамтар.

– Хайр, ана, – мижгонҳои дароз–дарози мушк барин сиёҳи Парвона бо ҳам баста гаштанд.

– Ана ҳамин духтараки хушрӯй гули ман, гули зебояки ман. – Рустам дасташро болои зонувони Парвона гузошт.

– Дурӯғ мегӯӣ? – чашмони бодомии Парвона механдиданд, – ман хушрӯ нестам, безебам.

– Аз ту хушрӯйтараш нест, Парвона, дар ҳеҷ ҷой, дар тамоми дунё.

– Муҳобот мекунӣ, ту ҳамин хел бало, ба ту Худо забон додааст.

– Рост мегӯям.

– Бошад чӣ?

– Нест.

– Хайр, фарз кардем, агар бошад, аз думаш мешудӣ?

– Гуфтам–ку, ту хушрӯӣ, ту парии Гулобӣ, модарат туро барои ман таваллуд кардааст.

– Дили онҳо ба дигар ҷо–ку! Ман гаҳворабахш.

– Абдул ба чанд даромада бошад?

– Ман гаҳвораи вайро наҷунбондаам–ку? Аз куҷо донам, ки чандсола аст?

– Вай бародари раис.

– Ин хел нагӯй.

– Ман рости гапро мегӯям, дурӯғ намегӯям.

– Ба наздикӣ тӯй–а? Давлати акааш зиёд, роҳат мебинӣ, малика мешавӣ...

– Таъна назан. Ба фикрат, ман чӣ кор кунам? Худам рафта, ба хонаатон дароям? Ба падару модарам гӯям, ки туро гирифта, ба ман диҳанд? Чаро худат хомӯш, дам намезанӣ, ба даҳонат об гирифта гаштаӣ? Дӯстдории ту ҳамин хел рӯякӣ аст, медонам... – Табассум аз лабони Парвона парида буд.

Парвона рост мегуфт. Вай ҳеҷ вақт, аз бешӯӣ мурад ҳам, худаш ба хонаи онҳо намеояд. Ҳеҷ вақт, гаҳвораи Рустам аз осмон омада бошад ҳам... Падару модари Рустам, аз рӯи урфу расми мардум, ба хонаи онҳо бояд хостгор мефиристоданд. Аммо наметавонанд, Парвона зани дар фотиҳаи додари раис аст, раисе, ки аз номи ӯ дили ҳама дар ҳарос, «ҳамаро ба ҷанг – ба ҷои марг мефиристам!» гӯён ба сари мардум наъра мезанад. Падару модари Рустам чӣ хеле мегӯянд, ҳеҷ гоҳ ба болои раис асп намемонанд, ку ҷуръате, ки келиншавандаи ӯро «келин мекунем» гӯянд. Бе ин ҳам худашон аз Калта тарсидаю ларзида гаштаанд... Ана ҳамин хел гапҳо, лекин инро ба Парвона гуфта наметавонад, дамаш ба дарун... Ва аз Парвона беҳуда гила кард...

– Хайр, гӯй охир, ман чӣ кор кунам? Дар хонаамон гапи тӯй, тӯи ману Абдулро сар карданианд...

Парвона аз Рустам мадад мехост. Вале вай ба Парвона ҷавоб гуфта наметавонист. Бастаи китобҳои духтар аз болои зонувонаш ба рӯи санг, баъд ба замин афтид...

* * *

Бобои Рустам аз рӯи санг бархоста, асояшро аз замин, аз пеши пойҳояш бардошт. Сулфааш омад. Чанд бор паиҳам сулфид, аз дара акси садояшро шунид: – «уҳу... уҳу...»

... Калтаи Мансур аспакӣ аз дарвозаи онҳо берун шуд. Вале садои

қарс–қарс ба сангҳои кӯча бархӯрдани наълҳои аспаш гӯё аз гӯшҳо намерафт, он садо дар гӯши Рустам буд: қарс–қарс...

Ниҳоят падар аз хона берун омад. Ранги рӯяш канда, лабонаш ба ҳам часпида, парсинг баста.

– Очаи Рустам, – гуфт ӯ.

– Лаббай, – модар сар боло намекард. Худро гунаҳгор медонист, сиёҳу кабуд мешуд, гӯё розӣ буд замин кафаду ӯ дарояд... Вале ба ақидаи Рустам, модараш заррае гунаҳкор набуд. Бори гунаҳ ба дӯши падараш. Худо нишон надиҳаду вақти дар никоҳи Рустам будани Парвона ба вай марди дигаре хандаи бечо кунад, изҳори муҳаббат шавад... Вай девона мешавад, линги ин хел мардро аз осмон меорад, мекушадаш... Мемираду ӯро ба ҳоле, ки ҳоло падараш модари ӯро монд, намегузорад... як ҷонашро фидои нангу номус, шарафу виҷдон мекунад. Аммо падараш...

– Дада, – гуфт Рустам ва пас аз лаҳзае таҳаммул илова намуд: – Шумо нангу номус надоштаед, дар ғами ҷони худатон...

Корд аз устухони падараш гузашт, худашро аз даст дод, як одами чӣ хеле дар ҳаққи вай мегуфтанд, тари вазнин, ба шӯру қиём омад, он тавр, ки асло ба ин ҳол наафтода буд.

– Маро таъна мезанӣ? Бенанг, беномус мегӯӣ? Ба даҳонат нигоҳ карда гап зан, тирончак, аз ҳад нагузарон, забонатро аз ҳалқат кашида мепартоям, ақлатро ба сарат мебиёрам... – Падараш ҳар чизе пеши роҳаш буд, ба сари вай ҳаво дод. Кафш, калӯшҳои кӯҳна... Хайрият, ки онҳо ба ӯ намерасиданд. Дили падараш хунук намешуд. – Аз ҷанг ман метарсидаам, дар ғами ҷони худам будаам... – Дар он лаҳзаҳо падараш ба шери аз банд раҳохӯрдае монанд буд. Дару деворҳо пеши ӯ гӯё ҳеҷ буданд, бандҳоро канда, дарҳоро шикаста, деворҳоро гардонда баромада рафта метавонист. Аз болои пешайвон вай худро ба ҷониби Рустам андохт. – Ту маро бенанг, беномус гуфтӣ? Гарданакатро канда мепартоям...

– Айб аст, дадаш, истед! Наход ба як кӯдак сар ба сар шавед, астағфируллоҳ гӯед, худатонро ба даст гиред... – модари Рустам ба миён даромад, падарро аз шасташ гардонд.

– Ман ғами ҷони худамро мехӯрдаам, – ин суханҳои Рустам аз ҳад зиёд алами падарашро оварда буданд, ки такроран ба забон меовард. – Агар ту барин фарзанд дар болои сарат будани маро нахоҳӣ, дар орзуи мурдани ман бошӣ, худи пагоҳ ба ваинкомат[3] меравам, маро ба ҷанг бар мегӯям. Пештар, бенавбат бар, бачаам ҳаминро мехоҳад, мегӯям...

– Дадаш, ба бачаи худатон ситеза накунед, – боз насиҳат кард модар.

[3] Комиссариати ҳарбӣ.

– Одами аҳмақ ғами фарзанд мехӯрад, ҷон меканад, бачам, мегӯяд, беҳуда, ҳамааш беҳуда! О ман ба ту гуфта будам, ки ғами туро, ғами очаатро мехӯрам. – Падараш боз сабаби дар назди Калтаи Мансур хапу дам истоданашро мефаҳмонд. – Аз хабари марги Фирдавсии муаллим омадан ду рӯз нагузаштааст Калтаи маймун аллакай талабгори зани вай. «Зани Фирдавсии муаллимро нагирам, рӯям сиёҳ» мегӯяд. Ҳамин рӯз агар ман ба ҷанг равам, пагоҳаш вай ба хона даромада меояд, бе пӯшт-пӯшт, напурсида... Очаатро мегирад, бадному садном мекунад, худат аз дасти вай нобуд мешавӣ... Ана акнун тармарги ғамдарсар, фаҳмидӣ, ки ман барои чӣ сад муштро ба худ гирам мегӯяму як муштро ба кас надиҳам. Ё ман агар ба ҷанг равам, очаатро соҳиб мешавӣ? Аз ӯҳдаи ин кор мебаромӣ? Аз Калта наметарсӣ? – Ба саволаш ҷавоб мехост, ки падараш ба Рустам назар андохт.

– Ман гардани вай маймунро мешиканам. Ба ҳавлиамон даромада наметавонад... – ғур–ғур кард Рустам.

– Ту ҳамин хел зӯр ҳам ҳастӣ? – ба дили тираи падар аз ифтихор шарорае афтод.

– Шумо агар ҳа гӯед, вайро мекушам, метавонам, – гуфт Рустам.

– Ана, дидӣ, мегӯям, ки ту ҳоло ёш, бачаӣ, – падар акнун аз ҷаҳлаш гашта буд, – вай ба сари одам бо фиреб, бо найранг об мерезад, вай танҳо нест, вай ба дили ман ханҷар заданӣ аст, туро нобуд мекунад, хонаам дар пуштам мешавад... Барои ҳамин метарсам, бачам! Ту маро тарсончак нагӯй, таъна назан!

– Ман наметарсам.

– Бачагӣ накун, – гуфт боз падар.

– Дадат рост мегӯянд, бачам, эҳтиёт шав, ба вай кордор нашав, – мегуфт модараш ҳам.

Падар каме хомӯш монда боз гуфт:

– Мо сабр мекунем, бачам, меваи сабр ширин аст. Ин рӯзҳои шум мегузаранд, ҷанг тамом мешавад. Соҳибони қишлоқ (мардҳо) баргарданд, худашон чӣ карданашонро медонанд. Ба одами саводнок қаҳт зада бошад ҳам, намемонанд, ки ним рӯз вай раисӣ кунад, дастаю дӯконаш аз даст меравад. Баъд... ман ҳам гов нестам, ақл дорам, қасдамро мегирам, аз Салими дарозаш ҳам... – Падар аз ҷиҳати назди Калтаи Мансур хомӯшу музтар монданаш як олам далелҳо оварда.

Вале бо вуҷуди ҳамин қадар бо сӯзу гудоз алами дил гуфтанҳояш Рустам падарашро бахшида наметавонист. Дар пеши назараш Калтаи Мансур. Савора вай, аз хандаи нозеб рӯяш бокароҳаттар мешавад, ба ҳамин ҳол ба модари ӯ шӯхӣ дорад. «Ҷамила, ту барои ман бегона не!» мегӯяд. Сари модараш хамтар мешавад, назди Рустам, назди шавҳараш... Лекин бачаи калону шавҳараш вайро аз ҳоли ногувор намераҳонанд...

* * *

Рӯзи дигар саҳарӣ падару модараш якҷоя аз хона баромаданд. Падар савори ҳамон ҳангии сиёҳашону модар пои пиёда... Модар дос ба сари китф, рӯ ба адиру пуштаҳо – ба ғаллазорон роҳ пеш гирифту падар ба ҷониби хирман. Пас аз ин онҳо ҳар рӯз вақти говгум ба хона бармегаштанд, хастаю монда, шалпар... Муддате ба ҳамин минвол гузашт. Вале «кор баро» гуфта, ба модари Рустам дӯғ задани Калтаи Мансур ба дигар маънӣ будааст… ӯро ба хонаи худаш бурдан мехостааст. Инро бригадир бобои Нусратулло гуфт.

Модараш аз кор омада, досашро ба як кунҷи пешайвон ҳаво дода, лаби ҷӯйчаи миёни ҳавлӣ рафт, рӯяшро шуст, ки дар офтоб сӯхта, чун нони нав аз танӯр беруномада суп–сурх менамуд.

– Монда шудӣ? – Падараш ҳам нав аз сари хирман баргашта ва аили маркабашро суст мекард.

– Роҳ дур, об набурданд, сӯхтам, – гуфт модараш. Баъд суфаи миёни ҳавлиро об зада рӯфт, гилем партофт, аз болои гилем кӯрпача андохт. Паи коре рӯ ба ошхона шуд. Рустаму падараш бо ҳам нишаста буданд. Аз ҳамон рӯзе, ки ба ақидаи модар, Рустам рӯи падарашро харошид, вай аз писар ранҷидагӣ барин. Хушаш намеояд, ки бо вай гап занад, дили Рустам ҳам аз падараш қариб мондааст. Ҳоло падару писар ба андешаҳои худ буданд...

Дар ин чанд рӯзе ки модараш ба кор мерафт, Рустам хонабон буд. Аз ҳавлӣ берун намешуд. Ҳамон рӯзе, ки модараш аввалин бор ба кор баромад, хело танҳо нишаст. Офтоб ба рӯи шохаҳои баланди себ зада буд. Себҳои сурх аз шуои он ранг мегирифтанд. Гулҳо барин меафтоданд. Рустам болои себ баромад. Як бағал себ чида буд, ки аз дарвоза моҳи камнамояш – Парвона намоён шуд. Кебида–кебида меомад. Ҳаросон буд, ба дарҳои бозмондаи хонаи онҳо назар медавонд.

– Рустам, – гуфт ӯ нохост. Дар ҷавоб Рустам себи сурхи хушбӯеро ба сӯи Парвона ҳаво дод. Нигоҳи духтар ба ҷонибаш гашт. Ӯро мечуст.

– Аҳа, ана, ту дар кучо будай? – Парвона вайро дид. Лабонаш аз табассум гул барин шуданд, гули сурхи арғувонӣ. Парвона механдид, пайкари ӯ, ҷисму ҷонаш механдиданд, олам механдид.

– Фароям? – навдаҳои себро дошта, худро поён нишеб кард Рустам. – Пештар биё.

– Мегӯӣ ки туро бардошта ба замин монам?

– Агар тавонӣ... Зӯрат мерасад? Не–е, ман аз он духтарҳои ноҳамвори ту мегуфта нестам.

– Ма, бигир, – Рустам себҳои бағалашро яке аз паи дигар ба домони Парвона партофт. Бағали ӯ холию домони Парвона пури себ шуд, себҳое, ки сурх, донаи анор барин. Ӯ аз болои себ фуромад ва онҳо

дар лаби ҷӯй сари по нишастанд. Чашми Парвона ба об. Нигоҳи ӯро об мебурд. Вай якбора дар банди хаёл монд.

– Зиқ метобӣ, Парвона?

– Дилам танг шуд, як ҷо шишта наметавонам.

– Барои чӣ?

– Падарам дар ҷанг маҷрӯҳ шудаанд.

– Кӣ гуфт?

– Хат омад, аз беморхона.

– Худашон навиштаанд?

– Ҳусни хати худашон не.

– Аҳволашон вазнин будааст?

– Ҳа.

– То ин ҷанг тамом мешавад, ки...

– Амаки Рачабалӣ мегӯянд, ки ба ин наздикиҳо тамом намешавад.

– Амаки Рачабалӣ, бечора аз ду пояшон ҷудо шуда омаданд.

– Рӯзи ҳамаро сиёҳ кард ҷанг... Нав Калта дар хонаамон буд. Мо ба ғами худамону вай тӯй мекунем мегӯяд. Худо занад ӯро. Модарам гуфт, ки диламон сиёҳ, раис, ҳоло ин гапҳоро як тараф монед... Лекин ба вай гап фаҳмонда мешавад?

– Худо аз дилсиёҳӣ панаҳ диҳад, мо тӯй, хурсандӣ карданӣ, – мегӯяд.

– Рост мегӯед, раис, тӯй хурсандӣ аст, лекин мо хурсанд нестем, – гуфт модарам оби дидагонашро бо сари остини куртааш пок карда.

– Чиба шумо хурсанд не? Ҳамаатон сиҳат саломат–ку.

– Падари Парвона тир хӯрдааст? Хат омад, ана худатон хонед, – модарам хатро пеши Калта партофт. Вай дили бедилон мактубро гирифт, онро кушода говзанбӯр барин ғунгос зада хонд.

– Эҳ, кудо, ман хаёл кардам, ки ягон нохушӣ рӯй додааст, ҳеҷ гап набудааст–ку! Султонмурод сиҳат, ярадор шуда будааст. Дар ҷанг ҳар лаҳза одамон мемиранд, ҷон медиҳанд, ҷанг ҳамин хел... Биёед, ҳолӣ ки хабари нохуш наомадааст, тӯйро гузаронем, тӯй муҳими хайр, кори савоб, як хона обод мешавад, ду кас ба як болин сар мемонанд, ба орзу мерасанд... – лаби дастархонро бардошта мактубро ба зери он ҳаво дод Калта.

– Ба як болин сар мемонанд, ба орзу мерасанд, мегӯяд? – Рустам ҷаста хест аз ҷояш. – Бо Абдул ба як болин сар мемонам мегӯй? Чӣ хел забонат гашт, ки ин гапро гӯӣ? Ё худат мехоҳӣ?

– Барои чӣ ту ин хел алов мегирӣ? Кори шудагиро нақл кардам, – гуфт Парвона.

– Модарат баъд чӣ гуфтанд? Он кас ҳам барои дар як болин сар мондани шумо розианд? Тӯй шаветон мегӯянд? «Ҳа» гӯй гуфтанд? – Рустам чанд себи дар дасташ бударо ба кадом як кунҷи ҳавлӣ яке паи

дигар ҳаво дода, кафҳояшро, чунон ки хоколуд шуда бошанд, ба ҳам зада афшонд.

– Ба сари ман дод назан, Рустам, ман ягон кори ношоиста накардаам, «ҳа» нагуфтам! – Димоғи Парвона сӯхт...

* * *

Амаки Нусратулло бригадир – падарашро ҷеғ зад ва нигарон нашуда, худаш дарвозаро кушод.

– Биёед, амак, биёед, – падараш ӯро бо рӯи хуш пешвоз гирифт.

– Биё, нагӯӣ ҳам омадем, – бригадир аз дарвоза дарун шуда онро пӯшид. Ҳамроҳ сари дастархон нишастанд. Моҳтоб болои сарашон омада. Он аз дуриҳо, аз осмони софу пурситора ба рӯи суфа, болои дастархон равшанӣ меандохт. Якдигарро онҳо дар тобиши моҳ мединданд, гарм сӯҳбат доштанд. Амаки Нусратулло пиёлаи чойро аз дасти очаи Рустам гирифту рӯи дастархон намонда:

– Абдусалом, – гуфт, – намепурсӣ, ки ман чиба хонаат омадам.

– Худатон бигӯед, – гуфт падараш.

– Маро раис фиристод.

– Чӣ мегӯяд? – Падараш бепарво буд.

– Очаи Рустам аз пагоҳ дигар ба дарав намебарояд, хонаи раис рафтанаш лозим, занаш касал будааст. Баъд вай духтари Султонмуродро келин кардӣ, тӯй дорад, очаи Рустам ёрӣ расонад мегӯяд.

Дар хотири Рустам намондааст, ки чанд лаҳза онҳо сокит нишастаанд. Падараш ҳарфе гуфтанӣ буд ё не? Намедонам. Модараш ба чӣ ҳол афтод? Надид, ҳис накард. Танҳо ба модараш чашм ало кардани Калтаи Мансурро тасаввур намуд... Ӯро барои ба тӯи Парвонаю додари касалмандаш тайёрӣ дидан ба хонааш мебурдааст. Дидаю дониста... Калта паи ҳам модари Рустаму додараш барои Парвона... Аз афташ, ин талаби Калта ҳам ба падараш асаре надорад, аз афташ ҳанӯз дар ғами ба кадом мушхона задани худаш аст, коре шаваду ҷанг наравад... «Дар ҷанг одамро мепаронанд, ба нишон мегиранд...» мегӯяд ӯ...

– Амак, ба вай Калта гӯед, ки алафашро паст чарида гардад, падарам ҳам, ки аз вай тарсад, – Рустам аз қаҳр падарашро «ту» гуфт, – ман наметарсам, вайро ман ба ин ҳолаш намемонам, хокашро мебезам. Вай худаш чӣ саг аст? Кӣ аст вай? – гиряи Рустам омада, аз сари дастархон хест. – Ман агар вайро накушам, одам не, – ҳунгос зада, ҷониби дарвоза тохт.

– Канӣ, ин тараф гард, канӣ, даматро гирифта дар ҷоят шин! Ҳе, ту хурӯсчӯча, зӯрӣ накарда мурӣ, каллапар шавӣ, тармарг! – Падар вайро як шапотӣ зада, аз роҳаш гардонда, ба ҷояш оварда шинонд.

– Бачам, тез нашав, – ҳама хапу дам буданду амаки Нусратулло Рустамро насиҳат мекард, – о, ҳоло ба очаи туро «биё» гуфтани Калта,

вай ҳадаҳа давида ба хонаи ӯ нарафтааст–ку! Як гапе гуфтааст, гуфтаааст–дия, саг–дия, номаъқул кардааст, хоб дидааст. Ту бачам, сабук нашав, дар як роҳу рӯ вайро дида, боз «тую ман» накунӣ, агар моро гӯӣ, нафас набарор... Вай одамоя суд мекунад, ба милисаҳо дошта медиҳад, ҳар кор аз дасташ меояд...

– Майлаш вай маслуқ маро суд кунад, монедаш маро паронад, лекин ман очама ба хонаи вай рафтанӣ намемонам, мурам ҳам намемонам, очаамро соҳиб мешавам, ман бенангу номус нестам, – насиҳатҳои амаки Нусратулло ба ӯ кора накарданд.

Амаки Нусратулло ва падараш аз ҳавлӣ берун рафтанд. Вале дур не, паси дарвоза истоданд, гӯё ҷои мувофиқ ёфта буданд, ки сӯҳбаташон қӯр гирифт, ғур–ғури гапзании онҳо ба гӯши Рустам меомад. Аммо аз чӣ хусус гуфтугӯ доштанд? Ӯ намефаҳмид... Ғазаби ӯ нисбат ба падараш паст нашуда буд. Дар дил мазамматаш мекард: вай чӣ мард аст? Занашро Калтаи Мансур барин зот аз дасташ бурданӣ, лекин ӯ хапу дам, хомӯш. Рустамро ҳам зад, ки забон накушояд. Яъне ӯ ба Рустам гуфтанӣ: «Мон, модаратро Калтаи Мансур ба хонааш барад, ихтиёраш, кордор нашав...» Ана падару мана падар... Дилаш аз ӯ хунук, ба порчаҳои ях баробар шуд. Бо вай дигар гап заданӣ набуд. Лекин намешудааст, пагоҳӣ ҳамон рӯз воқеае рӯй дод, ки падару писар аз гуноҳи якдигар гузаштанд...

То сари кӯтали деҳа омаданд. Модараш ҳам буд, амаки Нусратулло, Парвона, қариб ҳамаи хурду калони қишлоқ... Дар он рӯзҳо мардум фарзандонашонро ба ҷанг то сари ҳамин кӯтал гусел мекарданд, кӯтале, ки алҳол пирамард Рустам рӯ ба он меравад, пас аз гузаштани беш аз чил сол. Рӯзҳои пурдаҳшати ҷанг рафтанд, ҳоло дар ин рӯзҳои бофароғат аз сари кӯтал гузар менамояд... Ҳамин ҷо мардум бо ҷигаргӯшаҳояшон хайр мегуфтанд, оғӯш ба оғӯш мешуданд. Ҳамин ҷо дастони модар ба гардани дилбандаш ҳалқа мехӯрд, навҳааш баланд, фиғонаш ба осмон... Аз ҳамин ҷо модарон бо қомати хамида, дили шикаста боз ба деҳа баргашта, кӯталро мефуромаданд, беҳанг, бемадор, чун бемори нав аз доманаи дуру дароз хеста.

Баъзе модарон рӯзҳои ҷанг сари ҳамин кӯталро манзил гирифта буданд... Ба ақидаи аҳли ин маҳал чун чокак мечокиданд, чок, чок, чок... Ҳодисаи нохуше шояд аз он нохуштар воқеае дар рӯзгорон рӯй надиҳад, дар хаёлаш аз он рӯзҳо мондааст.

Пас аз хабари марги муаллим Фирдавсӣ ба номи модараш боз ду хат омад, хатҳои шум. Ҳарду додари ба як хирочи мамлакат меарзидаи муаллим – Ҳикматуллою Нозим фавтида буданд. Ин хатҳо, хабари марги Фирдавсии муаллим модари онҳо – кампири Фазиларо девона, аз худ бехабар карданд. Субҳ, ки медамид, кампир асо дар даст рӯ ба кӯтали деҳа мерафт, сари кӯтал, сари роҳи мусофирон мебаромад,

миёни роҳи пурхок рӯймоли сарашро паҳн карда, болои он чорзону мезад. Ку роҳакие ки аз наздаш осуда равад? «Ист» гӯён, ҳар якеро навбат ба навбат манъ мекард. «Кистӣ? Бачаи худораҳматии фалонӣ мешам гуфтӣ? Шинохтам, шинохтам... Куҷо меравӣ? Аз кадом тарафҳо меоӣ?..» Баъд ӯ мепурсид: «Ҳикматулою Нозим, Фирдавсии мана надидӣ?..» Ба саволаш боз худ ҷавоб мегардонд: «Дурӯғ аст, бачаҳои ман зиндаанд... мебиёянд, ҳарсеяш боҳаманд, куҷое ҳастанд...» Рӯзҳое мешуданд, ки касе дар роҳ наменамуд. Роҳи дури ба хаёлаш беохир, беодам. Гӯё парандае ҳам аз болои он намегузашт. Лекин чашми модару ҳамин роҳ. Орзу дошт: ягон писарашро аз ҳамин ҷо пешвоз бигирад, худаш, аз ҳама аввал худаш бачаашро бинад, аз ҳамин ҷо ҳамроҳи ӯ ба қишлоқ дарояд, бо даҳони аз ханда ба бехи гӯшҳо расида. «Ана, бинед, шодиёна тед, бачаҳакомро овардам. Гуфтам, онҳо зиндаанд, худам медонистам...» Ҳамин орзуи кампири Фазила буд: «Кошкӣ, орзума ба хок набарам...» мегуфт. Аҳли Гулоб аз сари кӯтал гиряи кампири Фазиларо мешуниданд, як рӯз не, ҳар рӯз. Кампир аз пагоҳ то шаб менолид. Як зимистон ва боронҳои баҳорро ҳам ӯ ҳамин ҷо аз сар гузаронд.

– Хунук мехӯрӣ, занак, девонагӣ накун, шукр гӯй, аз тақдир бин, – шавҳараш рӯзҳои барф вайро аз сари кӯтал хона бурдан мехост.

– Маро хунук мехӯрӣ мегӯӣ? Ман хунук мехӯрам? – Такроран мепурсид аз шавҳараш. – Бачаҳом чӣ? Фирдавсию Нозим, Ҳикматулло дар ҷои гарманд? Дар таги кӯрпаанд? Худо мана ба ҷои онҳо бигирад, барвақттар саришта кунад. – Ба гапи шавҳари мӯйсафедаш намедаромад. Мегуфт, ки сангдил аст, фироқи шоҳтирҳояшро надорад. Мӯйсафедашро аз наздаш меронд, сангу чӯбро ба сари ӯ ҳаво медод.

Дар тобистон кампири Фазила бесарбон монд. Калтаи Мансур, ки аз паи зани Фирдавсӣ афтода буд, «хоҳад нахоҳад вайро мегирам», мегуфт, ягона марди ин хонадон – шавҳари Фазиларо ба тӯҳмат печонд, мӯйсафед мегуфтааст, ки то вай зиндааст, келинашро шавҳар кардан намегузорад, як чакра хунашро дар болои ӯ равшан мекунад, Калтаи Мансур ҳушёр бошад. Калта роҳ мечуст, роҳи аз падари Фирдавсӣ халос шудан...

Як нимрӯзӣ пирамардро дар каппаи хирманкӯбҳо хоб дида, ба маркабаш як халтаи даҳондӯз гандум бор мекунаду онро ба роҳи қишлоқ меандозад. Сонӣ худи мӯйсафедро аз хоб бедор мекунад: «паи кор шав, хирман ҷои хоб не, дар хонаат хоб меравӣ, хез!»– мегӯяд.

Мӯйсафед аз каппа мебарояд, ки маркабаш нест. «Куҷо шудааст? Бандашро кандааст–чӣ?» Паи онро мегирад, ба роҳи қишлоқ медавад. Калтаи Мансур ҳам аз паси ӯ, лекин савора. Ӯ маркабро бо бораш аз наздикиҳои деҳа мегардонад, мӯйсафедро дузд, ғоратгари моли

ҷамъиятӣ эълон мекунад... Ӯро ба ноҳия мебаранд, ҳабс мешавад. Ҳамон шаби тобистон, пас аз ду–се рӯзаш падари Рустамро аз ҳамин ҷо ба ҷанг гусел карданд. Нолаи кампири Фазиларо аҳли Гулоб то ними шаб аз сари кӯтал шуниданд. Баъд оҳиста–оҳиста хомӯш шуд ӯ, пагоҳаш ҳам овозаш набаромад. Пиразан чашм дар роҳи се фарзанди шаҳидаш нолида–нолида, дар рӯи роҳ – болои хору хасҳо афтода фавтида буд. Қариби чоштгоҳ мурдаашро аз сари кӯтал бардошта, ба деҳа оварданд...

Дар хонадони муаллим Фирдавсӣ акнун касе намонда буд. Танҳо як зани ҷавону бесарбони муаллим. Муддаои дили Калтаи Мансур. Рӯзи дигар ӯро бо зӯрӣ, бо дӯғу дангал ба хонааш бурд... Калтаи Мансур акнун соҳиби ду зан шуда буд. Буруташро табар намебурид, фукаш дар осмон, вай мегуфтааст:

– Касе бо ман душманӣ дошта бошад, ҳолаш аз ин ҳам бад мешавад, ман ба сари душманам об мерезам, хокашро бод мекунам. Ана якеаш ҳамин муаллим Фирдавсӣ буд. Ҳолаш чӣ шуд? Ба дами марг додам ӯро, додаронашро ҳам, модараш сӯхта–сӯхта мурд, падарашро ба паси панҷара кашидам, хонааш чӯлмарг, зоту зурёташ ҳам қир шуданд. Занаш азони худам, дар хонаам... Ана, агар ман хоҳам, ба одам чӣ мекунам... – Назди худию бегона Калтаи Мансур мушт бар сина зада ифтихор мекардааст, мелақидааст...

Падари Рустам хешовандон ва ҳамсояҳоро, ки барои хайрухуш ба хонаашон омада буданд, шаб то беруни дарвоза гусел карда ба хона баргашт. Дар рӯи суфа падару модар ва ӯ танҳо монда буданд.

– Бачам, акнун ихтиёри хонаю дар, зиндагӣ, модарат ба худат, – падараш бори нахуст ба вай чун ба одами калон муроҷиат мекард: – ҳушатро ба сар гир, калларо кор фармо, бачагию беақлӣ бас. Бо вай Калтаи касофат зинҳор ягон гап нагӯй, сахт набиё. Ҳарчи фармояд, «хуб» гӯй, сар паст кун. Одам аз вазнинӣ, сарпастӣ ба як ҷо мерасад... Ҳоло дасти вай боло, вай тоқа не, лаббайгӯйҳояш ҳастанд. Вай номарди Салими дарозро медонӣ, барои як пул, як тика[4] нон занашро мефурӯшад. Нангу номус надорад, бешараф аст. Калта ӯро барои худаш аз аскарӣ нигоҳ доштааст. Метарсам, ки бо хоҳиши маслуқ ҳамин одам ба ту зиён нарасонад... Гуфтам–ку, вай аз ҳеҷ кор рӯй наметобад, ҳайф нашавӣ мегӯям, ғами рӯи дилам шуда мондӣ, бачам! Ман худам бо вай ҳисобӣ карданӣ будам, нашуд, халос хӯрд, боз аз касофати ҷанг, ҷанг нашуд балои ҷон шуд. Дасту пойҳои мардумро бе ресмон баст. Калтаи Мансур барин маслуқҳо соҳиби гап, ба тори сарҳо баромаданд... Маро ҳам ба ҷанг нависонд. Дидӣ, дина вай чӣ хел ба хонаамон омад, қариб рақс мекард. «Гир даъватномаро, ба ҷанг

[4] Тика – луқма.

меравӣ»… – гуфта, боз худашро ғазаболуд нишон дод. Артист барин, ҳазор хел мешавад. Ба мақсад расид...

Ҳама корро ба Калтаи маслуқ нисбат додани падараш ба Рустам нафорид.

– Не, дада, вай ба одамон даъватнома навишта наметавонад, аз ноҳия менависанд, вай ҳамин хел худнамоӣ, ман–манӣ мекунад. Баъд охир дада, ҳама ба ҷанг мераванд, бе Калтаи Мансур ҳам мераванд.

– Ана, дидӣ бачам, ту ҳолӣ ҳеҷ чиз намефаҳмӣ, ёшӣ, – гуфт боз падараш, – гуфтам–ку, Калтаи Мансур мор аст, вай одамро бо ҳар роҳ мегазад, чунон мегазад, ки нафаҳмида мемонӣ, мемурию аз вай халос намешавӣ, балогии вай ҳам дар ҳамин–дия. Хоҳад душманашро бо табар мекушад, хоҳад бо шакар... Кони макр, кони ҳилаву найранг аст ӯ. Хоки хонадони Фирдавсии муаллимро кӣ бехт? Одами боақл ин ҳодисаи нохушро аз хотир намебарорад, аз Калта ҳазар мекунад. О ин корҳо дар зиндагӣ сабақ аст, бачам, мегӯянд–ку, ба кӯр асо... Баъд, бачам, – падар ҳамаи гапҳои дилашро имшаб ба вай гуфтанӣ буд, ки насиҳат мегуфту панд медодаш, – баъд бачам, – гуфт боз ӯ, – ба келиншавандаи Калта дигар гап назан. Имрӯз–пагоҳ тӯй карданианд... Ман аз ҳамин ҷиҳат ҳам метарсам.

– Гапи дадат рост, вай духтарак беҳаё, – гуфт модар низ. – Ба сари ту бало меовардагӣ барин. Ман ҳамин хел духтарҳои ҳирту пирт мекардагиро бад мебинам, аз дасташон ҳар кор меояд, бачам, ба бало мемонем...

– Рӯзи гузашта ҳамин духтар ба хона омада буд? – пурсид падараш. Рустам ҷавоб нагуфт.

– Ҳамсояҳо дидаанд, то бегоҳ дар хона ҳалоҳулмак[5] карда гаштед ҳардуят... Барои ин ман як ороишҳоятро гирифтанӣ будаму лекин ина бин, ки насиб набудааст.

– Шаби дароз падару модар нахуфтанд. Гап мезаданд, таъину номаҳои зиёде доштанд ба якдигар. Дар омади гап ба Рустам ҳам мегуфтанд, ки ин корро накунаду он корро накунад.

– Бачам, ман дигар имкони ягон сухан гуфтан намеёбам, дур меравам, ҷанг меравам, гапҳоям ногуфта намонад мегӯям...

Рӯз шуду панду насиҳатгӯиҳои падар охир надоштанд.

... Дар сари кӯтал ҳам падараш ба Рустам насиҳат мегуфт. Баъд падараш бори охир баргашта, ба ҳама «хайр–хайр»–и бисёре гуфту аз сари рухсораҳои Рустам бӯса зад, гарданашро ба оғӯш гирифт... Бо модараш ҳам хайру маъзур кард. Якдигарро онҳо гӯё дигар асло намедиданд, ки аз ҳам чашм намеканданд, нигоҳҳои маҳзуни онҳо байни мардум бо ҳам роз мегуфтанд. Модараш тоб наовард, ҳиқ–ҳиқ гирист,

[5] Шӯхию бозӣ.

рӯяшро ба лаби остини гулдӯзии куртааш панаҳ кард. Баъди хайрухуш бо ҳама падараш ба ақиб нигоҳ накарда, кӯталро нишеб шуд. Борхалтааш дар пушт. Аз миёни роҳ танҳо мерафт. Ба хаёлаш, ки вай роҳравон ба ҳамаи долу дарахтони деҳа, сангу чӯб, обу хоки он ҳарф мезад хайр, хайр мегуфт...

* * *

Бобои Рустам бо роҳи рафтаи падар, бо роҳи рафтаи модар, бо роҳи рафтаи худ ба деҳа бармегашт, аз назди ҳамон садаи пир аз мавзее, ки рӯзҳои ҷанг фарзандони деҳа аз муаллим Фирдавсӣ сар карда аз ҳамин ҷо ба корзор гусел шуда буданд.

... Модараш гандумдаравӣ нарафт... Аз пагоҳӣ гумҷӯ, ягон чиз гум кардагӣ барин аз як хона ба хонаи дигар медаромад, дарҳоро мекушоду мепӯшид. Гӯё падари Рустамро меҷуст. Ба назари Рустам низ ҳавлии калон, хонаҳояшон вайрона барин тофтанд. Нуру намудашон рафта буд. Ба гуфтаи модараш, онҳо бо соҳиби хона – бо падари Рустам зеб доштанд.

– Дадат ҳолӣ ҳозир дар Сталинобод будагист, бачам, – бо ҳасрат падари Рустамро ёд овард модараш.

– Чанд рӯз дар шаҳр меистанд?

– Намедонам, бачам.

– Баъд хат менависанд–а?

– Кӣ медонад, бачам, ин падари ту саводи дуруст ҳам надорад.

– Чиба он кас дар вақташ нахонданд? Мактаб–ку будааст.

– Модарашон намондаанд, мактаб равӣ, кофир мешавӣ гуфтаанд.

– Беҳуда.

– Пеш одамон ҳамин хел хаёл мекарданд, барои ҳамин ҳам намехонданд, барои ҳамин одамон «босавод» гуфта, ба он Калтаи маслуқ мӯҳтоҷанд...

– Вай дар кадом як мактаби шаҳр ҳам хондааст мегӯянд.

– Ҳа, ин бадбахта зеҳнаш тез, илмро об карда хӯрдааст,ношукриаш, илмаш пеш–пешу худаш аз ақиб...

... Калтаи Мансур дарвозаро боз намуд. Савора буд, савори ҳамон аспи ҷавмасти гулибодомаш.

– Очаи Рустам, – бо дастаи қамчин ба соқи мӯзаҳои ялақосиаш шарт–шарт зада, нидо кард ӯ. Аз афташ, пеш аз хонаи онҳо омадан худашро хуб орою торо дода будааст. Дар танаш ҷомачаи шоҳии абр, дар сар тоқии гулибоғи нав, ришаш паст қайчизада... Бурутҳои дароз–дарози мошубиринҷашро миёни ангуштчаҳояш тоб медод.

– Очаи Рустам, – боз модари ӯро нидо кард Калтаи Мансур... Модараш аз хона берун, дар дами дар буд. Лабони ғафс–ғафси Калта ҳанӯз ҳам дар ханда. – Абдусаломро гусел кардӣ? Рафтагиаш нағз, –

қиқирос зад... – Дар қишлоқ ҳам худаш дигар ҳеҷ кас намонда? Як мо мондем, соҳиби ҳама... Як се–чор нафарашонро нигоҳ медоштем ҳам мешуду...

Вай назди очаи Рустам худашро таърифу тавсиф мекард, аз обрӯ, эътибораш ҳарф мезад, вале Ҷамила сокит буд, гӯё Калтаи Мансурро намедид, суханҳояшро намешунид.

– Чӣ, аз рафтани Абдусалом хафа шудӣ? – Калтаи Мансур ба ниқоби дигар даромад, гӯё маъюс гардид, – зиқ нашав, ҳар дард аз зиқӣ мехезад, касал мешавӣ, ҳайф мешавӣ... Камоие бошад ба худам гӯй, аз ҳолат бохабар шуда меистам, намемонам, ки хор шавӣ, охир ман зиндаам, намурдаам. Ба ту некию нағзӣ накунам, ба кӣ мекунам? Мою ту аз хурдӣ якдигарро медонем. Кӯдакҳои майда будем, бо ҳам калон шудем...

Агар Рустам саҳв накунад, Калтаи Мансур қариб як соат аз болои асп ба модари ӯ гап зад, вале дар ҷавоб сухане нашунид. Ниҳоят аз беҳудагӯӣ, ба гуфтае, ки даҳонаш мӯй баровард, монда, зиқ шуд магар, ки лаҷоми аспашро сар дод, аз ҳавлӣ рафт... Модару писар танҳо монданд. Беҳарф, бесухан ҳарду истода... Ба худ набуданд. Чӣ ҳам мегӯянд? Сокит, хомӯш буданд онҳо...

– Рустам, оҳой Рустам, – овози Парвонаро шунид.

– Кӣ ҷеғ дорад? – пурсид модараш.

– Намедонам.

– Парвона–ку...

– Ҳа, Парвона омадааст.

– Ҳозир, аз ҳамин пеши назарат кӣ рафт? Ҳамин ҷо набудӣ? Вайро надидӣ? Ё аллакай вай сояи шум аз хотират баромад? Намурдааст, хабари маргаш наомадааст–ку! Ё дунёро бедушман дидӣ? Парвона, ҳой Парвона, Парвона! – ӯро ҷеғ зад модар. Парвона аз дарвоза дарун шуд.

– Дарвозаро пӯш, бачам, пештар биё, – гуфт модари Рустам. – Чӣ мегӯӣ, бачам, ба ман ягон гап доштӣ? – пас аз пӯшида шудани дарвоза аз Парвона пурсид ӯ.

– Ба Рустам кор доштам, – аз шарм дигар чӣ гуфтанашро намедонист Парвона.

– Ба Рустам? Бачам, Парвонаҷон, як–ду гап гӯям малол нашав. – Модари Рустам ба сари мақсад омад. – Ту акнун хурд нестӣ, дар доди[6] ту ман шӯ доштам, соҳиби бача будам. Ту ҳам имрӯз–пагоҳ тӯй мешавӣ, духтари дар фотиҳаӣ. Қадри худатро паст накун, охир. Баъд... хусури ту одами майда не... Ман, бачам, як одами бекас, ба ғами худам саргардон. Аз рӯи ту аз бачаам намонам мегӯям, рӯям сиёҳ меша-

[6] Ба маънии синну сол.

ваде, бачам, ту ақлата ба сарат гир, ҳарҷопарак нашав. Калтаю кӯтоҳи гап, ки ман туя келин намекунам, мурам ҳам, бачам ба ман азиз аст, якта аст...

– Ба мо кордор нашавед, оча, бас! – Рустам, ба ақидаи ҳамқишлоқиҳояш шарму ҳаёро аз хотир бароварда, барои духтари нағздидааш бо модараш баландравӣ кард, пеши даҳони ӯро гирифт.

Аз гуфтаҳои модари Рустам ягон–ягон ба гӯши Парвона даромада буданд: «Аз рӯи ту аз бачам намонам мегӯям... Туро келин намекунам, мурам ҳам... Бачаам ба ман азиз, якта аст...» Бо қаҳр, бо итоб рӯй гардонд Парвона аз Рустам, аз модари вай. Вай роҳ мерафту намедонист, ки дар осмон аст ё дар замин... Тарафи хонашон медавид. Чӣ номаъқулие кард, қадри худашро надонист, хор шуд. Модари Рустам дар ҳаққи вай ана... чӣ фикре доштааст... «ҳарҷопарак нашавад...»

Дар ҳавлии Рустамшон он рӯзҳо гӯё нохушӣ паи нохушӣ ҳамел мекашид... Якеаш аз дил дур нашуда, дигараш сар мезад. Падарашро заданд, Калтаи касофат барои модараш шуда, чанд бор аст, ки ба хонаашон меояд, рӯйрост, беистиҳола... Падарашро ба аскарӣ бурданд... Парвонаро тӯй карданианд... Худоё, Рустам он рӯзро набинад. Наход Парвонаи вай ба каси дигар расад. Не, ин ҳол рӯй намедиҳад. Лекин ҳозир – Парвона ба суроғи ӯ хонаашон омад, модараш ӯро ронд, шармандаю беобрӯ кард, гапи ношунидаи Парвона намонд... Чашмони зебои ӯ ҳавзи об шуданд. Бо дидагони ашкбор вай ба хонаашон рафт. Айби очааш, ба вай носазо гуфт...

– Кори нағз накардед, оча, – бо модараш дигар гапи зиёд гуфта натавонист.

– Ғами туро мехӯрам, бачам, – модараш ҳам аз карда пушаймон буд. – Ҳамааш аз дасти он касофат, – нигоҳаш ба сӯи ҳавлии Калтаи Мансур гашт. – Рӯзи сиёҳи ҳамаамон аз он ҷо, бачам. Илоҳӣ хонааш сӯзад!

* * *

Бобои Рустам аз канори роҳи мумфарши миёни дара мерафт. Аз он мошинҳо мегузаштанд. Андаке пештар, ҳангоми ба дара фуромадан, аз сари баландӣ, аз миёни хонаҳои Гулоби Боло ҷою манзили худашон ва ҳавлии Калтаи Мансурро ҷӯё шуд. Аз миёни ҳавлиашон, аз таги сурхсеб, себе, ки аз он як бағал чида, ба домани Парвона рехта буд, ҷӯи об мегузашт. Дар чор гӯшаи ҳавлӣ чор дарахти биҳӣ дошта нд, онҳо баҳорон сап–сафед гул мекарданд. Гелосе дар як канори суфаашон соя зада буд. Пир буд, вале бисёр кундаю гиреҳ мебаст. Пагоҳиҳо Рустам дар лаби ҷӯй дасту рӯй мешусту баъд бо падару модараш болои суфа нишаста чой менӯшид. Ҳамин ки офтоб ба рӯи боми ошхонаашон меомад, ҷӯраҳояш Сайфиддин, Садриддин ҳозир ме-

шуданд. Парвона низ ҳамроҳашон. Онҳо бо ҳам гулчинӣ мерафтанд. Чанд теппаи болои деҳаро гузашта, аз Гулоб дур мешуданд, ба даруни сойҳои хилват медаромаданд, бозии панаҳшавакон мекарданд. Ҷӯраи меҳрубони вай Садриддин буд, бачаи амаки Нусратулло... Онҳо ҳамсинфон, ҳамеша паҳлӯи ҳам менишастанд. Ҳоло аз хонаҳои баланду чӯбкории Садриддинино, аз ҳавлии худашон ҳам, нишоне набуд. Тарҳи деҳа, хонаҳои он ҳама дигар шудаанд. Хонаҳои Калтаи Мансур ҳам ба чашмаш наафтоданд. Ё дуои модараш мустаҷоб гашта, хонаҳои он золим ба хок яксон шудаанд, сӯхтаанд?!

... Парвона гирён–гирён аз ҳавлиашон берун шуду осудагии Рустамро бурд: модараш хуб накард. Ба дили духтар ханҷар зад, таъна зад... Аз паи Парвона афтод.

Ҳавлии Парвонаашон аз хонаи онҳо чанд кӯчаю паскӯча он сӯ, дар лаби ҷар буд. Ҷари чуқуре, ки як тарафаш то болои деҳа ҳалқа хӯрда, боғу майдонҳои зиёдеро аз ҳам ҷудо мекард, аз поён он ба лаби дарёи Сафедоб мерасид. Сар то охир даруни ҷар найистон. Баҳорон ба ин ҷо села-села мурғобиҳои даштӣ меомаданд. Қурбоқаҳо тамоми шаб, ба қавле, ки ин ҷо нағмасаро, вақар-вуқури онҳо ба ҳар хона, ба ҳар чети деҳа мерасид.

Рустам ба ҳавлии Парвонаашон наздик омада, таги тути сари реша истод. Ҳар ду табақаи дарвозаи калони ба қавли баъзеҳо чиғинадарои онҳо руст. Деворҳои гирди ҳавлӣ, ки болояшон бо янтоқу талха ғафс сархора гирифта шуда буд ва ба ҷо–ҷои онҳо, аввалҳои тобистон таппӣ зада, ҳанӯз онҳоро наканда буданд, ба назараш хеле баланд тофтанд. Даст дар танаи тут рӯ ба дарвоза овард. Мурғҳо дар пушти дарвоза қут–қуткунон дон мечиданд. Як мокиёни сурх чашмонашро нимпӯш карда, ба хоки гарм ғӯтавар шуда, қанотак мезад, пушту паҳлӯяшро ба он мемолид. Гурбае аз лаби бом ба сари девори пастакаки ҳамсоя ҷаҳид. Хурӯси чилтоҷи сафед гурбаро дида, қут–қут қудус бонг зада, патар–патар бол афшонд, дигар мурғҳо ҳам ба қут–қут даромада, дар як лаҳза аз роғи миёни табақаҳои дарвоза ба ҳавлӣ даромаданд...

Лаҳзаҳо мегузаштанд. Дарвоза ҳамон баста. Аз он касе берун намеомад. Вай Парвонаро диданӣ, ӯро интизор буд. «Агар баногоҳ аз ин ҷо Калтаи Мансур гузарад–чӣ? Ӯро мебинад... Алҳол ӯ надонад беҳтар...»

Аз рахнаи девор Рустам худро ба даруни боғи бобои Ризо андохт. Ин порчаи замини якбара, ки як гӯшааш ба дохили ҷар фуромадааст, пеш сангзор буд. Бобои Ризо онро аз сангу сафол тоза карда, ниҳол шинонд. Ниҳолҳояш калон–калон шуда, се сол аст ҳосил медиҳанд. Вале баъди сари бобои Ризо боғаш бе нигоҳубин монд. Қариб касе ин ҷо намеояд. Ҷо–ҷои деворҳои гирди боғ афтодаанд. Ҳавлӣ ё боғ, ҳама

чиз ҳам бо одам зеб дорад, бесоҳиб, ки монд, бӯи вайронӣ пайдо мекунад. Себҳо, зардолую шафтолуҳои пирамард, ки замоне ӯ аз субҳ то шом дар бехи онҳо меҷунбид, бе побел мондаанд. Боғ намуди ҳузновар гирифтааст, гову моли ҳамсояҳо дар дарунаш. Вай гоҳ–гоҳе дар ҳамин боғчаи бобои Ризо бо Парвона вомехӯрд, ёнаи дарахтзорро нишеб шуда, то лаби ҷар мерафтанд. Даруни буттазорони ғов, ки ба қавле он ҷо мор сар халонда наметавонад, соатҳо бо ҳам менишастанд, роз мегуфтанд. Албатта, ҳамаи ин андаке пештар, пеш аз сар шудани гӯйгӯяи тӯи ӯ бо додари Калтаи Мансур буд. Баъди ин гапу кори нохуш дигар онҳо ин ҷо бо ҳам нанишастаанд. Рӯзҳои охири сол таҳсил–ку Парвона мактаб намерафтагӣ шуд. Раис ба роҳбари синфашон Қосими хешовандаш фармуда будааст, ки илоҷе ёфта, дили Парвонаро аз мактаб хунук кунад, баъд номашро аз рӯйхати шогирдон барорад.

Рустам се–чор ҷӯяки себро гузашт. Рӯ ба рӯяш боз деворҳои баланди гирди ҳавлии Парвонаашон. Аз ягон ҷо рахнае не, ки ба дарун нигарад. Аз девор дуртар рафт. Як себи баланди якторафро часпида баромад. Аз баландӣ ба ҳавлӣ назар афканд. Касе наметофт. Мурғҳо дар таги пешайвон. Қут–қуткунон аз миёни хоку кум дон меҷустанд. Ҳангии сафедашон таги чормағзи пеши дарвозахона баста шуда буд. Пеши он як банд бедаи каб–кабуд партофтаанд. Ҳангӣ кумур–кумур беда мехӯрд: хармагасҳо гоҳ болои ёл, гоҳ сари шонааш часпида, безобитааш мекарданд, гӯшҳояшро меафшонд, фахос зада, бо сумҳои пешаш заминро мекӯфт, ба пас шата ҳаво медод, бо думаш магасҳоро меронд. Аммо онҳо боз ба вай мечаспиданд. Ҳолаш тангтар мешуд... Дари хона ғиҷиррос зад. Модари Парвона намоён шуд. Ба назараш ӯ афтода намуд, харобу лоғар, худашро гирондааст... Аз ғам, аз алами маҷрӯҳ шудани шавҳараш. Ӯ пешайвонро нишеб шуда, аз остини куртааш чанд каф дон – гандуми сурх пеши мурғҳо пошид. Ҳангаш канда, мадораш намонда, аранге роҳ мегашт. Ӯ ҷониби коҳдон гашт... Рустам худро ба паси навдаҳои сершохубарги ғабдал кашид. Лекин нигоҳаш ба ҳавлӣ. Парвона ҳамин ҷо – дар хона бошад? Хоб будагист. Не, ӯро хоб намебарад. Модари Рустам ранҷондаш, гапҳои беҳуда гуфт, аламашро овард. Ҳоло Парвона, аҷаб не, худро болои ҷойхобаш афкандаасту гиря дорад, ашк мерезад...

Нурҳои офтоб аз болои навдаҳои баланд–баланди себ канда шуда, ба сари теғаҳои кӯҳ дармемонанд, болои Гулоб соя меафтад, рӯз ба назар тира мегашт. Оҳиста–оҳиста дар деҳа шаб шуд, пардаи торикӣ онро ба бағал мекашид. Дар хонаҳои деҳа яке паи дигар чароғҳо фурӯзон шуданд. Аз болои себ бисёр ҳавлиҳо ба назараш зери қадамаш менамуданд. Дар миёни ҳавлии бобои Сайид алов даргиронданд. Модараш мегӯяд, ки онҳо ҳавсала надоранд. Чор кулӯхро рӯи

ҳам монда дегдон кардаанд, бунаҳои навомад барин, ҳама ба онҳо механданд. Аз ошхонаи Иброҳими заргар ҳам шӯълаи алов ба чашм расид. Аз афташ дами гарм пухтанианд. Модари Парвона бошад, дар ин мобайн корҳояшро саранҷом дода буд. Дар пешайвон дигар касе наменамуд.

Лаҳзаҳо боз мегузаштанд. Осмон аз ситора гӯё гулдӯзӣ мешуд, гулҳои пурҷило. Таҳти осмон каб–кабуди назаррабо менамуд. Ситорае болои теғаи кӯҳ дурахшонтар тофт. Ба чашмаш зебо ва дилчӯ намуд он ситора: «Ситораи Парвона». Назараш ба замин – ба хонаи онҳо гашт. «Канӣ ӯ!» Ниҳоят боз садои ғиҷирроси дарро шунид. Парвона? Ҳа, худи ӯ! Чӣ хуш, ки баромад, ба дили Рустам шуд. Дастонаш дар кисаҳои камзӯлчаи гулдӯзиаш. Рӯ ба осмон, ситораҳо аз миёни ҳавлӣ қадам мемонад, ғарқи хаёл буд. Ҳа, аниқ: ҳанӯз кайфияти суханҳои талхи очаи Рустам аз сари ӯ нарафтаанд. «Аз рӯи ту аз бачам намонам мегӯям... Мурам ҳам туро келин намекунам, мурам ҳам! Ақлатро ба сарат гир, ҳарҷопарак нашав. Бачаам ба ман азиз, якта аст...» «Парвона» гуфт ӯ. Духтар нашунид. Як навдаи болои сарашро дошта, бо нӯки по истод «Парвона!» «Рустам?» – нигоҳи ҳаросони Парвона ба гирду пешаш давид. Ниҳоят ӯро дида «Парвона, биё» гуфт Рустам. Чанде Парвона гӯё шах шуда монд. «Меравам», ба худ омад ӯ.

Дили Рустам акнун дар сина беқарор шуда буд: Парвона меояд! Дар ин боғи танҳо беодам, дар ин шаби ситоразору торик... Рустаму Парвона... ҳамроҳ. Шоху баргҳоро аз пеши рӯяш як сӯ карда, аз болои себ фуромад ӯ. Дар як боғчаи кушоду васеъ кучо истодану дар кучо ба Парвона интизор шуданро намедонист. Аз як чӯяк ба чӯяки дигари боғ мечаҳид, гӯё Парвона бо «меоям» гуфтанаш ба дили вай алов андохт. Аз кадом тараф ӯ ба боғ меояд? Пеши девори як тарафаш гашта давид. Аз болои девор ӯро ба бағал мегирад, баъд ба замин мегузорад. Хуб хушрӯ, зебост ин духтар. Чашмонаш дилчӯ, аз рухсораҳои гулрангаш чашм наканам мегӯяд. Қоматаш ниҳол, ниҳоли нозук. Ба оғӯшаш меояд ҳоло ӯ, оғӯш мегирад Парвонаро Рустам. Ҳа, ҳамин хел мавриди омада.

Аз паси девор шарфаи пой шунид. Касе аз миёни алафҳо мегузашт. «Парвона аст, омад!» Духтарак аз чӯи пушти девор парид. Пой ба рахнаи девор монд. Дилаш моломоли ҳаячону изтироб гашта буд, ки осуда нафас гирифта наметавонист, нафас гӯё дар гулӯяш мепечид.

– Оҳиста, эҳтиёт шав, Парвона, боз нааафтӣ, – Рустам ба ӯ наздик шуд.

– Хап ист, овоз набарор, – Парвона кулӯххои танаи деворро дошта пои дигарашро ҳам болои он гузошт.

– Биё, дастатро деҳ!

– Не, яктарафа ист, худам мефуроям, – Парвона қоматашро андаке рост гирифта, шохаи себи болои сарашро дошт. Кулӯхе аз таги пояш ҷудо шуда, шулупӣ ба даруни оби ҷӯй афтид. «Эҳ!» – гуфта, Парвона аз тарс як қад парид. Рустам гӯё ҳамин ҳолро интизор буд, ки аз дасти ӯ гирифт. Парвона накебид, худро аз вай нагурезонд. «Рав, як сӯ ист, ягон кас мебинад, айб мешавад» нагуфт. Дастони нозуки Парвона ба гарданаш ҳалқа хӯрданд. Чӣ лаҳзаҳои хуше, ширине. Парвона дар оғӯшаш аз миёни торикиҳо, аз таги дарахтон мегузашт Рустам. Хаёлаш, ки Парвонаро аз бағал намонда, тамоми умр роҳ равад, ба дуриҳои дур, ҷое равад, ки вай бошаду Парвона, атрофи ӯ парвона шавад, гирди сараш гардад, рӯбарӯяш шинад, зулфакони бари рӯ хамхӯрдаашро бо ангуштонаш ғоз диҳад, аз рухсораҳояш бӯса ситонаду вайро хандонад, хандаҳои ширини Парвона ба Рустам мефорад...

– Ҳамин ҷо, – духтар зери як зардолуи калон майли аз оғӯши Рустам фуромадан кард. Рустам ӯро болои суфае, ки бобои Ризо миёни боғаш сохта буд ва аксар дар дамгириҳояш гилем ё шолчае густурда, рӯи он менишаст, ё бо фарзандонаш чой менӯшид, аз бағал монд. Шаб торики тор шуда, аз осмони софу ба назар бисёр дур ситораҳо боз ҳам рахшону дилработар метофтанд.

– Чӣ гуфта, аз хонаатон баромадӣ? – пурсид Рустам.

– Хаёл мекунӣ, ки баҳона кам, аз мӯи сари ману ту ҳам зиёд. Хоҳам лак–лак баҳона меёбам, – аз паси пардаи торикӣ лабони ба табассум моили Парвонаро намедид Рустам... – Гуфтам, ки хонаи холаам меравам, зиқ шудам...

– Агар аз холаат пурсанд?

– Кай?

– Пагоҳ.

– Дидӣ, ҳолӣ намепурсанд, пагоҳ мепурсанд, то пагоҳ як ҷувол умр лозим. Ҳамин шаб агар гузарад, ба ману ту ҳамин ҷо ягон гап нашавад, шуд. Баъд ба сари ман ҳар балое ояд, розиам, фақат ҳамин шаб гузарад. Ё ту метарсӣ?

Рустам ҷавоб гуфта натавонист...

Калтаи Мансурро савори аспи гули бодомаш миёни ҳавлиашон медид. Аспи маст сулук мехоид, як ҷо истода наметавонист. Вай лаҷоми аспро тарангтар мекашид. Пеши Рустам беписандона бо модари ӯ арзи дил мегуфт: «Абдусаломро гусел кардӣ? Рафтагиаш нағз... зиқ нашав, ҳайф мешавӣ...» Падараш ба вай мегуфт: «Ҳозир ист, ман ҷанг равам... вай бепушт–пушт хона даромада меояд, очаатро бадному садном мекунад». Ана, аз падарашро гусел кардани онҳо як рӯз нагузашта, Калтаи Мансур омад, ба сари модараш омад... Механдид ӯ. Аз ханда пеши чашмони калон–калонаш ожангҳо чун шулукҳо ҳалқа мехӯрданд, симои ӯ бокароҳаттар мешуд...

– Медонам, – гуфт Парвона, – аз Калтаи Мансур метарсӣ, ҳама аз вай метарсанд, як ту не. Алови чашми ҳамаро гирифтааст.

– Ман аз вай наметарсам.

– Рост?

– ...

– Ҳамин пагоҳ хонаамон омада буд. Миоди тӯя муайян кард. Шаби ҷумъа.

– Худат ба тӯй розии?

– Розӣ?! Табъам мекашад, ки ман бо ӯ дар як болин сар монам? Не, сарамро ба гӯр мебарам.

– Ягон илоҷ ёфтан лозим.

– Чӣ илоҷ? Канӣ, худат бигӯ. Барои маслиҳат, барои ҳамин гапа гуфтан ба хонаатон рафта будам. Лекин пешонаам арақ кард, аз кори кардаам пушаймон шудам... – аламҳои Парвона тоза шуданд.

– Малол нашав, Парвона, илтимос, аз очаи ман наранҷ, он кас ҳамин хел, баъд пушаймон мешаванд, аламашон зиёд, – Рустам бастаи мӯи Парвонаро миёни ангуштонаш ғоз дода, ӯро навозиш мекард, узр мепурсид.

– Ягон илоҷ ёфтан лозим, – гуфт ӯ боз.

– Чӣ илоҷ?

– ...

– Дидӣ, Рустам, метарсӣ. Лекин ман бо ту маслиҳат накарда, роҳамро ёфтам, роҳи бисёр осон...

Рустам ҳайрон буд, ки Парвона чӣ роҳи осоне ёфта бошад. Напурсид. Ӯ тасаввур карда наметавонист, ки Парвонаро аз ин роҳ халосӣ бошад. Вай акси хоҳишу талаби Калтаи Мансур чӣ кор карда метавонад. Деҳа дар ихтиёраш, одамон ҳам. Парвона ҳанӯз кӯдак, чизе намефаҳмад. Хоҳад, нахоҳад, тӯй мекунанд ӯро, ба хонаи Калтаи Мансур мебаранд, зани Абдул мешавад. Абдуле, ки ақлу фаросат ҳам надорад, гӯё гунг бошад, ки рӯзҳо мегузараду баъзан ҳарфе ба забон намеорад. Пир шудааасту ҳанӯз хонадор нашуда. Зан намеёбад ӯ, вале солҳост, ки хостгори Парвона. Ҳамсояи Рустам, дар бехи биниаш. Рустам минбаъд ӯро, рӯзе даҳ бор мебинад, мебинаду сӯхта–сӯхта мемирад.

Парвона болои сабзаҳо чунгак нишаста буд. Пойҳояш дард кардаанд магар, ки рост хест. Зулфони чун пари зоғ сиёҳаш болои рухсораҳои гулобитобаш омада буданд. Бо ангуштон зулфонашро маҳин–маҳин шона мезад ва пеши Рустам мегашт.

– Рустам, ситораҳо хушрӯй–а? Осмон ҳам, дунё ҳам... – Нигоҳаш ба ситораҳои болои кӯҳ буд. – Ҳамин боғ ҳам, ҳама ҷо хушрӯй.

– Худат–чӣ? – Пеши пойҳои духтар дароз кашида буд Рустам. – Худат аз дунё, аз тамоми олам зеботарӣ. Қадат ниҳол, мӯйҳоятро бин,

паси поят хамидаанд, чашмонат, рӯят, дастонат...

– Боз чӣ мегӯӣ?

– Он чи мегӯям, рост аст, дурӯғ нест...

– Ситораҳо, офтобу моҳ пеш аз ману ту ҳам будаанд–а?

– Муаллим Фирдавсӣ мегуфтанд–ку, дунё кӯҳна.

– Баъди сари мо ҳам ситораҳо мебароянд–а?

– То он рӯз, худат мегӯӣ–ку, як ҷувол умр лозим. Пир мешавем, баъд он тарафаш кӣ медонад, ки чӣ гап мешавад...

– Барои ман наздик.

– Чӣ наздик?

– Рӯзе, ки ситораҳоро дигар набинам, бо онҳо хайр гӯям...

– Чиба ин хел гапҳои беҳуда мегӯӣ?

– Чум, – ба ҷои «надонам», ҳамин сухани дӯстдоштаашро ба забон овард Парвона ва беихтиёр хандааш омад, вале дарҳол боз симояш ғамолуд гашт, – аз ҳам ҷудо мешавем, Рустам, якумрӣ, тамоман. Лекин ту маро аз хотир набарор, ба ёд биёр. Ту умр мебинӣ, зиндагии хуш мебинӣ…

– Бас кун, Парвона! – Рустам аз ҷояш хеста нишаст.

– Ман ин хел умед надоштам, орзуҳоям бисёр буданд. Фикр мекардам, ки бо ҳам рӯз мебинем, ҳамроҳ мешавем... Худам туро диданӣ будам, хонаатон рафтам, лекин модарат...

– Гуноҳи модарамро бахш, Парвона, илтимос... хоҳиш мекунам.

– Хайрият, ки омадӣ, нағз шуд...

– Чӣ гуфтанӣ ту? Маро азоб надеҳ, гап зан.

– Илоҷи дигар надорам, ман ӯро намехоҳам...

Чароғҳои деҳа хомӯш гардида, хонаҳо яке аз паи дигаре дар оғӯши торикӣ пинҳон мешуданд. Дар деҳа хомӯшие ба амал омад. Танҳо аз баъзе ҳавлиҳо гоҳ–гоҳ аккоси саг ва аз поёни деҳа садои дарёчаи Сафедоб ба гӯш мерасид.

Парвона хомӯш пеш мерафт. Рустам аз бари вай қадам мемонд. Ба даруни дарахтони бисёр даромаданд. Рустам аз банди дасти Парвона гирифта, ба роҳ гаштанаш ёрӣ медод.

– Чӣ, мо имшаб хоб намеравем, Парвона? – ӯро аз роҳаш нигоҳ дошт Рустам.

– Хоб? Дар ин ҷо кӯрпа набошад, болин набошад.

– Рӯи суфаи таги зардолу равем–чӣ?

– Он ҷо ба хонаи мо наздик.

– Наздик бошад чӣ?

– Гуфтугӯямонро мешунаванд.

– Овоз намебарорем.

– Раваду...

– Хунук намехӯрем?

– Мехоҳӣ ман туя гарм кунам? Имшаб ман бо ту ҳамроҳ, фақат як шаб...

– Кошкӣ, лекин як имшаб не, фақат, доимо... – Гӯшҳои Рустам ба хаёлаш ғуввос заданд, вай дигар ҳарфу сухани Парвонаро намешунид. Дилаш, пайкараш, ҷисму ҷонаш меларзид. Парвонаро ба оғӯш мекашид, аз оғӯш гирифтани вай сериаш набуд. «Буҷуқ» гуфт Парвона, боз ҳамон гапаш дар забон буд! «Буҷуқ охир, буҷуқ», ин шеваи ширини Парвона аз лавҳи дил, хаёлаш сутурда намешавад, ҳаргиз, ҳеҷ гаҳ! Ин садоро мешунавад имрӯз, ҳоло ҳам... «Буҷуқ, буҷуқ!..»

Субҳ медамид. Ягон–ягон ситораҳои боқимонда ҳанӯз болои сарашон аз осмон ба онҳо назора доштанд, посбон, нигаҳбонашон буданд ситораҳо. Парвона дамидани субҳро тамошо карда, ба Рустам сӯҳбат дошт.

– Медонӣ, Рустам, имшаб ман барои чӣ бо ту будам? – дар чашмони Парвона қатраҳои ашк дурахшиданд.

– Не.

– Ман худамро нобуд мекунам...

Чӣ шабе буд он шаб. Ҳаргиз аз хотири бобои Рустам намеравад. Ёди он шаб, ёди Парвона ӯро дар дами пирӣ зинда кард, ба Гулоб оварда.

* * *

Бобои Рустам ба қаъри дара нишеб шуд. Ҳанӯз ҳамон як осиёб об, ки дар хурдсолӣ канораш менишаст, аз ин ҷо ҷорӣ буд. Оби соф... тоза. Пирамард лаби рӯд омаду болои як санг гузашт. Хам шуда, ду–се каф об нӯшид. Оби широсо, моҳичаҳо аз қаъраш намоён. Думи зебояшонро бозӣ доронда, дар як лаҳза аз таги санг ба бехи санги дигар мехазиданд, ё рӯ–рӯи оби сард мавзун шино доштанд. Сангрезаҳои қаъри об чун шиками моҳиҳо сафед буданд. Аз рӯи ваъда бори охир бо Парвона дар ҳамин чанд қадам болотар аз ҷое, ки ҳоло нишастааст, дар таги ҳо ана он чанор вохӯрданд, чаноре ки нисбат ба он рӯзҳо сернавда, баланду боҳашаматтар менамояд.

Говгум буд. Рустам пештар аз Парвона дар ин ҷо ҳозир шуд, ӯ ҳам меомад, кӯталро мефуромад. Ба назари Рустам ӯ Парвона не, балки моҳе буд, ки аз сари кӯтал рух намуда. Оҳиста, ягон–ягон қадам монда меомад. «Пойҳояш озор набинанд». Аз шабе, ки дар боғи бобои Ризо бо ҳам буданд, ӯ барои Рустам Парвонаи дигар аст. Ҷону ҷигар, рӯҳу равони вай аст. Ба ҷуз дар зиндагӣ ҳамроҳу якҷо будан бо ин духтар дар дил дигар марому орзуе надорад. Кош ҳаёташ, мамоташ бо ӯ пайвандад, нафасе, лаҳзае аз ӯ ҷудо набошад. Ба хаёлаш ҳам акнун оварда наметавонист, ки Парвона азони каси дигар мешуда бошад. Не, ин хел фикр ба дилу ёди вай намеғунҷад. Парвонааш аз они вай аст, ҳа. Барои ин духтар вай дигар аз марг рӯ наметобад, барои Пар-

вона ҷон медиҳад, беормон мемирад. Парвона нанг, номуси вай аст, вай падараш барин не! Парвонаашро ҳифз мекунад, метавонад, зӯру тавон дорад.

Ҳамин рӯз, қарибиҳои пешин амаки Нусратулло ба хонаашон омад. Қосид, фиристодаи Калтаи Мансур... Амаки Нусратулло, ба қавли худаш, ноилоҷ монда омада будааст. Вай дар назди модари Рустам илтиҷо мекард.

– Биё, гапи мана гир. Хонааш рав. Чӣ илоҷ, вай маслуқ ҳаминро мехостааст, ташвишаш зиёд...

– Чӣ ташвиш дорад? – бо дили нохоҳам пурсид очаи Рустам.

– Намедонистагӣ барин гап мезанӣ–а? Пагоҳ–бегоҳ тӯй, келин мефурорад. – Рустам аз ин суханҳои бепарвоёна гуфтаи амаки Нусратулло бесаранҷом шуд. «Келин мефурорад? Хоб мебинад, насибаш намекунад, ман намурам, хоки Калтаро бод мекунам, тӯяш мотамаш, маргаш мешавад». Ӯ ба худ дар гуфтугӯ буду гӯшаш ба амаки Нусратулло.

– Дар хонааш ду зан, занҳое, ки Калта ба нохуни пои онҳо намеарзад. Баъд қишлоқ пури сағиру кабир, беваю бечора. Хоҳад, ба сар давида, корҳояшро мекунанд. – Димоғи модари Рустам аз амаки Нусратулло сӯхта буд, ки рӯяшро аз ӯ тофт.

– Ду зан мегӯӣ? Вай зани муаллим ӯро писанд мекунад? Бо зӯрию сиёсат вайро хонааш бурдааст... Биллоалазин дасти ин занакро қапида наметавонад. Худо занакҳоро инсоф диҳад, набошад вай худаш чӣ... мӯйсафед завқ бурда хандид.

– Саги ботабъ бо вай нон намехӯрад.

– Ҳоло ҳамин чанахс ба сарамон калон.

– Давраш ботил мешавад.

– Гуфтам–ку, очаи Рустам, биё ҷанҷоли бисёрро ба сарамон нахарему хез хонааш рав, қатори одамон ҳамон ҷо ист, намо–намо кун. Бо ҳамин Калта хурсанд бошад, хайр гӯй. Вай бо ту чӣ карда метавонад?.. – Боз хандид амаки Нусратулло.

Дар лабони модараш ҳам табассум дамида:

– «Хайр»... – гуфт.

– Чӣ гуфтед? – Аз ҷавоби модар сари Рустам чарх зад. – Шумо хонаи Калта рафтанӣ? Падарам дар ҷанг бошанд ҳам, ман ҳастам. Ман хонаи вай Калтаро оташ мезанам... Шумо ҳеҷ ҷо намеравед, аз ҷоятон намеҷунбед...

Амаки Нусратулло дар сари қаҳру ғазабаш ба вай чизе гуфтан нахост, ки аз ҷояш хест.

– Ту бачам, ҳолӣ ёшӣ–дия, ёш, – гуфтаҳои падарашро ба ӯ такрор карду рафт.

Модараш ҳам лаб таги дандон монда буд. Аз ҷои шишташ болои

гилемчаи рӯи пешайвон нахест, аз паи амаки Нусратулло ба гуселаш набаромад. Аз афташ, гапҳои дурушти писараш ба ӯ ҳам асар карданд. Рустам бо ҳамон оташинӣ аз паи корҳояш афтод. Дари оғилро кушод, таги пои гову гӯсолаҳоро бо ҷорӯб рӯфт, оғилро тоза кард, ба охурҳо коҳу алаф оварда рехт. Аз ҷӯи пушти хона як сатил об оварда, пеши маркаб монд, ба охури он ҳам коҳу ҷав андохт... Гову гӯсфандҳояшонро аз сари пода гардонд. Ҳамин тавр бо ғазаб, бо ҳисси нафрати зиёд нисбат ба Калтаи Мансур давида–давида, корҳои хонаро анҷом дод, бегоҳ шудани рӯзро нафаҳмид. Вақти ваъдагӣ бо Парвона наздик расида буд. Бо дили хиҷил, табъи гирифта, дар ҳолате, ки ба хаёлаш аз воқеаҳои онрӯза замину осмон ба сараш гирдгардон буд, ба ҷои ваъдагӣ – ба дарае, ки ҳоло пирамард Рустам боз аз он ҷо мегузашт, омад.

Парвона кӯталро нишеб мешуд. Парвонаи вай... Дар қади болояш бимирад, қурбони хандаю карашмаҳояш шавад. Зебанда аст, бандааш мешавад. Аз роҳи ишқи ӯ намегардад, боз мегӯяд: вайро кушанд, нобуд кунанд ҳам! Вай қасам ёд кард: қасам ба замину офтоб, қасам ба дунёи равшан!

– Омадӣ, Парвона? – Гӯё аз гап наёфтанаш буд, ки пурсид аз ӯ.

– Меоям, гуфта будам–ку!

– Нағз шуд, ки омадӣ. Намеомадӣ, хонаатон мерафтам.

– Наметарсидӣ?

– Не, барои ту дигар ман аз ҳеҷ чиз наметарсам, ҷон медиҳаму туро аз даст намедиҳам, ту акнун азони манӣ.

– Кай боз?

– Аз дина...

– Пеш чӣ?

– Ҳама вақт туро дӯст медоштам.

– Рост мегӯӣ? Шӯхӣ намекунӣ?

– Дастатро ба ман деҳ.

– Чӣ мекунӣ?

– Мегазам, ҳамин хел сахт мегазам, ки...

– Дилат шавад, ана газ, – Парвона дасташро аз таги остини куртааш бароварда. Рустам остини куртаи ӯро аз оринҷ болотар бар зад, банди дасташро ба лабонаш расонд, вале нагазид.

– Дилам намешавад, намегазам.

– Нағз мебинӣ?

– Ҳа.

– Гап дорам гуфта будӣ?

– Онсӯтар равем, мегӯям, – сангҳои калон–калони таги чанорро бо ангушт ба ӯ нишон дод Рустам.

Онҳо аз санг ба болои санге парида, чанд шохаи оби ҷӯйро гузаш-

танд. Паси кундаи чинор ҷои назарпаноҳе буд. Чанори калоне, гӯё шохаҳои он то ба қуллаҳои пурбарфи кӯҳ расида. Кундааш ғафс, арғамчинҳо нӯки ба нӯк ҳам ба гирдаш намерасид. Ба хаёли ошиқон аз ин ҷо ҷои паноҳу осудатаре набуд.

– Хайр, ана, ҷои панаҳ ҳам ёфтӣ, маро ҷое овардӣ, ки овозамро ҳеҷ кас намешунавад, Худо худатро инсоф диҳад, – ханда дар лабони Парвона сайр дошт. – Гӯй гапатро.

– Ман аз ту дигар ҷудо намешавам, Парвона.

– Гапат ҳамин?

– Ҳа, меравем.

– Куҷо?

– Намедонам, рӯи дунё кушод. Мою ту кӯдак не, ҷою манзил ёфта метавонем.

– Майлаш, Рустам, меравем, роҳи дигар нест, – гуфт духтар ва пас аз лаҳзаҳои хомӯшӣ пурсид: – Кай аз қишлоқ мебароем! – Аз ҳаяҷон ё аз ҳарос буд, ки овози Парвона ларзид.

– Ҳамин шаб, дар болои себ интизор мешавам.

– Ҷои нағз ёфтӣ–а?

– Қулай, қадаммониҳоятро ҳисоб мекунам, аз назарам панаҳ шуда наметавонӣ.

– Майлаш, Рустам, лекин ман метарсам. Чӣ хел мешуда бошад?

– Натарс.

– Наметарсам, мегӯяму боз метарсам. Баъд... модарам чӣ мекунанд? Дар азоб мондаанд: ғами ман, алами дадаам... Раҳмам меояд.

– Агар нагурезем, тӯй мешавад, хоҳӣ нахоҳӣ, Калта туро ба хонааш мебарад, келин мешавӣ...

– Тӯй намешавад, ту вайро ба хотири ман набиёр, ман роҳи осони аз вай халос шуданамро ёфтагӣ. Ҳеҷ ки нашуд, ман худамро мекушам, нобуд мекунам, ана баъд ёбанду гиранд, тӯй кунанд...

– Номаъқул кардӣ, ин хел фикрҳоро ба сарат набиёр, ману ту бо ҳам мешавем, ману ту зиндагӣ мекунем, ба пирӣ мерасем...

– Кошкӣ...

– Ист, хомӯш шав, – Рустам худро аз паси кундаи чанор андаке берун кашида, ба ҷониби роҳ гӯш андохт. – Мешунавӣ? – Гуфт. Парвона наздикаш омад.

– Ҳа, овози гуфтугӯ.

Ду аспакӣ ба ҷониби чинор назар доштанд. Онҳо, аз афташ, Рустаму Парвонаро дидаанд, пай бурдаанд. Яке аспашро ба пеш маҳмез зад. Калтаи Мансур буд ӯ.

– Рустам? Парвона?! – овози Калтаи Мансур даҳшатнок садо дод. Парвона худро бо ҳарос ба Рустам ҷафс кард. Нигоҳаш маъюсона, имдодхоҳона. Калтаи Мансур бо шӯру мағал дарараро ба сар мебардошт.

– Бо зани дар фотиҳаи додари ман ту ин ҷоӣ? – аспашро ба болои Рустам ҳай кард. – Намедонӣ–а, ҳаромӣ? Ё дидаю дониста, барқасд? Дар вақташ духтари нағз дидагии мана падарат аз роҳ зада буд, вай кори аз дасташ меомадагиро дар ҳақам кард, шармандаю беобрӯ шуда будам. Боз ту ҳамин хел кор карданӣ? Навбат ба писараш–а? Не, он рӯзҳо дигар буданд, гузаштанд, рафтанд. Имрӯз даври ман, ман хӯҷаин! Ҳама зӯру нозӯр дар ихтиёрам. Лагандбардор, побӯси мананд ҳама! Ту, падарат, очат, хешу табор, зоту зурётат ҳам. Кистед шумоҳо дар пеши ман? Алаф! Хоҳам ҳаматонро аз рӯи замин даравида мепартоям. Ҳоли падарат ба ту панд нашуд? Зада–зада говишкам кардамаш, пеши пойҳоям афтода зорӣ, тавалло кард. Ана ҳоло куҷо аст ӯ? Пеши очаат? Дар миёни ҷанг аст, хабари маргаш меояд, дер не, имрӯз–пагоҳ! Ана, баъд занашро тӯй карда мегирам, хонаам мебарам. Арвоҳи падарат шод мешавад. Худатро ҳозир, дар ҳамин дараи бефарёд зада мекушам. Мурдаатро зоғу заған хӯрда мераванд. Ту мемурӣ, нобуд мешавӣ... – Калтаи Мансур аспашро зери қамчин гирифт. Асп гирди Рустаму Парвона чарх мегашт, сумак мезад. Бо ҳар давр гаштани асп Калтаи Мансур аз рӯи зин хам шуда, ба сӯи ӯ қамчин меандохт. Қамчинҳояш ба ҳаво мерафт, ба Рустам намерасид, кӯтоҳии дасту қоматашро ҳис карда, Калта месӯхт, дар мегирифт. Ба сари Рустам боз ва боз қамчин мебардошт. Вале намерасид. Рустам худро кам медод, ҳаму рост мешуд. Як қамчини Калта баногоҳ ба сари Парвона бархӯрд. «Вой» гуфта, ӯ бо панҷаҳояш пеши чашмонашро дошт, ба замин нишаст.

– Ту чӣ кардӣ, касофат? Духтарро мезанӣ? Ман акнун туро мекушам, халосӣ намеёбӣ, аҷалат расида будааст. – Баъде ки Парвона лат хӯрд, дунё гирди сари Рустам гашт. – Ту бо ман гап зан, духтарро чиба задӣ, номард! – Рустам гӯё бол бароварда, ҷаҳида ба лаҷоми аспи ӯ чанг андохт, даст ба каштали ҷомааш бурд, бо як силтав вайро аз болои зин ба зер, ба пеши пойҳояш афканд. Ба сару рӯяш бо мушт, бо лагат мезад, рӯ-рӯи санг, хоку қум кашолааш мекард. Хаёлаш, ки ҳар қадаре ин зотро занад, дилаш хунук намешавад. «Мекушам, туро кушам ҳам, хабар намеёбам» гӯён, барои Парвона, барои падараш мезад ӯро, мур гуфта мезад.

– Салим!! Ҳой Салим!!! – ҷонҳавлиҷон фарёд бардошт Калтаи Мансур. Савораи ҳамроҳаш Салими дароз будааст. Рустам шунида буд, ки Калтаи Мансур дар торикӣ ва дар танҳоияш бе ин одами бешараф намегардад, рост будааст. Ӯ дар як дам чун балои осмонӣ ба сари Рустаму Парвона расид. Аз аспаш пиёда шуд. – Салим, ту куҷо гуму гӯр шуда рафтӣ, намебинӣ, аҳмақ, канӣ инро соҳиб шав, – мегуфт Калтаи Мансур даруни хоку лой ба худ ҷӯлида ва аз ӯ имдод мехост.

– Рӯятро ба тарафи ман гардон, маро бин, бин, ки дар хаёлат монам, – Салими дароз ба китфи Рустам панҷа андохт. Рустам хаёл кард, ки устухонҳои китфаш шикаста орд шуданд. Вале худашро аз даст надод, ба вай рӯ ба рӯ истод. Падараш гуфта буд: «Вай номард Салими дарозро медонӣ... Метарсам, ки ҳамин одам ба ту зиён нарасонад». Ҳоло Рустам ба панҷаи ҳамин одам афтода буд. Ӯ ба сараш қамчин бардошт. Рустам дасти ӯро доштанӣ шуд, вале зӯраш нарасид. Қамчин бо шаст, бо шиддат ба сараш фуромад. Хаёлаш, ки аз сар, аз чашмонаш оташаке берун ҷаста, ба дара паҳн шуд. Болои чашмонаш хун фуромада, ба хаёлаш, ки миёни дарёи хун монд. Ҳеҷ ҷойро намедид. Нолаю ғиреви Парвона ба гӯшаш омад. «Вайро куштӣ, Рустам мурд, вай мурд!» мегуфт ӯ. Дигар чи қадар ӯро заданд, ё назаданд, дар ёд надорад. Вақте ба ҳуш омад, худро дар хонаашон дид. Модараш болои сараш. «Бачаҳакам, вой бачаҳаки ҷонам!..» гӯён мегирист ӯ.

– Оча, – гуфт ӯ ва ҳис кард, ки сараш дард мекунад, сарашро бо дока бастаанд, дасту по кашида наметавонад, аъзои баданаш чун дар даҳони мор месӯзад, устухонҳояш ҳама шикастанд. – Оча, – гуфт ӯ боз.

– Ҷони оча, очат қурбон шавад, бачам! – Модар оби дидагонашро бо лаби остини дарози куртаи гулдӯзиаш аз сари рухсораҳояш пок кард. Аз як гӯша чароғи карасинӣ ба хона хира–хира равшанӣ медод.

– Парвона канӣ? – ба худ набуд Рустам.

– ...

– Об, – гуфт ӯ.

– Ана об, – чойники обро ба даст гирифт модар.

Рустам сарашро андаке аз рӯи болин бардошта, об нӯшиданӣ шуд. Вале шарораҳои оташ пеши чашмонаш париданд. Оташакҳо рақсиданд. Дуди ғафс фағона зада, хонаашонро сип–сиёҳ гардонд. Вай дар миёни оташу дуд монд. Модараш «Рустам, Рустамҷон!!!» мегуфт. Аммо вай дигар суханони модарро нашунид. Дар замин буд ё дар осмон? Тасаввур намекард...

Доираву таблак мезаданд, паси дару деворҳояшон садои гурум, гурум... Мардум – хурду калон суруди «Шаҳмуборакбод» мехонданд.

Шаҳи зарнигор, чашмонат хумор,
Орзу дорем, шаҳ ояд савор...

Дар хоб не, дар бедорӣ мешунид ӯ ин сурудро.

– Оча, «Шаҳмуборакбод?»– чашм кушод Рустам. Модар ҳанӯз болои сараш нишаста, ашк мерехт, зери лаб Калтаи Мансурро дуои бад мекард.

– «Шаҳмуборакбод?» – боз суол кард ӯ.

– Ҳа, бачам.

– Калта тӯй дорад? Тӯи Парвона?

– Не, бачам, тӯй нест, ҳеҷ кас тӯй надорад, – барои таскини дили ӯ тӯи Парвонаро аз писараш пинҳон доштан мехост.

– Оча, ман хеста наметавонам. Парвона маро интизор аст, худаш гуфта буд, меравам! Маро хезонед, очаҷон, – Рустам хестанӣ шуд. Пойҳояш карахт буданд, сараш кӯҳ барин вазнин. Ба азоб сарашро аз болои бистар бардошт, аммо баланд шуда натавонист. Аз зери қабатҳои дока, ки ба гирди сараш баста буданд, хун омад. Хун болои пешона, сари рухсораҳояш шорид.

– Наҷунб, бачам, наҷунб. Ин хонасӯхтаҳо ба ту чи кардане, вой дод, вой бачаҳакам, хонаам сӯхт, хонаам дар пуштам Рустамҷон, бачаҳаки ҷонаме, – гӯё Рустам аз олам гузашта буд, ки модар фиғону нола бардошт, овоз андохт... Садои «Шаҳмуборакбод» – гӯии тӯякиҳо баланд гашта буд.

– Парвона маро интизор аст, оча! Маслиҳат карда будем. Вай акнун чӣ мекунад? Ҳолаш чӣ мешавад? Куҷо меравад? Маро хезонед, ёрӣ расонед, оча! – Рустам боз майли хестан кард.

– Хоб кун, бачам, наҷунб, боз хун сар накунад, бачам! – модар аз зӯри алам дуруст гап зада наметаво-нист.

Оҳиста-оҳиста садои сурудхонии тӯякиҳо паст мешуд. Рустам дигар онро намешунид. Ӯ хоб буд? Ё аз ҳуш рафт? Ба ҳар ҳол чашмонаш пӯшида буданд.

Дарвозаи ҳавлиашонро бо сангу чӯб тарақ–тарақ мезаданд. Ва хонаашон гӯё ба ларза меомад.

– Оча, мешунавед, оча? – Рустам лаби кӯрпаро аз пеши рӯяш фуровард.

– Ҳа, бачам, мешунавам.

– Чиба дарвозаамонро мезананд?

– Намедонам, бачам.

– Ягон гап ҳаст, боз ба сари ман...

– Не, натарс, бачам.

– Набошад...

Дари хона бо шаст кушода шуд. Рӯи ҳавлӣ лаболаби одам гашта буд. Садои поймонӣ, гуфтугӯ... Одамон дар даст шоха, таёқ, калтак, машъалҳои фурӯзон доштанд. Ба хаёли Рустам, ки хоб аст, хоб мебинад. Не, ӯ хоб набуд, аз ҳуш ҳам нарафтааст. Калтаи Мансур ва Салими дароз дар миёни хона назди ӯ меистоданд. Амаки Нусратулло ҳам. Онҳо тахти болину бистарро канда, ба ҳар тараф ҳаво доданд. Даруни чахдегу кӯҳлӣ, сандуққояшонро кофтанд, таги тахтмон, оғилу коҳдон ва болохонаҳоро хабар гирифтанд. Ҳама ҷойро сӯзанкоб карданд.

– Гуфтам–ку, раис, вай ин ҷо нест, – қошу қавоқи амаки Нусратулло овезон буд.

– Ин ҷо наомада, куҷо меравад? Ба таги замин?! Вай дар ҳамин ҷо, – таъкид намуд Калтаи Мансур.

– Ҳамин ҷо бошад, кофта ёбед, – гуфт бо зарда амаки Нусратулло.

– Ту мӯйсафед, ба ман ситеза дорӣ? Дилат пур барин–а? Канӣ, саратро паст кун, – даст ба таги манаҳи амаки Нусратулло бурданӣ шуд Калтаи Мансур, – ришатро якта–якта канда мепартоям. Ҳа, канӣ, биё, – вале қади Калтаи Мансур ба миёни ӯ баробар намеомад, дастонаш кӯтоҳ буданд.

– Астағфируллоҳ гӯед, раис, аз сари ҷаҳл гардед, – гуфт Салими дароз Калтаи Мансурро ба тарафи худ кашида.

– Ин одам ба ҳаминҳо наздик. Бо Абдусалом ҳамроҳ мегашт, кораш бо вай пичир–пичир буд... Душман аст, ман душманро қатиам гирифта гаштаам. Сазоям ҳамин, мӯйсафед гуфта, бовар кардам. Садқаи риши сафед шавӣ, беимон, шайтон! – боз наздиктари амаки Нусратулло омад. Лекин пирамард дигар ба суханҳои ӯ ҷавоб намегуфт.

– Парвона канӣ? Вайро куҷо пинҳон кардед? – ба сари модари Рустам фарёд бардошт Калтаи Мансур. – Гӯй, ҷояшро нишон деҳ, набошад, худату писаратро сар мезанам, мекушам! – Ӯ хонаҳои онҳоро хокпарчак карданӣ буд.

– Мо аз куҷо донем, ки Парвона канӣ. Мо барои шумо Парвонабонем? Вай сӯзан набошад, ки пинҳон кунем. Агар дар хонаи мо бошад, кобед, ёбед, – гуфт модари Рустам.

– Ҷамила рост мегӯяд, – амаки Нусратулло гӯё токати хомӯш истодан надошт.

– Чӣ хел рост мегӯяд? – муштҳои Калтаи Мансур гиреҳ шуданд.

– Парвона хонаи инҳо наомадааст, беҳуда бечораҳоро ташвиш додем. Ҳоли бачааш вазнин, раҳм накардед, вайро қариб куштед, – гуфт амаки Нусратулло.

– Салим, мешунавӣ, ин пирхар чӣ мегӯяд? Душмани ману ту қатиамон будаасту мо бехабар. Вайро ҳоло худат як хору мол кун, пагоҳ он тарафашро ман худам ҳал мекунам.

– Ман, безор, раис, аз ҳамин вазифаи ту додагӣ.

– Аблаҳ, ҳозир, худи ҳозир аз раис узр пурс, тавба кардам гӯй, – Салими дароз аз гиребони ҷомаи амаки Нусратулло дошт. Дар миёни хоначаи хурдакаки онҳо кашмакаше шуд. Кӣ киро мезад? Намедонистанд. Модари Рустам «бачаҳакамро пахш мекунеде, мемураде» гуфта худашро болои ӯ партофт. Одамон Салими дароз ва амаки Нусратуллоро тела дода–тела дода, аз хона берун карданд. Миёни ҳавлӣ ҷангу мағал хест. Овози Калтаи Мансур баландтар буд. Ӯ ба амаки Нусратулло мегуфт: «Туро нав фаҳмидам, пирхар, ту ба ин кӯҳнадушманҳои ман ҳамзабон будаӣ, тарафашонро мегирӣ...» Чӣ вақти

шаб ҷангу ҷанҷол дар ҳавлиашон файсал ёфт? Намедонад ӯ. Хобаш бурда буд ё аз ҳуш рафта...

Рӯзҳо паи ҳам гузаштанд. Ҷароҳатҳои Рустам рӯ гирифтанд. Вай сари по хеста, бо асо ба рӯи ҳавлӣ баромад, то беруни дарвозаашон рафт. Чашм ба роҳу роҳравҳо, сабзаҳо, оби ҷӯйборҳо роҳ мерафт. Ӯ аз Парвона осор меҷуст, аммо нақше аз ӯ пайдо набуд. Модари зору ҳайронмонда ва хешовандонаш – ҳама дар ҷустуҷӯи Парвона буданд. Ба қавле асояшон сӯзан, чоруқашон ғалбер шуда буд, вале Парвонаро намеёфтанд.

* * *

Дар болои ҷӯи қаъри дара пӯли калоне бино карда буданд. Аз он мошинҳо мегузаштанд, пиёдаҳо ҳам аз як тарафаш равон буданд. Бобои Рустам аз роҳи мумфарш рӯ ба таги пул поён шуд. Оби ҷӯй чун ҳамон солҳои дар деҳа будани ӯ широсо сафед ва софу беғубор буд. Ӯ асояшро ба танаи санге рост монда, тӯрхалтаашро пеши он гузошт. Хам шуда, хоки рӯи сангеро пуф карду болои он нишаст. Панҷаҳояшро ба оби ҷӯй андохт. Сард буд об. Чанд каф аз он нӯшид. Баъд беихтиёр панҷа–панҷа обро ба сару рӯяш, ба атроф пош додан гирифт. Даврaҳои ҷавониаш барин пирамард завқ мебурд, бо об бозӣ мекард. Ду духтари фатиламӯй, ки дар синну сол ба Парвонаи ҳамон солҳои ӯ баробар буданд, аз роҳашон гашта, аз болои пул ба бобои Рустам нигаристанд. Дар тааҷҷуб буданд онҳо: як одами ришаш сап–сафед бо об бозӣ дорад? Онҳо аз куҷо донанд, ки Парвона – духтараке, ки ӯ шайдояш буд, хаёли бобои Рустамро бурдааст. Панҷаҳои шахшӯлаш даруни об буданд. Бо ҳамин ангуштон ӯ он шаби бо Парвона ҳамроҳ будан қабзаи мӯйҳои болои чашмонаш хамидаи ӯро ғоз дода буд. Парвонаи зебою дилҷӯяшро. Вай, бобои Рустам Парвонаашро ёд дорад.

... Роҳи байни деҳа ва дарёчаи Сафедобро, чи хеле мегӯянд, модари Парвона хӯрда кард. Вай ҳар рӯз қариб сад бор як яктаҳи сони сафеди дарозро аз як нимаш ба сар карда, гирёну нолон ба ин роҳ лаби дарё рафта меомад, бехи сангу буттаҳои соҳили онро меҷуст, қад–қади оби пуртуғёни дарё то дуриҳо медавид, хастаю беҳол шуда меафтид, лекин аз духтараш нишоне намеёфт. Шунида буд, ки боре як духтари гумроҳшудаи дигар ҳам худро ба ҳамин дарё партофта будааст. Аммо вай барои канда шудани умеди падару модар ва хешовандон рӯймоли сару шаддаи мӯҳраҳои гарданашро болои як санги лаби дарё гузоштаааст, баъд як тоқа кафшашро ҳам аз қади дарё ёфтаанд. Парвонаи вай ҳам, агар худашро ба дарё ғарқ мекард, ягон нишона мегузошт, бояд як фикр мекард. Дар дастонаш дастпонаҳои ба ивази як гови ба гӯсола харидаи модар, дар гӯшҳояш ҳалқаҳои қафасии тило буд. Дар сар рӯймоли ҳарири гулобӣ, дар бар камзӯлчаи зардӯзии нав дошт.

Модар аз кофтуков, пурсуҷӯи Парвона ноумед гашт, ғами духтараш ӯро девонаавзо намуда буд. Ба сангу чӯб, ба регҳои соҳил, ба ситораҳои осмон, моҳи мунир рӯ меовард, гап мезад:

– Парвонаи маро дидед? Вай ҳамон шаб бо дили пурғам, нолону гирён аз куҷо ба куҷоҳо рафт? Хуб гирист, хун аз дидаҳо кард, мегӯед? Вой ба ҳоли духтаракам! Ман мурам ба вай, садқааш, хоки роҳаш шавам!

Модар тасаввур мекард, ки он шаб барои Парвонаи вай шаби муқаррарӣ набуд. Қиёмат буд, даҳшат буд. Шабе, ки барояш умри азизаш анҷом меёфт, рӯ ба марг, рӯ ба олами нестӣ мерафт... Мададгор, сарпаноҳе меҷуст, намеёфт... Монда шуда, ҳалқаш хушк гашт... Ба сангҳои сари роҳаш пешпо хӯрд, афтод. Хесту боз рӯ ба роҳи саргумиаш ниҳод...

Аз ситорагон, моҳи мунир пурсон шуд модар.

– Ба лаби дарё омад мегӯед. Худашро ба оғӯши мавҷҳо афканд? Дидед? Дод аз дасти золим – Калтаи Мансур, дод аз дасти модарам гуфт? Рост мегӯяд духтарам. Айби худам шуд. Аз дидори шуми вай додари Калта, аз шаклу сумоти безебаш безор буд. Номашро ба забон меовардем, вайро таб мегирифт. Баъд гапи тӯй, иҷобро баровард Калтаи рӯсияҳ. Маҷбур шудам, «ман розӣ» гуфтам, духтарамро ба оташ тела додам, маҷбур вайро ба оғӯши он бадранг андохтанӣ будам. Худамро мекушам гуфт, ҳа, ин гапи вайро бо ҳар ду гӯшам шунида будам, кар набудам, шунидам. Лекин бовар накардам, ба вай гӯш надодам. Гуфтам, ки гапҳои беҳуда нагӯй, як бедилҳо зану шӯи нағз шуданд, ки... Ин гапҳоям аз тарс буд, духтарам, аз тарси ҷони худам. Тарсидам, ки Калта одами ганда, зарараш мерасад. Худоё, хонаи вай даргирад, ба ҳазор бало занад, ғам бинад...

Гоҳо модари Парвона нолакунон то паси дарвозаи Рустамшон омада мерафт. Касе дида будааст, ки ҳамон шаби тӯй Парвона чанд бор пушти дарвозаи онҳо омада рафтааст. Лаҳзаҳо «дарвозаро кушоям, накушоям» гуфта истодааст, даст дар занҷири дарвоза. Ҷуръати онро кушодан накардааст. Шояд аз модари Рустам ҳаросидааст. Оқибат ноумед, нозеҳ шуда, пас гаштааст.

– Духтари рӯзнодидаам, духтари ҷою манзилковам, духтари дармондаам, во духтарам, во духтарам!! – модари Парвона паси дарвозаи онҳо ба зону зада, ҷои истодаи духтарашро тавоф мекард, хоку хасрӯбаҳоро ба дидагонаш молида аз рӯи замин нақши пои Парвонаро меҷуст. Вай боз ба кадом сӯ роҳ гирифтани ӯро фаҳмида наметавонист. Баъд ӯ куҷо рафтааст? Касе надидааст... Вале моҳу ситораҳо, албатта дидаанд, ягона шоҳидони ҳоли ӯянд. Вале шоҳидони безабон. Онҳо ба забон омада, ба модари Парвона аз ҳоли зори вай дар он шаб ҳарфе намегӯянд, намегӯянд, ки Парвона аз куҷо ба куҷоҳо сар зад,

давиду давид, мондаю шалпар шуд, нишаст... Не намегӯянд, онҳо хомӯшанд.

Аз зинда будан ё мурдани Парвона модараш хабаре ёфта натавонист. Аз сӯзиши дил ӯ дар гӯристони деҳа ба ном гӯри духтарашро бунёд гузошт. Буду шуди рӯзгор, чизу чораи хонаашро сарф карда, сангҳои мар–мар овард. Номи Парвона дар он сангҳои сиёҳу яъсовар нақш ёфтанд. Модар гӯрбони духтараш буд. Сараш болои сангҳои хунуки болои гӯр, сангҳоро гоҳе оғӯш мекашид, духтарам мегуфт.

Рустам ҳам рӯзе чанд бор сари «гӯри» Парвона меомад. Чашм ба номи ӯ, номи ба сангҳои мар–мари сиёҳ нақшёфтаи ӯ, назди модараш бо сари хам, бо дидагони ашкбор соатҳо менишаст, худро гунаҳкори ҳоли модари Парвона, гунаҳкори нобуд шудани ин духтар меҳисобид.

– Ту Парвонаро дӯст медоштӣ? – мепурсид модари аз худ бехабар аз Рустам.

– Ҳа, – сараш хамтар мешуд.

– Парвонаи ман зебо, ба дунё меарзидагӣ буд–а?

– Ҳа.

– Ҳоли ҳам ту вайро нағз мебинӣ?

– ...

– Гӯй, бачам, шарм надор, чиба дар вақташ наздам наомадӣ, нагуфтӣ, ки Парвонаро дӯст медорӣ. Ту вайро нағз мебинӣ, агар нағз намедидӣ, сари гӯраш намеомадӣ, барои вай намегиристӣ. Садқаат шавам, Рустам, ба ҷои фарзанди калонам бошӣ, Рустам. Гиря кун, овоз андоз. Парвона гӯй... – Модар рӯймолашро аз сар як тараф афканда, даст ба мӯйҳои парешонаш мезад. «Баламой» мегуфт, «Парвонаам, воҳ Парвонаам!» мегуфт.

* * *

Аз номи падараш мактуб омад. Нома ба номи ӯ. Онро кушод, пеши модар хонд. Падар бо ҳарфҳои нозебу нохонои худ навишта буд: «Рустамҷон, чӣ ҳол дорӣ? Ягон гап нашудааст? Эҳтиёт шав, бачам, ғами ҷони худатро хӯр, бо вай Калта даҳан–ба даҳан нашав. Вай ҳамон Салими дарози аҳмақ ба ту ҳар кор карда метавонад... хунгирифтаанд онҳо. Аз куштани одам намегарданд. Ман ҳамроҳат нестам, ки ҳар лаҳза насиҳат кунам... Аз ҳоли модарат ҳам дар ташвиш ҳастам. Вай Калта хона даромада меомадагист. Аз очаат дилам пуру ба ҳар ҳол метарсам, ки Калтаи маслуқ номашро олуда накунад. Дар ҳаққаш ягон гап шавад, тамом! Гап ганда аст, мемонад... Худо нигоҳ дорад, бачам. Дар ҳар кор аз амаки Нусратулло маслиҳат гир. Ман ба вай дарди диламро гуфта будам, амакат одами нағз аст...»

Гӯё падараш шунида ё фаҳмида, ки Рустамро заданд, бохабар барин.

Аз пушти хонаашон дуртар шуд Рустам. Пойҳояш ӯро ба тарафи

роҳи калон, ба таги чанорҳои серсояи саҳни масҷид кашиданд. Вай беихтиёр, калавида–калавида, ин ҷо омада буд. Чанд нафар мӯйсафедон такя ба кундаи чинор дода менишастанд. Кадоме аз онҳо ҳикояе мегуфт, мусоҳибонаш чашм ба даҳони вай буданд. Рустам ҳам наздашон омаду болои як санг, ки ба лаби ҷӯй наздик буд, нишаст... Калтаи Мансур, дар пойҳояш ҳамон мӯзаҳои хироми сурх, дар танаш ҷомаи нави сатини кабуд, дар миён рӯймоли гулдӯзии лабонаш шилшиладор, бо салобат қадам монда, ба саҳни масҷид ворид шуд. Бо дидани раис ҳама аз ҷой хеста, бари ҷомаҳои хоколудашонро афшонда, даст пеши бар гирифтанд.

– Марҳамат, раис, биёед, – пазироиаш карданд. Калтаи Мансур аз ҷӯй, аз пеши Рустам гузашт. Рустам на танҳо ба эҳтироми вай аз ҷояш наҷунбид, баръакс ӯро дида, рӯяшро ба дигар тараф тофт. Калта ба вай паиҳам як–ду бор теғи нигоҳ давонду киссаҳои пеши бари ҷомаашро саросема ба кофтан даромад. Коғазеро ба даст гирифт.

– Хат аст, раис?

– Пурсид як мӯйсафед.

– Ҳа, хат, хати марг.

– Хати сиёҳ?! Аз кӣ? – хаёли мӯйсафедон парешон шуд.

– Аз як ҷӯраи худам, – табассуми нозебе гирди лабони Калтаи Мансур дамид.

– Ҷӯраатон? Кӣ вай?

– Отаи Рустам, – гуфт ва коғази шумро пеши ӯ ҳаво дод.

Ақли Рустам гӯё гум шуда буд, коғаз дар рӯи замин мехобид. Онро бардоштан, ба даст гирифтан ба хаёлаш намеомад.

– О бечора, Абдусаломе, наход нобуд шудааст?! Аҷаб одаме буд, мард буд... – мегуфтанд мӯйсафедон. «Падарам мурдааст? Наход ин гап рост аст? Ман акнун падар надорам?» Дили Рустам ба ёди падар гум зад. Дасту панҷаҳояш шах шуданд. Якнима афтод, болои хати шум афтод, сари дардмандаш зарб ёфт. «Бардор бачаи Абдусалома, бардор!» гуфт мӯйсафеде. Ҳама аз ҷойҳояшон ҳадаҳа хестанд, ба сари ӯ омаданад. Калтаи Мансур аз ҷояш намеҷунбид, гӯё аз ин рӯзи сияҳи ба сари писарак омада ҳанӯз дилаш хунук нашуда.

Бардоштандаш, аз ҷӯй ба рӯяш панҷа–панҷа об заданд.

– Мард бош, бачам, мард бош! Ҳеҷ кас бо падараш якумрӣ назистааст, моҳо ҳам падар доштем, мурданд, аз дунё гузаштанд. Ин дунё, бачам, аз омад шудаш ҳамин хел – меоянду мераванд, боз меоянду мераванд, ба навбат, косаи давр...

Золи дунё чун арӯс ороста,
Ҳар замоне шӯи дигар хоста...

Мӯйсафедон ба вай як олам насиҳат хонданд, таскину тасаллӣ доданиаш шуданд. Ба бағалаш коғази марги падарашро гузоштанду «рав, бачам, хонаатон рав, мард бош, очаатро насиҳат кун!» гуфтанд.

«Мард бош, очаатро насиҳат кун» – ҳамин суханон ба гӯши вай парешону беҳол ба хонаашон мерафт. Ба хонаашон даромадан ҳамон «дадам, вой дадаҳакам, дадам!!!» гуфта, овоз андохта, коғази бағалашро ба очааш дода, «хабари марги дадам, оча, ана, бедада шудам, чи кор мекунам, гӯед, оча!» баланд–баланд гиристанӣ буд.

Ба даруни ҳавлӣ давид. Очааш гандумдаравӣ нарафта буд. Таги пешайвонҳоро мерӯфт. «Оча, дадам, дадам мурдаанд...» гуфтан хост, забонаш нагашт. «Ана хат, хати...» Ҳиқ–ҳиқ... мегиристу сухане намегуфт. Аммо ӯ нагӯяд ҳам, модараш фаҳмид. Хатро гирифт, кушод, хати сиёҳ, аз шавҳараш – аз Абдусалом... Акнун навбати навҳаю ғирев ба модар расида буд. Вай Рустам барин ором намегирист. Вай як фиғони ҷонхарош кашид, фиғони даҳшатоваре. Нидои пуралами модар ба сар то охири Гулоб расид, овозаш паст намешуд, аз дил, аз ҷигараш буд навҳаи ӯ. Дигар дам намегирифт. Оҳ, ин қадар ба модараш азиз будааст падари Рустам. Нолида–нолида, сиёҳу кабуд гашт, сӯхт... Ҳавлиашон пур–пури одам шуд. Амаки Нусратулло ҳам омад. Ӯ омаду Рустамро бағал гирифт. Чашмонаш ҳавзи об гардид. Мӯйсафед аз рухсораҳои ӯ бӯсида, сарашро, ки ҳанӯз докапеч буд, сила мекард.

– Гиря накун, Рустамҷон, – мегуфт ба ӯ. Аз дидани пирамард, амаки Нусратулло аламҳои Рустам тоза шуда буданд. Хати дирӯзакак аз падараш омада дар бағалаш буд. Ӯ гуфта буд, ки бо амаки Нусратулло маслиҳат кунад, ба вай гӯш диҳад... Дар ин ду рӯз фурсат наёфта буд, ки дуою салом, таъинҳои падарашро ба ӯ расонад. Хабари маргаш пештар ба амаки Нусратулло расид.

– Ана ин хати падарам, ба шумо салом гӯям, бо шумо маслиҳат кунам гуфта буданд, – номаи бо дастони худаш навиштаи падарро ба амаки Нусратулло нишон дода, аламҳояш тоза гаштанд, ашк гулӯгираш шуд.

– Бачам, падарат ба ман додар буд, вай бегона набуд... Абдусалом, ҷонам Абдусалом, вой Абдусалом! – бригадир бо рӯймолча оби дидагонашро пок мекард. Хурду калони Гулоб Абдусалом гуфта мегиристанд.

Калтаи Мансур омад, ҳамон рӯз не, пас аз ду рӯз. Пиёда не, боз савора. Дар ин ду рӯз модараш – як ҷавонзани базебу ҳузарб худашро хӯрда, ранг дар рӯяш намонда буд. Аз домана хестагӣ барин. Бемадор, хароб, чун тори танбӯр... ҳоли Рустам ҳам бад, аз гиря гӯё таркҳои сараш ковок шуданд. Сараш дард мекард. Албатта, Калтаи Мансур чун рӯзҳои ба ҷабҳаи набард гусел кардани падари Рустам, ки ҳамон

рӯзҳо ҳам хонаашон омада буд, намехандид. Даҳонашро ҷамъ карда буд, чеҳрааш кушода набуд.

– Очаи Рустам, зиқ нашав, ту кирои зиқию ғам надорӣ, медонам, ман туро аз хурдиат медонам, дилат нозук аст, андак зиқ шавӣ, касал мешавӣ, худатро бой медиҳӣ. – Калта дар назди модари Рустам аспашро нигоҳ дошт. – Абдусаломро насибаш будааст, имрӯзҳо дар ҷанг як одамҳое мемуранд, ки вай ба нохуни пои онҳо баробар намешавад. Ин Абдусалом чӣ? Як ваданг буд, афташ шум...

Бо ин гапҳояш Калтаи Мансур ба дили Рустам алов андохта, дилу ҷигари вайро месӯзонд: падари раҳматии ӯро санг мезанад, таъна мекунад, дашном медиҳад Калта?.. Чӣ кор кунад? Ба вай часпад, ба замин кашадаш, пайхум бандад?.. Кушадаш?! Агар ӯро кушад, олам гулистон, ҳама аз ӯ халос... Ба доди Калта дар ин ҷо дар хонаи онҳо кӣ мерасад? Салими дароз? Шиҳаи асп аз пушти хонаашон баланд шуд... Ҳа, Калта дилу гурдаи бебонигар хонаи онҳо омадан надорад.

– Гуфтам–ку, зиқ нашав, – ӯ боз ғами очаи Рустамро мехӯрд, бесоҳиб нестӣ. Ман худам соҳиби ту, ман барои ту ҷонамро гӯӣ, фидо мекунам, ҳама чизи дунё, зану фарзандонам садқаи сари ту. Ҳамаашон назди ту барои ман як пула қурб надоранд. Ту ҳа гӯӣ, хонаам мебарам, малика мешавӣ, ҳар чӣ дорам, аз они ту, агар хоҳӣ, аҳли ҳамин Гулоби калонро дар хизматат мемонам, занҳоям – ҳам очаи Зархон, ҳам зани муаллим Фирдавсӣ чӯриҳоят, ҳамаашон хизматгорат...

Падараш ба Рустам навишта буд, ки Калтаи Мансур номи очаашро бад накунад, номи бад ганда, гапаш мемонад... Ана ҳоло Калта рӯирост ба модараш часпидааст, имрӯз не, пагоҳ, албатта, ягон номаъқулиаш сар мешавад... Бо ин одам вай чӣ гӯяд, чӣ кунад? Модараш барои чӣ хомӯш? Ба вай гап намегардонад, сараш хам. Ҳазор гӯяд, ӯ ҷим. Ана, аз ҳамин ҷиҳат ба ин хел одамҳо Худо медиҳад. Як бор не, як бор «чӣ мегӯӣ, ту аҳмақ?» гуфта, сар боло кунад, ба рӯяш давад, пеши даҳони ин хел касофатҳоро гирад, аз ҳад намегузаранд, андеша мекунанд...

Хуб фикр кун, Ҷамила, ба фоидаи худат мегӯям, – аз хомӯш истодани очаи Рустам Калтаи Мансур бачуръаттар шуда буд, – ҳама чиз дар ихтиёрат. Мехӯрдагиат дар наздат, ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки туро аз ин ҷо хеста ба он ҷо шин гӯяд. Ту ғайри ман дигар ба касе гӯш надеҳ. Ту аз они худам, барои худам, – овози ӯ пасттар шуда буд, – ман туро талабгор будам, аз хурдиат. Аммо нашуд, душмани ману ту бисёр будааст, мою туро ҷудо карданд. Ман инро намехостам. Ниҳоят, ана, кори дунё боз ба диламон шуд. Мурд вай, сагвор мурд. Акнун домони ту ба дасти худам...

«Чаро модараш хомӯш, гунг ё кар шудааст ӯ? Ё худи ӯ ба Калта ҷавоб диҳад?» Рустам ба алами зиёд тоб наоварда, пой пеш монд.

– Чӣ гуфтӣ, очаи Рустам? Гапҳои маъқул–а? Андаки дигар вақт гузарад, туро хонаам мебарам. Ҳозир «не» мегуфтагистӣ... Аз марги ин ваданг боз ягон ҳафта гузарад–а? Мардум нагӯянд, ки мурдаро монда инҳо тутхӯрӣ мекунанд. Кайфу сафоямон баъд сар мешавад–а? Чӣ гуфтӣ, Ҷамилаҷон?

Очаи Рустам, ки то ҳол дар як гӯшаи суфа нишаста, сар аз болои зонувонаш намебардошт, бо ангуштонаш риштаҳои гилемро меканду ғоз мекард, ниҳоят ба Калта рӯй овард. Дар ин чанд лаҳзае, ки ӯ ба очааш гап мезад, гӯё вай даруни дегдоналав месӯхтааст. Рухсораҳояш тафсида, барқ мезаданд, аз сару рӯяш арақ мешорид. Рустам шунида буд, ки модараш умре ба рӯи маслуқ нигоҳ накардааст, ҳарфе ба вай эб надидааст «садқаи гапу ҳарфам шавад» мегуфтааст.

– Чӣ гуфтӣ, Ҷамила? Мою ту аз хӯрдиамон якдигарро дӯст медорем–а? Душман моро ҷудо кард–а? – пурсид боз Калтаи Мансур.

– Ту маслуқ, ту Худозада! – Модараш гӯё шарт–шарт бо қамчин ба сару рӯи Калтаи Мансур мефуровард. – Дигар дубора номи манро ба забон набиёр, ба дилат қошуқ натарош, афтатро дигар ба ман нишон нате, рав! – Модараш хам шуда, ҷорӯби кундукеро аз пеши пояш бардошт. – Ту маслуқ, ошиқи ман–а? Э гум шав, дафъу дору шав! Зиён! Худозада!! – ҷорӯбро ба сари ӯ ҳаво дод. Ҷорӯб ба пешосинаи аспи маст хӯрд, рост–рост аз ҷояш ҷаст саманд.

– Ҳолӣ ман барои ту маслуқ, зиён, Худозада? Ман ба дари хонаи ту беҳуда наомадаам, ман раиси калхоз, одами ҳукумат, намояндаи қонун, туро кор баро гуфта, омадам. Се рӯз боз ту гандумдаравӣ намеравӣ. Барои чӣ? Ба чӣ ваҷҳ? Чӣ ҷавоб мегӯӣ? – Аспи Калта рӯ ба суфа овард. Модар тарсид. Рустам аз бехи девор панҷшохаро бардошт. Ғалоғула, ҷанҷолро шунида, Салими дароз, ки дар беруни дарвоза гӯш ба қимор меситод, ба миёни ҳавлиашон асп монд. Ӯ ба сари Рустам, ки бо шоха аз паи Калта афтода буд, қамчин андохт, модарашро ҳам дарёб карда, зери лат гирифт. Модараш ба зарбаҳои қамчин тоб наоварда, «вой доде, дод!» гуфта, гиряю нола бардошт. Ҳамсояҳо омаданд. Худи Калта лаҷоми аспи Салими дарозро кашид.

– Назан, ин тааллуқи маро назан, – гуфта хандаи хунук кард.

– Аз кор намон, пагоҳ сари субҳ туро дар гандумдаравӣ, дар замини паси хами Ризо бинам. Агар не, аз хонаат, аз кундаи мӯят дошта, рӯ–рӯи замин кашида мебарам. Се рӯз аз кор мондӣ, барои ин ҷавоб мегӯӣ. Ҷои бачаат – хирман, наравад, мекушам, – гуфт Салими дароз ба модараш ва бо Калтаи Мансур аз ҳавлӣ баромада, аспашро ба роҳи калон андохт.

... Модар аз гандумдаравӣ хеле барвақт, ҳанӯз офтоб дар миёни осмон буд, ки баргашт. Досаш сари китф, хаёлаш чун қабзаи мӯйҳояш, ки болои чашму абрӯвон омада буданд, парешон, чашмо-

наш гиряолуд, сари рухсораҳо, дастонаш хуншор. Вай досташро ба як сӯ ҳаво дода, бегап, беҳарф, аз Рустам ҳолу авҳол ҳам напурсида, ба хона даромад, болои якандозе дароз кашида, рӯяшро ба болишт пахш кард.

– Оча, чӣ гап шуд? Ягон кас бо шумо ҷанг кард? – Рустам аз остонаи дар надаромада меистод. Аз модараш ҷавоб нашунид. «Дар дашт, дар танҳоиҳо барои падараш нолидааст, рӯю мӯй кандааст». Ӯ ҳам барои падар, ба ёди ӯ, дар фироқаш гирён шуд. Амаки Нусратулло бо писараш Садриддин омад.

– Рустам, – амаки Насратулло ӯро ба наздаш, ба миёни ҳавлӣ ҷеғ зад. – Ту, бачам бо Садриддин дар ҳамин ҷо ист, ё болои суфа баромада шинед, ман ба очаат гап дорам, – гуфт мӯйсафед. Хаёли бобои Нусратулло ҳам осуда набуд, ба ӯ ё ба модараш ягон воқеа рӯй додагӣ барин.

Бобои Нусратулло ба хона даромад.

– Медонӣ, Рустам, падарам барои чӣ ба хонаи шумо омаданд? – пурсид Садриддин.

– Не, – гуфт Рустам.

– Рӯи очаат харошидагӣ буд?

– Ҳа.

– Дадам гуфтанд.

– Чӣ гуфтанд?

– Гуфтанд, ки рӯи очаи Рустам хуншор...

Рустам сабабашро напурсид, Садриддин ҳам як нӯги гапро бароварду он тарафашро нагуфт. Рӯ ба офтоб, ки паси теғаҳои баланди кӯҳҳои канори деҳа мефуромад, хомӯш менишастанд. Аз хона ғур–ғури гапзании очаи Рустаму бобои Нусратулло ба гӯш мерасид. Паст–паст, канда–канда бо алам ҳарф мезад очаи Рустам.

– Ба очаат имрӯз Калтаи Мансур дарафтодааст, қишлоқ пури гап, – Садриддин якбора гапи аз Рустам пинҳондоштаашро гуфт. Гуфту бори вазнинеро аз дӯш гузоштагӣ барин осуда нафас гирифт. Ӯ боз давом намуд: – Барои ҳамин дадам омаданд, ки очаатро насиҳат кунанд.

Рустам аз ҷояш рост шуда, сару рӯяшро бо кафҳояш мемолид, нарм–нарм не, сахт. Сараш, ки ҳанӯз докапеч, озурда буд, аз ин ба дард омад ё не, ҳис накард, қаҳру ғазаб ӯро аз худ бехабар мекард, чӣ гуфтанашро намедонист, дар ҷояш сумак мезад. Гулоб дар назараш торик метофт. Бобои Нусратулло аз хона берун омада, «Садриддин» гуфт. Садриддин аз паси падар шуд.

– Амак, – Рустам бобои Нусратуллоро дар таги дарвозаашон аз роҳ нигоҳ дошта пурсид: – Рост аст?

– Чӣ бачам?

– Фаҳмидам, сир пинҳон накунед.

– Кӣ гуфт? Ту гуфтӣ, падарлаънат? – мӯйсафед ба сари Садриддин

дод зад. – Дар ҳеҷ ҷо ҳеҷ гап не, ту ба олам ҷор меандозӣ? Воҳима мекунӣ? Касофат, гум шаве! – Мӯйсафед аз паси писараш дарвозаро бо қаҳр пӯшида аз роҳаш гашт ва даст ба китфи Рустам гузошт. – Ин гапҳо ҳама дурӯғ, тӯҳмат, бовар накун, аз модарат пурс.

– Дурӯғ нест, амак.

– Ман ба ҳамин риши сафедам дурӯғ мегӯям? – бобои Нусратулло даст ба ришаш бурд: – боз мегӯям, ки дурӯғ аст, очаатро тӯҳмат накун, бас кун!

– Ман амак, ӯро акнун зинда наметонам, мекушам, ба ҳурмати арвоҳи падарам, ба ҳурмати арвоҳи... – Парвона гуфтанӣ буд ӯ, аммо шарм дошт, забонаш нагашт, худашро ба даст гирифта натавонист, боз гирист.

– Ту, бачам, гапи падаратро намегирифтӣ, гапи маро нагирӣ, гапи очаатро нагирӣ... намедонам, ҳолат чӣ мешуда бошад... – Мӯйсафед бо димоғи сӯхта аз назди Рустам рафт.

Модараш ҳанӯз дар хона. Рустам назди ӯ даромада наметавонад. Онҳо ба якдигар чӣ мегӯянд? «Ба шумо Калтаи Мансур чӣ кард? Гапи одамон рост аст?» гуфта пурсад? Модараш ҳама гапи шудагиро ба вай мегӯяд? Бо кадом забон? Бо кадом рӯ? Наметавонад, забонаш пеши ӯ ба гуфтани ин суханҳо намегардад. Ҳар ду ҳам гап зада наметавонанд, ба рӯи якдигар нигаристани модару писар акнун душвор... Калтаи маслуқ дар ҳаққи онҳо корашро кард. Модари Рустам бадном шуд. Рустам паси дари хона ба он «дароям, надароям» гуфта мегашт, ӯро гӯё дарде гирифта буд, дарди сӯзмол...

Ба хонаашон занҳо омаданд – барои модарашро таскин додан, барои ҳаққи гапро аз худи ӯ фаҳмидан... Очаи Парвона назди модараш омад. Номи Калтаи Мансурро шунида, боз аламҳояш тоза шуд, ки овоз андохт.

– Аҷаб рӯзҳое шуд, қавмое, – вай гуфтор дошт, – дунё бесоҳиб монд, як касе нест, ки сари ҷилави ин мурдорро гирад, вай занҳои шӯдорро бароварда мегирад, хонаҳоро вайрон мекунад. Хоҳад, мекушад, месӯзонад. Илоҳи давраш ботил шавад. Кай ман ӯро ба хуни худаш ғалтон мебинам? Кай?!..

Рустам аз забони модари Парвона фаҳмид, ки Калтаи Мансур ба модараш чӣ кор кардааст.

Дар заминҳои пушти хами Шамсиддинбой гандум медаравидаанд. Калтаи Мансур ба сари даравгарҳо ҳозир шудааст. Аз асп нафуромада, ҳамаи занҳо, бачаҳоро, ки сар боло накарда, гандум медаравидаанд, «боракалло, боракалло» гуфтааст.

– Зани Абдусалом канӣ? – очаи Рустамро пурсидааст.

– Ҳо, дар наздикии чашма, – гуфта вайро нишон додаанд.

Калтаи Мансур аспашро миёни замини гандумаш нодарав ҳай ме-

кунад. Ба гӯшаи тарафи чашма хамидаи замин меояд, ки он ҷо очаи Рустам бо чанд зани дигар сараш паст, гандум медаравид. Болои сари ӯ лаҷоми аспи ҷавмастро мекашад. Нигоҳаш ба дасту по, ба пешонаю пешобағали андаке кушода мондаи очаи Рустам. Даҳонаш гӯё меғалтад...

– Очаи Рустам, – ниҳоят ӯ нидо мекунад. Очаи Рустам досташ дар даст сар мебардорад. – Ту дарав накун, – гуфта фармоиш медиҳад. – Ин тараф биё... ба дараи Лойоб гузар, бандина дарав.

Очаи Рустам музтар шуда меистад.

– Фикр накун, рав, баъд ман ягон занакро ба наздат мефиристам, ҳамроҳат мешавад, бандинаҳоро мебиёрад...

Очаи Рустам ноилоҷ аз ғаллазор мебарояд.

Чӣ гуна мавзеъ будани дараи Лойобро Рустам медонист. Хеле дур, роҳаш чалкиш, пастию баландӣ. Баҳорон ӯ, Садриддин, Парвона ва дигар бачаҳо он ҷо тамошо мерафтанд, гул мечиданд. Гулҳои сияҳгӯш, наврӯзӣ... Қаъри дара чуқур... баъзе гӯшаҳояш нури офтобро надидаанд – торик, ваҳмовар. Ба сари одам дар ин дара чӣ балое оранд, мададгор намеёбад, ба додаш намерасанд. Ана Калтаи Мансур модари ӯро ба куҷо фиристодааст.

– Чиба очаам не, нагуфтаанд? – пурсид Рустам.

– Мо ҳам, бачам, ҳаминро аз вай пурсидем, – гуфт очаи Парвона, – модарат ба вай гап задан намехостааст, душворӣ мекашидааст, азоб будааст...

Очаи Рустам ана дар ҳамин дараи Лойоб то ними рӯз бандина медаравад, то дуриҳояш меравад. Хулоса, аз паи кораш будааст, ки Калтаи Мансур бо чашмони бечо дар наздаш ҳозир мешавад. Очаи Рустам акнун аз мақсади зишти Калтаи Мансур бохабар мегардад.

Ҳафтае аз ин пеш маслуқ, ба сари зани раҳматии Ёсин ҳам чунин рӯз оварда буд. Вай ин зани ҷавонро дар сояи ғанаке хоб дида, ба бағалаш медарояд... То ҳол дар Гулоб гапи онҳо... Занаки бечора аз шарму ҳаё дигар аз хонааш берун шуда наметавонад. Калта бошад, даҳонаш то бехи гӯшҳояш расида, «Мо як мард–дия, миёни мокиёни бисёр як хурӯс ҳам лозим» мегӯяд.

Ҳамин рӯзҳоро Калтаи Мансур дар дараи Лойоб ба сари модари Рустам ҳам оварданӣ.

– Очаи Рустам, медонӣ, ман туро чӣ қадарҳо мехоҳам... – Модари Рустам дасту по мехӯрад. Одами ба ин рӯзҳо дучор нашуда, ин хел балоҳоро надида...

– Биё, ҳа гӯй, розӣ шав, очаи Рустам, ман ба ту ғулом мешавам, ба ту мемирам... Ин ҷо ҳеҷ кас нест, ҳеҷ кас намефаҳмад, биё, ҷонам шавӣ, розӣ шав... – гуфта, Калта ба ӯ наздиктар меояд, даст ба лаби куртаи ӯ мебарад.

Афту дарафт, часпочасп сар мешавад. Очаи Рустам ба вай тан намедиҳад, фарёд мебардорад... Хайрият ҳамин лаҳзаҳо ба дараи Лойоб бобои Нусратулло меояд. Вай аз нияти Калтаи Мансур бӯбар шуда, аз паяш афтодааст.

Беақл буд Рустам, боз беақлӣ кард: гӯё, ки модараш гунаҳкор бошад, назди вай, ба хона надаромад... дар рӯи суфа, болои гилеми қоқ ёзид. Дар хона модарашу очаи Парвонаи ноком... Рустамро гӯё ба оташ андохта буданд. Шаб нисф мешуду падараш пеши рӯяш. Вай васияти падарро ба ҷо оварда натавонист, оқибат Калтаи Мансур ба модари ӯ даст дароз кард...

Рустам таги девори миёни ҳавлӣ омад. Ана ҳамон одаме, ки ин корро кард, дар ҳамин ҳавлӣ... Сулфаашро шунид, бедор аст... Даст ба сархораи девор монда, аз он худро ба хонаи Калтаи Мансур оҳиста нишеб кард, сагҳо аз дуру наздик, аз ҳавлии ҳамсояҳо ак–ак доштанд...

* * *

Пагоҳӣ Садриддин ӯро ҷеғ зада, аз ҳавлиашон бароварда.

– Дадам туро суроғ доранд, – гуфт Садриддин.

– Дар куҷоанд?

– Дар сари хирман.

– Ман ҳоло чой нанӯшидаам, – чашмони хоболудашро бо кафи дастонаш молид ӯ.

– Дар хонаи мо чой мехӯрем, қаймоқро ҳам модарам ин пагоҳ барои ту монданд, рафтем, – гуфт Садриддин ва аз дасти Рустам гирифта, ӯро ба сӯи дарвоза кашид.

Ба хирман қариби чоштгоҳ расиданд. Бобои Нусратулло говронаи дарозе дар даст, галагов ҳай мекард. Дарзаҳои гандумро канда, нав ба таги пои говҳо партофта буданд. Пояҳои гандум ба таги шиками говҳо мерасиданд, онҳо роҳ гашта наметавонистанд, ба фук зада, боз мехестанд. Бобои Нусратулло онҳоро дида, «омадед?» гуфт ва говронаи дасташро ба Рустам дароз карду «дор» фармоиш дод. Ба Садриддин ҳам кор ёфт. Вай бо сешохаи чӯбин пояҳои гандумро тунуктар мекард, онҳоро ба таги суми говҳо меандохт. Яке аз хирманкӯбҳо – мӯйсафеди Комил касал шуда, ба хонааш рафта буд. Бригадир кор намурад гуфта, Садриддину Рустамро ба хирман ҷеғ задааст...

То ними шаб, то мондаю шалпар шудани худашону барзаговҳо Садриддину Рустам аз паси галагов давиданд, бо навбат галагов ҳай карданд. Бобои Нусратулло ҳам аз хирман ҳеҷ ҷой нарафт, гандум бод дод, қариб се маҳӣ гандумро аз бод бароварда.

Таги каппа менишастанд. Моҳи шаби чаҳордаҳ миёни осмон омада. Он гӯё киштие буд, ки дар баҳри нуқратоби осмон рӯ ба ғарб шино дошт. Замину замон аз нурҳояш мунаввар. Ғарамҳои гандум, ки чанд

рӯз боз чигинакашҳо аз заминҳои дур оварда буданд ва хараҳои коҳ сап–сафед метофтанд, дарзаҳои гандуми ба таги суми говҳо канда партофта шуда... Хуллас ҳама чизе, ки дар хирман буд, чун дар рӯи каф намоён, кафи пурсаховат, кафи деҳқон буд хирман...

– Раис имрӯз пайдо нашуд, куҷо бошад? – пурсид аз падараш Садриддин.

– Саҳар қатӣ шӯру мағал хезонда, ноҳия рафт.

– Чӣ шӯру мағал? Бо кӣ шӯру мағал кард? – Садриддин думи гапашро сар намедод.

– Худаш ба худаш, одами касофт бо сояи худаш ҳам ҷанг мекунад. – Бобо Нусратулло баъд ба онҳо фаҳмонд, ки шаб хонаи Калта одам даромадааст, дарашро чанд бор кӯфтааст. Вай то саҳар дарашро кушода натавонистааст, тарсидааст, ки ӯро мекушанд, – лекин рӯяшро сиёҳ мекунад, кӣ хонаи вай медарояд? Кӣ ҳамун маслуқа куштан мехоҳад? – гуфт дар охир бобои Нусратулло.

– Дурӯғ намегӯяд.

– Аз куҷо медонӣ? – пурсид аз Рустам бобои Нусратулло.

– Хонаи ӯ ман даромада будам.

– Ту?!

– То рӯз дар ҳавлиаш ӯро поидам, дарашро кӯфтам, агар мебаромад, диламро равшан мекардам, мекуштам.

– Ту ҳоло ҳамин хел кардӣ? Одам куштанӣ будӣ? Бо ҳамин як ғубор ҷонат?! – Мӯйсафед гӯё ба даҳшат афтода буд.

– Наход ту ҳамин хел кардӣ?

– Амакӣ, шумо аз ман малол нашавед, вай ба очаи ман чӣ кор кард, худатон медонед–ку... Ё модари ман бесоҳиб аст? Ман мурдаам?

– Чӣ кардааст ба очаи ту? Ба ҳурмати азизу арвоҳҳо қасам, ки дасташро қапида натавонистааст, худам шоҳид, дар ин дунё ҳам мегӯям, дар он дунё ҳам. Ту худат дар ҳаққи очаат гап набоф, айб мешавад.

Рустам ба суханҳои бобои Нусратулло бовар мекард. Аммо ҷаҳли мӯйсафед паст намешуд.

– Ту ба ҳеҷ кас ин гапро нагӯй, нагӯй, ки ба хонаи Калта даромадӣ. Ба куртаи танат ошкор накун. Ба сӯхтан пок намешавӣ... Имрӯз аз ноҳия одам меояд, кофтуков мекунанд. Ҳайф, бисёр кори нохуб кардӣ. Ба худат ҷабр, ёшӣ... – бобои Нусратулло ба фикр дармонд. Аз афташ, хаёлаш ба Калтаи Мансур, ба ҷабру аламе, ки ӯ ба сари аҳли ҳар хонадони Гулоб меовард, банд буд... – Чӣ мекунӣ, ба ҳамааш ҷанг гунаҳкор, одами ба ин маслуқ гап мезадагӣ намонд, аспашу майдон... акнун худ ба худ ҳарф мезад бобои Нусратулло.

– Чаро шумо бо вай гап намезанед? Мегӯянд, ки бо босмачиҳо ҷанг карда, мукофот ҳам доред, лекин... – Рустам аз бобои Нусратулло ҳам, ки бо Калтаи Мансур созомадӣ, муросо карда мегашт, гиламанд буд.

– Рост мегӯй, аз ман ҳам гузашт. Ҳама ба ман ҳамин хел мегӯянд, як ту не. Калонҳои ноҳия ҳам ягон гап фаҳмидаанд, ки пурсиданд: дар қишлоқ чӣ гап, раис ба чӣ корҳо машғул? Аммо ман «намедонам» гуфтам.

– Чаро ҳамаи корҳои вайро нагуфтед? Хабар нарасондед? – дар дил аз бобои Нусратулло норизо шуд Рустам.

– Метарсам, бачам, яки мардум фаҳманд, ки бобои Нусратулло гапи қишлоқро бозорӣ кардааст, ба идораҳои калон маълумот додааст, чандпула одам мешавам? Сарамро ба кадом гӯр мебарам? Маълумотбозӣ, як касро дар назди ягон калони ҳукумат ганда кардан гуноҳи қабеҳ аст. Ана мӯи ман сафед шудаасту то ҳолӣ нашунидаам, ки аз Гулоби мо ягон маълумотбоз, гапфурӯш рӯида бошад... Барои ҳамин Гулоби мо нисбат ба қишлоқҳои дигар тинҷ аст, касе ба касе кор надорад. Як касро зада кушем ҳам, гап байни худамон мемонад. Хуб аст, ки ҳамин хел таомули нағзро омада–омада мани мӯйсафед вайрон кунам? Не, бачам, ҳаволаи одами бад ба Худо. Ганда аз ғайб ҷазо мебинад, Калта ҳам...

Бобои Нусратулло ҳикояте гуфт. Дар Гулоб як вақт мудири магазине будааст. Ҳамаи моли магазинро қиммат мефурӯхтааст, ба сатину чит, шоҳию бекасаб худаш нарх мемондааст. Аз тарозу мезадааст, ду кило қанд гиранд, нимаш кам... Боз худаш одами дағал, ҷанҷолӣ... Аз ҳад гузаронда будааст. Ҳама аз вай норозӣ, дар маъракаҳо гапашро гуфта мегаштаанд. Лекин аз болояш ба ягон идора наменавиштаанд, маълумот намедодаанд. Як одами навомад, ки ҳамон сол аз Гулоб хона харида, ба деҳа кӯчида омада будааст, ҳамаи кирдорҳои бади ҳамон мудири магазинро, фиребгарию дуздиданҳояшро дар чанд рӯи кағаз навиштааст, баъд ба баъзеҳо маслиҳат кардааст, навиштаҳояшро назди онҳо хондааст, «шоҳид шавед, ба ин коғаз даст монед» хоҳиш намудааст. «Э нее, ту ин кора накун, мон сарашро хӯраде, вайро Худо мезанад, ҷазо мебинад, бало ба пасаш...» гуфта, ҳатто он мардро коҳиш ҳам карданд. Лекин ӯ худаш навиштаҳояшро ба кадом идорае фиристодааст. Фиристодаасту гӯё дар Гулоб қиёмат шудааст. Милисаҳо омадаанд. Мудири магазинро бурдаанд, дигар вай барнагаштааст. Ба ҷояш фурӯшандаи дигар омадааст. Мардум аз он касофат халос шудаанд, вале он марди навомад ба бало мондааст. Ҳар ҷое, дар ҳар маъракае пайдо шавад, одамон ӯро ба якдигар нишон медодаанд. «Ана аз ҳамин одам эҳтиёт шавед, алҳазар, маълумотбози ганда будааст» мегуфтаанд. «Гулоби тинҷамонро ноором карде» ҳасрат мекардаанд. Мардум дигар ба вай рӯи хуш надодаанд, ба маҷлису маъракаҳояшон хабар намекардаанд, кӯҳрии паси маърака шуда мондааст мардак. Ноилоҷ мондааст, рӯзе кӯчу бандашро бардоштаасту аз Гулоб рафтааст. Баъди рафтанаш ҳам «э хайрияте, аз як маълумотбоз,

навис–навис мекардагӣ халос шудем...» гуфта, гулобиҳо изҳори хушнудӣ мекарданд...

– Бачаҳом, ҳамин хел қоидаҳо ҳаст дар Гулоби мо, – бобои Нусратулло баъди ҳикояташ боз ба сари мақсад омад, – шикоятчию аризабозҳоро аз хук бадтар мебинанд. Имрӯз якдигарро мезанем, мекушем, пагоҳ боз мо ҳамон мешавем. Мурем ҳам, гапи байни якдигарамонро ба ҳеҷ ҷо намебарем. «Ҷанги байни хешон абри баҳорон» мегӯянд. Барои ҳамин ҳам як Калтаи Мансур барин одам ба сари мардум санги осиё гардон кардаасту ҳама дам, ба ягон ҷо наменависанд, аз ягон идора касе омада пурсад, ки раисатон чӣ хел, «нағз» мегӯем. Ба мо бошад, вайро асло аз раисӣ холӣ намекунанд. Лекин дар ноҳия хайрият, ки фаҳмидаанд. Худи котиби ҳизб гуфт, ки агар ҳамин рӯз пагоҳ аз ҷанг ягон каси босаводтар баргардад, Калтаро аз вазифа мегиранд. Салими дарозро ҳам ба ҷанг мебурдаанд.

– Дурӯғ будагист, – бовар накард Рустам.

– Рост. Калтаи Мансур аз барои вай ҳам гап мешунавад, бо кадом як одами комиссариат забон як карда, дарози аҳмақро аз ҷанг гардонда будааст, додари камақлашро касал аст, гуфтааст, пора додааст.

– Салимро ҳам мебаранд? – Рустам гӯё афсӯс мехӯрд, гӯё ба ҷанг рафтани вайро намехост.

Аз рӯзе, ки Рустамро ин одам дар ҳозирии Парвона зад ва аз туфайли ҳамин одам нақшаҳои гурехтани онҳо барҳам хӯрду Парвона худашро нобуд сохт, вай аз пеши назари ӯ лаҳзае дур намешавад. Баъзан ғарқи фикр ӯ: калон шудаасту бақуввату зӯр... Вақти бо Салим ҳисобӣ карданаш расидааст. Дар кӯчаи калон мебинадаш. Салим ба вай нигоҳ накарда гузаштанист. Лекин Рустам дастонаш дар миён, сари роҳашро мегирад.

– Ист, аз ҷоят наҷунб, – фармон медиҳад ӯ. Салими дароз меистад.

– Дар хотират ҳаст?

– Чӣ? – мепурсад ӯ.

– Маро зада будӣ...

– Кай?!

– Назди Парвона, дар таги чинор...

– ...

– Номард, акнун ҳисобӣ мекунем, ҳамин ҷо, ҳамин ҳозир... Ман ҳам акнун туро огоҳ мекунам. Бин, бин, ки туро кӣ мезанад, дар ёдат монад. Лекин ормонӣ нашав, тавонӣ, ту ҳам зан... Ана, ман мезанам. – Ӯ сар мекунад. Мезанаду мезанад, то дилхунук шудан, то қонеъ гаштанаш мезанад ӯро... Салими дароз дар миёни роҳи калон даст як тарафу по як тараф хобидааст. Хешу таборони ӯро пайдо карда меорад. «Бардоред, мурдаатонро соҳиб шавед» мегӯяд ба онҳо Рустам.

Ҳамин хел орзуҳо мепарварад Рустам, ба сари Салими дароз, ки аз

зарби қамчинҳои вай ҳанӯз сараш дардманд аст, чунин рӯзҳо оварданист. Лекин ҳоло, дар ин шаби маҳтобӣ, дар зери каппаи хирманкӯбҳо бобои Нусратулло мегӯяд, ки ӯро ба ҷанг мебаранд.

– Наход вайро баранд? – боз суол кард Рустам.

– Чӣ, ту рафтани ин касофатро намехоҳӣ?

Рустам сабаби такроран аз бобои Нусратулло суол карданашро нагуфт. «Агар вай дар ҷанг мурда равад, қасосашро аз ӯ носитонда мемонад. Ҳайф...» дар дил андеша дошт ӯ.

– Ман ба деҳа меравам, – аз ҷой бархест Рустам.

– Садриддин ҳам ҳамроҳат меравад, – гуфт бобои Нусратулло ва онҳоро ҷавоб дод.

Аз каппа берун шуданд. Аз нурҳои моҳтоб ҳанӯз олам шир барин буд. Ғарамҳои ғаллаи нокӯфта, чоши гандум, хараҳои сап–сафеди коҳ чун дар рӯи каф метофтанд. Бобои Нусратулло дар пеши каппа истода буд, қомати баландаш андаке хам, риши сафеду паҳнаш ба сандуқи сина фуромадааст.

– Рустам, – садо кард ӯ ва баъде, ки Рустам истода, рӯ ба тарафи ӯ гардонд, гуфт: – Ту бачам, дили модаратро бардор, бе ин ҳам вай ғам мехӯрад. Ту акнун майда нестӣ, калон шудаӣ. Фикрҳои беҳударо аз сарат дур кун. Калтаро ҳам аз хотират барор... Агар ягон гап шунавам, хафа мешавам. Ту ҳам ба ман фарзанд, Садриддин барин, ҳардуятон бароям баробар, падарат ба ман таъин карда буд, ки аз ту бохабар бошам, ба гапи ман гӯш кун, вазнин шав, санги вазнинро об намебарад.

Насиҳатҳои бобои Нусратулло дар гӯш, Рустам ба деҳа омад, Садриддин ҳам...

Модараш нахуфта буд. Кор дошт, ки ба хона медаромаду мебаромад. Рустам бо вай рӯ ба рӯ нашуда, ба ҷойхобаш – болои суфа гузашт. Се рӯз боз Рустам дар ҳамин ҷо мехуфт. Се рӯз боз бо модараш гап назадааст. Модар дар ин рӯзҳо аз хона берун намешуд. Дарро ба рӯяш баста мехобид. Аммо ҳоло ӯ аз пешайвон фуромада, назди Рустам меомад. Рустам сарашро ба бистар печонда, худро ба хоб андохт. Аз модараш мекебид. Ҳарчанд насиҳат шунид, навакак бобои Нусратулло як олам ба ӯ панд хонд, лекин дилаш ба модар мисли пеш не. Сард шуда дили ӯ аз модар.

– Рустам, бачам, ба ман гӯш кун, – лаби бистарро аз болои сари ӯ кашид модар. – Хез хона даро, биё, – гуфт.

– Намеравам, ҳеҷ ҷо намеравам, – ғур–ғур кард Рустам.

– Номаъқулӣ накун, Рустам, хез, зуд хез.

– Ман ҳамин ҷо хоб меравам.

– Бачам, ҳамин ғаму алами худам бас нест, ки ту ҳам маро азоб медиҳӣ?

– Ман ба шумо кордор нестам.

– Кордор набуданатро мефаҳмам, бачам, худатро хӯрда гаштай. Майлаш хуб мекунӣ, маро бад бин, ту ҳам фикри бад кун, ман гунаҳкор.

– Ман шуморо гунаҳкор нагуфтам...

– Бачам, ман худамро нобуд мекунам, ё аз қишлоқ баромада меравам, роҳи дигар нест. Номам бад шуд. Хаёлам, ки ягон одами қишлоқро набинам. Рӯям дуд мекунад, мурдан мехоҳам...

– Айби шумо нест...

– Ту бачаи ман бошӣ, хез, ҳамин ҳозир, ҳамин шаб аз Гулоб меравем, дигар ёди Гулоб намекунем, обаш ба мо ҳаром шуд, меравем.

– Куҷо меравем, оча? Ин хел нагӯед...

– Таги осмон кушод, ягон ҷой ёфт мешудагист.

Баҳси меравему намеравеми Рустаму модараш гӯё охир надошт. Модар гирён–гирён аз назди ӯ дур шуд...

– Зинда мондани маро нахоҳӣ, бачам, хайр, дидорҳо ба қиёмат, паноҳат ба Худо, – гуфту аз дарвоза баромад. Шараққоси дарвоза Рустамро ба худ овард: наход модараш ҳам худкушӣ кунад? Наход аз ӯ ҳам монад?! Ӯ саросема аз ҷояш хест. Модараш дар паси дарвоза, дар наздикиҳо наметофт. Худро ин тараф, он тарафи кӯча зад, аммо набуд ӯ. Ба замин даромад, ё ба осмон рафт? Гум буд. Рустам давид, аз кӯчаю паскӯчаҳо гузашт, аз деҳа берун рафт. Наход модараш дар ҳақиқат аз паи худкушӣ афтод? Тарафи Сафедоб рафт? Худро ба он рӯди бетаг афкандагист. Рӯде, ки мегӯянд, Парвона худашро ба қаъри он андохтааст. Магар ба ин Сафедоб, номаш гум, кош он дар Гулоби онҳо намебуд... Чӣ дарёест он, ки рӯзи вайро тира менамояд, чӣ одамест ин Калтаи хонасӯхта, ки модарашро ба дами марг тела медиҳад, хонаашонро мотамсаро гардонд... Аз дасти Рустам меояд, ки ӯро кушад, метавонад... Аммо бобои Нусратулло вайро аз роҳ гардонд. Насиҳат мегӯяд, панд мехонад. Убол намешавад, агар Калтаи хонасӯхтаро кушад, савоб мешавад, агар ӯро Рустам кушад, бовар дорад, ки дилаш кушода мегардад, убол не, савоб. Бо даму дили сӯхта Рустам рӯ ба Сафедоб медавид. Қад–қади роҳи калон ба даруни боғҳои сари теппа, домани адир назар андохта мерафт. Нурҳои моҳ болои Сафедоб шино доштанд, ба мавҷҳо мепечиданд, ба ҳам меомехтанду пеш мехазиданд. Ҷонзоте канори дарё наменамуд. Ӯ дар лаби дарё, садои дарё, гулдуроси он ба фалак... Дарёи хунхур, Парвонаро хӯрд... модарашро ҳам аллакай ба дамаш кашид чӣ? Агар ин тавр шуда бошад, ӯ – Рустам куҷо меравад? Сояе ба назараш намуд. Аз боғ баромад. Тирвор сӯи Сафедоб медавид. Рустам ҳам ба вай рӯ ба рӯ шуд. Модараш будааст, дилаш аз зиндагӣ, аз дунё монда...

... Чӣ шабе буд, ки онҳо нахуфтанд, хобу хаёлашонро Калтаи Мансур бурда, оромию осудагиашонро ҳам. Ба сари кӯтали деҳа расида,

рӯ ба Гулоб истоданд. Гулобе, ки пушт ба пушташон дар он зиста, ҳамин ҷо хок шудаанд, Гулобе, ки ин ҷо ҷояшон асту манзилашон. Чанори баланди лаби ҷӯ. Паси он ҳавлиашон. Дарҳои хона, дарвозаи ҳавлиашонро боз монда баромаданд. Гову гӯсфандҳо, ҳангии сиёҳашонро миёни ҳавлӣ сар доданд, ризқу рӯзиашонро худашон ёбанду хӯранд. Бе бизоат, бе ҳеҷ чиз аз деҳа мебароянд. Дар тан танҳо либосҳояшон. Чанд бистару якандозро миёни бӯғҷома печонданд. Онро Рустам пуштора кардааст... Либосҳояшонро нагирифта мераванд, ашёҳои рӯзгорашонро гузошта... Бобои Нусратулло монд ин ҷо. Бо Садриддин вақте «хайр» гуфт, ки ҳамроҳ аз хирман баргаштанду вай дари ҳавлиашонро кушод. Аз куҷо медонист, ки бо ӯ бори охир хайр мегӯяд... Аз назди қабристони гулобиҳо гузаштанд, ба он ҷониб сар хам намуд, ба эҳтироми Парвона, пеши марқади аз сангҳои мармари сиёҳ бунёдшудааш... «Хайр» мегуфт бо дилу ҷон бо Парвона, бо Гулоб.

Онҳо дар оғӯши нимторикӣ меистоданд, рӯ ба деҳа меистоданд. Шамоли сард лаби рӯймоли шоли модарашро ба пеши рӯяш мезад, мӯйҳояш болои абрувон фуромадаанд, чашмонаш гӯё оташаке, оташаки кину адоват, қаҳру ғазаб. Номи бад бар дӯшаш бор, вай даст ба дуо бардошт, дону нодон як ояти аз модар ёдкардаашро хонд. Баъд бо овози шунаво гуфт:

– Худоё, роҳи рафтанам шаваду ба Гулоб баргаштанам не, Худоё, дур аз ин ҷо, дар мусофириҳо хок шавам, рӯи Гулобро набинам... омин! – Даст ба рӯй оварда, вале дили Рустам нашуд, ки низ омин гӯяд. Вай аз Гулоб якумрӣ рафтан намехост...

Модар бастаи либосҳояшро, ки болои алафҳо гузошта буд, бардошт, қадам ба роҳ монд. Рустам аз паи ӯ шуд.

* * *

Саҳарӣ нурҳои офтоб аз миёни шоху навдаҳои тут ба рӯяш меафтиданд. Вале ӯ аз хоб хеста наметавонист, ду шабу ду рӯз дар роҳ буданд. Ба мошин, баъд ба поезд савор шуданд. Дина, баъди нисфирӯзӣ ба Сталинобод расиданд. Вокзали роҳи оҳан серодам, серғалоғула, мағал, саг соҳибашро намеёфт. Фиғони модарон, занону духтарон, наварӯсон ба фалак – фарзандон, муҳибон, дилдодагон хешовандонашонро ба ҷанг мегуселониданд. Ба гуфтаи модараш, ки рӯзи қиёмат Худо нишон надиҳад. Ӯ даст ба китфи Рустам партофт.

– Ба ман нигоҳ кун, – гуфт модараш. Ба рӯи модар назар бардошт. Таги рӯи гандумгунаш коҳида, пеши чашмони бодомии зебояш хатҳои маҳини ожанг давида буд. Ба ҳар ҳол модараш зебо, ҳалқаҳои баргакдори тилоӣ ба рӯяш ҳусн фузуда. Ӯ ба Рустам чи гуфтанӣ буд?

– Худо туя нигаҳбон шавад, – гуфт. Вай рӯзи сиёҳи модаронро, ки

ҷигаргӯшаҳоро ба ҷанг мегуселонданд, пеши назар дида, дилаш барои Рустам меларзид.

Аз кӯчаҳои сангфарши камодам, каммошини шаҳр роҳ мерафтанд. Ягон–ягон маҷрӯҳонро медиданд. Баъзеашон нобино, бепо, бедаст. Бо асобағал мегаштанд, нӯки асоро ба пеш партофта, роҳ меҷустанд...

– Кошкӣ, бачам падари ту ҳам аз як мучааш мемонд, нимтана мешуду аз ҷанг меомад, намемурд, – оҳи бадард бароварда модараш.

Торик шуда ягон–ягон чароғҳои барқӣ аз кӯчаҳо фурӯзон буданд. Вале модару писар ҳанӯз ҷои рафтанашонро намедонистанд.

– Ягон ҷои кор ёфтан лозим, заводи нон бошад, боз беҳтар. Файз дорад, шикам сер мешавад. Аз роҳгузарҳо пурс бачам, заводи нон канӣ гӯй, – гуфт модараш.

Пурсида–пурсида, онҳо ба заводи нон наздик шуданд. Дар мобайни ҳавлии он дудбарои баланде қад кашидааст. Аз дуриҳо ҳам менамуд, аз он дуди сиёҳ ба ҳаво мепечид. Лекин дарвозаи завод аз дарун баста. Зери дарахти туте, кӯчу палтарашонро партофтанд. Торик шуда буд. Қадаме чанд аз онҳо дуртар роҳгузарҳо мерафтанду меомаданд... Пардаи сиёҳи торикӣ Рустаму модарашро аз назарҳо панаҳ кардааст. Шолчаеро густурданду дар тараддуди хоб шуданд...

Субҳгоҳон Рустам бедор шуда, шунид, ки марде бо модараш ҳарф мезанад. Баъд модар гуфт:

– Ҳамин хел, ака, як одами ба ду пул намеарзидагӣ рӯзи моро сиёҳ кард. Раҳрезу рӯрез шудем, хонаю дарамонро партофта омадем... – Зани муаллим Фирдавсиро бозӯрӣ ба хонааш бурд. Келини амаки Норро бадном кард, – аз кирдорҳои Калтаи Мансур ӯ ба мард мисоле паси мисол меовард, номи Парвонаро ҳам гирифт ӯ. – Ин духтараки ҷавон, аз сад гул як гулаш нашукуфта, аз ситами ҳамин одам худашро нобуд кард. Ана ин писараки ман, ака, Рустам ном дорад, – вайро ба мард нишон дод, – бо ҳамин ёшӣ нимтана шуд, бачаҳакама заданд, ба ҷогаҳу ҷома буд. Сараш аз худаш нест, духтурҳо мегӯянд, ки вай дигар ба худ намебиёяд. Мо аз дасти ҳамин одам аз Гулоб мондем, беватан шудем, ака! – кӯрпаро аз болои Рустам кашид.

– Хез, бачам, хез, – гуфт модараш.

Рустам саросема аз ҷояш хест. Мусоҳиби модараш марди калонсоле будааст, роҳгузар, дар чашмонаш айнак, мӯйсараш сап–сафед, дар зери бағалаш ҷузвдони чармӣ.

– Рустамҷон, салом, – мард ба ӯ даст дароз кард. Рустам ҳам ба вай даст дод. Ноилоҷ буд, хиҷолат мекашид, ки дар хоб мондааст, дасту рӯяш ношуста.

– Ғайри заводи нон дар дигар ҷо кор кардан намехоҳед? – пурсид мард аз модари ӯ.

– Даҳонамон ба нони серӣ расад, ака, баъд як сарпаноҳ диҳанд...

Рустаму модараш бору бандашонро бардоштанд ва ҳамроҳи мард аз дари завод даромаданд... Марди айнакии мӯйсафедро дар ин ҷо ҳама мешинохтаанд. Дарбонҳо, коргарон, роҳбарони завод, дастҳо пеши бар ба вай салом медоданд. Ӯ бо як марди ботанутӯш хеле сӯҳбат кард. Ин мард директори заводи нон будааст.

– Ана ҳаминҳоро ба кор гиред, хона ёбед. Ман ҳам аз ҳолашон бохабар шуда меистам, – гуфт ӯ Рустаму модарашро ба наздаш хонда. Вай аз модари ӯ боз Калтаи Мансурро пурсид. Аз ҷузвдонаш қалам ва чанд варақ коғаз бароварда, номи ӯро навишт. – Ин хел касофатҳо аз рӯзи сахти мардум фоида мебаранд, аз ҷанг хурсанд, базму бозӣ меороянд... ба дилашон... Мард бо оташинӣ болои коғаз қайдҳо мемонд...

Ҳамон рӯз Рустаму модараш ба кор қабул шуданд, ба онҳо як хонача ҳам доданд. Дур не, дар наздикии завод. Хурдакак, бомаш паст, бо сафолпораҳо пӯшида шуда буд. Модар бо шодӣ, кулбачаашонро рӯфт, тоза кард, шолчаю кӯрпачаҳояшонро ба фарши он андохт. Шукр гуфт, қаноатманд буд.

– Дидӣ, бачам, гуфтам, ки ҳеҷ кас дар роҳ намондааст, ҷо меёбем, нон меёбем. Ин одамро Худо ба мо расонд, илоҳӣ барака ёбад... – мегуфт модараш.

Марди айнакии сарсафед ҳамон рӯз боз ба завод омад, ҷуста онҳоро ёфт, кулбаашонро дид. Аз сарвари завод боз хоҳиш кард, ки аз ҳоли Рустам, модари ӯ шахсан бохабар шуда истад, мадад расонад...

Он марди некхоҳ, кӣ буд, барои Рустаму модараш номаълум монд, одами хайрхоҳ ба онҳо мадад расонд.

* * *

Модараш бо занҳои бисёр хамир мешӯрид, нон мепухтанд. Рустам аробакаш, бо аробакашҳо ба дӯконҳо нон мебурд. Азоби гуруснаҳо, барои нон ҷон додани одамонро ӯ ҳамин ҷо дид. Пагоҳии барвақт, субҳгоҳӣ, вақте ки болои шаҳр ситораҳо ҳанӯз чун гулҳои осмони нилӣ ба чашм метофтанд, онҳо – аробакашҳо ба дӯконҳо нон медаровардан. Пеши дӯконҳо аз занону кӯдакон, мӯйсафедон, беморони барҷомонда пур. Якдигарро аз сари роҳ тела медоданд, ба ҳам дармеафтоданд. Меҳру шафқат, эҳтироми якдигар аз ёдҳо рафта. Ҳар кас мехост, ки ба дари дӯкон наздиктар ояд, пештар нон ба даст орад... Мӯйсафедон, пиразанҳои бемадори гирёну нолон аз навбат берун шуда, рӯ ба осмон даст ба дуо мебардоштанд: Худоё, ин чӣ рӯзе буд, ба сарамон омад! Луқмаи нон! Нон!! Одамон якдигарро дашном медоданд, суханҳои қабеҳ мегуфтанд, рӯ ба дари дӯкони нон худро мезаданд. «Вой, бачаҳакам, мурд, куштиам...» ҳамин хел оҳу войгӯиҳои мардумро мешунид... Вай инчунин медид, ки нони бечорагонро, нон не, балки ҷонашонро аз дасташон мебурданд ва он бечораҳо нолон,

гирён. Барои як нон кушта шудани одамро ҳам дид. Он воқеаи пурдаҳшат ҳеҷ гоҳ аз пеши чашмаш намеравад... «Барои як нон одам одам кушт...» мегӯяд вай дар омади гап. Барои онҳо – аробакашҳо ҳам аз як кӯча ба кӯчаи дигари шаҳр нон бурдан осон набуд, дар рӯзи равшан баъзан ба онҳо ҳамла мекарданд. Бо амаки Егор ҳамин ҳол рух дод.

Пирамард дар ароба нон бор карда, аз завод мебарояд. Дур намеравад, як гардишро тоб хӯрда, аз назди бозори Путовский мегузарад. Дар пеши назари роҳгузарҳо ду кас аз лаҷоми аспҳои ароба гирифта, дигаре ба ароба баромада, мӯйсафедро аз ҷои шишташ озод мебарораду ба даруни ҷӯи сари роҳ ҳаво медиҳад...

... Рустам рӯзномае дар даст шодикунон аз дари хоначаашон даромад. Вай рӯзномаро аз бағалаш бароварда, назди модар монд «хонед», гуфт.

– Чиро хонам? – рӯзномаро кушод модар.

– Калтаи Мансурро танқид кардаанд.

– Рост?!

– Суд мешавад, вай Салими дароз ҳам боб шудааст.

– Чӣ хубе, Худоё ба рӯзи бад зананд, ин кори кӣ бошад? Кӣ навиштааст?

– Ҳамон одами нағз, ҳамон кас, вай моро соҳиби нон, соҳиби хона кард.

– Худоё барака ёбад, ин одам, хока гирад, зар гардад, Худо вая ба мо расонд, Худо.

– Гулоб рафта будааст.

– Хонаҳои моро ҳам дидагист?!

– Ба қишлоқ баргардем чӣ, оча? – хумори деҳа гирифта буд Рустамро.

– Ту рафтанӣ?

– Ҳа–а...

– Равем мегӯӣ? – ба рӯи Рустам теғи нигоҳ партофта, боз пурсид модар.

– Меравем.

– Дилакат қуруммас мезанад–а? Гулобро ёд кардӣ?

– Ҳа, оча.

– Бачам, Гулобро акнун ману ту дар хоб мебинем, обу хоки ман аз он ҷо канда шуд.

– Калта гуму нобуд мешавад–ку?!

Модар хомӯш монд.

– Равем–а? – Сукунати модарро аломати ризоият пиндошта, гуфт Рустам.

– Бачам, ман дигар қишлоқ рафта наметавонам...

Модар сабаби ба Гулоб дигар барнагаштанашро ба Рустам гуфта наметавонист, забонаш намегашт. Вале Рустам бачаи хурд набуд, ки рӯзи ба сари модараш овардаи Калтаи Мансурро нафаҳмад. Он чинси мурдор, албатта, ба ӯ ҳеҷ кор карда натавониста буд, лекин чӣ кор шуд-нашуд, ки дар ҳаққи вай дар Гулоб гапи ганда паҳн гашт, чӣ хеле раҳматӣ падараш гуфта буд: бадному садном шуд. Зани Калта ҳам назди мардум модари бегуноҳи вайро санг задааст: «Ман вай Ҷамиларо медонам, аз ҳамон даврaҳои як вақаб кӯдак буданаш ба раис дил дода буд, ба ӯ ишваю ноз мекард... Худаш ба раис гап додааст, худаш мардакамро беҳ–беҳ карда, ба сои Лойоб бурдааст...» гуфтааст. Боз чанд занони дигар ҳам ҳамин хел гапҳо бофтаанд... Дарвозаҳои шаҳрро баста мешаваду даҳони мардумро не... Ин хел гапҳо баъди мурдани одам ҳам мемонад. Аз ҳамин гапҳо гурехтааст модари Рустам.

– Ман Гулобро аз хотир мебарорам, бачам, ман мусофирхок мешавам, бачам! – оби дида сари рухсораҳои модараш омад. Дигар ӯ ба писараш чизе нагуфт.

* * *

Солҳо паи сол мерафтанд. Рустам хонадор шуд. Ҳавлӣ хариданд, боғу майдон карданд. Гулоб оҳиста–оҳиста аз ёд мерафт, шаҳрӣ шуда буданд Рустаму модараш. Вале симои Парвона аз дилу аз дидаи Рустам намерафт. Захме, ки туфайли он аз Калтаи Мансуру Салими дароз зери чинори миёни дара ба сараш гирифта буд, шифо ёфт. Захме, ки аз он ҳар гоҳ сараш чарх мезаду дунё ба назараш торик мешуд. Гоҳо меафтид, гоҳи дигар базӯр ба по меистод... Меистод – меистоду ба худ меомад, дард мегузашт. Ин дард шифо ёфта буд, вале дарди аз фироқи Парвона ба дил омадааш не. Дар гӯристони Гулоб марқади аз сангҳои мармари сиёҳ қадафрохтаи Парвонаро шабҳангом ҳам хоб медид. Соҳиби фарзандон шуда буд. Духтари башӯ дошт, писараш Фарзон паи зиндагӣ. Вале ӯ чи падаре, ки ҳанӯз ҳам ошиқи Парвона...

Модараш хеле пир шудааст. Дар пирӣ Гулобро гоҳе хоб мебинад, гоҳе хобашро ба ӯ мегӯяду гоҳе ба об.

Ниҳоят сари модар ба болин омад...

– Гулобро хоб дидам, – гуфт модар.

– Шуморо мебарам, – гуфт писар.

– Мурдаамро?

– Не, оча, шумо ҳоло бардам, хешу таборҳоро мебинем, Гулобамонро ҳам. Соли кам нагузашт, оби кам ҷорӣ нашуд...

– Хаёл мекунӣ, ки аз хотирашон рафтааст?

– Ҳа.

– Не, бачам, сагҳои хобро бедор накунем, беҳтар, боз дупушта доира мезананд, гапам аз нав дар қишлоқ гардон мешавад.

– Ҳеҷ ҷо ҳеҷ гапе нашуда, оча, хуб аз қишлоқ ароз кардед. Дасти

ҳамон Калтаи маймун ба танатон расида буд ё нарасида буд... – дар пиронсолии модар, дар синну соли рафтаи худ Рустам бо ханда, озодона он ҳодисаро ёд оварда.

– Бачам, наханд, даҳонатро гиз накун, – ҳанӯз ҷароҳати дилаш шифо наёфта будааст, ки қаҳри кампир омад. Вай ба сари писараш боз овоз баланд карданӣ буд, ки ба хона зани Рустам даромад. Сухан дар даҳони модараш монд. – Дам шав, – ӯ даҳонашро бо кафи дастонаш пӯшонд. Аз рӯзе модар Рустамро хонадор кард, ба хона келин оварда, таъкидаш намуда буд: – зинҳор даҳонатро накушо, ин духтари мардум нафаҳмад, ки хонаҳоятро алов зада баромада меравам...

Солҳо мегузаштанду Рустам аз ҳароси модар бо ягон гулобӣ рӯ ба рӯ шуда наметавонист... Барои хешовандон, барои Садриддин, ёру ҷӯраҳояш, барои як хабар, ҳарфе аз Гулоб шунидан дилаш гуму гирех мехӯрд. Лекин аз модар, аз зарбаю зовитаи вай меҳаросид.

– Агар, бачам, ҳамон рӯзе як одами қишлоқ фаҳмад, ки мо дар Сталинободем, агар як обчӯҷаашро хона биёрӣ, аз ман умед накун, ту бачаи ман не, оқ мекунам, ширамро ба осмон меҷӯшам, дигар маро оча нагӯ... Гоҳо модар ӯро дар итоб мегирифт, дангалҳоро ба сари вай шикастанӣ мешуд... Ба гуфтае, ки аз Гулоб, аз одамони вай қимоб шуда буд. – Номбад нашуда мемурдам, ин рӯзи сиёҳро ман ҳаргиз дар зиндагӣ чашмдор набудам, бо мӯи баданам ларзида мегаштам... – мегуфт модар.

Дар дами пирӣ модар ҳоло ба ҳоли худ шуда, рӯзу соати башумори умраш монда буд. Дар ҳамин лаҳзаҳо Рустам назди ӯ аз Гулоб гап кушод, вале модар ҳанӯз намехостааст, ки рӯяш ба рӯи ҳамдеҳагон расад.

– Розӣ нестам, ки мурдаамро ҳам ба Гулоб барӣ, – васият кард ва пас аз хело сокит мондан гуфт: – Баъди сари ман худат меравӣ, намеравӣ, ихтиёрат...

Лекин модараш Гулобро дӯст медоштааст, одамонаш, хоку обашро ҳам, вай аз ҳама дилмонда набудааст. Вақти марг, вақти аз худ бехабар шудан вай дарди дилашро пинҳон дошта натавониста, ба забони ҳол омад.

Занаш, фарзандонаш, болои сари модар наздиктар шуданд.

– Дуо диҳед, оча, ҳар гуноҳе кардем, баду неке аз мо гузашт, бахшед, – ҳамсари Рустам – Зарнигор аз гиря худашро нигоҳ дошта натавонист, ин ҳарфҳо пеши кампир ба забон оварду фиғонаш баланд гашт. Фарзандонаш ҳам аз модаркалон бахшиш мепурсиданд. Кампир то даме ба худ буд, ба онҳо дуо дод. Рӯзҳои нек орзу кард. Баъд оҳиста–оҳиста аз ҳуш рафт, худаш ҳозиронро фаромӯш кард. Парешон мегуфт. Як ҳарфаш ҳам Гулоб буду ду ҳарфаш ҳам.

– Дари хонаҳо ба пушт кушода... дари ҳавлӣ ҳам... куртаҳо сари

мех, ҷомаи додои Рустамҷон ҳам... Калид дар қулфи сандуқҳо... Ҳамаро мондему баромадем... Ин духтари бақад Парвона аст, ҷангаш накунед, вай барои ман аз чашмаи таги сада об оварда, биё духтарам, биё келинам...

– Парвона кӣ? – пурсид зани Рустам.

– Дам ист, – гуфт ба зарда Рустам.

– Гулобӣ ман... падару модарам гулобӣ, бобою бобокалонҳоям. Ин чинори лаби сой аст, баланд аст, дастамро гир Рустам, маро аз об гузарон, ҳо ана дар он сӯи оби сой бобои Нусратулло, холаи Зайнура, Парвона... биёед шумоҳо... маро баред, аз об гузаронед... Ана ҳамин хел, дастамро доред...

Ин суханон дар забон, модар аз об не, аз дунё, аз олами равшан гузашт, беазоб, ба осонӣ... Ӯ чашмони модарро молид, оҳиста пӯшида шуданд чашмонаш...

Баъд аз сари модар боз солҳо паи солҳо шуданд. Ҷои ҳавлиҳои аҳли гузар биноҳои манзилӣ сохтанд. Ба онҳо хона доданд. Барои амаки Рустам, ҳавлиаш, ки онро ҳамроҳи модараш бунёд карда буд, ин ҷо фарзандонаш ба дунё омаданд, модарашро аз ҳамин ҷо ба хок супурд, азиз буд. Дар ин манзил ҷавониаш гузашт, гоҳо ба ин ҷо Олимии меҳрубон – он марде, ки ба онҳо мадад расонда буд, меомад...

Ба манзили нав кӯчидан дар рӯзҳои аз заводи нон ба нафақа гусел шуданаш рух дода буд, ҳамон заводе, ки ҳоло ба иттиҳодияи нонпазӣ табдил ёфтааст. Дар ин ҷо акнун хамирро бо даст намешӯранд. Мошинҳо гузошта шудаанд, мошинҳо нон мепазанд... Гоҳо бобои Рустам рӯ ба биноҳои мӯҳташаму сап–сафеди завод оварда ба фикр меравад: рӯзҳое Рустам аз Гулоб ба даргоҳи он омад, намудаш дигар буд. Биноҳо паст–паст, деворҳояш похса, бомҳо бо лой андова шуда ё бо хас пӯшида... Рӯзҳое ки барф баланд меборид, курчакҳо дар даст, болои бомҳо баромада, барф меруфтанд. Бо аробаҳо ба дӯконҳо нон мебурданд. Ку он аробаҳо, ку он дӯконҳо? Нестанд, гум шуданд. Акнун аз субҳ то шом ба магазинҳои шаҳр аз завод мошинҳо нон мебаранд... Нонҳои гарм, сап–сафед... Он рӯзҳои гуруснагӣ ҳам, ки одамон барои нон паси дари дӯконҳо қатор меистоданд, барои нон ҷон мекоҳонданд, чун хобу хаёл рафтанд. Нон арзон, нон бекадр, баъзан бобои Рустам онро зери по мебинад.

Бобои Рустам баъди ба нафақа баромадан, албатта, ҳеҷ гоҳ дар хаёли хонанишинӣ набуд. Лекин гуфтанд, ки дам гирад, камоие бошад, ёрдам медодаанд. Вале ба бекорӣ одат, ки накард, накард. Фикру андешаҳо чун кирмҳо ба дилу майнааш ҷо гаштанд. Хаёлҳои беохир, чигил ва ботил... Ҷои халосӣ не, осудан не! Аз ҳама зиёдтар хонаҳои нав ба ӯ намефориданд. «Қафас барин, сабил монанд инҳо!» ғур–ғур мекард.

– Ҳамсояҳо канӣ? Онҳо куҷо шуданд? – пурсид аз Зарнигор амаки Рустам.

– Онҳо ҳам хона гирифтанд, хонаҳояшон аз мо дур, дар ҳар гӯшаи шаҳр, дар фалону бисмадон маҳаллаҳо.

– Ҳайфи гузари орому осудаамон. Ҳамаамон хешу табор барин шуда будем, дар ғаму дард, шодию хурсандиҳоямон ҳамроҳ будем. Ҳамон ҳавличаҳои аз кӯҳна мондаи худамон хуб буд. Зарур буд, ки ҷои онҳо ҳамон бинои понздаҳ–бист қабатаро созанд. Ҷо қаҳт зада буд? Дигар он рӯзҳоро аз куҷо меёбем? Ҳайф... кори нохуб карданд... Бобои Рустам шишта–шишта, дар хонаи танҳо зиқ шуда, чи хеле мегӯянд, алов гирифта мерафт, ёди аҳли маҳалла мекард, ки даҳҳо фарсах роҳ аз ҳам дур афтода буданд. Аз дидори ошноҳо маҳрум. Ку он гаштакҳо, дар ҳавлии якдигар сарҷамъ омаданҳо? Ҳамаашон гузаштанд, афсона, хобу хаёл буданд.

Ҳамон ҳафтаи аввали ба хонаи нав кӯчиданашон вай танҳо монд, як сари қоқи худаш. Зарнигорро ба хонаи духтари хурдиаш бурданд. Кӯдаки майдаи Наргис бемор, ба ӯ нигоҳубин кардан лозим.

Вай пагоҳиҳо бармаҳал аз хоб мехест, дасту рӯй шуста, ба ошхона даромада, болои газ чой мемонд. Чой дам карда, сари дастархон меомад. Ба пиёла чой рехта, бехудона боз ба чанд пиёлаи дигар ҳам чой мекашид. Инҳо барои кӣ? Як худаш–ку? Вай аз кӯдакиаш бо бисёрӣ одат кардааст, худаш, танҳо, каллаи килов барин сари дастархон нишаста, чою нон нахӯрдааст. Танҳо дастархон кушода, нону чой хӯрдан нағз не. Баъзе мӯйсафедони қишлоқ, танҳо, ки мемонданд, кӯча баромада, ҳамроҳ мечустанд, ки бо ҳам чой нӯшанд. Агар касе наёбанд, ноилоҷ ба хона баргашта, ба як пиёлаи дигар ҳам чой рехта, барои шахси ғоиб гуфта, онро як тарафи дастархон мемонданд, баъд нону чой мехӯрданд. Ҳамин одат ҳам нағз буд. Лекин одами танҳо то кай ин хел мекунад, беҳуда худашро таскину тасаллӣ медиҳад?

Таҳтӯл карда, дарҳои хонаро пӯшида, назди лифт меомад. Он ҳам як дарди сар. Интизор мешавӣ, ки кай меояд, баъд он туро поён мефурорад, гӯё худи бобои Рустам аз пою пар, аз пайкол монда бошад. Не, ҳоло вай ба ин дарача мӯҳтоҷ нашудааст, роҳ рафта метавонад. Хайр фарз кардем, ки лифт ҳам омад, вайро ба поён бурд. Баъд ӯ куҷо равад? Дастгоҳи нонпазии вай аллакай азони каси дигар, вайро дигар паси он намегузоранд. Агар ҳар қадар хоҳад, орзу дошта бошад ҳам... Ақиб гашта, дари хонаро кушод.

Ана ҳамон рӯзҳои танҳоӣ зиндагии гузаштааш ба пеши рӯ меомад, назар ба умри рафтааш меандохт. Он як китоби азим барин. Саҳифаҳояш беҳисоб. Варақ мегардонад саҳифаҳои онро, варақ мегардонду варақ... Аз пагоҳ то шаб, аз шаб то саҳар ҳолаш ҳамин. Вале хондани ин китобро ҳеҷ анҷом дода наметавонист. Чӣ қадар ҳодисаҳо,

хушию нохушиҳо буданд дар ин китоб. Аз хондан, аз ёдоварии онҳо бемадор мешуд. Гӯшҳояшро бо панҷаҳояш медошт, чашмонашро мепӯшид. Лекин саҳифаҳои китоб аз пеши чашмонаш дур намешуданд... Кӯчаҳои деҳа. Даста–даста бачаҳою духтарон равонанд. Вай ҳамроҳи Парвона... Ҳамин рӯзҳо дардаш тоза шуд, чи хеле худаш дар дил мегуфт, дарди ишқаш... Дарде, ки таги чинори миёни дара, назди Парвона аз зарби қамчинҳои Салими дароз ба сараш омада буд. Баъдҳо ба гуфтаи модараш, ки хайрият аз танаш баромад. Вале дар рӯзҳои танҳоӣ, пирӣ боз рӯ гирифт он дард, хурӯҷ кард аз нав. Сарчархак мешуд, миёни торикӣ, сиёҳӣ мемонд. Сараш ба қавли худаш, фир мегашту фир мегашт, ба худ мепечид. Пеши рӯяш ҳамон Салими дароз, дастаи қамчин миёни панҷаҳои ӯ. «Ба ман нигар, бин, ки туро кӣ мезанад...» аз гиребонаш мекашад, пеши рӯяш хун, олам ғарқи хун, вай дар даруни хун. Садои суруди «Шаҳмуборакбод»-гӯии одамонро мешунавад. Тӯи Парвона... Намедонад чӣ қадар вақт мегузарад. Вале ба ҳамин ҳол ҳам ӯ аз як чӣ хурсанд: Парвонаро дид, бо ӯ буд...

– Рустам, биё, хонаи мо равем.

Лабони Парвона аз табассум ғунча мегарданд. Дастони ӯ аз оринҷ боло урёнанд, зебоанд. Аз банди дасти ӯ медорад, ба лабонаш наздик меорад.

– Ин қадар ба ман мечаспӣ, гӯё асло надида бошӣ. Биист, айб аст, бахудо изо мекашам, – чашмони духтар механданд, рухсораҳояш анор барин ранг медиҳанд.

Дар ин лаҳзаҳо мӯйсафед агар хоб бошад, ҳадаҳа мехезад. Сари ҷойхобаш нишаста, ба ҳасрат сар меҷунбонад.

– Ҳай, ҳай, айбу шармро надон. Як даст ба ришат бар, бобои Рустам. Сап–сафед, тахтаи дар дарин. Пири дағдӣ шудие... Бачаҳоят калон–калон, набераҳоро тӯй мекунӣ, пот ба лаби гӯр расидааст, лекин дилат кач–а? Бас, он рӯзҳоро ба хотир набиёр, ба гузашта салавот гӯй, даврaҳои ҷавонӣ, беақлию суламагӣ буданд гӯй. Ба хотир набиёр, гуноҳҳоятро вазнин накун, – мегуфт ба худ. Аммо лаҳзае нагузашта медид, ки дар Гулоб гаштааст. Парвона қатиаш... Сабзаҳо дамидааст, гулҳои зардак аз таги барф сар кашидаанд, сияҳгӯш дар танаи адир дилрабоӣ дорад, абрӯҳояш сип–сиёҳ, чун абрувони хамзадаи Парвона... Дар ҳамворӣ бачаҳо гӯштин мегиранд, яке дигарро ба замин мезананд. Бобои Рустам ҳам беихтиёр чапак зад. Чапак заду худро дар хона дид. Деворҳои хона сафед, шир барин. Ҷевонҳои нав гирдогирди он гузошта шудаанд, қолинҳои хушранг рӯи фарши хона паҳн...

Ба Худо ба ман ягон гап мешудагӣ барин, хаёлӣ шуда мондаам, девона нашавам мегӯям, боз дар дами пирӣ... – ба худ ҳарф мезад.

... Хурӯсҳо яке паи дигар қуд–қудус ҷеғ мезаданд. Ана хурӯси чилтоҷи Парвонаашон ҳам аз сари шохи чормағзи байни ҳавлии онҳо

бол афшонда, қуд-қудус бонг зад. Ситораҳо чун гӯшвораҳо болои қуллаҳои пурбарфи кӯҳҳои гирди Гулоб овезон... Шаб ториктар шудааст, торикии пеш аз субҳ. Парвона дар паҳлӯи Рустам, рӯи ҷомаи вай дароз кашидааст, рӯ ба замин. Хоб нест, бо чӯбчае бехи сабзаю аҷириқҳоро кофта–кофта, хаёлашро ба он андармон карда, бо ӯ роз мегӯяд.

– Рустам, ту ана ҳамин шаб, ҷеғи хурӯсҳо, осмони софу пурситора, боғи амаки Ризо, ҳамин лаҳзаҳои бо ҳам буданамонро аз хотир набарор, ба ёд биёр, – хоҳиш дорад аз ӯ Парвона. Парвонае, ки барои ӯ аз таги чодари арӯсӣ бо алам берун давид, бо хаёли парешон, бо дидаи ашкбор Рустамро наёфт ӯ. Ӯро наёфту «Рустам» гуфта, аз ҷони ҷавонаш гузар кард. Рустам баъд қадри ӯро донист? Васияташро, ақаллан ба ҷо овард? Не, войи ҷони мурдагӣ. Ӯ мурду Рустам рӯз дид, рӯшноӣ дид, беаҳдӣ кард, номардӣ кард... Солҳои сол ин духтар аз ёдаш рафта буд. Зиндагӣ, кор, зану кӯдак гуфт. Кор дошт, танҳо набуд, бо одамон буд, рӯзҳо чӣ хел мегузаштанд, намедонист. Нақшаҳо иҷро шавад, дар маҷлисҳо таъриф шунавам, гуфта медавиду медавид. Баъзан аз саргармии кор сермағалӣ, ғавғои рӯзгор худашро аз хотир бароварда. Ба хаёлаш ҳеҷ чиз намеомад. Ҳамин хел буд зиндагии давраи ҷавонӣ, айёми бақуввату бардам бо одамон буданаш. Акнун дар пиронсолӣ бекору танҳо, ки мондааст, Парвона, он рӯзҳо ба хотираш омаданд. Рӯҳи Парвона аз ӯ, албатта, норозист. «Чи коре буд, ки туро гуфта кардам... номаъқулӣ кардам. Фоидаи кӣ? Ҷабр ба ҷони худам, ҷабр ба ҷони модарам... Мегӯянд ку, ба буттае алов афтод, ҳамон сӯзад... Ту чӣ? – аз Рустам гила мекунад, – маро аз хотир бароварди. Модарамро ҳам. Ба вай нагуфтӣ, чӣ ҳол дорӣ, очаи Парвона? Аз чӣ камбуд ҳастӣ? Як сар собун йӯхлааш кардӣ? Сатили обашро аз дасташ гирифта, аз дарвоза дарун мондӣ?... Нагуфтӣ, ки хола, духтарат – Парвона худашро барои ман нобуд кард... нагуфтӣ. Вай ҳам чун духтари яккаю ягонааш фаромӯш шуд... Мегӯй, дур будам, модарам ба Гулоб рафтан намонд... Ҳамин аламро ба вай ҳам, ки мегуфтӣ, розӣ мешуд, вай ҳам дил дошт, зан буд, модар буд... Хайр, аз марги кампир чанд сол рафт? Баҳона наков, айби худат. Ба қадри ман нарасидӣ, норизоам аз ту, Рустам, норозӣ...» ба дил мегуфт «Ҳақ дорӣ, норизоӣ кунӣ, Парвона, ҳақ дорӣ... Ман қадрношинос, аз Гулоб, аз ту дур. Хуб шуд, ки дарди ишқ боз маро мегирад, туро, Гулобро ба хотирам меорад... хуб шуд». Ба ақидаи худаш, ана, боз сараш фир гашту фир, Салими дароз ба сараш гӯё қамчин бардошт. Ва дар ҷои нишасташ болои кат афтод амаки Рустам. Ӯро боз дард гирифта буд, дарди ишқ... даступо мезад мӯйсафед.

* * *

Зарнигор аз хонаи духтараш баргашт.

– Хайрият, бобош, Худо рӯямро сурх кард, набераам сиҳат ёфт. Охир, очааш бандаи бетақдир, ба як кам чил даромадаасту ҳамин як фарзанд... яктаи талбидаю харидааш. Сараш дард кунад, зану шӯ талхакаф... Охир, чандтааш таги хок рафт... Моргазида шуда мондаанд. Шукр, ки ҳамин яктаашон сиҳат ёфт. Илоҳӣ дигар дарди сарашро набинанд.

Аммо сад гӯяд ҳам, гапҳои занашро бобои Рустам намешунид. Вай хаёлан дар Гулоб буд. Садриддин, бобои Нусратулло, модари Парвона, Парвона... ҳама дар гирди ӯ ғун омадаанд…

– Дадош, мегӯям, шумо ба назарам ким–чӣ хел метобед, хаёлӣ, гумҷӯ... Аҳволи набераю духтаратонро напурсидед, гап занам ҳам, ҳушатон бечо. Чӣ гап? Ё бе ман дилгир шудед? Одами ба токагӣ одат накарда-дия! Хафа нашавед, мӯйсафед, ана омадам. Зиндагӣ ҳамин хел аст. Одам бо ҳам чолу кампир, ки мешудааст, аз якдигар дур шуда наметавонистааст, ёд мекардааст. Худамро намегӯед, ҳеҷ чизашон ба назарам натофт. «Мӯйсафедам бе ман чӣ рӯз кашид?» гуфтаму давидам. – Кампири Зарнигор бо даҳони пурханда паҳлӯи шавҳараш, болои кат нишаст.

– Занак, ман ба ту як гап дорам, – бобои Рустам ба андешаҳои худ банд буд.

– Хайр.

– Қишлоқ равам, мегӯям.

– Гулоб?

– Ҳа, занак, ба Гулоб, ба зодгоҳам меравам, тамоман меравам.

«Шавҳараш ба деҳа, ба Гулоб меравам, тамоман меравам, мегӯяд? Номи ин қишлоқро Зарнигор аз шавҳараш ва аз раҳматии хушдоманаш шунида буд. Ба ин наздикӣ не, ҳамон солҳои ҷавонӣ, тӯй шуда, ба хонаи онҳо омаданаш. «Моҳо гулобием» мегуфтанд гоҳе модару писар. Ҳаждаҳ–нуздаҳсола буд он вақт, ба шаст медарояд акнун... Қариб чилу панҷ сол мешавад, ки ин мардак аз қишлоқаш баромадааст. Дар ин муддати мадид ягон бор ҳам ӯ он ҷо нарафт, ёди Гулоб, қавму ҷамъаш накард. Худаш ҳам дар қишлоқ ягон решаю гӯша, хешу табори наздик надоштааст. Аз он рӯзҳо чӣ қадар об аз ҷӯйҳои Гулобаш ҷорӣ шуд? Аз пиронсолони ондавраи Гулоб аҷаб не, ягон нафар намондаанд, ҳамсолони шавҳараш ба пирӣ расидаанд. Он ҷо падари фарзандони ӯро кӣ мешиносад?

– Чӣ гуфта, ба Гулоб меравед, додош? Ё шӯхӣ мекунед?

– Одам ба қишлоқаш, ба ҷои хуни нофаш рехтагӣ чӣ гуфта меравад? Ҳамин хел меравам, ватан, хокдонам гуфта меравам.

– Не, мардак, ин фикр ба сари шумо худ аз худ наомадааст, ягон

кас ба шумо гӯшдарояк шудааст, алов мондааст, рӯзгори тинҷу осудаи моро дида наметавонистагӣ одам будааст.

«Рост мегӯӣ, занак, ту пухта, аллакай фаҳмидӣ, одами ба ман гӯшдарояк шуда ҳам ҳаст, ӯ маро ба Гулоб мехонад, ӯ маро ба Гулоб мебарад. Вай маро мур гӯяд, аз афташ, акнун мемирам, зиҳ гӯяд мезиҳам... Вай Парвона аст, Парвонаи гулобӣ... Фаҳмидӣ акнун гӯшдарояки ман кӣ? Парвона! Парвона! Аз ӯ агар наздат гап кушоям, ту худатро саломат намемонӣ, худатро, хонаю даратро месӯзӣ, оташ меандозӣ...» дар андешаи ҳамаи гапҳоро ба Зарнигор гуфтан буд бобои Рустам.

– Хапу дам шудед, мардак, даматон ба дарун зад? Намегӯед, вай одаме, ки ба шумо роҳ додаасту тӯша не, кӣ? Худоё имонашро қаракчӣ занад, дар гӯраш чухт монад... – Зарнигор аз сокит шудани шавҳараш бештар оташ гирифт.

– Ҳақорат накун, занак, даҳонатро ғундор.

– Ҳақорат накунам? Илоҷ ёбам, гӯшти танаашро дандонгаз мекунам.

– Меравам, туро ҳам мебарам.

– Хоб мебинед, ки думатонро гирифта, ба кадом як кунҷи дунё рафтаам, худамро оворагӯр кардаам...

– Меравӣ, мегӯянд–ку зан сагу мард нон, куҷое мард равад, зан аз пушташ меравад, гапи мард гап, барои ҳамин ҳам мардро марду занро зан мегӯянд.

– Ман пир шуда, ақламро нахӯрдаам. Вақти аз куни полез даромада аз сари нав хонаю дар гуфтанам гузашт. Мӯям ба сафедӣ зад, ки соҳиби хонаю ҷо, як қӯру бисот шудам. Ҳамаашро еми мардум намекунам.

– Аз сари ту тило резанд ҳам, аз шаҳр намеравӣ, занак, дарди ту маълум, ҳаминҷоиӣ, – душанбегӣ, фарзандонат ҳам, хуни нофатон ҳамин ҷо рехтааст. Гулоб чӣ? Вай ватани ман, вай зодгоҳи ман! Ту ҳам онҷоӣ мебудӣ, поята монда, бо сарат медавидӣ, мерафтӣ, «қишлоқам–ватанам» мегуфтӣ.

– Мардак, гапро ба ин тарафҳо набаред, баҳона накобед, ин ҷо ягон гап ҳаст, шуморо бероҳа кардаанд, гап ёд додаанд.

– Бероҳа! Бероҳа!!! Кадом одами ин дунё маро бо ҳамин мӯи сафедам бероҳа карда метавонад?

– Модаратон куҷоӣ буд? – занаш ба ҷои нозуки дили вай чанг андохт.

– Гулобӣ, падарам ҳам гулобӣ, ҳамаамон – зот ба зотамон гулобӣ...

– Чиба кампир ягон рӯз даҳон накушоданд, ки Гулоб мераванд, чаро вақти маргашон ҳам розигӣ надоданд, ки мурдаашонро ба Гулоб баред? Не, гуфтанд. Кампир боақл буданд. «Ҷое ки рӯзам хуш гузарад, осуда

бошам, ватанам» мегуфтанд. Душанбе ҳам барои шумо ватан, як вақаб кӯдак будед, ки ба ин ҷо омадед. Обу нонашро хӯрда, аз ҳавояш нафас гирифта, ба пирӣ расидед. Фарзандҳоятон ҳам дар Душанбе ба воя расиданд, бад нарӯиданд, хонданд. Ҳоло сад кас ҳасади бачаҳои моро мехӯрад, олим, духтур, муаллим... Худатон бо обрӯи баланд аз кор нафақа баромадед, пули кам намедиҳанд, ман ҳам пул мегирам, ба рӯзгорамон мерасад, аз сару гӯшамон зиёд. Хонаҳои нав, озода доданд, обу алов намегӯем. Дар қишлоқ чи хел ба ин рӯзҳо мерасем? Дар мегӯй, девор мегӯй, гову мол, обу намак. Боз ҳазор ташвиш... Фикр кунед, мардак. Мурдаю зиндаамонро бо ҳам бинем. Дар Душанбе хок мешавем... – Даҳони халтаи гапи холаи Зарнигор кушода шуда буд, ки аз он ба сари амаки Рустам фавҷ–фавҷ ҳарфи неку бад мерехт... Вале ба ӯ асар надоштанд ин суханҳо. Аз он ки Зарнигор ба ҷои нозуки дили ӯ чанг андохт, гӯё гӯшҳои вай ба ақидаи худаш «ғуруб гирифтанд», кару гунг барин шуда буд. Рост истода буд назди Зарнигор, ботинан бо дили захмин бо ӯ манша дошт: «Ту Зарнигор, чӣ донӣ, ки модари ман чаро аз Гулоб безор буд, ёди он накард. Надонистанат беҳ... Лекин ман меравам, хоҳӣ ту ҳам бо ман биё, нахоҳӣ, аз зодгоҳат туро берун намебарам. Худам «сари танҳоям» гуфта меравам.

– Ба ман насиҳат накун, занак, – суханҳои ӯро бурид амаки Рустам. Ҳамаашро худам медонам. – Ӯ Зарнигорро сазо доданӣ буд: «Ту шаҳрро медонӣ, зани шаҳрий, Гулоби ман чӣ ҷоест, намедонӣ. Дар баҳоронаш сари ёлаҳо, болои сабзаҳо давида даста–даста гули ҷавғосун ё сиёҳгӯшу наврӯзӣ начидай. Дидай, ки шоҳпаракҳо дар рӯи об чӣ гуна бозӣ мекунанд? На, аз паси шоҳпараки рангинбол надавидай. Дар тирамоҳон баъди борон ангурҳои тойфӣ тилоранг метобанд, хам шуда, аз навдаи ток ангур кандан кайфияте дорад, аммо он насибат нагашта. Гулҳои шиннӣ рӯи дег назарраборанд, лек ту зери деги шиннӣ оташ наафрӯхтай. Майдони чинорҳои сарбаосмони болои Гулоб, ки аз зери решаҳои онҳо чашмаҳои оби зулол равонанд, чӣ ҷое? Қадамат ба ин мавзеъ нарасида. Гулобро ман медонам, гузаштагону авлодонам медонанд...» Мӯйсафед ба ҷои ҳамаи ин шарҳу баёнҳо ба Зарнигор гуфт: – ман меравам, занак, мехоҳам дар пирӣ аз оби Гулоб нӯшида, сер шуда, аз олам гузарам. – Ӯ боз гуфтанӣ буд, ки мехоҳам як бори дигар ҷойҳои бо Парвона гаштаамро аз нав бинам, дар он ҷойҳо қадам занам, баъд мехоҳам дар паҳлӯи маркади мармарини Парвона хок шавам... Осуда, беормон, мирам...

Бобои Рустам ҷомаашро ба китф партофта, аз дар берун шитофт.

– Наход меравед? Рост мегӯед? Бо фарзандонатон гап назада, хайр нагуфта?.. Наравед, аз роҳатон гардед, мардак! – холаи Зарнигор, саркану покан аз паси шавҳараш давид. Аммо амаки Рустам аллакай ба лифт даромада буд. Дари лифт шараққӣ пӯшида шуд. Овози занаш ба

гӯши мӯйсафед расид, ки фарёд мезад: «Куҷо меравед, мардак? Наход меравед?! Ба ман нигоҳ кунед, истед, гардед, наравед!..»

* * *

Бобои Рустам лаби ҷӯи қаъри дара нишаста, бо панҷаҳояш обро пош медод. Ӯ ба ҳамин роҳ бо модар аз деҳа рафта буд. Имрӯз Рустам дар баҳорон ба деҳа меояд, бо ҳамон роҳи рафтааш. Танҳо меояд, бе модар... Ҳо ана ҳамон чанори миёни дара, ки ӯ ва Парвона паси кундаи он истода буданд. Ҳоло ҳам шоху навдаҳояш дар болои сангҳо овезонанд... Бо Парвона сӯҳбат доштанд, тарҳи зиндагии ояндаашонро меандешиданд. Мӯйсафед тӯрхалтаи савғояшро бардошт. Духтарон пешопеши ӯ мерафтанд. Бобои Рустам хаста ва монда шуда буд. Сари кӯтал биистод. Ана дар рӯ ба рӯ Гулобаш, Гулоби Боло... Он дар пастӣ, дар миёни дара. Хонаҳо, ҳавлиҳо. Ана чанористони болои деҳа. Чанорҳо кам не, зиёдтар шудаанд. То ба домони кӯҳ майдонаш расидааст. Чаҳ–чаҳи булбул ба гӯшаш омад. Ӯ боз хониши булбулони Гулобро мешунид. Нигоҳаш ҳарисона ба болои деҳа медавид. Аз хонаю ҳавлиҳои Гулоби қадим нишоне меҷуст. Не, он бому болохонаҳои хаспӯш, бо лой андовашуда дигар ба назар наменамуданд. Кӯчаҳо, роҳу роҳрав, бому дарҳо ҳама дигар буданд. Лекин Гулоб ба монанди ҳамон солҳо сердарахт. Хонаҳо дар миёни дарахтон мондаанд. Гӯё рӯи ҳар дарахте чодаре густурдаанд: сафед, сурх, гулобӣ... гулпӯшанд, бӯи гул меомад.

Кӯтали баланди деҳаро фаромад. Он ду духтар, ки аз вай ақиб монда буданд, пеш гузаштанд. Мӯйҳои сиёҳи онҳо аз пас гиребонҳояшонро пӯшонидаанд. Парвонаи бобои Рустам ҳам дар синну соли ҳамин духтаракон буд, дар тану тӯш ҳам монанди ҳаминҳо. Лекин вай бо рӯи кушода гашта наметавонист. Намегузоштанд, рӯй панаҳ накардани духтарҳо айб буд, таъна, маломат мезаданд... Ин духтаракон аҷаб не, дар ягон мактаби шаҳр ё ноҳия мехонанд, аз Гулоб берун ба хондан рафтаанд. Лекин Парвонаи ӯ хонда ҳам натавонист, ӯ яке аз толибилмҳои давраи ҷанг буд...

Чанд нафар сари роҳ меистоданд. Дастҳо пеши бар, онҳо ба бобои Рустам салом доданд. Лекин ӯ ҳеҷ кадомашонро нашинохт, ба рӯяшон як нигоҳ карду рафт. Назараш ба қуллаҳои баланди кӯҳ буд. Сари теғаҳо пурбарф. Аз кӯчае ба кӯчаи дигар медаромад. Печ дар печ буданд онҳо. Вай куҷо меравад? Киро меҷӯяд? Ин қадар шитобон, чаро худро аз як кӯча ба кӯчаи дигар мезанад? Гулоб гуфта омад... Ана Гулоб, вай дар роҳҳои он сарсон. Пайроҳаҳои ҳамроҳи Парвона қадам задаашро намеёбад. Роҳравон ӯ қариб аз деҳа боз баромад. Боз ақиб гардад? Одамон чӣ мегӯянд? Деҳа шаҳр не, ҳамин ки як назар диданд, одамро мешиносанд. Хотирпарешонияш ҳис шавад–ку тамом, аз пасат ҳамел мешаванд, гап меандозанд, сурогу пай мекунанд... Дар ҳақиқат

ӯ киро суроғ кунад? Дари хонаи киро кушояд? «Хонаи амаки Нусратулло ку?» гӯяд. Мӯйсафед кайҳо реҳлат кардагист, аҷаб не, аз хотири баъзе гулобиҳо рафтааст. Ё писарашро пурсад? Садриддин зинда бошад? Чӣ гуфта ба дари ӯ равад. Чӣ тавр ӯ худро ба вай шиносонад?

Офтоб аз сари теғаи баланди кӯҳ ба паси он мегашт, бевақт шуда буд. Ӯ тӯрхалтаашро сари сангҳои танаи девор гузошта, дастҳояшро ба миён бурд. Ҳамдеҳагон аз наздаш мерафтанду меомаданд, вале ҳама ношинос. Кистанд онҳо? Намедонадашон.

Маркабе дар олучазор, аз дараи Арӯсон берун омад. Ин дараи сердарахт ба назари ӯ беохир аст. Меравию меравӣ... Рӯз то бегоҳ гардӣ ҳам, он тарафашро намеёбӣ. Вай аз ин дара улав–улав ҳезуми пистаю чӯби фарк меовард. Ҳоло маркабе ки аз он берун омад, таги бор буд, базӯр роҳ мегашт. Бораш ҳезум, як ними дарзаҳои ҳезум ба замин расида, ба сангу буттаҳо дармемонданд. Аз паси маркаб пирамарде пайдо шуд. Дар даст асои дарози бодомӣ дошт, он суп–сурх, бачило буд. Ягон–ягон аз паси маркаб по мепартофт. Пирамарди қоматбаланд, ботанутӯш. Ана ҳамин одам, аҷаб не, ӯро шиносад, солхӯрда, хелина аст. Агар гулобӣ бошад, албатта ӯро медонад... Ҳоло назди ӯ гап мекушояд... Бобои Рустам ба ҷониби пирамард қадам гузошт. Пирамард ҳам наздиктар омад. «Ӯ кист? Касе бошад, аз бачаҳои ҳамондавраи Гулоб, ҳамсолони вай, Рустамро медонад. Рӯяш ба ӯ гарм тофт, шинос барин... Садриддин аст? Ё бачаи раҳматии Камол Сайфиддин? Сайфиддин аз Садриддин хурд буд... Ҳар ду ҳам навчаю ниҳол буданд. Яке гандумгун, дигаре сафедчеҳра. Ин пирамард ба ҳеҷ якеи онҳо монанд не. Наход ҳамон чӯраҳои зебои вай чунин пири фартут шудаанд, боз асо гирифтааст. О худаш ҳам пир шудааст–ку, аз ин мӯйсафед мондан надорад... Аз он солҳои бо ҳам буданашон чилу панҷ сол мегузарад. Худи ҳамин чилу панҷ сол ҳам як умри ҷавонмард, чилу панҷ сол... ба гуфтан осон. Дар ин муддат аз ҷӯю дарёҳо чӣ қадар об меравад, оламу одамон дигар мешаванд...»

– Ассалом, – гуфт бобои Рустам ба ӯ.

– Салом, – пирамард лаҳзае аз таги мижгонҳои сафедшудааш ба ӯ уқобвор назар давонду боз ба роҳаш қадам андохт. Аз бобои Рустам чизе ҳам напурсид. Дар ин ҷо киро, чиро нигарон аст? Офтоб аз паси кӯҳ гашта, дар болои Гулоб соя мефуромад.

– Ман аз шумо як чи пурсам, бародар, – аз паси пирамард нидо кард ӯ. Пирамард ба бобои Рустам нигарист.

– Намегӯед, ки хонаи писари амаки Нусратулло дар куҷо? Бачааш Садриддин ном дошт... – гуфт бобои Рустам.

Пирамард ба ҷониби ӯ қадам монд.

– Шумо худатон аз куҷо мешавед?

– Ман?!

– Ҳа, шумо.

– Ман аз ҳамин Гулоб.

– Аҷаб не, аз Гулоб бошед, лекин мо шуморо намешиносем–ку, – чеҳраи мӯйсафед кушодатар шуда, табассум кард.

– Намегӯед, номи шумо чӣ? – пурсид бобои Рустам.

– Ман ҳамон Садриддини мепурсидагиатон, писари раҳматии Нусратулло.

– Ман Рустам.

– Рустам? Кадом Рустам?

– Ман писари Абдусалом, падарам дар ҷанг мурда буданд–ку, баъд мо аз қишлоқ рафтем, модарам қатӣ...

– Наход ту Рустамӣ?! Не, бовар намекунам... Ин қадар солҳо гузашт, замон дигар шуд, ту мегӯӣ, ман Рустамам?!.

– Ҳа, Садриддин, ман Рустам, туро гуфта ба Гулоб омадам... Парвона гуфта...

– Парвона ҳам дар ёдат мондааст? Ҳа, шинохтам, ту Рустамӣ, бачаи амаки Абдусалом, Рустамҷон!..

Дӯстон оғӯш ба оғӯш шуданд. «Рустам?! Садриддин?!» – ин ҳарфҳо дар забон якдигарро сахттар оғӯш мекарданд... Ҷӯраҳои даврараи навҷавонӣ дар пирӣ вохӯрданд...

Бобои Рустаму мӯйсафеди Садриддин беҳарф, бесухан меистоданд. Гӯё ба дидагонашон бовар надоштанд, ки ҳамдигарро дидаанд... Ба сари сангҳо барҳӯрдани оби шаршараҳо, хониши булбулон, баоси гову гӯсола, бузғолаю барачаҳо, ки дар ин бегоҳӣ аз пода меомаданд, ба гӯши ин пирамардон намерасид. Онҳо танҳо садои дили ҳамдигар, нафаскашии ҳамдигарро мешуниданд. Олами хурдсолӣ, ҷавонӣ, замони дар ҳаёт будани падару модарҳо, рӯзҳои рафта, Гулоби ондавраро медиданд. Чашмҳо аз он айём ҳикоят мекарданд. Бобои Рустам ба мӯйсафеди Садриддин гӯё мегуфт: «Дар хотир дорӣ? Як шаб–шабе, ки моҳи пурра болои Гулоб буд, аз хирман ҳамроҳ омадем... Ана ҳамон дидагиамон... Он рӯзҳо ҷанг буд, Калтаи Мансур раис буд. Салими дароз буд... Ганда буданд он рӯзҳо, занону кӯдакон, мӯйсафедони барҷомонда дар азоб буданд... Калтаи Мансур давр меронд, ба ақидаи худаш аз нӯки кордаш хун мечакид... Худоё, бачаҳои бачаҳоямон набинанд он рӯзҳоро...» Аламҳо тозаву дилҳо реш мешуданд.

– Ту маро суроғ карда омадӣ? Ту кучо будӣ? Модарат... – Мӯйсафеди Садриддин ҳама чизро аз дӯсташ бобои Рустам пурсида донистан мехост.

– Ҳа, Садриддин, туро гуфта омадам, хайрият, ки ёфтам, хайрият... Агар туро намеёфтам, чӣ мекардам? Дигар маро дар қишлоқ кӣ мешиносад?..

– Бахудо, ҷӯра, ҳоло ҳам ман бовар намекунам... Пир шудему суроғ накардӣ, ба як рӯз наомадӣ, одам ҳамин хел мешавад?..

– Гулоб дигар шудааст, ҳамаи хонаю ҳавлӣ, дару деворҳояшро дар ҷояшон кӯфта, аз нав сохтаанд чӣ? Ба он солҳо монанд не, – бобои Рустам ба ҷои ба гилаҳои Садриддин ҷавоб гуфтан аз Гулоби имрӯза ҳарф мезад.

– Ҳа, канӣ Гулоби он рӯзҳо, ҳама дигар шуд, бин, – Садриддин аз баландӣ ҳашамати Гулобро ба дӯсташ нишон медод. Гулоби миёни кӯҳ ҳам шаҳр барин буд. Иморатҳои се–чорошёна, мактаб, дармонгоҳ, хонаи накӯкорӣ, қасри кино... боз чанде биноҳои дигар...

– Ҳа, ҷӯра, Гулоб хуб обод шудааст... Лекин маро ҳеҷ кас нашинохт, салом дода мегузаранду мегузаранд, ҳамқишлоқӣ намегӯянд. Ман бегона... намегӯянд, ки мардак ҳаминҷоӣ, Гулоб ватанаш.

– Айби кӣ?

– Хайрият, боз насиби дидор будааст.

– Модарат саломатанд? Гӯй, ки аз куҷо пайдо шудӣ? Куҷо рафта будед? – Садриддин аз ӯ боз ҷою маконаш, модарашро пурсид.

– Ассалом, – ду–се нафар ҷавонҳо ба амаки Садриддину бобои Рустам салом доданд.

Ҳар ду гӯё ба худ омаданд. Риштаи сӯҳбаташон канда шуд, хаёлҳои дурашон ҳам. Маркаби амаки Садриддин баландиро нишеб шуда, дар наздикиҳо ба чашм наметофт.

– Рафтем, Рустам, туро дар миёни роҳ ба гап гирифтам, ҳушам кандааст, роҳ гард, хуш омадӣ. – Садриддин пеш даромад.

– Камтар гардем, қишлоқро сайр кунем, – чашми Рустам аз тамошои Гулоб сер намешуд.

– Пагоҳ, Рустам, бафурсат ҳама ҷоро ба ту тамошо медиҳам, хона ба хона мегардонам, мегӯям, ки Рустам омад, ана вай...

Бобои Рустам худро бардаму бақуввat, осуда ҳис кард, бо чеҳраи кушода, дар ин бегоҳирӯзӣ, аз роҳравҳои Гулоб аз пайраҳаҳои зодгоҳаш бо дӯсташ Садриддин хонаи ӯ равон буд.

* * *

Пирамард Садриддин назди бобои Рустам аҳли гузар – мӯйсафедҳои деҳаро хабар кард. «Бачаи раҳматии Абдусалом Рустам омадааст, зинда будааст», хона ба хона паём мебурданд.

– Наход? Модараш ҳам омадааст? Зинда будаанд? – одамоне, ки аз рӯзи ба сари оилаи онҳо омада бохабар буданд, гӯё ба гӯшҳояшон бовар накарда, барои дидани вай сӯи хонаи амаки Садриддин мешитофтанд. Рӯи боми калоне, ки амаки Садриддин дар он ҷо гилему якандоз густурда буд, пур аз хурду калон гардид. Дар забони ҳама гапи Рустам ва раҳматии модари ӯ, номи Калтаи Мансур...

– Оббо Рустаме, пир шудӣ–а? Вақти аз қишлоқ рафтанат бача будӣ... Куҷо баромада рафтед? Модарат канӣ?.. – саволҳои аҳли маърака беҳисоб буданд. Вай ба онҳо ҷавоб мегуфт, аз зиндагиаш ҳикоят мекард.

– Модарам нобуд шуданд гуфтӣ? Кай? – бо таассуф пурсиданд онҳо. – Ҳайф, раҳматӣ занаки баномус буд.

– Андак якравӣ ҳам дошт. Аз бинӣ боло гап занӣ, димоғаш месӯхт. Набошад, он қадар гапе нашуда буд, ки ароз карда, баромада равад...

– Ҳар чи буд–набуд ёдаш бахайр, – мегуфт дигарие.

– Молу мулкашон еми мардум... – даҳони як кампири миҷморуқ гарм шуда буд, ба касе гап намедод, коҳи кӯҳнаро бод медод. Ҳамон рӯз – дараи Лойобро ба хотир овард. Гапи Калтаи Мансур ғел хӯрда буд. Ҳама алам мегуфтанд аз он давраи раисии ӯ. Аз ҳама алами бобои Рустам аз ӯ бештар буд, доғҳо ба дилаш нишаста... Доғҳое, ки шифо намеёбанд, бо вай ба гӯр мераванд... Номуруд шуд Парвонааш, фано гашт, дар айни ҷавонӣ, дар айни тароват...

Аз рӯзҳои охири раисии Калтаи Мансур ҳикоят карданд. Ноором шуда он рӯзҳо барои ӯ ҷанг анҷом ёфта, фарзандоне, ки сиҳат монда буданд, ба деҳа баргаштанд. Онҳо соҳибони деҳа, аз дасти Калтаи Мансур ҷабр дида, ба зану фарзандонашон ӯ дастдарозӣ карда, онҳоро номбад кунонда. Саидбеки паҳлавон ҳам аз ҷанг омада. Ҳама аз Калта бадӣ дида, ҳама аз вай домангир, то кӯдакони хурдсол ба ӯ ғузнадор, рӯзҳои дар назди хурду калон ҷавоб гуфтанаш расида. Вай акнун раси набуд, мисли парандаи аз пару бол монда назди одамон афтода. Куҷо рафтан ба кӣ рӯ оварда мадад хостанро намедонист.Ӯ боз ҳамоне ки пеш аз давраи раисиаш буд. Вале он вақт ғами ӯро мехӯрданд, ки як одами ранҷур касалманд аст мегуфтанд. Лекин акнун мардум аз ӯ рӯ гардондаанд. Дар як маърака Саидбеки паҳлавон табақи ошро аз наздаш гирифтааст, дар деҳа барояш ҷои осуда зистан намонда. Ба ёдаш дӯстону ошноҳояш расиданд, ба суроғашон ба ноҳия рафтааст, онҳо ҳам дар вазифа набудаанд. Тираш хок хӯрда, дар ноҳия аз хиёнатҳои ӯ дар рӯзҳои ҷанг огоҳӣ ёфта вайро муҷустаанд. Баъд вай аз ноҳия баргашта ё на? Намедонистаанд. Мардум Калтаи Мансурро дигар надидаанд. Куҷо рафта ӯ? Куҷо шуда? Номаълум.

– Касофат буд ӯ, – гуфт касе.

– Ғариб шуд.

– Касе бадӣ кунад ба одамон, бадӣ мебинад, ба бало мезанад, кӯру кӯҳрӣ мешавад...

Ҳамин тавр мегуфтанду мешуниданд аз он рӯзҳо. Баъд ҳамдеҳагони бобои Рустам бо вай хайрухуш карда рафтанд. Болои

бом барои ӯ ҷой густурданд. Даруни ҷойхобаш дароз кашид, рӯ ба ситораҳо, осмони софу нилии деҳа... Шабе, ки боз дар бағали деҳааш буд бобои Рустам... Гулобиҳо ӯро шинохтанд. Дӯсташ Садриддинро ёфт, Сайфиддин омад, зани раҳматии Фирдавсиро дид... Қадамгоҳи Парвонааш Гулоб. Ҷойҳоеро, ки бо ҳам буданд, мебинад фардо боғи раҳматии Ризо, чинори даруни дара, ҳавлии Парвонашон… Баъд мақбараи Парвонаро зиёрат мекунад. Ана, Парвонааш бо даҳони пурханда пайдо мешавад. «Парвона» мегӯяд бехудона... Боди салқин рӯи бом сайр дошт, ба сару рӯяш мезад, аз оғӯши кӯҳ меомад он, бӯи гулу гиёҳ, бӯи гулобро меовард. Ӯро хоб бурд, хоби ширин, кӯфти роҳ, азоби дуриҳо рафъ шуд. Хуб шуд, ки ба Гулоб омад, дар айни пирӣ бошад ҳам, хуб шуд...

1986

ШАБЕ ДАР КАБУДҶАР

Бобои Умархон аз хоб бедор шуда, ба хониши гунҷишкакон ва шилдирроси оби ҷӯйчаҳое, ки аз зеҳи сангҳои калон-калони кӯҳ ҷорӣ буданд, гӯш дод. Дар лабонаш табассум дамид. Хуб кард, ки ба гапи фарзандонаш надаромад, агар ба гапи онҳо гӯш медод, пир шуда ба нафақа, ки баромадааст, дигар аз хона намебаромад, аз паи коре намешуд, бароҳат хоб мекард. Не, бачаҳои азиз, падари шумо ҳоло чӣ кор карданашро медонад, ба вай ақл ёд надиҳед, аз одамон дур шуда наметавонад, вай бо онҳо зинда аст. Барои ҳамин ӯ худро ба сад идора заду дар як гӯшаи деҳа, дар сари роҳи мошингард чойхона кушод. Ганда кард? Сад кас дам мегирад, чой менӯшад. Аллакай овозаи чойхонаи бобои Умархон ба куҷоҳое нарафтааст! Ҳамеша сермеҳмон. Имшаб ҳам меҳмонҳо буданд, ҳо ана онҳо дар катҳои рӯ ба рӯи вай осуда хобанд, бигузор роҳат кунанд…Пирамард бо нӯги ангуштони дароз-дарозаш кӯрпаро аз болояш фуроварда, рӯи ҷогаҳ нишаст. Осмон ба назараш чун лаълие тофт, ки тамоми шаб пурситора буду баъд ягон-ягон ситораҳо ба сари оламиён пошида шуданд. Таги лаълӣ акнун намоён буд – каб-кабуди назаррабо, охирин ситораҳо гӯё аз он ба замин мерехтанд, саҳар мешуд. Насими субҳгоҳӣ шоху навдаҳои дар болои ҳавз хамидаи маҷнунбедҳоро сабук-сабук алвонҷ медод, сару рӯи пирамардро сила мекард. Дар паҳлӯи ӯ набераш Солеҳҷон масти хоб. Пирамард ҳоло вайро бедор мекунад. Солеҳҷон аз чашма панҷшаш сатил об меораду самоворро пур карда ба тагаш оташ меафрӯзанд. Баъд саҳни чойхона, таги дарахтҳоро мерӯбанд. Ин дам офтоб ҳам рух менамояд, нурҳои он аввал ба қуллаҳои пурбарфи кӯҳҳо афтода, баъд болои деҳа мефуроянд, саҳни чойхона гармакак, серодам мешавад. Аксар меҳмонҳои ӯ сафари роҳи дур доранд. Аз Помир ба Душанбе, аз Душанбе ба Помир мераванд. Онҳо чой нӯшида дам мегиранд, сипас ба бобои Умархон «ташаккур, амак», мегӯянду боз рӯ ба роҳ мешаванд. Баъзеяшон шиносҳои худаш. Як вақте дар базаи мошинҳои «Селхозтехника» кор карда буданд. Онҳоро дида аз шодӣ ҷои шинондан намеёбад. Солҳое, ки ҳамроҳашон буд, ба хотираш меояд. Солҳои баъди ҷанг. Аз ҷанг баргашта, ба ҳамин база омад, ки дар соҳили Кофарниҳон, дар ҷои сангистон бунёд меёфт. Посбон шуд… Аввалин биноҳо сохта шуданд, аввалин мошинҳо, шофёрҳо омаданд…Ҳамаи ин хотираҳо барои бобои Умархон гувороанд. Вақте ки вай ҳамкорони деринашро бинад, ҳолу аҳволи ронандаҳои база, ҳатто саги пираш Зардакро ҳам, ки он ҷо монда омад, мепурсад, гап зада-гап зада таскин меёбад. Имшаб ҳам аз база меҳмон буд. Онҳоро ҳам мешиносад. Якеаш котиби комсомол Мадина, Шодмон, рафиқи ӯ Сангин, боз як каси дигар. Шодмону Ма-

динаро нағзтар медонад. Фарзандонаш барин дар ҳар кор аз бобои Умархон маслиҳат мепурсиданд. Ҳамаашон Помир рафтанианд, сафарашон бехатар шавад.

Бобои Умархон оҳиста, барои он ки аз ғиҷирроси тахтаҳои кат меҳмонҳояш нороҳат нашаванд, тарафи ҷойхоби Солеҳ тоб хӯрд, ӯ ҷомаашро ба сар печонда, фих-фих нафас мекашид. Вай набераи аз ҳама хурди бобои Умархон аст. Дигар набераҳояш алакай соҳиби дову дастгаҳанд. Солеҳ ҳам орзу дорад, ки шаҳр рафата хонад, «инжинери роҳ мешавам» мегӯяд. Бобо лаби ҷомачаро аз болои Солеҳ бардошт. Рӯяш чун кулчаи ширмол дилкаш буд. Ӯ зери лаб ғур-ғур карда лаби ҷомаашро боз ба сар кашид.

– Солеҳ, хез, ҷони бобо, – пирамард сари набераашро ҷунбонда, ҷомаро аз долои ӯ гирифт. Солеҳ бедор шуда бо пушти даст чашмонашро молид.

– Бачам, дар хоб мондем, дер шуд, зуд бош. – Бобои Умархон хам шуда лаби катро дошта фуромад, асобағалашро, ки ба таги кат афтода буд, кофта ёфт. Лангон-лангон асо зада ба лаби ҷӯйчае, ки оби он аз болои сангҳо ба поён мешорид, рафт, дасту рӯй шуста ақиб гашт. Дар поёнтар оби ҷӯй аз рӯи сабзаю себаргаҳо ғел мехӯрд. Ӯ назди чинор омада пеши хоначааш, ки тана ба кундаи ғафси он сохта шуда буд, истод. Тешаро гирифта ҳезум шикаст, парахаҳоро ба оташхонаи самовор ҷой карда, оташ даргиронд.

Роҳи мумфарши мошингард, ки қад-қади дарё чун як шохоби он аз танаи кӯҳ поин мефуромад, ҳанӯз холӣ буд. Мошинҳои меҳмонони бобои Умархон дар канори роҳ, поёнтар аз чойхона истода буданд. Аз он сӯи роҳ Солеҳ намоён шуд. Ӯ аз чашмаи таги сада дар ду сатил об гирифта меомад. Солеҳ аз роҳ гузашта сатилҳоро ьа замин монд ва ба мошинҳо дурудароз назар андохт.

– Бобо! Бобо! – ногоҳ овози ҷарангосии Солеҳ аз кӯҳҳои хомӯш акси садо доданд. Пирамард ба таҳлуқа афтод. «Ба Солеҳҷон чӣ шуд?!» Бобои Умархон тешаро болои ғарами ҳезум ҳаво дода, асобагалашро бардошт.

– Бобо, медонед чӣ, бобо?! – Солеҳ аз ҳаяҷону изтироб дигар сухане гуфта натавонист.

– Чӣ гап, бачам?!

– Як мошин нест, бобо, ана бинед, ҳисоб кунед. – Солеҳ қариб гиря карда рӯ ба қатори мошинҳо овард.

Пирамард аз теппача, ки чойхона дар ҳамин ҷои сердарахт ҷойгир буд, поён фуромад. Солеҳ давида аз вай пештар назди мошинҳо омада буд. Бобои Умархон бо набераш мошинҳоро ҳисоб кард. Ҷои як мошин холӣ буд. «Наход ягон гап шуда бошад?...» Шофёрҳо ҳамеша мошинҳояшонро бо бору бунаш дар назди чойхонаи ӯ мегузоранд,

бепарво, осуда хоб мераванд. Дуруст аст, ки бобои Умархон оламу ҳаводис гӯён гоҳ-гоҳ онҳоро аз назар мегузаронд. Имшаб ҳам чанд бор аз онҳо хабар гирифт. Ҳамааш дар ҷояш буд. Лекин ҳоло як мошин бо бораш нест. Ё соҳибаш шаб роҳӣ шуда бошад? О, ин мошини Шомон-ку! Вай ҳеҷ гоҳ бе хайрухуш намеравад. Мадина, рафиқони дигараш ҳам ҳаминҷоанд. Боварии пирамард намеомад, ки мошин гум шавад. Ба сари ин бача дар база чӣ рӯзҳое, ки оварда буданд! Боз ана, мошинаш гум шадааст.

– Бобо, акнун чӣ кор мекунем? – пурсид Солеҳ.

Пирамард дам назад. Онҳо пасопеш аз пайроҳае, ки ду канори он аз гулҳои қоқу ва гандумак буданд, боло шуданд. Акнун чойхона серодам, ғалоғула шуда буд. Ду-се нафар дар лаби ҷӯй амонат нишаста, дасту рӯй мешустанд. Шодмон ҷомаи беқасабашро сари китф партофта, бо Мадина, ки ба сар рӯймолаки ҳарири сабз баста буд, канори ҳавз меистод. Ӯ ба Мадина кадом як кафлесак ё моҳичаеро нишон медод, духтар аз шавқ механдид.

– Бачам, Шомон, ин тараф нигоҳ кун, – бобои Умархон ӯро ҷеғ зад.

– Салом, бобо! – Мадинаю Шодмон тарафаш гаштанд.

– Бачам, мошинат нест-ку…

– Мошини ман?! – Шодмон ба қатори мошинҳо нигоҳ карда давид. Тоқиаш ба шохи маҷнунбеде андармон шуда афтид, мӯйҳои мушкрангаш ба болои абрувонаш хамиданд. Дигарон паи ҳам ба сари роҳи калон омаданд, ки он ҷо аллакай серодам буд. Атрофи Шодмонро давра гирифта буданд, вале вай гӯё касеро намедид. Ҳангу мадораш намонда буд. Солеҳ аз миёни одамон базӯр роҳ ёфта, наздаш омада, «ака, тоқиатро гир», гуфт. Дар хусуси гум шудани мошини бобор ҳар кас ҳар чӣ мегуфт, тахминҳо беҳисоб буданд. Ин лаҳзаҳо як шофёри куҳансол, ки риши дарозу сап-сафедаш болои сандуқи синааш фуромада буд, ба Шодмон наздик омада рақами мошинашро пурсид. Шодмон аранге пичиррос зада рақами мошинаро гуфт.

– Ҳо он ҷо, дар гардиши Санги Кабуд, – шофёри ришдароз ба роҳи омадааш ишора кард.

– Ягон ҳамроҳат шӯхӣ кардааст, – гуфтанд ҳозирон осудаҳолона ва пароканда шуданд. Ба рӯи Шодмон хун давид. Ӯ тоқиашро ба сар монда, бо Мадинаю Сангин ҷониби гардиши Санги Кабуд равон шуд. Вале аз пешорӯ Солеҳ тохта омада гуфт, ки мошин дар бероҳа, дар даруни регу лой дармондааст, бораш нест.

Шодмонро мадори по мондан намонд, пойҳояш ҷорӯбак шуда буданд.

* * *

Чанбари рул миёни ангуштони Мадина печ мехӯрд, мошинашро моҳирона пеш меронд. Вай аз мошинҳои Раҳматуллои Мичинг, Фай-

зулло, Сангин ақиб мондан набуд. Гардиш паи гардиш, кӯҳтал паи кӯҳтал ақиб мемонд. Ба роҳи андаке ҳамвору бехавф даромаданд. Хотири Мадина осудатар гашта худашро ба пасболинаки нишастгоҳ такя дод.

– Роҳҳои Помир хатарнок, Шодмон, ҳар бори ба ин ҷо рафта омадан ҷони кас ба лаб меояд, одамро воҳима мегирад. Лекин ҳоло ин роҳҳо нағз, – гуфт Мадина.

– Ҳамин роҳ нағз?! Магар аз ин ҳам роҳ бадтар мешавад?

– Эҳа, чӣ хеле, ки мегӯянд,ту ҳоло Яғнобро шаб гузаштӣ. Дар пеш як ағбаҳо, як гардишҳое, ки хаёл мекунӣ, мошин ҳозир ба дарё меравад. – Пас аз андаке таваққуф Мадина боз илова кард: – Ба Сафедорон, ки расидем, дарҳол ба милиция хабар медиҳем, дер шуд, нағз нашуд.

Роҳи ноҳамвор чун мор ба танаи кӯҳ мепечид. Дар поён дарё, дарё бо ғулғула равон буд.

– Сурхоб, – гуфт Мадина.

Баъд каме роҳ паймуданд.

– Расидем, Сафедорон, – Мадина мавзеи чароғонеро, ки дар оғӯши кӯҳ намоён гашта буд, ба Шодмон нишон дод.

* * *

Паси дари ҳуҷраи муфаттиши шӯъбаи милиция серодам буд: як зани кӯдакдор, ду мӯйсафед, ҷавони сару рӯяш докапеч…Баъди онҳо Шодмон.

Навбати Шодмон омад. Ӯ оҳиста дарро нимроғ кард. Муафттиш марди миёнсоли айнакӣ дафтари муқовосурхи калонеро варақ зада дар паҳлӯи баъзе сатрҳо ишора мемонд. Вай дар ҷавоби саломи Шодмон сарашро аз болои дафтар бардошта, аз паси айнак ба ӯ нигарист.

Сардор дафтарро як сӯ тела дода, айнакро аз чашмонаш гирифт.

– Чӣ шах шуда истодай, бача, гузар шин, – гуфт ӯ.

Шодмон ба курсии назди девор нишаст ва аз дил гузаронд: кормандони милиция аҷаб хислате доранд. Баъзеашон пир шуда аз пайкол монанд ҳам, дағалу бадмуомилаанд.

– Хӯш, хизмат? – гуфт муфаттиш.

Шодмон телпакашро аз сар гирифта, аз ҷой бархост.

– Шишта гап зан, саросема нашав,–гуфт ӯ.

– Бори мошини ман гум шуд, – гунаҳгорона ин чанд суханро ба забон оварад Шодмон.

– Бори мошинат гум шуд? Бори мошинат чӣ буд? Кай гум шуд? Дар куҷо гум шуд? Ту худат кӣ? – Паиҳам савол медод муфаттиш.

– Бори мошинам мотоцикли «Урал» буд, дар Кабудҷар гум шуд, ҳамин шаб. Шодмон аз оҳанги нописандона гап задани муфаттиш

ранҷид. Чашмони зираки муфаттиш сар то пои ӯро муоина мекарданд. Туфлиҳои сурхчатоби пешборик, шими мушкранг, палто, куртаи сафеди оҳарӣ, мӯйсари ҷингилаи андаке расидаи Шодмон ба ӯ нафориданд. Ваҷоҳати ин бача шубҳаангез намуд.

– Чанд мотоцикл буд?

– Сето.

– Ҳмм, се мотоцикли «Урал». Се ҳазорӣ нӯҳ ҳазор. Пули кам не-а? Пули бедарди миён, пули давлат,– гӯё мотоциклҳоро Шодмон фурӯхта бошад, муфаттиш ӯро ба истинтоқ гирифт. – Борро Помир бурданӣ будам гуфтӣ?

– Ҳа.

– Худат танҳо?

– Не, мо чор нафарем.

– Рафиқонат рафтанд?

– Не, онҳо ҳам дар ҳамин ҷо, дар паси дар.

– Онҳо чӣ бор доранд?

– Мотоцикл.

– «Урал»?

– Ҳа.

– Аҷоиб, чиба танҳо бори мошини ту гум шудааст? – ба худ меандешид муфаттиш ва сипас ӯро ҷавоб дода, бо ҳамроҳонаш алоҳидаалоҳида сӯҳбат кард. Гапи вай бо Сангин тӯл ёфт. Ҳамроҳонаш дар саҳни идораи милиция нигаронаш буданд.

– Сӯҳбати ин одам бо муфаттиш қаймоқ баст, чиҳо мегуфта бошад? – ташвишомез гуфт Мадина.

– Бигузор чӣ ки медонад гӯяд! – пичиррос зад Шодмон. Сангин баромад.

– Одами сергап будааст, гапҳое мегӯяд, ки…аҳмақ, дуздро монда паяшро гирифтанӣ, – муфаттишро сарзаниш кард ӯ.

Ҳамроҳони Шодмон аз роҳаки сангфарши саҳни идораи милиция, ки дарахтони ар-ар ба он соя медоданд, хомӯш мерафтанд. Чанд қадам рафтанд. Ба хотири Мадина, ки дастонаш дар кисаи нимтанаи чармини сиёҳаш буданд, чизе расид.

– Шодмон, ман ҳамин, ки борро супурдам, меоям, дилатро бақувват гир, – бо лабханди шарин дасташро аз киса бароварда ба ӯ «хайр» гуфт. Онҳо рафтанд, лекин дар хаёли Шодмон, Мадина буд, ки ҳанӯз рӯ ба рӯяш истода «хайр, ман меоям»мегуфт.

Баъди сӯҳбат бо дигарон муфаттиш дар чашми Шодмон одами дигар, хушмуомила намуд.

– Мараҳамат шинед, – гуфт ӯ ба Шодмон. Баъд қалам миёни ангуштон назди яке аз тирезаҳои ба ҷониби кӯҳ кушода омад. Нигоҳи ӯ ба қуллаҳои баланди кӯҳ барҳӯрд. Ҷо-ҷои нишебиҳои кӯҳро барф ги-

рифта буд. аз бари кӯҳ селаи турнаҳо бо як оҳанг садо дода паст парвоз доштанд. Онҳо гӯё суруди баҳор мехонданд. Шиму кастюми нави кабудтоб ба қади баланд, пайкари пурраи муфаттиш мезебид. Мӯйҳои ғафсаш мошубиринҷ метофтанд.

Ӯ марди хушсимо буду танҳо дар як бари рӯяш ҷароҳати кӯҳнае ба назар мерасид. Вале ҳоло чеҳраи ӯ ба назари Шодмон нисбатан гарм намуд. Ҳис кард, ки ба кори вай ин одам ба таври ҷиддӣ машғул шуданист.

– Ному фамилияи шумо чӣ буд? – сари миз омада пурсид муфаттиш.

– Шодмон Шарифов.

– Ному фамилияи ман Саид Аброров, – худро шиносонд ӯ. Маслиҳат шуд, ки кори кофтукови бори мошини шуморо худи ман ба зимма гирам. Шумо розӣ?

– Ҳа, рафиқ капитан.

– Ин тавр бошад, шумо кори моро душвор накунед. Ба саволҳо рост ҷавоб диҳед, дурӯғ нагӯед. Дурӯғ кори ҳамаи моро дӯлоб мекунад. Фарз кардем, – суханашро идома дод Саид Аброров, – мо имрӯз ё пагоҳ ба ҷои коратон рафта мепурсем: Шодмон Шарифов чӣ хел одам? Ё баёнот гирем…Киҳоро тавсия медиҳед.

– Ихтиёратон, аз ҳар кас хоҳед пурсед.

– Нағз, агар аз Асрор Қосимов пурсем-чӣ?

– Чиба аз Асрор? Номи вайро ба шумо кӣ гуфт?

– Гуфта будем, ки дурӯғ ба тафтиши мо зарар меорад, корро чигил мекунад. Рафиқи худатон Сангин гуфт, дар бораи шумо ана аз ҳамин одам пурсем, ҳаққи гапро мегуфтааст.

– Ману Асрор қаҳрием, ҷанҷоламон кӯҳна.

– Асрор ба шумо чи хусумат дорад? – Саид Аброров ба хаёл рафт.

– Агар аз бобои Умархон пурсем-чӣ?

– Ихтиёратон.

– Аз Мадина пурсем?

– Вай ҳаққи гапро мегӯяд.

Капитан хомӯш шуд. Тахмин кард, ки дуздидани бори мошин нақшаи як кас нест, се мотоцикли «Урал»-ро як кас бурда наметавонад, ин аз оина равшан. Лекин киҳо бошанд? Аз рӯи тахминҳои вай аз паи Сангину Асорор афтоданӣ. Агар бор аз ин роҳ пайдо нашавад, ӯ аз худи Шодмону ҳамроҳонаш гумон бурданӣ буд. Агар ҳардуи ин андешааш ғалат бароянд, вай роҳи дигар меҷуст, ки ин душвор буд.

Вале муфаттиш медонист: Шодмон ҳанӯз ҳамаи гапро ба ӯ нагуфтааст.

– Шодмон, – гуфт Саид Аброров пас аз чанде хомӯшӣ, – ман ҳоло шуморо ҷавоб медиҳам. То фардо мӯҳлат. Илтимос аз рӯзҳои аввали

ба кор омаданатон ба базаи мошинҳои «Селхозтехника» то ҳамин воқиа ҳама чизро ба хотир ored. Дар бораи Асрор, Сангин, дар бораи Мадина, бобои Умархон…чаро баъзеҳо шуморо бад дидаанд, кина аз чӣ сар задаст, сабабаш чӣ?

– Фаҳмидам, рафиқ Абороров, – гуфт Шодмон, вале дар тааҷҷуб буд, ки чаро муфаттиш тафтишро як сӯ гузошта тарҷимаи ҳол, кору бор ва муносибаташро бо одамон донистан мехоҳад.

* * *

Як духтари харобаи қадбаланд ва ду ҷавон пасопеш аз автобус фуромаданд. Пас аз он ки автобус гузашта рафт, духтар чанд лаҳза ба девори сангини бинои истгоҳ, ба расми оҳувон ва як шерри бароҳат хобида, ки танаи сангҳо нақш ёфта буданд, назар карду аз истгоҳ дуртар рафта, лаби ҷӯй истод ва банди сумкаи чармини сиёҳашро ба китф партофта, ба об нигарист, ба шилдироси мавҷҳои он гӯш андохт. Сечор қадам дуртар аз роҳи калон мошинҳо ғув-ғув садо дода мегузаштанд. Дар рӯбарӯ теппаҳои сабзгун метобанд. Офтобаки баҳор рӯи теппаҳо, рӯи сабзаҳои наврусто чодари нафиси заррин кашидааст.

Духтарак дар дил шод буд: ҳавои нағз шуд, борон наборид. Пагоҳӣ ҳангоми аз ҳавлӣ берун омадани ӯ болои кӯҳҳо чанд пора абр пайдо гашт. Падараш ба вай гуфт, ки бороиашро бипӯшад. Вале ӯ якравӣ кард. «Имрӯз ҳаво намеборад», гуфт…Хайрият, тахмини Мадина рост баромад, рӯзи нағзи офтобӣ шуд.

Марде халтаи пурбор дар пушт ки базӯр роҳ мерафт аз назди Мадина гузашт. Вай хост пурсад: «амак, «Селхозтехника»дар кучо?» Вале забонаш нагашт.

– Шодмон, – гуфт яке аз он ду ҷавон, ки куртаи сафед ва шимми зардчатоби нав дошт.

Шодмон ҷониби рафиқаш нигарист.

– Чӣ ба ман нигоҳ мекунӣ? Дар рӯи ман гул нашукуфтааст, ҷӯра, ҳо ба вай ҷонона нигар. – Ҷавон духтаракро ба Шодмон нишон дод. – Моли соз-а?

– Чизе пурсидан мехоҳад.

– Кабӯтари роҳгумзада барин…Биё, аз паяш афтем, роҳ нишон диҳем…

Шодмону Сангин роҳи калонро бурида, сӯи духтар омаданд.

– Мебахшед, аз шумо як чиз пурсам, – гуфт духтар ба Шодмону Сангин ва пули сари роҳро гузашт.

– Марҳамат, духтари нағз, пурсед, мо ба хизмат тайёр, – гуфт Сангин аз банди дастони то оринҷ урёни духтар чашм наканда.

– «Селхозтехника»дар кучо?

– Кадом «Селхозтехника» Рақами даҳ?

– Ҳа.

– Бо мо ҳамсафар будаед, духтари нағз, рафтем.

– Рост?

– Агар дурӯғ гӯем, кӯр шавем…Корковӣ меравем. Бовар накунед, бинед, ана, – Сангин аз кисаи шимаш ҳуҷати ронандагиашро бароварда, ба духтар нишон дод.

– Ман ҳам ба ҳамин база ба кор рафтанӣ…

– Ба чӣ вазифа? Инженер?

– Оҳо, бисёр баланд гирифтед, инженер-а! Шофёр, шофёри класси се, – аз ханда дандонҳои садафосои духтар намоён гаштанд.

– Аз куҷо мешавед? – пурсид Шодмон.

– Аз Орҷинкидзеобод.

– Ҳамсоя будаем, мо аз қишлоқи Ҳуснобод, – Шодмон сӯи теппаҳои баланд, ки дар фарози онҳо чанд хона намоён буд, ангушти ишорат бурд.

Шодмон ва духтарак ба якдигар боз чизе гуфтанӣ буданд, ки мошини рӯйпӯшидае аз роҳи калон тарафи онҳо тоб хӯрд.

– Ҳой, амак, истед! – Сангин фарёд зада, аз паси мошин давид. Сангрезаҳои рӯи роҳ зери чархҳои мошин ғиҷиррос заданд. Мошин ҳашт-даҳ қадам дуртар аз онҳо истод. Сангин саросема дари мошинро кушода, худро ба паҳлӯи шофёр гирифт. Шодмон ҳам пой ба остонаи кабина гузаошта буд, ки чашмаш ба духтарак афтод. Вай дарҳол аз поймонаки мошин фуромад.

– Марҳамат, – духтарро ба кабина таклиф кард. Духтар ба кабина даромада, миннатдорона ба Шодмон назар андохт. Мошин аз назди Шодмон гузашта рафт. Ӯ нигарони мошини дигар шуд. Аммо аз роҳи калон мошинҳо паиҳам равон буданду равон. Ягонтои онҳо ҷониби «Селхозтехника» намегашт. Хело рост истод аз таги чинори канори роҳ болою поён қадам зад, тутҳои канори ҷӯйро гаштаю баргашта шумурд, лаби чашма, ки оби он аз бехи решаҳои чинор фавора мезад, нишаст. Ниҳоят дар роҳ мошин пайдо шуд. Он аз тарафи «Селхозтехника» меомад. Мошин дуртар аз чинор истод. Вай пури одам будааст, ҳама фуромаданд. Сангин ҳам бо он духтарак баргашта буд. духтар Шодмонро дида маънидорона сар ҷунбонд. Сангин пеш-пеши ӯ меомад.

– Ту чӣ кор кадӣ? О, одам ин қадар суст намешавад, – ранҷишомез гуфт Сангин.

– Ягон мошин наомад.

– Бисёр нағз, сазои ту барин одам ҳамин, дигар наравӣ ҳам мешавад. Се-чор шофёр қабул мекардааст, даҳ кас рафтанд. Ҳамаашон боз одамдор.

– Худат қабул шудӣ?

– Ҳа, акаи Асрор ёрӣ расонд. Пеши директор бурд…

– Ба чӣ кор қабул карданд? Челонгар?

– Не, мошин доданд.

– Оҳо, табрик!

– Ташаккур.

– Ин касро ҳам қабул карданд? – Шодмон ба духтарак, ки онсӯтар меистод, ишора кард.

– Ҳа, челонгар…худи духтар ҷавоб дод.

– Агар маро ҳам челонгар мегирифтанд, розӣ будам.

– Ҳамин рӯз мерафтӣ, шояд мешуд, ба фикрам, дигар ҷой намон.

– Рост, ҳамин хел гуфтанд, – ба гап ҳамроҳ шуд духтар ва ба Шодмон ташаккур гуфту банди сумкаашро боз ба китф партофта, хиромон рафт.

– Барои як «ташаккур»-и ин олуфта аз ҷои кор мондӣ. Кӣ гуфт, ки ҷоятро ба вай диҳӣ? – коҳиш кард Сангин.

Онҳо пои пиёда лаб-лаби ҷарӣ ба деҳаашон–Ҳуснобод мерафтанд.

* * *

Вай зинаҳои сементии назди идораи директорро якта-якта қадам монда фуромад. Вале дигар пояш пеш намерафт. Даст ба як шохаи пурбарги олучаи канори роҳ бурду нигоҳашро ба он андармон кард: куҷо равад? Ба ягон базаи дигар? Агар ин хел мақсад медошт, кайҳо кор меёфт. Дили вай ба ҳамин база кашол. Лекин чаро? Сангин мегӯяд, ки ҳамон духтарак доим ӯро мепурсад. Ҳоло вай дар база одами баобрӯ – котиби комсомол будааст…Ба Сангин таъйин кардааст, ки Шодмон хабараш гирад.

– Барои ба кор қабул шуданат мадад мекардааст, – тамасхуромез мегӯяд Сангин.

Аслан гардани худаш ҳам ёрӣ намедиҳад, ки аз он духтараки хушрӯй мадад хоҳад, ин ба назараш маънии дигар пайдо мекунад: «ҳой, духтараки нағз, ба хотир биёр, як рӯз дар мошин ҷоямро ба ту даодаму бекор мондам. Акнун ту ба ман мошин ёфта деҳ».

Ё ҳуҷҷати ронандагӣ дар ҷайб боз ба колхоз баргардаду думи кори пешинаашро гирад? Кори ӯ, чӣ хеле мегӯянд, говкаҳдиҳӣ. Ба охури говҳо коҳу алаф мерезаду об мекашонад. Кампири Ҳасратбегим ҳамкораш…Як рӯз ҳамин кампир ба Шодмон писханд зада гуфт:

– Бачам, ту ман шудию ман ту, ба говҳо каҳ меандозем…

– Кампир, ту ҳоли ҳеҷ балоя намефаҳмӣ, бача маҷбур шудааст, агар ягон хеши калоншаванда ё шиноси зӯр медошт, кайҳо кор меёфт, мошин мегирифт, – тарафи вай шуд подабон Ҳасанхон.

Вале Шодмон ба фикри Ҳасанхон ҳам розӣ нест. Пирамард гапи беҳуда мегӯяд. Бепулу ошнобозӣ ҳам дар ҳама ҷо кор пур. Лекин дар

ҳамин базаи «Селхозтехника» ба кор даромадан андак душвор будааст, дар дигар базаҳо ин хел не.

Шодмон аз назди дарахти олуча дуртар рафт. Сангин бо даҳоин пурханда сӯяш меомад. Кор ҷомаи дарози кабудранг дар бар дошт, ки ба тани ӯ шинам набуд…

– Салом, Шодмон! Ҳеҷ бовар намекунам, ки ин худи ту бошӣ, – Сангин дастонашро чун қаноти паррандаҳо ба ду тараф ёзонда, ӯро ба оғӯш кашид. – Ман бисёр хурсанд, нағз кардӣ.

– Мошинат канӣ? – пурсид Шодмон.

– Ҳо ана,– Сангин гардани харобашро ёзонда, ба як мошини нав рангдодашуда ишора кард.

– Нав-ку.

– Ҳа, кори ҷӯраат ин ҷо болои равған. Обрӯ ҳаст, бо директор соз. Гапи мегуфтагиаш «Сангинҷон». Мошини нав ваъда кард. Дар ин ҷо, ҷӯра, боз як дилкашолии дигар ҳам ҳаст. Эҳ, ба ростӣ, олиҷаноб! Ба кор даромадӣ, худат ҳамаашро мефаҳмӣ…Хайр, ҷӯра, пеши Остон Ваҳҳобович даромадӣ?

– Остон Ваҳҳобовичаш кӣ?

– Директор.

– Ҳа, ҷой нест, мегӯяд.

– Ҷой мешавад, ҷӯра, бо ман маслиҳат мекардӣ, кайҳо мошин ёфта медодам…Мадинаро надидӣ? – пурсид.

– Мадина кӣ? – Шодмон бори аввал ин номро мешунид.

– Ҳамон духтарак.

– Э нее, ту маро чӣ хаёл кардӣ?

– Нағз, мард будан лозим, лекин, ҷӯра, ҳамин духтарак қатӣ мо соз, вай ба ман маъқул.

Аз ин суханҳо дили Шодмон сиёҳ шуд, вай ҳам мехост, ӯро бубинад. Лекин ҳоло не, баъди ба кор даромадан.

* * *

Шодмону Сангин аз дарвозаи база баромаданд. Дуртар рафта нигарони мошин шуданд. Самосвале намоён шуд – аз база меомад.

– Мошини Мадина, – гуфт Сангин.

– Вай мошини калон дорад?–гӯё оташаке ба рагу паяш зада ҳушёраш кард.

– Ҳа, ин духтар бало будааст, – шӯхӣ кард Сангин.

Мошин дуртар аз онҳо қарор гирифт. Дили Шодмон нооромтар гашт. Ҳамон духтарак ҷониби вай меомад. Аммо Мадина чун як сол пеш кабки сур барин набуд. Ба гирду атроф, ба мошинҳои канори роҳ, ба шофёрҳо оромона назар андохта меомад. Банди калиди мошинашро, ки бо мӯҳраҳои сурху зарди гарди хазина гул андохта буд, ба ан-

гушташ гузаронда, онро бозӣ медоронд. Оё духтарак Шодмонро мешинохта бошад? Не, намешиносад…Хайр шиносад ҳам чӣ? Салом нагуфта рафтан мегирад. Охир барои чӣ ӯ вайро фаромӯш намекардааст? Барои он ки ӯ дар мошин ба вай ҷо дода буд? Бас, бас! Ин кирои гап не. Дигар онро ба ёд намеорад, айб, сабукфикрии аз ҳад зиёд, ба шаъни мард намезебад.

Сангин алакай ба назди Мадина рафта буд. Шодмон худро канор гирифт. Вале Мадина ӯро дид.

– Салом, – овози хандаомези Мадина баланд шуд.

– Салом, – Шодмон кебида-кебида пеш омад.

– Як бори дигар ба ман ҷой намедиҳед? – Бо лабони пурханда Мадина ба Шодмон даст дароз кард. – Куҷо рафтаниед?

– Қишлоқ.

– Биёед, ба мошини ман шинед. – Мадина дари кабинаи мошинашро кушода, – як бор хизмат кунам, – гуфт.

Нигоҳи Шодмон ба Сангин ғалтид: Чӣ мегӯяд? Ӯ ҳамроҳи Мадина равад? Дудила шуд.

– Тезтар, маслиҳат баъд, – таъкид кард Мадина.

Шодмон дар ҳолати нобоб монд: Сангин хафа мешавад, онҳо рафиқ, ҳамроҳ…Лекин дар ин лаҳза амри духтар, ки худи ӯро ба кабинааш хонд, балантар буд.

Чанбари рул миёни панҷаҳои духтар печ мехӯрду мошин пеш медавид.

– Аз Сангин ҷудо шудед? – лабони Мадина аз табассуми ширин гӯё гул карданд.

– Ҳа-а…

– Розигиашро пурсидед?

– Дар ин масъалаҳо одам ба ҳеҷ кас маслиҳат намекунад.

– Шумо ҳам аноӣ набудаед-а? – баланд хандид Мадина. – Нағз, ҳамин хел будан лозим.

– Маро масхара накунед, – хиҷолатомез гуфт Шодмон.

– Чанд бор шуморо пурсидам, Сангин нагуфт?

– Гуфт, лекин ташвиш надиҳам гуфтам.

– Коратон буд шуд?

– Ҳа.

– Мошин доданд?

– Сангин ёрӣ расонд.

Даме хомӯшӣ ба миён омад.

– Ин хел корҳо нағз не. Нағз не! – такроран гуфт Мадина. Шодмон аз ӯ пурсиданӣ буд, мақсадашро рӯирост гӯяд. Магар ба даст, ки ҷӯрааш Сангин ба вай ёрӣ расонд. Агар ӯ намебуд, Шодмон соҳиби мошин намешуд. Вале Шодмон ба гуфтани ин суханҳо ҷуъат намекард.

Гашти мошини Мадина суст шуда буд. Мошинҳо аз паҳлӯи ӯ чун бод мегузаштанд. Баъзе шофёрҳо «дид-дид»сигнал дода сарашонро аз кабина бароварда дод мезаданд.

– Хонум, ҷунб, хоб нарав…

Шодмон гоҳ-гоҳ бо гӯшаи чашм ба Мадина менигарист. Андешаманд буд. Рухсораҳои ӯ ранг мезаданд, сабук-сабук нафас мегирифт. Пеши бараш, ки аз болои куртаи атлас ҷемпери зебое пӯшида буд, чун мавҷи об якзайл баланду паст мегашт. Аз тангии куртааш гӯё пойҳояшро ҷунбонда наметавонист, зонувонаш бо ҳам ҷафс шуда буданд.

Шодмон бо худ дар бораи Мадина гап мезад: духтараки хушрӯ, лабонаш мудом пурханда. Барои чӣ ӯ Шодмонро ба мошинаш шинонд? «Биё ба паҳлӯи ман шин», гуфт ба ӯ? Чаро? Минбаъд ҳам оё ӯ бо вай ҳамин хел меҳрубонӣ мекарда бошад? Кош, ҳамин хел шавад. Вале Сангинро танҳо монданаш нағз нашуд. Вақте вайро ӯ дар база дид, аз шодӣ худашро гум кард, ҳушу ҷонаш гӯё тоза шуд. Агар мошинҳои база дар ихтиёраш мебуданд, ҳамаашро ба ӯ медод. «Гир, Шодмон, азони ту»мегуфт. Агар гапи Мадинаро мегардонд чӣ? Не, духтар дар пеши Сангин шарм медошт. Аҷаб не баъд ба саломи Шодмон алейк намегуфт. Боз Сангин гуфт, ки Мадинаро нағз дидааст. Хайр, чӣ кунад, ки дили Шодмон ҳам ба вай кашол. Оқибаташ ба хайр шавад, ба хайр! Шодмон аз хоб бедор шудагӣ барин ба Мадина нигоҳ кард. Чашму абрувони вай ба назараш зеботар тофтанд.

* * *

Деворҳои пасту баланди ҳавлиҳои деҳа аз ду тарафи роҳ то охири дара, то хонаҳои усто Тағоймурод, ки ба танаи сангҳои кӯҳ часпидаанд, давом меёфт. Болои деворҳо бо сархора, бо шиферу тол пӯшида шудаанд. Девори ҳавлии яке базебу нав, бо коҳгил андова ёфтагӣ, онтарафтар бошад, ҳамсояш ҷои девори гаштаро бо хору шох ё тахта назарбанд кардааст. Шохаҳои дарахтон аз ҳавлиҳо тарафи кӯча хамидаанд. Дар баҳорон дарахтон гул карда ба кӯчаҳо шукӯҳ мебахшанд. Ҳавлии Шодмонино дар он тарафи рости сой, дар баланди ҷойгир аст. Чинори сершоху навдаи паси дарвозаи онҳо аз чор тарафи деҳа ба чашм мерасад.

Шодмон назди бинои сафеде истод, ки аз ҳамаи хонаҳои қишлоқ баланду зебо буд. аз даруни бино сурудхонии духтарон, садои доира шунида мешуд. Ин клуби деҳа буд, он ҷо дастаи ҳаваскорон машқ доштанд. Он сӯи роҳ ду пирамард паси дарволзаи тахтаҳояш афтодаи масҷид, болои як санги калон нишаста саргарми сӯҳбат буданд. Аз афташ, онҳо аз хусуси бинои нимвайронаи масҷид, аз сутунҳои хамзадаи он ҳикоят мекарданд.

Чор бачаи хурд аз пеши клуб тохта ба оғӯши дарахтон даромаданд. Шодмон ҳам чанд сол пеш монанди ин бачаҳо байни боғу майдон бозӣ карда мегашт. Он рӯзҳо гузаштанд, акнун вай одами калон, серкор. Ана боз соҳиби мошин шуд. Пагоҳ бо мошинаш аз ин кӯчаҳо мегузарад. Мошинаш чандон кӯҳна не, соғуяш каб-кабуди зебо. Аз кӯчаҳои качу килеби деҳа мошин меронад. Баъд ӯ ҳамон духтаракро дид. Бо вай вохӯрда, дастакони нармашро миёни панҷаҳояш дошт. Паҳлӯи ӯ, наздикакаш нишаст. Ҳатто нафаси гарми вай ба рӯи Шодмон расид. Суханҳои ширинашро намегӯед. Кошки ӯ аз паҳлӯи Мадина намехест.

Шодмонро Мадина то деҳа оварда. Пагоҳ ӯро боз мебинад, имнбаъд онҳо ҳар рӯз якҷоя ба роҳҳои дур сафар мекунанд, Кӯлобу Қӯрғонтеппа мераванд, Ленинобод мераванд…Ҳамсафар мешаванд. Ҳа, Шодмон акнун бачаи хурд не. Дар бораи Мадина ба ягон рафиқ, дӯсти наздикаш рози дил гуфтан мехоҳад. Мехоҳад гӯяд: имрӯз барои ӯ аҷоиб рӯзе буд, рӯзи шодию нишот. Вале ӯ ин розӣ ширинашро ба кӣ гӯяд. Ба кӣ гӯяд, ки ӯ ҳам шод гардад? Ҳа, ин хел дӯсти ӯ Сангин. Сангинро ба ёд оварду дилаш таҳ рафт…Ё ба хотири Сангин бо ин духтар мибаъд гап назанад? Метавониста бошад?

Мошини Мадина ба поёни боғҳои деҳа расида, вайрон шуд. Дудбарояш чанд бор тақ-тақ садо доду матор аз кор монд. Ҳар ду аз кабина баромаданд. Мадина сарпӯши моторро бардошт. Чанд мурватро аз назар гузаронданд. Онҳо болои карбюратор хам шуда буданд, ки мошине омада истод. Аз он акаи Асрор, баъд Сангин фуромаданд.

– Ҳа, хонум, чӣ шуд? – пурсид акаи Асрор бурутҳояшро тоб дода. – Мошин вайрон шуд?

– Не, об ҷӯшид, – гуфт Мадина сарпӯши моторро пӯшида, ба Шодмон сатилеро дод, ки об биёрад.

– Сангин, шаб хона биё, мешинем, – гуфт Шодмон.

Сангин ба нафрат тарафаш назар андохту аз паси акаи Асрор ба кабина даромад. Вақте ки мошини онҳо рафт, Мадина Шодмонро аз роҳ гардонд, «об лозим не» гӯён боз сарпӯши моторро бардошт. Мошин соз шуд, лекин табъи Шодмон хира гашт. Ҷӯрааш ранҷид, бори нахуст вай ба рӯи Шодмон ин тавр сахт назар афканд.

Шодмон ба ҳавлиашон расид. Модараш дар пешайвон сари хоҳараш Мунзифаро мешуст. Мӯйҳои сип-сиёҳи ӯ аз пеши рӯяш чун тури ғафс даруни тағора овезон буданд. Хоҳари калониаш Саида баргҳои зардолуро,, ки болои суфаи байни ҳавлӣ рехта буданд, мерӯфт.

– Мошин гирифтӣ? – Саида ҷорӯб дар даст рост шуд.

– Ҳа.

– Наовардӣ?

– Пагоҳ.

– Оча, акам мошин гирифтааст! – аз ғояти ҳаячон фарёд зад Саида.

– Сангинро надидӣ? – Модар мӯйҳои Мунзифаро шона мезад.

– Хона омада буд?

– Ҳа, гуфт, ки боз сад сӯми дигар медиҳӣ.

– Барои чӣ? Ягон гапи дигар гуфтагист…

– Не, шунидагиам ҳамин.

– Ман аз Сангин қарздор нестам. Вай аз ман як вақт дусад сӯм гирифта буд.

– Намедонам, пул пурсид, – модар шона дар даст сари по хест.

Падари Шодмон – амаки Азизхон савори ҳангии сиёҳ ба ҳавлӣ даромад. Ӯ аз сари рама аз домани кӯҳи Магмуруд бармегаштааст. Ба хар ду дарза шох бор карда оварда буд. падар аз болои дарзаҳои ҳезум фуромада, борро ба як тараф чаппа кард, аили маркабро суст карда бандашро ба мехи пеши дари оғил баст.

– Хайр, мошин муборак, – амаки Азизхон рӯймоли миёнашро, ки хело суст шуда болои зонувонаш фуромада буд, кушода онро аз болои яктаҳи кори рах-рахи сурху сафедаш аз нав сахтакак баст.

– Ташаккур…

– Мошини бафайз шавад…Ҷӯраат корро буд кард?

– Ҳа, пеши директор даромад.

– Ҳозир ман вайро дидам. Боз сад сӯми пурсид, додам.

– Чӣ хел сад сӯм? Чиба ба вай сад сӯм додед? – Шодмон дар ҳайрат буд, ки сухан дар бораи кадом пул меравад.

– Надонам, бачам, ин корҳо ба ту намефорад, ин хонасӯхтаҳо бепул корро буд намекунанд, рӯирост пул мегӯянд, – падар алами писарашро паст карданӣ шуд.

– Ба ҳеҷ кас ман ягон тин надодаам.

– Инҳо балоянд, аз дасти ту пул намегиранд, одам доранд. Директор пулро аз дасти ҷӯраат гирифтааст.

Амаки Азизхон дар хаёле буд, ки писараш аз кори кардааш дар хиҷолат мондааст. Охир тинати бача пок аст, зиндагӣ дар хаёли ӯ дигар. Фиребгару ҳаннотонро бад мебинад, вай ҳамин хел калон шудааст. Маҷола менависад, чанде аз ин тоифаҳоро танқид ҳам кардааст. Ана имрӯз худи ӯ гирифтор, лекин пушаймон аст, сир бой намедиҳад. Падар барои таскини дили писараш боз гуфт, ки зиқ нашавад. Худи ӯ ҳам аз ночорӣ ба мудири ферма пора додаст. Агар солее ба ӯ ду-се гӯсфанд надиҳӣ, аз тагӣ нохунат чирк кофта мегардад. Амаки Азизхон худи Сангинро ҳам мисол оварда.

– Хаёл мекунӣ, ки бачам, ҳамин бечораро Асрор бе ҳеҷ чиз ба кор тӯғрӣ кард? Не. Сангину падараш як соли дароз дар хонаи ин одам

хизмат карданд, хизматгори бепулаш буданд. Чӣ илоҷ, бачам? Аз омад-шудаш дунё ҳамин.

– Медонам.

– Донӣ, зиқ нашав, – амаки Азизхон андаке осуда шуд, ки ба писараш гап фаҳмонда тавонист.

Вале маънии «медонам» гуфтани Шодмонро падар дуруст сарфаҳм нарафт. Шодмон амаки Асрорро дар назар дошт. Ин одам дар деҳа соҳиби хонаю ҳавлии боҳашамат, мошин, соҳиби гапу ҳарф. Гапи як одами бесаводи пулмаст гап. Ба касе ишора кунад, ки дар хонааш кор дорад, чорпо шуда медаванд. Дар деҳа пири шофёрҳо шудааст, шофёрҳои калон ҳам дар хизматашу бачаҳои навшофир ҳам. Ӯ ба ҳама мадад мекардааст. Падараш гуфт, ки ба ҷӯраи ӯ Сангин ҳам ҳамин одам мошин ёфта дод. Вале бечиз не. Рӯзҳое ки Сангин дар хонаи акаи Асрор кор мекард, ба Шодмон ҳам маслиҳат дода буд, ки дар масъалаи шофёр шуданаш аз акаи Асрор мадад пурсад, дили ӯро ёбад.

Акаи Асрор дар поёни ҳавлиаш меҳмонхонаи нав меандохт. Сангин, ҳамин ки аз дарс мебаромад, он ҷо метохт, бо падараш лой мешӯрид, девор мебардоштанд. Як рӯз Сангин дар хонаи акаи Асрор лой хобонду касе наёфт, ки девор бардоранд. Падараш куҷое рафта будааст. Аз Шодмон ёрӣ пурсид. Ӯ дилу бедилон розӣ шуд. Дар сари роҳ кампири Ҳасратбегим дучораш омад.

– Куҷо меравӣ, бачам? – пурсид кампир.

– Хонаи акаи Асрор.

– Лой мекунӣ?

– Ҳа, бибӣ.

– Нағз, бачам, рав, хизмат кун. Маълум, ки ту ҳам шофир шуданӣ, – бо истеҳзо гуфт кампир ва илова кард: – ҳоло ҳамин хел, ки одамон дигар як кори хайрро ҳам бечиз намекунанд, як беваю бечора коре фармояд, баҳона меёбанд. Лекин Асрор барин бузбалаи пулдор имо кунад, ба сар медаванд.

– Бибӣ, шумо кай хизмат фармудед, ки бачо наовардем? Марҳамат, кор бошад гӯед, меравем, мекунем, – гуфт Шодмон.

– Гапи мани муштипарро кӣ мегирад. Аз дасти ман наояд, ки ба шумоҳо мошин ёфта диҳам…Шодмон акнун ба хаёл афтода буд: кампир аз як ҷиҳат рост мегӯяд, касе хонаи акаи Асрор рафта кор кунад, дар дил тамаъ дорад. Яке ёрӣ хоҳад, дигаре ба кунҷора, шифер, тахта ё ягон чизи дигаре ҳоҷатманд аст. Ана кампири Ҳасратбегим ӯро ба қатори ёрихоҳон даровад. Лекин кампир саҳв мекунад. Ӯ аз он зоте нест, ки омада-омада аз ҳамин Асрори ба гуфти баъзеҳо «дасти росташро аз чапаш фарқ намекардагӣ» мадад хоҳад. Не, ҳаргиз! Вай ҳамон рӯз хонаи акаи Асрор нарафт. Ба падараш «фаҳмидам» гуфтани

Шодмон ҳамин маъниро дошт, ки ӯ рост мегӯяд, Сангин дар хонаи акаи Арор ҷон канда буд. Лекин Шодмон барои ба кор қабул шуданаш ягон тин надодааст. Сангин кадом пулро дар назар бошад? Аз падари ӯ сад сӯм гирифтааст. Барои чӣ? Димоғи Сангин барои Мадина сӯхта буд. Аз афташ аламаш омада гап бофтааст, ки Шодмон пора дода мошин гирифт. Гапи ганда, фикри аҳмақонае ба сараш омадааст. Дар қишлоқ мегӯянд, ки Шодмон пул дода мошин гирифтааст. Ӯ чӣ хел ба ин мошини сабилӣ мешинад, бо кадом рӯ онро ҳай карда меорад?

– Гапи пул нашуда буд, дада, вай ба ҳеҷ кас ягон тин надодааст, дурӯғ мегӯяд, беҳуда шумо ба вай пул додед, ман ин пулро аз ӯ мегирам, бо директор ҳам дуруст гап мезанам. Барои пора додан одамро суд мекунанд, – Шодмон тарафи дарвоза рафт.

– Ист, сабук нашав, сад бор гуфтам, ки сабук нашав. Ту бо ин хислатат аз ҳама ҷудо шуда мемонӣ. Барои пул бо Сангин ҷанг кунӣ шармандагӣ мешавад, мефаҳмӣ, шармандагӣ! – оташин шуда падар пошнаҳои мӯзаи калон-калони брезентиашро ба замин кӯфт. Модар ва хоҳаракони Шодмон аз ин дараҷа ба ғазаб омадани амаки Азизхон ба ҳарос афтода чун гунҷишкакон гарданҳояшонро ба дарун кашида ба ӯ нигоҳ карда монданд.

– Амаки Азизхон, ҳой амаки Азизхон, дар хона ҳастӣ? – Асрор дарвозаро кушод.

– Биёед, Асрорҷон, биёед!

– Биё нагӯӣ ҳам омадем.

– Хуш омадед, марҳамат! – дар миёни ин чанд лаҳза гӯё байни амаки Азизхон ва писараш гапи пасту баланде нагузашта буд, ки чеҳрааш кушода гашт.

– Шунидам, бачат одами калон шудааст, мошин гирифтааст, муборак шавад!

– Ҳа, Асрорҷон, додарат ҳамин рӯз мошин гирифтааст, – гуфт падари Шодмон ба Асрор вохӯрда.

– Нағз, аз ту дида бачаат ҳазор бор беҳтар, мошин ҳай мекунад, сари гӯсфанд ҳам дигар пиёда намеравӣ, обилаҳои поҳот гум мешаванд…Асрор шӯхиомез гап мезад, суханҳои ӯ ба Шодмон намефорид. Ҳайрон буд, ки падараш чаро ба пичингҳои ӯ ҷавобе намегӯяд.

Асрор болои чор қабат кӯрпачае, ки амаки Азизхон барояш густурда буд, гузашта нишаст. Дар пойҳояш калуш, аз болои яктаҳи тики сурх миёнашро бо миёнбанди гулдӯзии рангаш парида баста буд. Тоқиаш ҳам кӯҳна, пешдомани ҷувозкашҳо барин сиёҳу чиркин. Ба ҷои шим эзори обшустаи суф пӯшидааст. Дар кӯчаҳои деҳа ӯ аксар вақт бо ҳамин либосҳо мегашт. Куҳансолон ҳикоят мекунанд, ки дар замонҳои пеш дар деҳа ба монанди акаи Асрор як одам зиндагӣ ме-

кардааст. Соҳиби рамаву галаҳои уштуру асп будааст. Вале либосҳои даридаву кӯҳна пӯшида мегаштааст. Дар сараш як арақчини безеб, дар пойҳояш кафшҳои калон-калони чӯбин, дар танаш куртаи шерозадори пурямоқ...Ана ҳамонҳое, ки он бойро дида будаанд, Асрорро бо вай қиёс карда бо ханда ӯро «бойбобо» мегуфтанд.

– Хайр, амаки Азизхон, бача шофир шуд гӯй, бахудо, ки ин барои ту давлати азим. Мегӯянд-ку, гоҳе аз кафтархона як булбул мебарояд, бачаи ту ҳам ҳамин хел шуд, таёқи чӯпониат бесоҳиб монд, ҷонашро халос кард, хурсанд шав, илоҷаш бошад, як тӯй деҳ.

– Садқаи саратон, додар, ҳар чӣ гӯед мешавад.

– Аз ҳамон бӯрдоқиҳо ду-сетаашро сар мезанӣ. Мошин чанд пул ғалтид? – Асрор аз афташ, бо Шодмон, ки паҳлӯи падар бо сари хам менишаст, гап заданро эб надид, ки аз амаки Азизхон пурсид.

– Сесад сӯм гуфт Сангин, – ҷавоб дод амаки Азизхон.

– Дурӯғ аст ин гап, дада, ман ягон тин надодаам! – Шодмон бетоқат шуд, рухсораҳояш алов гирифт.

– Бепул ба ту мошин доданд? – нигоҳи ғазаболуди Асрор ба рӯи Шодмон баста гашт.

– Ҳа, Сангин ёрӣ расонд, пеши директор даромад.

– Ҳамин Сангини бачаи Ҳотамбахшӣ? Худи ин фисин кӣ? Ё директори база ба вай язна мешавад, ки ба як гапаш ба ту мошин медиҳад. Аз вай директор каму тум не, каллаи саг барин пул гирифт. – Асрор панҷаҳояшро бо ҳам наздик оварда: – ана ҳамин қадар! – гуфт. – Амак, – вай ба амаки Азизхон рӯ овард, – ту ришатро дар куҷо сафед кардӣ? Ба ин булбулакат гап ёд те, зиндагиро фаҳмон, ин бача ба худат нарафтааст. Ё мегӯм, вақтҳои ду-се моҳ аз паси гӯсфанд гаштанат янга ягон тарафи дигар нарафта бошад, – баланд хандид Асрор ва: «янга, ҳой янга», – гуфта, очаи Шодмонро, ки табақи кабоб дар даст, аз ошхона берун меомад, ҷеғ зад.

– Лаббай, Асрорҷон. – Модар лаби рӯймоли гулдорашро, ки пеши рӯяш омада буд, газида механдид.

– Мегӯм ҳамин Шодмони ту ҳалолӣ аст?

– Намурӣ, Асрор, аз ту кай гапи бамаънӣ мешунавем! – модар табақро болои дастархон монда ақиб гашт.

Амаки Азизхон ва Асрор ба табақи гӯшт даст бурданд. Ҳар ду хомӯш гӯшт мехӯрданд. Шодмон ба онҳо ҳамроҳ нашуд. Вай бедимоғ ба пиёлаҳо чой рехта ба акаи Асрор як назари нафратангез афканд. Гӯё ӯ аз гуруснагӣ ба ҷое расида буд, ки аз болои табақ сар набардошта ҳаш-пашкунон гӯшт мехӯрд. Аз кунҷи даҳон ва зеҳи ангуштони кӯтоҳ-кӯтоҳаш равған мешорид. Асрор рӯи табақ хамтар шуда як пора думбаи калонро аз пеши амаки Азизхон бардошта, ақибтар нишасту гуфт:

– Амаки Азизхон, ҷилави бачата каш, насиҳат кун.

– Рост мегӯӣ, Асрорҷон, бо ҳамин бача силу зардобам, ба насиҳатам гӯш намекунад.

– Гуфтам-ку, ин бача ба худат нарафтааст, қонундон…Як номаъқулиҳое мекунад, ки ҳайрон мемонӣ. Гӯй, ҳамин мухбириашро ҳам бас кунад, айб аст. Шофир, ки шудӣ дузд мешавӣ, дуздӣ накунӣ, лабат ба нон намерасад.

– Рост мегӯӣ, додар, ҳаққи гапро гуфтӣ, ба ҳар коре дастат расад, даҳонат ҳам мерасад.

– Аз худат гап намемонад, амак, – Асрор дастони равғанолудашро ба лаби дастархон пок карда ба амаки Азизхон гуфт:

– Пагоҳ ҳашар дорем, деворҳои боғ гаштааст.

– Лой кунем, мегӯӣ?

– Ҳа, лой мешӯрем, бачаҳо бетон меоранд. Шофирҳои база меоянд. Инженерро гуфтам, директор ҳам омаданӣ буд, гӯсфанд мекушем, як тӯйча барин.

– Меравам, додар, албатта меравам, – амаки Азизхон дастҳояшро пеши бар гузошт.

– Шодмонро ҳам гӯй биёяд, бо калонҳо шинос мешавад. Одамгурез шуданаш нағз не.

– Албатта, Шодмонҷон ҳам меравад, додар. Лекин Асрорҷон, Шодмони моро таги қанот каш, роҳ нишон деҳ, – падар пеши Асрор илтиҷо намуд ва Асрорро то роҳи калони мошингард гусел кард.

* * *

Чун ҳаршаба ҷогаҳи Шодмонро хоҳаронаш болои бом густурданд. Аз болои боми баланди хонаи онҳо дар шаби моҳтоб то дуродури деҳа, хонаю ҳавлиҳо намоён буданд. Аз боло, аз тарафи кӯҳ, ки он ҷо бисёри ҳавлиҳои аҳли деҳа ҷойгиранд, шамоли сард меомад, оби сой аз поёнтари ҳавлии онҳо, аз қаъри дара бо як маром гулдур-гулдур садо медод. Овози суруду доира аз ҳавлии бобои Ҳасанхон, ки ҳамон рӯз писараш аз хизмати ҳарбӣ баргашта буд, хомӯш мегашт. Аҳли деҳа, ба хаёли ӯ, кули ҷонзоти он хоб рафта буданд. Танҳо ӯ бедор буд. Даруни ҷойхобаш паҳлӯ мезад, аз як то дах, то сад, мешумурд, хобаш намебурд, кӯрпа ва болиштро ҳам болои сараш мекашид, аммо намешуд. Кӯрпаро аз рӯяш дурр меафканд, болиштро бо ғазаб як тараф ҳаво медод, рӯ ба осмон оварда ситора мешумурд. Ҳазор андар ҳазор, беҳисоб буданд онҳо ва гӯё аз осмони лоҷуварди баланд ба ҳоли ӯ механдиданду ҳусну ҷилои тоза меёфтанд. Хаёли ӯро ситораҳо ҳам бо худ бурда наметавонистанд. Фикру зикри Шодмон ба воқеаю ҳодисаҳои он рӯз аз сар гузарондааш буд. Аз нав пеши назараш мегузаштанд онҳо.

Дари ҳуҷраи бо матои сиёҳ пӯшида шудаи директор гоҳе кушода гоҳе баста мегардад. Ӯ дохили ҳуҷра шуд. Афту башараи директор дар назараш хунук тофт. Одами дурӯя будааст. Дар як дам бо ҳазор забон бо ӯ гап зад: «Шумо кӣ? Куҷоӣ? Хона, падару модар доред? Онҳо дар чӣ вазифаанд? Киро мешиноседу киро медонед?»Ва ниҳоят афсӯс хӯрда гуфт, ки кор нест. Вале ҳангоми аз ҷой бархоста роҳӣ шуданаш ишора кард, ки биистад, боз дар як дам аз ақидааш гашта «хайр, равед» гуфт…Сангинро дид. Боз паси дари кабинети директор истодааст…Дар боз мешаваду Шодмонро Сангин ба назди директор мехонад.акнун директор ба каси андаке пеш дидааш монанд набуд. Даҳонаш пури ханда, аз забонаш шаҳду шакар меборад…Ба ӯ мошин медиҳанд, аз ҳама муҳимаш Мадинаро мебинад…Лаҳзаҳои нохушӣ, ки ӯ тоби ба хотир оварданашон надорад; Сангин– ҷӯрааш аз вай ранҷид. Гӯё вай ба директор пора додаст, акаи Асрор бурутҳояшро тоб дода-тоб дода, ба ҳавлии онҳо медарояд…

Ӯ дигар давоми ин воқеаро пеши назар овардан намехоҳад, вале наметавонад, аз паси ҳазор қабат кӯрпаю кӯрпачаҳо дунболагираш мешаванд андешаҳои ноҷо.

Сабаби дар назари Асрор шум баданашро ҳам Шодмон медонад. Борҳо суханашро шикастааст. Боре аз дарс баромада буданд, ки акаи Асрор бо «МАЗ»-аш пайдо шуд.

– Бачаҳо, канӣ ҳамаатон ба мошини ман шинед, аз сой санг бор мекунед, ҳа, шинед, қобилҳо, – гуфт ӯ.

Сангин ба кабина, дигарон зуд ба соғуи мошин часпида баромаданд. Танҳо Шодмон бо онҳо ҳамроҳ нашуд.

Дар байни бачаҳои мактаб баъзан баҳс мешавад:

– Кӣ дар хонаи акаи Асрор кор накардааст?

– Ман! – Шодмон бо ғурур қадаме ба пеш мениҳад.

– Ту шофир шудан намехоҳӣ?

– Мехоҳам!

– Ин хел бошад ту ҳам ягон рӯз аз вай ёрӣ мепурсӣ, ба хонааш рафта кор мекунӣ.

– Ҳаргиз! Ҳм, худи вай кӣ?

– Мебинем.

Ҳамин гапҳои Шодмонро ба акаи Асрор расонданд. Ӯ Шодмонро бад дидааст. Лекин падараш пагоҳ хонаи вай меравад, кор мекунад. «Мебинем» гуфта буданд ба ӯ ҳамсинфон. Дар ҳақиқат мебинанд, ки пас аз як рӯзи шофёр шудани Шодмон падараш ба хизмати Асрор рафтааст. Не, ӯ падарашро аз роҳ мегардонад…Дар масъалаи пул ба Сангин ҳам гап мезанад, аз афташ онҳо ҷанҷол мекунанд. Чаро ба сари ӯ ин хел рӯзҳо омаданд. Ҳамааш боз дар як рӯз…

Бо ҳамин хаёлҳо шаб саҳар шуду ба дидаи ӯ хоб наомад. Дар ин

шаб хаёлан бо даҳҳо кас ҷанҷолу хархаша бардошта хастаю бемадор шуд.

Офтоб баромад. Боғи Асрор, ки аз аз болои бом менамуд, серодам мешуд. Ҳашаракиҳо ва мошинҳо паи ҳам меомаданд. Сангин дар миёни онҳо ин сӯ, он сӯ медавид.

– Шодмон, хез, дер шуд. Дар хоб мондӣ-чӣ? – падар ӯро аз миёни ҳавлӣ ҷеғ зад. Вай аз нардбони баланди оҳанин поин фуромад. Падар каланди калоне дар даст, дар пеши дарвозахона нигарони вай меистод.

– Рафтем, бачам, мардак дина моро одам гуфта ба ҳашар хабар кард.

Шодмон ба гапҳои падараш эътибор надода офтобаро аз дасти хоҳараш гирифта дуртар аз пешайвон дасту рӯй мешуст.

– Ё ту чой нӯшида баъд мебиёӣ?

– Шумо куҷо рафтанӣ, дада? – бо дастрӯмоли гулдори калон дасту рӯяшро поккунон пурсид Шодмон.

– Чӣ, ту намедонӣ, ман куҷо меравам? – падар маънидорона хандид, – ҳашар…Хонаи Арор…

– Ҳеҷ ҷой намеравед, дада, мо хизматгори дари вай не.

– Дар ин замони серию пурӣ, ҳеҷ кас, бачам, хизматгор нест. Шукр мӯҳтоҷу дармонда нестем. Лекин, одамгарӣ, қавму ҷамъ гуфтанӣ гапҳо ҳаст. Одам бо одам зинда. Аз кор ҳеҷ кас кам нашудааст, як умри падарат бо кори мардум гузашт, рӯзҳое ҳам шуд, ки хокистари одамонро партофтам, оғилҳояшонро рӯфтам, чи хизмате мефармуданд, «не» намегуфтам. Имрӯз ҳам, ки коре гӯянд медавам. Бо кори як касро кардан одам аз калонӣ нағалтидааст.

– Не, дада, хонаи ҳамин одам рафта кор накунед, наравед, дада! – илтиҷо дошт Шодмон.

– Бачам, ту ба ман гап ёд надеҳ. Ҳоли ақли ту ба ҳеҷ чиз намерасад. Пагоҳ мурдаи ман аз дасти ҳаминҳо мебарояд. Як худи ту ҳеҷ кор карда наметавонӣ, соҳиби мурдаю зиндаи ман халқ, – падар сӯи дарвоза қадам ниҳод. Хаёли Шодмон, ки падараш каланд дар сари китф, аз кӯчаҳои деҳа ба хонаи Асрор равон буду ҷӯраҳояш хандида падарашро ба вай нишон дода мегӯянд:

– Салом, Шодмон, вай кӣ?

– …

– Аҳа, ҷавоб дода наметавонӣ, забонат намегардад? Шарм медорӣ? Охир, ман-манӣ мекардӣ-ку! Дидӣ, маҷбур шудӣ, ҳатто мӯйсафеди падаратро ба хизмати вай фиристодӣ. Мошин ҳам ҳамин хел наомад, пора додӣ…

– Не, дада! – Шодмон аз паси падар фарёд зад.

– Чӣ не? – амаки Азизхон баргашта ба писараш нигарист.

– Ман шуморо наемемонам, ки хонаи акаи Асрор равед, наемемонам, наравед! – Шодмон дар миёни роҳ шӯру мағал бардошт, роҳакиҳо ҷамъ омаданд, Асрор ҳам пайдо шуд.

– Чӣ гап, амак?

Пирамард чи гуфтанашро надониста, пеши Асрор ранг бурда ранг меовар.

– Бачам, Асрор, дод аз дасти фарзанди нохалаф, – гиряи амаки Азизхон омад.

– Ман падарамро наемемонам, ки рафта дар хонаи шумо кор кунад. Наемемонам! – дод зад Шодмон.

Акаи Асрор аз шунидани ин суханҳо бехуд шуд. «Ин хурӯсчӯҷа чӣ ҷик-ҷик дорад? Падарамро намегузорам, ки хонаи шумо рафта кор кунад, мегӯяд?» Намонӣ, бало ба пасат, кори ман бе тую падарат ҳам буд мешавад, дафъ шав! Ҳм, ба як реза ҷонаш ба ман часпидааст-а! Чӣ мехоста бошад?

– Наемемонӣ?! – пурсид ӯ.

– Ҳа, наемемонам, – такрор кард Шодмон.

– Медонӣ чӣ, хурӯсчӯҷа, ту бо ман сар ба сар нашав, беақал мемурӣ. – Бо ҳазор андеша Асрор худро аз роҳи ҷаҳл гардонда ба роҳи хонааш даромад. Вай мегуфт: – Дар хотир дор, ман туро наемебахшам, рӯзе пеши поям меафтӣ, зорӣ мекунӣ, агар ҳамин тавр нашавад, номи ман гум, номам Асрор не!

* * *

Ҳамон рӯз бегоҳ шуду падараш ба Шодмон ҳарфе нагуфт. Аҳли оила ҳама бедимоғ буданд. Бо Шодмон ҳатто хоҳараконаш ногап шуданд. Ниҳоят қарибиҳои шаб, вақте ки модари Шодмон дастархон густурду ҳама ҷамъ шуданд, амаки Азизхон бо писараш ҳамгап шуд.

– Бачам, ту ба ин гарданшахиат оқибат хор мешавӣ. Дидӣ, як ҷӯраи ҷониат, бачаи Ҳотамбахшӣ ҳам аз ту рӯй гардонд. Барои чор сӯм…

– Дада, гап дар сари пул не, ман пора дода кор ёфтан намехоҳам.

– Ҳоло зӯр наомадааст, бачам, зӯр биёяд, пора ҳам медиҳӣ, хонаи ана вай Асрор ҳам рафта кор мекунӣ. Лекин ҳамаи ин номаъқулиҳои ту аз мастӣ, ҳоли ман дар болои сарат, зиндагиат тинҷ, осуда, парвои ҳеҷ чиз надорӣ…

– Не, дада, мурам ҳам пора намедиҳам, кори хонаи Асрор баринҳоро намекунам гуфт Шодмон.

– Кошкӣ ту ҳамин хел марди баору номус шавӣ…–дар лабони амаки Азизхон ханда дамид, вале дарҳол қиёфааш дигар гашт, боз пеши чашмонаш аз ғазаб тира шуд. – Зиндагиат душвор мешавад, рӯзи нека намебинӣ, – дили падар барои фарзандаш сӯхт.

– Бо Сангин пагоҳ гап мезанам, – гуфт Шодмон.

– Боз гапи ҳамон як-ду сӯми сабил? Ба сарат бало меорӣ. Баъд дар он база кор карда наметавонӣ. Асрор заҳрашро мечаконад, аз дасти вай ҳар кор меояд.

– Ман аз вай наметарсам.

– Ақалан гапи ҳамон пулро мон, душманатро зиёд накун, ғами ҷони худатро хӯр, беақл нашав, – таваллоомез гуфт падар.

* * *

Рӯзи дигар Шодмон бо Сангин дар истгоҳи пеши магазини деҳа вохӯрд. Ӯ бо хаёли Сангин ва харҳашаҳои ду-се рӯзи охир ба сараш омада қатори одамон дар хараки дарози таги ар-ар нишаста буд, ки ҷӯрааш намоён шуд. Чашми Сангин ба Шодмон ғалтиду як тараф кебид. Аммо Шодмон назди ӯ омад.

– Салом, Сангин.

Сангин саломи ӯро базӯр алейк гирифт. Рӯяш хокистар задагӣ барин тира буд.

– Хона биё гуфта будам, наомадӣ.

– Вақт надоштам, ғурунгос зад.

– Ин қадар ту серкор?

– Ҳа, кори як касро кунӣ савоб мешаваду увол не.

Гапи Сангин тагдор буд, кадучааш ба ӯ равшан: хонаи акаи Асрор нарафт, падарашро ҳам намонд. Вай низ пуралам будааст.

– Ба ҳашари акаи Асрор рафта будӣ?

– Рафта будам, падарамро ҳам бурдам.

– Нағз кардӣ.

– Ту ҳам нарафтӣ, нағз кардӣ. Ту, ки нарафтӣ, кори мардак монд, буд нашуд.

– Беҳуда алов нагир, ман аз ту як чиз пурсиданӣ.

– Пурс.

– Барои мошини ман пул додӣ?

– Ҳа.

– Чанд пул?

– Аз сесад зиёд.

– Пула ба кӣ додӣ?

– Ба директор, ба Остон Ваҳҳобович. Кори ганда шуд? Соҳиби мошин шудӣ. Нахоҳӣ, пулатро гир, харидори мошин бисёр, аз панҷсад сӯм зиёдтар медодагиҳо ҳастанд. Дар ду дунё ҳам соҳиби мошин намешудӣ, лекин аҳмақи тани ман шуд, ки ба ту ёрӣ расондам. Аз кори кардагиам пушаймонам, ту бенамак, садқаи ҷӯрагӣ шавӣ.

Шодмон ором буд.

Сабаби «бенамак» гуфтани Сангин ба Шодмон, албатта маълум.

Ҳамааш барои Мадина. Дар асл ӯ ба Шодмон гуфтанӣ буд: «Садқаи ҷӯрагӣ шав, ба духтараке, ки ман дӯст доштаам, чашм ало кардӣ…»

– Сангин, ман медонам, ки барои чӣ ин қадар сӯхта бирён шуда истодаӣ. Ғаму аламатро мефаҳмам. Лекин ҳамин кори бо пора барои ман мошин гирифта доданатро бегап намемонам.

– Ба суд медиҳӣ? Ба газета ҳам навис, – таъна зад Сангин.

– Менависам!

– Маро танқид кун.

– Ту пулро ба директор додӣ?

– Ҳа, ҳа! Ба директор пул дода ба ту мошин гирифта додам. Чӣ ин қадар маро истисноқ мекунӣ? Тавонӣ маро суд кун, чи ки аз дастат ояд, кун!–Муштҳои Сангин гиреҳ хӯрданд.

– Тез нашав, Сангин, зинда бошем, об ба лаби ҷӯ баробар мешавад. Ман ҳозир рафта пеши директор медароям, туро ба Остон Ваҳҳобович рӯ ба рӯ мекунам. Лекин аз гапат нагард, мард бош, гапи ман якта.

– Гуфтам-ку рав, кори аз дастат меомадагиро кун!

Шодмон рафт. Чӣ? Ин одам ҳамин ҳозир база рафта, ба Остон Ваҳҳобович мегӯяд, ки ту порахӯр? Сангин пули вайро гирифта ба директор дод? Боз Сангинро шафеъ меорад? Ин аҳмақ барои исботи даъвояш ҳар кор мекунад. Аз гиребони Сангин мегирад, ҳамин хел хапу дам не, дар пеши одами бисёр–шофёрҳо, коргарони база кашолааш мекунад, мегӯяд, ки ин одам миёнрави директор, порахӯр. Чӣ шӯре бармеангезад! Фалокат аз таги по мехезад гуфтаанд, рост будааст. Давлату савлаташ, обрӯи дар пеши роҳбарони база доштаи Сангин дар як дам чун ҳубоби рӯи об барҳам мехӯрад. Инро пешгирӣ кардан лозим, ҳамин ҳозир, ҳамин лаҳза! Дер мешавад, ҳаёту мамоти вай ҳоло дар дасти Шодмон. Ҷои ғурур намонд. Пеши пои ӯ афтода зорӣ мекунад, мегӯяд, ки аз раъяш гардад, ба вай раҳм кунад, пеши директор надарояд, гуноҳ аз Сангин гузашт, айби ӯ! Падараш фақат насиҳат мекунад, ки асло ҳавобаланд набошад, шикастанафас шавад. Санги вазнинро аз сари роҳаш дур афканда, ки натавонист, зӯри беҳуда назанад, онро бибӯсад, тавофаш кунад. Ҳа, мӯйсафеди падараш беҳуда ин гапҳоро намегӯяд, зиндагидида аст…Шодмон ку? Нигоҳаш ӯро меҷуст. Ана вай, дур нарафтааст, хода барин пеши одамон рост истодааст.

– Шодмон, – наздик омада ба оҳанги сулҳхоҳона гуфт вай, – чӯра, баъзан ту андак тез мешавӣ. Наход нафаҳмӣ, ки ман ба ту фақат некӣ мехоҳам, аз бародаронам ту ба ман наздиктарӣ. Бо ҳам хондем, ҳамеша ҳамроҳем. Дар қишлоқ ману туро акаю додар мегӯянд. Шабу рӯз дар хаёл будам, ки чи тавр туро ба ҳамин базаи худамон ба кор орам. Лекин, ҷӯраҷон, бовар кун, ки ин хел корҳо бепул намешавад,

ба ту нафаҳмонда ба директор пора додаму корро буд кардам, медонистам, ки ту намехоҳӣ, ҷанг мекунӣ, барои ҳамин аз ту пинҳонӣ ба вай пул додам. Бовар кун, барои он рӯямро сиёҳ кардам, ки ҳамкор шавем. Ана айби ман ҳамин, маро бубахш, илтимос, пеши директор надаро, ба ҳеҷ ҷо арз накун. Агар ту ин гапро овоза кунӣ, медонӣ ба сари ман чӣ рӯз меояд? Шарманда мешавам, аз як лаб нони хӯрдан мемонем, маро аз кор пеш мекунанд…Боз як гап, ки ҷӯра, мо чандтарафа сӯхтем. Хаёл мекунӣ, ки ин Асрори лаънатӣ ба ман ҳамин хел ёрӣ расонд, бе чиз мошин гирифта дод? Не, вай моро хонасалот кард. Барои директору барои фалон инспектор гуфта ҳар рӯз як чиз ним чиз меканад. Ману мӯйсафеди падарам ҳоло ҳам хизматгори вай. Хушаш нвамеояд, ки оби худашро хам шуда нӯшад, «Сангин!»гуфта фарёд мезанад….Гапи бисёр, ҷӯра, лекин дам ба дарун гаштаем, – кому забони Сангин хушк гашт, ҳолаш ба назари Шодмон табоҳ намуд.

– Биё, мон, ҷӯра, ҳамин корро ба хотири ман накун, пеши директор надаро, маро як бор бахш, тавба кардам, бахш! – боз илтиҷо кард Сангин.

Мошине ба шаст аз Сангину Шодмон гузашта андаке дуртар истод. Акаи Асрор сар аз кабина бароварда фарёд зад.

– Сангин, ҳой Сангин, кар шудӣ?

– Биё, рафтем, Асрор база меравад, – Шодмонро ҳам даъват кард Сангин. Шодмон ақиб гашт. Сангин ҷониби мошини Асрор рафт.

* * *

Аз рӯзи шофёрии Шодмон қариб ду моҳ гузашт. Дар ин мобайн андаке рами дили Сангин баромада, худро осуда ҳис мекард, ки Шодмон аз фикраш гашт, ӯро шармандаю беобрӯ накард. Вале аз Мадина даст накашида буд. Аз рафтори ҷӯрааш ба дили вай озорҳо меомад, инро худи Шодмон ҳам пай мебурд. Вале Мадина ба дилу дидаи вай бештар ҷой мешуд. Шабҳо ҳам ӯро хоб медид. Саҳар ба база шитофта бо ҳазор орзу бо вай ҳамгап мешуд, аз табассумҳои шакаррин, аз тамошои чашмони бодомӣ, қомати ниҳоли вай лаззат мебурду намегуфт, ки шаб ӯро хоб дида буд. Аввал Шодмон хаёл дошт, ки ин духтарак нозпарвар аст, дар оилаи одамони бадавлат тарбия ёфтааст. Вале баръакс будааст. Рӯзҳои аз сар гузарондаи Мадина талх, пуразоб будаанд, лекин он ҳама нокомиҳо рӯҳи вайро нашикастаанд, ӯ ҳамеша худро паррандаи озод ҳис мекунад.

Шодмон ҳангоми сафари Кӯлоб аз қисмати ӯ огоҳ гашт.

Онҳо аз шаҳр баромада буданд. Чанд деҳи бари роҳ ақиб монд. Мадина, ки пеш-пеш мошин меронд, теппаеро тоб хӯрда, ба Шодмон ишора кард, ки аз паси ӯ гардад. Акнун тарафи чанд деҳе, ки дур дар фарози теппаҳои баланд ҷойгир буданд, мерафтанд. Аз миёни дара

гузаштанд. Дар даромадгоҳи як деҳае таги чормағзҳои азим Мадина аз мошинаш фуромад. Аз таги дарахтони чормағз рӯ ба нишеб ҷӯйчаҳои об ҷорӣ буданд. Об аз боло, аз таги сангҳои калон-калони кӯҳ, ки бо дарахтони дар ёнашон сабзида баробар буданд, меомад. Мадина пеш-пеш, Шодмон аз ӯ ақибтар ҷониби теппаи баланд рафтанд. Мошинҳояшон дар пасти, аз онҳо дур монда буданд. Мадина болои санги калони лаби ҷӯй нишаст. Шодмон дар он сӯи ҷӯй рӯбарӯи ӯ истода буд.

– Метарсӣ, ки об мепошам? – дандонҳои сап-сафеди Мадина аз табассуми ширин ба рӯи гандумгунаш ҳусн медоданд, ӯ болои ҷӯй, ки сангрезаҳои қаъри он садафосо метофтанд, хам шуд. Чанд панҷа об ба сару рӯи Шодмон пошид. Шодмон хандида-хандида, дар ҳолате, аз сари рухсораҳояш об мешориду либосҳояш тар шуда буданд, лаби ҷӯй омад, як даста гули зарди хушрӯ чид ва онро ба Мадина дароз кард.

– Ман ин гулҳоро намегирам.

– Барои чӣ? Ин гулҳо хушрӯ-ку.

– Гули зард хосияти нек надорад, – бо карашма таъкид кард ӯ.

Онҳо паҳлӯи якдигар менишастанд. Деҳа аз дур сердарахт ва кабкабуд менамуд. Гову гӯсфандон болотар аз хонаҳои мардум канори ёлаҳо дар чаро буданд. Дар поёни ҳавлиҳо себу токзорҳо, анористон…Шодмон ба тамошои деҳа, манзараҳои гирду атрофии он банд шуда фикр мекард, ки Мадина чаро ӯро ин ҷо оварда?

– Ба хаёл рафтӣ, Шодмон? – овози ширини Мадина хаёлҳои ӯро парешон кард.

– Бисёр деҳаи зебо, – гуфт Шодмон.

– Хонаи мо ҳо ана он ҷо буд, – Мадина бинои нимвайронаеро, ки дуртар аз як садаи сершоху барги калон намудор буд, нишон дод.

– Дар ҳамин ҷо ҳам зиндагӣ карда будед? Кай кӯчидед?

Мадина ба пурсишҳои ӯ ҷавоб нагуфт. Рӯзҳои дар деҳа буданашон, модараш ба хотираш меомад.

…Он рӯз хаёли Мадина парешон буд. Танаффус, ки мешуд, ҳама аз синф мебаромаданд. Саҳни мактаб, ки ҳоло нигоҳи Мадина оҳиста-оҳиста ба ин бинои сап-сафеди дуошёнаи дар байни деҳа ҷойгир буда меафтад, идгоҳеро мемонд. Бачаҳо давутоз мекарданд, духтарон таги дарахтони ғарқи гул ҷамъ шуда ба кадом як писари соддалавҳ механдиданд, ё ду-се нафарӣ болои сабзазор нишаста гулдӯзиашонро ба якдигар нишон медоданд. Дили Мадина он рӯз ҳаваси ҳеҷ чиз надошт. Ҳушу хаёлаш ба модараш, ба модари бемораш. Пагоҳӣ вақте бармаҳал хеста, барои ӯ шира пухта косаи ҳалилоб дар даст сари болинаш омад, вай ба ӯ нигоҳ накард, лаби кӯрпаро болои чашму абрувони камандзадааш кашида буд.

– Оча, оча, – Мадина рӯи бистари модар хам шуда, ба сараш оҳиста даст бурд.

– Ҳа-а духтарам, чӣ мегӯӣ? – модар хастаҳол тарафи Мадина рӯй гардонд.

– Ҳалилоб, шира пухтам, гармакак, райҳон ҳам дорад…

– Не, духтарам, намефорад, – гуфт модар ва боз ба тарафи девор паҳлу гашт.

Модари Мадина хеле боз нотоб буд. Қариб ду моҳ дар беморхонаҳо табобат дид. Вале аҳволаш беҳ нагашт. «Мана хона баред, ҳолам ба худам маълум»… – талаб карда буд модар.

Акнун як ҳафта боз вай дар хона мехобид. Ба нею нестонаш нигоҳ накарда духтури деҳа ҳар рӯз наздаш меомад, дору медод. Имрӯз аҳволи вай вазнинтар шуда буд, ҳалилоб нахӯрд.

Мадина то охири дарсҳо дар мактаб наистод. Китобҳояшро гирифта бо дидаи пуроб аз дари мактаб берун давид.

– Биё, Мадинаҷон, дар чолот садқа, духтари бетақдири оча. Хуб кардӣ омадӣ, чашмам ба роҳи ту буд. – Вақте Мадина назди модар ҳозир шуд, вай рӯи бистар такя ба девор дода менишаст. Аз рухсораҳои пурожангаш қатраҳои арақ мерехт.

– Ҳалилоб хӯрдед? – ба косаи болои сари модар нигоҳ кард Мадина.

– Даҳонам талх, бачам, ҳеҷ чиз аз гулӯям намегузарад. Наздиктар шин, – модар панҷаҳои шахшӯлашро ба сари Мадина монд. – Ҳоли ту чӣ мешуда бошад? – ба чашми модар об давид.

Вай хотири духтарашро озурда карданӣ набуд, вале дигар ҷои андеша намонд. Ҳоло, ки мадораш буд, ба духтараш васият мекард.

– Бачам, ҳолам бад. Ақалан падарат зинда мебуд, ақалан ту соҳиби хонаю дар мешудӣ. Бесаробон мемонӣ, духтарам, – гиря гулӯгираш кард.

– Модар, ин хел нагӯед! – Фиғон бардошт Мадина.

– Ақалан ин бадбахти акаат одам мешуд, – овози модар базӯр ба гӯши Мадина меомад.

Дари хона шараққосанон кушода шуд.

– Ҳой, Мадина, Мадина! Хӯрок тайёр шуд? Чӣ пухтӣ? – Акааш ҳамроҳи ду ҷавони ношинос омада буд.

– Ба ту мегӯям, Мадина, хӯрок пухтӣ ё не?! – баландтар дод зад ӯ.

Мадина сарашро аз миёни кафҳояш нагирифта мегирист.

– Бачам, як дам ором шав, мон, ки ҷонам осон барояд, аз ту фақат ғаму алам дидам…–чашмони камнури модар ҳаросон шуданд.

– Э, мамаш, туя ҳоли ҳеҷ бало намезанад, ту сахтҷонӣ, моро ту мекушӣ.

Суханони акааш дигар ба гӯши Мадина намедаромаданд. Модар

болои ҷойхобаш дароз кашид. Суханони ӯро Мадина дигар намешунид.

…Пас аз сари модар рӯзи Мадина дар ҳақиқат сиёҳ шуд. Рафиқони бадмасту дайдуи акааш бисёр буданд. Онҳо ҳамроҳаш хона омада, то рӯз менишастанд, арақ мехӯрданд, қарта мезаданд. Шӯру мағал мехест, якдигарро дашном медоданд. Мадина аз ҳарос дуруст хоб рафта наметавонист. Айни хобаш дари хонаи ӯ сахт-сахт кӯфта мешуд, мастҳо пеши вай медаромаданд, ҳоли бародараш ҳам аз онҳо беҳ набуд.

Шабе дар хонаашон боз як авбоши нав пайдо шуд. Мӯйҳои сараш аз китфонаш ҳам поён хамида буданд. Башарааш ба ҳамроҳонаш монанд набуд. Аз вай ҳамаашон меҳаросиданд. Ба гуфти акааш «атаман» будааст. Чи ки гӯяд, фармонаш бечуну чаро иҷро мешудааст. Ана ҳамин «атаман»-и бадафт чанд бор тарафи Мадина хандаи безеб кард, мижа заду абрӯ ҷунбонд.

Дари хонаи хоби Мадина кушода шуд, акаашро дид. Аз паси ӯ атаман меомад.

– Мадина, – гуфт акааш, – ту ба ман хоҳар-а? Хоҳари ҷони ман-а?

– Ҳа.

– Хоҳари ҷони ман, ки бошӣ, – гуфт ӯ, – аз гапам набаро, шарт кардем, акнун ту ба атамани мо як бӯса медиҳӣ…ба пояш истода наметавонист вай.

Мадина бо ҳарос аз ҷояш рост шуд. «Чӣ? Акааш ӯро ба шарт гузоштааст? Ба атаман вай бӯса диҳад?!» Атамани шумшакл дар рӯ ба рӯяш, чун дев механдад, дандонҳои заб-зардаш намоёнанд. Аз афташ ин махлуқ ширин табассум дорад.

– Дафъ шав, гум шав! – Мадина курсичаро бардошта тарафи атаман ҳаво дод. Курсича ба дар зад, як чойнику чанд пиёла аз ҷевон афтода шикаст. Акаашро аз наздаш тела дод. Ӯ аз дар берун афтода буд. Мадина дарро аз нав ба рӯяш басту занҷири онро гузаронд. Вай танҳо монда буд, лекин ларзаи дилаш намемонд, баъд ӯ ҷомадонашро аз таги таҳмон гирифта либосҳояшро ба он ҷой кард.

* * *

Духтаре интизори мошин буд. Аз барф сар то қадам, рӯймоли шоли сиёҳи гирди рӯй печондааш сафед метофт. Шамоли дашт ҳар замон ба вай дармеафтод. Духтар тарафи як мошин бо умед даст боло кард. Мошин аз духтарак каме гузашта истод. Шофёр, як марди миёнсоли бурутӣ, ки мӯйҳои сафедаш аз таги телпаки пӯсти баррагини напа-нави ӯ намудор буданд, «куҷо?» гуфта пурсид.

Духтарак ҷавоб надода, ба помонаки мошин баромад. Ӯ дарро нимроғ монда ҷомадончаашро пеши пойҳояш гузошт. Барфҳои

рӯймолашро ба берун афшонда, дарро оҳиста пӯшид. Дасту панҷаҳояш аз хунукӣ чун палтои базебу шинами танаш суп-сурх метофтанд.

– Якбора хунук шуд, хоҳар, – гуфта шофёр мошинро ба роҳ гардонд.

– Ҳа, хунук шуд, – пурсиши шофёр ӯро ба худ оварда.

– Бисёр маҳтал шудед? – боз ба духтар назар андохт шофёр.

Духтарак домани палтояшро ба рӯи зонувонаш кашида, ҷавобе надод. Шофёр, чун пай бурд, ки вай аз пурсишҳои ӯ дигар маънӣ мечӯяд, гашта ба ӯ нигоҳ накард. Роҳи пурпечутоби ағбаи Шаршар сар шуда буд. Мошинҳо аз он чун чигинаҳое, ки ба онҳо барзаговҳои хастаю шалпарро баста бошанд, базӯр пеш мехазиданд. Роҳ пушти мор барин лағжону душворгузар. Як тараф кӯҳ, харсангҳо болои сар овезон. Тарафи чап ҷарӣ…

Ағбаро тумани ғафс ба коми худ фурӯ бурда буд. Шофёрҳо гоҳе чароғҳои дурнамо ва наздикбини мошинҳояшонро фурӯзону хомӯш карда, бо суръати паст мерафтанд. Дар роҳ қариб сари ҳар қадам воқиаи нохуше рӯй медод. Як мошини прицепдори калон бероҳа шуда дар қаъри ҷарӣ мехобид, «Волга»-и наппа-наве ба харсанг бархӯрда, пешаш маҷақ шуда буд. Шофёр ва мусофирҳо гиребонҳои палтоҳои ғафсашонро бардошта, телпакҳоро ба сар кашида, гирди он ҷунбуҷӯл доштанд.

Бале, дар чунин ҳавои қаҳратуни зимистон ба сафар баромадани шофёрҳо хавфнок аст! Аммо кор мебарояд, корҳои зарур, таъҷилӣ. Охир зиндагӣ дар ҳама гуна шароиту ҳолат давом дорад, роҳи он ҳамин хел ноҳамвору печутобдор аст. Одамӣ бояд пеш равад.

Мошин акнун рӯ ба кӯҳ мерафт. Мотори он аз вазнинии бор ва душвории роҳ менолид. Дар ин лаҳзаҳо бори мошин гӯё ба дӯши шофёр буд, азоб мекашид, берун хунук, лекин аз сару рӯи ӯ арақ мешорид. Баъзан суръати гашти мошин суст шуда мемонд, вай «ҳа, ҷонвар, ҳа, ҳа, боз камтари дигар!» мегуфт ба худ. Мошин ба роҳи андаке ҳамвор расид. Нишебиҳо сар шуданд. Онҳо ҳам осонгузар набуданд. Гардишеро тоб хӯрданд. Як мошини МАЗ миёни роҳ монда буд. Аз паҳлӯи он роҳ набуд. Аз андаки беэътиноӣ мошин рӯ ба ҷарӣ нишеб шуда мерафт. Мошинҳои бисёре ғун шуданд, пардаи торикӣ ағбаро ба комаш мекашид. Ниҳоят трактор омада МАЗ-ро аз ҷои дармондааш баровард. Роҳ кушода шуд. Шофёр, ки то ин дам духтаракро гузошта ба ҷои воқиа рафта буд, баргашт.

– Хунук хӯрдед, духтарам? – меҳрубонона ба вай муроҷиат кард.

– Не, амак, он қадар не, – гуфт ӯ.

Мошин ба роҳи ҳамвор фуромад. Гӯё хавфу хатар аз сар дур шуда буд, ки шофёр осуда нафас мегирифт.

– Шумо Душанбе рафтаниед, мехонед?

– Не, амак, – ҷавоб дод духтарак ва якбора дилашро ваҳм гирифт. Дар ҳақиқат вай куҷо равона аст? «Ба Душанбе? Орҷоникидзеобод? Куҷо?» Вай куҷо рафтанашро намедонад. Боз дар ин шаб?...Шофёр вайро куҷо мефурорад?

Ба Орҷоникидзеобод даромаданд. Шаҳр дар нури чароғҳо ғарқ буд.

– Духтарам, ҳо ана аз он ҷо ман мегардам, – шофёр гардишро нишон дод.

Духтар ҷавоб надод, аммо ваҷоҳаташро ташвишу биме фаро гирифт. Шофёр магар инро пай бурд, ки рамуз гирифта пурсид:

– Ё шуморо ба манзилатон расонам, куҷо барам?

– Намедонам, амакҷон, – овози духтар пуралам, ларзон баромад, ашк дар чашмонаш ҳалқа зад. Вай дигар ҳарфе ба забон наовард.

Шофёр мошинро тарафи роҳи хонааш гардонд.

* * *

– Ана ҳамон духтарак, ман будам, – нигоҳашро аз чордевораҳои ҳавлиашон канда гуфт Мадина.

– Шофёр амаки Ҷамол? – Мардеро, ки гоҳ-гоҳ ба базаи онҳо омада Мадинаро мепурсид, дар назар дошт Шодмон.

– Ҳа, ҳамин амаки Ҷамол маро ба қатори фарзандонҳояш гирифт. Ман як умр аз вай миннатдор. Ман аз рӯи меҳре, ки ба ӯ дорам, шофёр шудам, – гуфт Мадина.

– Бародаратон ҳоло ҳам дар ҳамин ҷо? – боз ба деҳа дида дӯхт Шодмон.

– Не, ба ким-кадом шаҳри дур рафтааст, ман дигар вайро надидам, – пичиррос зад Мадина.

– Ин ҷо ягон хешу табор доред? – пурсид Шодмон.

– Не, баъди ҳамон рӯз дигар ман ба деҳа наомадаам. Бо баъзе ҳамсинфҳо, ҳамқишлоқиҳо гоҳе вомехӯрам…Ҳоло қабри модарамро зиёрат карданиам, – гуфт Мадина ва нигоҳаш тарафи гӯристон лағжид, ки он дар теппаи болои боғҳо воқеъ буд.

Ҳар ду болои санге нишаста буданд. Ба назарашон замину замон хомӯш буд. Фақат садои шилдироси оби ҷӯй ба гӯш меомад, шавшувкунон аз наздашон ҷорӣ буд, об чун умри одамӣ бо як маром мерафт…

* * *

Хотири Сангин торафт осуда мешуд, Шодмон аз раъяш гашт, ӯро беобрӯ накард. Хайрият…Дилаш мадор гирифт. Аз худ қаноатманд буд, ки аз рӯи насиҳати падар амал кард, бо муросо дили Шодмонро

ёфт. Ҳама корҳо нағз, вале як тарафи дилаш реш. Бо умеди нағз шудани корҳояш аз баҳри Мадина қариб баромад, ресмони ӯро озод партофт. Ба қитиқи Шодмон нарасам гуфта аз Мадина дурӣ гирифт. Духтарак аз ихтиёраш рафтааст. Ин чӯпонбача домони Мадинаро сар намедиҳад, ширеш барин ба вай часпидааст. Не, акнун вақте расидааст, ки Сангин ҳам гӯяд:: «Манн ҳастам!» Мадинаро ӯ аз даст намедиҳад, танобашро оҳсита-оҳиста мекашад. Чанд рӯз Сангин дар ҳамин хаёл буд. Вале Шодмон аз дили вай огоҳ набуд.

Сангин ба оиначаи мошин нигоҳ карда гиребони пиҷакашро дуруст кард, мӯйсарашро шона зад, хоки почаҳои шимашро афшонд ва «рафтем ба шикор» гӯён зери лаб ғурид. Рост ба идораи Мадина–идораи котиби комсомол ворид шуд. Мадинаро танҳо ёфт. Паси миз нишаста як даста қоғазҳоро ба тартиб меовард. Мӯйҳои кӯтоҳ буридаи Мадина баёзи гарданашро пӯшонида буданд. Гардани сафеди дилҷӯи духтар гӯё бо мӯйҳои сиёҳаш ҷанг мекард. Гардан мегуфт: «ман зебо», мӯйҳои маҳин мегуфтанд, ки «не, ман».

– Салом, Мадина, – Сангин маънидорона табассум кард.

– Ҳа, ин туӣ? Куҷо будӣ? – Мадина варақҳоро ба ғалладони миз ҷой карда, нигарони ҷавоб шуд.

– Ба сафар рафта будам.

– Куҷо?

– Роғун.

– Аз бачаҳои база ҳамроҳат кӣ буд?

– Ҳабиб.

– Вай ҳам омад?

– Ҳа…Имрӯз ба як филми нағз билет ёфтам.

– Ба ҳамон филми нави эронӣ?

– Ҳа, «Як шаби дароз».

– Ман рафтанӣ будаму хона бехабар. Дина ҳам мехостам ҳамин филмро бинам, билет ёфт нашуд.

– Мошин ҳаст, хонаатон бурда мемонам.

Шодмон дари кабинети Мадинаро кушод.

– Хуб, меравем, Шодмон ҳам меравад.

– Куҷо? – пурсид Шодмон.

– Ба филми нави эронӣ. Номаш чӣ буд?

Сангин бо дили нохоҳам аз нав номи филмро ба забон оварда. Сангин ноилоҷ билетҳои кисаашро болои миз монд ва сухане нагуфт.

Онҳо ба роҳ даромаданд. Ҳангоме, ки торикӣ болои Душанберо мегирифт, ба кинотеатри Ҷомӣ расиданд, тамошобинон бисёр буданд, онҳо билет меҷустанд. Сангин мошинашро қатори мошинҳо монда ба Мадинаю Шодмон гуфт, ки боғи шаҳрро як давр зананд. Боғ дар шаб хеле зебо метофт. Аз байни шохи ҳар дарахт чароғе нур мерехт.

Чароғҳо чун ситораҳо мавҷ мезаданд. Ягон-ягон, даста-даста. Гулдастаҳо барин буданд баъзе чароғҳо. Ҳазор ранг мезаданд, монанди тиру камон. Сангину ҳамроҳонаш хомӯш мерафтанд. Дар пеш, дар миёни дарахтони сарсабзи баланд ресторани «Фароғат» намудор буд, ки тӯпии базеби сергулро мемонд. Ҳангоми ба бино наздик омадан Сангин гуфт:

– Шодмон, хӯрок хӯрем-чӣ, то сар шудани кино хеле вақт ҳаст. – Пас ба духтар рӯй оварда. – Чӣ гуфтӣ, Мадина? – Сангин аз Мадина, ки аз паҳлӯяш ба кадом як нуқтаи дур назар андохта роҳ мерафт, пурсид.

– Майлат, агар аз ҳисоби Шодмон шавад, – хандида гуфт ӯ.

– Не, зиёфат аз ҳисоби ман. Ман ба ресторан таклиф кардам, – гуфт Сангин.

Зинаҳои мармарин ба ошёнаи дуюм мебурданд. Сангин пеш даромад. Сари мизи хӯрокхӯрӣ ҳам ихтиёрдори ҳамроҳонаш шуд. Анвои хӯрданӣ ва нӯшиданӣ фармуд.

– Як шиша коняк, аз ҳамон аълотаринаш, – ба пешхизмат, ки духтараки мӯйсиёҳаки ситорагарме буд, алоҳида гап зад ӯ.

Вақте духтарак хиромон аз назди онҳо мерафт, Мадина ба Сангин гуфт:

– Коняк фармудӣ?

– Ҳа.

– Кӣ менӯшад?

– Ман менӯшам, баъд ана ин мулло ҳаст, – Шодмонро дар назар дошт ӯ.

«Ба таънаю пичинг гузашт-ку, давомаш чӣ мешуда бошад?» – Шодмон нигоҳашро ба шифти пургули бино бардошта, паси гарданашро хорид.

– Мошин дорӣ-ку, Сангин, менӯшӣ? – ба ташвиш афтод Мадина.

– Аз саду ним сад чашми чапи мард намепарад. Чӣ гуфтӣ, Шодмон?

– Рост, лозим бошад менӯшем, – гуфт Шодмон.

Сангину Шодмон ба якдигар ҳарфе нагуфта қадаҳҳои пурро паи ҳам холӣ мекарданд. Гӯё ҳар ду ҳам дар дил гапҳое доштанд, ки баъди ҳамин нӯшиданҳо бояд ба забон меоварданд. Охир одамӣ рамузфаҳм аст. Аз як ишора мақсаду маромҳо равшан мегарданд. Сангинро Шодмон медонист, саховатманд нест бе ягон марому мақсад тинашро сарф намекунад.

Мадина дилгир шуда аз таом даст кашид.

– Ҳоло вақт ҳаст, – гуфт Сангин ва пас аз қадаҳи охирро холӣ кардан ба соат нигарист. – Мадина, ту моро бубахш, як лаҳза ман ба Шодмон гап дорам. Гапи байни худамон.

Шодмон аз паси Сангин аз ресторан берун рафт.

Онҳо ба оғӯши дарахтон даромаданд. Атроф ба назар торик менамуд.

– Хайр, Сангин, ҳамин ҷо мувофиқ будагист, – Шодмон пушт ба як дарахт дода, остинҳои куртаашро ноаён барзад.

– Шодмон, ман ба ту кайҳо боз як чӣ гуфтанӣ будам, – Сангин изтиробу ҳаяҷонашро ниҳон дошта наметавонист, овози ӯ меларзид.

– Медонам, Сангин, мақсадатро медонам, – суханашро такрор кард Шодмон ва ӯ боз гуфтанӣ буд: барои духтар, барои духтараке, ки алҳол дар ресторан нишастааст.

– Донӣ нағз…Ман аз ту ин хел умед надоштам.

– Маро барои насиҳатгӯй ин ҷо ҷеғ задӣ?

– Ҳа, Шодмон, ту охир медонӣ, ки ба ҳамин база аз ту пештар омадам. Мадинаро ман пештар медонистам, аҳду паймон карда будем, ҳамхона шуданӣ будем. Вале ту омадию ба вай часпидӣ. Дар ин масъалаҳо одам ҳеҷ касро, ҳатто бародарашро намебахшад…

Баъд ҳар ду хомӯш гаштанд. Шохаҳои дарахтон аз боди сабук ба ҳам мехӯрданд, шибир-шибири баргҳо гӯё гуфтугӯи ин ду ҷавонро ба гӯши якдигар мебурданд.

– Ман Мадинаро дӯст медорам, бе вай зиндагӣ карда наметавонам, ту, Шодмон, ба ин духтар дигар кордор нашав, – ниҳоят овоз баровард Сангин.

Шодмон сухане намегуфт. Сокит мондани ӯро Сангин аломати некӣ пиндошт. Ботинан шод шуд, ки кор бо ҳамин гуфтугӯи ошкоро ҳал мешавад, ҳарчанд ин гуфтугӯ барои ӯ осон набуд. Як ҳикмати хуби халқ ба хотираш омад: Ё бо зӯрӣ, ё бо зорӣ, ё бо зар. Зӯрӣ оқибати нек надорад, зар нест, корҳои вай вақтҳои охир ба зорӣ нек мешаванд.

– Шодмон, биё ба роҳи бад наравем, манн зорӣ дорам пеши ту, зӯрӣ не. – гуфт ӯ.

– Сангин, мард дар ин масълаҳо ин тавр гап намезанад.

– Чаро?

– Масълаи зан кори худи ҳар як мард аст, ӯ бояд дар ин бобат ба касе маслиҳат наандозад, мардҳо барои зан кори медонистагии худашонро мекунанд. Зорию илтиҷо накун, айб аст!

– Шодмон, ман аз тарс пеши ту зорӣ намекунам, пушаймон мешавӣ, нағз намешавад. – Дили Сангин ба шӯр омад.

– Ана ин гапи дигар. Мардона гап зан. Аз паи занҳо афтодан кори мардҳои асил аст. Худи занҳо ҳам одамони миҷингро дӯст намедоранд.

– Аз худ нарав, Шодмон! Ҳар гапе акаи Асрор дар ҳаққи ту мегӯяд, рост аст. Ба ту некию нағзӣ кардан ҳайф аст.

– Тамом? Боз чӣ гуфтан мехоҳӣ? – Ин суханҳо ба гӯши Сангин даҳшатовар расиданд.

– Ҷои гап боз меояд, Шодмон, аз худат гиламанд шав, як бор бо хубӣ аз наздат гузаштам, – Сангин аз паси Шодмон қадам ниҳод. Пайкари ӯ аз ғазаб меларзид.

Дар толори кино ҳам табъи Сангин хира гашт. Дертар, ки расида буданд, ҷойҳояшонро ёфта натавонистанд. Ҳамаи курсиҳо банд. Дар қатори шонздаҳум ду ҷо ва хело дур аз он як ҷои дигар холӣ буд. Шодмону Мадина паҳлӯи ҳам нишастанд. Сангин хело дур аз онҳо. Ӯ дар давоми соатҳои ба назар тӯлонӣ ягон лаҳзаи киноро намедид. Чӣ аҳмақӣ? Вай барои ҳамин ду рӯз заҳмат кашид, ки Шодмону Мадинаро кино оварда тамошо диҳад? Ҳоло боз нигарон аст, ки кай кино тамом шаваду бо мошин онҳоро ба хонаҳояшон барнад? Шодмон ҳам омада боз ба мошини ӯ менишинад? Ба ин ӯ тоқат мекунад? Ё хезаду баромада равад? Мадина чӣ мегӯяд? Охир вай ӯро ба кино овард. Ҳамаи ин ҷоннисориҳои ӯ аз барои Мадина аст. Боандеша аст ӯ. Ҳозир ҳам ба Шодмону Сангин гуфт, ки онҳо якҷоя нишинанд. Вале бачаи чӯпон нагузошт. Вай бо чашмонаш дид, ки аз дасти Мадина дошта тарафаш кашид. «Шин», гуфт фармономез. Ҳоло гап ба даҳони вай. Рӯзе меояд, ки аз ин одам қасос меситонаду об ба лаби чӯй баробвар мешавад…Лекин барои як кайк алҳол пӯстинро оташ задан нашояд. Мадинаро партофта намеравад, охир дунё як ҳамин ҳозир, ҳамин лаҳзаҳо не, пагоҳ ҳам ҳаст, вомехӯранд боз.

Кино тамом шуд. Онҳо паси ҳам хомӯш пеши мошин омаданд. Сангин мотори «Москвич»-ро ба кор андохта аввал дари тарафи худашро барои Мадина кушод. Вале Шодмон, гӯё бо соҳиби мошин гапаш ду нашуда бошад кайҳо ба қафо гузаша, ба Мадина фармон медод: ба паҳлӯи ӯ гузарад. Мадина чанд лаҳзае ҳайрон монда, баъд даст ба тарафи Шодмон бурд. Сангин ноумед дари бознамудаашро пӯшид. Бори гароне ба дӯш, аз кӯчаҳои сокиту ороми шаҳр мошин меронд. «Айби худаш. Кӣ гуфт, ки ин нарғӯлро ҳамроҳ гирад? Ҳеҷ як аҳмақи дунё ин тавр намекунад…». Ӯ аз ғазаб дам ба дам сарашро аз тиреза берун бароварда, ба ҳамин минвол сӯзи дилашро паст мекард. Аммо овози Шодмон, бо Мадина гап задану хандиданаш гӯё вайро ба дами марг мебурд.

– Мадина, ба ту як ҳикоя гӯям? – гуфт ӯ.

– Чӣ хел ҳикоя?

– Ҳикоя ҳам не, як воқиа, ҳамин рӯз аз сар гузарондам.

– Хайр шунавем.

– Аз Ёвон мегаштам. Ағбаро хамидам, ки мошинҳои бисёр дар канори роҳ. Чӣ гап шуда бошад гӯям, тинҷӣ, мошини як мӯсафед вайрон шуда будааст.

– Куҷояш?

– Мотор аз кор монадаст. Чунон мағале буд болои мошин…Шофёрҳои бисёр ҷамъ шуда буданд. «Ин хел кун, ман зомин, ун хел кун…» гуфта ба якдигар навбат намедоданд. Пеши мошин гузашта бо калиди калон тоб доданд, ягон сими трамблёр намонда кушоданд, қимсҳои бензингузар тагу рӯ шуд. Тела доданд, бо як мошин кашиданд, нашуд, ки нашуд.

– Хайр баъд чӣ шуд? Илтимос воҳима накарда гап зан.

– Ҳа, воҳима не, худам соз кардам.

– Ҳаминро гӯю мон.

– Пеши шофёр омадаму пурсидам: «Дар ҳамин наздикиҳо ба мошин об андохта будед, амак?» «Ҳа, моторро ҳам камтар шушта будам» гуфт ба ман эътибор надода. «Истед, амак», гуфтам ба мӯйсафед, ки ҳанӯз болои мотор хам шуда фикр мекард.

– Ба соз шудани мошин боварӣ доштӣ? – аз таги рӯи Шодмон карашмае карда хандид Мадина. Садои хандаи ӯ бори нахуст буд, ки ин қадар ба дили Сангин сахт расид.

– Сими асосии ҷараёнро аз бабин ҷудо кардам, – давом намуд Шодмон. – Худо дод: сим тар буд. Бо латта онро иок кардам. Баъд ба ҷояш мондаму ба мӯйсафед гуфтам: марҳамат, ба мошин даромада калидро тобед. Мӯйсафед нобоварона ба паси рул нишаста калидро тофт. Мотор ба кор даромад. Ҳама чапак зад. «Профессор ин ҷо будаасту мо бехабар»гуфтанд.

– Номи нав муборак!

– Ташаккур…Ана ҳамин тавр профессор баъд ба тарафи мошинаш рафт.

– Албатта бо кибру ғурур…Чаро инашро намегӯӣ?

– Ҳа, ҳамин тавр, Мадина.

Аз сӯҳбати Мадинаю Шодмон табъи Сангин хиратар гашта буд. «Инҳо хуб ҷои хандаю бозиашонро ёфтанд. Вай кару гунг шуда мошин ҳай мекунад. Не, одами бонангу номус тоб намеорад». Ҳай кардани мошин аз хаёли Сангин рафта буд, ки гашти он сусттар мешуд. Қиқироси хандаи Мадина баланд. «Ту чӣ хел одам, Шодмон, накун, дастам шикаст, ой, ой, оча!» Дигар тобу тавони Сангин намонд, пайкарашро ларза гирифт. «Дар пеши мард ин тавр намекунанд. Боз ба духтаре, ки Сангин вайро дӯст медорад, ҳазор орзую умед дорад…»

Мошинро нигоҳ дошта аз гиребони Шодмон гирифтанӣ шуд. Ба ақиб нигарист. Ваҷоҳати ӯ чӣ ранге гирифта буд? Дар паси пардаи торикӣ дида намешуд. Фақат берабт, ҳаш-паш нафас гирифтанҳои ӯ ба гӯш мерасид. Сангин намедонад, чанд лаҳза дар ин ҳол буд. Мошинашро боз ба роҳ даровард ва баъд роҳи база намоён шуд. Пой ба тормоз бурда, бо тамоми қувва онро пахш кард. Мошин чун

қутии гӯгирд чанд бор ба пеш хаму рост шуд, қариб буд, ки чаппа шавад.

– Шодмон, фуро аз мошин! – дастонаш болои чанбари рул ба ақиб рӯй гадонд ӯ.

Шодмон дари мошинро кушод. Мадина намедонист, ки чӣ ҳодиспа рӯй додаст.

– Мадина, ту нафуро, як база рафта мошинамро хабар мегирам, баъд туро мебарам, нафуро! – амр кард Сангин. Лекин Мадина ба қароре наомада буд: фурояд ё биистад?

Мадина аз мошин берун шуд.

* * *

– Сангин ранҷид, айби ту шуд, – вақте мошини ӯ дур рафт, гила кард Мадина.

– Ягон гапи дигар гӯй, Мадина, – гуфт Шодмон.

Моҳи пурра миёни осмон меомад. Гӯё киштие буд, ки дар баҳри нуқратоби осмон шино дошт. Ситораҳо атрофи он мавҷ мезаданд, бори киштӣ гӯё ситораҳо буд, моҳ онҳоро ба манзил мебурд. Дили кас аз тамошои осмони софу моҳи мунир, ситораҳо кушода мегашт. Шодмону Мадина паҳлӯи ҳам рӯ ба моҳи пурнур мерафтанд, боди салқини шабонгаҳ сару рӯи онҳоро бӯсида мегузашт, онҳо роҳ мерафтанд.

Ба истгоҳи автобусҳо расиданд. Истгоҳе, ки бори аввал Шодмону Сангин ба Мадина бо ҳам вохӯрда буданд.

– Куҷо меравем, Шодмон? Дар ин ғояти шаб…

– Хонаи мо меравем.

– Хонаи шумо? Як фикрҳое мекунӣ, ки Шодмон…

– Хайр куҷо равем? Хонаи шумо рафта намешавад. Мошин нест. Агар мошин ёбем ҳам дар хонаатон чӣ мегӯянд? Нағз намешавад.

– Рост мегӯй, Шодмон, нағз намешавад, ман чӣ кор мекунам?

– Хонаи мо меравем, – такрор кард Шодмон.

– Э не-е, хап ист.

– Хайр, шабро дар ҳамин роҳ, дар дашту саҳро, – Шодмон ба дуродур рӯй овард, – саҳар мекунем. Ин ҳам як романтика. Як шабро дуи мо танҳо ба танҳо, бо бедорӣ гузаронем, бисёр ширин аст.

– Ман дар чӣ хаёлу ту чӣ мегӯй. Чаро ин тавр шуд? Ҳамааш айби худам, кино рафтан лозим набуд…Мадина худро сарзаниш мекард.

Онҳо аз таги дарахтони канори роҳ мегузаштанд, паҳлӯи ҳам мерафтанд. Қади Мадина аз қади Шодмон пасттар менамуд.

– Мадина, ту дар дил чӣ орзу дорӣ?

– Орзу? Кӣ дар дунё беорзу мезияд?

– Рост мегӯй, Мадина. Биё, аз олами орзуҳо гап занем.

– Хайр, канӣ худат гӯй. Чӣ орзуҳо дорӣ?

– Аввал ту гӯй, Мадина, орзуи духтарҳо ширин аст. Шарм надор, гап зан, дар ин шабӣ ғайри ман кӣ мефаҳмад.

– Танҳо як ман мефаҳмам, мегӯӣ?

– Ҳа.

– Ман орзуҳоямро аз ту пинҳон медорам, – аз карашмаи зебояш лабони Мадина ба тарзи аҷибе гул карданд.

– Чаро? Ба сари Шодмон хаёлҳои нохуш омаданд. Сангин ба ёдаш расид…

– Ҳа, орзуҳоямро ба ҳама гӯям ҳам, ба ту намегӯям, – чашму лабҳои духтар аз табассум зеботар гашта буданд.

– Ихтиёрат, Мадина…Шояд ба ман бовар надорӣ. Биё нағзаш, ба ҳамин боғ медароем, ана он ҷо теппаҳо, – Шодмон панҷаи духтарро миёни кафҳояш гирифта, ба себзор назар андохт: – Тамоми шаб дар он ҷойҳо мегардем, кӯҳҳо аз он ҷо хубтар намоёнанд, ситораҳоро ҳисоб мекунем, баъд офтоб мебарояд, нурҳои офтоб…

– Ана ин орзу, орзуи ширин! Боз чӣ мехоҳӣ?

– Хайр куҷо равем?

– Фаромӯш кардӣ, ба хонаатон таклиф карда будӣ. Ё метарсӣ, ки падару модарат мегӯянд: дар шабӣ духтари бегонаро чиба хона овардӣ? Ба сарат ҷанҷол меояд?

– Кошкӣ ту хонаи мо равӣ…Хонаи мо равшан мешавад.

– Шӯхӣ накун, ман хушрӯ нестам, ки хонаи шумо равшан шавад…

– Ту хушрӯй, ту зебой…

Мошини рӯпӯшидаи калоне дуртар аз онҳо гузашта истод.

– Шодмон?! – Шофёр аз кабинаи мошинаш баромад. – Барам? Қишлоқ меравӣ?

Шофёр ҳамдеҳаи Шодмон буд. Ӯ онҳоро то наздикиҳои хонаи худаш, поёни деҳа оварду тарафи ҳавлиаш гашт.

Мадинаю Шодмон аз кӯчаҳои каҷу килеб пиёда мерафтанд. Моҳтоб, ки тарафи теппаҳои канори ғарби деҳа хамида буд, кӯчаҳоро равшанӣ медод. Шодмон ғарқи хаёлҳои ширин буд. Бо ҷӯю ҷӯйчаҳо, боғу майдонҳо, дарахтон-хулоса ба кулли мавҷудоти деҳа хаёлан гап мезад: «Мадинаи ман ҳам инҷоӣ хоҳад шуд. Аз роҳу роҳравҳои ту, эй деҳаам, мегузарад ӯ, бисёр мегузарад, ҳар рӯз…Насими ҷонбахшатро ба вай ҳадя кун. Ҳой, сангоб, ҳой сангоб! – ба сангоб, ки оби он печу тоб хӯрда дар шабӣ шав-шув садо медод, рӯй оварда ӯ. – Мешунавӣ ту маро? Мадинаи ман гоҳе соҳили ту меояд, аз санг ба болои сангат меҷаҳад. Канорат менишинад, панҷаҳакояш ба оби сардат мезанад, рӯй мешӯяд, зулфонаш тар мешаванд, ту ӯро нағз пазирӣ кун…Ситораҳо, ҳой моҳи мунир! – рӯ ба осмон оварда буд Шодмон, – ба шумо ҳам гап дорам. Ин духтаракро шабҳангом акнун дар ҳавлии мо меёбед, ӯ шуморо аз ҳамин ҷо тамошо хоҳад кард, чашмони зебои

вай аз ҳавлии мо ба тарафатон дӯхта мегардад. Ман овардаам ӯро, доимӣ, ҳамроҳам ба хонаи мо равон аст, пеш-пеши ман аст ӯ. Аз болои сабзаҳо қадам мемонад Мадина, сабзаҳои деҳаам пойандози вайянд. Садои оби шаршара баланд буд, булбуле чаҳ-чаҳ дошт. Як парранда аз шохи кадом дарахте кий-чу, кий-чу мегуфт. Ин садоҳо оҳангҳои деҳа буданд, ки бо ҳам ҷӯр мешуданд дар шабӣ. Баргҳои сафедорони сарбафалак, ки Мадинаю Шодмон аз зери онҳо мерафтанд, аз боди сабук ба ҳам мехӯрданд, шибир-шибир мекарданд, гӯё ба ҳам мегуфтанд: ба деҳа келин меояд, марҳабо, марҳабо.

– Гап намезанӣ, Шодмон, ба фикр рафтӣ? – овози Мадина Шодмонро аз олами орзуҳо ба худ овард.

– Ҳа, Мадина, хаёлам ба куҷоҳое рафт, – ангуштони Мадинаро миёни кафаш гирифт Шодмон.

– Хаёлӣ шуда мондӣ?

– Ростӣ, ки бо ту кас хаёлӣ мешудааст.

– Дар чӣ хаёл будӣ?

– Дар хаёлӣ ту.

– Дурӯғ нагӯ, ман охир, ҳамроҳи ту…

– Кош доимо, ҳамроҳ мебудем.

– Ин гапҳоро мону гӯй, ки ба хонаатон наздик омадем?

– Қариб расидем, аз пеши бинои мактаб, баъд ҳо аз он клуб гузарем, тарафи дасти рост мегардем, баландӣ мебароем.

– Нағз нашуд. Чӣ хел ман хонаи шумо медароям, бо кадом рӯ? – Падарат ҳам дар хонаанд?

– Не, он кас дар сари гӯсфанд.

– Поям пеш намеравад. Бовар кун, наметавонам! – Мадина пеши санги калоне истод.

– Роҳ гард, Мадина, расидем, роҳ гард…

Ба ҳавлӣ қадам монданд онҳо. Хоҳару додаракони Шодмон, модараш аз хоб хеста буданд. Мадина назди онҳо монду Шодмон ба хонаи худаш рафт. Аз миён соатҳо гузаштанд. Дар хонаи шафат, ки онро девор аз ҳам ҷудо мекард, модару хоҳаракони Шодмон кайҳо хоб рафта буданд. Дигар гуфтугӯи занҳо ба гӯш намеомад. Мадина ҳам, аз афташ, хобида буд, аммо Шодмонро хоб намебурд. «Ана чӣ кор кард ӯ? Духтаракеро, ки дӯсташ медорад, хонаашон овард. Нағз, Мадина ҳамболини вай мешавад…»

Рӯи ҳавлӣ баромад. То таги зардолу қадам монд. Осмон, ситораҳо зебо метофтанд. Тарафи дарвоза гашт, миёни ҳавлӣ истод. Мадина дар хонаи онҳост. Аҷаб не, ҳоло хобидааст. Саҳар ҳавлӣ, боғу майдонҳои онҳоро тамошо мекунад, лаби ҳо ана он шаршараи таги биҳӣ рафта, болои тахтасанг нишаста дасту рӯй мешӯяд, рухсораҳояш аз оби сард гулобӣ мегарданд…

Пагоҳӣ, вақте, ки деҳа ғарқи нурҳои офтоб гашта буд, ӯ бо Мадина аз дарвоза берун шуд.

– Ту акнун аз хонаи мо меравӣ? – ва ба рӯи Мадина дида дӯхт.

– Ҳа, чӣ мекардам!

– Нарав…

– Боз дилат чӣ меҷӯяд? – лабони зебои духтар ба табассум моил шуданд.

Онҳо ҳамроҳ кор мерафтанд.

* * *

Шодмон аз сафар баргашта мошинашро гузошт. Мадинаро диданӣ буд. Идорачаи хурдакаки ӯ ба назари Шодмон тозаю озода намуд. Аз он бӯи хушу гуворо меомад. Ҳама чиз ҷо ба ҷо.дар тарафи рости дар либосовезак. Палтои сурхчатоб ва рӯймолчаи симдори Мадина ба он овезон. Дар паҳлӯи либосовезак ҷевони хурдакаки ҷигариранг. Дар ҷевон китобҳо, онҳо батартиб чида шудаанд. Назди тиреза мизи дарозрӯяе буд, мизи кории Мадина. Болои остонаи тиреза тӯбакчаҳои гулҳои ҳархела қатор меистоданд. Мадина аз паси миз қоматашро якнима хам карда гӯшаки телефонро бардошт. Аммо онро миёни ангуштони дароз-дарози базебаш бозӣ медоронд…Хаёлаш ба Сангин рафт. Ӯ дуртар аз тиреза меистод. Хуб одами бенангу номус! Гӯё ҳамон шаби киноравиашон байни вай ва Шодмон гапу ҳарфе нагузашта буд, ки боз аз паси ӯ кашола аст. «Шодмон, ту аз ман наранҷида бошӣ? Айби ман шуд, ба дил нагир, байни акаю додарҳо ҳам гап мегузарад»гуфтааст боз…

– Шодмон, медонӣ, имрӯз ман чӣ гирифтам? – Мадина беихтиёр ба шавқ омад. – Гап занам? – Бо карашмае, ки хоси ӯ буд, гӯшаки телефонро сахт ба ҷояш монд ва хам шуда, аз ғалладони мизаш қоғазпечи калонеро берун овард. – Марҳамат кушо. – Шодмон қоғазпечро бо эҳтиёт кушод.

– Оҳо, ба ту мезебад, муносиб, – Шодмон куртаи атласи хушранги зебоеро аз қоғаз бароварда, ба дасти Мадина дод.

– Аз ту ба ман савғо-а? – духтарак чашмак зада, куртаро ба қадаш чен кард. – Мезебад, хушрӯ мешавам? – Аз хандаи шакаррин лабони Мадина зеб гирифтанд.

– Ба ту ҳама чиз мезебад. Ин қадар хушрӯй ту.

– Ман хушрӯ? Рост мегӯй? Хушомад мезанӣ-а?

– Аа хушрӯйтарҳо ҳам ту хушрӯйтарӣ.

– Оҳ-оҳ! Аз афташ, Худо ба ту забон додаст.

Суроби Сангин аз паси тиреза ғоиб шуд. Лаҳзаҳое, Шодмону Мадина пеши назари ӯ даруни хонача буданд, барои вай лаҳзаҳои муқаррарӣ набуданд. Хаёлаш, ки даруни хона маҳбубаи ширинашро

бо марди номаҳраме мебинад. Маҳбубааш ба вай хиёнат мекунад. Оҳ, ин чӣ рӯзи сахте. «Не, Мадина маҳбубаи вай не!»Боз аз ақидааш гаш, Мадинаро дӯст доштааст ӯ. Умеду орзуҳои вай аст ин духтар! Ишқаш бо Мадина афсона шудааст. Як шофёр имрӯз вайро насиҳат карда гуфт: беҳуда аз паси духтаре, ки вайро намеписандад, надавад, қадру қимати худро бидонад.

Баъзан чунин панду насиҳатҳо дили Сангинро хунук мекунанд. «Хайр, чӣ! Сарам бошад, токӣ бисёр», гуфта худро тасаллӣ медиҳад. Лекин чун дар хона танҳо монда, ин духтарро ба хотир меорад, намешавад, ки намешавад. Қаду қомати базебаш, хиромон аз саҳни база ин сӯ он сӯ гаштанҳояш ва табассумҳои ширини ӯ пеши рӯяш меоянд. Ба дилаш аз нав оташ меафтад. Фикр мекунад, ки ин духтар кайҳо азони ӯ, ҳамболинаш мешуд, лекин…

Сангин аз паси тиреза ҷониби дар тоб хӯрд. Чӣ кор кунад ӯ? Дарояду пеши Мадина аз гиребони Шодмон гираду то аз дасташ омадан занад. Не, бо ин кор ҳам дилаш равшан намешавад. Нақшаи акаи Асрор дигар аст. Кинае ин мардак ба ӯ дорад, дар дили Сангин садяки он нест. «Агар заҳрамро ба ин чӯпонбача дурустакак чаконда, бо латтабӯ нобуд накунамаш як дастам берун аз хок» мегӯяд. Лекин нақшаҳои ӯ ким-чӣ хел дуру тӯлонӣ. Мегӯяд, ки Сангин саросема нашавад, ба ҳеҷ ваҷҳ ришгаи дӯстӣ бо ӯ наканад. Баъд акаи Асрор Шодмонро ба кадом як дом афтонданӣ будааст. Лекин кай? Бузак намур, баҳор меояд. Токати Сангин тоқ шудааст. Паси дар хеле ларзида истод. Боз суханҳои сахти акаи Асрор ба гӯшаш расиданд. «Сабр кун, ҷояш меояд, аз сабукии ту нақшаҳо вайрон мешавад». Беихтиёр ҳалқаи дар аз дасти Сангин раҳо хӯрд.

* * *

Акаи Асрор аз ҳамон рӯзи бо Шодмон дар сари роҳи калон пеши одамон «тую ман» карданаш ба вай ҳамгап нашуд. Агар Шодмон сари роҳаш дучор омада, ба ӯ салом медод, бо дили нохоҳам нимғурма ҷавоб мегардонду мерафт. Вай ба касе хусумат пайдо кунад, ғузна дошта бошад, то ниқорашро нагирад, худро одам ҳисоб намекунад. Вай бо ҳамин хел душманҳояш борҳо ҳисоб ёфтааст. Лекин зуд не. Аз миён моҳҳо, солҳо мегузаранд, рақиби ӯ хаёл мекунад, ки Асрор кору гапҳои байнашон шударо аз хотир баровардааст. Ҳатто ӯ бо баъзеи онҳо «дӯст», «рафиқи наздик»ҳам мешавад. Баъд, чи хеле мегӯянд, ба пӯсташ коҳ ҷой мекунад. Лангари Шодмонро ҳам ӯ алҳол дароз гузоштааст. Сари роҳи ин тирмизак дом пртофтааст, чунон ӯро ба он афканад, ки бехабар мемонад. Ӯ ин корро ба воситаи Сангин ба ҷо оварданист. Лекин ин аҳмақ хеле суст, гоҷ, ба ишқу ошиқии худаш андармон.

Акаи Асрор дина, ҳангоме ки дар чойхонаи база танҳо монда буданд, ба Сангин аз дур гап андохт.

– Корҳоят чӣ хел?

– Кадом корҳо, ака?

– Аз хотир баровардӣ?

– Шодмонро мегӯед?

– Ҳа, имрӯз-пагоҳ тӯй накунанд, мегӯям.

– Тӯй? – ба дили Сангин оташ афтод. – Ман вайро дӯст медорам.

– Ту дӯст медорию ӯ мегирад.

– Хайр ман чӣ кунам? Ягон роҳ нишон диҳед.

– Ман ба ту маслиҳат дода будам, то имрӯз чӣ кор кардӣ? Ба ҷои ба ӯ наздик шудан харҳаша бардоштай. Бо вай дӯсти ҷонӣ шав.

– Наметавонам, вайро бад мебинам.

– Тоқат кун, роҳашро ёб. Пеши пойҳояш афт, ана баъд ту мебарӣ. – акаи Асрор аз ноӯҳдабароиии Сангин ба ғазаб омада панҷҳояшро бо ҳам мефишурд. – ту ин дафъа вайро ҳамроҳамон гир, Кӯлоб меравем, розӣ кун. Агар гуфти ман шавад, Худо дод гуфтан гир. Он тарафаш тани ман, чунон бо ҷел афтонамаш, ки сари зонувонашро занад, – акаи Асрор ба гуфтаҳояш нуқта гузоштанӣ буд, ки пиёлаи холишудаи чойро аз даст ба болои мизи тунукагӣ сахт зад.

Паси дарвозаи оҳанини завод мошинҳои бисёр қатор буданд. Пагоҳӣ офтоб набаромада навбат сар шуда буд. Навбати акаи Асрор даҳум. Баъди ӯ мошини Сангин, баъд Шодмон…Рӯз андаке хунук шуда, барф меомад. Пағаҳои барф дар ҳаво бод мехӯрданд, болои бомҳои бо шифер ва ё сафол пӯшидашудаи хонаҳои паст-пасти назди завод, рӯи роҳ афтода нопадид мегаштанд.

Акаи Асрор пӯстини напа-нави серпашми сафедашро болои китфонаш партофта аз кабина берун шуд. Дар сараш телпаки пӯсти самурии зарчатоб, дар пой мӯза. Дастпӯшакҳои чармини сиёҳашро ба панҷаҳояш кашида буд. Ӯ бо ҳамин кару фар аз назди шофёрҳое, ки ба вай салом медоданд, гузашта пеши дарвоза омад.

– Акаи Асрор, салом, – посбон–ҷавони сурхинарӯй, ки рӯймоли гулдӯзии зардеро аз болои тоқӣ ба гирди сараш баста буд, дарвозаро барои мошини калон кушода ба вай даст дароз кард.

– Навбат истодаем, додар, – гуфт ӯ ва ба кисаи посбон як даҳсӯмии шараққосии нав андохту хам шуда, ба бехи гӯшаш пичиррос зад.

– Ҳа, ҳастанд, бепарво бошед, – ҷавон вазъиятро фаҳмонда, гуфт: – мошинро ҳай кунед.

Акаи Асрор бо табъи хуш баргашт. Аз омади кор хурсанд буд, ки бурутҳои то барии рухсораҳо ҳалқа хӯрдаашро миёни ангуштонаш тоб медод. Ҳа, ҳамин одати Асрорро Шодмон кайҳо медонист.

Ҳангоми шодию хурсандӣ ӯ бурутҳояшро бо такаббур миёни ангуштонаш мегирифт.

Вай мошинашро аз қатор бароварда пеш ҳай кард. Касе барои навбатро вайрон карданаш лом нагуфт.

– Ба акаи Асрор ҳеҷ чиз намегӯянд-а? – гуфт Шодмон ба Сангин.

– Ҳа, мардак обрӯ дорад, дар Тоҷикистон ӯро каси намедонистагӣ нест, дар ҳамин солу замон аз қишлоқи мо ҳамин қадар одам баромадааст. Бояд фахр кунем…

Онҳо мошинҳояшонро аз кунҷора пур карда буданд. Акаи Асрор аз Сангин пурсид:

– Пагоҳ ба роҳ мебароем-а?

– Ҳа, ака.

– Қишлоқ ҳай мекунем?

– Будагӣ гап, риску рӯзии говҳо мешавад.

– Одамгарӣ кард, хеле партофт, – акаи Асрор мудири анборро ситоиш намуд.

– Одами нағз будааст.

– Садо аз ду даст-дия.

– Як чи-ним чи шавад-а…–хандид Сангин.

– Хоҳӣ одам шавӣ, баъзан сарф мекунӣ, – гуфт акаи Асрор.

Пагоҳӣ Шодмон, Сангин ва акаи Асрор дар назди кӯпруки дарёи Кофарниҳон вохӯрданд.

– Шаб чиба мошинатро қишлоқ наовардӣ? – пурсид аз Шодмон акаи Асрор.

– Дар база мондам.

– Ин корат нағз не, Шодмон, бачаҳо мошинҳояшонро ба қишлоқ мебаранд, ту аз онҳо чудо нашав, аз ту дилмонда мешаванд, – гуфт акаи Асрор.

Онҳо қарибиҳои бегоҳ, вақте ки акнун рӯзи кӯтоҳи тирамоҳ шаб мешуд, ба як деҳа наздик омаданд. Асрор мошини Сангину Шодмонро нигоҳ дошта гуфт, ки шаб ҳамин ҷо мемонанд.

– Хуб шудааст, ака, – Сангин, ки пешакӣ аз нақша огоҳ буд, зуд «розигӣ» дод ва ба Шодмон гуфт, ки фикри акаи Асрор дуруст. Шодмон ҳам ноилоҷ розӣ шуд.

Аз як кӯча ба дигар кӯчаи тангтари деҳа даромаданд. Боми хонаҳо паст-паст буданд. Чанбари рул миёни панҷаҳои Шодмон меларзид. Ӯ меҳаросид, ки соғуи мошинаш ба нигаси бом ё деворе бармехӯрад. Хайрият, ҳамаи ин кӯчаҳои каҷмакаҷ равшан буданд. Чароғҳо аз сари ходачӯбҳо, миёни ҳавлиҳо нур медоданд. Ниҳоят акаи Асрор мошинашро паси дарвозаи чӯбини суп-сурхе нигоҳ дошт. Ҳар се ба дарвоза наздик омаданд. Акаи Асрор хам шуда санги хурдакакеро аз бехи девор бардошта дарвозаро тиқ-тиқ кӯфт.

Марде сулфида-сулфида таги дарвозахона омад. Дарвоза кушода шуд.

– Салом, амаки Абдуҷаббор, – акаи Асрор аз дидани мӯйсафед хурсанд буд. – Хайрият, дар хона будаанд, хайрият! Ба ними рост хеста будаем.

– Асрорӣ? Хуш омадӣ! – Мӯйсафед ҳам аз ӯ кам хурсанд набуд. Онҳо якдигарро оғӯш кашида, гарму ҷӯшон салому алейк карданд.

– Инҳо ҳам рафиқони худатанд?

– Ҳа, – сар ҷунбонд Арор, – худӣ.

Пирамард ба Шодмону Сангин даст дароз карда вохӯрд.

– Хайр ина пурсам, ки чӣ бор кардед?

– Кунҷора, амак. Лозим аст? – гуфт акаи Асрор.

– Кунҷора?! – чашмони мӯйсафед гӯё равшан шуданд, – Авлиё ҳам ки гӯямат, бачам, хато намекунам. Ҳозир ҳама дар ғами кунҷора, говҳо ҳам кунҷора хоб мебинанд. Ҳамин рӯз як дақ кас халтаҳояшон таги каш хона омада рафтанд, кунҷора пурсиданд.

Онҳо мошинҳояшонро дарун ҳай карданд. Ҳавлии пирамард ба назари Шодмон монанди саҳни база васеъ намуд. Дар як тарафи ҳавлӣ зери шипанг шиферу тахтаҳои беҳисоб тал чида буданд.

Шаб то нисф меҳмонхонаи сафеду гачкории амаки Абдуҷаббор серодам буд. Оташи печ ҳам хомӯш намешуд. Офтобаҳои чӯянии пуроб болои он балақ-балақ меҷӯшиданд, сӯҳбат метафсид. Акаи Асрор ба касе гап намедод, гули сари сабати аҳли давра буд. Аз ҳама боло, рӯи панҷ-шаш қабат кӯрпачаи шоҳӣ нишаста буд.

Як марди қадпасте, ки аз ҳама поён, наздиктари печка ҷой гирифта буд ва гоҳе ба он ҳезум мемонд, ба Шодмону Сангин ишора карда ба акаи Асрор гап андохт.

– Инҳо мегӯм, рафиқони худатанд?

– Ҳа, ҳамқишлоқием.

– Инҳо гурҷичаҳоят-а, шикорӣ мекунӣ? – хандид ҳамон мард. Дигарон қоҳ-қоҳ заданд. Ӯ боз давом кард: – Ту, акаи Асрор, мегӯм, одами аҷоибӣ. Ҳамун ҳикоята як нақл намекунӣ?

– Кадом ҳикоя?

– Зани фолбина…

– Ҳа, амаки Асрор, ҳамон воқиаро боз як нақл кунед, чӣ хел шуда буд? – дигарон ҳам аз он қисса огоҳ будаанд, ки хоҳиш намуданд.

Акаи Асрор хандида-хандида, ба нақл сар кард.

Ӯ аз назди як қишлоқ мегузаштааст. Дар роҳ занеро мебинад. Занак дар бағал кӯдак доштааст. Ӯ тарафи мошин даст мебардорад. Акаи Асрор зани ҷавону хушлибосро дида мошинашро нигоҳ медорад.

– Куҷо меравед, ака? – зан дари кабинаро кушода мепурсад.

– Куҷое хоҳед, хоҳар, ман шуморо мебарам, марҳамат, дароед, шинед.

Зан савор мешавад.

– Хайр, хоҳар, гӯед, ки шумо куҷо рафтанӣ будед? – баъди мошин ба роҳ даромадан ба зан рӯй оварда мепурсад акаи Асрор ва назараш ба пешобағали кушодаи ӯ, ки ба тифлиш сина мемаконд, афтода дилгумак мешавад. Зан ба акаи Асрори бедард мегӯяд, ки кӯдакаш бемор аст, се рӯз боз пистон дар даҳон нагирифта чиррос мезанад. Назди фолбини янгибозорӣ равон аст. Акаки Асрор аз шунидани рӯзи сахти зан «мутаасир» мегардад, гардан ҷунбонда таассуф мехӯрад. Мегӯяд, ки ӯро ба назди як фолбини худаш медонистагӣ, аз фолбини янгибозорӣ ҳам зӯртар мебарад. Фолбини акаи Асрор медонистагӣ ба ҳамаи дардҳо даво гуфта метавонистааст, овозааш дар олам, ростгӯй будааст.

– Худоё, барака ёбед, ака, пеши пойҳоятон мурам, маро пеши ана ҳамон фолбин баред, ба ҳоли кӯдаки ман раҳм кунед, – бо тавалло мегӯяд зан.

– Хуб шудааст, – гуфта акаи Асрор рули мошинро ба тарафи дараи танг мегардонад. Мошин аз роҳу бероҳаҳо меравад, баландию пастиҳо паси сар мешаванд.

– Роҳи қишлоқи фолбин ҳамин хел вайрон аст, ака?

– Ҳа, хоҳар, ба хотири шумо омадам, – мегӯяд акаи Асрор ва мошинро ба дарунтари дараи бекас ҳай кардан мегирад. Ниҳоят ба ҷое мерасад, ки болои сар офтоби сӯзону атроф ҳама талу тепа, алафу гиёҳҳои хушкида…

– Ту маро куҷо овардӣ, ака?! – зан ба даҳшат меафтад.

– Пеши фолбин, кӯдакро акнун як тараф гузоред…

Акаи Асрор қоҳ-қоҳ хандида нақлашро ба охир расонд. Марди назди печка нишаста чапак зад. «Намурӣ, акаи Асрор, зинда бошӣ» – мегуфтанд баъзеҳо. Дар маърака ғалоғулае сар зада буд. Паси ин фаҳшгӯиҳои акаи Асрор Шодмон симои дигареро медид. Ин пири нуронӣ, ки мӯйҳояш чун барфи қуллаи кӯҳсорон сафед гашта буданд, амаки Ҷамол буд. Вай яке аз аввалин шофёрҳои тоҷик, ки дар як базаи автомобили шаҳри Душанбе кор мекард. Бештар аз чил соли умри ӯ дар роҳҳо, дар сафар гузашт. Дар ҳар диёре, ки гӯшаю канорҳои дур дӯст пайдо кард, дасти дармондагон гирифт. Мадина яке аз онҳост. Агар ҳамин духтараки роҳгумзада дар он шаби зимистони қаҳратун ба дасти Асрор мехӯрд, чӣ мекард? Боз як ҳикояти фаҳши дигаре…

Аз шаб посе гузашту маърака оҳиста-оҳиста хунук шуд. Одамон паи ҳамдигар чашмони хобгирифтаашонро молида-молида аз меҳмонхона мебаромаданд. Пирамад Абдуҷаббор, акаи Асрор, Шодмону Сангин рӯи ҳавлӣ мегаштанд. Осмон софу беғубор буд.

Ситораҳо аз фазои нилранги дур пурнуртар метофтанд. Ҳаво хунук. Шодмон аз хунукӣ дастонашро аз таги костюм ба бағал андохта беист ин сӯ он сӯ мерафт. Акаи Асрор ва пирамард Абдуҷаббор дуртар аз Шодмону Сангин пичир-пичир доштанд. Баъд маслиҳатошон пухт, аз афташ, ки кунҷорафурорӣ сар шуд. Аз мошини Сангин ва акаи Асрор қариб яктоннагӣ кунҷора фуровардаанд. Акнун навбати бори Шодмон буд.

– Гуфта будӣ? – пурсид Асрор аз Сангин.

– Ҳа.

– Розӣ шуда буд?

– Ҳа.

– Шодмон, ин тараф биё, – шодиомез овоз бароварда акаи Асрор ва маҳтал нашуда, худаш пеши вай омад.

– Бори мошинат чӣ қадар?

– Се тонна.

– Мудири анбор чизе нагуфт?

– Ким-чӣ гуфта буд, ишораашро нафаҳмидам.

– Ҳа, ним тонна зиёд бор кард. Кадом рӯз падаратро дида будам, гилаю ҷингилаи зиёд кард…Ҳеҷ гап не, Шодмон, ба бегонаҳо ёрии ман расидааст, ту фарзанди худамон. Ҳоло, мон мӯйсафед ним тонна фурорад, пулаш аз худат, насиб кунад. Минбаъд ҳамроҳ тахта бор мекунем, шифер мегирем…Он тарафашро худам ҳал кардан мегирам. Ҳамроҳ бошем, дӯст бошем…думи якдигарро кофта гаштан қатӣ фоида намебинем. Чӣ гуфтӣ?

– Ака, ман кунҷора намефурӯшам, наметавонам.

– Ихтиёрат, ҳеҷ кас ба ту зӯрӣ надорад. Бори тую мошини ту. Лекин, додар, аз рост гаштан фоида намебинӣ. Одам кафангадо мешавад, бо як маош сарпилтаи ҳеҷ кас сафед нашудааст. Биё, дур наравему ҳамон Аҳмади ҳамсояатонро гирем. Шон «бо роҳи рост мегардам» мегуфт. Ба чӣ ҳол афтид? Аз сагу мурғ қарздор, аз нони хӯрдан монд. Дар база баробари як пули пучак ҳам обрӯ надошт. Динангӣ кӯдакҳо мошин мегирифтанду вай «мошин» мегуфт. «Падмен» буд. Чӣ буданӣ падменро, албатта фаҳмидӣ?

Шодмон маънии ин калимаро аз рӯзҳои аввали ба база омаданаш дониста буд. Дар ҳар база шофёрҳое будаанд, ки танҳо вақти ба отпуска рафтан ё бемору ягон гап шудани шофёре соҳиби мошин мешудаанд. Ва ҳангоме ки соҳиби мошин бармегаштааст, онро бо ду дасти адаб ба ӯ месупурдаанд.

– Падмен чию мурдашӯю қабрканҳо чӣ? Мурдашӯю қаберкан интизор, ки як кас мурад, падмен дар орзуи касалу бемор шуданӣ одамони мошиндор, – завқ бурда гуфт акаи Асрор. – Шукр гӯй, ки ба тақдири ту ҳамин Сангин будааст, набошад ту ҳам ба монанди Аҳмад ба роҳи

рост меравам гуфта падмени «стаждор» шуда мегаштӣ. Оқибати роҳи рост рафтанатро, албатта баъд мефаҳмӣ. Лекин дер, Аҳмад барин…

Акаи Асрор дар ҳаққи Аҳмади ҳамсояи Шодмонино беҳуда ҳарф намезад. Воқиан ҳам марди дасткӯтоҳе буд ӯ. Дар хонаашон ҳамеша харҳаша, занаш «вой алами нобудӣ» гуфтагиаш гуфтагӣ.

– Оқибат ақли Аҳмад ба сар зад, пешам омад, – гуфт акаи Асрор ва илова кард: – Ана ҳоли зиндагии вайро бинӣ даҳонат воз мемонад. «Кимсан?» «Ман»мегӯяд.

Ростӣ зиндагии Аҳмад дар ҳамин як-ду соли охир дигар шуд. Кӯдаконаш, занаш ҳар рӯз як хел либос мепӯшанд. Як рӯз модари Шодмон шӯхӣ карда ба зани Аҳмад гуфтааст:

– Дугона, мегӯм, тангаю тиллоҳои аз падари Аҳмад мондагиро ёфтед-чӣ?

– Гӯр сӯзаду дег чӯшад, дугона, – чавоб додааст ӯ.

Маънии «гӯр сӯзаду дег чӯшад» гуфтани зани Аҳмадро дар деҳа ҳама медонанд. Шавҳараш бо акаи Асрор ва чанд нафар чапдасти дигар ҳамроҳ шудааст. Ба акаи Асрор ҳамин хел одамҳо лозим. Лекин Шодмон аз паи ин одам намеравад, ҳеҷ гоҳ!

– Не, ман кунҷора намефурӯшам! – такроран гуфт ӯ.

Тарбуз аз бағали акаи Асрор ғалтид. Нигоҳи пурхашми ӯ ба Сангин афтод. Ба вай гуфтанӣ буд: «кори кардаи ту ҳамин? Кош ин ақлу тамизат сари худатро мехӯрд. Чаро ин бадзотро қозӣ карда овардӣ? Худат-ку садқаи сар, маро ҳам ба вай баста доданӣ шудӣ, ин амаки Абдуҷаббори бегуноҳро ҳам…»

– Шодмон, хуб намешавад, биё аз мошини ту ҳам камтар фурорем, – гуфт Сангин.

Амаки Абдуҷаббор ҳам ташвиши Асрорро пай бурда ба таҳлуқа афтод.

– Ҳа, бачам, рафиқот рост мегӯянд, биё аз мошини ту ҳам фурорем, ба ту қиматтар медиҳам, – Шодмонро ба гап даровардан шуд вай.

– Ман кунҷора намефурӯшам, амакӣ, ин моли давлат.

– Ин бача аҷиб будааст-ку! – гуфт пирамард ва ба Асрор нигарист. «Ин хел одама чиба хонаи ман овардӣ? О ҳамаи буду шуди маро дидку?» – мегуфт нигоҳи ӯ.

– Ҷӯраи ин одам, – Сангинро таъна зад акаи Асрор.

– Ҳа, гуй, Шодмон, хуб намешавад, ақаллан ду-се сахлта…–зорӣ кард Сангин.

– Дусад кило барин ҳам намедиҳӣ? О вай бори туя панҷсад килояш азони ман! – дар пӯстини акаи Асрор кайк даромада буд, ки безобита шуд.

– Ман намедонам, ин моли давлат, – бо тамкин гуфт Шодмон, вале тамкини ӯ акаи Асрорро кушт.

– Намедиҳӣ?

– Не!

– Амакӣ, дарвозаро кушо! Мон равад, ҳозир равад, маълумот диҳад, нависад, – акаи Асрор худро ба даст гирифта натавонист. Вале амаки Абдуҷаббор роҳи сулҳу салоҳро меҷуст. Охир ин чӣ балое буд, ки ногаҳон ба сараш омад? Инҳо байни худ ҷанҷол даштаанду омада-омада дар хонаи ӯ дилҳояшонро кафонданд? Ин бача аз афташ маълумотчии ганда аст. Бе ин ҳам дар қишлоқ ба решаи ӯ табар мезадагиҳо пайдо шудаанд. Гуфтаанд, ки амаки Абдуҷаббор як одами мӯйсафед, сағиру кабири бисёр дорад, лекин зиндагӣ, дову дасгаҳашро бинӣ, даҳонат воз мемонад. Иғвогаранд ин мардум, на дода метавонанду на дида. Ана имшаб дар хонаи ӯ худ аз худ оташ пайдо шуд. Дод аз дасти меҳмонҳои нохонда, дод аз дасти касофати Асрор! Вай намегузорад, ки ин оташ аланга занад, ба ҳеҷ вақҳ! Аслан ҳамин Асрор як марди солхӯрда намояд ҳам аблаҳ будааст. Аз сиёсати ҳукумат бехабар. Як одамҳоеро ба хонаи ӯ меорад, ба як одамҳое хонаи ӯро нишон медиҳад…Ба вай ин гапҳоро мегӯяд, мнгӯяд, ки дубора одамони нотаҳдонро ба хонаи ӯ набиёрад, вай даҳ сар надорад, як сар дорад, пир ҳам бошад ҷонаш азиз. Ҳоло ба ҳар роҳе бошад, аз мошини ин бача ҳам кунҷора мегирад, ба кисааш се-чор сӯм меандозад. Бояд вай зувонкӯтаҳ шуда монад, Асрор ҳам ҳоло барои ҳамин хун мехӯрад. Лекин ин хел не-дия. Бо дӯғу пӯписа намешавад. Вай дигаронро чӣ хаёл кардааст? Ин бача ҷавон аст, хунаш дар ҷӯш, ғурур дорад.

– Бачам, як дамакак ба ман гӯш кун, гардани шайтона шикан, – амаки Абдуҷаббор пеши Шодмонро, ки даст ба тарафи дари мошинаш бурданӣ буд, гирифт. Ӯ ба вай мегуфт: – Шумоҳо, бачам, ҳамқишлоқ, аз як решаю гӯша будаед. Асрор туро бисёр таъриф кард, бачаи нағз гуфт. Вай аз шумоҳо калон, гапи якдигарро гардонданатон хуб не. Моли ҳазор набудааст, он тарафаш як панҷа кунҷора-дия!

Шодмон дари мошинашро кушод.

– Э ту чӣ кор мекунӣ, бачам? – Амаки Абдуҷаббор ҳаросон аз домани Шодмон дошт. – Ман туя дар ин ғояти шаб ҷавоб намедиҳам, ту меҳмони манӣ, аз роҳат гард, фуро, бачам!

– Дарвозаро кушоед, амак. – Хоҳиш кард Шодмон.

– Не, бачам, ту ҳеҷ ҷо намеравӣ, гапи мани мӯйсафеда гир, дуои нек мекунам. Худо туро ҳам ба пирӣ расонад, бадавлат шавӣ, – пирамард ришашро миёни панҷаҳояш гирифт. – Ана ба хотири ҳамин мӯи сафедам ба ман як халта кунҷора те, бачам. – Амаки Абдуҷаббор зорию илтиҷо кард. Шодмон мутаассир гашт. Охир аз ҳад зиёд зӯр наояд, дар кӯҳистон пирамардҳо асло даст ба риши сафедашон намебаранд.

– Амакҷон, маро бубахшед, хотири шумо бароям аз ҳама зӯр аст, лекин аз ин кунҷора гирифта наметавонам. Агар барои шумо кунҷора лозим бошад, пагоҳ даҳ халта харида меораму аз ин бор намегирам, амакҷон, – Шодмон аз назди пирамард гузашта, худаш дарвозаро кушод. Вале ӯ боз сӯи Шодмон давид.

– Амакӣ, бас! – аз оринҷи амаки Абдуҷаббор дошт Асрор. – Чӣ зорию илтиҷо доред? О, ин одамро ман медонам, оқипадар аст. Монед, равад, нависад, маълумот диҳад, ана дид, ки ман кунҷора фуровардам, Сангин кунҷора фуровард, фурӯхтем, арзон не, бо нархи қимат. Чи ки аз дасташ ояд кунад.

– Ту, Асрор, хонаи маро насӯзон, вайро аз роҳаш гардон, намон! – Амаки Абдуҷаббор зорӣ дошт.

Мошини Шодмон аз дарвоза баромад. Се нафар– амаки Абдуҷаббор, акаи Асрор, Сангин миёни ҳавлӣ монданд…

* * *

Шодмон шаб мошинашро дар база монд ва хеле дер ба хонаашон расид. Харчашае, ки дар ҳавлии амаки Абдуҷаббор ба амал омада буд, аз пеши назараш дур намешуд. Амки Абдуҷаббор риши сафедашро қабза карда мегуфт: «Як панҷа, бисёр не, як панҷа кунҷора…» Акаи Асрор доду валвала мебардошт: «Рав, маълумот деҳ, ба газет нависад, оқипадар!» Бале, вай менависад, хабар медиҳад, оромашон намегузорад, ҷои ҳарос надорад…Шодмон бо ҳамин хаёлҳо қариби саҳар хоб рафта хеле дер бедор шуд. «Аз кор мондам, дер шуд» – гӯён чой ҳам нанӯшид. Ба база омада аз ҳама аввал бо посбон бобои Умархон вохӯрд. Вай чун ҳаррӯза ордену медалҳояшро пеши бар овехта, такя ба асобағалаш дода рост меистод. Мӯйсафед Шодмонро дида кала ҷунбонд, яъне назди вай ояд.

– Бачам, шаб мошинатро монда рафта будӣ-а?

– Худатон дида будед-ку, амак.

– Дида будам, – тасдиқ кард гапи ӯро бобои Умархон.

Дари идораи директор кушода шуд. Мадина аз он берун омад. Шодмон ӯро дида бобои Умархонро гӯё фаромӯш кард. Вале Мадина нигоҳашро аз ӯ гурезонд.

– Мадина, – ҷеғ зад Шодмон. Аҷоиб ӯ ба вай нигоҳ ҳам накард. Шодмон аз паси вай рафт. Дар идорааш ҳам Мадина ба саломи ӯ аранге ҷавоб дод.

– Мадина, таъбат хира?

Мадина бо қавоқи овезон ба Шодмон назар андохт, аз афташ, ба ӯ суханҳои сахт гуфтанӣ буд ва ҳоло аз чӣ сар карданашро намедонист. «Чӣ гап шуда бошад?» – Шодмон ба нигоҳи Мадина тоб наовард.

– Одамро шинохта намешудааст, дузд, фиребгару ҳаннот кӣ?

Намедонӣ. Одам шири хом хӯрдагӣ, ҳама хато мекардааст, афсӯс.

– Мадина, таги гапатро нафаҳмидам, чӣ воқиа рӯй дод?

Котиба даромад.

– Остон Ваҳҳобович шуморо нигарон, – гуфт ба Мадина.

– Боз кӣ? Парторг, инженер ҳам ҳастанд?

– Ҳама ҷамъ шуданд.

– Рафтем, – гуфт Мадина ба Шодмон.

– Куҷо? – Шодмон аз паси Мадина, ки хомӯш мерафт, равон шуд.

Дуртар аз идораи комитети комсомол директори база Остон Ваҳҳобович, инженер, парторг боз чанд нафари дигар истода буданд. Онҳо тарафи мошини Шодмон мерафтанд. Остон Ваҳҳобович, ки дар бар борони зебои сабз ва дар сар кулоҳ пӯшида буд, ба Шодмон нигарон меистод.

– Тезтар, домулло, зудтар ҷунб, – киноямез гуфт яке. Гӯё вай ин манзараҳоро дар хоб медида бошад, итоаткорона тез-тез қадам бардошт. «Ӯро нигаронанд?» «Зуд бош», боз шунид овозеро.

– Хӯш, мулло Шодмон, – директор бо истеҳзо ба номи ӯ калимаи «мулло»-ро ҳамроҳ карда, дуру дароз мад кашид, – куҷо рафта будӣ, кай баргаштӣ, борат чӣ буд? – пурсид.

– Кӯлоб рафта будам, кунҷора бурдам.

– Ҳм, кунҷора, – ин сухани Шодмонро бо тантана ба забон оварда директор. – Бори мошинатро супурда будӣ? Чанд тонна буд? – директор суоли дигар дод.

– Ҳа, се тонна.

– Ҳамаашро супурдӣ?

– Ҳа.

– Ҳуҷҷатҳоят ку? – чеҳраи Остон Ваҳҳобович аз ин ҷавобҳои Шодмон кушодатар мегашт. – Ҳамин хел рости гапро гуфтан гир, ту комсомол-а? – пурсид.

– Ҳа, – ба ҷои Шодмон ҷавоб гардонд Мадина.

Шодмон аз кисааш коғазҳоро бароварда ба директор дод.

Остон Ваҳҳобович ба коғазҳо дергоҳ назар карда гуфт:

– Борро супурдааст, – ӯ пас аз хеле таҳаммул илова кард: – мулло, корат чатоқ. Фаҳмидӣ барои чӣ ба даст ғалтидӣ? Ҳазор худатро бегуноҳ нишон диҳӣ ҳам фоида надорад. Ҳайф, сад ҳайф, ки шумо бачаҳои ёш ба роҳи хато меравед…–Чанд тоннаи боратро супурда будӣ?

– Ҳамаашро, шумо чӣ ин қадар маро истинтоқ доред? – Шодмон андак оташин гашт.

– Истинтоқи ту, бачам, ҳоло дар пеш аст. Гуфтам-ку ба даст ғалтидӣ.

– Аз камтаҷрибагӣ, – пичинг зад касе.

– Ту, мулло, – боз таҳқиромез муроҷиат кард директор, – мегӯй, ки ҳамаи борро супурдам. О кунҷора дар мошинат-ку, қариб пур.

– Дар мошини ман кунҷора нест, бовар накунед, ана худатон бинеду аз ҳад зиёд таҳқир накунед, – гуфт Шодмон.

– Худат аввал бин! Ба вай нишон диҳед, ба гарданаш монед, – дар пешонаи фарохи директор чинҳои нав афтоданд. Касе аз дасти Шодмон кашида ӯро пеши мошинаш овард, дигаре аз зери китфонаш бардошт, ки ба даруни соғуи мошин назар афканад. Директор рост мегуфт. Мошин аз кунҷора қариб нима буд. Авзои Шодмон дигар шуд. Дасти вайро доштанд.

– Дидӣ? Кунҷора-а? Забон ёфта ними борро гардондӣ-а, нағз не. – Директор ба Аҳмад, ки чашм ба ҳозирон дар канор истода буд, фармуд: калиди мошини Шодмонро гирад, мошинро бо бораш наздиктари идораи вай бурда гузорад. Худаш ба милиция хабар доданӣ будааст.

Бобои Умархон аз паси одамон наздиктар омад.

– Рафиқ Остон Ваҳҳобович, ман ба шумо суол дорам, истед, ба ман гӯш кунед, – директорро аз роҳаш гардонд. – Шумо, чаро ба сари ин бача рӯзи сиёҳ меоред? – пурсид.

– Бобо, шумо аз паи кори худатон шавед. Шумо ғами ҳамаро мехӯред, ғами дуздро ҳам, ғами кадом як аҳмақи дигарро ҳам. Қонун ҳаст, моли давлатро, ки хӯрдӣ, ҷазо мебинӣ..

– Рафиқ Остон Ваҳҳобович, шумо аввал як чиро фаҳмида баъд гап занед. Ин ҷо, бачаҳо гап калон шуда меравад, – ба парторгу инженер нигоҳ кард вай. – Шумо, рафиқ Остон Ваҳҳобович, саросема нашавед, масъаларо ҳамин ҷо ҳал мекунем, аҷаб не, шумо намедонед, хабар надоред, – бобои Умархон ҷиноятиазимеро, аз афташ, ошкор карданӣ буд. Директор назди ӯ омад.

– Рафиқ Остон Ваҳҳобович, гӯед, ба шумо кӣ гуфт, ки дар мошини ин бача кунҷора ҳаст?

– Фарқ надорад, – даст афшонд директор.

– Асрор гуфта буд, – инженер ба гап шарик шуд.

– Ба шумо ҳам ҳамин одам хабар дод? – пурсид боз аз директор бобои Умархон.

– Ҳа, – бо дили нохоҳам ҷавоб дод ӯ.

– Ана, бачаҳо, гапро аз ҳамин одам сар мекунем, – гуфт бобои Умархон қаноатмандона. – Шумоҳо ба ман гӯш кунед. Шаб ин бача дер омад, мошинашро монду рафт. Баъди вай Асрор омад. Ана ин мошини кӣ? – бобои Умархон бо нӯки асобағалаш ба соғуи мошини калоне, ки бо мошини Шодмон ҷафс истода буд, зад.

– Мошини Асрор, – бо як овоз посух доданд одамон.

– Ана ҳамин одам ба база даромаду ҳаял кард. Ба ташвиш афтодам, аз дур кала кашидам. Аз мошинаш ба мошини ин бача ким-чӣ холӣ

мекард.

– Мегӯед, ки ҳамин кунҷораро ба мошини Шодмон Асрор оварда рехт?

– Бале.

– Чиба ҳамон лаҳза пеши Асрор рафта нагуфтед, ки бача, чӣ мекунӣ? Чаро инро пагоҳ ба ман хабар надодед? Забонатон то ҳозир бастагӣ буд? – ғазаби директор омада буд.

– Ту, рафиқ Остон Ваҳобович, иззати худатро дон, ман аз падарат калон. Ман туро барои ин гапат намебахшам. Лекин ҳозир гапи Асрор меравад. Ана ҳамин кунҷораро ба мошини ин бача Асрор оварда рехт. Вай чи хел одам ба ҳамаатон маълум…

– Коҳи кӯҳнаро бод надиҳед.

– Вай як директорро ҳам бо ҳамин найрангҳо ба бало гирифтор карда буд. – Бобои Умархон сабук нафас гирифт.

– Ин гапи шумо ба ҳақиқат рост намеояд, байни он директору Асрор гапу кори бисёре гузашта буд. Лекин Асрор…– директор зӯр зада, ӯро сафед мекард, – биёед, дар ғайби як кас бадгӯӣ накунем…ба ин бача ҳамқишлоқ аст, вайро додараш барин медонад. Сад бор дар пеши ман таъриф кардааст, ба вай бадӣ намехоҳад. – Остон Ваҳҳобович бобои Умархонро мулзам карданӣ шуд.

– Инашро намедонам, дидагиамро мегӯям.

– Надонед, тӯҳмат назанед.

Барои тақдири Шодмон ин қадар талош карда худро ба азоб монданҳои бобои Умархон ӯро гӯё аз хоб бедор кард. «Ҳа, ана ин кори кӣ будааст?» Ҷанҷоли хонаи амаки Абдуҷаббор боз ба ёдаш омад.

– Ин кори акаи Асрор! – Шодмон байни одамон даромад: – Бегоҳ бо ҳам будем. Онҳо кунҷора фурӯхтанд! Ман ба гапи акаи Асрор надаромадам, ҷанҷол кардем, – Шодмон ҳамаи воқиаро нақл кард.

– Бобои Умархон рост мегӯянд, ин кори Асрор аст…– гуфт Мадина.

– Ман ба як гапи бобои Умархон бовар карда наметавонам. Шояд ин ҷо сире бошад, ин кас ҳам одам, тақдири як кас бозича не, – эътироз намуд Остон Ваҳҳобович.

– Хайр, ба ман бовар накунед, ҳодисаро шаб як ман не, чойхоначӣ ҳо, ана вай занаки фаррош– апаи Зӯҳра ҳам дида буданд, – гуфт бобои Умархон.

– Ин корро месанҷем. Тафтиш мекунем, – гуфт бедимоғ директор ва мисли одами дар майдон мағлуб омада бо сари хам аз миёни аҳли давра баромад.

* * *

Сагҳои бобои Умархон Зардак ва Бахмал гирди ӯ гашта, соқи

маҳсиҳояшро бӯй мекарданд. Ба гуфтае, рамақи бобои Умархон инҷо буду худаш набуд. Бо директор Остон Ваҳҳобович хаёлан манша дошт: «Туро медонам, бозичаи дасти Асрор шудаӣ, аз вай меҳаросӣ, чӣ ки вай гӯяд, ҳамонро мекунӣ, барои ҳамин ҳам ба мани мӯйсафед «забонат баста буд?» мегӯй»…

Шодмон ҳозир шуд. Вай аз афташ назди пирамард барои арзи миннатдорӣ омада буд.

– Биё, бачам, ин ҷо даро, – гуфт мӯйсафед ва дохили хоначаи хурдакакаш шуд. Асобағалашро ба танаи девор рост монда курсичаеро пеш кашид. Шодмон ҳам наздиктари ӯ ба тиреза ҷафс шуда нишаст. Бобои Умархон чои гарм доштааст. Рӯймолчаи чорқадшудаи болои чойникро гирифта, ба пиёлаҳо чой рехт.

– Бачам, байни туву Асрор чӣ гапҳо гузашта буд, ҳамаашро ба ман нақл кун. Ман ҳамаашро бояд фаҳмида гирам, ҷанҷол калон мешудагӣ барин, бачам, – бобои Умархон пиёлаи чойро ба даст гирифт.

– Ман ҳам амакӣ вайро ба ҳолаш намемонам, сар то қадамаш гуноҳ аст, медонам. – Шодмон пиёлаи чойро болои миз гузошт. Баланд будани ғурури Шодмонро мӯйсафед ҳис карда, дар дил ба вай хандид.

– Бачам, ту ба одами бисёр ганда сар ба сар шудаӣ, аз дасти вай ҳар кор меояд, ту ҷавон, вайро намедонӣ, гуфта будам-ку як директори база аз дасти ҳамин нобуд шуд. Ман ба ту нақл мекунам, шунаву худат дар бораи ин одам ба хулоса биё, – мӯйсафед, даме ба хаёл рафта нақлашро идома дод: – Дар давраи роҳбарии як директор база бесоҳиб барин шуда монд. Ҳар касею дави аспаш. Шофёрҳо мошинҳоро куҷо ки хоҳанд, мебурданд, кай, ки хоҳанд, ба кор меомаданд. Харачу марач, бетартибӣ шуд…

Директорро аз вазифааш гирифтанд, ба ҷои вай як ҷавон омад. Маҷлис карда директори навро ба шофёрҳо шиносонданд. Гуфтанд, ки фамилияаш Фахриев. Аксари шофёрҳо ҳамон рӯз ба овози баланд хандиданд. Ба директор тамасхур карданд. Чеҳраи директори ҷавон ғазаболуд гашт. Баъди шиносоӣ бо шофёрҳо Фахриев саҳни калону васеи базаро, ки мошинҳои вайронаи беҳисоб канори деворҳо қатор буданд, як давр гашт. Дастонаш паси пушт бо салобат қадам мемонд. Маълум гашт, ки ҷавон, ғурғур дорад, – бобои Умархон пиёлаи хунукшудаи чойро ба даст гирифт. Он рӯз дар хаёлаш ба ҷилва меомад.

Фахриев паси дарвозаи база омада дари хоначаи посбонии бобои Умархонро кушод. Ӯ бо эҳтироми директор даст ба асобағали ба танаи девор гузоштааш бурд, хестанӣ шуд. Вале ӯ:

– Амакҷон, нороҳат нашавед, баҳузур шиштан гиред, – гуфт ва курсичаеро, ки ҳоло Шодмон ба он нишастааст, пеш кашид. – Амакҷон, аҳвол чӣ хел? Чанд сол боз ин ҷо кор мекунед?

Эҳтироми бобои Умархон ба директори ҷавон бештар гашт. Ӯ аз пирамард пурсид, ки чӣ норасоӣ дорад, зиндагиаш, аҳволи хонадонаш…

Ба ин андоза бофаҳму баандеша будани он ҷавон аз лаҳзаҳои аввали шиносоӣ пирамарди рӯзгордидаро ба тааҷҷуб овард: «Ҷавон ҳам бошад, пухта, боандеша барин».

Директори нав бо ҳамон ғурураш ба кор сар кард. «Дар хона бо аҳли хонаводаат ҳам, ки сахт набиёӣ, гапатро намегиранд» мегуфт ӯ.

– Вақти саршавии корат фалон соату ба база мошинро оварда монда рафтанат соати фалон. Агар лаҳзае дер монӣ, ин ҷо ҷои кори ту не! – мегуфт ӯ ба шофёрҳои азхудрафта.

Мардак аз гуфтааш нагашт. Ҳафтаи аввал ҳашт нафар шофёрро, ки аз фармон сар печида буданд, аз кор озод кард. Чашми одамон ҳаросад, кор дигар мешудааст. Дар база кам-кам интизом ҷорӣ шуд. Шофёрҳо ба «диспетчерҳо» гӯш медоданд. Дигар «мо ин ҷо намеравем, он ҷо намеравем» гуфта фақат худро ба ҷои «равғандор» намезаданд.

Он рӯзҳо аҳволи акаи Асрор аз ҳама зиёд танг шуда буд. Директори ҷавон кӣ будани ӯро омӯхта ба вай эътибори алоҳида дод.

– Ҳавои даҳан накун, мардак. Ту дигар тахтаю шифер, кунҷора не, санг, рег мекашонӣ, қатори ҳама кор мекунӣ. Агар не…–Рӯзе дар пеши одами бисёр ба вай ҳамин хел гуфт директори ҷавон.

– Мебинем, – ғурунгос зад Асрор.

Гапи директор ду нашуд. Пару боли Асрор рехт, дигар гапногирӣ намекард. Ба ҳар коре мегуфтанд, медавид. Лекин ин мори таги пудина дар назар ҳамин хел менамуд. Таги пои директор чоҳ меканд. Ду-се каси дигар ба вай ёр шуданд. Бо тавсияи Асрор як шофёри «сарпасту гапдаро», ки чи кор гӯянд, не намегуфтагӣ одам буд ва аз ҳамин ҷиҳат Фахриев ҳам эҳтиромаш мекард, ба вай наздик шуда монд. Ин шофёри «сарпасту гапдаро» ба назар хислатҳои нек дошт. Бечораҳол, накӯкор менамуд. Бо ёрии ана ҳамин одам атрофи директор торҳо таниданд. Аз дур ҳам, ки бошад, бобои Умархон ин торҳоро медид, вале ба Фахриев забони гап задан намеёфт. Ба ҳазор андеша мерафт. Алалхусус меҳаросид, ки боз номи «хабаркаш»-ро нагирад. Бори ин ном барои ӯ бисёр вазнин буд.

Як пагоҳ бобои Умархон чунин воқиаро шоҳид гашт: директори ҷавон чун одат аз ҳама аввал, ҳанӯз офтоб набаромада баъди салому алейк аз назди бобои Умархон гузашта, ҷониби идорааш тоб хӯрд. Шофёри «накӯкор, одами бечораҳол» ҳам пайдо шуд, аз паси директор рафт. Асрор, ки ин пагоҳ ришу бурутҳои мошу биринҷ шудаашро андаке қайчӣ зада, ба сар тӯпии чоргули фарғонадӯхт пӯшида буд, бо се нафар аз дарвоза дуртар ба хараки таги дарахти тут нишаст. Мо-

шини милиция омад. Он каме дуртар аз дарвоза истод. Се нафар милиционер аз мошин фуромада дастҳояшон дар кисаҳои боронии осмонирангашон гирди он мегаштанд. Шофёри «накӯкор, одами бечораҳол» аз идораи директор берун омада, рӯ ба дарвоза давид. Ба милиционерҳо ишорате карду худ назди Асрорино рафт.

Баъди ҳамаи ин бобои Умархон воқиаи аз ҳама нохушро шоҳид шуд. Он лаҳзаҳоро имрӯз ҳам ба хотир орад, ҷигараш пора мешавад. Милиционерҳо Фахриевро аз идорааш пеш андохта баровардand.

Ӯ вақте аз назди бобои Умархон беҳолу бемадор шуда мегузашт гуфт:

– Амакӣ, ба тӯҳмат ғалтидам, одамро шинохта намешудааст, ин зот инсон набудааст, бисёрӣ будаанд, бисёрӣ…ӯро дигар гап задан намонданд. Фахриев ба база дигар наомад. Ба ӯ чи карданду накарданд, бобои Умархон намедонад, фақат медонад, ки бечора ба тӯҳмат печид. Асли гап дертар ба ҳама маълум гашт. Ҳамон шабу рӯз як хеши Фахриев фавтида будааст ба ӯ сад сӯм пул зарур шудааст. Ӯ ана ҳамин қадар пул аз шофёри «накӯкор, одами бечораҳол» қарз мехоҳад. Мардак розӣ мешавад. Асрору ҳамроҳони ӯ ба идораҳои махсус хабар медиҳанд, ки директори базаи онҳо порахӯр аст, ягон мурват бепора ба даст намеояд, пул надиҳӣ, кор буд намешавад. Мисолаш пагоҳ ҳамкори онҳо шофёри «бечораҳол» барои кадом як қисми мошин бояд ба ӯ сад сӯм пул диҳад.

Бобои Умархон ин воқиаро ба Шодмон ҳикоя карда гуфт, ки ана ҳамин кори зиштро ҳам Асрор карда буд, имрӯз бо ҳамин роҳҳо ӯро ба дом афтонданӣ

* * *

Ҳикояи Мадина ба хотири Шодмон омад.

Ӯро директор Остон Ваҳҳобович ба кабинеташ даъват мекунад.

– Рафиқа Исмоилова, – Остон Ваҳҳобович пас аз чанде хомӯшӣ, ба вай ҳамсӯҳбат шудааст: – гӯед, ки шумо худатон чӣ кас ҳастед? Фаромӯш кардед, ки динаякак бо зорию илтиҷо пешам даромада мошин пурсидед. Раҳмам омаду ба шумо мошин додам, баъд гуфтам, ки кори комсомолро ба шумо супоранд. Медонам ҳоло комсомолҳоятон каманд. Лекин ним штат ҳам вазифа аст. Боз мақсадҳои дигар доштем, духтари маҳаллӣ гуфта шуморо тарбия карданӣ будем. Аммо шумо аллакай аз худ рафтаед, гапи ман, директори база, барои шумо қурб надорад. Чиба шӯру ғавғо хезондед?...

Гап дар хусуси ҳамон кунҷора буд. Баъде, ки бобои Умархон гуноҳро ба гардани Асрор дайн кард, думи кор дар хӯрҷин шуд. Директор имрӯз-пагоҳ гуфта намегузошт, ки кунҷораро аз мошини Шодмон фуроранд. Дар база бо ин кунҷора чӣ карданашонро намедо-

нистанд. Шодмон рӯзҳо дар база бекор мегашт, кор набуд. Мадина пеши директор даромада гуфт, ки чӣ кунанд? Ба ягон хулоса омадан лозим, беҳтараш, ба милиция хабар диҳанд, гунаҳгор ҷазо гирад.

– Шумо аз паи кори худатон шавед, мо худамон ягон илоҷ меёбем, – гуфт Остон Ваҳҳобович.

Аз ин гуфтугӯи онҳо рӯзҳо гузаштанд, вале натиҷае нашуд. Шодмон бекор ба база омада мерафт. Мадина барои таънаҳое, ки он рӯз чун санг ба сари Шодмон зада буд, ботинан хиҷолат мекашид, ҳарчанд ки Шодмон ба вай мисли пешина ҳарф мезад, тарзе, ки гӯё байнашон гапе нашуда буд. Вале духтар суханҳои талхашро аз ёд намебароварда. Бобои Умархон дар омади гап ба вай гуфт, ки ҷавонони имрӯза ба монанди онҳо не, муросо мекунанд, аз сухани ҳақ меҳаросанд.

– Ана, духтарам, якеи онҳо шумо, – бобо рӯирост ӯро мисол оварда. – Дидед, ки Асрор чӣ кор кард, лекин хап, дам намезанед, метарсед…

– Рост мегӯед, бобо, – ӯ аз назди мӯйсафед дур шуда ба Асрор дучор омад. Фӯки ӯ дар осмон буд. Дар база касеро писанд намекард, бо карру фар мегашт. «Директор ин гуфт, директор он гуфт…» дар забонаш гапу ҳарфи Остон Ваҳҳобович. Дар хаёли ӯ дар база фақат директор одаму дигарон ҳама патаку пойтоба. Ғазаби Мадина омаду гӯшаки телефонро бардошт. Ба милиция хабар дода гуфт, ки кунҷораи бесоҳиброро соҳиб шаванд, гунаҳгори ҳодиса маълум, тафтиш кунанд.

Гӯё бо ин вай ба хонаи занбӯр алов монда буд, ки дар база ғалоғула хест. Аз идораи милиция, аз кадом як идораи дигар одамон омаданд. Кунҷораро бурданд, роҳбарони база ҳам ноором шуданд.

– Кӣ хабар дод? – Остон Ваҳҳобович гунаҳгорро меҷуст.

– Ман хабар додам, – гуфт Мадина ба вай. Акаи Асрор ҳам аз ин огоҳ гашта буд. Вай чизе нагуфта ду-се бор Мадинаро зери теғи нигоҳи оташбораш кашид. Бо ҳазор маънӣ ӯ ба Мадина нигоҳ мекард: «ист, акнун ман ба ту чӣ мекунам?»

Директор ҳоло барои ҳамин гуноҳаш Мадинаро наздаш ҷеғ зада буд.

– Фоидаи шумо ба база ҳамин ки ҳама ноором шудем! Медонед, ки ин кори шумо чӣ қадар зарар меорад. Акнун солҳои дароз дар ҳама ҷо гап мезананд, ки колективи нотифоқ, дузд, шайтон, ҷанҷолӣ. Ҳамаи корҳои неки мо барбод меравад, чиба ин корро кардед? Чӣ мақсад доштед?

Директор ғами базаро мехӯрд. Вале ин ғамхории ӯ Мадинаро ба андеша андохта буд. Аҷоиб, вақте сухан дар бораи гуноҳи Шодмон мерафт, Остон Ваҳҳобович ғами ноором шудани базаро намехӯрд. Ҳозир гапу ҳарфи ӯ дигар. Ин одам чаро дурӯя аст? Фикр намекунад, ки Мадина ҳам таги гапро мефаҳмад, ҳақ дорад пурсад. Дина ӯ дигар чиз мегуфту имрӯз бошад, гӯё ӯ одами дирӯза нест. Чаро? Не, вай ба

Остон Ваҳҳобович бовар намекунад.

– Шумо медонед, ҳамин одам аҷғолманд аст, хонааш пури кӯдак, нонхӯри бисёр дорад. Агар ӯро бурда ҳабс кунанд, як хона вайрон, кӯдакҳо бепадар мешаванд. Шумо кори хуб кардед? – боз пурсид директор аз Мадина.

– Агар тӯҳмати вай ошкор намешуд, Шодмонро ҳам суд мекарданд. Асрор иғвогар аст, аз худ рафтагӣ, монед ҷазояшро бинад, – гуфт Мадина.

– Шумо ғами киро мехӯред, – маълум. Ғами Шодмонро…Байни шумою ин бача чӣ гап аст – ҳама медонанд. Шумо аз рӯи Шодмон як бечораро ба бало гирифтор карданӣ, шумо ахлоқан вайрон, барои база, барои коллектив номи бад, шумо виҷдон надоред, ман дигар ба шумо бовар надорам, равед, равед! – Остон Ваҳҳобович ба Мадина имкони гап задан надода, ӯро аз кабинеташ пеш кард.

* * *

Шодмон дер омад. Падараш аз сари гӯсфанд баргашта будааст. Ӯ дар кати пешайвон нишаста буд, ғамгин менамуд. Модар ва хоҳару додараконаш бо сарҳои хам гирдаш ҷамъ омада буданд.

– Ассалом, – гуфт Шодмон тӯрхалтаи қанду наботро, ки аз роҳ савғо оварда буд, ба як мехи танаи сутуни пешайвон овехта. Падар ба саломи ӯ ҷавоб нагардонд. Рӯймолчаашро аз киса бароварду оби дидаҳои рӯи рухсораҳояш омадаро пок кард. «Падар оби дида мерезад?» Шодмон сӯи ӯ гашта, даст ба панҷараи кат гузошт.

– Бачам, дар вақташ гуфта будам, ки аз ҳад нагузарон, поятро ба қади кӯрпаат дароз кун, бо ҳамин одам сар ба сар нашав, ба гапам гӯш наандохтӣ, ана имрӯз заҳрашро чаконд, – гуфт модар ба Шодмон.

Шодмон аз таги гап бохабар шуд. Ҳамон рӯз як мақолаи дар ҳаққи акаи Асрор навиштаи Шодмонро бо радио шунавонда будаанд. Худи акаи Асрор ҳам мешунаваду аз ғазаб девона шуда ба ҷустуҷӯи Шодмон ба кӯча медавад. Вале ӯро наёфта сӯхта-пӯхта ба тӯйхона–хонаи усто Барот медарояд. Ҳамин ҷо бо падари Шодмон дучор меояд. Ва ана…

– «Ту, Асрор, ба ҳамин бачаи амаки Азизхон чӣ кор кардӣ, ки ба ту часпидааст? Масхараи хосу ом шудӣ»… – гӯён як кас дар маърака оташи ғазаби ӯро бод медиҳад.

– «Ин хел ҳам не-дия. Як кӯдак одами маъракаро шарманда карда гардад…Ин бача калон надорад?» – дигаре ба гап ҳамроҳ мешавад.

Ҳамин ҳангом ба хона пеши меҳмонҳо ош меоранд. Пеши амаки Азизхон ҳам ош мегузоранд. Асрор аз ҷояш мехезаду табақи ошро аз назди ӯ мегирад.

– Ту лоиқи маърака нестӣ, аввал вай мухбирчаатро соҳиб шав, баъд ба қатори одамон медаровӣ, ҳа, хез! – Аз гиребони амаки Азизхон

гирифта ӯро аз маърака берун мекунад, ӯ бо дили хиҷил хона меояд.

Аз пеши касе табақи хӯрокро дар маърака гирифтан воқеаи гӯшношунид ҳисоб меёбад. Дар деҳа аз ин кори нанговартар нест. Ин хел воқиаҳо дар замонҳои пеш дар деҳа рӯй дода боиси хунрезӣ шуда будааст.

Як одами ҷанҷолие дар деҳа зиндагӣ мекардааст. Дилозор, баддаҳан. Аҳли деҳа ӯро аз маъракаҳо ронданӣ шудаанд. Дар як маърака табақи ошро аз пешаш гирифтаанд. Хешу табор, зоту зурёт, зану кӯдакҳои ӯ ба ҷанҷол хестаанд. Ду сол байни авлодҳои марди ҷанҷолӣ, ки табақи ошро аз пешаш гирифта буданд, давом меёбад, нанги ӯ ба даст меояд.

Ҳамин хел ҳодисаҳои нохуш як замонҳо дар деҳа ба сари як одами бекасу кӯ ҳам омадааст. Мардак, ки берешаю гӯша будааст, дар муқобили онҳое шармандааш карда табақи хӯрокро аз пешаш гирифтанд, ҳеҷ кор карда наметавонад. «Замин сахту осмон баланд»гӯён панҷа ба замин мезанад. Каф ба дуо мебардорад, ба рақибонаш аз Худо рӯзи сиёҳ мехоҳаду гирён-гирён тарки деҳа мекунад. Ӯ куҷо рафт? Касе огоҳ нашуд.

Имрӯз ин ҳодиса ба сари падари Шодмон омад. Аз пеши падари ӯ табақи ошро гирифтанд. Ин воқеа имрӯз ҳам ба амал омада бошад, оқибаташ нохуш аст. Падари Шодмон бекасу кӯ нест. Ними аҳли деҳа хешу табор, авлодҳояш.

– Аз ин тараф гузар, бачам, – падар салаашро, ки онро модари Шодмон аз шаш-ҳафт метр матои сурх дӯхта буд, аз сар гирифта арақчин пӯшид. Шодмон бо сари хам ба ҷои нишондодаи падар гузашт.

– Акнун, бачам, ҷанҷоли зӯр мешавад, аввал ту рости гапро ба ман гӯй: аз болои ҳамин одам ба радио ту хабар додӣ? Боз дар база ким-чи гапҳо байни шумо будааст…–гуфт падар.

– Ҳа, дада, ҳамааш рост, аз болои вай ман навиштам, агар ҳеҷ гап нашавад, боз ба суду пракурор ҳам менависам, – гуфт Шодмон.

– Ту, бачам, кори нағз накардӣ, ҳамааш айби худат, дар вақташ гуфта будам, ба вай чақа нашав, хун гирифтааст вай. Лекин ту як насле рӯидӣ, ки гапи худат гап. Хайр майлат, ҳозир дигар ҷои муноқиша нест, ҷои нанг, ҷои номус омад, шукр мо ҳам кам нестем, – падар ҳанӯз ҳамаи алами дилашро ба Шодмон нагуфта буд, ки ба ҳавлӣ хешовандон яке паси дигар даромаданд, ҳавлӣ аз зурётҳо пур шуд.

– Рост аст, ки Асрори дузд табақи ошро аз пеши шумо гирифт? – ҳар яке аз омадагон мепурсид аз амаки Азизхон ва мушт ба сина зада бо ғурур мегуфт: – Авлоди Содирхониҳо ҳанӯз зинда, намурдаем. Намемонем, ки моро таҳқир кунанд, мефаҳмонем, ки моҳо ҳастем…

Амаки Азизхон аз ҷой хеста, миёнашро аз болои ҷома бо миёнбанд басту салаашро ба сар монд.

– Чӣ ту намехезӣ? Ҳамаи гап-ку аз пои ту! Ё аз Асрор метарсӣ. Парво накун, вайро худи ман саришта мекунам, ягон кас наздик наояд. Агар дар як онивоҳид ҳамин одама ман хирбиҷак карда напартоям, ба рӯям туф кунед. Рафтем! – Набераи холаи Шодмон–Искандари тракторчӣ ӯро ҳам аз ҷояш хезонд.

Падари Шодмон пеш-пеш, тӯдаи авлодон бо зану кӯдакҳояшон аз паси ӯ аз дарвоза берун шуданд. Амаки Азизхоне, ки ба назар паша ба лабаш шинад, киш намегуфтагӣ одам буд, гӯё болу пар пайдо кард. Бардам-бардам қадам мемонд. Шодмон дар бораи ҷангҳои авлодӣ аз китобҳо хонда буд, лекин имрӯз ҳамин ҷанг аз пои ӯ хестааст. Оқибаташ нағз намешавад. Ҳамаи хешовандон, падарашро ҳам аз роҳ гардондан мумкин. Мардум ба миён дароянд, музтар мешаванд, ба фикр меафтанд. Лекин пеши Искандарро гирифтан мушкил. Ӯ дар ҷанг даранда аст, ба ҳеҷ кас гардан намедиҳад, ҷанг кофта мегардад. Будагӣ гап, ки Асрор бо вай сарпанҷа рафта наметавонад. Мегӯянд, ки Искандар аз рӯи ким-чи гапе ба вай ғузна пайдо кардааст, имрӯз ана, барои ӯ баҳонаи хуб ёфт шуда.

Ба роҳи калон расиданд. Тӯйхона намоён шуд. Асрор хилофи либоспӯшии ҳаррӯзааш дар тан ҷомаи беқасаби тахта-тахта сурху кабуду сафед, дар сар тоқии нави гулдӯзӣ, дастонаш аз болои миёнбанд дар миёни қатори одамон паси дарвоза истода буд. Искандар ӯро дида қадаммониашро тез кард. Аз падари Шодмон ҳам пеш гузашт.

– Искандар, саросема нашав, – Азизхон ба андешае аз лаби ҷомаи ӯ кашид.

– Авлодашро ҷамъ кунад, ин номард, ман ба авлодаш мезанам, боз ин шон табақи ошро аз назди авлодҳои мо мегирифтааст. Фикр накардӣ, ки ин одам бекас нест?! – ғавғо бардошт Искандар.

Дар тӯйхона ҳама безобита шуданд. Садои доиразанӣ хомӯш гашт. Ҳофизон дигар суруд намехонданд. Асрор оқибати корашро фаҳмид. Ӯ аз ҳама бештар аз дидани Искандар дар ҳарос монд.

– Мардак селовардаю раҳмонда нест, зурётҳояш акнун Асроро ба ҳолаш намегузоранд…Изои мӯъмин ҳаром, гуфтаанд. Охир, кори нохуб кард, хонааш дар пушташ мешавад, – гӯён мӯйсафедон дар тӯйхона воҳима меандохтанд.

Азизхону авлодонаш ба тӯйхона наздиктар шуданд. Искандар чун серкаи мол пеш-пеш мерафт.

Шодмон хиҷил буд. Гӯё ӯ нидое мешунид: Шодмон ин шӯрест, ки сар мезанад? Ту ҳам бо онҳо? Медонӣ, оқибаташ чӣ мешавад? Ин кор хилофи қонун…Боз худат аз рӯи қонун даъво дорӣ, ки Асрор гунаҳгор аст. Ба сари ту, падарат, ба сари ҳама бало меояд. Падарат ҳам инро ҳис кардааст. Пойҳояш пеш намераванд. Нигоҳи ӯ падарашро мечуст. Баъд Шодмон ба миёни ҷанҷол зад. Бо онҳое, ки барои Ис-

кандарро доштан медавиданд, ҳамроҳ гашт.

* * *

Остон Ваҳҳобович рӯ-рӯи кабинет мегашт. Бороniаш дар бар, ҳамон кулоҳи алафрангашро пӯшида буд. Вай, аз афташ, касеро интизорӣ мекашид. Табъаш хира, андешаманд менамуд.

– Маро ҷеғ зада будед, Остон Ваҳҳобович? – Шодмон дари кабинети ӯро кушод.

– Бале, туро интизорам, марҳамат, даро, – Остон Ваҳҳобович паси мизи кориаш нишаст. Шодмон ҳам ба ҷои нишондодаи директор гузашт. Ӯ, албатта сабаби даъват шуданашро ҳам намедонист. Боз намедонист, ки чанд лаҳза пеш дар ҳамин ҳуҷра дар ҳаққаш чӣ гуфтанду чӣ нақшаҳо андешиданд.

Акаи Асрору Сангин назди Остон Ваҳҳобович даромада буданд.

– Ака, ҳамин сағираро ё аз аз кор ҳай мекунед, ё худам масъалаашро ҳал мекунам, илоҷам намонд. – Асрор бе салому алейк арзи дил кард.

– Оташин нашав, Асрор. Худатро ба даст гир, сағираи мегуфтагиат кӣ вай? Чӣ кор кардааст? – Директор дар ҷо-ҷои рӯи Асрор сиёҳию кабудӣ дида дар тааҷҷуб монд.

– Наход ҳамин қадар гап шудаю шумо, ака, бехабар?.. – Гуфт Асрор.

– Ман аз куҷо донам, ки ба ту чӣ воқиа рӯй додаст.

– Набошад, ака, шумо ба ман гӯш диҳед, ҳамаашро мегӯям, мана ин одам шоҳид, – Сангинро шафеъ овард ӯ, – ягон гапам дурӯғ нест.

Ӯ рӯзи сиёҳи ба сараш омадаро гуфт. Гуфт, ки дар қишлоқ Шодмон, падару модар, хешовандони ӯ ба сараш хестаанд, дирӯз қариб ӯро кушта будаанд.

– Имрӯз-пагоҳ, ака, маро мекушанд, – Асрор аз ғояти қаҳру ғазаб худро дошта натавониста аз ҷояш хест. – Ин сағира ба ман часпидааст. Аз болоям маълумот дод, ба ҳазор идора навишт, ба кашокаш андохт, радио қатӣ масхара кард. Ба ҳамаи ин қонеъ не, боз авлодашро ба сарам хезондааст. Худаш чӣ гап? Дар дунё ҳақиқат ҳаст ё не?! Ба ман гӯед, рафиқ Остон Ваҳҳобович, ҳақиқат ҳаст ё не?! – Асрор ба рӯи директор нигарист, сипас андаке ором шуд. – Ака, ман ба як қарор омадам, ҳаминро ба шумо гуфтаниам. Ман ҳамин бачаро мекушам. Баъд мешавад, об ба лаби ҷӯй баробар, баъд майлаш маро баранд, паронанд…Мегӯям, ки гапамро ба Остон Ваҳҳобович гуфта будам. Шумо шоҳид-а, ака, ана мо рафтем…Асрор дасту остин барзада баромаданӣ шуд. «Чӣ? Ин аҳмақ девона шудааст? Вайро барои одамкушиаш шоҳид меорад, ба вай хабар дода баъд рафта одам мекушад? Хуб кор мекардааст, касофат, директори базаро ҳам мекашидааст». Не…Остон

Ваҳҳобович оқибати ин гуноҳро тасаввур карда наметавонад…

– Сабр кун, Асрор, гардани шайтонро шикан, аз роҳат гард. Ту, ки ин масъаларо то пеши ман овардӣ, худам ҳал мекунам, ист, нарав, – директор гӯё ба бемории вазнине гирифтор гашта буд, ки боазоб, бо овози ларзон гап мезад: – ҳамин қадар кору кирдору ман бехабар, маълум накардед. Боз шумоҳо ҳамааттон аз як қишлоқ, аз як решаю гӯша…

– Ман дар ҳамон қишлоқ ҳам аз афти вай безор будам, ана ҷӯрааш, – Асрор Сангинро нишон дод.

– Ҳоло, амакӣ, ба шумо ҳам вай часпидааст, – гуфт Сангин.

– Ба ман? Ба ман чӣ даъво доштааст?

– Гапи ҳамон пулро баровардааст, амакӣ, – Сангин аз рӯи эҳтиром ба Остон Ваҳҳобович ҳамин тавр муроҷиат мекард.

– Кадом пул?

– Ҳамон чорсӯми ҳароми вақти ба кор даромадан додагиашро мегӯяд, – гунаҳгорона гуфт Сангин. – Дар пеши худию бегона лақида гаштааст.

– Бача, ту шӯхӣ дорӣ, ё рост мегӯӣ? О, ҷони ман чанто, ки аз як кас пул мегирам, пул гирифта ба кор қабул мекунам. Ту ин хел нагӯй, – Остон Ваҳҳобович ба даҳшат афтод.

– Охир, амакӣ, ман худам дар ҳамин кабинетатон оварда дода будам, қарибиҳои бегоҳӣ, – Сангин он рӯзро ба хотири директор овардан мехост.

– Ту ҳамин зайл шоҳидӣ медиҳӣ?

– Не, амакӣ, ман шоҳид нею ҳамон гапро гуфта истодам.

– Беҳуда налақ, бача, байни ману ту ҳеҷ сире набуд, мардумро ба шубҳа наандоз! – Остон Ваҳҳобович пас аз фосилае боз гуфт: – Ба «ин ё он пул» гуфтанат, вале ман намедонам он чӣ пул аст, лозим ояд, худат ҷавоб мегӯӣ. Ман аз дасти ту ҳеҷ авқт ягон тин нагирифтаам, тӯҳмат накун. Аҷаб не, аз номи ман худат аз ягон кас пул гирифтай. Вақташ ояд, пурсу санҷ шавад, ҷавоб мегӯӣ. Хубаш, ки дам шин!

– Охир, амакӣ…–Ҳангу мадори Шодмон канда буд. Вай мехост барои исбот сухане гӯяд. Аммо директор пеши даҳонашро гирифт.

– Ба ту ҷавоб, баро! – гуфт ба зарда.

Сангин бо рангу рӯи канда аз ҳуҷраи директор берун шуд. Вале Остон Ваҳҳобович ҳанӯз ба худ намеомад. Чаро аз дасти ҳамин бефаросати даҳоняла ӯ ҳамон чор сӯми сабилро гирифт? Даҳонаш бефаровез будааст. Боз дар пеши як одаме лақида истодааст, ки бо ҳамин баҳонаҳо сари як директорро хӯрдааст. Рӯи рухсораҳои сергӯшту сурхи Остон Ваҳҳобович донаҳои арақ марҷон шуда буданд. Вай пас аз хеле сукунат гуфт:

– Ҳа, Асрорҷон, ин хел ҷанҷоли аҳмақона баромаду масъалаи туро

фаромӯш кардам. Ту як ариза навис, шоҳид нишон деҳ. Аз рӯи қонун шавад, беҳтар, ман вайро аз кор пеш мекунам. Лекин насиҳати ман ҳамин, ки додар, фикрҳои беҳударо аз сарат дур кун, ҳоли замона ганда, синну солат ҳам рафтааст, ғами кӯдакҳоя хӯр, дигар ту ҷавон не…

– Гоҳо, ака, шайтон бардор мекунад, ки раваму корашро тамом кунам. Охир барои ман қава шудан ҳеҷ гап не, чанд бор шишта баромадам. Мо он ҷо шоҳ, ака, лекин ҳамин гапҳои шумо пеши роҳамро мегиранд, – гуфт Асрор аз ҷояш рост шуда.

Остон Ваҳҳобович дар ҳуҷрааш танҳо монда буд. Паси дар зердастонаш дар навбат буданд. Вале ӯ дигар онҳоро қабул карда наметавонист. Дилаш сӯрохи сӯзан барин танг шуда буд. Якбора ба сараш ғаму алам омад, гапи кадом як Шодмон. Айби худаш, дили одаткарда…Гоҳо аз як кас ним кас пул мегирад. Ана оқибаташ, гап шуда будааст. Гап бошад, по дорад, ба идораҳои боло меравад. Аз ин бача халос шудан лозим. Баҳона ҳаст. Асрор аз болояш навишт. Нағз…ӯ аризаи Асрорро як бори дигар хонд, ба зери калимаҳои алоҳида бо қалами сурх хат кашид. Баъд котибаро даъват кард. Гуфт, ки Шодмонро пеши ӯ ҷеғ занад.

Шодмон ҳоло назди ӯ нишаста буд.

Директор қуттии сигаретро аз болои мизаш, ки ба қабати коғазу дафтарҳо афтода буд бардошт.

– Марҳамат, – онро тарафи Шодмон дароз кард.

– Мебахшед, ман намекашам.

– Накашида бошед, нағз ин ҳам як дарди сар, – гуфту худ сигаретро гирифта миёни лабҳояш бурда оташ дод. Ниҳоят оромона гап сар кард: – Хайр, мулло Шодмон. Корҳо чӣ хел? Аз афташ мошин бисёр ғам медиҳад. Ҳа, медонам, кӯҳна, шалақ шудааст, кайҳо аз баҳри он баромадан лозим буд, – гуфт директор.

– Мошин намешавад, Остон Ваҳҳобович, дар байни як моҳ ду бор мотор соз кардем, – шикоятомез гуфт Шодмон.

– Мо шумоя фаромӯш накардем, мулло, – директор хурсанд буд, ки Шодмон ба ӯ арзи дил мегӯяд, – ният буд, ки – гуфт ӯ, – ҳамин шабу рӯзи наздик ба шумо мошини нав диҳем. Дар ин масъала аллакай қарор ҳам буд… Лекин якбора дар бораи шумо гап бисёр шуд, – директор даме ба хаёл рафт. – Ана имрӯз ҳам боз гап, гапи ганда. Шумо аъзои комсомол-а?

– Ҳа, аъзои комсомол.

– Ана дидед, бисёр нохуб…

Шодмон аз суханҳои сарбастаи директор дар як дам ба ҳазор кӯчаи хаёл рафт. Чӣ гапи ганда шуда бошад, дар чӣ хусус? Вале напурсид Шодмон. Чизе дар дег бошад, ба кафлес ояд.

– Дар қишлоқ чӣ гап? – бо овози нарм аз ӯ пурсид директор.

Шодмон дам назад, Остон Ваҳҳобович давом намуд:

– Шумо дар қишлоқ ҷанги калон хезондед, чанд кас маъюбу маҷрӯҳ шудаанд. Магар ин корҳо хубанд? Бо маслиҳат ба сари як кас давидан ҷиноятӣ ганда аст, ҷазои сахт медиҳанд, суд мекунанд…Ба фикрам, аллакай ба органҳои дахлдор маълум шудааст, ба ман аз як ҷо телефон ҳам шуд, рӯямро сиёҳу сафед карда дар ҳаққи шумо суханҳои нағз гуфтам. Лекин гапҳои сахт шунидам. Талаб карданд, ки ба шумо ҷазо диҳам. Гӯшро ба карӣ зада будам, ки аз болоятон ана ин ариза омад. Акнун кадом як гуноҳи шуморо ман пӯшонда метавонам? Ман ҳам дар назди қонун ҷавобгарам, як сар дорам. – Остон Ваҳҳобович аризаи Асрорро аз болои миз ба даст гирифт.

– Акаи Асрор ариза навиштагист? – бо заҳрханд гуфт Шодмон.

– Чӣ Асрор ҳақ надорад, ки шикоят кунад? Дар назди қонун ҳама баробар. Агар баъзе гуноҳҳои пешинаи вайро дар назар дошта бошед, мардак ҷазояшро дид, ислоҳ шуд. Имрӯз, ки пояш сӯхтааст лаби об медавад, – чеҳраи директор тағир ёфта аз қошу қавоқаш гӯё барфу борон мерехт.

– Дуздию пешхезиаш ҳамин, рафиқ Остон Ваҳҳобович…Дар қишлоқ ҳам худи ӯ ҷанҷол бардошт.

– Баъд шумоҳо, ними қишлоқ ба сари вай хестед?

– Пеши ҷанҷолро гирифтанд, хайрият ягон гап нашуд. – Шодмон ба Остон Ваҳобович воқеаро ба тафсил нақл кард.

– Ба ҳар ҳол, додар, мегӯянд-ку шамол набошад, шохи дарахт намеҷунбад, – бо нармӣ боз ба сари мақсад омад Остон Ваҳҳобович. – Мо аз ноилоҷӣ ба шумо ягон ҷазо медиҳем. Ҳамин хел накунем, намешавад. Аз рӯи ман ҳам менависанд, навис-навис мекардагиҳо дар базаи мо аз мӯи сар зиёд, қадами мемондагии одамро ҳисоб мекунанд. – Овози вай хеле паст шуд: – Лекин як роҳи нағз ҳаст. Биёед, беҷазо шуморо ба ягон базаи дигар гузаронам. Ин ҳам як некӣ-дия. Чӣ гуфтед? Телефон кунам? – сардор гӯшаки телефонро гирифт.

– Ташаккур, Остон Ваҳҳобович, ташвиш накашед, ба ман некӣ накунед, ман ба ҳеҷ ҷо намеравам, агар хоҳанд ҳам, – Шодмон аз навиштаҳои Асрор, ки директор онро миёни ангуштонаш сахт дошта буд, нигоҳашро нагирифта ғазабаш омад.

– Ман ба шумо некӣ кардан мехоҳам, мулло Шодмон, бовар кунед, – директор гӯшаки телефонро ба ҷояш монд.–Пушаймон мешавед, оқибаташро фикр кунед, – боз насиҳат кард Остон Ваҳҳобович, – Асрор гурги борондида, аз дасташ ҳар кор меояд. Боз дар сари ҷаҳлаш ягон кор накунад мегӯям, бехабар мемонед. Мегӯянд-ку, битарс аз касе, ки аз Худо наметарсад.

– Ман аз вай чиба метарсидаам? Мо ҳам дар қишлоқ кам нестем, – якбора ин суханҳо ба забонаш омаданд.

– Ана, дидед, худатон қоил шудед, мардак рост мегуфтааст, даву ғеҷаш ҷон доштааст, беҳуда гиряю нола намекардааст. Ман акнун маҷбурам, ба аризаи ӯ аз рӯи қонун ҷавоб гӯям, – Остон Ваҳҳобович аз он ки дилхун шуда ба ин одам бо нағзӣ гап фаҳмонданӣ шуд, пушаймон гашта варақҳои коғази дасташро болои миз ҳаво дод.

– Ҷазо диҳед, – Шодмон паст наомад.

– Саросема нашавед, – Остон Ваҳҳобович бо аксари тобеонаш аввал ба нағзӣ гап мезад, вале чун медид, ки муроде ҳосил намегардад, дӯғ мезад. Аммо дар масъалаи Шодмон ӯ ин хел карданӣ набуд. Вай бачаи аноӣ не, мешунид, ки ба газета ҳам менависад, инчунин худаш дар назди вай забонкӯтоҳ буд. Ният дошт, ки бо хубӣ кафшҳояшро пеш мегузорад, аз рӯи ҳикмати «ҳам лаъл ба даст ояд, ҳам ёр наранҷад» амал мекунад. Лекин хунсардии Шодмон ғазабашро оварду худро гум кард.

– Аз кор намеравам гуфтед?

– Ҳа, рафиқ Остон Ваҳҳобович, гуфтам, ки ман аз кор намеравам.

– Эҳа, агар ман, директори база фармон диҳам, кафшатонро монда патакашро гирифта мегурезед.

– Аз кор пеш кардан осон не! – Шодмон ба Остон Ваҳҳобович гуфтанӣ буд, ки вайро шахсан ӯ аз кор ронда наметавонад, вай пул дода ба кор даромадааст, вале алҳол ӯ истиҳола менамуд.

– Осон, ман шуморо аз кор пеш мекунам, лекин саросема намешавам, фикр кунед.

– Ман фикри дигар надорам, – гуфт Шодмон.

* * *

Шодмон аз гуфтугӯи Асрору Сангин, ки баъди аз назди директор баромаданашон ба амал омада буд, огоҳ набуд.

Асрор имрӯз ҳам ба ягон ҷо нияти рафтан надошт, мошинашро соз карданӣ буд. Сангин ҳам ба ӯ ёрӣ мерасонд.

– Ариза навиштед? – Сангин хам шуда як калиди мурваттобиро аз байни калидҳо кофта ёфт.

– Ҳа, навиштам, – даст афшон акаи Асрор.

– Ин одам ҳеҷ кор карда наметавонад, метарсад, – гуфт Сангин.

Акаи Асрор ҳам дар ҳамин ақида буд. Ӯ дар давоми солҳои зиёди кораш чандин директорро дидааст. Курсии мансаб аз сарашон монд. Лекин ягон нафарашон ба монанди ҳамин Остон Ваҳҳобович ин хел шайтонсурат набуд. Одами ноустувор. Лаҷомаш дар дасти ҳар кас, ба ҳар тарафе тобанд, меравад. Як одами калону ба доираи Асрор ҳам мераҳсад. Ҳамаи ин аз безардагӣ, аз он ки тарсончак аст. Аз Шодмон, ҳатто ҳо ана аз он Мадина, ки ҳанӯз роҳи рафтанашро намедонад, метарсад. Вагарна вай аз пеши худаш ба милиция хабар дода, як базаи

калон, одамони бисёрро дар кашокаш меандохт? Ун маслуқи Умархонаш-ку ҳамаро дар бузакбозӣ андохт. Хайрият вай рафт. Набошад ҳамин гапи кунҷора овозаю дарвоза шуда, ба марказ ҳам мерасид. Сад бор дари идораи милиция рафта талаб кард, ки Асрор бечазо намонад, вайро қава кунанд, боз ҳазор гапи дигар. Ҳамаи ин аз сустии директор, посбон ҳам соҳиби гап.

– Шунидам бобои Умархон рафтааст? – гуфт Сангин.

– Ба нафақа баромад. Дина маҷлис шуд. Як тӯй барин ҳангома карданд. Концерт шуд, кино оварданд. Баъзеҳо қариб гиря карданд, ки ҳайф, бобо меравад, хандаам омад. Ба вай қолин доданд, ба номаш мошин навиштанд. Имрӯз боз вайро Шодмони ҷӯраат дар газета таъриф кардааст.

– Ака, ҳамин гапатон ба ман сахт мерасад. Ҳар чи шумо гӯед, ман не намегӯям, лекин маро аз ҳамин вазифа озод кунед, дигар наметавонам, бовар кунед. Баъд…ҳеҷ фоида надорад, – табъи Сангин хиратар шуд.

– Айби худат, қаҳри маро набиёр, Сангин, айби худат, – такрор кард акаи Асрор. – Аз ӯҳдаи ҳеҷ кор намебароӣ ту, сустӣ, гӯлӣ, беақлӣ. Ҳамаи касофатиҳо аз пои ту хест. Гуфта будам, ки розӣ нашавад, лозим не, – воқиаи нохуши гузаштаро ба хотир оварада алами акаи Асрор омад. – Ту гуфтӣ, ки розӣ аст, домани мана бо чормағзи пуч пур кардӣ. Баъд вай кунҷора фурӯхт? Мо вайро ба дами ҷарӣ бурданӣ будем, аммо ӯ худамонро ба ҷарӣ афканд. Хуб кард, қандаша хӯрад, ба одами зирак, душман ҳам ки бошад, офарин мегӯям ман. Худи ман лағжидам, бечора мӯйсафеди Абдуҷаббор суд шуд, туро бо ҳазор азоб халос кардем. Бо ин аҳмақиат боз ту чӣ мехоҳӣ? Ту аз ӯҳдаи ҳеҷ чиз намебароӣ, аз Мадина ҳам маҳрум мешавӣ. – Акаи Асрор ба коре даст назада даст дар киса гирди мошин мегашт. Ӯ аз қадамзанӣ бозистода, болои сари Сангин омад. Дастони Сангин суст шуда дигар маҷоли тоб додани мурват надоштанд. Вай аз Мадина маҳрум мешавад? Ҳамаи ин аз рӯи гапи акаи Асрор, ки мегуфт: сабр кунад, сабр кунад. Нақшаҳои воҳиманоки ӯ беҳуда будаанд. Вай ба ҳамаи маҳрумиятҳо, озору азиятҳо тоб меорад, вале ба ҷуз маҳрум будан аз Мадина! Як соли дароз ҳамроҳ дар сафарҳо буданд, лабхандҳои ширин ҳадяаш кард, шӯхиҳояшон аз ёди ӯ намеравад. Боре ба Мадина гуфт, ки ҳамхона шаванд. Духтар сар ба пеш афканд, сад дареғ, ки ҳамон шабу рӯз аз паи тӯй нашуд. Шодмон, ки ҳоло акаи Асрор ӯро «ҷӯраат» гуфт, орзуҳои вайро барбод дод. Ин одам дар назари Сангин аз хуку хирс ҳам шум асту акаи Асрор талаб дорад, ки бо ӯ худро дӯст, бародар вонамуд созад, баъд ӯ чӣ корҳое дар ҳаққи вай карданӣ будааст. Нигоҳ кунад кай думи уштур ба замин

мерасад! Паи ин хел ваъдаҳои дур гаштан бас! Бас!! Ба вай ҳеҷ чиз лозим не! Мадина, ки аз даст рафт, акаи Асрору Шодмонро сару равғанашон. Ӯ ҷон канад барои Мадина меканад, зиндагӣ гӯяд, ба хаёли ӯ мегӯяд. Дар поёни боғашон хонаҳои нав сохт. Агар ҳар хиште монд ба ин бино, ба хаёли Мадина монд. Арӯсхонааш ба номи ин духтар. Кош ин хонаҳо ба Мадина насиб шавад. Кош ба онҳо ҳамин духтараки хушрӯ даробаро кунад. Кош рӯзе шавад, ки Сангин аз кор ояду Мадина аз ин хонаҳо бо лабони пурханда пешвозаш гирад. Ҳамаи ин орзуҳои вай амалӣ мешаванд, лекин ба як шарт ҳамин писари чӯпон набошад…Ҳамин рӯз дер аст, ки ба ин кор ҷандала намояд, кас ба роҳи бад афтад, ҳар чӣ мекунад. Ё гирад худи акаи Асрорро. Магар ӯ бо як Шодмон ҳисобӣ карда наметавонад? Метавонад, хоҳад коре кунад, ки мурдаи ӯро зоғу занбӯрҳо хӯрда раванд. Аз рӯи шунидаш вай ҳамин хел корҳо кардааст

Як рӯз як марди ҳузарби солхӯрда чӯби дарозе дар сари китф ба база омад.

– Ҳа, Ашӯр, Ашӯрхон, боз пода гурехт? – хандида аз ӯ пурсиданд шофёрҳо.

– Пода? Ҳе, ҳе, аз дасти Ашӯр ҳад дорад дур равад, бегоҳ аз адирҳои Яман ҳай карда бо баҳри Сиёҳ гузаронда, дар чанд курорт дам дода будам. Ана онҳо, инҳо бузҳои ман! – Ашӯр бо таёқаш қатори мошинҳоро ишора карда қиқир-қиқир хандид ва дарҳол гирён-гирён ақиб гурехта фарёд зад, ки аз замин, аз таги пояш мору аждарҳо баромада қасди вайро хӯрдан доранд.

Як шофёр дар бораи Ашӯр ҳикоя карда гуфт, ки ӯ девона набуд. Як вақте шофёри базаи онҳо будааст, одами хуб, ҳақиқатҷӯ. Ҳамон рӯзҳо акаи Асрорро нав ба кор гирифта будаанд. Авбоши гузаро. Ҳамин Ашӯр дар чанд маҷлис ӯро дузду фиребгар гуфта захми забон задаст. Рӯзе ногоҳ ба айби акаи Асрор мошинҳои онҳо ба ҳам бармехӯрандд, мошини Асрор маҷақ мешавад. Асрор, ки пеш ба Ашӯр ғузнадор будааст, ба ӯ дармеафтад, даррандавор ӯро хӯрда, партофтан мехоҳад, дар охир калиди калони мошинро гирифта ба сари ӯ медаваду кораш-ро тамом мекунад. Аз зарбаи сахт вай ба худ намеояд, девона мешавад, Ашӯрдевона ном мегирад…

Имрӯз акаи Асрор чаро дар ҳаққи Шодмон ҳамин хел корро раво набинад? Агар хоҳад метавонад, Сангин ба ӯ умед бастааст.

– Сангин, ту ноумед нашав, додар, ба ту ман ҳар вақт ёрӣ расонда метавонам, – тамоман рӯҳафтода шуда мондани ӯро дида гуфт тасаллиомез Асрор.

– Ака, умеди ман ба шумо, ман шуморо гуфта дар ҳамин база кор карда гаштаам, ман аз маслиҳати шумо берун намебароям. Агар ҳамин одам, ака, Ашӯрдевона барин мешуд…–дар лабони Сангин та-

бассум омад.

Акаи Асрор мақсади Сангинро фаҳмид.

– Аз дасти ман ҳар кор меояд, Сангин. Як муштам кифоя, ки дунё ба назараш чапаю роста шавад, як умр равшаниро дида натавонад, – бо тамкин гуфт акаи Асрор. – Лекин ин кор гурехта намеравад. Ин хел корҳоро ман дар давраи бачагӣ мекардам. Ҳоло ман ба дигар роҳ мезанам, чунон мезанам, ки кас нафаҳмида мемонад, ӯро кӣ зад. Ту ҳоло бачаӣ, Сангин, бача. Ту, аз гапҳои ман набаро. Ман беҳуда намегӯям, худатро ба ҳазор азоб мону бо вай дӯст шав. Гап гир, гапҳои вайро ба ман омада гӯй, як рӯз мебинӣ, ки чӣ хел ман вайро ба дами марг мебарам.

– Дер нашавад мегӯям, ака, – Сангин дар ғами Мадина буд.

– Парво накун, вай аз дасти мо халос намехӯрад.

* * *

Шодмон ба таги мошинаш дароз кашида, баъзе мурватҳоро тоб дода сахт мекард.

– Шодмон, шодиёна те. Помир меравем, – гуфт Сангин аз кучое назди ӯ пайдо шуда.

– Кӣ гуфт?

– Диспетчер. Ту, Мадина, ман, боз ду нафари дигар.

– Хайр, фиристан, меравем.

– Мефиристанд, омади кор, мешӯем, ба осонӣ халос намешавӣ, – Сангин худро бениҳоят хурсанд вонамуд кард.

– Шустан бошад, мешӯем, – гуфт Шодмон.

Дар ҳаёти ҳар як шофёр бори аввал ба Помир сафар кардан ҳодисаи бениҳоят хурсандиовар ҳисоб меёфт. Ҳамаро ба ин роҳи пурхатар намефиристоданд. Онҳоеро мефиристоданд, ки ба боварӣ даромадаанд, пухта шудаанд. Як ақидаи дигаре ҳам дар миёни шофёрҳо мавҷуд буд: касе даъвои мошини нав мекард, ба ӯ мегуфтанд, ки ақаллан як бор Помир рафта ояд. Яъне касе, ки ба Помир рафта меомад, аз ҷумлаи шофёрҳои баобрӯ ҳисоб меёфт. Аз ин рӯ ҳар шофёре, ки ба ин роҳ бори нахуст сафар мекард, бояд ба рафиқон зиёфат медод. Ҳамин хел рӯзи хуш ба сари Шодмон ҳам омад.

– Чӣ бор мекунем? – пурсид Шодмон.

– Мотоцикл, мотоцикли «Урал», бори бад не, азоб надорад…

Дар ҳақиқат гапи Сангин рост баромад. Бегоҳ ҳамаи шофёрҳои ба Помир мерафтаро ба идораи инженери бехатарии техникӣ ҷеғ заданд. Ба онҳо як олам маслиҳат доданд. Дар миёни онҳо як Шодмон бори аввал ба Помир мерафт. Инженер аз хусуси ӯ ба ҳамроҳонаш таъкид кард, ки ба вай ёрӣ расонанд, аз ӯ ҷудо шуда дур наравад.

Ҳамин тавр буд воқиа.

* * *

Муфаттиш аз пагоҳӣ интизори Шодмон менишаст. Ва ана ҳоло вай гӯё китоби умрашро дар пеши Саид Аброров варақ мезад. Ҳамагӣ дар давоми як соли умраш аз як фасли баҳор то баҳори дигар дар база аз сари Шодмон чӣ рӯзҳое ки гузаштанд! Хурсандӣ, шодӣ, нохушӣ, хархашаҳо…Охири охирон гум шудани бори мошин. Умуман вай аз деҳа дур шуду ҳаёташ ноором гашт. Ҳамааш аз он рӯз сар шуд, ки база омад, мошин гирифт…

Шодмон дар ферма ҳам кор кард. Кор мерафту хонаашон меомад, кампири Ҳасратбегимро медиду чӯпони куҳансол Ҳасанхонро. Мӯйсафед баъзан ба вай саргузашташро нақл мекард. Дигар ташвише надошт Шодмон.

Падараш аз ин ҳам кори беҷанҷолу осудатаре ёфта буд. Гуфт, ки бо мудир гапзанон кардааст, ҳамроҳи ӯ таёқи чӯпонӣ ба даст гирад, аз паси гӯсфанд равад. Падар баъд дар васфи дашту саҳро суханҳо гуфт: оби ширини чашмаҳои таги кӯҳҳо роҳати ҷон. Рӯи тахтасанге нишинию наи чӯпонӣ ба лаб ниҳӣ, чӣ роҳате! Офтоб ба рӯят механдад, садои обшорон, чаҳ-чаҳи булбулонро мешунавӣ, сабзаю себаргаҳо пойандозат, туву олами кабудизор…Аз болои сарат села-села парранда-гон парвоз мекунанд. Магар аз ин ҳам рӯзҳои хуштар мешаванд…Падар рост мегӯяд, кори ӯ олами осудагӣ, танҳоӣ…

Хайр агар ӯ ба ин база ба кор намеомад-чӣ? Мадинаро медид? Бобои Умархон одами хуб будааст.

Бегоҳ Саид Аброров ба Шодмон гуфт, пас аз як-ду ҳафта ба бистуяк медарояд. Ҳоло вай ҷавон, мегӯянд, ки ҷавонӣ баҳори умр аст. Рост мегӯянд, баҳор айёми гулҳо, айёми таровату зебоӣ, айёми тундар, селобаҳо…Аввали баҳори умри ӯ сар шудааст, аввали баҳори умри Мадина ҳам…

Муфаттиш такрор ба такрор ба Шодмон мегуфт, ки дар бораи Асрор, дар хусуси Сангин бештар гап занад. Ӯ нақли Шодмонро дар бораи ин ду ҳамкораш бодиққат шунида ба андеша меафтод. Бо нӯки хома болои миз тиқ-тиқ зада гӯё кадом оҳанги ба дил наздиктарашро менавохт. Ин садо аз утоқи хурдакаки ӯ берун мерафт: «тиқ-тиқ»…

Шаб боз ӯ Асрорро меҷӯяд. Ба базаи мошинҳои «Селхозтехника» ду бор бо телефон гап зад. Асрорро пурсид. Гуфтанд, ки Қӯрғонтеппа, ба заводи нуриҳои азотии Вахш бор бурдааст. Ба ин ҷо ҳам таъчилӣ занг зад. Борашро супурда баргаштааст, мегӯянд, ки дар база нест, куҷо бошад?

– Мошин ҳоло дар куҷо? – пас аз хомӯшии бардавом пурсид муфаттиш.

– Кадом мошин? – хаёли Шодмон ба худ набуд. – Ҳа, мошин…дар

Кабудҷар.

– Меравем, ҳамроҳ меравем, – муфаттиш пеш аз он ки ба роҳ барояд, боз Асрор пеши рӯяш омад. Ӯ алҳол дар куҷо бошад? Ба Шодмон фармуд, ки вайро дар берун, дар роҳрав нигарон шавад. Барои ӯ аз ҷустуҷӯи Асрор кори заруртаре набуд. Ба идораҳои дахлдори марказ, ба Душанбе бо телефон гап зад, рақами мошини Асрорро гуфт, аз кормандони ГАЙ, милицияи вилоят хоҳиш намуд, ки мошини ӯро ҷӯянд. Гӯё дар тамоми республика ҷустуҷӯи мошини Асрор сар шуда буд. Вай мехост Сангинро ҳам пайдо кунад. Чаро вайро дарҳол ҷавоб дод? Он кӣ будани ӯ барои капитан Саид Аброров тира буд, гапу корҳо баъд равшан гаштанд…

Саид Аброров Шодмонро ҳамроҳ гирифта, бо чанд нафари дигар ба Кабудҷар омад. Мошини Шодмон ҳанӯз дар гардиши Санги Кабуд, дар канори дарё меистод. Гирду пеши онро кормандони милиция, худи Саид Аброров аз назари таҳқиқ гузаронданд. Ақаллан изи пои ҷинояткор пайдо набуд.

– Магар онҳо ба замин по намондаанд? – тааҷҷуб намуд як муфаттиши навкор.

– Ин одам пухта, ғамашро хӯрдааст, – гуфт Аброров.

– Аҷаб не, мотоциклҳоро ба дарё партофта бошанд. Агар мақсад душманӣ бошад, ҳамин тавр ҳам мекунанд, – аз он ки аз як тараф чархҳои мошинро оби Хингоб шуста мегузашт, тахмин намуд ҳамон муфаттиши ҷавон.

– Не, вай ба мақсади ҳамин хел фикр пайдо шудан мошинро лаби дарё овардааст, ҷинояткор гурги борондида, – ақидаи худро қувват дод муфаттиш. Бо фармоиши ӯ нақшаҳо кашиданд, мошин ва гирду пеши онро сурат гирифтанд. Баъд мошини Шодмонро, ки рамааш шикаста буд, аз ҷои дармондааш бароварда бо мошине то назди чойхонаи бобои Умархон оварданд. Бобои Умархон лангон-лангон назди онҳо омад. Набераш Солеҳ барои Шодмону ҳамроҳони вай болои кати хурдтари назди ҳавз ҷой густурд, нону чой, хӯрок овард.

– Шодмон, бубахш, аз шаб туро хабар гирифта натавонистам…Зиқ нашав, бори мошинро меёбанд, ин хел воқеа дар ҷойҳои мо рӯй надода буд…,– бобои Умархон гӯё фарзанди роҳдури худро дида буд, ки сари ӯро сила мекард.

– Бобо, шумо Шодмонро мешиносед? – пурсид муфаттиш, ки ба онҳо диққат медод.

– Ҳа, бачам, ман ҳамаи инҳоро мешиносам…Шодмон бачаи нағз аст, – гуфт пирамард.

– Шумо, дар базаи инҳо посбон будед-а?

– Ҳа, ҳамаи одамони базаро медонам.

– Асрорро ҳам медонед?

– Асрор? Дар база ҳамин одам ба ман нафорид. Чандин бор суд шуда баромад, асло аз бадиаш наметмонад. Агар ман намебудам, Шодмонро вай ба як балое мепечонд, ки эҳа…–Пирамард воқеаи ба мошини Шодмон кунҷора бор кардани ӯро ба Саид Аброров нақл кард. Муфаттиш гуфтаҳои бобои Умархонро бо нақли Шодмон хаёлан муқоиса менамуд.

– Вай одам бало аст. Як аз паятон ғалтад, тамом, ҳатман зарараш мерасад. – Бобои Умархон воқиаи чӣ тавр ба воситаи шофёри «бечораҳол» ба бало гирифтор шудани директори база Фахриевро ҳам ба муфаттиш фаҳмонд.

Аз сӯҳбат бо бобои Умархон нақшаҳои Саид Аброров дар хусуси ҷустуҷӯи бори мошин тағйир меёфтанд. Аз ҷумла тахмини вай аз ҷиҳати ба дуздӣ ҳамроҳ будани бобо ва набарааш ғалат намуд. Бобо дигар хел одам будааст. Вале, ба ҳар ҳол, кӣ медонад… Муфаттиш буридаҳои нони пешаш гузошташударо миёни дастархон монда лаби онро қат кард ва андешаманд бархост. Вақте меҳмонҳо рафтанӣ шуданд, мӯйсафед Шодмонро аз роҳаш нигоҳ дошт:

– Бачам, агар ҳамин ҷо бошӣ, хона биё, шарм надор, зиқ нашав…– боз таъкид намуд.

Аз Кабудҷар то Сафедорон бо мошин қариб яксоата роҳ буд. Капитан Саид Аброров дар ин муддат ҳарфе ба забон наовард. Роҳҳои пасту баландро гузаштанд. Дараҳои сердарахт, шаршараҳо ақиб монданд. Вале хаёли Саид Аброров ба онҳо банд намешуд. Гузаштани вақт ба фоидаи ӯ набуд. Аз ҳар соату лаҳза ҷиноятқор бурд мекунад, баъд ҷустуҷӯ душвор мегардад. Агар дар ҳамин соатҳо ӯ Асрорро меёфт…Чаро бо як мошини калонаш вайро пайдо карда наметавонанд. Аҷаб не, ҷустуҷӯи ӯ бефоида бошад…

Саид Аброров ба хулосае омада буд, ё не, вале ба шӯъбаи милиция расидан замон аз мошин фуромада, ба Шодмон ишора кард, ки наздаш истад. Вай хеле ғарм шуда буд, ки шапкаашро аз сар гирифта, болои капоти мошин гузошт. Самолёте аз болои Сафедорон баландтар аз қуллаҳо парвоз дошт. Дар рӯзи ҳавои софу беғубор садои ғурроси он ба гӯши кас форам мерасид, самолёт ҷониби Помир равон буд, ки Мадинаи Шодмон онҷост. Вай имрӯз бармегардад, аҷаб не, ҳоло дар роҳ аст. Ӯ дасташро аз кисаи нимтанаи чарминаш гирифта, ба вай бо ишора «хайр, туро хабар мегирам» гуфта буд. Мадина имрӯз меояд.

– Шодмон, – овози Саид Аброров ба гӯшаш расид. Шодмон ба рӯи вай назар афканд. Гӯё ҷароҳати рӯи ин одам дигар ба чашми ӯ намеафтод. Ҳа, чеҳрааш ба монанди бори аввал ба вай вохӯрданаш хунук набуд.

– Ба ту ҷавоб, рафта аз базаатон характеристика биёр, – гуфт капи-

тан ва боз фармуд, ки агар дар куҷо будани Асрорро фаҳмад ба ӯ хабар диҳад, Аброров дар як варақ рақамҳои телефонашро нивишта ба вай дод.

Рӯз бегоҳ мешуд, нурҳои офтоб болои қуллаҳои баланди кӯҳро зиннат медоданд. Ба нисфи шаҳрчаи Сафедорон соя афтода буд. Тарафи дигари он офтоб. Ба хотири Шодмон афсонаҳое меомаданд, ки дар онҳо як ними шаҳр шабу ними дигараш рӯз тасвир мешуданд. Сафедорон ба назари Шодмон шаҳри аҷоиб менамуд. Ба ҳар куҷое нигарӣ–кӯҳ. Сангҳо болои сар овезонанд. Вале касе аҳолии шаҳр фикр надорад, ки яке аз онҳо болои шаҳр меафтода бошад. Дар гузаштаҳои хеле дур ҳам онҳо чунин хаёл накардаанд, одамони имрӯзаи он низ дар ин бобат парвое надоранд. Баръакс ин сангҳо ба хаёли мардуми Сафедорон зебу ҳусни шаҳранд. Аз поёнтари Сафедорон, аз канори кӯҳ дарёи Сафедоб мегузарад. Оби он ба номаш муносиб не, лойолуд, тира аст. Рӯзҳо нурҳои офтоб болои мавҷҳои пурлои дарё бозӣ мекунанд, мавҷҳо гӯё ба нурҳои офтоб чанг меандозад, ба онҳо мепечанд. Дар канори дарё меҳмонхонаи нав сохтаанд. Шодмон, як шаб дар он ҷо монд. Сафедорон сердарахт будааст. Қад-қади кӯчаҳо сафедорони бисёре рустаанд, гӯё номи шаҳрча аз ҳамин дарахтҳо баромадааст. Дар паси сафедорҳо ҳавлиҳо. Аксари хонаҳои аҳли шаҳр як ё дуошёна, дар пешгоҳи ҳар ҳавлӣ боғ, себҳо гул кардаанд. Шодмон аз дина то имрӯз борҳо аз назди ҳавлиҳо гузаштааст, аррару сафедорони кӯчаҳоро шумурдааст, онҳо дар ҳисоби ӯ аниқанд.

Нурҳои офтоб оҳиста-оҳиста аз болои шаҳр бардошта мешуданд. Сафедорон ба назари Шодмон дар оғӯши торикӣ мемонд. Вале ҳанӯз аз Мадина дарак набуд. Роҳи Мадинаро мепоид. Ва дилаш хиҷилтар мегашт. Аз миён ду рӯз гузаштаасту ҳанӯз дар хусуси оқибати бори мошин дуруст фикр накардааст. Ба хаёлаш ҳеҷ воқеа рӯй надодааст. Аз чӣ дили вай ором аст? Аз он кӣ моли давлат гум шуд? Дуруст. Агар мотоциклҳоро бо пули меҳнатии худаш мехариду онҳор дузд мебурд-чӣ? Аҷаб не, тамоши шаб хобаш намеомад. Вале ҳоло барои гум шудани бори мошин аз ӯ дида муфаттиш бештар дар таҳлука аст. Аз фикру хаёл, кори зиёд, чеҳрааш коҳидааст. Шодмон чӣ ? Бепарвост. Рафиқони вай борро ба манзил расонданд, ба база бармегарданд. Дар база бовар карда, ӯро ба Помир фиристода буданд. Хабар ба он ҷо ҳам расид. Саид Аброров аз ӯ мепурсад, ки чаро аз миёни ҳамроҳонаш бори ӯ гум шуд? Ҳоло вай ин саволро ба худаш медод? «Чаро бори мошини ман гум шуд?» Оқибаташ нағз намешавад. Ин хабари нохуш ба хонаашон мерасад. Асрор шод мешавад. Остон Ваҳҳобович ҳам роҳи забонкӯтоҳ шудани вайро меҷуст.

Шодмон ба хотири ошуфта ба меҳмонхона омад. Чанд қадам онсӯтар одамон дар чойхона гирди мизҳои таги дарахтон нишаста,

чой менӯшиданд. Аз дина то ҳол ӯ чанд бор он ҷо буд, таом хӯрд, чой нӯшид. Шаб ҳам паси як миз то дергоҳ худаш танҳо нишаст, аз бекорӣ вақт мегузаронд. Ҳоло ҳам он ҷо равад, камтарак нишинад? Дилаш чизе намеҷӯяд. Таом ҳам ба вақти хушу дили беғам…

Таги дари меҳмонхона серодам буд. Бегоҳирӯзиҳо ҳам ҳамин хел: мусофирҳо ҷо меҷӯянд. Ӯ аз назди се-чор нафар пирамарди салладор, ки дар бар ҷомаҳои дароз-дароз доштанд ва аз афташ, аз деҳаҳои дуру наздики Сафедорон буданд, салом дода гузашт. Аксари ин кӯҳистониён зиндадил, одамони солиму бақувват. Шаб якеи онҳо ҳамроҳи ӯ буд. То нисфи шаб рӯи ҷойхобаш дароз кашида, ба вай аз кору бораш ҳикоят мекард. Вай аз як деҳаи дур будааст, субҳидам хеста шомгоҳ харакӣ ба Сафедорон мерасидаанд.

– Себ овардам, бачам, себҳои хубонӣ, ба фурӯш нарафт, шаб мондем, – ҳасрат мекард вай.

Шодмон калидро аз дасти пирамарди посбон гирифта дари хонаашро кушод. Хона торик буд. Чароғро фурӯзон кард. Назараш ба кати хоби марди кӯҳистонӣ афтод. Ҷомаи кори абрешимии обшустаи ӯ болои ҷойхобаш партофта шуда буд. Маълум, ки ӯ боз шаб мондааст, себҳояшро нахаридаанд. Рӯи болини Шодмон китобаш ҳанӯз кушода буд. Онро имрӯз ҳам вай дили хондан надошт. Ӯ табақаҳои калонкалони тирезаро, ки ба тарафи дарё кушода мешуд, боз кард. Ба хона шамоли салқини дарё даромад. Аз оинаи қаднамо ба худаш рӯ овард. Риши ду рӯз боз натарошидааш баланд. Худаш аз хаёлаш рафтааст. Бо ҳамин ҳол ӯ Мадинаро нигарон? Айб аст…Аз нигоҳе ба риши расидаи вай дили духтар сард мегардад…Вай хам шуда аз таги кати хоб ҷомадончаашро берун овард. Аз он ришгираки электрикиашро бароварда оинаро болои пештахтаи тиреза гузошта риш метарошид. Садои ғув-ғуви мошини ришгирӣ гӯё хотирашро андаке осуда мекард. Назараш ба холҳои миёни пешонаи васеъ, зери манаҳаш ғалтид. Модараш мегӯяд: вай бачаи серхол, холи бисёр хосият надорад. Одами серхол сердушман мешудааст. Дар лабонаш табассум омад. Холи миёни пешонааш калонтар. Онро ӯ Асрор номидааст. Холи зери манаҳаш хурдакак, вай кадом душмани ӯ бошад? Як рӯз Мадина дар бораи ана ҳамин холи миёни пешонаи Шодмон гап зад. Гуфт, ки холи зебо, ӯ онро ба вай диҳад. Ӯ хандида ақидаи модарашро ба вай ҳикоя кард.

– Ман мехоҳам душманҳои ту камтар шаванд, – гуфт Мадина ва «кӯч-кӯч» гуфта чанд бор ангушташро болои холи Шодмон ниҳоду онро ба сари рухсорааш бурда холи ӯро «кӯчонд». Гӯё пас аз чанде, он дар сари рухсораи ӯ пайдо мешудааст…Шодмон намедонад, холи сари рухсораи Мадина мерӯяд ё на, вале холи ӯ ҳанӯз дар ҷояш, яъне Асрор ӯро тарк карданӣ нест. Бо ҳамин андешаҳо Шодмон риш метарошид. Мошин ғув-ғув бо як маром садо медод, ки дари хонааш чанд

бор кӯфта шуд. Пас аз андаке Мадина дарро боз кард. Шодмон мошини ришгириашро болои пештахтаи тиреза гузошта ба пешвози ӯ шитофт, курсичаеро наздаш оварда монд.

– Марҳамат, Мадина, марҳамат, – аз омадани Мадина хоначаи «ғариби»-и вай нуру сафо ёфта буд.

– Ҳамин ҳозир дар хаёлам будӣ, Мадина, – рӯ ба рӯи духтарак истод Шодмон.

– Оҳҳо, – завқ бурда, чун ҳарвақта хандид Мадина, – дар хаёли ту чӣ хел пайдо шуда будам?

– Рости гапро мегӯям, Мадина, дар оина холамро дидам, он ҳанӯз ба рӯи ту накӯчидааст-ку! Ё кӯчида бошад?

– Вай аллакай дар рӯи ман, лекин ту намебинӣ, ана, – ними рӯяшро ба ҷониби Шодмон дошт. Шодмон бовар карда аз наздиктар ба рухсораи вай назар дӯхтанӣ буд. Лекин Мадина дарҳол рӯяшро ба дигар сӯ тофта – «не»гӯён ҷаста аз ҷояш хест. – Шодмон аз хотират набаромадааст? – чеҳраи гандумгуни Мадина, чашмону абрувонаш аз ханда дилҷӯтар гаштанд.

– Чӣ?

– Асрор? Канӣ вай?

Шодмон аввал мақсади Мадинаро нафаҳмид, вале дарҳол ба хотираш омад.

– Ана вай, – ҳамон холи миёни пешонаашро нишон дода, хандид ӯ.

– Ту боз ягон холи дигар дорӣ?

– Бисёр, ана…Шодмон ба холи зери манаҳаш ишора кард.

– Медонӣ вай кадом душмани ту?

– Не.

– Сангин.

– Аз дасти вай ҳеҷ кор намеояд.

– Эҳтиёт шав, аз таги дили вай дина хабардор шудам.

– Чӣ мехостааст?

– Гап бисёр, Шодмон, ту вайро нотавон ҳисоб накун.

– Худаш гуфт?

– Ҳа, ба ман…

Вақте рӯзи гузашта Шодмон дар шӯъбаи милицияи Сафедорон монду Сангин бо Мадинаю рафиқони дигараш рафтанд, вай ниҳоят шод гашта буд. Чанд бор зери лаб «хайрият, хайрият» гуфт Сангин. Дар давоми солу моҳҳои охир асло чунин осудаю комрон набуд. Охир бо Мадина сафар мекард! Агар саҳв накунад, аз Шодмон халос шуд, минбаъд аз ин рӯзҳои бадтар ба сари вай меояд. Ба салтанат, давру давронаш рахна омад. Дунё охир ин хел нест, ки ҳамеша чархаш ба хоҳиши ту гардад. Сарат ба девор ҳам бармехӯрад. Давидани гӯсола то каҳдон гуфтанӣ гапҳо ҳаст. Акнун навбати Сангин расид. Бас аст,

хорию азият кашиданҳо! Ӯ акнун аз Мадина ҷудо шуданӣ набуд. Аз паси мошини вай мошин ҳай мекард. Дар хаёлаш, ки арӯсаш пешпеши ӯ мерафт, озоре набинад вай. Ағбаи баланди Кӯҳтезакро баромаданд. Мошинҳои Раҳматуллои Мирзинг, Файзуло гузашта рафта буданд. Баногоҳ гашти мошини Мадина суст шуду дар канори роҳ истод. Сангин ҳам мошинашро нигоҳ дошт. Оби мошини Мадина ҷӯшида будааст. Дар он наздикиҳо об набуд. Сангин як камери калонро гирифта рӯ ба қаъри дара нишеб шуд. Ӯ сангҳоро дошта-дошта поён фуромад. Аз таги як санги хонамонанд оби соф ҷорӣ буд. Ду-се қадам поёнтар об ба кӯлчае мешорид. Атрофи он сангҳои калон-калон чида буданд. Об дар ин ҷо нуқра барин софу беғубор метофт. Моҳичаҳо дар қаъри кӯл шино мекарданд. Мадина ҳам сатил дар даст ба поёни дара фуромад.

– Мадина, биё, ҳамин ҷо як дамак шинем. Бин, чи хел аҷоиб, як зебо ки…– Сангин ба дарахтзороне, ки ғарқи гулу барг буданд ва офтоб болои онҳо гӯё чодари заррини гармакакашро густурда буд, нигоҳ кард. Вале Мадина, ки сатилаш дар даст пеши чашма истода буд, гӯё гапи вайро нашунид. Сангин ба камер об бардошта, аз чашма болотар баромад. Мадина аз кисааш рӯймолча бароварда, болои санге паҳн кард, пойҳояшро рӯи ҳам гузошта, бароҳат нишаст. Як тарафи шими ӯ аз зону боло хоколуд буд. Мадина хам шуда болои зонувонаш пуфпуф гӯён бо ангуштонаш шимашро тоза мекард. Вай аз вақти шофёр шуданаш ба шим пӯшида гаштан одат кардааст. Ин шимаш андаке танг, ба танаш часпидааст. Ба пойҳои дароз-дароз ва баданаш зеҳн монда «ё фарбеҳ шуда бошам?» гӯён бо худ хандид.

Назари Сангин ба ӯ бархӯрд. Наздиктари Мадина омад. Мадина, ҳанӯз сараш хам, шимашро тоза мекард. Нигоҳи Сангин аз пойҳои зебои Мадина, дастони бараҳна, рухсораҳои аз тобиши офтоб лолагуншудаи ӯ канда намешуд. Ваҳ, чӣ толеи баланд! Дар қаъри як дараи бефарёд, дар ҷои дур аз одамон, дар ҷое, дар атрофат ҳама кӯҳҳои баланданд, ҳар қадар нигарӣ аз пастӣ қуллаҳои онҳо наметобанд, дар як ҷои овознорас тую як духтарак, боз духтараке, ки шабу рӯз дар хаёлат, баъзан дар танҳоӣ ӯро бо худ тасаввур намуда бо ҳазор хаёлҳои ширину гуворо меравӣ. Вай ҳоло ана дар ҳамин хел ҷо бо Мадина танҳо. Ӯ дар офтобрӯя рӯи санг чун як даста гул менамояд. Дил ба Сангин мегуфт: аз вай дурӣ нагир, ба оғӯш бикашаш, ана баъд тую ин қаъри дара, тую Мадинаат, аз дастат чи ки ояд, кун…Майли дил ба Сангин ғолиб меомад. Аз санг ба санге ҷаҳида ба Мадина боз наздиктар нишаст. Пайкараш ларзид, гӯё вай гармии тани Мадинаро ҳис кард, нафасгирии Сангин беихтиёр тез шуд, Мадина аз болои пойҳояш сар боло кард.

– Мадина…–кому забони Сангин хушк гашта буд, – Мадина, –

овози вай меларзид, – Мадина, – гуфт ӯ боз ва даст ба пешобағали кушоди духтар дароз кард. Мадина парида аз ҷояш хест, дастонаш дар миён, ҷониби Сангин чунон як назари пурғазаб афканд, ки дили Сангин ба ҳарос афтод.

– Мадина, ман ба ту гап доштам, – Сангин акнун ба худ омада буд.

– Чӣ гап?

– Биё шишта гап занем…

– Рост истода гап занем, беҳтар, – Мадина рӯи санг баромада, дастонашро аз миёнаш намегирифт. – гап зан…

– Намедонӣ, ки ман барои ту дар азобам, – гуфт Сангин.

– Оҳо!

– Хаёл мекунӣ, ки ман бо Шодмон ҷӯрааму барои ҳамин бо вай мегардам, ҳар чӣ лақад, ман ба вай гӯш мекунам. Не, Мадина, ҳазор бор не, чашми диданаш надорам. Барои ту бо вай ҳамроҳу дӯст шуда мегардам.

– Барои ман?

– Ҳа, Мадина, барои ту! Аз ҳафт маҳалли ана он касофати Асрораш ҳам безорам. Ба хотири ту аз вай ёрӣ мехоҳам.

– Чӣ хел ёрӣ?

– Имрӯз-пагоҳ мо ин одамро аз байн мебардорем, ман вайро мекушам. Агар ба некию нағзӣ аз ту дур нашавад, зинда намемонам. Барои ман, Мадина, як роҳ аст, ё ту ё мурдан! Мефаҳмӣ, аз рӯи ту ман ба мурдан меравам! – Аз гуфтани ин суханҳо сари Сангин чарх зад, ки пешонаашро дошта болои санг нишаст.

Мадина сатили обашро аз болои санг бардошт.

– Ист, Мадина, гапи ман тамом нашудааст, ту ба ман ҷавоб деҳ. – Вай боз аз ҷояш рост шуда Мадинаро аз роҳаш гардонд. – Гӯй, ман чӣ кор кунам? Охир ман бе ту зиндагӣ карда наметавонам.

– Сангин, аз паи фикрҳои беҳуда нашав. – Мадина дар як даст сатили об боло мебаромад.

– Ту охир, Мадина…Ман бе ту зиндагӣ карда наметавонам. Сангин суханҳои гуфтаашро аз нав такрор мекард.

…Мадина ҳоло дар меҳмонхона, дар пеши Шодмон буд.

– Хулоса аз Сангин эҳтиёт шав! Вай аз паи ту афтодааст, – гуфт Мадина.

– Ту ба ӯ чӣ ҷавоб додӣ? – пурсид Шодмон.

– Ҳеҷ чиз, фикрат беҳуда гуфтам.

– Сахттар гап задан лозим буд, вай одами пӯстғафс аст, – гуфт Шодмон ва либосҳояшро ғун карда ришгиракашро бо собуну саҷоқ аз нав ба ҷомадончааш андохт. – Рафтем, – гуфт Шодмон ва ҷомадончаашро бардошта аз дами дар боз ба хона, ки ду рӯзи умри ӯ дар он гузашта буд, нигоҳ кард. Ҷомаи обшустаи марди кӯҳистонӣ

ҳанӯз болои ҷойхобаш паҳн буд, ҳо ана оинаи қаднамо, оинаи нилгун, тиреза, ки онро ранги кабуди баланд додаанд, чашмаки аз ҳама болои он ба берун боз. Аз он шамоли салқини дарё ба хона медаромад…

* * *

Чароғҳои мошин ба синаи шаби кӯҳистон гӯё оташ мерехт. Кӯҳталу гардишҳои ваҳмнок, чукурию пастиҳо ақиб мемонданд. Онҳо сари роҳ дар Кабудчар ба чойхонаи бобои Умархон даромаданд. Бо пирамард хайрухуш накарда, рафта наметавонистанд, бо ӯ чой нӯшиданд. Набереи ӯ Солеҳ ҳам бо онҳо сари дастархон менишаст. Сӯҳбаташон бо бобо гарм буд. Кӯфти роҳ баромад. Онҳо боб обои Умархон хайрухуш гуфта, боз роҳ гирифтанд. Вале симои пирамард, риши сафеди ӯ, ки такя ба асобағалаш дода, бо Шодмону Мадина «хайр, бачаҳом, роҳатон сафед» мегуфт, аз пеши назарашон канда набуд.

Мадина чанбараи рулро миёни панҷаҳои нармаш сахттар дошта, бо гӯшаи чашм ба Шодмон назар партофт. Вай ба хотир меовард, ки бори нахуст Шодмонро кай дида буд. Ҳа, он рӯз ҳам айёми баҳор буд, онҳо бо ҳам дар истгоҳ вохӯрданд. Ҳамроҳ барои кор ба базаи мошинҳои «Селхозтехника» мерафтанд. Вай, Шодмон, Сангин…Ҳама гап аз ҳамин лаҳза сар шуда буд. Мегӯянд, ки ишқ баъзан аз як нигоҳи гарм пайдо мешавад. Чашмат ба чашме меафтаду тамом, он нигоҳ ба дил оташ мерезад, сипас ҷисму ҷон мегудозад, қарор намемонад. Ҳамон рӯзе ки Шодмон, ҷояшро ба Мадина дода буд, як оташаке дар дили вай ҳам роҳ ёфт. Дар давоми сол гоҳ-гоҳе ин ҷавон ба хаёлаш меомад, вайро хоб медид. Баъди як сол бо ҳам вохӯрданд. Азизтарин чизи гумшудаашро ёфта буд… Шодмон ҳам аз дили Мадина огоҳ гашт, ки чи хеле мегӯянд, ба вай часпид, хуб кард. Вале ба сари ӯ нохушиҳо меоянд…

Модараш ба Мадина мегуфт, ки ба ишқ бозӣ карда намешавад, даҳшат аст ишқ! Кас сӯхта нобуд мешавад, балоҳое ба сар меорад, ки чашмдораш най. Талхиҳояш бештаранд.

Падараш пас аз хатми институт дар деҳаи ҳамсоя директории мактаб тайин мешавад. Дар ҳамин ҷо падари Мадина Садафро мебинад. Ӯ духтари аз ҳама хушрӯи синфашон будааст. Вайро падару модар ба ҷавоне аз кадом як райони дур номзад карда будаанд. Ӯ ҷавонро ҳаргиз надида будааст. Падари Мадина гирифтори ишқи ана ҳамин шогирдаш мешавад. Садаф ҳам шайдои муаллим. Аз гапи ишқи онҳо ҳама воқиф. Афсонаи Лайлию Маҷнун аз нав зинджа гашта буд. Гапи ишқбозии директории мактабро то район бурданд, ӯро муҳокима карданд, танбеҳ доданд, вале асаре накард. Директори мактаб ихтиёри худро ба дасти шогирдаш дода буд, гапи Садаф барои ӯ гап буд, баро-

яш баландтар амре аз амри вай набуд. Баъд ӯро аз вазифааш гирифтанд. Ба мактаби деҳаи худашон муаллим шуда омад. Танҳо наомад, Садафро ҳам овард. Шӯру мағал бархост. Лекин вай паи тӯй шуд. Шаб дар ҳавлиашон тӯй давом меёфт. Паси ҳавлӣ касе дар қасди ҷони домод мегашт, пайт меҷуст. Он шахс ба ӯ гапу ҳарфи зиёд нагуфт, бо як даст аз гиребони падари Мадина-Вафо гирифт, дар як дасти дигараш чизе дурахшид. Бо корд вай ба Вафо ҳамла овард. Вафо аз дидани корд ҳушёр шуда дасти рақибашро дошт. Барои корд ҳар ду хеле талош карданд. Аз кафи дастон хун ҷорӣ буд. Вай оқибат кордро аз дасти бадхоҳаш гирифт. Ӯ ҳамон ҷавоне будааст, ки Садафро ба вай номзад кардаанд.

Рӯзҳои ҷангу ҷидол, нохушиҳо барои ошиқон гузаштанд. Рӯзгори ширин омад. Кулбаи онҳо аз ишқ нуру сафо ёфт. Ҳамаи азобҳо чун хобу хаёл гузаштанжд. Танҳо нақшаҳои корд дар дастони Вафо боқӣ монданд. Онҳо нишонаи ишқ, нишонаи талошҳои ӯ буданд. Аз хотири Мадина намераванд. Падараш қариб як сол бемори сахт шуд. Модараш соате аз назди бистари ӯ дур намерафт. Рӯзе падар дастонашро аз таги кӯрпа бо азоб бароварда, болои зонувони модари ӯ ниҳод. Нақшаҳои кордро ба вай нишон дода ширин табассум кард. Падар шаби тӯй, ҷавониашро ба ёд оварда буд. Модари Мадина хам шуда, дастони шаҳвараш-ҷароҳатҳои ӯро бӯса кард, ба чашмони ӯ оби дида омад. Он ҷароҳатҳо барои ҳар ду ҳам азиз буданд. Баъди ин дигар падари Мадина дастонашро аз болои зонувони модари ӯ бардошта натавонист, мадораш намонда буд…Бале, ишқ ширин аст. Вале он касро ба дами марг ҳам мебарад. Кош, ба Шодмони вай осебе нарасад.

Роҳи онҳо боз давом ёфт. Вақте ба Ҳуснобод расиданд, ки моҳ чун духтараки зебо аз паси теппаҳо ба карашма рух менамуд. Мадина Шодмонро то таги дарвозаашон бурда баргаштанӣ буд. Ӯро дар роҳ танҳо монданӣ набуд. Ба хаёлаш, паси ҳар дару девор, ё дарахт одамоне камин гирифта, ки қасди ҷони Шодмони вай доштанд, ҳамин лаҳза ба ӯ дарафтоданӣ буданд. Барои Шодмон дили ӯро ваҳм мегирифт.

– Шодмон, шин, то хонаатон мебарам, – гуфт Мадина.

– Айб аст, Мадина, ҳеҷ гоҳ писареро духтар гусел накардааст. Ин кори хандаовар. Хайр, ташаккур, – Шодмон якравӣ кард, дар пеши магазини деҳа аз мошини ӯ фуромад.

Мадина ноилоҷ Шодмонро дар роҳ монда баргашт. Хаёлаш парешон. «Мо ӯро аз миён мебардорем…» Боз овози ваҳмноки Сангин ба гӯши Мадина меомад. Вай ҳеҷ гоҳ дар умраш аз бобати касе ин қадар дар ташвиш наафтода буд.

Шодмон ба ҳавлӣ даромад. Ҳама хоб буданд. Чароғи хоначаи хоҳараконаш аз паси пардаи тиреза ба пешайвон хира-хира нур ме-

дод. Модар дар долон хобида буд. Ӯ як дасташ дар миён дасти дигар дар танаи сутуни пешайвон хеле истод. Аз ҳавлии онҳо қариб ҳамаи ҳавлиҳои деҳа намоёнанд. Онҳо аз ин ҷо чун поғундаҳои як зинаи бузург то ба қаъри дара фуромаданд. Чароғҳо аз аксари ҳавлиҳо ва сари симчӯби кӯчаҳои деҳа ҳанӯз фурӯзон буданд. Вале деҳа кайҳо ба оғуши хомӯшӣ афтода буд…Фақат шилдирроси оби ҷӯйчаҳои хурдхурде, ки оғуши сангҳо рӯ ба нишеб – ба сангоби қаъри дара мешориданд, шунида мешуд. Онҳо гӯё торҳои беҳисоби асбоби мусиқие буданд, ки ба як оҳанг чӯр гашта ба дара ғулғула меандохтанд. Шодмон ҳоло ба ин садоҳо ва хониши булбуле, ки аз боғи раҳматии Эшонҷон меомад, гӯш дод. Садоҳо асабҳояшро навозиш мекарданд, ғаму аламҳояш фаромӯш мегашт, ҳушашро лаҳзае аз олами фикру андешаҳои мубҳам дур мебурданд.

* * *

Шодмон бо вуҷуди шаб дер хоб рафтан пагоҳӣ барвақт аз хоб бедор шуд. Саросема, ба рӯяш як-ду панҷа об зада аз ҳавлӣ берун рафтанӣ буд. Вай аз гум шудани бори мошин хонаводаро огоҳ кардани набуд. Вале модараш, ки дар ошхона ҷунбуҷӯл дошт, нигаронаш будааст, ки ӯро дида чумчаи дасташро ҳам нагузошта сӯяш шитофт.

– Салом, оча.

– Салом, куҷо? – хаёломез аз ӯ пурсид модар.

– Кор…

– Мошинат канӣ?

– Дар база.

– Ба ту чӣ воқиа рӯй дод?

– Тинҷӣ, гуфтам-ку кор меравам.

– Гуфтанд, ки бори мошинат гум шудааст…

– Кӣ гуфт?

– Сангин хабар овардааст. Дина боз ба худ нестам. Ду бор хонаашон рафта Сангинро наёфтам, бо худаш гап заданӣ будам…

– Ҳамааш дурӯғ, оча.

– Илоҳӣ дурӯғ бошад, бачам, тоқати ғам надорам, ба мардум Худо медиҳад.

– Ҳамаш дурӯғ, – такрор кард Шодмон ва ба модараш, ки таги дари ошхона чумча дар даст чи гуфтанашро надониста истода буд, «хайр, ман ҳозир меоям, хавотир нашаведӣ» гуфт.

Аз ҳамон рӯзе ки Остон Ваҳҳобович Шодмонро аз рӯи аризаи акаи Асрор ҷеғ зад, вай дигар бо ӯ вонахӯрда буд. Вале гуфтугӯяшон бо директор аз хаёлаш намеравад. Ӯ барои ба ҷо овардани хоҳиши акаи Асрор хуб ҷон канд. Бо ду дасти адаб, бо мулоимию нармӣ

кафшҳояшро пеш монданӣ буд, лекин Шодмон гуфт, ки ин пилтаро аз гӯшаш гирад, вай ба ҳеҷ ҷо намеравад. Ӯ бегуноҳ, ки буд, пеши директор мулзам нашуд, вайро шарманда карда, аз наздаш баромад. Аммо имрӯз Шодмон забонкӯтаҳ аст. Бори мошинаш гум шуд. Ба ӯ Сангин аллакай хабарҳои росту дурӯғ расондагист. Онҳо шоданд, куртакурта гӯшт мегиранд. Остон Ваҳҳобович баъди гапу гузори онрӯза вайро дар ҳамин ҳол дидан мехоҳад. Вале ба дари идораи директор расида, Шодмон худро ба даст гирифт. «Не, ӯ забонкӯтоҳ нест. Худи ин Остон Ваҳҳобович кӣ? Порахӯр, одами зишту ифлос…»

Шодмон дари кабинети ӯро кушод.

– Мумкин?

Остон Ваҳҳобович, ки газетаеро пеши рӯяш калон кушода аз паси айнак мақолаеро мехонд, сар боло кард ва ба вай каҷ-каҷ назар андохт.

– Аҳа, ин туӣ, салом, биё, – Остон Ваҳҳобович табассумкунон газетаро болои миз ниҳод. «Салом,-а?» Шодмон хурд не, маънии ин хел саломҳоро мефаҳмад. Лекин Остон Ваҳҳобович ба вай барвақт салом дод.

– Салом, рафиқ Остон Ваҳҳобович, – Шодмон бардам-бардам қадам монда, бо иҷозати директор ба курсичае нишаст.

– Хӯш, хизмат? Канӣ гап зан, ба ту чӣ шуд?

– Ба худатон ҳамаи гап маълум, гуфтагистанд, албатта.

– Ҳа, мо аз ҳеҷ кор бехабар намемонем. Лекин ман аз худи ту пурсиданиам, ки чиба бори давлат ба манзил нарасид?

Шодмон оромона воқиаи рӯйдодаро ба ӯ нақл кард.

– Хайр, ба гумони худат ин кори кӣ? – пас аз нақли Шодмонро шунидан ба ӯ боз суол дод директор. – Аз Асрор гумонбар шудӣ гуфтанд. Ба фикрат, бори мошинатро вай дуздидааст?

– Намедонам.

– Надонӣ, ӯро ба ҳолаш мон. О вай хурд не, ба падарат баробар, хонаю дар, зану кӯдакҳои бисёр дорад. Медонӣ ҳозир Асрор дар куҷо? Ба ҳамон милицияе, ки вайро кофта гаштааст, гӯй, ки куҷо будани Асрорро директори база медонад.

– Донед, нағз, лекин ҳоло ман пеши шумо барои дигар кор омадам, ба ман характеристика лозим.

– Аҳа, кор ғалтид омадам, гӯй.

– Ҳа.

– Ба ту ҳамон вақт гуфта будам, ки некӣ мекунам, мошин ёфта медиҳам, биё, аз ҳамин база рав. Ба хотират омад?

– Ҳа, Остон Ваҳҳобович.

– Ба ман гӯш надодӣ «тую ман» кардӣ, ба рӯям давидӣ. Акнун омадӣ, ки характеристика диҳам? Чӣ гуфта характеристика диҳам? Чӣ

нависам?

– Ҳаққи гапро нависед, Остон Ваҳҳобович.

– Ҳаққи гапро мегӯй? Менависам, ки Шодмон Шарифов аз рӯзи ба базаи мо омадан дар миёни ҳамкорон иғво андохта мегардад, ба интизом, ба кор халал мерасонад. Тӯҳматчӣ аст. Аз барои вай як шофёри куҳансол, одами обрӯманди база рӯз надорад. Ба ин одами бегуноҳ вай тӯҳмат дорад, ки бори мошинашро дуздидааст. Ҳа, ман, дираектори база, шахсан ба бегуноҳии вай шаҳодат медиҳам.

– Як гуноҳи дигари зӯр ҳам аз ман гузаштааст, Остон Ваҳҳобович, ҳамонро ҳам нависед, – Шодмон акнун гапи дилашро ба директор гуфтан мехост.

– Лозим шавад, менависам, гуноҳи ту кам не, аз мӯи сарат зиёд.

– Ин гуноҳи ман аз ҳад вазнин, барои он ҳардуямон ҷазо мебинем.

Остон Ваҳҳобович лаҳзае ба вай саволомез нигоҳ кард.

– Ба ҳамон характеристикаатон нависед, ки Шодмон – ин чанд калимаро канда-канда ба забон оварад. – Шодмон Шарифов ба ман, ба директори база, пора дода, ба кор даромад.

– Э бача! – Остон Ваҳҳобович мушташро ба рӯи миз сахт зада, аз ҷояш хест. – Ту ба ман ҳам часпидӣ? Тӯҳмат мекунӣ! Алҳазар аз ту, тавба! Ман худам акнун масъалаи туро ҳал мекунам, суд мекунонам, ту бо як реза ҷонат мардумро ба бузбозӣ наандоз! – Остон Ваҳҳобович ҳаш-пашкунон гӯшаки як телефонро бардошт: – Асрор Қосимовро гӯед назди ман дарояд, ҳамин ҳозир, зуд! – гӯшакро ба ҷояш партофт. – Ту акнун ҳеҷ ҷо намеравӣ, ҳамин ҳозир ҳал мекунем.

«Остон Ваҳҳобович ба Асрор сим зад?! Вай ҳамин ҷо, дар база аст?» – Шодмон ҳанӯз дар хаёлу андеша буд, ки гурс-гурс қадам зада, Асрор даромад.

– Хизмат, Остон Ваҳҳобович. – Вай бурутҳояшро миёни ангуштон тоб медод.

– Бо ин одам гап зан, маро не, туро дузд гирифтааст, – назари пурхашми директор ба рӯи Шодмон баста шуд.

– Бо ин одам чӣ мегӯям, рафиқ Остон Ваҳҳобович, мо моргазида, аз ресмони ало метарсем. Аз рӯи қонун ҷазо мегирифтагист. Шумо директори база, ба вай фаҳмонед, ки ман дар куҷо будам. Соат ба соат, аз куҷо то куҷо рафтану омадани ман маълум. Ана,– вай роҳхати сафар ва чанд ҳуҷҷати дигарашро аз кисааш бароварда, болои мизи директор партофт, – дина пагоҳӣ ба завод расида будам, соати ёздаҳ борро супурдам. Соати қариб чор ба база баргаштам, мошинро монда хона рафтам. Саҳар омадам. Мошин ҳоло дар таъмир, ҳама медонад, шумо ҳам медонед. Бори ин одам дар роҳи Помир гум шуда будааст. Ман дар вилояти Қӯрғонетеппа. Чӣ хел бори мошини вайро ман медуздидаам. Ман гунаҳгор будаам, милиция маро мекофтааст. Ман ак-

нун ба ин одам ва ҳамон муфаттише, ки маро кофта гашта будааст, кор дорам. Шоҳидҳо ҳастанд, арзи моро ҳам бояд пурсанд, ҳақиқат будагист, – акаи Асрор ба рӯи Шодмон нигоҳ накарда ба овози баланд дод мезад.

– Ин одам барои тӯҳматаш ҷазо мебинад. Ман ҳам шоҳид мешавам, ба назди суду прокурори райони Сафедорон меравам, ин зот бисёр бад будааст, – Остон Ваҳҳобович аз ақидааш гашта буд, вай гапи байни худашу Шодмонро ба Асрор нагуфт, фақат ишора кард, ки вай ба ӯ ҳам тӯҳмат кардааст. Ва директор ҳанӯз аз қаҳру ғазаб нафуромада буд, ки дар кушода шуда, инженери бехатарии базаву Мадина даромаданд. Чашмони Мадина механдиданд, лабони нафису зебояш ҳам. Куртаи атласи нав ва аз болои он ҷемпери гулобиранг, ки ба рӯи вай мезебид, ба бар дошт. Дар гӯшҳояш ҳалқаҳои хурд-хурд ва дар гарданаш мӯҳра, донаҳои анор барин…Мадина дар назари Шодмон як даста гули ҳазоррангро мемонд. Мадина ба ӯ чашмак зад ва наздикараш нишаст. Инженер ҳам курсичаеро пеш кашид. Вале Остон Ваҳҳобович ба онҳо ҳанӯз эътибор намедод. Аз ҷаҳл гӯё касро намедид, лаблабу барин суп-сурх шуда буд.

– Рафиқ Остон Ваҳҳобович, аз Сафедорон занг заданд, – гуфт инженер.

– Кӣ? Ҳамон Саид Аброров?! Ман аз болои вай шикоят мекунам, тоза одами ифлос, аблаҳ барин, кор кардан наметмонад. Ана худатон гӯед, ҳамин одам дузд аст, о вай ягон дақиқа аз пеши мову шумо дур нарафтааст, ба вилояти Қӯрғонтеппа бор бурда овард, ана ҳуҷатҳояш, – роҳҳати сафари Асрорро ба инженер дод. – Ҳамаи ин шӯру мағал аз касофатии ана ин одам, – Шодмонро иншон дод директор. – Дина ба база омада, як иғвоҳое хезонд, ки…Минбаъд вақти ба кор гирифтани ҳамин хел одамҳо ҳушёр шудан лозим. Хуб санҷетон, озмоетон. Ба як кас некӣ мекунам гуфта ба бало мемонӣ, ҳай-ҳай нагӯӣ ба гарданат савор мешаванд…–Остон Ваҳҳобович боз як олам алами дил гуфта, ниҳоят пурсид:

– Чӣ гуфта сим зад? Асрорро суроғ кард? Бегоҳ ҳам ду бор телефон карда буд. Қаҳрам омад, гуфтам, ки дар база нест, дар хонааш ҳам нест, дар ҳеҷ ҷой нест. Ин одам дар назари вай дузд, тавба тоза бекалла, ифлос будааст, – таъкид намуд Остон Ваҳҳобович.

Аммо ҳоло муфаттиши шӯъбаи милицияи Сафедорон барои дигар масъала ба база телефон карда буд.

– Бори мошини Шодмон ёфт шудааст, – гуфт бо хурсандӣ инженер.

– Ҳа, дуздро доштаанд! – илова намуд Мадина.

– Дуздро доштаанд?! – бовар накарда, пурсид директор. – Рост мегӯед?

– Ҳа.

– Ана, дидед, дузд кию ин бача аз одами дар пеши ману шумо шиштагӣ домангир, ӯро дузд гуфта гаштааст. Тӯҳмачӣ, рӯирост тӯҳмат, дидӣ, додар, – акаи Асрорро бо меҳрубонӣ Остон Ваҳҳобович додар гуфт ва ӯро муборакбод намудан хост. Аммо аз шунидани хабари ба даст афтодани дузд, гӯё ҷон аз дасту пои акаи Асрор баромад. Такя ба пуштаки курсича дода ранг бурда ранг меовард. Дар кабинети директор чӣ гапу ҳарфе мегузашт– ҳеҷ чиз намешунид, ҳозиронро ҳам намедид.

* * *

Шаби гум шудани бори мошини Шодмон онҳо то дер нишаста буданд. Бисёр гуфтанду хандиданд. Ниҳоят хобашон омад. Аз ҳама аввал чашмони Сангинро «хоб» гирифт.

– Бачаҳо, акнун хоб меравем. Пагоҳ роҳи дур дар пеш.

Ҳама дар тараддуди хоб шуданд. Сангину Шодмон, Раҳматуллои Миҷинг, Файзулло паҳлӯи ҳам хобиданд. Барои Мадина дар хоначаи бобои Умархон ҷой густурданд. Пас аз андаке ҳамаро хоб бурд. Хеле вақт гузашт. Сангин як лаби кӯрпаро аз пеши чашмонаш бардошта, ба роҳи Душанбе нигарист. Интизори ишора буд. Соат паи соат мегузашт. Ишора намешуд. Ба изтироб афтода буд. Ба хаёлаш, даруни ҷойхоб ба бадани ӯ хорҳо мехалиданд, лекин тоб меовард, ҷумбуҷӯл намекард. Лаб зери дандону чашм ба роҳ буд. «Чаро ишора намешавад?» – мепурсид аз худ. Ё маслиҳаташон аз хотири ӯ рафта бошад. Не, не, ин хел одам нест вай.

Ниҳоят равшание аз роҳ, аз ҷои муаяншуда ба чашм расид. Равшанӣ чанд карат хомӯшу фурӯзон гашт, ҳисоб кард Сангин. Се бор. Худи ӯ, худи Офат. Кӯрпаи рӯяшро бо нӯки ангуштон оҳиста поён фуровард. Шамоли сардакак баргҳои чинорро нарм-нарм сила мекард. Баргҳо хишир-хишир доштанд. Оё онҳо аз сирри дили ӯ огоҳанд, ба якдигар ҳарф мегӯянд? Не, ҳеҷ гап намешавад, дузд подшоҳи шаб! Хомӯш бошед, эй баргҳо! Вай рӯ ба осмон хеле хобид. Софу нилгун буд само. Ситораҳо ҳам аз осмон чашм ба ӯ буданд. «Шоҳидони безабон», – тамасхур карда хандид Сангин. Паҳлӯи рости ӯ Шодмон хоб буд. Аз ҳама чиз бехабар… «Осуда хоб рав, осудагии ту то пагоҳ, пагоҳ, ки шуд, сар мешавад. Ба чӣ ҳол меафтӣ? Саркану покан ба чор тараф медавӣ, аз ҳама ёрӣ мехоҳӣ, маслиҳат мепурсӣ. «Бори мошинам гум шудааст, чӣ кунам?» мегӯй. Бо чашмони ҳаросон ба Сангин ҳам рӯ меорӣ. Рӯзат сиёҳ мешавад. Вале айби кӣ? Ба хотират ҳаст? Дар боғи шаҳр ҳам огоҳат кардам, бо зорӣ гуфтам, ки аз баҳри Мадина гузар. Локин, ту, чӯпонбачаи гарданшах, ман-манӣ кардӣ. Гуфта будам, ки рӯзи ҳисоб меояд, ана омад, гила накун…Акнун фурсати қомат рост карданат на-

монд, кор сар шуд, дар ҷелҳои мо дармемонӣ…

Сангин такя ба болишт оҳиста нимхез шуд. Чанд лаҳза гӯшу ҳуш гардид. Дар дуриҳо оби шаршараҳо сар ба сангҳо зада, ба хаёли одами нав ба ин ҷойҳо омада, ваҳмангез манамуд. Ӯ лаби тахтаҳои катро дошта фуромад. Туфлияш дар даст оҳиста пеши мошини Шодмон расид. Акнун кори душвор ва хатарноке монда буд. Ба мошин даромада, онро ҳай кардан лозим. Аммо ин осон набуд. Агар аз ғурроси мошин ҳама бедор шаванд чӣ? Тамом, худаш ба бало мемонад. Не, ин фикрҳо чӣ лозим? Фикри бад бадӣ орад…Умеди хайр буд. Ҳанӯз аз роҳ ягон-ягон мошинҳо ғув-ғув садо дода мегузаштанд. Сангин бо калиди кайҳо барои мошини Шодмон соз додааш мотори онро даргиронду мошинро рӯ ба роҳи Душанбе гардонд…Дар паси гардиши Санги Кабуд ӯро Офат нигарон буд. Ҳар ду бо ҳазор азоб як чашм пешу як чашм ба қафо мотоциклҳоро аз мошини Шодмон ба дигар мошин бор карданд. Баъд Офат ба мошини холии Шодмон нишаста, онро бошаст сӯи дарё ронд. Мошини ба қуму сангҳои лаби дарё дармондаро партофта омад ва паси рули мошини худаш гузашт, бо Сангин «хайр» гӯён даст афшонд.

Шаб саҳар мешуду Офат дар роҳ буд. Аз Сафедорон баромад. Роҳи Чилчашма пеш омада буд. Мошинашро нигоҳ дошт. Чашмонашро молида-молида аз он берун номад. Моторро хомӯш накарда буд. Он нағз кор мекард. Ба гуфтаи баъзе ҳамкасбҳояш, ки соат барин. Хушбахтона мошини ӯ ҳамеша ҳамин хел соз аст. Охир он шалақ бошад, вай ба чунин корҳои нозук даст мезанад? Дар ин мавридҳо мошин ҳам бояд ба монанди аспи бузӣ бошад, ба соҳибаш гӯш диҳад, аз қӯра зада барояд, ӯро ба манзил расонад. Ҳаққи гап, ки мошини вай аз ҳар хел аспи бузӣ ҳам хубтар аст, аз он ӯ ҳамеша розист. Як ҷонвари боақл барин, дар лаҳзаҳои душвор ҷондастгираш аст, дар ҳеҷ ҷо дарнамемонад. «Ҳа» гуяд, мепарад. Ана ҳамин ҳозир ҳам он Офатро аз қӯра–аз миёни бало берун овард. Он тарафаш акнун ба худи ӯ вобаста. Вай пой ба балони мошин монда ба танаи соғуи он рост шуд. Се мотоцикли «Урал»-и нав пеши назараш ялаққос мезаданд. Аз болои соғуи мошин рӯи якеи он ҳам шуд, ҷои нишаст, оҳанҳояшро даст-даст кард. Чанг ҳам нагирифта буданд мотоциклҳо. Фақат ҳангоми ба мошини ӯ бор кардан бо Сангин тахтаҳои соғуи мотоциклҳоро канданд, чархи якеи он гирд намегардад. Ин он қадар зарар надорад. Вақти бор кардан Сангин хуб зӯр зад, рӯдааш қариб канда шуд, ҳаш-паш карда монд. Ба ин бача хандааш меояд, бача-дия. Аз ин савдо ба ӯ як тин намерасад. Худаш ҳам гуфт: «Барои ман ҳеҷ чиз лозим не. Як тини зардак ҳам…» Тавба одамон аз паи як савдоенд, ки хандаи кас меояд. Бача ошиқ будааст, ошиқи ҳамон шофёрдухтар. Духтаре, ки ба ҷои атру гулоб аз баданаш бӯи равғану бензин меояд. Магар мард

мехоҳад, ки занаш шофёр бошад? Аз латофати занона дур, бӯзбала. Бачаи беақл, хайр Сангин, ки дар орзуи ҳамин хел зан бошад, ихтиёраш. Бигузор барои вай бисӯзаду бимирад…Шояд аз ин кори ӯ вай фоида бинад. Шояд вай сатанги Шодмонаш суд шуда раваду духтар боз ба доми ин бача афтад. Феъли ин занҳо маълум. Аз назарашон, ки рафтӣ, аз дилашон меравӣ. Дур, ки шудӣ, ҷону ҷигарашон ҳам, ки бошӣ, фаромӯш мешавӣ. Навашро мекобанд. Наваш барои Мадина Сангин мешудагист. Шояд, бале, шояди бисёре…Аммо аз ин савдо ҳоло як чӣ маълум: пулҳои шараққосӣ ба кисаи Офат медароянд. Ба занаш палто, гарданбанд мешавад, деворҳои кӯҳнаи гирди ҳавлиро аз як сар мегардонад, хишти пухта меорад. Худаш даст намезанад, аз ин пулҳо як бандчаякаш кор мекунад. Баъд барои ҳамаи фарзандонаш як қадӣ либос мехарад. Гӯсфанд гирифта мекушад, худоӣ мекунад…Ба боқимондааш заём мегирад, заёми тиллоӣ-сефоиза. Пул-пулро меёбад, серпул шуда мемонад. Аз ҳамин хел савдоҳо вай одам шуд…

Мошини Офат роҳ мерафт. Ноободиҳо пас монданд. Аз кӯчаҳои серодам, аз миёни деҳаҳо мегузашт. Ба як хаёл мошин меронд, ба хаёли ҷӯрааш Диловаршоҳ. Ӯро ёфта мотоциклҳоро обулой мекунанд. Диловаршоҳро медонад. Профессор ҳам. Бо Диловаршоҳ дар ҳамин ҷо шинос шуда буд. Бори мошинаш кунҷора буд. Назди ошхонае истод. Мошини дигаре пештари ӯ қарор гирифт. Шофёри он ҳам аз паси вай ба ошхона даромад. Ҳар ду хӯрок гирифта ба паси як миз нишастанд. Ин рафиқи ношинос ба сар телпаки мушкранги зебое ниҳода буд. Телпак ба рӯи гирду пурраш мезебид. Офат ба вай гап андохт. Сари косаи хӯрок аз болою поён хеле дарди дил гуфтанд. Барои Офат ӯ одами ба дил наздик намуд. Ба вай гуфт, ки як камтар кунҷораи зиёдатӣ дорад. – Мошинро аз паси ман ҳай кунед, – гуфт ӯ. Ба як қишлоқ расиданд. Шиносҳои вай одамони хуб буданд. Офат ба онҳо бештар аз ним мошин кунҷора фурӯхт. Баъд ӯ ва Диловаршоҳ якдигарро бародари қиёматӣ хонданд. Диловаршоҳ ҳар боре ба Душанбе ояд, Офатро албатта хабар мегирад. Ду-се рӯз меҳмон мешавад. Профессорро ҳам назди ӯ даъват мекунад. Як чи ки Профессор ба Диловаршоҳ маъқул. Забони якдигарро хуб медонанд, сӯҳбаташон қаймоқ мебандад. Худи ҳамин Диловаршоҳ ҳам кони лутф. Бо вай ҳамсӯҳбат шавӣ, дар дил ғубор наметмонад. Лекин хонааш дур, роҳаш вайрон, фақат таг-таги кӯҳ меравӣ, поён нигарӣ–дарё, касро воҳима мегирад. Ҷон дар каф меравӣ.

Ӯ бегоҳирӯз ба хонаи Диловаршоҳ расид. Паси дарвозаи вай омаду дилаш хиҷил гашт: рафиқаш дарвозаи мошиндаро надорад. «Ана ин хел шофёр беақл аст», – мегӯяд Профессор. Офат ҳам корашро бо маслиҳати ӯ аз дарвоза сар карда буд. Дарвозаи шалақи яктабақаашро канда ҷои он дарвозаи калони мошиндаро шинонд. Мошинро ба

ҳавлиат, ки дароварда натавонӣ, бехтараш шофёр нашав. Аз ҳазор чиҳат он лозим. Мошинро, ки ба хонаат даровардӣ, дилат пур. Аз назар канора. Як чиз, ним чиз ки овардӣ, мардум намебинад. Як чиз-ним чизи шофёр чӣ? Шифер, кунҷора, тахта, цемент, мех…чи ки бор кардӣ камтар меканӣ…Ба Диловаршоҳ сад бор гуфтаанд, ки аз гуфтан забонашон мӯй баровардааст: «Бача, ту аввал дарвозаи мошиндаро шинон». Вале ин гап ба гӯши ин гаранг даромада аз дигараш мебарояд.

Офат дар дил дӯсташро сарзанишкунон мошинро паси дарвозаи хурдакаки яктабақа қарор дод. Ба ҳавлӣ даромад. Кӯдакони Диловаршоҳ ӯро дида «оча, оча, амаки Офат», гӯён сӯи хона давиданд. Ба ростӣ, аз ин хел ном бурданӣ бачаҳои хурдсол хандааш омад. Ҳа, дӯстонаш барои чӣ ба ӯ Офат ном додаанд? Аниқтараш Профессор ба ӯ ин номро ниҳод.

– Медонӣ, барои чӣ туро Офат мегӯем? – мепурсад ӯ.

– Чум?–механдад Офат. Лекин сабаби Офат ном гирифтанашро медонад: дар андак вақт Аҳмад– ҳамоне, ки дар база «падмени»стаждор ҳисоб меёфт ва орзу дошт, ки шофёре касал шаваду ба ӯ ду-се рӯз бошад ҳам мошини вайро диҳанд, чунон пухтаю доно шуд, ки рафиқонаш ва ҳатто Профессор ҳам қоил буданд.

– Ту аз даҳон сақичро мезадагӣ шудай, қоил ман ба ту, – мегӯяд ҳасадомез Профессор.

– Худат чӣ? Ба ҳамаамон прфессор барин сабақ медиҳӣ-ку? – гуфт ба вай боре Офат. Бо ҳамин «Профессор» лақаби ӯ шуд. Ва ҳоло Офат аз паи иҷрои супориши Профессор аст. Кош ҳамаи кор бо некӣ анҷомад, кош бандчаҳои шараққосӣ ба кисаҳои вай дароянд. Боз як олам нақшаҳои барои беҳбудии рӯзгор андешидааш ба ёдаш расиданд. Ба занаш палта, гарданбанд…мегирад.

– Биёед, амак, хуш омадед, биёед, – зани Диловаршоҳ бо табассум аз хона баромад.

Вай Диловаршоҳро пурсид, набудааст. «Мумкин шаб наояд», гуфт занак. Ана ин хабар барои Офат нохуш буд. «Ин хел корҳоро сари вақташ хуб, кашол, ки ёфт нохушие пеш меояд» – гуфт хаёлан. Офат дили ба ҷои дигар рафтан надошт. Ҷое, ки расиданӣ буд, расид. Ба ҷуз интизории Диловаршоҳ чорае набуд.

– Янга, мо акнун кӯчу палтарамонро ҳамин ҷо мепартоем, Диловаршоҳ наояд ҳам майлаш, хонааш ҳаст, акнун хезеду дега болои дегдон савор кунед, – шӯхӣ кард Офат ва аз зани Диловаршоҳ як чодар пурсид. Чодар будааст, васею калони озода, брезентӣ. Бо он болои мотоциклҳоро пӯшид. Хайрият…

Вале шаб мегузашту аз Диловаршоҳ дарак набуд. Мижа таҳ карда наметавонист. Шаб ҳам ба хоб мегузаштааст, бо бедорӣ он беохир

менамудааст, азоби алим будааст. Ба сари ҳеҷ кас чунин рӯз наояд. Ба хаёлаш, моргазидаро хоб меомаду Офатро не. Вай чӣ кор кард? Чаро худашро ба ин кунҷи дунё, ба хонаи Диловаршоҳи аҳмақ оварда зад? Дар назараш акнун ҷӯрааш ҳам шум менамуд. Алами Мусоро аз Исо гирифтан мехост. Ӯро одам гуфта омад. Нест, ки дар хонааш нест. Некӣ ҳам аз дасти ҳар хел одам намеояд. Ба ҳар хел зотҳо ҷӯрагӣ нашояд. Диловаршоҳро дар дил хуб дашном медод. Медонист, ки ӯ одати нӯшидан дорад. Аз афташ, ҳоло ин бадмаст дар кучое аз худ бехабар хоб асту Офат вайро бо дили беқарор интизор. Ҳар соат ба назараш сол менамуд. Охир дузд дар лаҳзаҳои аввал бояд изашро рӯбад, тоза кунад. Вале вай чӣ? Чизи дуздӣ дар болои мошинаш. Кӣ ин хел кор мекунад? Аҳмақ! Ӯ бо умеди кадом як бадмаст шуда, асояшро ба рӯшноӣ назад. Айби Прфессор ҳам шуд, нақшаи беҳуда кашид. Дар ин мавридҳо ба умеди ҳар кас шудан нашояд. Бегоҳӣ воқиае рӯй дод, ки қариб дили Офат мекафид. Бо сари кашол гирди мошинаш мегашт, ки дар кӯча ду милиционер пайдо шуданд. «Худо зад, хонам сӯхт, ба даст афтодам», гуфт. Паснокӣ ақиб рафта, дарвозаро кушод ва аз паси он поид. Хайрият, онҳо байни худашон гапзанон аз назди мошин гузашта рафтанд.

Саҳар шуд. Офтоб баланд мебаромад, зану кӯдакҳои ҷӯрааш ҳам ба назараш наметофтанд. «Амакҷон, амакҷон…»– гуфтанҳои онҳо ба вай намефорид, ғинг-ғинги занбӯрҳо барин…Як марди калон чун мокиёни тухмаш гирифтагӣ ҷои истодан намеёфт. Хона, деҳа ба назараш танг… «Янга, чиба Диловаршоҳ наомад-а?» – мепурсид паиҳам. Аз ин дилтангии вай занак ҳам ба ташвиш афтод.

– Ба Диловаршоҳ гапи зарур доштед? – пурсид.

– Ҳа, ӯро диданӣ будам, – бедимоғ ҷавоб дод ӯ. Хайр, ба ин зани бефаросат чӣ гӯяд? Гӯяд, ки чизи дуздидаашро бо ӯ обулой карданист?

Бегоҳ аз бетоқатии Офат занак дилтанг шуда гуфт:

– Амак, вақтатон набошад, гапатонро гӯед, ман ба вай мерасонам, худаш ҳам Душанбе рафтанӣ буд…

Таги дили занак маълум: рафтанӣ бошад, хайр, биравад!

Аммо чӣ кунад, ки Диловаршоҳро нодида рафта наметавонад.

«Ё мотоциклҳоро фуроварда дар хонаи ӯ гузораду равад?» Фикри беҳуда. Зани Диловаршоҳ розӣ намешудагист. «Ин мотоциклҳо азони кӣ? Чиба дар хонаи ман мегузоред?» Ба ин саволҳои ӯ як олам шарҳу эзоҳ лозим. Баъд худаш танҳо мотоциклҳоро фуроварда наметавонад. «Ҳамсояҳоро ҷеғ занад? Барои дуздиаш шоҳид ҷӯяд-а?» Не, ҳоло ақлашро нахӯрдааст. Профессор таъкид карда буд, ки шабаш қатӣ борашро нобуд карда ба база баргардад. Ба лабонаш кулӯх молида, дар қатори «бори мошини Шодмон гум шудааст, ҳайф» мегуфтагиҳо як

ҳайфгӯ шавад, лекин нашуд. Дар ин рӯзҳое ки дар ҳама ҷо ин гап пур, бори мошини Шодмонро мековонд ӯ гум. Албатта ба каллаи аҳмақонаи ягон кас ҳамин фикр меомадагист, ки «Офат-ку? Мошинаш ҳам нест…» Ана ҳамин гапчаҳо гирехро мекушоянд…Ин фикрҳо Офатро гӯё девона карданд, сари зонувонашро зада, худро дарундарун мехӯрд.

Пас аз ним рӯз Офат худро тамоман аз даст дод. Лаҳзае, дар ҷояш истода наметавонист. Назди мошинаш метохту ба ҳавлӣ медаромад. Ба осмон– ба офтоб рӯй меоварду соаташро аз киса мебароварда, ба он назар меандохт. Соат паи соат мегузашт, офтоб ба тарафи ғарб нишеб мешуд. Тоқаташ чӣ хеле мегӯянд, тоқ шуд. Ба хулосае омада буд, ки ҷаста ба болои мошин баромад, чодари брезентии Диловаршоҳро аз рӯи мотоциклҳо кашида гирифта онро ғунугирд намуд, аз дари ҳавлӣ ба дарун партофта, аз ҷаҳл бо зану кӯдакони ҷӯрааш «хайр» ҳам нагуфта ба паси рули мошинаш гузашта нишаст. Ба мотор оташ дод, оташ доду лаҳзае барои гарм шуданаш таваққуф накарда пой бар газ бурд. Мотор гарм, ки нашуда буд, мошин қадаме ба пеш меғелиду боз аз роҳ мемонд. Аммо Офат газро бо ғазаб бештар пахш мекарду пахш. Бо ҳамин ҳол ӯ аз деҳа берун шуд. «Аҳмақ будааст ин одам, шарманда шудам, марги худашу хонааш! Касофат! Ба бало гирифтор шавалд, рӯзи бад бинад, дигар ӯро набинам»…Ҷӯраашро дар дил сарзаниш мекарду дашном медод. Дилаш дар сина, ба хаёлаш, дил не мушти оташ буд, сина, ҷисму ҷон, пайкарашро месӯзонд. «Ёбад ӯро дар базаш меёбад, наёбад роҳи дигар меҷӯяд. Бас, бас! Шавад обӣ, нашавад лалмӣ!» худро ӯ таскин медод ва гази мошинро пахш мекард.

Ҳангоми ба паси кӯҳҳо панаҳ гаштани офтоб ба Чилчашма расид. Ноилоҷ аз кӯчаҳои серодам мошин ҳай мекард. Милиционеро ба касе «чуррӣ» ҳуштак кашад, ҷон аз дасту пояш мебаромад.

Ба базаи Диловаршоҳ наздик омада, мошинашро дуртар, дар таги як дарахти тут гузошт. Ба ҷустуҷӯи Диловаршоҳ рафт. Гуфтанд, кит Роғун рафтааст, пагоҳ меомадааст.

«Роҳи омадаш нашавад, каллапар шавад, баъди ман офтоб набарояд…»–Диловаршоҳро дуои бад кард Офат. Дар бозгашт ба назди мошинаш ӯ бо азоб пойҳояшро мекашид. Вай роҳ мерафту бовар надошт, ки ҳамаи ин воқиаҳои нохуш ба сари ӯ омада бошанд. Дар хаёлаш хоб мебинад, хоби нохуш. Ана боз чӣ дид? Ду милиционер чашм ба роҳаш пеши мошин истодаанд.

Якеи онҳо аз вай пурсид:

– Мошини кӣ?

Сукут кард.

– Канӣ ҳуҷҷатҳоятонро як бубинем, – шунид овозеро. Шаҳодатномаи ронандагиашро аз кисаи пиҷакаш бароварда. Дастонаш

меларзиданд. Худро сарзаниш мекард! «Офат, устувор бош, сир бой надеҳ, қомататро рост гир!» Ҳеҷ гоҳ ӯ ба ин ҳол наафтода буд-ку…Аз афташ, монда шудааст.

Аз вай роҳҳат пурсиданд. Ҷавоб надод.

– Бори мошин чӣ?

Ба ҷои вай милиционери дигар ҷавоб дод.

– Мотоцикл-а?

Пас аз лаҳзае Офатро дар кабинети муфаттиш милиция истинтоқ мекарданд.

Ӯ пеши Саид Аброров «Офат ном дорам» нагуфт. Ному фамилияи аслиашро ба забон овард. Аҳмад Шоев. Дар омади гап кӣ будани Профессорро ҳам шарҳ дод: акаи Асрор.

* * *

– Бори мошини Шодмон ёфт шуд, Аҳмад ба даст афтодааст, – гуфт инженер.

Остон Ваҳҳобович хурсанд шуд. Вай аз он хурсанд буд, ки Шодмон дар ҳаққи акаи Асрор тӯҳмат кард, худи ӯро ҳам ба «тӯҳмат печонданӣ». Натавонист, акнун аз вай халос мешавад.

– Дидед, ба ҳар ҳол, Асрор дузд набудааст. Акнун ин тарафаш тани ту. Ту ҳам навис, – Остон Ваҳҳобович аз ҷояш нимхез шуда, дасти Асрорро фишурданӣ буд. Вале Асрор аз худ бехабар менамуд. «Наход ҳамааш барбод рафт? Наход Офат ба даст афтод?».

– Асрор, чаро хомӯшӣ? – гуфт ба тааҷҷуб Остон Ваҳҳобович.

Акаи Асрор аз ҷояш хеста, ба монанди одами маст калавида-калавида, аз назди ҳозирон берун рафт. Шодмон ҳам бархост. Акнун барои ӯ характеристика лозим набуд.

Шодмон ҳамроҳи Мадина зинаҳои сементии назди идораи директорро мефуромад. Офтоби баҳор баланд шуда, пеши роҳи онҳоро мунаввар мекард. Шодмону Мадина паҳлӯи ҳам мерафтанд.

с.1984

СИТОРАИ УМЕД

(Қисса)

Аз бегоҳ шудани рӯз аҳли деҳаи Себистон гӯё ба ташвиш омада буданд. Ҳама аз паи коруборе. Мардон ҷомаҳои дарида дар бар пас аз кори онрӯза хаста шуда, аз боғу майдонҳо? аз сари заминҳои кишт тарафи деҳа меомаданд. Занону духтарон дар лаби чашмаи таги теппа, ки дар як канори деҳа чун моҳии азиме ба назар менамуд, ҷамъ омада, бо навбат дар кӯзаю кадуҳо об мебардоштанд. Парандагонро ҳам ташвишу таҳлукае буд. Дар шохсорони чинору дарахтони чормағз, ки аз қади кӯчаҳои качу килеб ва ё аз миёни баъзе ҳавлиҳо ба фазо сар бардошта буданд, «бозор» доштанд. Алошақшақе аз гӯшаи як бом ба гӯшаи боми дигаре нишаста, шақ-шақ мекард. Подаҷои деҳа низ дар ин лаҳзаҳо серодаму пурғалоғула буд. Одамон молҳояшонро аз сари пода тарафи ҳавлиҳояшон мегардонданд. Пирамард Баҳор ҳам ин бегоҳ сари пода баромада буд. Як таёқи заранги дароз дар даст аз миёни пода гови алояшро мечуст, аммо он наменамуд.

– Садқаат бушам, гови алои мана надидӣ? Ҳамиқа мековум намеёвум. Чашмом сиёҳӣ зада истодай. Илоҳӣ барака ёвӣ, гови мана ёфта те, – аз ҳар касе, ки дучораш меомад, ӯ бо ҳамин хел суханҳо говашро суроғ мекард.

– Мӯйсафед, бисёр аз худ нарав, ҳоло гап кашол…-мегуфтанд баъзеҳо таъкид карда.

Баҳор-амак аз роҳаш боз истода, чун уқоби пир ба рӯи онҳо бадхашмона назар меафканду боз қадам мемонд.

Ӯ маънии гапи онҳоро фаҳмида, ба худ бармеошуфт. «Мардуми мо ҳамин хел, тарсончак. Хаёл доран, ки ҳоло ҳам давр даври Мавлонбой, гапи ӯ гапай. Не…» Дар гӯши пирамард гуфтаҳои командири аскарони сурх, ки имрӯз ҳамаро дар масҷид ҷамъ карда буд, аз нав садо доданд: «Акнун шумо аз дасти бою амалдорон озод шудед. Ҳама баробар, ҳама як хел зиндагӣ мекунад. Ҳақ ба ҳақдор расид!». Пирамард Баҳор саҳв накардааст. Вай ҳамин рӯз ин суханонро шунид. Ҳама шуниданд. Мавлонбой, Каримбой, Афзалқаровулбошӣ ва ҳатто пайванду пайравони онҳо…

«Хуб шуд, ба дили ҳама шуд, офтови бахт ба рӯи мо ҳам хандид, ҳақмона мерӯёнем, нонмона соҳиб мешем», пирамард қомати харобу баландашро ба таёқ такя дода, миёни пода меистод.

Ниҳоят, чашми Баҳор-амак ба говаш афтид. Саросема давид ва пеши говро ботаёқаш гардонда, аз гӯши он дошт. Таёкро ба танаи гов рост монда, бо як даст арғамчини миёнашро кушод ва ба гардани он баст. Баъд таёқашро аз нав ба даст гирифт.

– Ҷонвари безувони бечора, туя ба зӯрӣ аз ман гирифтан, аз як коса

ширут мондем. Рӯзмон батар шуд. Хайрият, боз моли худмон шудӣ. Биё, хона мерем, биё, ҳеш-ҳеш…

Пирамард банди гов дар даст ба роҳ даромад. Гов ҳам соҳибашро шинохта буд магар, ки аз паси ӯ якта-якта пой мепартофт.

Баҳор-амак шод буд. Бо сари баланд ба пеш, сӯи хонааш қадам мемонд, ки баногоҳ дар роҳ бо писари хурдии Мавлонбой – Аҳлиддин дучор омад. Пирамард ба рӯи писарак як назар адохту роҳашро давом дод. Аҳлиддин дид, ки пирамард гови онҳоро бурда истодааст. Ин буд, ки фарёд бардошта, аз паси вай давид.

– Оҳой, Баҳор-девона, ту чӣ кор карда истодай? Вай гови мо, ту онро куҷо мебарӣ? Ист, ист мегӯям, девона, гова мон! – Аҳлиддин ба пирамард расида ба банди гов часпид.

Баҳор-амак аз роҳаш истод. Ин кӯдак ҳам ӯро монанди падараш масхара карда истодааст? «Баҳор-девона» мегӯяд? Не, ӯ дигар хомӯш истода наметавонад, ӯ дигар намегузорад, ки таҳқираш кунанд…

Баҳор-амак чанд лаҳза ба Аҳлиддин нигарист, аз нигоҳи оташбори ӯ писарак тарсид.

– О ин гови худамон, хонамон мебарам, – бечуръатона банди говро медошт ӯ.

– Гум шав ай назарум, сагбача, гум шав, ки дандонта зада майда мекунум! – Баҳор амак банди говро бо як силтав аз дасти Аҳлиддин раҳонда, роҳакӣ шуд. Аммо Аҳлиддин боз аз паси ӯ давид, боз ба банди гов часпид. Пирамард аз ғазаб меларзид.

– Гуфтум ку, ман қатӣ бозӣ накун. Ин гов гови худум. Ҳамаи гову молои шумо аз они халқ, аз они мардумай. Онҳора халқ мегира, аз нони хӯрдан мемоне, ба ҳазор бало гирифтор меше, давру давронтон гузашт, фаҳмидӣ! – пирамард банди говро бо тамоми қувва тарафаш кашида, писаракро ба оринҷаш тела дод. Аҳлиддин паснокӣ ба даруни ҷӯи канори роҳ афтид ва пас аз лаҳзае доду фарёдзанон аз ҷояш хест, сару рӯй ва ҷомачаи беқасаби ӯ ба лой олуда буд. Телпакчаи пӯсти баррагинаш даруни ҷӯй мехобид.

Ин дам аз куҷое Мавлонбой ба сари ҷанҷол расида омад. Ӯ савори аспи саманд буд. Рӯи зин истода наметавонист.

– Канӣ ӯ, канӣ пирсаги беимон?

Мавлонбой дуртар аз худ пирамард Баҳорро дида, ба сағрии аспаш чанд қамчин фаровард. Асп гӯё ба парвоз омада, дар як он аз пирамард Баҳор гузашт. Мавлонбой бошиддат сари аспро қафо гардонду пеши роҳи пирамардро гирифт.

– Ҳа пирсаг, ин чӣ? – Мавлонбой аз асп хам шуда, бо дастаи қамчин ба танаи гов нихта кард.

– Ин говай. Ин ҳаққи ҳалоли худмай! Чӣ мегӯӣ? – пирамард сар бардошта, ба рӯи бой нигарист. Мавлонбой дар рӯи асп гӯё шах шуда

монд. Хизматгори ӯ – пирамард Баҳор ба рӯяш бо ғазаб менигарад? Охир вай ҳамон Баҳор-девона нест, ки тамоми умр дар хонаи ӯ кор мекунад, зану фарзандонаш ҳам. Падараш дар хонаи онҳо ҷон дод. Ҳеҷ яки онҳо то ҳол ба рӯи Мавлонбой нигоҳ накарда буданд. Ҷуръат надоштанд. Аммо ин пирамард имрӯз ин хел рӯинатан? Писарашро задааст, говашро гирифтааст… Ҳамаи ин пас аз гапу кори ҳаминрӯза?

– Гови худат?! – Мавлонбой дастаи қамчинро миёни панҷааш сахттар фишурд. – Бо як даҳон гапи кадом як куффор забон баровардӣ? Хаёл кардӣ, кори ман тамом, молу мулкам бесоҳиб монд? Акнун ҳамаро ту соҳиб мешавӣ, фарзандонамро хоҳӣ, мезанӣ, хоҳӣ, хорӣ медиҳӣ?! Не, ҳазор бор не, пири шайтон, ман ҳоло зиндаам, ман ҳамон Мавлонбоям! Хонумонатро месӯзам, оташ мезанам! – ӯ хам шуда, аз гаребони ҷомаи даридаи пирамард Баҳор сахт гирифт.

Баҳор – амак ҳам даст ба гиребони ҷомаи банораси Мавлонбой бурд. Шарифа–хола, ки ин лаҳза як куза об бардошта, ба ҳавлиаш медаромад, аз роҳ гашт ва кӯзаро ба замин монда, бо кафи дастонаш рӯяшро пӯшид. «Худоё, тавба, қиёмат шуде, мӯъминон, қиёмат, мӯйсафеди Баҳор гиребони Мавлонбоя гирифт,дунё ба охир расид. Тавба…» Пиразан фиғон бардошта, дарвозаи ҳавлиашро кушод.

– Шукрулло, бачам, Шукрулло, куҷоӣ?

Берун баро, қиёмат – гиребони Мавлонбой дар дасти мӯйсафеди Баҳор! – Шарифа-хола ҳодисаи гӯшношунидро хабар додан мехост.

Шукрулло, ки миёни ҳавлӣ ҳезум майда мекард, аз ин хабар дар ҳайрат шуда, табарро рӯи ҳезум партофт ва тани эзори пурямоқ тозон аз ҳавлӣ берун омад. Сараш бараҳна буд. Остинҳояш то оринҷ барзадагӣ. Шукрулло дид, ки дар ҳақиқат паси дарвозаашон қиёмат, зану кӯдакҳои бисёре ҷамъ шудаанд. Гиребони Мавлонбой ҳанӯз дар дасти пирамард Баҳор. Онҳо кашмакаш доштанд. Саллаи абрешимии оташпора барин суп-сурхи Мавлонбой баробари қади асп кашола шуда буд. Шукрулло давида назди Мавлонбою Баҳор-амак рафт.

– Бойбово, садқатон бушам, ин чӣ гап… Қиёмат-ку,қиёмат.

Шукрулло бечуръатона нӯки саллаи бойро аз таги суми асп бардошта, онро ҷамъ кардан гирифт.

Панҷаи Мавлонбой анбӯрвор ба гиребони ҷома ва куртаи порапораи Баҳор – амак мепечид. Аҳволи пирамард танг шуд. Нафасаш дарун зад ва ниҳоят дастонаш аз гиребони бой раҳо хӯрданд. Ӯ чун халтаи пурбор лӯнда шуда, ба замин, пеши пои асп афтид. Мавлонбой дигар имкон намедод, ки пирамард аз ҷояш хезад. Сағрии аспашро қамчинборон карда, ҷонвари безабонро гирди пирамард ҳазор печ мегардонд. Аз зери суми сап хоку чанги кӯча ба осмон мехест. Мавлонбой мехост болои пирамард асп ҳай карда, ӯро ҷо ба ҷо майда кунад. Вале асп болои одам пой наметонд, ақиб мегашт. Гирди вай печ

хӯрда, ғазаби соҳибашро меовард. Мавлонбой ҷонвари безабонро хуб қамчинкорӣ кард. Аммо бо мақсад нарасид. Ин буд, ки аз асп фуромада, дастаи қамчиро миёни дандонҳояш гирифту асп ба шохи як дарахти канори роҳ баст. Баъд қамчинро ба даст гирифта, ба сари пирамард Баҳор тохт, ки ӯ буттаҳои хушкшудаи лаби ҷӯйро дошта, оҳу нолакунон аз ҷояш мехест.

– Гӯй, ҳақҳоҳи лаънатӣ, ман аз ту чӣ қарздор? Гӯй, забондарозӣ карда гӯй! – қамчини Мавлонбой шарт шарт ба сару рӯи пирамард Баҳор бармехӯрд. – Мана ба ту ҳақ, ана ҳақ, ана, ана! – мегуфт ӯ.

Пирамард дар пеши пойҳои ӯ ба худ мепечид. «Зан, номард, зада куш, дилта хунук кун, зан», – гӯён ба қайсариаш Мавлонбойро девонатар мекард. Одамони бисёре ба сари онҳо ҷамъ шуданд. Мавлонбойро, ки чун шутури маст пирамарди бечораро гӯё хӯрдан мехост, ба азоб аз болои ӯ як тараф кашиданд. Аммо дили вай хунук нашуда буд, тарафи пирамард Баҳор, ки миёни роҳ мехобид, боз ва боз ҳамла мекард.

– Гуфтам-ку ман ҳоло зинда, ман намурдаам, молу мулк, чизу чораи ман соҳиб дорад. Дунёи ман аз они Мавлонбой, аз они фарзандони вай, азони хешу ақрабояш!

* * *

Баҳор-амакро, ки аз зарби қамчини Мавлонбой сару сару рӯяш кафида хуншор шуда буд, чанд нафар аз рӯи хоку лой хезонданд. Ӯ ба по истода наметавонист. Вале аз раъяш намегашт, Мавлонбойро мепурсид ӯро дашном медод.

– Канӣ, командир, кани вай? Мана пеши вай баре, ман ба вай гап дорум, арз дорум… Ман аз Мавлонбой ҳақ талаб кардум, гови худма аз вай гирифтанӣ шудум. Ӯ мана зад, маҷрӯҳ кард. Боз дасти вай боло, гапи вай гап, касе пеши роҳша намегира, аз вай метарсан…

Пирамардро аз зери бағалаш гирифта, бо азоб ба хонааш оварданд.

* * *

Аксари аҳли деҳаи Себистон дар хоб буданд. Ана дар ҳамин ғояти шаб оқсақои деҳа Наврӯз, ки ӯро аскарони сурх ҳамин пагоҳ дар масҷид маҷлис ороста, ба ин вазифа таъин карда буданд, ба хонаи пирамард Баҳор меомад. Ӯ домани чакмани сиёҳи нимдошташро, ки қариб ба замин мерасиду ягона либоси маъракаравии вай ҳисоб меёфт, андаке бардошта роҳ мерафт

Наврӯз бо хаёлҳои зиёд ба хонаи пирамард расид. Ӯ ба пирамард, ки сару рӯяшро бо дока баста буданду фақат чашмонаш менамуд, салом дода, назди болинаш нишаст.

– Чӣ хел, амак, чӣ гап шуд?

Аммо пирамард Баҳор ҷавобе надод. Вай оҳиста лаби кӯрпаро аз пеши рӯяш поёнтар фуроварда, абрӯ чин кард ва баъд нолид.

– Мардум, устухоном шикаст, зардоб шуд. Хонаат сӯзад, Мавлонбой, ай ғайб ҷазо бинӣ, рӯзи нека набинӣ…

Наврӯз хислати Баҳор-амакро медонист. Одами тез ӯ, зуд меранҷад, ба шӯр меояд. Вале чун аксари камбағалон дилсоф, ҳақгӯй. Наврӯз нимхез шуда, домани чакманашро ба зери зонувонаш кашиду аз нав ба ҷояш нишаст. Худро ба коре андармон намудан мехост, ба кунҷу канори хона назар меандохт. Аммо дар партави чароғи сиёҳ, ки аз як тарафи хона хира-хира нурафшон буд, ҳеҷ чизро нмедид. Зани пирамард Зебо-хола ба оташдони миёни хона, ки аловаш қариб хомӯш шуда буд, чанд шоха ҳезуми писта партофт. Ҳезум қасар-қусуркунон оташ гирифт. Шарораҳои он ба атроф пош мехӯрданд. Шӯълаи оташ забона зада, хонаи пастакаки онҳоро равшанӣ медод.

– Отаи Кабир, ба амаки Наврӯз гап дорам гуфта будӣ, гӯй охир, – Зебо-хола оташков дар даст пеши оташдон қомат рост кард.

Баҳор-амак боз балантар оҳувоҳ карду даруни ҷогаҳ паҳлӯ гашта, ба Наврӯз нигарист.

– Ай ту, Наврӯз, ин хел умед надоштум. Ту худут кистӣ? О, ту ҳам камбағал, хизматгор. Мавлонбой ба ту ҳам кам бадӣ кард?... Ина худут хуб медонӣ. Ай нони хӯрдан мондӣ. Имрӯз осақоли ҳукумат шуда, боз вая ту тарафдор? Ба хонат одам роӣ кардем, наомадӣ. Ё ҳоли ҳам ай вай метарсӣ, зувонкӯтаҳӣ? Не, Наврӯз, ин хислати мард не, одамо аллакай ай ту норозӣ… Ба гарнизон ай болот шикоят мекунан… – пирамард дарди дилашро гуфта, об хост. Наврӯз аз болои сари ӯ чойникро гирифта, ҷулаки онро ба даҳони пирамард гузошт. Баҳор-амак чанд қулт об нӯшиду боз сар ба болин ниҳод.

– Гап зан, Наврӯз, чӣ хомӯш шудӣ? Ё гапои ман ба ту сахт расидан? Ранҷидӣ? Ихтиёрут, додар, ман ҳамин хел гапои ҳақ доруму рӯи шум. Ту, охир, одами худмон будӣ… – пирамард аз дастакҳои чун пари зоғ сиёҳшудаи сақфи хонааш чашм наканда, гап мезад. Наврӯз хомӯш буд. Фикр мекард, ки гапи дар дилаш бударо ба пирамард Баҳор чӣ тавр гӯяд.

Хона мудате сокит буд. Зебо-хола чой дам кард. Наврӯз чойро гардонда, ба пиёла чой рехт ва чанд қулт нӯшид. Чои кабуд ба ӯ мадор бахшид магар, ки ба гап даромад.

– Амак, айби худатон… – гуфт ӯ ва суханашро давом доданӣ буд, ки пирамард Баҳор аз ҷояш хеста, рӯи ҷогаҳ нишаст. Суханони Наврӯз ӯро ба ғазаб оварда буданд, ҷуссаи харобу лоғари вай меларзид. Ӯ чойникро аз болои сараш гирифта, боз об нӯшид.

– Айби худум?! Намояндаи ҳукумат шуда, ба ҷои ёрӣ,ба ҷои як га-

пи хайр ҳоло ҳамин хел мегӯй?... – суханони Наврӯз ба пирамад аз қамчини Мавлонбой ҳам сахттар расида буданд.

– Хайр, ба фикри шумо, бо Мавлонбой ман чӣ кунам? Ё рафта хонаашро оташ занам, зану бачаашро аз хонааш зада ҳай кунам? – Наврӯз пас аз лаҳзае суханашро оромона давом дод: – Ҳоло ҳукумат ҳам ба шумо ёрӣ расонда наметавонад.

– Ҳамин тавр гӯй, осақол? – пирамард ба шӯр омад. – Ҳукумате, ки Оқпошоро хоку туроб кард, амир Олимхонро аз тахт ғалтонд, омада-омада аз ҳамин Мавлонбои мо метарса, пишаки ӯро пишт гуфта наметавона? Қоил кардӣ, қоил. – Баҳор-амак талх хандид.

– Ҳа, амак, ин кори душвор, бо мардуми доро сар ба сар шудан аз амирро ғалтондан ҳам душвор. Хаёл мекунед, ки онҳо ба осонӣ аз баҳри замину об, давлату савлати худ мегузаранд.ҳамин тавр ҳамаашро ба ману шумо баринҳо медиҳанд? Не, ҳаргиз ин тавр намекунанд, амалдорҳои хуни мардумхӯр бисёранд. Ана дар ҳамин қишлоқи худамон чандтоанд? – Пурсид Наврӯз ва маътали ҷавоби Баҳор-амак нашуда, худаш ҷавоб дод: – Мавлонбой, Каримбой, Мулло Холмат, Мулло Нусрат, Афзалқаровулбошӣ, Хоҷа Мӯъмин… боз як тӯдаи дигар.

Назари Наврӯз ба Зебо-хола афтид. Ӯ ҳоло ҳам ба оташдон ҳезуми хушк мемонд. Алангаи оташ баландтар шуда, шарораҳои он чун тиллорезаҳо ба атроф пош мехӯрданд…

– Нав, амак, як гапи нағз гуфтед, – Наврӯз ғарқи андешаҳои худ буд. – Аз болои ман ба гарнизон арз карданӣ будаед. Бисёр нағз, илтимос, ҳамин хел кунед. Мо ҳаминро мехоҳем, ин ба мо ёрӣ мешавад, мефаҳмед, ёрӣ!

– Ба Худо, ки туя ман нафаҳмидум, Наврӯз. Дар як дам ҳазор хел гап мезанӣ. Калтаю кӯтоҳи гапа гӯй, ки ту тарафи кӣ ҳастӣ? Тарафи Мавлонбой ё аскари сурх?

– Шарт ҳамин, ки гап байни худамон мемонад. – Наврӯз худро ба пирамард наздиктар гирифт.

– Гап зан, дилут аз ман пур боша, бисёр гапо ба ман ба гӯр мераван.

Наврӯз бо назари таҳқиқ боз як бори дигар хонаро аз назар гузаронд. Фарзандони пирамард Баҳор дуртар аз оташдон паҳлӯи якдигар хоб рафта буданд, аз гапу кори олам бехабар, чун гурбачаҳо хурок мекашиданд. Зебо-хола назди оташдон чарх мересид. Баҳор-амак маънии хомӯшӣ ва ба атроф назар андохтани Наврӯзро пай бурд.

Занак, хез, ту як берун буро, қиғоси мурғ омад, ба хаёлум, боз мурғота шағол набара, хабар гир, – гуфт ӯ.

– Зебо-хола итоаткорона аз хона берун шуд.

– Гап зан, гапта гӯ, – Баҳор-амак ба Наврӯз нигарист.

– Амак, шумо андак тезӣ доред. Зуд ба шӯр меоед. Худатон фикр кунед: ман ба Мавлонбой дӯст мешавам? – Наврӯз ба пирамард, ки дастони лоғарашро болои зонувонаш гузошта, таги куртаи карбос рӯи ҷогаҳ менишаст, маънидорона назар афканд. – Не, рӯзҳоеро, ки Мавлонбой ба сари ман овард, азобу шиканҷаҳое, ки аз дасти ин золим дидам, ҳаргиз фаромӯш намешаванд. Ҳаргиз. Аммо ҳоло ба ман фармуданд, ки бо вай созомади кунам, дӯст шавам. Шумоён ба ман душман, Мавлонбой дӯст, бародари наздикам…

– Ту, Наврӯз, хуб одами бало-куя! – пирамард хандид.

– Аз рӯи ман ба гарнизон шикоят кунетон, ки ман пайрав, дӯст, табақлеси Мавлонбой…

* * *

Нисфирӯзӣ саҳни масҷиди деҳаи Себистон боз серодам шуд. Ба ин ҷо ҳамроҳи Кривошок – командири аскарони сурх аз гарнизон намояндагон омада буданд. Аҳли деҳа Кривошокро аллакай мешинохтанд. Ӯ дар уезди Хуҷанд таваллуд ёфта, ҳамон ҷо ба камол расидааст. Забони тоҷикиро ҳам хуб данистанаш аз ҳамин рӯ буд.

Кривошок кулоҳи пӯстибаррагинашро, ки ситорачаи панҷгӯшаи пеши он аз тобиши офтоб ҷило медод, ба даст гирифта ба пеш қадам монд. Назари ҳозирон ба ӯ буд. Вай оромона ба сухан даромад. Гуфт, ки ба ҷои Наврӯз дар деҳа оқсақоли нав интихоб мекунанд.

– Аҷаб ҳукумати бебақо, дина як оқсақол, имрӯз дигараш. Ба Худо, ки ҳеҷ чиз намефаҳмам, – оҳиста гуфт Мавлонбой ба гӯши ҳампаҳлӯяш Каримбой, ки барои назарфиреби ҷомаи даридаи садямоқае дарбар карда буд.

– Ин корашон ба ман маъқул. Наврӯз одами бад, маккор аст. Нағз шуд, – гуфт Каримбой.

– Аз рӯи оқсақол Наврӯз шикоят шуд, мо саҳван ӯро ба ин вазифа интихоб карда будем, – гапашро давом медод Кривошок.

– Дуруст, Наврӯза мо намехоҳем, – аз ҳама аввал пирамард Баҳор, ки ҳоло ҳам сару рӯяш бо дока бастагӣ буд, сухан гирифт. – Ҳукумат аз они халқ, аз они камбағалояй. Мехоҳем, роҳбарои мо ҳам ба мо наздик бошан, одамои тоза бошан. Аммо Наврӯз камбағал ҳам боша ин хел нест, бадботинай, косалеси Мавлонбояй, дар давраи пеш ҳам ҳамин хел буд, ҳозир ҳам ҳамин хелай.

– Амаки Наврӯз рост мегӯянд, – чанд нафар аҳли маҷлис аз ҷояшон нимхез шуда, суханони пирамардро тасдиқ карданд.

Наврӯз ин дам дар рӯбарӯи Мавлонбой бо сари хам менишаст. Рангаш меканд. Аз ғазаб ё аз хиҷолат буд, ки дар ҷояш ором нишаста наметавонист, нимхез мешуд, ангуштонашро мушт карда, лаб зери дандон мениҳод. Мавлонбой бошад, чашмони тангашро, ки дар рӯи

сергӯшти дамида баромадааш базӯр менамуданд, аз Наврӯз намеканд, ӯро мушоҳида мекард.

– Ана як мисол, – мегуфт пирамард Баҳор, – дина Мавлонбой мана барои гови худум дар пеши назари ҳама зад, куштанӣ буд, Наврӯз боша, ин ҳола дида, роҳша дигар кард, мана аз дасти ин золим халос накард.

– Дуруст, мӯйсафед рост мегӯяд, – боз ду-се нафар ҳозирон овоз баровардand.

– Ман бо сару рӯи хуншор ғалтидаю хеста пеши Наврӯз рафтум, гиряю нола кардум. Ба ман гӯш надод. Ин номусулмони сангдил ҷои ёрӣ чӣ мегӯя? Туя айби худут, гов гови Мавлонбой. Вай дар гарнизон ҳам ҳамин тавр гуфтай, Мавлонбоя тарафдор шудай. Ина, командир Каравшак ҳаминҷояй, руша ай Худо нагардона. Дурӯғ мегум, рафиқ камандир?

– Рост, Наврӯз дар гарнизон ҳамин хел гуфт, – Кривошок гапи пирамард Баҳорро тасдиқ карда ба Наврӯз нигарист. – Ҳамаи ин гапҳо дар ҳақи ту магар тӯҳматанд? Чӣ мегӯӣ?!

– Ҳамааш рост, – аз ҷои нишастааш киноя кард Наврӯз. – Ҳукумати камбағалу деҳқонашро ҳам фаҳмидем. Ҳамааш гап будааст. Ман аз вазифа безор. Ҳафт пушти мо бо хизматгорӣ, бо заҳмат нон хӯрд, худоро шукр, ки чор ишкели худам ҳам дуруст, кор карда нон мехӯрам.

– Гапҳои беҳуда зада, иғво наандоз. Ҳозир ҳам хотири камбағалиат… боз мебинем… – маънидорона гуфт Кривошок.

* * *

Мавлонбой дар пешайвони масҷид рӯ ба кӯҳҳои пурбарф рост меистод. Замона дигар шуд, фикр мекард ӯ. Хизматгорҳояш имрӯз гиребони ӯро мегиранд. Як худи Баҳор, як пири фартут, ба сари ӯ чӣ рӯзҳое оварданӣ. Вай, Мавлонбой, агар як рӯз ҳам зинда бошад, ҳамин пири шайтонро бо дастони худаш буғӣ карда мекушад, албатта мекушад…

Мавлонбой ду даст дар миён якта-якта қадам монда, аз пешайвони масҷид фаромад ва тарафи дарвоза рӯй оварду назараш ба Наврӯз афтид. Ӯ ҳанӯз бо сари хам лаби ҷӯй менишаст, ғамгин менамуд. Гуфтагӣ барин, ин одам дар ҳақиқат ӯро тарафдор шуда бошад? Бечора хуб шарманда шуд.

– Бародар, о ин гапҳо дар ҳаққи ту тӯҳмат. Барои чӣ хеста ягон чиз нагуфтӣ? – Мавлонбой даст ба китфи Наврӯз гузошт, то ки ба по хезад. Наврӯз «хайр, майлаш, мебинем» гӯён рост шуд, гиребони қатшудаи ҷомаашро дуруст кард, фаши саллашро, ки ба пеши бараш афтида буд, пас партофт.

– Аҷаб замоне шуд. Қадами одамро ҳисоб мекардаанду мо бехабар, гӯлу гумроҳ, балоя намефаҳмидагӣ… – ғур-ғур кард Наврӯз. – Айби худам шуд, анг мондам. Ҳа, анг мондам…

– Гапҳояшон рост аст?! – Мавлонбой ҳайрон буд.

– Ҳа, ака, ман шуморо тарафдор шудам. Дар гарнизон ҳам гуфтам, ки дар миёни бойҳои қишлоқ Мавлонбой дигар аст, одами меҳнатӣ, дилсоф, ба халқ наздик…

– Раҳмат, додар, раҳмат.

– Ака, дунё гузарон аст. Аз одам кори хайр мемонад. Падару бобоҳоямон ҳам бо нони шумоҳо зиндагӣ мекарданд. Шумо розӣ набошед, ҷони мо намебарояд. Ҳа, ака, имрӯз қадрношиносӣ, кӯрнамакӣ кадани мо хуб нест.

– Раҳмат, додар, раҳмат.

– Рости гап, ака, душманҳои шумо бисёр будаанд.

Ба ҳавлии масҷид Каримбой даромад. Наврӯз ӯро дидан замон худро паси чинор кашид.

– Парво накун, гапатро гуфтан гир, ӯ одами худӣ, – ба Каримбой ишорат карда, гуфт Мавлонбой.

– Худӣ? Гуфтам-ку, ака, шумо дилсоф, ҳамаро худатон барин хаёл мекунед. Ба решаи шумо ҳамин мардак теша зада гаштааст. Кривошоку аскарони сурхро дина барои чӣ талбид? Шумо ҳоло бехабар. Баъд ҳамашро мегӯям. Ман рафтам, ака, хуб нашуд, ӯ ману шуморо якҷоя дид.

* * *

Пирамарди осиёбон гуфт, ки Наврӯз дар ин нисфи шаб ба роҳ набарояд, беҳтараш шабро рӯз кунад. Наврӯз медонист, ки пирамард ғами ӯро мехӯрад. Дар ин шаби тор аз сои Тундара гузаштанаш хуб нест. Дар бораи он сой ҳархел гапҳо мегӯянд. Мегӯянд, ки сои Тундара деву аҷина дорад, ҳатто баъзеҳо деву аҷинаро дидаанд… Ин, албатта, даҳшат аст. Вале Наврӯз илоҷ надошт. Ҳар навъе ки бошад, ӯ бояд ҳамин шаб ба деҳа, ба хонаи Мавлонбой равад.

Ӯ ҷуволи ордро ба асп бор карда, ба роҳ баромад. Гирду атроф зулмот буд. Наврӯз бо азоб аз пайроҳаҳои танаи теппа асп меронд. Вай ҳоло бо хоҳиши худаш баъзе корҳои хонаи Мавлонбойро ба ҷо меорад. Хизматгорҳои дигари бой кайҳо аз даргоҳи ӯ баромада рафтанд, онҳо имрӯз бо Мавлонбой дастбагиребон, аз вай ҳақ мехоҳанд. Бой вақтҳои охир дар деҳа нест. Бо босмачиён ҳамроҳ шудааст. Сардори як дастаи калони он ғоратгарон. Каримбой ҳам ҳамин хел. Дар ин бобат гапи Кривошок рост баромад. «Дар оянда душманҳои рӯирости ҳукумат мешаванд онҳо, аз ин рӯ ту бо Мавлонбой ҳамроҳ бош, дӯсти наздикаш шав», – гуфта буд ӯ. Вале дили Мавлонбой аз ӯ пур нест. Кривошок ин ҷо ҳам балогӣ мекунад. Боз як «бозӣ» фикр

карда баромадаст. Агар имшаб он «бозӣ» ба хубӣ анҷомад, Наврӯз ҷону ҷигари Мавлонбой хоҳад шуд.

Чанд рӯз боз писарчаи хурдии бой бемор аст. Дишаб аҳволи ӯ тамоман бад шуд. Қариб аз олам гузашта буд. Миш-миш ҳаст, ки Мавлонбой ин шаб ба хонааш меояд. Наврӯз ба воситаи пирамард Баҳор, ки барои аскарони сурх аз деҳоти гирду атроф хӯрокӣ харид карда, ба гарнизон мебарад, ин хабарро ба Кривошок расонд. «Бозӣ»-и фикркардаи Кривошок низ ба ҳамин омадани Мавлонбой ва ба худи Наврӯз вобаста…

Наврӯз бо ҳамин хел хаёлҳо аз пайроҳаи лаби ҷарӣ асп ронда, ба сои Тундара наздик шуда буд, ки баногоҳ аспаш хӯсид. Қариб буд, ки Наврӯз бо ҷуволи орд чаппа шуда, ба замин афтад. Аммо вай чолокӣ карда, аз ёли асп дошт. Асп ором гирифт, на пеш мерафт, на ақиб. Наврӯз фикр кард, ки бо аҷина ё деве рӯ ба рӯ омадааст. Баъд ӯ ба даруни сой назар андохт. Дар таги ҷарӣ гулхан дид. Девҳо дар сурати одам гирди гулхан ҷамъ омада, базм мекарданд. Сои Тундара бало дорад мегуфтанд, мардум, якта балои муаллақ. Ин дурӯғ будааст. Дар ин ҷо онҳо беҳисоб-ку. Боз мегуфтанд, ки агар кас аз бало гурезад, зарар мебинад, баръакс, бояд, ба он дарафтад. Бо ин қадар балои бисёр як худаш чӣ кор мекунад? Не, Наврӯз ба онҳо муқобил омада наметавонад, ӯро пора-пора мекунанд, ҳар чӣ бодо бод, ақиб мегардад, мегурезад.

Ӯ лаҷоми аспро аз нав тарафи осиёби деҳаи Лолазор гардонда буд, ки садои ба сангҳо бархӯрдани наъли аспҳоро шунид. Лаҳзае нагӯзашта, чанд савори сиёҳпӯш роҳашро гирифтанд. Онҳо ҳама салладор буданд, дар китфҳояшон милтиқ. Наврӯз дар болои асп шах шуда монд. Ба ёдаш гуфтаҳои Мулломаҷиди ҳамдеҳааш расиданд. Вай мегуфт, агар кас дар мавриди зарурӣ аз қуръон ягон чиз хонад, деву аҷинаҳо гум мешаванд. Наврӯз дуоҳои медонистагиашро хонда, ба атрофаш куфу суф кардан гирифт. «Девҳо» дар ҷавоби дуохониҳои Наврӯз қоҳ-қоҳ механдиданд. Якеи онҳо аз болои асп хам шуда, бо як силтав лаҷомро аз дасти Наврӯз кашида гирифт. Аспи ӯро тарафи сой кашола карданд. Аз ваҳм забони Наврӯз ба калимагӯӣ намегашт.

Ӯро назди гулхан оварданд. Яке аз нишастагон хеста аз гиребони чакмани ӯ кашид. Вай якҷоя бо ҷуволи болои асп ба замин ғалтид. Хандаи баланд боз сойро пур кард. Ин дам як деви саллакалон назди гулхан пайдо шуд.

– Бойбово, бахтамон хандид, анна, як аспи базину афзол, ба пои худ омад. Як ҷувол орд ҳам ғанимат, – оне, ки Наврӯзро аз болои асп афтонда буд, аз деви саллакалон шодиёна хост. Аҷабо, ин деви саллакалон ба Наврӯз шинос намуд. Мавлонбой барин. Ӯ дар ҳақиқат Мавлонбой будааст. Йигитҳояшро барои он, ки хизматгори ӯро озор додаанд, коҳиш кард. Наврӯз ҷон гирифт.

– Талхакаф шудам, бойбово, хайрият, боз шафоати худатон расид, маро аз марг раҳондед.

Наврӯз ҳамроҳи йигитҳои Мавлонбой канори гулхан нишаст. Ҳама ба ҳоли ӯ механдиданд. Як марди қадпасти тануманд бо фармоиши Мавлонбой аз деге, ки дар таги он ҳанӯз оташ буд, як табақ гӯштбирён кашида овард. Дигаре ба Наврӯз як пиёла чой дароз кард. Аммо тарси Наврӯз ҳанӯз рафъ нагардида буд.

– Наврӯз, аҳволи Баҳром чӣ хел? – писарчаи беморашро аз ӯ пурсид Мавлонбой.

– Касали Баҳромҷон, ака, бисёр вазнин, дина шаб ҳамаамон умедамонро канда будем, – гуфт Наврӯз.

Мавлонбой хомӯш бархост. Дастаи қамчинро миёни ангуштонаш бозӣ доронда, дар гирди гулхан қадам мемонд.

– Зиқ нашавед, бойбово, дардро ҳам ҳудо медиҳад, шифоро ҳам. Худо хоҳад, писарча нағз мешавад, – як марди куҳансоли саллаи сафеддор Мавлонбойро тасалӣ дод.

– Бародарҳо, ман меравам, шаб дер шуд, – гуфт Мавлонбой, ба аҳли давра ва илова кард: – Ту ҳам Наврӯз хез.

Наврӯз итоаткорона дасташро аз табақи гӯштбирён кашида, лабу даҳони равғанолудашро пок карду бархост.

Онҳо аз сои Тундара баромада, як дашти ҳамвори васеъро миёнбур карда мерафтанд. Боди салқини баҳорӣ ҳур-ҳур бо сару рӯяшон мезад. Ҳар ду ҳам хомӯш буданд. Ҳар ду ҳам ғарқи хаёлот.

Мавлонбой ба сағрии асп як қамчин зад. Асп аз йӯрға ба чорхез даромад. Аммо ӯ дарҳол лаҷомро кашид.

– Наврӯз кани аспатро ҳай кун, – ӯ ба ақиб нигарист.

Наврӯз аспашро тезтар ронда, ба бой наздик шуд.

– Дар қишлоқ чӣ гапҳои нав? – пурсид Мавлонбой. Аспи ӯ акнун яктк-якта пой мепартофт.

– Гап бисёр, ака, лекин ҳамаашро худатон медонед.

– Пирсаги Баҳорро мебинӣ?

– Ман вай қатӣ, ака, дигар гап намезанам.

– Вай одами касофат.

– Меданам, ака, мана ҳамчун одам ба бало мононд.

– Парво накун, ягон рӯз навбати мо ҳам мерасад.

– Дар хона чӣ гап? – боз суол кард Мавлонбой.

– Саидхони девона ҳам як қолини меҳмонхоная гирифта рафт.

– Чӣ, Саидхон баромада рафт, қолин бурд?!

– Ҳа, ака, вай ҷинӣ забон бароварда, мегӯяд, ки бой аз ман қарздор, ин колин ҳаққи хизматам.

– Ҳмм. Ҳамин хел шуд гӯй? О ман вайро аз рӯи инсоф дар хонам роҳ дода будам, нонхӯри тайёр буд. Имрӯз ба ҷои раҳмат гуфтан, аз

ман ҳақ талаб мекунад? Ин чӣ гап? Дар қишлоқ ягон мусулмон мондааст ё не? Одамон чӣ мегӯянд? – Мавлонбой ба ғазаб омада буд.

– Ба Худо,ки замона кофиристон шудааст. Ҳама тарафи ҳамон ҷинӣ. Ман қолинро аз дасти Саидхон гирифтанӣ шудам. Лекин... қариб буд, ки дар ҳавлиатон хунрезӣ шавпад. Вай қолинро партофту ба ман часпид… «Ман Баҳор-амак не, ман ту косалеса зада мекушам»,мегӯяд. Хайрият, ки янгаю кӯдако доду фарёд карда, базӯр мана аз дасти вай раҳонданд.

Малонбой ва Наврӯз ба боғу токзорони деҳа даромаданд. Вақте ба рахнаи боғи Каримбой, ки он бо роҳи калони деҳа мепайваст, расиданд, Мавлонбой аспашро нигоҳ дошт. Хонаю ҳавлиҳои деҳа дар нимторикӣ базӯр-базӯр ба назар мерасиданд. Аз баъзе ҳавлиҳо сагҳо ак-ак доштанд. Гоҳ-гоҳе чок-чоки чокаке аз кадом як гӯши деҳа ба гӯш меомад. Мавлонбой ба атроф – ба ак-аки сагону чок-чоки чокак хеле гӯш андохт. Аспи ӯ дар ҷояш ором намеистод. Дам ба дам гардан ёзонда, пой мекӯфт. Мавлонбой бошад, лаҷоми онро тарангтар мекашид. Ҳамин зайл ӯ хеле фикр карду ба Наврӯз гуфт.

– Чӣ кунем? Ҳардуямон якҷоя ба қишлоқ дароем?

– Ихтиёратон, ака.

– Ман ҳамин ҷо меистам, ту як хона рафта, тинҷию нотинҷии қишлоқро фаҳмида биё, – гуфт Мавлонбой ва аспашро паси дарахтони олуча ҳай кард.

Наврӯз аз кӯчаҳои деҳа асп ронда, фикр мекард, ки ташвишҳои имшабаи ӯ ба чӣ меанҷомида бошанд? Пирамард Баҳорро чӣ хел мебинад, ӯро аз куҷо меёбад? Оё аскарони сурх омадаанд?

Вай аз назди дарвозаи масҷид мегузашт, ки назараш ба тути лаби ҷуй афтид. Касе яқин дар паси ӯ паноҳ шуда, ӯро мушоҳида мекард.

– Кистӣ, бача? – Наврӯз лаҷоми аспашро кашид.

Аз паси тут пирамард Баҳор баромад.

– Наврӯз, омадӣ? О худут танҳоӣ-ку.

– Миёни роҳ ҷои гап не, амак, ба Худо шумо одами бисёр бепарво, ҷои паноҳ бурдаатонро бинеду… Аз як рӯза роҳ менамоед. Ин тараф гардед, – пирамардро сарзаниш карда, Наврӯз лаҷоми аспро ба ҷониби хокистартӯдаи пушти масҷид гардонд.

– Меомада боша? – пурсид пирамард.

– Омадагӣ.

– Каниш?

Наврӯз ҷои паноҳбурдаи Мавлонбойро ба пирамард гуфт.

– Ҳаминуш хуб, ба хонаш надуромада, кора сар кунем беҳтар.

– Ба фикри ман ҳам ҳаминаш нағз.

– Хайр, мо аз паси ту, эҳтиёт шав, – гуфт пирамард.

Онҳо аз ҳам ҷудо шуданд.

«Мавлонбой агар пай барад, чӣ мешуда бошад?». Наврӯз раҳораҳ, то ордро дар хонаи ӯ монда баргаштан аз фикри зиёд гаранг шуда буд.

– Қишлоқ ноором, бойбово, – гуфт Наврӯз ба Мавлонбой.

– Чӣ гап?

– Ҳозир сари қадам, бойбово, хона даромадам, аз ин сӯ-он сӯ гап гирифтам. Дар қишлоқ аскарони сурх. Дилшод онҳоро дида будааст. Биёед, бойбово, ақиб мегардем, қишлоқ намедароем, – Наврӯз худро тарзе нишон медод, ки ба ҳарос афтидааст.

– Воҳима накун, аскарони сурх омада бошанд, хайр, гузашта рафтагистанд. Онҳо дар қишлоқ хоб намекунанд-ку.

Мавлонбой ғамгинтар шуда буд. Ӯ мехост, ба Наврӯз бигӯяд, ки «не, ман дигар ба ҳеҷ ҷой намеравам, хона рафта кӯдаки беморамро мебинам. Наход, ӯ мураду ман вайро дида натавонам? Ин чӣ хел давру замон шуд? Не, ман хонаи худам меравам». Аммо Мавлонбой барои ба забон овардани ин суханҳо истиҳола менамуд. Ӯ беихтиёр аспашро ба роҳ андохта, аз рахнаи боғ ба роҳи калон даромаданӣ шуд, вале аз як тарафи боғ садои хиш-хиши навдаҳои токро шунида, лаҷомро кашид.

Ҳамин вақт аз дур гурӯҳи сараҳо намудор шуданд.

– Аскарони сурх! – гуфт Наврӯз

– Бас, овоз набарор, – ғурбат кард, Мавлонбой ва аспашро ба дарунтари дарахтони олуча ҳай кард. Наврӯз ҳам ба ӯ наздик мешуд. Аз роҳи калон овози одамону садои суми аспҳо баланд гашт. Чанд савора поёнтар аз онҳо ба боғ даромаданд. Наврӯзу Мавлонбой нафас намебаровардан.

Баногоҳ воқиаи ғайричашмдоште ба амал омад. Аспи Мавлонбой бинӣ афшонд. Аз ду тараф сараҳо сӯи онҳо асп монданд. Мавлонбой ва Наврӯз ба ҳалқа афтиданд.

– Даст бардоре, таслим шаве! – Наврӯзу Мавлонбой овози пирамард Баҳорро шуниданд, ки пеш-пеши сараҳо меомад.

– Ин пирамард Баҳор-ку! – пичиррос зад Наврӯз.

– Дам шав, – гуфт Мавлонбой ва аз почаи хӯрҷинаш милтиқеро баровард. – Тир парронда метавонӣ?

– Не.

– Э Худо гирад туя, – Мавлонбой милтиқро аз нав ба хӯрҷин андохт. – Набошад, аз паси ман шав.

Онҳо аз миёни дарахтон баромада буданд, ки аспи Мавлонбой тир хӯрда, як шиҳа кашиду афтид. Наврӯз ҳамон лаҳза сари аспашро гардонда, ба болои Мавлонбой хам шуд, ӯ бойро озод бардошта ба пешаш гирифтанӣ буд, аммо наметавонист, зӯраш намерасид. Мавлонбой бошад, аз ҳарос худро гум карда буд, дасту пойҳояш меларзиданд. Ӯ ба ёлу гардани аспи Наврӯз часпида бо азоб пояшро болои

зин гардонд, ба асп савор шуд. Аммо дигар ҳаракате карда натавонист, чун ҷуволи пурбор ба пеши Наврӯз афтод. «Ҷонамро даст гир, Наврӯз»,гуфт. Наврӯз чолокона амал мекард. Лаҷоми аспро тарафи бероҳа сар дод. Аскарони сурх аз паси онҳо асп медавонданд. Аз болои сари Наврӯзу Мавлонбой тири бисёре гузашта мерафт. Нарвӯз сари аспашро ба ҳар тараф тоб мегардонд. Ҷонвари безабон зери обу арақ монда буд, аз даҳонаш кафк мерехт. Вале медавид. Ниҳоят Мавлонбою
Наврӯз ба дараи Булбулон расида, аз назари таъқибкунандагон паноҳ бурданд. Дигар онҳо садои тирпарроniро намешуниданд.

– Халос шудем, ака, хайрият, – гуфт Наврӯз.

Онҳо аз асп фуромаданд. Наврӯз аз яккаҷилави асп дошта, рӯ ба дарунтари дара овард. Мавлонбой ҳам аз миёни дарахтон роҳ кушода меомад. Онҳо хеле роҳ рафта ба қаъри дара расиданд. Ин ҷо тамоман ором буд. Фақат шилдироси об, ки аз баланди ҷорӣ мешуд, ба гӯш меомад. Наврӯз бо пошнаи мӯзааш гулмехи аспро ба замин кӯфта, қадаме поёнтар аз Мавлонбой, дар канори ҷӯй нишаст. Шилдирроси оби ҷӯй гӯё ҳушу ёди ҳар дуро рабуда буд, хомӯш буданд. Мавлонбой ба Наврӯз назар андохта, фикр мекард: Вай дар вақташ дар ҳаққи ин одам чӣ бадиҳое, ки раво дид. Аммо ҳоло ин фақир дар ин рӯзи сахташ тарафдори ӯ шуд, дастгираш шуд. Аз ӯ вай асло ин хел умед надошт. То ҳамин соатҳои охир шубҳа мекард. Дӯстиашро найранг мепиндошт. Одам шири хом хӯрда. Беҳуда намегӯянд, ки гумон касро аз имон ҷудо мекунад.

– Наврӯз, – овоз бароварда Мавлонбой.

– Лаббай, бойбово.

– Бародар, ман аз ту миннатдор…

– Ҳеҷ гап не, бойбово, мо ҳоло барои шумо ҳеҷ кор накардаем, мо пушт ба пушт бандаи бобою бобокалонҳои шумо будем.

– Бародар, аз худат эҳтиёт шав, боз аз барои ман ба ягон бало напечӣ?

– Ин хел нагӯед, ака, ман барои шумо аз марг рӯ наметобам, гуфтам-ку мо ҳамеша ғуломи шумо ҳастем.

– Ҳар чӣ бошад, худатро дар пеши одамон, аскарони сурх аз ҳад зиёд тарафдори ман нишон нате. Ту баръакс бо онҳо наздик шав.

– Чӣ, ака, ба ман бовар надоред?

– Баъзан, Наврӯз ту бисёр кунд-дия, одами доно ба як ишора гапа мефаҳмад, – Мавлонбой ранҷидагӣ барин шуд. Наврӯз ҳам аз «нофаҳмиаш»дар хиҷолат монд.

– Аҷаб не, дар байни онҳо одами мо шуда монӣ, – дар дараи сокит гӯё ба суханони онҳо гӯш медода бошанд, Мавлонбой ин чанд калимаро бо овози хело паст ба забон овард.

Дараи Булбулон ториктар шуд. Ин торикии пеш аз субҳ буд.

Наврӯзу Мавлонбой дар пайроҳае, ки ба ду тараф мебурд, аз ҳам ҷудо шуданд.

* * *

Аз байн як ҳафта гузашта бошад ҳам, Наврӯзро ба гарнизон ҷеғ намезаданд. Барои чӣ? Чаро дигар ба Наврӯз супорише намедиҳанд? Ё хаёл доранд, ки ӯ одами наздики Мавлонбой шуда мондааст.

Наврӯзро ниҳоят рӯзе ба гарнизон ҷеғ заданд. Кривошок дар идорааш бо ӯ танҳо ба танҳо сӯҳбат мекард. Аз вай ҳолу аҳвол пурсид, аз ин сӯ-он сӯ хеле гап зад. Баъд аз паси мизаш бархост. Мӯйсари болои чашму абрувонаш хамидаро бо ангуштонаш пас гардонда, назди дар омад. Онро оҳиста кушода, ба берун нигарист. Дар гирду атроф касе наменамуд. Дарро аз нав пӯшид. Даричаи хонаро ҳам, ки аз тарафи дарёи Кофарниҳон кушода буд, руст карда, боз ба паси мизаш гузашт.

– Хӯш, оқсақол, саломатии бародар чӣ хел? – гуфт Кривошок.

– Акнун ба шумо бовар мекардагист?

– Ҳа, бародар хонд.

– Нақшаи мо ҳам ҳамин буд.

– Вай маро дигар суроғ намекунад-ку?

– Суроғ мекунад, мебиёяд. Мо акнун шуморо дар гарнизон ба кор мегирем. Ба ҷои раҳматӣ Баҳор озуқа тайёр мекунед.

– Мӯсафед одами аҷоиб буд, оташ буд, сад афсӯс. Ваҳшиҳо оқибат қасос гирифтанд, – Ҳасрат кард Наврӯз.

– Мо ҳам қасос мегирем.

– Ҳа, касос мегирем.

– Кори шумо ҳам, хеле нозук. Дар ин бобат бо бародаратон ҳам маслиҳат мекунед.

* * *

Пагоҳӣ Наврӯз ҳамроҳи писари калониаш Дилшод таги дарахтҳои себи миёни ҳавлиро побел карда, ҷӯяк мекашид. Писарчаи хурдии ӯ Фотеҳ паси дарвоза бо бачаҳои ҳамсоя бозӣ мекард. Занаш Гулнисо дар ошхона сари суфра нишаста, зувола мегирифт.

Фотеҳ шараққосанон ҳар ду табақаи дарвозаро ба пушт кушода, ба ҳавлӣ даромад.

– Ота, шумоя ҷеғ доранд!

– Кӣ, бачам? – Наврӯз каланд дар даст қомат рост кард.

– Як одам, аспакӣ, тезтар бароед, – Фотеҳ боз беруни дарвоза шуд.

Наврӯз арақи сару рӯяшро бо остини ҷомаи даридааш пок карду тарафи дарвоза равон шуд. Он ҷо ӯро саворае нигарон буд. Наврӯз бо савора, ки дар сар саллаи пишоварии нав ва дар тан ҷомаи зарбофт дошт ва аз сарулибосаш бой ё ашрофзода буданаш аён буд, чорқат шуда салом дод.

– Марҳамат, тақсир, марҳамат, хона дароед. – Наврӯз дастонаш пеши бар сaвораро ба ҳавлӣ таклиф кард. Савора низ ғайричашмдошти ӯ пой аз узангу канда лаҷоми аспаш дар даст, аз паси Наврӯз роҳ гирифт.

– Борро куҷо фарорем, амак? – ва ҷилави аспашро кашида, миёни ҳавлӣ истод.

Наврӯз дар тааҷуб буд: Ӯ кист? Бори аспашро дар ҳавлии вай фаровардан? Чаро ӯ кӣ буданашро намегӯяд? Ё саҳван ба ҳавлии ӯ даромадааст?

– Амаки Наврӯз, ҳайрон нашавед, ҳозир ҳамаашро мефаҳмед. Ин ҷуволи биринҷ аз они шумо. Аввал гӯед, ки куҷо фарорем?

– А-а, марҳамат, марҳамат, ана ба ин ҷо, – Наврӯз бештар дар тааҷуб шуда, ба тарафи пешайвон ишора кард. Шахси ношинос аспро, ки таги бори вазнин бетоқатона пой мекӯфт, аз паси Наврӯз ба таги пешайвон кашид.

Наврӯзу марди ношинос ҷуволи биринҷро аз асп фароварда, ба танаи сутуни пешайвон рост монданд.

– Бародар, ин чӣ гап? Ҳеҷ чиз намефаҳмам. Гузаред, шинед, як пиёла чой хӯред. Баъд айб ҳам ки шавад, гӯед, ки шумо кӣ, биринҷ аз куҷо? – Наврӯз аз пешайвон фаромада, пеши роҳи савора истод.

– Биринҷро бародаратон роӣ карданд.

– Абдусамад?! Истед, садқаатон шавам, хоки поятон шавам. Шумо Абдусамадро медонед, ӯ куҷост? Ӯ зинда, гӯед, зинда? Не, акнун ман шуморо намегузорам. Бародар, биёед, шинед, як пиёла чой нӯшед, – гуфта марди ношиносро намегузошт, ки равад.

Бародари Наврӯз Абдусамад ҳам хизматгори Мавлонбой буд. Солҳои сол кори ӯро мекард, аммо асло аз қарз раҳоӣ намеёфт. Чанд бор бо Мавлонбой мағалу харҳаша кард, вале баръакс аҳволаш бадтар гашт. Илоҷ намонд. Аз дасти Мавлонбой гурехт. Мавлонбой аз болои Абдусамад ба калоншавандаҳои Душанбе арз кард, ба мири Ҳисор хабар дод. Аммо Абдусамадро пайдо карда натавонист. Се сол аст аз ӯ ному нишоне нест. Дили Наврӯз дар фироқи бародараш хун аст. Ба касе нагӯяд ҳам, барои Абдусамад дарун-дарун месӯзад, баъзан танҳо ки монд, мегиряд, дилашро холӣ мекунад. Ҳоло бошад, марди ношинос аз вай паём овардааст.

– Гӯед, садқаатон шавам, худи Абдусамад куҷост? Зинда аст? Мо аз ӯ умедамонро канда будем, хаёл кардем, ки… ҳамашро гап занед, як пиёла чой нӯшед…

– Не, амаки Наврӯз, шумо саҳв мекунед, ман Абдусамади шуморо намедонам. Ин биринҷро ба шумо Мавлонбой фиристоданд. Саломи бисёр гуфтанд. Эҳтимол тарафҳои шаб омада монанд. Яккаҷилави асп, ки онро Наврӯз миёни ангуштонаш дошта меистод, аз дасти ӯ

раҳо хӯрд. Савора аз ҳавлӣ баромад. Мавлонбой ӯро аз Наврӯз ҷудо карда, ба сараш кӯҳи ғаму андӯҳ овард. Вале имрӯз вай худашро бародари Наврӯз мехонад. Майлаш, бигузор ҳоло ҳамин тавр шавад.

– Отаи Дилшод, ин савора кӣ буд? – Гулнисо нонҳои пухтаашро ба лаълӣ бардошта меомад.

Наврӯз як каф биринҷ гирифт. биринҷи аъло буд – кабутак.

– Ин чӣ хел биринҷ? Аз они кӣ? Савораи олуфта кӣ буд? Гап зан, отаи Дилшод, ман ҳеҷ чиз нафаҳмида истодам.

Наврӯз хомӯш меистод. Намедонист, ки ба занаш чӣ тавр ҳамаи гапро фаҳмонад. Дилаш пур намешуд. Аммо ба Гулнисо рости гапро нагуфта наметавонад. Вай дар деҳа ба шаттоҳӣ ном баровардааст. Дар як дам одамро беобрӯ карда метавонад. Ҳама аз захми забони ӯ ҳазар дорад. Гулнисо бо ҳамин шаттоҳиаш Наврӯзро аз ҳабсхонаи мири Ҳисор халос кунонд. Вагарна ӯ умеди аз зиндони тираю тор баромада, рӯи офтобро дидан надошт.

Наврӯз он воқиаро ба ёд меовард.

Мавлонбой пас аз хеле ҷустуҷӯ Абдусамадро наёфта, умедашро аз ӯ канду ба даъвохона Наврӯзро кашид. Гуфт, ки ё адои қарзи бародарашро ба гардан мегирад, ё дар зиндон мурда меравад. Барои Наврӯз аз адои қарз дида, дар зиндон ҷон супурдан осонтар буд. Ӯ ба тақдир тан дод. Вале Гулнисо осуда нанишаст.

…Мавлонбой ҳамроҳи одами бисёр аз намози бомдод мебаромад, ки Гулнисо пеши роҳи ӯро гирифт. гуфт, ки ӯ мусулмон нест. Шайтон аст, аз шайтон ҳам бадтар, шавҳари ӯро бегуноҳ ҳабс кардааст. Одамон ба миён даромаданд, Гулнисоро бо азоб аз Мавлонбой ҷудо карданд.

Баъди ин воқеа Мавлонбой чанд рӯз тӯй дошт. Гулнисо духтараки бемор ва ду тифли хурдсолашро ба хона ӯ бурда партофт. Дар миёни тӯякиҳо ва шиносҳои дуру наздики Мавлонбой гапи бисёр шуд. Ӯ боз ба Мавлонбой часпид…Чашми Мавлонбой аз ин зани шаттоҳ сахт тарсида буд, аз назари ӯ дурӣ меҷуст. Бой ноилоҷ шавҳари Гулнисоро аз ҳабсхонаи мир озод карда овард.

– Ин чӣ хел биринҷ ? савора кӣ буд? – Гулнисо дасташро аз болои ҷувол нагирифта такроран пурсид.

– Занак, ангура хӯру боғаша напурс, – хандид Наврӯз.

– Ҳушёр шав, вақтҳои охир ҳиллаю найрангот бисёр шуда истодааст. Аз ҳамааш ман бохабар…

* * *

Наврӯз оташков дар даст бо сари хам дар лаби оташдони миёни хона менишаст, гоҳ-гоҳе оташро рӯй мегардонд, шӯълаи оташ баландтар, ки мешуд, рӯи он чанд шохаи хушк мегузошту ғарқи хаёлот ба аланга гирифтани ҳезум назар мекард. Ҳамин замон Мавлнбой

меояд. Ӯ ба вай чӣ гуфтанашрог медонад, гапи бисёре дорад. Аз ин ҷиҳат бепарвост. Вале аз Гулнисо дар ҳарос аст. Аҷаб не, ӯ ҳамаи гапу корро расво кунад.

– Мардак, бисёр фикр накун, – Гулнисо аз хонаи хоби фарзандон назди шавҳараш омад. – Ҳамаашро медонам. Мавлонбой, хешу табораш имрӯз дӯстони наздик, ҷону ҷигари ту. Ту имрӯз ба онҳо ҳамнишин, ҳамтабақ. Ин давлати калон-а? Муборак бошад! Борон бориду пайҳо кӯр шудаанд? Ҳамааш аз хаёли ту рафт? Ӯ ба ту асло кордор нашудааст, бадӣ накардааст. Аз бародарат Абдусамад ҳам вай ба ту наздиктар…

– Занак, киноя накун, он рӯзҳо аз хаёли манн нарафтаанд. Мавлонбой душмани ман. Лекин душманро бо шакар куш гуфтаанд. – Наврӯз бо оташков оташро рӯй мегардонду оромона ба Гулнисо гап мезад. Ӯ мехост ҳама гапро ба вай гӯяд, аммо истиҳола мекард, таъкидҳои Кривошок ба ёдаш меомаданд.

– Отаи Фотеҳ, туя ман нав фаҳмидам, бечора! Ту дар ғами ҷони худат. Медонӣ, ки имрӯзҳо сари ҳар қадам хунрезӣ, одамкушӣ. Ҳамаи инро ту фикр кардаӣ, ба ҳисоб гирифтаӣ, қанд зан… Имрӯз занӣ раҳматӣ Баҳорро дидам. Аз ғаму алам пӯсту устухон шудааст. Ӯро таскин доданӣ шудам. Гапам дар даҳонам монд. Заҳрханда кард. Гуфт, ки амаки Наврӯз чӣ хел? Нағз гуфтам, дар хиҷолат монда. Гуфт, ки ба он кас ҳеҷ бало намешавад, он кас дӯсти ҷонии Мавлонбой, мӯсафеди Баҳор гӯл буд. Ана ҳамин хел гуфта, маро дар пеши занҳои бисёр шарманда кард. Ӯ рост мегӯяд, одамон ту барин шайтонӣ карда гарданд, ба ҳеҷ бало гирифтор намешаванд.

Суханони занаш ба Наврӯз сахт расиданд. Тоқаташ намонд. Хост ба занаш гӯяд, ки ҳамаи ин гапҳо дар ҳаққи вай дурӯғ, тӯҳмат, ҳақорат. Вай Мавлонбоюзану фарзандони ӯро чашми дидан надорад. Ҳоло Наврӯз бо Мавлонбой бо дигар роҳ мубориза бурда истодааст. Супориш дорад, инро раҳматӣ Баҳор ҳам медонист.

Вале Наврӯз худро ба даст гирифт. хурсанд ҳам шуд. Аз он хурсанд шуд, ки супориш нағз иҷро шуда истодааст, ҳама ӯро дӯст, одами наздики Мавлонбой медонанд. Ин, албатта, ба фоидаи кор. Вале ба занаш чӣ мегӯяд?

Дарвоза оҳиста ғиҷиррос зад. Наврӯз оташковро монда, ҷаста аз ҷояш хест.

– Занак, ҳамаашро баъд ман ба ту мегӯям, ин ҷо як сир ҳаст, ҳоло ту ором бош, – гуфт Наврӯз ба занаш ва саросема берун баромад. Мавлонбой меомад.

– Хуш омадед, ака, хуш омадед.

Наврӯз аз ҷилави аспи Мавлонбой дошта, барои аз асп фаромадани вай ёрӣ расонд ва аспро пушти хона бурда ба нӯки як болор баст,

лаҷомашро ба қоши зин гузаронд, аилу пуштангро суст кард. Баъд назди Мавлонбой омад, ки дар таги пешавон меистод. Ҷуссаи ӯ аз таги чанд қабат ҷомаю ҷелаки шоҳию банорас, ки аз рӯи онҳо бо рӯймоли гулдори калоне миёнашро баста буд, бузургу босалобат менамуд.

– Марҳамат, ака, марҳамат, – Наврӯз Мавлонбойро ба хона таклиф кард. Аммо ӯ аз ҷой наҷунбид. Назари ӯ ба осмони абролуд дӯхта шуда буд. Мавлонбой мудате ба хаёл рафта, ҷониби Наврӯз нигарист.

– Марҳамат, – гуфт боз Наврӯз ва Мавлонбой аз қафои ӯ тарафи дар қадам монд.

– Занак, хоная соз кун, кӯрпача парто акаам омаданд, зуд бош, занак, – ба занаш фармоиш дод Наврӯз, ки ин лаҳзаҳо барои ба кулбаи фақиронаи ӯ ташриф овардани Мавлонбой аз шодӣ гӯё худро гум мекард. Вале Гулнисо намедонист, ки чӣ баҳонае ёфта, мағал бардорад. Ба шавҳараш нигоҳҳои ғазаболуд меафканд. Наврӯз худро ба нодонӣ мезад, ба Гулнисо нигоҳ намекард.

– Занак, болишт биёр. Фалак чалак шудааста, акаам меҳмони мо шудаанд… Хуш омаданд, ака, хуш омаданд…– Вай Мавлонбойро дар таки дар танҳо монда, ба хона даромада дар паҳн кардани кӯрпачаҳо ба занаш ёрӣ мерасонд.

– Ист, марги худатаму меҳмонатам, бисёр аз худ нарав, ки… Гулнисо кӯрпачаро аз дасти шавҳараш кашида гирифт…

– Бале, занак, ана ҳамин тавр. Як кӯрпаи дигар ҳам гир, болиштро ана ин тараф мон. Ҳа, бале, ана ҳамин хел, – Наврӯз баланд-баланд гап мезад, то ки ғур-ғури занашро Мавлонбой нашунавад.

Мавлонбой дар пешайвон қадам мезад. Осмон таҳти абр буд, яктанимта борон меомад.

– Ҳаво якбора вайрон шуд-а? – гуфт Мавлонбой ба Наврӯз, ки назди ӯ баромада буд.

– Ҳа, ака, ҳавои баҳор ҳамин хел, меборад, баъди як дам мебинед, ки боз соф мешавад.

– Зиндагӣ барин, як хел не… гоҳ роҳат, гоҳ азоб, ғам, шодӣ… Хайр, ҳеҷ гап не, ҳамааш мегузарад.

Онҳо тарафи дар рафтанд. Ин дам Гулнисо чойнику пиёла дар даст аз хона мебаромад.

– Салом, хоҳар. Саломатед? Бачаҳо нағзанд? – Мавлонбой ӯро ҳолпурсӣ кард.

– Нағз, бойбово, хуш омадед! Чӣ навъ шуд, ки роҳи хонаи моро ёфтед…– Гулнисо худро базӯр ба даст гирифт.

Наврӯз инро ҳис карда, саросема шуд.

– Ака, ба хона дароем…

Мавлонбой дохили кулбаи пастаки Наврӯз шуд. Ӯ аз ин пеш ягон

бор ба хонаи Наврӯз, ки тамоми умр ҳамроҳи зану фарзандонаш хизмати ӯро ба ҷо меовард, наомада буд. Аммо имрӯз замона дигар шудааст… имрӯз вай ба хонаи онҳо меояд.

Мавлонбой милтиқашро аз китф гирифта, ба мехи сутуни хона овехт. Гиреҳи миёнбандашро андаке суст карда, пеши ҷома ва ҷелакҳояшро васътар кушод. Баъд бо хоҳиши Наврӯз аз пешгоҳи хона, рӯи кӯрпача гузашта нишаст. Даст ба рӯй кашида, омин гуфт.

– Хуш омадед, ака, нури дида, тоҷи сар!

Наврӯз аз ҷой хеста, даст пеши бар ниҳод ва ҳамин зайл, пуштнокӣ аз хона берун рафт. Ӯ занашро насиҳат карданӣ буд. Зеро хавф дошт, ки Гулнисо ҷанҷол мебардораду корро расво мекунад. Аммо Гулнисо Наврӯзро бо чеҳраи кушод пешвоз гирифт.

– Меҳмонро манъ кун, ош мепазем, – гуфт ӯ ба шавҳараш.

– Ана ин гапи дигар, занак. Ба Худо, ки ту мана зиқ кардӣ. Охир, ӯ ҳар кӣ бошад, меҳмони мо.

Наврӯз инро гуфту ба андеша рафт. Барои чӣ Гулнисо дигар шудааст? Ягон гап ҳаст.

– Чӣ фикр карда мондӣ, мардак, ба дастархон нон гирифта, пеши меҳмон дарор. Ӯро танҳо намон, хуб не, – гуфт ба ӯ занаш.

Наврӯз дастархонро гирифта, назди Мавлонбой омад. Баъд Гулнисо чой даровард. «Аҷабо, Гулнисо чӣ фикр дорад?» – хаёли Наврӯз ба занаш буд.

Мавлонбой болиштҳоро ба таги оринҷаш кашида, майли хоб рафтан мекард.

– Хеле монда шудам, бародар, – гуфт ӯ. – Баъзан тамоми шаб хоб нест. Дина шаб ҳам нахуфта будем…

Наврӯз, чунон ки сабаби шабҳо нахуфтани Мавлонбойро намедониста бошад, ба тарафи ӯ назари савол дӯхт.

– О кори мо, бародар, бисёр вақт шабона барор мегирад, – табассум кард Мавлонбой, – аз як қишлоқи хурдакаки худамон ҳамин шаб ҳашт касро сиришта кардем. Шаби гузашта дар қишлоқи Тепаи Самарқанд будем. Як касро хеле интизор шудем. Хайрият, ки қарибиҳои саҳар аз кучое пайдо шуду ба хонааш надаромада ба ҷел ғалтид…Имшаб ҳам аз ин қишлоқ як каса гирифтанием.

Ба Наврӯз чунин намуд, ки бой бо ин гапҳои худ чашми ӯро тарсондан мехоҳад.

– Аз як ҷиҳат ҳамин кори шумо ба ман маъқул, – гуфт Наврӯз. – ҳамин хел накунед ҳам намешавад. Мамлакат кофиристон шуда истодааст. Хурду калон, бачаю кача–ҳама тарафдори урусҳо, дину мазҳабро фаромӯш кардаанд. Бачаи раҳматӣ Мулло Саид барин одам тарафи урусҳо гузашта, фирқа шуду аз дигарҳо чӣ ҷои гила?

Наврӯз мехост сӯҳбаташон дар ҳамин мавзӯъ оғоз ёбад.

– Мо ҳоло ба хотири арвоҳи домулло ба Абдумалик кордор нашуда истодаем, – гуфт Мавлонбой ва аз чӣ буд, ки дар хусуси Абдумалик дигар гап назад. – Хабари нав шунидем: туро ба гарнизон ҷеғ задаанд, – табассум кард Мавлонбой.

– Ҳа, ака…Шумо аз ин гап чӣ хел бохабар шудед? – Наврӯз ҳам хандид.

– Мо, бародар, аз ҳама гап хабардор. Кӣ куҷо меравад, дар дил чӣ мақсад дорад…ҳамааш ба мо маълум. Барои ҳамин ҳам аз мо метарсанд, ҳазар мекунанд. Чунки, – овозашро паст кард Мавлонбой, – дар ҳама ҷо, сари ҳар қадам одамони мо ҳастанд.

– Рост мегӯед, ака?

– Ҳа, бародар. Аз таги замин мор гузарад мо мефаҳмем…

– Ба Худо, ки ака, ман хурсанд шудам, – гуфт Наврӯз ва лаҳзае хомӯш монда, суханашро давом дод: – Як чиз ки, ака, дар миёни урусҳо ҳам одами хуб будааст. Ана ҳамин Кривошокро гирем. Як вақтҳо ба сари ману шумо чӣ ҷанҷолҳое оварда буданд. Ба чашмони худам дидам, ки ҳамин Каримбои ҷӯраатон дар муқобили шумо чӣ номаъқулиҳое кард. Хонаи Кривошок рафт, ду гӯсфанд бурд, худашро пеши пойҳои вай партофта, таввало кард, ки урусҳо шуморо нобуд кунанд. Аммо Кривошок ба ӯ хандид.

– Каримбой хонаи Кривошок рафт? Гӯсфанд бурд?! – Мавлонбой нобоварона рӯй турш кард.

– Ҳа, ака, ман худам дидам, худам дар назди онҳо будам. Ба ҳурмати Худо, ки рост мегӯям. Наход шумо бовар накунед. Охир, он вақтҳо ин хел ҷангу ҷанҷол набуд, худатон ҳам бо ӯ саломалейк будед. Аммо Каримбой, ба фикрам, ҳоло ҳам ба назди Кривошок равуо дорад. Шумо, бойбово, ҳамаро мисли худатон гумон нкунед. Вай мор, аз мор ҳам бадтар, аз вай эҳтиёт шавед.

Мавлонбой аз суханони Наврӯз мутаасир шуд. Вай аз хусуси Каримбой фикр мекард: дарвоқеъ, агар ӯ ба кору кирдори Каримбой дуруСттар диқат диҳад, дар ҳар лаҳза бадбинӣ, душмании вай ҳис мешавад.

Воқеаи дирӯза ба ёдаш расид. Раҳмондодхоҳ аз ноомади кор ва шикасти дастаҳои босмачиёнаш ба ғазаб омада, бо қӯрбошиҳо сӯҳбат орост. Аз онҳо сабаб мепурсид. Каримбой Мавлонбойро хуб сиёҳ кард. Гуфт, ки Мавлонбой кунд, бефаҳм, дар ҷанг фақат ғами ҷони худашро мехӯрад… қариб сад нафар йигитҳо гӯё танҳо бо айби ӯ ҳалок шуда будаанд. Каримбой дар ҳаққи Мавлонбой боз бисёр тӯҳмат зад. Сардор дар ғазаб шуда ба Мавлонбой нигарист. Мавлонбой бо сари хам аз ҷой хест. Хаёл дошт, ки акнун кораш тамом шуд. Додхоҳ ба ягон қӯрбошӣ ишора мекунад, ки ӯро аз хона барорад. Баъд чӣ? Садои тир баланд мешавад… Ӯ ин хел ҳодисаҳоро бисёр дидааст.

Дар он лаҳзаҳои душвор зану фарзандонаш пеши назар омаданд. Кошкӣ боз як бор онҳоро медид… Аммо, хушбахтона, баъзеҳо ба миён даромаданд, ӯро тарафгир шуданд, аз ҷониби вай назди Раҳмондодхоҳ узру бахшиш хостанд… Мавлонбой бошад, дар ҳамон ҷо ҳам Каримборо нафаҳмид, гапи ӯро насиҳат пиндошт. Ҳамаи ин ҷой доштааст. Мавлонбой дар ҳақиқат кунд, ба ҳама бовар мекунад. Одамон ба дами марг тела медиҳандашу вай бехабар.

– Рост мегӯӣ, додар, Каримбой ҳозир ҳам ба ман душманӣ дорад, лекин илоҷ намеёбад. Хайр, мебинем.

– Як-ду рӯз пеш ҳамин Кривошок ба қишлоқ омада буд, – Наврӯз боз ба сари мақсад омад. – Салому алейк кард. Баъд аз таги бағалам гирифта, аз пеши одамон, аз миёни роҳ, ба як тараф бурду ҳолу аҳвол пурсид. «Аҳвол бад, рафиқ командир», – гуфтам. «Барои чӣ?» – пурсид. «Дар хона ҳеҷ чизи хӯрданӣ нест. Пеш хизматгорӣ карда як даҳан нон меёфтем. Ҳоло кор ҳам намеёбем». Инро шунида, «Гарнизон биё, гап ҳаст» – гуфт. Дина гарнизон рафтам. Бечора чой дам кард, нон оварда. Дар идорааш хеле шиштем. Аз болою поён гап зад. Баъд гуфт, ки агар розӣ шавам, ба ман дар гарнизон кор ёфта медиҳад. Пулаш нағз гуфт. «Чӣ кор?» – пурсидам. «Барои аскарон озуқа таёр мекунӣ», – гуфт. «Не, раҳмат, ака, сиҳат-саломат гаштан мехоҳам, ҳоло зиндагӣ ба дилам назадааст « – гуфтам. Ба ҷону ҳолам намонд, ҳатто зорӣ кард. Хайр, як фикр мекунам, гӯён хеста омадам.

– Аз ин ҳам мо хабардор. – Мавлонбой бо ангуштонаш риши ғӯлии сип-сиёҳашро оҳиста-оҳиста «шона»мезад.

«Бохабар?!Чӣ тарз?» – Наврӯз бо тааҷҷуб ба худ суол мекард ва меандешид, дар ин хусус дар куҷо забон кушода бошад? Ниҳоят ба хотираш омад. Ҳангоми аз гарнизон баргаштан дар роҳ ба Абдумалик гуфта буд, барои озмудан ин гапро гуфта буд. Ва ҳоло, ана, ҳамаи он гапҳояшро аз забони Мавлонбой мешунид…

– Хайр, Наврӯз, чӣ фикр дорӣ? Ба Кривошок чӣ ҷавоб медиҳӣ? – ба Наврӯз нигарист Мавлонбой.

– Метарсам, ака, ҷон ширин.

– Натарс, бародар…

– Намешавад, ака, чашмам сахт тарсидааст.

– Мефаҳмам, ҳамаи ҳамон чор каси озуқа таёр мекардагӣ, пирсаги Баҳорро ҳам мо саришта кардем.

Мавлонбой номи пирамард Баҳорро ба забон оварду якбора авзояш тағир ёфт. Он шаби бо пирамард Баҳор рӯ ба рӯ омаданаш пеши назари ӯ меомад.

Мавлонбой ҳамроҳи одамонаш дар меҳмонхонаи пурнақшу нигори Ҳоҷиюсуфи лойобӣ менишаст, базму хурсандӣ дошт. Босмачиҳо бо гӯшти бара чанд чойник маи таҳҷоиро нӯши ҷон карданд. Кайфи

Мавлонбой баланд шуд. Ва баногоҳ дар айни хурсандӣ ба хотири ӯ пирамард Баҳор расиду ба ҳашт нафар йигиташ фармон дод, ки ӯро дасту по баста, наздаш оварда партоянд. Гуфт, ки дар ин соати хурсадӣ душманашро забун дидан мехоҳад.

Йигитҳо амри ӯро ба ҷо оварданд: пирамард Баҳорро, ки аз зарбу лагати онҳо беҳуш шуда буд, ба дасту пои баста ба миёни маърака – назди Мавлонбой оварда партофтанд. Мавлонбой бовар дошт, ки ҳоло душманаш ба ҳуш омада, ӯро мебинаду ба ҳарос меафтад, зорию илтиҷо мекунад, хоки пои вайро ба дидагонаш мемолад.

Ба хости Мавлонбой ба рӯи пирамард, чанд панҷа оби хунук пошиданд. Вай чашм кушод. Оҳиста сар бардошта, ба аҳли давра як-як назар андохт. Баъд нигоҳи ӯ ба рӯи Мавлонбой қарор гирифт. дар ин дақиқаҳо чунин менамуд, ки аҳли маърака нафас намебароранд. Ҳама ба даҳони пирамард Баҳор назар дӯхта буданд.

Пирамард такя ба оринҷаш дода, нимхез шуд. Аз зарби лати бисёр сару рӯи вай кафида буд. Ба гиребони куртаи сап-сафеди бо ришу бурутҳояш ҳамранги ӯ қатра-қатра хун мешорид

– Ин салтанату ҳукумат муборак бошад! – хандид пирамард ба Мавлонбой. – Ҳамаи ин бо амру фармоиши худутай? Ба ту сарвари мамлакат, қоил ман! Шон дар рӯзи равшан пеши зануш рафта наметонаю…–Баҳор-амак бо нафрат аз Мавлонбой рӯй гардонд.

– Баред, занед, паронед, ин сагро!! – фармон дод Мавлонбой, хун ба сараш зада.

Пирамардро боз йигитҳои ӯ соҳиб шуда, ба берун кашола карданд. Вале овози пирамард паст намешуд…

– Ҳа, вай пирсаги беимонро мо куштем, – гуфт пас аз сукунати тӯлонӣ Мавлонбой бо димоғи сӯхта ва андаке худро ба даст гирифта, давом дод: – Ту аз чӣ меҳаросӣ? Ман омадам, ки ба таклифи Кривошок розӣ шавӣ. Ин бисёр нағз, дар миёни онҳо одами дилпури мо мешавӣ. Ба ту ягон кас кордор намешавад, агар ман зинда бошам, ба поят хор намехалад. Ба ҳамаи йигитҳоям гуфта мемонам.

Мавлонбой пиёлаи холиро ба Наврӯз дароз кард. Наврӯз хам шуда бо ду даст пиёларо аз даст Мавлонбой гирифт, чои таги чойникро ба он рехта,назди ӯ гузошт ва аз ҷояш хест.

Гулнисо ҳанӯз дар ошхона ба коре машғул буд. Ҳамроҳи Дилшод бо овози паст гап мезад. Аз ӯ чизе илтимос мекард. Аммо вай сухани модарашро мегардонд. Наврӯз паси дар истода, ба гуфтугӯи онҳо бодиққат гӯш дод.

– Бачам, ин отат пир шуда, ақлашро хӯрдааст. Бин, бадбахт имрӯз тарафи Мавлонбой, ҳама чия аз ҳушаш баровардааст. Босмачия хона овардааст… Ғамдарсар худаш ҳам босмачӣ мешавад. Ба гарнизон хабар те. Гӯй, ки Мавлонбой-кӯрбошӣ дар хонаи мо. Зудтар рафта гап зан…

– Охир, ин хуб намешавад, оча, ба отам гап мерасад. Ӯро ҷазо медиҳанд, – мегуфт Дилшод.

– Дилшод, ҳушёр шав, гапамро нагардон. Худат-ку одати маро медонӣ.

Дилшод ноилоҷ аз ошхона баромад ва дар паси дар бо падараш рӯ ба рӯ шуд.

– Куҷо, Дилшод? – Наврӯз хандид. – Ин тараф биё, аз роҳат гард, – гуфт ӯ ва аз дасти Дилшод гирифта, ӯро ба ошхона даровард. – Занак, илтимос, бисёр сабукӣ накун, кор расво мешавад. Ту ҳеҷ чиз нафаҳмида истодай.

Гулнисо аз ҷидияти шавҳараш пай бурд, ки ӯ ягон сир дорад, таги коса нимкоса будагӣ барин. Ин буд, ки вай хомӯш монд.

Наврӯз ба Дилшод фармуд, ки берун барояд.

– Гарнизон хабар дорад, ҳамаи ин корҳоро ман бо супориши онҳо ба ҷо меорам. Акнун фаҳмидӣ, занак? – гуфт оҳиста Наврӯз.

– Рост мегӯӣ, мардак?

– Ҳа.

– О, ин кори хатарнок-ку!

– Ҳа, занак, хатарнок…Ба ҳеҷ кас гап назан, ба бачаҳо ҳам нагӯй.

Рӯи гандумгуни Гулнисо кушода шуд.

– Дасти меҳмонро об гир, ош тайёр, – гуфт ӯ.

Наврӯз акнун хотирҷамъ буд.

Мавлонбою Наврӯз, пас аз ош хӯрдан ҳам хеле нишастанд.

– Ба фикри шумо, кори фармудаашонро қабул кунам?

– Агар маро бародар донӣ, не намегӯӣ. Кори бисёр қулай омадааст, – гуфт Мавлонбой ва пас аз лаҳзае илова кард: – Баъзе гапу кори гарнизонро ба мо хабар дода меистӣ.

– Чӣ, хел? Ин, охир, осон не! – ба «ҳарос» афтид Наврӯз.

– Наҳарос, ҳеҷ гап намешавад, он қадар душвор не. Андак каллая кор фармудан лозим, – Мавлонбой ба Наврӯз наздиктар нишаст. – Барои ин, аз ҳама аввал, ба Кривошок созомадӣ кун. Ба хонааш рав, як чиз-ним чиз бар. Ҳамааш аз ҳисоби мо мешавад. Аз ин ҷиҳат бепарво бош. Кривошок зан дорад?

– Ҳа.

– Нағз, бо занаш ҳам забон ёб. Бисёр гапҳоро ба воситаи ӯ мегирӣ, фоида дорад. Баъд, Наврӯз, боз як хоҳиши дигар: як йигити мо аз ҳамин Яккабед, хонааш ба гарнизон наздик. Қариб як ҳафта боз гум, шунидем, ки касал будааст. Ҳаминро ҳам пурсуҷӯ кун.

– Хуб, ака.

– Чӣ «хуб?» Гаранг, – хандид Мавлонбой, – ҳоло супориш аниқ нашудааст…номи ӯро ман ба ту нагуфтаам. Ту вайро чӣ тавр меёбӣ? Корро боз расво накунӣ…Ҳушёр шав, онҳо гов не, бало, қадами мон-

дагиатро ҳисоб мекунанд, аз гапат гап мегиранд. Гап ҳамин ҳар чиро нафаҳмӣ пурс. Номи йигити мо Алоудини Гург. Чӣ гуфтам? Канӣ такрор кун.

– Алоудини Гург.

– Бале, аз ёд набарор. Ба Худо, дар пеши ту бисёр гапҳоя гуфтаму дилам пур не. Боз дар назди ҳар кас напӯкӣ. Корамон нағз шавад, фоидаи худат. Ёрӣ медиҳем, соҳиби молу мулк мешавӣ. Ҳамааш аз худат вобаста, – гуфт Мавлонбой.

– Хуб шудааст, эҳтиёт мешавам…Ака, боз як чиза аз шумо пурсиданӣ будам. Агар лозим шуда монед, ман чӣ хел шуморо меёбам?

– Ҳар гапу коре шавад, ба Абдумалик муроҷиат кардан гир.

– Ба Абдумалик?! Шумо, ака, чиҳо гуфта истодаед? Ё маро масхара мекунед, гӯлу гумроҳ мегӯед? Ман ҳам, ака, зиндагӣ мехоҳам…

– Абдумалик одами мо, бародар…

– Абдумалик фирқа, одами урусҳо, дӯсти наздики Кривошок!

– Ту ҳам ана ҳамин хел дӯсти наздики Кривошок шав. Аз Абдумалики мо ибрат гир.

Наврӯз дар ҳайрат шуда акнун хомӯш менишаст.

– Ба наздикӣ Абдумаликро дар гарнизон ба як кори калонтар меигранд. Барои ту боз ҳам хубтар мешавад, ба якдигар ёрӣ мерасонед.

– Не, ака, намешавад. Абдумалик ҷону ҷигари урусҳо. Вайро шумо намедонед, ман аз вай метарсам, хабар медиҳад, маро мефаҳманд, мепарронанд, мекушанд. Илтимос, маро ба бало намононед. Аз Абдумалик ҳамаи одамони қишлоқ метарсанд, мегӯянд, ки ду бечораи камбағалро аз қишлоқи Гулдон «шумо тарафдори босмачиҳо» гуфта худаш парондааст.

– Аз ин мо хабар дорем. Онҳо бечора набуданд, тарафдори ашаддии урусҳо буданд, – Мавлонбой бо ҷиддият идома намуд: – Гап ҳамин, ки Наврӯз, ин қадар тарсончак нашав, аз Абдумалик дилпур бош, ҳозир аз хонаи ӯ омадам. Маслиҳат кардем, дар бораи ту медонад.

– Медонад?!

– Ҳа, пагоҳӣ аз паи кор шав. Аз оғили мо гови алоя гирифта, гарнизон бар, пулашро худат гир, – Мавлонбой рӯи ҳам чанд пиёла чой нӯшиду: – Акнун ман рафтам, Наврӯз, дер мешавад, – гӯён бархост.

Берун ҳанӯз торик буд.

Наврӯз аз паси хона аспи Мавлонбойро оварда як тарафи узангуро дошта, барои ба асп савор шудани ӯ ёрӣ расонд. Ва ӯро то беруни ҳавлӣ гусел карда, дарвозаро аз пасаш пӯшид. Вай аз Мавлонбой як олам гапу сир фаҳмид. Онҳо бисёр будаанд, дар ҳама ҷо, сари ҳар қадам одам доштаанд. Абдумалик одами босмачиҳо будааст. Дар гар-

низон бошад, ба ӯ бовар доранд, ҳатто Кривошок як рӯз гуфт, ки Абдумалик дар деҳа одами аз ҳама боэътимод аст. Ҳушёр, чусту чолок, зирак, бо забони русӣ ҳам хуб гап мезанад. Вале Кривошок дили ӯро намедонад. Воқеаи гум шудани тиллоҳои Мулло Саид ва Абдумаликро гӯё ҳама аз ёд баровардаанд.

* * *

Дар деҳа ногоҳ шӯре бархост. Ҳама сӯи хонаи мулло Саид мешитофтанд. Наврӯз ҳам саросема шуда, дар як по кафш, пои дигараш урён, сари бараҳна, таги як куртаю эзор ба кӯча давид.

«Хабар дорӣ, хонаи домуллоро дузд задаст, сандуқу ҷомадонҳояшро шикаста, ҳама чизашро тагу рӯ кардаанд. Бедиёнатҳо ҷой наёфта, ба хонаи мулло дуздӣ даромадаанд-а! Ин даҳшат, қиёмат, нишони охирзамон…» Роҳравон яке ба дигаре ҳамин хел мегуфт. Наврӯз бо сели одамон, ки дар торикии субҳидам корвони мӯрчагонро мемонд, ба хонаи мулло Саид расид. Ин ҷо дар ҳақиқат қиёмат ба по буд. Ҳавлии калони мулло лаболаби одам, онҳо ба якдигар гап надода, ғавғо мекарданд. Мулло Саид як ҷелаки дарози суф дар бар, саллаи калони сурхчатоб дар сар, чун қарашқул миёни издиҳом рост меистод. Қомати чӯби хушк барин харобу дарози ӯ аз ҳар тарафи ҳавлӣ намоён буд. Вай, даст ба рӯй, бурда, дуздонро дуои бад мекард.

– Худоё, хонаатон сӯзад, фарзандҳоятон бепадар монанд, пулу молҳои ман ба шумоҳо заҳру зуқум шавад. Ман тамоми умр нахӯрдаю напӯшида, як пул-ним пул ҷамъ кардам. Имрӯз ҳамааш эми ҳаромхӯрон шуд. Кӯдаконам бенону либос, мурдаам бекафан монд. Худоё, раҳми мана хӯр, ба ғоратгарон ҷазо деҳ!

Овози мулло Саид торафт сӯзу гудоз мегирифт.

Рӯз равшан шуду ба ҳавлии Мулло Саид аз қозихонаи Душанбе одамон омаданд. Онҳо дуздонро ҷустуҷӯ мекарданд, пай мекофтанд. Мавлонбои он вақтҳо ҷавон ҳам, пас аз марги падар нав ба сари давлату савлати ӯ омада буд, барои ба домулло мадад расондан, давуғеҷ дошт. Ӯ аз миёни одами бисёр бародари Наврӯз Абдусамадро дида, аз гиребони вай гирифт.

– Ман кафолат медиҳам, ба номи Худо қасам мехӯрам, ки дузд ана ҳамин Абдусамад аст. Дар қишлоқ ана ҳамин одам беҷогард, рӯйхарош, ҷанҷолӣ аст. Пулу моли домуллоро ғайри ҳамин дигар касе нагирифтааст.

Мавлонбой ӯро аз байни издиҳом ба назди одамони қозӣ кашола кард. Мардум медонистанд, ки ин тӯҳмат аст, Мавлонбой ба Абдусамад хусумат дорад, вале чизе гуфта наметавонистанд. Ба зорию лобаш нигоҳ накарда, одамони қозӣ дастони Абдусамадро ба пушт баста, зери лату кӯб ӯро ба Душанбе бурданд.

Ҳамон рӯз, вақте ки ҳама аз хонаи мулло Саид баромада рафтанду мулло танҳо монд, ба ёди ӯ писараш Абдумалик расид. Вай куҷост? Мулло Саид фарзандашро пурсид, вале ӯ бедарак буд. Аз байн рӯзҳо гузаштанду асли гап маълум шуд. Абдумалик падарро гирифта баромада рафта будааст. Мулло Саид фарзандашро дуои бад мекард, ки аз ӯ хоин рӯида. Ва аз дил мегузаронд, ки хайрият ҷои як шутур тиллои ӯро вай намедонад.

Вай пас аз ҳафт сол пайдо шуд. Тамоман дигар шуда буд. Дар ин мудат ба бисёр шаҳрҳо–Бухоро, Самарқанд, Тошканд ва ҳатто ҳамроҳи савдогарон ба Петербург ҳам сафар карда будааст. Бо забони русӣ гап зада тавонистани ӯ ҳам аз ҳамин ҷиҳат буд. Аммо имрӯз гузаштаи вайро фаромӯш кардаанд.

Наврӯз ба ҷойгаҳ даромад, вале хобаш намеомад. Аз паҳлу ба паҳлу мегашт. Фикр мекард, ки дар ҳақиқат Абдумаликро дар гарнизон ба вазифаи мирзогӣ гирифтанианд. Мабодо, ки Кривошок ба ӯ ҳамаи гапу корро гуфта бошад.

Наврӯз аз ҷойгаҳ хест. Чароғи сиёҳ аз кунҷи хона базӯр равшанӣ медод. Ӯ дар равшнии хира саллаашро ба сар баста, ҷомаи нимдошташро ба китф партофт. Ба хонаи хобби бачаҳояш гузашта Гулнисоро, ки ҳамроҳи Дилшоду Фотеҳ мехобид, бедор кард. Гуфт, ки хавотир нашавад, ӯ гарнизон меравад.

– Дар ҳамин шабӣ? Ҳама хобанду ту гарнизон рафта чӣ мекуни? – Гулнисо сари ҷойгаҳ нишаста,бо пушти дастонаш чашмони хоболудашро мемолид.

– Ҳа, занак рафтан лозим. Гап бисёр шуд.

– Не, дар ин шабӣ нарав.

– То ин су-он сӯ гашта, баъзе корҳоро ба ҷо меорам, ки субҳ медамад, то гарнизон рафтан офтоб мебарояд. Бевақт нест, ситораи саҳар баромадааст.

Ӯ сари роҳ аввал хонаи Мавлонбой даромад. Аз рӯи маслиҳат, гови алои ӯро аз миёни гову гусолаҳои бисёре ёфта, этак кард. Банди гов дар даст, ӯ аз кӯчаҳои хилвати деҳа қадам мезад. Аҳли деҳа ҳанӯз хоб буданд. Аз гӯшаи бому шохи дарахтон хурӯсҳо ҷеғ мезаданд.

Наврӯз ба роҳи калон баромад, ки он ӯро ба гарнизон, ба деҳаи Яккабед мебурд. Ин шаб барои Наврӯз шаби пурташвиш буд. Ҳоло роҳ мераваду ҳушу хаёлаш ба Абдумалик, Кривошок.

«Вай ин қадар худашро ба одамон, ба Кривошок наздик гирифтааст, а! Тавба! Агар дирӯз Кривошок дар бораи вай ба ӯ чизе нагуфта бошад, имрӯз мегӯяд. Баъд, ана, риштаи ҳаёти ӯ, Наврӯз, муфт канда мешавад»…

Наврӯз ба гарнизон расид. Посбонҳо, ки ӯро мешинохтанд, салом дода, дарвозаро ба рӯяш кушоданд. Дар этакаш гов ӯ ба гарнизон да-

ромад. Саҳни васеъ ва сердарахти гарнизон дар зери офтоби пагоҳӣ ба назари Наврӯз боғистони зеборо мемонд. Гирду пеш серодам. Аскарони сурх аз хоб хеста, дар атрофи хонаҳои паст-пасти хасин варзиш мекарданд. Чанд нафар таги як чормағзи калони сершохубарг рост истода, байни ҳам ғароқи сӯҳбат буданд. Чанди дигар дуртар аз онҳо рӯи сабзаи канори ҷӯй нишаста, қисмҳои милтиқҳояшонро кушода, равған мемолиданд. Як ҷавони хароби қоматбаланд аз хонаи хоби аскарон баромада, дами дар истод. Наврӯз ҷавонро шинохт. Ҳафтаи гузашта ҳамроҳи Кривошок ба қишлоқи онҳо рафта буд. Ҳар ду меҳмони Наврӯз шуданд. Ҷавон Виктор ном доштааст. Бо Дилшоду Фотеҳ ба азоб, ба имою ишора гап мезад. Гулнисоро модар мегуфт. Виктор фаҳмонд, ки ӯ аз Украина аст, як модари пир дорад. Ҳоло ӯ дами дар истода, аз афташ, хонаашон, хешовандон, модарашро ба хотир меовар.

Наврӯз аз назди як хоначаи хурдакак гузашта, тарафи идораи гарнизон, ки дуртар аз хонаҳои хоби аскарон ҷойгир буд, равон шуд. Дар он ҷо ҳанӯз касе набуд. Пас аз даме аз дарвозаи гарнизон як марди тануманди ришкалон намоён шуд. Ӯ фаши саллаи калонашро ба пушт партофта, якто-якто қадам монда, тарафи Наврӯз меомад. Мард ба Наврӯз наздик шуда, аз роҳаш бозистод ва сар то қадами ӯро аз назар гузаронда пурсид:

– Ҳа, бародар, чӣ гап? Ин ҷо чӣ мекунӣ?

– Гов овардам, гуфт Наврӯз.

– Гови худат?

– Не, харида овардам.

– Ту ҳам ҳамин ҷо хизмат мекунӣ?

– Ҳа.

– Номат чӣ?

– Наврӯз.

– Канӣ говат?

– Ҳо, ана, – ӯ тарафи дарахте, ки говашро ба як навдаи он баста буд, ишора кард.

– Ҳмм, ягон зарра ақл дорӣ? Ё худат ҳам говӣ? Бефаросат! – ба сари Наврӯз дод зад мард. – Гав гир аз он ҷо!

Наврӯз итоаткорона аз паи иҷрои супориши марди ношинос шуд. Говро бурда ба саисхона баст. Ва бо хаёли он ки мард чикора бошад, боз ба назди идораи гарнизон омад. Акнун офтоб аз паси шоху навдаҳои дарахтон берун омада, саҳни гарнизон серодамтар шуда буд. Наврӯз бетоқатӣ мекард. Агар ҳамин ҳоло Абдумалик омада монад… он гоҳ дер мешавад. Ӯ бо Кривошок дуру дароз мешинаду Наврӯз гапашро гуфта наметавонад. Кривошок бошад буду шуди гапро ба Абдумалик мегӯяд…

Ба гарнизон боз чанд кас даромад. Якеи онҳо ба назари Наврӯз Абдумалик барин намуду тарбуз аз бағалаш афтид. Аммо хйрият, ки саҳв карда будааст. Ба тани Наврӯз аз нав ҷон даромад. Вай худро ба даст гирифта, беихтиёр роҳакӣ шуд. Хонаи Кривошок равад, чӣ? Не, номункин. Аз роҳ бозистод. Абдумалик пайдо шавад чӣ? Боз ба роҳ қадам монд. Ин кори ӯ беэътиноӣ. Одамон чӣ мегӯянд? Худи Кривошок, чӣ? Одамисабуки бебардошт будааст, мегӯяд. Барои гап ҷой ҳаст, идора ҳаст, на хона… Наврӯз ҳамин хел фикру хаёл мекарду пойҳояш вайро тарафи хонаи Кривошок мебурданд, ки паси анбӯҳи дарахтони пургул воқеъ буд. Ӯ аз назди одамони бисёр гузашта, ба роҳаки борик қадам монд. Бо ин роҳ рафтан барояш ниҳоят душвор менамуд. Гӯё он роҳ не, оташ буд. Қафаси сина, ҷисму ҷонаш гудохта мегашту пеш мерафт.

Ба дари хонаи Кривошок расид. Ҷурати даст тарафи дар бурдан накард. Каме истод. Ин ҳол душвортар буд. Агар одвамон ӯро бинанд чӣ ? Аз хиҷолат рӯяш арақшор гашта, даст тарафи дар бурд…

– Кист? Ҳозир, – овози Кривошокро шунид. Ба «ман, дарро кушоед» гуфтан забонаш нагашт.

Дар ғичирросзанон боз шуд. Кривошок аз хона баромад. Ӯ дар сар тоқии гулдӯзии тоҷикӣ дошт. Ҷомаашро ба китф партофта, дасти росташро, ки то оринҷ докапеч буд, пеши бар, болои дасти сиҳаташ гузошта меистод. Лабонаш парсинг баста буданд. Ба командир чӣ воқеа рӯй додаст? Ӯ сиҳат саломат буд-ку!

– Марҳамат, оқсақол, – Кривошок ӯро ба чеҳраи кушод бо дарун ҳидоят кард.

Хонаи Кривошок ба назари Наврӯз мисли хонаи тоҷикҳо менамуд. Дар рӯи хона гилеми пашмини тахта-тахта сиёҳу сафед густурда шуда буд. Дар пешгаҳи хона як кӯрпачаи бахмали сурх паҳн карда буданд. Наврӯз бо хоҳиши Кривошок болои ҳамон кӯрпача нишаст. Ба хона ҷавонзани хушсимое даромад, ки муйҳои тиллогуни ӯ болои чашмони зебояш хам зада буданд. Ӯ ба Наврӯз «хуш омадед»гуфта, дастархон паҳн кард, нону чой овард. Кривошок ба пиёлаҳои озода чой рехта, якеи онро пеши худаш ва дигареро ба пеши Наврӯз, рӯи дастархон монд.

– Саломатиатон чӣ хел, рафиқ командир, ба дастатон чӣ шуд? – оҳиста пурсид Наврӯз.

– Ҳеҷ гап не, сиҳат мешавад.

Дирӯз байни аскарони сурх ва дастаи босмачиёни Раҳмондодхоҳ дар дараи Ромит ҷанги шадиде ба амал омада, Кривошок дар ҳамон ҷанг тир хӯрда буд.

– Худатон чӣ хел? Бо Мавлонбой вохӯрдед, ягон гапи нав ҳаст? – пурсид Кривошок.

– Ҳа, командир, гап бисёр. Мавлонбой шаб хона омада буд.

– Чӣ мегӯяд?

Наврӯз ҳамаашро нақл кард. Дар бораи Абдумалик ҳам гап зад.

– Абдумалик одами Мавлонбой?!

– Ҳа.

Кривошок чанд лаҳза хомӯш монд. Ӯ фикр мекард, ки душман хеле маккор. Чун мор бо ҳар роҳ заҳр заданӣ. Иғво, тӯҳмат, ҷанги рӯирост…Абдумаликро ҳам одами худ хондани онҳо боз як макри нав аст. Мехоҳанд, шӯре ангезад, Абдумаликро ба дасти аскарони сурх нобуд кунанд. Ӯ барои босмачиён хавфовар шудааст. Дар ҷанги дирӯза хуб ҷонфидоӣ нишон дод. Ду босмачиро асир кард, яроқу аслиҳаи зиёд ва чор асп ғанимат гирифт. Ва чун ба Кривошок тир расид, ҷонашро дар хатар андохта, аз ҳама аввал ба ёриаш шитофт… Аммо ҳоло босмачиён ана ҳамин хел одамро одами худ мехонанд. Офарин, қанд занед!

Кривошок беихтиёр табассум кард.

– Рафиқ командир, Абдумалик хоин, дар ин шубҳа нест, – Наврӯз дар ҷояш ҷунбида монд.

– Ҳозир, оқсақол, ҳозир… Ман ҳамаашро ба шумо мефаҳмонам.

Кривошок аз Наврӯз бахшиш хоста, аз ҷой хест ва ҷомадонеро, ки назди дар меистод, кушода аз даруни он як папкаи калони чарминро бароварда ва онро назди Наврӯз оварда, аз миёни коғазҳои бисёр суратеро ёфта, ба ӯ дароз кард. Наврӯз суратро ба даст гирифт. аҷабо, ин сурати бародари ӯ Абдусамад-ку! Ё саҳв мекунад? Сурат миёни ангуштони Наврӯз меларзид. Вай шах шуда буд, аз сурат чашм канда наметавонист.

– Шинохтед?

– Рафиқ командир, охир, ин сурати…

– Ҳа, оқсақол, ин сурати Абдусамад, сурати бародаратон.

– Шумо чиҳо мегӯед? Ин сурати Абдусамад? Сурати бародари ман?! Ман хобам, ё бедор? Гап занед, рафиқ командир, ин чӣ гап, чӣ ҳодиса? – Наврӯз ҳиқ-ҳиқ мегирист. – Гап занед, садқаатон шавам, ҳамаашро ба ман гӯед. Бародари ман Абдусамад зинда аст, шумо ӯро дидед?

– Осуда бошед, оқсақол, ман аз ҳамаш бохабар, ман шумо ва Абдусамади бародаратонро медонам. Абдусамад дӯсти наздики ман буд… Ману вай дар Тошканд, дар заводи пахта шинос шуда будем. Вай аъзои ҳизби мо буд.

– Фирқа буд?

– Ҳа, аъзои фирқа буд, аз ҳеҷ чиз намеҳаросид. Дар роҳи Душанбе Абдусамад роҳбалади мо буд. Орзу дошт, ки ба деҳааш расида, шуморо бинад, бо Мавлонбой рӯбарӯ шавад.

– Ба Абусамад чӣ шуд? Садқаатон шавам, пинҳон накунед, гап занед. Оҳ, Абдусамад, Абдусамад…

Наврӯз, то ки дод нагӯяд, ангуштонашро сахт мефишурд.

– Ба Душанбе даромадани мо бисёр душвор шуд. Абдусамад гуфт, ки тарафи душман гузашта, қувваи онро фаҳмида меояд. Як касро бо ӯ ҳамроҳ кардем. Хоин будааст…–Кривошок сукут кард. Хонаи хурдакаки ӯро сукунати аламангезе фаро гирифт. – Танҳо баргашта, гуфт, ки Абдусамад хиёнат кард. Фармудам, ки он номардро дасту по банданд. Охир қоил шуд. Одами босмачиҳо будааст, ҷазои муносиб дид…Бо ин гуфтаниам, ки, оқсақол, ман дӯстро аз душман мешиносам…

Наврӯз бошад:

– Абдусамад, оҳ, Абдусамад, ҷону ҷигарам, бародарам Абдусамад…–гӯён аз сӯзу гудоз ба худ мепечиду мегирист…

Наврӯз гириста, гириста, ғубори дилашро холӣ кард, баъд худро ба даст гирифта, бори аввал ба Кривошок:

– Бародар, – гуфт. – Дар хусуси Абдумалик асло ин тавр фикр накунед, вай душман, вай мор аст. Ман инро медонам. Кӣ будани падарашро ҳам ба шумо мегӯям.

Наврӯз тафсилоти гум шудани тиллоҳои Мулло Саид, ҳафт сол дар зиндон хобидани бародари марҳумаш Абдусамадро ба Кривошок нақл кард. Аммо Кривошок ба хоинии Абдумалик ҳамчунон шубҳа мебурд.

– Оқсақол, ба мардум аз рӯи хешу ақрабо, кӣ будани падару бобояшон баҳо додан хато аст. Ҳоло фарзандони баъзе бою мулло ҳам ба мо содиқанд, ба роҳи мо мераванд, – гуфт бо тамкин Кривошок.

– Не, бародар, Абдумалик хоин аст, имрӯз-пагоҳ ҳамааш ба худатон ҳам равшан мешавад, – боз таъкид кард Наврӯз.

– Мавлонбой дурӯғ гуфта, иғво андохта бошад чӣ?

– Ин гап рост аст.

– Ба ҳар ҳол, оқсақол, саросема шудан лозим не, месанҷем, ба ҳисоб мегирем.

– Ихтиёратон, бародар, аммо аз хусуси ман ба вай ҳеҷ чиз нагӯед.

– Аз ин ҷиҳат дилпур бошед…

Онҳо мудате сӯҳбат карданд. Наврӯз дар омади гап дар бораи таъини дигари Мавлонбой–Алоудини Гург ҳам гап зад.

– Алоудини Гург? – суол дод Кривошок.

– Ҳа.

– Вай ба гарнизон омада таслим шуд, яроқашро супурд.

Марди тануманди ришкалоне, ки Наврӯз андаке пеш бо ӯ вохӯрда буд, Алоудини Гург будааст.

– Мавлонбой дар хусуси Алоудин чӣ мегӯяд? – пурсид Кривошок.

– Ҳоло ҳеҷ чиз не, – гуфт Наврӯз. – Акнун ба ман иҷозат, меравам, вай лаби дастархонро қат карда аз ҷой хест.

Кривошок ӯро то берун гусел кард.

Наврӯз ғарқи хаёл аз саҳни гарнизон мегузашт. Аз рӯзҳои аввали омадани аскарони сурх ӯро суроғ кардани Кривошок ва ба вай ин қадар бовар доштанаш бегап набудааст. Ӯ Абдусамад қатӣ дӯст будааст. Наврӯз беихтиёр даст ба бағал бурда, сурати бародарашро аз нав ба даст гирифт. Канори ҷӯй аз роҳаш истода, ба он нигарист: худи дудаш, ҳамон Абдусамади паҳлавони батанутӯш, ришашро задаст, сала надарад… Наврӯз мехост сурати бародарашро ба ҳамаи аскарони сурх, ки ба хонаҳояшон даробаро мекарданд, нишон дода бигӯяд:

– Ана бародари ман – Абдусамад! Ӯ аъзои фирқа буд, қурбони роҳи озодӣ шуд, ман ҳам ба роҳи ӯ меравам, қасос мегирам…

– Оҳой, мардак, ту ҳоло ҳам ҳамин ҷо истодаӣ? – овозе Наврӯзро ба худ овард. Ӯ ба атрофаш нигарист: ҳамон марди ришкалони азимҷусса, дар назди ошхона ҳезум мешикаст.

– Командирро интизорам, – гуфт Наврӯз ба Алоудини Гург ва сурати бародарашро боз ба бағал гузошта, роҳашро давом дод.

* * *

Кривошок аз қафои Наврӯз хеле нигоҳ кард. «Худи Абдусамад барин. Бисёр пухта», – аз дил гузаронд ӯ ва ақиб гашта, дари хонаашро боз кард. Ба хона даромада, когазҳои парешони рӯи кӯрпачаро ҷо ба ҷо кард. Дастархонро ғундошта, чойнику пиёлаҳоро ба таги чорпояе гузошт, ки рӯи он кӯрпаю болиштҳоро тахт зада буданд. Ҳарчанд занаш – духтури гарнизон – вақти ба кор рафтан – «аз хона набаромада бихобад», гӯён таъкид карда буд, ӯ тоқат карда натавонист ва сару либоси ҳарбиашро пӯшида, аз хона берун шуд.

Ба идорааш расида, папирос даргиронд. Чаро ин қадар хунрезӣ? Хунрезии ноҳақ! Якдигарбадбинӣ, бародару хоҳаркушӣ. Ҳамаи ин аз иғво, аз иғвои бою амалдорон, давлатмандон… Бо иғвои онҳо боз чӣ қадар одамон мемиранд, чӣ қадар модарон ба дил доғ мегиранд?

Дари идора чанд бор тақ-тақ шуд ва ба назди Кривошок Абдумалик даромад. Ӯ дар тан ҷомаи шоҳии зебое дошт. Ҷома ва саллаи моҳирона ба сар бастааш ба қомати баланди вай мезебид.

– Дастатон чӣ хел, рафиқ командир, озор медиҳад? – Абдумалик аз Кривошок аҳвол пурсид. – эҳтиёт бошед. Ҷароҳат вазнин аст, захми тир ганда.

– Нағз мешавад, ҳамааш мегузарад, марҳамат бинишинед, – Кривошок ба Абдумалик ҷой нишон дод. – Корҳои худатон чӣ тавр?

– Раҳмат, рафиқ командир. Шукр, ки ҷанобашон ҳамеша ғами моро мехӯранд. Ҳазор раҳмат. Ҳаққи гап, рафиқ командир, он қадар

осудагӣ ҳам нест. Ҳамааш ба ҷанобашон маълум. Хавфу хатар зиёд. Қишлоқ пури гап, ки Мавлонбою Каримбой қасам ёд кардаанд: имрӯз-пагоҳ сари бандаро назди Раҳмондодхоҳ мебурдаанд, ин Худоношиносҳо ҳар кор мекунанд. Абдурасули қандичиро дирӯз буз кашиданд, ҳар ду писари кампири Раҳимаро аз Ёвон дар рӯзи равшан пеши модар сар буриданд. Ба Худо, ки рафиқ, командир, чашми ман сахт тарсидааст. Барои маслиҳат омадам. Илтимос дорам, маро ҳамин ҷо, ҳамроҳи худатон монед, як вақт ҷанобашон ҳамин хел изҳор карда буданд.

– Ба гарнизон биёед, аҳволи зану кӯдакҳо чӣ мешавад? Босмачиҳоро медонед, ба ҳеҷ кас раҳм надоранд, – гуфт Кривошок.

– Ҳаволаашон ба Худо, дигар илоҷ нест.

– Не, Абдумалик, хуб намешавад, ғами онҳоро ҳам хӯрдан лозим, ё зану бачаҳоятонро ҳам меоред?

– Рафиқ командир, худатон медонед, занҳои мо рӯй панаҳ мекунанд, аз одам мегурезанд. Дар ҳозирааш мегӯям, як худам аз хатар эмин шавам, баъд ягон гап мешудагист.

– Майлаш, Абдумалик, фикр мекунем, – гуфт Кривошок ва ҷароҳати дасташ ба сӯзиш омад, магар, ки абрӯ чин карда, лаб зери дандон гирифт.

– Дард мекунад? Гуфтам-ку, рафиқ командир. Эҳтиёт шавед, ҷарогҳататон вазнин…мебахшед, ман боз ҷанобашонро ба ташвиш мондам. Ҳоло барои мо аз ҳама аввал саломатии шумо лозим…Хайр, – Абдумалик аз ҷой хест ва бо Кривошок хайрухуш карда, даст пеши бар пуштноки бадар шуд.

Кривошок гуфтаҳои Наврӯзро ба хотир оварда, дар хусуси ҳамаи ҷузъиёти сӯҳбати ҳозираашон бо Абдумалик фикр мекард. Абдусамад ҳам ба ёдаш меомад.

Кривошокро коммунистони Хуҷанд бо супориши махсус ба заводи пахтаи шаҳри Тошканд фиристоданд. Ӯ дар он ҷо ба гурӯҳи зиёди камбағалони тоҷик, ки аз кӯҳистон барои як бурда нон омада буданд, ҳамроҳ шуда кор сар кард. Вазифааш бо онҳо будан, онҳоро роҳнамои кардан буд. Абдусамад яке аз ҳамон камбағалони кӯҳистон буд, ки шаш сол пеш ба завод омада, дар ҳамин ҷо кор мекард. Ӯ аз ҳама пеш бо Кривошок наздик шуд. Душмани рӯирости бою амалдорон буд, кундаю зиндон ба назараш ҳеҷ менамуд.

«Дар замони мо ҳақиқат нест, ҳар чӣ хоҳанд, раво мебинанд, нони даҳонамонро меситонанд, ба ҳазор бало гирифтор мекунанд, ҳамаи инро ман дидам, фаҳмидам. Нони хӯрдан, кафани мурдан надорам. Оворагарду беватан шудам… « Ин суханонро Абдусамад дар ҳар куҷо, назди ҳама бо ҳаяҷону изтироб ба забон меовард.

Кривошок бо Абдусамад боз вақте вохӯд, ки бо аскарони сурх сӯи

Бухорои Шарқӣ меомаданд. Абдусамад роҳбалади онҳо буд. Шодию хурсандӣ мекард.

– Бисёр нағз шуд, заволи ҳукумати бою амалдоронро бо чашми худ мебинам, ба деҳаи ман ҳам меравем. Он ҷо Каримбой, мавлонбойҳо ҳастанд, – мегуфт Абдусамад.

Вале афсӯс, ки ӯ ба деҳааш нарасид, бародарашро надид, барои Душанбеи азизаш ҳалок гашт.

Чанд рӯзи охир, туфайли хабарҳои расондаи Абдумалик дастаи босмачиёни Раҳмондодхоҷ ба аскарони сурх паиҳам таъзиқ меовард. Ҳамаи ин ва гуфтаҳои Мавлонбойю Каримбой дар ҳаққи Абдумалик, донишу заковат ӯ эътиқоди Раҳмондодхоҳро, ки худро мир эълон намуда буд, ғоибан ба вай бештар мекард. Ӯ мехост, ки Абдумалик барин одами содиқашонро аз наздик бубинад, бо вай мусоҳиб шавад. Мир аз ин нияташ Мавлонбойро огоҳ кард. Рӯзи дигар қӯрбошиҳо Абдумаликро ба яке аз дараҳои кӯҳи Мағмуруд, ба ҳузури Раҳмондодхоҷ оварданд. Бо амри Раҳмондодхоҷ ба муносибати ин вохӯрӣ миёни дара маъракае оростанд. Дар чанд дег, ки рӯи сангҳо устувор карда буданд, хӯрок пухтанд. Дидбонҳо тамоми роҳу пайроҳаҳоро бодиққат назора доштанд. Мир бошад, ҳамроҳи Абдумалик ба сайри дара ва шикор баромад буд. Мир раҳораҳ чанд кабк зад.

Тирҳои ӯ хато намехӯрданд. Аммо шикори Абдумалик бебарор буд, тирҳояш барабас мерафтанд ва аз ин рӯ дар назди мир хиҷолат мекашид.

– Ҳеҷ гап не, Абдумалик, тирҳои шумо аз дигар ҷиҳат нишонрасанд, шумо одами бозаковат, донишманд, – сарбаста сухан ронда, Абдумаликро тасаллӣ медод, мир.

Онҳо қариб нимаи баландии кӯҳро тай карда, болои як тахтасанги канори шаршарае паҳлӯи ҳам нишастанд. Аз он ҷо манзараҳои дурдур, деҳаҳои хурду калони водӣ намудор буданд. Ҳаво ҳам софу беғубор буд.

– Абдумалик, – гуфт Раҳмондодхоҷ, – ман бисёр хурсанд, ки бо шумо шинос шудам. Шумо баринҳо ба мо фақат имрӯз не, фардо ҳам лозим. Ман худораҳматии қиблагоҳро медонистам, моро суроғ мекарданд…

– Ҳа, ҳазратам, қиблагоҳ дигар буданд. Он хел одамҳо як меоянду як мераванд, – Гуфт бо ҳасрат Абдумалик.

– Ман як чизро аз шумо пурсиданӣ, – Раҳмондодхоҷ оромона суханашро давом медод. – Дар хусуси реҳлати қиблагоҳ ҳар хел гапҳо ҳаст. Мегӯянд, ки азми сафари Макаю Мадина карда, аз олам гузаштаанд, боз мегӯянд, ки…Мир давоми суханашро нагуфт.

– Ҳазратам, имрӯз ҳамаи мо хизматгори шумоем. Амри шумо бароямон воҷиб. Шумо шариатпаноҳ ҳастед. Ва сирреро аз ҷанобашон махфӣ доштан гуноҳест азим, – ба гап даромад Абдумалик. – Дар роҳи Маккаи Мунаввара реҳлат кардани қиблагоҳ дурӯғ аст. Инро банда барои бехатарии кор бофта баровардаам ва дар оянда низ мо бояд ҳамин ақидаро қувват диҳем. Ба нафъи ин гап ҳазратам хубтар сарфаҳм мераванд. Аммо асли гап дигар аст… Қиблагоҳ сарвари дастаи ғозиён шуда, ба ғазовот баромада буданд. Дар Шоҳмансур аз тири кофирҳо шаҳид шуданд. Ман бо кофирҳо хундорам. То дами марг барои хуни қиблагоҳ меҷангам.

– Офарин, ман ҳам ҳамин хел ақида доштам, – гуфт Раҳмондодхоҳ.

Кабке аз таги як бута фиррӣ пириду дуртар аз Раҳмондодхоҳу Абдумалик нишаст. Аз қасди сайёд бехабар, мастона ба хондан даромад. Овози хуши кабкро миёни дара садои тири Раҳмондодхоҳ пахш кард. Ҷонвари бегуноҳ, оғуштаи хун, рӯи сангҳо метапид. Раҳмондодхоҳ даст ба китфи Абдумалик ниҳода қоҳ-қоҳ хандид.

– Ҳазратам, – гуфт Абдумалик, ки аз мергании мир шод шуда буд, – дар ин ҷангу ҷидоли зидди куффор ман аз ҳеҷ чиз рӯй наметобам. Ҷонамро сарфи ин роҳ мекунам, васияти қиблагоҳ ҳам ҳамин аст. Ҳоло боз як васияти он касро ба шумо расонданиам.

– Гӯшам ба шумо.

– Қиблагоҳ гуфта буданд, ки як шутур тилло ҳаст, ҳамонро ба сардори лашкари ислом расонам.

Аз шунидани ин хабар авзои Раҳмондодхоҳ тағйир ёфт, чашмони ӯ калон кушода шуданд.

– Як шутур тилло? – гуфт нобоварона мир. – Ба фикрам, қиблагоҳ ин қадар бадавлат набуданд-ку.

Тиллои ғанимат.

– Ғанимат? Аз куҷо?

– Тиллои амир, – пичиррос зад Абдумалик. Ва баъд ба мир гуфт, ки дар мудати чанд гоҳи дар Душанбе ва дар Ҳисор будани амир Олимхон падари вай яке аз муллоҳои наздики ӯ будааст, аз ҳама гапу хабар огоҳ. Ҳазрат аз ин истифода бурда, бо чанд кас забон як карда, як шутур тиллоро саришта кардааст.

– Ҳоло он тилло куҷост? Вай барои мо бисёр зарур-ку…Мир рӯҳу тавони нав мегирифт.

Абдумалик аз ҷайбаш коғазу қалам бароварда, ба навиштани руқъае пардохт. Баъд онро ба Раҳмондодхоҳ дароз кард.

– Чӣ навиштед? – пурсид мир.

– Марҳамат, хонед.

– Худатон якбора хонда, мақсадро фаҳмонед, – хоҳиш кард ӯ.

«Амаки бузургворам, Мулло Аҳмад, – ба хондан шурӯъ кард Аб-

думалик, – аз шумо дархости банда ҳамин, ки он амонати қиблагоҳро бекамукост ба ихтиёри одамони мири музаффар ҳазрати Раҳмондодхоҳ биспоред.

Бо салому эҳтиром фарзанди қиблагоҳ Абдумалик».

Ӯ хатро ба мир супорида, манзили Мулло Аҳмади кафшдӯзро ҳам гуфт. Инчунин гуфт, ки худаш ҳам, имрӯз набошад, пагоҳ Мулло Аҳмадро дида, таъкид мекунад.

Раҳмондодхоҳ хатро гирифта, ба кисааш, миёни чанд коғази лозима монду милтиқро ба китф андохта, бархост. Ин дам рӯз бегоҳ мешуд…

* * *

Вохӯрии нави Наврӯз бо Мавлонбой, аз рӯи таъини Абдумалик, дар дараи Лойоб ба амал омад. Дастаи босмачиёни ӯ ду рӯз боз дар он ҷо паноҳ мебурданд. Наврӯзро Мавлонбой, дар хаймаи худаш, ки байни ду чашма ҷойгир буд, қабул кард. Мавлонбой дар болои чор қабат кӯрпача чорзону зада, бо Наврӯз сӯҳбат мекард. Онҳо танҳо буданд. Наврӯз ҳис мекард, ки дар наздикиҳои хайма ҳам касе нест. Бо вуҷуди ин бо овози паст гап мезад, Наврӯз гапҳои ӯро базӯр мешунид.

– Наврӯз, ту бародари ҳақиқии ман ҳастӣ. Раҳмат, ҳазор раҳмат, – гуфт Мавлонбой ва болиштро ба таги оринҷаш гузошта, дароз кашид.

Наврӯз чизе гуфтанӣ буд, ки Мавлонбой ба гап сар кард:

– Ту акнун ба Абдумалик бовар кардӣ? Гуфта будам-ку, вай одами худӣ, дилпур…

– Ман хато карда будаам. Охир, одама шинохтан душвор…Рости гап, ака, аз Абдумалик ман бисёр метарсидам.

– Вай худӣ. Аммо минбаъд Абдумалик ҳар вақт бо ман вохӯрда наметавонад, вай одами калон, эҳтиёт шуданаш лозим. Ҳамаи кор акнун ба гардани худат меафтад. Ба назди мо худат омадуарфт мекунӣ. Шароит вазнин шуда истодааст, – гуфт Мавлонбой.

– Алоудини Гург тарафи аскарони сурх гузаштааст, ака, яроқу аслиҳаашро ҳам супурдааст.

– Ин ба мо маълум, беҳуда аз вай гумон бурда будаам. Кори вай бо масиҳат будааст…

Аз беруни хайма шарфаи пой шунида шуд.

– Кистӣ, бача? – Мавлонбой сарашро бардошта, аз дари хайма ба берун нигоҳ кард.

– Як кас шуморо мепурсад, – гуфт посбон.

– Чӣ гап, тинҷӣ? – Мавлонбой даст ба тарафи силоҳаш бурд.

– Тинҷӣ, ака, одами худӣ…

– Ман, бародар, ҳозир…Ту хӯрок хӯрда шикаматро сер кун, – гуфт Мавлонбой ба Наврӯз ва берун баромад.

Наврӯз танҳо монд. Аз алафзорони атроф садои чирчиракҳо ба гӯш

мерасид. Хайма озода буд. Фарши онро қолини хушранге зеб медод. Дар рӯи дастархон табақи кабоб, мавизу чормағз. Аммо иштиҳои Наврӯз баста буд, чизе хӯрдан намехост.ӯ базӯр ду қулт чой нӯшид. Аз чӣ буд, ки дилаш танг мешуд. Хаёлаш ба гарнизон, Кривошок, Абдумалик, Алоудини Гург мерафт…Аз дил мегузаронд, ки чаро Кривошок ҳанӯз ба Абдумалик бовар дорад? Охир, аз рӯи гапи Мавлонбой, Абдумалик ба босмачиҳо як қутӣ тиру чанд милтиқ ҳам ёфта додаст. Ҳамаи инро ӯ ба Кривошок чӣ тавр фаҳмонад? Чаро ӯ ба гапи вай бовар намекунад? Наврӯз боз ба пиёла чой рехт. Мавлонбой куҷо шуд? Ягон кас аз рӯи ӯ хабар наоварда бошад…Ҳар чӣ шуданаш мумкин. Дилаш безобита, аммо илоҷ надорад. Мавлонбойро бояд интизрор шавад.

Мавлонбой ба хайма даромад. Хурсанд менамуд.

– Барои ту, бародар, боз як кори дигар баромад, имшаб тӯй будааст, – гуфт хурсандона.

– Тӯй?

– Ҳа, мир тӯй доштаанд.

– Чӣ хел тӯй?

– Зан мегиранд.

– Ҳазрати мир то ҳол безан буданд?

– Мир, бародар, одами Худодод. Боз зан мегирад, тару тозаашро…Калоншавандаҳои Тангаӣ як паризодро пешкаш кардаанд. Не, гӯянд, куфри неъмат мешавад. Ҷояш ояд, бародар, мову ту ҳам не намегӯем. Мардака ризқаш, ҳасад бурдан хуб не, Худо ба ҳар кас насиб кунад, мо ҳам умед дорем…– Мавлонбой каме сукут карда, хеле вақт дар ҳамин ҳолат нишаст ва оқибат ба сари мақсад омад: – Бародар, ҳозир рост хонаи мо рафта, гӯй, ки як гӯсфандро кушта яхнӣ кунанд, чапотӣ, нони ширмол, кулча пазанд…–Боз як гапи дигар, бародар…Мақсад аз туро ҷеғ задан ҳамин буд, – гуфт Мавлонбой ва ҷомаашро гирифта, кисаҳои онро кофта, як коғазчаи чорқатро бароварду онро ба Наврӯз дода таъкид кард: – Ба кисаат андоз, эҳтиёт шав, ки хонумони ҳамаамон насӯзад. Ин ҷо гап дар бораи тилло меравад…

– Тилло?! Чӣ хел тилло?

– Телба нашав, – абрӯ дарҳам кашид Мавлонбой. – Ба Шоҳмансур рафта, Мулло Аҳмади кафшдӯзро меёбӣ. Ӯро ҳама медонанд. Хатро ба ӯ медиҳию мегӯӣ, ки ҳамон амонатро коре карда кам-кам ба мо расонад. Чанд бор кас роӣ кардем, корамон барор нагирифт. Ба Шоҳмансур даромадан осон не. Аммо ба ту баринҳо кордор намешаванд. Боз мегӯям, ки эҳтиёт шав, ман ба ту бовар дорам.

– Хуб шудааст, ака, хатро мерасонам. Таъинатонро мегӯям, – даст пеши бар гирифт Наврӯз.

Мавлонбой табақи кабобро, ки рӯи дастархон меистод, тарафи ӯ тела дода, меҳмоннавозона гуфт:

– Гир, шарм надошта, хӯр. – Вай ду се устухони калони сергӯштро аз табақ бардошта, пеши Наврӯз гузошт ва худаш ҳам як бурда гӯшт гирифта, хӯрдан гирифт. наврӯз гӯшт мехӯрду андеша дошт, ки кораш омад кард. Зангирии Раҳмондодхоҳро фаҳмид. Аз ҳама асосиаш, мактубе ба дасташ афтод. дар он чӣ навишта шуда бошад? Ӯ хонда наметавонад, саводаш нест. Ба ҳар ҳол ин мактуб ягон гапи муҳим дорад. Мулло Аҳмад, тилло…як олам гапу кор. Аскарони сурх, албатта, аз тӯи зангирии Раҳмондодхоҳ истифода мебаранд. Баъд чӣ? Агар босмачиҳо ҳамаи инро аз Наврӯз донанд чӣ? Роҳи ҳали ин масъаларо ёфтан лозим…

– Ҳа, Наврӯз ин қадар ғарқи хаёл шудӣ? – Пурсид Мавлонбой. – Натарс, бародар, ҳама кор нағз мешавад, фақат эҳтиёт шав, ба касе сир бой надеҳ…

– Ба Худо, ака, диламро ваҳм гирифт. вазифаи душвор, кӣ медонад, чӣ мешавад? – Наврӯз гӯё дар ҳақиқат банди ҳамин хаёлот буд, ки табассум карда, ришу бурути равғанолудашро бо рӯймолча пок кардан гирифт. – Лекин…хайр, чӣ илоҷ, вақти нангу номус омадааст.

– Офарин, бародар, вақташ меояд, ки хурсанд мешавӣ, – гуфт Мавлонбой. – Дар хона ғалла-палла дорӣ? Танқисӣ кашӣ гап зан.

– Худатон медонед, аҳвол он қадар хуб нест. Ҳамин шабу рӯз як каф орд надорем. Бачаҳо гушна, – шикоят кард Наврӯз.

– Бегоҳ се-чор пуд гандум гирифта мемонам, омада бар, – гуфт Мавлонбой.

– Худо умри фарзандонатонро дароз кунад, шамшератон буро шавад, коратон барор гирад, – дуо кард Наврӯз ва ба Мавлонбой наздиктар шуд. – Ман, ака, ба шумо як гапи дигар ҳам гуфтанӣ будам. Наздикони Каримбойро дар иқишло к медонед-а?

– Ҳа, Тешабои ҷувозкаш, Ҳамиди Ғӯл…–бо ҳайрат ҷавоб дод Мавлонбой.

– Ана ҳаминҳо, ака, ба Худо, ки рӯздармиён дар гарнизон, дар назди Кривошок. Аз пагоҳ то бегоҳ корашон пичир-пичир. Як рӯз Тешабои Ҷувозкаш Кривошокро хонаи худаш талабида овард. Мегӯянд, ки Каримбой ҳам будааст. Аз ин шумо хабар доред? Кадом рӯз хостам, ки дар ин бобат аз худи Кривошок гап гирам, сир бой надод. Хандида гуфт, ки аз паси ин корҳо нагардам. Ҳамин ҷо, ака, ягон гап будагӣ барин.

– Аз дасти ин шайтон ҳар кор меояд, – андешамандона ба гап даромад Мавлонбой, – Ҳоло вазъияти мо он қадар хуб нест. Аҷаб не, ғами ҷонашро хӯрданӣ бошад. Номард, хоин!

Дар охир Мавлонбой аз Наврӯз хоҳиш кард, ки минбаъд ба рафтору кирдори Каримбой ҳам диққат диҳад…

* * *

Ҳанӯз Каримбой аз хоб нахеста, дарвозааш сахт тақ-тақ шуд. Касе онро бо дастаи қамчин беист мекӯфт. Ӯ бо ҳарос фурсати либоспӯшӣ наёфта, таги куртаю эзори сафед аз хона берун шуд. Ба ҳар эҳтимол, милтиқашро ҳам гирифта буд. Садои тақ-тақи дарвоза паст намешуд.

– Кист…–Каримбой аввал як табақаи дарвозаро кушода, худро паси он кашид. Аммо дар рӯ ба рӯяш Мавлонбойро ҳамроҳи як савораи ношинос дида, дилаш қувват гирифт. осуда шуд, ба рухсораҳояш хун даромад. – Овоз барорӣ намешавад, Мавлонбой, ба Худо, ки аз тарс қариб буд, гурдакаф шавам, – гуфт ӯ ва аз рӯи Мавлонбой ҷиддиятро хонда, ҳайрон шуд. – Бахайр, Мавлонбой?..

Бо ишорати Мавлонбой ҳамроҳи ӯ аз асп ҷаста фуромад. Фурсати лаб во кардан надода, ба Каримбой дарафтод ва дар як он дастонашро ба пушт тоб дод.

– Истед, худаш чӣ гап, ин чӣ аҳмақӣ? Истед! – Каримбой муқобилият нишон дода фарёд зад. Зану фарзандони ӯ аз воқиа огоҳ шуда, оҳу нола бардоштанд.

– Носирхитой, даҳонялагӣ накун, зудтар бош…Намебинӣ, рӯз сафед шуда истодааст. – Мавлонбой ба сари марди ғӯл, ки дастони Каримбойро бо чилбур мебаст, дӯғ зад. Ва дигар нигарон нашуда, худаш ҳам аз асп фуромад. Каримбойро озод бардошта, ба аспи Носирхитой савор кард, пойҳояшро аз таги шиками асп гузаронда, бо банди ғафсе бо ҳам баст.

Савораҳо ба роҳ даромаданд.

– Мавлонбой, гӯй охир, чӣ гап аст, маро куҷо мебаред? – мепурсид Каримбой.

– Овоз набарор, ин ҷо ҷои гап нест. Ҳозир ҳамашро мефаҳмӣ, номард! – Мавлонбой аз қафо ба аспи Носирхитой қамчин зад.

Онҳо роҳи бисёреро тай карда, қарибиҳои бегоҳ ба масҷиди деҳаи Явроз расиданд. Саҳни хурдакаки масҷид пур аз одам буд.

Каримбойро назди дари яктабақаи масҷид аз асп фуровардаанд. Бо супориши Мавлонбой ду босмачии мусаллаҳ ӯро аз зери бағалаш дошта, ба дохили масҷид кашиданд. Ин дам Раҳмондодхоҳ миёни қӯрбошиҳояш дар пешайвони масҷид рост истода, ба бенавоёни деҳа, ки бо сари хам менишастанд, гап маъқул мекард. Дар бораи зарурати ба лашкари ислом ёрию мадад расондан сухан мегуфт. Онҳо бояд сафи лашкарро пур кунанд, аз пулу мол ҳар чӣ ки доранд, сарфи ин роҳ намоянд. Аҷабо, фикр мекард Каримбой, ки ҳанӯз он ду нафар аз зери бағали ӯ дошта меистоданд, охир, дирӯз мир гуфта буд, ки одам кофист, пул лозим, яроқ лозим…Ҳоло боз сафи лашкарро пур канданӣ. Чӣ гап шуда бошад? Ба замми ин ӯ ҳис менамуд, ки ҳамаи йигитҳо, қӯрбошиҳиҳо маъюсянд. Қошу қаввоқи мир ҳам овезон буд. Пас аз

тӯй хафагӣ? Худи Каримбойро чаро дасту по баста овардаанд? Аз рифиқонаш касе ба ӯ наменигарад, гӯё вайро намебинанд. Ин чӣ бесарусомонӣ?

Оҳиста-оҳиста саҳни масҷид камодам шуд. Мардум «ҳеҷ чиз надорем, нони ҳӯрданӣ ҳам нест, хонасалот шудем!» – гӯён ғур-ғур карда, яке аз паси дигар баромада рафтанд. Раҳмондодхоҷ ҳам, гӯё дигар ҳавсалаи гапзанӣ надошт, ки хомӯш меистод.

– Канӣ, пеш даро,–посбонҳо Каримбойро ба пешайвони масҷид кашола карданд.

– Ассалом, ҳазартам, – Каримбой, ки дастонаш ҳанӯз ҳам ба пушт бастагӣ буданд ва сараш низ бараҳна буд, ба Раҳмондодхоҷ таъзим кард. Вале мир ба тарафи ӯ нигоҳе наафканд. Ӯ ду даст ба пушт, бо сари хам дар пешайвони масҷид якта-якта қадам мемонд. Аз ваҷоҳати мир маълум буд, ки кори Каримбой тамом шудааст. Вай шаб хоби мудҳише дида буд. Ана акнун… Кош бо зану фарзандонаш «дидор ба қиёмат», – мегуфт, духтаракаш Зеварро охирин бор мебӯсид. Ҳоло мир барои қатли ӯ ишора мекунад, бо ҳамин тамом. «Пеши поятон мурам, садқаатон шавам, барои чӣ, ман чӣ гуноҳ дорам?» – гуфта ҳам наметавонад.

– Ҷаноби мир, ҳазратам, аз хоб бедор карда оворондам…– Мавлонбой чун нишони марг дар паҳлӯи Каримбой меистод.

– Шаб куҷо будӣ? – Раҳмондодхоҷ бо нафрат ба Каримбой рӯй овард.

– Ба Қуръон қасам, ба сари фарзандонам қасам, ки ҷаноби мир, дар хона будам, аз хона набаромадаам. Охир, аз худатон иҷозат хоста будам…–овози Каримбой меларзид.

– Чиба рафтӣ?

– Ҷаноби мир, гуфтам-ку, духтарчаам касал буд, бовар кунед, касал…

– Духтарчаат намурд?

– Ҷаноби мир…

– Моро ин қадар гӯлу гумроҳ ҳисоб накун, бас! Ҳамааш маълум. Куҷо меравӣ, аз мо чӣ хабару маълумот мебарӣ, ҳамаашро медонем, ту хоинӣ!

– Бовар кунед, ҷаноби мир, садқаатон шавам, пеши поятон хок шавам, ман ҳеҷ гуноҳ надорам, аз ҳамаи ин гапҳо бехабарам, бовар кунед, ман бегуноҳам, ҳамаи ин дар ҳаққи ман тӯҳмат, иғво, бӯҳтон…– Каримбой худро ба пеши пои Раҳмондодхоҷ партофт.

– Мавлонбой! – овоз бароварда мир.

– Лаббай, ҷаноби мир, фармоед, банда ба хизмат тайёр!

– Ин сагро соҳиб шав, ӯро аз назарам гуму гӯр кун, нафрат дорам, овозашро шунидан намехоҳам, бар зудтар! – аз Каримбой рӯй гардонда гуфт Раҳмондодхоҷ.

– Саратро бардор, канӣ…Мавлонбой ба нӯки мӯзааш сари Каримбойро такон дод. Ӯ бо азоб андаке худро ақиб дода, нимхез шуд ва ба Мавлонбой, ки болои сараш меистод, нигоҳ кард.

– Номард! Кофири бедиёнат, шайтон! Ҳамаи ин иғво, тӯҳмат, шӯрангезиҳои ту аст! Худо туро барои ҳамаи ин ҷазо медиҳад, аз ғайб мебинӣ, рӯят сиёҳ мешавад, фарзандонат бепадар мемонанд, иблис, муртад!..

– Рафтем, пеш даро, зуд бош! – Мавлонбой оҳиста бо худ гап мезад. – Ту солҳои сол қасди ҷони ман доштӣ, душмани рӯиростам будӣ. Гумон мекардӣ, ки ман гӯлу гумроҳам, ҳеҷ чизро намефаҳмам. Не, ғӯл, саҳв кардӣ. Имрӯз ба чоҳи кандаат худат фурӯ меравӣ…Роҳ гард!

– Ҷаноби мир, – Ба мир рӯй оварда ба тавалло даромад Каримбой, – Худо ба фарзандонатон умри дароз диҳад, шамшератон бурро шавад, давлататон зиёда гардад, ба ман гӯш диҳед, гапи маро шунавед. Ман ҳеҷ гуноҳ надорам, ҳеҷ ҷой нарафтам, шаб дар хонам, пеши аҳлу аёлам будам, бовар кунед, ба ҳоли ман, ба ҳоли фарзандонам раҳм кунед.

Вале Мавлонбой ҳамроҳи ду нафари дигар ӯро ба пушти масҷид кашола кард ва пас аз фурсате садои тир баланд гашт…

Раҳмондодхоҷ ҳамроҳи йигитҳояш шаб дар Явроз монд. Ӯ андаке ба худ омада, дар бораи ҳодисаҳои нохуше, ки ба сараш омада буданд, фикр мекард. Зангириаш барои ӯ харҷу хароҷоти зиёд овард, яроқу аслиҳа низ аз даст рафт, бисёр йигитҳои содиқаш нобуд шуданд. Оё, ҳамаи ин гуноҳи Каримбой буд? Наход ӯ ба аскарони сурх хабар расонда бошад? Ҳамаи ин кори кӣ буд? Нидои имдодхоҳонаи Каримбой аз нав ба гӯшаш меомад: «Ман гуноҳ надорам, бовар кунед, ҳамаи ин дар ҳаққи ман иғво, тӯҳмат, бӯҳтон, бовар кунед, иғво!..»

Раҳмондодхоҷ Мавлонбойро ҳамроҳ гирифта, аз меҳмонхона ба себзор баромад. Мир хомӯш буд. Мавлонбой аз паси ӯ бо сари хам оҳиста қадам мемонд. Ҳарос дошт, ки барои чӣ мир вайро ҷеғ зад, чӣ гап дорад.

– Ба ту ин хабарро кӣ гуфт? Аз куҷо фаҳмидӣ, ки Каримбой бо Кривошок ҳамнишин аст? Аз куҷо медонӣ, ки ӯ ба гарнизон хабар бурдааст? – ба ӯ нигоҳ накарда, пурсид Раҳмондодхоҷ.

– Ҳазратам, ин аниқ аст. Наврӯз гуфт, ки одамони Каримбой ҳамеша ба гарнизон рафта меоянд, ба Кривошок ҳар чӣ мебаранд…– базӯр ҷавоб дод Мавлонбой.

– Наврӯзат кӣ, чӣ хел одам?

– Як хизматгорам, ӯ дар гарнизон кор мекунад, ба ман хеле наздик, бародарам барин.

– Хизматгорат? Дар гарнизон кор мекунад? – мир аз роҳаш бозистода, ба Мавлонбой рӯй овард.

– Ҳа, ҷаноби мир, вай одами бовариноки ман, ҷонашро барои мо фидо мекунад. Вай ба мо бисёр ёрӣ расонд. Агар хайр, гӯед, ҷаноби мир, Наврӯзро пагоҳ наздатон меорам. Ҳамаи гапро худи ӯ ба шумо мегӯяд, ин ҷо гап бисёр…

– Майлаш, саҳар ӯро назди ман ҳозир мекунӣ.

– Хуб шудааст, ҷаноби мир.

Мир боз ба роҳаш қадам монд. Мавлонбой чун сояи ӯ аз пасаш мерафт.

* * *

Наврӯз дар хонааш ғарқи фикру хаёл буд. Шаб боз серташвиш аст. Дина қарибиҳои шом аз назди Мавлонбой баргашта, гарнизон рафт. Кривошокро ёфта, ҳамроҳи ӯ дар идорааш хеле нишаст. Ҳамаи гапҳои аз Мавлонбой шунидаашро гуфт. Мактуби махфии Мавлонбойро ба Кривошок супурд. Кривошок мактубро эҳтиёткорона боз кард. Аммо намедонист, ки дар он чӣ навишта шудааст–вай хати арабиро хонда наметавонист.

– Ин ҷо чӣ навишта шудааст? – пурсид Кривошок аз Наврӯз.

– Намедонам, савод нест, – гуфт бо ҳасрат Наврӯз ва аз рӯи гапи Мавлонбой ба Кривошок фаҳмонд, ки дар он гап аз хусуси ким-чӣ хел тилло ва Мулло Аҳмади кафшдӯз меравад.

– Нағз ҳамаашро аниқ мекунем. Аммо ҳоло, оқсақол, аз паи тӯй шудан лозим, – гуфт Кривошок.

Онҳо бо ҳам хайрухуш карданд.

Ба дами дар Дилшод пайдо шуд. Ҳавоси ӯ парешон буд. Нафас рост карда, бо азоб ба гап сар кард.

– Ота, Абдумалик шумоя кофта гаштааст. Мекушам мегӯяд. Ана, ана…омад.

– Паси дар гузушта пинҳон шав, зуд бош! – амр намуд Наврӯз ба Дилшод ва худ аз ҷой бархост. Гиребони қатшудаи ҷомаашро дуруст карда, остинҳояшро барзад ва ба истиқболи Абдумалик омода шуд. Сир ошкор шудааст, илоҷи дигар нест. Бо Абдумалик ҳисобро баробар кардан лозим.

Абдумалик гурс-гурс қадам монда, мӯзаҳои лойолудашро аз пой накашида ба хона даромад.

– Даст боло кун, хоин! – Абдумалик мили таппончаро ба тарафи Наврӯз рост кард. – Одамфурӯши лаин, Алоуддини Гургро ту ба гарнизон хабар додӣ, ба хуни ӯ ту зомин шудӣ? Мактуби тағоям ку, ту онро чӣ кардӣ, ба кӣ додӣ? Канӣ мактуб?! – ӯ пой бар замин кӯфта, аз ғазаб хонаро чаппаю роста кардан мехост, ҷуссаи заифаш мӯи ба оташ афтода барин ба худ мепечид.

– Мактуб? – Ҳозир, ҳозир…–Наврӯз даст ба кисааш бурда ягон кор карданӣ буд, ки Абдумалик якбора ба шӯр омад.

– Наҷунб, ҳа, нафас набарор, дигар фиреб дода наметавонӣ, тамом, фиребхалтаат қатӣ акнун сӯхта хокистар мешавӣ, бе калима, сагвор мемирӣ. Мактуб дар гарнизон дар дасти Кривошок! Ба куҷо, ба кӣ доданатро фаромӯш кардӣ, шайтони беимон!

Наврӯз ҷо ба ҷо карахт шуда буд. Ин чӣ гап? Ӯ чӣ навъ фаҳмидааст? А! Аз куҷо вай ҳамаи инро медонад?

– Чӣ шах шуда мондӣ? Аз мурдан метарсӣ? Одамонро ба дами марг мебарию ҷони худат азиз? Гузар, мурдаи ту рӯи хонаро ҳаром мекунад, гузар! – Абдумалик ба дар ишора кард.

Наврӯз бо дили нохоҳам қадам бардошт.

– Дастатро баландтар бардор! – дӯғ зад Абдумалик.

Наврӯз итоаткорона дастони дароз-дарозашро, ки ба назар чӯби хушк барин менамуданд, ба тори сараш бардошта, боз як қадам гузошт.

– Зудтар, пирсаги беимон, зуд! – овози Абдумалик меларзид.

Наврӯз аз дар берун шуд. Абдумалик ҳам аз хона ба айвон қадам монда буд, ки Дилшод аз паси дар баромада, ба ӯ дарафтод, ҳар ду дасти ӯро сахт дошта ба пас тоб дод. Наврӯз ҳам ба ақиб гашт. Падару писар Абдумаликро беяроқ карданд. Сари ӯ аз зарби муштҳои оҳанини Наврӯз гирд мегашт. Чашмонаш сиёҳӣ мезаданд…

Падару писар Абдумаликро пешандоз карда, ба гарнизон бурданд…

* * *

Шаб нисф шуда, чарогҳои деҳаи Себистон яке аз паси дигаре хомӯш гаштанд. Ин аз таги дили Мавлонбой буд. Ӯ аз кӯчаҳои сокиту бекаси деҳа асп меронд, хурсанд буд. Вай бо яке аз душманҳои деринааш ҳисобу китоб кард. Каримбой ба чашмонаш дид, ки кушандаи ӯ кист? Ҳатто дид, ки мили камонро ба синаи вай кӣ рост кард, пеши пойҳои ӯ афтид, зорию илтиҷо кард. Ҳамаи ин орзуит Мавлонбой буд. Охир, ин разил дар ҳаққи ӯ кам ғадр накардааст. Ӯ ҳанӯз як вақаб кӯдак буд, ки ба Мавлонбой душманӣ дошт. Ӯро «хук», «ишкамба»гӯён дар назди ҳама масхара мекард.

Дар ёд дорад. Боре ӯ чанд савдогари қӯқандиро аз Ҳисор пурсуҷӯ карда, ба хонааш овард, сад сар гӯсфандашро ба онҳо мудаои дил фурӯхт. Аммо аз куҷое Каримбой пайдо шуд. Ба савдогарҳо вохӯрда, корро расво кард. «Гӯсфандҳои Мавлонбой хароб», – гуфта савдоро гардонд. Онҳоро ба хонааш бурда, гӯсфандҳои худашро пул кард. Пас аз ин ӯро дар ҳар мавриду маъракае бинад, «бойбово, боз ягон савдогар ёфта биё, гӯсфандҳоро пул кунем, ин хел танбал нашав, ков…»гӯён масхара карда, ба ҳоли ӯ механдид, дигаронро ҳам механдонд. Мавлонбой бошад, сурху кабуд шуда, дарун-дарун месӯхт, аз

шарм замин намекафид, ки дарояд, қимоб шуда буд, ҷуръати бо Каримбой рӯба рӯ омадан надошт. Имрӯз кори ана ҳамин душманашро адо кард, акнун осуда аст. Барои ин ба ӯ Наврӯз ёрӣ расонд. Ҳамин одам имрӯзҳо ба вай мададгор, ҷонашро ба хатар мениҳаду вайро ҳимоят мекунад, аз ҳазор хешу табор, фарзандонаш ҳам ба ӯ ҷонсупортар. Вале афсӯс, ки Мавлонбой дар вақташ қадри Наврӯзро надонист, дар ҳаққи ӯ, зану фарзандонаш, бародараш бадиҳо кард. Баъзан барои ҳамаи ин вай шарм медорад, ба рӯи Наврӯз нигариста наметавонад.

Як баҳор Наврӯз ҳам дар қатори бисёр хизматҳгорҳои Мавлонбой кӯру куташро тамом кард. Аҳли оилааш нони хӯрданӣ намеёфт. Як лаби нону як коса сарқути хонаи ӯ қатӣ шиками ҳеҷ кадоми онҳо сер намешуд, «нон» мегуфтанд…Ин буд, ки Наврӯз ҷуволашро бардошта, пеши ӯ омад.

– Бойбово, то ғаллаи нав камтар гандум ё ҷав дода истед. Аҳволамон бисёр бад, дар хона гарди орд нест, ки рӯи об занем. Ҳамаамон гуруснаем, духтарчаи беморам аз гуруснагӣ мемирад, «нон»мегӯяд. Ёрӣ расонед, садқаатон шавам, бойбово, дуои хайр мекунем.

Наврӯз, ҷувол дар даст, қомати баландашро чун дос хам карда меистод. Аммо Мавлонбой, ки ҳамон рӯз хотираш азкуҷое ранҷида буд, аламашро аз ӯ гирифт:

– Рав, оғилҳоро тоза кун, саисхонаро рӯб. Занатро ҳам гӯй, ки малика шуда, дар хона нашинаду ҳамин ҷо омада кор карда нон хӯрад. Барои кӯдаконат ҳам кор ёфт мешавад, пору мепартоянд. Ман ғаллаи зиётӣ надорам. Гаранг накуну аз паи корат шав!

– Бойбово, раҳм кунед, ба худо, ки ҳамаамон аз гуруснагӣ мемирем, занам касал, кор карда наметавонад, кӯдакам бемор, ҳамин шаб қариб соф шуда буд, худам ҳам дигар ба по истода наметавонам, ду рӯз аст, ки чизе нахӯрдаам. Бовар кунед, аҳволамон бад. Ақалан як каф орд ё биринҷ…

– Мурдан ҳақ аст, ҳама мемурад, гуфтам-ку, вақ-вақ накарда, аз паи кор шав. – Мавлонбой Наврӯзро аз сари роҳаш як тараф тела дод.

Рӯзи дигар Наврӯз духтарчаашро ба хок супурд…

Мавлонбой бо ҳамин фикру хаёлҳо ба таги дарвозаи Абдумалик расид. Ва аз асп нафаромада, бо дастаи қамчин дарвозаи ҳавлии ӯро тела дод. Дарвоза руст буд. Қулфи калоне аз болои занҷир овезон. «Куҷо рафтаанд?». Мавлонбой миёни роҳ бисёр андеша карда наистода, аспашро тарафи хонааш гардонд. Оҳиста дарвозаро кушода, ба ҳавлӣ даромад. Дар таги дарвозахона аз асп фуромад. Яккаҷилави онро ба мехи назди охур баста, аз коҳдон дар як халта коҳу ҷав баровард.

Зану фарзандони Мавлонбой то ҳол нахуфта, омадани ӯро интизор буданд. Вай ба хона даромада, писарчаи хурдакакашро аз бағали занаш гирифта, сару рӯяшро бӯсид, бо забони кӯдакона гап зада, меҳрубонӣ кард.

– Занак, имрӯз ман хурсанд ҳастам, корамон нағз, – гуфт Мавлонбой ба занаш. Вале ӯ чавоб нагардонд, аз қошу қавоқаш гӯё барфу борон мерехт. – Ба ту ягон гап шудагӣ барин, занак, зиқ менамоӣ? Қишлоқ тинҷ? – гуфт Мавлонбой ва ин даъфа ҳам ҷавобе нашунид. – Гап зан, охир, занак, чӣ гунг шуда мондӣ? Медонӣ-ку, ман ин хел дамдуздиро бад мебинам. Агар гап дар хусуси Каримбой бошад, ҳеҷ гап не, саг ҳамин хел сагвор мемирад. Аз ин бояд ту ҳам хурсанд шавӣ…

– Абдумаликро урусҳо қава карданд, – ниҳоят дилашро кушод ӯ.

– Чӣ, ин гапро кӣ гуфт? Аз куҷо фаҳмидӣ? – қамчин аз байни ангуштони Мавлонбой раҳо хӯрда, ба пеши пояш ғалтид. – Рост мегӯӣ, занак?

– Рост.

– Магар аз гапу кор огоҳ шудаанд? Ӯ фош шудааст? Наврӯз чӣ?

– Наврӯз…–занак ин номро бо нафрат ба забон оварда, пас аз лаҳзае хомӯшӣ гуфт: – Наврӯзи лаънатӣ хоин будааст. Ҳамроҳи писараш Абдумаликро зада-зада гарнизон бурд. Дар вақташ гуфта будам, ки аз ин шайтони пойлуч эҳтиёт шавед, аз вай некӣ намебарояд, бовар накардед.

– Ба худо, ки ҳеҷ чизро намефаҳмам, занак. Ту чиҳо мегӯӣ? Абдумаликро кӣ ба гарнизон бурд? Кӣ? Саросема нашав, аниқтар гӯй! Ба куҷо? Кӣ? Ту одамро гурдакаф мекунӣ. Ақлатро ба ҷояш монда, гап зан, – пойҳои Мавлонбой меларзиданд.

– Гуфтам-ку, Абдумаликро Наврӯз, лаънатии Наврӯз бурд. Ана, зани Абдумалик дар хона, бовар накунед, аз вай пурсед.

– Бас кун, занак, ман бовар намекунам. Наврӯз одами мо, ин гапҳои ту ҳама сафсата! – беихтиёр овоз баланд кард Мавлонбой. Ин дам зани Абдумалик ҳам назди ӯ ҳозир шуд. Вай ҳиқ-ҳиқ мегирист. – Худат гап зан, келин. Чӣ гап, чӣ воқиа рӯй дод?

– Рост, бойбово, ҳамааш рост. Наврӯз ӯро бурд, вай одами урусҳо будааст, – гуфт зани Абдумалик.

Наврӯз хоин! Одами урусҳо?! Наход ин рост бошад? Не, дурӯғ аст, бовар надорад. Ё ӯ хоб мебинад? Мавлонбой берун баромад. Сараш чарх зад. Ин хоб нест, бедорист: Наврӯз хоин. Ӯ ба вай бовар кард, фирефта шуд, рӯяшро бо дасти худ сиёҳ кард. Мир фаҳмида будааст ситезааш ҷой доштааст. «Акун ман худи он шайтонро не, балки сарашро бо сари зану фарзандонаш пеши мир мебарам. Мегӯям, ки аз гуноҳам гузар, ман ба ин сурати одамӣ бовар кардам…»

Мавлонбой аз дарвоза баромад.

Моҳи мунир дар миёни осмони пурситора чун лаълии заррин менамуд ва ба олам нур меафканд. Кӯчаҳои деҳа аз тобиши он ба назар шир барин менамуданд. Аммо Мавлонбой ҳамаи ин зебоиро намедид. Вай ташнаи хун буд ва ин ташнагиашро бо хуни Наврӯз, зану фарзандони ӯ шикастан мехост.

Мавлонбой оҳиста, нӯк-нӯки по қадам монда, ба ҳавлии Наврӯз даромад ва пас аз дақиқае худро дар айвон дид. Дар ду тарафи ӯ ду дар буд. «Онҳо дар кадоми ин хонаҳо бошанд?». Дари яки онро бо шаст ба дарун тела дод, вале дар боз нашуд, қулф буд. «Канӣ онҳо? Куҷо рафтаанд?». Мавлонбойро гӯё таб гирифта буд, ки ба худ меларзид. Ӯ ҳамин тавр дар айвони миёни ду хона рост меистод. «Гурехтаанд? Куҷо гурехтаанд? Куҷо?!». Мавлонбой ба пушти як дар бо пошнаи мӯзааш чунон зад, ки он аз паҳлударӣ ҷудо шуда, тараққосзанон ба даруни хона афтид. Ӯ хона даромад. Ба миёнҷои он гузашт. Гӯё кайҳо боз дар ин хона касе зиндагӣ намекард. Гӯгирд зада, дар равшании он ба гирду пеш нигарист. Дар хона ба ҷуз як-ду палоспораи нодаркор, ҷандаю ҷиғел, ки ҳар ҷо-ҳар ҷо мехобиданд, дигар чизе набуд. Мавлонбой дари хонаи дуюмро ҳам шикаст. Он хона ҳам холӣ буд. Ӯ акнун куҷо рафтанашро намедонист. Миёни ҳавлӣ меистод. Ҳалқу комаш хушк гашта буд. Дар зиндагӣ ба сари ӯ чӣ даҳшат, чӣ рӯзе омад? Худоё, ӯ чӣ гуноҳ карда буд? Вай ин рӯзҳоро ҳаргиз чашмдор набуд. Мавлонбой ақиб гашта, саросема хасу хошоки бисёре ҷамъ карду хонаи Наврӯзро оташ зад.

* * *

Кривошок воқиаи аз сирри мактуб огоҳ шудани Абдумаликро ба хотир меовард.

Пагоҳӣ буд. Кривошок ба идорааш омада, аз нав мактуби Наврӯз овардаро ба даст гирифт. ба он назар карда, аз дил мегузаронд, ки ин ҷо чӣ сирре бошад? Ана ҳамин дам Абдумалик назди ӯ даромад. Кривошок дарҳол мактубро ба кисааш андохт. Аммо назари Абдумалик ба он афтида буд. Ранги рӯяш тағйир ёфт, бо Кривошок гап мезаду хаёлаш парешон мегашт.

– Бародар, ман аввал ҳам гуфта будам, ки Абдумалик душман аст. Ана дидед, ин морбача кӣ будааст? – Наврӯз бо сару рӯи хуншору гиребони дарида ҳамроҳи Кривошок менишаст.

– Бале, оқсақол, ман ба ӯ бовар доштам…–гуфт Кривошок. Вай аз афташ, барои он ки дар шахси Абдумалик саҳв карда буд, афсӯс мехӯрд.

Командиру Наврӯз хеле хомӯш нишастанд.

– Акаи Наврӯз, – гуфт ниҳоят Кривошок дуди тамокуро аз даҳону биниаш берун карда. – Шумо вазифаатонро ба ҷо овардед. Акнун роҳи шумо дигар, акнун шумо ба даст яроқ мегиред…

Наврӯз табассум кард. Ӯ дар ҳақиқат роҳи хавфнокеро тай кард. Хеле гапу корҳо шуд. Аммо мубориза анҷом наёфтааст. Бо Мавлонбой ӯ акнун ошкоро ба ҷанг медарояд. Вай аз гапу кор огоҳ шуда, ба чӣ ҳол меафтида бошад? «Бойбово», албатта, гӯшту пӯсти вайро канда хӯрдан мехоҳад. Нисбат ба ӯ, зану фарзандонаш аз ягон кирдори разилона рӯй наметобад. Ҳамин рӯз, ҳамин ҳоло аз паи ӯ ва зану фарзандонаш меафтад. Командир оё ин ҷиҳати масъаларо фикр карда бошад?

– Илоҷи дигар нест, шумо бо аҳли оилаатон ба гарнизон мекӯчед, – гуфт Кривошок, – ва дар майдон мубориза мебаред.

* * *

Имрӯз низ дастаи камшумори босмачиёни Раҳмондодхоҳ аз оғӯши дараҳои Мушкрӯд ва Падрӯди Ромит ба ҳеҷ ҷо набаромаданд. Табъи мир аз ҳаррӯза дида хиратар буд. Як шутур тилло муфт ба дасти урусҳо гузашт, Абдумалик ҳам «фоида» дид, ба даст афтид. Боз ин ки вай, мир, ба хуни Каримбои бечора зомин шуд. Ҳамаи ин ба туфайли як бефаросати аҳмақ. Раҳмондодхоҳ бетоқат шуда, аз ҷояш хест.

– Мулло Файз, ҳо Мулло Файз! – аз хайма берун нашуда, овоз дод ӯ.

– Лаббай, ҳазрати мир, банда ба хизмат тайёр, – марди қадпасти ришдарозе назди ӯ ҳозир шуд ва дастонаш пеши бар, бо сари хам нигарони фармон истод.

– Амри ман чӣ шуд?

– Бачо овардам, ҳазратам, зинда ба зинда резааш кардам, мувофиқи фармоишатон шуд. – Мулло Файз барои исботи гапаш ба либосҳои хунолудаш нигоҳ кард.

– Хуб кардӣ, барвақттар аз ин касофат халос шудан лозим буд. бисёр зарар овард. Лаин…Номи ҳамон хизматгораш чӣ буд?

Раҳмондодхоҳ пешопеши Мулло Файз аз хайма берун шуд.

Кӯрбошиҳояш дар гирди ӯ гунаҳгорона хомӯш меистоданд.

– Мулло Файз, аз ту пурсида истодам, номи хизматгораш чӣ буд?

– Ҳазратам, ман намедонам, вай…Ҳа…–забон хоид Мулло Файз.

– Аҳмақ, ҳаминро надонӣ, чиро медонӣ?

– Наврӯз, – гуфт касе.

– Ҳм…як пойлуч чӣ корҳо кардааст, – мир дар ҳаққи Наврӯз гӯё таҳсин мегуфт.

– Онҳо бисёрӣ, ҷаноби мир, як оила ҳама тарафи урусҳо гузаштагӣ–худаш, занаш, писараш…–гуфт як кӯрбошӣ.

– Занаш?!

– Ҳа, ҳазратам, зани вай зан не, як офат, аз дину мазҳаб гузаштагӣ.

– Ҳамаи инро ман нав мешунавам, ин айби кӣ? Кӣ ин ҷо

гунаҳгор?! – мирро суханони қӯрбошиаш оташин карда буд. Касе дигар чуръати гап задан надошт. – Ин ҷо худи мо гунаҳгор. Мардум ҳар номаъқулӣ кунанд, кордор намешавем, бо зану кӯдаконашон тарафи кофирҳо мегузаранду чизе намегӯем, боз даҳон яла карда, таърифу тавсифашон мекунем, раҳм мехӯрем. Ба фикрам, акнун бас будагист, амал кардан лозим, – ӯ каме сукут рафта, суханашро давом дод: – Гап ҳамин: Наврӯз ва зану фарзандонашро дар куҷое ки бошанд, пайдо карда, назди ман меоред.

* * *

Гулнисо ҳамроҳи зани Кривошок барои аскарони бемору маҷрӯҳ нону хӯрок пухта, рӯбичини ошхонаро анҷом дода, ба хонааш омад. Хонаи онҳо қатори хонаи командир дар поёнтари гарнизон ҷойгир аст. Аз пушти ин хонаҳо се-чор қадам дуртар дарёи пурталотуми Кофарниҳон ҷорист. Гулнисо тағъири либос карда, даричаи яктабақаи хонаро, ки ба тарафи дарё боз мешуд, кушод ва оринҷҳои харобашро рӯи зертахтаи он гузошта, ба дарё назар андохт. Мавҷҳои дарё ноором буданд, дам ба дам сар ба соҳил мезаданду боз ба роҳашон равон мешуданд. Манзараи аҷоиб, зиндагӣ барин, пурпечутоб, ноҳамвор. Шавҳар ва фарзандонаш чандест, ки аз деҳа дуранд. Ҳамаашон озими як роҳ. Гулнисо ҳам серташвиш аст. Аз тобиши офтоби сӯзон, аз оташи дами дегдон ранги рӯяш сиёҳчатоб ва худаш хастаю бемадор шудааст.

Баногоҳ хаёли модар ба писараш Дилшод рафт. Ду рӯз боз аз ӯ хабар нест. Падару писар ҳамроҳи аскарони сурх ба ҷанги зидди кадом як дастаи босмачиён рафтаанд. Гоҳе баъзе аскарони сурх аз ҷанг барнамегарданд. Як ҳафта пеш ҷасади яке аз дӯстони наздики оилаи онҳо Викторро оварданд. Ана, қабри вай намоён аст. Шоху навдаҳои сар ба замини бедҳои лаби наҳр гӯё онро оғӯш кардаанд. Виктор фақат модар доштааст. Ӯ мегуфт, ки Гулнисо ба модари вай монанд. Бечора модар…Ба сари писари ӯ чӣ рӯз омад, огоҳ нест. Намедонад, ки Викторашро дар оғӯши кӯҳсори тоҷик барои озодии мардуми ин диёр ҷон супурд. Дирӯз вай ба номи Виктор хат навишта, дуою саломи бисёр гуфтааст. Навиштааст, ки ӯро пазмон шудааст, агар илоҷ ёбад, як хабар гирад…Хатро дар гарнизон ҳама хонда гиристанд. Кривошок беихтиёр ашк рехт. Ӯ ба модар ҳақиқати ҳолро чӣ тавр нависад? Ӯ ҳам модар дорад. Барои модар шунидани хабари марги фарзанд чӣ даҳшатест! Ба сари ӯ гӯё осмонҳо фурӯ меафтанд, замину кӯҳҳо меларзанд. Дунё саросар пеши назараш тираю тор мегардад. Худоё, раҳми модаронро хӯр, онҳоро аз ин рӯзи сиёҳ нигоҳ дор. Гулнисо тобу тавони ҳамаи инро надорад. Дилшодро як дам набинад, девона мешавад. Шаб хоб дид, ки Дилшодаш савори аспи сафед куҷое равон

асп. Модар ҳар қадар ба ӯ гап андохт, куҷо равона буданашро пурсид, ҷавобе нашунид, хафаю ғамгин буд…

Дари хона ғиҷирросзанон оҳиста кушода шуд. Гулнисо сар бардошта, тарафи дар рӯй оварда. Шавҳараш–Наврӯз…Ошуфта буд.

– Дилшод канӣ? – Гулнисо ба ҷои салому алейк писарашро пурсид.

– Наомаданд?

– О вай ҳамроҳи худат буд-ку…

– Занак, баъзан бисёр беақл мешавӣ, ҳеҷ гап нашуда, як фикрҳое мекунӣ, ки…Кас ба ту гап зада гап шунавад, – гуфт Наврӯз ва каме хомӯш истода, фаххмонд: – Бегоҳ хона меоям гуфта, аз Янгибозор баромада буд.

– Намедонам, мардак, наомадааст, аз дина чашмам мепарам. Хоб дидам, бетақдирам, Худо нигаҳ дорад…

Ором шав, занак, ягон ҷо будагист, меояд, – Наврӯз Гулнисоро тасалли дод. Вале худ ботинан аз занаш бештар дар изтироб буд. «Пас он хабари нохуш рост будааст», – аз дил гузаронд ӯ, аммо сир бой надод: – Хайр, ман рафтам, кофта меёбам. Агар аз ман пештар биёяд, гӯй, ки ҳеҷ ҷо нарафта истад.

– Мардак, зудтар ин тараф-он тарафро бин, бандаи бедавлатам метарсам…

…Аскарони сурх ду рӯз дар теппаи Зардолу бо босмачиён ҷанг карда, бегоҳӣ ба Янгибозор баргашта буданд. Дилшод аз командир ҷавоб пурсид. Ба гарнизон, назди модараш рафтанӣ шуд…Вале ҳамон шаб ба аскарони сурх хабар расид, ки як нафари онҳор дар деҳаи Лолазор босмачиён дастгир карданд. Ӯ кист, ҳоло ба Наврӯз маълум шуд, – Дилшоди вай будааст. Фарзанди вай ба дасти душман афтидааст. Чӣ кунад?Чӣ навъ ба вай ёрӣ расонад? Ин ваҳшиҳои одамхӯр ба вай хундоранд…

Наврӯз лаҷоми аспро андаке кашида, сар боло кард, то ки ба атроф назар дӯзад. Аммо қоматаш рост намешуд. Дар пеши назараш офтоби тобистон, ки замини бегиёҳро месӯзонд, тира метофт. Қуллаҳои кӯҳи Мағмуруд, ки чун ханҷарҳо ба синаи офтоб фурӯ рафта буданд, гӯё мавҷ мезаданд. Наврӯз қомат рост кард, болои зин устувор нишаста, ба асп маҳмез зад. Асп акнун аз миёни дашт чун бод метохт, аз қафои он ҷанг хеста, чун дуд ба фазо мепечид…

* * *

Дилшод қарибиҳои шом аз Янгибозор баромад. Саргарми хаёлоти худ буд. Ба хонаашон мерасад, модарашро мебинад, ба ӯ аз ҷанг, шикастхӯрию гурезогурези босмачиён ҳикоят мекунад. Модар аз ин нақли ӯ шод мешавад, дилаш боғ-боғ мешукуфад. Баъд Дилшод пагоҳ офтоб набаромада, ба Душанбе меравад. Фотеҳ, Райҳонро хабар ме-

гирад. Рост, ки ҳамин ҷавоб пурсидани ӯ ҳам ба хотири Райҳон аст. Дар хона, дар роҳ, дар ҷанг–дар ҳама ҷо ин духтарак аз хаёли ӯ намеравад.

– Дилшод, ма дар олам дигар ҳеҷ кас надорум. Куҷо равум? Хунаи кӣ? Худут бугу–куҷо? – як ҳафта пеш Райҳон дар омади гап ба ӯ ҳамин тавр гуфт ва чашмони хушрӯяш об гирифтанд. Дилшод ӯро тасаллӣ дод.

Ҳоло вай он рӯзи мудҳишро, ки ба сари Райҳон, аҳли оилаи онҳо омада буд, ба хотир меовард…

Дилшоду падараш ва як гурӯҳ аскарони сурх супориш гирифтанд, ки бо дастаи камшумори босмачиёни Истамбек, ки чанд вақт боз аҳли деҳоти Ромитро ба дод меовардand, машғул шаванд. Онҳо паи иҷрои ин вазифа аз деҳаи Яфрак баромада буданд, ки ба аскарони сурх хабари нав расид. Босмачиёни Истамбек ба деҳаи Гули Срух даромадаанд. Онҳо бо фармоиши командир ба деҳа надаромада, аспҳояшонро қадқади як шохоби хурди дарёи Кофрниҳон тарафи дара гардонданд. Бероҳа шуда, худро паси анбӯҳи дарахтон ва харсангҳои азим гирифтанд.

Супориш аниқ шуд: як нафар бояд ба Гули Сурх рафта, ба Мулло Зариф, ки одами аскарони сурх аст, вохӯрад. Киро паи иҷрои супориш фиристонанд?

– Ман меравам, – гуфт Наврӯз ва ба сағрии аспаш як қамчин зада, аз байни сараҳо баромад.

– Намешавад, шуморо ҳама мешиносанд, – розигӣ надод командир.

– Ман равам, чӣ? – гуфт Дилшод.

– Чӣ маслиҳат медиҳед, оқсақол? – командир ба Наврӯз рӯй овард.

– Ман розӣ, – гуфт Наврӯз.

Дилшод қад-қади дарёи пурғалаёни Кофарниҳон оҳиста асп меронд. Падараш одами пухта. Баъзеҳо мегӯянд, ки агар ӯ савод медошт, дар ягон мадраса мехонд, пешвою мушкилкушои ҳамагон мешуд. Ӯ савод надорад, ба гуфти худаш, кӯри роҳ аст, аммо ба доноӣ, зиракии вай муллоҳои мадрасаи Ҳисор ҳам қоиланд. Ана ҳамин ҳоло ҳам, дар як дам барои сиҳат-саломат ба Гули Сурх рафта баргаштани Дилшод як олам роҳу восита фикр карда баромад. Зину афзоли асп ва ҳама либосҳои Дилшодро дигар кард. Ҷои кулоҳи аскарӣ ба сараш саллаи нимдошти сафед баст, шинелашро ба ҷомаи дарида иваз кард. Ба ҷои мӯза кафшу маҳсӣ. Агар сари роҳашро гирифта пурсанд, ӯ ҷаноза хабаркун аст; аз Сайёд ба Гули Сурх меравад. Ин дурӯғ не. Дар Сайёд дар ҳақиқат имрӯз майит ҳаст. Ба замми ҳамаи ин Дилшод ҳаргиз саросема нашавад, ором бошад.

Ӯ ба Гули Сурх омад. Гирду атрофи онро кӯҳҳо ҳалқавор печони-

даанд. Кӯчаҳои деҳа холӣ, на касе менамуд, на ҷонзоте. Ӯ аз роҳу роҳравҳо, аз зери чинорҳои азим гузашта, ба масҷиди деҳа наздик шуд. Аз асп фуромада, яккаҷилави он дар даст, дарвозаи яктабақаи масҷидро кушода, ба даруни он назар андохт. Касе набуд. Хонаи Мулло Зарифро аз кӣ пурсад? Дилшод дари масҷидро пӯшид ва ба аспаш савор шуд. Ба паси масҷид гузашта буд, ки қиёмате пеши назар дид. Ҳар ду табақаи ҳавлие боз буд. Саҳни хурдакаи ҳавлӣ пури савора. Гӯё ин ҷо буз буду сараҳо чун мӯру малах ба сари он рехтаанд. Аспҳо ҷои поймонӣ намеёфтанд, сумак мезаданд, лаҷом мехоиданд. Гарданҳояшонро ба пеш ёзонда, бини меафшондонд. «Босмачиҳо!» – аз дил гузаронд Дилшод. Ӯ оҳиста ба биқини асп нихта карда, лаҷоми онро сард дод. Куҷо равад? Аз ҳавлӣ каме дур шуда, дар паси дарвозае лаҷоми аспашро кашид. Бо дастаи қамчин дарвозаро тела дод. Вай аз дарун занҷир буд. Аз тарқиши дарвоза ба назараш зане намуд. Зан ӯро дида, бо ҳарос худро пас кашид.

– Хола, дарро кушоед, илтимос, кушоед, босмачӣ…–имдодхоҳона овоз баровад ӯ. Зан вазъи вайро ҳис кард, ҳис кард, ки сарпаноҳе меҷӯяд. Ин буд, ки зуд дарро ба рӯи вай боз намуд.

– Даро, бачам, зуд бош, – гуфту дарвозаро ҳамон лаҳза пӯшида, занҷири онро гузаронд.

Дилшод аз асп фуромад.

– Худобехабарҳо, одамхӯрҳо, бар падаратон лаънат! – зан босмачиёнро, ки дар ҳавлии ҳамсоя ҳаёҳу доштанд, дуои бад кард.

– Хола, вайҳо чӣ мекунанд он ҷо, вай ҳавлии кӣ? – пурсид Дилшод.

– Ҳавлии як бенаво, гумонбар шудаанд, ки вай ба урусҳо ёри мерасонад.

Пас аз ҳаёҳу, доду фарёд, ҳақорату дашномҳои зиёд аз ҳавлии ҳамсоя паси ҳам ду-се бор тир холӣ карданд.

– Тамом, паронданд, оҳ, Худоё, ин қиёмат…зан бо дастонаш рӯяшро пӯшида, ба замин нишаст. Ӯ гиря мекард.

Босмачиҳо аз хонаи ҳамсоя баромада, рӯ кӯчаи калон асп тозонда рафтанд. Дилшод ҳамроҳи зан ба ҳавлии ҳамсоя омад. Ҷисми бечони пирамарди соҳибхона ва зани ӯ, ки онҳоро босмачиён паронда бударанд, миёни ҳавлӣ оғуштаи хоку хун мехобид ва духтари ҷавоне ҷисми бечони модарро ба оғӯш гирифта менолид. Либосҳояш ба хуни модар олуда буд.

Ҳам зан ва ҳам Дилшод ҷуръати ба мурдаҳо наздик шудан надоштанд, миёни ҳавлӣ чун ҳайкалҳо шах шуда буданд.

– Хола, хонаи Мулло Зарифро ба ман нишон намедиҳед? – оҳиста пурсид Дилшод.

– Чӣ? Хонаи кӣ? – ба рӯи ӯ нигоҳ кард зан.

– Хонаи Мулло Зариф.

– Ҳамин хонаи Мулло Зариф, ана худи Мулло Зариф, ана зану духтари ӯ…–зан ба мурдаҳои рӯи ҳавлӣ ва ба духтараке, ки ҳамчунон модарро оғӯш гирифта мехобид, ишора кард ва гӯё акнун ба худ омада буд, ки тарафи духтар равон шуд. Сари ӯро аз сандуқи синаи модар бардошт. Духтар ба рӯю мӯйканӣ даромад…

Дилшод, ки рӯй додани чунин ҳолро ҳаргиз чашмдор набуд, дигар чӣ карданашро намедонист. Супориш иҷро нашуд, чизе фаҳмида натавонист, назди падараш, аскарони сурх чӣ мегӯяд?

Ба ҳавлӣ як марди қоматбаланд даромад.

– Занак, зуд бош, ин тараф биё, Райҳонро пинҳон кардан лозим, фармон шудааст, ки босмачиҳо ӯро назди сардорашон баранд. Кор расво мешавад…Ӯро куҷо барем, ба вай чӣ кунем, ягон илоҷ ёфтан лозим, – саросема мегуфт ӯ.

– Амак, босмачиҳо дар куҷо? Гап занед, онҳо дар куҷо манзил доранд? – ба мард муроҷиат намуд Дилшод.

– Додар, гӯй, ки ту худат кӣ? Ин ҷо чӣ мекунӣ? Зуд аз ин ҷо рав, пинҳон шав.

– Ман, амак, назди Мулло Зариф омада будам, ман амак, одами аскарони сурх.

– Рост, ки ту одами аскарони сурх? – мард бо ҳайрат ба ӯ наздик шуд.

– Ҳа, амак.

– Набошад, ба ин духтарак ёрӣ расон, зудтар! Ҳозир омада монанд, дер мешавад.

Дилшод аз забони мард ҷои босмачиёнро фаҳмида, духтари Мулло Зариф – Рйҳонро ба нею нестонаш нигоҳ накарда, маҷбур ба асп савор карду аз миёни боғот ба роҳ даромад. Ӯ аз пайроҳаи каҷу килеб асп меронду ба ҳарос меафтод: Ҳамин ҳоло босмачиҳо аз пеши роҳаш мебароянд. Ба онҳо гап фаҳмондан осон не. Райҳонро шиносанд, чӣ мешавад? Райҳон бошад, бо овози баланд нола дошт: «Вой, очам, очаҷонакам…»

Онҳо аз оғӯши дара берун шуда, ба роҳи калон, ки лаб-лаби дарёи Кофарниҳон тӯл мекашид, дохил шуданд. Ин роҳ боз ҳам хавфноктар буд. аз рӯи гуфти мард, андаке поёнтар, дар паси шахи Барзу босмачиён маскан доштаанд. Аҷаб не, ҳамин ҳоло пеши роҳашро гиранд. Ҳа, ҳамин тавр мешудагӣ барин, дилаш ба ин гувоҳӣ медиҳад. Райҳони бечораро аз дасти ӯ мерабоянд, вай бошад, дар муқобили онҳо ҳеҷ кор карда наметавонад. Вай танҳост, танҳо…Ниҳоят аз он чӣ меҳаросид ба сараш омад. Аз паси шахи Барзу як гурӯҳ савораҳо берун омаданд.

– Райҳон, босмачӣ!... – гуфт беихтиёр Дилшод.

– Босмачӣ?!

– Ҳа, панҷ-шаш нафар, – ҷавоб дод ӯ ва таъкид кард: – Ҳозир ман ҳар чӣ гӯям, розӣ мешавед.

– Хуб шидай, – гуфт бо овози гирифта духтарак. Аммо ӯ худро аз гиря боз дошта наметавонист. Ин аз таки дили Дилшод буд. Вай ба худ мегуфт, ки бигузор Райҳон бигиряд, ин ба фоидаи ӯ мешавад.

Босмачиён аз гардиши паси санг баромада, пеши роҳи Дилшодро гирифтанд.

– Ҳа, бача, ай куҷо, ба куҷо? – як босмачии қадпасти букрӣ аз қатори ҳамроҳонаш ба пеш асп ронд. – Ма ай ту мепурсум, бача! – ӯ аз нав саволашро такрор кард.

– Рӯи мурда ба Сайёд мерум, – ба шеваи босмачии букрӣ ҷавоб дод Дилшод.

– Ай куҷо омадӣ?

– Ай Гули Сурх.

– Рӯта сиёҳ наку, сағера, ту рӯи мурда-пурда намерӣ, рости гапа бугу, – чашмони калон-калони босмачӣ беқарор буданд.

– Ба Худо, ки рост мегум, хушдоманум мурдай, занум қати рӯи мурда рафтесем.

Райҳон мақсади Дилшодро фаҳмида, баландтар ба гиря даромад. Ӯ бо сӯзу гудоз «очам, вой, очаҷонум»гӯён мегиристу мегирист.

– Майлуш, хотири ин духтар туя ҷавоб метем. Аз асп фуро, – гуфт босмачӣ. Аммо Дилшод аз аспаш дил канда натавониста хомӯш меистод.

– Сағераи падарлаънат, ба ту ма чӣ гуфтум? – гӯён босмачии букрӣ ба сари Дилшод чунон қамчин зад, ки ӯ аз болои асп чаппа шуда, рӯи роҳ афтид. Вақте, ки ба худ омад, даруни хок оғуштаи хун мехобид. Духтарак бо рӯи кушода дар болои сари вай гиря карда менишаст.

– Онҳо рафтанд? – бо азоб такя ба санг дода, нимхез шуд Дилшод.

– Ҳа, рафтан, ҳамашон рафтан.

– Куҷо, кадом тараф?

– Тарафи қишлоқ.

– Тезтар рафтан лозим, ҳозир бармегарданд, – Дилшод базӯр аз ҷой хест. Аммо ба по истада наметавонист, сараш чарх мезад.

– Ака, шумо ҳоли роҳ рафта наметоне, камтар шине, нағз шаве, баъд…–гуфт Райҳон.

– Дер мешавад, ҳозир меоянд, рафтан лозим…

Дилшод қадаме ба пеш монд, вале беҳушона даст ба тарафи санге бурд. Духтарак акнун ҳама чизро фаромӯш карда буд, ки гуфт.

– Ака, меғалте, исте, – гӯён аз дасти вай дошт.

Ин дам рӯз бегоҳ шуда, офтоб ба паси теғаҳои кӯҳ мехамид.

– Дер шуд, онҳо нигаронанд, – гуфт Дилшод ва тамоми қуваташро ғун карда, ба роҳ даромад.

– Киҳо нигаронан?

– Аскарони сурх.

– Аскарои сурх?!

– Ҳа, Райҳон, шумо аскарони сурхро медонед?

– Отама босмачиҳо аз рӯи аскарои сурх куштан. Онҳо хунаи мо меумаданд, онҳо одамони хубан…–духтарак акнун беибо бо Дилшод гап зада, ҳамроҳи ӯ қадам мезад.

Ҳамон бегоҳ Дилшод бо мадади Райҳон назди падараш ва аскарони сурх расид.

* * *

Дилшод, падару модар ва додараш Фотеҳ якҷоя нишаста, нонушта мекарданд. Райҳон ба онҳо наздик намеомад. Басар фаранҷӣ гирифта, дар кунҷи хона менишаст. Аз рӯзе ки аскарони сурх падару модари ӯро дафн карда, худашро ба гарнизон оварданд, ҳолаш ҳамин. Ҳамеша ҳиқ-ҳиқ мегиряду аз ҳама рӯй панаҳ мекунад. Аз Наврӯз, аз Дилшод ва аз Фотеҳи хурдсол ҳам. Мегӯяд, ки одамони номаҳрамро дидан убол аст.

– Райҳон, духтарам, ба ман гӯш кун, – Райҳонро насиҳат мекард Гулнисо. – Фаранҷиатро парто, ҳеҷ гап намешавад, убол ҳам нест. Ҳамаи ин гапҳои беҳуда. Аз як ҷиҳат духтарам, гапи ҳамин командир ҳақ. Фотеҳ қатӣ Душанбе рав, хон…

Онҳо нону чой хӯрда, паи кори худ ҳама аз хона баромаданд. Райҳон танҳо монд. Ӯ суханҳои Гулнисоро ба хотир меовард. Зани аҷоиб, аз мардҳо дида боҷуръаттар. Шавҳараш ба вай гапи сахт гуфта наметавонад, меҳаросад. Вай рӯяшро панаҳ намекунад, бо зану мардҳои рус якҷоя…Аз ҷавониаш ҳамин тавр будааст, дар қишлоқ пеши мардҳо рӯй панаҳ накарда мегаштааст. Дар ҷои Райҳон бошад, аҷаб не, ҳоло яроқ гирифта, ба онҳое, ки падару модарашро куштанд, ба ҷанг медаромад. Ҳа, ҳамин тавр мекард…Райҳон фаранҷиашро аз пеши рӯй як тараф карда бархост. Дами дар омад. Дар берун офтоб ҳама ҷоро ҳусни тоза мебахшид. Аскарон дар саҳни гарнизон машқ доштанд. Бо амри командир ба чапу рост мегаштанд, дар ҷои исташон пой мезаданд. Дар қатори аскарон Дилшодро дид. Ӯ дар саф аз ҳама пеш меистод. Либоси аскари ба вай мезебид. Дилшод ҷавони камгап. Ба ростӣ, Райҳон ба ин ҷавон, ки ҷонашро ба хатар андохта, ӯро аз чанголи хунхорҳо раҳонид, меҳр мондааст.

Ин дам назари Дилшод ҳам ба Райҳон афтид. Аз чӣ буд, ки ҳоло Райҳон аз вай рӯяшро панаҳ намекард…

* * *

Дилшод савора, дар тан либоси аскарӣ, Райҳонро хабаргирӣ Душанбе мерафт. Ӯ аз кӯчаҳои пурлои каҷу килеб гузашта ба мактаб-

интернат расид. Ҳар ду табақаи дарвозаи мактаб боз буд. аммо дар саҳни он, ки ҷо-ҷо дарахтони себу зардолу соя меафканданд, касе наменамуд. Ҳамаи муалимону шогирдон машғули дарс буданд. Дилшод дар беруни дарвоза аз асп пиёда шуд ва онро аз яккаҷилаваш гирифта, ба дарун кашид. Аспро ба навдаи дарахти паҳлӯи девор баста, аили онро суст карду ба роҳрав даромад. Ба бинои мактаб наздик шуда, ба курсичае, ки дар зери дарахти себ меистод, нишаст. Дар пештоқи мактаб лавҳае бо хати арабӣ овезон буд. Он ҷо чӣ навиштаанд? Хонда наметавонист. Ӯ ҳам падараш барин савод надорад. Аз оилаи онҳо танҳо додари ӯ Фотеҳ саводнок аст. Вай ҳам дар ҳамин мактаб мехонад. Бинои мактаб пастаки лоин. Боми он бо хас пӯшида шудааст. Ин бино барои Дилшод бисёр азиз менамояд. Ин ҷо Райҳон мехонад. Рост, ки ӯ танҳо ба гапи Дилшод даромада, хонданӣ омад…

Садои занг баланд шуду хонандагон яке аз паси дигаре аз синфҳо баромадан гирифтанд. Дили Дилшод ноором буд. Ҳамин ҳоло Райҳон ҳам мебарояд, ё ягон дугонаи вай ӯро мебинаду тозон рафта хабараш медиҳад. Ҳамаи чор нафар духтаре, ки бо Райҳон мехонанд, Дилшодро мешиносанд. Райҳон, аз афташ, дар хусуси ӯ гап задаст. Ана, худи Райҳон ҳамроҳи дугонаҳояш намоён шуд. Онҳо байни ҳам гап зада, ба завқ механдиданд. Ногоҳ назари Райҳон ба Дилшод афтид, ки бо табассум ба сӯяш менигарист.

– Дилшод умадай, ана вай.

Райҳон шодона Дилшодро ба дугонаҳояш нишон дод ва тохта назди ӯ омад. Ӯ имрӯз дар сар рӯймол ҳам надошт, таги тоқии зардӯзӣ буд, кокулҳои ба назар беҳисоби майдабофташ ба миёни борику нозукаш хамида буданд. Табассум аз лабони чун ғунчаи ӯ канда намешуд.

Дилшод ба пешвози Райҳон аз ҷой хест.

– Салом, Райҳон, – ба тарафи духтарак даст дароз кард ӯ.

Райҳон ҳам ба ӯ даст дод. Назари ҳама шогирдони мактаб ба аскари сурх–Дилшод ва Райҳон буд.

– Райҳон, онсӯтар равем-чӣ? – ба беруни дарвоза ишора кард Дилшод.

– Кӯча бароем, меге? – пурсид Райҳон.

– Ҳа, як лаҳза…

Онҳо дар кӯчаи назди мактаб хеле қадам заданд.

– Ма, Дилшод, акнун ҳамаи китобҳоя хунда метонум, муаллим гуфтан, ки ма муаллимаи доно мешам, – хандид Райҳон.

– Муаллимаи аввали Гули Сурх…Нағз, одамони қишлоқатон хурсанд мешаванд.

– Ма, дига Гули Сурх намерам…

– Дар Душанбе мемонед?

– Не…

– Райҳон, медонед, ҳоло дар хонаи мо чӣ гап аст? – Дилшод барои ифодаи мақсадаш ин чанд калимаро ба забон овард.

– Не, Дилшод, ку бугуе, чӣ гапай?

Дилшод суп-сурх шуда, дигар чӣ гуфтанашро намедонист.

– Дар хуна чӣ гапай? Гап зане, набоша, худум ҳами рӯз рафта фаҳмида меём…

– Инро ба шумо намегӯянд, – хандид Дилшод.

– Чува, гап зане, ки набоша малол мешум.

– Гуфта наметавонам.

– Гуфтум-ку, Дилшод, малол мешум, бугуе.

Дилшод ноилоҷ ба гап даромад.

– Шуморо келин карданӣ…

– Ваҳ, рум сафед…–гуфт Райҳон ва бо дастонаш рӯяшро панаҳ карда тозон аз назди ӯ дур шуду ҳамроҳи дугонаҳояш ба синф даромад.

Дилшод танҳо монда буд. Ӯ чӣ кард? Ба Райҳон чӣ гуфт? Хуб нашуд, духтарак ранҷид. Аҷаб не, Райҳон дар хусуси ӯ фикре надорад, ӯро ҳамин хел, танҳо барои некиаш ҳурмат мекунад. Аммо вай худро аз даст дод…

Дилшод тарафи аспаш рафт. Аммо бо ин ҳолати ногувор аз назди Райҳон рафтан намехост, аз роҳаш гашт. Рафта боз ба ҳамон курсичаи таги себ нишаст. Ӯ худро дар дил маломат мекард. Райҳонро ранҷонд, беодобӣ кард. Ҳоло ӯ чӣ мегӯяд? Бар ивази некиаш…Дилшод банди хаёлот буд, ки боз садои занг баланд шуд. Акнун хонандагон аз дарс баромада, ба хонаҳояшон мерафтанд. Оё Райҳон ҳам аз назди вай гузашта рафт? Нигоҳи ӯ аз миёни шогирдон Райҳонро меҷуст. Дар саҳни мактаб касе намонд. Дилшод ноумед шуда, ба роҳ даромаданӣ буд, ки дугонаҳои Райҳон аз синф баромаданд. Райҳон аз онҳо оқибтар меомад. Дилшод аз ғояти ҳаяҷон ҷуръати бо Райҳон рӯ ба рӯ омаданро надошт. Духтарон ба Дилшод наздик шуданд. Ӯ бо сари хам бархост ва то хеле вақт дар ҳамин ҳолат наҷунбида истод.

– Хай, Дилшод, оҳой Дилшод, ҳай, мегум…–овози Райҳонро шунид, ки дуртар истода, бо табассуми латиф даст меафшонд. Дилшод ҳам дар ҷавоб «Хайр, Райҳон»гуфт. Райҳон давида ба дугонаҳояш расида гирифт. Дилшод акнун ба духтарон нигоҳ мекард. Райҳон дили ӯро бо худ мебурд.

* * *

Вай пас аз он рӯз ба Райҳон вонахӯрдааст. Фурсат намеёбад, ҳоло, хайрият, ки вақту имкон шуд. Командир ҷавоб дод. Пагоҳӣ қатӣ офтоб набаромада, дар Душанбе мешавад. Ва боз Райҳонашро мебинад…Аспи Дилшод баногоҳ пешпо хӯрд.

– Чу, ҷонвар, – гӯён ӯ хам шуда, гардани аспро бо навозиш сила

кард. Ин насиҳати падараш аст. Ӯ мегӯяд, асп ҳеҷ гоҳ пешпо хӯрда соҳибашро озор додан намехоҳад. Тасодуфан ҳамин тавр мешавад. Аммо баъзеҳо барои ин ҳайвони безабонро қамчикорӣ мекунанд. Баръакс, дар чунин ҳолатҳо аспро навозиш кардан лозим.

Роҳи Дилшод тангтар шуда, аз миёни қамишзор тӯл мекашид. Дар пеш ҷӯю ҷӯйчаҳои беҳисоб…Ӯ кулоҳашро аз нав ба сар гирифта ба нақши ситораи бо ранги сурх насбгаштаи он нигарист. Ин ситора ба Райҳон писанд омада буд. ҳамон рӯзи ҳамроҳ буданаш ӯ кулоҳи вайро ба даст гирифта, бо ҳаваси зиёд тамошо кард. Ситораро дар назар дошта, «Гули хушрӯ, ба шумо мезема», – гуфт.

– Дилшод кулоҳашро аз нав ба сар карда, ғарқи хайёлоти ширин асп меронд. Ӯ ба деҳаи Лолазор расид, ки ҳамагӣ аз даҳ-дувоздаҳ хона иборат буд. аз назди ҳавлие мегузашт, ки аспаш хӯсида, худро ақиб кашид. Дилшод ба гирду пеш назар андохт. Як мӯйсафед «оҳувоҳ»гӯён даруни ҷӯи пуробулои канори роҳ ҷумбуҷӯл дошт. Саллаи сафеди ӯ морвор рӯи роҳ ҳалқа зада мехобид.

– Бачам, илоҳо барака ёбӣ, дастама гир, ёрӣ расон, – пирамард аз Дилшод, ки пиёда шуда буд, мадад пурсид. Дилшод тохта ба мадади пирамард омад.

– Дастатонро дароз кунед, ҳа, ин тараф, – мегуфт ӯ дар боло ҷӯй хам шуда. Аммо пирамард аз ҷояш намеҷунбид, балантар оҳувоҳ мекард.

– Маро бардор, бачам, тезтар, илоҳо барака ёбӣ, ёрӣ расон, ки мемирам, – пирамард зорӣ кард. Дилшод ҷаста ба он тарафи ҷӯй, ба зеҳи девор гузашт. Як пояшро ба ин тарафу пои дигарашро ба он тарафи ҷӯй монда, бо ду даст пирамардро бардошта, акнун ба канори ҷӯй гузоштанӣ буд, ки аз паси девор ду нафар худро ба рӯи Дилшод партофтанд. Онҳо дастони вайро чунон ба пушт тоб доданд, ки хаёлаш устухонҳояш орд шуда рафтанд. Фарёди ҷонкоҳе бароварда. Латтапораеро ба даҳонаш хастанд. Чашмонашро ҳам бастанд. Акнун вай на ягон ҷойро медид, на овоз бароварда метавонист.

– Рафтем, зудтар, – гуфт яке ва аспашро ҳай кард.

Саворае, ки Дилшодро ба пеши аспи ӯ партофта буданд, низ ба сағрии аспаш паи ҳам чанд қамчин фуровард. Савораи сеюм аз пас меомад. Дилшод аз шав-шуви об ва садои ба сангҳо бархӯрдани наъли аспҳо ҳис мекард, ки қад-қади дарё мераванд. Ӯро куҷо мебаранд? – намедонист. Аммо медонист, ки ба дасти босмачиён афтидааст. Рӯи роҳ паҳну парешон хобидани саллаи сафеди он пири шайтон ва даруни обу лой афтидани худи ӯ макр будааст. Афсӯс, ки бе ҳеҷ ҷидолу муқобилат дастгир шуд. Вай дар зиндагӣ ҳоло ҳеҷ коре накардааст, орзуҳояш дар дил монданд. Наход, ӯ аз дидори модар, аз дидори Райҳон, ки чашм ба роҳашанд, бенасиб монад?

Дар тахмини Дилшод шаб аз посе гузашта буд, ки босмачиён ӯро ба манзилашон расонданд.

– Кист? – овозе баланд шуд.

– Кор омад кард. Аз нӯги хамир фатир…писараш…–гуфт саворае, ки онҳоро роҳнамо буд. – Мир, албатта, хобанд.

– Ҳа, – тасдиқ кард касе.

– Ҳасанбек, ёрдам те, – саворае, ки Дилшод дар шонаи аспи ӯ буд, рафиқашро ҷеғ зад.

Мардак омада, ба китфу бозувони Дилшод як панҷа заду банди пойҳои ӯро, ки аз таки шиками асп баста буданд, кушодан гирифт. вай бандро раҳо карда, ҳамроҳи савора Дилшодро аз болои асп як тараф тела дод. Ӯ чун халтаи пурбор рӯ ба замин афтид.

– Аз мо малол нашав, ҷӯра, аз падару модарат малол шав, – киноя кард ҳамон мард. Ҳама қоҳ-қоҳ хандиданд.

– Бадаи бадвлат, пагоҳӣ қатӣ ба зиёрати мир мушараф мешавад. Мир ҳам муштоқи дидораш.

– Бисёр мехоҳанд, модарашро ҳам бинанд…

Дилшод аз ин таҳқири босмачиён дарун-дарун месӯхт. Вале илоҷе надошт. Дастонаш ҳанӯз ба пушт сахт бастагӣ, даҳонаш руст, нафасаш ба дарун зада, беҳол мешуд…

* * *

Наврӯз савори ҷирани худ ба хотири парешон қарибиҳои пешин ба Янгибозор–назди аскарони сурх баргашт. Кривошокро ҷустуҷӯ кард. Хабари ба дасти босмачиён афтидани Дилшодро ба ӯ расондан мехост. Аз назди як гурӯҳ ба тарафи гурӯҳи дигари аскарон, ки дар айни гарми рӯз дар соҳили дарё дам мегирифтанд, медавиду командирро мепурсид. Ниҳоят ӯ Кривошокро пайдо кард.

– Рафиқ командир…–Наврӯз ба Кривошок аз дардаш гап кушоданӣ буд, ки командир пеши сухани ӯро гирифт:

– Амаки Наврӯз, мард бошед, илоҷашро меёбем, – вай ҳама гапро медонист.

– Чӣ илоҷ мекунем, ба хайёлам умед нест, – ранги Наврӯз сапсафед канда буд.

– Дар бораи мактуб мегӯям, – Кривошок дастонашро ба кисаҳои шинелаш, ки бод домани ӯро ба соқи мӯзаҳояш мепечонд, андохта, рӯ ба рӯи Наврӯз меистод.

– Чӣ хел мактуб, рафиқ командир?...

– Хабар надоред?

– Не…

Он рӯз дар манзили аскарони сурх ба номи Наврӯз бо мӯҳри Раҳмондодхоҳ якбора чанд нома пайдо шуда буд. Онҳо чӣ навъ паҳн

шуданд? Ҳанӯз касе намедонист. Ҳамаи он мактубҳо ба як маънӣ буданд: Наврӯз агар заррае ба саломат мондани фарзандаш Дилшод умед мебаста бошад, бояд фардо то бегоҳ ба фалон ҷо ҳозир шавад. Инчунин таъкид шуда буд, дар ҳар ҳолат ба саломат мондани Наврӯз кафолат медиҳанд.

Кривошок мазмуни мактубро ба Наврӯз фаҳмонд.

– Ба онҳо воҳӯрдани ман, рафиқ командир, фоида надорад, – гуфт Наврӯз.

– Ба ҳар ҳол, вақте, ки Раҳмондодхоҳ ба Қуръон қасам хӯрдааст, ба шумо ҳеҷ гап намешавад.

– Боз ягон шарту шароит пешниҳод карданианд? – Наврӯз аз хусуси мақсади Раҳмондодхоҳ андеша меронд.

– Амаки Наврӯз, шумо бояд ба онҳо воҳӯред.

– Аз ин воҳӯрӣ истифода барем, чӣ? – Наврӯз сар боло кард. Назараш ба кӯҳҳо ғалтид. Дар диёри ӯ кӯҳҳо ин қадар бисёранд! Онҳо ба ҳама паноҳ медиҳанд. Дилшоди ӯ низ ҳоло дар кадом як гӯшаи ин кӯҳҳост. Наврӯз фардо бояд ба ҳо ана он қуллаи баланд ба тарафи дараи Сафедсанг роҳ бигирад.

– Не, фоида надорад. Онҳо инро хуб ба ҳисоб гирифтаанд, – гуфт Кривошок.

* * *

Наврӯз аз рӯи таъини Раҳмондодхоҳ то боғоти деҳаи Санги Сурх, ки баъзе хонаҳои он ба танаи кӯҳ часпида буданд, аспакӣ омад. Дар лаби сой пиёда шуда, аспашро зери дарахти дӯлона баст. Ин ҳам аз рӯи нишондоди пешакӣ буд. Гуфта шуда буд, ки аз аспаш дилпур бошад, вайро бонӣ мекунанд. Наврӯз аз асп дур шуда ба дуру наздик назар андохт. Бонигари аспи ӯ кучо бошад? Ин қадар ин мардум маккоранд: чунон, ки Мавлонбой мегуфт, сари ҳар қадам, дар ҳама ҷо одам доранд. Аз кӯҳтали сой баромада, гардиши аввали болои деҳаро гузашт. Акнун рӯз равшан шуда, гӯшаи шарқии осмон аз нурҳои офтоб сурхӣ мегирифт. Наврӯз, ки дар тан ҷелаки сабзи дароз ва дар сар саллаи шоҳии кабудранг дошт, аз болои талхаю алафҳои хушкида, тез-тез қадам зада пеш мерафт; ба ҳар вақаб роҳаш зеҳн монда мерафт. Нохост чанд қадам дуртар дар зери дарахтони писта мардеро дид. Вай бо теша навдаи пистаро мезад. Шохҳои буридаашро рӯи ҳам гузошта, дарза мебаст. Дар назди маркаб, болои тахтасанги калоне чор-панҷ дарза ҳезум мехобид. Мард Наврӯзро дида, теша дар даст, қомат рост кард. Аз либосҳои кӯҳна ва саллаи сафеди даридааш маълум буд, ки деҳқони камбағал аст. Вай тешаашро партофта, сӯи Наврӯз омадан гирифт.

– Ассалом, акаи Наврӯз, – гуфт ӯ ва ба тарафаш даст дароз карда, илова намуд: – Аз паси ман омадан гиред. – Баъд пеш-пеши Наврӯз роҳакӣ шуд.

Онҳо ду-се қуллаи кӯҳро гузашта, рӯ ба дараи чуқуре оварданд. Ҳар ду ҳам сухан намегуфтанд. Наврӯз аз паси мард роҳ мерафту тааҷҷуб мекард: Ин зот кӣ бошад? Боз ӯро мешинохтааст. Аммо Наврӯз дар кучо бо ӯ вохӯрданашро дар ёд надорад. Не, вай асло ӯро надидааст.

Ба таки дара фаромаданд. Дарёчаи шӯху мусаффое аз қаъри дара сар ба сангҳо зада, бо талотум ҷорӣ мешуд. Наврӯз аз паси мард дар пайроҳаи танг қадам монда мерафт. Ҷигараш барои фарзанд доғу бирён буд. Аз фикри бисёр мадораш канда, пойҳояш ҷорӯбак шуда буданд, сараш чарх мезад. Вале ӯ мекӯшид, ки бардамтар роҳ равад. Фикр мекард, дар ин лаҳзаҳо аҷаб не, чашмони бисёре аз паси сангҳо ӯро таъқиб карда истода бошанд. Роҳбалади Наврӯз миёни чормағзоре расида, аз роҳаш гашт. Чанд қадам поёнтар аз чормағзор оби дарё ба кӯли калоне рехта, ба худ мепечид. Роҳбалад ба Наврӯз гуфт, ки ҳамин ҷо истад. Ва худ зуд ба тарафи рости дарё, миёни анбӯҳи дарахтон даромад. Наврӯз танҳо монд. Хастаю афтодагиашро боз ҳис кард. Вале нанишаст. Ришу мӯйлаби кӯтоҳи хурмоирангашро даст-даст намуд. Дастонашро ба паси бар гузошту ба рогҳи омадааш рӯй оварад. Ӯ фикр мекард, ки ана, онҳо дар чӣ гуна ҷойҳои бероҳаю душворгузар паноҳ мебурдаанд…Баъди фурсате чор нафар, гилему кӯрпачаҳои бахмалин дар зери бағал, назди ӯ ҳозир шуданд. Аз дур ба Наврӯз салом доданду болои тахтасанги калони канори кӯл ҷой андохтанд. Он чор нафар ҳанӯз аз назди тахтасанг дур нашуда буданд, ки Раҳмондодхоҳ (Наврӯз аз ин пеш ҳам вайро борҳо дида буд) дар тан ҷомаи кундал, дар сар саллаи хушнамуди афғонӣ, ҳамроҳи панҷшаш нафар муқаррабонаш ҳозир шуд.

– Марҳамат, меҳмон, марҳамат, яке аз ҳамроҳони Раҳмондодхоҳ Наврӯзро ба ҷои нишасташон даъват кард. Наврӯз дар ҳолате ки дастонашро аз паси бар нагирифта буд, бо сари баланд ба тарафи Раҳмондодхоҳ қадам монд. Медид, ки ҳам мир ва ҳам муқаррабони ӯ сар то қадами вайро назора доранд.

Наврӯз ба Раҳмондодхоҳ ва ҳамроҳони ӯ даст дода, вохӯрдӣ кард ва ба ҷои нишондодаи онҳо гузашт.

– Хайр, омин, худо лашкари исломро барор диҳад, – гуфт як ҳампаҳлӯи мир ва ҳама даст ба рӯ кашиданд. Наврӯз ба онҳо пайрав нашуд. Нигоҳи ӯ ба оби софи дарёча ва моҳичаҳои қаъри он, ки ҳар тараф печутоб мехӯрданд, дӯхта шуда буд.

– Мулло Наврӯз, шумо ҳам мусулмон-ку! – киноя кард марде, ки фотиҳа хонда буд.

– Ҳа, тақсир, мункир намеоям, алҳамдуллилоҳ, мусулмонам.

– Бас кунед, маншаи беҳуда ҷанг меорад, – ғурунгос зад Раҳмондодхоҳ ва ба ду нафаре, ки дар поёни тахтасанг, дастҳо пеши бар, мунтазири фармоиш меистоданд, ишорае кард.

Пас аз лаҳзае дастархон паҳн карданд, чой оварданд. Дар рӯи дастархон чанд табақ кабоб пайдо шуд. Ҳама хомӯш кабоб мехӯрданд. Наврӯз низ бо дили нохоҳам гоҳ-гоҳе даст тарафи табақ мебурд.

Чӣ хеле мегӯянд, табақҳо сиёҳ шуд. Онҳоро аз болои дастархон гирифтанд. Ба пиёлаҳо чой рехтанд. Раҳмондодхоҷ бовар дошт, ки ҳамин ҳоло худи Наврӯз гап мекушояд. Охир, ҷигарбанди ӯ банди онҳост. Вале Наврӯз ботамкин буд.

– Мулло Наврӯз, шумо одами аҷоиб будаед, – ба гап даромад Раҳмондодхоҷ, – миёни мо шӯру қиёми бисёр барангехтед, Мавлонбойро бозӣ доронд ед. Ман ҳам ба торҳои танидаи шумо дармондам…Ба ҳурмати Худо, ки ман ба чунин одамон, душман ҳам бошанд, эҳтиром дорам. Ба шумо қоил ман, кайҳо боз худи шуморо дидан мехостам. Хайрият, имрӯз ба дидор расидем. Хайрият, йигитҳои мо Дилшоди шуморо даст гирифтанд. Чӣ мекунед, ҷанг…–Раҳмондодхоҷ, пиёлаи чои кабуд дар даст, оромона сухан мегуфт, – Дарвоқеъ, шумо бояд аввал писаратонро бинед, медонам, ки фазанд ба ҳар кас азиз аст. Ҳушу хаёли шумо ҳам ба ӯ банд будагист. Вай сиҳат саломат.

Бо як имои Раҳмондодхоҷ ду нафар аз ҳамнишинони ӯ аз сари дастархон бархостанд, Наврӯз ҳам хест. Он ду нафар Наврӯзро назди фарзандаш роҳнамо шуданд. Аз байни дарахтон гузашта, ба паси санги хонамонанде тоб хӯрданд. Наврӯз чанд қадам дуртар аз санг хаймаеро дид. Дар гирди он шаш нафар йигити мусаллаҳ, қадам мезаданд. Наврӯз пай бурд, ки Дилшоди ӯ даруни ҳамин хайма бандӣ аст. Вай саҳв накарда буд. Ба хайма сар дароварда, Дилшодашро дид. Ӯ дар бар либоси аскари сурх рӯи як гилеми даридае, ки болои сангҳо партофта шуда буд, рӯ ба замин мехобид. Ба дасту пойҳояш ишкел андохта буданд. Сахт нолиш мекард. Наврӯз дар дари хайма хеле истод. Вале Дилшод сар аз рӯи санҳо намегирифт, оҳу нолааш баланд буд. Ақибтар аз Наврӯз он ду нафар роҳбаладаш меистоданд. Наврӯз дар хаёли он буд, ки писараш ӯро дида, ба чӣ ҳол меафтода бошад.

– Дилшод, бачам, Дилшод, – овоз бароварда Наврӯз.

Дилшод, то ки зӯрии дарду заҳматашро пеши падар ошкор насозад, лаб зери дандон, худро якнима гирифт. Занҷирҳои ишкел ҷарангос заданд. Дилшод ба падараш нигарист. Чашмонаш фурӯ рафта, рангаш ранги докаро мемонд.

– Ота, омадед?

– Ҳа, омадам, бачам.

– Ота, гапи инҳоро асло қабул накунед, майлаш, маро кушанд, қабул накунед, мефаҳмед, ман розӣ не! – овози Дилшод ғайри ихтиёри ӯ баланд шуд.

– Ба чӣ розӣ нашавам, бачам, ман ҳоло ҳеҷ чизро намедонам? – гуфт Наврӯз.

– Ба шумо нагуфтанд?

– Не.

– Маро бо командир Кривошок иваз карданианд.

Пойҳои Наврӯзро ларза гирифт, сару рӯяш арақшор шуд.

– Фаҳмидам, бачам.

– Ота, очаамро таскин диҳед, ба Райҳон салом гӯед…

– Гап мезанам, бачам, ҳамаашро гап мезанам, бачам, – гуфт Наврӯз, ки ин дам барои аз марг халос кардани фарзандаш тамоми роҳу воситаҳоро фикр мекард, аммо тадбире ёфта наметавонист. – Гап мезанам, бачам, – боз суханони ҷигарбандашро такрор кард ӯ.

– Ота, шумо ғам нахӯред, – Дилшод дигар ба дарди ҷароҳатҳояш тоб наоварда, рӯ ба замин ғалтид.

– Дилшод, Дилшодҷон! – падар хам шуда, сари фарзандашро аз рӯи сангҳо бардошт. Аммо ин лаҳза он ду нафар роҳбалад ба хайма даромаданд.

– Амаки Наврӯз, кифоя, аз ин зиёдаш мумкин не, шуморо ҷаноби мир пурсида истодаанд, – гӯён яке аз онҳо аз ҷелаки Наврӯз гирифта, ба қафо кашид.

– Равед, ота, равед, ғами маро нахӯред, ба очаам, ба Райҳон, ба командир, ба ҳама салом гӯед!... – овози ҷарангосии Дилшод аз паси падар дар миёни кӯҳсорон ғулғула меандохт, овози ӯро ҳама, Раҳмондодхоҳ ва ҳамнишинони ӯ ҳам мешуниданд.

– Ба писаратон ҳамгап шудед? – Раҳмондодхоҳ бо Наврӯз сӯҳбаташро давом медод. – Ҳоли ӯ ба шумо маъқул аст?

Наврӯз гаранг буд ҳанӯз. Суханони Раҳмондодхоҳ ба гӯши вай намедаромаданд.

Мир мегуфт:

– Шумо, мулло Наврӯз, ҳамнажоду ҳаммазҳаби худамон. Вале ба аҳли куффор хизмат карда гаштаед. Аз рӯи шунидам, янга ҳам дар хизмати бединҳо…

– Ҳа, ҷаноби мир, ҳамаи ин рост аст, – Наврӯз оҳиста-оҳиста ба худ меомад.

– Мо барои чӣ шуморо ҷеғ задем, фаҳмидед?

– Ҳа.

– Як бор аз наздатон гузарем, гуфтем…

– Шумо, мулло Наврӯз, ба Кривошаки урус не, ба ҷигарбанди худатон раҳм кунед, ба хуни ӯ зомин нашавед, – як марди харобе, ки аз тарафи дасти рости мир нишаста буд, ба гап ҳамроҳ шуд.

– Шумо ӯро ба мо ё асир, ё тобеъ мегардонед, шумо аз ӯҳдаи ин кор мебароед, – гуфт Раҳмондодхоҳ.

Наврӯз ба нақшаи душман хуб сарфаҳм рафта буд. Асир шудани командири аскарони сурх барои душман ҳангомаи азиме мешавад. Фарзанди Наврӯзро қимат фурӯхтанӣ будаанд, лаинҳо!

– Гап занед, мулло Наврӯз, ҳазрати мир раҳми шумо, раҳми фарзандатонро мехӯранд, – хомӯш мондани Наврӯзро ба тарзи худ фаҳмида, гуфт марди хароб.

Наврӯз бе он ки ягон чиз гӯяд, ғайричашмдошти ҳама бархост.

– Ҳазрати мири музаффар, – бо киноя ба Раҳмондодхоҳ муроҷиат кард ӯ, – ба банда боз ягон хизмати дигар ҳам мефармоянд?

– Аз хотир набароред, ки ғами шумо, ғами фарзанди шуморо хӯрда истодаем! – ба шӯр омад Раҳмондодхоҳ.

– Тақдири фарзандам маълум…Ба худи ман чӣ мефармоед?

– Шумо дар амонед, ман суханамро намешиканам, – гуфт мир.

– Ин тавр бошад, ба ман иҷозат.

– Шарти моро фаромӯш накунед, ба шумо то пагоҳ мӯҳлат. Пас аз пешин тақдири фарзандатон ҳал мешавад, фикр кунед…

– Дар роҳи озодӣ, дар роҳи адолат мо ҳама ҷон медиҳем, – гуфт Наврӯз ва ба роҳи омадааш рӯй оварад.

– Ақиб гадед, мулло Наврӯз, сабукӣ накунед, пушаймон мешавед, ақиб гардед, – овози бисёре чун ғингоси занбӯрон ба гӯши ӯ меомад. Аммо Наврӯз бехудона пеш мерафт. Дастонаш ба паси пушт буданд. Худро бардаму устувор вонамуд месохт, вале, хаёлаш, қадамҳои пешгузоштааш ӯро ақиб мебурданд, ҳалқаш хушку ҷигараш бирён мегашт. Вай бори охир дидори ҷигаргӯшаашро дид, ҳа, бори охир…Вале ин ба модари ӯ насиб намегардад. Вай ба чӣ ҳол меафтад? Гулнисо зани боирода аст. Аммо шунидани ин хабар барои ӯ осон нест. Аз марги фарзандони хурдсоли онҳо солҳои бисёр гузаштаанд. Гулнисо имрӯз гӯяду хандад ҳам, дар дил доғи гароне дорад. Ҳаёти Дилшодаш дар айни ҷавонӣ хазон мешавад. Акнун ҳаждаҳсола шудааст. Аз сад гул ҳанӯз як гули ӯ нашукуфтааст. Дар дил орзуҳои бисёре дошт. Райҳонро дӯст медошт, бо ӯ ҳамхона шуданӣ буд…Акнун орзуҳои Дилшоди онҳо ба хок мераванд…Боз чанд соату чанд рӯзи дигар зистани фарзандаш ба ихтиёри Наврӯз мондааст.

Ба назари ӯ чунин менамуд, ки ҳоло ришгаи умри фарзанд дар даст, роҳ меравад. Ин ришта ба ҳар қадами ӯ кӯтоҳтар мешавад. Аз ин рӯ роҳ рафтан барои Наврӯз душвор аст. Хаёлаш, бори ҳамаи кӯҳҳо ба дӯши ӯ буд.

Вай зери ҳамин бори гарон ба азияти зиёде ба теғаи баланди кӯҳ расид ва ба санге пешпо хӯрда рӯ ба замин ғалтид. Бо панҷаҳои шахшӯлаш сангпораҳои танаи кӯҳро дошта, бо азобь бархост, болои санги калон нишаст. Дар поён деҳаи ӯ воқеъ буд. Нурҳои моҳи пурра, ки ба қуллаи кӯҳ наздик омада буд, онро равшан кардааст. Наврӯз

ҳамаи гапро ба Кривошок мегӯяд, ба Гулнисо ҳам мефаҳмонад. Аз хонааш фиғон мехезад. Аммо Наврӯз ҳоло фурсати марги фарандашро нолидан надорад. Вай ҳамин ҳоло бо аскарони сурх бармегардад. Раҳмондодхоҳ дар ин бобат хаёл надорад. Ӯ аз Наврӯз дилпур аст. Охир, ҷигарбанди вай дар гарав. Ба Наврӯз то фардо мӯҳлат додаанд. Дилшоди ӯ ҳам то фардо умр дорад. Аммо падар ин умри фарзанди азизашро кӯтоҳтар карда, бар ивази ин ғалаба мехарад. Пас аз чанд соат ӯ пешопеши аскарони сурх ба дараи Сафедсанг медарояд. Ин дам ришташ ҳаёти писараш канда мешавад…

Назари Наврӯз ба осмони ситоразор афтид. Дар як гӯшаи он чанд ситора назарраболо доштанд. Наврӯз якеи он ситораҳоро ситораи Дилшод пиндошт. Аз рӯи ақидаи ӯ он ситора-ситораи Долшод имшаб аз осмон ҷудо мегардад. Аммо дар ҷои ситораи Дилшод ситораи дигаре медурахшад. Вай ситораи фарзанди хурдиаш Фотеҳ аст, ситораи умеди ӯст.

Қомати падар дар миёни кӯҳсорон рост шуд.

Вай боз ба роҳ даромад…

с. 1978

ЗАМОНЕ БО ЛОИҚ

Шанбеи 17.06.2000 ба чанд маъракa даъват шуда будам. Аз ҳама муҳимаш ба рӯзи фавти инсони бисёр ба дилу дида наздик ва дӯсти меҳрубонам, олими маъруф Аълохон Афсаҳзод як сол пур мешуд. Ба ин ҷиҳат дар манзили эшон фарзандонаш маъракаи ёдбуд мегузаронданд. Баъд ба Ҳисор бояд мерафтем, ба мавлуди 50-солагии нависанда Султонмурод Одинаев. Ва ҳамон рӯз – рӯзи шанбе мувофиқи маслиҳат дӯстонам Садриддин ва Фарҳод хело бармаҳал ба манзилам омаданд. Ҳамроҳашон рӯ ба роҳи кулбаи Аълохон овардем. Лоиқ бармаҳалтар ба ин ҷо омада будааст, дар қатори фарзандони Аълохон баҳри пазироӣ ва гусели меҳмонон дастҳо пеши бар меистод. Нависанда Абдулҳамид Самадов ҳам, ки ҳамроҳ ба Ҳисор рафтанӣ будем, ҳамин ҷо буд. Баъд ҳамроҳи Лоиқ ва Абдулҳамид ба иттиҳодияи нависандагон омадем. Онҳое, ки Ҳисор, ба мавлуди Султонмурод мерафтанд, аллакай ин ҷо ҳозир буданд. Автобус ҳам аз Ҳисор омада будааст, автобуси калон ва кӯҳнанамое дар роҳи калон меистод. Султонмурод аз банда хоҳиш карда буд, ки Лоиқро ҳам ба рӯзи хушнудиаш бихонем. Ӯ орзуманде буда, ки Лоиқ меҳмонаш шавад, аммо то ҳол мо мақсадамонро ба ӯ нагуфта будем. Ҳоло медидам, ки Лоиқ бо Фарҳод дуртар аз мо дар каноре сӯҳбат дошт. Ба назарамон Лоиқ хиҷил ва ношод менамуд ва озурдагӣ, осори дардмандӣ дар чеҳрааш аён буд. «Фишорам баланд» шикоят дошт аз саломатиаш. Фарҳод аз назди Лоиқ ба ҷонибам омад.

– Гуфтед? – Пурсидам.

– Ҳа, майл надоранд, – ноумедона ҷавоб дод Фарҳод.

– Ваъда дода будем ба Султонмурод, хоҳиш карда буд... – илтиҷою таваллои зиёди Султонмуродро ба хотир овардам.

– Агар худатон боз як гап мезадед, – гӯё аз банда мадад мехост Фарҳод.

Бале, Фарҳод медонист, ки мою Лоиқ дӯстони деринем, ҳамкурс, ҳамсабақ будем. Панҷ сол – солҳои 1958-1963 ҳамроҳ дар факултаи таъриху филологияи Донишгоҳи олии омӯзгории ш.Душанбе хондем. Донишҷӯёни як гурӯҳ – гурӯҳи «а» ҳисоб меёфтем. Ҳабдаҳ нафар будем дар як гурӯҳ ва тасодуфи аҷибе, ки қариб ҳама бачаҳою духтарони хушзеҳн, аълохон дар як гурӯҳ ҷамъ омада қариб ҳама стипендияи дараҷаи баланд мегирифтем... Ва Лоиқ дар миёни мо аз ҳама

серзеҳнтар буд. Аз ҳамон рӯзҳои аввали таҳсил медидем, ки паи шеър афтода буд ӯ. Шеъри зиёд медонист, шеър ёд мекард.

Дар он солҳо донишҷӯёнро ба пахтачинӣ мебурданд. Баъзан ду-се моҳ пахта мечидем. Ҷои хобамон клубу долонҳои мактабҳо, идораи колхозҳо. Болои пахоли шолӣ рахти хоб мегустурдем. Аз 20 то 30 нафар қатор, паҳлӯи ҳам мехуфтем. Рӯзҳо то бегоҳ пахта чида хастаю монда, шалпар мешудем, сар ба болин гузошта ба хоб мерафтем. Вале як нафар аз рафиқони мо ба хаёлам шабҳо намехуфт. Барои он ки ҳамроҳон нороҳат нашаванд, баъди хомӯш шудани чароғи хона болои сараш шамъ ё чароғи карасинӣ, ки аз куҷое пайдо карда буд, меафрӯхт, дафтар ва китобҳо паҳн мекард, ручка мегирифт. Ҳамин тариқ шабзиндадории ӯ сар мешуд, китобҳояшро варақ мезад, шеър мехонд, шеърҳои писанд афтодаашро ба дафтарҳои калон-калон мекӯчонд. Ин заҳмати ӯ то кадом ғоти шаб давом меёфт, кай вай ба хоб мерафт, намедонистем. Ва чун саҳар меомад, медидем, ки ӯ боз ҳамроҳамон. Сари дастархон чой менӯшидем, нон мехӯрдем ва бо ҳам якҷоя ба сари замин, ба ҷониби пахтазор мешитофтем, шаб, ҳангоме ки осмон ситоразор мешуд, боз роҳамон ба кулбаҳое, ки он ҷо мехуфтем... Ва боз медидем, ки рафиқи мо баъди чароғи хонаро хомӯш карда ба хоб рафтани ҳамроҳон болои ҷойхоб нишаста, шамъ меафрӯхт, дафтар ва китобҳояшро паҳн мекард, шеър мехонд, шеърҳои писандафтодаашро ба дафтар рӯйнавис мекард.

... Ҳамроҳамон пахта мечид, даруни ҷӯякҳои пахта шеър мехонд, «биёед байтбарак мекунем», мегуфт, байтбарак мекардем. Шабу рӯз ҳарфу ҳиҷои шеър дар забонаш. Дар ёд кардани шеър лаёқати фавқулодае буд ӯро. Баъд аз чанд бори мисраъҳои шеъриро ба забон овардан он барояш ҳифз мегашт.

Бегоҳие ба мо аз китоби ҳазрати Бедил чанд шеър ва қасидаи «Гул»-и шоирро нишон дод. Саҳифаҳои онро варақгардон кард ва гуфт, ки то пагоҳ ҳамаи онҳоро аз бар мекунад. Ин қадар шеърҳои тӯлонӣ ва мисраъҳои беҳисобе буданд. Боварамон намеомад, ки ҳамаи онҳоро дар як шаб аз бар карда метавониста бошад ӯ.

Фардои рӯзи дигар ӯ ҳамроҳамон пахта мечид ва қасидаи «Гул»-и Бедил ва шеърҳои ӯро ёд мехонд. Ин рафиқи шеърдӯст, шеъргӯ ва шеърхони мо ҳамсабақамон Лоиқ буд.

Ҳамин тариқ, мо ҳамсабақон аз рӯзҳо ва ҳафтаҳои аввали таҳсиламон дар донишгоҳи омӯзгорӣ бо Лоиқ аз рӯи шеърхонию шеъразёдкунӣ ва шеърдӯстиаш шинос шуда будем. Ӯ ҳамон рӯзҳо ба хаёламон фақат шеър мехонду шеър аз бар мекард, вале ҳанӯз шеър намегуфт. Дигар ҳамкурсонамон ба назарамон шоир менамуданд. Шеърҳои баъзеи онҳо дар рӯзномаҳо, маҷаллаҳо чоп мешуданд. Носирон – ҳикоянависҳо ҳам буданд. Умуман донишҷӯёни гурӯҳе, ки мо

бо ҳам таҳсил мекардем, қариб ҳама аҳли эҷод, олимнамо, шоир, нависанда.

Сардори синфамон Меҳмон Бахтӣ Нависандаи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ ҳоло раиси Иттифоқи Нависандагони Тоҷикистон ва дӯстон ҳоло ҳам ӯро бо шӯхӣ «сардори синф» мегӯянд), Зариф Ибод (шоир, узви Иттифоқи Нависандагони ҷумҳурӣ), Абдураҳмон Бобоев (шоир, рӯзноманигор) ва Қубаро Ҳомидоваро аллакай ҳама ва муаллимонамон низ эътироф карда буданд, ки барҳақ шоиранд. Як ҳикояи калони Ҷӯрақул Ашӯрқулов дар рӯзномаи донишгоҳ «Педагоги ҷавон» паи ҳам дар чанд шумора чоп мешуд, давомнок буд ҳикояи ӯ. Банда ҳам дар ҳамон рӯзҳои аввали моҳи сентябр дар рӯзномаи донишгоҳ як шеър чоп кунондам, ки «Хайр мактаб» ном дошт.

Лоиқ албатта навиштаҳо, эҷоди ҳамсабақонро мехонд, ба онҳо эътибор медод, вале ҳарфе намегуфт, хомӯш мемонд, ҳис мекардем, ки ба шеърҳои хому хатали ҳамсабақон дар дил механдид ва тамасхур мекард.

Муаллимамон шоир Тилло Пӯлодӣ вақте ба донишҷӯёни гурӯҳи мо ба дарсгӯӣ меомад, чеҳрааш шукуфон мегашт, табассуми ширине ки хоси эшон буд, гирди лабошан мавҷ мехурд.

– Вақте бачаҳои азиз, ба шумоҳо дарс гӯям, шод мешавам. Шеър мехонем бо шумо, шеър мегӯем, шеър таҳлил мекунем, гапу ҳарфамон шеър. Ба ростӣ, бовар кунед, шоирҳои оянда ҳамин ҷо, ҳамроҳи шумо мехонанд. Ман ғалат намегӯям, ана баъд мебинед, – сипас муаллим Тилло Пӯлодӣ бо ифтихор меафзуд: – Боқӣ Раҳимзода, Ғаффор Мирзо, Бобо Ҳоҷӣ, Ҳикмат Раҳмат, Бобо Насриддин ҳам ҳамин донишгоҳи моро хатм карда буданд, мо бо донишгоҳамон ифтихор дорем, шаъни он баланд аст.

Ҳамкурсони дигари мо ба гурӯҳи «б» шомил буданд. Ҳисобашон аз мо зиёдтар – нуздаҳ нафар. Вале ба мисли донишҷӯёни гурӯҳи мо ҳамаашон аълохон набуданд. Ҳавасмандони шеър, роҳи адабиёт ҳам дар миёни онҳо камтар буданд. Ду нафарашон шеър мегуфтанд. Яки онҳо сардори синфашон Нусратуллоҳи Исфарагӣ ва дигаре Карамшоҳ Назарови Бадахшонӣ буд. Ӯ шоири шинохта ҳисоб меёфт. Дубайтӣ ва рубоиёташ қариб дар ҳамаи рӯзномаҳои ҷумҳурӣ ба табъ мерасиданд. Донишҷӯёни гурӯҳи мо ҳам ба назди ӯ мерафтанд, шеърҳояшонро ба ӯ мехонданд, маслиҳат мехостанд.

Рӯзе Карамшоҳ Назаров як дафтар дар даст ба синфхонаи донишҷӯёни гурӯҳи мо омад. Эълон дошт, ки номи хоҳишмандонро ба маҳфили адибони ҷавони донишгоҳ менависад, адои ин вазифаро ба ӯ муаллимамон Тилло Пӯлодӣ фармуда будаанд. Қариб ҳамаи донишҷӯёни гурӯҳи мо ба маҳфил аъзо шуданд. Банда ва Лоиқ ҳам

номамонро ба маҳфили адибони ҷавон нависондем. Ҳамон бегоҳирӯзии тирамоҳ ҳаво андаке сард буд, борон меборид, баъди анҷоми дарсҳо аъзоёни маҳфил дар синфхонае ҷамъ омадем. Муаллим Тилло Пӯлодӣ ба ҳамаи мо аъзоёни маҳфил алоҳида-алоҳида сӯҳбат мекард, ба банда ҳам рӯ овард:

– Шумо чӣ менависед? – Пурсон гашт муаллим.

– Ҳикоя, – ҷавоб гуфтам.

– Бисёр нағз, писар, нағз, – чеҳраи муаллим аз табассум гармтар мешуд.

Баъди шиносоӣ бо ҳар якеамон ва пурсупосҳои муаллим масъалаи интихоби роҳбари маҳфил ба миён омад, роҳбари маҳфил аз миёни худи мо донишҷӯён. Киро ба ин мартабаи ба назарамон баланд муносиб медонистанд, намедонистем. Ҳавасмандон беш буданд, овоз мебаровардан, ҷунбуҷул доштанд баъзеҳо дар ҷояшон. Номи Карамшоҳ Назарови Бадахшӣ чанд бор зикр шуд. Худи ӯ низ дар ин миён дастҳо пеши бар аз ҷой бархоста буд. Аммо муаллим Тилло Пӯлодӣ ба ӯ ва ба онҳое, ки номи вайро ба забон меоварданд, эътибор надода аз паси миз берун шуд ва ба сӯи партаи пеш, ки Лоиқ дар он менишаст, қадам андохт.

– Ку, шумо аз ҷоятон хезед, писар, рост истед, бачаҳо шуморо бинанд, – ғайричашмдошти ҳама ба Лоиқ муроҷиат кард муаллим.

– Ман? – Лоиқ аз ҷо бархоста рӯ ба муаллим истод.

– Ҳа, шумо, писар, – ва дар ҳоле ки назари ҳама ба Лоиқ буд, муаллим ба суханаш идома намуд: – Ана ҳамин кас, Лоиқ, роҳбари маҳфили адибони ҷавон мешаванд.

– Лоиқ чӣ менависанд? – мутаҳайирона ба муаллим суолҳо медоданд ҳозирон.

– Лоиқ шоиранд. Як-ду дубайтиашонро дина ба ман хонданд. Офарин гуфтам, таҳсин мегӯям. Шоири хубанд, шоири овозадор мешаванд, – бо лаҳни нарм ҷавоб гуфт Тилло Пӯлодӣ ва, – биншинед, писар, шинед, – фармоиш дод боз ба Лоиқ.

Ҳамин тариқ машғулияти аввали маҳфили адибони ҷавон анҷом ёфт. Лоиқ роҳбари маҳфил эълон гашт. Ҳама ҳанӯз дар ҳайрат буданд, ки муаллим Тилло Пӯлодӣ чаро ӯро ба ин вазифа лоиқ ҳисобид ва чаро боз афзуд, ки Лоиқ шоир мешавад, шоири хуб, овозадор, аз кучо медонист?

Дар давоми панҷ соли таҳсил дар донишгоҳи омӯзгорӣ мо аз муаллимон А.Эшонҷонов, М.Исматуллоев, Х.Мирзозода, Ҷ.Бобокалонова, Н.Маъсумӣ, Тилло Пӯлодӣ, Юрий Бобоев, М.Қозиҷонов, Я.Исоев, З.Мирзоева, Х.Ҳакимова, Ҷ.Маликов, Н.Сатторӣ, О.Маҷлисов, М.Хонсуворова, Ю.Сафаров, Сангинов, Устоев, Тоҳиров, Ҳамроҳқулов, Т. Умаров, сабақ омӯхтем. Таассуф мехӯрам, ки аксари

онҳо имрӯз дар қайди ҳаёт нестанд. Вале ҳар кадомашон дар ҳамон синну сол, афту андоме, ки дар давраи донишҷӯиамон дида будемашон ва бо ҳамон хислатҳои наҷибу фазли баланд, амалҳояшон дар ёдамон мондаанд, фаромӯш намешаванд. Ва ҳазор шукр, ки чанд нафари он устодонамон ҳоло сиҳату саломатанд, бо онҳо вомехӯрем, мебинемашон, ҳамсӯҳбат мешавем.

Профессор, доктори илми филология, узви Иттифоқи Нависандагони мамлакат Ҷонон Бобокалонова яке аз омӯзгорони онрӯзаи моанд. Муаллима дар роҳи эҷод ҳам ҳамроҳамон, дастгирамон шуданд. Ва аз рӯзҳои донишҷӯии Лоиқ ва алалхусус аз воқеае ки он солҳо бо ӯ рӯх дода буд, маҳз он кас хуб огоҳанд, ба дараҷае огоҳанд, ки тафсилоташ то имрӯз ба моён маълум нашуда.

Лоиқ аз ҳамаамон серзеҳнтар буд. Мавзӯъҳои дарсҳои адабиётро муаллим баён нанамуда, гӯё ӯ медонист. Сухани назмро ҳамаҷиҳата мефаҳмид, шарҳу эзоҳ медод, ҳамаи навъу намудҳои шеърро ва ба ҳар жанри шеърӣ садҳо ва ҳазорҳо мисраъ шеър аз ёд мегуфт, ба хаёли мо дар фаҳмиши шеър муаллимонамон мисли ӯ набуданд, худашон ба дониши зиёди ӯ дар ин ҷиҳат қоил омада буданд, баъзан дар масъалаи муайян кардани вазну таркибҳои шеър бо Лоиқ сӯҳбат мекарданд. Саҳву хатоҳои онҳоро меёфт. Баъзан истиҳола накарда аз ҷой бархоста рӯирост хатои муаллимро ба забон меовард, такрор мекард. Ва теғи назари устод ба ҷониби Лоиқ мегашт. Хуш намеомад ба эшон, ки як писарбачаи хурдҷуссаи аз деҳа омада, ки дар бар либосҳои фохира ҳам надошт, вале ба назар хеле мағрур менамуд, пеши даҳони устодро бигирад ва «мебахшед, ғалат кардед», гуфта эълон бидорад. Ва ӯро барои ин хислаташ беодоб ҳисобида буданд, аз беодобии вай ба унвони деканат арзнома менавиштанд, шикоят мекарданд. Ва муаллима Ҷонон Бобокалонова ҳам боре аз Лоиқ норизоӣ карда буданд.

Муаллима он солҳо олимаи ҷавон ва ба ростӣ хело зебо буданд, нигоҳҳо дар рӯяшон дармемонд. Аз адабиёти бачаҳо дарс мегуфтанд. Муаллима сухан мегуфтанду нигоҳҳои шогирдон ба рӯяшон. Гӯё рӯи дилҷӯи муаллима маърази тамошо буда. Муаллима хоҳиш мекарданд, ки мазмуни гуфтаҳояшонро нависем. Яке аз онҳое, ки гуфтаҳои муаллимаро ба рӯи коғаз намеовард, наменавишт, Лоиқ буд. Дар партаи аввал наздики мизи муаллима менишаст, нигоҳаш дар дарсҳо ба сар то қадами он кас баста. Ва Ҷ.Бобокалонова аз ҳама беш аз нигоҳҳои Лоиқ нороҳат мешуданд. Нигоҳашонро аз чашми ӯ мегурезонданд. Вале дидаи Лоиқ ҳанӯз ба рӯи муаллима. Ва як рӯз ҳодисае ба амал омад, ки моён аз чи гуфтану нагуфтани Лоиқу муаллима огоҳ наёфтем.

Аз забони Лоиқ чӣ сухане шуниданд, ки якбора ба шӯр омаданд муаллима, авзоашон бечо шуд, овозашон ба сари Лоиқ баланд гашт:

– Хезед аз ҷоятон! Ҳо ана дар! Бароед, равед!!! – бо ангушт дарро нишон медоданд муаллима ба Лоиқ, чеҳраашон аз оташинӣ гулгун гашта сахт-сахт нафас мекашиданд, – ман дигар дарс намегузарам, – муаллима журналро пӯшида аз паси миз хестанд. – Шумо намебароед аз дарс? Намеравед?! – Пайкари ниҳолу нозуки муаллима ба мисли дастаи гул меларзид. – Намехезед? Нашунидед чӣ гуфтам?! Бароед!! Равед!! Ана дар!!

– На, ман ба ҳеҷ куҷо намеравам, – шунидем ҷавоби қатъии Лоиқро.

– Набошад ман меравам, – муаллима китобу дафтарҳояшонро ғун оварда аз синф берун шуданд. Ва баъди ин нооромӣ, ноосудагии мо донишҷӯёни гурӯҳи «а» сар шуда, лаҳзае нагузашта синфхонаамон серодам, серғалоғула гашт. Аз кумитаи ҳазбӣ, кимсомол, иттифоқи касаба ва аз деканати факулта намояндагон омаданд. Гӯё ҳамин лаҳзаи аз Лоиқ лаб ба шикоят кушодани муаллима Ҷонон Бобокалоноваро ҳама нигарон буданд, ки ба сари ӯ бишитофтанд.

– Ҳамин Лоиқаш кӣ, ки муаллимонро дарс гуфтан намемонад? Ҳа, канӣ вай? – Марди миёнсоли бурутие, ки аз кумитаи ҳизб будааст, ба мо ба аҳли синф муроҷиат кард.

Лоиқ бо сари хам аз ҷой бархост.

– Худат Лоиқӣ? – ба ҳайрат ба ӯ дида дӯхт.

– Ҳа, ман Лоиқ.

– Мегӯм, аллакай хондан ба дилат зад. Мулло шудӣ? Дигар хондан намехоҳӣ? – суол кард марди бурутӣ аз Лоиқ.

– Мехоҳам, мехонам.

– Не, акнун ту дар донишгоҳ намехонӣ. Вақта беҳуда намегузаронем, муаллимон дарс доранд. Масъала ҳал, фаҳмо, ҳамаи гапҳо рост, меравем, – гуфт ӯ ва ба рӯи ҳамроҳонаш, ки бо ҳам омада буданд, маънидорона назар афканд ва ба ҷониби дар рӯ овард. Ҳама рафтанд. Баъд котибаи декан омада хабар расонд: баъди анҷоми дарсҳо маҷлиси умумии аҳли курсамон ва муаллимон мешудааст. Лоиқро муҳокима мекардаанд ва аз донишгоҳ меронданд.

Маҷлис оғоз ёфт. Қариб ҳамаи муаллимонамон ҳозир буданд. Устодон, онҳое, ки Лоиқ дар дарсҳо ғалатҳояшонро мегуфт, яке паи дигар аз ҷой мехестанд. Гӯё ҷои баёни алами дилҳо омада. Бори гуноҳҳои Лоиқ вазнintар мешуд. Сухангӯиҳои муаллимамон Н.Сатторӣ дар ёдам мондааст. Эшон дар ҳаққи Лоиқ ва ӯ баринҳо, ки гӯё дар гурӯҳи мо зиёд будаанд, фикру мулоҳизаҳояшонро образнок ифода карданд. Таъкид доштанд, ки Лоиқ дар ҳақиқат соҳиби дониши хуб, шубҳа надоштаанд, эътироф мекардаанд. Ва Лоиқ баринҳоро ба оби ҷӯйчаҳои софу мусаффо нисбат доданд, ки аз гӯшаҳои дур, аз деҳаҳо ҷорӣ шудаанд ва дар донишгоҳ аз устодон илм омӯхта дарё

гаштаанд, чи беинсофӣ ва носипосие, ки ҳамин ҷӯйчаҳои дарёшуда устодон – муаллимонашонро ба гирдоб кашида ғарқ кунонданианд. «Беинсофӣ, носипосӣ» такрор намуданд муаллим Н.Сатторӣ ва хомӯш шуданд, айнакро аз чашм гирифтанд. Дар ҳолате ба ғазаб омада буданду тарҳи рӯяшон суп-сурх гашта, рӯ ба мо – ба аҳли толор оварданд, овозашон баланд шуд:

– Ин ҳама носипосӣ, ин ҳама курнамакӣ! – Ин ду ҳарфро ба оҳанги таъкид баён намуданд ва хело мутаассир гаштанд, ки бо рӯймолча оби дидагонашонро аз сари рухсораҳояшон пок карданд.

Дар маҷлис инчунин маълум гашт, ки ҳамаи устодон аз Лоиқ, аз донишҷӯёни гурӯҳи мо домангир набудаанд, ҷонибдор шуданд Лоиқро баъзе устодон, дар ҳаққаш бо меҳр суханҳо гуфтанд, ба таклифи аз донишгоҳ ронда шудани Лоиқ розигӣ надоданд. Ва яки онҳое ки дилашон намешуд, Лоиқ барин як донишҷӯи аълохон, шеърдӯст, шоир аз донишгоҳ равад, боз ҳамон муаллима Ҷонон Бобокалонова буданд. Вале ба ҳамаи ин нигоҳ накарда аз минбари маҷлис таъкид карданд, ки барои аз сафи донишҷӯён хориҷ гаштани Лоиқ фармон ба имзо меоваранд.

Рӯзи дигар мо шогирдон бо фикру хаёлҳои мубҳам, дар ҳоли ноосудагӣ бармаҳалтар ба дарс омадем. Ҳамаамон нохуш будем, ки яке аз дӯстонамон, ҳамсабақи писандидаамон Лоиқ аз мо ҷудо мешавад. Ва ҳамон пагоҳ Лоиқ ҳам китобҳояш дар бағал ба дарс омада буд. Аммо ӯро нагузоштанд, ки ба синф дарояд. Он рӯз соати аввал мо бе Лоиқ дарс хондем. Соати дигар аз рӯи маслиҳат моён, ҳамаи ҳамкурсони Лоиқ, донишҷӯёни гурӯҳи «а» ба дарс надаромадем. Рӯзи сарди зимистон буд, рӯзҳои сарди зимистони қаҳратуни соли 1959. Яхпораҳо зери пой ғиҷиррос мезаданд. Дар роҳрави зери чинорҳои назди донишгоҳ ҳама қатор шуда, оҳиста-оҳиста роҳ мерафтем, боз ақиб гашта, назди дари даромадгоҳи бинои Донишгоҳ омада, аз роҳравӣ боз меистодем, дар ҷои ист сумак мезадем. Қарор дода будем, агар дар ҳақиқат Лоиқро минбаъд хондан нагузоранд, моён низ тарки таҳсил мекунем, намехонем, аз донишгоҳ меравем. Муаллимон, роҳбарони факулта аз ин иқдоми мо дар ҳайрат ва ҳарос афтода буданд... Бо мо сӯҳбат мекарданд, таъкид доштанд, ки зуд парешон шавем, хона ба хона равем ё ба дарс дароем. Вагарна ба сари ҳамаатон фалокат, балоҳо меомадааст. «Мефаҳмед ба чӣ амале даст задаед?» – мепурсиданд ва ҷавоб мегуфтанд: Корпартоӣ, иғвои рӯирости зидди ҳукумат ва зидди ҳизб, душманоӣ. Агар дар ҳукумат, идораҳои амнияти давлат огоҳ меёфтаанд, сарамон ба бод мерафтааст, зот ба зотамон нобуд мешудаанд. Ва ҳоло ки хабардор нашуда будаанд, дарди бахайр. Ва фармоиш доданд, ки зудтар аз сари роҳ гум бишавем, тамошобин ғун набиёрем. Муаллимоне, ки дӯсташон медоштем, дар

назарамон хело соҳибилм, обрӯманд буданд, ба наздамон меомаданд. Ҳама дар ташвиш, дар ҳарос, ғами моро мехӯрданд, насиҳат мекарданд, дилсӯзона бо як нидо таъкид доштанд: беақлӣ накунем, биравем, ба синфҳо. Дар ҷавоб мо ягона талаб, хоҳишамонро ба миён мегузоштем, мегуфтем, ки Лоиқро аз донишгоҳ наронанд. Ҳис карданд, ки аз ин дархостамон ба ҳеҷ ваҷҳ даст кашиданӣ нестем, аз роҳамон намегардем. Агар ин масъаларо ба таъхир мемондаанд, аз туфайли «беақли»-и мо на танҳо худамон, балки бисёриҳо ҷазо мегирифтаанд. Аз ҳама беш декан сардори факултаамон муаллим Т.Умаров дар ҳарос буд. Маҳз ӯ аз ин амали мо зиёдтар зарар медидааст, месӯхтааст. Чанд қадам онсӯтар аз мо ҳуҷраи ректори донишгоҳ. Хайрият ҳоло гап ба гӯши ӯ нарасида. Вале ҳанӯз мо қатор, қадам мезадем. Роҳгузарҳо, донишҷӯён гирдамон ҷамъ мешуданд. «Корпартоӣ»... ин сухан забон ба забон мерафт. Сардори факулта бетоқаттар мегашт. Ҷои оромидан намеёфт. Ранги рӯи фарбеҳи бе ин ҳам сурхчатоби ӯ оташ мегирифт, сурх мешуд.

– Чӣ мехоҳед? – Бо итоб ӯ аз мо пурсон гашт.

– Лоиқро аз донишгоҳ пеш накунед, – такрор намудем ҳама бо як овоз.

– Ба аудитория дароетон.

– Лоиқро пеш намекунед?

– Маслиҳат мекунем. – Ниҳоят аз забони ӯ ҳарфи сулҳомез шунидем. Ҳамроҳи декан ва муаллимони дигарамон ба дохили бинои факултаи таъриху филология роҳ гирифтем. Ба синфхонаамон даромадем. Муждаи хуш шунидем: Лоиқ аз донишгоҳ хориҷ карда намешудааст. Мо ғалаба карда будем. Лоиқ аз дӯстон–ҳамсабақон миннатдор буд, вай дӯстони солҳои ҷавонӣ, донишҷӯиашро асло аз хотир намебароварда, онҳоро меҷӯст, бо онҳо вомехӯрд. Орзуманде буд, ки ҳамаи ҳамсабақони дар ноҳияҳо будаамонро ба Душанбе хонем, боре бо онҳо боз нишинему ёди рӯзҳои рафта, ёди айёми ҷавонӣ бикунем...

Ёдоварии солҳои донишҷӯии мо бо рӯзгорони ҳамроҳи Лоиқ аз сар гузаронидаамон алоқаманд аст. Хотираҳо афзунанд, қиссаҳо андар қисса мешаванд. Барои баёни ҳамаи онҳо вақту фурсати бардавом лозим. Шояд ҳамин хел фурсат мерасад, фурсате, ки он рӯзҳо бароям бениҳоят ширину гуворо метобанд, хумори рӯзҳои донишҷӯӣ, хумори дидори ҳамсабақон, устодон, хумори дидори Лоиқ мегирад. Илоҷ намемонад, ки нанависам, ҷазб менамояд, раҳо намедиҳад мавзӯъ, орзуманди фаро омадани он фурсатҳоям. Ҳоло давом менамоям ба баёни қиссаи мухтасарам аз лаҳзаҳои умри ҳамроҳи Лоиқ дар ин дунё аз сар гузаронидаамон.

Шеъри аввали Лоиқ «Ном» ном дошт, он дар маҷаллаи «Садои

Шарқ» ба табъ расид, Лоиқ навишта, ки номро дар сангҳо ҳам ки биканӣ дер ё зуд сутурда гардад, нопадид, ноаён шавад, ном бояд аз рӯи меҳр дар дилҳо ҷой ёбад. Чунин бахт агар ба инсон насиб ояд, то одаме ва олам бошад, ӯ намиранда мешавад. Номро инсонҳо бо меҳр аз насл ба насл, аз дил ба дил мебаранд. Ва Лоиқ бо ҳамин ният сухан оғоз намуд, сухани аввалаш бо нияти номи нек мондан ба оламиён буд, ба мақсад расид, номашро дар дилҳо ҷой кунонд. Ва баъди шеъри «Ном» минбаъда ашъораш паи ҳам ба табъ мерасид. Бале, муаллимамон Тилло Пӯлодӣ саҳв накарда дар пешгӯиашон. Лоиқ ҳанӯз донишҷӯ буду шоири овозадор. Ва аз ин ҷиҳат ӯ бо як ифтихору шодмоние рӯз мегузаронд. Ҷавонӣ айёми беғамӣ, дилхушиҳояш. Аз шодӣ дил дар синааш меболид, кушода мегашт, механдид, завқ мебурд, шӯхӣ мекард, шӯхиҳояш ба гӯши мо, ба ҳамаамон хуш меомад. Силсилаи шеърҳояш бори аввал дар китоб, дар китоби дастҷамъие нашр шуд. Аз он китоб ҳаққи қалам гирифта, ҳама донишҷӯёни гурӯҳамонро ба кулбааш, ки иҷоранишин буд, даъват намуд. Мо ҳама гӯё тӯй доштем. Духтарон хурок мепухтанд, анвоҳои ошомиданию нӯшиданӣ фаровон. Қариб ними шаб ҳама аз хонаи Лоиқ берун шудем. Ва бо хоҳиши дили орзупарвари ӯ тамоми шаб нахуфтем, то субҳ кӯчаю хиёбонҳои зебои Душанбе сайргоҳамон буд. Шеър мехондем, латифаҳо мегуфтем, механдидем ва он шаби баҳорро бо ҳазлу мутоиба, ширингӯиҳо ба поён овардем.

Аз шеърҳои дар он китоби дастҷамъӣ рӯи чоп омадаи Лоиқ хотирае монд ба мо, хотираи як шаб, шаби баҳор, ки бо бедорӣ ба саҳар расонда будем. Ва Лоиқ мегуфт:

– Ман ҷараёнам, ҷараёни Лоиқизм, – мағрурона ва бо овози баланд боз таъкид менамуд: – фаҳмидед-а, чӣ гуфтам? Ман ҷараён!

Ба ақидаи ӯ ба ҷараёни эҷодиаш дар миёни ҳамсабақон аллакай пайравон буданд. Чанд нафарро ба узвияти ин ҷараён пазируфта буд. Онҳоро меписандид, аз ҷумла банда ҳам бо хости Лоиқ аз ҳамон солҳо аъзои ҷараёни Лоиқизм будам.

Ва он шӯхии айёми донишҷӯӣ минбаъд то лаҳзаҳои охири умри Лоиқ дар забонамон монд. Ва гоҳе ҳангоми вохуриҳоямон «ҷараён» мегуфт ва боз мехрубонона меафзуд: «ҷараён читурӣ?». Баъзан дар ҳузури одамони зиёд низ бо шӯхӣ «ҷараён» гӯён ба банда муроҷиат мекард ва табассум менамуд. Аз ин хел гуфтугӯйҳои ману Лоиқ ҳозирон ҳайрон мемонданд.

Дар нашриёти «Маориф» масъули интишори китобҳои бадеӣ будам. Як китоби нави Лоиқ ҳамон рӯзҳо дар арафаи ба нашр омадан буд. Гоҳе ки гузораш ба ҷониби нашриёт меафтод, дари ҳуҷраи бандаро мекушод.

Ҳамон рӯз ҳуҷраи хурдакакам серодам буд. Файзулло Ансорӣ ҳам,

ки дар кумитаи Давлатии табъу нашр заҳмат мекашид, баҳри ҳалли кадом масъалае бо банда сӯҳбат дошт. Лоиқ дарро боз кард.

– Салом, – ба ҳамаамон даст дода воҳӯрд, – чӣ ҳол доретон? – ба таври умумӣ гӯё аз ҳама аҳвол пурсид ва ба банда рӯй овард, – ҷараён, хайр, ман рафтам! – гуфт ва боз афзуд: – Китоба аз хотир набарор, ҷараён! – ва саросема аз дар берун рафт.

Бо Файзулло Ансорӣ бо маслиҳат баёнияе, ки ба номи кумитаи матбуот омода месохтем, маъқуламон намеомад. Вақти нонхурии нимрӯзӣ расида. Бо ҳам ба ҷониби ошхона мерафтем. Вай роҳравон мепурсид:

– Лоиқ чӣ гуфт ба шумо? Ҷараён гуфт?

– Ҳа.

– Шӯхиҳои байни худатон?

– Ҳа. – Баъд ба Файзулло Ансорӣ бо ифтихор гуфтам, ки ману Лоиқ ҳамкурсем ва таърихи пайдоиши ин гуфтугӯи байни ҳамдигариамонро ба ӯ шарҳ додам. Ансорӣ бозавқ хандид. Ва минбаъд куҷое бо ӯ вомехӯрдам, бо ханда «ҷараён!» мегуфт, завқ мебурд ва мепурсид, ки Лоиқро хабар гирифтам, ё ӯ ба нашриёт омадааст.

Моҳи декабри соли 1982 аз хотирам намеравад. Он рӯз ҷаласаи ҳайати раёсати Иттифоқи нависандагон буд. Банда, Абдулҳамид Самадов, Муҳаммад Ғоиб, Додоҷон Раҷабӣ ба узвияти Иттифоқи Нависандагони СССР қабул мешудем. Ҷаласа давом меёфт. Дар хусуси ҳар кадоми мо алоҳида-алоҳида сӯхан мегуфтанд, аз эҷодамон сӯҳбат мекарданд.

Муаллим Фазлиддин Муҳаммадиев дар паҳлӯи Лоиқ менишастанд. Мавриде, ки сухан сари қабули банда омад, бо табассум ба Лоиқ ва баъд ба ман рӯй оварда:

– Ҷараён, – гуфтанд ва аз ҷой бархостанд. Дар ҳолате ки аъзоёни раёсат устодон Ҷалол Икромӣ, Мирсаид Миршакар, Фотеҳ Ниёзӣ, Мӯъмин Қаноат ва дигарон бо диққат ба муаллим Фазлиддин Муҳаммадиев гӯш медоданд, «ҷараён» гӯён бо ханда боз ҳамон сухани танҳо ба ману Лоиқ мафҳумро ба забон оварданд ва баъд «Ман Карематуллоро...» гӯён давом намуданд, сипас хело тавсиф шунидам.

Маросими қабул ба узвияти Иттифоқи Нависандагон ба охир омад ва ҳанӯз ману Абдулҳамид Самадов, Муҳаммад Ғоиб ва Додоҷон Раҷабӣ дар гӯшае менишастем, ба муносибати лаҳзаҳои хурсандӣ ҳозирон моро муборак мегуфтанд. Ва муаллим Ф.Муҳаммадиев боз ҳамроҳи Лоиқ хандида «ҷараён», гӯён ба банда рӯй оварданд. Ва «ҷараён»-гӯии муаллим ҳанӯз бо ҳамон лаҳни ширинашон дар гӯшам садо медиҳад.

Лоиқ албатта ҳангоми вохӯриҳоямон ҳамеша «ҷараён» гуфта бо банда ҳамсӯҳбат намешуд. Ба хаёлам ӯ дар ҳолатҳои хотираш осудаю

табъаш хуш будан бо шӯхӣ ин суханро ба забон меовард ва завқ мебурд. Дар мавридҳои хастагӣ, беморӣ, нохӯшӣ, дилмондагиҳояш аз зиндагӣ бо ҷиддият «Кароматуллоҳ», мегуфт. Ҳис мекардам, ки солҳои охир ин сухан ба забонаш намеомад, ба дилаш шӯхӣ намеғунҷид, гӯё ғаму аламҳои айём пакараш карда буд.

Бори охир якуним ё ду ҳафта пеш аз маргаш шодона «ҷараён»-гӯии Лоиқро шунидам, он ҳам ҳамон рӯзи мавлуди 50-солагии Султонмурод Одинаев. Дар ин бобат боз баъдтар ба қиссаам давом меорам.

* * *

Бегоҳии 20-уми моҳи маи соли 1998 чун ҳамин рӯзе ки ҳамроҳи дӯстонам Садриддин, Фарҳод ба маъракаи ёдбуди Аълохон Афсаҳзод омада будем, якҷоя хонаи Лоиқ мерафтем. Ба рӯзи мавлудаш даъват шуда будем. Ӯ рӯзи ба дунё омаданашро ёдовар мешуд, дӯстонро ба кулбааш мехонд, ҷамъ меомадем дар манзилаш. Баъд сӯҳбати ширине, сурудхонӣ, ханда, шӯхӣ... Аҳли хонадон ҳама хушнуду хурсанд. Лаҳзаҳои хушу гуворои зиндагӣ...

Он бегоҳирӯзӣ ҳам дари кулбаи Лоиқ баҳри наздикону муҳибон кушода буд, кулбае, ки дару деворҳо ва хурду калони аҳли он бароямон ошно, шинос.

Ба ҳуҷраи калонтаре, ки Лоиқ ҳамеша он ҷо пазироиамон мекард, ворид омадем. Дастурхон густурда шуда буд. Атрофи он аллакай меҳмонон ҷамъ. Моён низ ба паҳлӯи онҳо ҷой ёфтем. Хӯрок оварданд, чой менӯшидем. Афзалшоҳ ба тораш нохун мезад. Сорбон, Шариф, акаи Ашӯр, Ҷӯрабек Муродов аз ҷумлаи меҳмонон, аммо худи Лоиқ алҳол наменамуд, ӯ дар хонааш набуд.

– Ба табрики муаллим рафтанд? – пурсидем.

– Бале.

Мавлуди шоирони бузурги миллат Лоиқ ва устод Мӯъмин Қаноат дар ҳамин рӯз мувофиқ омада. Ҳар ду ҳам дар як рӯз, дар 20-уми моҳи май, чашм ба олам кушода, аммо дар солҳои гуногун. Ва Лоиқ азбаски ба муаллим Мӯъмин Қаноат хело эътиқодманд буд ва эшонро дар нуктапардозиҳои шеър устоди хеш меҳисобид, дар рӯзҳои фаро омадани мавлудашон аввал ба манзили он кас мешитофт, то дергоҳ ба аҳли хонаводаашон менишаст, муборакбод мегуфт ва баъд ба кулбаи хеш, ба назди меҳмононаш меомад.

Он рӯз ҳам мо меҳмонони Лоиқ ӯро хело интизорӣ кашидем. Вай аз хонаи Муъминшоҳ дер баргашт. Табъаш хуш, хотираш шод буд. Ба ҳамаи ҳозирон – мо нишастагон ба тарзи умумӣ «салом» гуфт ва бо хоҳиши дӯстон ба курсии бари болои гирди миз, ки барояш холӣ монда буданд, гузашта нишаст. Баъди омадани Лоиқ маъракаи гӯё нуру намуд

ёфт. Сӯҳбатамон гарм гашт, гармӣ аз дидори Лоиқ, аз хушгӯиҳо, аз шеърхониҳои ӯ. Дидаҳо ба ӯ дӯхта шуда, ӯ ба мисли гуле, гули давра, гуле, ки гӯё назарҳоро рабуда. Боиси ҷамъ омадани ҳозирон, боиси таҳлука, хушнудиҳои аҳли хонадон дар он лаҳзаҳо маҳз Лоиқ буд, ба гуфтае гунаҳгори маърака ӯ – рӯзи мавлудаш. Ҳарфу сухангӯиҳо низ ба ӯ печида, ҳамин тарз таомул шуда, ки дар рӯзи мавлудашон соҳибҷашнҳо ҳамеша таъриф мешунаванд, васф мешаванд, дар ҳаққашон суханҳои нек мегӯянд. Аммо ба Лоиқ ана ҳамин зайл ранг гирифтани маърака асло писанд намеомад, намехост, ки дар ҳозириаш вайро васф бикунанд, намехост таъриф шунавад. Ӯ ноосуда мегашт, рӯяш сурхӣ мегирифт. Агар таърифи ӯ сар мешуд «бас, бас кунетон!» гӯён монеи сухангӯиҳо мешуд. Ва онҳое, ки Лоиқро медонистанд ва ба вай ҳамсӯҳбат буданд, ин хислати ӯро, албатта хуб дар хотир доранд. Масалан ба онҳое, ки муяссар гашта, дар тӯйҳои фарзандони Лоиқ ширкат дошта бошанд, дидаанд, ки сухангӯӣ, мадҳу санохонӣ ба вуқӯъ намеомад. Дар тӯйҳояш танҳо сухан ба дӯстони ҳунармандаш – ҳофизҳо мерасид. Ва ба рӯзи мавлудаш ҳам, ки хело кам дӯстон хабар мешуданд, баъзан сухангӯӣ ба амал намеомад. Ва он рӯзи мавлуди 58-солагиаш ба нашри китоби нави машҳураш «Фарёди бефарёдрас» мувофиқ офтода буд. Ману Фарҳод чанд нусха аз ин китоб дар рӯзи шодмониаш баҳри ӯ оварда будем.

Бастаи китобҳоро ба назди Лоиқ гузоштем. Китоберо ӯ аз баста берун овард. Бори аввал китоби наваш «Фарёди бефарёдрас»-ро медид назараш ба китоб. Варақ мегардонд бо ҳавас онро. Китоби наваш албатта баҳри ҳар адиб азиз, ба мисли дидори фарзанди навзодаш ширин. Хуш бувад лаҳзаҳои дидорбинӣ, хуш бувад лаҳзаҳои китоби нав ба даст омадан. Дар рӯи муқоваи китоби «Фарёди бефарёдрас» сурати Лоиқ ҷой ёфта буд. Ба хаёли мо ноширон, он хело зебо ва босифати баланд ба табъ расида. Коғази муқова ва дохилаш навъи аъло. «Фарёди бефарёдрас» китобе шуда баҳри Лоиқ, ки баъди он китоби дигаре дар айёми дар ҳаёт буданаш нашр нагашта. Дар омади гап бояд бигӯям, ки байни мою Лоиқ маслиҳат шуда буд, ки ба шарафи мавлуди 60-солагиаш дар нашриёти «Адиб» китоби нави шеърҳояшро ба табъ мерасонем. Ва гоҳе дар нашриёт сӯҳбати мо бо Лоиқ аз хусуси ҳамин китобаш ба вуқӯъ меомад. Номи онро «Ангораҳо» гузоштанӣ буд. Вале ба ӯ насиб наомад, ки ин китоби навашро худаш ба чоп ҳозир биорад ва ба ихтиёри мо – ба нашриёт супорад. Китоби «Ангораҳо» баъди сари Лоиқ ба шарафи мавлуди 60-солагиаш ба табъ расид, дастраси мухлисонаш гашт. Вале на ба он тарзе, ки худи ӯ мехост ва орзуҳо дошт. Ҳаҷми китоб хеле хурд шуда. Лек китоб ба ҳамон номе ба нашр расида, ки худи Лоиқ барои он ин номро гузошта: «Аногораҳо».

Сухан ҳоло боз аз бастаи китобҳои нави шеърҳои Лоиқ «Фарёди бефарёдрас», ки дар он лаҳзаҳо наздаш болои миз гузошта будем ва Лоиқ бо ҳавас яки онро варақ мегардонд. Китобҳоро як-як аз баста берун оварда зуд-зуд қалам мезад ба ҳар яки он ва бо соядаст онҳоро ба ҳозирон месупурд. Китоб кам буд, ба ҳамаи меҳмонон нарасид.

– Касоне, ки китоб нагирифтанд, пагоҳ назди Карорматуллоҳ раванд, айби худаш, кам овардааст. Ёфта медиҳӣ-а? Охир худат чоп кардӣ-ку! Гурӯҳи «а»-ро аз хотир набарор, лоиқизм, ҷараён! – Лоиқ ба шавқ омада буд, баланд механдид, шӯхӣ мекард, – Чаро гап намезанӣ? Хомӯшӣ? – гуфт боз.

Аз ҷой бархостам.

– Шишта гап задан гир, – Гӯё дар маърака ба ман сухан дода буд. Хаёлу дидаи ҳама ба банда шуда. Давом намудам ба суханам. Гуфтам, ки банда яке аз дӯстони хело дерин – замонҳои ҷавонии Лоиқ ҳастам. Панҷ сол ҳамроҳ хондем. – Ва писарам Иқбол ва фарзанди Лоиқ Ромишро, ки паҳлӯи ҳам менишастанд, ба ҳозирон нишон дода гуфтам, ки мою Лоиқ дар ҳамин синну соли фарзандонамон дар донишгоҳ вохӯрда будем.

– Рост мегӯяд Карорматуллоҳ, лекин каллаи фарзандонамон мисли ману Карорматуллоҳ не, каллаи инҳо дигар, инҳо зӯранд.

– Мо ҳам аз каллаҳоямон бояд нанолем, банаҳӣ набудаанд, яке шоир, дигаре нависанда, – сухани Лоиқро бо ханда давом додам.

– Шоирию нависандагӣ гапи нав не. Гузаштагонамон қариб ҳама шоиру нависанда буданд, мо ҳам давоми онҳо. Аммо Иқболу Ромиш компютерро омӯхтанд, компюторчианд, аз мою ту зӯранд инҳо. Ҳа, гӯй, ҷараён, ба гардан гир, – боз ба шавқ ин калимаро ба забон оварда Лоиқ. Ва ба суханони ман нуқта мегузоштагӣ барин қадаҳ бардошт. – Барои фарзандон, барои Иқбол, барои Ромиш, барои каллаҳои компютерӣ. Инҳо бо ҳам дӯст шаванд, барои давоми дӯстиамон. Карорматуллоҳ, – гуфт бо ҷиддият Лоиқ ва ҳозирон ба ӯ пайравӣ намуданд.

Ромишу Иқбол компюторчианд, аксар ҳамроҳанд, сӯҳбати онҳо, баҳсашон аз компютер. Касбашон барои онҳо шавқовар, писанд, амали хело дақиқ, нозук ва барои рӯзгори мо ба гуфтаи Лоиқ, ки нав ва бисёр заруру лозим.

* * *

Ҳукуматдорони бофазлу соҳибфарҳанги шаҳру ноҳияи Панҷакент аҳли адабу илм ва маънавиёти ҷумҳуриро ба иди Наврӯзи соли 2000 даъват карда буданд. Бо устод Мӯъмин Қаноат, Лоиқ, Гулназар, Камол Насрулло, нависандагон Абдулҳамид Самад, Сорбон, Ҷонибек Акобиров ба ин шаҳри бостонӣ омадем. Ҷаласаю тадбирҳои ботантанаи

фарҳангӣ барпо мегашт. Лоиқ ҳамроҳамон буд. Дар деҳаи Мазори Шариф – зодгоҳи Лоиқ ҳам ид доштанд. Иди Наврӯз. Хуш пазироиамон карданд. Мазори Ҳазрати Хоҷа Муҳаммади Башороро зиёрат кардем. Мазори Шариф зодгоҳи падару бобоён, гузаштагони Лоиқ, ӯ аз саҳни мазор ба он сӯи Сангоб ишора карда кулбаи назарногиреро ба мо нишон медод, ки вай он ҷо ба дунё омада. Дарахтони саҳни ҳавлии Лоиқ дар айёми баҳор сарсабз шуда, атрофи ҳавлӣ ҷо-ҷо сангдевор ва деворҳои похсагӣ. Замоне ин деворҳо бо дастони падари Лоиқ, худи Лоиқи хурдсол ва бародаронаш бунёд ёфта. Назарамон дар он бегоҳирӯзии баҳор, ки офтоб ба паси қуллаҳои кӯҳи Чилмеҳроб тоб мехурд ва рӯи бому ҳавлиҳо ва боғоти Мазори Шариф соя меафтод, дӯхта шуда. Боғоту кӯчаҳое, ки он ҷо айёми тифлӣ ва хурдсолии Лоиқ гузашта, дар он айём ӯ аз ин боғоту кӯчаҳо гузар дошта, давутоз карда. Деҳаи миёни талу теппа ва кӯҳҳои баланд афтодаи Мазори Шарифро медидем, аз он ҷо ӯ баҳри таҳсил ба Донишгоҳи омӯзгории ҷумҳурӣ, ба Душанбе раҳсипор шуда ва мо ҳамсабақонаш дар ин ҷо бо ҳам дучор омадем, бо ҳам солҳо таҳсил кардем, ҳамроҳ будем.

Лоиқе, ки ҳамроҳи мо ба иди Наврӯзи аҳли деҳааш омада буд, он Лоиқ – тифли онрӯза набуд, яке аз шоирони тавонои Машриқзамин, синни ӯ акнун қариб ба шаст расида. Ботамкин, хомӯш. Аз чи буд, ки бо табъи нохуш аз назди ҳамдеҳагон қадам мемонд, ба мисле озурдагие дошт дар дил, озурдагӣ шояд аз баъзе ҳамдеҳагон. Бале дар зиндагӣ худованд ба инсонҳо гӯё дарде дода, дарди қариб бедаво – дарди ҳусуд, бахилӣ, худхоҳӣ, якдигарбадбинӣ... Ҳатто ин дард бародаронро ҳам сироят карда.

Дар рӯзи охири аз Панҷакент ба Душанбе баргаштанамон ҳукумати шаҳр як маъракае баргузор доштанд, ҷамъоии ҳозирон ба шарафи бунёди боғи мӯҳташаме, боғе ба хотираи бузургони кӯҳандиёри шаҳри Панҷакент, ки аз олам гузаштаанд, якояк барои ҳар кадоме муҷассамаи ёдгорӣ мегузоштаанд. Ба он боғ омадем. Нахуст-пайкара, муҷассама ба хотири олими маъруф, фарзанди фарзонаи миллат Аълохон Афсаҳзод. Аз Аълохон сар шуда дар боғ муҷассамагузорӣ. Баъд давом меёфтааст. Дар лаҳзаҳои пардабардорӣ аз рӯи муҷассамаи Аълохон сухан мегуфтанд дӯстон, шиносҳо. Лоиқ бо шӯхӣ оғоз намуд:

– Муҷассамагузорӣ ба ёди фавтидагон аз ҳарфи «А» сар шуда – Аълохон. – Баъд ба атроф назар андохт, нигоҳаш ба адибон – зодагони Панҷакент, ки онҷо ҳозир буданд. Аз адибон Сорбон, Камол Насруллоҳро медид ӯ. Бо ханда афзуд Лоиқ: – шумоҳо наҳаросед, гуфтам-ку аз ҳарфи «А» сар шуда. То навбати шумо хело номҳо, ҳарфҳо. Аз паҳлӯи Аълохон муҷассамаҳои нав ҷой мегиранд. Кӣ медонад ба шумоҳо кай навбат меояд.

Дар он лаҳзаҳои пардабардорӣ аз болои муҷассамаи Аълохон – дар он рӯзи иди Наврӯз Лоиқ ҳамин хел шӯхӣ карда буд. Аз куҷо медонист, ки баъди ин шӯхиҳояш ин қадар зуд шарбати ҷоми марг насиби худи вай мегардад. Шояд дар он боғи ёди рафтагон акнун муҷассамаи худи Лоиқ ҷой меёбад. Аз ин рӯз то фардо ба чи анҷомидани зиндагии ҳар кадоми моро касе намедонад.

Дар сухангӯиаш Лоиқ аз зиндагиномаи Аълохон, аз рӯзҳои дар ин олам ҳамроҳи дӯстон будани ӯ ёдовар шуд. Сипас ғайричашмдошти ман, ки дар каноре паҳлӯи ҳозирон истода будам, ба гӯшам суханҳои Лоиқ меомад.

– Карорматуллоҳ гап мезанад, марҳамат Карорматуллоҳ, – баландгӯякро Лоиқ ба ҷонибам меовард.

Лоиқ медонист, ки Аълохон Афсаҳзод яке аз дӯстони банда ҳам буданд. Дар миёни як ё ду ҳафта агар ҳамдигарро намедидем, ба нашриёт меомаданд. Дари ҳуҷраамро мекушоданд, агар чи гуна сӯҳбате доштам бо ҳозирон, ё бо ҳамкорон дарҳол суханам кӯтоҳ мегашт, ба истиқболи Аълохон бармехостам.

– Чӣ аҳвол доред, мулло Карорматуллоҳ, аз афташ ба кор банд шуда мондед мегум-а? – Пурсупоси эшон сар мешуд ва баъд сӯҳбатамон давом меёфт. Ҳам дар нашриёт ва ҳам дар ҷои кори Аълохон – дар Институти дастхатҳои Академияи Улум медонистанд, ки мо ҳамдигарро қарибе ҳамеша мечӯем. Чанд мақола ҳам аз ҷониби Аълохон оид ба эҷоди банда таълиф шуда буд. Аз ёдам намеравад, ки Аълохон боре гуфта буданд: «Дар баробари эҷодаш, агар ҳамаҷиҳата шахсияти муаллифро надонам, ихлосам пайдо нашавад, нафаҳмам, ки ӯ чи гуна одаме, навишта наметавонам». Аз давоми гуфтаҳои Аълохон ҳис мекардам, ки эшон ба банда эътиқодманд гаштаанд.

Баландгӯякро аз дасти Лоиқ гирифтам. Ёдовар шудам рӯзҳои мавлуди 60-солагии Аълохон Афсаҳзодро, ки ҳамроҳашон ба Панҷакент ба хонаи қиблагоҳашон омада будам. Он шаб дар кулбаи эшон дӯстон ҷамъ буданд, аксар ҳама аз Душанбе, базме буд. Хушию хурсандие доштем ҳама. Он шаб ва он айёми хушиҳои рӯзгор, Аълохонро ёд оварда гуфтам:

– Имрӯз ман боз ба Панҷакент омадаам, дар мавриде ки акнун Аълохон ҳамроҳи мо нестанд. Сӯҳбате буд он шаб бо қиблагоҳи... – Баъди ба забон омадани ин сухан сокит мондам. Давоми сухан аз ёдам рафт. Овози Лоиқро шунидам, ки «қиблагоҳи эшон гӯй», мегуфт, луқма медод, мадад мерасонд. Аммо ман «қиблагоҳи бузургворашон» гуфтанӣ будам. Ҳоло ҳам он лаҳзаи ба банда сухан додани Лоиқ, ба ёдам наомадани давоми суханам ва ба ташвиш афтода «қиблагоҳашон гӯй» гуфта луқма додани ӯ ба хотирам меояд.

* * *

Ҳангоми дар нашриёт маъракае оростан ва ё ба ҷое даъват шуданамон банда ба хонаи Лоиқ сим мезадам. Пайдоаш, ки мекардем, намегуфтем ба чи муносибате ва ё ба куҷо равонаем. Мегуфтем фалон соат биояд, интизораш ҳастем. Аксар хоҳишамон аз ҷониби Лоиқ рад намешуд ва инчунин намепурсид, ки чӣ гап ва ба куҷо равонаем. Меомад, аз вақту фурсати гуфтаамон дер наемонд. Аз ин ҷиҳат мо ҳама дар назди ӯ муттаҳайир мегаштем.

Дар дафтари хотираам навишта шуда: 19.03.1999. Лоиқро интизор будам. Гуфта буд, ки ба нашриёт меояд ва баъд ба ноҳияи Ленин ба базми Наврӯзӣ, ки раиси ҳукумат Холмуҳаммад Машрабов даъватамон карда буд меравем. Гулназар ва боз як рафиқи дигар ҳам ба нашриёт омада буданд. Аммо аз Лоиқ ҳанӯз дарак набуд. Чашм ба роҳаш будем. Гулназар бо бетоқатӣ меафзуд:

Шояд Лоиқ ба нашриёт наомада аз хонааш ҳамроҳи ҷонишини раиси ноҳия, ки ҳамсояаш аст, роҳакӣ мешавад, мошин доштанд.

– Ба ҳар ҳол то вақти ваъдагиамон Лоиқро интизор мешавем, – гуфтам.

– Майлашу лекин ба хаёлам намеояд,– боз афзуд Гулназар. Ва мо Лоиқро интизор будем.

Яке мегуфт, ки Лоиқ меояд, дигаре меафзуд, ки шояд наояд. Гуфтугӯямон байни ҳамин «меояду намеояд», – гӯиҳо давом дошт, ки дари ҳуҷраам кушода гашт. Лоиқ омад. Ва мо қарибе ҳама бо як нидо «хаёл доштем, намеоед», бо ӯ ҳамгап шудем.

– Чаро намеомадам? – Ва чун дид, ки дар ҷавоб мо ба рӯи якдигар назар дорему хомӯш ҳастем, худаш боз давом намуд: – ваъда ки додам, албатта меоям, дина маслиҳат карда будем. Гуфтем ҳамин ҷо – нашриёт меоем...

Саросема, ки будем, гапамонро кашол надодем, ҳама ба роҳ баромадем, ба ноҳияи Ленин, ба иди Наврӯз рафтем.

Лоиқ ҳамеша ба ваъдааш вафо мекард. Ҳис намуда будем ин фазилати ӯро. Ва гоҳе мавриде мешуд, ки мо агар дар вақти ваъдагӣ ҳозир намеомадем, таъхир мекардем, табъаш хира мегашт ва мегуфт:

– Бародар, ваъда, ки додӣ аз ёд набарор, маҳтал шудем, дигар ин хел накун.

Ва боре дар хусуси он ки аз ҷониби худи ӯ то илоҷе дорад, ваъдааш ба ҷо оварда мешавад, нақле карда буд.

Як шиносаш аз Лоиқ хоҳиш карда, ки ба тӯи хонадоршавии фарзандаш биояд, раис бишавад, орзуи деринаи ӯ ва ҳамсараш ҳамин буда, ки худо ба онҳо тӯй лоиқ бубинаду Лоиқ ба хонаи онҳо ба маъракаашон ояд, ба тӯяшон сарварӣ кунад, шеър хонад. Ва ана ҳоло ба онҳо ҳамин хел рӯз насиб омада. Тӯй дорад. Лоиқро ба тӯяшон хабар

карданд. Рӯзу соати тӯйро ба ӯ гуфтанд, тӯй баъди як моҳ. То рӯзу соати тӯй муҳлати тулоние. Шояд аз ёдҳо фаромӯш ҳам бишавад... Вале Лоиқ он рӯз ваъда дода буда, ки албатта ба тӯй меояд, хоҳиши дӯсташро ба ҷо меорад.

– Фаромӯш намекунед, устод? – Боз мепурсад аз Лоиқ дӯсташ.

– На, гуфтам меоям, – Лоиқ дар аснои сӯҳбат ба моён ҳам ҳамин суханҳои таъкидомезашро «гуфта будам ҳамин хел мешавад», «гуфта будам бисмадон кор мекунам»-ро ба забон меовард.

Дар ин мобайн, ки Лоиқ ваъда дода буд, ба тӯи дӯсташ ҳозир меояд, ба бисёр шаҳрҳои дур сафарҳо карданӣ буд, ба Иттифоқи Нависандагони СССР – ба Маскав даъваташ карда буданд. Баъд ӯ дар осоишгоҳи лаби Баҳри Сиёҳ дар Куктебил дам гирифт. Дар бозгашт аз сафарҳо, аз истироҳат роҳаш ба зодгоҳаш – Мазори Шарифи Панҷакент, ба кулбаи модар кашида мешавад. Ҳамин қадар вақт мегузарад, манзилҳо тай мегардад, аммо дар хаёли Лоиқ ҳамон тӯй-тӯи хонадоршавии фарзанди ошнояш, ки ба он вайро хонда буданд. Рӯз меҳисобид. Ҳамон рӯзҳои дар Панҷакент будан бемор мешавад, тасф, ҳарорат, гулӯдард... Дар фикр афтода Лоиқ, ки шояд ба зудӣ шифо меёбад. Вале рӯзи ваъда тӯй наздик омадаю ҳанӯз Лоиқ озурда, дардманд, бемор.

Дар ҳамон ҳол ноилоҷ роҳ пеш мегирад. Ҳамон рӯзе рӯ ба Душанбе оварда ӯ, ки бегоҳиаш тӯй. Дар роҳ – дар шаҳраки Айнӣ мухлисон вайро аз роҳ бозодоштанӣ мешаванд. Ҳокими Айнӣ тӯй доштааст. Ва ӯ хушнуд гашта, ки худо Лоиқро дар ин рӯз ба манзили онҳо оварда, аз қудумаш тӯяшон шаҳомат меёбад. Лек вай ваъдадор, ки буд, аз роҳаш нагашт. Ва ба замми ин бемор, тафс баланд, бо ҳамин ҳол боз рӯ ба роҳ шуд.

Роҳҳои баланду паст, пурпечутоби ағба ба болои дардаш дард меовард. Рӯз бегоҳ шуда офтоб кайҳо аз сари ағба ба ҷониби ғарб фаромада, рӯ ба ғуруб мерафт. Лоиқ бетоқат буд, меҳаросид, ки аз тӯй ақиб намонад, аз ронанда хоҳиш дошт, ки ба ҳаракати мошин суръат бахшад, тезтар мошин ҳай кунад.

Хуллас он рӯз бо ҳазор азоб, дар ҳоли беморӣ, ки тасфу тобаш баландтар гашта буд, дар вақту соате, ки тӯй бояд оғоз мегашт, ба манзили маъракадор ҳозир мешавад Лоиқ. Соҳибони тӯй Лоиқро дида гӯё ҳушу ҷонашон тоза мешавад. То лаҳзаҳои охир ноосуда буданд, зан мепурсид аз шавҳар, ки «Лоиқро гуфтӣ?» – мард ҷавоб медод «ҳа, бовар кун, занак ҳамон вақт, як моҳ пеш гап зада будам».

– Пас чаро ӯ наомад?

– Намедонам, ба худо як моҳ пеш гуфта будам, – такрор мекард мард.

– Як моҳ пеш? Фаромӯш кардагист.

– Намедонам. – Шавҳар ҳам аз дил мегузаронд, ки шояд завҷааш рост мегӯяд, шояд Лоиқ дар ҳақиқат фаромӯш кардагист. Мард ҳам ноумед шуда буд. Аҳли хонадон дар ҳамин зайл фикру хаёл буданд, ки Лоиқ аз дар даромад. Ҳама хурсанд гашта буданд, аз хурсандӣ ҳозирон кафкӯбӣ доштанд.

– Ба худо қариб умедамонро канда будем, биоед, хуш омадед, моро шод кардед, – барои соҳибони тӯй аз осмон ситора афтода, ки шодона ҷониби Лоиқ меомаданд, дасташро мефушурданд, шодмонӣ доштанд. Лоиқ дар ҷавоб боз ҳамон ҳарфҳои мегуфтаашро ба забон меовард:

– Гуфта будам, меоям, омадам.

Лоиқ баландгӯякро ба даст гирифта хомӯш меистод. Нигоҳҳои ҷумлаи ҳозирон дар он шаби тирамоҳ, шабе ки осмон ситоразор буд, ба Лоиқ. Лоиқ ба маърака оғоз овард, аз суханони ӯ, аз туфайли ному шуҳрати вай тӯй гармтар мегашт.

* * *

Чандест ба ёди Лоиқ қалам ба рӯи коғаз мебарам. Дар хона, дар ҷои кор гӯё дар ҳама ҷо ҳамин рӯзҳо бо Лоиқ мезиҳам, ҳамроҳаш ҳастам, бо ҳамем. Дафтари хотираҳоямро варақ мегардонам, мечӯям сатрҳоеро, ки аз рӯзҳои ҳамнишинамон бо Лоиқ ба қалам омадаанд. Ҳар ҳарфу сухани аз он рӯзҳо дар рӯи коғаз монда бароям азизанд... Аз дафтарҳои хотираам Лоиқ мечӯям ва ҳар шеъру ёдномаҳое, ки имрӯзҳо ба ёди Лоиқ дар маҷаллаю рӯзномаҳо чоп шудаанд, мехонам, дастрас мегардонам. Китоби Гулназар «Лоиқе чун Лоиқе», ки баъди фавти ӯ ба нашр расидааст, дар рӯи мизам аст. Мӯҳтарам Сорбон «Лоиқнома» навиштаанд, китобашон бо соядаст бароям тақдим шуда. Ва боз шунидам, ки як мақолаи хело самимӣ, ба мардум писанд афтодаи муовини раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии мамлакат Абдулмаҷид Достиев дар рӯзномаи «Садои мардум» чоп шуда. Пайдо намудам. «Гӯянд агар гузашт Лоиқ» ном дошта он. Ва дар ҳақиқат бо сӯзу гудоз, бо алами зиёди дил иншо шуда. Арзанда буда, ки мардум онро мечӯянд ва нусхабардорӣ кардаанд, даст ба даст меравад он мақола.

Рӯзҳои истироҳатам – шанбе ва якшанбе аксар дар деҳа мегузаранд. Ва он рӯзи якшанбе ҳам дар деҳа будам. Дастхатҳо – навиштаҳои нимколаам аз ёди Лоиқ ҳамроҳам. Вараққоям болои миз паҳн. Китоби Гулназар «Лоиқе чун Лоиқе» боз дар наздам. Сурати Лоиқ дар муқова акс шуда. Ба Лоиқ менигарам дар дохили китоб ҳам хело суратҳои Лоиқ бо пайвандон, дӯстон ҷой ёфта. Замоне, ки китоб ҳуруфчинӣ шуд, Лоиқ дар ин олами равшан ҳамроҳамон буд.

Рӯзи 23.05.2000, сешанбе Лоиқ ҳамроҳи суратгир Тухтамурод Рӯзиев ба нашриёт омад.

– Рафтем, Карокатулло, сурат мегирем, – гуфт Лоиқ. Баромадем аз идора. Мошинашро худаш ҳай мекард Лоиқ. Ба гулгашти назди театри Опера ва Балети ба номи устод С.Айнӣ омадем. Бо ҳам якчанд аксҳои хотирмон гирифтем. Назди мошинаш истод Лоиқ ва баъд ба паси чанбараи фармон нишаст.

– Мошинам ҳам қатӣ сурат гирад, – гуфт дар ҳоле ки сарашро аз тирезаи дари мошин берун бароварда буд... Ин суратҳо ҳам дар китоб интишор шудаанд ва дар охири суратҳои китоб боз аксе, акси тобут, Лоиқ дар он хуфта, ба хоби абад рафта. Ҳамаи суратҳо дар китоби «Лоиқе чун Лоиқе» бо ризоият ва маслиҳати худи ӯ ҷойгир шуда, ҳамаи онҳоро ӯ дида, ба ҷуз акси охири китоб, сурати тобуташ, ки албатта хаёл надошт вай ба ин ҳол, ин фоҷиа, ин қиёмати ба сараш меомадаро.

Чанд варақе зери дастонам сиёҳ шуда, баъд аз шаб хело гузашта, ки буд, қалам ба рӯи қоғазҳоям мондам. Бо ёди Лоиқ сар ба болин ниҳодам. Хоб дидам.

– Бо осонӣ менависӣ, услуби баён, воқеаҳо – лаҳзаҳои бо ҳам аз сар гузарондаамон хело зиёд, бисёранд, ба ёд мебиёрӣ, – дар хобам ҳам Лоиқ зинда набуда аз ёдноманависиам огоҳ буда, маслиҳат медиҳад, «навис», мегӯядам.

* * *

Лаҳзаҳое, ки қалам дар даст хаёлам ба Лоиқ буд, дӯстам, доктори илми тиб, аҳли сухан, яке аз эътиқодмандони эҷод ва шахсияти Лоиқ Ҷаҳони Азонзод ба ҳучраам даромад. Ба ӯ низ гуфтам, ки Лоиқро хоб дидам, лаҳзаҳое ки хобамро баён менамудам, домуллои деҳаамон Ҳоҷӣ Шамсиддин ҳам ҳамроҳамон буданд.

– Лоиқ одами беназар набуд, – изҳор намуданд Ҳоҷӣ Шамсиддин. Ва Ҷаҳони Азонзод афзуд, ки рӯҳи Лоиқ бо дӯстонаш аст, Лоиқ зинда аст, ҳар лаҳза шояд ӯ моро мебинад, мешунавад.

Дар рӯзи тӯи писари Ҷаҳони Азонзод Лоиқ ба хонаи ӯ рафта будааст. Ҷаҳон хушнуд буда, ки Лоиқро дар манзилаш, дар маърака ба навор гирифтаанд. «Хайрият ҳамин хел кори боақлона кардем», гуфт ӯ ва баъд таассуф хурд, ки аз ёдаш фаромӯш шуда, ки гусели Лоиқ ҳангоми аз хона бурун рафтани ӯро ҳам наворбардорӣ накарданд.

Ҷаҳони Азонзод дар аснои сӯҳбатамон, ки Лоиқро ёд меовардем, дар масъалаи бар ваъда вафо доштани ӯ ҳикояте оварад.

Ҷаҳон имрӯз марди рӯзгордида, олими намоёни илми тиб, соҳиби фарзандон ва обрӯю эътибор аст. Дар он солҳое ки бори нахуст ӯ бо Лоиқ ҳамгап шуда, донишҷӯи Институти давлатии тиббии ба номи Абуалӣ ибни Сино будааст. Яке аз донишҷӯёни фаъол, серҳаракат ва муттасадии гузаронидани бисёр маҷлису маъракаҳои донишгоҳ.

Иди Наврӯз буд, – ба хотир овард Ҷаҳон, – ва он солҳо ба таври ботантана пешвоз намегирифтанд ин идро, имкон набуд, иҷозат намедоданд. Вале мо ҷавонони он рӯзҳо, аз он сиёсатҳо бурун омадан мехостем, ба маросиму анъанаҳои миллиамон меҳр мепарваридем. Ҳар сол дар донишгоҳ иди Наврӯз мегузаронидем. Ва ҳамон сол мо мухлисони Лоиқ, ки қариб ҳама шеърҳояшро мехондем, гапу ҳарфи ӯ дар забони ҳар яки мо буд, қарор додем, ки Лоиқро ба иди наврӯзамон меорем. Тайёрӣ дидем, шеърҳояшро писарону духтарон ёд мекарданд, барномаи алоҳидаи пазироии ӯро ороста будем. Ва вазифаи Лоиқро ба донишгоҳ даъват намудан ба ӯҳдаи банда афтода. Рӯзи ид фаро омад. Пагоҳӣ ба суроғи Лоиқ ба Иттифоқи Нависандагон омадам. Ӯ он вақт сардабири маҷалаи «Садои Шарқ» буд. Вақте ба ҳуҷраи сардабир даромадам, чанд нафарро дар миёни хона дидам, рост меистоданд, саргарми сӯҳбат, ба мисле кайфияташон идона ва ба куҷое равона буданд. Банда дар дами дар истодам, – назари суоломези ҳозирон ба ҷонибам давид.

– Ба ман Лоиқ лозим, – гуфтам.

– Ман Лоиқ, – пиёлаи дасташро болои миз гузошт ва бо нигоҳаш гӯё пурсиданӣ буд: – чӣ мехоҳӣ?

– Ман аз донишгоҳи тиббӣ.

– Хайр?

– Наврӯз дорем, мехоҳем дар иди наврӯзиамон иштирок кунед.

– Намеравам.

– Ҳамаи донишҷӯён, муаллимҳоямон хоҳиш карданд.

– Рав, гӯй, намеояд. – Лоиқ дасташро аз болои костюм ба миён гузошта буд.

– Меравам, ҳамин тавр мегӯям, – ман ки бори нахуст бо Лоиқ ҳамсӯҳбат шуда будам ва дар хаёлам ӯро дигар хел тасаввур мекардам, аз муносибаташ ранҷидам, қаҳрам омад. Бо димоғи сӯхта аз ҳуҷрааш рӯ ба берун овардам.

– Ист, – Лоиқ маро аз роҳ гардонд. Дар дами дар рӯ ба рӯяш истодам.

– Соати чанд аст идатон? – Пурсид.

– Соати 12 сар мешавад.

– Меравам, – гуфт ва ба банда назар андохта илова намуд: – рав, ҳамин тавр гӯй, гӯй интизор шаванд.

Толори маҷлисгузарандагонии донишгоҳ серодамтар мешуд. Дар пешгоҳ мизҳо ва курсиҳоро қатор мемонданд. Болои мизҳо гул, нону кулча, мева, суманак, алафи сабзи суманак мегузоштанд. Шеърҳои Лоиқро дар алвонҳо ва коғазҳо навишта буданд, аз забони ҷавонписарону духтарон садои сухани Лоиқ ба гӯшҳо меомад. Лоиқхонӣ буд, «Лоиқ меояд, ҳоло меояд» мегуфтанд. Ва ҳама нига-

рони роҳи ӯ... Муаллимон, донишҷӯён, ректори донишгоҳ муаллим Баширхон Исҳоқӣ ҳама баҳри пешвозгирии Лоиқ баромада, дида ба роҳаш будем, ҳаво абр, борон меомад. Ва банда аз ҳаяҷону шодмонӣ дар ҷоям орамида наметавонистам, ноором будам. Худро дар он лаҳзаҳо мисли қаҳрамоне мепиндоштам, ки маҳз ман Лоиқро ба иди Наврӯз – ба донишгоҳ хондаам. Ба ростӣ ҳарчанд дар лаҳзаҳои аввал ӯ маро хуш напазируфт: суханҳои талх шунидам, вале баъде ки якбора раъяш дигар шуд, «меравам», гуфт, ноумед нашудам, шод гаштам. Ва барои ин шахсан ректор – муаллим Исҳоқӣ аз банда розӣ буданд, аҳсанту офарин мехонданд, ки мо донишҷӯён Наврӯзро хуб мегузаронем ва аз ҳама амали аълои ба ҷо овардаамон ба ақидаи эшон дар он буда, ки Лоиқро ба донишгоҳ меовардаем. Вале пас аз лаҳзаҳои хурсандӣ бо дӯстон андешаҳои яъсу ноумедӣ ба сарам меомад. Борон сахттар меборид, тар шуда будем, соат аз вақти ваъдагии Лоиқ мегузашт. Аммо аз ӯ дарак набуд, намеомад. Гӯё забонкӯтоҳ шуда будам.

– Ҷаҳон, рост, ки Лоиқро дида будӣ? – беқарор ва ноором шуда баъзе муаллимон суол медоданд.

– Ҳа.

– Фаҳмид, ки мо ӯро интизорем?

– Ваъда дод, меоям гуфта буд.

– Намеояд, хунук хурдем, – гуфта қариб ҳамаи донишҷӯён ва муаллимон ба соатҳояшон нигариста аз роҳи калон ба ҷониби донишгоҳ бармегаштанд.

– Намеояд.

– Намеояд, – ҳис менамудам, ки ин суханҳои нешдор, талх ба ман равонаанд ва ба хиҷолатмандӣ аз паси ҳамроҳон равон шудам. Роҳи ҳамаамон ба ҷониби толор. Донишҷӯён паси ҳам ба он ҷо медаромаданд, роҳ намеёфтанд, талотум. Боазоб ман ҳам вориди толор шудам. Ҳайрон мондам. Ба гӯшам сухангӯиҳои Лоиқ меомад. Аз миёни одамон, ки рост истода буданд, пештар рафтам. Лоиқро дидам. Ӯ дар паси минбар рӯ ба садҳо нафар донишҷӯён шеър мехонд. Лоиқ кайҳо, соати 12, дар ҳамон вақти ваъдагиаш омада будааст, аммо мо дар берун ӯро нигарон. Вай бо роҳи дигар, аз ҷониби беморхона омада ба толор даромада будааст.

Лоиқ он рӯз базми наврӯзии мо донишҷӯёнро гарм кард. Аз суханҳои ӯ, аз шеърхониҳояш ҳама дилхуш гаштем. Мухлисон ба вай бештар меҳр пайдо карданд, гулу гулдастаҳо ба сараш меборид, ҷумлаи ҳозирон аз паси Лоиқ ба гуселаш аз толор берун шуданд. Дар берун ҳанӯз борон меборид, борони баҳор ба сари мо мерехт, роҳу роҳравҳо тоза ва гулу гиёҳҳо аз борон рӯй шуста тароват ёфта буданд.

* * *

Боз сухан аз он лаҳзаҳо, ки назди бинои Иттифоқи нависандагон ҷамъ омада ба Ҳисор равон будем. Дар автобус ману Лоиқ паҳлӯи ҳам менишастем. Автобус аз Қарияи Боло, аз назди муҷассамаи Абуалӣ ибни Сино мегузашт. Лоиқ ба ҳайкали Сино ишора карда:

– Дина ҳамин ҷо вохӯрӣ доштам, – гуфт ва бо ҳасрат афзуд: – ҳеҷ гоҳ ин хел нашуда буд, дар умрам, – ва баъд зикр намуд, ки чанд рӯз боз мазааш нашуда, фишор баланд. Бо як шахси меҳрубонаш вохӯрданӣ будааст. Аз сабаби носиҳатӣ ҷои дур не, ваъдагоҳ назидикиҳои бинои зисташ – паси муҷассамаи Сино маслиҳат шуда. Вале вақти ваъдагӣ – соат ба се наздик омадаю ҳоли Лоиқ беҳ нагашта. Ба дараҷае ҳолаш ноҷур, ки аз рӯи талаби духтурҳо роҳравиаш ҳам мумкин набуда. Вале ӯ ваъдадор. Омадагист, интизораш аст. Чӣ кунад? Сар ба болин гузорад? Аз хона набарояд? Аммо ӯ он ҷо? Чашм ба роҳи Лоиқ. Дар чи гуна ҳоле ки набошад бояд назди ӯ ҳозир шавад. Ва баъд... баъд он тарафаш як гап мешудагист. Дидор мебинанд,маслиҳат мекунанд. Аз ҳама зарур назди ӯ ҳозир шудан. Ӯ ҳеҷ гоҳ ваъда дода ваъдахилофӣ накарда. Алалхусус барояш гарон ва нобахшиданист, ки вай аз роҳи дур биояду Лоиқ аз хонааш намебарояд, дард вайро зери панҷаҳои оҳанинаш кашида, нафасгардонаш кардааст, намегузорад қадам монад, аз пой афканданист ӯро. Худоё ба сари касе чунин рӯз наояд, ки ба дилбанди меҳрубонаш ваъдаи вохӯрӣ диҳаду дард вайро роҳгир шавад. Худоё ваъдадодагонро ба ваъдагоҳашон бирасон, омин! Ваъдахилофӣ нобахшиданист аз ҷонибе ба ҷониби дигаре... Ин гуна рӯз наояд.

Лоиқ бо азоб ба ваъдагоҳ – ба назди муҷассамаи Абуалӣ ибни Сино меояд ва мебинад, ки ӯ он ҷо ҳозир, аз афташ кайҳо чашм ба роҳаш, интизораш. Ва он шояд интизориҳои охирни дӯстон, муҳибон ба роҳи Лоиқ дар зиндагии ӯ буда. Ба ҳар ҳол, дар рӯзҳои охири умр дар бемориаш ҳам Лоиқ ваъдахилофӣ накарда. Вазнин буда баҳри Лоиқ он рӯз. Лек чӣ илоҷ? Имрӯз ки кас сиҳат аст, тавоност, шукр бояд гӯяд, фардо шояд рӯзе ояд, ки даст ба домони орзу нарасад. «Хайр», гуфт Лоиқ ба ӯ «хайр», шунид овози маҳзуни ӯро Лоиқ ба ҷониби хонааш баргашт. Назари вай ба Лоиқ. Бо нигоҳи маҳзун мегуселонид Лоиқро.

Лоиқ дар рӯзҳои охири умр ҳам, дар ҳолате ки дард дар вуҷуди ӯ афтодагӣ, беҳолӣ меовард, майлу хоҳиши дилро ба ҷо меовард. Ӯ дар зиндагӣ бо ҳидояти дил мезист ва он чи ки дил тақозо дошт, аз паяш меафтод, Лоиқ соҳиби дили саркаше буд, бо фармони дил буд, дил фармонбардораш набуд. Дар қолибҳои бардавоми анъанавии зиндагӣ намеғунҷид дили ӯ, бурун буд аз худ, бурун. Ва ҷумлаи ҳамнафасон,

дӯстон огоҳ буданд аз зисту амали ӯ. Роҳи нишонмедодаи дил роҳи зиндагии ширини Лоиқ буд.

* * *

Автобус аз шаҳр берун шуда ба шоҳроҳи Ҳисори Шодмон равон буд. Аз ду канори роҳ деҳаҳо, саҳроҳо боғу токзор ва ғаллазорон пеш омада. Дар дуриҳо аз канори теппаҳои баланд подаи гову молҳо менамуданд. Ва ягон-ягон парандагон ба чашм меафтоданд, ки аз зери осмони нилгун рӯ ба ҷониби қуллаҳои барфпӯши куҳҳои Ҳисор бол мекашиданд. Ва офтоб баланд шуда олами зеборо пеши назарҳо рангинтар мегардонд. Нигоҳи мо аз автобус ба ин манзараҳо духта гашта. Мафтун будем аз тамошо. Лоиқ мегуфт, ки бо ин роҳ беш гузар кардааст. Давоми он то бо Панҷакенти бостонӣ расида. Роҳи ошно, одамони Ҳисор ҳам барояш ошно, нону намакашонро ошомида, аз фарзандони барумандаш файз, барака ва меҳрубониҳо дидааст. Аз ин зумра мардумони ин водӣ ӯ боз номи устод Мирзо Турсунзодаи бузургворро зикр намуд. Мисраъҳои шеъри ӯ дар ҳаққи устод Мирзо Турсунзода ба ёдам меомад:

Ёдгори Айниву ин кӯҳсорон зинда бод!
Шеъри Турсунзодаву ин обшорон зинда бод!

ё аз шеъри дигаре:

Дар шоирӣ зи баъди ту гар куҳна, гар навем,
Аз офтоби назми ту як мила партавем.
Ғам бепадар шавад чи ғам, ки худ сазои ӯст,
Тарсам, ки баъди марги ту мо бепадар шавем.

Дар ҳақиқат Лоиқ инсони қадрдон ва чи хеле мегӯянд, ба қадри намак мерасидагӣ буд. Устод Мирзо Турсунзода дар зиндагӣ дар роҳи эҷод мададгораш шуда буданд.

Аз ҳамон солҳои замони Ҳукумати Шуравӣ, аз солҳои раиси Иттифоқи Нависандагони Тоҷикистон будани Мирзо Турсунзода дар масъалаи қабул ба узвияти Иттифоқи Нависандагон қоидаю талабҳои алоҳида мавҷуд буда. Онҳое ба узвияти Иттифоқи Нависандагон пазируфта мешуданд, ки бояд соҳиби маҷмӯаҳои осор-ду китоб мебуданд. Бархилофи ин талабҳо устод Лоиқро барои чанд шеъраш ба узвияти Иттифоқи Нависандагони СССР тавсия намуда ва қабул кунонда буданд.

Барои Лоиқ барин ҷавони соҳиби истеъдоди фавқулода ва мағрур, ки бо як шарру шӯр ва сабку нидои хос ба адабиёт омада

буд, ба замми ин дар ин роҳ баъзе адибони шӯҳратхоҳро, ки аз эҷодашон дида овозашон баланд буд, намеписандид, осон набуд. Дар симои ин ҷавон онҳо мухолифати рӯирост ҳис мекарданд, садди роҳаш мешуданд, гуноҳ, ҷурм меҷустанд аз ӯ, дар ҳақаш туҳматҳо мешуд. Дар он айём Лоиқ ба навниҳоле шабеҳ буд, ки дар боғи адабиёт акнун руста ва устод Мирзо Турсунзода боғбон. Ва нигоҳубини боғбон ба ин навниҳол бештар буда ва ба дараҷае алоҳида. Аз боду буронҳо ҳифзаш мекарданд, нигаҳбонаш буданд. Лоиқ ин ғамхорӣ, меҳрубонии падаронаи Мирзо Турсунзодаро аз хотир набаровард. Бисёр шогирдон, адибоне, ки ба мисли Лоиқ аз устод некӣ дида, дар роҳи эҷод баҳраҳо бардошта буданд, то охир ба эшон вафодор намонданд. Баъди марг устод аз ёдашон рафта. Ҳатто бо онҳое, ки бо Турсунзода ҳисси бадбинӣ, носипосӣ пайдо карда буданд, ҳамроҳ шуданд, аз ин бадхоҳӣ дар ҳаққи Турсунзода манфиат мехостанд. Аммо ботини поку беолоиши Лоиқ ӯро ҳамеша аз ин пастиҳо дар ҳазар нигоҳ медошт, некиҳои устод ҳамеша пеши рӯяш меомаданд, то лаҳзаҳои охири умр «устод» мегуфт, дар маҷлису маъракаҳо ёдовар мешуд. Пас аз сари устод дар давоми умр Лоиқ дар роҳи эҷод шуҳратёр гашт, овозааш ба олам, шоири машҳури Машриқзамин, мукофотҳои баланди байналмиллӣ ва мамлакат насибаш омада. Ва ӯ боз аз устод Мирзо Турсунзода ёд меовард. Ҳангоми бо Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи А.Рӯдакӣ шарафманд гаштанаш сухани аввалини ӯ аз тариқи телевизион аз изҳори эҳтиром дар ҳаққи устод Мирзо Турсунзода буд, ёд меовард устодро, ки дар роҳи эҷод сарпарасташ буданд. Вале акнун дар боғи адабиёт он навниҳоле набуд, ки устод Мирзо Турсунзода нигоҳубинаш мекард. Мисли дарахти хело боҳашамат дар сарзамини кӯҳани мардуми адабиётдӯст, серреша, сермева, сершогирд буд, меваҳояш шеърҳои ӯ, шогирдонаш. Аз туфонҳо ҳам акнун ҳазар надошт. Ва ҳанӯз бодҳои мухолиф ба сӯяш мевазид. Вале шикояташро нашунидем, касе – рақибашро ҳам ҳаргиз бад нагуфт, ғайбат накард, ин гуна хаёлот надошт, гӯё модарзод ӯ чунин ба дунё омада. Шояд дар хаёлаш меомаданд онҳо, вале номашонро асло назди касе ба забон наоварда.

Аз устод Мирзо Турсунзода ҳарф мегуфт Лоиқ, ба ёд меовард ва дар ин миён расидем ба он маърака – ба ҳавлии дӯстамон Султонмурод Одинаев. Ҳавлии васею барҳаво, сердарахт, ҳавозаҳои ток соя андохтаанд ба болои мизҳое, ки меҳмонон атрофи онҳо ҷой ёфтаанд. Ва мо – Лоиқ, Абдулҳамид, Фарҳод ҳам ҳамроҳ атрофи мизе, ки болои сарамон хушаҳои ангур аз тобиши офтоб ҷило ёфта буданд ва баргҳои зумуррадгуни ток ба рӯямон соя медоданд, гирд омадем. Базме шурӯъ гашта, гарм мешуд маърака. Мутрибон дар хизмат бу-

данд, овози хуши Ҳусейн Насриддин ва Шамсиддини Муҳиддин ба фазо баланд. Садои мусиқӣ, суруд... Сухан мегуфтанд дар ҳаққи соҳибҷашн, сухангӯиҳои дӯстод дар васфи ӯ давом меёфт.

Ба ногоҳ садри маҷлис, ҷавондухтари ширинсухане эълон дошт, ки дар маърака устод Лоиқ ҳозир омада. Ва баробари зикри номи Лоиқ ҳамаро гӯё як ҳисси гуворо, ширине фаро гирифт, бо эҳтиромаш кафкубӣ карданд. Чанд шеърашро бо лаҳни ширин тараннум намуд садри маҷлис ва ташрифи Лоиқро хайрамақдам гуфт, баъд Лоиқро ба назди баландгӯяк, ба пешгоҳи маърака хонд. Ва Абдулҳамиди Самад, муаллим Аҳрор Мухторов ва банда низ номамонро шунидем, ки моро ҳам ба назди баландгӯяк даъват мекарданд. Лоиқ, Абдулҳамиди Самад, банда паҳлӯи ҳам меистодем. Назари Лоиқ ба офтоб, ки болои сар, миёни осмони софу нилгун омада ва ба аҳли маърака, ки ҳама бо меҳр ба ҷонибаш дида баста нигарони сухангӯиаш буданд. Вале ҳанӯз Лоиқ баландгӯяк дар даст хомӯш меистод. Ниҳоят нигоҳи гармаш, ки чеҳрааш аз табассум шукуфон буд, ба Абдулҳамид ва банда гашт.

– Ё шумоҳо аввал сухан мегӯед? – ва бо банда бо ҳамон дидори пурханда «ҷараён», гуфта муроҷиат кард. Ҳамон шӯхиҳои айёми ҷавониамон. Аммо аз куҷо медонистам, ки он ҳам кунун аз забони Лоиқ охирин маротиба шунида мешавад. Охирин бор «ҷараён», гуфта ба банда муроҷиат кардани Лоиқ.

– Ташаккур, устод, худатон гап занед, – Абдулҳамид даст ба пеши бар бурда ҷавоб гардонд ба Лоиқ.

Дар он чанд лаҳзае ки бо ману Абдулҳамид бо шухӣ ҳарф мегуфт Лоиқ, аз чи гуфтанаш дар назди ҳозирон ба фикр рафта, сухан пухта мекардааст, ки якбора бо ҷиддият рӯ ба аҳли маърака ба гап даромад. Аз ҳама аввал ӯ боз аз Мирзо Турсунзода, аз некиҳои дидааш дар назди ҳамдиёрони шоир ҳарф меовард, ёдоварӣ намуд устод Мирзо Турсунзодаро ва хоксорона изҳор дошт, ки агар эшон намебуданд, шояд ӯ, – Лоиқ ба ин дараҷа намерасида.

Он лаҳзаҳо лаҳзаҳои охири сухангӯиҳои Лоиқ дар маърака, дар назди мухлисон будааст. Дар он дам ҳам некиҳои дидаашро аз одамон ёд овард, қадрдонӣ мекард ӯ. Абдулҳамид ва ман ҳам баъди Лоиқ сухан гуфтем. Ва баъд дидем, ки Лоиқ кайҳо аз назди мо рафтаасту дар паҳлӯи ҳофизи ширинадо Ҳусейн Насриддинов истода кадом як суруди классикиро ҳамроҳаш замзама дошт. Лоиқ бо ҳофизон суруд мехонд, сари овозашонро мегирифт. Ба хаёлам он рӯзи дар хонаи Султонмурод Одинаев буданамон яке аз лаҳзаҳои ширини зиндагонии Лоиқ дар охири умр буда ва мо дӯстонаш бехабар, ки пас аз чанд рӯзи он хушиҳои рӯзгор ӯ ин олами равшанро падруд мегӯяд.

Бо ҳам аз ҳавлии Султонмурод Одинаев баромадем, аз миёни анбӯҳи одамон қадам мезад Лоиқ, ҳама ба гуселаш омада. Ва дар боз-

гаштамон аз Ҳисор бо хоҳиши Лоиқ мошини сабукрав пайдо карда буданд. Муаллим Аҳрор Мухторов, Абдулҳамид, Фарҳод, банда ҳамроҳ ба Душанбе баргаштем. Ва он рӯз бале, шанбеи 17 июни соли 2000-ум буд. Дар ин миён банда ба деҳа рафтам. Баъд рӯзи сешанбе бо Лоиқ боз вохӯрдам.

Сешанбе 20-уми июни соли 2000-ум охирин дидорбинӣ ва ҳамгапу ҳамсӯҳбат шудани ману Лоиқ дар зиндагӣ буда. Қарибиҳои соати 12 буд. Дар нашриёт – дар ҳуҷраам бо ташвишу таҳлукаҳои рӯзгорамон банд будам, рӯзҳое буд ҳолати ҳисобдории идораи моро аз ҷониби Вазорати молия тафтиш мекарданд.

Ва муфаттиш Миралӣ Бӯриев камбудию норасоиҳои дар ҳисобдории идораамон ҷой доштаро ошкор сохта маълумам гардонд. Хаёлам ноосуда шуд. «Айби сармуҳосиб, хазинадор» фикр мекардам. Бо онҳо сӯҳбат карданӣ будам. Лоиқ дарро кушод. Бо дидани ӯ гӯё ҳамаи ташвишҳоям фаромӯш гашт. Вале ҳис мекардам, ки табъи Лоиқ хира ва ноосуда буд ӯ.

– Аҳвол чӣ хел? – Пурсидам.

– Нағз не, – ҷавоб гардонд, – чой дорӣ? – Пурсид.

– Ҳозир, – гуфтам.

– Чойи сиёҳ наменӯшам, – медонист, ки чойи кабуд наменӯшидам. – Чойи кабуд надорӣ? – ва афзуд Лоиқ: – фармо, ягон андохтанӣ биёранд.

Котибаро ҷеғ задам. Хоҳиш кардам, ки чой ёбад, чойи кабуд ёбад. Котиба аз наздамон баромад.

– Лоиқ, – гуфтам ва бо шӯхӣ давом намудам, – қадаҳгӯиатон аз ёдатон набаромадагист, «барои котибаи оянда», гуфта будед, – ба хотираш овардам.

14.03.2000с. сешанбе. Қариби нимрӯз буд. Бо Лоиқ Ҷаҳони Азонзод ва яке аз дӯстонамон, – мухлиси шеърҳои Лоиқ Фахриддин дар ҳуҷраам менишастем. Дастархон густурда будем. Хӯрок ҳам овардем. Ҳамон рӯз ҳам аз Раъно хоҳиш доштем, чой биорад. Аммо овардани чой ба таъхир меомад.

– Чой намебиёранд? – Боз пурсид Лоиқ.

– Ҳозир меоранд.

– Кай? Ҳамин котибаи ту худаш чӣ хел духтар-а, ҷараён? – Табъи Лоиқ хуш гашта буд.

– Худам ҳам намедонам, – хандидам.

– Хайр ки надонӣ, биё як гап, – қадаҳ дар даст аз ҷой бархост, – барои котибаи оянда, барои котибаи нав! – ба шавқ хандид Лоиқ ва ҳама қадаҳ ҷанг андохтанд. Албатта аз он рӯз фурсат, моҳҳо гузашта. Вале ба ёди Лоиқ овардам. Лоиқ бо табассум афзуд:

– Ҳоло ҳам худаш-ку.

– Боз як бори дигар қадаҳ пур кунем-чӣ?

– Даҳ бор ҳам қадаҳ бардорем, ту Раъноро иваз намекунӣ, мон кор кардан гирад, духтари нағз аст, шӯхӣ карда будем.

– Хайр барои Раъно, барои нағз буданаш.

– Не, наменӯшам, аҳволам хуб нест. Чанд рӯз боз дар пушти сарам як чи пайдо шудагӣ барин, сарам дард мекунад, фишор баланд, – гуфт Лоиқ дар ҳоле ки гапҳои шӯхиомез ҳам ба ӯ намефориданд.

– Беморхона нарафтед? «Профилактика» мекардед.

Солҳои охир гоҳ-гоҳе ӯ дар беморхонаи амрози қалб мехобид. Ба хабаргириаш мерафтам. Медидам дар ҳуҷрае худаш танҳо. Хотираш ҷамъ, осуда, табъаш хуш. Баъзан машғули навис-навис мешуд, ё китоб мехонд. Аҳволпурсиаш мекардем. Бо ханда ҷавоб мегардонд:

– Касал нестам, «профилактика», – бо шавқ механдид. Барои ҳамин ҳам дар он лаҳзаҳо дардмандиашро ҳис карда «профилактика» гуфтанҳояшро ёдовар шуда будам.

– Поям намекашад, намехоҳам, – гуфт ва нигоҳаш ба кадом як гӯшаи хона баста гашт.

Раъно чой дам карда будааст, чой оварда.

– Талх аст? – Пурсид Лоиқ.

– Ҳа, – гуфт Раъно ва боқимондаи чойи хушкро, ки миёни коғаз печонда буд, наздамон, болои миз гузошт. Боқимондаи ҷое, ки камеашро он рӯз баҳри Лоиқ дам карда буданд, имрӯз ҳам нигоҳ медорам. Ва баъд ҳамон рӯз, бо умеде, ки минбаъда ҳам Лоиқ гоҳе наздам меояду шояд чойи кабуд нӯшидан мехоҳад, як сурғуч чойи кабуди баланд гирифтам. Аммо он сурғучи чой накушода монд. Дигар Лоиқ дари ҳуҷраамро боз нанамуд, барояш чой дам кардан насибамон нагашт. Ва имрӯзҳо гоҳо назарам ба курсие меравад, ки Лоиқ чанд лаҳзае дар он нишаста буд. Ва он рӯз дӯсти солҳои ҷавонӣ, ҳамсабақам, шоири бузурги миллати тоҷик Лоиқро аз ҳуҷраам то долони нашриёт гусел кардам. Ӯ аз долони дарози нашриёт рӯ ба берун мерафт. Нигоҳам ба Лоиқ, ба роҳравии ӯ буд. На, бубахшед, дар он дам аз ман хоҳише карда буд, қарибе аз ёдам рафта. Хоҳиш дошт, ки ҳамроҳ ба хӯрокхурӣ равем. Аммо ман имкон надоштам. Муфаттиши вазорат интизорам буд, маълумотҳои навиштаашро аз натиҷаи тафтишаш, ки беш аз чил рӯз давом дошт, дар нашриёт бояд муҳокима мекардем. Талаби ӯро ба дигар рӯз ё ба дигар соат мононда наметавонистам. Аммо ҳоло аз он ки ҳамроҳи Лоиқ он рӯз нарафтам, хоҳишашро аз туфайли ташвишҳои чандлаҳзаинаи зиндагӣ ба ҷо наовардам, таассуф мехурам, аз кардаи хеш норизо мешавам. Кош ҳамон рӯз, ки охирин имкони дидорбинӣ ва ҳамсӯҳбат гаштан бо Лоиқ будааст, ҳамроҳаш мерафтам. Албатта мо боз бо Фарҳод ба

он ҳавлие, ки дар кӯчаи Чехов ҷойгир аст ва бо Лоиқ ин ҷо меомадем, хурок мехурдем, хурокҳояш ба ӯ писанд буданд, меравем, вале бе Лоиқ. Бале, Лоиқ дигар бо мо ҳамроҳ намешавад. Агар он рӯз бо Лоиқ ҳамроҳ мерафтам, бо ҳам менишастем, шояд аз сафари ба охират доштааш, ки дар эҷодаш аз он рӯзи нохуши ба сараш меомада беш ёдовар гаштааст, огоҳ буду ба банда – ба дӯстон гуфтание дар дил дошт. Лек ҳазор таассуф, ки он рӯз бо вай ҳамроҳ нарафтам. Лаҳзаҳои қимати бо Лоиқ будан аз даст рафт. Ташвиши тафтишҳои кори идора бо некӣ анҷом ёфтанд, ноосудагиҳои онрӯзаи мо гузаштанд. Аммо ку Лоиқ? Шоир Бозор Собир гӯё дар ҳамин маврид гуфта:

Дар ин замин монанди ман ошиқ намеояд дигар,
Биншин ба рӯи чашми ман Лоиқ намеояд дигар.

Баъди ҳамон дидорбинии охиринамон бо Лоиқ рӯзи дигар пагоҳии чаҳоршанбе ба деҳа рафтам ва рӯзи панҷшанбе ба шаҳр баргаштам. Ҳангоми ба кор омадан сари роҳ аввал ба Вазорати фарҳанг даромадам. Яке аз дӯстонамро диданӣ будам. Гуфтанд, ки гирифтори нохушие гаштааст. Ҷонишини вазир Олимҷон Салимзодаро вохӯрдам. Маро мечустаанд. Чанд ҳуҷраи идораамонро холӣ карда ба ихтиёри муассисаи навташкили Ҷамъияти саҳомии «Матбуот» месупурдаанд. Табъам хиратар гашт. Бо дили хиҷил ба нашриёт омадам. Ҳамкорон ҳама кайҳо ҳозир омада буданд. Аммо Фарҳод наомада. Вақт мегузашт. Хаёлам ба ӯ. Бесабаб аз кор дер наемонд. Дар ҳамин лаҳзаҳо овозашро аз гӯшии телефон шунидам:

– Чӣ хел, Фарҳодҷон, тинҷӣ-мӣ? – Пурсон шудам.

– Устод Лоиқ инсулт шудаанд. Ҳоло ман дар беморхона, – Фарҳодро ашк гулӯгир гашт, дигар сухане гуфта натавонист. Гӯширо ба ҷояш мондам.

Ҳанӯз хаёлам ба Лоиқ, ба дарди бедавои ӯ, ҳанӯз ба худ наомада будам, писарам Парвиз аз донишгоҳаш телефон кард. Бо ноумедӣ огоҳам сохт, ки аз имтиҳон афтодааст. Тавба он рӯзи панҷшанбе чӣ рӯзе буд? Аз пагоҳ хабарҳое мешунидам, ки табъамро хира, хаёламро ноосуда мегардониданд. Нохӯшӣ паи нохӯшии дигар омада. Чаро баъзе рӯзҳо ба сари инсонҳо ҳамин хел лаҳза ба лаҳзаҳо ноосудагӣ ва нохӯшӣ мебиёранд? Магар рӯзҳо айбдоранд? Чӣ сирре? Номафҳум, номаълум. Хабари аз тани сиҳат маҳрум мондани Лоиқ бароям аз ҳама аламовар ва гарон.

Пас аз соате ҳамроҳи ҳамкорам Шералӣ рӯ ба беморхонаи Қарияи Боло овардам.

Беморхонаи амрози қалб. Атрофаш серодам. Аксар он ҷо дӯстон,

хешовандони Лоиқ. Қариб ҳама хомӯш, бо сари хам меистоданд. Ба мисле ҳама ноумед, мегуфтанд, ки фишораш аз 300 баланд баромада ва шояд баъзе рагҳои майна осеб дида, хун ба сар зада. Духтурҳо дар ташвиш, таҳлука, ҷон мекоҳонданд, умед мебахшид ин фодокорию давутозҳои онҳо ба мо. Боз орзу, орзуи зинда мондани Лоиқ ба миён омада. Гӯё ҳолаш беҳ мешуда.

Он рӯз гузашт. Боз рӯзи дигар расид. Боз хабаре аз Лоиқ: ӯ чашм кушода, сухан гуфта, одамон, дӯстонро шинохта. Вале ҳанӯз духтурҳо ба наздаш даромадан, бо ӯ ҳамсӯҳбат буданро мамнӯъ медоштанд. Аз дил мегузрондам, ки агар ба саломатии Лоиқ манфиате биояд, бигзор ҳамин тавр бикунанд. Чӣ зарурият, ки ба наздаш дароем. Аз ҳама муҳимаш ба бахти мо саломат бимонад, шифо ёбад, аз беморхона барояд, боз ҳамроҳамон шавад.

Андаке беҳ гаштани ҳоли Лоиқ моро рӯҳбаланд намуда буд. Умед ба некӣ, ба саломат мондани ӯ. Шӯълаи умед дилҳоро равшан, хотирҳоро якбора шод мегардонд. Дар лабони дӯстони ӯ табассум, ханда омада. Яке аз хешовандони банда Холмуҳаммад, ки Афзалшоҳро мечӯст, дар ҳамин гуна ҳоли шодмонӣ ӯро ёфт. Чеҳраи дилкушои Афзалшоҳ моили табассум. Хушгӯй дошт. Холмуҳаммад арзи дил гуфт ба Афзалшоҳ, шиноси деринашро ба тӯи фарзандонаш хонд. Ва Афзалшоҳ ваъда дод, ки агар саломатии устод Лоиқ минбаъд ҳам рӯ ба беҳӣ биорад, албатта ба тӯяш меравад, дар хизмати дӯсташ мешавад.

Рӯзи тӯй дар деҳа будам. Бо беқарорӣ чашм ба роҳи Афзалшоҳ доштам. Аз саломатии Лоиқ аз ӯ хабар шунидан мехостам. Ниҳоят дар он рӯзи офтобии моҳи аввали тобистон Афзалшоҳ ба тӯйхона ҳозир шуд.

– Ҳоли устод Лоиқ андаке беҳ, шукр, – ҳамон табасуми ширин дар чеҳраи Афзалшоҳ аксандоз буд. Ва баъд мардум ба сурудҳои ӯ гӯш доданд, ҳаловат мебурданд, аҳсант мехонданд. Афзалшоҳ суруд мехонду ҳушу хаёлаш, аз афташ ба Лоиқ буд, дар аснои тараннуми сурудҳояш чанд бор ӯ ба ҳозирон аз бемор будани Лоиқ, ки ҳама хурду калон ӯро медонистанд, эҳтиромаш дар дилҳо беш буд, хабар расонд. Ҳама даст ба дуо кушоданд, аз даргоҳи худованд илтиҷо доштанд, ки Лоиқ шифо ёбад. Ҳама, садҳо нафар бо як нидо «омин, омин!» мегуфтанд. Ва минбаъд аҳли деҳа ҳар рӯзу соат аз саломатии Лоиқ огоҳ будан мехостанд, ба радио гӯш медоданд, аз ҳаммаҳаллаҳояшон, ки аз шаҳри Душанбе бармегаштанд, аз ҳоли Лоиқ пурсон мешуданд.

Аммо оқибат аҳли деҳаи мо низ хабари хунук шуниданд, шуниданд, ки Лоиқ аз олам гузашта, дилҳо реш гашт, таассуф мехурданд.

Дирӯз дар моҳи шарифи рамазон дар хонаи ҳамсояамон эшони

Асохӯҷа ифтор буд. Аксар муллоҳо даъват шуда буданд. Вақте баъди анҷоми ифтор аз хона мебаромадем, эшони домулло Ҷалол маро аз роҳ нигоҳ доштанд.

– Бовар кунед, Карематуллоҳ, дилам барои Лоиқ месӯзад. – Эшони домулло Ҷалол бо як олам дарду алам ин чанд суханро ба забон оварданд ва баъд гуфтанд, ки паи анҷоми хатми Қуръонанд ва савоби онро дар арафаи иди Рамазон ба рӯҳи Лоиқ мебахшидаанд.

* * *

28-уми июни соли 2000-ум, чоршанбе. Боз баҳри хабаргирии Лоиқ сӯи беморхонаи Қарияи Боло мешитобам. Дар атрофи биное, ки Лоиқ дар яке аз утоқҳои он бемор хобидааст, хешовандон, дӯстон, фарзандони эшон ба мисле ки меҳмононро гусел ё пазироӣ мекарда бошанд, дастҳо пеши бар истодаанд. Адибон Абдулҳамид Самадов, Сорбон, Ҳадиса, Ҷонибек, Холмурод Шарифов чун рӯзҳои пешин дар паҳлӯи онҳо. Нигоҳҳо ноумедона. Баъзеҳо дидори гарми Лоиқро дида аз беморхона бурун меоянд. Ва банда ҳам ташнаи дидораш гаштаам. Умедам, ки ба зинда монданаш буд, ба мисле ботил шуда.

Ҳамроҳи дӯстам Садриддин зинаҳоро боло шуда ба долони ошёнаи дуюм омадам. Дар долон назарам ба ҳамсари Лоиқ хурд, ки гӯё аз дидагонаш сели ашк равон буд. Дар сар рӯймоли сафед дошт, худо мегуфтам, ки рӯймоли сиёҳ ба сар накунад. Дар чанд рӯзи омаду рафтам ба беморхона медидам, ки аз ҳама беш ӯ баҳри Лоиқ ғам мехӯрд, месӯхт. Шабҳо то саҳар болои сари шавҳар буда ӯ. Орзу мекардааст, ки боз як бори дигар худованд ба Лоиқ шифо бахшаду завҷаи меҳрубон дар дами дари хонааш пойандоз густурда вайро марҳабо гӯяд ва маъракаи хурсандӣ ороянд, лекин ҳазор афсӯс ки Лоиқро ба хонааш оварданд, чӣ хеле мегӯянд, якрӯза меҳмони рӯи кулбааш гашт. Лоиқ ҳамин рӯзи сиёҳи ба сари завҷааш меомадаро медонистааст, ки баҳри ӯ шеъре бахшида, шеъри «Дидор дар қиёмат»:

Рафтам ман аз бари ту, дидор дар қиёмат,
Рафтам ман аз сари ту, дидор дар қиёмат!
Эй паршикастаи ман мисли уқоб бигзашт
Ҳам болу ҳам пари ту, дидор дар қиёмат!
Бисёр бода хӯрдам, имрӯз бодаи марг...
Пур бод соғари ту, дидор дар қиёмат!
Хок аст бистари ман, эй кош гарм бошад
Болину бистари ту, дидор дар қиёмат!
Баъд аз сарам чӣ ояд аз саъду наҳси афлок
Бар хонаю дари ту, дидор дар қиёмат!

Рӯи маро бихоҳӣ, бар рӯи дафтарам бин,
Он ҷост маҳзари ту, дидор дар қиёмат!
Фарёди бесухан кун, чун дар ғами сухан сӯхт
Ёри суханвари ту, дидор дар қиёмат!
Танҳо набошам онҷо чун бурдаам ба дида
Ду дидаи тари ту, дидор дар қиёмат!
Дар хок тира бошад қандили шоми уқбо,
Ишқи мунаввари ту, дидор дар қиёмат!
Рӯҳи маро биҷӯяд дар богҳои мину
Рӯҳи музаффари ту, дидор дар қиёмат!

Ҳоло ману Садриддин баҳри ба дидори гарми Лоиқ расидан аз долон, аз назди аҳли хонадон, фарзандони ӯ мерафтем. Бо сари хам вориди утоқе шудам, ки Лоиқ он ҷо хуфта, сардухтури беморхона дӯсти меҳрубони Лоиқ ва ҷумлаи мо аҳли адаб Соҳибҷон ва дигар ҳампешагони эшон назди кати хобаш истода. Нафасгириаш ноором, вазнин. Тарзи ҳаракати қалбаш дар оинаҳои нилгун акс кунонда мешуд, ба он духтурҳо назар доштанд, ба дафтарҳошон ишораҳо мегузоштанд, низому ҳаракатҳои дил номӯътадил, дар талотум буд дил. Диле, ки Лоиқ ҳамеша раъяшро ба ҷо меовард, дар хазматаш буд, баҳри ӯ мезист, диле, ки аз тифлӣ то ба сафедӣ омадани мӯйҳои ӯ пуршӯр буд, шӯру қиём, ҷӯшу хурӯше дошт. Вале чӣ илоҷ, ки ҳолаш ҳоло табоҳ, марг омада ба талабаш, ноилоҷ аст, нотавон аст дил, дами маҳву нобудшавӣ. Пас аз лаҳзаҳо сукут мекунад дил, аз тапидан мемонад, илоҷе, мададгоре намеёбад. Вале таслим намеояд дил, дар ҳаракат аст, озурда гаштааст аз дард, пажмурда шудааст, даруни дегдоналов гӯё афтодааст, сӯхтан дорад, дар ҳамин ҳол ҳам ба ёди шоир шеър мебиёрад. Мадҳуш аст шоир. Вале ба забони ӯ шеър оварда дил, шеъри вопасин, байти охирин. Шеър мегӯяд Лоиқ вале намешунавем... Лабонаш меҷунбанд, зикри забонаш шеър, калимаи вопасинаш шеър... Аз рӯи Лоиқ назар кандан намехоҳам. Аммо баҳри назди кати ӯ беш истодан иҷозат намедиҳанд. Духтурҳо ишора доранд, ки аз утоқ бурун равем. Лекин дил намехоҳад, охирин нигоҳҳоро аз рӯяш ғун биорам. Фикрҳои нохуш аз сар дур намешавад: магар дидори Лоиқро минбаъда дигар намебинам, дидори дӯсти солҳои сабақомӯзӣ, наврасӣ, ҷавонӣ. Гарон буд он лаҳзаҳо, ки «хайр, Лоиқ, дидорҳо ба қиёмат», бигӯям. На, наметавонистам ин хел суханҳоро ба забон овардан. Ва бо дидагони ашкбор бо Садриддин ақибнокӣ аз назди Лоиқ, аз дари ҳуҷраи хоби ӯ мебароям... Рӯз ба назарам тира, офтобро намебинам. Гапзании онҳое ба гӯшам меояд, ки дар саҳни беморхона назди бино ҳанӯз истодаанд. Инҳо ҳамон ҳамқаламон, дӯстон, мухлисони Лоиқанд.

– Дидӣ? – овози Абдалҳамидро шунидам.

– Ҳа, – ҷавоб гуфтам ва боз қадам мондам. Дар паҳлӯи ҳозирон истодам. Нигоҳҳо ба ҷониби бинои беморхона, он ҷо Лоиқ дар дами аз олам гузаштан. Умед ба зинда монданаш намонда. Аз аҷал ҷои гурез набуда, раҳо намеёфтаем ҳеҷ кадомамон, дареғ, сад дареғ.

Пагоҳии рӯзи 30-уми июн буд. Ба кор ба идора омадам. Дар ҳуҷраам менишастам. Дастам ба кор намерафт, дилам хиҷил, хаёлам ба Лоиқ. Оё умеде ба зинда монданаш пайдо гашта бошад? Касе набуд хабар бипурсам. Фарҳод ҳам ба идора наомада буд. Ӯ аз ҳамаи мо бештар аз ҳоли Лоиқ огаҳӣ дошт. Шабҳояш ҳам дар беморхона мегузашт. Боз ба кор, ба идора меомад. Аммо имрӯз соат аз нӯҳ гузашта буду аз вай дарак набуд.

Шоира Ҳадиса Қурбонова дари ҳуҷраамро кушод. Ба истиқболаш бархостам.

– Аз Лоиқ хабар доред, Ҳадисабону? – Пурсон гаштам аз ӯ.

– Алҳол не. Беморхона меравам. Дина ҳам рафта будам, ҳар рӯз меравам. Худо сиҳат шаваде, худо мегӯяме. Лоиқ бахудо ягона аст, мисли вай нест, – Ҳадиса давом менамуд ба суханаш. – Ҳамсоя будем, ин қадар одами нағз аст Лоиқ. Ба хона меомад, шеърҳоямро дар наздаш мехондам, бо раҳматии шавҳарам шоҳмотбозӣ мекард, бисёр менишастанд, шаб мешуд, аз шаб посе мегузашт, баъд мехестем гуселаш мекардем, баъд рӯзи дигар шавҳарам қатӣ боз шоҳмотбозӣ мекарданд...

Саидалӣ Маъмур бо хотири ошуфта аз дар даромад, сухани Ҳадиса дар забонаш монд. Маълум буд, ки ӯ хабари нохуш шунидааст.

– Лоиқ нағз шуда бошад? – Пурсид Ҳадиса.

– Лоиқ, Лоиқ... – ашк дар чашмони Саидалӣ ҳалқа хурд.

– Чӣ шудааст?

– Радио хабар додааст... Одамон ҳамин хел мегӯянд.

– Чӣ, ба Лоиқ ягон гап шудааст? – Хаёли Ҳадиса парешон гашт.

– Ҳа, Лоиқ гузаштааст.

Чӣ ҳарфу сухане шунидам? Лоиқ аз олам гузаштааст, ҳамин хел хабар, ин нидо садо медод: Лоиқ аз олам гузаштааст. Шояд хоб медидам, хоби нохуш. Сарамро миёни кафҳоям медоштам. Бо ҳамин ҳол паси мизам менишастам. Аз худ, аз олам ноогоҳ. Ба ҷисму ҷонам асар мегузошт, хабари марги Лоиқ. Дунёи бебақо, меоему боз дармегузарем. Шарбати маргро ночашида намонда касе. Дунё гузарон. Ҳама мемиранд. Марг бори гарони ғаму андӯҳ. Марги Лоиқ ҳам алам, алами дили дӯстон, муҳибон.

Оиҳиста-оҳиста гӯё боз чашмонам боз шуданд. Сар боло кардам, Саидалӣ ва Ҳадиса аз наздам кайҳо рафта буданд. Онсӯтар аз ҷои нишастам назарам ба курсие рафт. Лоиқ дар он ҳафтаи гузашта рӯзи се-

шанбе нишаста буд, рӯзи дигар, рӯзи чоршанбе бемор шуд. Ҳоло хабари маргашро шунидам.

Аз ҳуҷраам берун шудам. Дар долони нашриёт ҳам касе наменамуд. Ҳама аз марги Лоиқ ба ғам афтода, ҳама бесарусомон шуда. Лоиқе, ки ба аҳли нашриёти «Адиб» аз ҳама беш қарин ва азиз. Китобҳояшро ба нашр овардан бароямон хуш меомад, гӯё ҳар боре осори ӯ ба табъ мерасид, баҳри мо ноширон хушнудие пеш меомад. Идораи интишоротамон серодам мешуд, сердаробаро. Мухлисонаш паи ҳам меомаданд, китоби Лоиқро мепурсиданд. Китоб мехостанд, китоб мехариданд, муаллифи дигареро чун Лоиқ сермухлису серхаридор надидаем. Бозори китобаш гарм, ҷӯяндагонаш зиёд. Имрӯз ҳам аз мағозаи нашриёт харидорон фақат китобҳои Лоиқро мепурсанд.

Он пагоҳирӯзӣ бо шунидани хабари марги Лоиқ ҳама ба ҷониби манзили ӯ мешитофтанд. Банда ҳам ба хонаи Лоиқ равона будам. Дар долони нашриёт дар он лаҳзаҳо Султонмурод Одинаевро, ки ҳафтае пеш Лоиқ меҳмони ӯ буд, мавлуди 50-солагиашро мегузаронидем, дучор омадам. Ӯ ҳамон рӯзҳо баҳри чопи китобаш ба нашриёт меомад.

– Мегӯянд, Лоиқ аз олам гузаштаанд... – ҳангоми вохӯрӣ бо ранги рӯи канда пурсон гашт Султонмурод.

– Ҳа, ҳамин хел мегӯянд. Шумо хонаи Лоиқ намеравед? – Пурсидам аз ӯ.

– Хуб шудааст, меравам, устод, – гуфт ва инчунин биафзуд, ки мошин дорад, мошин қатӣ омада будааст.

Бо дили пураламу хотири ошуфта ҳамроҳи Султонмурод Одинаев ва ҳамкорам Юсуф Аҳмадзода ба хонаи Лоиқ наздик мешудем. Хаёл доштам дар ин лаҳзаҳо гирду атрофи кулбаи вай пур аз одам, пур аз дӯстону мухлисони ӯ, пур аз мотамдорон ва тасаввур менамудам, ки аз серодамӣ шояд роҳи гузар ҳам намеёбем. Садои нола, фиғон. «Рӯзи қиёмате шояд он ҷо ба по». Вале баръакси хаёлҳо, пиндоштам, ҳар қадаре ба биное, ки Лоиқ мезист наздик меомадем, ҳамон дараҷа хомӯшию сукунат ба мисли паша пар намезад, касе наменамуд. Ҳама ҷо «ҷим-ҷит», хомӯшӣ. Агар Лоиқ фавтида бошад, чаро дари кулбааш пӯшида? Чаро одамон нестанд? Ё хабари марги ӯ дурӯғ буда? Лоиқ нафавтида. Зинда аст? Ба зинда будани Лоиқ боз дар дилам шӯълаи умед падид омада. Андаке осуда мешудам, шукр мегуфтам.

Аз роҳи хонаи Лоиқ баргашта рӯ ба беморхонаи Қарияи Боло овардем. Ана боз ҳамон бинои баланди табобатгоҳи амрози қалб, дар саҳни он ҳамон дӯстон, наздикон, ҳамқаламон, хешовандони Лоиқ. «На, худо хоҳад, ҳеҷ гап нашуда, Лоиқ зинда...» Ба зинда будани Лоиқ шак намонда лек чаро хабари маргаш паҳн шуда? Чаро? Мадор ги-

рифта дилам. Аз мошин берун омадем. Аз ҷониби ҳозирон нависанда Равшани Ёрмуҳаммад меомад.

– Чӣ гап? Лоиқ... – Давоми суханамонро ба забон оварда наметавонистем. – Тинҷӣ аст? – боз пурсидем.

– Ҳа, худо шифо ёбад, – «худо шифо ёбад, мегӯяд Равшан?» Лоиқ зинда! Хабари хуш шунидем. Гӯё Лоиқ бароямон аз нав ба дунё омада. Офтоб, оламу одамонро медидем. Аз роҳравҳои зери дарахтон одамон равуо доштанд. Беморонро медидам, ки болои харакҳои канори роҳравҳо нишаста буданд. Гунҷишкаке аз сари як шохаи дарахти болои сарамон ба шохаи дигар менишаст, чирик-чирик садо медод. Олам зебо, дар назарамон гӯё ҳусни нав гирифта, Лоиқ зинда! Аз ин муждаи хуштаре дар он леҳзаҳо бароямон тасаввурнопазир буд. Ва бо тамоми овоз нидо додан мехостам: оҳой мардум, Лоиқ – дӯсти ба дил наздикам, ки ҳамсӯҳбатӣ, дидорбини бо вай бароям ширину гуворо аст, зинда, дурӯғ буда нафавтида ва Лоиқ зинда! Шукр, ҳазор шукр»! Шод гашта будам. Дӯстон, ҳамқаламон, муҳибони Лоиқ ба чашмам афтоданд, дар саҳни беморхона буданд. Ҷонибашон қадам ниҳодам...

* * *

Қариб ҳар рӯз оламро дар ҳар ранг, дар ҳар гуна тағйирот ва дигаргуниҳо дарёфтаам. Агар дар баҳорон ба осмони софу беғубори нилгун ва тобиши нурҳои офтоб назар андозам ва танбалона бол кашиданҳои паррандагон ба дуриҳо, – ба ҷониби қуллаҳои барфпӯши кӯҳҳо хаёламро барад, дилам ба фараҳ меояд. Вале баъзан ин тамошоям давом намеёбад. Лаҳзае мегузараду мебинам, ки дар осмон абрҳои сиёҳ падид омада, абрҳо рӯи офтобро мегиранд, ҳама ҷо тира ва хира мегардад. Куҷо шуда манзараҳои зебо, дилангез, фараҳафзо? Дилам хиҷил мешавад, хурсандиам барҳам мехурад.

Ширинии рӯзгор ва зиндагӣ низ бардавом набуда. Хушиҳо пеш меояд, аз паи он боз нохӯшӣ, нохӯшӣ мегузараду боз шодию фараҳ. Ҳамин гуна буда гӯё қонуну давомияти зиндагӣ.

Ва он рӯзи ҷумъаи 30-уми июни соли 2000-ум, ки тасвирашро ба қалам овардам, пагоҳӣ хабари аз олам гузаштани Лоиқро шунида гирифтори ғаму алам гаштам, дилам гӯё ба замин зад, олам пеши чашмонам торикистон гаштаву бо дидагони ашкбор рӯ ба хонаи Лоиқ овардам. Ва чун маълум гашт, ки ӯ зиндаву хабари маргаш дурӯғ, дилам аз нав мадор ёфт, ба худ омадам, шукр гуфтам, шод шудам. «Лоиқ зинда!» гуфта фарёд задан мехостам. Вале гӯё дар як лаҳза ин шодмониҳоям барҳам заду боз нохушӣ пеш омада. Гуфтанд, ки ҳоли Лоиқ боз бад шуда, чи хеле мегӯянд, ба ҳоли худ, пеши худо. Ба зинда монданаш умед намонда, ҳама дар ташвиш, дар талхука, духтурҳо баҳри пешгирии марги Лоиқ чорае намеёф-

танд, оҷиз монда буданд. Атрофи беморхона серодамтар мешуд. Бо дӯстон ҳама ҷамъ, аз дидагон гӯё хун меборид, бандаро ҳам ҳамин ҳол. Қадам мемондем аз ин сӯ ба он сӯи роҳ, худо мегуфтем, илтиҷо доштем, ки худованд ба Лоиқ умри дубора бидиҳад, шифо ёфбад.

Офтоб ба гӯшаи ғарбии осмон майл дошт. Бо хотири ошуфта ҳамроҳи ҳамкорам Шералӣ ба нашриёт баргаштам. Баъд ба деҳа, ки модари фарзандонам он ҷо буд, рафтан лозим омад, ӯро бо аҳли байт бояд ба шаҳр меовардам.

Дар деҳа шаб мешуд, мавзӯи гуфтугӯ, сӯҳбати аҳли хонаводаи мо Лоиқ буд. Ба мисле ҳар кадоми мо ӯро ёд меовардем, гӯё хотира мегуфтем. Китобҳояшро аз рафҳои ҷевон гирифта варақ мегардондем, шеърҳояшро мехондем. Номаҳо ва китобҳои ба номам навиштаашро гашта баргашта аз назар мегузаронидем, аз Лоиқ нишона, осор меҷустем.

Иқбол чанд ҳафта пеш бо Лоиқ дар роҳ дучор омада будааст, ба ёд меовард вохуриашро ӯ.

– Иқбол, саломатиат чӣ тур? Компютерат соз аст? Мушкилӣ намекашӣ? Ромишро дидӣ? – Лоиқ аз роҳаш гашта ба Иқбол даст дода вохурдааст ва гарм пурсупос намудааст.

Лоиқ баҳри аҳли хонадони мо азизу гиромӣ буд, ба хона меомад, фарзандонро алоҳида-алоҳида пурсупос мекард, бо онҳо ҳамсӯҳбат мешуд. Ба модари фарзандонам, ки ӯ низ гирифтори бемории фишори хун аст, аз рӯи фаҳмиши худаш давоиҳо мегуфт. Ва ҳоло худи Лоиқро ин бемори ба дами марг бурда.

Телевизор намегузоштем. Писарам Иқбол ба хонаи дигар гузашта радио гӯш мекард. «Лоиқ аз олам гузаштааст» – ману бародарашро воқиф намуд ӯ.

Ҳамин тариқ боз хабари марги Лоиқро шунидам. Ва он шаб ба саҳар меомаду ба дидагонам хоб намеомад. Хаёлам ба Лоиқ, ба дӯсти ба дилу дида наздикам. Ӯро марг аз мо ҷудо намуд. Дигар бо ӯ дар ин олам ҳимнишинию ҳамсӯҳбатӣ насибам намешавад. Рӯзҳои бо ӯ ҳамроҳ будан, ҳамсӯҳбат гаштанҳо як замоне, афсонае, гӯё хобу хаёле буда. Ё худи ҳамин дунёе, ки мо дар он мезиҳем, – афсона, як хоббиние аст? Марг ба ҳамаамон ҳамроҳ. Ҳар лаҳза лозимаш шавем, моро ба дами фано мебарад, барҳам мехурем, ба мисле дар ин олам мавҷуд набудем. Баъд ҷоямон холӣ дар хона, дар сари дастархон, дар миёни дӯстону рафиқон. Баъд аз ёдҳо меравем. Баъд боз шаб меояду ситораҳо аз осмон ба сӯи оламиён чашмак мезананд, моҳтоб ва боз офтоб мебарояд, саҳар мешавад. Вале мо дигар пайдо намешавем. Ин дунёи афсона баъди мо побарҷо, бардавом, оромгоҳи шабу саҳар. Инсонҳо ба он меоянду мераванд. Ва Лоиқ он бегоҳирӯзӣ аз олам гу-

зашта. Ғам мехӯрдам, бо марг ботинан дар гуфтугӯ будам. Шиква доштам аз марг, хобам намеомад.

Аз кулба берун омадам. Осмони софу беғубори деҳа ситоразор. Саҳар меомад, олам зебо. Худованд чи оламе офарида баҳри инсонҳо. Ин қадар умри кӯтоҳе дода ба онҳо. Ҳама, ҳам шоҳу ҳам гадо ва ҳама, ҳама – миранда. Имтиёз дар роҳи марг ба ягон бандазоти худо набуда. Вале ҳазор таассуф, ки баъзе ҳамҷинсони мо – инсонҳо ана ҳамин ҳамин миранда буданашонро аз ёд бароварда. Пиндоранд, ки дар ин олам сутунанд, доимианд. На, бояд ба худ биоем. Лоиқ барин як шоири тавоно аллакай он шаб ба ҳисоби майитҳо ҳамроҳ шуда. Якшаба меҳмони ин дунё. Аввалин субҳе, рӯзе меомад, ки Лоиқро офтоб, дар бистари марг дармеёфт, аввалин субҳе медамид, ки Лоиқ чашм намекушод.

Рӯз равшан шуду хуфта натавонистам. Ба хаёли Лоиқ бо аҳли оилаам ба шаҳр рӯ овардам. Мағзи нон, қатраи об ба даҳон набурда, ба мурдахона – сӯи хонаи Лоиқ равон будам. Роҳу роҳравҳо ва гирду атрофи хонаи Лоиқ серодам. Гӯё замин кафида одам рӯида, биное, ки кулбаи Лоиқ дар он ҷойгир буд, миёни сели одамӣ монда. Ба он наздик шудан қарибе ноимкон. Боазоб роҳ меёфтам. Аз миёни одамон мегузаштам. Дохили дари даромадгоҳ шудам. Одамон ба ошёнаи дуюм, ба манзили Лоиқ дар равуо буданд. Бори аввал буд, ки баъди марги Лоиқ ба остонаи хонааш қадам мемондам, кулбае, ки ҳар бор моро худи Лоиқ бо чеҳраи шукуфон пешвоз мегирифт. Аммо ҳоло дар он пагоҳирӯзӣ ҷасади ӯро аз манзилаш бурун меоварданд. Садои нола, гиря. Аз оҳи ҷигарсӯзи муҳибон, фарзандони Лоиқ дилҳо реш мегашту ғаму алам зиёда. Ҳама гирён. Назарам ба Ромиш бархӯрд. Дар сар тупӣ, дар бар ҷома, ришҳояш расида. Ба мисле ба по истода наметавонист, беҳолу бемадор, дар ғами падари бузургвор месӯхт, менолид. Маро, яке аз дӯстони наздики падарро дида, аламҳояш тозатар гашт. «Амакҷон, падарам, бародаратон» гуфт, ҷонибам омад, ҳамдигарро ба оғӯш кашидем, талх мегиристем, ашки сӯзон аз дидаҳо равон, сухани таскиномезе намеёфтам, ки ба фарзанди ҳамсабақам бигӯям...

Пайкари Лоиқро аз поғундаҳои зинаи ошёнаи дуюм поён мебурданд, онҳое, ӯро аз хонааш ба поён меоварданд, ки ҳама наздикон, хешовандон, фарзандони ӯ буданд. Банда ҳам аз паҳлӯи онҳо ҷой ёфта будам. Дар берун, дар дами дари даромадгоҳ тобути ӯ гузошта шуда буд. Дар берун сели одамӣ дар ҳаракат, сели одамӣ гӯё аз як сӯ ба сӯи дигар мавҷ мехурд. Офтоби пагоҳ рух менамуд. Болои одамон нур мерехт, нурҳои заррини он дар пойгаҳи дари бино, ки аз он Лоиқро берун меоварданд, чун пойандоз паҳн мешуд. Пойандоз аз дами дар то ба тобут, баъд то ба хонаи гӯри Лоиқ. Офтобро Лоиқ дар шеърҳояш ситоиш ва бо ҳазор ранг тасвир намуда. Махсусан ӯ лаҳзаҳои паре-

шон шудани нурҳои офтобро рӯи мавҷҳои дарёи Варзоб беш дӯст медошт, тамошо мекард, ба шавқ меомад. Шоирро ба илҳом меовард офтоб, мавҷҳои дарё ва ҳоло нурҳои офтоб пойандозаш шуда то ба тобут ва баъд то ба хонаи гӯр.

Дӯстон боэҳтиёт, оҳиста гӯё лахти ҷигари хеш – Лоиқро ба тобат мегузоштанд. Имкон ёфтам, ки ба пояи тобут даст барам, тобутро бардоштем. Лаҳзае пояи тобути дӯстам, бародарам Лоиқ дар дастам. Аз вақте ману Лоиқ якҷоя ба донишгоҳ ба таҳсил омада будему баъд солҳои тулонӣ ҳамнишинию ҳамсӯҳбатӣ доштем, ба ёдам намеомад, ки ҳамин хел ҳол рух медиҳад, тасаввур надоштам, ки пояи тобуташро мебардорам. Аммо ҳазор таассуф, ки ҳамин хел рӯзи сиёҳ омада, пояи тобути Лоиқ дар дастам.

Мардум, сели одам ба ҷунбиш омад. Нигоҳҳо ба ҷониби тобут, ҳазорҳо мухлисон, эътиқодмандони Лоиқ тобути ӯро ба дӯш гирифтан мехостанд ё дар орзуе, ки ақалан ба он даст расонанд. Вале наметавонистанд, одамон ба якдигар бармехурданд, меафтоданд, мехестанд пеш меомаданд. Кайҳо пояи тобут аз дастам раҳо ёфта буд, даст ба даст ба осмон мерафт тобути Лоиқ, дигар намедидам, пеши чашмонам сиёҳӣ, мавҷ мезад, аз паси одамон мерафтам, бо онҳо қадам мемондам. Аз кӯчаҳои шаҳр мерафтанд мардум, Лоиқро аз назди хиёбону гулгаштҳои шаҳри азизаш, ки аз айёми наврасӣ онро манзили зист ихтиёр карда буд, мегузаронданд.

Баъд мавриди видои мардуми Душанбе, мухлисони беҳисоби шоир дар Театри опера ва балети пойтахт давом ёфт. Офтоби тафсони тобистон болои бому дар ва рӯи дарахтон меомад, гармӣ медод. Гармие, ки дар умрам ба он дараҷа ҳарорат эҳсос накарда будам. Месӯхтам аз ғами Лоиқ, аз тобиши офтоб. Раҳме набуда офтобро. Месӯзондам, обу адо мегаштам. Дар саҳни васеъи бинои театри опера ва балет ва дар дохили он, ки одамони беҳисоб тобути Лоиқро даврa гирифта буданд, ҷои истодан намеёфтам. Гӯё ягон ваҷаб ҷои осудан намонда бароям дар рӯи замин. Ва ҳамроҳи одамон, боз рӯ ба дохили бино овардам. Ин ҷо Лоиқ, тобути Лоиқ. Аз телевизион равуои одамон, лаҳзаҳои видои дӯстон, ҷигарбандон, наздикон, мухлисони Лоиқро рӯи навор меовардand, сухангӯиҳо ба лентаи овоз сабт мешуданд, дӯстон бо дидагони ашкбор, бо сӯзу гудоз ҳарф мезаданд. Сухан аз Лоиқ, ба ёд меовардand ӯро, ёдномагӯӣ. Аллакай хотираҳо мегуфтанд, аллакай ба ҳисоби гузаштагон ҳамроҳ шуда Лоиқ, хотира шуда Лоиқ. Мухбири телевизион Ҳокими Азиз аз банда хоҳиш дошт, сухан бигӯям, аз Лоиқ ҳарф бизанам. Хайр гуфтам, назар ба тобути Лоиқ андохтам, нигоҳам ба рӯяш афтод. Намедонистам, ки чӣ мегӯям, дидагонам ашкбор, сухан мегуфтам. Бале, чи гуфтаму нагуфтам, беҳушона гуфтам, суханҳоям дар ёдам намонда.

Назарам ба яке аз ҳамсабақонамон – ба Меҳмон Бахтӣ хӯрд. «Аз Лоиқ мондем, Карокатуллоҳ», гуфт ӯ. Ҷӯрабек Муродов бо дидагони хунполо сӯям омад, бо ҳам оғӯш ба оғӯш шудем. Занону духтарон аз назди тобути Лоиқ гузашта бо дидагони пурашк бо ӯ видоъ мегуфтанд. Миёни онҳо шояд ҷавонзанҳо духтароне ҳам буданд, ки Лоиқ барояшон алоҳида, ва бо ӯ сӯҳбатҳо, ҳамнишиниҳои алоҳида ҳам доштанд. Он рӯз аз ҳама беш онҳо ғамдор, либосҳои сиёҳ дар бар, барояш месӯхтанд. Ҳамин гуна буданд он лаҳзаҳо. Шаб буд ба хаёлам он лаҳзаҳо, гӯё хоб будаму хоб медидам, ки Лоиқ фавтида. На, таассуф, ки хоб набуд, қиёмат буд, рӯзи марги Лоиқ буд. Сӯхангӯиҳо, митинг барпо шуд. Ҳама чун наворе аз назарам гузаштанд. Тобути Лоиқро бардоштанд. Мошинҳо, одамон рӯ ба роҳ шуданд. Офтоб гармтар ва нурҳояш сӯзонтар гашт, хело паст фаромада, ба болои сарҳо омада. Нафасгардон мешудам, дилу ҷигарам бирён, месӯхтам, ташна монда будам. Об нӯшидан мехостам. Оби сард. Назарам ба саҳни масҷид об мечӯстам – ҳо ана аз қубури зери чиноре об фавора мезад. Одат надоштам, ки оби сард нӯшам. Аммо ноилоҷ будам лаб ба қубури об мондам. Ҳар қадаре, ки дил мехост об нӯшидам. Баъд гӯё ба худ омадам. Одамонро медидам. Саҳни тозаю озодаи масҷиди Ҳоҷӣ Яъқуббой. Вақти намози пешин. Муазин такбир мегуфт, намоз мегузоштанд. Тобути Лоиқ канори пешайвон гузошта шуда. Мо маҳтали анҷоми намоз, маҳтали адои ҷанозаи Лоиқ. Мардум аз намоз баромада, ба ҷанозаи Лоиқ саф мегирифтанд. Банда ҳам дар саф ҷой ёфтам, ҷанозаи дӯстам, – ҷанозаи Лоиқ. Нияти ҷанозаи Лоиқ зикри забонам буду Лоиқи дигар – Лоиқи нав ба курсии донишҷӯӣ омада пеши назарам. Овози марғуладораш ба гӯшам меомад, «Карокатуллоҳ», мегуфт. На, он Лоиқ Лоиқи дигар буда. Лоиқи кӯҳансол пеши назарам, ана тобуташ дар пешгоҳ, ҷанозаи Лоиқ. Баъд мо он рӯз Лоиқро ба хок супурдем, мадфанаш дар баландиҳо, дар баландии мавзеи Лучоб, дар ин баландии Лучоб боз бисёр адибони баландмақом манзили абадӣ ёфтаанд. М.Турсунзода он ҷо, Лоиқ паҳлӯи Сотим Улуғзода, дар вақташ устод ба маҷмӯи аввали шеърҳои ӯ сарсухан навишта. Имрӯз Улуғзода ва Лоиқ ҳамсояманзил, дар паҳлӯи ҳамдигар.

Лоиқ аз олам гузашт, дӯсти меҳрубону ба дил наздикамро ба хок супурдем. Имрӯз аз ӯ, аз рӯзҳои дар ин дунёи равшан буданаш нақш мечӯям. Аз чи буд, ҳар гоҳе, дар куҷое бо Лоиқ вомехурдам, ҳамроҳаш ба ҷое мерафтам, гуфтаҳо ва ҳолатҳои бо ҳам шоҳид шудаамонро баъзан ба дафтари хотираам сабт мекардам. Имрӯз аз он дафтарҳо, аз он сатрҳо нақш мечӯям, нақши рӯзҳои дар ин олами равшан будани Лоиқро. Чанд китобаш бароям бо соядаст монда, ӯ

таъкид бар он дошт, ки мо бо ҳам дӯстони деринем, дӯстони солҳои донишҷӯй, айёми наврасӣ...

Дар китоби шеърҳояш «Дасти дуои модар» чунин нигошта ӯ:

Ба дӯсти дирӯзу имрӯзам Кароматуллоҳи Мирзо, бо ихлос Лоиқ.

Китоби шеърҳои «Фарёди бефарёдрас»-и Лоиқ чи тарзе зикр кардем, соли 1998 дар нашриёти мо, дар «Адиб» ба табъ расида буд ва банда, сарвари нашриёт будам, аз ин ҷиҳат ишора намуда ӯ ва навишта:

Ба дӯсти ҷавониям, нависандаи номвар, пуштибони ин китоб Кароматуллоҳи Мирзо, бо иродати якумрӣ Лоиқ. 04.05.1999.

Аз он рӯзи ба хок супурда шудани Лоиқ, 1-уми моҳи июли соли 2000 қариб як сол мегузарад. Дирӯз 20-уми апрели соли 2001 ҳамроҳи Фарзона, Толибҷон, Фарҳод, Камол Насрулло ба зиёрати оромгоҳаш рафтем. Бо хоҳиши ҳукумати вилояти Суғд аз зиндагиномаи Лоиқ филм ба навор мегирифтаанд. Дар он лаҳзаҳо фарзанди устод Ромиш болои гӯри падар гул мемонд, гулҳои тару тоза – гулҳои садбарг. Лоиқ гулҳоро дӯст медошт. Ва банда аз Қуръони маҷид ояте тиловат кардам, оятҳои Қуръон дар забон назарам ба хоки Лоиқ гӯё овози ба худаш хоси Лоиқ баланд мешуд. «Кароматуллоҳ», мешунидам овозашро. Ин садои ширини ӯ ҳамеша ба гӯшам меояд. Ӯ «Кароматуллоҳ», мегӯяд.

моҳи маи с. 2001

ҚУТБӢ КИРОМ ДАР ЁДҲО

1. КИТОБ – РОҲНАМО

Бегоҳирӯзии 25-уми моҳи октябри соли 1996 буд. Дӯсти бисёр ба дилу дида наздикам Аълохон Афсаҳзод нашриёт, ба ҳуҷраам омаданд ва аз дар даромада аз рӯи одат ҳолу аҳвол мепурсиданд.

– Читу? Мулло Кароматуллоҳ, нағз ҳастед? Аҳли хонавода чӣ хел? Ҳама сиҳату саломатанд?

– Шукр устод, саломатиҳои худатон чӣ тавр?

– Мо нағз, – ва ба куҷое равона буданд, ки ба сари мақсад омаданд: – Аз ёд набаровардtд-а? Пагоҳ, саҳар... – таъкид карданд.

– Не, устод, Фарҳод қатӣ маслиҳат кардем. Мирзобек ҳам қатии мо меравад.

– Дар мошини Фарҳод агар ҷой монад, як каси дигар бо шумо ҳамроҳ мешавад.

– Масалан?

– ... Устод номи он шахсро зикр намуданд.

– Агар ба ягон мошини дигар савор мекардед, – хоҳиш кардем.

– Дар мошинҳои дигар ҳам розӣ намешаванд, – бо завқ хандиданд ва боз афзуданд: – Ягон илоҷ меёбем, – бо чеҳраи пуртабассум аз дар баромаданд.

Аз рӯи маслиҳат фардои рӯзи дигар барои гузаронидани мавлуди 60-солагии Аълохон Афсаҳзод ба Панҷакент, ба хонаи қиблагоҳашон равона будем. Лек чӣ тавре мегӯянд, банда дар чи хаёлу фалакро чӣ андешае. Пагоҳии рӯзи дигар аз хоб дида кушода хабари нохуш шунидем. Гуфтанд дӯст, ҳамкори мо, шоири тавонои тоҷик Қутбӣ Киром аз олам гузаштаанд. Банда, Аълохон ва ҷумлаи сафаракиҳо аз роҳ мондем. Барои аҳли нашриёти давлатии «Адиб» ғаму алами гароне ба дӯш омада буд. Мо ҳама ғамдор, майитдор...

Қутбӣ Киром ношир ҳам буданд. Солҳои зиёде дар нашриёти давлатии Тоҷикистон, нашриёти «Ирфон» ва аз моҳи апрели соли 1987 дар нашриёти давлатии «Адиб» ҳамроҳи мо заҳмат кашида. Муҳаррири даҳҳо асарҳои саромадони адабиёти классикӣ ва адибони муосирамон буданд. Дар нашриёти «Адиб» мо ҳама «устод» мегуфтемашон. Баҳри ҳалли ҳамаи мушкилиҳо аз он кас маслиҳат мепурсидем. Дар зиндагӣ роҳнамоямон буданд.

Солҳои ноором буд. Гурӯҳбозӣ, маҳалгароӣ, майдондорӣ... Бештар зиёиёнро ба ҷонибашон кашидан мехостанд, ба ин ҷиҳат аҳамият медоданд. Ана дар ҳамон рӯзҳои чи хеле мегӯянд, тақдирсоз, пурхатар устод Қутбӣ Киром ба мо аҳли нашриёти «Адиб» насиҳатгӯ, ба мисле сарбон буданд. Таъкид мекарданд, ки ба роҳҳои нораво рӯ наорем,

намакношинос набошем. Он солҳо нашриёти мо дар бинои собиқ мактаби ҳизбӣ – назди Донишгоҳи омӯзгории пойтахт ҷойгир буд. Роҳамон аз назди майдонҳои серодам, серғалоғула. Бероҳа намешудем. Маслиҳатҳои эшон, махсусан, баҳри банда – баҳри раиси нашриёт қиммати беҳисобе дошта. Имрӯз ҳам аз он кас миннатдорам «рӯҳашон шод бод», мегӯям.

Он рӯзҳо муаллифони ба ном нависанда бисёр шуда буданд. «Китоб» менавиштанд, ҷилд-ҷилд таълиф меёфт «китобҳояшон». Мавзуи асарҳояшон аз ботини пурғаразу пуркинашон рӯида. Муаллиф агар аз касе дилмонда ё норизо буд, ӯро сиёҳ карда, дашном дода, тӯҳмат зада ба ҳукумат, ба аҳли маҳалҳо... Мақсаду маром шӯр хезондан, ба алови ҷанҷолҳо аланга овардан, оламеро аз як роҳ ба роҳи дилхоҳи хеш бурдан. Ҳарфҳои норавои онҳоро тағйир додан, таҳрир намудани китобҳояшон мумкин набуда. Худхоҳ, худписанд, баландпигоҳ, ҷонибдорҳояшон бисёр, фукашон ба осмон. Ва нашриётҳо аз нашри асарҳои ин зумра муаллифон қарибе сар печида наметавонистанд. Ҳар кадоми ин зумра муаллифонро гурӯҳи силоҳдоре дар ихтиёр. Ба ҳамаи шаттоҳиҳо, сиёсатҳо нигоҳ накарда дар нашриёти давлатии «Адиб» ягон китоби ин зумра муаллифон ба нашр оварда нашуданд. Ва барои ин ҳам мо боз аз устод Қутбӣ Киром миннатдор ҳастем. Маҳз он кас ба мо, шахсан ба банда таъкид карда мегуфтанд, ки ба номи нашриёти давлатӣ доғ набиёрем. Ин гуфтаҳои устодро имрӯз ҳам ба ёд меорем. Мегуфтанд «Мулло Карокатулло, медонед, ки нашриёти мо барои нашри асарҳои бадеӣ аст. Мо бояд осори Фирдавсии бузургвор, Ҳофиз, Мавлоно Румӣ, Хайём, Ҳаким Саноӣ, Шайх Аттор ва дигар нобиғаҳои адабиётамонро ба чоп биорем, на китобҳои хому хатали ба ном нависанда ва шӯрангезҳоро»... Пас аз сукунати зиёд оромона меафзуданд: «Медонам, ба шумо ҳам осон намешавад, ки мегӯем, китобҳояшонро қабул накунед, душвор аст. Китобҳои баъзеашонро ба ихтиёри ман ҳавола кунед. Ман ҷавоб мегӯям, мегардонам»... Устод Қутбӣ Киром хислатҳои алоҳида доштанд. Дар аксари мавридҳо ба дигарон монанд набуданд. Хушомад намегуфтанд. Эҳтиромашон ба худашон зиёд буд. Касе ҷуръат надошт, ки дар ҳаққашон сухани пасту баланд ба забон орад. Дар ин гуна мавридҳо истиҳола мекарданд, намеҳаросиданд. Ба рӯи одамони дилнохоҳамашон медавиданд, суханҳои дурушт ба забонашон меомад, дастбагиребон ҳам мешуданд, дилмондагиашон давом меёфт.

Охири моҳи августи соли 1994 буд. Ба ҷашни 50-солагии сармуҳаррири нашриётамон, шоири маъруфи тоҷик Саидалӣ Маъмур ба шаҳри Истаравшан даъват шуда будем. Автобусамон аз роҳҳои дараи Варзоб мегузашт. Автобус пур аз аҳли адаб, пур аз аҳли нашри-

ёти «Адиб». Автобуси худамон – азони идора. Ронанда Раҷаб. Ӯ гандумгун, ки буд, гоҳе устод агар аз вай ранҷида, оташин, ки мешуданд, «Раҷаби сиёҳ», мегуфтанд.

Устод дар автобус аз ҳамаамон пеш, наздики ронанда менишастанд. Он кас калонамон. Роҳнамоямон. Роҳҳои он рӯзҳо бехавф набуданд. Роҳбонҳо пайдо шуда буданд. Роҳбонҳои силоҳдор, силоҳдорон аз ҷониби ҳукумат ё мухолифин ва дастаҳои алоҳидаи ғайриқонунӣ. Гӯё ҳама ба роҳҳо ба шикор баромада. Роҳакиҳо нигоҳ дошта мешуданд пулу мол мехостанд ва агар касе хуш наоядашон пешандоз карда ба ҷониби номаълум мебурданд.

Мо қад-қади дарё мерафтем, аз роҳҳои таги кӯҳ мегузаштем. Дар гирду атроф касе наменамуд, ваҳмангез. Худо мегуфтем, ки дар ин ҷойҳои дур аз одамон бо силоҳдорон дучор наоем. Дар баромадгоҳи Душанбе мошини моро нигоҳ дошта буданд. Аскарони ҳукумат. Ба автобус даромаданд. Аз рӯи одат ҳуҷҷат ва бору буни ҳамаро мединданд. Аммо чун фаҳмиданд, ки ҳама шоиру нависандагонем ва баъзеамон, аз ҷумла устод Қутбӣ Киромро, ки шинохтанд, хомӯшона аз автобус баромаданд. Аммо дар дохили дара силоҳдорони ҳукумат набуданд, дастаҳои мусаллаҳи ғоратгарон мавҷуд буданд, хавф доштем. Ва як гардиши тангро тоб хурда бо онҳо дучор омадем. Паси санги калоне, дар сояи чормағзи сершоху навдае гурӯҳи силоҳдор. Мошини моро дида ба ҷунбиш даромаданд, се нафар аз ҷой бархостанд.

– Мулло Раҷаб, – гуфтанд устод ба ронанда.

– Лаббай устод.

– Мошинро нигоҳ надор.

Гапи устодро Раҷаб нашунид, ки лаҳзае нарафта бо ишораи кадом яки силоҳдор автобусро манъ кард, таъҷилан, бошаст манъ кард. Сари баъзеҳоямон ба оҳанҳои пеши ҷойҳои нишастамон бархурд, чарххои мошин ғаҷарросзанон сангҳои рӯи роҳро лесиданд, нороҳат гашта будем.

– Чӣ кор кардӣ, Раҷаби сиёҳ, гуфта будам, манъ накун.

– Мепарронад, устод.

– Мон парронад, – овози Раҷаб ва устод Қутбӣ Киром баланд буд.

Ҳанӯз онҳо дар хархаша буданд, ки ба автобус силоҳдорон даромаданд. Ҷанҷоли байни устод ва Раҷабро ҳис карданд.

– Чӣ гап? Чӣ ҷанҷол? – Як силоҳдори ҷавон аз устод ва ронанда пурсон гашт.

Ранги рӯи Раҷаб канда буд, забон мехоид, хомӯш буд.

– Гуфтам, ки автобусро нигоҳ надорад, – ба ҷои Раҷаб ҷавоб гардонданд устод Қутбӣ Киром.

– Автобусро нигоҳ надор гуфтӣ? – автоматро аз китф ба даст бардошт силоҳдори ҷавон.

– Ҳа, ин автобуси мо, автобуси нашриёт, автобуси шоиру нависандагон, – гуфтанд устод.

Дар миёни он се нафар силоҳдор якеашон калонсолтар буд. Аз афташ «автобуси шоиру нависандагон» гуфтани устод ба гӯши ӯ даромад, ки пештар омад, аз лаби ҷомачаи беостини рафиқаш кашида: – Ин тараф гузар ҳо ба он ҷо рафта шин, – нишастгоҳи ақиби автобусро ба ӯ нишон дода амр намуд ва баъд ба устод гуфт: – Мо то ҳамин наздикиҳо, то Ҳушёрӣ меравем.

– Марҳамат, шинед, – ғазаби устод саҳл паст гашта буд.

– Ман шуморо мешиносам, шумо Қутбӣ Киром, – гуфт ӯ ва ба устод вохӯрд, баъд рӯ ба мо оварда ба ҳамаамон салом дод.

Баъд дар автобус сукунате ба амал омад. Устод, ҳамаамон ва силоҳдорон ҳам, ки дар паҳлӯи моён ҷой ёфта буданд, хомӯш. Ҳавои мошин вазнин, дилгир. Дидори силоҳдорон барои ҳама нохуш, ҷабр медиданд аз онҳо мардум. Мехостем, зудтар ба Ҳушёрӣ бирасему агар онҳо рост мегуфта бошанд, фароянд. Ҳис менамудем, ки силоҳдори бо устод носипосӣ намуда ҳанӯз аз сари ҷаҳл ба худ наомада. Гоҳе ранги рӯяш сафед меканд, лабонаш пир-пир мепариданд. Дар ҷояш осуда шишта наметавонист. Баҳудаю беҳуда қундоқи автоматашро ба пеши пойҳояш мезад. Назари ғазаболудаш ба ҷониби устод. Меҳаросидем, ки ягон воқеаи нохуш рух назанад. Аз афташ ин симои назарногир ки автомат дар даст дошт чандин одам кушта. Ба сари чи одамони наҷибе об рехтаю гап нашунида. Ҳоло устод ӯро писанд накарданд. Ва ҳоло ӯ орзуманде, ки милли автоматашро ба ҷониби устод ва ҳам ба ҷониби моён дораду тир кушояд, баъд бо дили осуда аз автобус фаромада равад.

Ба Ҳушёрӣ, назди ошхонаи деҳа, ки дар рӯзҳои осудагӣ серодам ва обод буд, расидем. Ҳоло дарҳои ошхона баста, касе наменамуд.

– Ҳамин ҷо нигоҳ доред, – овози силоҳдори калонсол ба гӯшамон хуш расид. Ӯ аз ҷой бархост ва бо эҳтиром ба устод Қутбӣ Киром рӯй оварда: – устод, хайр, – гуфт ва илова намуд: – устод бешухӣ мегӯям, биёетон ҳамаатон фароетон, хонаи мо ҳамин ҷо, меҳмон шавед, бахудо сирка мекушам, камтар дам мегиред, – ӯ устод Қутбӣ Киромро аз таҳти дил ба меҳмонӣ мехонд. Ҳам устод ва ҳам ҳамаи мо ба ӯ ташаккур мегуфтем. Ва чун ӯ аз автобус берун шуд, силоҳдори ҷавон рӯ ба устод оварда:

– Нос дорӣ? – Гап мекофт ӯ.

– Не, – боз афзуданд: – Ман дар ҷавонӣ, вақти чени ту буданам ҳам нос намекашидам.

– Дар ҷавонӣ, вақти чени ман будан чӣ мекардӣ?

– Рости гапро гӯям?

– Ҳа, дурӯғ нагӯ.

– Дар ҷавонӣ, дар давраи чени ту буданам, – устод калимаҳоро канда-канда ба забон оварданд: – ту баринҳоро... фаҳмидӣ, чӣ гуфтам?! – Ғазаби устод афзун гашта, аз ҷой бархоста, ҳамаамонро ба ҳарос андохта буданд. Хаёл доштем, ки ҳамин ҳоло ягон ҳодиса, воқеаи нохуш рух медиҳад. Аммо боз ҳазор ташаккур ба ҳамон силоҳдори калонсол, мухлиси худи устод Қутбӣ Киром, ки ақиб гашт ва зуд миёни эшон ва он силоҳдор рост шуд. Силоҳдорро аз автобус берун кашид. Ӯ бо вай чӣ мегуфт намедонистем. Рафтаб автобусро ҳай кард. Силоҳдорон ақиб монданд. Мо рӯ ба ҷараёни дарё пеш мерафтем.

* * *

Автобус дар кӯҳтал оҳиста, ба мисли сангпушт ба пеш меҷунбид, дар роҳ мемонд. Тела медодем. Чаро мошини обод якбора ба ин ҳол афтода? Нав буд, худамон аз завод, аз Кубан оварда будем. Бо он китоб мекашондем. Дар тӯю маъракаҳои ҳамкорон истифода мешуд. Шикояте набуд. Аммо ҳоло, куҷояш вайрон шуда, ки ронанда намедонист, намефаҳмид.

– Биллоҳӣ ҳамин автобус ягон айб надорад, айби Рафтаб аст, вай шофир нест, ҳеҷ балоя намедонад. Мулло Карроматуллоҳ – ба банда устод хитоб намуда афзуданд: – Ман ба ҷои шумо мебудам, кайҳо аз баҳри ҳамин Рафтаб мебаромадам. Ба ҷояш шофёри дигар гирифтан лозим. Шофёре, ки якчиро донад, мошинро фаҳмад. Ин қадар ҳамая азоб надиҳад. – устод аз мошинҳайкунии Рафтаб дилтанг шуда ба сари ӯ ғурбат доштанд.

Дар поёни ағба роҳ андаке ҳамвор буд, суръати гашти автобус тезтар шуд, гӯё нафасаш омад, бораш сабук гашт. Ва моён низ оҳи сабук мекашидем.

Аз назди чойхона ва ошхонаи сари роҳ гузаштем. Ва боз ба дидбонгоҳе расидем. Дидбонгоҳи поёни ағба. Боз силоҳдорҳо, одамони автоматбадаст. Мошинҳоро нигоҳ дошта бафурсат бору буни мусофиронро титу пит мекарданд, аз ҳама ҳуҷҷат, шиноснома мепурсиданд. Автобуси мо ҳам манъ шуд. Силоҳдоре ба мошини мо даромад.

– Шиносномаҳоро бароред, ҳа, тез, зуд, – фармоишҳо медод ӯ. Гуфтаҳои вай ба гӯшамон намедаромад, эътибор намедодем, ҳама хаста шуда будем, Гулназар, Абдулҳамид, Меҳмон Бахтӣ, Аълохон, Саидалӣ, Мирзо Файзалӣ, Фарҳод дар ҷойҳои нишасташон пинак мерафтанд, устод Қутбӣ Киром ҳам сар ба сукут. Аз афташ дигар ҳавсалаашон намонда, ки бо силоҳдорон ҳамгап шаванд ва бо онҳо «тую ман» гӯянд.

– Ба шумоҳо чӣ гуфтам? Нашунидед! – Аз курсии аввал, ки дар он Шералӣ ва саррасом шодравон Рауф Азимов паҳлӯи ҳам нишаста буданд, ба тафтиш шурӯъ намуд: – Шиноснома, – ба ҷониби онҳо дас-

таш дароз шуд. Шералӣ бағалашро мекофт, акаи Рауф ҳам ба ҷунбуҷул даромад. Вақт мегузашту онҳо ҳам хоҳиши силоҳдорро ба ҷо оварданӣ набуданд. Гӯё аз ҷайбҳо шиносномаҳояшон пайдо намешуд ва ё ҷайбҳо чоҳи бетаг буд, ки дасташон ба таги он намерасид.

Силоҳдор ҳис намуд, ки дар автобус ба ӯ эътибор намедиҳанд, эҳтиромаш ба ҷо оварда намешавад, ақиб гашт, сарашро аз дари автобус бароварда силоҳбадасти дигареро наздаш хонд. Ӯ таъҷилан сӯяш давид.

– Ҳуҷҷатҳои ронандаро гир, ба командир бурда супор, – фармоиш дод.

Раҷаб, чи хеле мегӯянд, ҳуҷҷатҳои ронандагиашро бо ду дасти адаб бароварда ба силоҳдор супурд. Ҳис менамудем, ки акнун барои мо душвор мешавад. Бе ин ҳам рӯзи дарозамон дар роҳ гузашта. То Истаравшан роҳ дароз, дар пеш ағбаи Шаҳристон. Ба замми ин мошинамон боз «касал» пайдо намуда буд, сари ҳар қадам аз роҳ мемонд, чархҳояш боазоб ба пеш меғелиданд. Худамон хастаю монда, чой нӯшида даме осудан мехостем.

Аммо ҳоло ҳуҷҷатҳои ронандаи автобуси моро гирифта буданд. Дар дохили автобус тафтиши шиноснома, ҳуҷҷатҳо сар шуда. Силоҳдор оташин, ҷаҳлаш омада.

Ниҳоят боз устод Қутбӣ Киром, ба он чи ки пеши назар рӯй медод, тоб наоварданд, ба шӯр омада буданд. Он кас боз аз ронанда Раҷаб домангир, аз вай норизо.

– Эҳ Раҷаб, Раҷаб, ман ба ту чӣ гӯям. Биллоҳ, ки ту моро мекушӣ. Барои чи ҳамин автобуси сабила як-ду рӯз пештар соз накардӣ. Як ҳафта пеш медонистӣ, ки ба Истаравшан меравем. Бензин нест, равған нест, боз чи балою батари дигар нест гуфтӣ. Ҳамаашро ёфтанд. Худат чӣ кор кардӣ? Ана ҳоло барои чӣ ҳуҷҷатҳоятро ба вай додӣ? Ё барои ту фарқ надорад, ки кай ба роҳ мебароем, шаб мешавад. Ман ба ту боз чӣ гӯям?

О бародар, як дам ба мо нигоҳ кун, – устод ба силоҳдор, ки шиносномаҳоямонро медид, муроҷиат карданд.

Силоҳдор шиносномаи Шералӣ дар даст, ба ақиб, ба устод Қутбӣ Киром рӯй овард. Гӯё «чӣ хизмат?» гӯён аз он кас пурсиданӣ буд.

– Додар, ту моҳона мешиносӣ? – суол карданд.

– Не.

– О рӯм сафед, о дар ин автобус қариб ҳама шоиру нависандаҳоанд. Наход ту ягон каси моя намедонӣ. Дар телевизор ҳам надидӣ?

– Як касатона мешиносам.

– Шукр, ҳазор бор шукр, – устод гӯё оҳи сабук кашиданд, – Кадомамона мешиносӣ?

– Карорматулло Мирзоюфа. Китобҳояшон «Дар орзуи падар», «Дарди ишқ». Китобҳояшонро ман хондам.

– Офарин, додарам, барака ёбӣ. Мулло Карорматуллоҳ – ба банда рӯй оварданд устод: – шунидед? Дар зодгоҳи ману Гулназар, дар ин сӯи ағба ҳам мухлисони шумо зиёд, шуморо мешиносанд.

– Муаллим, мебахшед, ман аз ин сӯи ағба нестам, – гуфт ҷавони силоҳдор

– Аз куҷоӣ?

– Аз Харангон, бо Карорматуллоҳ қариб ҳамсояқишлоқем.

– Ту ҳам аз Варзоб мешавӣ? – Мунтазири ҷавоб нашуда боз афзуданд устод: – Имрӯз моҳона фақат варзобиҳо нигоҳ медоштаанд. Хайрият боз шумоҳо китоб мехондаед. Хайрият боз моҳона мешиносед. Биллоҳ, набошад аҳволамонро чатоқ мекунетон. – Аз афташ ба хаёли устод силоҳдори мухлисашон омада буд, ки ӯ моро аз як фалокати азим раҳонд ва ба манзилаш даъватамон намуда буд.

Ҳоло моро боз силоҳдоре шинохта. Ӯ ҳам китоб хонда будааст. Ӯ ҳам аз Варзоб, дар ноҳияи Айнӣ хизмати ватанро ба ҷо меоварда. Шиносномаҳои моро ӯ дигар тафтиш накард ва ҳамон замон бо фармоиши ӯ ҳуҷҷатҳои ронандагии Рақаб ҳам баргардонда шуд.

Хурсанд будем, ки силоҳдорҳо китоб мехондаанд.

2. ХУШИҲОИ ЗИНДАГОНӢ

Офтоб ба паси кӯҳҳо гашта, болои Айнӣ пардаи сеҳрангези шомгоҳӣ паҳн мегашт ва мо дар ин айёми торикшавии рӯз аз шаҳр берун мешудем ва бо биноҳои зебои манзилӣ ва маъмурии ду канори роҳ, ки то ба танаи кӯҳ ҷой ёфта ва бо ягон-ягон аҳли маҳал, ки дар он бегоҳрӯзӣ аз роҳравҳои зери дарахтон рӯ ба кулбаҳояшон равон буданд, гӯё хайр мегуфтем. Давоми роҳамон қад-қади Зарафшон. Оби дарё ҳам гӯё дар он бегоҳрӯзӣ шитоб дошт, рӯ ба роҳи дур буд, рӯ ба водиҳои ташналаб, рӯ ба Самарқанду Бухорои Шариф. Дарё ҳам роҳакӣ ва мо ҳам. Роҳи он аз поён, аз қаъри сангҳо аз тангноҳо, роҳи мо аз боло, лаб-лаби дарё. Дарё дар шитобу автобус ва ронандаи мо бафурсат. Ба ағбаи Шаҳристон нарасида ҳаракаташ то рафт сусттар мегашт. Чи балое шуда ба он? Боз намедонистем. Маълум буд, ки шаб ҳам ба Истаравшан намерасем.

Шаб дар ағбаи Шаҳристон мондем. Ситораҳо болои сарамон. Мо дар қаъри ағба... рӯ ба қуллаҳои кӯҳҳо, рӯ ба осмони софу нилгун оварда будем. Ситораҳо сари қуллаҳои баланди болои кӯҳ мисли тиллорезаҳо мавҷ мехӯрданд. Ва нимаи рӯи моҳ намоён мегашт. Аз паси кӯҳ бурун меомад моҳ. Ҳавои ағба салқин. Боди нарм дар гузар. Бӯи гиёҳҳо, бӯи ҳазориспанду камол, бӯи арчазорон ба машом мео-

мад. Дар роҳи ҳамвору васеи ағба мошинҳои дигар ҳам манъ шуда буданд. Мошинҳо паи ҳам, аз ҳам дуру наздик. Ва автобуси мо ҳам қатори онҳо. Мо дар баландӣ. Рӯ ба поён меорем. Қаъри дара нонамоён, ба мисле бетаг буда он. Ба дил ваҳм меояд. Дар шабӣ аз таги дара садои об ба гӯш мерасад. Ҳамаамон аз автобус берун шудем. Аз канораҳои роҳ, аз назди мошинҳо қадам мемондем. Устод Қутбӣ Киром дастҳо паси пушт пешопешамон. Гоҳе аз роҳ бозмеистоданд. Гирдашон ҳалқа шуда, гӯш медодем ба эшон. Баъди шаҳраки Айнӣ аз чанд деҳа гузашта будем. Деҳаҳо дар канори роҳ, дар баландӣ, рӯ ба дарёи Зарафшон. Ва ба ҳар деҳае, ки мерасидем, ё деҳае ки намудор мегашт, устод бо ханда номи онро ба забон меоварданд.

Аҳли қариб ҳамаи деҳаҳо лақаб ва қимобие доштаанд. Устод қимобии онҳоро зикр мекарданд, мегуфтанду механдиданд ва ҳамаамонро механдонданд.

Дар деҳаи Дар-дар, ки роҳи мошинҳо аз оғӯши он мегузарад, устод Қутбӣ Киром замоне муаллим будаанд. Бинои мактабро ба мо нишон доданд, Гулназар ҳам он солҳо талаба буда. Яке аз шогирдони устод, шоири тавонои миллат, Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи А. Рӯдакӣ, муаллифи суруди миллии Тоҷикистон, шогирд ва дӯсти азизу меҳрубони Қутбӣ Киром. Ва он рӯз дар сафар ҳамроҳамон буд. Назди устод бо сари хам ба суханҳои эшон гӯш медод Гулназар.

Устод Қутбӣ Киром ҳикояте гуфтанд. Дар мактаби деҳаи Дар-дар омӯзгор будаанд. Давраи ҷавонӣ, хушиҳои зиндагиашон. Ҳамнишинони бадил. Аксар муаллимон ҳамсолонашон. Ба гуфти устод ҳама дили зинда доштанд. Суруд мехонданд, мусиқӣ менавохтанд, аз ҳисоби онҳо дастаи алоҳидаи ҳофизон ташкил шуда. Маъракаҳои мактабро «обод» мекарданд онҳо, ба тӯю хурсандиҳои аҳли деҳа даъват мешуданд. Гоҳ-гоҳе май менӯшидаанд. Як давре, даврони хубу ширине. Ҳамин гоҳ-гоҳе майнӯшиҳои муаллимони ҷавон дар мактаб ва дар деҳа овоза шуда, ба гӯши роҳбарони ҳукумат ва кумитаи ҳизби ноҳия расида. Аз ин ҷиҳат мудири мактаб сарзаниш шунида ва таъкид шуда, ки пеши роҳи ин амали нораво гирифта шавад. Вале сӯҳбатҳои мудири мактаб дар ин масъала бо муаллимони ҷавон суде наоварда. Мудири мактаб ба ақидаи худаш тадбире меандешад, мефармояд аз хонае, ки муаллимони ҷавон вақтҳои фориғ аз дарс он ҷо ҷамъ меомаданд пиёла ва истаконҳо ғун оварда шаванд, аз хонаи муаллимон ҳам.

– Мегӯед, ки баъд мо қадаҳ наёфтем?, – устод Қутбӣ Киром дар охири ҳикояташон бо ханда аз мо пурсон гаштанд ва ҷавоб гуфтанд: – ёфтем, занги мактаб аст-ку, медонед-а, занг мезадем, талабаҳо ба дарс медаромаданд ва баъд мо бо он май менӯшидем. Занги дилашонро

мебаровард занг, – устод Қутбӣ Киром даврахои ҷавонӣ, муаллимӣ, даврахои хушиҳои зиндагиашонро ба хотир меоварданд.

Субҳи рӯзи нави умри мо дар ағба медамид. Бо сабаби тамоман аз ҳаракат мондани автобус шаб дар ағбаи Шаҳристон монда будем. Ва чун рӯз равшан мегашт, ҳушу ёди ҳамаамон ба роҳ, ба мошинамон: Куҷояш вайрон шуда? Онро соз кардан лозим. Маълум, ки худи ронанда аз ӯҳдаи ба роҳ даровардани мошин намебаромад. Дар ин хусус бештар устод дар ташвиш буданд. Таъкид доштанд, ки умедамонро аз Раҷаб канем. Куҷои мошин вайрон шуда? Ӯ албатта намедонист. Ва мудири анбор, сардори посбонҳои онвақтаи нашриёт Аҳмад ном ҷавоне буд. Инсони хоксор, сарпаст ва аҷаб хислате дошта ӯ, ки чи коре фармоед, «наметавонам ва намекунам», гуфтани гапҳоро намедонист. Бо хислатҳои некаш дар ёдамон монда. Дар он лаҳзаҳо умеди устод ба Аҳмад буд.

– Мулло Аҳмад, – ба ӯ мурочиат карданд.

– Лаббай устод, – дастҳои Аҳмад пеши бар назди устод омад.

– Худат як бало кун, – супориш медоданд ба ӯ: – аввал бензин ёб... Бензин намондааст, бензинро ҳам Раҷаб хӯрдааст. Баъд пеши вай шофёрҳо рав, – устод ба мошинҳои қатори канори роҳ ишора карданд. Онҳо ҳам дар ағба шаб гузаронда, ҳоло баъзеашон муҳаррики мошинҳояшонро ба кор медаровардан, дар тарадуди роҳ буданд. Устод давом мекарданд: – Як усто ёб, биёр, гӯй автобуси моро соз кунад. Худат агар ҳамин корро накунӣ, Аҳмадҷон, ин Раҷаб ба ҳеҷ дард дармон намешавад. Мо бо ин одам дар дашт мондем, онаи зори ҳамаамонро нишон дод, – гап зада-гап зада ғазаби устод зиёдтар мешуд. Дар ёдамон монда, ки дар ниҳояти ғазаб гуфта буданд: – Як роҳ аст, бачаҳо. Раҷабро кушта хӯрдан.

Ин гуфтаҳои охири устод дар ҳаққи Раҷаб имрӯз ҳам дар хотири ҳамаи ҳамсафарони онрӯзаи мо монда. Ва гоҳе агар аз устод сухан ба миён ояд, алалхусус Абдураҳмон Абдуманонов ҳамон лаҳзаро, албатта ёдовар мешаванд, ки устод гуфта: «Як роҳ аст, Раҷабро кушта хӯрдан».

Аз миён чанд лаҳза гузашта буд, ки Аҳмад ҳамроҳи як ронанда пайдо шуд. Мо гӯё автобусамонро дуохонӣ-чилёсин мекардем, ки ҳама гирди он ҷамъ омада будем. Сарпӯши муҳаррикро бардошт ронандаи ҳамроҳи Аҳмад омада. Ин тараф он тарафи қисмҳои бензингузар ва торҳои симҳои баркгузарониро аз назар гузаронд. Трамблёрро кушода муруватҳои онро тоб дод.

– Шумоед ронанда? – аз Раҷаб пурсон шуд.

– Ҳа, – Раҷаб пай бурда буд, ки ӯ сабаби вайронии мошинро ёфтааст.

– Наход нафаҳмидед?

– Чӣ шудааст?

– Контакт сӯхтааст, тамоман об шудааст. Надидед? – Он ронанда худаш мурувати нав пайдо намуд, ҷо ба ҷо сохт. Ва баъд ба паси чамбараи фармон гузашта калидро тоб дод. Садои муҳаррик баланд гашт. Автобуси мо ба роҳ даромад. Сабаби қариб роҳ нарафтан ва баъд аз ҳаракат мондани автобус ночиз будааст, барқ гоҳе аз трамблёр берун мешудаю гоҳе не. Ин айби мошинро қариб ҳамаи ронандаҳо медонистаанд, танҳо Рачаби мо сарфаҳм нарафта. Барои ин ҳам устод Қутбӣ Киром ӯро боз сарзаниш ва мазаммат мекарданд.

3. АНҶОМИ ОРЗУҲО

Нурҳои офтоби пагоҳ рӯи роҳ афтода гӯё ба пешвози мо то ба шаҳри бостонии Истаравшан пойандози зарҳалӣ мегустурд. Табъамон хуш, хаёл осуда. Ва автобус ҳам акнун ғам намедод. Дар ҳақиқат носозиаш киронӣ набуда. Бо табдили як мурувати хурдакак гашти он ба куллӣ дигар шуд. Гӯё мошине набуд, ки чархҳояш базӯр тоб мехӯрд. Суръати ҳаракаташ афзуда, мошинҳо паси ҳам ақиб мемонданд. Мо ба Истаравшан наздиктар мегаштем. Боди салқини пагоҳирӯзӣ сару рӯямонро навозиш мекард. Бӯи гулу гиёҳҳо ба машом меомад. Ва гӯё акнун мо гулу гиёҳҳо, зебоии диёри кӯҳистонро медидем. Арчазорон пеш омада. Онҳо то ба қуллаи кӯҳ, то баландиҳои талу теппаҳо доман густурда. Нурҳои заросои офтоб болои шоху навдаҳои арчаҳо ва сабзаҳо афтода. Зебоии дилангез, афсонавие. Чашм ҳаловат меёфт ва дил фараҳ. Дар нашриёт чи тавре зикр кардем, дергоҳ интизори ин сафар будем. Аз вақте шунидем, мавлуди 50-солагии ҳамкор, дӯсти наздикамон Саидалӣ Маъмур дар зодгоҳаш, дар Истаравшан мегузарад ва моён ба он даъват шуда, хушнудӣ доштем. Ба хаёлам аз ҳама беш устод Қутбӣ Киром аз ин сафар хурсанд буданд. Дар дил орзуҳо мепарвариданд. Гоҳе мегуфтанд: «хуб мешавад, ки як дам аз ҳамин ҷои кору аз манзиламон дур мешавем. Бахудо таги ғурбати аҳли хонадон, фарзандон мондаем, як лаҳза пас як камоии рӯзгорро мегӯянд: фалон чиз нест, бисмадон чи нест. Ба гапашон гӯш диҳӣ девона мешавӣ». «О бачаҳо, пул нест, пул нест», мегӯям, аз дарди бепулии шоир шеър ҳам гуфтам, боз бовар намекунанд. Ҳамин камию костиҳои зиндагиро камтар шунавем, гуфта янгаатонро ба Хуҷанд гусел кардам». Ва устод бо хурсандӣ меафзуданд: «худоро шукр, ҳоло банда озод».

Баъд устод ба хотир оварданд, ки дар Истаравшан шиносҳо, наздикон, муҳибонашон зиёд. Дар миёни онҳо шоираҳо ҳам будаанд. Онҳо шогирдони бовафои устод, орзуманде, ки бо эшон вохӯранд, ба якеашон телефон ҳам карда будаанд. Баъд устод бо телефон аз раиси

ҳукумати шаҳри Истаравшан хоҳиш карда, ки дар меҳмонхона бароямон ҷои хоб ёбанд, имкону шароити истироҳат муҳайё созанд.

Бале, устод Қутбӣ Киром ба сафари Истаравшан пешакӣ омода шуда будаанд. Орзуҳо дар дил. Ва дар роҳ шаб монданашон ҳам ба он кас хуш наомада. Дар орзуе ки ба парвоз оянду зудтар ба Истаравшан расанд.

Ва ҳоло хайрият шуда, ки мошинамон суръат ёфта ба ҷониби Истаравшан, ба ҷониби шаҳри ба ҳамаамон азиз мешитофт, Истаравшан намоён мешуд. Чеҳраи устод Қутбӣ Киром кушодатар гашта, хурсандӣ доштанд, шеърҳои ошиқона мехонданд, орзую ҳаваси зиёд дар дилашон бедор шуда.

– Бачаҳо, қариб расидем, Истаравшан шаҳри қидима, таърихӣ, медонед-а ҳазрати Зуфархон Ҷавҳарӣ, Нодирабегим аз ҳамин ҷо, – ва боз номҳои дигар адибон, шахсони маъруфи Истаравшанро зикр мекарданд.

Дар назди бинои ҳукумати шаҳр ба пешвози соҳибҷашни мо Саидалӣ Маъмур одамони зиёде ҷамъ омада буданд. Дар дастҳояшон гулу гулдастаҳо. Гурӯҳе мусиқӣ, карнаю сурнай менавохтанд. Дар шаҳр гӯё тӯй оғоз ёфта.

Аз автобус мефаромадем. Устод Қутбӣ Киром пеш-пешамон мерафтанд. Касе ба ҷониби устод меомад. Саросема буд. Шинохтем. Шоир Одина Азимӣ, рӯҳаш шод бод, ҳоло дар қайди ҳаёт нест.

– Устод, медонед чӣ?... – Одина Азимӣ ба Қутбӣ Киром хабаре расонданӣ буд, ки саломуалейк аз ёдаш баромада такрор менамуд: – медонед чӣ, устод?

– Ҳа, Мулло Одина, чӣ гап доред? Марҳамат гӯед, – устод аз роҳ бозистоданд.

– Хуҷанд рафта будам, устод... – ба сари мақсад меомад Одина Азимӣ.

– Хуҷанд рафтед? – устод ҳайрон буданд, ки Одина Азимӣ чӣ мегуфта бошад.

– Ба худо, устод, Хуҷанд рафтам, – такрор намуд Одина Азимӣ.

– Хайр...

– Як хизмататона ба ҷо биорам гуфтам, устодҷон.

– Чӣ хизмат?

– Янгаро овардам. Ҳо ана он кас, бинед, – шодона ба зери дарахте, ки он ҷо янга-завҷаи Қутбӣ Киром истода буд, ишора кард. Одина Азимӣ устодро хурсанд карданӣ буд, ки боз афзуд: – Ба Истаравшан омаданатонро фаҳмида худам мошин ёфта янгаро овардам.

Устод Қутбӣ Киром мақсади Одина Азимиро фаҳмиданд. Ба ҷониби ишора кардаи ӯ назар андохта янгаро диданд ва гӯё орзуҳояшон барбод рафта, ки якбора табъашон хира ва хиҷил шуданд.

– Мулло Одина, кай ба шумо ман гуфтам, ки янгаатонро биоред. Нагуфта будам-а? – норозиёна аз зери лаб ғур-ғур карда давом намуданд: – О агар аз дунё баромада равам ҳам шумо хизмат мекунам гуфта, янгаро аз пасам мебаред? Офарин ба шумо, ман ба шумо қоил, мулло Одина, зинда бошед, – устод аз ғазаб чӣ гуфтанашонро намедонистанд.

* * *

Ҷашни 60-солагии устод Қутбӣ Киромро дар зодгоҳашон деҳаи Урметан гузаронда будем. Азбаски роҳи ағба банд, рӯзҳои барфуборонгариҳо буд, бо қатора то Самарқанд, аз он ҷо ба Панҷакент ва баъд ба Айнӣ рафтем. Устод Лоиқ, Гулназар, Фарҳод Каримов, Саидалӣ Маъмур, Холмурод Шарифов, Мирзо Файзалӣ ва боз чанд нафар шогирдонашон ҳамроҳи устод буданд. Вақте ба Урметан расидем, намози пешинро азон гуфтанд. Ҳавлии бобоии устод, ки ҳоло бародарашон мезистанд, наздики масҷид. Фурсати зиёде нагузашта ҳавлии устод серодам шуд. Ҳамдеҳагон пас аз адои намоз ба зиёрати устод меомаданд.

Як гурӯҳи онҳо бо мо дар меҳмонхона менишастанд. Синну соли аксарашон ба ҷое расида, ҳамсолҳои устод. Имом-хатиби масҷиди деҳа, аз дӯстони айёми хурдсолии устод, ҳамсинф, мактаби деҳаро ҳамроҳ хатм карда будаанд. Дар аснои хурокхӯрӣ устод ба ҷониби ҳамсинфашон қадаҳи пурмай дароз карданд. Имом-хатиб дар миёни ҳамроҳонашон нороҳат шуданд.

– Мулло Қутбӣ, шӯхӣ накунед, – гуфтанд ва бо чеҳраи пуртабассум тасбеҳ мегардонданд, донаҳои тасбеҳ зери ангуштонашон гӯё ҳисоб мешуданд.

– Аз кай боз намегирифтагӣ шудед, домуллоҷон? О ҳамроҳ мегирифтем-ку, аз ёдатон баромадааст.

– Мулло Қутбӣ, мо шуморо дӯст медорем, дуогӯятон ҳастем, саломатиатон хуб аст, фарзандҳо ҳама сиҳат саломатанд? – домулло гап бегона карда рухсораҳояшон аз шарм сурх гашта буд.

– Мегум, домуллоҷон, дардатон занад, бас кардед? Агар ҳамин тавр бошад, хуб кардед, нахӯред, ба лаб набаред, ба шумо иҷозат, – устод Қутбӣ Киром қадаҳро рӯи дастархон гузошта, хоҳиш карданд домулло аз ҷой бархезанд. Дӯстони айёми хурдсолӣ ҳамдигарро оғӯш кашиданд, аз дидори якдигар шод буданд.

4. ШАБЕ ДАР КАЗДОН

Аҳли қариб ҳамаи деҳаҳои ноҳияи Айнӣ устод Қутбӣ Киромро ба рӯзи мавлудашон муборакбод мегуфтанд, ба меҳмонӣ мехонданд. Бо устод вомехурданд, маърака меоростанд. Базми суруд, мусиқӣ, шеър-

хонӣ. Дар ҳамаи базму маъракаҳо устод гули сари сабат. Ба хаёлам устодро мисли он рӯзҳо ба он дараҷа шоду мамнун надида будем. Шоири ҳамдиёрашонро мардум хуш пазироӣ доштанд. Баъди як-ду рӯзи дар Айнӣ буданамон ба деҳаи аз маркази ноҳия хело дур ба Каздон омадем. Каздон зодгоҳи яке аз шогирдони устод, шоири ҷавон Махсум Олимӣ, инсони ба дӯстон меҳрубон, дидадаро. Андаке пеш китоби шеърҳояшро ба нашриёт оварда буд. Дӯсташ медоштем. Махсум Олимӣ бандаро ҳам борҳо ба зодгоҳаш ба меҳмонӣ хонда буд. Вале ҳоло дар рӯзҳое ба Каздон омада будем, ки ӯ дар қайди ҳаёт набуд. Дар рӯзҳои нооромӣ, дар рӯзҳое ки баъзе ҳамзабонони мо ҳамдигарро намешинохтанд, кушта гашта буд. Ҳамдеҳагон он рӯз маъракаи ёдбуди ӯро мегузаронданд, хуб тайёрӣ дида будаанд. Дар он рӯз аҳли деҳа қариб ҳама аз ҳавлиҳо бурун омада. Ба деворҳои ҳавлиҳо аз ҷониби кӯча қолинҳо овехта. Дегҳо болои дегдонҳо. Ош мепухтанд, аз Қуръони карим оятҳо хонда ба рӯҳи марҳум мебахшиданд. Гӯристони деҳа рӯ ба ҳавлиҳо, дар баландӣ. Нурҳои офтоби пагоҳ болои деҳа ва рӯи гӯрҳо парешон мегашт. Ва нурҳои заросои офтоб болои гӯри Махсум Олимии шоир ҳам афтода. Манзили абадии ӯ мармарпӯш, мармари сиёҳ. Мо дӯсти ҷавонамонро ба ёд меовардем. Устод худашон «Аузу бикалимотуллоҳи томотул ва бобаракотул куллаҳо мин шарри мо халақ», гӯён ҳамин ояи ҳамеша зикр менамудаашонро хонданд, ҳамроҳашон савоби дуоро ба рӯҳи Махсум Олимӣ бахшидем, даст ба рӯ бурдем.

Шаб меҳмони каздониҳо будем. Меҳмонхонаи калону зебо ва васее. Аҳли Каздон пазироӣ мекарданд моро. Дастҳо пеши бар дар дами дар ва беруни он истода буданд. Ҳама гӯё бо як по ба хизмат омода. Ба оташдон ҳезум мемонданд, шохаҳои арча, чӯби заранг алов гирифта месӯхтанд, бӯи хуши ҳезуми кӯҳӣ ба машом меомад, дар берун барф меборид. Хона гарм, сӯҳбати аҳли давра гарм. Таом меоварданд. Қурутоб, чанголӣ, фатирмаска, кабоб. Ва қадаҳҳо гоҳе пурмай мешуданд. Устод Қутбӣ Киром аз меҳмоннавозии каздониҳо хело шод гашта буданд. Сарашон гӯё ба осмон расида. Аҳли деҳа ҳама адабиётдӯст, ба мисле ҳама шоир. Шеър мехонданд, шеър мегуфтанд. Ҳарфу суханашон бо шеър. Устодро хуш омада шеъргӯиҳо, хуш омада мусоҳибон. Ва сархуш гашта буданд.

– Биллоҳ шумо каздониҳо моро шод кардед. Як чи гӯям, ки шумоҳо ворисони ҳақиқии одамушуарро Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳастед. Шояд устод Рӯдакӣ аз ҳамин деҳаи шумо, аз Каздон ҳастанд, – устод қадаҳ бардоштанд: – Барои устод Рӯдакӣ, барои каздониҳо, – ва дар хотирамон монда, ки дар ҳолати хушнудии беинтиҳо: – медонед чӣ, бачаҳо? – ба ҷамъи аҳли меҳмонхона муроҷиат карданд. – Ман як чи мегӯям.

– Гап занед, мулло Қутбӣ, шумо ҳарчӣ ки гӯед, мо гӯш мекунем, шумо ҳоло ҳоким, шумо сарвари мо, мураматон шумо соҳибҷашн, – шоир Субҳон Тӯйғун аз ҷой бархостанд.

– Ман як чи мегӯям, – боз ба сухан омаданд устод ва афзуданд: – Муҷассамаи устод Абуабдуллоҳи Рӯдакиро аз Панҷакент ба Каздон мебиёрем. Ана ҳамин хел мекунем, – биллоҳ ҳамин каздониҳо ворисони аслии Рӯдакианд. Инсонҳои баланданд, – гуфтанд ва бо хоҳиши устод Қутбӣ Киром қадаҳ бардоштанд ва қадаҳ ҷанг андохтанд.

Дар бозгашт аз ноҳияи Айнӣ роҳамон боз ба Панҷакент ва баъд ба Самарқанд ва аз он ҷо бо қатора ба Душанбе буд. Дар Панҷакент шаб дар манзили ҳамкорамон Фарҳод хуфтем. Ва ҳанӯз устод зери таъсири меҳмоннавозиҳои каздониҳо буданд. «Биллоҳ, ки каздониҳо ворисони Рӯдакианд», мегуфтанд. Ҳанӯз устод дар ҳамон ақида, ки муҷассамаи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба Каздон бурда шавад. Ва хотирашон дар манзили Фарҳод бештар шод гашта. Шаб мегузашт. Базм, хурсандӣ давом меёфт. Риштаи сухан дар ихтиёри соҳибҷашн устод Қутбӣ Киром, Лоиқу Убайд Раҷаб ва Гулназар. Бо хоҳиши онҳо ҳофизони панҷакентӣ Афзалшоҳ, Олимҷон, Абубакр суруд мехонданд. Сурудҳо аз «Шашмақом», аз ашъори бузургони адабиётамон, гоҳ-гоҳе айни сурудхонӣ ё баъди анҷоми суруд нидои устод Қутбӣ Киром баланд мегашт. «Қурбон! баҳ, баҳ, аҳсант!». Аз асари оҳангҳои шево, рӯҳафзо ҳама ба ваҷд омада, маст ва сархуш гашта. Ва ба-дин минвол шаб саҳар мешуд. Осмони софу беғубори нилии Кулолӣ камситора гашта. Вале чароғи кулбаи Фарҳод фурӯзон. Садои танбуру рубоб, доира ва овози хуши ҳофизон баланд.

– Устод, устоди азиз, Қутбӣ Киром, – касе аз панҷакентиҳо қадаҳи пурмай дар даст баланд шуд, – иҷозат мешавад аз шумо як чӣ пурсам?

– Марҳамат, пурсед, ман қурбонатон.

– Ҳофизони Панҷакент ба шумо писанд шуданд? – суол кард аз устод ӯ.

– Ҷои гап нест, қурбонашон мешавем, хизмат карданд, зинда бошанд.

– Ҳазрати Рӯдакӣ ҳам ҳофиз буданд, менавохтанд...

Устод аз мақсади бародари панҷакентии мо огоҳ гаштанд.

– Мегӯед, ки шумоҳо ворисони Рӯдакӣ ҳастед?

– Қурбонатон шавам.

– Мегӯед, ки муҷассамаи устод Рӯдакиро ба Каздон набарем? – Бо шавқ ҳарф мегуфтанд устод Қутбӣ Киром.

– Илтиҷо дорем.

– Ҳамин тавр мешавад, ба хотири Афзалшоҳ, ба хотири Олимҷон, ба хотири Абубакр. Зинда бошанд, базми мо гарм шуд. Роҳат кардем, хуш гаштем.

– Қадаҳ мебардорем?
– Мебардорем.
– Муҷассамаи устод ба Каздон бурда намешавад?
– Бале.
– Мо ворисони устод Рӯдакӣ? – Афзалшоҳ, Олимҷон, Абубакр рӯ ба устод меистоданд.
– Ҷои гап, ҷои шубҳа нест.
– Ба ин муносибат қадаҳ мебардорем.
– Мебардорем.

Садои ба ҳам бархӯрдани қадаҳҳо баланд гашт. Дар миёни аҳли маърака устод Қутбӣ Киром бештар аз ҳама шод буданд.

Он лаҳзаҳо лаҳзаҳои хушнудии устод Қутбӣ Киром ва шодмониашон буд. Бо овози баланд такроран мегуфтанд:

– Панҷакентиҳо ворисони устод Абуабдуллоҳи Рӯдакианд, муҷассамаи устод Рӯдакӣ ба Каздон бурда намешавад, Рӯдакӣ аз Панҷакент, Рӯдакӣ азони худи панҷакентиҳо...

* * *

Он рӯз, панҷшанбеи 26-уми октябри соли 1996 дар толори опера ва балети ба номи С.Айнӣ тобути устоди азизи мо Қутбӣ Киром гузошта шуда буд. Мухлисон, наздикон, хешовандон бо шоир, инсони тавоно, соҳибирода шахсияти бузург видоъ мегуфтанд. Ва мо ҳамкоронашон – аҳли нашриёти «Адиб» ҳам бо ҳозирон ҳамроҳ будем. Дилҳо ба ёдашон гум мезад, дидаҳо пуроб. Ва дар аснои митинги серодам сухан ба банда омад. Аз ғаму аз алам намедонистам дар ҳаққи дӯсти азизу меҳрубонамон чӣ ҳарфе ба забон орам. Маълумамон, ки аз устод, аз дӯсти азизамон мондаем. Ҷояшон минбаъда дар нашриёт холӣ. Ва бо лаҳни ширин «Мулло Кароматуллоҳ», гуфтанҳояшонро дигар намешунидем. Ҳамаи ҳамсӯҳбатию ҳамнишиниҳо бо Қутбӣ Киром дар ин дунёи равшан як давре, як хобу хаёле буда. Ва он рӯз офтоб, ки Қутбӣ Киром умре мафтуни нурҳои заросои он буданд ва васфаш шеърҳо гуфта, боз рух намудаю устодро ба ҷон наёфта. Чашмонашон баста, қалби пуршарушӯр ва пурорзую умедашон аз тапидан монда, дили шоир сукут ихтиёр намуда. Он рӯз дар лаҳзаҳои видоъ сари тобути устод Қутбӣ Киром бо ҳамин мазмун суханҳо гуфта будам. Сухан мегуфтаму аз алам дил дар сина месӯхт, ашк гулӯгир, мегиристам. Медидам, ки дидагони ҳама ашкбор. Бале, ҳамин тавр рӯзи бароямон пураламу пурандӯҳ буд он рӯз. Он рӯз рӯзи видоъ бо устод Қутбӣ Киром буд.

Дӯсти азизамон Қутбӣ Киромро ба хок супурдем. Ва баъд бо Аълохон Афсаҳзод ва ҳамроҳонашон рӯ ба роҳ овардем. Дар Панҷакент дар хонаи қиблагоҳашон чашм ба роҳашон буданд, мавлуди 60-солагиашонро мегузаронданд.

Ағбаи Анзобро боло мешудем. Барф борида домони ағба сафедӣ ёфта. Қуллаҳои кӯҳ барфпӯш. Аз нурҳои офтоб болои барф заросо, тиллоӣ. Манзараи дилангез, дилҷӯ, зебое. Хуш тамошое. Ва устод Қутбӣ Киром ҳам, албатта, борҳо аз ин роҳ гузашта, ҳамин гуна манзараҳоро дида, тамошо карда, мафтун шуда ва ба илҳом омадаю шеър гуфта. Аммо минбаъда бо ин роҳ ҳаргиз дигар гузар намекарданд. Ҳамаи роҳҳо, роҳи ағбаи Анзоб, ҳам ки аз айёми тифлӣ то дами охир бо он дар равуо буданд, чун роҳи умр барояшон тай шуда, устод бо ин роҳ, қад-қади Зарафшон дигар ба Урметан намеомаданд. Устод дар Душанбе, дар баландии Лучоб манзил ёфта, манзили абадӣ. Ва мо баъди ба хок супурдани устод бо дили пурандӯҳ, бо ёди эшон аз роҳҳои барои он кас ошно мегузаштем, қад-қади Зарафшон аз канори Урметан ҳам гузаштем. Ин деҳаи дар умрам надидаро бо шарофати устоди азиз Қутбӣ Киром дида будам. Вақте шаб шуда, торикӣ фаромада буд, ба Панҷакент расидем. Шаб дар ҳавлии устод Аълохон Афсаҳзод ҳама ҷамъ омада будем. Аҳли хонадон, қиблагоҳи бузургворашон ҳама дар ташвиш, дар таҳлука, аз паи пазироии меҳмонон. Ба шарафи мавлуди 60-солагии фарзанди баруманд қиблагоҳи Аълохон тӯй ва дастурхони тӯёна ороста буданд. Падар ва аҳли хонадон ҳама шоду мамнун, дар кулбаи эшон садои ханда, айёми хушию хурсандӣ. Хушнудие доштанд. Чароғи аҳли хонадон то ба рӯз фурӯзон, дар кулбаашон садои ханда, нидони хушӣ. Вале ҳамаи он рӯзгорони хушу гувороро ҳам барои аҳли хонадони бародари мо Афсаҳзод як давре, як нафасе ва як замоне буда, ҳама гузаро буда. Имрӯз на қиблагоҳи Аълохон дар қайди ҳаётанду на худи Аълохон ва на бародарашон Ансор. Имрӯз аз онҳо ва аз устоди азизи мо Шоири Халқии Тоҷикистон Қутбӣ Киром ёд монда, ба хотир ва боз ба ёд меоваремашон. Ҳамин тавр буда дунё, дунё дунёи ёдҳо...

5. БИНОИ АДАБИЁТ

Мавлуди 60-солагии устод Қутбӣ Киромро дар нашриёт ҳам гузаронда будем. Дар ҳуҷраи худашон. Аз Иттифоқи нависандагон дӯстонашон Гулназар, Абдулҳамиди Самад, устод Убайд Раҷаб, Холмурод Шарифов, аз Вазорати фарҳанг муовини вазири фарҳанг бародарамон Олимҷон Салимзода ва шоири афғон Ришта аз ҷумлаи меҳмонон буданд.

Шоири афғон оғои Ришта чанд рӯз боз ҳамроҳи устод буд. Гӯё аз он кас ҷудо набуд. Меҳмони хонадонашон. Ришта боз як ҳамроҳ ҳам дошт. Ӯ фарзандаш, ӯ низ меҳмони устод. Фарзанди Ришта бедилшинос будааст. Падару писар пагоҳиҳо ҳамроҳи устод ба нашриёт меомаданд. Дар ҳуҷраи Қутбӣ Киром менишастанд. Сӯҳбаташон аз

шеър, аз осори гузаштагон. Бо тавсияи устод Қутбӣ Киром ҳаштҷилдаи осори Мирзо Абдулқодири Бедил ба нақшаи нашриёт дохил шуда буд. Устод ҷилдҳои аввали осори гаронбаҳои Бедилро ба нашр ҳозир меоварданд. Осори ба нашр ҳозиршудаи Бедилро устод бо фарзанди шоир Ришта аз назар мегузаронданд, шеърҳои Бедилро бо ҳам мехонданд, ёд мегуфтанд. Бедилхонӣ буд ҳоли устод бо меҳмононашон. Сари ҳар ҳарфу сухани шоир соатҳо баҳс мешуданд, шарҳу баён медоданд.

Шоири куҳансол Ришта дар он рӯзи маърака дар паҳлӯи устод Қутбӣ Киром нишаста буд. Се-чор нафар духтаракони ношинос аз дар даромаданд. Дар даст гул доштанд ҳар кадом, гулдастаҳои тару тоза. Гулҳо мисоли худи духтарон зебо, ботароват, назаррабо. Онҳо шиносҳо, мухлисони устод Қутбӣ Киром буданд, ба муборакбодии он кас омада. Устод аз ҷой бархостанд. Гулҳои тақдимкардаи духтарон дар бағал ба онҳо аз паҳлӯяшон ҷой доданд.

– Қурбонатон шавам, биёед, биёед, нишинед, хуш омадед, нури дида, тоҷи сар, ман ба шумо қурбон, – Аз дидори духтарон ниҳоят шод гашта буданд. Устод дар он лаҳзаҳо гӯё ҳамаи меҳмонон, ҳозиронро фаромӯш карда буданд. Ҳушу ёдашон ба духтарон. Бо онҳо сӯҳбат доштанд. Наздашон нӯшокиҳо, шираворӣ, мева мегузоштанд. Соғари май дар даст шеър мехонданд. сӯҳбаташон тафсида, дар забонашон шеър. Ба меҳмонашон Ришта, ки акнун аз наздашон дуртар пенишаст, рӯй оварда:

– Оғои Ришта, – муроҷиат карданд ва вай ва духтаронро ба ӯ нишон дода афзуданд: – Дидед-а? Ба табрики банда киҳо меоянд? Гуланд инҳо, биллоҳ аз гул ҳам зеботаранд. Дардашон занад, қурбонашон шавам. Зинда бошанд, зинда: – устод бо шавқ давом менамуданд: – Оғои Ришта, ба ман гӯш кунед, бовар кунед, ба худо агар ҳаштод навад ва садсола ҳам ки шавам, духтарон ба табрик меоянд, Қутбӣ Киром мегӯянд. Маро меҷӯянд, агар бимирам, ба ёд меоранд. Биёед, барои ҳамин духтарон! – устод қадаҳ бардоштанд ва ҳама қадаҳ ҷанг андохтанд.

Маърака, сухангӯӣ дар ҳаққи устод Қутбӣ Киром давом меёфт. Духтарон ва чанд нафари дигар аз аҳли нашриёт хизмат мекарданд: Хӯрок меоварданд, чой, нӯшокиҳо мегузоштанд ба болои дастархон.

Гурез Сафар зуд-зуд назди устод ҳозир шуда аз паи ба ҷо овардани супоришу хоҳишҳояшон буд. Ба мисле аз ҳама беш ӯ серташвиш. Ӯ ба устод мисли фарзанд, шогирдашон. Гурез Сафар фарзанди яке аз дӯстони дерини Қутбӣ Киром – мавлоно Ашӯр Сафар. Ҳамроҳи Қутбӣ Киром борҳо меҳмони аҳли хонадони Ашӯр Сафар шуда будем. Устод Қутбӣ Киром ва мавлоно Ашӯр Сафар ба ҳавлии мо ба деҳаи Нилкон ҳам омада буданд. Тӯйҳои фарзандонамро бо маслиҳат

ва дар ҳозирии онҳо гузаронда будам. Ҳазлу шӯхиҳои мавлоно Ашӯр Сафар ва устод Қутбӣ Киром дар ёдам монда.

Боре гурӯҳи адибон ба кадом як мамлакати араб сафар доштанд. Устод Қутбӣ Киром ҳам ҳамроҳашон. Устод ба сафар тайёрӣ мединданд. Пеш аз сафар ба Кӯлоб, ба аёдати Ашӯр Сафар рафтаанд. Дидор дида дуо хостанӣ буданд. Дар хонаи мавлоно як тӯпии зебои кӯлобидӯхт ба устод Қутбӣ писанд меояд. Тӯпиро ба сар мегузоранд.

– Чӣ мекунед, мулло Қутбӣ? – Мавлоно Ашӯр Сафар ҳайрон мемонанд.

– Мебарам.

– Куҷо?

– Арабистон.

– Фаромӯш накунед, мулло Қутбӣ, албатта боз биёред.

– Пӯшида меравам, боз меорам, – ваъда медиҳанд устод.

Мавлоно Ашӯр Сафар ҳамроҳи фарзандон телевизор тамошо мекардаанд. Ба ногоҳ бозгашти адибони тоҷикро аз хориҷа нишон медиҳанд. Фарзандони Мавлоно аз самолёт фаромадани устод Қутбӣ Киромро дида:

– Ота, амакам Қутбӣ Киром, ана бинед омаданд, – аз падарашон шодиёна мехостагӣ барин ҳама овоз мебароварданд. – Омаданд, ана бинед, ота, Қутбӣ Киром! – бо шавқ боз такрор мекарданд.

– Омада бошад, хуб шудааст. Лекин бинед, ки дар сараш тӯпӣ ҳаст ё не? – мепурсанд мавлоно Ашӯр Сафар.

– Ҳаст, ота, дар сарашон тупӣ, тупии худамон.

– Нағз, рост мегуфтааст, тӯпиро меорад, – Мавлоно Ашӯр Сафар дар сари Қутбӣ Киром тӯпӣ дида қаноатманд ва хурсанд мешаванд.

Гурез Сафар дам ба дам назди устод Қутбӣ Киром ҳозир мешуд.

– Боз чӣ кор кунем, устод? Фармоед хизмат мекунем, – дастҳо пеши бар ба устод Қутбӣ Киром муроҷиат мекард Гурез Сафар. Ва Гурез аз паи кадом як хоҳиши устод аз дар баромад ва дарҳол ақиб гашта назди банда омад, маро ҷеғ доштаанд.

Аз ҷоям бархостам. Дар паси дар фарзанди муаллим Нарзулло Файзулло. Аз деҳа омада будааст. Ангур овардааст.

– Марҳамат, даро, Нусрат, – ба маърака ба назди меҳмонон хондам ӯро.

– Хуб намешавад, одам бисёр, – шарм медошт Нусрат.

Сатили ангурро Нусрат ба хона даровард ва бо сари хам назди устод рафт.

– Мулло Карокатуллоҳ, ин кас фарзанди ҷӯраамон раҳматии Нарзулло-а? – гуфтанд, – ангур овардаанд? Ангури ҷавзи Роҳатӣ? Пеши меҳмонҳо гузоретон, – фармуданд ва баъд боз афзуданд: – Нарзулло одами хуб буданд, ҷӯра будем, ҷояш ҷаннат шавад, – лаҳзае назари

устод ба нуқтае баста гашт. Хомӯш монданд. Аз афташ солҳои донишҷӯй, чӯраашон Нарзулло Файзулло ба ёдашон меомад.

Аз солҳои дар мактаби деҳаи Роҳатӣ муаллим буданам бо ном ва осори устод Қутбӣ Киром ошно будам. Ҳамон солҳо силсилаи шеърҳои «Бӯи нон»-и устод нашр шуда буд. Ҳама мехонданд, мечустанд, номи Қутбӣ Киром машҳуртар мегашт. Дар мактаб ҳам муаллимон аз силсилаи шеърҳои «Бӯи нон», умуман аз эҷоди Қутбӣ Киром баҳс мекарданд, номи устод вирди забонҳо. Атрофи эҷодашон сӯҳбатҳо ва баҳсҳо ба вуҷуд меомад. Муаллим Нарзулло Файзулло, тағои фарзандонам бо устод Қутбӣ Киром аз наздик ошноӣ, шиносоӣ доштааст. Солҳои донишҷӯиашон бо ҳам гузашта, ҳамроҳ Донишгоҳи омӯзгории ш.Душанберо хатм карда будаанд. Ва Нарзулло Файзулло ба хонаи устод равуо доштааст. Ба гуфти ӯ устод серфарзанд будаанд. Фарзандонашон хурду реза, нонхуру либоспуши бисёр. Устод баъзан танқисӣ мекашидаанд. Чӯраашон ҳамеша ғами он касро мехурд. Гоҳе аз мудири мактаб ҷавоб хоста ба Душанбе, ба хабаргирии Қутбӣ Киром мерафт, меваҳои боғаш, ангур, ки мепӯхт дӯсти ба дил наздикашро аз хотир намебароварад. Дар маъракаҳои аҳли деҳа, дар мактаб аз Қутбӣ Кироми ошнояш ёдовар мешуд, бо ному расми дӯсташ ифтихоре дошт. Нарзулло Файзулло бармаҳал, дар айни камолот аз олам гузашт. Аз ӯ ҳам мисли Қутбӣ Киром фарзандони баркамол мондаанд. Онҳо ҳам дӯсти падарашон Қутбӣ Киромро медонанд. Он рӯз дар рӯзи мавлуди устод фарзанди калони Нарзулло Файзулло Нусрат бо табрики он кас аз деҳа омада буд. Ва он лаҳзаҳо устод Қутбӣ Киром хомӯш монда, дӯсти солҳои донишҷӯиашон Нарзулло Файзуллоро аз афташ ба хотир меоварданд.

Аз айёми муаллимӣ мухлиси Қутбӣ Киром будам, эҷодашонро мехондам. Вале бо худашон вохурдан насибам нагашта. Баъдтар Қутбӣ Киромро дидам, ҳамсӯҳбат шудам, дидорбинӣ ба шарофати адабиёт, ба туфайли ба пайроҳаи эҷод рӯ ниҳоданам. Ҳикоя менавиштам, ба идораи рӯзномаҳо мебурдам. Аз устод Ҳабибулло Назаров маслиҳат мепурсидам, ҳикояҳоямро наздашон мехондам. Аз сӯҳбаташон баҳравар мегаштам. Ва устод Ҳабибулло Назаров номи устод Бобо Ҳоҷӣ, Қутбӣ Киром ва Мастонро бо меҳр ба забон меоварданд, онҳоро дӯст медоштанд.

Соли 1966 дар шумораи 10-уми маҷаллаи «Садои Шарқ» чанд ҳикояҳоям бо сарсухане ба табъ расид. Ҳамроҳи устод Ҳабибулло Назаров ба идораи маҷалла, ки он солҳо дар кӯчаи Орҷоникидзе, дар дохили бинои Идтифоқи нависандагон ҷойгир буд, омадам. Устод Қутбӣ Киром аз яке аз ҳуҷраҳои идораи маҷалла баромада, дар долон бо устод Ҳабибулло Назаров вохурданд. Сӯҳбаташон давом ёфт, аз гуфтаҳояшон ба шавқ омада механдиданд, мегуфтанду механдиданд.

Аз дидори ҳамдигар шод. Гӯё солҳо ҳамдигарро надида буданд, дар аснои сӯҳбат устод Ҳабибулло Назаров маро ба устод Қутбӣ Киром нишон дода гуфтанд:

– Мешиносед? Карокатуллоҳ, ҳикоя менависанд.

– Шумо Карокатуллоҳ? – Аз хусуси банда шунида ё ягон ҳикояамро хонда буданд, ки ҳушу хаёлашон ба банда банд гашт, ҷонибам омаданд ва афзуданд: – ҳикояҳоятонро хондам, гирумонатон хуб аст... Ва банда бо сари хам рӯ ба устод меистодам. Бо устод вохурда лаҳзае бо он кас сӯҳбат доштам. Ва он дам аз куҷо медонистам ки банда – мухлисашон, як ҳавасманди роҳи адабиёт баъд бо устод Қутбӣ Киром ҳамкор, яке аз дӯстони наздикашон мешавад ва баъд аз сарашон дар сари тобуташон сухан мегӯям.

Дар нашриёт мавлуди 60-солагии устод Қутбӣ Киромро мегузарондем. Пас аз ҳар суханроиҳои дӯстон дар ҳаққи устод Қутбӣ Киром боз сухан мегуфтам, ба меҳмонон сухан медодам. Гоҳ сухангӯй, гоҳе суруду мусиқӣ, рақс. Лаҳзаҳои хушӣ ва шодмоние буда он лаҳзаҳо дар нашриёт, хурсандии аҳли нашриёт ҳамроҳи устод Қутбӣ Киром. Дар маърака шоир Ришта низ устодро табрику муборакбод намуд, шеър хонд. Баъди ба Афғонистон рафтан ҳам шоир Ришта устод Қутбӣ Киромро аз хотир набароварда. Гоҳ-гоҳе аз номи ӯ ба устод Қутбӣ нома меомад... Баъди фавти Қутбӣ Киром низ ба нашриёт аз номи Ришта чанд нома расид. Аз афташ Ришта аз марги бемаҳали дӯсти азизаш огоҳ набуд. Дар номаҳояш аз устод ҳолу аҳвол пурсида ба он кас салом мегуфт. Мо баъд ба номи Ришта нома навиштем. Ришта аз фавти устод Қутбӣ Киром воқиф гашт...

* * *

Ин дунёро гузаро гуфтаанд, мегузарад. Рӯзҳо, моҳҳо, солҳо ва одамон мегузаранд ва одамон фаромӯш мешаванд, аз ёдҳо мераванд, гӯё дар ин олам мавҷуд набуданд. Ва танҳо ба ягон-ягони онҳо насиб мешавад, номашон баъди сарашон дар ин олам зикр ёбад. Хушбахтанд, онҳо каманд, одамони нодиру камёфтанд ин хелҳо ягон-ягон ба дунё меоянд. Ва устод Қутбӣ Киром аз ҳамин зумраанд, пас аз сарашон дар ин олам номашон монда.

Аҳли Тоҷикистон 70-солагии мавлуди устод Қутбӣ Киромро гузаронданд, китоби шеърҳояшон дар нашриёти «Адиб» бо номи «...Ёр меояд» ба нашр расид. Ва мо ҳамкоронашон хаёл мекунем, ки ҳамеша бо моанд. Ҳанӯз ҳамаи маъракаҳоямон дар ҳамон ҳуҷрае, ки устод он ҷо кор мекарданд, мегузарад. Мизи кории устод холӣ аст. Пас аз вафоташон аз ғалладонҳои мизашон варақҳои нимколанависашонро дарёфтем, шеърҳои анҷомнаёфтаи Қутбӣ Киром. Китобҳои нимколатаҳриршуда болои мизашон буда. Баъди сари устод ҳамкорон

онҳоро ба чоп ҳозир оварданд. Ва чи ҷамъомаду маъракае дар нашриёт баргузор гардад, лаҳзаҳо сухан аз устод ба миён меояд. Ҳамкори азизамон устод Қутбӣ Киромро ба хотир меорем. Худи биное, ки нашриёти «Адиб» дар он ҷойгир аст, барои аҳли адабиёт, мардуми Тоҷикистон азиз ва таърихию муқаддас аст. Он дар миёни шаҳр, дар хиёбони зебои ба номи А.Рӯдакӣ, соли 1928 бунёд гашта. Деворҳо баланд, дохили ҳуҷраҳо васеъ. Бо хишти хом девор бардошта будаанд. Шифти бом бо қамиш пӯшида шуда. Бинои деворҳояш лоин. Лекин дар давоми солҳои зиёде, ки аз миён гузаштаанд, аз боду бӯронҳо, аз зилзилаҳо осебе нодида. Ҳанӯз ҳам як бинои зебо ва боҳашамати Душанбе. Биное, ки аз солҳои 1929-1930 то имрӯз баҳри адабиёт хизмат намуда, рӯзгор ва умри чандин насли адибони тоҷик дар оғӯши он гузашта. Нашриёти аввали давлатии Тоҷикистон дар ҳамин бино ташкил шуда. Раиси аввали нашриёт устод А.Лоҳутӣ буда. Баъд тамоми рӯзнома ва маҷаллаҳои Тоҷикистон дар ҳамин бино ҷойгир шуда. Устодон С.Айнӣ, А.Лоҳутӣ, М.Турсунзода, М.Раҳимӣ, С.Ҷавҳаризода, А.Деҳотӣ, А.Шукӯҳӣ, М.Фарҳат, Ҳоҷӣ Содиқ, М.Наҷмиддинов ва бисёр адибони тоҷик дар ҳуҷраҳои ин бино кор карда ва умр ба сар бурда.

Дар ин бино имрӯз нашриёти давлатии «Адиб»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир шуда ва насли нави адибони тоҷик дар ҳуҷраҳои ошёнаи дуюми он заҳмат мекашанд. Устод Қутбӣ Киром ҳам дар як ҳуҷраи ин бино кор карда, рӯз гузаронда. Ва имрӯз ин ҳуҷра дар нашриёт ҳуҷраи устод Қутбӣ Киром номида шудааст.

Моҳи декабри с. 2006

АЗ УБАЙД РАҶАБ ЁД МОНДА, СУХАН МОНДА

Аз он рӯзи чоршанбеи чоруми моҳи августи соли 2004 – ум, ки ӯ аз ин дунёи равшан чашм пӯшид, беш аз ҳафт сол мегузарад, аз ҳафт сол зиёд аст, ки ӯ бо мо нест, ёдаш дар хаёли мо монда. Шеърҳояш зикри забонҳо, шеърҳояшро мехонанд, шеъри Убайд Раҷаб мегӯянд. Устод Убайд Раҷаб. Соҳиби ин номро чи қадар курбу манзалат, шаҳомат, мухлису шиносу ошно ва дӯстоне буд. Ӯ хушсухан, хушгап, маъракаоро. Маҷлису маърака, базму ҳамнишиниҳо аз сӯҳбаташ гарм. Ӯ барандаи тӯйҳо, хурсандиҳо. Ӯ барои онҳое, ки аз худаш хурд буданд, «ако,» баҳри аҳли қалами кӯҳансол, ҳамсолон «Убайдулло» ва барои шогирдон «устод» буд, бале буд, буд… Ҳазор таассуф, ки имрӯз вай бо мо нест. Мо аз ӯ чудо. Марг ӯро рабуда, марг, ки ҳамаи моро ҳамроҳ, то рӯзе, ки навбат биояд. Ва ҳоло аз дӯст, бародари азизи мо, шоири тавоно Убайд Раҷаб ном монда, номи нек, ёди нек. Дар роҳи дӯстӣ, рафоқат назираш набуд. Як дӯсти қарин, наздику меҳрубони банда ҳам буд. Садоқату вафодории ӯро дидаам, шоҳид гаштаам.

Яке аз дӯстони наздики Убайд Раҷаб дар мавзеи Кофарниҳон шоир Нӯъмон Розиқ буд. Нӯъмон Розиқи шоир ва дар он айём раиси колхоз, шахси вазифадор, вале бисёр ҳалиму хоксор, хайрхоҳу меҳрубон, дари дилу манзилаш ба рӯи ошною ноошно кушода. Шахси меҳмоннавоз, дастархондор. Аҳли қалам қариб ҳама меҳмонаш мешуданд, навқаламон, то адибони номию шӯҳратёри мо. Дӯстонаш ба мисле беҳисоб буданд. Ва устод Убайд Раҷаб ҳам яке аз ошноҳо ва дӯстони шоири раис Нӯъмон Розиқ.

Марги нобаҳангом Нӯъмон Розиқи дӯст ва бародари моро рабуд. Ба ҷанозааш дӯстон хабар шуданд. Вале на ҳамаи онҳое, ки дар зиндагӣ ӯро дӯст, бародар, ошно мегуфтанд, дар он рӯзи дафни ӯ ҷамъ омаданд. Ками андар кам дӯстонаш ҳозир шуданд. Аммо дар он рӯзи сиёҳ баҳри хонадони шоир Убайд Раҷаб чун як бародари ӯ дар тан ҷома, дар миён рӯймол, дар сар тӯпӣ дар паҳлӯи ҷигаргӯшаҳо, фарзандони ӯ буд. Дӯсташ Нӯъмон Розиқро ӯ ба хок гузошт. Аз гӯр берун омада хоки дасту панҷаҳо, либосҳояшро афшонд, рӯ ба офтоб, ки миёни осмон омада буд, овоз андохт, нолид, «бародарам», гуфт.

Ва баъд, минбаъда дар маъракаҳои ёдбуди Нӯъмон Розиқ, дар сешувон, ҳафт, чил ва сол дӯстону ошноҳояш кам ва боз камтар мешуданд. Вале Убайд Раҷаб дар ҳамаи ин ҷамъоиҳо ҳозир, сарвар, дуогӯ буд.

Ба хотираи шоир Нӯъмон Розиқ мактаби деҳаи Симуганчро ба

номаш гузоштанд. Дар рӯзҳое ин тадбир ба амал меомад, ки ҷумҳурӣ ноором буд, ҷангу ҷидоли байни тоҷикон шиддат мегирифт. Хусусан, дар мавзеи Кофарниҳон ва дараи Ромит низоъҳо баландтар аланга мезаданд. Дар ҳамон рӯзҳои пурхавфу хатар лавҳаи номи Нӯъмон Розиқ сабтшударо аз Душанбе дӯсти ӯ Убайд Раҷаб бо чанд нафар адибон аз дидбонгоҳи силоҳдорон гузашта, ба деҳаи Симуганҷ бурд. Маъракаи номгузориро ӯ сарвар буд, маҷлис гузаронд. Дар роҳи дӯстӣ ана ҳамин хел бовафо, садоқатманд буд Убайд Раҷаб.

Аз ӯ хурд, навқалам будам. Убайд Раҷаб сармуҳаррири маҷаллаи «Садои Шарқ», котиби Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, адиби номию шӯҳратёр. Аммо ба банда мисли як ҳамсафу ҳамқаламаш эҳтиром дошт. Борҳо ҳамсафар шудаем, дар Ҷумҳурии Исломии Эрон, шаҳри Маскав, дар Озарбойҷону Гурҷистон будем, дар ҷумҳурӣ низ ба бисёр шаҳру ноҳияҳо ҳамроҳ сафар кардаем. Чи хеле мегӯянд, сӯҳбаташ бо банда мепӯхт, мехост дар сафарҳо ҳамроҳ бошем. Ба деҳа, ба хонаи мо ҳам мерафт. Дар тӯю маъракаҳоямон маслиҳатгарамон буд. Аз ёдам намеравад, тӯи суннати фарзандонам Иқболу Парвизро мегузарондем. Дар он шаби тобистони соли 1984 ҳавлиамон пур аз меҳмонон буд. Аксар аҳли қалам, шоиру нависандагон ва ҳунарпешагон. Чанд нафар дӯстонам – кормандони масъули ҳизбӣ, аз ҷумла Холмурод Шарифов, Нур Табаров ҳам дар тӯй ҳозир буданд. Дар рӯи ҳавлӣ, зери осмони софу ситоразор маъракаи хурсандӣ давом дошт. Аммо Холмурод Шарифов ва Нур Табаров аз хона намебаромаданд. Гилагузорӣ доштанд, ки чаро дидаю дониста онҳоро ба тӯи суннатии фарзандонам, ки дар он айём номумкин буд, хабар кардаам. Ҳарос доштанд. Беҳуда ҳам на. Ба кормандони ҳизбӣ, ҳатто барои ширкат дар ин гуна маъракаҳо ҷазо медоданд. Устодон Убайд Раҷаб ва Фазлиддин Муҳаммадиев, ки сарварии маърака ба дӯшашон буд, аз ин ҳол огоҳ гашта, байни худ паст – паст хело гап заданд ва ба назди ҳофизи ширинадо Давлатманд Холов омаданд, ки овозаш фазои деҳаро гирифта буд. Лаҳзае Давлатманд хомӯш монд. Убайд Раҷаб ва Фазлиддин Муҳаммадиев сухани ҳамдигарро аз тариқи баландгӯяк тақвият дода ба мардум мегуфтанд: Сабаби баргузории маъракаи Кароматуллоҳи Мирзо ба нашр омадани китобаш-қиссаи «Шабе дар Кабудҷар». Онро ба ҳозирин нишон медоданд ва мегуфтанд, ки сабаби дигар ҳам будааст; фарзандони банда Иқболу Парвиз мактабрав мешудаанд.

Устод Убайд Раҷаб гоҳе ба нашриёти «Адиб», ки он айём сарварияш ба ӯҳдаам буд, меомад. Чи воқеае шуду баъдтар чанд ҳафта наомад. Ҳамон рӯзҳо китобаш ба чоп расида буд. Меҷустемаш. Гуф-

танд, ки бемор аст, бемориаш вазнин, аммо ба ӯ намегуфтаанд. Ҳамроҳи яке аз дӯстон – Фарҳод Каримов, ки ҳоло раиси нашриёти «Адиб» аст, ба аёдаташ беморхонаи Қарияи Боло рафтем. Дар ҳуҷраи алоҳидае мехобид, завҷааш ҳамроҳаш. Янгаи меҳрубон шабу рӯз нигаҳбони ӯ. Ғам мехӯрд, бо устод гӯё ӯ ҳам дард мекашид. Чанд нусха китоб ва ҳаққи қалами устодро оварда будем. Шод шуд, изҳори минатдорӣ намуд. Ҳис мешуд, ки дард озораш медод. Лек устод мисли даврaҳои сиҳатӣ зиндадил, хушсухан, хушчақчақ. «Худо хоҳад, ҳамааш мегузарад, дард меҳмон», мегуфт. Сипас изҳори хурсандӣ кард, ки гумони духтурҳо дар масъалаи дарди ӯ ғалат будааст. «Хайрият» ва боз ба забон овардани ин суханро мешунидем аз ӯ. Ва Фарҳоду банда барои зиёд ба ташвиш нагузоштани бемор бо устод «хайр» гуфтем.

– Фарҳод, Кароматулло, хабар гиретон, боз биёетон… – овози Убайд Раҷаб ҳангоми аз наздаш баромадан дар гӯшамон монда буд.

Чанд бори дигар ба хабаргирии устод Убайд Раҷаб ба беморхона рафтем. Ҳолаш беҳ намегашт. Баъд шунидем, ки ӯро ба хонааш овардаанд. Бемориаш вазнин шуда. Аз аҳволи ӯ ҳамон рӯзҳо намоише, ки онро Шоири халқии Тоҷикистон Муҳаммад Ғоиб омода намуда буд, дар телевизион пахш шуд. Тамошобинон, мухлисон, дӯстони шоир медиданд, ки ӯ чи қадар харобу афтода шуда, бемадорона базӯр – базӯр ҳарф мегуфт. Медидем, ки дарди бедаво Убайд Раҷаби ботанутӯшро ба чи ҳол оварда, таассуф мехӯрдем, дилҳо ба ҳоли ӯ реш гашта.

Аз Муҳаммад Ғоиб хоҳиш кардам, ки ҳамроҳ ба хабаргирии устод Убайд Раҷаб биравем.

Пагоҳии рӯзи сешанбеи 27 – уми июли соли 2004 буд. Моро боз ҳамон завҷаи меҳрубони устод Убайд Раҷаб, ки сари болини ӯ мемидемаш, пазирой намуд. Хастаю хароб ва рӯҳафтода менамуд. Офаринаш мехондем, ки дар ин қадар рӯзу ҳафта ва моҳҳои бемории устод ҳамеша ӯ ҳамроҳаш. Азобу азияти зиёд кашида. Моро ба нишастан таклиф карда худ аз хона баромад. Устод болои кат рӯ ба сақфи хона хобида буд.

– Омадетон, Муҳаммад, нағз ҳастетон? – рӯйҷоро аз болояш нишеб карда майли рӯй ба ҷониби мо гардондан намуд, якнима, паҳлӯ гаштан мехост. Натавонист.

– Муҳаммад, ёрдам расон, ту ҳам, бачам, Кароматулло, – устод аксар ба банда ҳамин тавр муроҷиат мекард ва давом намуд: – Ҳолам намондааст, наметавонам.

Убайд Раҷабе ҳоло дар ҷойгаҳи маризӣ барои ним гаштан мадад мехост, ки дар вақташ аз ҷумлаи мардоне буд, чи хеле мегӯянд, мушт занад девор мегашт. Ва мешунидем, ки мардум мегуфтанд: «Убайд

Раҷабро Худованд пайкари бузург, қаду қомат, дасту бозӯи бақувват, саломатии бардавом дода».

Бале, ӯ қариб бемор намешуд, аз синну солаш хеле чавон менамуд, дар рӯяш ожанге наафтода, як тори мӯяш ба сафедӣ нарасида. Ба ӯ ҳасад мебурданд. Анна, ҳамин як марди тавоно ҳоло дар панҷаи дард дармонда, ба ҳоле афтода, ки дар ҷойгаҳ паҳлӯ гашта наметавонист. Ӯро медидаму ба ҳикмати «Дард кӯҳро паст бикунад», бовар мекардам.

Ману Муҳаммад Ғоиб аз китфонаш доштем, мадад расондем, болои кат пойкашол нишаст, чанд лаҳза хомӯш монд, нафас рост кард ва рӯ ба мо ба гап даромад.

– Муҳаммад, нағз ҳастӣ? – боз аз мо ҳолу аҳвол пурсид. – Ту чӣ аҳвол дорӣ, Карорматулло? Бачаҳот, янга ҳама сиҳат саломатанд? Вазифаат баланд шудааст, шунидам, заҳматат зиёд мешавад, бачам. Бовар кардаанд, нағз кор кун, – ҳамон рӯзҳо банда ба вазифаи мудири шӯъбаи иттилооту таҳлилии Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҷумҳурӣ таъйин шуда будам. Устод ин хабарро шунида… Ӯ чун ҳамеша ба банда ғамхор, меҳрубон, насиҳат мекард, маслиҳат медод.

– Худованд шифо ёбед, – гуфта Муҳаммад дуо кард. Ҳамин суханҳо дар забон даст ба рӯ кашидем.

Ва устод ба сухан омад:

– Ҳолам ҳамин рӯзҳо ҳамин, танҳо, ки мемонам, рӯ ба шифти хона, рӯ ба девор гап мезанам. Баъзан аз нав ва аз нав гашта баргашта рӯзҳои гузашта, одамон, ҳамкорон, шиносҳо, дӯстон, корҳои кардаамро ба ёд меорам. Ба хаёлам фақат некӣ мекардам, касе аз ман наранҷад, мегуфтам. Ё шояд ягон амали носавоб ҳам аз ман гузаштааст, ҷазо мебинам. Лекин бовар кунетон, қасам мехӯрам кори бади кардаам ба хотирам намеояд, намедонам, ба Худо, ки намедонам.

Ба хаёли мо устоди азиз аз ин ҷиҳат беҳуда дар андеша монда. Ба ҳама некиаш расидааст, ҳама аз ӯ сухани нек шунида. Дилозор набуд. Бекина буд, чеҳрааш ҳамеша кушода, аз ҳоли худию бегона хабардор шудан мехост. Аммо ҳоло гирифтори дард буд, дарди бедаво. Аз дард, аз аҷал касе эмин буда наметавонад. Албатта, ҳоли ӯро дар он лаҳзаҳо тасаввур менамудем, сӯзу гудозаш зиёд, диламон месӯхт, ашк гулӯгирамон буд. Дар таскину тасаллиаш ҳарфе ба забон оварда наметавонистем, оҷиз, ночор будем.

Янгаи меҳрубон дар ин мобайн наздамон дастархон густурда буд. Болои дастархон ҳар гуна меваҳо. Дар як лаълӣ себ, себҳои суп – сурх, ба гуфтаи худи устод Убайд Раҷаб «беҷирм».

Бо дили пураламу хаёли ошуфта ману Муҳаммад аз ҷой бархостем. Рӯ ба устод Убайд Раҷаб, ки ҳанӯз болои кати хоб пойкашол мени-

шаст ва аз сӯзу гудози дард – ҳолашро худ медонисту Худо, хело истодем.

– Мераветон? – гуфт устод.

– Иҷозат шавад… – ба сари хам, дастҳо пеши бар меистодем.

– Худованд шуморо дар паноҳаш нигаҳ дорад, барака ёбетон, бачаҳом.

– Хайр…

– Як дам истед, себ гиретон, аз дастниҳолҳои худам, гиретон… Ба нею нестонамон нигоҳ накарда, устод фармуд себ гирем. Яктоӣ себ гирифтем.

– Ин хел не. Гуфтам – ку, деҳқонӣ, гиретон.

– Ноилоҷ аз рӯи хоҳиши устод аз лаъли боз себ гирифтем, дами дар омада, ақиб гашта бори дигар ба устод Убайд Раҷаб рӯй овардем, «хайр» ва боз бо ӯ «хайр» гуфтем.

Ба ҷои кор баргашта дар роҳрави идора бо яке аз дӯстонам, инсони некхоҳу нексиришт, дар ҳамон рӯзҳо мудири шӯъбаи Дастгоҳи иҷроияи Президент шодравон Усмонқул Шокиров вохӯрда гуфтам, ки аз хабаргирии устод Убайд Раҷаб омадам, аҳволашро нақл кардам. Усмонқул Шокиров аз банда бисёр хоҳиш кард, ки ҳафтаи оянда ҳамроҳ ба хабаргириаш равем. Лекин ин нияти мо амалӣ нагашт.

Пагоҳии рӯзи чоршанбеи 4 – уми моҳи август буд. Аз назди ҳуҷраи муовини сарвазир Х. Мавлонова мегузаштам. Дари ҳуҷра боз гашта, ёрдамчии муовини сарвазир Алиҷон Шоҳназаров саросема ва бо ҳоли парешон берун омаду бо таассуф гуфт, ки устод Убайд Раҷаб аз олам гузаштаанд. Аз номи ҳукумат таъзиянома омода намуданӣ будаанд. Хабари нохуш ҷисму ҷонамро гудохт. Карахт гашт тамоми вуҷудам. Беҳаракат мондам, аз ҷой намеҷунбидам, забонам ба сухан намепечид. Алиҷон кайҳо аз наздам рафта буд. Хаёлам ба устод Убайд Раҷаб. Ӯ аз олам гузашта. Ҳайфи ӯ, сад ҳайф ва сад ҳайф, ки инсонҳоро ҳамин як роҳ, омадан ба дунё ва аз он рафтан, реҳлат кардан, роҳи дигар, роҳи баргаштан набуда.

Пагоҳии панҷшанбеи 5 – уми моҳи августи соли 2004. Соатҳои қариб дувоздаҳ тобути устод Убайд Раҷаб дар пешгоҳи ҳавлиашон гузошта шуда. Ҳаққу ҳамсояҳо, мардумони беҳисобе ҷамъ омада ба ҷаноза. Митинги мотамро дар он вақт Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои фалсафа, узви вобастаи Академияи улуми ҷумҳурӣ Карокатулло Олимов боз намуда, аз рӯзгор, зиндагӣ, фаъолияти эҷодии устод Убайд Раҷаб сухан мегуфтанд, шеърҳояшро мехонданд, нақшашро дар адабиёти тоҷик таъкид мекарданд. Сухан ба ҳамдеҳа, ҳампартаи ӯ дар Омӯзишгоҳи омӯзгории ш. Панҷакент

ва дар Донишгоҳи омӯзгории ш. Душанбе, олими шӯҳратёр Шарофиддин Рустамов, ки имрӯз ӯ низ аз олам реҳлат карда. Устод оҳи ҷигарсӯз аз синаи пурдоғ кашида менолид, «Убайд, Убайдулло» мегуфт. Сухан боз ба наздикону дӯстон…

Баъд роҳамон аз паси тобут ба қабристони Лучоб шуда буд. Ба банда низ навбат омад, ба хокдони шоир, ки дар ин олам дӯсти азизу хайрхоҳ, ғамхорамон буд ва бандаро гоҳе бо лаҳни зебои худаш «бачам, Кароматулло», мегуфт, чанд бел хок партофтам ва хок олудаи ашки дидагонам мегашт.

ШИРИНИ АЗ ШИРИНИҲО ШИРИНТАР

Бо Ширин хело дер, солҳое, ки раиси нашриёти «Адиб» будам, шиносоӣ ва ошноӣ пайдо кардам.

Як рӯзи баҳор буд, айни шукуфоии гулу лола ва қабои забз ба бар кардани замину замон ва дарахтони кӯчаҳои ш. Душанбе. Он ҳангом нашриёти «Адиб» дар бинои дуошёнаи рӯ ба рӯи истгоҳи Хонаи Матбуот ҷойгир буд ва ҳоло ҳам истгоҳро бо ҳамин ном зикр намоянд. Ҳуҷраи кории банда дар ошёнаи дуюм. Аз тиреза кӯчаи марказии шаҳр, ба номи Ленин, ҳоло ба номи Рӯдакӣ, шохаҳои пурбарги дарахтон намоён. Нигоҳам бастаи баргҳо, баргҳои зумуратгуни пурҷило. Дари ҳуҷраам кушода шуду котиба, духтари хушсимо, чеҳракушод Раъно гуфт, ки Ширин омадаанд. Ширинро медонистам, Ширини шоир, шеърҳояш ӯро машҳур карда. Номаш бароям маълум, лек худашро акнун медидам. Ба истиқболаш бархеста будам, ки худаш аз дар даромад.

– О, акои Кароматулло, шумо нахезед, – гуфт ва баъд саломуалайк кардем. Ба пештари мизам, ба ҷои нишондодаам нишаст.

– Акои Кароматулло, нағз ҳастед? Шунидем, ба Ҷоизаи давлатии ба номи А. Рӯдакӣ пешниҳод шудед, аҷаб кори хубе шудааст, бовар кунед, мо ҳама хурсанд. Мо адибони Бадахшон ба ҷонибдории шумо як чи навиштем. Номаи адибони Бадахшон ҳамон рӯзҳо дар чанд рӯзнома чоп шуда буд.

– Раҳмат, Ширин, хондам, – медонистам, ки дар ин роҳ худи Ширин сайъ карда.

Баъд риштаи сӯҳбатро Ширин ба дигар ҷониб кашид.

– Акои Кароматулло, шумо аз қишлоқи Нилкон ҳастед?

– Ҳа, Ширин, аз куҷо донистед? – пурсидам.

– Мо дар қишлоқҳои шумо қариб чил рӯз ҳамроҳи муаллим А. Суфиев будем. Таҷриба меомӯхтем, эҷодиёти даҳонакии халқро ҷамъ мекардем, қариб ба ҳар хона сар мезадем. Мактаби Роҳатиро дидем, шумо онро тамом карда будед.

– Бале, Ширин, мактаби ба номи Аҳмади Дониш, ҳоло ба номи Изатулло Ҳусайнӣ.

Баъд Ширин номи шиносҳояш муаллимон Изатулло Ҳусайнии шоир, Сулаймон Ҳалимзода, ки он кас ҳам шеър мегуфтанд, Давлат Саидов, Нарзулло Файзуллоев, Шароф Ғиёсиро як – як ба забон оварад. Гуфт, ки дар деҳаи Роҳатӣ мазори ҳазрати Мавлави Ҷунунӣ, дар Нилкон мазори ҳазрати Сайид Шоҳабдулатифро, ки яке аз фарзандони ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонианд, зиёрат кардааст, дар деҳаи Мағмуруд будааст, шар – шара, боғу майдонҳои онро, ки ҳама дар бағали кӯҳ ҷойгиранд, дида ҳаловат бурдааст.

Аз зебоӣ ва нақшу нигорҳои масҷиди деҳаи Роҳатӣ ва масҷиди деҳаи Нилкон, ба номи эшони Домулло Мирзо (қиблагоҳи банда), аз саҳни васеи сабзазору чинорҳои баланд – баланди чандинасрааш ҳикоят кард. Бо бисёр одамон шинос шуда будааст, бо як ҷаҳон меҳр шиносҳояшро ном мебурд.

Баъди ин сӯҳбат рӯзе аз деҳаи Роҳатӣ касе хабар овард, ки Ширин Бунёд ба хонаи директори мактаб Миргул Дӯстмамадов омадааст ва бандаро мепурсидааст. Ҳамроҳи муаллимон Нарзулло Файзулоев, Сулаймон Ҳалимзода, ки дӯстони Ширин Бунёд буданд, ба зиёрати ӯ расидем. Завҷаи Миргул шоира Тобон хоҳархонди Ширин будааст. Шаби бароям фаромӯшношудание буд, он шаби тобистони Роҳатӣ, роҳатафзо. Миргул кадом як асбоби мусиқие менавохт, завҷааш оҳиста – оҳиста ба доира ангушт мезад, Ширин бо овози ширин суруд мехонд. Дӯстони дигари Ширин шоир Изатулло Ҳусайнӣ, муаллимон Давлат Сайидов ва Шароф Ғиёсӣ дар маъракаҳозир буданд. Базме дар хонаи Миргул ороста. Шоирони деҳот назди Ширин шеър мехонданд, баъзан аз шунидани ягон – ягон байт, дубайтӣ, мисрае Ширин шод шуда, «офарин, бародар, офарин», мегуфт… Баъд қариби ними шаб, ки мо ба хонаҳоямон бармегаштем, Ширин ба гуселамон баромада, «Аҷаб шаби зебо, шаби ҳаловатбахше шаби Роҳатӣ», мегуфт ва аз осмони софу ситоразор, ки нуқратоб метофту ситораҳо чун гулҳо онро зеб медоданд, чашм намеканд.

Имрӯз он шаби пурситора, он ҳамнишинӣ бо Ширинро ба ёд меораму ва боз он дӯстонашро, ки ҷуз муаллим Шароф Ғиёсӣ мисли худи ӯ ҳама аз ин олам рафтаанд.

Аз Ширин, аз он шаби зебои тобистон, аз хоҳархонди ӯ шоира Тобон ва аз дӯстонаш муаллимони деҳа ёд монда.

Чанд мактуби Ширин аз ӯ бароям ба ёдгор аст.
Инак якеаш:

Ассалому алайкум, бародари хирадпешаи гиромиам Кароматуллоҳи Мирзо

Бародари азизам, ман 14-уми декабри соли 2011 ҳафтодсола мешавам. Ба ин хотир чанд шеъри пиронаро дар ҳаҷми 7 саҳифа ба Шумо фиристода мекунам. Агар дар ҳамин рӯз чоп шаванд, сарам ба осмон мерасаду бо шодмонии калон хона, назди оила ва шумораи зиёди наберагону аберачаам меравам.

Барои аз ин пеш чоп кардани сатрҳоям ба Шумо сад ҷаҳон ташаккур!

Бо ҳурмати зиёди бародарона Ширин БУНЁД

Боз як номаи дигар, ки бо ҳусни хати зебои худи Ширин навишта шуда:

Ассалому алайкум, устод Карорматуллоҳ

Ду рӯз ба идора меомадам, маҳкам буд. Фаршро ранг задаанд. Қоғазҳои Лаълҷуба, ки масъули обунаи «Адабиёт ва санъат» байни донишҷӯён мебошад, ба Шумо носупурда мондам.

Инҳоро акнун Қурбоншоҳи ҷиянам ба дасти шумо месупорад. Зиёда хоҳишманд ва умедворам, ки чопашон мекунед.

Бо ҳурмат ва эҳтироми зиёда
додари Ширини Шумо.

Бале, ҳамон рӯзҳо ҳучраҳои ҳафтанома дар таъмир буданд, баъзан меомадему баъзан не. Барои ҳамин ҳам Ширин чанд бор заҳмат кашида ба идораи ҳафтанома омадаю моро наёфта. Таассуф, саргардон шудааст.

Масъалаи дигар. Дар нома номи шогирдаш Лаълҷуба зикр ёфта. Эҳтироми Лаълҷуба ба устод зиёд, мепарастад Ширинро. Бархилофи баъзе шогирдони Ширин ӯ меҳрубону дилсӯзи устод. Эътиқодмандаш. Лозим меомад, ҳамеша дар хизматаш мешуд. Устод аз ӯ розӣ. Барои ҳамин ҳам аз рӯи васияташ имрӯз ба ҷои Ширин вазифаи ӯ, раисии шӯъбаи Иттифоқи нависандагони Бадахшон ба ӯҳдааш шуда.

Ширин як умри ширинро ба тарбияи адибони ҷавони Бадахшон бахшидааст. Онҳо аз лонаи гарме, ки Ширин барояшон падид оварда буд, парончак шудаанд. Аз ҷумла Атои Мирхоҷа, Раънои Мубориз, Наҷмиддини Шоҳинбод, Лутфишоҳ дигару дигарон таҳти назари ӯ буданд ва имрӯз майдони адабиётро зебу ороянд. Оре, Ширин дар роҳи тарбияи адибони ҷавони Бадахшон аз бузургтарин бузургони адибони бадахшонӣ бузургтар аст. Барои ҷои кори пурҳаловат, ному нишон накӯшид, аз Бадахшон бурун наомад ва бузургиро дар ҳамон ҷо ёфт.

ШИРИНГӮИҲОИ ШИРИН

Қариб ҳар сол Асадулло Сӯфиев шогирдонро барои ҷамъоварии эҷодиёти даҳонакии халқ ба деҳаҳои ҷамоаи Роҳатӣ мебурданд. Шиносу дӯстони зиёде пайдо карда буданд. Якеи онҳо муаллим Нарзулло Файзуллоев буд, ҳамон рӯзҳое ки ҳамкурсони Ширин дар ин

маҳаллаҳо буданд, паз аз чанд рӯз Асадулло Сӯфиев бо шиноси деринаашон Нарзулло Файзуллоев вохӯрданд. Эшон, ки шаҳтутро дӯст медоштанд, аз Нарзулло пурсиданд.

– Ҷони Ширин, Нарзуллохӯҷа, шаҳтутҳо ширин шудаанд?

– Намедонам, аз Ширин пурсед, ҳар рӯз дар тори шаҳтутҳост.

– Ту чӣ мегӯӣ, Ширинҷон, шаҳтутҳо ширинанд.

– Не, муаллим, турушанд, ман худам ширинам, – ҷавоб дода Ширин.

* * *

Дар деҳаи Нилкон Ширин ба тӯе даъват шуда буд, маърака серодам, паси дар пас менишастанд одамон.

Ҷавоне пештар аз Ширин ҷой гирифт. Вале ноосуда буд, хиҷолат мекашид, ки аз Ширин пештар нишастааст. Аз ҷой бархост ӯ.

– Акои Ширин, дар паси одам нашинед, – илтимос кард.

– Эҳ, додари ҷон, нафаҳмидем. Шумо одамед? – Ширин хандид, дигарон ҳам завқ бурда хандиданд. Имрӯз низ ин лутфи Ширин дар забонҳост. Он ҷавон қимоб ҳам шудааст.

– Шокирҷон, – гоҳе ба қитиқаш мерасанд ҳамдеҳагон.

– Лабай.

– Ту одамӣ? – ва меафзоянд: – Нафаҳмидем.

* * *

Ба Ширин гуфтанд, ки дар деҳа холаи Зарафо шеъру афсонаи зиёд медонад. Ӯ пурсида – пурсида хонаи холаи Зарафоро ёфт, назараш ба ҳар тарафи ҳавлӣ шуд. Дар як ҷо панҷ – шаш гови бо гӯсола, як ҳел пури гӯсфанду буз, мурғону қозҳо беҳисоб. Холаи Зарафо Ширинро дида бо қаҳру ғазаб аз хона берун давид.

– Э, бача, ман ба ту мегӯям, кани қафо гард, аз хона баро.

– Барои чӣ хола?

– Ту чашм дорӣ.

– Худатон чашм доред.

– Ба ту гуфтам – ку ман чашм – пашм надорам, бовар накунӣ аз ҳаққу ҳамсояҳо пурс.

– Хола, ба Худо шумо чашм доред, мункир нашавед, ана Шумо маро мебинед-ку, – Ширин хурсанд шуда бо ханда аз ҳавлӣ берун рафт.

Ширин дар номааш таъкид карда, ки чанд шеъри пирона фиристодааст, онҳо натанҳо пиронаанд, ки аз пирӣ шикоят дорад, балки шаҳодати онанд, ки шоир аз анҷоми рӯзҳои башумур, аз шарбате, ки онро марг ном аст ва касе дар ин олам аз он начашида намонда ва низ

намонад, огаҳӣ ёфта, ҳис намуда. Ҳоло аз он абёт байт, дубаётӣ, пораҳо манзури хонанда гашта. Лек ҳазор таасуф, ки шеърҳои фиристодааш ба шарафи рӯзи мавлуди ӯ – 14 декабри соли 2011 пештар ба нашр расидаю ӯ худ аллакай тарки ин дунёи равшан карда, орзуҳо дар дил, дил ба хок рафта, рӯзи мавлудаш барои мо рӯзи хотираи Ширин шуд.

Куҷост қуввати пешин ба дасту бозуи мо,
Дигар ба панҷаи мо нест зӯри панҷа задан,
Хомӯш қиссаи Лайлӣ, муҳаббати Маҷнун,
Забони мо ҳама гӯяд зи рози гӯру кафан.

Нигар бар кори ин гардуни гардон,
Маро оварду зад дар гӯри пирон.

Дар ин ҷо мӯсафедон нола доранд,
Ба ҳасрат ёди боғи лола доранд.

Ба дунёи васеъ ку пои рафтор,
Ба чанги пирӣ инҷоям гирифтор.

Дигар ранге надорад зиндагонӣ,
Дареғо аз ҷавонӣ, аз ҷавонӣ.

Ба як дилхастагӣ аз Ширин Бунёд,
Қадам дар хонаи ҳафтод,бинҳод.

Ояд аз ҳар тараф садои «амак»,
Аз лаби духтарони бепарво,
Гоҳ – гоҳ мерасад ба гӯш зи дар,
Шутқаритар калимаи «бобо».

Во дареғо, бе ризои мо дигар,
Испарӣ шуд даври мо, даврони мо.

Шеъри дигари Ширин «Ай ишқ, Худо ҳофиз» ном дорад, ин ҷо дар айёми пирӣ бо бисёр ширинихои зиндагӣ, аз ҷумла бо ишқу ошиқӣ ҳам Худо ҳофиз гуфтани шоир ба қалам омада:

Ай ҷумла ҷавонсолон, ман пир шудам охир!
Аз тири камони умр ман тир шудам охир!
Ай ишқ, Худо ҳофиз!

* * *

Ҳайрониӣ ҳайронам, чун бод парешонам,
Бар пои ҷавониҳо занҷир шудам охир.
Ай ишқ, Худо ҳофиз!

* * *

Ман пир шудам охир, дилгир шудам охир,
Аз баъди сари Лоиқ, бе пир шудам охир.
Ай ишқ, Худо ҳофиз!

ЧАНД СОАТЕ ҲАМРОҲИ ПРЕЗИДЕНТ

1. ПАГОҲИИ БАҲОР

Ба мо, адибон Меҳмон Бахтӣ, Гулназар ва банда, хабар дода буданд, ки фардо, яъне соати шашуними пагоҳии рӯзи панҷшанбеи 14 – уми апрел ба ҷое ки мошинҳо интизорамон мешудаанд, ҷамъ оем. Рақами мошинамон маълум. Президенти мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои аз вазъи бунёди роҳи Душанбе – Ваҳдат – Данғара, роҳи оҳани Ваҳдат – Ёвон – Қӯрғонтеппа, нақби Чормағзак ва боғу токзорони бунёднамудаи ҳоҷӣ Абдуҳалим Қодиров бохабар шудан ба ин мавзеъҳо сафар мекардаанд ва моён низ Президентро ҳамроҳӣ менамудаем.

Мошин рӯ ба роҳ шуд. Пагоҳии бармаҳал, пагоҳии баҳор. Баъди борони шима – шима дарахтони пургул, бому дар, роҳу роҳравҳо ва сабзаю себаргаҳо гӯё рӯй шуста пуртароват ва пурҷило менамуданд ва офтоб ҳам рух тофта, олами рангинро рангинтару дилнишин гардонда буд. Мо рӯ ба офтоб мерафтем. Аз гардиши фурӯдгоҳ, ки онро «паваротиаэропорт» ҳам гӯянд, таъмиру таҷдиди роҳи Душанбе – Ваҳдат – Данғара давом дошт, булдозеру мошинҳои пуриқтидори гуногун дар роҳ дар ҳаракат буданд, сангу шағал мекашонданд, хоктӯда, баландию пастиҳоро ҳамвор мекарданд, роҳ пурчангу хок, мошинҳо беҳисоб, то истгоҳи Обшорон қатор, аз ҳамдигар гузаштан мехостанд, роҳ намеёфтанд Азоби ронанда. Хитоиҳо ва мардумони маҳаллӣ машғули кор. Худо мегуфтем, ки сохтмони ин қитъаи роҳ ҳарчи зудтар анҷом гирад, вагарна азоб, хавфу хатар барои мошинҳо, мусофирон, ронандагон бештар мегардад.

Аз дарвозаи шарқии шаҳр, ки зебою мӯҳташам аст ва онро роҳбари Ширкати «Ёқут-2000» Абдуҳалим Қодиров бунёд намудааст, гузашта мошинҳои мо, ҳамсафарон, қатор шуданд. Дар ду тарафи роҳ парчамҳо аз таъсири бод мисли баргҳои лола алвонҷ мехӯрданд. Роҳсозон, аксар бародарони хитоӣ, ба пешвози Президент дастҳо пеши бар рост меистоданд. Пас аз андаке интизорӣ қатори мошинҳои мо боз ба роҳ баромаданд. Аз ҷониби дасти чап теппаҳо аз сабзаю гулу гиёҳ қабои зебо ва дилрабо ба бар карда буданд, дар канори рост заминҳои корам. Одамон дар ин заминҳо пагоҳӣ қатӣ ҷунбуҷул дошт анд.

Чун аз дарёи пурталотуми Кофарниҳон гузашта ба шаҳри Ваҳдат дохил шудем, манзараи дигаре. Шаҳр гӯё ғарқи гул, дарах-

тон мисли дастаҳои гул. Гулҳои беҳисоби дигар парчамҳо. Онҳо ба истиқболи Президент дар ду канори шоҳроҳ мавҷ мехӯрданд. Одамони беҳисоб дар канори роҳҳо, мардум аз хонаю ҳавлиҳояшон ҳам берун омадаанд. Ҳамин тавр чашм ба мардум ва манзараҳои зебои канори роҳ мо ба лаби дарёи Элок расидем. Ин ҷо тӯйхонаеро мемонд. Одамон,бунёдкорони роҳ ва пули нави болои дарё ғун омада интизори омад – омади Сардори давлат буданд. Инак, Президенти мӯҳтарам омаданд. Кафкӯбии бардавом. Зери нидоҳои «Хуш омадед!», пас аз салому алайк наздики пули нав шуданд. Лента бояд бурида мешуд. Лаҳзаҳои ҳаяҷоновар, фаромӯшношуданӣ. Дар он соатҳо, дар он пагоҳии панҷшанбеи 14 – уми апрели соли 2011 бояд бо ҳидояти Сарвари давлат пули нав ба истифода дода мешуд. Бале, лаҳзаҳои таърихӣ. Аммо Президент Эмомалӣ Раҳмон аз чи бошад, ки даст дар панҷараи кӯпрук, нигоҳашон бастаи оби дарё, ки мавҷҳояш бо ҳам печида ба роҳи бардавомаш равон буданд, таҳаммул мекарданд. Офтоб аз паси ағбаи Чормағзак боло шуда нурҳояш рӯи об бозӣ доштанд. Президент хомӯш буданд. Нигоҳашон ба пули кӯҳна. Он андаке дуртар аз пули нав… Мувофиқи талаботи он замон, дар давраи Ҳукумати Шӯравӣ, қариб 80 сол пеш аз ин бунёд гашта. Дар замони пеш аз Ҳукумати Шӯравӣ ҳамин дарёчаи хурдакак ҳам ба сари мардум чи қадар нохушиҳо оварда. Сел омада, обаш дамиш мехӯрд, садои пурдаҳшат медод. Кӯҳансолон мегуфтанд, ки Элок хунталаб шуда. Дида буданд, ки бечорае барои аз дарё гузаштан қад – қади он медавид. Ҷои тунукоб меҷуст ва эзорпоча, лаби куртаю ҷелакашро бар зада ба дарё медаромад. Ҳаросида – ҳаросида қадам мемонд, баногоҳ пояш рӯи санги лағжонак мерафт, мелағжид, меафтод, дар чуқурии об дармемонд, ғарқ мешуд, касе ба додаш намерасид… ҳайф мешуд. Рӯзҳо, ҳафтаҳо баъзан аз дарё гузашта наметавонистанд. Ҳамин дарёчаи хурдакаки Элок, ба ақидаи баъзеҳо, девона шуда, ба сарҳади касногузари одамони ҳарду ҷониби дарё бадал мегашт. Онҳо аз дидори ҷигарбандон, пайвандон маҳрум мемонданд, дар маргу мурдаи ҳамдигар ҳозир шуда наметавонистанд, рӯи нодид мешуданд. Аз болои дарё як пули ларзонак ҳам сохта наметавонистанд. Дарёчаи Элок ваҳшӣ мегашт. Одамон ноилоҷ, ночор. Ба гуфтаи устод Абулқосим Лоҳутӣ хайрият «болшевикон омаданд, ҳалқа ба гӯшаш заданд». Ва ҳамин пули кӯҳнаро, ки он рӯз хизматаш анҷом меёфт, сохтанд. Шояд он нишонаи дасти бародарони рус аст, падару бобоёни мо низ, албатта, бо онҳо ҳамроҳ буданд. Албатта бунёдгузорони ин пули қадима шояд ҳоло дар қайди ҳаёт нестанд. Пул аз онҳо дар ин олам нишона.

2. ЁДЕ АЗ БАРОДАР ВА МОДАР

Пули Элок шоҳиди зиндагии хушу нохуши хатлониён. Чандин пушт, пушт ба пушти онҳо аз болояш гузар кардаанд. Шоирон Сайдалӣ Вализода, Ашӯр Сафар, Ғоиб Сафарзода, Ҳабибулло Файзулло, Саидҷон Ҳакимзода, Сафармуҳаммад Аюбӣ ҳангоми сафар ё бозгашт аз ин ҷо роҳ гирифтаанд, бозистодаанд, рӯи пул қадам задаанд, чашм ба оби дарё шеър гуфтаанд. Одина Ҳошим, ҳофизи ширинадо, Миралӣ Маҳмадалиеви шӯҳратманд, Саидаҳмад Каримови қаҳрамонро ёд дорад. Онҳо аз олам гузаштаанд, ин пул аз он рӯзгорон монда. Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ чи ҳисоби беше фарзандони хатлонзамин аз ин роҳаки рӯи пул баҳри ҳимояи Ватан ба ҷанг гусел шудаанд… Беҳисобанд, барои аксарашон чун Қаҳрамонони Иттифоқи Советӣ Сафар Амиршоев, Исмат Шарифов, Саидқул Турдиев роҳи рафтан шуду баргаштан не. Ва онҳое боз аз ин роҳаки болои пул аз ҷанг ба зодгоҳ баргаштанд, ки аксар маъюб, маҷрӯҳ, нобино, бедаст, бепо, тирхӯрда, гирифтори ҳазор дард…

Ба худи Президенти мӯҳтарам ҳам, ки бо фармоишашон пули нав имрӯз бунёд ёфтааст, пули кӯҳна хизмат кардааст. Аз айёми хурдсолӣ ва наврасӣ ҳамроҳи раҳматии падар пиёда ё савора аз ин роҳаки болои пул гузаштаанд. Ба шаҳр – ба Душанбе ё ба хонаи хешу табор, дӯстон омаду рафт доштанд… Солҳои таҳсил дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар Душанбе аз хотир намераванд. Гоҳе субҳгоҳиву шабҳои тор бо ҳамин роҳак роҳгузар шудаанд…

Алами роҳи рафтан аз ин ҷою барнагаштан ба сари аҳли оилаи онҳо ҳам омада. Рӯзҳои нохуш, сиёҳ, тираю тор буданд. Гусели бародари калонӣ-Файзиддин ба хизмати Модар – Ватан, ки дар замони Шӯравӣ ҳамин тавр меномиданд, бо ҳамин роҳ буд. Ба номи ӯ даъватнома омад. Рӯзҳои аввал ба комиссариати ҳарбии ноҳия мерафт, баъд фармоиш шуда, ки даъватшудагон ба шаҳри Сталинобод бурда мешаванд. Он рӯзу он шаб барои аҳли оила, падару модар ташвишу таҳлукаи алоҳидае буд. Омодагӣ мегирифтанд ба сафари роҳи дури фарзанд. Раҳматии модар аз ҳама зиёд ноосуда. Шаби дароз хобаш намеомад, мижа таҳ намекард. Ташвиши беше дошт. Сурфа паҳн карда орд мебехт, хамир мешӯрид. Барои фарзанди сафаракиаш нони ба шир, кулчаи равғанӣ мепӯхт, мавизу чормағз, чи мевае, ки дар кунҷи кадом сандуқ ва дар даруни рӯймолу латтае дошт, мекофт, меёфт… Шаб аз нисф мегузашту ӯ дар тараддуд. Халтаи сафарии писар дар даст аз як хона ба хонаи дигар мегузашт. Онро аз нону мавиз, қурут, меваҳои Ватан пур карда модар. Ба хаёлаш агар тавонад, тамоми ширинихо, хӯрданиҳои хонаро ба он ҷой кунонад. Ҳамааш барои ҷону ҷигар, фарзанди дӯстдоштааш, барои Файзиддини ҷонаш. Ӯро

пагоҳӣ, пеш аз баромадани офтоб, ба сафар, ба кадом як мамлакати дур гусел мекунанд, кай боз дида ба дидори ӯ мерасад, намедонад…

Болои сари Файзиддин меомад, ӯ даруни ҷойгаҳ масти хоб, хурок мекашид, паҳлӯ мегашт. Дар равшании хираи шамъ, ки нимсӯз шуда буду дудаш ба димоғ мехӯрд, рӯи ба ақидаи модар зебою чеҳраи базеби ӯро тамошо мекард. «Меҳмони якшабаи модар, кӣ медонад пагоҳ, инғотӣ дар куҷоӣ? Бачаҳакам, бачаҳаки ҷонам!» Модар лаби докаи сафеди сарашро аз пеши рӯ як сӯ карда, болои фарзанди хоб хамтар шуд, доғе, ки аз рухсораҳояш бибӯсад, вале дилаш намешуд, ки нофораш кунад. Мехост ҷигарбанди якшаба меҳмонаш бихобад, биосояд, роҳат бинад. Фардо барои ӯ кай имкони ин хел дар ҷойгаҳи гарм, дар хонаи падар, дар назди модар хобидан, осудан насиб мегардад…

Модар аз ҷой бархоста, оҳиста – оҳиста нӯг – нӯги по қадам монд, аз дари хона баромад, дар пешайвон рост истода, лаҳзаҳо чашм ба осмони софу беғубори ситоразор шуд. Ба ақидаи худаш фарзандони ӯ дар осмон ситора доштанд. Ситораи Файзиддин, як ситораи пурнур, дурахшони модар ситораи Эмомалӣ… Худованд фарзандони модарро нигаҳбон шавад, аз пагоҳ Файзиддини ӯ меравад. Аммо ситорааш дар болои боми хона. Ситораи ӯ мемонаду модар, модар бо он ситора гуфтугӯ мекунад, минбаъд роҳ мепояд, роҳи фарзанд… Ӯ меравад…

Модар медид, ки субҳ медамад, рӯз равшан мешавад. Вай Файзиддинро бедор мекунад, токати дидани он лаҳзаро надорад, ки бачааш борхалта дар китф аз дарвоза барояд ва равад. Душвор аст дидани ин манзара барои модар, душвор… Вале чи илоҷ, ки ҳамин хел лаҳза фаро омад. Модар назди шавҳар, хоҳару бародарони Файзиддин, ҳаққу ҳамсояҳо, хешовандон, ки ҳама ба гусели ӯ омада буданд, беҳаракат, бо хотири ошӯфта рост меистод. Офтоб ба рӯи ҳавлӣ мезад… Чанд мӯйсафед, ки аз масҷид баромада буданд, ба ҳавлӣ даромаданд.

– Абдураҳмон, салом, фарзанда аскарӣ гусел мекунӣ? – яки онҳо ба падари Файзиддин ҳамгап шуд.

– Ҳа, ба Сталинобод мебарем.

Модар бо омадани мӯйсафедон, ба ақидаи худаш мардони номаҳрам, бо лаби дока рӯяшро панаҳ кард.

– Соқ раваду саломат баргардад, – охири сухани ҳозиронро шунид модар. Ҳама даст ба дуо бардоштанд. Аммо худи ӯ намедонист, ки ба бачааш дуо дод ё надод. Фақат ба назараш ғалтид, ки Файзиддин борхалта дар китф пеш – пеши одамон аз дарвоза берун шуд. Ва пас аз лаҳзае аз роҳаш гашт, модарро меҷуст. «Оча, очаҷон!» гуфт ва ӯро дид, ки ҳанӯз дар ҷояш истода, шахшуда. Наздаш омад.

– Оча, очаҷон, чува гиря мекунед? Худатона ба даст гиред, айб аст, ҳама ба аскарӣ мераванд, – модарро ба оғӯш кашид, кафи дастонашро ба дидагон молид, бибӯсидаш ва боз бӯсид. Сари модар дар сандуқи

синаи фарзанд, бо панҷаҳояш сару рӯи ӯро сила мекард модар, мӯйҳояшро бо ангуштон ғоз медод.

– Бачам, бачаҳаки ҷонам, меравӣ? Дур меравӣ? Туро ёд мекунам, барои ту мемурам, бачам, бачаҷонакам! – модар доғе, ки ҷону ҷигараш аз пешаш наравад, вайро аз оғӯшаш раҳо кардан намехост, намехост, ки ӯ биравад. Вале чӣ илоҷ, ӯ бояд равад, зудтар роҳакӣ шуданашро таъкид доштанд, ӯро интизоранд, аз рафиқон, ки ҳамроҳаш даъват шуда буданд ва ҳама ба Сталинобод мерафтанд, ақиб монданаш мумкин набуд.

– Хайр, очаҷон, ман меравам, хайр, – гуфта бо модар видоъ кардани Файзиддин дар хаёли модар монд… Ва ӯ ба фарзанд гуфт: «Паноҳат ба Худо, бачам».

Ва ҳамон рӯз ҳам Файзиддин бо падар ва онҳое, ки баҳри гуселаш ба Сталинобод мерафтанд, аз ҳамин пули Элок гузаштанд. Лекин Файзиддин бо ин роҳ дигар барнагашт. Рӯзи 5 – уми августи соли 1957 аз хаёли Эмомалӣ Раҳмон ҳаргиз намеравад. Он вақт ӯ тифли 5 – сола буд, тифли дидадаро, хушгап, чеҳрахандон, дидораш ҷозибае дошт, дӯсташ медоштанд. Калонсолон бо ӯ ҳамгап мешуданд ва худи ӯ низ бо онҳо гап меандохт. Яке аз он калонсолон амаки хаткашон буд. Ӯ хона ба хона рӯзнома ва маҷалла тақсим мекард, номаҳои Файзиддинро ҳам ӯ меовард, аз ҳама беш дар хона модар чашм ба роҳи вай мешуд.

Ҳар гоҳе амаки хаткашон паси дарвоза пайдо мешуд, аз ҳама аввал Эмомалӣ давида назди ӯ мерафт.

– Амакӣ, ба ман газетаи суратдор диҳед, газетаи суратдор, – хоҳиш мекард аз амаки хаткашон.

– Хуб шудаст, бачам, – гуфта аз халтааш як чанд рӯзнома мебаровард, рӯзномаҳои «Пионери Тоҷикистон», «Пионерская Правда», маҷаллаи «Машъал»… Эмомалӣ бо ҳавас онҳоро гирифта, «Раҳмат, амакҷон, раҳмат,» – гуфта изҳори миннатдорӣ мекард.

Вақти рафтан амаки хаткашон таъкид карда ба ӯ мегуфт:

– Эмомалӣ, бачам, калон шав, мактабрав шав, ба ту газетаҳои дигар, китобҳои суратдор оварда медиҳам.

– Раҳмат, амакҷон, раҳмат, – гӯён Эмомалӣ аз дарвоза дарун мешуд.

Ҳамон рӯз аҳли хонадон гирди дастархон ҷамъ омада буданд. Бо хоҳиши Эмомалӣ қурутоб тайёр мекарданд. Дар гирди дастархон хоҳару бародарон, падар ва модар нишаста буданд. Ҷои Эмомалӣ паҳлӯи модар. Сарашро ба сари зонуи ӯ ниҳода буд. Дасти гарму нарм, меҳрпарвари модар ба сари Эмомалӣ, навозишаш мекард.

Ба хона дар як табақи калони чӯбӣ қурутоб оварданд, болои дастархон гузоштанд. Нигоҳи ҳама ба сӯи падар. «Сар кунед» гуфтанӣ

буданд, ки тақ – тақи дарвоза баланд шуд, касе онро сахт – сахт мекуфт. Эмомалӣ парида аз ҷой бархост, давида сӯи дарвоза рафт. Дар беруни дарвоза амаки хаткашонро дид.

– Ассалом, амак, газетаи суратдор медиҳед? – мисли ҳарвақта аз ӯ хоҳиш кард.

– Мон, бачам, газет нагӯй, воқеаи нохуш рӯх додааст. Отат дар хонаанд?

– Ҳа, амак.

– Бигӯ, тез ин ҷо биёяд, – вазъи амаки хаткашон Эмомалиро ба ҳайрат овард. Ӯ намегуфт, намехандид, чеҳрааш ғамолуд.

Эмомалӣ ба ҳавлӣ даромада аз таги пешайвон:

– Ота, ота! – гуфта падарро ҷеғ зад, – Бароед, амаки хаткашон шуморо нигоҳ доранд, воқеи нохуш мегӯянд, – Эмомалӣ ҳам аз ин ҳарфи хаткашон ба воҳима афтода, хотираш ноосуда шуда, канда – канда сухан мегуфт.

Ҳама аз сари дастархон хеста буданд, падар шитобон тарафи дарвоза рафт, модар такя ба сутуни пешайвон аз Эмомалӣ мепурсид:

– Бачам, чӣ гуфтӣ? Воқеаи нохуш мегӯи? Чӣ гап шудааст? Напурсидӣ аз Файзиддин хат наомадааст…

Ҳафтаи гузашта аз ӯ хат омада буд. Модарро мепурсид, салом мегуфт, модар хати фарзандашро ба дидагон мемолид, мебӯсид, онро бӯй мекашид, «Бӯи Файзиддинҷон» мегуфт.

Ба пурсишҳои модар Эмомалӣ ҷавоб гардонда наметавонист. Дар ин мобайн падар ҳам дар паси дарвоза маҳтал шуда буд. Чаро ӯ намеомад? Чӣ гап шуда? Тинҷӣ бошад? – дар дили модар гӯё алов ғалтида буд.

Ниҳоят падар аз дарвоза дарун омад. Ӯ оне набуд, ки аз хона назди амаки хаткашон баромада буд. Ранги рӯяш канда, дока барин сафед, дастонаш меларзиданд, сараш мекаловид, роҳ рафта наметавонист.

– Очаи Файзиддин, очаи Файзиддин! – гуфта нолаи ҷонкоҳе баровард, миёни ҳавлӣ дар ҷояш нишаст. Ӯ дар ҷайб барқия дошт, барқияе, ки аз фавти ҷигаргӯшаашон, Файзиддин хабар дода мешуд.

Ба хаёли Эмомалии хурдсол ҳамон лаҳзаҳо осмони болои ҳавлиашонро абри сиёҳе пӯшонд, абри тира, ваҳмовар.

Як умр он абр табъи аҳли хонадонро хира гардонд. Он абри сиёҳ баъд дар дили модар ба таври якумрӣ хона ёфт. Вале ба ҳар ҳол ба хабари он барқия бовариаш намеомад.

Солҳо мегузаштанд, ӯ дар ҳамон хаёл. «На, фарзандаш зинда аст». То нафаси охир модар интизор, ба ёди ӯ мезист, чашмашу роҳи вай. «Бачам зинда аст, дилам гувоҳӣ медиҳад, ӯ зинда. Меояд Файзиддин, меояд». Модар хоб медидааст, Файзиддин ба хобаш медаромадааст, бо бачааш модар дар хоб сӯҳбат мекардааст, гап мезадааст.

Маълуми пули Элок аст, ки охирин бор дар ҳолати беморӣ модарро бо роҳаки болои он баҳри табобат ба Душанбе бурданд. Ва баъди марг ӯро боз аз ҳамин роҳ гузарониданд. Дарёчаи хурди Элок сероб шуда буд. Дар болотар, дар кӯҳҳо борон меборид, гӯё табиат барои модари бузургвор, ки Сардори давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро ба дунё овардааст, мегирист. Модари бузургвор, модари Президенти мӯҳтарам дар ғами фарзандаш Файзиддин, ки ақаллан ҷасадашро аз Ҷумҳурии Украина оварда натавонистанд, дур аз Ватан, дар хоки ин кишвари бегона манзили абадӣ ёфт, бо алам аз олам гузашт. Алами якумрии дили модар шуд фарзанд. Ва дар ёди фарзанди барӯманди модар Эмомалӣ Раҳмон монда, ки дар дами охирини аз олам гузаштан номи Файзиддин дар забони модар буд. Аз афташ дар он лаҳзаҳо фарзанди дур аз Ватан хокдонёфта пеши назараш омада буд. Бо ӯ гап мезад, вайро дар ҳамон ҳоли борхалта дар китф аз ҳавлӣ – аз дарвоза баромадан медид ва боз ҳамон суханҳоеро мешунид, ки ҳангоми видоъ ба модар мегуфт:

«Хайр, очаҷон! Ман меравам, хайр…» – ва модар «Паноҳат ба Худо, бачам!» гуфта, ба вай дуо медод.

Эмомалӣ Раҳмон, ки модар дар ҳамон айёми хурдсолиаш ситораи ӯро дурахшон дар осмон медид, баъдҳо ситорааш дар осмони Тоҷикистон дурахшонтару нурпош ва намоён гашт, ҳоло Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳастанд ва пули нави дарёи Элок ба фармоишашон бунёд ёфтааст, дар ҳузури бародарони хитоӣ, сафири кабири ин мамлакат дар ҷумҳурии мо ва ҳамдиёрони азиз лентаи ба истифода дода шудани онро буриданд. Садои мусиқӣ, кафкӯбӣ гӯё ба осмон печид. Ва боз назари Президент ба пули кӯҳна рафт: «Бубахшад, бубахшад, ки акнун бори замони нав, замони соҳибистиқлолии давлати Тоҷикистонро бардошта наметавонад, он беш аз 80 сол ба мардуми Тоҷикистон ва хатлониён хизмат кардааст, хурду реза, пиру ҷавони ин диёри овозадор пули кӯҳнаи дарёи Элокро медонанд, дар ёд нигоҳ медоранд.

3. ЧОРМАҒЗАК – НОМИ АҒБА

Қатори мошинҳо аз пули Элок гузаштанд. Дар рӯ ба рӯ ағбаи Чормағзак. Чаро, бо чӣ ваҷҳ чунин ном ёфта ағба? Шояд ба дарахти чормағз алоқаманд аст ин ном. Замоне дар наздикиҳои ағба аз ободӣ ва дарахте нишон набуд. Касе набуда, ки дар ин атрофҳо бизиҳад. Як макони бедолу дарахт, беодам. Ва ниҳоят шахси савобҷӯе дар ағба ниҳол шинонда, ягона дарахт, ниҳоли чормағз. Боду бӯрони сари ағба гӯё ба вай ҳамеша ҳамлавар, имкон намешуд, ки ниҳол хуб сабзад, афзоиш ёбад. Он як дарахти назарногир, як ниҳолак. Мардум аз рӯи

меҳрубонӣ ба охири баъзе калимаҳо суффикси – *ак* – ро ҳамроҳ менамоянд; ниҳолак, гулдонак, себак, хурӯсак, Ҳасанак… ва ниҳоят, чормағзак. Суффикси – ак маънии навозиш ва хурду нокиро буданро низ ифода мекунад … Шояд Чормағзак ҳам аз ин ду маънӣ ба якеаш мансуб аст. Ба ҳар ҳол маълум, ки номи ағба аз ҳамин мева, дарахти чормағз баромада… Дар ибтидо дарахти ягона буда дар ағба чормағз, баъд ном шуда ба он. Ва баъд хонаю ҳавлӣ, манзили одамон пайдо гашта ва деҳае ҳам ҳамин номро гирифта. Деҳаи Чормағзак.

Дар замони Шӯравӣ домани ағба сабзу хуррамтар гашт. Дарахт шинонданд, зинабоғ – ангурзорҳо бунёд карданд. Боғҳо – токзороне буданд, ки аз меваи онҳо мардум баҳравар мегаштанд. Президенти мӯҳтарам ҳам аз ин огоҳанд, роҳи гузарашон буд аз ин ҷо. Чи хеле худашон ёдовар шуданд, борҳо аз ангури хушлаззати ин боғҳои лаби роҳ ширинком гаштаанд. Баъзан мусофирон дар гармои рӯз аз мошин пиёда шуда, зери сояи дарахте нишаста, дам мегирифтанд, нафас рост мекарданд, боғбонҳои олиҳиммат ангур муроот мекарданд, табақ ё сатили пур аз ангури тоифӣ ё ҷавзро назди онҳо мегузоштанд. Ҳамин боғҳои ангури домани ағба, ки аз ангурҳои хушлаззаташ сухан рафт, дар рӯзҳои нобасомонӣ, дар рӯзҳои аз байн рафтани Ҳукумати Шӯравӣ бенигоҳубин монданд, ғорат шуданд, ҷои гову мол, подачар, токҳоро канда мебурданд, аловӣ мекарданд. Ва гоҳе гузари Президенти мӯҳтарам ба ин ҷо меафтод, манзараҳои нохуш, – боғу токзори харобу валангорро дида таасуф мехӯрданд. Дар фикру хаёли обод кардани онҳо буданд. Ба яке аз ҷавонмардони ҳамин маҳал, шахси давлатманд, сарвари Ширкати «Ёқут-2000» Абдуҳалим Қодиров муроҷиат шуд. Шахсе, ки дар давоми фаъолияташ халқу ватан аз ӯ манфиат дида. Дар рафъи бисёр мушкилиҳо ба одамон мададгор аст. Бо ҳидояти Президенти мӯҳтарам ободонии ангурзори кӯҳна, бунёди боғу токзори нав дар ағба оғоз гашт. Ширкати «Ёқут-2000» ба бунёдгузорони боғот номи нав дод – «Ёқут – Боғпарвар». Ба он беш аз 200 нафар занону духтарон, ҷавонон ба аъзогӣ қабул шуданд. Дар он рӯзи шурӯи корҳо дар ағба Президенти мӯҳтарам ҳозир буданд. Табрик гуфтанд, дар роҳи мақсади нек ба ҳамаашон барору комёбӣ хостанд. Он рӯз ҳам рӯзи баҳор буд, офтоб ба замину замон, ба сари ағба нур мерехт, занону духтарон, ҷавонони боғпарвар Ҷаноби Олиро бо меҳру муҳаббати беинтиҳо пазироӣ мекарданд.

Инак, Президенти мӯҳтарам дар ин рӯзи баҳор, дар рӯзи офтобӣ, ки дарахтони пургул, сабзаю себаргазорон дар ағба аз нурҳои офтоб баҳравар буданд, ҳамроҳи ҳамсафарон боз меҳмони кормандони «Ёқут – Боғпарвар». Аз он рӯзи баҳор то баҳори имсола хеле корҳо анҷом ёфтаанд. Медидем, ки боғҳои кӯҳна ҳама аз нав зебу намуд пайдо карда. Дар ҳамаи қитъаҳои токзор бехи токҳоро нарм кардаанд,

токҳоро мувофиқи қоида буридаанд, қаламча, токҳои нав шинондаанд, дар майдони 80 гектар боғу токзор бунёд шудааст. Коргарони «Ёқут – Боғпарвар» дар оянда майдони боғу токзори навро дар заминҳои атрофи ағба ба беш аз ҳазор гектар расонданианд.

Ҳангоми сафарамон, вақте сарвари Ширкати «Ёқут-2000» Абдуҳалим Қодиров дар як гӯшаи хушманзараи ағба ҷой густурда дастурхон паҳн мекард, чанд кабк ҳам оварданд. Кабкҳо дар қафас. Онҳо беист худро ба танаи қафас мезаданд, роҳ меҷустанд, монда шуда лаҳзае ором гашта, боз дар талвоса, ҳолашон ҳамин. Назар ба кабкҳои қафас Президент хело хомӯш истоданд.

– Кабкҳо аз они кӣ? – ниҳоят ба сухан омаданд. Ҷавоне пеш омад. Президент даст ба ҷайб бурданд ва афзуданд: – Кабкҳоятро сар медиҳам, розӣ шав, – гуфта ба ӯ пул додан хостанд.

– Лозим не, лозим не, – ҷавон ақиб мерафт, шарм дошта дигар сухане гуфта наметавонист. Вай ҳеҷ гоҳ пул гирифтан намехост, эҳтироми Президент барояш аз ҳама баланд буд.

Эмомалӣ Раҳмон кабкҳоро аз қафас раҳо доданд. Парандагони дар орзӯи озодӣ бол афшонда, бо забони худ «ғуд-ғуд» карда, гӯё дар ҳаққи инсоне, ки раҳоияшон бахшид, дуои нек мекарданд. Кабкҳои озод рӯ ба сабзазорон давиданд.

Манзараи дигаре ба хотирам омад. Пеш аз ҷашни 2700 солагии шаҳри Кӯлоб Президент ба ин ҷо сафар карда буданд. Мо, чанд нафар адибон, ҳамроҳашон будем. Мардуми хатлонзамин меҳмони олиқадрро бо гулу гулдастаҳо пешвоз мегирифтанд, сари роҳашон гул мепошиданд… Пиразанҳо Сарвари давлатро модарвор мебӯсиданд, дуои хайраш медоданд. Мардумони бисёре дар хоҷагии Мир Саид Алии Ҳамадонӣ атрофашон ҷамъ. Мардум шодмонӣ доштанд. Буқаи боникардагиеро оварданд, онро назди Сардори давлат куштанӣ буданд, таомул ҳамин гуна буда. Корд дар дасти қассоб интизор, ки аз ҷониби Эмомалӣ Раҳмон ишорае шавад. Эмомалӣ Раҳмон назди қассоб омаданд. Қассоб ба гулӯи мол корд бурданӣ буд, маҳтали ишорае. Назари кулли мардум ба ин манзара, баъзеҳо дар ин лаҳза чашм пӯшидан мехостанд, кушта гаштани ҷонзодеро дидан намехостанд, нигоҳҳо ба Сарвари давлат, ҷониби қассоб даст дароз карданд, кордро аз дасти ӯ гирифтанд. Болои гов хам шуданд. «Худашон мекушанд?» – ба пичир – пичир даромаданд одамон. Аммо Эмомалӣ Раҳмон буқаро накуштанд, бо корд банди пойҳои онро буриданд. Буқа бархост, шодона хору хаси танаашро афшонд. Хурсанд буд, ки ҷони дубора ёфт, Эмомалӣ Раҳмон ҷони вайро аз марг раҳонда буданд. Ҳозирон оҳи сабук кашиданд...

Дирӯз дар Паёмашон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва

хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ғамхорӣ ба 2000 нафар духтарони ятимро ба миён гузоштанд. Онҳо дар ятимхонаҳо тарбият ёфта, ин сол бояд аз ин даргоҳ раванд. Аммо ҷои рафт, сарпаноҳ надоранд. Хона, даргоҳи умедашон ятимхона, муаллиму мураббиҳо ба онҳо ба ҷои падару модар. Лек чи илоҷ, ки онҳо то охири умр дар мактаб – интернату ятимхонаҳо нигоҳ дошта намешаванд, камол ёфтаанд, бояд ба ҳаёти мустақилона роҳ гиранд… Эмомалӣ Раҳмон тамоми вазорату идора, муассиса, коргоҳҳоро вазифадор карданд, ки ин духтаронро ба кор қабул намоянд, ба онҳо хобгоҳ диҳанд. Агар аз пайи таҳсил афтанд, кӯмак расонанд, ба ғамхории аҳли ҷомеа фаро гирифта шаванд, ғами онҳо боз дар дили меҳрпарвари Президенти мамлакат.

4. АЗ ОДАМ НИШОНА МОНАД

Ва он рӯз дар боғоти «Ёқут – Боғпарвар», ки занону духтарон ниҳол мешинонданд, Президенти мӯҳтарам ҳам ниҳол шинонданд, ба бехи ниҳолҳо хок партофта, чунин ҳарфҳо дар забонашон: «Одам дар ин олам тарзе бизияд, ки аз ӯ номи нек, нишонае бимонад, як дарахт ҳам, ки сабзонад кас, нишона, – ва бо шӯхӣ афзуданд. – Имрӯз банда чанд ниҳол шинонд…»

Президент бояд бидонанд, ки аз он кас аллакай дар Ватани маҳбуб нақшҳои носутурданӣ, нишонаҳои беҳисоб ба вуҷуд омаданд. Мардуми Тоҷикистон медонанд, сулҳи пойдор дар мамлакат аз Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон монда, ки имрӯз ҳама зиндагии хушу осуда доранд. Баъд аз бунёдкориҳо, кадом яки онҳоро ном бубарем. Нақбҳои Истиқлол, Шаршар, роҳҳои Душанбе – Хуҷанд – Чаноқ, Душанбе – Кӯлоб – ҚалъаиХумб – Хоруғ, – Қулма – Қароқурум, Душанбе – Рашт – Ҷиргатол – Саритош, ободию шукофоии сартосарии мамлакат, чаҳор пули болои Панҷ, ки онҳо роҳро ба Афғонистону Покистон ва мамлакатҳои дигар мебаранд, бунёди Нерӯгоҳи барқи обии «Сангтӯда – 1», идомаи сохтмон дар Нерӯгоҳи «Сангтӯда – 2»… Магар инҳо намунаи бунёдгузории Сарвари мамлакат нестанд, ки ба наслҳои оянд ҳам хидмат мекунанд, номи Президенти мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба асрҳо мебаранд. Мақсади сафари онрӯзаи Ҷаноби Олӣ низ ҳамроҳи ҳамсафарон ошноӣ ба рафти ободонию бунёдкориҳо буд. Пули нави дарёи Элок ба истифода дода шуд, дар ағбаи Чормағзак ҳазорон ниҳол сабзида, боғу токзор ҳосил медиҳанд, сохтмони Нақби Чормағзак давом меёбад, ки 4300 метр дарозӣ дорад, то имрӯз аз ҳарду тараф ба масофаи 734 метр роҳ кушода шудааст. Ва ниҳоят қитъаи роҳи оҳани Ваҳдат – Ёвон – Қӯрғонтеппа, ки масофаро чор баробар кӯтоҳ менамояд. То имрӯз бунёди он ба 4200 метр расидааст,

ин масофаро ҳамроҳи Президенти мӯҳтарам дар қатора тай намудем… То ҷашни соҳибистиқлолии Тоҷикистон масофаи бунёди роҳи оҳани Ваҳдат – Ёвон – Қӯрғонтеппа ба 18 км расонда мешавад. Магар ин ҳама бунёдкориҳо аз рӯзҳои мо, шахсан аз Сардори давлат нишона нестанд? Нишона ба ояндагон. Аз ҳар сардори давлат дар давраи роҳбариаш бояд нишона, корҳои нек ва хайри ба ҷо овардааш ба ёдгор бимонад… Аз роҳбарони ҷумҳурӣ дар замони Шӯравӣ ягон – ягон корҳои неку хайр ба манфиати миллат ва Ватан мондаанд. Аз ҷумла аз замони роҳбарии котиби аввали КМ ҳизбӣ коммунисти ҷумҳурӣ, мӯҳтарам Турсун Улҷабоев (рӯҳаш шод бод) бо некӣ ёд мекунанд. Хонаҳои мо ба туфайли ӯ аз Нерӯгоҳи барқи обии Норак имрӯз чароғон аст. Лек баҳри ӯ низ сохтани ин нерӯгоҳи азим бо дарғоти баландтаринаш дар ҷаҳон ба осонӣ муяссар нагашта буд. То ба имзо расидани қарори Ҳукумати Шӯравӣ дар Маскав ӯ чи ташвишҳое накашида. Дар ҷумҳурии ҳамсоя бунёди Нерӯгоҳи барқи обии Норакро намехостанд, садди роҳ буданд, мушкилиҳо эҷод мешуд. Вале мӯҳтарам Т. Улҷабоев тавонист он мухолифат ва монеаҳои пешомадаро бартараф намуда, фармони бунёди Нерӯгоҳи Норакро дар Маскав ба имзо расонад. Дар Маскав, дар миёни роҳбарони ҳамонвақтаи Давлати Шӯравӣ обрӯю эътибор дошт. Баҳри Ватан хидмат кард ӯ.

Имрӯз мардуми тоҷик, давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон таҳти сарварии мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Нерӯгоҳи барқи обии Роғунро бунёд карданианд. Лек боз ҳамон гапу ҳарф. Роҳбари ҷумҳурии ҳамсоя садди роҳ шуданӣ, баҳона меҷӯяд, ҷон мекоҳонад. Аммо он рӯз дур нест, ки Нерӯгоҳи барқи обии Роғун ба кор медарояд ва дар ҳисоби ин қадар роҳҳою пулҳо, нақбҳо, бунёдкориҳои азим аз Президенти мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боз як нишона, нишонаи бемисл ба манфиати Ватан ва миллат, нишонае, ки ба наслҳои оянда ифтихор ва саодати зиндагӣ мебахшад. Президент инсони хушбахтанд!

ДИЛИ ПУР АЗ МЕҲР – МЕҲРИ ТОҶИК

1. ҲАМДИЛУ ҲАМРОЗИ ҲАМЗАБОНОН

Аз хурдсолӣ номи шаҳри Табрезро шунидаам. Шояд ба туфайли исми шарифи фарзандони шӯҳратёраш Шамси Табрезӣ, Камоли Хуҷандӣ, Шаҳриёр… Ва бародари азизи мо оқои Алиазғари Шеърдӯст, ки ин навиштаҳоро ба ӯ бахшидаам, дар ҳамин шаҳри овозадор ба дунё омадааст. Хурд буд. Бо биноҳои қадима, масҷиду мадраса, гумбазу манораҳои зарҳалкорӣ зодгоҳ ба назараш як кишвари афсонавиро мемонд. Пагоҳиҳо нурҳои офтоб болои бому манораҳои баланд ва шохаҳои дарахтон паҳн мегашт. Манзараҳои дилфиребу аҷоибе. Тамошо мекард. Бештар хушаш меомад, аз роҳравҳои сангфарши канори биноҳои куҳан қадам занад. Наздик мешуд ба онҳо. Назараш ба нақшу нигори дару деворҳо, ки осори дасти кадом наққоши моникалам буданд, баста мегашт. Онҳо аз замонҳои дури дур монда. Ва аз он рӯзҳо нишона, нишонаҳое, ки хаёли касро мерабуданд. Кай ин нақшҳо танаи дару деворҳо падид омада? Кӣ онҳоро ба вуҷуд оварда?

Баъд бештар ба зиёрати мазору мақбара, оромгоҳи гузаштагон майл дошт. Дасташ болои санги сарди гӯре, ки мардум тавофаш мекарданд, аз Қуръони Шариф ояте хонда ба рӯҳаш мебахшиданд, вале намедонистанд, ки эшон чи шахсиятеанд, ба хаёл меафтод. Дар ҳақиқат кистанд касе, ки ин ҷо, дар бағали хок хок шудаанд? Суханваре? Шоир, аҳли тақво, номдоре? То ба имрӯз маълум намондаанд, вале эҳтиромашон монда. Кӣ будаанд, набудаанд, дар замони худ овозадор будаанд, ҳамзамонон эшонро мепарастидаанд. Инсони нек будаанд.

Оқои Шеърдӯст таърихи мазорҳо, онҳоеро, ки барояшон оромгоҳҳои бошукӯҳ бунёд ёфта буданд, донистан мехост. Китобҳоро варақ мегардонд, аз калонсолон мепурсид, нақлу ривоятҳо мешунид, ба омӯзишу таҳқиқи роҳи пеша намудааш бештар ҳавасмандӣ пайдо мекард.

Яке аз мақбараҳои бо ҳашамати зебое, ки аз ҳама беш барояш мӯътабару азиз метофт, оромгоҳи шоири ширинкалом Камоли Хуҷандӣ буд. Китоби ашъори Хоҷа Камол ҳамеша дар бағалаш, шабҳо онро болои сар мегузошт, мафтуни сухани ширину шакаррини шоир ва ғазалиёти шевою дилфиреби вай гашта буд… Дар забонаш ғазали шоир, аз бар карда буд, аз ёд медонист. Ҳар гоҳе ба тавофи мадфани ӯ меомад, аз худ ва дигарон мепурсид, ки чаро Хоҷа Камолро Камоли Хуҷандӣ гӯянд. Шояд Хуҷанд зодгоҳи шоир аст, ки он тахалусаш шуда… Мисле, ки Ҳофизи Шерозӣ, Саъдии Шерозӣ, Шамси Табрезӣ…

Бале, ҳамин тавр. Хуҷанд номи шаҳр, зодгоҳи шоир буда. Ва он дар кишвари тоҷикон воқеъ. Бори нахуст ҳарфи тоҷикро мешунид. Ва фаҳмид, ки ватани тоҷик, тоҷикон Тоҷикистон…. Ҷумҳурие дар Иттиҳоди Шӯравӣ. Ва қавм – миллате тоҷик. Миллате, ки бо эрониҳо ҳамзабон, ҳамдин. Ва тоҷикону эрониҳо – ҳамзабонҳо чун кундаи як дарахти мӯҳташаме, ки дар як замин рӯида. Ин дарахт ду шоха ёзонда. Як шохаи он форсҳо ва шохаи дигараш тоҷикҳо. Бо ҳам қарин, наздик аз як реша.

Ва Шеърдӯст аз ҳамон замонҳо ба ҳамзабонҳои худ меҳр парварида. Осори шоирону адибони тоҷикро мечӯст, мехонд, ҷои нофаҳмие не, гӯё барои ӯ эҷод шуда. Боз аз ҳама беш осори Ҳазрати Ҷомӣ, Сайидо, Айнию Турсунзода ва Лоиқ маъқулаш афтода.

Баъдҳо дар дили бародари мо Шеърдӯст азми сафар ба ватани ҳамзабони азиз – ба Тоҷикистон пайдо шуда. Мехост ҳамзабонон – тоҷикистониёнро аз наздик бубинад. Якдигарро ба оғуш бигиранд, бо ҳам ҳарф бизананд. Билкул ҳаваси дидани Ватани тоҷикро дошт. Вале дар он замонҳо, дар замони Ҳукумати Шӯравӣ бо ҳам омаду рафт кардани эронию тоҷикистониҳо, ба кишварҳои ҳамдигар қарибе мамнӯъ буд. Имкон надошт, душвориҳо зиёд.

Солҳо ва айёми наврасӣ сипарӣ шудаю вале меҳри дар дили ӯ ба тоҷикон ва Ватани онҳо ҷойёфта кам не, бештар гашта. Дар ин миён ба ӯ маълум гашт, ки Тоҷикистон соҳибистиқлол, тоҷикон соҳибдавлат шудаанд. Ва шодии ӯро интиҳо набуд. Бо шунидани он хабар аз тараиқи воситаҳои иттилоотӣ боихтиёр чапак зад, «Муборак бод!» гуфт. Ва саъй менамуд, ҳар касе аз Тоҷикистон ба Эрон ояд, бо ӯ вохӯрад. Боре ҳангоми дар як вазифаи давлатдорӣ масъул буданаш бо вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Бобохон Алиев ҳамсӯҳбат шуд. Ба хаёлаш ӯ ҷони одам намуд. Бо Шеърдӯст гӯё дӯст ва шиноси дерин буд, ки ширингӯӣ мекард, механдид, механдонд, марди зиндадил, ба Шеърдӯст писанд гашт ва гӯё аз орзуҳои дили ӯ огоҳ буд, ки Шеърдӯстро Бобохон ба ватанаш, ба Тоҷикистон даъват кард.

Чунин рӯзе фаро омад, ки гурӯҳе аз бародарони эронӣ омодаи сафар ба Тоикистон шуданд. Шеърдӯст сарвари гурӯҳ. Шод гашт, орзуяш ҳамин буд…

Вале сафари дигари ӯ ба Тоиҷикистон ба рӯзҳои нооромӣ рост омад. Дар ватани тоҷикон низои байни ҳамдигарӣ сар зада буд. Ҷанг, алангаи он баланд, якдигаркушӣ, бесару сомонӣ. Воситаҳои ахбори Эрон, радио ва телевизион шабу саҳар хабар медоданд.ҳама медонистанд. Баъзе аз ҳамсафарон аз Тоҷикистон омадан рӯ тофтанд. Ҷонро ба хатар мондан намехостаанд. Ва модари бузургвор Шеърдӯстро наздашон хонда аз вазъи кишвари тоҷикон ёдовар шуданд. Бародар ва

дигар дӯстон ҳам ин нуктаро таъкид доштанд. Аммо Шеърдӯст ба сафаракиҳо ҳамроҳ шуд, роҳбари гурӯҳ. Дар рӯзҳои сахти ҳамзабонон аз ҳоли онҳо хабардор шудан мехостааст.

2. СӮҲБАТИ ВАЗИР

Он солҳо банда раиси нашриёти давлатии «Адиб» ва узви ҷаласаи ҳайати мушовараи Вазорати фарҳанг будам. Ба Тоҷикистон омадани гурӯҳи бародарони эронӣ маълумамон буд. Дар ҳузури вазири мӯҳтарам Бобохон Алиев ҷамъ омада будем. Нақшаи пазироии меҳмонон муҳокима мешуд. Мо кормандони нашриёти «Адиб» ҳам вазифадор шуда будем. Як рӯзи меҳмондорӣ ва ба ҷойҳои таърихӣ ошно намудани меҳмонон ба ӯҳдаи мо. Ва Бобохон Алиев афсӯс мехӯрд, ки ақаллан барои ба дараҳои Ромит ва Варзоб рафтани меҳмонон имкон набуд, ки онҳоро ба тамошо баранд. Мардум ноосуда, сари ҳар қадам силоҳдорон. Ва Бобохон Алиев мегуфт, ки меҳмонон – бародарони эронӣ оё аз ин ҳоли мо огоҳ бошанд?

Ба ҳар ҳол баҳри истиқболи меҳмонон аз рӯи шароити ҳамонрӯза нақша андешида шуд.

Меҳмонон омаданд. Ба ҳузури вазир даъват шудем. Бобохон Маҳмадов ҳозиринро ба ҷаноби Шеърдӯст ва меҳмонони эронӣ мешиносонд. Гуфтугӯйҳо аз рӯи табиати вазир ба шӯхӣ ҳам меанҷомид. Қаҳқаҳаи хандаи ӯ ва ҳама баланд мегашт. Навбати шиносонидани банда омад.

– Ин кас нависандаи сермаҳсули мо оқои Кароматуллоҳи Мирзо, – ҷонибам ишора карда бо ханда афзуд: – бинед аз бисёр навиштан чи қадар лоғар шудаанд, – боиси харобии маро шарҳ дода шӯхӣ кард ва баъд боз гуфт: – Шӯхӣ мекунам, Кароматуллоҳ нависандаи соҳибэҳтиром, барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи устод А. Рӯдакианд. Раиси нашриёти «Адиб», – ва давом намуд, ки дар деҳа мезиҳам, ҳар рӯз аз деҳа шаҳр ба кор омада меравам. Ва вазир деҳаи моро васф карда гуфт, ки дар пояи кӯҳ, дар мавзеъи хушманзара ҷойгир аст. Шаршараи бағали кӯҳи Мағмурудро ёдрас шуд, ки чи тавр об аз баландии хело баланд фавора зада бо сангҳо бархӯрда зарра – зарра ба атроф пош мехӯрад. Инчунин вазир масҷиди ҷомеи қадима, мазори ҳазрати Сайид Шоҳ Абдулатифро, ки яке аз ҷигарбандони ҳазрати Мир Сайидалии Ҳамадонӣ будаанд, ба хотир оварад.

– Бобохон, – ҷаноби Шеърдӯст лаҳзае сухани вазирро бурид: – мо ба хонаи оқои Кароматуллоҳ, ба деҳа меравем-а? Шумо чӣ мегӯед оқои Кароматуллоҳ? – ба банда нигарист.

– Ба чашм, агар ин тавр шавад, хеле хуш, сарфароз мешудем, – дастҳо пеши бар аз ҷой бархостам.

Лаҳзае сукунат ба амал омад. Вазир ҳам ҳарфе намегуфт, аз афташ ин гуна хоҳишҳо шудан аз ҷониби меҳмонон дар хаёлҳо набуд. Чи ҷавоб гуфтанро намедонист, наметавонист бигӯяд, ки аз шаҳр берун, дар ҳама ҷо силоҳдорон ҳастанд. Онҳо меҳмону меҳмондориро намедонанд. Худо нигаҳ дорад, боз ягон гап шавад, бародарони эронӣ меҳмонони вазорати фарҳанганд…

– Оқои Бобохон, шумо намехоҳед, мо ба хонаи оқои Карорматуллоҳ биравем? Намехоҳед деҳаҳои шуморо бубинем?

– Бародари азиз, чӣ гӯям? Ҳоло вазъият он қадар хуб нест. – Бобохон Алиев канда – канда ин чанд суханро ба забон овард.

– Медонам, оқои Бобохон, бохабарем, мо бояд ба деҳа равем. Бобохон Алиев ноилоҷ буд.

– Хуб шудааст, меравем. – Гуфт.

– Бехатарии сафарамон ба гардани Карорматуллоҳ, чӣ гуфтӣ Карорматуллоҳ? – Аз ман пурсид вазир.

– Ҳеҷ гап немешавад деҳаҳои мо тинҷ аст, – гуфта аз ҷой бархоста: – Марҳамат ба хонаи мо, ба деҳаи мо, – гуфтам ва меҳмононро боз ба хонаамон хондам.

– Қабул, меравем, – шунидам овози ҷаноби Шеърдӯстро.

3. РӮ БА ДЕҲА

Рӯ ба офтоби пагоҳ, ки нурҳояш аз оинаи пеши мошин ба чашмонамон мехӯрд, аз Душанбе берун мешудем. Аз гардиши охири роҳи шаҳр ба тарафи дасти чап, баъд ба рост, ба роҳи қад – қади дара ва сангоб тоб хӯрд мошини мо. Роҳи деҳаҳои Ҷамоати Роҳатӣ, ки ҳама дар домани талу теппаҳо, то таги кӯҳҳои Мағмуруд, Қандӣ чун баргҳои гул ҷойгир шудаанд, сар шуда буд. Чун аз миёни деҳаҳои сари роҳ мегузаштем, оқои Шеърдӯст аз банда мепурсид.

– Ин деҳа чӣ ном дорад? Маънии номаш? – Деҳаи аввале, ки ба Душанбе хело наздик аст Қараяғоч. Оре дар ҳамон солҳое, ки ҳамроҳи дӯсти азизамон аз он мегузаштем, ҳамин тавр ном дошт. Ҳоло ба он номи нав додаанд…

Баъд пешорӯи мо деҳаи сарсабзу хуррам ва сердарахте намоён шуда буд.

– Теппаи Самарқандӣ, – гуфтам.

– Чаро? Ва ба чӣ вақҳ ин ном? – пурсид оқои Шеърдӯст. Дар ҷавоб теппаи баланди болои деҳаро нишон додам, ки он мазор, гӯристони аҳли деҳа буд. Ва дар кадом асре марди некноми самарқандӣ дар ин ҷо мезистаасту ва болои теппа манзили абадӣ ёфта.

Ҳамин тариқ, мошини мо боғу майдонҳои зиёд, дарахтзоронро ақиб гузошта ба деҳа, ба ҳавлии мо расид. Ҳамроҳи меҳмонон чанд

лаҳзае миёни ҳавлӣ истодем. Гӯё ҳама монда шуда буданд, ки нафас рост мекарданд. Ин дам яке аз фарзандонам аз оғил гӯсфандеро бароварда онро ба зери дарахти себи назди девор мекашид. Қассоб – муаллими ҳамсояамон назди гӯсфанд рост истода буд.

– Инҳо чӣ кор мекунанд? – муалим ва ононеро, ки назди ӯ буданд, дар назар дошт оқои Шеърдӯст.

– Таомули мо ҳамин тавр аст, бо омадани меҳмонони азиз…

– Хуб не, хуб не, – норизоӣ карданд меҳмонон.

Меҳмонон пеш аз оне ба хона дароянд, хело дар берун истоданд. Бо хоҳишашон таги дарахтон дегу дегдон оварданд ва бо маслиҳат хӯрок пухта шуд. Ҳамаи ин ташвишу тараддудҳо бо хоҳиши ҷаноби оқои Алиасғари Шеърдӯст ба навор гирифта мешуд. Аз лаҳзаҳо ва он рӯзҳо ҳамин навор монда, ки чанд бори дар Теҳрон меҳмони бародарамон будан онро тамошо кардаем.

4. ЗИЁРАТИ МАЗОР

Офтоб ба нимаи осмони софу беғубори деҳа наздик омада мардум дар тараддуди намози пешин буданд. Меҳмонони мо, шахсан бародари азизамон Шеърдӯст хоҳиши тамошои боғот ва масҷиду зиёрати мазор доштанд. Дар пешайвони ҳуҷраи масҷид чанд нафар куҳансолон зери паҳлӯ болишт, болои кӯрпачаҳо дароз кашида бароҳат бо ҳам сӯҳбат доштанд. Онҳо моро дида хеста ба ҷойҳояшон нишастанд. Назари меҳмонони мо бошад ба саҳни васеъю сабзазор, ба чинорҳои сарбафалаки чандинасра, ки танаҳояшон чунон ғафс буда, ки гирдогирди онҳо шояд арғамчинҳои дароз намерасиданд. Аз зери чинорҳо як осёб оби мусаффо ҷорӣ. Наздики чанори аз ҳамаи чинорҳои дигар ғафстар расидем. Дар танаи он ковокие. Даруни ковокӣ дегдон, болои дегдон чойҷӯши дудхӯрдаи сиёҳе. Ин ҷо чой меҷушониданд ва хӯрок ҳам мепӯхтаанд. Яъне чинор – ошхона. Чанд қадам аз ҷӯйи об онсӯ бинои масҷид, дарҳо ва сутунҳояш кандакорӣ. Ҳама нақши дастони кадом устои соҳибхунаре. Шеърдӯст аз ҳамроҳон ҷудо шуда бо суфии масҷид бобои Рустам, ки шабу рӯзаш ба нигоҳубин, обдории сабзаю себарга ва ҷӯякҳои гулҳои рангоранг мегузашт, ба зиёрати мазор рафта буд. Бобои Рустам низ ба Шеърдӯст мегуфт, ки ин ҷо яке аз фарзндон – набераи ҳазрати Мирсайидалии Ҳамадонӣ Сайид Шоҳ Абдулатиф хок шуда. Гирдогирди мадфани ҳазрат чандин қабат хишти пӯхта чида шуда. Онҳо аз асри XIV. Баъзе қабатҳои хишт аз танаи девор афтода, шикаста, мисле, мазор нимвайрона шуда. Дари хурдакаки чӯбини мазор, ки аз берун занҷире дар танаи он овезон буд, якнима рафта, чӯбҳои гирдаш пӯсида буданд. Даруни мазор алафзор, як дарахти шохаҳояш хушкида болои оромгоҳ

соя меафканд. Мардуми деҳа аз паи аз нав сохтани мазор буданд. Дар ин хусус баъдтар боз таваққуф хоҳем кард. Бобои Рустам сӯҳбати оқои Шеърдӯст хеле давом ёфт. Бобо аз забони эшон суханони меҳрубонона мешунид ва Шеърдӯст даст ба ҷайбаш бурда ӯро бисёр шод кард. Имрӯз ҳам бобои Рустам оқои Шеърдӯстро бо неки ёд меорад, аз банда аз ҳоли вай пурсон мешавад, дуъои нек мекунад.

5. ҶАНОЗА

Оқои Шеърдӯст ва ҳамроҳонаш лаби ҳавзи пуроби масҷид ғарқи тамошои мавҷҳои об, ки об аз як гӯша дохил шуда аз канори дигар баромада ба ҷӯи калон ҳамроҳ мешуд, хомӯш меистоданд. Болои оби ҳавз навдаҳои ду чанори азим хам зада буданд, баргу навдаҳои болои об хамидаи чинорҳо гӯё рӯй мешустанд, тар шуда пуртароваттар ва назаррабо метофтанд.

Ба ногоҳ садои нохуш – «салоти ҷаноза» гӯиҳо, овозҳо ба гӯш расид. Ба масҷид тобуте оварданд. Бобои Рустам ба оқои Шеърдӯст гуфт, ки дина писари эшони Содирхонро кушта будаанд.

– Кӣ куштааст? – аз ин хабар оқои Шеърдӯст гӯё ба даҳшат афтода буд.

– Силоҳдорон, – ва бобои Рустам бо ҳасрат фаҳмонд, ки қарибе ҳар рӯз дар деҳаҳо куштор, ҷаноза аст.

– Мефаҳмам. Ҳаминтавр мегуфтанд, – оқои Шеърдӯст ҳам вазъият, ҳоли ҳамзабононро аз наздик дарк менамуд.

Дасти падари ҷавони шаҳид эшони Содирхонро оқои Шеърдӯст ба чашмон молида изҳори ҳамдардӣ мекард, афсӯс мехӯрд. Ҳамроҳи мардуми деҳа ҷаноза хонд, аз пояи тобут бардошт. Ҳама дар ҳайрат буданд, ки ин марди ношинос кист, ки ба ҳоли соҳибони майит сӯхта, ғам хӯрда ашк мерезад.

Шеърдӯст ва ҳамроҳонаш ҳамон соатҳо бояд ба шаҳр – ба Душанбе бармегаштанд. Вале ӯ аз роҳаш монд. Мисли сафири ҳамонвақтаи Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оқои Шаббистарӣ, ки дар он рӯзҳои пурдаҳшат куштор беш буд, баъзан тобутҳои қаторро ба гӯристон мебурданд, сафири аъзам ҳамроҳи ҳамзабонон – тоҷикон буд. Як пояи тобут дар китфаш бо онҳо қадам мемонд. Оқои Шеърдӯст ҳам ҳоло пояи тобут ба дӯшаш роҳ мерафт. Пас аз он ки майитро ба хок супурданд, хонаи эшони Содирхон омад. Падару модари ғамзадаро таскину тасаллӣ медод ва ба онҳо кӯмак расонд.

Дар деҳаи Нилкон баъд номи марди ношиноси ҷони одам, раҳмдилро фаҳмиданд. Як ҳамзабону ҳамдини онҳо аз Эрон оқои Алиасғари Шеърдӯст.

Ва имрӯзҳо ҳама медонанд, ки дар ҷумҳурии мо ошно – шиноси онҳо дӯсти хонадони эшони Содирхон сафири кабири Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон аст. Эшони Содирхон, ки аз ғами фарзанд хело пир ва афтода шудааст ва ҳамдеҳагони ман ҳар гоҳ аз банда хоҳиш мекунанд, ки аз номи онҳо ба ӯ салом расонам.

6. БАЪД АЗ ГУЗАШТИ СОЛҲО

Аз он рӯзҳое, ки оқои Шеърдӯст ба Тоҷикистон, ба дидорбинии ҳамзабонон омада буд, ба назари мо хеле солҳо гузаштаанд. Ва Тоҷикистон монанди он солҳо нест, ки тоҷикон аз нофаҳмӣ ва иғвои душманони беруна байни ҳамдигар низоъ доштанд, якдигаркушӣ, хавфу хатар сари ҳар қадам ҷой дошт ва бародари мо дар он сафараш шоҳид гашта буд. Тоҷикистон имрӯз яке аз кишварҳои орому осуда аст. Худи эшон хуб медонад. Ба Тоҷикистон бисёр сафар кардааст. Чи тавре тоҷикон мегӯянд, дил мекашаду пой меравад. Баҳри зиёиён аҳли илму адаби ҷумҳурӣ беш хизмат кардааст. Маҳз бо ҳидояти эшон китобҳо – намунаи эҷоди қариб ҳамаи шоиру нависандагони мо, аз ҷумла романи «Дар орзуи падар»-и банда иборат аз ду ҷилд бо сарсухани худи бародарамон бо ҳуруфоти арабӣ дар Ҷумҳурии Исломии Эрон интишор гаштааст. Дӯст ва бародари ҳамаи аҳли зиё, адибони мо аст ӯ. Узви ифтихории Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аст, ки мо аз ин фахр мекунем. Чанд сол аст, ки ин бародари ҳамдилу ҳамрози мо ҳамзабонон вазифаи сафири кабири Ҷумҳурии Исломии Эронро дар Тоҷикистон ба ҷо меорад. Шахси тасодуфӣ не, касе, ки аз хӯрдӣ дар дил ба ҳамзабонон – ба тоҷикон меҳр мепарварид, онҳоро меҷуст. Имрӯз дар Тоҷикистон хурду калон сафири кабирро чун як фарзанд, бародари азизи хеш мешиносанд.

Оре, аз сафари ӯ ба деҳаи мо алакай хеле солҳо рафтаанд. Оби бисёре аз шаршараи Мағмуруд, ки тамошояш карда буд – оби зиёде ҷорӣ шуда. Дар замони соҳибистиқлолии Ватан деҳаҳои ҷамоати Роҳатӣ ҳам дигаргун, ободу зебо шудаанд. Албатта алҳол имкони бародарамон нашуда, ки дуюмбора ба деҳаи мо сафар бинмояд, шояд фурсат наёфта.

Хаёлан ман оқои Шеърдӯстро боз ба деҳаамон роҳнамун мешавам, ҷойҳои дидаи эшонро азнав пеши назари ӯ меорам.

Аз Душанбе – аз хиёбони Айнӣ, ки имрӯз онро роҳи одӣ не, аз ҷиҳати ободию навсозӣ шоҳроҳ мегӯем, баромада ба ҳамон роҳи тарафи дасти рост тоб мехӯрем. Чанд қадам онсӯтар ҳамон сангоб, ки пуроб аст, дар рӯ ба рӯ кӯҳсорон, қуллаҳояшон чун риши мӯйсафедон сап – сафед барфпӯшанд. Деҳаҳои ҷамоати Роҳатӣ дар пояи кӯҳҳо, дар доманаи талу теппаҳо намоён. Зебо ва сабзу хуррамаанд. Деҳаи

аввали сари роҳ номи дигар ёфтааст. Қараяғоч не, Болошаҳр: Дар ҳамвории поёни деҳаи Теппаи Самарқандӣ деҳаи нави иморатҳояш ба тарзи ҳозиразамон сохташуда ба вуҷуд омадааст. Онро барои сари об буданаш Гулоб номидаанд. Сипас боз деҳаи Теппаи Самарқандӣ, ки қад – қади роҳаш биноҳои нав, фурӯшгоҳҳо сохтаанд. Аз канори боғу майдонҳои сарсабз, ангурзорҳо гузашта дохили деҳаи мо – Нилкон мешавем. Маълуматон буд, ки дар даромадгоҳи деҳа бинои нимвайронаи бомҳояш паст – пастаки мактаб вокеъ буд. Дар вақташ он оғалхонаҳои колхоз будааст. Оғалҳои гову молҳо. Аз ноилочӣ дар ин ҷо фарзандони аҳли деҳа таҳсил мекарданд, мактаб буд. Имрӯз поён-тар аз он, дар саргаҳи деҳа чашм ба бинои зебои боҳашамати дуошёнае мехӯрад, хаёли касро мебарад. Мактаби деҳа аст. Он дар ҳамин солҳо, дар замони соҳибистиқлолӣ бунёд гаштааст. Фарзандони аҳли деҳа дар мактаби нав таҳсил доранд.

Масҷиди деҳаро ҳам дида будед. Он акнун мисли пешина нест. Аз дарвозаи чӯбини яктабақае вориди саҳни масҷид мешудед. Ҳоло чун наздики дарвоза шавед нигоҳатон ба нақшу нигори ҳар ду табақаи ранги ҷигарӣ гирифтаи он дармемонад. Гумбази болояш аз дурӣ зери нурҳои офтоб ҷилои чашмхиракунанда медиҳад. Дарвоза ва дарвозахонае, ки ба ақидаи шоҳидон алҳол мислаш дар ягон мазор ва масҷиди Ватани мо сохта нашуда. Маблағи зиёде сарф гашта. Ин дарвоза ва дарвозахона нишона аз сафири Кабири Ҷумҳурии Исломии Эрон ҷаноби Носир Сармадии Порсо аст. Солҳост, ки эшон аз Тоҷикистон рафтаанд, вале номашон дар забонҳо. «Дарвозахонаи Носир Сармади Порсо» мегӯянд…

Аз сафири дигари Ҷумҳурии Исломии Эрон, шахси ба дилу дидаамон наздик мӯҳтарам Шаббистарӣ ҳам дар деҳа – дар масҷиди мо ёдгории бузурге монда. Биёед аз дарвозаи оҳои Носир Сармади Порсо дохили масҷид мешавем, дидед, дар рӯ ба рӯ чи манзарае. Ҳушу гӯш мерабояд. Ин кохи ёдгорӣ осори зебои дасти инсон ҳамон мазори дар вақташ нимвайронаи дидаи мою шумост. Ку он деворҳои хиштҳояш афтода ва дари тахтаҳояш шикастаи мазор. Ин манзараро вазири ҳамонвақтаи фарҳанги ҷумҳурӣ, бародар ва дӯсти шумо Бобохон Алиев ва сафири кабири Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон Шаббистарӣ ҳангоми сафарашон ба деҳаи мо мазори ҳазрати Сайид Шоҳ Абдулатифро дар он ҳол дида байни ҳам маслиҳат карданд. Чанд рӯз пас аз ин ба кӯмаки бевоситаи сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон, шахсан ба ҳидояти сафир ва роҳнамоии вазир бунёди мазор бо тарзи нав сар шуд. Хиштҳояшро истифода карданд, деворҳо аз ҳамон хиштҳо. Устоҳои чӯбкор аз шаҳри Истаравшан даъват шуданд. Онҳо қариб як сол заҳмат кашиданд, чӯбҳоро ба ҳазор намуд гул меандохтанд. Сангҳои мармари пурқиммат истифода шуданд. Дар пойгаҳи

мазори Сайид Шоҳ Адулатиф аҳли деҳ эшони домулло Мирзо – қиблагоҳи бандаро ба хок супурда буданд. Дар замони подшоҳӣ эшон мударриси яке аз мадрасаҳои Бухоро будаанд. Ва дар давраи Ҳукумати Шӯравӣ таъқиби зиёде дида, солҳо дар маҳбасҳо рӯз гузаронда. Охири умр имомхатиби масҷидҳои ҷомеаи ҳазрати Мавлоно Яъқуби Чархӣ ва деҳаи Нилкон будаанд. Ба таъқибот нигоҳ накарда шогирдони зиёд дар роҳи ислом тарбият карда ба онҳо илм омӯхтаанд. маҳз шогирдонашон дар масҷид ба хок супурдани устодашонро хостаанд. Ва марқади эшони домулло Мирзо дар пойгаҳи мазори ҳазрати Сайид Шоҳ Абдулатиф воқеъ гашта. Мардум масҷидро ба исми шарифи эшони домулло Мирзо номгузорӣ кардаанд.

Оқои Алиазғари Шеърдӯст ҳамон рӯз чун дохили масҷид мешаванд, чанд нафар мӯйсафедон, ки дар пешайвони ҳуҷраи масҷид нишаста буданд, он касро мешиносанд. Аз ҳама аввал ҳамон бобои Рустам, ки акнун солаш ба ҷое расидааст, «оқои Алиазғари Шеърдӯст, ба номи Худо худашон!» гуфта аз ҷой бармехезад, мӯйсафедони дигар низ аз паси вай ҷониби эшон меоянд. Вохӯрии гарму ҷӯшон, вохӯрӣ пас аз чандин сол. Ва оқои Шеърдӯст ҳолу аҳволи эшони Содирхонро аз бобои Рустам пурсон мешавад. Эшони Содирхон ҳам имрӯз дар қайди ҳаёт аст, вале ғами фарзанди шаҳид ӯро бисёр афтода, ранҷур кардааст. Оқои Шеърдӯст албатта ба айёдати пирамард меравад, эшони Содирхон вайро фаромӯш накардааст. Дар он рӯзи сахт, тангдастӣ оқои Шеърдӯст меҳрубонӣ ва кӯмаки зиёд расонда буд. Хайру худоиҳои фарзандашонро бо саховати оқои Шеърдӯст гузаронда аст. Эшонро ӯ ҳаргиз фаромӯш намекунад, гоҳе аз банда хоҳиш мекунад, ки ба оқои Шеърдӯст аз номи вай салом расонам. Оқои Шеърдӯст агар боз ба деҳаи мо ояд, албатта ба айёдати эшони Содирхон меравад, бо шунидани овози ӯ дастонашро ба дидагон мемолад, кас ба дидагон молидани дастони ӯ чашмони эшони Содирхон равшан мешавад.

МУНДАРИҶА

Марги бегуноҳ *(роман)* 3

ҚИССА

Ду қаҳрамон аз як хонадон 94
Ситораҳои паси абр 128
Дарди ишқ 206
Шабе дар кабудҷар 285
Ситораи умед 371

ЁДНОМА

Замоне бо Лоиқ 435
Қутби Киром дар ёдҳо 474
Аз Убайд Рачаб ёдмонда сухан монда 495
Ширин аз ширинихо ширинтар 501

ПУБЛИСИСТИКА

Чанд соате ҳамроҳи Президент 507
Дили пур аз меҳр меҳри тоҷикӣ 518

КАРОМАТУЛЛОҲИ МИРЗО

МАРГИ БЕГУНОҲ
(қиссаҳо, ёднома ва публисисика)

Муҳаррири ороиш *Орзу Раҳмонӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*
Чопи компютерӣ *Саида Мирзоева*

Ба матбаа 06.06.2012 супурда шуд.
Чопаш 11.06.2012 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 29,0. Андозаи 60х84 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар ҶДММ «Илм» чоп шудааст.